Тавфиқ Рифоӣ



# ТУ ХУД ТАСМИМ БИГИР!

*Тавфиқ Рафоӣ*

1

# ТУ ХУД ТАСМИМ БИГИР!

**Душанбе - 2010**

ББК

***Тавфиқ Бин Халаф Бин Абдуллоҳ Аррафоӣ.* Ту худ тасмим бигир.** Душанбе: «Эр-граф», 2010, 406 саҳ.

ISBN

*Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон*

# ТАСМИМ

**Азизи ман,** бидуни шак, ҷуръати хондани ин китобро дорӣ. Пас, онро бихон ва худат тасмим гир. Ҷуръати тасмим гирифтан надошта бошӣ, албатта, бо хондани ин китоб ҷуръат пайдо хоҳӣ кард ва тасмим хоҳӣ гирифт. Ва агар баъди хондани ин китоб ҳам тасмим нагирӣ, албатта, тасмим хоҳӣ гирифт, ки ин китобро бори дигар хоҳӣ хонд, то тавонӣ тасмим гирӣ.

Бо ин вуҷуд, бояд бидонӣ, ки занону мардоне, ки дар ин баҳс ширкат варзидаанд, шахсони воқеиянд ва «нишастҳо»-е, ки дар ин китоб зикр шудааст, нишастҳои воқеиянд, на бофтаи хаёл. Ва нияти адлу инсоф миёни ҷонибҳои нишаст нияти воқеъӣ аст.

Номҳо, суолҳо, ҷавобҳо ва далелҳое, ки изофа шудаанд, барои кадом ҷонибе, ки бошад, танҳо ва танҳо барои хидмати ҳақиқат аст. Охирин хиште, ки дар ин бино ниҳода мешавад, хишти ҳақиқат аст!

Агар воқеъан, ту дар ҷустуҷӯи ҳақиқатӣ... Пас, эй соҳибхирад, ба ақли хеш фурсат бидеҳ, мӯҳлаташ деҳ... он гоҳ қудрати ҳақиқии онро дар тасмими беҳтарин гирифтан ва ба қарори ҳақиқӣ омадан хоҳӣ дид.

# НИШАСТИ АВВАЛ

## Шабнишинӣ дар соҳили Сена[1]

### Даромадгоҳи нишасти аввал

### *Иморотӣ озими Париж шуд*

Шабнишиние моро дар соҳили зебои дарёи Сена дар фасли тобистони Фаронса ба ҳам овард. Он шаб як гурӯҳ занони зиёии пешрафта ва як гурӯҳ аз донишмандони фанҳои гуногун ҷамъ омада буданд...!

Вале ҳамсари ман Уммиҳомид ба назарам аз ҳамаи онҳо шигифтовартар мерасид, зеро ӯ дар назари онҳо аз ҳама аҷибтар менамуд!

Пас аз он ки «ба ин шабнишинӣ хушомадед»-гӯиҳои фаронсавию арабӣ ба якдигар омехта фазоро муаттар кард, аз ин мулоқот ҳарорати муҳаббати софу беғубор ҷӯш зад ва нишасти арзишманде гашт, ки ҳамаи мардону занон дар он ширкат варзиданд. Он ҳангом орзу кардам, ки эй кош, теъдоди ширкаткунандагон бештар аз 6 миллиард одам мебуд!

---

[1] 1. Ин гуфтугӯҳо миёни солҳои 2003 – 2008 ва аксараш дар фасли тобистон дар Фаронса, соли 2007 сурат гирифтааст ва ман инҳоро солҳои 2007 – 2008 рӯи коғаз овардам.

Баъди паймудани роҳи сафар, аз фурудгоҳи Дубай то фурудгоҳи Шорл Де Тор ки панҷ ҳазор километрро ташкил медод ва шашуним соат дар миёни осмону замин ҳаракат кардем, суолеро, ки барои боз кардани дари сӯҳбат омода намуда будам, матраҳ кардам.

**Абӯҳомид[1]:** Дар ҳавопаймои Амороти, ки бо зиёда аз сесад сарнишин аз Дубай ба сӯи Париж парвоз кард, ба ҷуз банда ягон нафар сарбандпӯшу чорқатпӯш набуд...

Аммо занҳои ҳиҷобпӯшу ниқобдор зиёд буданд. Аз ин ҷо дар ёфтам, ки мардони қавми мо либоси миллиашонро партофта, либоси шуморо ба бар кардаанд...!

**Ҳамсарам:** Ман аз фаронсавиҳо касеро надидам, ки ҳатто бо як калима ё бо як нигоҳи озурдасоз қасди озори маро карда бошад... Вале аз он лаҳза, ки аз ҳавопаймо поин шудам, чи дар фурудгоҳ, чи дар гулгаштҳои Париж ва шифохонаҳо, хуллас дар ҳама ҷо ва то ба ин лаҳза дар чашмони занону мардон аломати тааҷҷубро хондам.

---

1. [1] Абӯҳомид муаллифи ин китоб аст ва Уммиҳомид ҳамсари ӯст. Номи аслии муаллиф Тавфиқ аст, аммо ба номи фарзанди калон номгузорӣ кардан одати мусалмонон аст, чи он фарзанд писар бошад ё духтар ва онро кунияи мегӯянд. Ва ин гуна номгузорӣ бозгӯӣ аз он мекунад, ки пайванди оилавӣ аз нигоҳи мусалмонон ниҳоят муҳим аст. Ҳамон гуна, ки фарзанд ба номи падар ёд мешавад, падар ҳам аз гирифтани номи фарзанд ифтихор мекунад. Машҳуртарини халифаҳо дар Ислом ба номи духтараш кунния дошт Абӯҳафс, ки ӯ Умар ибни Хаттоб, халифаи дувум аст.

## *Мавзеъ*

**Изабелла:** (Бо тааҷҷуб) Ин табиист. Шумо бояд бидонед, ки аксари афроди ҷомеаи мо дар тамоми ҳаёти хеш ҳеҷ занеро бо чунин сару либос надидаанд. Шояд дар телевизион дидаанд ё шояд дар он ҳам надида бошанд...!

Дар дили зани фаронсавӣ вақте мисли худаш занеро мебинад, ки бо пӯшиши сиёҳ ё сафед ба ҷуз рӯй, кафҳои даст ва гоҳо ба ҷуз чашмонаш, тамоми баданашро пӯшондааст, монанди ту, эй хоҳарам, Уммиҳомид, ки ҳамаи баданашро пӯшондааст, чӣ гуна эҳсос пайдо мешавад... пас ин нигоҳи табииест, ки аз суолҳои дар дили ӯ пайдошуда берун меояд.

Ва ҳамин тавр, суол аз паи суол пайи ҳам омадан мегирад, баъд аз он таҳлилҳо ва хаёлҳову пиндорҳо: Чаро?! Чаро ӯ бо худ чунин карда?! Оё тағйири қиёфа доданаш ҳадафнок аст? Ё аз оламиён метарсад? Ё аз ҳақиқати воқеъӣ тарс дорад? Ё рӯи зишташро мепӯшонад? Ё на ину на он, шояд шавҳар ё сарпарасташ ӯро маҷбур кардааст?! Ин аст он воқеъияте ки дар дили ман пайдо шуд, вақте аввалин бор ба Дубай омадам ва Уммиҳомид ва ҳаммонандони ӯро дидам. Дар мавриди шахсе, ки аз Фаронса берун нарафтааст, бори аввал монанди шумо занонеро дар он ҷо бубинад, чӣ гумон доред, бояд чӣ кор кунад?!

**Доктор Катрина:** Оре, ҳамоно ҷомеаи мо ҷомеаи озод аст ва бисёр мехоҳам, ки дар ин нишасти зебои мо озодиро риоя кунем, дар гуфтугӯямон оиди ҳар мавзӯъе, ки пеш меояд, озодона ҳарф занем. Аз ин рӯ, эй Уммиҳомид, ман бо ту бо пурсише сӯҳбатро оғоз мекунам, ки дар он бо сароҳат ва бо ҷуръат ҳарф мезанам. Умед дорам, маро таҳаммул мекунӣ. Эй

Уммиҳомид, барои зане, ки рӯяшро мепӯшонад ва аз олам ҷисмашро пинҳон мекунад, чӣ саодату хушбахтист?!

Барои зане, ки дар мавриди ҳама чиз, дар мавриди ҳамаи мардум шакку тардид дорад, чӣ саодат аст?!

Барои марде, ки дар мавриди занаш аз ҳама чиз метарсад, пайваста дар ҳолати шак қарор дорад, чӣ саодат аст?!

Кушодагӣ куҷост?!

Зебу зиннат куҷост?!

Зиндагӣ куҷост?!

**Устод Фифа:** Эй Абӯҳомид, пеш аз он ки ту ба ин суолҳо посух диҳӣ, мехоҳам бидонӣ, ки ман кӯшиш кардам дар ин маврид бисёр фикр кунам. Пас бо худ гуфтам, оё имкон дорад, ки ман ҳамсарамро ба ин сурат бубинам?

Чӣ гуна бо дӯстони ман ӯ салом хоҳад кард?

Чӣ гуна онҳо бо ӯ салом хоҳанд кард?

Чӣ гуна ман занҳои ононро бӯса хоҳам кард ва агар зани ман дар чунин ниқоб бошад, онҳо чӣ гуна ӯро бӯса мекунанд?

Агар кӯчаҳои Париж аз занҳое, ки мисли Уммиҳомид либос пӯшидаанад пур шавад, ба худ чӣ намуд мегиранд?

Дар ин сурат мо дар дохили хонаҳоямон чӣ гуна зиндагӣ хоҳем кард?

Чӣ тавр нафас хоҳем кашид?

**Модари Фифа,** дар ҳоле ки ба сӯи Уммиҳомид бо дилсӯзии омехта бо ҳаё менигарист, ба ҳамсӯҳбатонаш бо итоб гуфт: Шояд мо ба Абӯҳомид ва Уммиҳомид суолҳои сангин дода бошем, охир онҳо меҳмони моянд! Оё барои ҳамин ба ин ҷо омада будем?!

**Абӯҳомид:**[1]

Ман бар он пиндорам, ки муҳимтарин чизе, ки равобити мо бар он қарор дорад, сидқу сафост, аз ин рӯ ба шумо мегӯям: маро бовар кунед, ман мехоҳам гуфтугӯи мо гуфтугӯи содиқона ва босароҳат бошад, чизеро дар диламон пинҳон накунем. Ва ҳамзамон гуфтугӯи мо гуфтугӯи боҷуръатона ва густурдаву беҳадду ҳудуд, бидуни гузоштани хатҳои сурх бошад.

Эй Модари Фифа, ин гуна сӯҳбат кардани мо беҳтарин сӯҳбат аст, вақте дар нишаст улфати ростин бо манфиати соф якҷо шавад, беҳтарин нишаст хоҳад шуд!

## *Каноргузории урфу одатҳо*

Биёед, бар чизе иттифоқ намоем, ки касе бар он ихтилоф накунад. Ва он чиз ин аст, ки ҳадафи ҳамаи мо

---

[1] 1. Шояд хонандаи азиз дарёбад, ки ҷавобҳои Абӯҳомид аз ҷавобҳои дигарон тӯлонитар аст. Ин чанд сабаб дорад: яке ин ки ҷавоб табиатан аз суол тӯлонитар мешавад ва одатан Абӯҳомид мавриди суол қарор гирифтааст. Ва дигар ин ки дар ин нишастҳо маҳз Абӯҳомид мавриди гумон қарор гирифтааст ва аз рӯи одат, шахси гумонбаршуда аз шубҳаҳое, ки бар алайҳи ӯ карда мешавад, ба таври тӯлонитар худро дифоъ мекунад. Хонанда набояд чунон пиндорад, ки ҷавоби тӯлонӣ маънои канорагирӣ аз ҷавобро дорад. На, балки асли кор чизест, ки зикр шуд. Зеро Абӯҳомид дар иҳотаи гурӯҳе аз занону мардони ғарбӣ қарор дорад ва бештари гуфтугӯҳо бо фаронсавиҳо ва олмониҳо ва монанди онон сурат мегирад ва Абӯҳомид дар маърази суолҳо ва шубҳаҳои онҳо қарор дорад ва эшон аз ӯ мехоҳанд, ба тафсил эзоҳ диҳад. Набояд фаромӯш кард, бисёр китобҳои бузург аст, ки ба сабаби як суоли кӯтоҳ навишта шудаанд.

саодату хушбахтист ва ҳар чизе, ки моро ба саодати ҳақиқӣ мерасонад, бояд онро ихтиёр кунем. Зеро он роҳи дурусти расидан ба ҳадаф аст. Ва манҳаҷи мо дар ҳама чиз ақлро ҳоким гардонидан ва аз ин ки он чиз аз назари мо, ё аз назари шумо, ё аз назари дигарон урфу одати иҷтимоӣ аст, мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд дар мавриди ҳақ ё ботил будани чизе урфу одатҳои гуногуни иҷтимоиро масдари ҳукм қарор надиҳем. Зеро урфу одат қазияи нисбӣ аст ва қазияи нисбӣ дар маърифати ҳаққу ботил мизон шуда наметавонад, чунки он собит нест, балки ноустувор аст. Дар ин маврид бояд мисоле бизанем: Агар рафту зане аз шумо, эй касоне, ки пӯшидани либоси дароз ва пӯшондани сару рӯро кори баде мешуморед, ба сӯи деҳае аз деҳаҳои сарзамини мусалмононе, ки пойбанд ба исломанд ва занҳояшон рӯи хешро мепӯшонанд... – эй фаронсизани дасту бозуву соқ бараҳна, вақте баръакси одати аҳли он деҳа дар кӯчаҳои он деҳа намоён мешавӣ ва қадам мезанӣ, оё ҳақ бо туст ё бо он ҷомеае, ки комилан сатрро риоя мекунанд ва тамоми ҳаёт бар он зиндагӣ доранд?

Пас дар ин сурат, вақте мо ихтилоф кардем, набояд урфу одатро довар созем, чӣ он кӯчаҳои Париж бошад, ё кӯчаҳои деҳаи мусалмоннишин, ки урфу одати худро ҳифз намудаанд.

**Изабелла:** Аз доварӣ берун кардани урфу одатҳои гуногун гумон намекунам корест, ки касе аз мову шумо хилофи назар кунад, чунки вақте шумо доварии урфу одататонро талаб кунед мо талаб мекунем, ки урфу одати мо довар бошад ва бо ҳамин аз як доираи холӣ берун рафта наметавонем.

### *Каноргузории далелҳои динӣ*

Аммо оё метавонем Тавротро довар қарор диҳем, ё Инҷилро, ё Қуръонро? Дар ин сурат ҳам мо аз шумо чизеро талаб мекунем, ки шумо аз мо талаб кардед: Ва дар ин сурат ҳам аз доираи холӣ берун рафта наметавонем. Пас чӣ гуна мо сари масоил доварии дуруст карда метавонем, балки чӣ гуна мо ба роҳи саодат расида метавонем..?!

**Абӯҳомид:** Раъйи шумо чист дар масъалаи ҳиҷоб ва тамоми масоил довареро интихоб кунем, ки на шумо бар он ихтилоф кунеду на мо ва дар тамоми он масоиле, ки гуфтугӯ мекунем, он доварро марҷеъ қарор диҳем?

### *Ақлро довар қарор додан*

Агар мо **ақлро** довар интихоб намоем, шумо чӣ фикр доред? Зеро ақл байни тамоми мардум муштарак аст. Ҳар чизе, ки ақли мунсифонаи мо бар он мувофақа кард, онро ҳама ҳақ эълон кунем ва ҳар чизе, ки мухолифи ақл аст, онро ҳамаи мо ботил бидонем...

**Устод Фифа:** Аҷиб аст..! Ту марди мазҳабиӣ, бо ин вуҷуд ба тарки ҳукми дин ва рӯ овардан ба ҳукми ақл розӣ мешавӣ...!

Пас ман ин ҷо мехоҳам чолокӣ кунам, то ақлро ҷонибдори худамон кунам ва бигӯям: Бидуни шак, дар ин бараҳнагие, ки мо дар он зебу зинати занро намоён карда зиндагӣ дорем ва зоҳир накардани он мухолифи фитрати зан аст, чун зан бар муҳаббати зебу зинат сиришта шудааст. Пас ин мувофиқи ақл аст.

Баъд аз он бидон, ки яке аз қоидаҳои ақлии санҷидашуда ин аст, ки «ҳар мамнӯъ марғуб аст» ва аз ин рӯ, даст кашидани мардум аз либос ба хотири озодӣ

проблемаи сарбастаи шаҳватпарастиро аз байн мебарад ва аз рағбати дар он мекоҳад, бар хилофи он ки агар бараҳнагӣ дар ҷомеаи муҳофазакор кам бошад, рағбат дар бараҳнаҳо бештар мешавад ва ҳуҷуми ҳайвонӣ бар онҳо ба худ сурати ваҳшатнок хоҳад гирифт.

**Абӯҳомид:** Ман танҳо як иштибоҳи шуморо дар он чи мегӯед, исбот мекунам, ба далели ин ки ҳар шому саҳар онро ба чашматон мебинед, вале ба чашми ақл бар он наменигаред.

**Катерина:** Агар далели ҳақиқии ақлонӣ оварда тавонӣ, масъаларо аз аввал ҳал кардаӣ... вале ҳайҳот, ин ба ту чӣ гуна даст медиҳад?

**Абӯҳомид:** Оё шумо занеро поктар, афифтар, некӯтар ва беҳтар аз Марями дӯшиза (а) суроғ доред?

**Катерина:** Албатта, не, надорем ва гумон мекунам ӯ назди шумо мусалмонон низ чунин поку афиф аст.

**Абӯҳомид:** Бидуни шакку тардид, аммо оё сурате аз Марями дӯшиза, ки бараҳнаи бесатр бошад, ёфт мешавад?

**Катерина:** Не.

## *Ду далели ҳиссӣ*

**Абӯҳомид:** Оё ин далели аёнӣ бар ин, ки сатр ба фитрат ва ақл мувофиқ аст ва билахира ин беҳтар аст, шуда наметавонад?

**Ва далели дигар, ки он бузургтарин мисол шуда метавонад, ин дар мавҷудот вуҷуд надоштани ақл аст. Ба назари шумо оё ба ҷуз сурати ҳайвон ягон сурате вуҷуд дорад, ки мухолифи сурати инсон бошад...? Ва ҷавоб:** Ҳаргиз вуҷуд надорад. Аз ин хотир аст, ки

инсон аз монанд шудан ба сурати ҳайвон ба шиддат мегурезад.

Бар асоси ин ду мисоле, ки оварда шуд, зан миёни ду сатҳ дудила мешавад, байни сатҳи оқилон, ки қуллаи он Марям ва ҳаммонандони ӯ аст, аз як ҷиҳат ва сатҳи ҳайвонӣ аз ҷиҳати дигар... Зан ҳар қадаре зоҳири худро бештар сатр кунад, ҳамон қадар ба сатҳи қарордоштаи Марям ва мақоми ӯ бештару бештар наздик мешавад... Ва ҳар қадар бештар бараҳна кунад, ба ҷониби сатҳи ҳайвон бештар ва бештар поин меравад...

Ҳамин тавр, чи қадаре ки бештар аз ақл кор гирад, дар зоҳир ба Марям бештар монанд мешавад ва ҳар қадар дар зоҳир худро ба ҳайвон монанд кунад, ақли ӯ ба ақли ҳайвон бештару бештар монанд шудан мегирад, то ҷое ки агар тамоман бараҳна шавад, мисли ҳайвон ё бадтар аз он ақлро комилан аз даст додааст...

## *Шубҳаи бараҳнагии Одам ва Ҳаво*

**Устод Фифа:** Оё Худо модари башарият Ҳаворо ва падари мо Одамро дар Ҷаннат бараҳна наофаридааст? Ба ин далел метавон гуфт, ки бараҳнагии зан дар асли хилқат ва дар модари мо будааст. Ва агар инсон хешро ба падару модар монанд накунад, дар ӯ ҳеҷ гуна хайре вуҷуд надорад.

Пас, оё ба фикри ту Ҳаво беақл буд?!

Албатта, сафсата мебуд, ки шахсе фарзияеро фарз карда, аз мардум мунтазир шавад, ки онро тасдиқ намоянд.

Зеро намедонам оё ҳиҷобро ба ақл иртибот додани ту ба хотири он аст, ки ҳиҷоб бар сар аст ва сар маркази ақл?!

Ё ин фикр аз роҳе омадааст, ки мо онро намедонем?!

Дарвоқеъ, мо аз сафсата безор шудаем, аз назари мо аксуламал аз ҳамин услуб аст. Бинобар ин, агар далели аёнии зоҳирӣ дар ин мавриди дошта бошед, бисёр хуб, вагарна моро ба ин тариқ қаноатбахш кардан маҳол аст.

**Абӯҳомид:** Аз куҷо донистем, ки Одам ва Ҳаво (а)[1][1] дар Ҷаннат бараҳна буданд? Аз кадом сарчашма мегӯем, аз филмҳо, ё аз қиссаҳои қадима?

Дар мавриди он ки сарчашмаи ин қиссаҳо китобҳои осмонӣ аст, касе тардид надорад. Назди мо дар Қуръон ва назди шумо дар Таврот қиссаи падарамон Одам ва модарамон Ҳаво ба суратҳои мухталиф омадааст, вале он чи ки тамоми ривоятҳои китобҳои осмонӣ бар он иттифоқ доранд, ин аст, ки Одам ва Ҳаво пеш аз он ки аз он дарахт хӯрданд ва исён карданд, назди Худованд либосе аз либосҳои Ҷаннатро ба бар доштанд ва баъд аз он, ки шайтон ононро гумроҳ кард ва фиребашон дод, бар асари тановул аз он дарахт дарҳол либосашон аз онҳо афтод. Пас эшон баргҳои дарахтонро ҷамъ карда бар баданашон мегузоштанд, то шармгоҳашонро пӯшонанд.[2]

Ту худ бигӯ, кадоми ин ду намуди зоҳирӣ ба ақл

---

[1] Баъди зикри номи ҳар паёмбаре салоту салом мефиристам ба хотири бузургдошти тамоми паёмбарон алайҳимуссалоту вассалом ва ба хотири эҳтироми пайравонашон.

[2] Чунончи ин мавзӯъ дар Таврот сифри Таквин (2-7-11) ва ҳамин мавзӯъ ҳамчунин дар сураи «Аъроф» омадааст: **«Вақте аз он дарахти мамнуъ тановул карданд, шармгоҳашон ошкор гашт»** (ояти 22).

мувофиқтар ва кадом намуди зоҳирии падару модаратон комилтар аст? Оё ҳоли падару модар қабл аз маъсияташон беҳтар аст ё баъди маъсияташон?!

Ва кадоми ин ду ҳол ба камоли инсонӣ наздиктар аст?

**Изабелла:** Бидуни шак, ҳолати қабл аз фиреби шайтонро хурданашон беҳтар буд, вале мувофақати **ақл** ба ин чӣ муносибат дорад?!

**Абӯҳомид:** Магар онҳо баъд аз он ки шайтон ақлашонро табоҳ кард ва аҳди аввалеро, ки бо Парвардигорашон дар мавриди он баста буданд, ки аз он дарахт намехӯранд, аз ёдашон бурд, ба Худо осӣ нашуданд? Дар ғайри ин сурат шояд аз он дарахт тановул намекарданд. Маҳз фиреби шайтон коргар шуд, вагарна оё имкон дорад, ки шахси **оқил** Ҷаннатро, ки беҳтарин манзилот ва бартар аз он манзиле вуҷуд надорад, ихтиёр накунад...?!

Агар инсон **ақли** расо дошта бошад, магар дар ҳама чиз аз шаҳват пайравӣ мекунад? Аз ин рӯ мегӯянд: **«Вақти аланга задани оташи шаҳват аз табоҳшавии ақлҳо битарсед»**.

Ва ҳоло бо овардани далелҳои аёнӣ рози ин масъаларо ногузир баён хоҳам кард, ки он далелҳо мегӯянд: Вақте **ақл** зоид бошад, пӯшиш ҳам зиёд мешавад ва вақте **ақл** норасоӣ дошта бошад, пӯшиш ҳам навъе нуқсон меёбад.

**Ба инсон бингар ва хуб андеша кун!** Оё ақли одамӣ дар замоне, ки дар батни модар аст, баробари ақли ӯ баъди ба дунё омадан ва бузург шудани ӯст? Ҳоло бозгард ва бингар, он гоҳ ҳақиқати табииро хоҳӣ ёфт: бубин инсон дар ҳоли дар батни модар буданаш чун аз ақл бархӯрдор набуд, баданаш ҳам бараҳна буд ва бо

инкишоф ёфтан ва бузург шуданаш ақлаш ҳам пайваста бузург мешавад ва пӯшишаш низ инчунин ҳамроҳ бо нашъу намои **ақлаш** афзун шудан мегирад.

**Ҳамчунин ба далели ҳаётии дигар бингар,** онгоҳ хоҳӣ дарёфт, ки дар тамоми дунё афроди соҳибақле, ки аз **ақлашон** камтар истифода мекунанд, навҷавононанд. Ва онҳо одатан нисбат ба дигар инсонҳо аз шаҳваташон бештар пайравӣ менамоянд ва рақамҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки одамӣ дар умри худ бештар дар синни навҷавонӣ бебоку сабукмағз мешавад.

**Ба далели севум бингар:** Ба шахси хобида назар кун, оё шахси хобидаро вақте шармгоҳаш намоён шавад, касе ӯро сарзаниш мекунад?! **Ҷавоб:** Албатта, не, зеро шахси хобидаро ақлаш ҳамроҳаш нест. Пас, вақте аз хоб бедор шавад ва дар бараҳна шудани шармгоҳаш аҳамият надиҳад, он гоҳ сарзанишаш мекунанд. Далели дигаре хоҳам овард, ки онро ман ҳамроҳи аҳли бозор мушоҳада кардаам ва далели дигаре низ хоҳам овард, ки онро миллионҳо нафар ҳамроҳи ман мушоҳада кардаанд.

**Далели аввал:** Дар асное, ки ман дар яке аз қисматҳои **Карфори Париж** бозорӣ мекардам, занеро дидам, ки либосҳояшро як-як мекашид. Ҳатто шалворашро ҳам кашид ва онро дар гардунааш (каляска) ниҳод, баъд аз он дар бозор дар миёни занону мардон қадам мезад! Назди ин раф меистод ва аз он ҷо ба назди рафи дигар мегузашт, ниҳоят орому бепарво буд ва ин рафтори ӯ боиси тааҷҷуб ва бадбинии мардум шуд, то ҷое ки яке аз бозориён пулисро даъват кард ва пулис ӯро дастгир карда ба утоқи хос бурд.

**Аммо далели дувуме,** ки онро миллионҳо нафар дидаанд ва ин дар яке аз мусобақаҳои командаи футболи Барселонаи Испониё соли 2006, ки бевосита аз тариқи телевизион намоиш дода мешуд, рух дод. Яке аз мухлисон ба шакли бараҳна аз нишастгоҳи хеш поин омад ва қасд кард, ки майдони бозиро убур кунад ва бо исрор мехост бо яке аз футболбозон, ба гумонам бозингари машҳури Бразилӣ Роналдино, мехост салом кунад. Ин амали зишти ӯро миллионҳо нафар инсонҳо маҳкум карданд, баробар аст, ки онҳо аз телевизион диданд ё дар нишастгоҳҳои варзишгоҳ... Вале тамоми мардум ин марду зани бараҳнаро баробари он ки дарёфтанд, ки марди бараҳна ва он зани бараҳна ноқисулақланд, маъзур доштанд. Пас шигифтзадагиҳо ва маҳкум карданҳо мубаддал ба маъзур доштану дилсӯзӣ гашт. Ва ҳама дар бораи он зан мегуфтанд: бечора ақл надорад, мо ба ӯ зулм кардем, зеро шахси беақлро сарзаниш кардан нашояд. Ҳамоно оқилоне, ки ба ӯ иҷоза доданд, то аз хона ё аз беморхонаи ноқисулақлон берун ояд, сазовори сарзанишанд, на инҳо.

## *Назари ошкори ман*

**Доктор Он:** Тамоми он чи ки зикр кардӣ, ин як фикри муқоисавӣ аст, яъне воқеъият дар як водӣ аст ва он чи ту мегуӣ, дар водии дигар. Сухани ту аз лиҳози назариявӣ сад дар сад дуруст аст, вале аз лиҳози воқеъият сифр дар сад аст. Аз он ки бисёр кушоду равшан гуфтам, маъзарат мехоҳам!

Оё ҳеҷ ақли одамӣ мегӯяд, ки инсонро лозим аст мисли малоикаҳои осмон бошад?

Ё мегӯяд: занҳои олам бояд мисли Марями дӯшиза бошанд?!

Ё ин ки тарбияи дуруст он аст, ки мо фарзандонамонро то замони издивоҷашон аз дода шудан ба шаҳват дур нигаҳ дорем, ҳамчунон ки дар Шарқ чунин аст?!

Ё ин ки ҷавондухтару ҷавонписари муҷаррад бояд нафси хешро аз тамоми шаҳватҳои ногаҳонӣ ва ғайриногаҳонӣ то мурдан бояд худро нигоҳ доранд?!

Ин ҳама ба изофаи он ки дар воқеъ, чунин будан маҳол аст, зеро ин мухолифи мантиқ аст ва мантиқ ҳамон ақл аст... оё чунин нест, эй Уммиҳомид?

**Уммиҳомид:** Ман ин сухани доктор Онро сухане ниҳоят муҳим меҳисобам, зеро сухани ӯ ба ақл мувофиқ аст. Ҳамчунин сухани ӯ аз ниёзи фитрии нафс ҳарф зад. Ва ин шаҳват дар инсон ниҳода нашудааст, магар ба хотири бароварда сохтани он. Яъне бароварда сохтани шаҳвати нафс ҳаққи воқеъии нафс аст. Аз ин рӯ, малоика, чунончи Доктор Он зикр кард, эҳтиёҷ ба бароварда сохтани шаҳват надорад, чунки дар онҳо аслан шаҳват нест ва ҳар касе, ки заррае ақл дорад, мухолифи ин мантиқ нест, аммо чизе ки сари он мо ихтилоф дорем, ин чӣ гуна бароварда сохтани ин шаҳват аст...

## *Муносибати миёни ақл ва шаҳват*

**Абӯҳомид:** Ман сухани Уммиҳомидро қатъ хоҳам кард, агар иҷоза диҳад ва ваъда медиҳам, ки навбатамро ба ӯ хоҳам дод ва ҳамин ки нуқтаи ниҳояти фикрашро хотираш меорам.

**Уммиҳомид:** Бифармо.

**Абӯҳомид:** Ман ба хотири он дар сухан навбат

гирифтам, то ба Доктор Онро он чизеро, ки мо сараввал иттифоқ карда будем, хотиррасон кунам. Ва он иттифоқи мо ин буд, ки урфу одати мо ва урфу одати шуморо аз доварӣ берун мекунем ва дар тамоми масоил бозмегардем ба сӯи доварии ақл.

Чунин нашуморед, ки мушкили бузург ин кашидани мардум ба тарафи фаҳшо аст, на, балки мушкили бузург кашидани ақл ба сӯи розӣ шудан ба фаҳшо ва ҳақ додан ба фаҳшост. Ва ин аст он чи омода мекунанд ҷомеаҳо ба хотири фурӯ рафтан ба фаҳшои бадтар аз ин. Вақте, ки ақл поин равад ва ба худ иҷоза диҳад, то фаҳшоро барои ҷомеа қонунӣ гардонад ва ба он ҳақ диҳад, дар он сурат ҷомеа ба сӯи сатҳи поинтар аз он сарозер мешавад ва пешвоию раҳнамоӣ аз дасти ақл меравад ва дар ихтиёри шаҳват қарор мегирад.

Ана ҳамин тавр, ҷомеа вақте ба пастии амиқтар поин равад, ақл барои он қонуне мегузорад, ки ба шаҳват ҳақ медиҳад ва барои ӯ қонун омода мекунад...! Ва дар натиҷа фаҳшу бадкории мардум дар пешгоҳ қарор мегирад ва ақл дар қафо ва шумо, эй аҳли нишаст, агар хоҳед, мегӯед, ки андомҳои мардум дар пешонияшон ва ақлҳояшон дар қафояшон аст. Дар ин сурат мусибат мусибати ақл аст.

Оё иштибоҳи бузургро, ки сарлашкар дар шикасти азим муртакиб мешавад, медонед? Он шикаст ин аст, ки сарлашкар қароргоҳи фармондеҳии лашкарро дар ҷое қарор медиҳад, ки душман метавонад онро ба нишон гирад, дар асное, ки лозим буд қароргоҳро аз он ҷо ба ҷои дигар кӯчонад, ки ҳар боре лашкар сукут кунад ё қалъаҳо ва деҳаҳо ба дасти душман гузаранд, ё хисорот ба бор ояд, дар он сурат қалъае, ки ба он душман даст ёфта наметавонад ва лашкар аз он даст

намекашад, бояд ҳамон маркази фармондеҳии лашкар бошад. Зеро гоҳо чунин ҳам мешавад, ки ҳисоб акси ҳолати пешомада мегардад ва як лаҳза шикаст ва лаҳзаи дигар он ба пирӯзӣ мубаддал мешавад. Оё инсон ба монанди ақл маркази ҳукм ва пешвоиро дорад? Ва агар мардум аз назари шумо ақлҳояшонро кор нафарманд, он гоҳ кор хеле сабуктар аст, аммо онҳо ақлҳояшонро дар қонунисозии фаҳшои хеш ва дифоъ аз ҷурмҳои андомҳояшон кор мефармоянд. Бинобар ин, ақл бандаи андом мешавад.

Шояд ин сатҳе, ки шумо имрӯз зиндагӣ мекунед, ҷомеаҳои арабӣ пеш аз омадани Ислом, баъди милоди Исо (а) баъзеяшро, на ҳамаашро аз сар гузаронда бошанд, сипас онҳоро Қуръон дар чандин оёт айб гирифтанд. Аз ин рӯ, ҳар кӣ дар он оятҳое, ки аз фаҳшо ҳарф мезанад, оқилона тааммул намояд, хоҳад донист, ки Қуръон он ҳамаро бар ҳимояи ақл тамаркуз додааст. Ҳатто агарчи андом дар фоҳиша ҳам биафтад. Дар сура Худованд мефармояд:

وَإِذَا فَعَلُواْ فَٰحِشَةً قَالُواْ وَجَدۡنَا عَلَيۡهَآ ءَابَآءَنَا وَٱللَّهُ أَمَرَنَا بِهَاۗ قُلۡ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَأۡمُرُ بِٱلۡفَحۡشَآءِۖ أَتَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ مَا لَا تَعۡلَمُونَ ﴿٢٨﴾

**«Ҳангоме ки амали зишт ва қабеҳеро анҷом медиҳанд** (агар аз далели он суол шавад, дар посух), **мегӯянд: ин роҳу расме аст, ки ниёкони худро бар он ёфтаем, Худованд ҳам моро ба он дастур додааст. Бигӯ: Худованд ҳаргиз ба корҳои зишт ва қабеҳ фармон**

**намедиҳад, оё ба Худо нисбатҳое медиҳед, ки намедонед»** *(Сураи «Аъроф», ояти 28).*

Вақте Қуръон ба корҳои зишту қабеҳ амр карданро аз Худованд нафй мекунад, маълум аст, ки мехоҳад ақлҳои онҳоро аз зишту қубҳ ба номи Худо машрӯъ гардонидан ҳимоя кунад... ва қонун гузоштан барои фаҳшо хатарноктар ва қабеҳтар аз амали фаҳшо аст. Аз ин рӯ, моро лозим аст пайваста аз ақл ҳимоя кунем, агарчи андомҳои худро аз фаҳшо ҳимоя карда натавонем ҳам ва ақлҳоямонро аз далелҷӯӣ ба хотири воқеиятҳои шаҳавонӣ, ё дифоъ аз он, ё қонунгузорӣ барои он болотар гузорем.

Вақте мо бар ин масъала иттифоқ намоем ва ақлҳоямонро аз ҳақ додан ба хатоҳои шаҳват ҳимоя намоем, он гоҳ метавонем, ки ба осонӣ ба он мубориза барем. Он гоҳ расидан ба сӯи ҳақиқат ҳаргиз мушкил нахоҳад шуд.

Мехоҳам таъкид намоям, ки оятро ҳуҷҷат овардани ман ин ҳуҷҷати динӣ бар алайҳи шумо нест, инро ман танҳо ба хотири далел ва баён намудани аҳамияти ақл овардам. Баъд аз он, оё мебинед, ки мо ба ҷуз ақл чизи дигареро довар қарор надодем? Барои шумо қиссае зебо, равшану возеҳ ва воқеиро, ки миёни ҷавоне бо Паёмбар Муҳаммад (с), ҳамчунон ки дар сарчашмаҳои мӯътамад омадааст, қисса хоҳам кард.

## *Дармони ҷавоне, ки барои зино иҷоза хост*

Яке аз асҳоби Паёмбар (с), ки бо куняти Абӯумома (р) ёд мешавад, ин ҳодисаро ривоят карда мегӯяд: Ҷавоне ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй Расули

Худо, барои ман зиноро рухсат деҳ. Мардум ҳама ба сӯи ӯ нигаристанд ва хостанд ӯро аз ин ҷуръат боздоранд. Гуфтанд: Боз ист! Паёмбар (с) гуфт: «***Наздик биё».*** Вай ба Паёмбар (с) наздик шуд ва нишаст, Паёмбар (с) фармуд: ***«Оё дӯст дорӣ, ки касе бо модарат зино кунад?»..*** Он ҷавон гуфт: Савганд ба Худо, на, дӯст надорам. Маро Худованд фидои шумо кунад. Паёмбар (с) гуфт: ***«Дигар мардум ҳам барои модаронашон инро дӯст надоранд. Оё ту барои духтарат дӯст дорӣ?».*** Ҷавон гуфт: Не қасам ба Худо. Худованд маро фидои шумо кунад. Паёмбар (с) фармуд: ***«Дигар мардум ҳам зино кардани духтаронашонро дӯст намедоранд. Оё ту зиноро барои хоҳарат дӯст медорӣ?».*** Он ҷавон гуфт: На, қасам ба Худо, Худованд маро фидои шумо гардонад. Паёмбар (с) фармуд: ***«Дигар мардум ҳам онро барои хоҳаронашон дӯст намедоранд. Оё онро барои аммаат дӯст медорӣ, оё барои холаат дӯст медорӣ?».*** Он ҷавон гуфт: Не, қасам ба Худо, Худованд маро фидои шумо гардонад. Паёмбар (с) фармуд: ***«Ва мардум ҳам онро барои аммаҳо ва холаҳояшон дӯст намедоранд».***

Ровӣ мегӯяд: Он ҳазрат (с) дасти муборакашро болои он ҷавон ниҳода фармуд: ***«Парвардигоро гуноҳи ӯро мағфират кун ва қалбашро пок соз ва андомашро ҳифз намо».*** Баъд аз ин воқеъа он ҷавон ба чизе илтифот накард[1].

Вақте дар мавриди ин дуъо хуб тааммул кунӣ, хоҳӣ

---

[1] Ин ҳадисро имом Аҳмад дар «Муснад»-аш 5/256 ривоят кардааст. Шайх Шуъайби Арноут мегӯяд: Исноди ин ҳадис саҳеҳ аст ва мардони ровӣ мӯътамад ва мардони саҳеҳанд. Ва Соҳиби ас-Силсила низ онро дар зумраи ҳадисҳои саҳеҳ зикр кардааст (370).

дарёфт, ки дар тартиби ин се ҷумла ҳикмати расоест. Дар ҷумлаи аввал он ҳазрат пеш аз дуъо кардан ба ҳифзи андомаш дуъо кард, ки Худованд гуноҳҳои гузаштаи ӯро мағфират кунад, баъд аз он дуъо кард, ки Худованд қалбашро пок созад. Ин гуна дуъо ба он хотир аст, ки манзур аз қалб маркази фикр ва қиёдат дар инсон аст, вақте маркази қиёдат ва ҳукм пок шавад, боқӣ тамоми ҷасад пок хоҳад шуд. Ва онро дар дуъо муқаддам овардани Паёмбар (с) дорои чунин аҳамият аст. Аз ин рӯ, натиҷаи ин гуфтугӯ ва ин дуъоро дидӣ, ки чӣ шуд ва он натиҷа дар охири қисса зикр шуд. Ман намехоҳам ин ҳодисаро барои исботи ҳукми динӣ гувоҳ орам, ин берун аз иттифоқест, ки мо дар аввал ба он қарор омада будем. Аммо чизе, ки ман аз овардани ин қисса мехоҳам, он масъалаи ҳимоят намудани ақл аз тағйир ёфтан аст. Он ҷавон хеле бо ҷуръат ва рӯшан ҳарф зад ва талабаш ҳам мушаххас буд ва ӯ мехост аз Паёмбар (с) барои зино кардан иҷоза бигирад. Вай медонист, ки Паёмбар Муҳаммад (с) зиноро ҳаром гардонда ва ҳаром будани онро эълон кардаасту зинокоронро ҷазо медиҳад!

Аз ин ҳам аҷибтар ҷавоби Паёмбар Муҳаммад (с) барои он ҷавон буд. Он ҳазрат (с) ба ӯ нагуфт, ки зино макун, ё зино ҳаром аст, ё зино муҷиби ғазаби Худо мешавад. Ё Муҳаммад (с) бар он ҷавон хашм нагирифт, ё аз назди худ наронд, ё ба гӯши ӯ мавъиза нахонд, мавъизае, ки вақте оташи шаҳват забона занад, ин мавъиза аз ёд фаромӯш шавад, балки худи он мардро бар асоси қоидаи иҷтимоие, ки то ба имрӯз назди онҳо вуҷуд дорад ва ин ҳама фаҳшо бо вуҷуди зиёд буданаш онро тағйир надодааст ва он қоида рашку ғайрати мӯътадил аст, муҳокама кард. Сирри

муваффақ будани насиҳати Паёмбар (с) ин аст, ки шаҳват вақте туғён кунад, соҳибаш ба ҷуз он ҳамаро фаромӯш месозад, чизе ба назараш намеояд, ба фикраш аз хатти кашидаи шаҳваташ берун намеравад. Дар ин ҷо Паёмбар (с) чашми ин ҷавони мафтуншударо ба масофае дуртар аз фитна ва гирифтории фитна бурд ва ӯро аз марзи шаҳваташ берун кашид. Дар натиҷа, ин ҷавон чизеро дид, ки дар гумонаш набуд...! Дар баробари он зане, ки мехоҳад бо вай зино кунад, модарашро дид, духтару хоҳару аммаву холаашро дид, дар натиҷа ба садамаи бузурги ақлӣ дучор шуд! Ин муқобилгузорӣ рашку ғайрати ӯро, ки аз мастӣ ҳушёраш сохт, ба ҷӯш овард. Ин буд, ки ба худ омад.

Бартарияти дигари ин муқобилгузорӣ он аст, ки ҳар боре оташи шаҳвати ҷавони шаҳватпараст бештар аланга занад, он муқобилгузорӣ дар қалби ӯ бештар мешавад. Чунки алангаи шаҳват асоси тасаввури ӯ қарор мегирад. Бинобар ин, ту вақте масъаларо дар асоси қоидаи тасаввур ҳал намоӣ, бидон ки онро аз асос ҳал кардаӣ. Бинобар ин, ҳар боре ҷавон худро дар ҳоли зино кардан ба зани зебое тасаввур кунад ва ба вай қариб шавад, то бо ӯ зино кунад, ин муқобилагузорӣ дар тасаввури ӯ равшану ошкор пеш меояд, ба гунае ки ҷавони дигар бо модари ӯ ё бо хоҳараш чунин амали зиштро анҷом дода истодааст. Пас нафрати ӯ дарҳол кафили маҳви он сурат ва бозгардонидани ҷавон ба ҳолати дуруст мешавад. Ва бартарияти дигари ин сурат он аст, ки тамоми афроди ҷомеаро бар якдигарашон ғаюр месозад, мисли ғайрати ҳар фард бар хоҳару модару духтараш. Аз ворид намудани имтиёзоти дигари ин ҳодиса дар ин ҷо таваққуф мекунам, то боз оям ба сари каломи Доктор Он

ва хатарнокии бурдани ақли муҳофиз аз қафои аробаи шаҳват, аробае, ки пайваста муқаррароти дурустро мешиканад ва ин аст он чи дар ҷомеаҳои шумо ҳосил шуда. Ва ин далели ақлию амалии рӯшан аст.

## *Тағйири муқаррарот ба хотири шаҳват*

**Доктор Он:** Ба Худо қасамат медиҳам, куҷост он далели рӯшан, ки шаҳват муқарраротро вайрон мекунад? Маълум аст, ки ҳар ҷомеа муқарраротащро тибқи хостаҳои худ тағйир медиҳад ва мо барои исботи ин фикр далели аёнию илмӣ оварда будем. Эй Абӯҳомид, шумо худатон дарк кардед, ки бӯсаҳои мо мардону занон, ки вақти мулоқоти шабонаамон мисли аврупоиҳо якдигарро бӯсидем, дур аз шаҳват буд. Агарчи шумо дар бӯсобӯсӣ бо мо шарик нашудед, вале моро дидед ва гумон намекунам, ки шумо моро ба ин чиз муттаҳам кунед, ҳамчуноне ки мо ҳам шуморо муттаҳам намекунем. Аммо ҳамчун мардуми ғарб мо дар қалбҳоямон ҳақиқатеро мебинем, ки он ин аст, ки дар мавриди назар кардан ба ҷамоли мо чашм пӯшад, гумони нек надорем. Ва гумони нек надоштанамон ба ин хотир аст, ки шахсе дар зоҳир назар накунад, шаҳватро дар қалбаш пинҳон медорад ва метарсад, ки ба он гирифтор нашавад, пас маълум мешавад, вақте такрор ба такрор назар кунад, ин маънои онро дорад, ки азми шаҳватронӣ дорад ё алалақал барои анҷом додани он вақте фурсат даст диҳад, ё хилват шавад, омода аст. Аз ин рӯ, танҳо мондани мард бо зан аз назари шумо ҳаром аст, чунончи аз шавҳарам фаҳмидам, ҳол он ки танҳоӣ аз назари мо чизе

шумурда намешавад, ҳоҷат ба манъи он нест. Ба назари ман он чизе, ки ин ҳолати рӯҳиро дар шумо ба вуҷуд овардааст, дини шумост, ки пайваста шубҳаҳои шаҳвату рашк ва монанди инҳоро дар дилҳои шумо бармеангезад. Аз ин рӯ, вақте барои шумо фурсат пеш ояд, корҳоеро анҷом медиҳед, ки мо анҷом намедиҳем... На ба сурати оддӣ, балки ба ҳирси ғайриодамӣ анҷом медиҳед! Бингар, бархе аз мусалмононе, ки дар сарзамини худашон ин кор барояшон душвор аст, вақте даре ба рӯяшон кушода шавад,чӣ корҳое намекунанд?! Онҳо вақте ба кишварҳои мо меоянд, даст ба шаробнӯшӣ, зино ва анвоъи разилиҳо мезананд ва аз ҳад мегузаронанд...! Оё воқеъияти шумо чунин нест? Ва дар ин кор ба ҷуз тарбияи динӣ сабаби дигареро намебинам. Оё ин мувофиқи ақл аст ё мухолифи ақл?!

**Абӯҳомид:** Ман ба Уммиҳомид ваъда дода будам, ки вақте суханамро ба охир бирасонам, ба ӯ навбат медиҳам, вале доктор Он тавре суҳбат кард, ки сухан тӯлонӣ шуд ва ман бар ҳамон аҳде, ки ба Уммиҳомид дода будам, устуворам...

Аммо дар мавриди далеле, ки **доктор Он** овард, метавонам бигӯям, ки ӯ воқеъияти зиндагии шуморо дар як ҷумла ба таври мухтасар баён кард, ки он ин аст: **Дигаргун кардани муқаррарот барои мувофиқат кардан ба шаҳват...!**

Рози аслӣ инҷост ва ҳамон мусибат ҳамин аст! Ҳамон мусибате, ки ҷомеаҳои ғарбӣ дар он гирифторанд, ин дигаргун кардани муқаррарот аст ба хотири мувофақат кардани онҳо ба хоҳишот ва шаҳватҳо, на тағйир додани аъмол ва зиндагӣ барои мувофиқ шудан ба муқаррарот...

## *Ҳақбарорӣи бӯсобӯсӣ*

Тамоми он далелҳое, ки доктор Он ёдовар шуд, мо онро чун далел қабул надорем. Ӯ барои ҳақ баровардани бӯсобӯсиҳое, ки мо имшаб дидем ва ҳақ баровардани ба оғӯшгириҳое, ки миёни мардону занон шуд ва чашмпӯшиҳои мо ва худдорӣ карданамон аз даст дода салом кардан далел овард, ки далел шуда наметавонад. Ва инчунин баъзе аз фиску фуҷур ва бебокӣ дар даст задан ба фаҳшо ва шаробнӯшӣ, ки бархе аз мусалмонон дар замони берун рафтанашон аз сарзаминҳои хеш ба сӯи диёри ғарб анҷом медиҳанд, наметавонад далел бар алайҳи мо бошад. Ман ба ҳеҷ як аз ин далелҳо зид нестам, вале мутаассифона, вақте ба ақл муроҷиат мекунем, ки мо имрӯз онро ҳакам қарор дода будем, далелҳое мебошанд, ки бар алайҳи афкори шумост. Доктор Он дар мавриди он бӯсобӯсие, ки имшаб рух дод чӣ гуна далели ақлӣ меорад ва ҳол он ки мо қаблан иттифоқ кардем, ки аз ҳаёти воқеъии мо ва ҳаёти воқеъии шумо ва урфу одатҳои мову шумо, ки мухталифанд, берун меравем ва дар мавриди далел овардан бар ҳаққу ботил будани амале аз инҳо далел намегирем? Ба замми ҳамаи ин шумо хуб медонед, ки ин амалҳо иштибоҳанд ва хиёнатанд, аммо онро танҳо ба хотири як сабаб анҷом медиҳед ва он ҳам бошад ғалабаи шаҳват аст.

Ҳанӯз вақте дар тасаввури шумо ҷой карданд, ки ҷомеаи шумо покдоманӣ ва парҳезгориро дӯст намедорад ва ҷинсбозон тамоми ҷомеаанд, шуморо фиреб карданд ва гӯл заданд. Бинобар ин шумо бидуни таъаққул ва тафаккур ноогоҳона аз фаҳш дифоъ мекунед, бо вуҷуди он ки ҷомеа на чунон аст, ки шумо мепиндоред ва ҳанӯз дар сиришти башарӣ некии бузург вуҷуд дорад...

(CNN)[1] назарсанҷии аҷибе аз тариқи телефон доир намуд, ки дар он 1523 нафар пурсида шуд. Пеш аз он ки ба ин назарсанҷӣ ошно шавӣ, фаромӯш макун, ки ин назарсанҷӣ дар сарзаминҳои исломӣ доир нашудааст, балки дар сарзаминҳои ғарбӣ гузаронда шудааст.

С. 3. Оё вақте шахси дигарро бибӯсӣ, онро хиёнат ба шавҳарат ё занат меҳисобӣ?

Оре: 67% На: 28%

б) Бо телефон алоқаи ҷинсӣ кунӣ?

Оре: 66% На: 32%

в) Аз тариқи сӯҳбати интернетӣ алоқаи ҷинсӣ кунӣ?

Оре: 64% На: 33%

С. 4. Оё вақте дасти касеро ба дастат бидорӣ, инро хиёнат ба ҳамсар меҳисобӣ?

Оре: 43% На: 53%

С. 5. Оё хиёнат ба ҳамсар меҳисобӣ, вақте бо ягон узви баданат ишораи шаҳватбарангез кунӣ?

Оре: 34% На: 64%

---

[1] Сарчашма: www.cnn.com/allpolitics/1998/08/20/adultery.poiv

То ҳадди тавони хеш кӯшиш ба харҷ додам то дар ин баҳс ҳамаи маълумотҳо ба сарчашмаҳояшон мансуб бошанд ва ҳамаи сарчашмаҳо сарчашмаҳои ғарбӣ ва аз назари худи ғарбиён боэътимоданд, ба хусус омор. Ва аксари омор бар асоси тадқиқоти зиёд мебошанд. Зеро маълумотҳои мавҷуд дар шабакаҳои анкабутӣ зиёданд, вале бисёре аз он маълумотҳо мӯътамад нестанд.

Ҳамчунин нишонаи сарчашмаҳои бегонаро бетағйир овардам, то муроҷаат кардан ба онҳо барои касе, ки мехоҳад осон шавад.

С. 6. Оё хиёнат ба ҳамсар мешуморӣ, вақте аз ҷои ҷамъомади мардону занони бараҳна дидан намоӣ?

Оре: 45% На: 55%

С. 7. Вақте дар бораи шахси бегона бо шаҳват фикр кунӣ, оё инро хиёнат ба ҳамсар мешуморӣ?

Оре: 38% На: 50%

Баъди ин ҳама, эй хонум доктор Он, аз он ки синну соли шумо наздик ба ҳаштод аст, метавонӣ сурати қабл аз садсолаи Фаронсаро ҳамон гуна, ки афроди қабл аз шумобуда ба шумо ҳикоя кардаанд, тасаввур кунӣ?

Бо диққат ба ёд ор, оё он вақт бӯсидани марде ҳамсари дӯсташ ва дӯсташ ҳамсари ӯро мисли ҳозира ривоҷ дошт?!

**Доктор Он:** На.

**Абӯҳомид:** Пас оё бӯса накардани зан ё марди бегона, чунончи имрӯз чунин назар доред, кори баде буд?!

**Доктор Он:** Балки бӯсидан кори баде маҳсуб мешуд, ин амалро ба ҷуз табақаи хоссе, ки аз назари ҷомеаи онрӯза хатокор маҳсуб мешуданд, касе анҷом намедод.

**Абӯҳомид:** Пас чӣ шудааст, ки он чи дирӯз кори баде буд, имрӯз амали писандидае гашта ва он чи дирӯз амали писандида буда, имрӯз кори баде шуда?! Аз ин ҷо бармеояд, ки масъала масъалаи марҳилавӣ аст, дар ҷомеа муқаррар будааст, ки зани касе ё духтари касеро ё хоҳари касеро бӯса кардани марди бегона амали нописандида будааст. Шояд мардум бар ҳамин урфу одат садҳо сол зиндагӣ кардаанд, то замоне ки ба тадриҷ ин урф аз байн рафтааст ва ҷомеа ба сатҳи пасте омада расида, ки бӯсидан кори

писандида шудааст. Аммо ин ба як бор густариш наёфтааст, балки аз афроди кам шурӯъ шуда, ба тадриҷ равнақ ёфтааст, то ҷое ки ба гузашти солҳо ба урфи оммавӣ табдил ёфта ва кор ба ҷое расида, ки касе чунин накунад, ба назар аҷиб менамояд, куҷо расад ба шахсе, ки дар ҷомеа ин амалро комилан инкор намояд!

Ин ҷо боз мегардем сари ин мавзӯъ, ки оё густариш ёфтани коре ва ба урф табдил гаштани он метавонад бар саҳеҳу дуруст будани он далолат кунад ва ақл онро дуруст шуморад?

Ба ин суол як ҷавоби қотеъ аст: Не! Пас, оё масъала сари ҳамин миқдор беиффатӣ, яъне марзи маъруфияти бӯсидан таваққуф мекунад?! Равшантар карда гӯем оё масъалаи поинравӣ дар ҳамин марз омада қарор мегирад, ё дараҷаи поинтар аз ин ҳам вуҷуд дорад, ки ба тадриҷ ҷомеа тарафи он дорад ҳаракат мекунад?

**Ҷавоби мантиқие,** ки воқеъияти таърих аз он шаҳодат медиҳад, ин аст, ки табоҳшавии ахлоқӣ ҳаргиз дар ин марз қарор намегирад, балки мардум аз марҳилаи бӯсобӯси ошкори зану марди бегона то ба марҳилаи амали ошкори баъди бӯсидан мерасанд, аз марҳилаи гарм оғӯш кардан ва дуру дароз бӯсидан ба марҳилаи зино мерасанд, баъд аз он ба зинои ошкоре, ки касе наметавонад айб гирад. Кор то ҷое мерасад, ки касе бар онҳо айб гирад, ӯро аз айб гирифтан манъ мекунанд. Имрӯз нишонаҳои он ба таври возеҳу равшан зоҳир шуда истодааст... зеро имрӯз касе, ки воқеъияти Фаронсаро мушоҳада мекунад, мебинад, ки бӯсиданҳо кори оддие шуда, ки гӯё дар он ҳеҷ нуқсон нест ва мебинад, ки дуру дароз ба оғӯш гирифтани зану марди бегона ба хусус дар истгоҳҳои қатора дар ҳолати пешвозгирӣ ва гуселонидан ва ҳам дар

фурудгоҳҳо хеле зиёд шудааст ва зинои ошкоро низ ба чашм мерасад, агарчи нодир аст, лекин ба тадриҷ аз нестӣ сар берун меорад ва оҳиста-оҳиста зоҳир мешавад ва инҳо қосиди он аст, ки расидаанд!

## *Бими ҳақиқӣ*

Ва ин чизе, ки ман аз он ёд кардам, масъалаи мантиқиест, зеро дар масири таърих ба тадриҷ пеш меравад ва ҳар қадами он чунончи дидем, ногузир ба мобаъдаш пайванд дорад, қадамҳо аз якдигар ҷудо нестанд. Вақте ин гуна қадамҳо пайиҳам омадан гиранд, суръат афзоиш меёбад ва марҳилаҳо ҳам ба суръат ҷой иваз мекунанд. Он чи аз далелҳои таърихӣ гуфтам, ба изофаи мантиқи ақл аст, ки мо аз ибтидои сӯҳбат онро довар қарор дода будем. Ба изофаи ин мо аз суханони Паёмбарамон Муҳаммад (с) далели дигаре дорем, агар хоҳед, онро ҳам зикр мекунам ва агар нахоҳед далели ақлии кифоякунанда оварда шуд.

**Доктор Вофӣ:** Хатари аз ҳама бузург ин аст, ки ин бемории ё ин мараз аз шакли пинҳонӣ ба шакли аланӣ интиқол меёбад, баъд аз он ба худ сурати ошкор мегирад, баъд аз он аз ӯ ҳимоят мешавад ва билохира мизон тағир мехӯрад!

Он гоҳ мизонҳо онро дигар хато намешуморанд, вале ман гумон мекунам, ки ин амалҳо, ки дар Ғарб мавҷуданд, баъд аз он ба сарзаминҳои мусалмонон ба сабаби тақлид карданашон мегузарад. Эй кош, ту он далелро зикр намоӣ, шояд онҳо бовар кунанд, ки хабари ин Паёмбар (с) аз фикри худаш нест, балки аз назди Худои таъолост.

**Абӯҳомид:** Масъала чунончи зикр кардӣ, мусалмонони мо дар ин мавзӯъ асл нестанд, балки

тақлидкоранд ва ин намунаи бадтарин ҳолатҳои онҳост. Ва ҳадиси Паёмбари Худо (с) бадтарин ҳолати онҳоро ҳанӯз пеш аз ҳазору чаҳорсад сол хабар додааст, чунончи мефармояд: ***«Қасам ба зоте, ки ҷони ман ба яди Ӯст, ин уммат рӯ ба нобудӣ намеорад, то замоне ки мард меравад ба сӯи зан ва бо ӯ дар роҳ ҷимоъ мекунад, он рӯз беҳтарини мусалмонон шахсест, ки мегӯяд: Агар ӯро дар пушти ин девор пинҳон мекардӣ».***[1]

Ва дар ҳадиси дигар аз Паёмбар (с) омадааст: ***«Қиёмат барпо намешавад, то вақте ки*** (одамон) ***боҳам ҷуфтгирӣ кунанд дар роҳ мисли ҷуфтгирии харон».*** Ман гуфтам: Бидуни шак, ин кор шуданист?! Ӯ гуфт: ***«Оре, албатта, шуданист»***[2]***.***

## *Ақлрабоӣ*

**Изабелла:** Ба фикри ман, ҳар гурӯҳе аз мардум дар марҳалаи худ зиндагӣ мекунанд ва ҳар насл он чизеро, ки ақлҳояшон ихтиёр мекунад, таҳаммул менамояд, ҳамчунон ки аҷдоди мо ихтиёркардаҳои ақлҳояшонро таҳаммул кардаанд, мо низ ба ихтиёркардаи ақламон таҳаммул мекунем ва касоне, ки баъд аз мо меоянд, бояд ба ихтиёркардаҳояшон таҳаммул кунанд. Мо дар

---

[1] 1. Ин ҳадисро Абӯяъло дар «Муснад»-аш (11/43) аз Абӯҳурайра ба таври марфӯъ ривоят кардааст ва Ҳайсамӣ дар «Маҷмаъуз-завоид» (7/331) мегӯяд: мардони ин ҳадис мардони саҳеҳанд ва шайх Ҳусайн Асад мегӯяд: Исноди ин ҳадис қавӣ аст.

[2] Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон (6767) ривоят кардааст. Шуъайби Арноут мегӯяд: Исноди ин ҳадис саҳеҳ аст. Ва маънои ҷуфтгирӣ, яъне мардону занон дар пеши назари мардум мисли харон бо ҳамдигар алоқаи ҷинсӣ мекунанд ва аз мардум боке надоранд.

ибтидо иттифоқ карда будем, ки ақлро довар месозем, ҳукми ақлҳои он мардум ана ҳамин чиз аст!

**Доктор Он:** Эй Изабелла, аз афташ ту фаромӯш кардӣ, ки Абӯҳомид сари мавзӯи ҳақиқати муҳиме сӯҳбат кард ва он ҳақиқат ин аст, ки ин ихтиёр ба ақлҳояшон таъаллуқ надорад, балки бастаи шаҳватҳои онҳост. Ва ин далелест бар ғалабаи шаҳват бар **ақл**. Пас дар ин сурат, мутаассифона, **ақл** ба дастгоҳи яхрӯбе табдил меёбад, ки яхро аз роҳи мошинҳое, ки аз қафои ӯ меоянд, мерӯбад...!

Ё мисли аробаи сагиест, ки сагҳои зиёде онро болои ях мекашанд. Пас **ақл** дар ҳарду ҳолат ходими шаҳват мешавад, ё онро муқаддам гузорем ё ин ки гӯем дар қафост ва хатари ҳақиқӣ дар ҳамин аст: **«Ин аст рабудани ақл аз ҷониби шаҳват ё сукути ақл дар канори шаҳват»**.

## *Қиссаи муносибати бародар бо хоҳар*

**Абӯҳомид:** Ман аз доктор Он ба хотири барои маънои муносиб дар вақти муносиб овардани ин маънои бузург ташаккур мекунам. Ва ин ҷо бисёр мехоҳам як қиссаи воқеъиеро, ки дар ҷомеаи Фаронса ба вуқӯъ пайваста ва бисёр такрор шудааст, зикр кунам. Қиссаи оилаи озод мисли аксари ҷомеаи Фаронса, ки дар он оила писарон ва духтарони зебои зиёде зиндагӣ мекунанд ва синну солашон миёни 17 ва 25 аст. Ҷок ҳамон вақт 20 сол дошт ва Ҷун 22-сола буд ва Мария 16 сол дошт. Ҷавонон ҳарду маҳбуба доштанд ва Мария ҳам ҷавонеро дӯст медошт ва ҷавонон ҳарду аз овардани маҳбубаашон ба хона хиҷолат мекашиданд, хоҳарашон Мария низ хиҷолат мекашид.

Баъд аз муддате Ҷок маҳбубаашро ба хона меовардагӣ шуд ва ӯро меовард ва ҳамроҳаш дар утоқи хеш менишаст ва дар бистари худаш бо ӯ ҳамбистарӣ мекард! Ӯро дида Ҷун ҳам ҷуръат пайдо намуда мисли ӯ амал кард. Вале хоҳарашон Мария бо ҷавони дӯстдоштааш дар хонаашон ин корро анҷом намедод. Як ҳафтаи комил Ҷок бо маҳбубааш сӯҳбат накард ва ӯро ба хона ҳам наовард, бо ӯ ҳамбистар нашуд ва ин муносибати хунуки онҳо як моҳу ду моҳу се моҳ идома ёфт ва сабаби асосии гурехтани гапашон рашки шадиди Ҷок буд!

Шабе аз шабҳо Ҷок эҳсос кард, ки бародараш ва хоҳараш мехоҳанд шаб аз хона бароянд, баъд аз он падару модараш низ ба хотири даъвате аз хона берун рафтанд. Ҷоки ҷавон дар хона танҳо монд. Ӯ дар танҳоӣ дар хона ин тарафу он тараф қадам мезад. Дар ин асно аз дари нимроғ Марияро дид, ки либосҳои тагпӯшашро ба қомати болову ҳусни зебояш ба бар карда барои баромадан ба шабгардӣ омодагӣ мебинад. Беихтиёр он ҷо истод, бидуни ин ки Мария вуҷуди ӯро эҳсос намояд, вай аз нимроғи дар ҷамоли хоҳаршро тамошо кард. Дар ин ҳол ба ёди маъшуқааш афтод, ӯ дигар аз ҳама чашм пӯшида назди шаҳваташ сар хам кард ва ба маҳбубааш телефон зад, маҳбубааш телефонро хомӯш кард. Ҷок боз дар хона қадам зад ва шаҳваташ то ҷое баланд шуд, ки дигар тоқати ором кардани онро надошт. Аз як тараф бӯи хуши Мария ба димоғаш мерасид ва аз тарафи дигар аз нимроғи дар ба ҷамоли ӯ менигарист ва медид ки ӯ арусро мемонад! Вай худ ба худ гуфт, оё ин ҷамоли зебо беҳуда дар ихтиёри бачаҳои кӯча қарор гирад?! Ҳамин тавр, ҷуръат карда ба утоқи Мария даромад ва бо изтироби

том гуфт: Чи қадар зебо! Мария хандид ва ҷавоб надод. Ҷок ба хоҳараш бо чашми бад менигарист. Мария дар ҳоле, ки дар оина ба сӯи ӯ менигарист, гуфт: Имшаб туро чӣ шудааст? Ҷок гуфт дар хона танҳоям. Ба хотири тасаллӣ додан Мария ӯро бӯсид, сипас ӯ Марияро бо ҳарорати зиёд бӯса кард. Баъд аз он раҳояш карду бори дигар хоҳарашро бӯсид, баъд аз он бо ҳарорат дар оғӯш гирифт...! Мария норозиёна аз ӯ шикоят кард ва ӯро тела дод...

Ҷок гуфт: Имшаб ту аз дасти ман халос намешавӣ, хоҳиш мекунам хоҳари азизам, ман мемирам, маро аз ин бало наҷот деҳ, баъд аз он ҳар ҷо хоҳӣ бирав...! Ӯ бо исрор аз хоҳараш талаб кард, ки ба ӯ таслим шавад, билохира ба мақсадаш расид ва бародар бо хоҳари хеш ҳамбистарӣ кард!

Ин қисса қиссаи воқеист, дар яке аз хонадонҳое, ки дар Фаронса аз лиҳози ахлоқӣ дар сатҳи поён зиндагӣ намекунанд, на аз хонадонҳои поинрафта аст, рух додааст. Ва ин қиссаи воқеъии ягона нест, воқеъаи ягона нест, ки дар ҷомеаи Фаронса воқеъ шудааст, балки чунин қиссаҳо хеле зиёданд, ки ҷавонон бо хоҳарон, амма ва модари хеш ҳамбистарӣ кардаанд...! Манзур аз ин қисса он аст, ки бародар бо хоҳари худ ҳамбистарӣ накард, магар вақте, ки шаҳваташ ақлашро рабуд...

Акнун бозмегардем ба эътирози Изабелла, ки мегуфт, ақл мегӯяд, бояд мардуми ҳар марҳила дар марҳилаи хеш зиндагӣ кунанд. Пас маълум мешавад, ки танҳо чизе, ки онҳоро ба ин сатҳ расонидааст, ҳамон ақлҳои онҳост!

Ман аз Изабелла мепурсам, магар бо хоҳари худ ҳамбистар шудан кори зишт ва баде нест, ки фитрати

инсон онро қабул надорад? Оё бо модар ҳамхоба шудан бадтар ва зишттар аз ин нест? Оё ин амале, ки онро мо кори баде меномем, дар ҷомеаи Фаронса аз замони пештара бештар нашуда истодааст?

Аз ҳамаи шумо узр мехоҳам, оё ба вуқӯъ пайвастани чунин амалҳои бадро дар хонадонҳои худатон меписандед?

**Изабелла:** Албатта, не, аммо ин қисса ниҳоят аҷиб ва хеле муассир аст.

**Абӯҳомид:** Ман дарк мекунам, дар назари оилае, ки дар муқоиса ба ҷамъияти хеш бар асоси одобу ахлоқ зиндагӣ мекунад, воқеъ шудани ин гуна корҳо ҳатто дар оилаҳои дигар мушкил менамояд, зеро ӯ ба дигар оилаҳо бо диди хосси хеш менигарад.

Ба хотири он ки бештар воқеъбин шавем, ман ба шумо аз он воқеъаҳое, ки дар рӯзномаҳо ҳар рӯз дар саҳифаҳои «аз зали суд», «ВКД хабар медиҳад» ё «сиёҳкориҳо» ба табъ мерасанд, ёдовар мешавам. Он гоҳ хоҳед гуфт, амале, ки Ҷок анҷом додааст, ин ҳам як навъ сиёҳкорӣ аст.

Гузашта аз ин ҳама, ба рақамҳо ва омори расмие, ки таксзиби онҳо имкон надорад, рӯ меорем, зеро он омор, омори расмии ҷомеаи шумост.[1]

Арқоми зер чунин ба нашр расидааст:

---

[1] 1. Finkelhoor, D., Mitchell, K., & Wolak, J. (2001, March). Highlights of the youth internet safety survey. US Department of Justice, Office of Justice Programs, Office of Juvenile Justice and Delinquency Prevention.

U.S. Department of Justice (2001). Internet crimes against children. OVC Bulletin. Washington , DC: US Department of Justice, Office for Victims of Crime.

(Аз ҳар чаҳор ҷавондухтар номуси як нафараш қабл аз 18 солагӣ лаккадор шуда ва аз ҳар 6 ҷавонписар як нафараш бадном шудааст).

Чунончи ба нашр расида.[2] Номус (30-40 дарсади эшон аз ҷониби яке аз афроди оила лаккадор шуда ва номуси 50 дар сади эшон аз беруни оила, вале аз шахсе, ки ӯро мешиносанд ва ба вай эътимод доранд, лаккадор шудааст).[3]

Пас маълум мешавад, ки аз ҳар чаҳор зан номуси як нафараш ҳанӯз қабл аз 18 солагӣ лаккадор шудааст. Ин рақам чаҳоряки ҷомеаро ташкил медиҳад, оё ин хатарнок нест?!

Ва он 30-40 дар саде, ки номусашон аз ҷониби яке аз афроди оила, яъне аз худи ҳамон хонадон лаккадор шуда ва он 50 дар саде, ки номусашон аз беруни хонадон лаккадор шуда ва ҳамаи онҳо аз ҷониби шахсе, ки ӯро мешиносанд ва ба ӯ эътимод доранд ва онҳо ҳам тағо, амак ва дӯстони мӯътамадашон аст.

**Бояд ба ин омор ошно шавем:** (60 дар сади кӯдакони навзоди аввалини духтарони нав ба балоғатрасида натиҷаи гумроҳсозӣ ё даридани пардаи номус аст. Синни миёнаи таҷовузгарон 27 солро ташкил медиҳад.

---

[2] Abel, G. & Harlow, N. (2001). Stop child molestation book. Abel and Harlow.

Kilpatrick,. D., Saunders, B., & Smith, D. (2003). Youth victimization: Prevalence and implications. U.S. Department of Justice, National Institute of Justice report.

Snyder, H N. (2000). Sexual assault of young children as reported to law enforcement: Victim, incident, and offonder characteristics. National Center for Juvenile Justice, U.S. Department of Justice.

[3] Statistics Surrounding Child Sexual Abuse
http://www.darkness2light.org/KnowAbout/statistics-2.asp

75 дар сад аз ҷавондухтарони нав ба синни балоғатрасидаи танфурӯш ҳанӯз дар хурдсолӣ мавриди таҷовуз қарор гирифтаанд).[1]

(50 дар сади занони зиндонӣ ҳанӯз дар хурдсолӣ мавриди таҷовуз қарор гирифта ва 75 дар сад касоне, ки ба таври доимӣ кӯдаконро таҷовуз мекунанд, худ ҳанӯз дар хурдсолӣ гирифтори чунин мусибат шудаанд).[2]

Аммо ҳолатҳои таҷовузгарӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тибқи нишондоди (The FBI's Uniform Crime Reporting)[3] соли 2003 ки дар он гуфта шудааст: 93, 433 ҳолати таҷовуз аз роҳи зурӣ, яъне 63,2 аз ҳар 100000 зан мавриди таҷовуз қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди он ки ин рақам дар як ҷомеаи кушод хеле хатарнок аст, вале лозим аст бидонӣ, ки ин ҳамон омори расмӣ аст. Аммо омори ғайрирасмӣ ба маротиб аз ин бештар аст ва ин ҳам бошад таҷовузи аз роҳи зӯрӣ аст, аммо таҷовузҳои бо ризогии тарафайн шакли оммавӣ ба худ касб кардааст, ки имкони ҳисоби он вуҷуд надорад. Бо ин вуҷуд мехоҳам таъкид намоям, ки ҷомеаи шумо ҷомеаест, ки дар он некӣ ба тамом маҳв шудааст ва ман ба забони омор дар ин маҷлис онро исбот кардам.

---

[1] Kellogg, N.D., Hoffman, T.J, & Taylor, E.R. (1999). Early sexual experience among pregnant and parenting adolescents. Adolescence, 43, 293 - 303.

. Noll, J.G., Trickett, P.K., Putnam, F.W. (2003) . A prospective investigation of the impact of childhood sexual abuse on the development of sexuality. Journal of Consulting and Clinical Psychology, 71, 575-586.

[2] Statistics Surrounding Child Sexual Abuse http:// www. Darkness2light.org /KnowAbout/ statistics-2.asp

[3] 2. http://www.fbi.gov/pressrel/pressrel04/crimestat102504.htm

**Изабелла:** Дарвоқеъ ваҳшатангез аст ва ба ростӣ ман ҷомеаи Фаронсаро агарчи дар он ин гуна аъмоли зишт хеле зиёд аст, ба ин зиштӣ тасаввур намекардам. Аммо дар мавриди худи мо ҳамчун оила, чунончи зикр кардӣ, мо оилаи соҳибҳашаматем, ин гуна амалҳои нописандидаро дар худ роҳ намедиҳед.

**Абӯҳомид:** Агар ту, эй Изабелла, бо ҷомеаи фаронса, ё португалӣ ё аврупоӣ ё ғарбӣ мисли оилаи худат муомала мекардӣ, ҳаргиз розӣ намешудӣ, ки ин гуна амалҳои зишт дар ҷомеа воқеъ шавад.

**Оре, метавонӣ бигӯӣ:** Ин зиштиҳо дар ҷомеа, яъне дар ҷойҳои ҷамъиятӣ нест ва дар фоҳишахонаҳо ҳам нест, балки дар дохили деворҳои хонаҳои оилаҳо аст ва ин бар мегардад ба ҳар оила ва кароматy одоби онҳо ва сатҳи пасти шаъну шарафи онҳо. **Дар ин маврид суоле ба миён меояд:** Магар ҷомеаро ҳамин оилаҳо ташкил намедиҳанд? Оё оила хиште аз хиштҳои бинои ҷомеа нест? Оё интизор бояд шуд, ки ҷавонписар бо хоҳараш аз хона берун барояд, ё фарзанд модарашро берун барад ва дар хиёбон бо ӯ ҳамхоба шавад? Онҳо дар як хонаанд- ку! Вале аз ҷомеае, ки дар он фарзанд бо модараш ҳамхобагӣ мекунад, чиро интизор шудан мумкин? Оё ҳайвонияте бадтар аз ин ҳайвоният вуҷуд дорад?!

Оё баъди чунин бешарафӣ ягон шарафе, ки онро бояд ҳифз кард, боқӣ мемонад?!

Вақте арзише мисли арзиши модарӣ аз байн биравад, оё имкони дар ҷомеа мавҷудияти ягон арзиши дигар боқӣ мемонад?!

Пӯшида нест, эй устод Изабелла, ки ин насл аз насли пеш аз худашбуда ҷудо нест ва аз насле, ки баъди ин меояд, низ ҷудо нест. Онҳо мисли нерӯи барқ ва

сими интиқоли он бо ҳам пайванд доранд. Ай Изабелла, гап сари он аст, ки шумо аз ин марҳила дур нестед. Чанд қадам ба қафо рав, ба тадриҷ ба сӯи пастӣ рафтанатро хоҳӣ дид. Баъди ҳамбистарӣ бо маҳрами хеш боз чӣ зиштие пеш хоҳад омад?

**Ҳозирини гиромӣ!** Зане аз миёни шумо лаҳзаеро, ки фарзандаш бо ӯ ҳамбистарӣ мекунад, тасаввур намояд! Танҳо тасаввур! Баъд аз он бидонад, ки ин амал дур нест, ин қадами охир ё пеш аз охири ниҳояти роҳ аст. Паёмбари гиромии ислом (с), аз он хабар додааст. Мефармояд: ***«Он чи бар бани Исроил омада, бар уммати ман хоҳад омад мисли ба мисл, андозагирии кафш ба кафш*** (мисли себи дукафон), ***ҳатто агар дар миёни онҳо шахсе бошад, ки бо модараш ҳамхоба шуда, дар уммати ман ҳам мисли он мешавад».***[1]

**Доктор Он:** Таҳлилу баррасие, ки сурат гирифт, таҳлили ақлии вашҳатангез аст. Андак - андак ва ба тадриҷ рафтан аз мантиқ дур нест, зеро воқеъият гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳақиқат чунин буда. Дар ҳоле, ки Абӯҳомид сухан мегуфт, ман тасаввур кардам, ки фаҳшо ва бадкорӣ ба сӯи мо бо анвоъи мухталифаш дар вагонҳои қатора омадааст. Вагонҳои ин қатора ба мо як – як расидаанд ва як вагон ё ду вагони дигар боқӣ мондааст, ки он ҳам дар роҳ аст, ногузир хоҳад расид. Оё медонед, ки он ду вагони боқимонда чист?!Он ду вагони боқимонда ҳамбистаршавии фарзандони духтарони мо бо духтарони мо аст, яъне бо модаронашон. Ва Худоро шукр, ки ин вагон то ба

---

1. [1] Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст (2641) ва Ҳоким (444) ва Соҳиби ас-Силсила дар «Саҳеҳ»-и Тирмизӣ онро ҳасан хонда.

ҳол ба мо нарасида ва насли мо аз он саломат мондааст... Вале ба сӯи мо, ба сӯи ҷомеаи мо омада истодааст. Ин вагон баъд аз он, ки қатора ҳаракат кард, ихтиёри тавақҷуф кардан надорад. Ва аз ҳама аҷибтар он хабарест, ки аз Паёмбаратон Муҳаммад (с) зикр кардӣ, дар мавриди ин чиз ҳамон вақт хабар додааст.

Суоли охирини ман боқӣ монда: Оё аз мантиқи ақлӣ нест, ки ғаризаи инсон ба таври мӯътадил бароварда шавад. Ва ин кор амалӣ намешавад, магар вақте ки рашку ғайрати инсон мӯътадил бошад. Ва ин асоси кор аст. Ин аст он чи мо ба он даъват мекунем. Аммо дар сурате, ки шахси ҷавон дар тӯли ҳаёташ аз бӯсае, ки қалбашро роҳат мебахшад ва шаҳваташро то замони издивоҷ хомӯш месозад, маҳрум гардонем, ин хеле душвор ва номумкин аст. Оё аз назари воқеъият имкон дорад, ки инсон бар ниёзҳои шаҳват сабр намояд ва онро бароварда насозад? Оё навҷавони нав ба балоғатрасида метавонад аз хандақи пуроташи навҷавонӣ, ки оташи он аланга мезанад, аз он оташ насибашро нагирифта гузарад?!

## *Рашки муътадил*

**Абӯҳомид:** Роҳи дуруст ин роҳи миёнаест, ки дар он ниёзҳо ва эҳтиёҷоти башар бидуни зиёдаравӣ ва кӯтоҳӣ кардан бо эътидол риоя мешавад. Вале оё розӣ шудани шахс бар ин, ки рафиқаш зани ӯро ба муносибате бибӯсад, эътидолу миёнаравӣ дар рашку ғайрат аст? Дар ин сурат шояд ба ягон муносибати дигар розӣ шавад, ки бо ӯ бихобад? Оре, ногузир ӯ ба ин кор розӣ мешавад. Медонед барои чӣ розӣ мешавад? Зеро ӯ зани рафиқашро дар пеши назараш бӯсида буд, бо ӯ кадом

вақте ҳамхоба ҳам шуда буд. Ва ин шахс имрӯз наметавонад эътироз намояд, чун ҳамсараш медонад, ки шавҳараш бо зани дигарон мехобад! Ҳақиқати он рашки мӯътадиле, ки шумо мегӯед, ҳамин аст! Пас манзур аз рашки мӯътадил дар ғарб ин аст, ки ту аз ман рашкро ба тадриҷ кам мекунӣ ва ман аз ту рашкро оҳиста – оҳиста кам мекунам. Оё дар ҳақиқат чунин нест? Баъд аз он ту аз ман бештар кам мекунӣ ва ман ҳам бо ту чунин мекунам... то ҷое, ки рашкро комилан аз байн мебарем! Натиҷаи назарпурсиеро, ки (CNN)[1] роҳандозӣ кардааст, тасаввур кун.

**Ағлаби амрикоиён зино кардан ва машғул шудан ба зинои зандорону шавҳардоронро аз лиҳози ахлоқӣ аз зинои навҷавонон хатарноктар меҳисобанд...**

Суоли 1. Оё марди зандореро мешиносӣ, ки ба зино машғул аст? Оре! 69%        Не! 30%

Суоли 2. Оё зани шавҳардореро мешиносӣ, ки ба зино машғул аст? Оре! 60%        Не! 38%

Нисбати ҳамсароне, ки хиёнат мекунанд 80%[2]

* Нисбати касоне, ки баъди хиёнат никоҳашонро вайрон накарда онро ҳифз менамоянд 64%, ки аз ишон 78% зивоҷашонро баъди хиёнат номуваффақ мехонанд.

* Нисбати касоне, ки дар Амрико издивоҷи аввалашонро хеле муваффақ тавсиф мекунанд дар соли 1976  54%  ва соли 1996  38% аст.

Табиист, касоне, ки издивоҷашонро баъди хиёнат ҳифз мекунанд ва фисади онҳо 64%-ро ташкил медиҳад, нигоҳ доштани издивоҷашон ба хотири

---

[1] Сарчашма: www.cnn.com/allpolitics/1998/08/02/adultery.poiv

[2] Сарчашма: www.divorcepeers/stats31-him

хиёнати дучониба аст. Ҳам шавҳар ба занаш ва ҳам зан ба шавҳараш хиёнат кардааст. Пас сатҳи хиёнати ба ҳисоб гирифташудаи ҳамсарон бо занони шавҳардору бешавҳар ба 80% мерасад.

Вале аз ҳама аҷибаш ин аст, ки ин ҷо, яъне дар Шарқ рашку ғайрат ғолибан пеш аз издивоҷ вуҷуд надорад ва назди шумо баръакс рашк дар айёми ишқварзист, ошиқ бар маъшуқаш ба шиддат рашк мекунад. Ин равишро мо ҳам дар ҳаёти воқеъӣ мебинем ва ҳам дар филмҳо, вақте онҳо издивоҷ карданд, рашк тамоман аз байн меравад! Аз ин рӯ, аз назари шумо зани қонунии дигар гирифтани мард бузургтарин гуноҳ маҳсуб мешавад! Агарчи издивоҷи зани аввал ҳифз шавад, ҳуқуқи зану шавҳар маҳфуз бимонад, наслу молашон маҳфуз ҳам бошад. Дар айни замон розӣ аст, шавҳараш маъшуқабозӣ кунад, ба шарте ки маъшуқаашро ба занӣ нагирад! Оё миёни зани қонунии дигар гирифтан ва маъшуқа доштан фарқ ҳаст?

Фарқ ин ҷо шаръӣ будани никоҳи зани дувум аст. Никоҳе, ки ба худ сифати шаръӣ касб кардааст ва ба ақл ва рашку ғайрат ҳам мувофиқ аст. Вале ин аз назари шумо мамнӯъ ва маъшуқабозӣ рухсат шуда ва мувофиқи табъ аст!

**Аммо он чи ки ту, ай доктор Он, зикр кардӣ ва гуфтӣ, ки аз хандақи навҷавонии пур аз оташи сӯзони шаҳват гузаштани навҷавон корест маҳол,** бо назардошти фазои зиндагии шумо дуруст мегӯӣ, чунки ҷомеа ҳама пур аз оташи шаҳват аст, хиёбонҳо шаҳватбарангез, воситаҳои ахбори омма барангезандаи шаҳват, мактабҳои миёна, омӯзишгоҳҳо, донишгоҳҳо ҳама шаҳватбарангезанд.

Гузашта аз ин ҳама, низоми ҳоким аз шаҳват ҳимоя мекунад ва аз соҳибони шаҳват посбонӣ менамояд. Ҷавону ҷавондухтар ҷузъи ҳамин манзумаи сӯзон аст. **Бузургии муқаррарот ин ҷо маълум мешавад,** муқаррароте, ки аз ҷавонписару ҷавондухтарро дар гузаштан аз ҳамин хандақ ҳимоя менамояд, то ишон ба он наафтанд, ё оташи шаҳват онҳоро насӯзад...

Бузургии низоми ҳукмрон ва муқаррарот дар он аст, ки вақте яке аз тобеъонаш дар хандақи пур аз оташи шаҳват биафтад, аз болои сари ӯ зер намекунад, то бештару бештар ба қаъри хандақ биравад. Балки ӯро берун мекашад ва ислоҳаш менамояд, то дигарбора гирифтор наояд ва агар боз гирифтор шуд, боз берунаш меораду ислоҳаш мекунад. Муқаррарот ва низоми ҳоким бо тобеъонаш мисли модар бо фарзандаш муомила менамояд, чанд боре, такрор ба такрор кори хато кард, аз ислоҳ кардани хатоҳои ӯ дилтангу хаста намешавад.

Рози бузурги ин асл дар он аст, ки ақлу эҳсосотро водор ба он карда, ки соҳибашонро дар хатарноктарин марҳилаи ҳаёташ посбонӣ мекунанд, то даме, ки аз он марҳала бигузарад. Он асле, ки барои инсон аз худи ӯ посбон омода мекунад, барои ҷазо додани ӯ ниёз ба қонуни беруна надорад. Ва ман наметавонам дарк кунам, ки мантиқи ин ки «бӯса шаҳватро мешиканад» кай мантиқи воқеъӣ шудааст...! Ё ин ки мантиқи «як бор зино кардан шаҳватро ба таври абадӣ хомӯш месозад» магар мантиқи дуруст аст! Худоё, оё метавон гуфт, зиёд кардани ҳезум оташи шӯълаваргаштаро хомӯш мекунад!

Билахира ба ман иҷоза деҳ барои ту асноди ҳақиқати аз назари шумо пинҳонмондаро зикр намоям.

Ай докторхонум, ҳаргиз ҷомеаҳоятонро ҷомеаҳои тамоман маҳвшуда, ки қимати зиёд талаб намояд ва ҳама пардаҳоро дарида бошад ва рашку ғайратро ба тамом аз байн бурда бошад, мапиндор...

Воқеъият чунин нест, он ҷо воқеъият сурати дигар низ дорад.

(C.N) назарсанҷӣ доир намуд, ки дар он назари ҳақиқии ҷомеаи ғарбӣ зоҳир мешавад. Суол чунин буд:

**Оё алоқаи номашрӯъ аз лиҳози ахлоқӣ хато шуморида мешавад?**

| № т р | Навъи афрод | Соли 1977 | Имрӯз |
|---|---|---|---|
| 1 | Издивоҷшудагон | 86% | 76% |
| 2 | Фоҳишагӣ | 79% | 61% |
| 3 | Алоқаи номашрӯъи навҷавонон | 72% | 63% |
| 4 | Суратҳои парнографӣ | 63% | - |

## *Палонҷҳо ва маъшуқаҳо*

**Изабелла:** Каломи мантиқӣ аст, вале эй Уммиҳомид, назди шумо вақте мард зани дуввум ё севвум мегирад, бо вуҷуди ин ки зан эътироф дорад дар болои ӯ зани дигар гирифтан кори шаръӣ аст, зани аввал рашк мекунад. Ва ин рашк сабаби пайдо шудани мушкилот дар оилаи аслӣ ва дар оилаи ҷадид мешавад. Ин аҷиб аст, дар ин маврид чӣ мегӯӣ?! Баръакс маъшуқа гирифтан боиси ба вуҷуд омадани ягон гуна рашк намешавад, ҳеҷ гуна мушкиле ба вуҷуд намеорад, бидуни ягон мушкилӣ шаҳваташро ором мекунад... рафту касе дар ин маврид зиёдаравӣ кард ва аз ҳад даргузашт, бо айби худи ӯст, на айби низом!

**Уммиҳомид:** Вақте мард бар болои занаш зани дигар мегирад, рашк кардани зани аввал рашки табиист, ки дар занон ҳаст. Ин гуна рашку ғайратро ҳар шахс нисбати соҳиби молу дигар чиз шудан дорад. Аммо фарқ миёни мо ва шумо ин аст, ки мо агарчи аз рӯи рашк аз он хушамон наояд ҳам, ҳаргиз наметавонем онро дар мақоми маъшуқа гирифтан қарор диҳем. Зеро дар миёни мо ба маъшуқа гирифтан мардум машғул нест, магар ягон – ягон дида мешавад. Ва тамоми афроди ҷомеа ин амалро қабул надоранд ва аз ашхосе, ки ба чунин амали зишт даст мезананд, безоранд. Ва агар касе ҳам ба ин кор даст занад, онро пинҳонӣ анҷом медиҳад ё дар вақти сафари роҳи дур ва монанди он. Аммо маъшуқагирӣ дар миёни шумоён мисли издивоҷ намудан кори воқеъӣ гаштааст. Ҷомеа инро медонад ва онро айб ҳам намешуморад, балки зан аз он огоҳ аст ва онро зишт намешуморад. Чӣ гуна зишт шуморад, дар ҳолеки ӯ худ медонад, ки хоҳараш ошиқ дорад ва ҳоло духтараш ҳам ошиқ пайдо кардааст, болотар аз ин худаш пеш аз ба шавҳар баромадан ошиқ дошт ва бисёр вақтҳо чунин низ шуда, ки бо он ошиқаш хонадор нашудааст ва гоҳо чунин ҳам шуда, ки ошиқонаш на як нафар, балки бештар буданд! Бубинед дар миёни шумо вақте бакорати духтари дӯшиза то синни 25 солагияш эмин монад ва онро ҳифз намояд, чӣ қадар айб карда мешавад? Ва он марде, ки маъшуқа мегирад, шояд ба ҷуз ин маъшуқааш боз маъшуқа дошта ва боз дорад... оё ақл чунин рашкро иҷоза медиҳад? Ё худ оё аслан рашк боқӣ мондааст?

Оё ақли ман ба ман ҳамчун зан ба ин ки барои худам ва ҷомеаам низоми покиро ихтиёр кунам,

роҳнамоӣ намекунад? Пас бо ин мақсад барои шавҳарам занеро интихоб намоям, ки ӯ мисли ман соҳиби ҳуқуқ бошад ва мисли ман вазифаҳо дошта бошад? Ман намедонам, зан чӣ гуна ба маъшуқаҳои бешумор гирифтани шавҳараш розӣ мешавад. Ё худ мард, чӣ гуна ба ишқварзии зану духтараш бо ошиқони бешумор ё бигузор ба як ошиқ розӣ мешавад? Оё ман ба зиндагӣ кардан бо шавҳаре, ки шояд бо зани гирифтори бемории эйдзшуда ҳамбистарӣ кунад ва баъди он ноогаҳ вируси ин бемориро ба ман гузаронад, розӣ шавам ё худи ман зани поку покдоманро барояш интихоб намоям, ё худи ӯ ихтиёр кунад? Кадом навъи ин ду рашк ба салоҳи ман аст? Чаро рашкамро нисбати ин зани поку шаръӣ ва ошкор ислоҳ накунам, то ӯро ҳамроҳи худ дар хона бипазирам ва шарики зиндагии худ намоям, ҳамчуноне ки шахс дар ширкаташ шарики навро қабул мекунад ва ҳамон гуна ки бародар бародар ё хоҳари худашро дар мерос шарик месозад ва монанди ин... Оё аз рӯи ақл аст, ки ман ба занони зиёд ва бешумор, ки шавҳарам бо онҳо ҳар коре хоҳад, анҷом диҳад, рашк накунаму баъд аз он аз издивоҷи ошкоре, ки ҳамаи ҳуқуқҳо дар он ҳифз мешаванд, ба шиддат бадам ояд ва рашк созам?!

## *Иқдоми ҳамсарон*

**Абӯҳомид:** Алӣ ном дӯсте дорам, ки мегӯяд: Завҷаи ман ва завҷаи бародарам Муҳаммад дарёфтанд, ки мо зани дуввум гирифтанием. Онҳо пешдастӣ карда худашон ба назди духтарони амакамон рафта, аз номи мо хостгорӣ кардаанд, сипас аз кори анҷомдодаашон ба мо хабар доданд ва гуфтанд: Шумо дар ин маврид чӣ мегӯед...? Мо ба фикри онҳо розӣ шудем ва

дарвоқеъ ҳам, мо ба он ду духтари амакамон издивоҷ кардан мехостем. Ҳамсарони мо ҳама чизро омода карданд, барои тӯй мувофақати соҳибони толори тӯйгоҳро гирифтанд ва ҷашни арусии ошкоре барпо намуданд. Оё метавон расогии ақли ин ду занро тасаввур кард? Ва чун аз ишон аз сирри ин корашон пурсон шуданд, ишон чунин посух доданд: Мо шавҳаронамонро дӯст медорем, вале дарёфтем, ки мехоҳем ё не, онҳо бар болои мо зан мегиранд. Маълум аст, ки агар зани дигар нагиранд, дар дохили кишвар ва ё берун аз он даст ба фасод мезананд ва бо занҳои фоҳиша ва кӯчагард алоқа хоҳанд кард. Пас кадоми ин ду кор барои мо беҳтар аст? Оё онҳоро бо духтароне, ки дар сатҳи худи моанду мешиносемашон хонадор кунем, ё худашон хонадор шаванд? Ва дар сурати худашон хонадор шудан, шояд дар вазъияте гирифтор оянд, ки бо онҳо бисозанду ба мо зулму ситамро раво доранд ва он занҳои дигар бо нияти бад шавҳарони дӯстдоштаамонро аз мо бирабоянд?! Оё онҳоро ба ду зани поку афиф хонадор кунем беҳтар аст, ё ба ҳолашон гузорему онҳо бо занони гирифтори бемории идз, ки аксари занони кӯчагӣ чунинанд, ҳамзистӣ кунанд?!

Вогузоштани шавҳар дар ин гуна ҳолатҳо, ин яъне нисбат ба худ ва баъди худ ба фарзандонам бепарвоӣ ва бетафовутӣ кардан аст. Ва шояд ба ҳоли худашон вогузоштан мояи бадбахтии мо гардад! Хеле аз муассисаҳоест, ки мулки шахсии як нафаранд ва гоҳо чунин мешавад, ки соҳиби он дар вазъияте қарор мегирад, ки агар каси дигарро бо худ дар муассисааш шарик нагардонад, муфлис мешавад. Ӯ чорае дигар надорад ба ҷуз ин, ки коре кунад ширкаташ боқӣ

бимонад. Дар натиҷаи шарики дигар гирифтан ширкаташ боқӣ мемонад, бузургтар мешавад, нерӯи тоза мегирад ва аз ҳоли аввалааш ҳам беҳтар мешавад. Вале муҳим он аст, ки ӯ шарикеро интихоб намояд, ки муассисаашро наҷот дода тавонад. Гузашта аз ин, духтарони аммакҳояшон беҳтарин касоне мебошанд, ки фарзандони моро нигоҳубин мекунанд, чи дар замони зиндагӣ ва чӣ баъди аз олам даргузаштани мо. Ҳамзамон ин духтарон сазовортаранд, ки аз пирдухтарӣ ё зоеъ гаштан раҳонда шаванд. Онҳо пайваста ба дидорбинии мо меомаданд, чаро коре накунем, ки бо мо иқомат кунанд?

Вақте шавҳарам дар ҳуҷрае дар ҳамсоягии ман шаб аз рӯи шаръ бошарафона мехобад, чӣ зарар мерасад? Бинобар ин, ман шарт гузоштам, ки зани ҷадидашро дар ҳамин манзил ҷой диҳад...

**Изабелла:** Қасам ба Худо, он чи баён намудед, агарчи қонеъкунанда аст, лекин ба назар аҷоиб менамояд! **Аммо иҷоза бидеҳ, то ба суоламон баргардем: Рашк аз бӯса! Ҳатто аз як бӯса?**

## *Дастфишорӣ ҳам*

**Уммиҳомид:** Бале, на танҳо бӯсидан, балки бояд шавҳари зан аз даст дода каф ба каф салом кардани зан бо марди бегона ва ҳамчунин зан аз чунин салом кардани шавҳараш бо зани бегона рашку номус кунад. Ва ин мавзӯъ бештар ба ман тааллуқ дорад, баъд аз он ба шавҳарам... Зеро ба пиндори ман, ин ҷониб назди шавҳарам амонатам ва ӯ, ҳамон гуна ки рӯзи хостгориву тӯйи хонадоршавиамон аз ман муҳофазат мекард, бояд имрӯз бештар аз он маро муҳофазат намояд. Ишқу муҳаббати ҳақиқӣ баъди издивоҷ оғоз

ёфт, зеро беҳтарини вафо намудан барои ман баъди издивоҷ сурат гирифт. Чун вақте мо издивоҷ кардем, маълум шуд, ки мо ба паймони худ вафодорем. Пеш аз хонадор шудан ва зери як бом зиндагии муштарак намудан вафодорӣ кунаду баъди хонадор ва зану шавҳаршудан ба ман хиёнат варзад, ин ба ақли солим рост намеояд!

Хоҳарам **Изабелла: Шахсе, ки дар наздаш як евро ба амонат гузоштӣ, онро дӯздид ва назди шахси дигар ҳазор евроа гузоштӣ, дӯздид ва назди шахси севум як миллион евро гузоштӣ, ӯ ҳам дӯздид, ин се тан аз якдигар чӣ фарқ доранд?**

**Изабелла:** Ҳеҷ фарқе надоранд, ҳамаи онҳо як сифати муштарак доранд, ки он сифати муштарак хиёнат аст. Аммо шахси аввал хоини кӯчак ва дувумин хоини миёна ва шахси севум хоини бузург аст. Он касе, ки дуздӣ кард ва ба як евро бас кард, вай аз рӯи қаноаташ бас накардааст. Ӯ барои он бас кард, ки ғайри он як евро дигар чизе наёфт. Зеро ҳар кӣ худашро барои як евро бадном созад ва аз он парво накунад, бидуни шак барои ҳазор евро бештар ба ин кор даст мезанад, зеро гумон мекунад, ки арзиши бадномии бештарро дорад. Вале касе, ки ҳазор евроро медуздад, шояд худро ба хотири як евро бадном насозад.

Ба қиёси ин мавзӯъ маълум аст, ки шахсе зани бегонаеро, ки аз ҷумлаи маҳоримаш нест, бибӯсад, хиёнати ӯ ба занаш мисли хиёнат дар як евро аст. Ва касе, ки аз ҳадди як бӯса қадам берунтар ниҳод ва зани бегонаро ба оғӯш гирифта бибӯсад, хиёнаташ мисли хиёнати шахси дувум аст. Аз рӯи муқоиса афроде, ки бо зани бегона даст дода, каф ба каф салом кардан

шаҳваташонро бармеангезад, кам нестанд. Оморе, ки CNN роҳандозӣ кардааст, фикри моро тасдиқ мекунад. Инҷо набояд миёни касоне, ки бо даст салом кардан шавқи онҳоро ба ҷӯш меорад ва касоне, ки чунин нестанд, биёмезем! Миёни он ки шаҳват шавқи моро бедор мекунад ё не, наомезем!

Зеро барангезандаҳо нисбиянд, чи мард ва чи зан, фарқ надоранд, ҳардуро даст дода салом кардан беқарор месозад, гурӯҳи дигареро, ки даст дода салом кардан беқарор намесозад, бӯсидан ангезаашро бедор мекунад, навъи дигари мардумро канор гирифтан беқарор менамояд, навъи дигарро бараҳнагии марду зан, навъи дигари инсонҳоро чизе бар намеангезад, аслан бетафовутанд...! Набояд аз ёд бурд, ки навъе аз мардум касоне мебошанд, шаҳвати онҳоро бо даст салом кардан бармеангезад. Магар бастани даре, ки пеш аз ин одамони зиёде аз он дар ворид шуда, дар хатар афтодаанд, аз рӯи мантиқ нест? Гузашта аз ин, зан агар бо марди бегонае, ки бо ӯ никоҳравост, бо даст, каф ба каф салом накунад, чӣ зарар мебинад? Ва чаро ин тарзи вохӯрӣ дар зумраи хиёнат ба шавҳар ва хиёнат ба завҷа маҳсуб мешавад?

## *Масъалаи кӯчак*

Ва бо ин вуҷуд, ман мехоҳам ба шумо бигӯям, ки ин масъала дар дини мо аз мушкилоти асосӣ нест, балки як масъалаи кӯчак аст. Агар шумо ин масъаларо барои баҳс матраҳ намекардед, мо ҳаргиз ба он рӯ намеовардем... На ба дигар хотир, танҳо ба хотири баҳс кардан дар мавзӯҳое, ки авлавият доранд ва дар ҷои аввал меистанд.

## Бӯса кардан ҳам

**Доктор Он:** Ман боз ба ҳамин мавзӯъ бармегардам. Эй Уммиҳомид, ҳатто бӯса ҳам мавриди рашк аст?!!!

**Уммиҳомид:** Дӯстони ман, ҳоло ба шумо хоҳам гуфт, ки чаро?! Бидуни шак, шаҳват ба тадриҷ ба василаи абзор ҳосил мешавад. Ламс абзори аввал аст, сипас аз он поинтар бӯсидан, баъд аз он ва поинтар аз он оғӯш гирифтан, бараҳнагӣ аз он поинтар аст ва дар ниҳояти кор зино. Ман зани ин мардам, чӣ чиз маро мутмаин мегардонад, ки шавҳари ман бо зани бегона гарм-гарм бӯсобӯсӣ кунаду қалбаш ба ӯ кашол нашавад. Оё ин воқеъият нест? Оё ин амалҳо роҳҳои табиие нестанд, ки ба чунин натиҷа мерасанд? Ана ҳамин гуна шавҳарам низ дар мавриди ман мутмаин нест, ки ман шахсеро ширинтару ҷавонтар ва нерӯмандтар аз ӯ пайдо кунам, ки қалби маро ба худ ҷазб кунад ва дарвозаро бо калиди бӯса бикшояд... Оё ин воқеъият нест? Зарбулмасалест, ки мегӯянд «Кӯзаи наву оби хунук». Ба ҷуз ман ҳар зане аз назари шавҳарам нав аст ва ӯ барои он зан низ нав аст. Оё бӯсобӯсӣ миёни зану марде, ки дар назари якдигар наванд, ҷуръатзо ва таҳаввуловар аст ё не? Ҷавоб маълум аст. Бале! Бидуни шак, бӯса кардан оғози ҷуръат кардан аст. Агарчи эҳсосотеро, ки ҳамроҳ бо бӯсидан аст, пӯшонам ҳам, бӯса боқӣ мемонад. Чунончи шавҳари ман ба ман эътимод дорад, ман ҳам ба худам бовар дорам, пас чӣ гуна бо бӯсобӯсӣ бо марди бегона ба ӯ хиёнат варзам? Ва дар бадали он касеро дорам, ки бар ман рашку ғайрат мекунад ва маро ҳифз менамояд, ки ин барои ман хушбахтиву саъодат аст. Агар чунин набошам, оё касе, ки дар мавриди хонуми худаш бетафовут аст, бо ин кас

баробар шуда метавонад? Бубинед, ҳатто чорво ё саг миёни нигаҳбоне, ки ӯро нигаҳбонӣ мекунад ва аз ӯ ҳимоя менамояд ва касе, ки аз ҳолаш огоҳ нест ва нисбати ӯ бетафовут аст, фарқ мекунад!!

## *Бӯсаи гули хушбӯй*

Фаҳми ман чунин аст, ки ман гули хушбӯе рӯида дар боғи шахсе мебошам ва маркази ин гули шукуфон гунаҳои (рӯхсораҳои) мананд.... Оре бӯи дар фазо паҳншудаи он аз дур ба димоғи ӯ мерасад, аммо чун қариб шавад, соҳиби боғ вазифадор аст, ӯро боздорад, ҳатто аз даст расондан ба он гул, нагузорад, ки ба гул даст расонад. Агар гулашро нигаҳбонӣ накунад, гул бе нигаҳбон мемонад ва аз эҳтимол дур нест, ки бӯяш ба кадом марди раҳгузаре писанд ояд, онро меканад. Вақте онро чид, соҳиби боғ огоҳӣ ёбад ва аз дасти роҳгузар гулро бозпас гирад ҳам, он гул дигар солим намешавад, агар онро ба ҷои худаш бурда монад, ба дарахташ пайванд кунад ҳам, дарахти гул дигар гулро қабул нахоҳад кард. Ҳассосияти ман ба шарафу номус ва рашк аз ҳассосияти ин гул бештар аст!

**Абӯҳомид:** Мо ҳама медонем, ки зан ҳар қадар зеботар бошад, мардонро ҳамон қадар бештар ҷалб менамояд, мисли ҳамин гул. Аз ин ҷост, ки рағбати мардон ба занони зебо бештар аст. Аз ин рӯ, занони зебо ба зино бештар воқеъ мешаванд. Хулоса, доштани ҳусни зебо барои худи занони соҳибҷамол хатарнок аст. Медонед барои чӣ? Зеро заноне, ки бештар ба зино даст мезананд, бидуни шак, гирифтори бемориանд! Бемориҳои гузаранда аз роҳи алоқаи ҷинсӣ. Онҳо дар сурате, ки мисли шумо нексирату бошараф ва боиффат набошанд, мошинҳои зебои ошғолбарро мемонанд...

Оё аз воқеъият ба чунин хулоса намеоем?! Метавонӣ ба омори рӯидастбудаи ҷинсӣ ва бемориҳое, ки аз роҳи алоқаи ҷинсӣ пайдо мешаванд, бингарӣ ва иллатҳо ва сабабҳои онро муайян намоӣ. Вале зарур аст дарсади саҳми бӯсобӯсиро ба унвони муқаддимаи афтодан ба зино ва ҳамчун сабаби гирифторшавӣ ба ин гуна бемориҳо низ мушаххас кунӣ. Кӣ метавонад гӯяд, ки бӯсобӯсӣ марҳилае аз марҳилаҳои ин ҷаримаҳо ва бемориҳо нест? Ва кӣ гуфта метавонад, ки мо агар дарҳои даст ба даст салом кардан ва бӯсиданро бибандем, дарвозаи бузургеро аз зино набастаем? Ин аз як тараф, аз тарафи дигар ман аз худи шумо мепурсам, ки ҳангоми бӯсобӯсӣ оё эҳсоси шаҳват мекунед ё ҳеҷ эҳсосе наменамоед?

Агар шумо гӯед, не, дар он шаҳват вуҷуд надорад, танҳо бӯсаи холист, як лаб ба лаби дигар кас расидан ё расидани лаб ба рухсоре аст, дар сурате, ки ин гуфтаи шумо рост ҳам бошад, далели аз байн рафтани ҳадафи асосии занони бегонаро бӯсидани мардон аст. Вақте, ки аз занҳо ҳадаф ва рӯҳи бӯса аз байн рафта бошад, пас чаро завҷаи ман шаҳваташро бо ман аз даст надодааст? Шаҳват бидуни шак, аз бӯса ба унвони падидаи дуруст бардошта нашудааст, аммо чун падидаи беморӣ бардошта шудааст. Шумо иддиъое доред, ки миёни меваҳои табиӣ ва меваҳои сунъӣ фарқ нест, чунки ҳардуи онҳоро мева гуфта мешавад! **Бидуни шакку тардид, бӯса номаест, ки бо худ мафҳумҳои гуногуне дорад, ки он маъноҳоеро, ки бӯсаи ту он занро ва акси он дорад, дида наметавонӣ! Бале он номае аст,** ту ин номаро чӣ гуна шарҳу эзоҳ медиҳӣ, вақте лабони мард ба лабони зане, ки миёни ишон ақди никоҳ нест, онҳо маҳрам ҳам нестанд, мерасад?

**Изабелла:** Ин бӯса бо худ мафҳуми дӯстӣ, садоқат, покии қалб ва шояд гоҳо шаҳватро низ дорад. Манъ кардани бӯсаи миёни марду зан аз кадом ҷонибе сурат гирад, аз ҷумлаи намуна номақбул аст! Онҳо якдигарро мебӯсанд, дар ҳоле ки ба бӯсидани якдигар розиянд, баъд аз он бӯса таъбири салом аст, чунки салом дорои зинаҳост. Зинаи аввали салом ба забон салом додан аст, зинаи дувум, даст додаву каф ба каф салом кардан ва зинаи саввум бӯсобӯсист. Оё мо метавонем ҳамаи ин зинаҳоро паймоем, ин нуқтаи охири салом аст, дар ин нуқта хоҳад истод! Вақте мо саломи бо бӯсиданро аз байн барем, мисли он аст, ки зинаи олии онро аз байн бурдаем. Ман он чи шумо мегӯед, намефаҳмам, гумон мекунам ҳамаи занони инҷобуда намефаҳманд... балки мардҳо ҳам намефаҳманд.

**Абӯҳомид:** Чи микдор мафҳуме мехоҳӣ бе шумор биёр, вале аз маънои асосие, ки номаи бӯсаи лабони марди бегона лабони зани бегонаро мебӯсад ва баръакс, унвони нахустин барои ҳамаи мафҳумҳо, он мафҳуми шаҳват аст. Далел бар ин гуфтаи ман ин аст, ки бӯса чанд навъ аст ва шарҳи тамоми анвоъи бӯсаҳо ба сӯи ақл бозмегардад ва ақл онро ба сӯи мавқеъи шахси дар баробари ту истода, бӯсакунанда бозмегардонад. Магар ақли одамӣ бӯса задан ба рӯи кӯдаки хурдсолро нишони меҳрубонӣ намедонад ва бӯсаи фарзандро меҳру муҳаббат намеҳисобад ва бӯсидани мард мардро ва зан занро садоқату дӯстӣ намешуморад? Ин ҷо танҳо бӯсидани марди бегона зани бегонаро бетафсир боқӣ мемонад, ақл аз он ҳеҷ мафҳуме бардошта наметавонад, ба ҷуз шаҳват. Оё имкон дорад, ки сабабе аз асбобҳои барангезандаи

шаҳват будани бӯсаро инкор кунем?

Ай Изабелла! Ба ман посух деҳ: Дар паймудани роҳи ҷиддии шаҳват ҳаракати аввалини мард бо зан чист? Ӯ бо зан чӣ кор мекунаду зан бо мард чӣ мекунад? Оё номаи ҷиддӣ ва номаи охирини пеш аз ҳамбистар шудани мард бо завҷааш ва даст ба зино задани мард бо ғайри завҷааш бӯса нест?Ҳатто ҳайвонот пеш аз ҷимоъ кардан лабонашон ва рӯйҳояшон ва монанди онро кор мефармоянд. Оё баъди ин ҳама далелҳо касе метавонад сабабе аз сабабҳои зино ва муқаддимае аз муқаддимаҳои зино будани бӯсаро инкор кунад?

Ай Изабелла! Оё ба далели он ки бархе аз одамонро ним коса шароб маст намекунад, гӯем, ки шароб масткунанда нест, дуруст мегӯем? Оё чунин бардошт кардан мавриди қабул аст? Бӯса ҳам ана ҳамин гуна аст.

## ***Шири дег***

Ай Изабелла! Оё мавҷудияти ширро дар деги сарпӯшидаи пур аз шир ба далели он ки бӯи ширро эҳсос намекунӣ ва бухорашро намебинӣ, на ба иллати дигар, танҳо ба иллати хунук будани он, ҳақ дорӣ инкор намоӣ? Ҳамин ки дар зери он чанд дақиқае оташ афрузӣ, мебинӣ, ки ба ҷӯш меояд ва бухораш баланд шуда, аз гӯшаҳои дег мерезад. Миёни шаҳват ва шир шабоҳати азим аст. Фарз кун, ки ҷавони зебоеро дар ҷои хилват якум бор бибӯсӣ, оё шаҳват ба ҷӯш намеояд, чунончи шир фаввора мезанад ва шояд аз ҳад даргузарад, ҳатто аз зарфаш сарозер мешавад!

Баъди хуб нигаристан кор аз куҷо сар мешавад? Оташзанае, ки оташи тануррро дар медиҳад, чист? Оё

бӯса нест?! Пас, вақте ки бӯсидан бадин сон шоеъ шавад, бештар аз ҳама занон зарар мебинанд, зеро завҷа охирин касест, ки шавҳарашро бармеангезад ва бӯсаи ӯ гумон аст дигар шавҳарашро барангехта тавонад! Ҳатто шавҳараш дигар бо ӯ ҳамбистарӣ карда наметавонад, магар зери таъсири шароб, ки маст шуда ақлашро аз даст медиҳад ва ҳамсари худашро аз занони бегона фарқ карда наметавонад, ё зери таъсири доруҳои қуввати ҷинсибахш бо занаш наздик шуда метавонад.

Ман намедонам дар ин қазия чаро касе, ки аз он аввалин зарарбинанда аст, муҷодалаву мубоҳаса мекунад?! Зарур аст ақлҳоямонро довар созем. Ҳамоно зарари саҳлангорӣ ва нармӣ зоҳир намудан дар мавриди ин дарвозаҳои ба рӯи зино бозшуда ба занони шавҳардор мерасад ва ба рӯҳу ҷони онҳо асар мекунад.

Эй Изабела, шумо афроди соҳибақлу боинсофед, як бор ба муқоисаҳои, ки (CNN)[1] кардааст назар андозед, сипас худатон хулоса бароред...Ман инҷо тибқи нашри (B.B.C) онро айнан меорам.

**Бемориҳои ҷинсии паҳншуда дар миёни ҷавондухтарони амрикоӣ:**

Тадқиқоти америкоӣ ба чунин натиҷа расид, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз чаҳор ҷавондухтар як нафар ба яке аз бемориҳои ҷинсие, ки аз роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузарад, мубтало гаштааст. Тадқиқоте, ки ниҳодҳои назорат ва ҳифз аз ин гуна бемориҳо ошкор

---

[1] 1.сарчашма:www.cnn.com/allpolitics/.1998/08/20adultery.polv

намудаанд, дараҷаи мубталошавӣ ба ин гуна бемориҳои сирояткунанда ба хусус дар миёни ҷавондухтарон ниҳоят баланд аст. Пажуҳандагон бо муоянае, ки болои 838 ҷавондухтари амрикоӣ аз синни 14 то 19- сола анҷом додаанд, ба чунин натиҷа расиданд. Тақиқот нишон дод, ки вируси боиси саратони бачадон (HPV) миёни духтарон бештар паҳн шудааст, чун ин вирусро дар ҳаждаҳдарсади духтарони мавриди баррасӣ қароргирифта маълум карда шуд.

Ва он ҳайате, ки баррасӣ ва тадқиқот зери назари он анҷом ёфт, баён намуд, ки аввалин зане, ки дар тадқиқот барои баррасии бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ интихоб карда шуд, аз навҷавондухтарон буд! Худ қазоват кунед, ҷомеа чӣ гуна наслеро аз модарон интизор ва аз падарон чӣ гуна наслеро чашмдор аст! Пӯсткандаи гапро гӯем, вақте, ки фарзандони оянда чунин модар ва чунин падар дошта бошанд, худашон чӣ гуна хоҳанд шуд?!

## *Як зану чанд шавҳар*

**Изабелла**: Ай Уммиҳомид, ба ман рости гапро гӯй ва ман аз замоне, ки дар Дубай бо ту ошно шудам, туро ростгӯй ва ошкорбаёнат медонам, оё ту розӣ ҳастӣ, ки Абӯҳомид ба болои ту зани дигар гирад?

**Уммиҳомид:** Иншоаллоҳ чун зани оқила ҷавобат хоҳам гуфт,ҷавобе, ки ба ҳукми дине, ки ман имони комил дорам, ки дини ҳақ аст, ҳеҷ алоқае надорад.

**Ман он рашку ғайратеро, ки дар мавриди шавҳарам дорам, аз шумо пинҳон намекунам, зеро дӯст медорам, ӯ танҳо барои ман бошад.** Ва бо вуҷуди он ки ба ҳукми динӣ таслимам ва сари итоат дорам, намехоҳам болои ман зан гирад. Вале дар баробари ин рашки шадидтар

бар он дорам, ки шавҳарамро маъшуқаҳо аз ман бирабоянд!

Ҳақиқати воқеиро, ки ҷомеаи шумо ва ҷомеаи мо ва тамоми ҷомеаҳои дунё мушоҳида мекунанд, ин аст, ки мард ғолибан агар бо зани дигар бо тариқи шаръӣ издивоҷ накунад, ба ишқи зани дигаре ғайри ҳамсараш гирифтор меояд ва бисёр воқеъ шуда, ки раҳоӣ намеёбад ва бо ӯ ҳамхоба мешавад. Воқеъияти дигар ин, ки ин гуна ҳодиса як бор воқеъ намешавад, балки борҳо ва такрор ба такрор воқеъ мешаванд.

Ҳақиқати севум, зан одатан наметавонад шавҳарашро ҳама вақт манъ кунад. Ҳақиқати чаҳорум ин аст, ки зан дар мавриди алоқаи ҷинсӣ метавонад ба як мард қаноат кунад, аммо мард не...

Оё безурётӣ ва нозоӣ дар муқоиса бо мардон дар занон бештар нест? Оё ман бо қарор гирифтан дар мақоми баланди худхоҳӣ ва манманӣ шавҳарамро гирифтори беморӣ кунам, ё ӯро дар оғӯши шахсе афканам, ки сазовори онро надорад ва якравӣ кунам ва ӯро суратан танҳо худам соҳибӣ намояму дар амал ҳалокаш созам? Дониста бош, ки маъшуқаи нав барои шавҳар мисли ошиқи нав барои завҷа аст. Он зане, ки маъшуқаҳои навбанавро барои шавҳавраш мепазирад ва раво медорад, ногузир худ низ ошиқони навбанавро мепазирад ва раво медорад...!

Бегумон, маъшуқаи нав шиканандаи пайвандҳои оилаи кӯҳан ва орому осуда аст, зеро ӯ сарпарасти оила ва подшоҳи оилаи кӯҳанро медуздад. Ва сабаби дигари поракунии оилаи кӯҳан он аст, ки бар пояи робитаи ин ошиқу маъшуқа ҳеҷ ҳуқуқе бино намешавад, ҳеҷ гуна вазифа вуҷуд надорад, на фарзанд асту на мерос ва на чизи дигар!

Дар асное, ки бо муқоиса ба зани дувум асли кор ин аст, ки зани дувум оила бино карданро кори бошараф медонад, дар зеҳни шавҳар нерӯ бахшидани оила, зиёд кардани теъдоди фарзандон, азму иродааш қавӣ мегардад. Гузашта аз ин, ҳама алоқаи онҳо алоқаи шаръӣ буда, фарзандони соҳибнасаби шаръӣ ба дунё меояд .Дар ин оилаи ҷадид низ ҳуқуқи молӣ, мерос ва ғайра арзи вуҷуд мекунад. Ин аст, ки маъшуқаҳо вақте ошиқашон ба маъшуқаи нави дигар ёр шавад, рашки зиёд мекунанд, бисёрҳо шуда, ки баъзан аз ошиқашон интиқом мегирад?!. Ин гуна ҳодисаҳоро ҳар рӯз дар рӯзномаҳо мехонем ва саҳнаҳои онҳо дар толорҳои суд ба чашм мехӯранд.

Чаро шумо, дар ҳолате ки шавҳаратон аз ҳаром боздошта шавад, рашкро мебинед ва дар ҳолате ки дар миёни маъшуқаҳо мегардад, аз рашк чашм мепӯшед? Ба замми ин ҳама, маъшуқаҳо ба сари сарвари оила ва аҳли хонадони ӯ бемориҳо, оилавайронкуниҳо, зоеъсозиҳо ва дигар балоҳоро меоранд. Инчунин дар муомалаи мардон бо онҳо бебандубориҳои зиёде бо тамоми маъно вуҷуд дорад, аммо дар хонадор шудан бо зани дувум ва севум ва чаҳорум бо тамоми маъно низому тартиб мавҷуд аст. Ба ин теъдоди бузурги духтарони парешону овора дар кӯчаҳо, дискотекаҳо ва ҷойҳои ҷамъшавӣ, хуллас дар ҳама ҷо бингар... Чӣ мешавад, агар онҳо дар чорчӯбаи низоми муайян зиндагӣ кунанду аз кӯчаҳо ба хонаи шавҳар раванд, баробар аст зани аввал аст ё дувум, ё севум, ё чаҳорум? Чӣ мешавад, ки ин занҳои овораву парешон, ҳайрону саргардон, дар зиндагӣ беҳадаф ба ҳамсарони тарбияткунанда ва масъулиятшиносу аз шавҳар масъулиятхоҳ табдил ёбанд?

Ман ҳамчун зан медонам, ки барои ман чӣ ҳосил мешавад ва барои ҳар зане, ки бинад шавҳараш дар миёни маъшуқаҳои нав ба нави зиёд парешон мегардад, чи ҳосил мешавад. Аммо вақте шавҳар зани дувум гирад, барои зани аввал масалан чӣ мешавад? Ӯ, албатта, шабҳои аввал вақте шавҳараш дар хона неву дар ҷои дигар бихобад, ё дар утоқи хоби ӯ неву дар утоқи хоби зани дигараш бихобад, хеле мутаассир хоҳад шуд. Вале зуд зиндагии худаш ва зиндагии фарзандонашро ба ин низоми ҷадид танзим мекунад ва билохира розӣ хоҳад шуд.Бо ҳамин мо дарк мекунем, ки рашки дуруст ба ақли солим мувофиқ аст ва рашк надоштан маънои ақл надоштанро дорад ва зиёдаравии дар рашк далолат бар нуқсони дар ақл менамояд.

Ин аз як сӯ, аз сӯи дигар агар ман ба палонҷи дувум, севум ва чаҳорум доштан розӣ набошам, чӣ кор бояд кунам? Агар аз рашкам андаке кам карда онро то ҳадди эътидол биёрам ва корро аз танури эҳсосот берун барорам ва ба корхонаи сарду нарми ақл биёрам, он гоҳ хоҳам дид, ки кор бо ақли солим комилан мувофиқ шудааст, зеро бузургтарин сабаби иштибоҳ дар баҳои дуруст додан ин бинои шинохти ҳақ аст бар аксуламали аввал. Бидуни шакку тардид, танҳо аз мавқеъи хеш ба ҳар чизе нигаристан ва ба умуми ҷомеа ва башарият эътибор надодан кӯтоҳандешӣ ва ғафлат аст. Дар ин гуна баҳодиҳӣ ногузир дар натиҷагирӣ ва ба баҳодиҳӣ кӯтоҳӣ хоҳад шуд.

Масъалаи бисёрзанӣ мавзӯъи маҳзи шахсӣ нест. Агар мо бихоҳем дар ин масъала доварии дуруст кунем, бояд аввал худбинӣ ва худписандии эҳсосотӣ, ё

эҳсосоти худбинӣ ва худписандии занонаро як сӯ монем... Агар ҳар як зан бо ин ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад, бо дарки ин ки ин ҷомеа оилаи бузурги ӯст ва худро узви ин ҷомеа, ё ин оилаи бузург донад, он гоҳ ба чунин натиҷа мерасид, ки ин кор барои ӯ ва ҳамнавъонаш воҷиб аст. Бале то ба ин андоза!

Ғарбро лозим аст бидонад ва бипазирад, ки масъала мушкилаи танҳо як оилаи кӯчак нест.

Ба ҷомеа бо диди танг, дар ҳудуди оилаи худ нигаристан хатост. Чун вақте оилаи ман муваффақ бошад, тамоми ҷомеаро муваффақ донад ва вақте оилаи ман муваффақ набошад, тамоми ҷомеаро номуваффақ биҳисобам. Чун касе, ки оламро дар берун мисли айнаки рангааш рангоранг мебинад!

Ин масъала хеле масъалаи хатарнок аст, бояд донист, як насл дар сурате, ки розӣ бошад мусибаташро бартараф накарда барои насли баъд аз худашмеомада ба мерос монад, дар ҳоле ки тавони бартараф намудани онро дорад, худхоҳии бузургест. Ҳамчунин оила розӣ шавад, ки мусибатҳои худхоҳияш ба фарзандонаш ба мерос монад, бидуни он ки аз он огоҳ созад.

Албатта, мавзӯъ ба хушбинии танҳо ҳал нахоҳад шуд, чунончи ба эҳсосоти танҳо ҳал намешавад. Рақамҳо ваҳшатангезанд вайроншавии бузурге таҳдид мекунад. Аниқ воқеъ шуданӣ аст, агар насли имрӯза дар пайи ислоҳи он нашавад...

Аз ту хоҳиш мекунам ба воқеъият фикр кун! Ба забони рақамҳо фикр кун. Оё нисбати духтарони навзод аз писарони навзод чи дар ҳудуди ҷомеаи худамон бигирем ё умуман дар сатҳи олам бештар

нест? Ба болои ин мардон бо сабабҳои гуногун бештар аз олам дармегузаранд. Бо ин миқдори зиёди занон чӣ кор карда мешавад? Оё онҳо оташ зада шаванд, ё ҳангоми вилодат мисли чиниҳо ба қатл расонда шаванд? Ё дар кӯчаҳо ба ҳоли худашон раҳо шаванд, ё ҳамту беаҳмият монанд?! Оё онҳо ҳаққи оила ташкил кардану монанди мо модару модаркалон шуданро надоранд? Магар мову шумо духтар надорем? Оё мо маъшуқаи ину он шуда, ҳаёташонро сипарӣ намудану пеш аз ба шавҳар баромадан бева шудани духтаронашонро бартар мешуморем? Ҷомеаи аврупоии шумо, ки бо вафот намудани калонсолону таваллуди ками навзодон рӯз ба рӯз рӯ ба костагӣ ниҳода истодааст ва то ҷое расида, ки хатари боқӣ намондану инқироз таҳдидаш мекунад, аз ҷумла, имрӯз ҳоли ҷомеаи Донморкӣ ва Ҳоландӣ чунин аст, чӣ кор бояд кунад, чӣ чорае бояд андешад? Ба фарёди зиёд ва ҷонкоҳи теъдоди ваҳшатбори ҷавондухтарону занони ҷавони аз шавҳаронашон ҷудошуда чӣ гуна посухи дуруст бояд дод?! Посухи дурусте, ки ба дарди онҳо мехӯрад, чист?

Оё ба рӯй гардондан аз онон ҷавоб мегардонем, ё худро кар вонамуд мекунем, ё бо дилсӯзӣ садояшонро мешунавем, ё ...?

Аз ин ду кадомаш ба нафъи ҷомеа асту кадоми инҳо ҷомеаро тавон мебахшад? Дар он зиёд шудани завҷаҳо?! Кадомаш барои ҷомеа аз беморӣ поккунандатар аст?! Зиёдшавии алоқаҳои ҷинсии ғайришаръӣ, ё зиёдшавии алоқаҳои шаръӣ? Кадоми ин ду дар тарбияи солими насли ояндаи ҷомеа мувофиқ аст: тарбия гирифтани кӯдак дар назди падару модари якҷоя зиндагикунанда, ё бинад, ки бо падарашу

модараш неву зани дигар зиндагӣ дораду модараш бо марди дигар ҳамзистӣ карда истодааст? Ин гуна ҳамзистиро насли оянда ба кадом услуб ва чӣ гуна дастабандӣ мекунад? Оё ин гуна алоқаро дар асл оила меноманд ё чизи дигар? Вақте модараш бо амалкарди хеш тарбияро табоҳ созад, кадомин навъи сухан дар тарбияи духтарбача дар оила судбахш хоҳад шуд. Ба ман бигӯ, духтарони мо вақте пир шаванд, баъд аз он ки умрашон дар кӯча гузашт, ҳусну ҷамолаш хазон шуд, нерӯяшонро аз даст доданд ва аз хона баромада натавонистанд, гузашта аз ин на шавҳар доранд, на духтару на писар, аз зиндагӣ чӣ натиҷаи нек ба даст меоранд?!

**Изабелла:** Ман суоле дорам, шояд, чунончи мепиндорам, барои ту ногувор ояд, аммо дар миёни мо ин суол бисёр матраҳ мешавад. Боз намунаашро низ дорам, дар бархе аз кишварҳо. Суол ин аст: Чаро зан ба ҷои як мард ба ду мард ба шавҳар намебарояд? Чӣ чиз ӯро аз ин кор боз медорад? Ман худам дар Донморк дар ҷашни арусие бо даъвати дӯсти донмаркиам ширкат варзидам. Ҷавонзани тақрибан 30 солаеро дидам болои курсии ҷашнвора нишаста, аз ҷониби росташ шавҳари донмаркиаслаш ва аз ҷониби чапаш шавҳари донмаркии африқоиаслаш нишаста буд. Аз вижагии шавҳаронаш пурсон шудам, гуфтанд вазифаи шавҳари донмаркияш тарбия ва вазифаи шавҳари африқоияш ҷимоъ кардан аст.

## *Назари худхоҳона*

**Уммиҳомид:** Ин корест зишт, ки ман ба худам эб намебинам ва ҳеҷ кадоми шумо низ барои худатон эб намебинед . . . . Чаро? Зеро ин амал ба ақл ва сиришти

инсон рост намеояд ва каромату шарофати занро аз байн мебарад. Вақте зан ду шавҳар карда тавонад, чаро се шавҳар ё чаҳор шавҳар намекунад? Мо медонем, ки синни ноумедӣ ва аз бахра мондани зан пеш аз мард шурӯъ мешавад, вакте бо як мард хонадор бошад, аммо бо ду мард хонадор шавад, чӣ кор мекунад? Ва зан вақте фарзанд таваллуд кунад, ба кадоми он ду мард нисбат дода мешавад? Ё насабаш муаллақ меистад, то даме ки аз рӯи санҷиши хун исбот шавад? Рафту корҳо мувофиқат накунад, пас чӣ кор мекунанд? Вақте фарзанд ба яке аз он ду мард нисбат дода шавад, баъд аз он маълум гардад, ки ӯ безурёт аст, чи кор мекунанд? Вақте дар нисбати як фарзанд ба падараш яқин аз байн равад, дигар дар робитаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа дар кадом кор яқин боқӣ мемонад? Амакҳои он кӯдак киҳо хоҳанд шуду тағоҳояш ва хешу таборонаш киҳо? Оё дар ин сурат даъвоҳо ва дархостҳо зиёд намешаванд, ба вижа вақте масъала реша дар ба даст овардани молу доройӣ ё шӯҳрату монанди он дошта бошад? Аз ин ду мард яке бимирад, мероси ӯ чӣ гуна тақсим хоҳад шуд? Ва кӯдак аз кӣ мерос мебарад? Оё ба гумони ту кӯдак метавонад ба унвони падар аз ҳарду мард мерос барад? Рашки яке аз ин мардҳоро нисбат ба дигараш чӣ гуна метавон идора кард? Оё ин кор сабаби пайдошавии рашки ниҳоние намешавад, ки он табдил ёбад ба кинаву душманӣ баъд аз он ба интиқомгирӣ? Шавҳари ягона одатан имкони тасаллут бар рашки занҳоро дорад ва то ҷое идора карда мешаванд. Оё зан метавонад бо он ҳама неруву дуруштӣ ва ҷинояте, ки мардон доранд, рашки онҳоро боздорад? Ва занони ҳилагар чӣ гуна ин мард, ё марди дигарро хоҳад рабуд?

Баъд аз ин ҳама боз суоли дигаре дорам: Чаро барои киштӣ ду маллоҳ (капитан) таъйин намешаваду дар як кишвар ду ҳоким ва ҳар гурӯҳе ду сардор надорад? Ва ҷавоб ҳам маълум аст!

Зеро ин амал мухолифи воқеъият ва низоми роҳбарист...

Вақте як зан ду шавҳар дошта бошад, кадоме аз ин ду мард сарпарасти хонадон мешавад? Ё сарпарастии ду мардро зан ба ӯҳда мегирад? Масъалаи дигар, чунончи пештар зикр кардем, шумораи занон аз шумораи мардон бештар аст, агар таносуби мардону занони Чинро аз ин ҳисоб берун кунем, онгоҳ масъала мушкилтар мешавад, дар оянда бӯҳрон ба ҷои он ки ҳал шавад, шадидтар хоҳад гашт.

**Модари Фифа:** Далелҳое, ки Уммиҳомид баён намуд, далелҳои ниҳоят қонеъкунанда аст. Дар радифи далелҳои ӯ мехоҳам изҳор намоям, ки ман ба ҳукми умри хеш бисёр оилаҳоеро дидаам, ки мисли оилаҳои мусалмонон ё наздик ба онҳо муҳофизакор буданд, обрӯву шарафашон ҳифз мешуд, муқаррароташон зинда буд ва он хонавайронӣ, талоқи зиёд, фаҳшу фуҷур ва руспигарие, ки имрӯз дар ҷомеаи мост, дар онҳо дида намешуд.

Ба гумони ман ин ҳамон намунаест, ки мехоҳем ба он баргардем... Бо он ки мушкила, чунончи рақамҳо зоҳир менамоянд, хеле бузург аст, вале мо бовар дорем ки масъулини тадқиқотҳои иҷтимоӣ, муассисаҳое мебошанд, ки дар қуллаи илм ва тахассус қарор доранд ва эҳтимомашон низ ҷиддист...

Вале чаро мо вайроншавии иҷтимоъиро мебинем, ки рӯз ба рӯз зиёд шуда истодааст?

**Абӯҳомид:** Ташаккур ба Модари Фифа бинобар инсофаш. Ман медонам, ки бисёре аз мардуми Фаронса ва ғарбиҳо мисли шумо аз низоми иҷтимоӣ дар кишварҳои исломӣ огоҳанд ва дар мавриди он тааҷҷуб ҳам мекунанд... Ва бисёриҳо гумон доранд, ки ҳифзи баъзе оилаҳо дар ҷомеаи шумо аз он аст, ки ҷомеа ва оилаҳои худро ба ҷомеаи исломӣ, ё оилаи мусалмонӣ монанд кардаанд. Мехоҳам бо тамоми сароҳат ба шумо бигӯям, ки сабаби асосӣ дар нерӯмандии низоми иҷтимоӣ дар кишварҳои исломӣ, бо вуҷуди ақибмондагии низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ, ин нозукии низоми иҷтимоӣ ва танҳо шумулияти он нест... на, ҳаргиз!

Далели ин сухани ман он аст, ки агар шумо айнан ҳамин низомро нусхагирӣ кунед ва онро дар худатон татбиқ намоед, муваффақ нахоҳед шуд. Оре, низом ба қуллаи шоистагӣ мерасад, вале он чизе, ки дар ҷомеа он низомро бе ягон навъи маҷбурсозиву ҳатмигаронӣ ва бидуни пайгирии сарвари кишвар ва ғайри инҳо, ин рабту алоқамандии ин низом аст ба эътиқоди исломӣ...!

Ай модари профессор Фифа, ман аз баҳсу мунозира дар мавриди ин масъала, ки баҳси ақлӣ шуд на эътиқодӣ, озурда намешавам. Шумо гумон накунед, ки ман издивоҷро ба эътиқоди исломӣ рабт дода, аз шарти гузоштаам чашмпӯшӣ карда бошам.

Оё намедонӣ, эй Модари Фифа, ки ақди зивоҷ аз замонҳои қадим то ба имрӯз ва назди ҳамаи умматҳо либоси муқаддаси муайянеро дарбар карда омадааст, қатъи назар аз равиши диние, ки дар мавриди нодурустии онҳо гуфтугузор аст. Пас рабт додани эътиқод ба зивоҷ корест, ки ҳамаи миллатҳо иҷмоъ

кардаанд. Набояд аз зивоҷро ба дини Ислом рабт додани мо нафрат кард. Оё чунин нест?

Ин қадами аввалинест, ки оқилона ва ба ҳукми ақл пеш рафтем... Аммо қадами дуввум... Ба сабаби он ки шумо худ шаҳодат додед, ки низоми иҷтимоии мо муваффақ асту назир надорад... пас бояд бидонед, ки ин шаҳодати шумо дар мавриди муваффақ будани дини мост, алалақал дар ҳамин ҷодаи он ба таври мустақим ва ошкор ва ин шаҳодат барои ҷоддаҳои дигари он ба таври ғайримустақим аст... Агар аз мо бипурсед, ки чӣ касе барои мо ин низомро қонунгузорӣ кардааст, низомеро, ки комилаш ёфтед? Албатта, мегӯем: Он зоте, ки дигар низомҳоро тарҳрезӣ намудааст, бо сароҳати комил гӯям, Ӯ Аллоҳ аст.

**Устод Фифа:** Он чи ту мегӯӣ, ки сабаби муваффақияти шумо дар ин ҷода дини шумост, агар дуруст бошад, пас чаро дар ҷодаи сиёсӣ, ё иқтисодӣ ва дигар низомҳо ин гуна муваффақиятро соҳиб нашудед? Агар низоми иқтисодии исломӣ муваффақ мебуд, оё кишварҳои шуморо дар ин сатҳи пасти заъфу нотавонӣ ва ақибмондагӣ дида мешуд... заъфи кишварон то ҷое расида, ки ҳама мустамликаҳои кишварҳои пешрафтаи олам шудаанд, агарчи мустамликаашон намехонанд? Ё мехоҳӣ ба ман гӯӣ, ки шумо кишварҳои пешрафтаеду мо кишварҳои ҷаҳони севум?!

Оё низоми иқтисодии шумо бадтарин низом нест? Бешубҳа кишварҳои шумо табақи пур аз таъомро мемонад, ки аз он шому саҳар бегонагон мехӯранду худи шумо наметавонед хӯред. Аз ин рӯ саъй макунӣ, то комёбии низоми оиларо ба дигар низомҳо баробар кунӣ...

Оё ин далели ақлӣ нест, ки қуввати он реша дар воқеияти исломӣ дорад?

### *Оё сирри комёбии мо урфу одатҳои мост?*

Бидуни шакку тардид, сабаби муваффақияти шумо дар низоми ичтимоӣ Ислом нест, балки урфу одатҳои шумост... дар ниҳоят сабаби аслии ақибмондагии шумо дар дигар ҷодаҳо ҳамин Ислом аст.

**Абӯҳомид:** Аммо ба табақи пур аз таъоме, ки аз он бегонагон шому саҳар меҳӯранд, монанд шудани мо далолат бар ҷавобгӯ набудани низоми иқтисодии исломӣ намекунад. Ин чиз бар ҷавобгӯ набудани низоми сиёсӣ, ки вазифадор аст ба ҳимояи низоми иқтисодӣ ва дигар низомҳо дар кишварҳои мо ва дар кишварҳои шумо ва дар ҳама ҷо аст, далолат мекунад. Хоҳиш мекунам барои дар мавриди низоми иқтисоди исломӣ ва дигар низомҳо ҳарф задан вақти дигар ҷудо кунем. Аммо ҳоло танҳо дар мавриди низоми ичтимоӣ сӯҳбат кунем, то мавзӯъ пароканда нашавад...

Поп Шунода, оё медонӣ поп Шунода кист? Ӯ сарвари масеҳият дар Шарқ ва сардори қибтиҳо дар Миср аст. Вай ба ҳукумати Миср ин варақро пешниҳод кард, инак ба он шинос шав: «**Калисо мувофақати қибтиҳоро ба инобат гирифта, дархост менамояд, мушкилоти оилаҳои масеҳӣ ва мушкилоти халъ, синни ҳизона** (парвариши тифл), **шавҳари беномунишон гумшуда ва мерос, аз он ки дар Инҷил далели хос ба ин мавзӯҳо вуҷуд надорад, тибқи дастуроти исломӣ ҳаллу фасл шавад».**[1]

---

[1] 1. Иқтибос аз китоби «Қуръон ҳарф мезанад ва Инҷил он чи дини ҳақ мегӯяд, собит мекунад»... ва ин қарор дар маҷаллаи

Оё ин эътирофи шахси мусалмон аст ё ғайри мусалмон? Оё ин эътироф ба урфу одатҳост, ё эътироф ба Ислом? Баъд аз он, оё Қуръон ва аҳодисе, ки аз Паёмбар Муҳаммад (с), ривоят шудааст, аз ҷумлаи урфу одатҳост, ё аз ин ду сарчашмаи қонунгузорӣ дар дини Ислом аст? Дар сурате, ки низоми оилавӣ ба тафсили дақиқаш дар Қуръон ва аҳодиси Паёмбар Муҳаммад (с) мавҷуд аст, оё ба урфу одатҳо бартарият қоил шудан аз рӯи инсоф аст? Бояд гуфт, ҳамаи ҷомеаҳо дорои урфу одат ва расму русуманд, пас чаро ин урфу одатҳо дар мо муваффақ шуду дар дигарон ҷавобгӯ шуда натавонист?

Ва чаро урфу одатҳои арабҳои пешин, қабл аз Ислом ҷавобгӯ нашуд?

Агар ин мавзӯъро аз рӯи ақли солим баррасӣ намоӣ, албатта, хоҳӣ донист, ки он чи ман зикр кардам, натиҷаи мантиқӣ аст, зеро сабаби аслӣ дар муваффақ будани мусалмонон дар низоми иҷтимоии Исломӣ дар зиндагии воқеъӣ бо он ҳама ақибмондагӣ дар низомҳои дигар бозмегардад ба татбиқи он дар зиндагӣ. Аммо низомҳои дигар, ки шумо зикр кардед, дар ҷомеаҳои мо татбиқ нашуданд! Ба касе пӯшида нест, ки низоми иҷтимоӣ баста ба афроди ҷомеа ва оилаву хонадонҳост. Аз ин рӯ, мардум дар амалӣ намудани он талош варзидаанд. Пас натиҷаҳои аҷоиби он аз ҳамон айём то замони заъфу нотавонии сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии мусалмонон зоҳир шудааст. Вақте ваколати татбиқи низомҳои дигар дар кишварҳои исломӣ ба ихтиёри низомҳои сиёсӣ вогузор

---

Равзул Юсуф рақами (38-50) 15-9 Муҳаррам, аз соли 1423 мутобиқ ба 2/29:23/2002 милодӣ.

аст, мебинед, ки натиҷа хиҷолатзост. Ин гуна номуваффақ будан дар низомҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳарбӣ сабаби дигар надорад, сабаби он адами татбиқи ин низомҳост.

Далели исботи ин даъво, он аст, ки шумо мебинед, баъзе тоҷирони мусалмон ва маҷмӯъаҳои исломӣ вақте даст ба татбиқи баъзе низоми масорифи исломӣ заданд, чӣ гуна муваффақ гаштанд. Ва ин гуна татбиқкунӣ имрӯз рӯ ба густариш аст...

Оё ин натиҷаи хурсандибахш даъват ба даст кашидан аз ҳамаи низомҳои исломӣ мекунад, ё ба боз ҳам бештар татбиқ намудани онҳо, то ба комёбиҳои азим ва болотар аз комёбиҳои низоми иҷтимоӣ ноил шавем? Ақл чӣ фармон медиҳад?

**Бидуни шак, бартарияти бузурги низомҳои мо дар он аст, ки онҳо ба сифати раббонӣ мавсуфанд.** Сифати раббонӣ сифатест, ки ба ин аҳкоми ҳаётӣ ҳангоми пазируфтан ва амалӣ намудан қудсияти ҳақиқӣ мебахшад. Ҳамзамон ба ақл майдони васеъи фикрронӣ, ҷаҳду талош ва натиҷахоҳӣ мебахшад. Издивоҷ хеле осон аст, ба як калима ба вуқӯъ мепайвандад ва талоқ низ ба як калима.

Ҳоло барои ту ин ҷо аз чанд матни Қуръонӣ ёд мекунам, на барои ибодат кардан ба онҳо, на, вале ба хотири ҳақиқатро таъкид намудан. Ва он ҳақиқат ин аст, ки сабаби ҳифзи низоми иҷтимоии мо аз расму русум ва урфу одати мо нест.

Вақте Қуръонро бихонӣ, он гоҳ аз сирри он огоҳ мешавӣ ва аҳкоми амалии оилавиеро, масалан, хоҳӣ дид, ки ба пайванди ақида бастааст. Ва дар ақида аз ҳама бузургтар сифати Худост. Ба ин оятҳои сураи Бақара бингар: **«Ва дар бораи ҳайз аз ту мепурсанд,**

**бигӯ ранҷе аст ва дар одати моҳона аз занон канора бигиред ва то пок нашаванд, ба онҳо наздик нашавед. Чун пок шуданд, он гуна, ки Худо ба шумо фармон додааст, бо онон биомезед. Худованд тавбакунандагон ва покизагонро дӯст медорад. Занонатон киштзори шумоянд, чунонки хоҳед ба киштзори худ дароед ва барои худ пешандешӣ кунед ва аз Худо битарсед ва бидонед, ӯро мулоқот хоҳед кард ва мӯъминонро башорат деҳ»** *(Сураи «Бақара», ояҳои 222-223).*

Боз мефармояд:

وَلِلْمُطَلَّقَٰتِ مَتَٰعُۢ بِٱلْمَعْرُوفِ ۖ حَقًّا عَلَى ٱلْمُتَّقِينَ ﴿٢٤١﴾

كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمْ ءَايَٰتِهِۦ لَعَلَّكُمْ تَعْقِلُونَ ﴿٢٤٢﴾

**«Барои занони талоқшуда ҳадяе муносиб ба ӯҳдаи парҳезгорон аст. Худованд бад-ин сон оёти худро бозмегӯяд, то биандешед»** *(Сураи «Бақара», 241-242).*

Боз мефармояд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَنفِقُوا۟ مِن طَيِّبَٰتِ مَا كَسَبْتُمْ وَمِمَّآ أَخْرَجْنَا

لَكُم مِّنَ ٱلْأَرْضِ ۖ وَلَا تَيَمَّمُوا۟ ٱلْخَبِيثَ مِنْهُ تُنفِقُونَ وَلَسْتُم بِـَٔاخِذِيهِ

إِلَّآ أَن تُغْمِضُوا۟ فِيهِ ۚ وَٱعْلَمُوٓا۟ أَنَّ ٱللَّهَ غَنِىٌّ حَمِيدٌ ﴿٢٦٧﴾

**«Эй мӯъминон, аз беҳтарини он чи гирд овардаед ва он чи бароятон аз замин рӯёндаем, инфоқ кунед ва палиди онро, ки худатон ҷуз ба икроҳ намепазиред, барои инфоқ дар назар нагиред ва бидонед, ки Худо бениёзи сутуда аст»** *(Сураи «Бақара», ояи 267* **.**

Ана ҳамин тавр, аҳком дар тамоми ҷодаҳои дигари зиндагӣ ба ҳамин пайванди бузург пайванд дода шудааст. Ва аҳком нерӯ, эҳтиром ва бузургиашро аз сифоти Худо мегирад, ҳамчуноне ки самимият ва пурмуҳтавоияшро аз он ҳосил менамояд. Ва дар сурати амалӣ намудани он самараи неку дилхоҳ ба бор меорад.

Оятҳоеро, ки дар онҳо судхӯрӣ ҳаром гардонда шудааст, бихон: **«Рибохӯрон барнамехезанд, магар чунон касе, ки васвасаи шайтон ӯро девона карда бошад, ин ба кайфари он аст, ки гуфтанд: «доду гирифт монанди рибост». Худо доду гирифтро ҳалол ва рибоpo ҳаром кардааст». Агар касе ҳушдори илоҳиро дарёбад ва худдорӣ кунад, судҳои фароҳам омадаи дар гузашта аз они ӯст ва кораш бо Худост. Ва касоне, ки такрор кунанд, аз дузахиёнанд ва дар он ҷовидон бимонанд. Худованд рибохоронро ночиз мегардонад ва садақотро фузунӣ мебахшад ва ҳеҷ носипоси гунаҳгореро дӯст намедорад.**

**Эй мӯъминон, аз Худо битарсед ва агар имон доред, боқимондаҳои рибоpo вогузоред. Агар накардед, бидонед, ки ба ҷанги Худо ва Расулаш бархостаед. Агар тавба кунед, асли сармоя азони шумо хоҳад буд, на ситамгор бошед ва на ситамкаш. Тангдастро бояд мӯҳлат дод, то кушодадаст шавад ва агар бар ӯ бибахшед, писандидатар аст, агар бидонед. Аз рӯзе, ки ба сӯи Худо бозмегардед, битарсед, ки ба ҳар кас ҷазои он чи кардааст, дода мешавад ва ба онҳо ситам нахоҳад шуд»** *(Сураи «Бақара», ояҳои 175-176-178-179-180-181).*

## *Аз баҳси ақлӣ берун нарав*

**Доктор Катерина** риштаи суханро бурида гуфт: Мо иттифоқ карда будем, ки чизе аз китобҳои муқаддас

зикр нашавад, баробар аст, ки он Қуръон аст, ё Инҷил, ё Таврот, ё Забур...

Ба назари ман шартро халалдор кардӣ ва ба далелҳои ақлӣ такя нанамудӣ... Инро барои огоҳ кардан гуфтам.

**Абӯҳомид:** Ман ба ту ҳаққи интихоб медиҳам миёни ин ки чизе аз китобҳои муқаддас зикр кунам ё не... Вале мехоҳам пеш аз хостаи туро пазируфтан, ё тарк кардан дониста бошӣ, ки чаро ман ояҳое аз китобҳои муқаддасро зикр кардам?

Ман вақте оётеро аз китобҳои муқаддас зикр мекунам, мақсад ба маърази ақл гузоштан аст, **то ақл дар мавриди он ҳукм кунад:** Оё он ба ақл мувофиқ аст ё мухолиф? Чунончи дар ин баҳс ҳама чизро дар маърази ақл қарор медиҳем...

Ин як чиз аммо чизи дигар, ту вақте мегӯӣ ба арз расондани ояҳои Қуръон мухолифи ақл аст, ин ҳукми собиқ аст қабл аз шунидани далел ва ҳол он ки мо иттифоқ карда будем бар аҳкоми гузашта такя намекунем ва аҳкоми гузаштаро содир наменамоем. Шояд ин гуна эътиқод аз асли дурусту саҳеҳ сарчашма гирифтааст ва он асли дурусти ба ақл мухолиф будани ояҳои китобҳои муқаддаси таҳрифу тағйирхӯрдаи шумост...

**Севум:** Ман вақте ба ту оятеро тақдим мекунам, ки ту битавонӣ бар ман ҳукм кунӣ ва дар мавриди исботу инкори фикри ман ҳукм намоӣ.

**Чаҳорум:** Манзури гуфтори ман ин аст, ки ин ҳукми Ислом аст ва ба ман бигӯӣ, ки далелаш чист? Ин ҳаққи туст, агар аз ҳаққи хеш гузашт кунӣ, кори туст, вале дар баробари он бояд бидонӣ, ки ин таслимшавӣ ба гуфтаҳои ман аст. Вале ман аз ҳаққи хеш гузашт

намекунам ва аз ту дар мавриди ҳар даъвое, ки дар Таврот, Инҷил ва Забур аз худи ҳамин китобҳо намоӣ, далел талаб хоҳам кард. Ту низ ҳақ дорӣ вақте ман дар мавриди насроният айбгирӣ кунам, аз ман аз худи китобҳоятон далел талаб намоӣ ва ҳам далели ақлӣ низ талаб кунӣ.

**Панҷум:** Ту метавонӣ баҳсу мунозираеро, ки ба далелҳои қавӣ такя надорад, баҳси рӯякӣ биҳисобӣ, зеро ин гуна баҳс ҷуз даъвои хушку холӣ чизе нест. Иҷоза деҳ мисоле биёрам: Масалан, агар ман ба ту гӯям: дар мавриди ин ҳақиқати нави илмӣ, ки имсол кашф шудааст, чӣ мегӯӣ, ки Қуръон худи ҳамин ҳақиқатро ҳанӯз пеш аз 1400 сол зикр кардааст?! Оё ту ҳақ надорӣ, ки ба ман бигӯӣ дар куҷо зикр кардааст? Вақте аз ман далел талаб мекунӣ, ман бояд далел дошта бошам. Худи ҳамин гуна далел талаб карданро ман ҳам метавонам аз ту талаб кунам, вақте ки чизе аз Инҷил зикр кардӣ...

**Доктор Катерина:** Ин тавр бошад, ман як талаб ва шарт дорам. Аз ту талаб менамоям, то баргардӣ ба ҷое, ки расида будӣ ва шарти ман ин аст, ки барои ман аз Қуръон далелҳои бештар биёрӣ, зеро бидуни шак, ман аз онҳо зидду нақизҳои зиёдеро пайдо хоҳам кард. Ва ҳоло хоҳиш мекунам ба ҳамон мавзӯи аввал баргард, ҷое ки ба оёти қуръонӣ такя карда дар мавриди пайванди аҳком ва эътиқоди динӣ ҳарф мезадӣ.

### *Оё ин сухани назариявӣ аст?*

**Абӯҳомид:** Ман ҳоло дарёфтам, ки ту гумон дорӣ ин сухан назарияест, ки миёни он ва амалӣ гаштанаш аз замин то осмон дур аст. Дар ин сурат ногузир бояд

барои ту қобили татбиқ будани ин умурро исбот намоям. Ин умур на танҳо қобили татбиқанд, балки аллакай татбиқ шудаанд. Ва ҳар кӣ онҳоро татбиқ кунад, дар амал аз Муҳаммад (с) пайравӣ кардааст, зеро он ҳазрат (с) беҳтарин татбиқкунандаи ин умур аст. Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) робитаи миёни зану шавҳарро бузургтарин маҷоли ибодат хондааст. Мефармояд: «Беҳтарини шумо беҳтарини шумо бо занонашон ҳастанд ва ман беҳтарини шумоям барои занонам».[1]

Пас беҳтарини уммат касест, ки бо занаш ва фарзандонаш ва аҳли оилааш равиши нек дошта бошад. Ва Муҳаммад (с) пешво ва намунаи ибрат буд ва он ҳазрат дар мақоми аввал қарор дошт. Оё дар мусобиқаи беҳтаринҳо бузургтар аз мусобиқа дар ин майдон вуҷуд дорад? Гап сари хондани хушку холии оёти Қуръон ва назар кардан ба онҳо нест, не...

Ту вақте ба таърихи Паёмбар (с) низ бингарӣ ва бинӣ, ки чи гуна ин қавлро амалӣ карда ва чи гуна барои ҳар фард дар ин ҷодда пешво шудааст, ҳамин тавр тааҷҷуб мекунӣ. Аммо аз ҳамаи шумо як хоҳиш дорам, ки ба арзиши зан, дар замоне ки Паёмбар Муҳаммад (с) ин таълимотро овард ва чи гуна дар он ҷомеа ин таълимотро дар амал татбиқ кард, таваҷҷӯҳ кунед.

Бори дигар таъкид менамоям, ки ман аз ин ҳадисҳои Пайғамбар (с) огоҳ месозам, то далели ростии хешро собит намоям, то шумо доварӣ кунед ва ё ба нафъи ман, ё бар зарарам ҳукм намоед. Хоҳиш мекунам дар ин мавзӯъ хуб андеша ва тааммул кунед...

---

[1] Тирмизӣ ривоят кардааст (3895) аз Оиша (р) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ гуфта, ба саҳеҳи Тирмизӣ бингар.

Инак ҳамсари Паёмбар Муҳаммад (с), ки номаш Оиша аст, ин қиссаро аз он ҳазрат (с) ривоят карда мегӯяд: ***«Ҳабашиҳо ба масҷид даромада бозӣ мекарданд, Паёмбар (с) ба ман гуфт: «Эй Ҳумайро*** (ҳумайро – сафедак, зебояк, он ҳазрат ба ҳамсараш Оиша чунин хитоб мекард)***, оё бозии онҳоро мехоҳӣ тамошо кунӣ? Гуфтам: Оре. Дар дари ҳуҷра рост истод ва ман ба наздаш омадам.*** (Маро ба пушташ бардошт), ***занахдонамро бар китфаш ва рӯямро ба рухсораш ниҳодам. Оиша гуфт: Он замон мегуфтанд: Абулқосим хушбӯву гуворост. Паёмбари Худо (с): Бас аст? Гуфтам: Эй Расули Худо, шитоб макун. Ба хотири ман рост истод. Баъдтар боз гуфт: Бас аст? Гуфтам: шитоб макун, эй Расули Худо. Оиша гуфт: Ман дӯст надоштам онҳоро тамошо кунам, валекин хостам ба занон бирасад, ки барои*** **ман он кас чӣ ҷойгоҳе дораду ман аз назари ишон чӣ ҷойгоҳе дорам».**[1]

Саҳнаи гувороро тасаввур кун, Паёмбар Муҳаммад (с) ва завҷааш Оишаро бубин. Оиша бар дӯши он ҳазрат (с) истода занахдонашро бар шонаи он ҳазрат (с) ниҳод ва ҳабашиҳо маҳорати ҷангиашонро бо рақси хос ба онон дар масҷид ба намоиш мегузоштанд... Баъд аз он он ҳазрат (с), то Оиша бас гуфтан сабр мекунад. Оиша (р) ҳамчунин ривоят мекунад аз муомалаи Паёмбар (с) бо ӯ вақте дар яке аз сафарҳои он ҳазрат (с) Оиша бо ишон ҳамроҳӣ мекард. Мегӯяд: Ман дар яке аз сафарҳояш ҳамроҳи Паёмбар (с) будам. Гуфт: Бо он ҳазрат (с) пиёдапойга кардам ва дар пойга ман

---

[1] Насоӣ дар Кубро (8951) оварда ва Ҳофиз дар Фатҳ (434/2) онро саҳеҳ гуфта. Ва гуфтааст, ки «исноди ҳадис саҳеҳ аст ва зикри Ҳумайроро ба ҷуз ин ҳадис дар дигар ҷо надидам. Шайхайн ба ҳамин мазмун ривоят кардаанд».

баранда шудам. (Баъди чанд муддат) вақте гӯшт гирифтам (фарбеҳ шудам), бо ишон пойга кардам, ин дафъа ӯ аз ман пеш гузашт, сипас фармуд: «Ин пешгузарии ман ба он пешгузарӣ (яъне ҳисоб баробар шуд)».[2]

Дар мавриди ин мусобиқае, ки ҳамсари Паёмбар (с) ривоят кардааст, фикр кун...

Фикр кун ва ту воқеъияти Паёмбар (с)-ро мебинӣ, ҳамдигарфаҳмии зану шавҳарӣ, ҳифзи лаёқати баданиро низ хоҳӣ дид, бин ки Оиша дар синни хурдӣ дар пойга пеш шуд ва баъди бузург шудан он ҳазрат (с) аз ӯ гузашт. Дар сурате, ки бархе аз адён зани ҳоизаро палид ҳисобида аз ӯ дурӣ мечустанд, Оиша дар ин маврид мегӯяд: «Ман дар ҳолати одати моҳонаам об менӯшидам, баъд аз он ба Паёмбар (с) дароз мекардам, он кас даҳонашонро дар ҷои даҳони ман мемонданд ва менӯшиданд ва гӯшти устухони гӯштдорро дар ҳолати дар одати моҳона буданам мехӯрдам, баъд аз он ба Паёмбар (с) дароз мекардам ва он кас аз ҷои хӯрдаи ман мехӯрданд».[1]

Дар бораи Паёмбар (с) шавҳари духтари ишон Усмон ибни Аффон дар яке аз суханрониаш мегӯяд: *«Мо, қасам ба Худо Паёмбари Худо (с)-ро дар сафар ва дар ҳазар ҳамроҳӣ мекардем. Он кас ба аёдати беморони мо мерафтанд, аз қафои тобут меомаданд, ҳамроҳи мо меҷангиданд ва ба каму беш ба мо ёрӣ медоданд».*[2]

---

[2] Ривояти Абӯдовуд (2578) ин лафзи ривояткардаи ӯст. Соҳиби ас-Силсила дар «Саҳеҳ»-и Абӯдовуд онро ҳадиси саҳеҳ хондааст.

[1] Ривояти Муслим (300) ва ғайри Муслим.

[2] Аҳмад дар «Муснад»-аш (532/1) ривоят кардааст ва шайх Шуайби Арноут гуфта, ки иснодаш ҳасан аст.

Марде баъди вафоти Паёмбар (с) омад ва аз ҳамсари он ҳазрат Оиша (р) мепурсид ва мегуфт: Оё Расули Худо (с) дар хонааш корҳоро анҷом медод?

Гуфт: *Оре, Расули Худо (с) кафшашро порґӣ мекард, либосашро медухт ва дар хонааш мисли ҳар кадоми шумо, ки дар хона кор мекунед, ӯ ҳам кор мекард».*[3]

Яке аз саҳобагонаш Уқба аз Паёмбар (с) ривоят мекунад ва мегӯяд: «Ҳақдортар дар мавриди адо намудани шартҳо он шартҳоест, ки ба онҳо фарҷҳоятонро ҳалол гардондаед».

## *Аз ин сир кай огоҳ мешавӣ?*

Ман барои ту таъкид мекунам, модоме, ки чигунагии оилаи арабиро қабл аз Ислом тасаввур накунӣ қуввати пайванди оилавиро дар оилаи мусалмон тасаввур макун... Ва бубин чӣ гуна баъди он дигаргун шуд?

Қуввати пайвандро дар оилаи мусалмон ҳаргиз наметавонӣ фикр кунӣ, то онро ба тамоми оилаҳои мардуми олам муқоиса накунӣ ва дар баррасии сирри ин пайванд фурӯ наравӣ. Ва то оёти Қуръон ва аҳодиси дар мавриди низоми оила воридшудаи Паёмбар (с)-ро баррасӣ накунӣ ба рози ин пайванд расида наметавонӣ.

Вақте шумо ду нафар ду рукни оилаи мусалмон шавед, яъне падару модар шавед, ин суханонро дар ҳаёти воқеӣ хоҳед дид. Ва хоҳед дид, ки фарзандонатон

1. [3] Ривояти Ибни Ҳиббон (6449). Шуъайби Арноут гуфта, ки ҳадиси саҳеҳ аст.
2. Ривояти Бухорӣ (4856), Муслим(1418).

дар некӣ кардан ба шумо ҳар кадом ба қадри тавони хеш  чи гуна аз якдигар сабқатҷӯӣ мекунанд ва дар иҷро намудани амру фармони шумо чи гуна ҳавасманданд. Ҳатто яке талош меварзад, то бидонад, ки шумо чиро дӯст медоред, то онро ба шумо пеш аз бародаронаш тақдим намояд... орзуи ҳар яки онҳо ин аст, ки чизеро, ки ба шумо тақдим мекунад, бипазиред.

Онҳо ин ҳама корҳои некро дар мавриди шумо на ба хотири он анҷом медиҳанд, ки шумо сабаби вуҷуди онҳоед, ё на ба хотири он, ки падари онҳо ё модари онҳоед... Не !

Агар чунин мебуд, пас ҳамаи мардуми ғайримусалмон низ падару модар доранд. Аммо инҷо розе нуҳуфта аст, ки он рабти ин равишҳо ба ақида аст. Дар натиҷа, мусалмонон тавре шудаанд, ки ин ҳамаро ба хотири ноил шудан ба ризои Худованд анҷом медиҳанд. Зеро Паёмбар Муҳаммад (с) ба онҳо хабар додааст, ки ***«ризои Худо аз ризои падару модар аст».*** Пас бингар, ки фарзандон ба падару модарон чӣ гуна некӣ мекунанд?

Ба ин тавозун диққат диҳед, бинед чӣ тавозуни аҷиб аст... ҳар як ҷониб аз адои вазифаи хеш лаззат мебарад. Ту вақте худ фарзанд будӣ, ин амалҳоро дар мавриди падару модарат анҷом медодӣ ва аз он лаззат мебурдӣ, вақте, ки падар шудӣ аз тарбияи фарзандонат боз бештар лаззат мебурдагӣ шудӣ ва хидматгор дар хонаи мусалмон чунин аст. (Падар хидмат мекунад ва ифтихор дорад).

Ман таъкид мекунам, ки инҳо аҳкоми назариявӣ - намунавӣ нестанд, балки аҳкоми амалие мебошанд, ки бар ваҷҳи комил дар амал татбиқ шудаанд ва бисёре аз ин аҳком дар оилаҳои мусалмонон татбиқ шуда ва

қобили татбиқшавӣ дар ҳамаи замонҳо ва маконҳо мебошанд. Ва ҳар он татбиқоте, ки имрӯз дар оилаҳои мусалмон мушоҳида мекунӣ, осори ин оёт ва аҳодис аст.

Ба чашми ақл ба инҳо бингар...

Абӯҳурайра, ки яке аз ровиёни машҳур аз Паёмбар Муҳаммад (с) аст, аз Паёмбар (с) ривоят карда мегӯяд: ***«Вақте хидматгори кадоме аз шумо таъомашро, ки ӯ омода карда ва дуди он ба ӯ расидааст, биёрад, бояд ӯро ҳамроҳи худ бинишонад, агар ӯро ҳамроҳи худ нанишонад, як-ду хӯрданӣ ё як-ду луқма аз он таъом ба вай бидиҳад, зеро гармии оташи таъом ба ӯ расида ва таъомро ӯ пухтааст».[1]***

Аз Анас (р), ки даҳ сол то замони даргузаштани Паёмбар Муҳаммад (с) буд, дар хидмати он ҳазрат (с) мегӯяд: «Ҳамоно вақте зане аз яҳуд ҳайз медид, ишон бо онҳо якҷо хӯрок намехӯрданд ва бо онҳо дар як утоқ намезистанд. Ёрони Паёмбар (с) дар ин мавзӯъ пурсиданд, Худованд ин оятро нозил фармуд: **«Дар бораи ҳайз аз ту мепурсанд, бигӯ: Ранҷе аст ва дар одати моҳона аз занон канора бигиред ва то пок нашаванд, ба онҳо наздик нашавед. Чун пок шуданд, он сон, ки Худо ба шумо фармон додааст, бо онон биёмезед, Худованд тавбакунандагон ва покизагонро дӯст медорад»** *(Сураи «Бақара», ояи 222)*.

Пас Расули Худо (с) фармуд: (Бо занони ҳоиза) ***«ба ҷуз ҳамбистарӣ, ҳама корро бикунед».*** Ин хабар ба яҳудиҳо расид, онҳо гуфтанд: ин мард чӣ мехоста бошад, ки ба ҳамаи корҳои мо мухолифат мекунад. Усайд Ибни Ҳузайр ва Убода ибни Бишр ба назди

---

[1] Ривояти Бухорӣ (2418), Муслим (1663) ва дигарон.

Расули Худо (с) омаданд ва гуфтанд: Эй Паёмбари Худо, яҳудиҳо чунину чунон мегӯянд, оё мо бо занони ҳоиза ҳамбистарӣ накунем?

Рухсори Расули Худо (с) дигаргун шуд, мо гумон кардем бар он ду нафар ғазаб кард. Онҳо аз назди он ҳазрат (с) берун рафтанд. Касе ба Паёмбар (с) шир ҳадя кард, он ҳазрат (с) касеро дар пайи ишон фиристод, то онҳоро даъват намояд ва ширро ба онҳо нӯшонд. Он гоҳ дарёфтем, ки бар ишон ғазаб накарда будааст».[2]

Ва вақте Ҳафса (р), яке аз ҳамсарони Паёмбар (с) ҳамсари дигари он ҳазратро, ки яҳудиасл буд, айб гирифт ва таваҷҷӯҳ кунед, ки ӯ чи гуна рашки миёни онҳо бударо зуд бартараф кард. Аннас Ибни Молик, ходими он ҳазрат, чунончи зикр кардем, мегӯяд, ба Сафия хабар расид, ки Ҳафса, ки арабиасл ва духтари Умар ибни Хаттоб, ёри дувуми Паёмбар (с) буд, «духтари яҳудӣ» гуфтааст. Сафия ин хабарро шунида гиря кард. Паёмбар (с) ба наздаш даромад ва дид, ки гиря мекунад. Фармуд: ***Чаро гиря мекунӣ!*** Гуфт: Ҳафса маро «духтари Яҳудӣ» гуфт Паёмбар (с) фармуд: ***«Ту духтари паёмбарӣ ва амакат паёмбар аст*** (манзур Мусо ва Ҳорун (а) аст) ***ва ҳамсари Паёмбарӣ,*** (Ҳафса) ***бо чӣ бар ту фахр мекунад?»*** Баъд аз он фармуд: ***«Эй Ҳафса, аз Худо битарс».[2]***

Арзиши волои зан оиларо тавре сохта, ки ӯ ба мақоми машваратчии оила дар корҳои душвор ва мушкил расидааст. Мард дар масоили тақдирсоз раъйи ҳамсарро мегирад, ҳамчунон ки Паёмбар (с) дар мушкилаи пешомадае, ки қариб буд мусибати бузурге

---

[2] Ривояти Муслим (302).

[2] Ривояти Аҳмад (3135). Шайх Шуъайби Арноут мегӯяд: Исноди ҳадис бинобар шурути шайхайн саҳеҳ аст.

пеш ояд, ба раъйи завҷааш Умми Салама амал кард. Чунончи зикри сарварии Билқис дар Қуръон омадааст. Билқис маликаи Яман буд, дар мушкили пешомада ба қавмаш машварати дуруст дод, баъд аз он тасмим гирифт, то ҳидоят ёбад ва ба машварату раъйи ӯ раъияти як мамлакат амал намуда, дар марҳалаи душвор аз мусибати азиме наҷот ёфтанд ва ҳамзамон ҳидоят шуданд.

## *Манзили зан куҷост?*

**Доктор Ҷон Лой:** Ай Абӯҳомид, барои пур кардани рахнае, ки миёни мову шумост, кӯшиш ба харҷ мадеҳ, зеро решаи хилоф дар мавриди зан хеле амиқ аст. Хилофи мову шумо дар дидгоҳҳост на дар раъйҳо! Мо чӣ гуна динеро бипазирем, ки миёни марду зан баробарӣ қоил нест...? Бале, дини шумо дар мавриди зан рӯзе, ки мазлум буд, ба он мисли мол муомала мекарданд, хариду фурӯш мешуд, ба канизияш мегирифтанду боз озодаш мекарданд ... шояд намуна буд.. Аммо ҳоло не...

Шумо мусалмонон то ба ҳол мегӯед, зан бояд дар хонааш нишинад, набояд кор кунад! Оё дар ин бора дар Қуръонатон оёт мавҷуд нест? Қуръон мегӯяд: **«Дар хонаҳоятон бимонед...»** *(Сураи «Аҳзоб», ояи 33).*

Бешубҳа сабаби адами пешрафти ҷомеаҳои шумо ҳамин нисфи афроди ҷомеаро аз кор ва мушоракат дар сохтори давлат бекор карданатон аст. Аз ин рӯ, ман ба шумо як насиҳат мекунам ва самари онро хоҳед дид: Занро аз банд озод кунед, он гоҳ хоҳед дид, ки ҷомеаи шумо чӣ гуна тараққӣ мекунад. Вале шумо то аз динатон даст накашед, алалақал дар ҳамин қисмат, занро аз банд озод карда наметавонед!

## *Эҳтимоли иштибоҳи шумо*

**Абӯҳомид:** Аз шумо хоҳиш мекунам вақте дар ҳар мавзӯе эрод гирифтед, дар зеҳнҳои хеш ҷои холие боқӣ нигоҳ доред, агарчи андаке ҳам бошад, барои эҳтимоли ин ки дар он чи мегӯед, шояд ҳақ бо шумо нест... Хоҳиш мекунам Исломро аз дохили он ҳамон гуна, ки ҳаст, маҳкум кунед, на аз он диде, ки бархе золимона ва ситамгорона дар тасаввури шумо ҷой кардааст. Шумо-ку зулму ситамро намепазиред ва ба он розӣ нестед.

Хоҳиш мекунам, аз ин зани пойбанд ба Ислом бипурсед, бипурсед, ки оё ӯ ба ситам ба риъояи матолиби Ислом водошта шудааст? Оё ӯ ҳамчун зан эҳсос мекунад, ки дар Ислом ҳуқуқаш салб шудааст? Оё ӯ монанди занони ғарбӣ шуданро орзу мекунад? Бидуни шак, танҳо зани пойбанд ба Ислом бар ҳукми дуруст кардан тавонмандтар аст, зеро ӯ беҳтар медонад. Вале агар аз зани пойбанди Ислом набуда бипурсӣ, ӯ тавони ҳукм карданро надорад, чунки вай Исломро намедонад, ба он ошно нест.

Пас шумо чӣ гуна метавонед дар мавриди Ислом доварӣ кунед ва онро маҳкум намоед? Инро ман ба унвони муқаддимаи эроди шумо гуфтам.

## *Баробарӣ ё адолат?*

**Ай доктор Ҷон Лой,** бешубҳа, мушкил дар фаҳмҳост на дар воқеият, чунончи дигарон дар тасаввури шумо ҷой кардаанд ва шумо ҳам ба он бовар кардаед, ки гӯё дар Ислом миёни марду зан мубориза бошад! Ва дар замони гузашта мард пирӯз гашта! Ва зан дар тӯли таърих мавриди истисмор қарор гирифта! Ва имрӯз бар

ӯ воҷиб аст худро озод намояд...! Ва моро лозим аст, ки дар озод шуданаш аз банд ба ӯ ёрӣ расонем.

Мо ҳаргиз аз бозмондагии вазнини таърихӣ, ки болои зан таҳмил шудааст дифоъ намекунем, балки аз ҳақиқат дифоъ мекунем. Бояд таваҷҷӯҳ кард, ки оё Ислом бахше аз ақибмондагии таърихии ваҳшатбори зан аст ё маҳз Ислом он бори вазнинро аз дӯши зан бардошта ва ӯро мисли мард аз истибдоди салотин озод кардааст, чунончи ғуломонро аз хоҷагон ва оммаи мардумро аз мардони ба исми дини замонашон ситамкунанда озод кардааст.

Ислом, ҳамон гуна ки молро аз аҳкоми меросбарии беҳадду ҳудуд озод кард ва мардумро аз дасти аҳкоми қавии мутлақ раҳонид ва аҳком ва дастурро аз истифода шудан ба нафъи қонунгузори он раҳоӣ дод, ҳамин тавр камбағалону фақиронро аз бандагии сарватмандон озод сохт, ҳамон гуна ки тифлдухтаронро аз зинда ба гӯр шудан ва аз мавриди хариду фурӯш қарор гирифтан озод кард!

Ман метавонам ҳар як нуқтаеро аз ин нуқтаҳо барои ту равшан баён намоям, вале мехоҳам танҳо сари мавзӯи зан баҳс кунам, то сухан пароканда нашавад.

Эй доктор, аз шумо хоҳиш менамоям, сари далелҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки аз назари шумо пазируфта аст, каме фикр кунед ва таваҷҷӯҳ намоед, ки оё далелҳои ҳақиқианд ё ҳама бофта ва хаёлиянд. Оё таҳқиқ шудаанд, то болои он ба тафсил сӯҳбат кунем, ё далелҳоеанд аз реша пучу ботил?

Оё баробарии зан бо мард дар амал дуруст аст? Агар ин дуруст бошад, пас оё дуруст аст, ки бигӯем: Мард бо зан аз ҳама лиҳоз баробар аст? Оё аз назари

шумо, донишмандони илми тиб, зан аз нигоҳи физиологӣ бо мард комилан баробар аст? Оё аз назари донишмандони генашинос, ё умуман ҷониншинос зан бо мард баробар аст? Оё аз назари уламои рӯҳшинос зан баробари мард аст? Оё падарат мисли модарат аст? Ё ту мисли завҷаат ҳастӣ? Ё писарат монанди духтари туст? Ё магар ту монанди хоҳарат мебошӣ?

Оё имкон дорад, ки баъди ин ҳама фарқиятҳои табиӣ, рӯҳӣ, ҷисмӣ чунин натиҷа ба даст ояд, ки зан бо мард аз ҳама лиҳоз баробар аст? Оё занро аз ҳама ҷиҳат бо мард баробар кардан ба салоҳи кори зан аст? Ин ҳама далелҳо на ба хотири бунёди зулм ниҳодан, балки ин ҳамаро ба он хотир мегӯем, ки адлро барпо намоем ва занро аз зулм бираҳонем.

Оё ба ҳар шахс додани вазифае, ки ӯ ба ҳамон вазифа сазовор аст, адл нест? Оё ба далели баробарии донишҷӯёни донишгоҳ, муҳассилини ҳамаи риштаҳои таълимӣ дар факултаҳои гуногун имтиҳонҳои якхела ҷорӣ кардан ба далели ин ки онҳо дар соли таҳсил ва синну сол баробаранд, ҷоиз аст?

Агар аз кормандони бахши котибот, муҳосибон, кормандони бахши тиҷоратӣ, коргарони бахши тадқиқот ва нигоҳбонони яке аз ширкатҳо дар санҷишҳо ва имтиҳонҳои ихтисосӣ ба далели ин ки кормандони як ширкатанд, ба ҳамаи онҳо баробар суолҳои якхела додан оё аз адолат аст? Албатта, не!

Ҳамон гуна ки ширкат ширкати ягона аст, хона ҳам як хона аст ва ҳамон гуна, ки дар ширкат вазифаҳо ва масъулиятҳо гуногун аст, дар хона ҳам вазифа ва масъулиятҳо гуногунанд ба хотири гуногунии тахассусҳо ва вижагиҳо. Ана ҳамин гуна ҷомеаи калон низ як ҷомеа аст, вале вазифаҳо ва масъулиятҳо дар он

гуногунанд. Ту худ тасаввур кун, агар дар як оила ба зан тамоми вазифаҳои мардро бидиҳӣ ва ба мард вазифаҳои занро, оё оиларо зуд табоҳ намекунӣ? Зеро бо вуҷуди умумиятҳои зиёд, вижагиҳои занон дигару мардон дигар аст. Ин гуна натиҷаи номатлуб додани кор аз он хотир аст, ки ту бо асли фитрату сиришт бархӯрд кардаӣ.

Вақте ин корро дар ҷомеа анҷом диҳӣ, ҷомеаро низ табоҳ хоҳӣ кард, чун ин масъала ба назар саҳл намояд ҳам, дар асл риоя нашудани марзҳо боиси табоҳиҳои зиёд мешавад.

Баробарии зану мардро талаб кардан бар алайҳи вижагиҳо мубориза бурдан аст, ки ин масъала назди шумо ниҳоят ба дуриҳои дур рафтааст ва инчунин ниҳоят манфӣ аст! То ҷое дур рафта, ки касе дар мавриди бозгардондани умур ба ҷониби дуруст, яъне аз баробарӣ ба сӯи адолат фикр кунад, ба назараш чунон менамояд, ки дар мавриди кори маҳоле фикр карда истодааст.

Шумо қонуни баробарии марду занро ихтироъ кардед ва бар мабнои он дар ҳуқуқи иҷтимоӣ ва дар анҷоми вазифаҳо мисли мард будани занро воҷиб гардондед. Ҳол он ки эҳтироми вижагиҳои офаринишие, ки башар дар он ҳаққи дахолатро надорад, аз лавозими зиндагии зебост. Бешубҳа, ту наметавонӣ макони чашмро тағйир диҳӣ ва ба ҷои гӯш биниҳӣ, ё сарро дар миёни ду пой ҷой кунӣ ё ба ҷои дастҳо пойҳоро гузорӣ...!

Вақте ба хотири баробарӣ қоил шудан миёни моҳӣ ва дигар ҳайвонот онро аз об ба хушкӣ барорӣ, дар ҳаққи он кори хубе накардаӣ, чун ту ӯро бо ин корат ҳалок мекунӣ ва баръакс агар ӯро аз об берун накунӣ,

бидон, ки дар мавриди ӯ адолат кардаӣ...

Аз ҳама аҷибаш ин аст, ки шумо аз баробарӣ додан миёни марду зан нисбат ба дигарон хеле дуред, магар ҳангоми айб гирифтани дигарон ва бозуи худро ба намоиш гузоштан. Аммо баробарии зан бо мард амалан дар баробарии ӯ дар моҳонаҳо, ё идора, ё ҳуқуқ, шумо аз ин гуна баробарӣ қоил шудан миёни марду зан ба маротиб дуред. Дар мавриди фарқи миёни моҳонаи мардон ва моҳонаи занон ва дар мавриди зинаҳои вазифа ва қуввати ширкати моддӣ ва адами ширкат пажуҳише анҷом дода шуд. Инак натиҷаи пажуҳишро пешкаши шумо мекунем:[1]

**Фарқ байни моҳонаҳои мардон ва занон тақрибан 35% аст.** Дар муассисаҳои буҷавӣ мардон моҳонаи дараҷаи нисбатан аъло талаб доранд ба нисбати 25-60%.

«Ва дар Фаронса то соли 1939 милодӣ қонун ба зан иҷоза намедод моли худашро истифода кунад, магар ба иҷозаи шавҳараш. Баъд аз он қонун тағйир дода шуд ва ба зан дар тасарруфи молаш бо баъзе маҳдудиятҳо каме озодӣ дода шуд. Дар Олмони ғарбӣ то соли 1957 қонун ба зан ҳаққи захира кардани доройяшро намедод. Балки низоми меҳнат ва музди меҳнат дар Аврупо ва Амрико то ҳол музди меҳнати занро нисбат ба музди меҳнати мард кам мекунад. Масалан, дар Британия ин камкунӣ то 75% аз музди мард мерасад бо баробарӣ дар вазифа ва навъи амал».[2]

---

[1] 1. www.credittoday.net/public/1943-cpm
2 www.philanthropy.com/free/articles/via/i19/01002801/htm

[2] Сарчашма, маҷаллаи Баён рақами 8, саҳ. 51 мақола бо сарлавҳаи «Радди шубҳаҳо перомуни низоми оила дар Ислом». Нависанда доктор Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Султон.

**Генерал Виктория:** Манзур аз ин ҳарфҳои сарбаста чист? Оё зани соҳибвазифа вазифаашро тарк кунад, дар хона асири шавҳар гардад ва шавҳараш нафақаи ӯро таъмин намояд баъди ҷудо кардани ӯ аз хонаи падараш ва аз кор рафтан, ки баъди он дигар кор карда наметавонад? Бешубҳа, бисёре аз суханони ту далелҳои қонеъкунанда доранд, вале амалия ҳамаро аз беху бун бармеканад.

**Абӯҳомид:** Кушоду равшан мегӯям, ки Ислом занро аз доштани вазифа маҳрум намесозад, ин аслан аз рӯи ақл нест.

Ислом ба зан намегӯяд, ки вақте ба шавҳар баромадӣ, молатро ба шавҳарат бидеҳ ва ё ба нафақахӯронат бидеҳ!

Ислом ба мард намегӯяд, ки аз моли занат барои ту бидуни ризои ӯ як сенташ ҳалол аст ва намегӯяд, ки он чи барои занат харҷ мекунӣ, фазлу марҳамати ту нисбат ба ӯст! Ислом ба мард намегӯяд, ки ту дар гирифтани вазифа нисбат ба зан ҳақдортарӣ, вазифа ҳаққи туст. На, ин хел намегӯяд. Аммо ту эй генерал, бо ман дар мавриди ин ки дар анҷом додани ҳамаи корҳо миёни марду зан баробарӣ қоил нашудан ва ба ҳар кадоми онҳо амали муносиби худашро додан айни адолат аст, бояд ҳамфикр бошӣ.

Ин нуктаҳо бояд пеши ту равшан бошанд, то ба такрор далелу ҳуҷҷат наёрӣ. Ҳоло барои ҳар як аз ин нуктаҳо далеле меорам... **бигзор ақлат доварӣ кунад.**

Дар Қуръони карим дар сураи «Нисо» Худованд ба падарон хитоб карда аз маҳри духтаронашон, ки соф ҳаққи онҳост, хӯрданро ҳаром эълон мекунад. Худованд фармуда:

وَءَاتُواْ ٱلنِّسَآءَ صَدُقَٰتِهِنَّ نِحۡلَةٗۚ فَإِن طِبۡنَ لَكُمۡ عَن شَيۡءٖ مِّنۡهُ
نَفۡسٗا فَكُلُوهُ هَنِيٓـٔٗا مَّرِيٓـٔٗا ٤

**«Маҳри занонро ба ризои хотир бидиҳед ва агар занон ба тибқи хотир чизе аз онро ба шумо бахшиданд, бигиред, ки ҳалол ва гуворост»** *(Сураи «Нисо», ояи 4)*.

Пас чӣ гуна ба шавҳар иҷоза медиҳад, чун дар маҳри зан касе ҳаққи шарик шуданро надорад.

Худованд фармуда:

وَإِنۡ أَرَدتُّمُ ٱسۡتِبۡدَالَ زَوۡجٖ مَّكَانَ زَوۡجٖ وَءَاتَيۡتُمۡ إِحۡدَىٰهُنَّ
قِنطَارٗا فَلَا تَأۡخُذُواْ مِنۡهُ شَيۡـًٔاۚ أَتَأۡخُذُونَهُۥ بُهۡتَٰنٗا وَإِثۡمٗا مُّبِينٗا ٢٠
وَكَيۡفَ تَأۡخُذُونَهُۥ وَقَدۡ أَفۡضَىٰ بَعۡضُكُمۡ إِلَىٰ بَعۡضٖ وَأَخَذۡنَ
مِنكُم مِّيثَٰقًا غَلِيظٗا ٢١

**«Ва моли фаровоне ба ӯ додаед, чизе аз ӯ нагиред, оё барои бозпас гирифтани он ба тӯҳмат мутавассил мешавед? Ин гуноҳи ошкоре аст. Чӣ гуна онро бозпас мегиред, дар ҳоле ки бо якдигар омезиш доштед ва занон аз шумо паймони устувор гирифтаанд»** (*Сураи «Нисо», оёти* 20-21)

Манзури оят аз моли фаровон он миқдор молест, ки занони ҳаммонанди ӯ гирифтаанд, на зиёда аз он. Дар ин мавзӯъ қиссаи бузурге ривоят шудааст, ки халифаи дувум Умар ибни Хаттоб (р) болои минбари Паёмбари Худо (с) баромад, баъд аз он гуфт: *Эй мардум, ин қадар*

*зиёд кардани маҳрҳои занон чӣ маънӣ дорад ва ҳол он ки дар замони Расули Худо (с) ва ёронаш маҳрҳо дар байнашон чаҳорсад дирҳам ва камтар аз он буд. Агар зиёд кардани маҳр назди Худованд тақво ё шарофат маҳсуб мешуд, шумо аз онҳо пешӣ намегирифтед. Дигар ба ман хабар нарасад, ки марде аз чаҳорсад дирҳам зиёд маҳр додааст.* Ин суханро гуфт ва аз минбар поин омад. Зане аз Қурайш пеши роҳи ӯро гирифта гуфт: Ай амири мӯъминон, оё мардумро аз зиёда аз чаҳорсад дирҳам додани маҳр манъ кардӣ? Гуфт: *Оре.* Он зан гуфт: Оё нашунидӣ, ки Худованд дар ин маврид дар Қуръон оят нозил карда? Умар гуфт: *Ку ҳамон оят?* Он зан гуфт: Оё нашунидӣ, ки Худованди бузург мегӯяд: **«Ва моли фаровоне ба ӯ додаед, чизе аз ӯ нагиред, оё барои бозпас гирифтани он ба тӯҳмат мутавассил мешавед? Ин гуноҳи ошкоре аст»** (*Сураи «Нисо», ояи20*).

Умар гуфт: *Парвардигоро, гуноҳони маро магфират кун, ҳамаи мардум дар дин аз Умар донишмандтар шудаанд.*

Баъд аз он қафо гашт, боз болои минбар омад ва гуфт: *Эй мардум, ман шуморо аз зиёда аз чаҳорсад дирҳам додани маҳрҳои занон манъ карда будам. Ҳар кӣ мехоҳад, аз молаш маҳр диҳад, чанде мехоҳад бидиҳад, ҳар кӣ дилаш хоҳад, ин корро анҷом диҳад.*[1]

Яке аз занони машҳури араб ба назди Паёмбар Муҳаммад (с) омада аз танггирии шавҳараш бар аҳли оилааш шикоят кард, ки шавҳари ӯ он вақт яке аз сарварони араб буд. Қиссаро гӯш кун: Ҳинд бинти

---

[1] Базор дар «Маҷмаъуззавоид» 4/329/ ва Ибни Касир дар тафсираш (2/212) гуфтааст, иснодаш қавӣ аст.

Утба гуфт: «Эй Расули Худо, Абӯсуфён марди ҳарисест ва ӯ ба ман он миқдор моле намедиҳад, ки ба худам ва фарзандонам кифоякунанда бошад, ба ҷуз ин ки ман аз ӯ пинҳонӣ мегирам ва ӯ намедонад. Он ҳазрат (с) фармуд: ***Ба некӣ бигир, миқдоре ки ба худат ва фарзандонат кифоя кунад».***[1]

Аз ин қисса чунин бармеояд, ки Паёмбар (с) занро дар мавриди аз моли шавҳараш истифода намудан дар моли шавҳараш амонатдор гардондааст. Агар аз ҳоҷаташ зиёдтар бардорад, амонатро хиёнат кардааст ва агар оқилона, некӯ амал намояд ва танҳо ҳаққи худу фарзандонашро бо некӣ бигирад, боке нест. Вале дар сурате, ки шавҳараш аз рӯи фазлу марҳамат чизе бештар ба ӯ бидиҳад, низ боке нест.

Ногуфта намонад, рафту зан сарватманд бошад, ба шавҳари муҳтоҷаш аз моли худаш чизе бидиҳад, албатта, аз садақа кардан ба дигарон ду баробар бештар аҷр хоҳад гирифт.

Дар замони Паёмбар Муҳаммад (с) ҳодисае рух дод. Зани сарватмандеро шавҳараш тангдаст буд ва зан бисёр мехост ба хотири савоб ба мискинону тангдастон ва фақирон дасти ёрӣ дароз кунад... Вале намедонист, ки аз молаш ба шавҳараш инфоқ кунад, оё ӯ савоб мегирад ё не?! Ин зан худаш қиссаи мазкурро ҳикоя карда мегӯяд: Паёмбар Муҳаммад (с) дар яке аз суханронияш фармуд: ***«Эй ҷамоаи занон, садақа кунед ва агарчи аз зеваролотатон ҳам бошад».*** Он зан мегӯяд: Ба назди Абдуллоҳ (шавҳараш) баргаштам ва гуфтам: Ту марде тангдаст ҳастӣ ва Расули Худо (с) моро ба садақа додан амр кард. Ба назди он ҳазрат (с) бирав ва

---

[1] Бухорӣ ривоят кардааст (5049) ва Муслим низ (1714).

бипурс, агар ин гуна садақа кардан аз ман маҳсуб шавад (яъне агар ба ту садақа кунам) ва агар маҳсуб нашавад, ба дигарон садақа кунам. Он зан мегӯяд: Абдуллоҳ ба ман гуфт: Худат ба назди он ҳазрат рав. Он зан мегӯяд: Ман худам рафтам, занеро аз ансор дидам, ки дар назди дари Расули Худо (с) истодааст ва ҳоҷати ҳардуямон як чиз. Гуфт: Бузургию шавкати Расули Худо (с) дар дилаш афканда шуда (ҷуръати даромаданро надорад). Он зан мегӯяд: Билол ба назди мо баромад, ба ӯ гуфтем: Ба назди Расули Худо (с) бирав ва хабар деҳ, ки ду зан дар назди дар истодаанд ва мепурсанд, ки оё ба шавҳаронашон ва ятимоне, ки дар канори онҳоянд садақа кунанд, садақа маҳсуб мешавад? Вале ба ишон хабар надеҳ, ки мо киҳо ҳастем. Он зан мегӯяд: Билол ба назди Расули Худо (с) даромад ва пурсид. Расули Худо (с) ба вай гуфт: ***Онҳо киҳоанд?*** Билол гуфт як зан аз ансор ва Зайнаб. Паёмбари Худо (с) гуфт: ***Кадом Зайнаб?*** Билол гуфт: Зани Абдуллоҳ. Паёмбари Худо (с) ба вай гуфт: ***Ин ду зан ду аҷр мегиранд, яке аҷри қаробат ва яке аҷри садақа».***[1]

Аммо дар мавриди вазифаи зан ва амали вай ту дар ёд дошта бош, ки Ислом ба зан кори ба худаш муносиб карданро ҳаром нагардондааст, балки баръакс бар зан кор карданро воҷиб гардондааст. Аммо миёни назари шумо ва назари Ислом фарқ дар авлавият аст. Шумо авлавиятро дар меҳнат кардан мебинед ва Ислом авлавиятро дар хона мебинад. Иллати авлавиятро дар кору амал дидани шумо хавф бурдани шумост бар зан, ки дар сурати кору амал накардани зан хавфи муҳтоҷӣ

---

[1] Ривояти Бухорӣ 1397 ва Муслим (79).

ва пас аз он зоеъшавӣ бар ӯ таҳдид мекунад. **Бояд ба чашми ақл ва ба воқеъият нигарист:** Аз ин ду авлавият кадомашро ба зан тақдим кунем: Хона, ё кор?! Маро бигзор, ман қазоват намекунам, тифли хурдсолатро пурс... Оғӯши киро мехоҳад...? Субҳу шом дар оғӯши ту буданро дӯст медорад, ё дар оғӯши хидматгорзан ё мураббия буданро! Агар ӯ оғӯши туро бихоҳаду ту ӯро вогузорӣ, пас ин мусибат аст ва агар аз ту гузашта оғӯши мураббияро мехостагӣ шуда бошад, пас инаш боз мусибати бузургтар аст!

Хидматгорзанро дар паҳлӯят бинишон ва тифлатро ба ҳолаш бигузор, ба сӯи шумо бо пову даст биёяд, то аз шумо якеро интихоб кунад, он гоҳ ӯро хоҳӣ дид, ки ғайри ту ҳаргиз каси дигарро интихоб намекунад, пас чӣ гуна ӯро вомегузорӣ, дар ҳоле ки ягона шахси интихобкардааш туӣ?

Ба ӯ бигӯ: Кадом пистонро мехоҳӣ? Пистони модаратро ё пистонаки ширдиҳии сунъиро? Онгоҳ ӯро ба ихтиёри худаш мон.

Ӯ ки сухан намегӯяд, хаёл мекунӣ, ки вай намефаҳмад ва дарк намекунад? Ӯ тӯдае аз шуур аст!

**Аз бародарони табиб,** ки назди мо ҳузур доранд, бипурс ва ба ишон бигӯ, вақте ки ба тифлат ба ҷои шири худат шири сунъӣ медиҳӣ, чи зарар мебинад? Аз лиҳози масуният аз беморӣ, тандурустӣ, нашъунамоёбӣ, вақте ки аз шири худат ба ӯ кам тағзия кунӣ, чӣ хисоротро мутаҳаммил мешавад? Дар таъмини саломатии кӯдак ба сабаби нуқсони масунияташ, ки реша дар беаҳмиятӣ дар тағзияи вай аз синаат дорад, чӣ қадар маблағ сарф мешавад?! Ва фарзанди ширхора ба сабаби аз оғӯшат дур мондан аз чӣ миқдор меҳру муҳаббати модар маҳрум гаштааст?!

Оё кору шуғли зан ин заъфи ҷисмонӣ ва рӯҳиеро, ки тифл дар он нашъу намо мекунад, ҷуброн карда метавонад? Оё зоеъ кардани чизе бадтар аз зоеъ кардани хурдсолон ҳаст? Фарзанде, ки аз пистони модараш шир намакидааст ва дар канори модараш тарбия нагирифтааст, сазовор аст, ки ба он сина ва он канор самимият надошта бошад ва касе, ки ба модараш вафодор нест, дигар афроди ҷомеа як тараф истад, оё метавон ӯро ба дигар хешу ақрабояш вафодор ёфт?

Ва модаре, ки фарзандашро дар канори шахси дигар вогузоштааст, сазовор аст вақти калонсолӣ ба номеҳрубонию нофармонии фарзанд рӯбарӯ шавад!

Ин дар сурате, ки тарбия ё хидматгорзан шахси нек бошад ва агар солеҳа набошад, вой бар ҳоли модару фарзанд. Ба оморҳои вижа дар мавриди азобҳое, ки тифл дар набудани модар аз дасти хидматгорзан мебинад ва гоҳо ба куштор ба бадтарин усул анҷом меёбад, бингаред!

Дигар ба он моле, ки зани соҳибвазифа гумон дорад барои худаш аз амалаш ҷамъ меорад, бингар. Бингар дар абзори зебу зинатдиҳии ҳаррӯза чӣ қадар харҷ мекунад? Ва аз рухсори тозаву пуртароваташ вақте ҳар рӯз аз ин маводи молиданӣ истифода менамояд, чи миқдор зоеъ мекунад? Ва ҳаққи шавҳарашро чи қадар поймол мекунад, дар назди ӯ ба таҷаммул намепардозад, чун вақтҳои дар хона будан то рӯзи кории дигар аз маводу рангҳои таҷаммулӣ пӯсти рӯяшро роҳат додан мехоҳад. Ва ҳамчун завҷа мақоми худашро, ки бояд барои шавҳараш худро ороиш диҳад ва шавҳараш барои ӯ худро ороста созад, чӣ миқдор аз даст медиҳад? Чӣ миқдор ҷойгоҳи худро

дар назди шавҳараш аз даст медиҳад, вақте шавҳар ӯро дар хона на ба он сурате мебинад, ки ҳамкоронаш дар ҷои кор ба он сурат мебинанд? Ва вақте шавҳараш занони ҳамкори худашро дар ҷои кор аз ӯ зеботар мебинад, шавҳарро низ зоеъ мекунад. Ва чи миқдор пул дар харидорӣ кардани либосҳое, ки ба онҳо худро пеш аз ҳар рӯз ба кор рафтан меорояд, сарф менамояд? Ва дар ниҳоят, ҳар як аз ин нуқтаҳо ва ғайри инҳо чӣ қадар хароҷот доранд?

**Ай генерал:** Аз он ки ту донишманди улуми собиқи ҳарбиӣ, аз ту мепурсам, сарлашкаре, ки баъди омода кардани лашкар ба ҷанг ворид шудан хоҳад, ӯ бояд чи кор кунад? Оё ӯро воҷиб нест, ки аз нерӯҳои имдодие, ки ба ӯ мерасад, ҳимоя кунад ва нерӯи таъминкунандаро тақвият бахшад? Баъд аз он вақте лашкар дар ҷанг зарар бинад, ӯ бояд ҷабҳаи дохилиро, ки ба сӯи он бармегардад, ҳимоя кунад. Оё чунин нест?

## *Зиёни бузург*

Оё ҳангоми ҷанг аз лашкар қатъ шудани таъминот зиёни бузург нест? Ё вақте ба шаҳри худаш ба назди раъияташ баргардад, то бо нерӯи тоза ба душман ҳамла барад ва дар ҷабҳаи дохилияш на кишварро ёбаду на раъияташро, магар хисороти бузург нест? Вақте зану мард хонаашонро гузошта ба кор меравaнд, тарбияи насли оянда, тарбияи асоси ҷомеаро вомегузоранд, айни ҳамон чизест, ки барои сарлашкар рух дод. Вақте зербино устувору мустаҳкам набошад, биноро баланд бардошта бо ҳашамат сохтан чӣ фоида дорад?

**Ай генерал!** Оё зан, дар ҳақиқат баробари барои кор аз хона берун омаданашояндаашро кафолат

медиҳад, вақте ба ӯ мусибате ё балое бирасад... ё ӯ ҳамаро, ҳам ҳозиру ҳамояндаашро барбод медиҳад?

Ин як найранги хабис аст, вақте душманони зан ба хаёли зан тасаввуреро ҷой мекунанд, ки қимати кафолатиояндааш дар нобуд кардани ҳозираш аст!

Барбод додани нигоҳубини фарзанди хурдсолаш, меҳру муҳаббаташ ва шояд ҳаёташ...

Аз даст додани эътимоди шавҳарат, вақте зиндагӣ дар миёни шумо тавре шавад, ки нисбати якдигар шакку шубҳа кунед ва дар расидан ба кафолатиояндаи дурахшон мусобиқа намоед. Аз ҳаёти оилае, ки ду рукни асосии он бар асоси моддигароӣ, бадгумонӣ нисбати якдигар ва бар асоси худхоҳиву худбинӣ бино шуда бошад, чиро бояд интизор шуд? Оё коре беҳтару бузургтар аз тарбияи наслҳо вуҷуд дорад? Оё дар иҷрои ин амали шарафманд касе модарро иваз карда метавонад?

Ба замми ин ҳама хисороте, ки зикр кардем, ту худ ҳисоб кун, чӣ қадар занон корҳоеро анҷом медиҳанд, ки онро мардҳо анҷом дода метавонанд? Баъд аз он боз бишумор ба замми он ҳама хисороте, ки зикр кардем, чӣ қадар мардони сарпарасти оилаҳо ба сабаби кор кардани занон дар корҳое, ки мардон онро анҷом дода метавонанд, бекор мондаанд? Боз ҳисоб кун, ки чӣ қадар рухсатиҳои айёми ҳамл ва вилодат ҳар сол чанд соати кориро аз байн мебарад? Боз бекории ҷавонони толиби корро ҳисоб кун, ки боиси чӣ ҳазинаҳои вазнин мешавад ва ҷавонон ва умуман башарият ба сабаби бекории ҷавонон ва паёмадҳои номатлуби ин бекорӣ чӣ хисоротеро мутаҳаммил мешаванд?

Баъд аз ин ҳама, ба шумор биёр, ки аз он бекорон

чӣ қадарашон дар маҳбасҳо умр ба сар мебаранд ва барои онон чӣ қадар нерӯ ва сарват сарф мешавад, чӣ қадар мол нафақа мешавад ва ба сабаби бекор мондани онҳо истеҳсолот чӣ қадар зарар мебинад. Баъд аз он боз бишумор, ки оилаҳо аз даромади солонаашон барои ходимаҳо ва мураббияҳо, ки ишон дар хонаҳо модарони ивазианд, чӣ миқдор харҷ мешавад? Пас аз ин ҳама боз ба ҳисоб гир, ки занони коргар аз дороияшон барои харидани давоҳои таскинбахш ба сабаби фишорҳои кор чӣ қадар харҷ мекунанд? Тамоми ин масорифро ҷамъ кун, то ҳисоби тахминии хисороти моддиеро, ки ҷомеа ба сабаби зани коргар ба шакли мутлақ мутаҳаммил мешавад, бидонӣ. Ту агар хисороти ба ҷомеа воридшуда аз авлавият додан ба коркунии занро бишуморӣ, аз назари моддӣ на динӣ, албатта, дарк хоҳӣ кард, ки хисоротбинандаи аввал ва бузург худи зан аст, сипас ҷомеа, баъд аз он оянда аст.

Ва муҳимтарин сабабҳое, ки натиҷаҳои интихоботи раёсатҳои ҷумҳурро амалӣ менамояд, натиҷаи кори берунихонагии зан аст.

Чаро мо ин ҳама хисоротро ба ҳисоб намегирем, баъд аз он ҳисобро тағйир диҳем ва нишастани занро дар хона вазифаи табиии ӯ бидонем ва ба ӯ дар баробари ин амалаш музд бидиҳем, пас миёни ҷуброни хисоротҳо, кафолати оянда ва наслиояндаро ҷамъ мекунем. Хоҳиш мекунам, ай генерал, шитоб макун, интизор бош, то ҳисобро бароят равшан кунам ба изофаи тамоми он ҳисоботи пешина, ки зикр кардам...

Ба нишастани зан дар хона авлавият додан раъйи ман ба унвони як шахси мусалмон нест, балки чунончи зикр кардӣ, ин сухани Қуръон аст. Аҷибаш он аст, ки

дарвоқеъ, ин раъйест, ки бархе аз занони ғарбӣ имрӯз баъди таҷриба кардани фарҷоми номатлуби берун аз хона кор кардан ба ин фикр бозгаштанд.

## *Созмони Модар*

Созмони «Модар», ки соли 1938 дар Вилоёти Муттаҳидаи Амрико таъсис дода шудааст, ба нашр расонд, ки зиёда аз 15 ҳазор зан баъди ба ихтиёри худ аз кор даст кашидан барои сарпарастии онҳоро ба ӯҳда гирифтан ба ин созмон шомил шуданд.

Дар назарсанҷие, ки созмони «Таҳқиқ» соли 1990 дар Фаронса баргузор кард ва назари 2,5 миллион ҷавондухтарро санҷид ва натиҷаашро дар маҷаллаи «Мари кир» ба нашр расонд, аз он ҷавондухтарон 90% майли бозгаштан ба хонаро доштанд, то аз вобастагии ҳамешагӣ дар ҷои кор раҳоӣ ёбанд. Онҳо аз он низ норозӣ буданд, ки шавҳарон ва атфолашонро ба ҷуз вақти хӯроки шом дигар вақт дида наметавонанд.

Ва дар Аморати Муттаҳидаи Амрико 40% занони коргар, дар Шветсия 60%, дар Олмон 30%, дар Иттиҳоди Шӯравӣ 28% аз вобастагӣ ба ҷои кор ва ноором̣ӣ ранҷ мекашанд. Ҳамчунин 76% доруҳои оромибахш ба занони коргар сарф мешавад.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ, раиси ҷумҳури собиқи он М. Горбачев дар китоби хеш навиштааст, ки зан баъд аз кор кардан дар истеҳсолот, дар идороти хадамот, сохтумон вақте надошт ба корҳои хона ва тарбияи атфолаш бипардозад. Ва изофа мекунад: «Мо муайян кардем, ки бисёре аз мушкилоти мо дар рафтору ахлоқи наврасон, ҷавонон ва дар маънавиёти мо, фарҳангамон ва истеҳсолотамон ҳама реша дар ба фаромӯшӣ супурдани робитаҳои оила дорад. Ва ин аст

натиҷаи табиии рағбату пофишории мо ва сиёсати зарурати баробарии зан ба мард».[1]

## *Ҷонишини кафолатдор*

Ҳоло бояд бидонӣ, ки ин хисороте, ки ман зикр кардам ва ин рақамҳои зикршудаи хостанҳо ҳолатҳои вобастагӣ ва ғайри он машғулиятҳо нест, балки он осори хатарнок ҳам ба кору амал ва ҳам ба оила дорад. Дар таҳқиқоти мӯътамаде омада, ки 91 дарсади роҳбарони ширкатҳо хушунати оилавиро барои кор хатарзо медонанд ва 60 дарсади роҳбарони иҷроия бар он эътиқоданд, ки хушунати оилавӣ ба бесамаранокии кор таъсир мерасонад ва 85 то 95 дарсад аз қурбониҳои муомалаи хушунат дар хона занонанд ва ҳар сол бар сатҳи амрикоӣ 2 миллион хисорот аз қурбониҳои хушунат дар хона мешаванд.[2]

Ва бо ин вуҷуд ман мехоҳам барои ту таъкид кунам, ки ин нисбатҳо ба мурури айём боз зиёд хоҳанд шуд. Бояд бидонед, ки бо дар хона нишастани зан бо ҳамин ҳоле, ки дорад, мушкилаи шумо ҳал намешавад. Чунки ҷомеа дар ҳамин айём ба ин кор омода нест, агарчи зарари дар хона нишастан камтар аст, вале роҳи ҳал бо кор гирифтан аз ақл ва омода кардани зеҳнҳо пеш аз амалӣ намудан аст.

Ислом занро ба нишастан дар хона амр накардааст, магар баъд аз омода намудани як маҷмӯъаи комиле, ки занро аз лиҳози моддӣ ҳимоя карда, кароматии ӯро аз

---

[1] Сарчашма: Маҷаллаи «Баён», рақами 149, саҳ. 62, мақола зери сарлавҳаи «Аз зан чӣ мехоҳанд?», нависандааш Маҳмуд Карам Сулаймон ба табъ расидааст.

[2] www.endabuse.org/programs/printable/display.php3docid=00001

лиҳози маънавӣ дар ҷомеа ҳифз карда шаванд. Ислом вақте занро ба нишастан дар хона амр кард, ки сараввал ба шавҳараш накӯӣ карданро ба зан ва таъмини нафақаи ӯро фарз гардонд. Паёмбар Муҳаммад (с) фармуд: ***«Басанда аст шахсро аз гуноҳ ин, ки боздорад маъоши касеро, ки маъошаш бар ихтиёри ӯст».***[1]

Ислом ҳамчунин ба мард воҷиб гардондааст, ки барои худ нисбат ба занаш дар либос, хӯрок ва табобат бартарият қоил нашавад. Ин мавзӯъ дар худи Қуръон омадааст. Худованд мефармояд:

وَلَهُنَّ مِثْلُ ٱلَّذِى عَلَيْهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ وَلِلرِّجَالِ عَلَيْهِنَّ دَرَجَةٌ ۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٢٢٨﴾

**«Ва барои занон баробари вазифаҳое, ки бар ӯҳда доранд, ҳуқуқи шоистае қарор дода шудааст»** *(Сураи «Бақара», ояи 228).*

Инчунин баъд аз ин беҳтарини мардум касеро хонда, ки бо зану фарзандонаш муносибати нек дошта бошад. Паёмбар (с) мефармояд: ***«Ва беҳтарини шумо беҳтарини шумо барои аҳли хонаводааш аст ва ман беҳтарини шумоям барои аҳли хонавода».***[2]

Дар мавриди беҳтарин шахс будан бо камоли масъулият ба зану фарзанд нафақа карданро меъёр қарор додааст. Ва нафақаи фарзандро бар падар воҷиб гардондааст, на бар модар. Он ҳазрат (с) мефармояд:

---

[1] Ривояти Муслим (2/692) рақами 996.

[2] 1. Ривояти Тирмизӣ (3895), соҳиби ас-Силсила онро дар «Саҳеҳ»-и Тирмизӣ ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.
2. Ривояти Насоӣ (9176), соҳиби ас-Силсила онро дар Саҳеҳи тарғиб ва тарҳиб (1965) ҳадиси ҳасан хондааст.

***«Кофист барои шахс ин гуноҳ, ки зоеъ гузорад он киро, ки сарпарастиаш ба ӯҳдаи ӯст».***

**Ислом ҳамчунин мақоми нафақаи зану фарзандонро бар мард боло бурдааст,** то ҷое ки онро назди Худо олитарин навъи нафақа хондааст. Дар ҳадис Паёмбар (с) мефармояд: ***«Диноре аст, ки дар роҳи Худо сарф мекунӣ, диноре аст, ки дар озод кардани ғуломе сарф мекунӣ ва диноре аст, ки бар мискин сарф мекунӣ ва диноре аст, ки бар хонаводаат сарф мекунӣ, савоби он ки бар хонаводаат сарф мекунӣ, бузургтар аст».*** [1]

Ислом ҳамчунин молу мулки занро ба худи ӯ хос кардааст, шавҳараш ба моли ӯ тамоман ҳаққи дахолат надорад...

Мард вақте ба занаш нафақа кунад, ин бар ӯ фарз аст, аммо вақте зан барои шавҳараш аз моли хоси худаш чизе харҷ кунад, ин барои зан садақа мешавад. Чунончи дар қиссаи Зайнаб зикр шуд, ки аз Паёмбар Муҳаммад (с) дар мавриди барои шавҳараш чизе нафақа кардан пурсид, ки оё ӯро аз ин нафақа подоше дода мешавад, ё не?

## *Ҳомии бузург*

Ислом фарзандонро, чи духтару чи писар ҳомии модар қарор додаст, чи дар замони ҳаёти падарашон ва чи баъди вафоти падар ва ҳимояи аввали онҳо ҳимояи моливу маънавист.

Бо вуҷуди он ки некӣ кардани фарзанд ҳам ба падар ва ҳам ба модар воҷиб аст, вале вақте шахсе ба назди Паёмбар (с) омада дар мавриди тартиби ҳақдорӣ пурсид ва гуфт: «Эй Расули Худо (с), кадом кас ба

[1] Ривояти Муслим (995).

хушрафториам сазовортар аст? Фармуд: ***Модарат.*** Гуфт: Боз чи касе? Фармуд: ***Модарат.*** Гуфт: Боз кӣ? Фармуд: ***Модарат.*** Гуфт: Боз кӣ? Фармуд: ***Падарат***».[1]

Вақте падару модар оҷизу нотавон шаванд, ё ба синни пиронсолӣ бирасанд, ё тангдаст шаванд, ё заъиф гарданд, фарзандон ана ҳамин гуна зимонатро ба дӯш доранд. Ва мард вақте аз олам даргузарад, занаш ҳамроҳи дигар меросгирон мерос мебарад. Ҳар қадар шавҳар фарзанди зиёд ҳам дошта бошад, зани ӯ аз мерос маҳрум карда намешавад. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки Ислом ҳиссаи ӯро собит кардааст, ки он дар ҳолати фарзанд надоштани шавҳари вафотёфтааш чаҳоряки моли аз шавҳараш боқимондаро мегирад. Вале агар шавҳараш фарзанд дошта бошад, дар он сурат ҳиссаи ӯ ҳаштяки моли вогузоштаи шавҳарро мегирад...

Ногуфта намонад, зан тибқи қонуни шаръӣ, ҳақ дорад нафақаашро аз шавҳараш талаб намояд ва қозӣ шавҳари ӯро водор ба яке аз ин ду кор мекунад: Ё ба занаш ба хушӣ нафақа медиҳад, ё ӯро талоқ медиҳад ва бо додани мол ба занаш эҳсон менамояд...

## *Саҳми писар ду баробари духтар*

**Изабелла:** Ай Абӯҳомид, дар мавриди он ки дини шумо ба зан эҳтиром гузошта ва ӯро мукаррам кардааст, хеле суханони зебо гуфтӣ ва далелҳои ақлӣ ҳамроҳ бо бурҳонҳои динӣ овардӣ. Барои ман, ҳамчун зан хеле равшан шуд, аммо мутаассифона, ин ҳама гуфтаҳои туро ояти қуръоние, ки дар мавриди фарқи миёни зану мард омадааст, тира месозад. Ояти қуръонӣ дар моли боқимонда аз шахси вафотёфта барои зан як

---

[1] Ривояти Бухорӣ (5626) ва Муслим (2548)

ҳисса ва барои мард ду ҳисса муқаррар мекунад. Оё ту ин фарқияти ошкори миёни марду занро дар низоми ирс метавонӣ инкор кунӣ?

**Абӯҳомид:** Мехоҳам сараввал аз ту чанд суол кунам, то баъд аз он баён намоям, ки оё дар ин низоми исломии воридшуда дар ояти **«саҳми писар ду баробари духтар аст»** барои зан ситам аст ва ё адли мутлақ? Ва ба ин суолҳо ҷавоб хоҳам гуфт, зеро ман намехоҳам, ки нишасти мо монанди ҷаласаҳои гузоришии пулисӣ бошад. Агар аз ҷавобҳои ман қаноат ҳосил накардӣ, фавран бидуни таъхир эътирозатро эълон кун. Худованд вақте дар Қуръон **«саҳми писар ду баробари духтар аст»** гуфт, оё барои зан ҳаққе муайян кард, ё барои ӯ тамоман муқаррар накард? Бидуни шак, ҷавоб маълум аст, ки ҳақ муайян кард. Суоли дувум: Оё касе қудрати лағв кардани ин ҳаққи барои зан муқарраркардаи Худовандро дорад?

**Ҷавоб:** Касе ин қудратро надорад, ҳатто худи меросгузор ҳақ надорад, ки занро аз ҳаққи меросаш маҳрум созад. Паёмбари гиромӣ (с) дар ин маврид ниҳоят сахтгирӣ карда мефармояд: ***«Марде ҳафтод сол ба амали аҳли хайр амал мекунад, сипас вақте васият кунад, дар васияташ ба ҷабру зулм роҳ медиҳад, пас дар охир ба амали бад кораш хотима меёбад, аз ин хотир ба оташи Дӯзах медарояд».***[1]

Паёмбари гиромӣ (с) умуман миёни меросбарон ҳама намуди фарқгузориро дар васият манъ кардааст.

---

[1] Аҳмад дар «Муснад»-аш ривоят кардааст (2/278/) ва дар исноди он Шаҳр ибни Ҳавшаб ҳаст. Ин ҳадисро чанд тан аз мусаҳҳеҳони ҳадис заъиф гуфтаанд. Арноут гуфта ва соҳиби ас-Силсила низ онро заъиф хондааст. Ва Аҳмад Шокир исноди ин ҳадисро дар «Умдатут-тафсир» саҳеҳ гуфта (1/217).

Он ҳазрат мефармояд: ***«Барои ворис васият нест».***

Аз ин рӯ васият барои касе, ки ҳаққи меросбарӣ дорад, ботил аст ва ин гуна васият ба иҷро расонда намешавад, баробар аст, ки васият дар мавриди зиёд кардани ҳаққи ворис бошад ё кам кардани он. Дар қиболи ин мехоҳам бипурсам: Назди шумо эй аврупоиҳо ва амрикоиҳо ва ғайри шумо оё ворис ҳақ дорад ба васияти муайян духтаронро аз мерос маҳрум намояд, ё не? Ҷавоб маълум аст, ки ин ҳақро дорад, чунки шумо дар моли худаш тасарруф кардааст, мегӯед!

Оё шахси ирсгузор ҳақ дорад духтарон ё баъзеи онҳоро бо баҳонаи он ки онон масалан, ба бегонагон ба шавҳар баромадаанд, аз онҳо ҷудоянд ва дур аз ишон зиндагӣ мекунанд, чунончи ин одат шуда, ё ба сабаби он ки ба табъи ӯ намеферанд, ва беҳтар аст ӯ ҳаққи онҳоро ба саги худаш бидиҳад, чунки сагаш одатан ҳамеша ҳамроҳаш аст, аз мерос маҳрум созад ё не?

**Ҷавоб:** Оре, ин кор дар амал воқеъ шудааст, ҳамон гуна ки меросгузор ҳақ дорад, моли аз худаш баъди мурдан боқимондаро ба муассисаҳои хайрия ё ба ҳар касе хоҳад, медиҳад ва ворисонро маҳрум месозад.

Ва суоле, ки баъд аз ин суол аст: Оё Ислом вакте ин ҳақро барои зан машрӯъ гардонд, он рӯз зан ҳаққи мерос бурданро дошт?

## *Занро аз маҳрумиятҳо наҷот дод*

**Ҷавоб:** Китобҳои таърих ба мо ҳикоя мекунанд, ки зан на танҳо аз мерос бурдан маҳрум буд, балки худ аз ҷумлаи моли ба меросгузошта ва моли меросбурдашаванда дониста мешуд. Дар ин маврид

дар китобҳои таърих омадааст, ки вақте Абуқайс ибни Аслат вафот кард, писараш Меҳсан зани падарашро ба мерос бурд ва ӯро ба занӣ гирифт ва ба ӯ аз моли шавҳараш чизе мерос надод. Он зан ба ин зулму ситам сабр карда натавонист ва ба назди Паёмбари гиромӣ (с) омада, аз он ҳама ноадолатиҳо ба он ҳазрат (с) хабар дод. Худованд дар ин маврид ин оятро фурӯ фиристонд:

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا يَحِلُّ لَكُمۡ أَن تَرِثُواْ ٱلنِّسَآءَ كَرۡهٗاۖ ﴿١٩﴾

**«Эй мӯъминон, барои шумо ҳалол нест, ки занонро бар хилофи майлашон ба ирс бибаред»** *(Сураи «Нисо», ояти 19).*[1]

Боз ривоят шуда, ки Саъд ибни Рабеъ (р) вақте рӯзи ҷанги Бадр ба шаҳодат расид ва аз ӯ як зану ду духтар боқӣ монд, бародари (Саъд) моли ӯро гирифт. Зани Саъд ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: Саъд ҳамроҳи шумо буд, кушта шуд ва аз ӯ ду духтар мондааст ва амакашон моли инҳоро соҳиб шудааст. Маълум аст, ки ба зан танҳо ба хотири молашон рағбат мешавад. Паёмбар (с) фармуд: ***Худованд дар ин мавзӯъ чизе фуруд нафиристодааст.*** Баъд аз он нишонаи ваҳй бар он ҳазрат пайдо шуд, вақте аз ҳолати қабули ваҳй берун омад, фармуд: Моли Саъдро боздоред, Худованди Мутаъол дар ин мавзӯъ он чи ба ман баён кард, ба шумо баён мекунам. Ва бар онҳо сухани Худовандро тиловат намуд: **«Мардонро аз он чи падару модар ва хешовандон ба ҷой гузоштаанд, саҳмест ва занонро низ аз он чи падару модар ва хешовандон**

---

[1] Тафсири Табарӣ (3/646). Санади ин қиссаро Ҳофиз ибни Ҳаҷар ҳасан хондааст, Фатҳу-л- борӣ 8/247/.

**гузоштаанд, насибе ҳаст, хоҳ кам ё зиёд, ин саҳме аст муқаррар»** *(Сураи «Нисо», ояи 7).*

Баъд аз он боз сухани Худованд нозил шуд:

يُوصِيكُمُ ٱللَّهُ فِيٓ أَوۡلَٰدِكُمۡۖ لِلذَّكَرِ مِثۡلُ حَظِّ ٱلۡأُنثَيَيۡنِۚ ﴿١١﴾

**«Худованд шуморо дар бораи фарзандонатон дастур медиҳад, ки саҳми писар ду баробари духтар аст»** *(Сураи «Нисо», ояи 11).*

Сипас Расули Худо (с) бародари Саъдро ба назди хеш хонда, амр намуд, ки ба ду духтар ду се яки мол ва ба зани Саъд ҳаштяки молро бидиҳад ва боқимодааш аз ӯст.[1]

Аз ту ва аз ҳар яки шумо хоҳиш мекунам, ҳар кас аз худаш суол кунад. Оё ин барои зан мисоли идеалӣ аст ё не? Оё дар ин ривоят бозпас гирифта додани ҳаққи шаръии зан аст, ё ҳаққи занро ба мард додан? Ва чӣ чиз болотар аз ин аст, ки дар мавзӯъи зан Худованд доварӣ карданро худ ба ӯҳда гирифтааст?

**Устод Изабела:** Оре, ман бо таъкид мегӯям, ки ин мисоли идеалист. Ҳоли зан дар ҷомеаҳои аврупоии мо аз ҳоли зан дар ҷомеаҳои арабии шумо дар асрҳои миёна, замоне ки Муҳаммад (с) зуҳур кард, тақрибан дар миёнаҳои асрҳои миёна бадтар буд!

Аммо, оё бо ман дар ин мавзӯъ, ки он чи Ислом анҷом дод, яъне ба зан нисфи ҳаққи мардро дод, ба назм даровардани зулму ситам аст, ҳамфикр нестӣ? Зеро дар ҷомеаҳои онрӯза зулму ситами занон ба сурати бебандубор сурат мегирифт. Оре, агар Ислом занро дар гирифтани мерос бо мард дар як сатҳ қарор

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (2891). Ва соҳиби ас-Силсила ин ҳадисро ҳадиси саҳеҳ хондааст.

медод, он гоҳ мегуфтем, ки ин аст адли мутлақ. Аммо муайян намудани мероси зан нисфи мероси мард, аз он бозгӯӣ мекунад, ки қадру қимати зан нисфи қадру қимати мард аст. Оё аз ин бадтар фарқгузорӣ вуҷуд дорад?

**Абӯҳомид:** Аз ту шукргузорам, ки чунин эътироз намудӣ, эътирозе, ки маро водор ба он мекунад, то умуреро тавзеҳ диҳам, ки шояд ба он аҳмият намедодам. Ай устод, ту ва ҳамаи эътирозкунандагон бар он боваред, ки ин гуна ҳадду андоза муайян кардани Ислом, ки барои зан нисфи мероси мард аст, поин бурдани қадри инсонии зан аст. Ин бовари шумо аз мақоми нисф аст. Оё чунин нест?

**Ва ҷавоб** маълум аст: Оре. Ва ман мегӯям, агар мавзӯъ дар асл мисли гуфтаи шумо мешуд, он гоҳ ман ҳам монанди шумо мепиндоштам. Вале агар ҳолатҳоеро пешкаши шумо кунам, ки зан дар он ҳолатҳо бо мард баробар аст, чӣ мегӯед? Он гоҳ оё шумо бовар мекунед, ки Ислом арзиши занро ба арзиши мард баробар кардааст? Балки метавонам ҳолатҳоеро баён намоям, ки мероси зан дар он ду баробари мероси мард аст ва ҳолатҳое низ вуҷуд дорад, ки зан се баробари мард мерос мебарад. Инро чӣ мегӯед? Оё мегӯед, ки Ислом ба зан нисбат ба мард бартарият додааст?

Ва агар ҳолатҳоеро ба унвони намуна биёрам, ки дар он зан мерос мебараду мард не. Оё он гоҳ мард дар Ислом ҳеҷ арзише надорад, мегӯед?

Агар барои ҳар як аз ин ҳақиқатҳо рақам ва аз Қуръон ва аз ҳадиси Паёмбар Муҳаммад (с) далелҳо биёрам, оё бо дарназардошти ин, ки афзунии ҳиссаи мерос қадрро афзун мекунад, чунончи шумо бар ин

боваред, бешубҳа Ислом қадри занро аз мард боло бурдааст мегӯед?

Ҳоло тааммул кунед! Агар шахси фавтида падару модар ва ду духтар дошта бошад, Ислом ба ҳар кадоми ин мардону занон чӣ қадарӣ медиҳад?

Ба падар шашяки молро медиҳад ва ба модар низ шашяк ва ба духтарон ду сеяк. Бингар, дар ин ҷо миёни марду зан, яъне падару модарро баробар кардааст. Ва ба ҳар яке аз духтарон сеяк додааст, ки ду баробари падари мурда аст. Ва ӯ мард аст. Агар духтарон фарзандони насабӣ неву ширхора бошанд низ тақсими мерос чунин аст? Яъне қадри духтарони ширхора аз қадри падару модари шахси фавтида бузургтар аст?

**Ҷавоб:** На, вале Ислом дар ин гуна ҳолатҳо ояндаеро, ки насли ҷадид дар интизори он ва паёмадҳои он аст, риъоя мекунад. Бидуни шак, ин бузургтар аст аз ояндае, ки дар интизори бобо ва модаркалони онҳост, ҳамроҳ бо адами маҳрум намудани онҳо ба изофаи он чи онон пеш аз ин доштанд. Ин ҳама риояҳо аз он хотир аст , ки Ислом тавозуни аҷиберо дар мавриди лавозимоти зиндагии ояндаи дур барои наслҳои оянда риъоя мекунад.

Масъалаи дигаре низ ҳаст: Агар меросгузор як писару ду духтар ва як бародару як амак дошта бошад, дар ин сурат тамоми мерос аз писару духтар аст. Бародару амаки шахси фавтида дар он ҳеҷ ҳаққе надоранд, ҳол он ки онҳо марданд. Агар сабаб пурсӣ, мегӯем сабаб ин аст, ки Ислом наздикиву дурии ворисонро риоя мекунад. Ин боз қоидаи дигарест аз қоидаҳои тарака.

Мисолҳо хеле зиёданд, вале бо мутолаъа ва баррасии тақсими мерос дар Ислом дар мавриди

ҳиссаҳои марду зан ба шакли зайл зоҳир мешавад.

Дар тақсими мерос чор ҳолат аст, ки  зан дар он ҳолатҳо нисфи мард мегирад.

Боз ба маротиб бештар аз ин чаҳор ҳолат ҳолатҳое ҳаст, ки зан дар он баробари мард мегирад.

Инчунин даҳ ё бештар аз даҳ ҳолат аст, ки зан бештар аз мард мегирад.

Ҳамчунин чанд ҳолати дигарест, ки зан дар онҳо мерос мегирад ва мардони монанди ӯ намегиранд.

Яъне дар тақсими мерос зиёда аз сӣ ҳолат аст, ки зан дар он ё баробари мард мегирад, ё бештар аз мард ва ё зан мегираду марди ҳамназири ӯ намегирад. Ҳамаи ин дар баробари чаҳор ҳолат муайян шудааст, ки зан нисфи мард мегирад. Оё раво аст баъди ин муқоиса тасаввур кунем, ки мерос дар Ислом бар асоси марду зан будан аст?

Бидуни шак, ту ҳоло суоли дигар хоҳӣ дод, ки фикри насиби зан нисфи насиби мард будан аз куҷо пайдо шудааст? Аз ихтилофи мардум, ё аз худи Қуръон? Оё ояти **«саҳми писар ду баробари духтар аст»** (*Сураи «Нисо», ояи* 11) дар Қуръон нест?

Ҷавоб: Аар шумо пеш аз ин ду калима танҳо ба ду калимаи ҳамин оят бингаред, ҳақиқатро мефаҳмед. Худованд пеш аз ин ду калима гуфтааст: **«Худованд шуморо дар бораи фарзандонатон дастур медиҳад, ки саҳми писар ду баробари духтар аст»** (*Сураи «Нисо», ояи* 11).

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин хоси фарзандон аст, яъне танҳо хоси писарон аст. Яъне ин мавзӯест, ки ба ҷинси марду ҷинси зан алоқаманд нест, чунонки бархе қаламдод мекунанд, ки ҳамаашон фарзанди шумоянд, баробар аст, ки писаранд ё духтар. Шоиста

ба зикр аст, ки ин ҷо боз ҳикмати дигарест, лозим аст онро ҷустуҷӯ кунед, то бидонед, чаро дар ин мавқеъ ҳадду андозае муқаррар шуда, ки ҳиссаи писар ду баробари ҳиссаи духтарон гашта. Бешубҳа ин тақсимбандиест, ки эҳтиёҷ ба дурнигарӣ надорад, то ҳикмати онро дарк кунем ва бифаҳмем, ки чаро ҳиссаи писарро ду баробари ҳиссаи хоҳараш кардааст. Тасаввур кун, ки масалан марде аз олам гузашт ва аз ӯ Аҳмад ном писаре ва Меҳрӣ ном духтаре боқӣ монд ва ӯ молу сарват ба мерос гузошт. Аз он ду нафар вақти пеш омадани ҳоҷат кадомашон масъулияти харҷ кардан бар дигареро дорад? Ислом ба Аҳмад воҷиб гардондааст, ки барои хоҳараш Меҳрӣ харҷ кунад, аммо моли ба меросбурдаи хоҳар захираи худи ӯст. Вай метавонад онро дар тиҷорату дигар муомилот афзун созад, дар асное, ки бародараш Аҳмад вазифадор аст барои хоҳараш Меҳрӣ сарф кунад, ҳатто агар моли ба меросгирифтааш тамом шавад, боз ҳам ӯро лозим аст аз моли шахсиаш барои хоҳараш сарф намояд.

## *Аҳмад ва Меҳрӣ*

Баъд аз он вақте Аҳмад ва Меҳрӣ бузург шаванд ва Аҳмад хонадор шудан хоҳад, кӣ хароҷоти хонадоршавии ӯро бар дӯш хоҳад гирифт? Оё худи ӯ бори хонадоршавиашро бар дӯш намегирад? Ӯ худ ҳама хароҷотро аз моли худаш, ё аз он моле, ки ба мерос гирифта буд, агар боқӣ монда бошад, таҳаммул мекунад. Аммо моли ба меросбурдаи Меҳрӣ ҳамчунон дар дасти ӯ боқист ва ба изофаи он ҳангоми хонадоршавӣ моли маҳр низ, ки пурра онро ба даст овардааст, зам мешавад. Касе ҳақ надорад ба моли ӯ

даст расонад, на падар, на бародар ва на шавҳараш.

Ва дар Қуръон ба мардон дар мавриди маҳри занон хитоб карда мефармояд: **«Маҳри занонро ба ризои хотир бидиҳед ва агар занон ба хости худ чизе аз онро ба шумо бахшиданд, бигиред, ки ҳалолу гуворост»** (*Сураи «Нисо», ояи* 4).

Пас маълум шуд, ки аз ҷониби Худованд лозим гардонда шудааст, агар зан аз маҳраш гузарад, ё ба хоҳиши худаш бибахшад, хеле хуб ва илло бояд чунончи дар матни ояти боло омад, шавҳар маҳрро пурра медиҳад. Баъд аз он Меҳрӣ фарзанд овард ва модар шуд ва ҳамзамон Аҳмад низ падар шуд ва ҳар ду бародару хоҳар соҳиби фарзандон шаванд, ба фарзандони Меҳрӣ чӣ касе пулу мол сарф мекунад? Оё шавҳараш сарф намекунад? Оё Аҳмад нест он касе, ки сарфу харҷи ҳамсари худаш ва фарзандонашро бар дӯш мекашад! Фарз кардем писарони Аҳмад бузург шаванд ва ӯ тангдасту мӯҳтоҷ шуда аз сарф кардан оҷизояд, ҳатто барои завҷаи фақираш ҳам нафақа дода натавонад, нафақаи ӯ ба дӯши фарзандонаш меафтад ва фарзандонаш низ аз сарфу харҷи модару падар оҷиз монданд, магар ба яке аз онҳо нафақа карда тавонанд, пас барои сарф кардан, кӣ муқаддам аст? Онҳо модарашонро ба сарф намудан муқаддам медонанд. Ҳамин аҳвол агар дар оилаи Меҳрӣ, пеш ояд, бешубҳа Меҳрӣ аз назари фарзандонаш барои сарф кардан муқаддам аст. Дар ҳадис омадааст, ки марде ба назди Расули Худо (с) омада, гуфт: Эй Расули Худо, кадом кас ба хушрафтории ман сазовортар аст? (Расули Худо) фармуд: ***Модарат.*** Боз гуфт: Боз кадом? Фармуд: ***Модарат.*** Гуфт: Боз кадом? Фармуд:

***Модарат.*** Гуфт: Боз кадом? Фармуд: ***Падарат***.[1]

Дар ин сурат Меҳрӣ то охири умраш кафолат шудааст ва он чи ба мерос гирифта буд, танҳо барои худи ӯ мемонад. Акнун ҳикмати **«Худованд шуморо дар бораи фарзандонатон дастур медиҳад, ки саҳми писар ду баробари саҳми духтар аст»**-ро дарк кардӣ?

Эй устод, агар дар ширкатат ду нафар ронанда дошта бошӣ ва маъмурияти якрӯзаи яке аз онҳо аз ширкат паймудани сад километр ва низоми ширкатат таъмини сӯзишвориро бар дӯши ту гузошта бошад ва маъмурияти ронандаи дигар дусад километр бошад, оё раво аст, ки ба далели баробарӣ қоил шудан миёни онҳо, барои ҳар кадом миқдори баробари сӯзишворӣ бидиҳӣ? Ё адолат он аст, ки барои ҳар кадом масрафро миқдори маъмурияташ бидиҳӣ?

Худ тасаввур кун, агар мо ба ҳамин қонун – қонуни баробарӣ вазифаҳоро ба назар нагирифта, амал кунем, дар сӯзишвории ҳавопаймоҳо ё қаторҳои масрафашон бо сӯзишворӣ ва дигар намудҳои техника таъминшаванда бо вуҷуди ихтилофи масъулиятҳо ва вазифаҳо ба далели баробарӣ... оё дар ин сурат оламро табоҳ намесозем? Надидӣ ба ту пеш аз ин чӣ гуфтам, дар ягон қисмати қонунгузории Ислом хилофи ақл нест.

Бидуни шак, низоми мерос дар Ислом бо тамоми маъно шигифтангез аст. Ва миёни тамоми низомҳои дунё, аз замоне, ки Худованд башариятро офарида то ба ин лаҳза ва то рӯзи қиёмат низоми ягона аст... Бидуни шакку тардид, инсон ҳар қадар дар илм ва

[1] Ривояти Бухорӣ (5626) ва Муслим (2548).

шинохти қонун амиқтар фурӯ равад, вақте аз низоми ирс дар Ислом огоҳӣ ёбад, агар заррае инсоф дошта бошад, албатта, онро мепазирад.

Як тан аз устодони Мисрӣ дар риштаи қонун, ки дар яке аз донишгоҳҳои Амрико машғули тадрис аст, мегӯяд: Мо дар нишасте дар мавриди қонун гуфтугӯ доштем ва ҳамроҳи мо яке аз устодони қонуни амрикоӣ ҳузур дошт. Ӯ ба гуфтугӯ пардохт, сипас дар мавзӯи Ислом ва муслимин ба ҳарф задан шурӯъ кард. Хостам ӯро ба оромӣ сокиту хомӯш кунам. Бо ин мақсад аз ӯ суол кардам: Оё медонӣ ҳаҷми қонуни мерос дар дастури амрикоӣ чӣ қадар аст? Гуфт: Бале, беш аз ҳашт ҷилд аст. Гуфтам: Агар қонунеро дар бораи мерос биёрам, ки аз даҳ сатр беш нест, тасдиқ мекунӣ, ки Ислом дини саҳеҳ аст? Ӯ гуфт: Ин имкон надорад. Сипас ман оятҳои дар мавриди мерос нозилшудаи Қуръони каримро овардам ва ба ӯ тақдим намудам. Баъди чанд рӯз ба назди ман омада гуфт: Ақли башарӣ имкони ба ҳисоб овардани тамоми алоқаҳои қаробатро ба ин фарогирие, ки касеро фаромӯш накунад, баъд аз он бар онон меросро ба адолате, ки касе мавриди зулму ситам қарор надода тақсим намояд, надорад. Баъд аз он ин мард Исломро пазируфт.

Ай доктор Ҷон Лой, ҳаргиз тасаввур макун, ки дар оёти дар мавриди мерос фурудомада, ки аз даҳ сатр беш нест, масъалае дар мероси тамоми оилаҳои башарӣ фавт шуда бошад. Дар мавриди ирс ҳар масъалаеро аз кадом оилаи шарқӣ ё ғарбӣ ба кадом миқдори молу дороӣ ва чӣ миқдор ворисон мехоҳӣ бихоҳ, фавран бо далелҳо барои ту ҳал мекунам. Ва ҳалли ин масъала аз киссаи ман нест, балки аз Қуръон

ва суннати Паёмбар Муҳаммад (с) аст. Ва ман Авводи Халаф ном дӯсте дорам ва ӯ муаллифи чандин кашфиётҳо дар соҳаҳои гуногун аст. Вай низомеро дар тақсими тарика бар телефон сабт намуда, онро «ҳисоби меросҳо» ном гузошт, ки аз тариқи чиҳозҳои телефонӣ дастрас аст. Рақами кашфиёташ (6091 / 2718) аст.

Баробари дар ин маврид вазъ намудани маълумоти аввалия барои ҳар тарикае аз тарикаҳо ба ту мувофиқи далелҳои шаръӣ, бидуни ихтилоф намудан дар як сент, натиҷаро нишон медиҳад. Оё мумкин аст ин низоми ҷомеъ ва монеъро барои ҳар шабакаи табақаи башарӣ ва бо ин ихтисор вазъ кард? Дар ин маврид, дар тамоми масоил натиҷаҳо аз муқаддамот фарқ намекунанд бо вуҷуди зиёдии масоил ва гуногунии онҳо бинобар гуногунии асрҳо.

**Генерал Виктория:** Ҷавоби ту, эй Абӯҳомид, дар он чи хоси тарика аст, ниҳоят равшан аст. Мехоҳам ба масъалаи ирс, ки гузашт, боз гардам ва барои ту як чиро шарҳу тафсир кунам, ки ту онро назди мо тасаввур накардӣ. Оре, ту тасаввур накардӣ, ки назди мо матлабро то куҷо расондӣ.

Зан назди мо имрӯз ба ҷое расида, ки садо баланд мекунад ва ҳуррияти комилро дар амал кардан талаб менамояд, амале, ки ту ба он бовар надорӣ, қатъӣ назар аз дурустии он чиз, ё нодурустии он, ё мувофиқат карданаш ба урфу одати ҷомеа ва мувофиқат накарданаш. Ҳамзамон барои ҳимоя аз ин озодиҳо низ садо баланд мекунад.

Зан имрӯз мегӯяд: Ба ҷои он ки ба як шавҳар иртибот дошта бошад, бо мардони зиёд иртибот дорад...!

Ба ҷои он ки масъулияти фарзандон ва оиларо чун андози баҳрамандшавӣ бар дӯш гирад, холӣ аз ҳар гуна андоз ва аз ҳама макон ва ҳама вақт баҳраманд мешавад!

**Абӯҳомид:** Эй Генерал, мехоҳам аз онҳо чанд суолеро бипурсам, ту маро сарзаниш намекунӣ? Зеро мақсуди ман эзоҳ додан аст. Агар қонуни баҳрамандии ҷинсӣ бидуни таҳаммули андози издивоҷ амалӣ шавад, оё ҳамин гуна генерал ба дунё хоҳад омад? Агар шахсе ба арсаи ҳаёт аз ғайри роҳи издивоҷ биёяд, шахси бошараф шуда метавонад?

Ҷавоб маълум аст, дар он ҳеҷ гуна шакке нест, ки не.

Ин тавр бошад, ин занон чӣ гуна барои дигар духтарони ҷомеа кореро розӣ мешаванд, ки барои худашон розӣ нестанд? Гузашта аз ин, оё ин услуб мешавад ҷомеаи тавонманду нерӯманд ба вуҷуд орад?

**Ай устод Генерал:** Оё ту комилан бовар дорӣ, ки онҳо дарвоқеъ хоҳони бозгардондани ҳуқуқи зан ва озод кардани ӯ аз зулми марданд?

Бидуни шакку тардид, метавон гуфт, ки ҳадафи аслии онҳо аз хонааш ба кӯча берун бурдани зан, яъне раҳонидани зан аз марди шаръӣ ва супурдани он ба мардони ғайришаръӣ аст...!

Оё мақсади онҳо возеҳу рӯшан нест? Оё ин кор ба салоҳи зан аст?

Оё зане, ки дар кӯча дар айёми ҷавониаш касеро, ки ӯро зуд мерабояд, пайдо карда метавонад, дар пиронсолиаш вақте ҷавонӣ ва тароватӣ ҳуснаш аз байн рафт, касеро, ки ӯро ғамхорӣ кунад ва ба ӯ таваҷҷӯҳ намояд, хоҳад ёфт?

Ин ҷо боз суоламро такрор мекунам: Оё ин гуна

сурат гирифтани кор ба салоҳи зан аст? Оё табдил шудани зан аз завҷаи шаръие, ки ҳамроҳи шавҳараш зиндагӣ мекунад ва баъзе вазифаҳои тарбияро бар дӯш мегирад, ба ҳолате ки имрӯз назди шумо «модарони бешавҳар» ном доранд ва онҳо фарзандони аз зино ба дунё овардаашонро худашон тарбия мекунанд, ба ақл мувофиқ аст? Оё ин бо он баробар аст?

Оё ин ба салоҳи зан аст? Оё бархӯрдории зан ба олитарин сурат ва баландтарин дараҷа ва поктарини роҳҳо ҳамроҳи шавҳаре, ки танҳо бо ӯст, барои зан беҳтар аз он ҳолате нест, ки ҳеҷ дасте ба сӯяш дарозшударо рад накунад? Кадоми ин ду ба салоҳи зан аст?

Оё зан дар синни пиронсолӣ ба ҳолате афтад, ки ҳеҷ шахси ҳамдаму ҳамсӯҳбате надошта бошад ба ҷуз саг ё гурба, ин ба салоҳи зан аст?

**Хоҳиш мекунам,** ҳар боре, ки ба бозорҳо меравӣ, ё дар хиёбонҳо гашту гард мекунӣ, ба анвоъи касоне, ки дар бозорҳо ва хиёбонҳо мегарданд, наззора кун! Хеле манзараҳои зиёдеро хоҳӣ дид, ки пирамард бо пиразан якҷо, ё ду пиразан, ё ду пирамард ҳамроҳ мегарданд.

Ба бемористонҳо бирав, ба муроҷиаткунандагон нигар, айнан ҳамин манзарaро хоҳӣ дид. Оё мушоҳидаи манзараҳои мазкур дар зеҳнҳои шумо суоли муайянеро барнамеангезад? Ва он суол ин аст! Фарзандони онҳо дар куҷоанд?

Ин манзараҳо ба падида табдил гаштаанд! Ин кӯҳансолонро марг интизор аст, марге, ки дар ҳама ҷо домангирашон аст!

Балое зиндагии ононро тира кардааст, ки ҳаргиз эҳсоси хурсандӣ намекунанд! Он бало озурдашавӣ аз фарзанд, ё бесоҳибист, ки имрӯз ҳалқа бар дарҳо мезанад! Он бало ҷудоӣ ва қатъи раҳм аст ва ӯ

мебинад, ки то даме дар қайди ҳаёт аст, аз ин бало раҳоӣ надорад!

Чунончи мард хурсандӣ ва беғамиашро дар бозгашташ бегоҳирӯз аз кор ба сӯи хонааш мебинад, ҳамчунин ӯ хурсандиашро дар охири умр дар ҳалқаи зану фарзандонаш будан мебинад. Оилаҳои понздаҳ ҳазор пиразани фаронсавӣ, ки аз гармии тобистони соли 2003 дар хонаҳои бепарасторон ҳалок шуданд, дар куҷо буданд? Хонаҳои бепарасторон аз бисёре аз оилаҳо ва фарзандон касеро пайдо карда натавонистанд, алал ақал ба дафни бобо ё модаркалонашон майл дошта бошанд. Ва онҳоро дар миёни мурдахонаҳо (морг) ва қабристонҳо ба ҳоли худ раҳо карданд.

Оё зиндагии танҳову мусофирворе, ки ҳар кӣ хоҳад, бо ӯ бозӣ кунад, баъд аз он дар хонаи бепарасторон танҳову бекасу кӯй мурдан, ё тани танҳо дар азоби марг ранҷ кашида – ранҷ кашида ҷонаш оҳиста – оҳиста колбадашро тарк кунад ва аз мурдани ӯ касе хабар наёбад, магар баъди расидани бӯи бади ҷасади мурдораш ба димоғи ҳамсояҳо, ё ба қосиди почта, ба салоҳи зан аст?

Оё ба молу матоъ, ё ба моддиёт, ё ба илм ва таълим фирефта шудани зан ва бо ин фирефтагӣ солҳои дароз машғул шуда, аз нақши асосии худ то расидан ба синни навмедӣ фориғ гаштан, сипас ҳақиқатро дарк намудан ва баъд аз он монанди он зане, ки соҳиби панҷ шаҳодатномаи докторӣ гашта, пас аз он дар пиронсолӣ фарёд баровард, ки ҳамаи шаҳодатномаҳои маро бигиред ва ба ман калимаи «модар»-ро ато намоед, нолидан ба салоҳи зан аст?[1]

---

[1] Дар нишасти ҳафтум атрофи масоили ҳассоси оилавӣ, аз ҷумла талоқ ва латукӯб ва ғайра гуфтугӯи муҳимест.

## Поёни нишаст

Оре аҳли нишаст дар **ин шаби зебо** то ба охир ихтилоф карданд, вале вақте бархостанд, чунон бархостанд, ки гӯё миёни онҳо аслан ихтилоф нашудааст. Бо дилҳои соф ва фазои софи зеҳнҳо ва табассумҳои самимӣ.

Ва муҳимтар аз ин ҳама ин аст, ки аз онҳо касе баъди нишаст эҳсоси тангдилӣ, ё майли гурехтан аз нишастро накард... Зеро матлаби ҳама дарёфти ҳақ буд. Аз ин рӯ барои нишаст ва аз рӯи ақл гуфтугӯ кардан иштиёқи бузург доштанд.

Аммо бидон, ай хонандаи гиромӣ, ки аксари аҳли нишаст аввал ба нишасти дувум ҳозир нашуданд, зеро он дар шаҳри Лион ба даъвати хос сурат гирифт, аммо ту ба хондани ин китоб то охири нишаст ҳозир хоҳӣ шуд.

# НИШАСТИ ДУВВУМ

## Даромадгоҳи нишасти дуввум

Агар байни ману ту дар он чизе, ки дар атрофи он баҳс менамоем, ихтилофе рӯй диҳад ва афкори мо тоқати таҳаммули онро надошта бошад, пас биё то дар атрофи чизе сухан бигӯем, ки барои он зиндагӣ мекунем...

Ва агар ихтилофи мо аз ихтилофи падару бобоёнамон сарчашма гирад, пас моро падари падарҳо ва модари модарҳо – Одам ва Ҳавво – ба якдигар мепайвандад ва инчунин мағзи башарият ва сирри кароматии башарият ва масдари иродаи ӯ «ақл» моро ба ҳам меорад. Бо ҳамин ману ту дар партави баҳси физиолуҷӣ ва ақлонӣ метавонем ба як ҳақиқати нек бирасем.

Мо ба мисли як оила ба якдигар наздик, гирди як миз нишастем. Ин нишасти мо дар маҷлиси доктор Лутфӣ сурат гирифт. Вай ончунон хурсанд буд, ки гӯё забони ҳолаш аз шиддати фараҳ мегуфт: Майдони дилҳо аз майдони ҳавлиҳо васеътар аст.

### *Достони хонадоршавии Чарлз*

Ман суханро аз табрики Чарлз ба муносибати ақди никоҳаш бо завҷаи ягона ва маҳбубаш оғоз намудам. Пас устод Фифа, ки одатан баҳсҳои тезу тундро дӯст медошт, ба сухан оғоз намуд ва гуфт: Оё шумо мусалмонон мардро аз дидани зане, ки иродаи никоҳи

ӯро дорад, манъ намекунед? То он ҳадде, ки ӯро танҳо баъди никоҳ дар шаби арӯсӣ бори аввал мебинад ва вақте ба назди вай медарояд, занеро мебинад, ки аслан ӯро намешиносад оё чунин нест...?

**Абӯҳомид:** Агар ин фикр ҳақиқат медошт, ман онро иқрор мекардам, вале мутаассифона ин тӯҳмате беш нест. Ал-он ба шумо назарияи дурустро баён хоҳам кард ва шумо аз рӯи ақлҳои худ доварӣ кунед ва ҳукм намоед, ё оё кореро, ки мо- мусалмонон мекунем, дуруст аст, ё хато.

Вале пеш аз он ки ман фикри худро баён кунам, ту эй Чарлз, **ки нав издивоҷ кардаӣ, қиссаи издивоҷи хешро то ин лаҳза, ки чӣ гуна сурат гирифт, ба мо баён кун,** вале ихтиёр дорӣ, ҳар чизеро, ки намеписандӣ, онро пинҳон дор.

**Чарлз:** Ҳақиқат ин аст, ки алоқаи ман бо арусам пештар аз он буд, ки ман дар фикри издивоҷ бо зане бошам, зеро мо дар як мактаб аз хурдсолӣ таҳсил мекардем ва ман нисбати ин духтар аз дигар духтарон дар худ майл ва наздикӣ эҳсос мекардам ва ҳис менамудам, ки ӯ низ ба ман майл дорад.

Пас сӯҳбатҳо оғоз шуданд, баъдан мулоқотҳо, рӯзе набуд, ки мо бо якдигар дар ягон ҷое вонахӯрем. Пас дар тӯли солҳо ин алоқа зичтар гардид ва мустаҳкам шуд ва барои мо ҳеҷ чорае ҷуз издивоҷи шаръӣ кардан боқӣ намонд.

## *Оё пеш аз хонадоршавӣ бо якдигар шинос мешаванд?*

**Профессор Фифа** (падари Чарлз) гуфт: Бадеҳист, ки он чиро, ки писари ман ба шумо нақл намуд, услуби

шиносӣ ва издивоҷи тамоми ҷавонони Фаронса аст ва шояд қиссаи издивоҷи ман бо модари Чарлз низ ба ҳамин монанд аст. Вале **ту эй Абӯҳомид бояд бидонӣ, ки ин робитаи писари ман бо арусаш дар пеши назари мо сурат мегирифт ва мо аз ҳамаи ин огоҳ будем,** вале дар шумо мусалмонон кор ба гунаест, ки писар духтареро хостгорӣ мекунад ва ба занӣ мегирад, ҳол он ки намедонад, ки духтар розӣ аст ё не.

**Абӯҳомид:** Муқаддамоти издивоҷ дар мо ин гуна аст, ки ҷавонписар дар бораи духтаре ошкоро ва пинҳонӣ маълумот ҷамъ мекунад ва чанд муддат рафтору кирдори ӯро бо мақсади издивоҷ зери назар мегирад ва хонаводаи арусшаванда низ барои ин ҷавон шароит муҳайё мекунад, ки бо духтар дар ҳузури модари духтар ё дигар аҳли хонаводааш мулоқот намояд. Ӯ чӣ қадаре хоҳад, дар хонаи духтар сӯҳбат мекунад ва бозмегардад ва дар бораи издивоҷи ояндааш фикр мекунад ва духтар низ...

Вале аз сабаби ин ки издивоҷи ин ду ҷавон дар ҳақиқат пайванди ду хонавода аст, ақлу мантиқ тақозо менамояд, ки розигии ду оила низ дар ин кори ҷиддӣ ба назар гирифта шавад. Пас баъди ба қароре омадан хонаводаи ҷавон ва духтар мувофиқати хешро баён мекунанд.

**Чарлз:** Чӣ зарурат аст, ки кори издивоҷро ин қадар печида ва мураккаб намоем, ҳол он ки ин амрест марбути ду шахс?

Ин ду нафар якдигарро дӯст медоранд ва ҳарду ба қароре меоянд ва ҳарду дар қарори худ масъуланд. Пас ҷамъият дар мисли ин қазия чӣ дахолате дорад?

Аз дигар тараф чаро корро ин қадар тӯлонӣ менамоед, оё оилаҳо метавонанд, ду дилбохтаро аз

якдигар ҷудо намоянд ва ё метавонанд, ки ду нафаре, ки якдигарро бад мебинанд, якҷо кунанд? Ё чизи дигаре аст?

**Абӯҳомид:** Эй Чарлз, ин ҷо ҳақиқати талхе нуҳуфта аст, агарчи ту онро дар чорчӯби бо якдигар унсгирӣ ва хушбахтӣ пинҳон мекунӣ. Он ҳақиқати пӯшида салби ҳаққи иштироки волидайн аст дар қарори издивоҷ! Баъд аз он ки туро тарбият намуданд ва дар тарбияи ту ранҷҳо бурдаанд ва бедорхобӣ кашидаанд ва чун боғбоне умедворанд, ки баъди парвариши дарахт аз вай мевае мехӯранд. Аммо ногаҳон мебинӣ, ки фарзанд бидуни машварат бо онҳо касеро ба хона меорад ва ё мебинӣ, ки фарзанд дар сари пирӣ онҳоро тарк мекунаду аз миёни онҳо меравад, дар ҳоле ки падару модар на ҳаққи манъи хуруҷи ӯро доранд ва на ҳаққи манъи издивоҷи ӯро. Оё ин гуна муносибат кардан нисбати волидайн аз рӯи инсоф аст? Оё **ақли** солим чунин мегӯяд? Пас, бояд шумо, **падари** Чарлз ошкоро ҷавоби маро метавонед бигӯед?

**Устод Фифа** (падари Чарлз)**:** Ҳақиқатро гӯям, ман дар ин гуфтаҳоят бо ту мувофиқам ва ин сарфи назар аз он, ки ба нафъи арӯс аст ё не эҳсоси дохилии мо падарон аст.

Оре, ман ҳамчун падар бо интихоби писарам зид баромада наметавонам, зеро намехоҳам дар сари роҳи хушбахтии фарзандам санге бигузорам, ки пешпо хӯрад, вале тарафдори онам, ки фарзандам бо ману модараш машварат кунад ва хушам меояд, хусусан дар ҳоле, ки ӯ дар садади ҷудошавӣ аз мост, бо мо маслиҳат кунад. Ва тасмими бо мо будан ва ё ҷудо шуданро фарзанд ба танҳоӣ мегирад ва машварат намекунад, аз ҳусни вафо ва қадрдонӣ нест.

### *Барои чӣ фикри падару модарро гирад?*

**Абӯҳомид:** Аммо сухани Чарлз, ки гуфт ин тасмими шахсӣ аст ва алоқаи байни зану шавҳар асту халос, ин фикру ақидаи ҷамъиятест, ки пайвандҳои он аз якдигар гусехта ва ҳар оила ва шахс гӯё як ниҳолест ва аз решаи дарахте рӯидааст, вале дур аз танаи он қарор дорад. Шояд ту, эй Чарлз медонӣ, ки дар кору бори рӯзмарра қиматтарини вақт он аст, ки бо мушовирони қонунӣ ва илмӣ сӯҳбат мекунӣ ва назари онҳоро дар кори тиҷорат ва амал мешунавӣ, то дар корат хатое сар назанад. Пас, ту дар тамоми дунё машваратчие ба мисли волидайнат пайдо карда наметавонӣ, ки аз машвараташон барои ту ҷуз хушбахтии ту чизи дигаре намехоҳанд ва мекӯшанд, то аз таҷрибаҳои дар тӯли умри худ андӯхтаашон пеши кори фарзандро рӯшан кунанд.

Оё рад кардани машварати шахсе, ки машварaташ омехтаи таҷриба ва муҳаббат аст, кори оқилона аст?

Оё ду хонавода метавонад дар оянда низоъҳои фарзандонашонро таҳаммул намоянд, ҳол он ки дар ибтидо аз онҳо ҳатто машварат ҳам напурсидаанд?

Фарзандон дар оянда чӣ гуна насаби ин хонадонро бе машварати соҳиби он мегиранд?

Дар ҷои оила ширкати тиҷоратиро бигузорем, оё шумо метавонед бе пурсиши он ва ризогии соҳибони он ширкат ягон маҳсулотро ба номи он нисбат диҳед?

**Устод Фифа:** Ин суханони ту воқеъияти талхи ҷомеаи мост! Вале дар ҷомеаи шумо духтар аслан ба берун намебарояд, пас оқибати издивоҷе, ки реша дар муҳаббати амиқ надорад, чӣ гуна хоҳад буд? Ман шахсан на тарафдори онам ва на аз ин, мехоҳам кор миёнаи ин ду амр бошад.

**Абӯҳомид:** Бояд мо бидонем, эй дусти азиз, ки шарик намудани ду оила дар машварати издивоҷ пеш аз ҳама ба нафъи ҷавонон аст.

Дахолати бузургони ду хонавода дар масъалаи издивоҷ поймолии ҳуқуқи интихоби онҳо набуда, балки нишондиҳандаи он аст, ки ин ду ҷавон шахсони бесоҳиб ва кӯчагӣ нестанд, ки бо андак ҳилаву найранг онҳоро бифиребӣ ва баъдан мисли як чизи нодаркор дураш бияндозӣ, балки инҳо дар миёни оилаҳое зиндагӣ мекунанд, ки пушту паноҳи якдигаранд. Ба вижа дар ин марҳалаи гузариш ба ҳаёти оилавӣ, ки эҳсосот ва навҷавони дар ин давра омехта аст ва ба осонӣ метавонад боис шавад, ки ҷавонон шитобкорона ба қароре биёянд, ки баъдан пушаймон шаванд.

Вале дахолати аҳлу оила онҳоро ёрӣ мекунад, ки кори давомнокеро интихоб кунанд ва дар қарори худ бетасмими воқеъбинона пеш раванд.

Худатон қазоват кунед, ки кӯдаке дар айни навҷавонӣ бо эҳсосоти худ коре кунад, оё ба нафъи ӯст?

Оё барои сохтумони биное аз ҳама муҳимтар гузоштани хишти аввалини он нест?

Агар ин бинокор аслан ҳунари хиштчинӣ надошта бошад чӣ? Ё шогирд ва навомӯз бошад?

Оё девор пойдор мемонад ва умри дароз мебинад?

Оё ин оилаи ҷавон хиште аз бинои ҷомеаи башарӣ нест? Пас ҷомеае, ки хиштҳои аввалинаш каҷу ноустувор аст, оянда то куҷо мерасад?

Шумо ин оилаи бузургро киштие тасаввур кунед, ки миёни киштиҳои дигар дар баҳр ҳаракат мекунад, оё ин киштӣ маллоҳ надорад?

Оё дахолати сокинони киштӣ дар кори маллоҳ

иҳонат ба ӯ нест?

Оё бар ӯҳдаи сарварони киштӣ воҷиб нест, то бо иҷозати маллоҳ коре анҷом диҳанд?

Оё агар касе киштие бисозад, барои ӯ беҳтар нест, то киштиашро дар яке аз ширкатҳои обӣ (флоти баҳрӣ) номнавис кунад ва аъзои он шавад, то ҳаёти ҳамаи киштиҳо ва сокинони онҳо аз хатарҳои эҳтимолӣ эмин бимонад ва пуштибон ва ҳомие пайдо намоянд, зеро қуввати (флоти баҳрӣ) қуввати ҳар киштӣ аст. Дар сурате, ки соҳиби киштӣ ба ин амр таваҷҷӯҳ нанамояд, агар ҳодисае ба сараш ояд ва касе ба фарёдаш нарасад, аз худаш гила кунад!

**Эй устод Фифа,** оё чунин мешавад, ки шахсе амир бошаду, вале дар қаламрави амораташ касе аз вай маслиҳат напурсад?

Ё касе дар ҷое посбон бошад ва дар он ҷо бе иҷозати вай ҳар касе хоҳад дарояд?

Дар ин сурат, як шахс чӣ гуна падар аст, ки фарзандаш аз вай маслиҳат намепурсад?

Ва оё мартабаи посбон аз мақоми падар болост?

Агар дар ҷомеае барои падару модар қадру қимат боқӣ намонад, **пас чӣ чизе қадр пайдо мекунад?**

**Баъдан он чи устод Фифа гуфт, ки аз алоқаи фарзандон бо арӯсаш огоҳ будааст, аз ин чӣ фоида, агар фикру назари шумо ба эътибор гирифта нашавад.**

Ва аз ҳама таассуфовараш он аст, ки волидайн назари мухолиф дошта бошанду худро дар баробари тасмими фарзанд оҷиз бинанд? Чӣ ҳасрату надомати бузурге!

Эй устод, ҳар касе гумон кунад, ки масъалаи издивоҷ кори шахсист, хато мекунад, зеро он ба кори ҷомеа алоқаи зич ва ногусастанӣ дорад.

Тасаввур кун, ки дар як рӯз чанд оилаи нав дар ҷомеаи Фаронса барпо мешавад ва ин хиштҳои бинои ҷомеаи нави ин миллат аст.

## *Кадом навъи оила бар асоси муҳаббат бино мешавад?*

**Чарлз:** Оё мумкин аст, ки ман духтари ҷавонеро бинам, ки соҳибҷамол ва дорои ахлоқи хуб аст ва дили ман ба муҳаббати ӯ пойбанд гардад ва ӯро ба хона даъват намояму оилаи ман ӯро напазирад ва ман низ ба он розӣ шавам? Ва оё мумкин аст, ки дили духтар ба ман, ё ба каси дигаре майл дошта бошад ва аҳли оилааш ӯро аз дӯстдоштааш манъ кунад?!

Ишқу муҳаббат асоси зиндагӣ аст.

Аз ҳамин ҷиҳат, оилаҳо дар ҷомеаи мо бар асоси муҳаббат барпо мешаванд, аммо дар ҷамъияти шумо гумон намекунам ба он гуна тасвири хаёлие, ки ту кардӣ, бошад ва гоҳо ҳатто аз ҷониби роҳбарони оилааш писар ва ё духтар бо ҳамин дилбохтаҳо аз орзуву ҳавасе, ки доранд, маҳрум мегарданд. Пас, кадом беҳтар аст, агар ҷомеа аз ниҳодани аввалин хиштҳояш бо ишқу алоқа бошад ва ё ба зӯр ва иҷбор?

**Абӯҳомид:** Ба назари ман чунин мерасад, ки пеш аз ҷавоб доданам ба гуфтаҳои ҷаноби Чарлз барои шумо ду амри муҳимро рӯшан намоям. Аввал ин ки барои ман муҳим нест, ки шумо гуфтаҳои маро хаёлӣ мепиндоред ё дигар чиз... шояд як чиз дар як ҷомеа хаёлӣ бошад ва дар ҷомеаи дигар воқеъӣ. Ва басо як насле ба амалу кӯшиши худ ба ҷое мерасад, ки насли баъдӣ он воқеъиятро бофта ва хаёлӣ тасаввур мекунад.

Вале дурустии сухан дар наздик намудани маълумот бо амал ва ё ибтидои он чиз бо татбиқаш дар

ҳаёти воқеъӣ зоҳир мегардад...

Дуввум ин ки хоҳиш мекунам мо аҳде доштем, фаромӯш нашавад, мо аҳд карда будем, ки сухани мо дар доираи хитоби **ақл бо ақл** бояд сурат гирад ва ҳакам асосӣ низ ақл бошад ва ту, эй Чарлз, динро дар ин қазия омехта накун...

Мо набояд далоилӣ муқаддасеро, ки назди мо ва ё назди шумост, дар ин баҳс биёварем. Сазовор ин аст, ки суханро дар чорчӯби доварии **ақли пок** ва беолоиш арза дорем, то қозии ақл худаш ҳукм барорад ва ин амр ба пешкаш намудани таълимоти динии мо ва ё шумо ошкор намешавад... Оё ин аз рӯи мантиқ нест?!

## *Робитаи оилаҳо*

**Эй Чарлз,** чунончи падарат, устод Фифа ба мо хабар дод, ту дар ширкати ахборотӣ адои вазифа мекунӣ ва ман чунин мепиндорам, ки вақте қасди кор кардан дар ин ширкатро намудӣ, аснодатро дар роҳ напартофтӣ, балки ба қабулгоҳи ширкат рафтӣ ва ҳуҷҷатҳоятро тақдим намудӣ ва ё дар саҳифаи интернет онро сабт намудӣ ва ин дархости ту ба маҷлиси мутахассисони он ширкат расид ва онҳо назари хешро ба соҳиби ширкат расониданд.

Баъдан соҳиби ширкат бо он ҳуҷҷатҳо ва назарҳо шинос шуд ва ҳаққи табиии ӯст, ки туро қабул ва ё рад намояд?

Эй Чарлз, шумо миллате ҳастед, ки ба қонун эҳтиром қоилед... Оё назму қонуни ширкатҳои молӣ ва саноатӣ ва тиҷоратӣ дар назди шумо мӯҳтараманду низому тартиби оила ҳаққи эҳтиром надорад?!

Оё чунин назме дар оила вуҷуд надорад, ки агар шумо хоҳед ба кишваре дохил шавед барои рухсат

ариза пешниҳод намоед, агар иҷозат доданд, ки хуб ва агар не, ҳаққи онҳост ва метавонанд ҳатто иллати онро баён нанамоянд, агарчи шавқу завқи ту дар дохил шудан зиёд ҳам бошад?

Пас дар чӣ асос барои як соҳиби хона лозим будааст, ки туро дар оилаи хеш ҷой диҳад бо иллати он ки ту бо ин оила тавассути духтари онҳо мехоҳӣ дохил шавӣ?

Мехоҳам як суоли воқеъӣ барои ту эй Чарлз, бидиҳам ва баъдан қазоватро ба худи ту ҳавола намоям.

Марде аз як давлате, ки истеъмоли маводи мухаддир дар он ҷо мамнӯъ аст, ба дигар мамлакат, ки истеъмоли онро иҷозат медиҳад, қасди сафар мекунад, то он ҷо маводди мухаддир истеъмол намояд. Чун ба он ҷо расид, метавонад, ки маводи мухаддир истеъмол кунад?

**Чарлз:** Оре, зеро дар қаламрави қонуни он мамлакат дохил шудааст.

**Абӯҳомид:** Пас бигӯ, агар ин мард пеш аз берун шудан аз мамлакаташ ба иллати ин ки ман чанд лаҳза пас аз ин ҷо хориҷ мешавам, метавонад, маводи мухаддир истеъмол кунад.

Агарчи иштиёқаш ба мавод зиёд шуда бошад ҳам, оё аз шиканҷае, ки қонун муқаррар намудааст раҳоӣ меёбад? Албатта, не.

**Устод Фифа:** Ин дуруст аст, дар ҳақиқат дар низоми иҷтимоии мо ин ҳудуди завҷият риоя намешавад. Ҳол он ки духтар узви оилаи дигар аст ва ҳанӯз акди издивоҷи қонунӣ барпо нагаштааст ва мард ҳамсари ӯ нест ва духтар зани ин шахс нест, бо вуҷуди ин муносибати зану шавҳариро анҷом медиҳанд...!

Эй Абӯҳомид, мусибат дар низоми давлатдорӣ аст, низоме, ки туро ҳуқуқ намедиҳад, ки ба унвони падар ва модар ба фарзандат эътироз кунӣ...!

Ин қонуни давлат аст, ки аз муносибатҳои номашрӯъ пуштибонӣ мекунад, модоме ки зану мард розӣ бошанд!

Ҳақиқатро бигӯям, мо падарон бо ин рафтори фарзандонамон дар дохили қалб норозием, вале наметавонем ба низоми давлат мухолифат намоем. Ба хусус вақте, ки мо ҷавон будем, зери ҳимояи қонун ин амали номашрӯъро анҷом медодем ва медонистем, ки падару модарони мо аз дохили қалб норозӣ буданд...!

## *Ҷазои мухолифат бо низомҳо*

**Абӯҳомид:** Оё медонӣ, эй устод, агар қонуне ва низоме аз хатокорон ҳимоят намояд ва мардум таслими он гарданд ва аз он истифода кунанд, ба болои он ҷамъият балое сарозер мегардад, ки вазнинтар аз ҷазоест, ки қонун барои манъкунандагон пешбинӣ намудааст.

Мантиқист, ки агар мардум низоме ихтироъ намоянд, ки мухолифи низоми ҳастӣ ва зиндагиест, ки бузургтар аз низоми онҳост, зарурист, ки ба сарашон балое биёяд, ки аз уқубати қонуни давлаташон вазнинтар бошад.

Шояд аз ман бипурсӣ, ки чӣ уқубате ба сари мо омадааст бо ин мухолифатамон...?

Ҷавоб ин аст: Он уқубат пошхӯрии оилаҳост бар хилофи он чи шумо умеди онро доштед...!

Саъодати зану шавҳарӣ аз миён рафтааст ва сатҳи талоқ ва ҷудоӣ байни зану шавҳарон боло рафтааст... оё ин уқубат нест...?

Ва бар асари он ҷамъияти шумо пошхӯрда ва заъиф гаштааст, оилаҳои ҷавон низ бепуштибон гардидаанд, зеро онҳо худро аз ҷамъияте, ки иборат аз хешу табор буд, аз ҳар гӯша ба якдигар мепайваст, ихтиёран ҷудо намуданд.

Пас агар ин ду ҷавон бо мухолифате рӯ ба рӯ оянд, ҷамъият низ худро канор мегирад...!

Шумо он дилгармиеро, ки давлатҳои шумо нерӯманду тавоноанд, канор бигузоред, зеро оқил ба шамшер ва тиру туфанг ифтихор намекунад, то набинад, ки ин силоҳи муқтадир дар дасти шахси шуҷои оқил аст ва нияти хайр дорад, зеро гоҳо беҳтарин силоҳ худ муҷиби қатли соҳибаш мегардад, ё дар дасти ҷинояткоре меафтад...?

## *Барбод додани хазинаи муҳаббат*

Издивоҷ марзҳои муҳтараме дорад ва ҳурмати он болотар аз ҳурмати марзу буми фалон мамлакат ва фалон сарзамин аст,

монанди истеъмоли маводи мухаддир қабл аз гузаштан аз сарҳад. Болотар аз ин, ду ҷавоне, ки ба ин бебандуборӣ даст мезананд ва пеш аз издивоҷ бо якдигар мисли зану шавҳар зиндагӣ мекунанд, ба болои худ мусибати гаронеро меоранд, зеро он хазинаи муҳаббате, ки бароиояндаи зану шавҳарӣ дар ниҳоди инсон нуҳуфта аст, қабл аз издивоҷ нобуд ва муталошӣ мегардад. Пас аз он ки онҳо издивоҷ мекунанд, чизе надоранд, ки ба он дилгарм шаванд. Ва агар амри тасодуф ҳаёти завҷияти онҳо давом кунад ҳам бемуҳаббат ва берӯҳ аст. Масири ин оила ё ба талоқ меанҷомад, ҳамчунон ки ҳоли аксари оилаҳо ҳамин аст ва ё дар байни баъзеашон агар заррае меҳру муҳаббат

ҳифз шавад ҳам, бо гузашти рӯзҳо зуд аз миён меравад...!

Дар миёни шумо ба наздикӣ ҷамъияте ташкил шудааст ба номи «Ҷамъияти ҳифзи иффат» баъд аз он, ки соҳибони он дарк намуданд, ки оқибати зиндагии якҷоя пеш аз издивоҷ чи мусибатҳоро ба бор меорад...

Натиҷаи дигари ин офат он аст, ки ҷавонон дигар майли издивоҷи қонунӣ надоранд, зеро он чизеро, ки ғаризаи инсон аз лиҳози ҷинсӣ талаб мекунад, осон ба даст меорад.

Лутфан дар ин назарсанҷӣ нигоҳ кунед ва хулоса бароред, ки дар солҳои охир саркашии ҷавонон аз никоҳи қонунӣ ва болоравии синни издивоҷ хеле равшан мушоҳида мешавад.

**Синну соли миёнаи ҷавонон назди издивоҷи қонунӣ аз соли 1890 – 2007**

**Median Age at First Marrige, 1890 – 2007**[1]

| Занон | Мардон | Сол |
|---|---|---|
| 22.0 | 26.1 | 1890 |
| 21.9 | 25.9 | 1900 |
| 21.6 | 25.1 | 1910 |
| 21.2 | 24.6 | 1920 |
| 21.3 | 24.3 | 1930 |
| 21.5 | 24.3 | 1940 |
| 20.3 | 22.8 | 1960 |
| 20.8 | 23.2 | 1970 |

[1] 1. The margin of error for 2007 is + /-0.2years.
Source U.S. Bureau of the Census; Web: WWW.census.gov

| | | |
|---|---|---|
| 22.0 | 24.7 | 1980 |
| 23.9 | 26.1 | 1990 |
| 24.5 | 26.5 | 1993 |
| 24.5 | 26.7 | 1994 |
| 24.5 | 26.9 | 1995 |
| 25.8 | 27.1 | 1996 |
| 25.0 | 26.8 | 1997 |
| 25.0 | 26.7 | 1998 |
| 25.1 | 26.8 | 2000 |
| 25.1 | 26.9 | 2001 |
| 25.3 | 26.9 | 2002 |
| 25.3 | 27.1 | 2003 |
| 25.5 | 27.0 | 2005 |
| 25.9 | 27.5 | 2006 |
| 26.0 | (1)27.7 | 2007 |

Бояд як чизро ёдовар шавам, ки дар маҷлиси аввалаамон гуфта будем, ки дар солҳои охир дар мамолики шумо аз чаҳор як ҳиссаи духтарон пеш аз синни 18-солагӣ мавриди таҷовуз қарор мегиранд ва 60% фарзандони аввалини духтарон аз роҳи зӯрӣ ва таҷовуз ба дунё меоянд.

Издивоҷ ба ин гуна духтар ва монанди он писар чӣ чизи нав дар зиндагӣ оварда метавонад ба ҷуз бархӯрдани сараш бар девори талаботи зиндагӣ. Бо вуҷуди ин ки низоми давлат аз хатокорон ҳимоят мекунад, намешояд, ки шумо ҳамаи масъулиятро бар гардани қонун бизанед, зеро шумоед, ки қонунро барои шаҳватҳои худ парда ва ҳомӣ қарор додаед.

Ва зиреҳи оҳанин дар муқобили ҳокимияти падару модар пӯшидаед.

Қонун ба мисли пулисе аст, ки дар сари роҳи

истироҳатгоҳе истодааст, ки мардум он истироҳатгоҳ дар он ҷо бараҳнаи модарзод мегарданд ва ӯ касеро ба он ҷо намехонад, вале чун ту худат дохил шудӣ, туро ҳимоят мекунад. Ва дар сурате, ки дохил нашавӣ, қонун туро ба иҷбор ба он ҷо дохил намекунад, зеро аз назди он ҷо мардуми зиёде мегузаранд, вале каманд нафаре, ки он ҷо дохил мешавад.

Пас қонун туро ба кардани ин корҳои палид маҷбур намекунад!

Қонун мегӯяд: Агар ин корро анҷом диҳӣ, ман аз ту ҳимоят мекунам ва намегӯяд ки бикун. Аммо шумо ҳамин ки онро дидед, мегӯед, оре мо ин кори палидро анҷом медиҳем. Оре, ин дарест, ки қонун онро кушодааст, вале шумо ҳар куҷое дари кушода бинед медароед?

Ва ин ҷо мехоҳам дар мавриди ҷинояти қонун дар ин амр таъкид намоям, зеро қонунгузорон ба хубӣ медонанд, ки шаҳват ва умури шаҳватангез чизест, ки нерӯи башарӣ дар баробари он оҷиз аст. Бо вуҷуди ин онҳо ин корро бе қайду баст рухсат додаанд. Вале агар аз аввали амр амали фаҳшро қонун манъ мекард, мардуми шумо, ки одатан пойбанди қонунанд, хеле хуб ва ба осонӣ аз он итоат менамуданд. Ва шояд агар касе ҳам муртакиби он мегардид, хеле нодир буд, на ин ки фаҳшо амали ҳаррӯзаи мардум шавад.

## *Эҳтироми падар*
## *ё эҳтироми падару модар*

Аммо ҳозир чӣ, баъд аз он, ки мардум ба ин кор хӯ гирифтанд ва солҳои дароз насл андар насл ин кори фаҳшро анҷом додаанд. Агар қонуне дар мавриди ҷинояти фаҳшо ба парлумон барои ба тасвиб расондан

пешниҳод шавад, чунин гумон меравад, ки дар муқобили он ҷавонон тазоҳурот мекунанд ва садҳо ҳомӣ ва вакили ҳуқуқ ба онҳо мепайвандад...!

Акнун дарк мекунед, ки пастии ахлоқ ба куҷо расидааст?

**Эй Чарлз,** аммо он даъвои ту, ки қонун туро ва маҳбубаатро аз дахолати волидайн ҳимоят мекунад, пас ту ҳуқуқи худро андеша мекунӣ ва маҷбур сохтани аҳли оилаатро ба коре, ки намехоҳанд фаромӯш месозӣ.

**Эй Чарлз**, ба ҳақиқат ҷисми инсон ҷисми бегонаро қабул намекунад, инро илми тиб исбот намудааст. Аз ин ҷиҳат агар табибон хоҳанд узви бегонаеро дар инсон пайванд кунанд, ба ӯ доруҳое медиҳанд, ки қуввати дофиъаи онро то ҳадди охир заъиф намояд.

Ва агар ҷисми инсоне бо додани дору ҳам аз қабули ҷисми бегона сарпечӣ намояд, барои табиб ҷуз ҷудо кардани ҷисми бегона чорае нест ва он ба дарду ранҷи бемор ва оқибат ба марг меанҷомад!

Ва вақте ҷисми мо ҷисми бегонаро ҷуз ба иҷбор қабул намекунад, ту мехоҳӣ, ки хонаводаатро барои қабули шахси бегона маҷбур созӣ?

Баъдан бигӯй, ки кадоме аз маҷбурсозӣ бузургтар аст: Агар фикри фарде рад шавад ва ё фикри оила ба якҷоягӣ?

Ва оё рад намудани шахсе, ки ҳоло узви оила нагаштааст ва чун пораи гӯшти бегона дар ҷасад аст, маҷбурсозист ва ё узверо аз бадани инсоне ба иҷозати ӯ баркандан?!

**Эй Чарлз,** ақли солим чунин мегӯяд: Агар маъшуқаи ту духтари кӯчагӣ бошад, биравад дунболи шахсе, ки ҳамсони ӯ кӯчагард ва бехона аст! Ва агар духтаре бошад, ки аслу насабаш маълум нест, ки аз

куҷост ва фарзанди кист, бигузор дигареро ҳамсар интихоб намояд, ки ҳамсони ӯст!!

## *Беҳтарини беҳтаринҳо васат аст*

**Чарлз:** Ту, эй Абӯҳомид, гуфтӣ, ки беҳтар он аст, ки мо роҳи васатро қабул намоем, вале мебинам, ки ту тамоман аз роҳи миёна берун рафтӣ ва комилан тарафдори падару модар шудӣ ва ҳаққи фарзандонро тамоман нодида гирифтӣ ва ин даъвои хушку холӣ нест?! Ку миёнаравиатро ба мо нишон деҳ!!

**Абӯҳомид:** Барои шумо мехоҳам қиссаеро накл намоям, ки ман сад дарсад бовар дорам, ки воқеъист ва таърихи рӯй додани ин воқеъа бо таърихшумории Аврупо ба асрҳои миёна, ки дар шумо онро асри торик ва дар мо асри рушноӣ номида мешавад, рост меояд. Он қисса ба ривояти зани Паёмбар Муҳаммад (с) ба мо расидааст, ки гуфт: «**Духтаре дар аҳди Расули Худо (с) ба назди Паёмбари Худо (с) омад ва шикоят кард, ки падарам маро ба издивоҷи писари бародараш даровардааст, то худро бо пуштибонии оилаи онҳо қавӣ ва мустаҳкам намояд. Пас Паёмбари Худо (с) корро ба ризогии духтар вогузошт. Духтар гуфт: Ман пеш аз ин ҳам мехостам ба кори падарам бешикоят розӣ шавам, вале хостам, то занони мусалмон бидонанд, ки ҳамаи кор дар дасти падару модар нест».**[1]

---

[1] Имом Аҳмад дар «Муснад»-аш ривоят кардааст. Шайх Шуайби Арноут гуфтааст: Ҳадиси саҳеҳ аст ва мардони ривояткунанда мӯътамаданд, ба ҷуз Каҳмас ибни Ҳасан, ки дар мавриди ӯ ихтилофи назар аст. Ал-Водиъӣ гуфтааст: Ҳадис бинобар шарти Муслим саҳеҳ аст. Саҳеҳи асбоби нузулро нигар.

**Чарлз:** Ин кори хело бузург аст ва агар дар асри миёна, ки асри торикӣ ва зулмат буд, ин кор рӯ дода бошад, боз бузургтар ва ман намехоҳам, ки бо талаби исботи ин воқеъа хотири шарифи туро тира намоям, зеро ин қиссааст, саҳеҳ аст ё не, агарчи маънояш бузург бошад ҳам қисса аст:

**Абӯҳомид:** Эй Чарлз, бояд бидонӣ, ки ҳар қиссае ва ё ҳар сухане аз Расули Худо (с) ба мо расидааст ва ман ба шумо онро мегӯям, дарвоқеъ рух додааст ва бофта нест ва ман истеъдоди комил дар ин илм дорам, то битавонам барои шумо далелҳо пешкаш намоям. Эй Чарлз: Чаро қиссаеро, ки аз бобоҳои гузаштаат ба ту расидааст, агарчи пеш аз вилодати ту ҳам бошад, бовар мекунӣ?

**Чарлз:** Зеро онро падарам ба ман қисса намудааст ва ман ба ӯ боварӣ дорам ва медонам, ки ӯ дурӯғгӯй нест ва падарам аз бобоям ривоят мекунад ва ӯ низ дар назди падарам шахси ростгӯ будааст. Ба ин сабаб ман гуфтаҳои падарамро бовар мекунам ва медонам, ки рост аст.

**Абӯҳомид:** Оё падарат аз бобои даҳумаш ривоят кунад ҳам, бовар дорӣ?!

**Чарлз:** На, тасдиқаш намекунам ва дар корҳои ҷиддӣ онро далел намекунам, магар ҷое барои унс гирифтан ва дилгармӣ бошад, зеро исботи он душвор аст.

**Абӯҳомид:** Ин хуб аст, вале агар далелҳои мӯътамад, ки бобоёнат ҳамчунин далеру қаҳрамон буданд?

**Чарлз:** Тасдиқаш мекунам ва ифтихор ҳам мекунам.

## *Илми ҷарҳ ва таъдил (ровишиносӣ)*

**Абӯҳомид:** Ана ҳамин чизеро, ки ту мегӯӣ, мо чунин мекунем. Ҳар сухане, ки аз Паёмбари Худо (с) ба мо расид, аз гӯянда ҳуҷҷат талаб мекунем ва аз ҳуҷҷат дар бораи сухани бобоёнатон дида сахтгиртар ҳастем. **Эй Чарлз**, назди мо мусалмонон илмест, ки махсуси суханони Паёмбар (с) аст ва номаш ҷарҳ ва таъдил мебошад, ки шартҳои вазнине барои қабули ҳадис мегузорад ва он шартҳо на фақат барои шахсест, ки ҳадисро аз Паёмбар (с) шунидааст, балки болои ҳамаи касоне, ки аз ин шахс ба баъд ривоят кардаанд, низ татбиқ карда мешавад, то он ки он ҳадис дар китобе дарҷ гардад. Ва баъди дарҷ гардиданаш дар китоб боз тафтиш менамоем, ки оё ҳамин китоб асли мӯътамад дорад ё не.

Баъди ин қадар ҷустуҷӯ ва таҳқиқ, ба хулосае меоем, ки оё ин ҳадис саҳеҳ аст ё заъиф. Ин тарозуест, аз тарозуи заргарон ҳассостар ва таҳқиқест аниқтар аз кори сарроф нисбати аслӣ будани пулҳо ва ман гумон мекунам, ки дар маҷлисҳои баъдӣ, албатта, сари ин масъала боз мегардем.

Ҳоло бозгардем ба сари мавзӯи аввалаамон:

## *На барои духтар ва на барои писар иҷборе нест*

**Эй Чарлз,** имрӯз бо ғурури ҷавонӣ ва одате, ки дар ҷомеаи шумост, чунин ҳукм менамоӣ... Аммо баъди чанде худ падар мегардӣ ва он озодии интихоби шавҳарро, ки ба дасти духтарат аст. Онро ғасб ва ба зӯр аз наздат бурдани духтар меномӣ ва ин ҳам бошад бо ҳимояи қонун...! Ва ту ба қабули ин амал маҷбур

мешавӣ, хусусан чун одатан духтарат сари ин кор пофишорӣ намояд. **Эй Чарлз,** шумо чунин намепиндоред, ки ман тарафдори он бошам, ки оила ҳуқуқи маҷбур накардани духтарро дошта бошад!

Маҷбурсозӣ на аз ин тараф бошад ва на аз он тараф. Ман тарафдори ҳукми миёна ҳастам ва асоси эътидоли ҳукм он аст, ки мо бо гумони нек ба атрофиён назар кунем ва чунин нек бингарем, хоҳем дидӣ, ки авлотарини атрофиён волидайнанд.

Ва агар касе нисбати ҳар нафаре аз атрофиён гумони нобоварӣ дошта бошад, ҳақ дорад, вале касе ҳақ надорад, ки нисбати падару модар гумони бад кунад, ки онҳо ба фарзандашон хайрхоҳ нестанд, мо инро ҳатто дар олами ҳайвонот низ мушоҳида мекунем, куҷо расад ба инсон...?!

Оё касе, ки барои хушбахтии фарзанд ранҷу заҳмат кашид ва шабзиндадорӣ намуд ва дар муқобилаш чизе аз мукофоти моддӣ талаб накард, метавонад мавқеъи тӯҳмат ва нобоварӣ қарор гирад. Оё модаре, ки беҳтарин мукофот барояш хушбахтии фарзанд аст, метавонад зери бадгумонӣ қарор гирад. **Эй Чарлз**, оё ба ҷуз падару модар касеро дар олам пайдо намуда метавонӣ, ки орзу дошта бошад, ки як шахсе аз ӯ болотар ва хушбахттар шавад ва бо ин ифтихор намояд! Оё мешавад чунин шахсе мавриди нобоварӣ ва ҳасад қарор гирад...?

Пас оё касе, ки дар ҳаққи ту ин қадар некӣ намудааст ва барои ту тамоми хушбахтиро орзу мекунад, мешавад, ки аз ӯ бадгумон шавӣ ва барои чизе, ки дилаш қабул надорад, маҷбураш кунӣ...?!

Оё сазовор нест, ки онҳо аз таҷрибаҳои ҳаёташон ба фарзандонашон таълим диҳанд. Падару модар гоҳо

таҷрибаҳои худро аз дигарон пинҳон медоранд ва хатоҳову ғалатҳои худро намегӯянд, вале аз фарзанди худ ҳаргиз пинҳон намекунанд...

Ин нидои падару модар ба фарзанд, ки эй ҷони ширин, мо хато намудем, ту эҳтиёт кун, ки хатои моро такрор накунӣ, дар ҳақиқат дарди дили онҳост ва бо тамоми ҳастӣ хоҳони онанд, ки фарзандашон хатои онҳоро такрор нанамояд...

Бо вуҷуди ин ҳама, ман тарафдори миёнаравӣ дар ҳар кор ҳастам.

## *Намудҳои бо якдигар шиносшавӣ*

Аммо ин миёнаравӣ дар ҳаёти воқеъӣ чанд намуд мешавад ва ман якеро ба таври мисол бароятон бозгӯ менамоям.

- Ҷавоне бо духтаре вомехӯрад (хоҳ он вохӯрӣ дар мактабест, ки якҷо мехонанд ва ё дар ҷои дигар) ва ё тавассути рафиқи боваринокаш дар бораи духтар маълумоте мегирад, баъдан ба воситаи бузургсолони оилааш аз хонадони духтар талаби ризомандӣ мекунанд. Дар навбати худ волидони духтар барои машварат мӯҳлат мепурсанд, то дар бораи ҷавон пурсуҷӯ намоянд ва бо духтарашон низ машварат кунанд.

Ва духтарро мегузоранд, то муддате биандешад ва ба қароре биёяд, баъди ин муқаддамот, ё ҷавоби мусбат ва ё манфӣ ба ҷониби ҷавони хостгор медиҳанд.

Бадеҳист, ки ин кори ҷавон фақат изҳори майл аз тарафи ӯст ва чизеро бар ӯҳдаи тарафайн лозим намегардонад. Ин кор дар муомилоти тиҷорат низ ҳаст, ки харидор ба бонки мавриди назараш варақае пешниҳод мекунад, ки ба исми «Рағбат ба харидорӣ»

ном дорад ва ба ҷуз изҳори рағбат чизеро бар ӯҳда надорад.

Пас агар соҳибони духтар розигии худро изҳор намуданд, ҷавону духтар вомехӯранд, рӯ ба рӯ ва вақти кофӣ ҳам дар ихтиёр доранд, то ояндаашонро худашон муайян намоянд, бо роҳе, ки обрӯи оилаи ду тараф ҳифз гардад ва назари ҷавонон ба эътибор гирифта шавад. Пас вақте мувофиқати ҷавонон ҳосил шуд, гӯё дар ҳақиқат иртиботи ду оила ба ҳам пайваст ва ду насл бо ҳам наздик шуд. Аз ин баъд инҳо гӯё як оила мегарданд ва ин ду ҷавон сабаб гаштанд, ки дар ҷамъият ду шохаи азимро якҷоя намуданд ва дар қуввати ҷамъият афзуданд. Бо ин роҳ ҳар издивоҷе дар ҷомеа оилаҳои дурро наздик мекунад ва ҷомеаро қувват мебахшад, то умри ин миллат тӯлонӣ гардад.

Баъдан бо сababи омаду рафт дар тӯйу маросимҳо ва зиёрату дидорбиниҳо муҳаббату самимияти ин оилаҳо афзун мегардад ва ин якҷояшавии наслҳо боиси пурқувват гардидани ин оилаи нав низ мегардад. Зеро онҳо дар ҳимояи ҷомеа қарор доранд ва ин ҷамъият онҳоро аз парешонӣ ҳифз хоҳад намуд.

**Чарлз:** Эй Абӯҳомид, ту моро қаноат дода наметавонӣ, ки дарвоқеъ он чи мегӯӣ, дар ҷомеаи шумо воқеъият дошта бошад. Дар ҷомеаи шумо духтар аз овони тифлӣ то марг аз ҳамаи ихтиёрот бенасиб аст. Оё ту боварӣ дорӣ, ки вақто духтар ба камол расид, ҳаққи интихоби шавҳарро дошта бошад?! Оре, шояд мо дар ҷомеаамон аз баъзе ҳудуд таҷовуз намуда бошем, вале шумо низ дар доираи васат нестед!

Бидон, эй Абӯҳомид, ки ин назари шахсии ман нест, балки назари тамоми ҷамъияти мо нисбати шумо мусалмонон аст...!!

Шояд он сурати издивоҷеро, ки барои мо гуфтӣ, ба баъзе оилаҳои шумо, ки хеле кучак ҳастанд, дуруст ояд ва шояд ин аз рӯи маданияти баланди илмии ту бошад, вале нисбат ба ҳамаи ҷомеаи шумо ва дини шумо ин тавр нест ва ҳазор бор мегӯям, ки нест, нест...!! Ман аз ин пеш дар бораи дини шумо чизе аз ин қабил нашунидаам, пас агар фикру андешаи ҷамъияти ғарбии моро нисбат ба динатон ва муомилаатон бо зан бишунавӣ, хоҳиш мекунам, таҳаммул кун. Бидон, ки тасаввури мо ғарбиён ин аст, ки зан дар ҷомеаи мусалмонон беҳуқуқ ва мазлум аст. Агар хурдсол бошад, бародараш ба сараш ҳоким аст ва агар издивоҷ кунад, шавҳар ҳуқуқи ӯро салб мекунад ва агар модар шуд, падар бар ӯ муқаддам аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ ягон ҳуқуқе надорад...!

**Абӯҳомид:** Бо тамоми масъулият ба ту мегӯям, ки ин баёноти ман фақат як сурате аз суратҳои машрӯъ дар дини мост, ки дар аксари ҷамъиятҳои исломии дунё воқеъан риоя мешавад. Вале дар баъзе аз минтақаҳо, ки мардум аз таълимоти Ислом бохабаранд ва аз урфу одатҳои қадимаи худ пайравӣ мекунанд, муомилаи дигар доранд. Масалан, баъзе мардум то ақди издивоҷ нашавад, иҷоза намедиҳанд, ки ба сӯи духтар нигоҳ кунӣ ва дар баъзе манотиқ бо духтар аслан машварат намекунанд....

Паёмбари Худо (с) ингуна муомиларо шадидан маҳкум намудааст ва ман чанд ҳадисе, ки аз он бузургвор ба субут расидааст, бароят баён мекунам, вале на аз лиҳози таълимоти дин, балки барои изҳори он ки ҳар чиро ақл ҳукм мекунад, мизони шариъати мо ҳамон аст ва ҳар нуқсоне, ки дар ҷомеаи мост, камбудии мо мусалмонон асту бас...

Шояд чунин бияндешӣ, ки ман вақте аз ҳадисҳои Паёмбари Худо (с) бароят мегӯям, аз он иттифоқе, ки аз доираа ақлгароӣ намегузарем гуфта будем, таҷовуз намуда бошам. Вале ман омодаам, то ҳукми ақлро дар ҳар чизе мегӯям, бароятон изҳор дорам, ва барои инсон зарар надорад, то назареро ақалан бишнавад ва агарчи аз ҳар сарчашмае бошад...?!

### *Имдодҷӯйии ошиқ ва миёнаравии Паёмбар (с)*

Ва ту метавонӣ ба худ тасаввур кунӣ, ки Паёмбари Худо(с), бо вуҷуди мақоми олиаш дар ҷомеа, бихезад ва ба назди зане биравад ва аз ӯ хоҳиш кунад, то аз шавҳараш ҷудо нашавад, бо вуҷуди ин ки шавҳари ӯ ғулом аст. Ин ҳодиса чунин буд, ки зани як ғуломе баъди озод шуданаш мехоҳад, аз шавҳараш ҷудо шавад, вале шавҳари вай чунон шефтаву шайдои ӯ буд, ки дар кӯчаҳо девонавор аз пушти он зан мегашт ва ба ҳар сӯ мерафт ва ҳар киро медид, зорӣ мекард, ки ту восита шав, то аз ман ҷудо нашавад. Кор ба ҷое расид, ки ба ҳузури Паёмбари (с) Худо омад ва илтимос намуд, ки барояш шафеъ шавад.

Ибни Аббос писари амаки Расули Худо (с) мегӯяд: Вақте ин ғулом аз Паёмбар (с) дархости миёнарав шудан кард, Паёмбар (с) худ ба назди он зан рафт ва гуфт: ***Эй Барира, аз Худо битарс, ин шавҳари ту ва падари фарзанди туст.*** Вале он зан гуфт: Эй Расули Худо (с) оё маро амр мекунӣ? Паёмбар гуфт: ***«На, ман фақат барои шафоат омадаам ва хоҳиш мекунам».*** Пас он зан гуфт: Маро ба ӯ эҳтиёҷе нест. Дар он ҳол оби дидагони он мард ба рухсораҳояш мешорид.

Пас Расули Худо (с) ба Аббос гуфт: Аз ишқи ин мард нисбати Барира ва бадбинии ин зан нисбати вай

тааҷҷуб намекунӣ?[1]

Бубин, ки он ҳазрат (с) чӣ гуна эҳсосоти он ошиқро дарк намуд ва қадр кард ва бархосту ба назди он зан ба шафоъат рафт, дар ҳоле ки ӯ Паёмбар аст...?!

Ва ё бубин, ки як зани оддӣ хоҳишу илтимоси Паёмбар (с)-ро рад мекунад, дар ҳоле ки ӯ ҳамзамон ҳоким ва қудратманд буд, вале Паёмбар (с) ӯро насиҳат ва хайрхоҳӣ намуд, маҷбураш насохт.

Хуб андеша намоед, ки пеш аз Ислом мардуми Араб духтарони хурдсоли худро аз тарси фақру нодорӣ ва аз рӯи ору номус мекуштанд, куштани духтарон ба шакли оддӣ набуд ба як шакли даҳшатнок. Сурати қатли духтарон ин буд, ки падар духтари хурдсоли худро аз хона дур ба биёбон мебурд ва барои вай чуқурие меканд ва ӯро зинда дар он ҷо меандохт ва сангу хокро болояш мерехт ва гӯраш мекарду бармегашт.

Ту, эй Чарлз, метавонӣ, барои тасдиқи гуфтаҳои ман ба оятҳои 8-9-и сураи «Таквир», ки сураи 81-уми Қуръон аст, назар андозӣ, мебинӣ, ки Худованд чӣ таҳдиди шадиде барои касоне, ки духтаронашонро мекушанд, намудааст ва тарҷумаи оят ин аст: **Худованд зуд аст, ки ҳамон духтараки зинда ба гуршударо бори дигар бармеангезад ва аз ӯ мепурсад, ки бо чӣ гуноҳе кушта шудӣ, ҳол он ки гуноҳе надоштӣ. Ва ин кор рӯзи қиёмат анҷом хоҳад гирифт, рӯзе, ки Худованди бузург халоикро бори дигар ба якҷоягӣ зинда мекунад.**

Оё ту, эй Чарлз, метавонӣ тасавур намоӣ, ки қадру қимати зан

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (2231) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ хондааст.

дар он асрҳои торику зулмонӣ чӣ қадар буд ва ту барои дарки он ба солҳои 600-уми баъд аз милоди Масеҳ бозгард. Дар он асрҳо дар миёни қавми мо - арабҳо зан аслан арзиши инсонӣ надошт, на дар хурдсолӣ ва на дар калонсолиаш, касе дар бораи издивоҷаш аз ӯ розигӣ намепурсид ва агар шавҳараш мемурд, ҳамчун молу ашё ба мерос бурда мешуд. Дар миёни занони араб ягон зани донишманд ва ё пешво ёфт намешуд. Аммо вақте Ислом омад, шаъну обрӯи занро боло бурд, дар баъзе корҳо ӯро ба мард баробар кард ва дар баъзе умур мартабаи ӯро аз мардҳо ҳам болотар бардошт ва дар баъзе корҳо мардҳоро бар занон бартарӣ дод ва дар ин кор табиъату вижагиҳои ҳар ҷинс дар назар гирифта шудааст.

Худованди бузург мегӯяд:

وَلَهُنَّ مِثْلُ ٱلَّذِى عَلَيْهِنَّ بِٱلْمَعْرُوفِ ۚ ﴿٢٢٨﴾

**«Ва барои занон баробари вазифаҳое, ки бар ӯҳда доранд, ҳуқуқи шоистае қарор дода шудааст»** *(Сураи «Бақара», ояи 228)*.

Ва ҷои дигар Худованди бузург мегӯяд:

لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَ وَلِلنِّسَآءِ نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ ٱلْوَٰلِدَانِ وَٱلْأَقْرَبُونَ مِمَّا قَلَّ مِنْهُ أَوْ كَثُرَ ۚ نَصِيبًا مَّفْرُوضًا ﴿٧﴾

**Мардонро аз он чи падару модар ва ақрабояшон мерос гузоштаанд, саҳме аст ҳаст ва барои занон низ аз он чи падару модар ва хешовандон гузоштаанд насибе**

**аст, хоҳ кам, ё зиёд ин насибе муайян аст.** (*Сураи «Нисо», ояи* 7).

Эй Чарлз, агар мо аз рӯи инсоф як сурохи хурде аз ниқоби ғуруре, ки ба чеҳраҳои худ кашидаем, боз кунем ва ба чашми ҳақбин ба тамаддуни имрӯза назар андозем, чӣ ҳақиқати даҳшатборро хоҳем дид. Зан дар ҷомеаи имрӯза бо беҳтарин либосҳо ороста гардида аст, вале ӯро аз чанги зулми хонавода раҳонидаанд ва ба дасти зулму ситами кӯчаву бебандуборӣ супурдаанд.

Агар имрӯз зан аз зинда ба гур шудан ба шакли қадима раҳида бошад, вале ба тарзи нав ин кор идома дорад, зеро ҳоло ҳам қавмҳое ёфт мешаванд, ки ба сабаби исқоти ҳамл ва ё бо роҳи истеъмоли дору фарзандонашонро мекушанд ё метавонӣ дар ақли худ бигунҷонӣ, ки имрӯзҳо чи миқдор духтарон ба ин услуб кушта мешаванд. Аз рӯи шаҳодати маҷаллаи тиббии бритониёӣ The New England Journal of Medicine Research дар олами имрӯза ҳар сол наздики сад миллион духтар кушта мешавад, ки панҷоҳ миллиони он танҳо ба мамлакати Хитой рост меояд.

Ва ин маҷалла чунин суолеро ба хонандагон матраҳ месозад, ки оқибати ин сиёсат дарояндаи ҳар давлат чи зарарҳоеро ба бор меорад? Ва худ илова карда мегӯяд, ин сиёсат мушкилоти гурехта рафтани занонро зиёд месозад ва аз ин ҷамъиятҳои пешрафта зиёни калон мебинанд.

Ҳамчунин ба он ишорат мекунад, ки ҷавонони муҷаррад ва ҳарҷогард дар ҷомеа ноороми эҷод мекунанд ва мушкилоти дигари амниятии ҷомеаро пеш меоранд. Нависандаи ин маҷалла дар ин хусус навиштаи ду нависанда - Валерий Ҳодсон ва Айдриё Динборро нақл мекунад, ки дар китобашон дар мавзӯи

демография ва амният овардаанд: Ба таҳқиқ ҷавонони муҷаррад дар ҳар ҷомеа ғолибан боиси ривоҷи зӯроварӣ ва ҷиноят мегарданд.

**Чарлз:** Аз рӯи инсоф бояд икрор кунам, ки ман то ин лаҳза тасаввур намекардам, ки Ислом дар баробари зан ин қадар муносибати боинсофона рафтор намудааст ва ман дар бораи зани мусалмон тасаввури тираву тор дорам, ки зоҳиру ботин ҳама бенуру зулмонӣ аст. Албатта, ман ин суханро барои он намегӯям, ки нисбати суханони ҷаноби Абӯҳомид шак дошта бошам, вале барои ҳар даъво далеле ҳаст. Мо аз куҷо медонем, шояд Абӯҳомид барои дифоъи аз дину ақидааш ин гуна суханонро ба мо мегӯяд? Боз таъкид мекунам, ки бояд ҳатман ҳуҷҷате пешкаш карда шавад.

## *Тавсия дар мавриди занон дар машҳуртарин суханронӣ*

**Абӯҳомид:** Ба ҷону дил ал-он бароятон далелҳое меорам ва он ҳадисҳои Паёмбари Худост (с), ки дар бораи духтари хурдсол ва зан- ҳамсар ва пиронсол омадааст ва аз он ҳазрат (с) собит шудааст. Машҳуртарин суханроние, ки Расули Худо (с) доштаанд ва суханронии фарогир буд, ин «Хутбатул видоъ» аст ва дар ин хутба бузургтарин васияти он ҳазрат (с) дар мавриди муносибат бо занон аст.

Паёмбари Худо (с) чунин гуфт: ***«Огоҳ бошед ва дар ҳаққи занон некӣ кунед, зеро онҳо ёварони шумоянд ва ба ғайри ин чизе дар болои онҳо надоред, магар кори бади ошкоре анҷом бидиҳанд. Огоҳ бошед, ки шумо бар болои ҳамсаронатон ҳаққҳо доред ва онҳо низ болои шумо ҳаққҳо доранд. Аммо ҳаққи шумо болои занонатон ин аст, ки ҷои хоби шуморо касе, ки дӯсташ намедоред***

***пахш накунад, (яъне нахобад) ва касеро, ки мавриди писанди шумо нест, ба хонаи шумо роҳ надиҳад. Огоҳ бошед, ки ҳаққи онҳо бар гардани шумо он аст, ки дар хӯроку пушоки онҳо аҳамият бидиҳед».***[1]

Балки Ислом дар мавриди инояти бештар қоил шудан занонро нисбат ба мардон тарғиб намуда, аҷру савобро ба он марбут месозад.

Зеро медонад, ки зан ба он чизҳо ниёзмандтар аст нисбат ба мард. Ва агар нисбати ӯ беэътиноӣ шавад, ба шахсияти ӯ осеб мерасад.

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки Расули Худо гуфт: ***«Агар шахсе духтаре дошта бошад ва ӯро наранҷонад ва таҳқираш накунад ва писаронро аз вай бартар нагузорад, Худованд ӯро дохили Биҳишт мегардонад».***[2]

Абӯсаъид (р) аз Паёмбари Худо нақл карда мегӯяд: ***«Касе, ки се духтар дошта бошад, ё се хоҳар ё дуто ҳам бошад ва бо онҳо муомилаи хуб кунад ва хушрафтор бошад ва дар бораи онҳо аз Худо битарсад, пас барои вай Ҷаннат аст».***[3]

Ҳазрати Оиша (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо гуфт: ***«Аз баракати зан аст, агар ӯро хостгорӣ кардан ба осонӣ ва сабукӣ анҷом гирад ва маҳраш гарон набошад ва таваллудкунанда бошад».***[4]

Ҳазрати Оиша (р) боз мегӯяд: Расули Худо рӯзе ба

---

[1] Ривояти Тирмизӣ (3087) ва ин ҳадисро соҳиби ас-Силсила ҳасан хондааст.

[2] Ривояти Аҳмад (1/223) ва Шуайби Арноут ва соҳиби ас-Силсила онро заъиф гуфтаанд, вале Аҳмад Шокир ҳадиси ҳасан хондааст.

[3] Аҳмад дар «Муснад»-аш ривоят кардааст (342) ва Шайх Шуайби Арноут гуфтаст, ки иснoди ин ҳадис саҳеҳ аст.

[4] Аҳмад дар «Муснад»-аш ривоят кардааст (6-77)

ҳуҷраи ман даромад ва дар назди ман ду духтарак шеърхонӣ мекарданд, пас дароз кашид ва рӯяшро гардонд. Дар ин ҳангом Абӯбакр дохил шуд ва маро сарзаниш кард ва гуфт, ки дар ҳузури Расули Худо (с) найи шайтон менавозед? Вале Расули Худо (с) рӯяшро гардонида ба ӯ гуфт: ***Онҳоро бигузор ва кордорашон нашав.*** Чун онҳо ба якдигар гуфтугӯ намуданд, ман фурсат ёфта, ба онҳо ба чашм ишора намудам, берун рафтанд.

Абӯҷуҳайфа Ваҳб ибни Абдуллоҳи Сивоӣ (р) мегӯяд: Расули Худо байни муҳоҷирин ва ансор бародарӣ эълон намуд ва Салмон бо Абӯдардо бародари динӣ гардиданд. Рӯзе Салмон ба зиёрати Абӯдардо омад ва зани ӯ Умми Дардоро дид, ки сару сураташ номураттаб ва чиркин аст. Ба ӯ гуфт: Ин чӣ ҳол аст? Зан гуфт: Бародари ту, Абӯдардо ба дунё ҳеҷ алоқае надорад (яъне ба ман нигоҳ намекунад). Пас, вақте Абӯдардо омад ва барои ӯ таъом омода кард, Абӯдардо гуфт, бихӯр ман рӯзадорам. Салмон гуфт: То ту нахурӣ, ман намехӯрам. Пас Абӯдардо низ хӯрд. Вақте, ки шаб шуд, Абӯдардо хост, то барои намоз машғул шавад. Салмон амраш намуд, ки биё бихоб. Ӯ омада хобид. Баъди чанде хост ба намоз бархезад, вале Салмон боз манъаш намуд. Вақте охири шаб шуд, гуфт: Анна, акнун бархез ва ҳар ду бархоста намози шаб гузориданд. Салмон ӯро чунин насиҳат кард: Худованд болои ту ҳақ дорад *(яъне намоз ва дигар фароиз)* ва нафсат болои ту ҳақ дорад *(хӯрдан, ошомидан ва гайра),* занат низ болои ту ҳақ дорад, ки бо ӯ суҳбат кунӣ. Пас бояд ҳар соҳибҳақро ҳаққашро бидиҳӣ.

Чун рӯз шуд, Абӯдардо ба назди Расули Худо (с) омад ва ин ҳодисаро нақл кард. Расули Худо (с) гуфт: ***Салмон дуруст мегӯяд.***

## *Иҷбор ва нописандӣ*

**Чарлз:** Ман пеш аз ин ишора намуда будам, ки барпо намудани оила бо маҷбурият, ин маънои онро дорад, ки бо дили нохоҳам ва иҷборӣ анҷом шудааст, вале ту ба ман ҷавоби саҳеҳ надодӣ.

Шумо чӣ тасаввур доред, агар оилае, ки бо иҷбори волидайн нисбати духтар ё писар барпо шуда бошад, аз он кадом навъи некиро интизоред?

Ман чунин мепиндорам, ки агар бори дигар ҳокимият ва дахолати волидайнро дар умури издивоҷ қонунӣ гардонем, ин сабаби бархӯрд ва тазод миёни фарзандон ва волидайн мегардад. Кадом падару модар розӣ мешаванд, ки писараш бо духтаре, ки дар роҳ шинос шудааст ва ё дар қаҳвахона, ё дар интернет хонадор шавад. Ва кӣ кафолат медиҳад, ки мизоҷи ман ба мизоҷи онҳо якхела ояд?

**Абӯҳомид:** Аммо он сухане, ки гуфтӣ барпо шудани оила ба иҷбор хуб аст ё ба муҳаббат, пас ту аз кадом иҷбор сухан мегӯӣ ва аз кадом муҳаббат, эй Чарлз? Зеро ду шахсе, ки тамоми захираи ишқу алоқаашонро пеш аз издивоҷ тамом намудаанд ва ҳатто алоқаи ҷинсӣ ҳам анҷом додаанд, чӣ умеди муҳаббат аст. Оё аз ду нафаре, ки пеш аз издивоҷи шаръӣ зану шавҳар буданд, чӣ интизор аст?

**Ва чӣ қадру қимат барои издивоҷи қонунӣ мемонад, вақте онҳо пеш аз издивоҷ тамоми корҳоеро, ки зану шавҳари қонунӣ анҷом медиҳанд, мекунанд** ва гоҳо ҳатто фарзанд низ ба дунё меоранд? Пас ин як варақ қоғазе, ки онҳо имзо мекунанд чӣ арзиш дорад? Шояд ин акди издивоҷ зуд аз пайи худ талоқ ва ҷудоиро ба бор орад.

Назарпурсиҳо ва омор шоҳиди онанд, ки чунин аст..... аз ин рӯ як чизи хандаовар ва дар айни ҳол гирязо он аст, ки ду ҷавон, ки номзади якдигаранд, солҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд, вале баъди эълони издивоҷи қонунӣ чанд моҳе нагузашта мусибатҳо сар мешаванд ва оқибат талоқ ва ҷудоӣ рух медиҳад. Ва ҷавон тамоми харҷу хароҷоти тӯйу маросимро ба дӯш дошта ва духтар то охири умр пушаймон ва ноумед аз издивоҷи ҷадид боқӣ мемонад.

| | |
|---|---|
| Омори муқоисаи талоқ дар олам. | |
| Нисбати сад фисад барои оилаҳои нав, ки зуд ҷудо шудаанд дар чанд мамлакат, ки интихоб шудааст. | |
| Нисбати талоқ<br>(of marriges % as) Divorces | |
| Австралия | 46% |
| Иёлоти муттаҳида | 45.8% |
| Мамлакати муттаҳида | 42.6% |
| Олмон | 39.4% |
| Русия | 43.3% |
| Фаронса | 38.3% |
| Сарчашма: Амрико барои ислоҳи талоқ | |

Баъд аз ин чӣ гуна метавонад як ҷавон ба духтаре эътимод намояд, ки дар ин кори муҳим ва хос хешу табор ва волидайнашро хиёнат кардааст? Ва дар оянда чӣ гуна метавонад бовар кунад, ки ҳамроҳи хешу ақрабои вай бехиёнат зиндагӣ мекунад ё дар ҳоле ки аз чашми шавҳар ғоиб бошад?

Ва духтар низ чӣ гуна ба ин ҷавон эътимод менамояд? Ва чӣ гуна ҷавон боварӣ мекунад, ки фарзандоне, ки ин зан таваллуд мекунад аз ӯянд ва ё

боварӣ дорад, ки ман фарзандони бегонаеро парвариш намуда истодаам, хусусан вақте ки ба модарашон зиёд монанд бошанд?!

Ва ту дар ҷомеае аз муҳаббат сухан мегӯӣ, ки он ҷо боварӣ ва эътимод заъиф аст ва шояд, ки аслан набошад?!

**Аммо сухани ту, эй Чарлз, ки оила гоҳо рағбати ин ду ҷавонро рад мекунад ва бо ин сабаб ду маҳбуби ошиқ аз якдигар ҷудо мешаванд ва орзуи хушбахтиро дар зиндагӣ аз даст медиҳанд,** ман низ эҳтимоли инро тасдиқ мекунам ва агар оила натавонад, ки гоҳо бо назардошти баъзе назокатҳо ин издивоҷро манъ кунад, пас арзиши он боқӣ намемонад. Ва оила ба шӯъбаҳои як корхона, ки масъулияти омодасозии аснодеро бар ӯҳда доранд, ки қаблан соҳиби калони ин корхона онро қабул намуда ва имзо кардааст, онҳоро низ лозим меояд, ки имзо кунанд, монанд мешавад.

Вале рад намудани оила низ бо содагӣ нест ва ҳар кас наметавонад, ки монеъи издивоҷи ҷавонон гардад, балки ҳокими бузурги оила, яъне сарпарасти оила метавонад дахолат кунад.

Ва агар ҷавони роғиб шахси мутадаййин ва арзандае бошад ва духтар низ ба ӯ рағбат дошта бошад, вале падар ва сарпарасти оилаи духтар шахси росткор ва беғараз набошанд ва зулм кунад ва камбудии воқеъӣ дар ҷавон ёфта натавонанд, додгоҳ метавонад бе иҷозаи сарпараст низ иҷозаи издивоҷ бидиҳад ва ин ҳимояи қонун дар баробари зулм ва зиёдаравии баъзе падарон аст нисбати ҳуқуқи фарзандон!

Баъдан ту аз куҷо бо ин қатъият мегӯӣ, ки онҳо ҳатман ин издивоҷро монеъ мешаванд?

Оё падару модар барои худ интихоб мекунанд, ё барои ту. Чун барои ту интихоб мекунанд, фақат хушбахтии туро мехоҳанд, на бадбахтиатро?

Баъдан бояд ёдовар шавам, ки оё агар касеро ту қадрдонӣ кунӣ ва аз вай машварат пурсӣ, ҳатман эътимод дорӣ, ки ӯ туро фиреб медиҳад ва бадбахтии туро мехоҳад! Ё ки ин қадрдонии туро бо муҳаббату ихлос ва насиҳати фоиданок ҷавоб медиҳад? Ва ҳол он ки он мушовирони ту, яъне падару модар аз дӯстдорони туанд.

Баъдан ин машварату маслиҳатҳо дар ҷомеаи мо комилан татбиқ шудаанд, вале то ҳол бархӯрди ҷиддие рух надодааст ва корҳо дар ҳимояи ҷавонон ва навхонаҳо ва бақои заношӯии онҳо анҷом дода мешаванд. Вале гоҳо воқеаҳои нодир низ рух медиҳанд, ки чунин ҳодисаҳои нодир ҳамеша дар ҳама кор вуҷуд доранд.

Дарвоқеъ ба исбот расидааст, ки зиёдаравӣ дар ин синну сол аз тарафи ҷавонон ба мушоҳида мерасад, на аз тарафи волидайн ва хатову иштибоҳоти ҷавонон хело зиёд аст. Аз ин ҷиҳат агар мо корро ба сӯи асл баргардонем, хеле хуб мешавад… ба сӯи шоҳи оила, яъне падар... Ва агар чунин накунем, ҳам дар ҳаёти фардӣ ва ҳам дар ҳаёти иҷтимоии мо садама ворид мегардад.

Аз ин рӯ ман бароят омореро ва тадқиқотеро пешкаш менамоям, то дарёбӣ, ки маркази мушкилоти якравӣ ва сухани тарафи муқобилро ба инобат нагирифтан дар куҷост:

**Total Arrests by Age, 2006**
**Маҷмӯаи касоне, ки аз рӯи синну солашон аз издивоҷи қонунӣ манъ карда шудаанд:**

| Age<br>Умр | Number of arrests<br>Адади боздоштшудагон | Percent distibution<br>Дар соли 2006 ба ҳисоби фисад |
|---|---|---|
| Маҷмӯъ | 10,472,432 | 100% |
| 18-сола | 488,119 | 4,7% |
| Аз 18-сола камтар | 1,626,523 | 15,5% |
| 17 | 431,876 | 4,1% |
| 16 | 395,741 | 3,8% |
| 15 | 324,351 | 3,1% |
| Аз 15-сола камтар | 474,555 | 4,5% |
| 13-14 | 362,968 | 3,5% |
| 10-12 | 98,167 | 0,9% |
| Поёнтар аз 10 | 13,420 | 0,1% |

Ва чи қадар бо суръат ихтилофотиноболиғоне, ки издивоҷ мекунанд, дар афзоиш аст, ки бо саркашӣ ва суханношунавӣ аз оилаҳои падару модар ҷудо шудаанд ва касе надоранд, ки бо раҳнамоӣ ва хайрандешӣ онҳоро насиҳат кунад. Пас баъди соҳиби як ё ду фарзанд шудан ноилоҷ корашон ба талоқ ва ҷудоӣ мекашад.

Ва агар онҳо бе акди издивоҷ зиндагӣ карда бошанд, ба дунё фарзандони беаслу насаб меоранд, ки ин ҳам мусибати дигарест. Ва омӯзиши ҷиддие, ки сари

ин оилаҳои бепадар сурат гирифтааст, нишондиҳандаи он аст, ки дар ин оилаҳо чи қадар мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ва муайян намуданд, ки аз ин оилаҳо касоне ба вуҷуд меоянд, ки оқибат ҷинояткор мешаванд. Баррасӣ ва омӯзиши маҳкамаи хоси ин гуна хонаводаҳо, ки онҳоро хонаводаҳои бепадар меноманд, мушкилоти зиёдеро ошкор кардааст.

Ошкор кардааст, ки 36% худкушии ҷавонон аз ҳамин оилаҳост. 90% бачаҳои кӯчагард аз ин гуна хонаводаҳо аст. 85% бачаҳои душвортарбият аз ҳамин хонаводаҳо аст. 71% бачаҳое, ки дар мактаб нокомил мехонанд ва онро мепартоянд низ. Ва 85% бачаҳое, ки дар ноболиғӣ ҳабс мешаванд, аз ҳамин қабил оилаҳо ҳастанд.

Бо вуҷуди ин ҳама, эй Чарлз, бидон, ки дар тамоми саъю кӯшиши мо хато ва нокомиҳо вуҷуд дорад ва ин табиати башарист. Аммо пайравӣ намудан аз таҷрибаҳои бобову аҷдод хатоҳоро пешгирӣ мекунад ва агар хатое ҳам рӯй диҳад, бо ризомандӣ метавонанд роҳи ҳалле пайдо намоянд ва агар дар ҳудуди ҷомеа ҳал нашуд, ба ҳокими бузург метавон арз кард ва ё ба додгоҳи қозӣ метавонем мурочиат кунем. Вале бояд ошкор бигӯям, ки ҳукми қозӣ бар асоси адолат ва покизагӣ содир мешавад, аммо ҳукми падар бар асоси адолат ва муҳаббат анҷом мегирад ва байни ин ду додгоҳ фарқ аз замин то осмон аст... ҳамчуноне, ки қозӣ метавонад дар баъзе умур ба хато роҳ диҳад, падар низ башар аст ва гоҳо хато мекунанд, вале оё баробар аст ҳукми қозие, ки бо амри вазифа кор мекунад бо ҳукми падаре, ки аз ишқу алоқа кор мегирад.

Ҳамчуноне ки ба нудрат қозие ёфт мешавад, ки зулм кунад, падароне ҳам ҳастанд, ки нисбати фарзандон золим ва беалоқаанд. Вале оё мешавад, аз рӯи як қозии золим дари тамоми додгоҳҳоро баст ва инчунин аз рӯи зулми як ду падар метавон тамоми ҳуқуқҳои падарон нисбати фарзандонро бекор ва лағв кард?

Зиёне бузургтар аз ин ҳаст, ки як қудрати ҷамъиятеро, ки дар пеши туст, аз даст бидиҳӣ ва барои зиндагии ояндаат истифода набарӣ?!

Чӣ зиёне аз ин бузургтар аст, ки қалъаи мустаҳкамеро, ки метавонистӣ дар ҳолати хатар ба он паноҳ барӣ, аз даст бидиҳӣ?

Чӣ зиёне бештар аз ин аст, ки ақлҳои таҷрибадореро, ки ба ту муҳаббат ва алоқа доранд ва мехоҳанд таҷриба ва хидмати худро бепул бароят бидиҳанд, аз даст бидиҳӣ?

Чӣ зиёне аз ин бештар, ки ду дилеро аз даст бидиҳӣ, ки пеш аз он ки ту дар раҳми модар пайдо шавӣ, муҳаббати туро дар замини худ коштааст ва ҳамон муҳаббат рӯз то рӯз дар он афзоиш дорад, чанде умри ту дароз ҳам шавад.

**Чарлз: Бубахшед, шумо, эй Абӯҳомид, нисбати ҳуқуқи волидайн хеле зиёдаравӣ намудед!** Оре, онҳо то охири умр ҳаққи эҳтиром ва қадрдониро доранд, аммо ҳаққи эҳтиром ва қадрдонӣ на то ба он ҳадде, ки фикру андешаашон бар болои мо фарз ва воҷибул-итоат гардад!

Ман туро маломат намекунам, эй Абӯҳомид, зеро шумо дар муҳите зиндагӣ мекунед, ки демокросӣ ва ихтиёр аз шумо салб шудааст ва истибдоди оилавӣ ба болои шумо ҳокимият мекунад. Агар мо мисли шумо

зиндагиамонро барномарезӣ кунем, мисли шумо қафомонда мегардем.

**Абӯҳомид:** Ман тааҷҷуб мекунам, эй писару духтарон, чӣ гуна тарки робита ва суханношунавиатонро нисбати волидайнатон шарҳу тафсир мекунед ва худро бегуноҳ мешуморед? Пас дар оянда чӣ гуна ин шеваи рафторро аз фарзандонатон қабул хоҳед кард?

Ва чӣ гуна ин ҳуқуқи волидайнро шумо ба мерос мегиред ва якдигарро ба он васият мекунед?

## *Падару модар, ё ду бут*

Шумо бо ин суханонатон мехоҳед бигӯед, ки падару модар дар зиндагӣ мисли ду сурат, ки дар хонаи бутпарасте гузошта мешавад, мебошанд. Ва онҳо мисли тӯҳфае бо иззат ва табаррук дар хона нигоҳдорӣ шаванд ва ё ба мисли мӯҳре, ки аснодро ба он мӯҳр мезананд, истифода гарданд, вале раъй ва фикри онҳо лозими пурсиш набошад.

**Эй Чарлз,** ту ал-он таманно карда наметавонӣ, ки дар дунё касе аз ту болотар ва тавонотар бошад, магар дар ҳаққи фарзандонат ин орзуро дорӣ ва ҳатто аз бузургии фарзандонат дар оянда ифтихор ҳам мекунӣ ва худро иззатманд мешуморӣ.

**Эй Чарлз,** ту вақте падари фарзанди болиғе гардӣ, он гоҳ дарк хоҳӣ кард, ки ин худпарастӣ ва эҳсос накардани дилу андешаи волидайн чӣ гуна талху ногувор аст!

Баъдан дарк хоҳӣ намуд, вақте падару модар мебинанд, ки ҷигарпораашон нисбати онҳо бевафоӣ мекунад ва онҳоро дар сари пирӣ тарк мекунад чӣ сӯзу гудозе дорад...!

**Эй Чарлз,** агар дар тамоми олам назарпурсие сурат гирад бо суоле, ки кадом мард нисбати ту муҳаббати зиёд дорад? Албатта, ҳама бо як овоз мегӯянд, ки падар... ва агар ин назарпурсиро нисбати занон анҷом диҳанд, ки кадом зан туро зиёдтар дӯст медорад, бо як овоз ҳама мегӯянд модар.

## *Роҳи ҳал*

**Эй Чарлз,** агар дар нуқтае аз олам инқилобе рух диҳад ва шоҳе ё раиси давлате болои як ҳокими дигаре ғолиб ояд, албатта, нисбати шоҳи мазлум дилат месӯзад. Аммо ин инқилоб ҳар рӯз дар хонадони шумо нисбати ҳокимияти волидайн рух медиҳад, вале шумо ҳеҷ дилсӯзие нисбати онҳо надоред.

Ба замми ин шахсони инқилобгар, киҳо ҳастанд? Духтару писари худи онҳо ва ин хеле сахту аламовару душвор аст...!

Аз ин сахттар он аст, ки ҳар нафаре аз шумо медонад, ки дар оянда бо ӯ низ чунин муомила карда мешавад.

Ва агар ҷомеа имрӯз ба ин мараз гирифтор аст, пас насли оянда наметавонад, ки барои тағйири он коре кунад? Баръакс аз он дифоъ менамояд.

Оё аз ин болотар шахспарастие вуҷуд дорад?

Ва имкон дошт мо низ дар ин чоҳе, ки шумо афтидаед, низ биафтем, агар Ислом намебуд ва итоату фармонбардории падару модарро воҷиб намегардонд ва ба он мақоми баъди ибодати Худо намедод.

**Устод Фифа:** Эй Абӯҳомид, ту дар торҳои нозуки зиндагии мо даст задӣ ва алами моро тоза намудӣ. Дарду аламе, ки солҳост моро азоб медиҳад ва кӯшиш менамоем, ки фаромӯшаш кунем, вале ҳар лаҳза аз

дохил моро неш мезанад... ва ман хуб медонам, ки мисли ту барин шахси огоҳ дарк мекунад, ки назди мо набудани ин риояву некии фарзандон чӣ мусибатест ва чӣ миқдор мо волидон ба он ниёз дорем, аз ин рӯ ту дониста ин дарро задӣ.

Аммо ту фаромӯш накун, ки мо аз аввал аҳд намуда будем, ки корҳоеро, ки марбути ақлу хирад ҳастанд, муҳокима намоем. Ту бошӣ ба эҳсосоту отифаи мо нохун мезанӣ. Бояд қайд намоем, ки некуӣ ва хушмуомилагӣ хоссаи шумо мусалмонон нест, балки бисёр миллатҳои ғайримусалмон низ ҳастанд, ки ин хислатро доранд ва шояд баъзеашон аз шумо дида некӯкортаранд. Пас чӣ ҷои фахр аст? Ман нисбати модарам меҳрубону дилсӯзам, агар аз худи ӯ пурсӣ, рад намекунад ва гувоҳӣ медиҳад...!

## *Некӯиҳои мардуми оламро дорем*

**Абӯҳомид:** Бояд бидонӣ, ки доштани ахлоқи ҳамида ва некӯ дар ҳаққи волидайн дар ҳар куҷое, ки дида мешавад, ин боиси ифтихори мо ва сабаби зиёдтар ба динамон чанг заданамон мегардад. Зеро он некӯиҳоеро, ки мардуми ғайримусалмонон доранд, дар мо ҳаст ва бо изофа, боз аз он зиёд ҳам дорем ва мо ҳамаи некӯиҳои мардуми оламро дорем.

Аз ҷумла дар зиндагии мо занон нисбати шавҳарони худ хушмуомилаанд, вале агар дар кадом ҷое аз ҷамъиятҳои дунё заноне ёфт шаванд, ки нисбати шавҳаронашон некӯкор бошанду фармонбардор, ин фахри мост.

Фарзанди хурдсол дар ҷомеаи мо нисбати бародарони аз худаш бузургтар боодоб ва итоатгар ва боэҳтиром аст ва агар дар мамлакате ин муомилаву

эҳтиром нисбати калонсолон бошад, ин ҳам фахри мост.

Дар ҷомеаи мо хидматгор ва муздур ҳамчун инсон қадр карда мешавад ва агар ҷое ин муомилаи нек нисбати хидматгорон анҷом шавад, ин ҳам обурӯи мост, ҳамчунин ва ҳамчунин...!

Бо вуҷуди ин ҳама мо дар некукорӣ аз дигарон фарқ дорем. Масалан, дар некӣ нисбати волидайн дар мо чунин бартарӣ ҳаст, ки мо хидмати волидайнро ибодати Худо медонем ва дар анҷоми он ниҳоят диққат мекунем ва ин муомила зери таъсири хоҳишоти мо нест ва ё ба некии волидайн нисбати мо вобаста нест. (Яъне вақте, ки мо ба онҳо некуӣ мекунем, манзури мо ҷуз ризои Худо чизи дигар нест).

Барои он ки бузургии мақоми хидмати волидайнро исбот созам, баён намоям, ки ин хидмат баъди фароизи Худо болотарин мартабаро дорост ва собит созам, ки ин баёнот аз рӯи сухандонӣ ва зиндагии ман нест, балки амонати дини мост, ки ман дар он дахле надорам. Чанд ҳуҷҷате бароятон меорам ва шумо онро аз ҳар зовияе, ки хоҳед таҳқиқ намоед. Агар ҳамчун падар бихонӣ, бароят гуворост. Ва агар ҳамчун писар ҳам бихонӣ чунин аст.

Дар сураи «Луқмон» Худованди бузург чунин мефармояд: **«Ба таҳқиқ, барои Луқмон ҳикматро додем, ки шукри Худоро ба ҷой ор ва касе, ки Худоро шукргузорӣ кунад, ба ҳақиқат барои худаш кардааст ва агар касе кофир мешавад, пас Худо ғанӣ ва бениёз аст. Ва он ҳангом ки Луқмон ба писараш гуфт, дар ҳоле ки ӯро панд медод: «Эй писараки ман, ба Худо ҳаргиз шарик маёвар, ба ҳақиқат ширки ба Худо зулми бузургест. Ва мо инсонро дар ҳаққи волидайнаш чунин**

**васият намудем, дар ҳоле ки модар ӯро бо ранҷи фаровон мебардорад, то ин ки аз шир ҷудошавии ӯ дар ду сол анҷом мегирад, Маро, ки Худои шумо ҳастам, шукргузор бош ва дар ҳаққи волидайнат низ ва ба сӯи Ман аст бозгашти шумо. Ва агар онҳо кӯшише кунанд, ки ба Ман чизеро, ки ҳақиқати онро намедонӣ, шарик ва анбоз қарор бидиҳӣ, онҳоро итоат накун, вале бо вуҷуди ин дар ҳаққашон некуӣ намо ва хушмуомила бош ва роҳеро пеша гир, ки роҳи руҷӯъкунандагон ва тоибони даргоҳи мо бошад. Ва оқибат бозгашти шумо ба сӯи Ман аст ва шуморо аз натиҷаи аъмолатон дар он вақт огоҳ месозам»** *( Сураи «Луқмон», оёти 12-15).*

Мехоҳам ба чанд нуқтае дар мафҳуми ин оёт рушанӣ андозам.

Аввалан, ин оятҳо мақому мартабаи некӯии падару модарро баъди парастиши Худо ва ягона донистани Ӯ қарор додааст. Ва дар назди мо диндорон аз тавҳиди Худо дида амри заруртаре нест... ва ин баёнгари асрори некӯӣ ва хушмуомилагии мо нисбати волидайн аст, зеро дини Ислом ин мартабаву мақомро ба онҳо додааст ва ишора менамояд, ки некуӣ ба онҳо ин маънои ибодати Худоро дорад ва аҷру подош аз ҷониби Худо дар назар аст ва ин эътиқод дар дилҳои мо ҷойгир аст.

Вале дар рӯҳияву зеҳни шумо, аз нигоҳи динӣ, ки мақоми волидайнро боло барад, таъсире нест. Лизо дар ҷомеаи шумо гиреҳҳо ва печидагиҳои зиёде сар задааст.

Ва ту чунин мушоҳида мекунӣ, ки дар ин насли падаронатон баъзе осори некӯӣ ва хушмуомилагӣ нисбати волидайн ба назар мерасад, бо вуҷуде, ки дар аксар маврид ин ҳуқуқ нодида гирифта мешавад ва

байни волидайну фарзандон ҷудоӣ ва бемеҳрӣ ба назар мерасад ва ин ҷудоӣ дар наслҳои оянда бо эҳтимоли зиёд дар афзоиш аст.

Сониян, чуноне шунидед, ояти Қуръон як мисоли зиёдаравӣ ва зулми волидайнро нисбати фарзанд баён мекунад, дар ҳоле ки волидон мусалмон нестанд! Ба ин кифоят намекунанд, балки боз кӯшиш менамоянд, ки фарзандашонро водор ба тарки Ислом намоянд. Бо вуҷуди ин, Худованди бузург фарзандро амр мекунад, ки бо онҳо ба хубӣ зиндагӣ намо, вале дар амри дин аз онҳо пайравӣ ва итоат макун.

Биёед бори дигар ба оят гӯш диҳем:

وَإِن جَـٰهَدَاكَ عَلَىٰٓ أَن تُشۡرِكَ بِي مَا لَيۡسَ لَكَ بِهِۦ عِلۡمٞ فَلَا تُطِعۡهُمَاۖ وَصَاحِبۡهُمَا فِي ٱلدُّنۡيَا مَعۡرُوفٗاۖ ﴿١٥﴾

**Ва агар кӯшиш кунанд бар ин ки барои ман чизеро шарик созӣ, ки дар мавриди он фаҳму дониш надорӣ, пас онҳоро итоат макун, вале дар дунё бо онҳо бо некуӣ зиндагӣ намо** *(Сураи «Луқмон», ояи 15)*.

Инак оят чунин ишора мекунад, ки дар зиндагии амалӣ гоҳо ихтилофу зиддият байни волидайну фарзанд рух медиҳад ва шояд дар масоили мубрам ва ҷиддӣ ва дар ин тазод волидон шояд ба олитарин ва бузургтарин ҳадди таҷовузи ҳуқуқи худ бирасанд, бо вуҷуди ин фарзандон ҳаққи бадӣ кардан ва беэҳтиромии онҳоро надоранд.

Пас ба мӯҳтавои ин оёт бо ҳар дидае, ки хоҳӣ бингар... агар бо нигоҳи фарзандӣ мехоҳӣ бингарӣ, ту имрӯз худ фарзанди касе ҳастӣ ва агар бо нигоҳи падарӣ мехоҳи бубинӣ, фардо дар оянда худ падар хоҳӣ шуд...

Агар имрӯз ту худро аз ин таълимот бениёз мегирӣ, бидон ки бегумон, аз як қонуни ягона ва саодатмандкунандаи башарият даст кашидаӣ.

Ва агар хоҳӣ дар ин мавзӯъ чуқуртар ва зиёдтар иттилоъ дошта бошӣ, ба ояти дигар таваҷҷӯҳ намо, то ҳадди олии некӣ ва фидокориро дар ҳаққи волидайн дарёбӣ.

Худованд, ки Парвардигори туст, чунин амр мекунад: **«Парвардигорат муқаррар доштааст, ки ба ғайри ӯ каси дигареро напарастед ва дар ҳаққи падару модар некӣ кунед. Агар дар назди ту яке аз онҳо ва ё ҳардуи онҳо ба пириву нотавонӣ бирасанд, ба онҳо уфф** (сухани ранҷишовар) **магӯ ва онҳоро аз назди худ марон ва ба онҳо сухани хуб бигӯ. Ва барои онҳо аз раҳму шафқат болҳоятро пешашон паҳн кун бо сарпастӣ ва дар ҳаққашон дуо карда бигуй, Худоё онҳоро раҳм кун ҳамон гуна, ки онҳо дар кӯдакӣ маро парвариш доданд»** *(Сураи «Исро», оёти 23-24)*.

**Ин аст олитарин мақоми раҳмату шафқат**.

Чун волидон ба ҳадди пирӣ расиданд, ҳол он ки пирӣ душворӣ ва машаққат аст ва гоҳо беақлӣ ва бадгӯӣ ва чиркиниву ифлосиро бо худ дорад ва шояд гоҳо ба ҳадди зулм дар ҳаққи фарзандон ва занон низ бирасад. Ва ҳолатҳои аҷибу ғариб ва ғайричашмдошт низ шояд рух бидиҳад, ки ин аз таҷрибаи ҳаррӯзаи одамон ҳувайдо ва маълум аст. Вале боз ҳам Худованд дар баробари ин ҳама мегӯяд: **Барои онҳо уф магӯ.** Баъзе муффассирон чунин ақида доранд, ки агар дар забони мардум калимае, ки аз уф дида пасттар мебуд, албатта, онро Қуръон зикр мекард...!

На...! Матлаби асосӣ он нест, ки мо дар баробари гуноҳ ва беҳурматӣ мавқифи инкорӣ бигирему халос,

балки болотар аз он **«Пас дар баробари онҳо уф магӯ ва онҳоро аз назди худ марон ва бо онҳо сухани хуб бигӯ»**.

Бар ту лозим аст, ки дар баробари онҳо болҳоятро ба некуӣ бигустарӣ! Агар назди онҳо хоксорӣ ва фурӯтанӣ бо поин кардани бол ҳосил шавад, пас бештару бештар болҳоятро поин кун. Баъд аз он ин боли раҳмат ва шафқат аст, на сахткориву тасаннӯъ. Ту ба мазмуни ин оят диққат кун: **«Ва паҳн кун барои онҳо боли шафқату раҳматро».** Пас вақте, ки лафзи хорӣ маънои бечорагӣ ва пастиро ифода мекунад, Худованд мехоҳад, ки ҳар қадаре метавонӣ боз ҳам пасттар ва пасттар бошад, вале бо ҳамроҳии дилсӯзӣ ва раҳмат на бо дуруштӣ ва на иҷбори нафс ва такаллуф.

Ва дар охири оят мақоми олиеро тазаккур медиҳад, ки кам шахсе метавонад ба он бирасад ва тавони онро дошта бошад: **«Ва бигӯ, ки Худоё бар падару модари ман раҳм кун, ҳамон гуна ки онҳо дар кӯдакӣ ва хурдсолӣ маро парвариш доданд»**.

Ин маънои онро дорад, ки шахси некӯкор ҳар қадар кӯшиш намояд ҳам, наметавонад он ҳуқуқу вазоиферо, ки Худованд бар ӯҳдаи ӯ нисбати волидайн гузоштааст, адо намояд Бинобар ин, ба Худованд тазарруъу зорӣ мекунад, то ӯро дар ин амри саъбу душвор ёрӣ ва мадад намояд.

Пас дуо мекунад: Худоё, ба онҳо раҳм кун, ҳамон гуна ки онҳо маро дар кӯдакӣ парвариш доданд.

Пас биёед муқоиса намоем, ки фарқ миёни некӯии фарзанд нисбати падару модар аз некӯии онҳо нисбати фарзанд чист.

Ҷавоби онро яке аз уламо дар мавриди ин суоле, ки аз вай намуданд, чунин шарҳ додааст. Касе чунин суол намуд, ки модари ман пир ва нотавон гаштааст ва ман

монанди кӯдак ӯро оббозӣ медаронам ва ӯро мисли кӯдак хӯрок медиҳам ва ҳар коре, ки ӯ дар хурдсолӣ ба ман намуда буд, дар ҳаққаш анҷом медиҳам... оё ман, ки хизмати ӯро ба пуррагӣ адо карда тавонистаам....? Донишманд гуфт: Не. Суолдиҳанда гуфт: Чаро? Олим гуфт: Зеро ту дар ҳолати иҷрои хизмат орзу мекунӣ, ки кай роҳат ёбам агарчи бо марги ӯ бошад, аммо ӯ вақте, ки дар хурдсолиат туро хизмат мекард, ҳамеша орзуи саломатӣ ва умрдарозии туро дошт, агарчи ин орзуяш бо марги ӯ тамом шавад.

Ва ахиран, чунин ба назарам меояд, ки ба маврид аст агар баёноте бидиҳам, ки ин ҷо фақат масъалаи дилсӯзӣ ва эҳсосоти қалбӣ нест, балки мавзӯъ иҷрои амали воҷибест, ки мутлақо ба ӯҳдаи фарзанд гузошта шудааст, то онро ҳатман иҷро намояд. Магар дар корҳои маъсият ва зулм.

## *Эҳсосот ва муомала*

**Бовар кун, эй Чарлз,** ман тамоми умр ҳамроҳи падарам будам, магар дар ҳолатҳое, ки ӯ ба шикор мерафт, ки ин касб сабаби ризқу рӯзии вай буд, он вақт ман хурдсол будам ва баъдан дар хориҷ аз кишвар таҳсил менамудам, вале чи дар ҳузураш ва чи дар ғайбаташ ман ва бародаронам ҳаргиз амри ӯро мухолифат наменамудем ва ӯ то дами марг аз мо розӣ буд. Ва ман вақте эҳсос менамудам, ки ӯ аз ман андаке ҳам бошад ранҷидааст, наметавонистам ҳамроҳи зану фарзандонам ором бихобам, то ин ки ҳар поси шаб ҳам бошад мерафтам ва бо ӯ сӯҳбат менамудам ва дасту пою сарашро мебӯсидам ва баъди он, ки дилпур мегаштам, ки ӯ аз ман тамоман розӣ шудааст, ба ҷойхобам баргашта бо хотири осуда мехобидам. Дигар

бародарони ман ҳам ҳамчунинанд.

Қасам ба Худо, бо вуҷуди ин муомилаи нек нисбати ӯ худро ҳамеша маломат мекунам, ки ман некии аз ин ҳам зиёд метавонистам кунам, вале накардам.

Ман китобе таълиф намудаам ва онро «Падарам аз дунё ҳамин тавр реҳлат кард» ном мениҳам, дар он аз асрори некӯи нисбати волидайн сухан гуфтаам ва аз асрори нофармонӣ аз онҳо низ, вале намедонам, ки онро метавонам ба забони шумо тарҷума кунам, ё на.

Ва он муомилае, ки мо бо падаронамон мекунем, аз он зиёдтар бо модар анҷом медиҳем ва мебинӣ, ки номи ман Тавфиқ аст, вале ту маро Абӯҳомид мегӯӣ, ин ишора ба он аст, ки байни мо ва фарзандон як алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад, ҳамчуноне ӯ ба сӯи ман бо насаб мурочиат мешавад, ман низ бо номи ӯ садо карда мешавам.

Акнун ман ва завҷаам аз синни 50 гузаштаем ва бармало мебинем, ки фарзандони мо он рафтореро нисбати мо анҷом медиҳанд, ки мо бо волидайнамон мекардем, зеро онҳо дар ин мадрасаи амалии зиндагӣ омузиш ёфтаанд. Мо, ҳамчуноне ки дар баробари некӯӣ нисбати волидайн аз Худованд аҷру подош чашмдорем, ҳамчунин боварӣ дорем, ки некӯӣ ва бадрафторӣ нисбати волидон чизест, ки онро шахс ба мерос мегирад ва фоидаву зарари он дар ҳамин дунё ба худи ӯ бозмегардад.

Инро ба мо Паёмбари Худо (с) омӯхтааст ва натиҷаи онро мо бо чашмони худ дар зиндагии ҳаррӯзаамон мушоҳида менамоем, ки оқи волидайн дар ҳамин дунё ҷазое хоҳад дид.

Паёмбари Худо (с) гуфт: ***«Ҳеҷ гуноҳе лоиқтар ба уқубат дар ҳамин дунё аз гуноҳи нофармонӣ нисбати***

***волидон ва қатъӣ робита намудан бо хешу таборон ва зулм нест, бо вуҷуди он азобу ваъиде, ки дар охират барои онҳо захира шудааст».***[1]

Акнун туро ба худат вомегузорам, то дар мазмуни ҳадисҳои Паёмбари Худо (с) бияндешӣ ва аз сирри боқӣ мондани некӯӣ дар ҳаққи волидон дар ҷомеаи мо огоҳ шавӣ... Бо вуҷуди ин ҳама, мо мусалмонон ба ин ҳам қонеъ нестем ва ҳаққи волидонро аз ин ҳам болотар медонем ва умед дорем, фарзандон оянда аз ин ҳам зиёдтар анҷом диҳанд:

1). Аз Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) чунин ривоят шудааст, ки ба Расули Худо (с) гуфтам, ки кадом амал дар назди Худо дӯстдоштатар аст? Расули Худо (с) гуфт: ***Намозро дар вақташ адо намудан!*** Боз пурсидам, ки дигараш чист? Гуфт: ***Некӯӣ бо волидайн.*** Гуфтам боз кадом? Гуфт: ***Ҷиҳоди дар роҳи Худо.***[2]

2) Аз Муъовия писари Ҳинд ривоят аст, ки ба Расули Худо (с) гуфтам, ки дар ҳаққи кӣ некӣ кунам? Расули Худо (с) гуфт: ***Ба модарат***. Боз пурсидам, ки боз ба кӣ некӣ кунам? Гуфт: ***Ба модарат***. Гуфтам: Боз ба кӣ? Гуфт: ***Ба модарат***. Баъдан сеюм бор пурсидам, ки боз ба кӣ? Гуфт: ***Ба падарат ва ба ҳар хешу табори наздиктаринат.***[3]

3) Аз Абусаъид Худрӣ (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Марде аз Яман ба сӯи Расули Худо (с) ҳиҷрат намуд ва аз Расули Худо (с) пурсид, ки оё ҳиҷрати ман қабул аст (яъне ман метавонам ин ҷо бимонам)? Расули Худо (с)

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (4902) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ гуфтааст.

[2] 1. Ривояти Бухорӣ (504).

[3] Ривояти Тирмизӣ (1897) ва соҳиби ас-Силсила онро ҳадиси ҳасан хондааст.

гуфт: ***Ту аз ширк ба сӯи имон ҳиҷрат намудаӣ, вале ҷиҳоду мубориза боқист. Ту метавонӣ, дар роҳи Худо ҷиҳод кунӣ. Оё дар Яман касе аз ақрабоят ҳаст?*** Гуфт: Оре, волидайнам онҷоанд. Паёмбар (с) гуфт: ***Онҳо ба ту иҷозаи ҳиҷрат ва ҷиҳодро доданд?*** Гуфт: Не. Паёмбари Худо (с) гуфт: ***Баргард ва аз онҳо иҷозат пурс, агар туро иҷозат доданд, ҷиҳод кун ва илло дар хидмату парастории онҳо он ҷо бош.***[1]

4). Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки марде ба назди Расули Худо (с) омад ва гуфт: Ман хоҳиши ҷиҳод дар роҳи Худоро дорам, вале қудрати молӣ надорам, ки аспу аслиҳа харидорӣ намоям. Паёмбари Худо (с) гуфт: ***Оё аз волидонат ягон нафар ҳаёт ҳаст?*** Гуфт: Оре, модарам дар қайди ҳаёт аст. Паёмбари Худо (с) гуфт: ***Ба хидмати модарат ба Худо рӯ ба рӯ шав, ҳаргоҳ ту ин корро анҷом диҳӣ, ту ҳам ҳоҷӣ ҳастӣ ва ҳам умракунанда ва муҷоҳиди роҳи Худо. Вақте модарат аз ту розӣ шуд, аз Худо битарс ва хидматашро идома деҳ.***[2]

5) Аз ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки марде ба назди Расули Худо (с) омад ва гуфт: Ман гуноҳе кардам басе бузург, оё маро тавбае ҳаст? Расули Худо (с) гуфт: ***Оё модар дорӣ?*** Гуфт: Не. Расули Худо (с) гуфт: ***Хола чӣ?*** Гуфт: Дорам. Расули Худо (с) гуфт: ***Пас ӯро хидмат кун*** (яъне дар баробари каффораи гуноҳ).[3]

6). Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) рӯзе ба мо чунин қисса намуд: Дар

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (2530) ва соҳиби ас-Силсила онро ҳадиси саҳеҳ гуфтааст.

[2] Ривояти Абӯяъло (2760).

[3] Ривояти Тирмизӣ (1904) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ гуфта.

гузашта 3 нафар дар роҳи мусофират буданд, ногоҳ борони сахте борид ва онҳо маҷбур гаштанд, то дар ғоре паноҳ баранд. Баъди дохил шудан дар ғор харсанги бузурге дар асари борон лағжида даҳони ғорро маҳкам намуд. Яке аз онҳо чунин кореро пешниҳод кард, ки биёед аз амалҳои солеҳе, ки дар роҳи Худо анҷом додаед, пеши рӯ оварда аз Худо талаби наҷот намоем, шояд моро наҷот диҳад. Яке аз мусофирон ибтидо ба дуо намуда гуфт: Худоё, ту медонӣ, ки ман падару модари кӯҳансол ва зану баччаҳои хурдсол доштам ва касби ман чупонӣ буд. Вақте ба хона бармегаштам ва шири он ҳайвонотро меҷӯшидам, ҳамеша аввал волидони пирамро сер мекардам. Рӯзе чарогоҳ рафтам, хеле дур буд, бегоҳӣ аз он ҷо дер баргаштам ва чун ширро ҷӯшида овардам, онҳо аллакай хобида буданд. Ман дар болои сари онҳо истодам, дилам намешуд, ки онҳоро бедор кунам ва бадам меомад, ки пеш аз онҳо кӯдаконамро шир диҳам. Кӯдакон аз гуруснагӣ дар пеши поям доду фиғон мекарданд, то ба ин ҳол шаб рӯз шуд. Ту, эй Худо, медонӣ, ки ман ин корро баҳри ризои Ту анҷом додам, аз ин рӯ Туро илтиҷо мекунам, ки баҳри мо аз дари ғор қадре бикушо, ки осмонро бинем. Худованд дуои ӯро қабул намуд ва сурохе дар дари ғор пайдо шуд.

Мусофири дувум пеш омад ва чунин дуо кард: Худоё, огоҳ ҳастӣ, ки ман духтари амаке доштам, ки бо ҷону дил ӯро дӯст медоштам ва аз ӯ дархост намудам, ки бо ман наздикӣ кунад, ӯ аз ман сад динор талаб намуд. Ман бо ҳазорон ранҷу азоб кор кардам ва сад динор ҷамъ намудам ва наздаш овардам. Ӯ динорҳоро гирифта худро таслими ман намуд, чун ман омода

шудам, то бо ӯ алоқаи ғайри машрӯъ анҷом диҳам, духтар гуфт: Аз Худо битарс ва он мӯҳреро, ки Худо ниҳодааст, ба роҳи машрӯъ аз миён бардор. Ман аз тарси Ту аз назди ӯ бархостам ва он корро анҷом надодам. Ту худат, эй Худо, хуб медонӣ, ки ман ин корро ба хотири Ту кардам, пас дуои маро бипазир ва ковокие дар даҳони ғор ба вуҷуд биёр. Чун ин дуоро намуд, ковокӣ васеътар гашт.

Мусофири севум пеш омад ва гуфт: Худоё, ман як вақт мардикоре гирифтам дар баробари чанд миқдор шолӣ, вақте ки корро тамом кард, ман ба ӯ шолиҳоро додам, вале ӯ онҳоро набурд ва назди ман гузошту рафт. Ман онҳоро дар замини алоҳида кишт намудам ва солҳо гузашт он зироъат чунон зиёд шуд, ки ба пулаш говҳои зиёде харидам ва подабоне барои онҳо киро намудам, баъди солҳои зиёд он мард омада аз ман шолиҳояшро талаб карда гуфт: Аз Худо битарс ва ҳаққи маро зоеъ макун. Ман аз тарси Ту гуфтам бирав ва он подаи говҳоро бо подабонҳояш бигир. Он мард гуфт: Аз Худо битарс ва маро масхара макун. Ман ба ӯ гуфтам: Туро масхара намекунам, инҳо ҳама моли туст ва ӯ ҳамаро гирифту рафт. Ва Ту хуб огоҳ ҳастӣ, ки ба хотири ризои Ту ман ин корро кардам.

Худоё, моро наҷот деҳ, пас даҳони ғор кушода шуд ва Худованд онҳоро наҷот дод.[1]

7) Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) гуфт: Ҳеҷ фарзанде наметавонад ҳаққи волидайнашро ба ҷо биёрад, магар ки онҳо ғулом бошанд ва фарзандашон онҳоро харида озод намояд.[2]

---

[1] Ривояти Бухорӣ (5629), Муслим (2743).

[2] Ривояти Муслим (1510).

## *Нуҳ бону*

**Чарлз:** Иҷозат фармо, эй Абӯҳомид, то ман баёноте кунам ва он кароматеро, ки ба гумони ту Ислом ба зан додааст, беҳақиқат буданашро ошкор созам. Ман аз мутолиаи таърих чунин бардошт намудам, ки Муҳаммад (с) худаш бо амалҳояш кароматі занро поймол намудааст, дигарон он тараф истанд. Зеро ман хондам, ки Муҳаммад (с) нӯҳ зан дошт, оё ин дуруст аст? Оё ҳамин иззат ва кароматі зан аст?! Оё ин шаҳватронӣ ва ҳавасбозӣ нест? Баъдан, оё Ислом ба мард чаҳор занро иҷоза нададааст? Ва чаро барои Муҳаммад (с) нӯҳ зан иҷозат шуд?

Ту, эй Абӯҳомид, ҳар чизе дар ин бора мегӯӣ, бигӯ, вале агар инкор намоӣ, ки ин серзании Муҳаммад (с) шаҳватронӣ нест, инро касе қабул надорад...!

**Абӯҳомид:** Ман барои ту як ҷавоби ақлонӣ мегӯям на шаръӣ, сипас худат медонӣ, ки ба чи қароре биёӣ...?!

Оре, Паёмбари Худо (с) дар хонааш якбора нӯҳ зан дошт, вале агар ҳақиқати ҳолро биёмӯзӣ ва нек фикр намоӣ, мебинӣ, ки ин кори вай эҳтиром ва бузургдошти зан буд, на иҳонату таҳқир ва шаҳватронӣ...

Оё медонӣ барои чӣ?!

Шояд ту, эй Чарлз, дар ин масъала бо ман ҳамфикр бошӣ, ки дар он замон тамоми занон орзуи ҳамсарии Расули Худо (с)-ро доштанд... ва бовар кун, он қавму қабилаҳое, ки Расули Худо (с) бо духтарони онҳо издивоҷ мекард, шарафу обурӯяшонро меафзуд.

Ҳоло ба ман бигӯ, дар ҳоле ки тамоми занони араб розӣ буданд, ки ҳамсари ӯ шаванд, чаро ҳамагӣ нӯҳ зан гирифт ва барои чӣ дар овони ҷавониаш, ки ҳамагӣ 25 сол дошт, зани аввалинашро зани калонсоли 40-соларо

интихоб кард? Агар ӯ шахси шаҳватпараст мебуд, оё зане дар синну соли 40 солагӣ метавонад мавриди писанди ҷавоне бошад ва ё ҷавони баруманду тавоно мехоҳад умри худро бо зани пир сипарӣ намояд?

Чаро зани дувумашро ин қадар дер дар синни 53 солагиаш гирифт?

Оё шаҳвати инсон баъди 50 солагӣ афзоиш меёбад ё коҳиш, агар бигӯем, ки ӯ аз рӯи шаҳват зани дувум ё севум гирифтааст?

Оё марди шаҳватбоз метавонад умри худро бо занони пир ва аёлманд сипарӣ намояд, ҳол он ки метавонист духтарони бокираро ба ақд дароварад, бо далели он ки Оишаро, ки духтари хурдсоле буд, ба ақди хеш даровард?!

Зуд аст, ки ту, эй Чарлз, ҷавоби худро меёбӣ аз ин рӯ, ки Расули Худо (с) ҳеҷ занеро барои шаҳват нагирифтааст, балки барои обрӯи онҳоро ҳифз кардан ва иҷоза надодан, ки онҳо аз бепарасторӣ зоеъ шаванд. Дар навбати худ бо он амалаш аҳли ҷомеаро тарғиб намуд, ки занони бевамондаро сарпарастӣ намоянд ва фарзандони онҳоро тарбият кунанд. Агар ту имрӯз ба ҳабсхонаи ноболиғон биравӣ, мебинӣ, ки аксари онҳо аз хонадонҳое ҳастанд, ки модаронашон бевавy бесоҳибанд, ки ин мавзӯро мо дар баҳси хонаҳои бепадар карда будем.

Бояд фаромӯш накунем, ки Муҳаммад (с) дар як ҳолати ҷангӣ бо душманонаш қарор дошт ва бо ин кораш мардумро ба нигоҳубин ва сарпарастии фарзандони шуҳадо тарғиб менамуд. Оё касе, ки шаҳватпараст ва дӯстдори зан бошад, зани бачадор ва аёлмандро мегирад?

Ҳамчунин Расули Худо (с) духтарони душманони

ашаддии худро низ ба ақди хеш даровардааст ва бо ин кори худ хешу табор ва қавму қабоили онҳоро ба худ наздик намуд ва кинаву адовати баъзе афроди қавмашро аз миён бурд.

Ӯ **Рамла духтари Абӯсуфён ибни Ҳарбро,** ки он вақт сардори душманонаш буд, ба занӣ гирифт. Инчунин **Сафия бинти Ҳуяй ибни Ахтаб** ном духтари сардори яҳудиёнро ба занӣ гирифт. Агар хуб диққат намоем, дар ҳар издивоҷи Паёмбари Худо (с) ҳикмате нуҳуфта аст. Аз рӯи ин издивоҷи ӯ тамоми қабилаҳои он занон ба мусалмонон наздик шуданд. Дар ин издивоҷ ҷиҳати молдорӣ ва ҳусну таровати занон ҳаргиз мадди назар набуд. Ва ҳаргиз ба занону хешовандони онҳо ғадру хиёнат накардааст, зеро оноҳоро барои истифодаи ҳадафҳои сиёсӣ нагирифта буд.

Шумо диққат кунед, чаро ӯ нӯҳ зан, фақат нӯҳ зан гирифт?!

## *Паёмбарони пеш аз Муҳаммад (с) чанд ҳамсар доштанд?*

Ин суолро барои шумо аз ин лиҳоз додам, ки шумо аҳли илму маърифат ҳастед ва аз аҳволи Паёмбарони собиқ (а) огоҳед. Ҷадъун, яке аз анбиёи бани Исроил занони зиёде дошт, ки дар Сифри Қуззот яке аз бобҳои Инҷил аз ӯ ривоят мешавад. «Ҷадъун ҳафтод фарзанд дошт, ки ҳама аз услуби ӯ буданд, зеро ӯ зани зиёд дошт» (Сифри Қуззот 3028)

Аммо Довуд (а)-ро Худованд беҳисоб иҷозаи зангирӣ дод, чунончи дар «Сифри Самуели сонӣ» омадааст: Ва Парвардигор Худои Исроил ба ӯ гуфт: «Занони молику роҳбари ту дар оғӯши туст». (Сифри Самуели сонӣ 8-7:12)

Аммо Сулаймон чунончи дар Таврот омадааст, 700 зани озод ва 300 каниз дар ихтиёр дошт. (Сифрулмулук 1-4/16).

Пас чаро нӯҳ зан барои Муҳаммад (с) айб шуморида мешавад, дар ҳоле ки суннати анбиёи пеш аз ӯ серзанӣ будааст?

Ва боз мегӯям, ки нӯҳ зан барои Паёмбар иҷозат шуд, зеро ҳар мусалмонро иҷозат дода шудааст, ки чаҳор зан бигирад ва агар дилаш хоҳад, метавонад якеро ҷавоб диҳад ва ба ҷояш зани дилхоҳи дигаре гирад. Ба шарте дар як ҳолат аз чаҳор нафар зоид нашавад. Вале Муҳаммад (с) аз ҷумлаи касонест, ки барояш аз нӯҳ зан зиёд манъ карда шудааст ва Худованд барои ишон издивоҷро баъди ин нӯҳ зан ҳаром гардонид, агарчи ҳамаашонро талоқ диҳад ҳам.

Дар Қуръони маҷид ояте аст, ки ба ин амр далолат мекунад.

Худованди бузург мефармояд: **«Барои ту, эй Муҳаммад, аз ин баъд занеро ба никоҳ даровардан ҷоиз нест ва иҷоза надорӣ, ки ягонтои онҳоро иваз намоӣ, агарчи ҳусни он занон дили туро шайдо намояд ҳам, магар канизон, ки ту молики онҳо шавӣ. Худованд ба ҳама чиз муроқиб ва огоҳ аст»** *(Сураи «Аҳзоб», ояи 52).*

Ҳатто ту, эй Чарлз, метавонӣ паи ҳам бошад ҳам чанд зан бигирӣ ва ё ба таври маъшуқа дар ихтиёр дошта бошӣ. Ва қонун инро бароят манъ намекунад. Балки дар ҷомеаи шумо одамоне ҳастанд, ки бо даҳҳо занон ба қабеҳтарин ҳолат ишқварзӣ намудаанд.

Оё кори Муҳаммад (с) шаҳватронӣ аст, ё кореро, ки имрӯз шумо анҷом медиҳед, оё дар ягон таърих касе ривоят мекунад, ки **Муҳаммад (с) маъшуқаи пинҳоние дошт агарчанде як нафар...?**

**Эй Чарлз,** агар ту ба дидаи инсоф бингарӣ, хоҳӣ дид, ки аксари қавонине, ки дар мавриди оилаи мусалмонон омада ва сababи танзими оилаҳо аст, аз занони Паёмбар (с) ба мо расидааст ва натиҷаи издивоҷи Паёмбар (с) аст. Зеро ҳар яке аз онҳо маъмур буданд то ҳар чиро аз Паёмбари Худо (с) бубинанду бишнаванд, ба хориҷи хона, ба занони дигар бирасонанд ва ин маъмурияти онҳо дар Қуръон ба сароҳат зикр ёфтааст.

Худованд мефармояд:

وَٱذۡكُرۡنَ مَا يُتۡلَىٰ فِي بُيُوتِكُنَّ مِنۡ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ وَٱلۡحِكۡمَةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ لَطِيفًا خَبِيرًا ﴿٣٤﴾

**«Шумо, эй занони Паёмбар, он чиро, ки аз оёти Худо ва ҳикмат дар хонадони шумо тиловат мешавад, ба дигарон баён доред, Худованд латифу огоҳ аст»** *(Сураи «Аҳзоб», ояи 34).*

Манзур аз оятҳои Худо ин Қуръон аст ва мурод аз ҳикмат ҳадисҳои Паёмбар Муҳаммад (с).

Занони Паёмбар (с) ҳар яке марҷаъи илм шуморида мешуданд ва бо фазлу кӯшиши занони Паёмбар (с) илм дар миёни занони мусалмон ҷорӣ гашт ва оё агар ӯ як зан медошт он зан метавонист, ки бори ин масъулиятро бардорад...? Ва агар як зан мебуд, ногузир баъзе гуфтаҳои Паёмбар (с)-ро фаромӯш мекард ва ё баъзе корҳои муҳимро намедид...!!

Агар ту ҳаёти Расули Худо (с)-ро бо диққат омузӣ, мебинӣ, ки занони ӯ чи қадар бо диққат ва амонат ва бо лаҳҷаи шево ва оммафаҳм омӯхтаҳои худро ба занони дигар расонидаанд...

Инчунин издивоҷи онҳо ба Паёмбар (с) таҳқири онҳо набуда, балки сабаби обрӯ ва баландии мартабаи онҳо гашт. Дар Қуръони азим Худованд онҳоро ба лақаби **«модарони мӯъминон»** хитоб кард ва оё ягон мақоме болотар аз мақоми модар ҳаст...? Ва баъди издивоҷи Паёмбари Худо (с) онҳо дараҷаи илмии олӣ касб намуданд, то он дараҷае, ки муаллимаҳои мусалмонон шуморида шуданд ва магар мақоми муаллима ва манзалати ӯ иҳонат аст?

Бадеҳист, ки зиндагии занони Паёмбар (с) як чизи назарӣ ва тасаввурӣ ва ё образи адабӣ нест, балки дар зиндагии онҳо ҳама чиз ошкор ва бидуни сохтакорӣ мавҷуд буд аз ҷумла: мушкилот, шаҳват, ҳаёти омма, хоб, бедорӣ ва ҳар чизе ба он марбут аст ва ягон гӯшае аз зиндагонии Паёмбар (с) наомӯхта намондааст. Ва бо саъю кӯшиши ин занони покдоман имконияти пайравӣ ва асрори хонаводагии Паёмбар (с) чи аз ҷиҳати иқтисодӣ ва чи сиёсӣ дастраси ҳамагон қарор гирифт...

Агар ҳаёти мардеро ба соатҳо тақсим кунӣ ва зиндагии ӯро дар хона назди аҳлу байташ бо зиндагии хориҷи хона муқоиса намоӣ, мебинӣ, ки ӯ дар хона зиёдтар аз шаш соат метавонад бошад ва 18 соати дигар дар хориҷ аз хонаи худ мебошад. Вақте Паёмбари Худо (с) дар миёни мардум 18 соат бошад ва аз ӯ ҳазорон саҳобӣ ривоят кунанд, пас он шаш соате, ки дар байни аҳлу аёлаш аст, аз он кӣ бояд ривоят кунад?

Инчунин агар аз Расули Худо (с) сад ҳазор марду зан ривоят карда бошанд ва ҳар чиро, ки дидаанд, ба мардуми дигар расонидаанд, оё муносиб ва лоиқ аст, ки дар хонааш як зан бошад. Агар чунин мебуд, чӣ беадолатие нисбати занон мешуд ва чӣ камбуди илмие

ба занон мувоҷеҳ мегашт?!

Боз фикр накунӣ, ки занони Паёмбари Худо (с) мисли занони подшоҳон қасрнишин буданд? На!! Балки онҳо пешвои илмию амалӣ дар зиндагии исломӣ буданд ва бо сахттарин ҳол зиндагӣ мекарданду бо вуҷуди ин онҳо маҷбур набуданд, ки ба ин зиндагии фақирона тан дардиҳанд. Вақте, ки онҳо хостанд Паёмбари Худо (с) барояшон зиндагии фарохтаре муҳайё созад, онҳоро Худованд байни дунёи зиёд ва зиндагии серу пур ва ҷудоӣ аз Паёмбари Худо (с) ихтиёр дод...

Худованд гуфт: **«Эй Паёмбар! Ба ҳамсаронат бигӯ агар толиби зиндагии дунё ва зинати он ҳастед, биёед, то аз он бархурдоратон кунам ва шуморо ба тарзи некӯе раҳо созам. Ва агар Худо ва Расулаш ва сарои охиратро хоҳонед, ба ростӣ Худованд барои некукоронатон подоши бузурге омода кардааст»** *(Сураи «Аҳзоб», оёти 28-29)*.

Ба хотири он ки ҳақиқати зиндагии зоҳидонаи Паёмбари Худо (с) бароятон маълум гардад ва муҳаббати бузурги занони Паёмбар (с) нисбати ӯ ва сабаби нузули ояи фавқуззикр шудани қиссае, ки дар хонаи Паёмбари Худо (с) рух дод, бароятон нақл менамоем: Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят аст, ки гуфт: Абӯбакр (р) ба дари хонаи Паёмбар (с) омад ва иҷозаи вуруд хост, дар ҳоле ки мардуми зиёде дар беруни хона ҷамъ шуда нишаста буданд, вале иҷозат наёфт. Баъд Умар (р) омад ва иҷозат пурсид. Ӯ низ иҷоза наёфт. Баъди чанд муддате аз ҷониби Паёмбар (с) ба ҳар дуи онҳо иҷозаи даромадан дода шуд.

Вақте онҳо даромаданд Паёмбари Худо (с) дар ҳалқаи занонаш хомӯш нишаста буд. Умар хост, то хомӯширо бо баҳонае бишканад ва сухане гӯяд, ки

Расули Худо (с) бихандад. Умар гуфт: Эй Расули Худо (с), агар ту духтари Зайд, зани Умарро медидӣ, пештар аз омаданам, аз ман нафақа пурсид, гулуяшро фишурдам. Аз ин сухан Расули Худо (с) хандид, то он ки дандонҳои пешаш намудор шуданд ва гуфт: ***«Чунончи мебинӣ, занони ман низ дар атрофи ман нишастаанд ва аз ман нафақа мепурсанд».*** Чун ин суханро Абӯбакр шунид, хост бархоста Оишаро бизанад ва Умар ба сӯи Ҳафса духтараш ҳамла кард, то ӯро латукӯб намояд ва ҳар ду ба духтаронашон бо итоб гуфтанд: Шумо аз Паёмбари Худо (с) чизеро талаб мекунед, ки ӯ надорад!! Пас Расули Худо (с) Абӯбакру Умарро манъ кард ва нагузошт, ки духтаронашонро бизананд. Ва занони Паёмбар ҳамагӣ гуфтанд, ки мо аз ин баъд ҳаргиз чизеро, ки Паёмбари Худо (с) надорад, талаб намекунем. Дар ин ҳангом ояи фавқ нозил шуд ва онҳоро мухайяр гузошт. Расули Худо (с) аз Оиша ибтидо карда гуфт: ***Ман ба ту чизеро мегӯям, ки умед дорам саросема нашавӣ ва бо волидайнат машварат кунӣ ва баъдан ба хулосае биёӣ.*** Оиша гуфт: Он амр чи будааст? Расули Худо (с) ин ояро тиловат кард: ***«Эй Паёмбар! Ба ҳамсаронат бигӯ агар толиби зиндагии дунё ва зинати он ҳастед, биёед, то аз он бархӯрдоратон кунам ва шуморо ба тарзи некӯе раҳо созам. Ва агар Худо ва Расулаш ва сарои охиратро хоҳонед, ба ростӣ Худованд барои некӯкоронатон подоши бузурге омода кардааст»*** *(Сураи «Аҳзоб», оёти 28-29)*

Оиша гуфт: Оё дар бораи зиндагонӣ бо ту аз волидайнам амр бигирам? Балки ман худам Худо ва Расули Худоро интихоб намудам дар баробари дунё. Вале аз ту, эй Паёмбари Худо, илтимоси онро дорам, ки ба дигар занонат нагӯ, ки ман чиро ихтиёр кардам. Вале Расули Худо (с) гуфт: ***Худованди бузург маро***

***хушунатпеша нафиристодааст, вале муаллим ва осонгир фиристодааст. Ҳар зане аз занони ман агар бипурсад, ки Оиша киро ихтиёр кард, ихтиёркардаатро хоҳам гуфт.***[1]

Ту, эй Чарлз, ҷавоби маро метавонӣ қабул нанамоӣ.

Ин ҷавобҳои маро агар хоҳӣ, яксӯ мон ва агар хоҳӣ ба ҷавоби додаи **олимаи итолиявӣ, ки касе дар илму покдоманиаш шубҳа надорад, бо вуҷуди ин ки мусалмон нест, бингар. Он зан Лавра Фишия Фаглерӣ аст, ки дар китобаш менависад:** «Душманони Ислом бисёр кӯшидаанд, то Муҳаммадро як чеҳраи шаҳвонӣ тасвир намоянд... ва қасд кардаанд, ки аз рӯи занони мутааддиде, ки дошт, ӯро як шахси заъифи шаҳвонӣ, ки бо рисолаташ созгор нест, ҷилва бидиҳанд. Онҳо намехоҳанд, ки ҳақиқатро ба дидаи эътибор бингаранд. Ва он ҳақиқат ин аст, ки Паёмбари Худо (с) дар умри тӯлонии худ, ки ҷавон ва боқувват буд ва бо вуҷуди ин ки ӯ дар ҷомеае зиндагонӣ мекард, ки тааддуди занон як амри қонунӣ ва урфии онҳо буд ва талоқу никоҳ адади муайяне надошт, бо як зани миёнасол қаноъат кард. Ӯ зани дуюми худро баъди аз дунё рафтани зани аввалаш гирифт, дар ҳоле ки умраш аз 50 гузашта буд. Бояд гуфт ҳар як издивоҷи он ҳазрат (с) иллати иҷтимоӣ ё сиёсие дошт. Дар баъзеи онҳо иззату обрӯи зани ботақвоеро мехост ҳифз кунад, ё душмании дигар қавму қабоилро мехост бартараф намояд. Ғайр аз Оиша (р), ки духтари дӯст ва яке аз мушовирони боэътимодаш буд, дигар ҳамаи занони Паёмбари Худо (с) шавҳардида буданд ва

---

[1] Ривояти Муслим (1478) ва ғайри ӯ низ ривоят кардаанд.

ҷавониашонро аз даст дода ва зеборӯй ҳам набуданд. Оё ин гуна зангирӣ метавонад амали шаҳвонӣ бошад?! Муҳаммад (с) инсон буд, на чизи дигар ва ӯро, албатта, фикри фарзанддор шудан ба издивоҷи дубора таҳрик медод, зеро писаронаш ҳама дар синни хурдсолӣ аз дунё гузашта буданд. Бо вуҷуди ин ҳама, ҳамеша адолату баробариро дар миёни занонаш ба наҳви аҳсан нигоҳ доштааст ва ба суннати паёмбарони пеш аз худ амал намудааст. Ба мисли Мӯсо ва дигар паёмбарон, ки лоиқу сазовор нест барои ҳар кас, ки ба бисёрзании онҳо эътироз намояд.[1]

Акнун мехоҳам аз ҷаноби Чарлз узр бипурсам, ки мабодо хотирашро бо ҷавобу суолҳои худ тира гардонида бошам, вале ман ҳамеша бо шахсони дорои фикри баланд мехоҳам сухан бигӯям.

---

[1] Нубуввати Муҳаммад дар андешаи шарқшиносони муосир, доктор Хизр Шоиб, с.2005.

Шарқшиносзани Итолиёӣ мутахассиси илми араб ва одоби арабӣ аст, аз ҷумлаи муаллафоти вай «Ал-Ислом» ва китоби «Дифоъ аз Ислом» мебошад (Алмусташриқун) 1/466.

## Хотимаи нишасти аввал ва дуюм

Гоҳо хонандаи муҳтарами мо мавзӯҳоро паи ҳам мехонад ва метавонад бидуни хулосае аз бари онҳо рад шаваду бигузарад ва натиҷаи ин фикру хулосаҳо барояш он қадар равшан намудор нашавад! Вале аз умри ӯ агар як шаб гузарад, ӯ наметавонад, ки онро эҳсос нанамояд!

Зеро шахси оқил чӣ гуна метавонад аз шабу рӯзе, ки омехта бо зиндагии ӯст, ва зану фарзандону волидонашро печонида аст, дар хонаву кӯча аз бари ӯ мегузарад ва беаҳмият гузарад!

Шояд шахси пойлуче тавонад пояшро болои лахчаи тасфон бигузорад, вале ҳаргиз наметавонад тоқат дошта бошад, агар оташ дар дохили дилаш афтад?!

Акнун вақти он расидааст, ки мо роҳи ҳалли амалии ин мушкилотро пайдо кунем. Хотирбинӣ ва мӯҳлат хостан дигар ҷой надорад. Барои ақли ман зарур аст ба қароре биёяд. Ба қароре, ки оташи дохили қалбамро хомӯш созад ва забонаи оташе, ки аҳлу оилаи маро фаро гирифтаасту онҳоро месӯзонад, бояд пешгирӣ гардад ва ояндаи моро аз нобудшавӣ нигоҳ дорад.

Пас, агар қозии ақл натавонист ҳукми саҳеҳе барорад, ба ӯ лозим аст, дубора ба ин гуфтугӯи мо баргардад, зеро дар муҳтавои ин баҳс далелҳо ва бурҳонҳое мавҷуданд, ки даҳяки онҳо метавонад барои тасмими саҳеҳ гирифтан кофӣ бошад.

Ва агар бо вуҷуди ин ҳама гуфтаҳо ақл роҳи дурустеро пайдо карда натавонад, дар ин сурат маълум аст, ки бар нобудии худ ҳукм кардааст... агарчи фикр

кунад, ки ӯ дар роҳату амният қарор дорад!

Агар касеро бӯғӣ кунанд, чӣ фарқ дорад, ки бандаш ресмони дурушт аст ё ҳарири нарм, натиҷаи ҳар ду марг аст.

Агар шахсе худро овезаду бӯғӣ кунад ва ҷони худро аз рӯи таассуби кӯркӯронаи хеш аз даст бидиҳад, шояд касе бигӯяд, ки рӯҳаш бузург буд, ки дар роҳи ақидааш агарчи ботил ҳам бошад, фидо шуд...! Аммо агар ӯ фарзандон ва занон ва ҳамаи ҷамъияти ҳозираашро ва наслҳои ояндаашро бӯғӣ кунаду несту нобуд созад, ана ҳамин аст зинда ба гӯр кардани фарзандон ба шакли нав, ки Ислом онро ҳанӯз дар асрҳои миёна аз бехубун барканда буд...!

Ва дар ин ҳеҷ ҷои шигифте нест, зеро ин шахс аз рӯи таассуб ва исрор дар роҳи ботил, аввалин қурбониро аз зинда ба гӯр кардани ақлаш шурӯъ намудааст.

# НИШАСТИ СЕЮМ

## *Инҷил каломи кист?*

### Даромадгоҳи нишасти сеюм

Вақте, ки ман ба хонаи устод Фифа ворид шудам, аввалин чизе, ки назари манро ба худ ҷалб намуд он буд, ки дар он ҷо китоби бузурги кӯҳнаеро дидам, ки дар рӯи лавҳе кушода буд. Пас аз ӯ пурсидам: Ин чӣ китобест?

Гуфт: ин Таврот аст. Баъди он ба лавҳи дигаре, ки дар паҳлуи он буд, ишора намуда гуфт: Ин бошад, Инҷил аст. Баъд чизе ба ёдаш омад ва ба тарафи ҳозирин хитоб намуда гуфт: Ин бошад, Қуръонест, ки вақте дар Дубай будам, онро ба ман Абӯҳомид ҳадя намуд.

Дар фазои ин хонаи ором ҳамагон бо ақлҳои илмӣ аз тахассусоти гуногун ҷамъ омада буданд. Дар ин гуна ҳолат эҳсос мешавад, ки ҳар ақле аз ин ақлҳо дорои илму донише мебошад, ки метавонад як китобхонаро аз илми худ пур созад.

Барои баланд будани савияи дониши ҳозирин ва макон ҳамин далел кофист, ки он касе, ки масъулияти тарҷумаро дар миёни мо ва ин ҳозирин ба зима дошт, устод доктор Вофӣ Нуриддин буд, ки олими бузургест дар олами бемориҳои дил, ки номбурда соҳиби чандин кашфиёти илмист. Ӯ гоҳо дар мунокиша ҳамроҳ мекунад, аммо мавзуъе, ки ин шом бар аҳли нишаст

ҳоким буд, мавзӯъи китобҳои сегонае буд, ки дар дохили ин толор вуҷуд доранд.

Ҳозирин дар оғоз дар бораи Таврот суханони зиёде гуфтанд, баъди он дар бораи Инҷил баҳсҳо намуданд ва баъди он Устод Фифа чунин гуфт: Ман аз ҳадяи бародарам Абӯҳомид хело мамнунам. Вақте ман ӯро дар Дубай зиёрат намудам, барои ман нусхае аз Қуръони каримро ҳадя кард. Агар чи ман дар бораи Қуръон баъзе мулоҳизаҳо доштам, вале ҳадя дар нафси одамизод арзиши баланде дорад. Барои ҳамин ман ба ваъдаам вафо мекунам, ба он ваъдае, ки дода будам: Ман онро пурра мехонам ва бо андеша онро тиловат мекунам.

## *Ҳадяи поп*

Баъди ин Устод Фифа аз ҷайби худ дафтарчаеро бароварда гуфт: Инро бошад ба ман Поп Булиси Шонздаҳум вақте Сурия омад ва ман ҳолати саломатии ӯро муойина менамудам, ҳадя намуда буд.

Ин дафтарча шомили чандин ибораҳоест дар одобу ахлоқ, ки Поп онро аз Инҷил барои худаш ҷамъоварӣ намудааст. Ман намехоҳам онро аз шумо пӯшида нигоҳ дорам, чун ин мардро хело дӯст медорам, зеро ӯ як марди мӯъмин аст.

**Абӯҳомид:** Ман услуби Устод Фифаро хуб медонам, ки ӯ дар ифтитоҳи сӯҳбат риштаи мавзӯъро ба дасти худ мегирад ва бо ин вақти ҳамаро мегузаронад ва дигарон наметавонанд суханро ба поён расонанд, магар дар охири вақт хоҳ шаб бошад ё рӯз. Ман аз рафти суханонаш дар ин ифтитоҳия ҳис кардам, ки ӯ мехоҳад мо дар ин нишаст дар атрофи Инҷил баҳс кунем. Дарвоқеъ майл ва хоҳиши ман низ ҳамин буд,

вале мехостам яке аз роҳибони фаронсавӣ бо мо дар ин шабнишинии зебо ширкат мекард.

**Устод Фифа:** Ғам махӯр, зеро ман устодеро, ки дар баробари ту нишастааст, даъват кардам, ки профессор Боб ном дорад. Ӯ дар омӯзишҳои инҷилӣ дар Португалия яке аз мутахассисони калонест. Ӯ забони испанӣ, фаронсавӣ ва англисиро хуб медонад. Ман мехостам барои шумо чанд ибораеро аз ин дафтарчае, ки онро ба ман Поп Пулиси Шонздаҳум тӯҳфа намудааст, бихонам.

**Абӯҳомид:** Ин ҳукмеро, ки Профессор Фифа барои мо аз Инҷил қироат намуд, ҳукми зебоест, ки ҳеҷ оқиле наметавонад бо он хилоф намояд. Ғолиби гумони ман он аз Инҷиле гирифта шудааст, ки бар ҳазрати Исо (а) нозил шудааст ва ман дар мавриди он чанд мулоҳиза дорам, вале саволе аз устод Фифа карданиям, ки : Оё ҳамаи иборaҳои Инҷил ба ҳамин андоза сатҳи баланди хитобро дорад?

Ба маънои дигар: Оё метавонӣ аз Инҷил чизеро қироат намоӣ дар ҳоле, ки мутмаин ҳастӣ, ки бароят ҳеҷ иборае пеш намеояд, ки бо ақл мухолиф бошад ва ё ҳеҷ зиддияте дар он пайдо намекунӣ, ки ҳеҷ натавони онҳоро бо ҳам пайваст кард?

**Устод Фифа:** Бале метавонӣ онро қироат намоӣ ва аз сатҳи баланде, ки Инҷил ҳарф мезанад, мутмаин бошӣ. Вале ин иборaҳоеро, ки ман бароятон қироат кардам, иборaҳоест, ки ба шуури мардум даст мезанад ва ба ҳаёти онҳо ҳамнаво аст. Оё Инҷил каломи Худо нест ва Оё Инсон аз каломи Худо шарм мекунад?

## *Тарс барои чӣ?*

**Абӯҳомид:** Эй Профессор! Кош шумо ҳангоми баҳси динӣ бар ҳамон равише роҳ мерафтед, ки дар баҳси илмию таҷрибӣ меравед, ки сатҳи баланди илмӣ дар миёни миллатҳо шуморо ба он васият мекунад.

Ман намехоҳам эҳсосоти дохилии худро аз шумо пинҳон намоям. Ман ба ҳамон андозае, ки шефтаи ин сатҳи баланди илмии шумо гаштаам, ки дар улуми таҷрибӣ ҳамчун аврупоиҳо ва хусусан фаронсавиҳо дар соҳаи тиб ба он расидаед, ба ҳамин андоза маро ноумедӣ ва тааҷҷуб фаро мегирад аз тариқаи Инҷилро хондани шумо ва дар услуби баҳси шумо дар бораи он ва муомилаи шумо бо он. Агар шумо бо Инҷил ба ҳамон услубе, ки дар дигар таҳқиқотатон баҳс мекунед, баҳс мекардед, бо чашмони кушода, ҳама чизро мавриди танқид қарор дода ва ҳама чизро, ки дар он омадааст, аз ахбор, аҳком ва таърихҳо аз ғалбер мегузаронидед ва дар ин самт аз доираи тарс берун мешудед. Шояд дар ин сурат бисёре аз мушкилот ҳалли худро пайдо мекард ва дар ин савол, ки чаро дар ин боб намехоҳанд таҳқиқот гузаронанд ҷавоби худро меёфт.

Оё сабаби ин тарс аз он даврон аст, ки калисо олимони аввалро, ки навовариҳоро оварда буданд, ҳамчун мухолифин сузонда буд, дар он бошад?

Ё сабаби ин ҳама тарс аз холӣ будани руҳоният ва набудани ҷойгузин он бошад?

Ё сабаби ин тарс дар он аст, ки шумо онро чунон қабул кардаед, ки гӯё дин ҷуз як тӯҳфаи ёдгорӣ чизи дигаре беш нест ва он ҳеҷ алоқае ба ҳаёт надорад ва гуфтаниед, ки ҳаёт бо дин ва ё бе дин мегузарад?

Ё сабабаш дар он аст. ки шумо эҳсос мекунед, дин

тақдири шумост дар муқобила бо мусалмонон ва яҳудон?

Эй Профессори бузург! **Ҳақиқат** ҳамчун ҳақиқат бузургтар аз он аст, ки он маҳдуд ба шаҳре ё кишваре бошад ва ё ба ранге, ё забоне ё ҷинсе ва ё қитъае нисбат дошта бошад.

Ҳақиқат матлаби ҳар шахс, ҳар инсон ва ҳар дӯстдори ҳақ аст. Ту ҳаргиз наметвонистӣ ба он ҳақиқатҳое, ки дар соҳаи ҷиҳози асабӣ расидаи ва наметавонистӣ яке аз чеҳраҳои шинохтае дар миёни олимони бузурги олам гардӣ, магар баъди он ки худро аз ҳама қайдҳо озод намуда, бо тамоми ҷиддият дар ҷустуҷӯи ҳақиқат шудӣ. Ман умед дорам, то равиши мо дар ин ҷо ба ҳамин услуб бошад.

Барои ҳақиқат бояд дар баҳси ин мавзӯъи ошкорбаён ва боҷурат бошем, барои ақл фурсати кофӣ бидиҳем. Ҳамчуноне, ки Ҷерҳам Сакруҷӣ дар китоби худ бо номи «Оё Китоби Муқаддас каломи Худост» мегӯяд: «Вақте мехоҳем дар мавзӯи дуруст будан ва асил будани Китоби муқаддас баҳс кунем, бояд ошкорбаён бошем. Биёед бубинем, ки ин китоб худ дар бораи худ чӣ мегӯяд».

**Агар фаромӯш накарда бошӣ, ту ҳозир иборαи «Китоби осмонӣ»-ро ба забон овардӣ.** Пас ту эътиқод дорӣ, ки он чи аз осмон ба ҳазрати Исо (а) нозил шудааст, танҳо як китоб аст. Пас чӣ гуна дар калисо ва дар бозорҳо чор намуд Инҷил вуҷуд дорад?

## *Чаро чаҳор Инҷил?*

Кадоме аз ин инҷилҳои чоргона аз осмон нозил шудааст? Ин масъала ниёз ба фикр надорад. Пас ҳамин кифоя аст, то бигӯем, ки ин инҷилҳо на он инҷилест, ки

ба ҳазрати Исо (а) нозил шудааст..! Ту метавонӣ аз ҳар касе, ки мехоҳӣ бипурсӣ то бидонӣ, ки он чи ман мегӯям, на танҳо суханони ман нест, балки ақидаи роҳибони шумо низ ҳамин аст.

**Эй устод Фифа!** Ҳикоят хело мушкил ва дар айни ҳол ғамангез аст.

**Эй устод Фифа!** Ҳикоят чунин аст: инҷиле, ки онро Худованд бар ҳазҳрати Исо (а) нозил намуда буд, аз ҳамон замон нопадид гашт ва то имрӯз нопадид мебошад, ё метавонӣ бигӯӣ, ки онро нобуд кардаанд.

**Устод Фифа:** Чаро намегӯӣ, ки чунин инҷил аслан вуҷуд надорад? Оё метавон инро қабул намуд, ки мо инҷиле бо номи Ясуъ дошта бошем, пас рафта онро нобуд созем? Мо аз анҷоми чунин кор чӣ фоидае мебарем? Оё ба фоидаи мост агар алоқаи худро бо Исо нобуд созем? Пас биёед то алоқаи худро бо масеҳият куллан нобуд созем?

Агар ту чунин тасаввур мекунӣ, ки пинҳон кардани Инҷил ба фоидаи мост, пас шояд фоидаи шумо низ дар пинҳон кардани Қуръон ва ё пинҳон намудани баъзе оятҳои Қуръон бошад?

Ман ҳаргиз инро тасаввур карда наметавонам, ки соҳиби ҳақ ҳуҷҷатҳои худро, ки ҳақиқатро собит мекунад, пинҳон созад!

**Абӯҳомид:** Ту худ ҷавоб додӣ. Пас он чиро, ки Худованд нозил карда буд, як инҷил буд, ҳамчуноне, ки Худованд як Таврот, як Забур ва як Қуръон нозил кардааст. Пас чи гуна тамоми китобҳо яктоӣ боқӣ монданд ба ғайр аз Инҷил, ки он чорто инҷил шуд? Оё ин кор ба мо ҳақ намедиҳад, то онро зери савол барем ва дар пайи ҷустуҷӯи ҳақиқат шавем?

Ин кор аз баҳси зиёд намехоҳад, балки як нигоҳе ба

номи он кофист. Ин Инҷили кист? Ҷавоб: Ин инҷили Мато мебошад ва инаш Инҷили Мирқас ва сеюмаш Инҷили Юҳано ва чорумаш Инҷили Луқо. Оё ин чор нафар чор шахсияти гуногун нестанд?

Онҳо бе ихтилоф назди тамоми масеҳиён инсон буданд ва онҳо беихтилоф нависандагони Инҷил мебошанд. Пас ин чор Инҷил ба чор инсон мансуб аст...!

Пас қазия равшан аст ва ҳеҷ ҳоҷате ба ҷуз аз андеша дар унвони ин китобҳо надорад. Пеш аз он ки барои дарки ҳақиқат дар аъмоқи таърих фурӯ равем, бояд ба саволи аввал баргардем: Чаро ҳамаи китобҳои осмонии дигар якто боқӣ монданд, вале Инҷили мо ба чор Инҷил мубаддал гашт?

**Эй Устод Фифа!** Ту ҳар киро аз олимони калисо мехоҳӣ, савол кун, ки Инҷили ҳазрати Исо (а) куҷо шуд?

Ту метавони вақти бештаре бигирӣ ва дар ҷустуҷӯи ҷавоб шавӣ… Вале дар вақти посух гирифтан набояд аз ақлу мантиқ дур бошӣ.

Ту вақте аз ман савол намудӣ, ки соҳиби ҳақ ҳуҷҷатҳои худро, ки ҳақиқатро собит мекунанд чаро пинҳон месозад мағзи ҳақиқатро дарёфтӣ?

Ман чунин мегӯям: Бале! Метавонад ҳуҷатҳои ҳақиқатро пинҳон кунад, агар ҳақ ба муқобили ӯ бошад ва он чизе, ки дошта бошад ҳамааш беасос бошанд, ҳамчуноне, ки ман инро иншоаллоҳ исбот мекунам, агар ин нишасти мо каме дарозтар шавад. Ман дар ҳамин нишаст инро аниқ исбот мекунам, ки чи чизҳо беасос мебошанд.

Устоди омузишҳои инҷилӣ Боб: Ман аз ту хоҳиш мекунам, масъаларо ин қадар бузург нишон мадеҳ…

Ҳақиқатеро, ки бояд ту хуб бидони, ки он тамоми мушкилотро ҳал мекунад ва ба тамоми посуххо ҷавоб медиҳад, ин аст, ки ин инҷилҳо ҳамон инҷилҳои дар назди мо тамоми масеҳиён муътабаранд... Аммо он чи бо номи Инҷили Ясуъ маъруф аст, ин аз хаёли мусалмонон аст, ки мехоҳанд бо овардани номи он шакро эҷод намоянд... Агар дар ту ягон исботи таърихӣ, ё гувоҳ ва ё далеле бар вуҷуди он дошта бошӣ, пас онро барои ин бародарон ва барои тамоми мардум ошкоро баён кун… Агар ту чунин далел биёрӣ, дар он сурат суханони ту қавитар мегарданд ва агар далеле надошта бошӣ, пас даъвои бедалел даъвои ботил аст ҳамчуноне, ки ту худ инро медонӣ.

Дониста бош, ки ҳамаи ин инҷилҳоро метавон Инҷили Ясуъ номид ба хотири он ки сарчашмаи ҳамаи онҳо Ясуъ аст. Аммо ин ки мегуем Инҷили муайяне ба Исо нозил шудааст ва он ғайри ин инҷолҳост, ин сухан ҳеҷ эътиборе надорад.. Ин ҳама аз тахаюлоти мусалмонҳост, ки онро паҳн мекунанд, то масеҳиёнро дар мавриди бузургтарин сарчашмаашон дар шак андозанд.

**Абӯҳомид:** Оё саркашии мо ба он ҳад расидааст, ки омадани Инҷил ба ҳазрати Исо (а)-ро инкор менамоем?

Оё ин ҳақимқате нест, ки тамоми динҳо ба он иттифоқ доранд?

Устоди мухтарам ва дигар касоне, ки эътиқод доранд, ки Инҷили ҳазрати Исо (а) аслан вуҷуд надорад, ба ин шаҳодате, ки дар Инҷили Мирқас омадааст, чӣ мегӯянд? Дар Инҷили Мирқас ин шаҳодат омадааст, ки **«Баъди он ки Юҳано Ислом овард, Ясуъ ба сӯи Ҷалил омад ва ба муждаи мулки осмонӣ даъват**

**менамуд ва мегуфт: Замон пурра шуд ва мулки Худо наздик омад, пас шумо тавба кунед ва ба Инҷил имон оваред».**

Пас ҳазрати Исо (а) кадом яке аз ин инҷилҳои чоргонаро, ки имрӯз мавҷуд аст, қасд дошт, дар он замоне, ки ҳануз ин инҷилҳо навишта нашуда буданд? Ё ин ки мақсади ҳазарати Исо (а) ҳамин инҷилҳое буд, ки ҳануз пайравонаш онро нанақишта буданд?

Далели дигар дар номаи Булис ба аҳолии румия буд, ки дар Исҳоҳи аввали он чунин омадааст: **«Аввалан Худои ман Ясуъи Масеҳро аз тарафи ҳамаи шумоён шукр мекунам. Дар ҳақиқат имони шумо ӯро дар тамоми олам садо мекунад. Ҳамоно, Худоеро, ки дар Инҷил мепарастам, писари ӯ ба ман шаҳодат медиҳад, ки чи гуна ман бе тавaққуф шуморо ба ёд меорам».**

## *Дар куҷост Инҷили Исо (а)*

Худи ҳазарати Исо (а) гуфтааст, ки Инҷил аз ҷониби Худо ба сӯи ӯ ваҳй шудааст ва Ҷабраили амин онро ба ӯ хитоб намудааст. Ҳазарти Исо (а) мегӯяд: **«Ман сухан мегӯям ба он чи дар назди падарам дидам».** (Юҳано 8:38). «Ман чизеро аз пеши худ намекунам. Балки ба ин сухан мегӯям ҳамчуноне, ки падарам ба ман омухтааст». (Юҳано 8:28). «Суханонеро, ки шумо мешунавед аз ман нест. Балки аз падар аст, ки ӯ маро фиристодааст» (Юҳано 14:24).

Баъди ин дар рисолаи Булиси дуюм ба Семусавс 3:16 чунин омадааст: «Ҳамаи ин суханон ваҳйшуда аз ҷониби Худо аст». Дар ҷои дигар ҳазарти Исо (а) ишора ба он кардааст, ки Инҷилро аз Худо гирифтааст ва он рисолае нест, ки онро аз пеши худ тайёр кардааст, ҷое ки мефармояд: «Он суханонеро, ки ба

ман додаӣ ман онро ба онҳо додам» (Юҳано 17:7).

Шумо наметавонед ин ҳама далелҳоро инкор кунед, зеро ин далелҳо сароҳатан баён мекунанд, ки Инҷил назди онҳое буд, ки ҳазрати Исо (а) онҳоро хитоб мекард. Ҳаргиз имкон надорад, ки Исо онҳоро ба чизи номаълуме хитоб намояд. Аз тарафи дигар ҳазрати Исо вақте ин китобро зикр мекунад, онро бо номи Инҷил зикр мекунад бе ин ки ӯ ин Инҷилро нисбат ба касе диҳад, зеро он Инҷили ягонаи Исо (а) буд. Сабабаш мафҳум аст ва он ин аст, ки ин ҳама Инҷилҳо дар он вақт вуҷуд надоштанд ва шогирдони ӯ ҳеҷ инҷили дигаре надоштанд. Оё метавон инро қабул намуд, ки Исо (а) бо инҷили шогирдонаш насиҳат кунад?

Аз тарафи дигар аслан Инҷил чӣ қимате дорад агар он бар ҳазрати Исо (а) нозил нашуда бошад?

Оё шуморо хуш меояд ин ки аз дасти Исо (а) китоберо, ки бар ӯ нозил шудааст, кашида бигиред, то ба воситаи он ба корҳои ботили худ машруъяит бахшед ва фурсатро барои инҷилҳои ботил боз намоед?

Ҳамчунин, оё шумо миёни паёмбаре, ки бар ӯ китоб нозил шудааст ва миёни паёмбаре, ки аслан бар ӯ китобе нозил нашудааст баробар меҳисобед? Пас чи гуна шумо қадр ва манзалати Исо (а)-ро паст мекунед вақте, ки китобашро аз ӯ кашида мегиред?

Оё ин кори шумо ба услуби яҳудоне монанд нест, ки дар ҳаққи ҳазарати Исо (а) ва пайравонаш зулм намуданд ва баъзеи онҳоро ба қатл расониданд ва Инҷили ӯро барои абадӣ аз байн бурданд?

«Хулоса Инҷили Исо дар Инҷил дар беш аз понздаҳ ҷо зикр шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо дар ҳафт

ҷо ба иборaи Инҷил[1] зикр шудааст ва дар чор ҷо бо иборaи Инҷили Худо[2] ва дар се ҷо бо иборaи Инҷили Масеҳ[3] ва дар як ҷо бо иборaи Инҷили писари Худо[4]…»[5]

### *Аввалин Инҷил кай навишта шуд?*

Эй Устод Боб! Хоҳиш мекунам, дар баробари ҳар маълумот каме таваққуф намо, ҳамчуноне, ки дар баробари нақши қиматбаҳои девор каме таваққуф мекунӣ ва мегуӣ: Чаро ман ба ин пештар аҳамият надода будам? Чи гуна ба ин мулоҳизаи асосӣ пештар аҳамият надода будӣ? Бояд аз худ инро савол кунӣ, боз гашта инро савол кунӣ ва боз аз сари нав баргашта аз худат чунин савол кунӣ… Чи гуна ин умри ман ба ин марҳала расид, вале боре ба ин савол аҳамият надодам? Чаро дар зеҳни мо ва дар ақидаи мо ин сурат дар бораи инҷилҳо ва дар бораи Исо писари Марям нақш бастааст? Чаро мо борҳо ин иборaҳоро хондаем, вале ба онҳо аҳамияти ҷиддие надодаем?

Оё боз ҳам ин корро идома диҳам ва боз чанд рӯзи дигарро бар ғафлати худ изофа кунем, ё дар ҳамин ҷо таваққуф кунем ва ба ин таслимии беасос ва истифода накардани ақлҳо хотима бахшем ва аз ҳамин рӯз шуруъ намуда ҳақиқатро ҷустуҷӯ кунем?

Эй Устоди бузург! Оё медони, ки ин инҷилҳо дар замони Исо (а) навишта нашудаанд, балки онҳоро

---

[1] Дар Миркас 1/15, ва 8/35, ва 10/29, ва 14/9 ва 16/15 ва дар Тсалонекӣ 2/4 ва Тимусавс 1/10

[2] Дар Румия 1/1 ва Тсалонекӣ 2/2, ва 2/8 ва 2/9.

[3] Дар Румия 1/16 ва Ғалотия 1/7 ва Тсалонекӣ 2/3.

[4] Дар Румия 1/9.

[5] Сарчашма: китоби сарчашмаҳои масеҳият (1/533).

баъди он ки ӯ ба осмон бардошта шуд, навиштанд. Замони навиштани ин инҷилҳо тақрибан миёни солҳои сӣ ва наваду ҳашти баъди рафтани Исо (а) навишта шуда буданд ва ин таърихи наиштани Инҷили Юҳано аст бо андак ихтилофе дар ин таърих, ки миёни муаррихон сурат гирифтааст.

## *Усули инҷилҳо куҷост?*

Оё медонӣ, ки асли инҷилҳое, ки баъди замони Исо (а) навишта шудаанд, номаълум аст?

Метавонӣ аз ҳар касе, ки мехоҳӣ, дар бораи муаллифи аввали ҳар инҷиле савол намоӣ?

Ҳар киро мехоҳӣ, дар бораи Инҷили Мато, ки имрӯз вуҷуд дорад, бипурсӣ, ки дар аввал ин китоб ба кадом забон навишта шуда буд ва оё ин ҳамон забонест, ки имрӯз ба мо расидааст?

Вал Дюрант чунин мегӯяд: «Ривояти ба дасти мо расида чунин мегӯяд, ки Инҷили Мато кӯҳнатарини тамоми инҷилҳо ба шумор меравад. Эрнюс чунин ақида дорад, ки ин китоб дар асл ба забони ибрӣ, яъне оромӣ навишта шудааст, вале ба мо нарасидааст, магар ба забони юнонӣ... Агарчи мунаққидон майл ба он доранд, ки он аз таълифи яке аз пайравони Мато аст ва аз суханони худи даҳгона нест.. ҳатто аксари олимон таърихи онро ба солҳои миёни 75-90 милодӣ нисбат медиҳанд. Агар мақсади пайгирӣ кардани Мато ҳидояти яҳуд аст, пас бештар аз дигар инҷилҳои муждарасон ба муъҷизаҳое аҳамият медиҳад, ки ба Масеҳ омада буд. Ҳамчунин ин китоб мекӯшад, то аз дасти Исо (а) дар омадани бисёре аз муъҷизаҳо дар

аҳди қадим шак ворид намояд[1]».[2]

Оё Инҷил бо забони оромӣ навишта нашудааст? Пас оё ҳеҷ нусхае дар ҷаҳон ба забони оромӣ вуҷуд дорад?

Оё тарҷумони он аз оромӣ ба забони юнонӣ назди яке аз муаррихон маълум аст, ё ҳамчунон номаълум аст?

Пас чи гуна метавонам дин, ақида ва таърихи худро аз як шахси номаълум қабул намоям?

Кош кор ба ҳамин андоза мебуд, ҳамчуноне, ки Инҷили Исо (а) нопадид шудааст, ҳамчунин нусхаи аслиии инҷилҳои чоргона низ нападид шудаанд.. Пас ҳақиқат он аст, ки ҳамчунон ин инҷилҳо нопадид гаштаанд, дар ҳақиқат асли «Инҷили Мато», ки бо оромӣ навишта шудааст, нопадид гашта, танҳо аз он тарҷумаи юнонии он боқӣ мондааст.

Оё медонед, инҷилҳое, ки баъди Исо (а) навишта шудаанд, аз сад Инҷил бештар буданд?

Пас бисёре аз ин инҷилҳо аз байн бурда шуданд ва танҳо Аҳди ҷадид, ки имрӯз маъруф аст, бо ҳафт китоб боқӣ монд, ки баъдтар онро эътироф намуданд. Дар соли 325 милодӣ иқрор карда буданд, ки 20 китоб вуҷуд дорад, бо вуҷуди он ки дар 7 ихтилоф доштанд, ки баъдтар онро дар чор қарор доданд ва инро дар маҷмаи Неқия, ки муҳимтарин маҷмаъҳои масеҳият буд ва онро бо дастури Императори Константини бузург дар соли 325 м. сурат гирифт.

Пас чаро беш аз наваду се инҷилро нобуд сохтанд

---

[1] Достони тамаддун. Ҷилди 3 саҳ. 207-208.

[2] Сифрҳои муқадда пеш аз Илом, омузиши ҷонибе аз эътиқодо дар яҳудият ва масеҳият. Доктор Собир Таима. Саҳ. 256-257.

ва танҳо ин чор инҷилро боқӣ гузоштанд?

**Устод Фифа:** Хоҳиш мекунам, андак сабр кун, то маънои ин иттиҳоматро ба мо равшан намоӣ, ки мегуи: Дар он инҷилҳои дигаре, ки нобуд карда шуданд, ҳамчуноне, ки ту даъво мекунӣ, чизҳои хилофи ин инҷилҳои мавҷуда вуҷуд дошт. Чи гуна ин сурат гирифтааст? Нуқтаҳои хилоф аниқтараш дар куҷо дида мешавад?

## *Орюс дар насроният даъват ба тавҳид мекард*

**Абӯҳомид:** Ҷавоби ягонае, ки ғайри он наметавонад ҷавоби дигаре бошад, он аст, ки чизҳои муштараке, ки дар миёни ин чор инҷилҳо дида мешаванд, сегонапарастист ва ақида бар он аст, ки Исо (а) Худо аст. Муаррихон хуб медонанд, ки дар он ҷо даъвоҳои яктопарастӣ хело пурқувват буд ва ба сиёсатҳои диние, ки Константини бузург дар он замон пеш мебурд сахт мухолифат мекард… Аз машҳуртарин роҳбароне, ки ба яктопарастӣ хитоб менамуданд ва Исоро одам эътиқод доштанд «Орюс» буд.

Барои донистанат ҳамин кофист, ки вақте ин чор инҷилҳо навишта шуда буданд замоне буд, ки бар сари масеҳиён ҳама гуна зулмҳо карда мешуд ва бисёре аз пайравони Масеҳ ва дӯстонашонро мекуштанд ва замоне буд, ки ҳама гуна тарс бар болои онҳо омада буд ва баъзеҳо мунофиқӣ мекарданд.

Ҳаминаш кофист, то бидонӣ, ки ҳақиқати таърихие, ки дар он ҳеҷ шакке нест, он аст, ки зулму ситам бар сари масеҳиён аз поёни аҳди Исо (а) шуруъ шуд ва он бетаваққуф сесаду сездаҳ сол идома ёфт. Ин ҳамон муддатест, ки дар он ин инҷилҳо навишта шуданд.

Маро мебахшед агар ман як гузари сатҳие бар ин марҳала кунам, ки ин воқеаҳои аламовар бар сари масеҳиён омада буд. Шояд он касоне, ки онро фаромӯш кардаанд чизеро ба ёд оранд ва баъди он тавонанд ба натиҷаҳои дуруст даст ёбанд. Ман гумон намекунам, ки мо дар он чи ҳоло мегуям ихтилоф намоем, зеро он нуқтаҳое аз таърих аст ва тамоми муаррихони шумо онро ривоят мекунанд, танҳо аз забони муаррихони мусалмонон наомадааст. Бо вуҷуди ин, агар касе аз шумо дар гуфтаҳои ман хилофе кунад, ин ҳаққи ӯст.

Аввалин ситаме, ки бар сари масеҳиён омада буд, дар замони ҳазрати Исо (а) буд ва ба рафтани Исо поён ёфт. Баъди он бар сари масеҳиён аз ҳамон лаҳза рӯзҳои сахте омад.. Баъди Тибарус, ки муосири Исо (а) буд, ду қайсари дигар омаданд, ки бар сари шогирдони Исо хело сахтиҳо оварданд ва мардуми зиёдеро аз онҳо ба қатл расонданд. Дар даврони дуюмин қайсари аз ин ду қайсар Мато Инҷили худро ба Ибрӣ навишт ва онро Юҳано соҳиби Инҷил ба юнонӣ тарҷума кард. Зулме, ки дар замони ин ду қайсар сурат гирфит натанҳо аз ҷониби румиҳо, балки аз ҷониби яҳуд низ сурат мегирифт. Ва зулму ситами онҳо бештар буд ва дахолаташон дар мавриди ақида сахттар буд. Зеро яҳуд аз мардум буданд ва бо масеҳиён бештар муомила доштанд ва аз аҳволи онҳо бохабар буданд.

Ва сахттарин азобе, ки барои масеҳиён омад дар аҳди ҳукмронии Найрон соли (64-мелоди) ва Тароҷон соли (106-мелоди) ва Десиюн соли (249-351-м) ва Дақлидёнус (280-м) буд.

Найрон болои масеҳиён анвои бало ва азобро фуру рехт ва онҳоро ба туҳмати ин ки Румро шумо сӯзондед,

муттаҳам намуда, ба ҷазои ин ҷиноят онҳоро гирифтор кард.

Чаҳор соли охири ҳокимияти ин шахси золим ҷабру зулм болои онҳо ба ҳадди интиҳо расонда шуд. Ӯ ва ҳаммаслаконаш дар азоб додани масеҳиён аз навъҳои гуногуни шиканҷа истифода мекарданд. Баъзеро дар миёни пӯстҳои ҳайвонон мегузоштанд ва пеши сагон меандохтанд, сагон онҳоро пора мекарданд. Баъзеҳоро меовехтанд. Баъзеро либоси олуда ба нафт мепӯшониданд ва дар шаб онҳоро ба мисли машъалҳо дар хиёбонҳои шаҳр дармегиронданд, то кӯчаҳоро равшанӣ кунанд. Ва худи ӯ дар рӯшании машъалҳое, ки аз ҷасади одамони зинда афрухта мешуд, қадам мезад.

Ана дар аҳди ҳамин Найрон **Инҷили Миркас** навишта шудааст, чунончи баъзе таърихнигорони насоро инро муқаррар кардаанд. Миркас дар вақти навиштани Инҷилаш дар Миср истиқомат мекард ва Битрис, ки дар Рим ба сар мебурд, аз номи Миркас Инҷили ӯро навиштааст.

Луқо низ Инҷилашро дар аҳди ҳамин қайсар навишта буд. Ӯ дар ибтидои Инҷилаш менависад, ки ба Тофилис навиштаҷоти худро мефиристод.

Дар аҳди ҳамин қайсар ё каме таъхиртар **Юҳано Инҷилашро** навиштааст.

Дар аҳди Тароҷон боз ранҷу азоб оғоз шуд, зеро аз тарси ин золимон онҳо пинҳонӣ намоз мехонданд. Тароҷон ин ҷамъшавии пинҳонии онҳоро манъ кард ба баҳонаи ин ки онҳо масеҳиянд ва ба дини қайсар намедароянд, зулму азобро бар алайҳи онҳо ворид намуд.

Биё қаламро ба ихтиёри Битриқ Искандар гузорем, то худаш он ранҷу азоберо, ки Дисиюс ба онҳо

чашонид, ба мо нақл кунад. Ӯ мегӯяд: «Андаке мо нафаси роҳат кашида будем, ки азобу хавф аз сари нав моро фаро гирифт. Шоҳи дигаре болои мо омад, ки бисёр золим буд. Ӯ ҳамин ки бар курсии ҳукумат нишаст, ба сӯи мо чашм ало кард ва барои азобу ранҷи мо камар баст.

Ӯ қонуни шадиде бар алайҳи мо қабул карда ба иҷрои он амр фармуд. Аз ин рӯ бисёре аз пайравони мо ба кишварҳои дигар фирор намуданд. Тамоми масеҳиён аз хизмати давлатӣ бекор карда шуданд, агарчи соҳибистеъдод ҳам бошанд. Ҳар масеҳиеро, ки дастгир мекарданд, ба пеши ҳайкали бутҳо меоварданд ва талаб мекарданд, ки барои хотири бутҳо қурбоние анҷом диҳад ва агар намекард, худи ӯро қурбонӣ мекарданд».

## *Дақлидёнуси золимтар*

«Ин балову шиканҷаҳо фақат дар Миср набуд, балки дар ҳар ҷое дар қаламрави Румиҳо масеҳиеро медиданд, гирифтори шиканҷааш мекарданд.

Ҳар ҳокиме, ки баъди Дисиюс омад, ин корро дар ҳақи масеҳиён мекард, вале аз ҳамаи инҳо золимтар Дақлидёнус буд. Вақте, ки ин императур ба сари қудрат омад, масеҳиён умед карданд, ки шояд ӯ ба мо меҳрубон бошад, зеро мудири хоси ӯ масеҳӣ буд, вале ин орзӯи онҳо ғалат баромад. Ин ҳоким назар ба ҳамаи ҳокимони пешина зулму ситамро, хусусан дар ҳаққи мисриён, шадидтар кард. Сабабаш дар ин буд, ки мисриҳо баъзе қавмҳоро диданд, ки аз зери ҳукми Румиҳо озод шуда, занҷири ғуломиро шикастанд, мисриҳо низ хостанд аз ишон пайравӣ намоянд. Бинобар ин майл ба сӯи истиқлол ва озодӣ карданд ва

яке аз аҳли мисрро амир таъин намуданд. Бинобар ин Дақлидёнус ба Миср лашкар кашида истиқлолияти онҳоро аз байн бурд ва онро дубора фатҳ намуда анвоъи балоро ба сари мисриён фурӯ рехт.

Дар ин тохту тоз аз ҳама зиёдтар масеҳиён зиён диданд. Ӯ амр кард, то калисоҳои онҳо вайрон карда ва китобҳояшон сӯзонда шавад ва фармон дод, то олимону пешвоёни динияшонро дастгир кунанд. Ҳамаи касонеро, ки дастгир кард, дар зиндонҳо андохт. Масеҳиёнро маҷбур мекард, то аз динашон даст кашанд. Аз мардуми Миср зиёда аз 140 000 нафарро ба қатл расонид, баъзе муаррихон ин ададро 300 000 гуфтаанд.

Аз сабаби хуни зиёди шаҳидони роҳи озодӣ ва куштори дастаҷамъие, ки дар аҳди Дақлидёнус рух дод, ин санаро ибтидои тақвим дар Миср қарор доданд ва ин ҳодисаҳо соли 284-и мелодӣ ба вуқӯъ омад.

Ин азобу шиканҷаҳо доимо аз тарафи ҳокимони Рум ба болои масеҳиён меомад, то ин ки аҳди салтанати Константин фаро расид. Замони салтанати ин қайсар барои масеҳиён бисёр ба роҳат ва пурнеъмат буд, вале на барои масеҳият».[1]

## *Таърихи ранҷбарии Масеҳ (а)*

Аз лиҳози эътиқодӣ барои масеҳият даврони ҳокимияти Константин бисёр харобиовар буд... Аз асоси дини масеҳият ва Инҷил ҳеҷ чизе боқӣ намонд. Ӯ тамоми осори масеҳиятро бо зиракии том несту нобуд кард.

---

[1] Суханрониҳо дар бораи насроният, муаллиф Муҳаммад Абузаҳра, саҳ. 33-34.

Оё мо метавонем бигӯем, он касоне, ки олимони масеҳиро қатли ом карданд ва пайравони онро туъмаи даррандагон намуданд, акнун омадаанд, то аз масеҳият ва Инҷил ҳимоят намоянд?!

Агар чунин гуфтан ҷоиз бошад, пас метавонем бигӯем, касоне ҳам, ки ба ҳокими юнонӣ фарёд зада гуфтанд: Исоро бикуш, бигузор хуни ӯ дар гардани мо ва фарзандони мо бошад, ҳомиёни Исо ва Инҷиланд...!!

**Устоди улуми Инҷил:** Ин далелҳои овардаи ту барои исботи таҳрифи инҷилҳои чоргона ҳеҷ асоси қавӣ шуда наметавонад, балки ҳама таваҳҳумот ҳастанд. Ягон далели яқинӣ барои таҳриф дар ин муддати зикркардаат то замони Константин пайдо карда намешавад.

Вале ту суханатро бо як ибораи шубҳанок ва кинояомезе ба охир расонидӣ, ки: «Ин азобу шиканҷаҳо доимо аз тарафи ҳокимони Рум ба болои масеҳиён меомад, то ин ки аҳди салтанати Константин фаро расид. Замони салтанати ин қайсар барои масеҳиён бисёр ба роҳат ва пурнеъмат буд, вале на барои масеҳият». Ин чи ҷудоиандозии шармовар аст, эй Абӯҳомид, миёни масеҳиён ва масеҳият?

**Абӯҳомид:** Муташаккирам, ки ин суолро додед. Ман тавзеҳи онро накардам ва аз корҳое, ки Константин дар ҳаққи масеҳият анҷом дод, чизе нагуфтам, зеро гумон мекунам, ки шумо хуб огоҳед. Хусусан шумо устод, инро хуб мефаҳмед, зеро ихтисоси шумо ҳамин аст.

## *Константини хатарнок!*

Маълум аст, ки Константин миёни солҳои 305-337-и меродӣ сиёсатеро пеш гирифта буд, ки аз сиёсати

ҳокимони қаблӣ фарқ мекард.

Ӯ ба ҷои қатлу куштори масеҳиён, омехта намудани насронииятро бо бутпарастӣ оғоз кард ва дини ягонаеро эҷод кард, ки иборат аз масеҳият ва бутпарастӣ буд, ки онро ҳукумат роҳбарӣ мекард. Ин корро, чунончи таърихнигорон зикр мекунанд, ба хотири устувор намудани пояҳои ҳукумати худ анҷом дод.

Империяи Рум то замони падари Константин як ҳоким дошт. Ӯ соли 285 мелодӣ империяро ба ду қисмат, шарқӣ ва ғарбӣ тақсим кард ва дар ҳар қисмате як императур ва як ноиб таъин намуд. Дере нагузашта он ноибон соҳиби қудрат гардиданд ва худро императури мустақил эълон карданд. Ба ин тариқ дар қаламрави импературии ягонаи собиқ 4 импературӣ пайдо шуд...

Вақте Константин ба сари ҳокимият омад, дар баробари худ се императури дигарро дид. Яке Валариюс Лисиниюс (Valarius Licinius) ва Максимин Дана (Maximin Dana) дар ҷузъи шарқии импературӣ ва Максинтиюс дар ҷониби ғарбии импературӣ.

Константин бо Лисиниюс (Licinius) иттифоқе баста ва хоҳари худ Константияро (Constantia) ба ақди издивоҷи ӯ даровард. Дар шаҳри Милано дар соли 313 мелодӣ пеш аз ҷанги охирон бо душманаш ва рақибаш дар шарқ Максимин Дана (Maximin Dana) бо язнаи худ Лисиниюс шартномае имзо кард, ки дар муқобили душманаш бо ӯ якҷоя мубориза кунад. Бо ҳамин Константин дар шарқ Максимин Дана (Maximin Dana).

Дар як маъракаи корзор дар назди пули Миливиан (Milivian Bridge) бар алайҳи Максинтюс, ки бо ӯ дар ҳокимияти қисмати ғарбӣ мухолафат мекард, ӯро соли

312 аз байн бурд. Баъд аз он соли дигар Лисиниюс (Licinius) дар халос кардани Константин аз душманаш Максимин Дана кӯмак кард. Сипас бо худи Лисиниюс аз соли 313 то соли 323 мелодӣ ҷангид то ин ки бар ӯ ғолиб омада ӯро ба қатл расонд ва бо ҳамин се императори дигарро аз байн бурд.

Константин як шахси бутпарасте буд, ки ба парастиши офтоб Sol Invictus эътиқод дошт ва офтобро маъбуди ягона медонист. Ӯ бо шиорҳои офтобпарастӣ тамоми нишонаҳои давлатиро пур кард ва дар тамоми гӯшаву канори импероторияш ҳайкалҳо ва тимсолҳои бутпарастиро бунёд кард.

Дар тамоми умраш худро раиси коҳинони офтобпарастон медонист ва аҳди худро асри имперотории офтоб (Sun emperorship) номид. Ва бо ин кори худ дар давоми умри хеш ба насроният таъсири зиёде расонд ва дар асли эътиқодии он тағйироти усулӣ эҷод кард. Вале далелҳои таърихӣ собит карданд, ки ӯ ҳамчун масеҳӣ таъмид нашуда буд, фақат вақти сакароти мавт соли 337 мелодӣ таъмид шуд. Шояд чунончи, баъзе муҳаққиқон бар ин пиндоранд, ки дар вақти сакарот аз муқовамат карда натавонистани ӯ истифода карда, ӯро таъмид карданд.

Константин мо макру палиди хеш дар омезиш додани динҳо ва тақриб ва якто кардани онҳо саъю талоши зиёд ба харҷ дод, то дар мамлакат як дине, ки ҳамзистии мардуми кишварро таъмин менамояд, ба вуҷуд орад.

Ва дар ин маврид муаллифони китоби «The Holy Blood and the Holy Grail» дар саҳифаи 388 чопи соли 1996 зикр кардаанд: масъалаи имон аз назари Константин ин ба таври мухтасар гӯем, масъалаи

сиёсат буд. Ва ҳар имоне, ки ҳадафи ваҳдатро қувват медод, бо лутфу меҳрубонӣ ба он муомала менамуд. Вақте, ки Константин дар гӯшае аз шаҳр калисо бино мекунад, дар он ҷо буте барои маъбудаш аз «Умми Сибил» ва бути дигар «барои Офтоби Маъбуда» дар ҷониби дигари шаҳр мегузошт, ҳамон гуна, ки ҳангоми фатҳи Константинопол соли 330 мелодӣ, яъне (баъди чанд соли ташкилёбии созмони Ниқия) ин амалро анҷом дод. Ва ба хотири ба даст овардани муҳаббати Константин, калисои насронии тобеъ ба мадрасаи Полис бо ӯ дар он чи мехоҳад, мувофиқ амал кард. Бо ин мақсад рӯзи офтоб (Sun-day), яъне рӯзи якшанберо ба ҷои рӯзи шанбе, ки аз лиҳози пайравӣ ба дини яҳудият насоро онро бузург медоштанд, рӯзи истироҳати ҳафтаина қарор доданд. Ва ҳар рӯз аз рӯзҳои ҳафта ба ситорае нисбат дода мешуд, яъне шанбе (Satur-day) - рӯзи Зуҳал (Saturn), якшанбе (Sun-day) - рӯзи офтоб, душанбе (Mon-day) - рӯзи моҳтоб (Moon).

Ва Константин соли 321 мелодӣ дар мавриди баста шудани додгоҳҳо дар рӯзи офтоб (рӯзи якшанбе, Sun-day) фармон содир намуд ва он рӯзро рӯзи истироҳати ҳафта эълон кард. Ва аз ин тасмими Константин калисои насронӣ пайравӣ намуд ва калисо рӯзи вилодати офтобро (рӯзи таҳаввули офтоб аз зимистон ба қисмати шимолии курраи замин, ё оғози дарозшавии рӯз баъди ба охиррасии кӯтоҳшавияш), ки он рӯзи 25 декабр аст, иди милоди Масеҳ қарор дод.

Ин кор, ҳамчунон, ки маълум аст, барои бутпарастоне, ки офтобро парастиш менамуданд ва худо медонистанд, иде буд чи дар Форс ва чи дар Рум. Ва дар зимни ин раванде, ки Полис эҷод намуд ва бо

намояндагони дигар адён роҳи нифоқро пеш гирифт ва аз худ омодагӣ барои табдили дини Масеҳият нишон дод, то онҳоро розӣ кунад ва нифоқи калисоҳоро бештар кард. Ва калисои масеҳият дарвоқеъ қароре содир намуд, ки Константин Масеҳи (Мисёи) мунтазар аст... ва хос барои охируззамон мабъус гардидааст. Балки кори попи Рум Исобюс (Eusebius) то ҷое расид, ки Константинро худо хонд ва гуфт холиқи олам худ дар ҷасади Константин ҳулул намудааст.

Муаллифони китоби (The Messianic Legasy) ибораи Исобюсро чунин меоранд: ва онро Кее чунин тафсир мекунад: «Аз замоне, ки аввалин бор Худованд халоикро иҷод намуд, фақат ба Константин қудрати наҷотбахшӣ дод ва Масеҳ аз зикри ин амр дониста сарпечи намуд ва онро баён нафармуд. Аз ин рӯ наҷотдиҳандаи башарият ягона Константин аст».

Оё диди, эй устод Боб, ки Константин чи гуна душмани масеҳиён будааст? Ва чи гуна таълимоти Исои Масеҳро нодида гирифтааст ва чи гуна масеҳиятро бо дигар адён омехта намудааст.

Шадидтарин нуқтаи тағйир, ки дар дини масеҳият дохил карда шуд, ин даъвати Константин буд, ки ҷамъияти Ниқияро (Nicaea) соли 325 мелодӣ ҷамъ кард ва баъзе таърихнависон мегӯянд, дар он даъват зиёда аз 2000 олимони масеҳӣ гирд омаданд. Константин дар ин маҷмаъи бонуфуз раъйи ақалиятеро, ки аз 318 нафар қисис зиёд набуданд, тарафдорӣ намуд, ки ин ашхос муътақиди фарзанди Худо будани Масеҳ буданд ва ӯро ҳамчун худо эътиқод доштанд.

Констонтин бо вуҷуди он ки худ ҳоло бутпараст буд ва расман масеҳиятро напазируфта буд дар қароре, ки ҷамъияти Ниқия расман қабул кард, далолат намуд

ва чунин амре содир кард, ки дар саросари импературӣ ҳама бояд ин қарорро қабул кунанд ва Исоро Худо бидонанд, агар касе саркашӣ кунад, ӯ бедин ва муртад шуморида шавад.

Барои исботи фазоҳат ва расвоии кори Константин ва исботи он ки дар ҳаққи масеҳиён ҳамчун дин чи беэҳтиромӣ содир кард, чанд нуктаи ҷиҳатҳои торики таърихи масеҳиёнро бароятон меорам, ки Валтер Ниҷ (Walter Nhigg) дар китобаш ба номи Мулҳидон (The Heretics) онҳоро овардааст.

Константин бо ин таъғироте, ки дар дини Масеҳият эҷод кард бо роҳи сиёсӣ ва зӯрӣ бар як иҷмоъе даст ёфт, ки бо роҳи зурӣ тарафи муқобилро, ки кашишони зиёди бонуфуз буданд рад кард ва ба хомӯш истодан маҷбурашон намуд ва ваҳдатеро, ки мехост, ҳосил кард.

Ин воқеъаи гӯшношунид чизест ҳайратовар, зеро ақидае, ки ба имон ва кори дин вобаста бошад, бо роҳи зӯроварӣ ва ҳукми императур болои мардум таҳмил гардад ва императур худ аз таълимоти ақида чизе намедонад ва то ба ҳол расман ба сафи қарибони муқаддас дар ҷамъияти диндорон пазируфта нашудааст ва аслан касест, ки ҳаққи маънави надорад, ки дар бораи умури имон ва ақида ҳарф бизанад. Бо вуҷуди ин ҳама аз уламои масеҳият ҳатто як нафар бо гуфтани як калима ҳам бо қарори ӯ муқобила накарданд.

Акнун хонандаи мӯҳтарам худ огоҳ шуд, ки он қарореро, ки як императури бутпараст тавассути ҷамъияти Никӣ содир кард, то ба ҳол марҷаъи масеҳиён аст. Ва бояд дарк карда бошад, ки дини Масеҳ то чи андоза таҳрифшуда аст. Таърихнигорон

ба чунин ақидаанд, ки Константин бо ақидаи бутпарастонаи худ наметавонист Масеҳиятро бо ин ақида, ки Масеҳ инсон ва расул аст, бипазирад. Аммо ин ақида, ки Масеҳ илоҳе аст дар ҷасади инсон, тамоман ба ақидаи бутпарастӣ, ки он вақт роиҷ буд, баъзеҳо офтобро мепарастиданд Sol Invectus, ҳеҷ созгорӣ надорад, вале кашишҳои Масеҳӣ розӣ шуданд, ки таҳти сояи парастиши офтоб зиндагӣ кунанд ва ба ақидаи бутпарастӣ созиш намоянд ва аз қавонини он дар дини худ дохил кунанд, ки агар бо чашми воқеъбинона бингарем, аксари далелҳое, ки масеҳиён пешкаш мекунанд, аслаш ба Константин императори онвақта бармегардад на ба Исои Масеҳ. Соле баъд аз қарори ҷамоъати Никӣ боз қарори хатарнокеро содир кард, ки тамоми китобҳо ва навиштаҷотеро, ки мухолифини ҷамъияти Никӣ содир кардаанд, дастрас карда сӯзонда шавад. Ва дар соли 331 мелодӣ чунин қарор содир шуд, ки китоби муқаддаси Инҷил ба нусхаҳои нав нусхабардорӣ шавад.

Акнун ин иқдомот таъсири жарфе дар раванди дини масеҳӣ гузошт ва барои дастандаркорони ҷамъияти Никия, ки худро «мутамассикини ба китоб» муъарифи менамуданд, фурсати муносибе буд, ки касе наметавонист дар баробари онҳо ҳарфе бигӯяд.

Ровиёни таърих чунин меоранд, ки императур Дюклитиён то ҳадде, ки тавон дошт, китобҳои масеҳиёнро сӯзонда нобуд кард ва ин иқдоми ӯ фурсати муносибе барои аъзоёни Никия дод то дар Китоби Муқаддас ҳар чизеро, ки ба ақидаашон мувофиқ буд, дохил кунанд ва ё чизи мувофиқат накардаашро ҳазф кунанд. Хонандаи мӯҳтарам бояд дарк кунад, ки ин воқеъаҳо чӣ андоза хатарнок ва

муассир буданд то ҳадде, ки аз 5000 нусхаи Инҷили қадимае, ки дар аҳди ҷадид мавҷуд буд (Инҷил ва рисолаҳои қадима) санади ҳамаи онҳо то асри 4-и мелодӣ мерасад. Ва аз ин чунин натиҷа бармеояд, ки ҳар навиштаҷоте, ки бо номи «Аҳди ҷадид» вуҷуд дорад, ин натиҷаи навиштаи нависандагони асри 4-и мелодӣ, яъне намояндагони ҷамъияти Никия аст, ки зери ин қавонин аҳдофи сиёсии худро доштанд ва онро ҳимоят менамуданд.

Илова бар ин императур Константин низоми Попиро, ки алҳол дар Рим вуҷуд дорад, таъсис кард. Ва барои ин калисо маблағи калони моҳона муайян кард ва дар Рум дар қасри машҳури Латран барои онҳо марказе ҷудо намуд...

Муаллифони китоби «The messianic legacy» чунин меоранд, ки «агар ҳақиқати суханро бигӯем масеҳияте, ки ал-он медонем, аз замони Исо (а) сарчашма намегирад, балки ҳар чизе ҳаст маҳсули дасти ҷамъияти Никия аст. Ва ҳамаи ҷамъияти Никия сохтаи дасти Константин буд. Ва масеҳият (масеҳияти имрӯза) мадюни фазлу марҳамати ин шахсият, яъне Константин аст.

Муаллифи китоби «The Lost Gospel», ки Мак Буртон Burtonl ном дорад дар китоби худ аз тағйирот ва дигаргуниҳои зиёде, ки дар Китоби Муқаддас баъди замони Константин ворид гардидааст, нақл мекунад. Ӯ аз ҷумла чунин сатрҳоро меорад: «Баъди Константин Масеҳ (а), ҳамчун соҳиби маргу зиндагӣ ва ҳокими мутлақи олами ҳастӣ қаламдод шуд». Ва илова намуда мегӯяд: «Масеҳ пеш аз ин ҳамчун наҷотдиҳандаи миллат ва ҳидоятгар ба роҳи охират шинохта мешуд». Хулосаи калом ин ки аз рӯи тағйиру табдиле, ки дар

Китоби Муқаддас рух додааст, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он чиро ки нависандагони китоби дар боло зикршуда навиштаанд, комилан дуруст аст. Онҳо мегӯянд: масеҳияте, ки мо имрӯз мешиносем, дарвоқеъ аз бисёр ҷиҳатҳо ба бутпарастии ақоидӣ наздик ба манбаи яҳудӣ наздиктар аст.[1]

**Устодони бузург!:**

Ва болотар аз ин фоҷеа, ки ягон Инҷили имрӯза аз асри 4 пештар навишта нашудааст, фоҷеаи бузургтар ин аст, ки ягон нависандаи ин Китоби Муқаддас ҳаворii Исо (а) нестанд ба ҷуз Мато, ки шогирди Исо асту бас. Луқо аслан шогирди Исо нест, Мирқис шогирди ҳаворӣ Битрис аст. Юҳано, ки котиби яке аз инҷилҳо аст, он Юҳанои ҳаворii Исо намебошад, ҳамон гуна, ки муҳаққиқони Масеҳӣ худ инро таҳқиқ намудаанд!

Оё ин чизҳоро метавонед тасаввур кунед? Ва оё ягон кас метавонад исбот намояд, ки Инҷиле, ки ба Мато нисбат медиҳанд, навиштаи ӯст? Ҳол он ки бисёре аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки баъзе аз толибони вай онро китобат намудаанд?

**Ва аз ҳама болотар ин аст, ки нусхаҳои аслии ин инҷилҳо ҳоло дар олам мавҷуд нестанд!**

**Устод Фифа:** Агарчи ҳамаи суолотеро, ки ту дар ҳақиқати инҷилҳо гуфта гузаштӣ, бо вуҷуди ин ҳама, муҷарради шак наметавонад ҳақиқатеро ботил созад. Ва бар он ҳақиқате, ки мо дар таълимоти Масеҳ равшан мебинем, наметавон ба муҷарради шак хатти

---

[1] Аз китоби «Башоратҳои Инҷил ва Таврот ба Ислом ва Расулаш Муҳаммад (с)», таълифи доктор Насруллоҳ Абдурраҳмон Абутолиб (саҳ. 61-65)

бутлон кашид.... гоҳо як китоб бо вуҷуди бузургияш ба зери хок мадфун мегардад, вале бо гузашти замон боз зоҳир мешавад ва ҳақиқати он ба ҳама ошкор мегардад.

**Абӯҳомид: Вале агар солҳо гузараду он ҳақиқат зоҳир нагардад чӣ?**

Ва агар асрҳо гузараду ба ҷои ошкор гардидани ҳақиқат шакку шубҳа бештар гардад?

Пас гуноҳи он наслҳое, ки то имрӯз аз дунё бо чашми баста рафтанд ва баъди тағйир хӯрдани Инҷил зиндагони карданд, чист? Онҳо мурда рафтанд, вале ҳақиқатро нашинохтанд, балки онҳо дар муҳимтарин арзиши ҳаётӣ, ки ақидаву имон аст, зери макру ҳила қарор гирифтанд.

Оё бо вуҷуди ин ҳама, метавонем мо ҳоло ҳам аз гуфтани ҳақиқат чашмпӯшӣ намоем ва бо вуҷуди ин ҳама далелҳои қотеъ таҳрифи Инҷилро мункир шавем, бо баҳонаи «шак ботил будани як чизро ифода намекунад»! Ва шумо чаро намегӯед, ки ҳақиқатҳо бо шак барпо намешавад ва ҳуқуқ бо шак боздошта намешавад, ё ман дар ин гуфторам дар ягон мавриде бо ақл мухолифат намудам?

**Эй устод Фифа:** Назди мо мусалмонон як қоидаи илмӣ аст, ки он дар мавриди аҳодиси Паёмбар (с) ба кор гирифта мешавад. Он қоида ва услуб ин аст, ки ҳар сухане ва ё феълеро аз Расули Худо (с) касе ривоят кунанд, бе исноди дурусту саҳеҳ касе онро қабул намекунад. Исноди саҳеҳ он ривоёте дониста мешавад, ки ҳар гӯяндае он шахсеро, ки аз вай ривоят мекунад, дида бошад ва аз вай шунида бошад ва ӯро ҳамчун шахси ростгӯй бидонад, то охарин нафаре, ки ӯ аз Расули Худо (с) ривоят мекунад. Ин услуби илмиро

«илми ҷарҳ ва таъдил» меноманд ва мо дар маҷлиси дуввуми худ бо ин матлаб ишораи кӯтоҳ намуда будем.

Ва ҳар гоҳ мутахассисони ин илм дар санади ҳадис болои яке аз ровиёни ҳадис шубҳа намоянд ва ё дурӯғгӯии ӯро аз сидқаш фарқ карда натавонанд ва ё шахси номаълум ва ғайри маъруф бошад, ин ҳадис мавриди қабул ва амал қарор намегирад, агарчи арзиши илмии он баланд ҳам бошад. Инро иснод меноманд.

Далелҳо ва асноди муътабари саҳеҳи шумо дар мавриди шахсоне, ки Инҷилро ривоят намудаанд ва иддао мекунанд, ки Исо (а) аз олами ғайб ба ҳаввориҳо онро тиловат намудааст ва аз ҳавориюн то ба замони мо расидааст, куҷост? Ку иснoди муътабар аз шахсиятҳои содиқу маъруфе, ки то навишта шудани инҷилҳо онро аз сарчашмаи аслиаш ривоят намудаанд?

**Эй устод Фифа,** аз мусалламоти илмии қабули ривоят ду шарт аст: аввал он ки ровии он шахси боваринок бошад. Дуввум санади он муттасил бошад. Агар гӯяндагони он хабар ашхоси мӯътамад бошанд, вале дар ҳар ҷои санад торикиҳое бошад, ба маънои ин ки гӯяндаи баъдӣ оё шахси аввалеро, ки аз вай ривоят мекунад, ӯро дидааст ва имкони мулоқоти онҳо вуҷуд дорад ё не, ё баръакс онҳо билфарз якдигарро дида бошанд, вале гӯяндае аз онҳо боваринок набошад, дар ду сурат ҳадис ғайри мақбул аст ва аз эътибор соқит дониста мешавад.

Пас чӣ фикр дорӣ, агар мо ин қоидаро болои инҷилҳо ҷорӣ кунем ва ба кор гирем, натиҷааш чӣ мешавад? На гӯяндагонаш мардони боэътимоданд, на миёни Исо (а) ва касоне, ки баъди ӯянд санади муттасил аст.

## *Нусхаҳои чаҳргона куҷост?*

**Ва агар мо ҳамаи ин шартҳоро сарфи назар кунем** ва ба эътибор нагирем ҳам, барои исботи як китоби қадима нисбати муаллифаш қоидаҳое ҳаст, ки онро аз назар наметавон дур андохт. Яке ин ки ақаллан як нусхае аз худи муаллиф ба хатти худаш бояд мавҷуд бошад ва ё дар ягон нусхае, ки дар асри худи ӯ навишта шудааст, дастхатти ӯ ба тариқи иқрор ва мувофақат бояд вуҷуд дошта бошад. Пас оё ягон нусха аз инҷилҳои мавҷуда бо хатти муаллифаш ҳаст? **Ҷавоб ин аст:** Не, на нусхае ва на аксу сурати он!

Пас оё метавон аз қоидаҳои илмӣ барои исботи ин дуздии қадимаи бузург чашмпӯшӣ кард?

Аз кай гузашти замони зиёд сабаби иқрор ва эътироф намудани ботил гардидааст?

Эй профессор, агар ягон ганҷинаи аҷдодии оилавии шумо аз тарафи оилаи ғоратгари касбӣ дар дуздии боигариҳои оилаҳо дар гузашта ғорат шуда бошад ва баъди гузаштани асрҳо наслҳои баъдии шумо ин дуздиро кашф намоянд, оё шоиста нест, ки ин насли дуздиро кашфкарда кӯшиш ба харҷ бидиҳанд ва мероси бобоёнашонро талаб кунанд ё ба гузаштани замони зиёдро баҳона карда таслим шаванду хомӯш нишинанд?

Масъала ин ҷо бузургтар аз сирқати ганҷинаи обову аҷдод аст, зеро ин ҷо дуздии ақлҳо ва дуздии дилҳо аст... Дуздии китоби Худо ва тағйир додани он аз бузургтарин ҷурмҳо ва бадтар аз дуздии замин ва ашёи дигар аст.

## *Оё Инҷил аз ваҳй аст?*

Устоди улуми инҷилшиносӣ Боб: Маълумоти таърихиеро, ки Абӯҳомид зикр кард, бешак дурустанд ва ман бо ӯ мухолафат намекунам, вале назди ман як нуқтае ҳаст, ки он тамоми ин гуфтаҳои шуморо шуста мебарад ва он нуқта ин аст: Инҷилҳое, ки мо дар даст дорем, аз ҷониби Худо ба сӯи ин чор нафар васият шудаанд ва мо далоили зиёде барои исботи ин дар даст дорем. Агар падарат чизеро васият кунад, эй Абӯҳомид, ту онро иҷро мекунӣ ё не?

**Абӯҳомид:** Шумо чӣ фикр доред, агар ман ин масъаларо аз аввали кор қатъиян рад кунам ва ҳуҷҷат биёрам, ки ин тавр нест. Барои исботи ин гуфтаам сухани яке аз соҳибони Инҷилро бароятон меорам, ки худаш иқрор мекунад, ки ин навиштаи ӯ натиҷаи фикри худи ӯст, на касе ба ӯ васият намудааст ва на касе ваҳй фиристодааст. Оё қаноатмандиатро эълон мекунӣ?

Ту Инҷили Луқоро бикушо ва ба саҳифаи аввали он бинигар, ин иборатро хоҳӣ ёфт: «Вақте дидам, ки бисёр нафарон қиссаҳоеро дар ақоиде, ки назди мо мусаллам аст навиштанд, ҳамчуноне, ки гузаштагони мо онро ҳамчун амонат ба мо расонданд ва хидмате барои ин калима намуданд, ман низ қасд кардам ва ҳамаро аз аввалаш шурӯъ намуда омухтам ва ҷустуҷӯ кардам, то пайи ҳам барои ту азизам Софилис онро бинависам, то ту сиҳати каломеро, ки ман медонам, бифаҳмӣ». (Луқо, 1/1-4)

Ва акнун бигӯ, оё Луқо баъди ин эътирофаш барои касе маҷоле боқӣ мегузорад, ки таъвиле кунад? Оё эътирофе аз ин бештар шуда метавонад? Худи нависандаи Инҷил мегӯяд, ки ӯ ҳеҷ алоқае ба ваҳй надорад. Ӯ бо сароҳат баён менамояд, ки ман қиссаеро

таъриф намудам ҳамчуноне, ки аз ман пеш гузаштагон низ қиссаҳо нақл карданд. Ва масдари қиссаашро низ мегӯяд, ки аз пешиниён шунидааст, на аз Худо!!

Ва ӯ кӯшишу омӯзиши башарии худро ошкоро баён мекунад, пас маълум мешавад, ки ӯ бо ваҳй алоқае надорад.

Ва китобашро барои Софилис менависад ва оё Худо китоберо ба сӯи ягон нафаре хос фиристодааст?

**Боз бароятон далели қотеътари дигаре меорам:** гӯш кун, дар Сифри Армиё (23-36) чӣ омадааст: «Аммо ваҳйи Парвардигорро дигар зикр нанамоед, зеро аз ин баъд сухани ҳар инсон барои ӯ ваҳй аст, **зеро шумо сухани худои зинда ва парвардигори лашкарҳоро таҳриф намудед**».

Дар ҳуҷҷати махсус ба Аҳди Қадим, ки дар бошишгоҳи маскунии католик омада: «Ҳамоно нусхаҳои Аҳди Қадим ашёи ноқис ва муваққатиро дар бар мегирад, вале дар зоҳир онҳо ба услуби илоҳӣ намудор шудаанд».[1]

Аз тарафи пайравони дини масеҳият дар мавриди таҳриф эътирофи дигаре ҳаст, ки хеле рӯшан аст: «Дар Доиратул Маъорифи амрикоӣ омадааст: **«Ба дасти мо ягон нусхаи аслие аз Аҳди қадим, ки бо хатти муаллиф навишта шуда бошад, нарасидааст.** Ва аммо баъзе қавонине, ки дар дасти мост, онҳоро наслҳои баъдӣ, аз ҷумлаи нависандагон ва нусхабардорон ба мо нақл намудаанд»[2].

---

[1] Нигоҳ кун: Ҳуҷатҳои бошишгоҳи маскунии Ватикани ду. (Тарҷумаи арабӣ). Саҳ. 410

[2] Ад-Доиратул Амрикия 3/617, нависандаи мақола Арсор Ҷейфери, устоди забонҳои сомӣ дар донишгоҳи Колумбия дар Ню-ёрк.

Мо дар назди худ далелҳои зиёде дорем, ки исбот мекунанд, ки нависандагони Китоби Муқаддас, дониста ва ё надониста ва бидуни қасд, бисёр дигаргуние дар ин китобҳо ворид кардаанд.

Акнун ман намехоҳам суханро дар бораи Асфор дароз кунам, вақте ки пайравони он худ эътироф доранд, ки 14 сифри китоби онҳоро шахсони номаълум навиштаанд.

Илин. Ҷ. Вайт[1] ном роҳибазан вуҷуди таҳрифу тағйир ва таноқуз дар Инҷилро эътироф намуда мегӯяд: «Ба ҳақиқат Китоби Муқаддасе, ки мо ҳар рӯз мехонем, натиҷаи кори нусхабардорони зиёд аст, онҳо тавонистанд бо диққати ҳайратовар кори худро анҷом бидиҳанд, вале бо вуҷуди ин ҳама, онҳо маъсум аз хато набуданд ва Худованд барои исмати онҳо ҳеҷ зарурате намедид»[2].

Профессор Шарл Ҷенибер мегӯяд: «Танҳо тааммул ва бо диққат ба инҷилҳо нигаристан туро қаноъатманд мегардонад ба ин ки муаллифони ин китобҳо баъзе суханон ва иборотеро дар навиштаҷоти худ ҷой додаанд, ки бисёр ба якдигар зидду нақиз ҳастанд ва хонандаро маҷбур месозанд, ки ба хулосае биёяд, ки ин нависандагон дар кори худ ҳақиқати воқеъаҳоро пайгирӣ накардаанд ва таърихи ҳодисаҳоро дуруст наёмӯхтаанд, балки баръакс ҳар нависандае як нақшаи

---

[1] Ин зан аз кашишҳои пешгӯикунанди гурӯҳи Адфентести шанбегиҳо ва онҳо аз гурӯҳҳои протестантанд, ки даъвои ибодати масеҳи сониро доранд ва рӯзи шанбе  барояшон муқаддас аст, на рӯзи якшанбе. Ба мавсуъаи арабӣ, саҳ. 100 бингар.

[2] Устуратул илоҳил мутаҷассид, таълифи доктор Набил Субҳӣ, саҳ. 23.

хосе барои худ доштааст ва барои расидан ба ҳадафи худ китоби навиштаи худро танзим ва тартиб додааст»[1].

Дар яке аз китобҳои калони «Афсонаҳои илоҳе, ки дар ҷасади инсон аст» ва муаллифони он 7 нафар аз устодони насронӣ дар донишгоҳҳои Британиё[2] мебошанд, чунин омадааст: «Масеҳияти ғарбӣ ин ақидаро қабул намудааст, ки инҷилҳои мавҷуда натиҷа ва навиштаи ашхоси гуногунанд, ки дар ҳолатҳои мухталиф навишта шудаанд ва имкон надорад, ки исмати амри илоҳиро ба калимаҳои онҳо нисбат диҳем».[3]

Аз ҷумлаи ин гуфтаҳост сухани падари рӯҳонӣ Бенва, ки мегӯяд: «Шаклҳои гуногунқавлӣ ва ривоёти ҳархела натиҷаи дигаргуниҳои таърихист, ки аз замони қадим ба мо расидааст ва ба сиҳати ин гуфтаҳо далолат намекунад. Баъзе касоне, ки дар ин амали тадқиқотӣ бо мо ҳамроҳӣ мекарданд, бисёр вақт дар даҳшату тааҷҷуб мемонданд. Вақте як сухане ба Масеҳ нисбат дода мешуд, ё масале, ё рафторе дар зиндагии Ӯ

---

[1] Шарл Ҷенибер, (м.н), саҳ. 28.

[2] Онҳо Ҷон Ҳек ва ӯ устоди Лоҳут дар донишгоҳи Берменгҳом аст. Ва Ҷон Кобит, декани факултаи Амонулл дар донишгоҳи Кембреҷ аст. Ва Микоил Голдер, дар лоҳути донишгоҳи Берменгҳом суханрониҳои илмӣ мекунад. Ва Лисли Ҳолдин устоди суханрони омӯзиши инҷилҳо дар донишгоҳи Лондон. Ва Денис Найнҳом, декани факултаи Кейбил дар Оксфорд. Ва Морис Вайлез устоди илоҳиёт ва Китоби Муқаддас дар факултаи Масеҳ дар Оксфорд. Ва Франсис Юнег устоди суханрони бахши омӯзиши инҷилҳо дар донишгоҳи Берменгҳом.

[3] Устураи илоҳи мутаҷассим, ба арабӣ баргардонии доктор Набил Субҳӣ, саҳ. 23

ҳамаи ин таноқузот дар асл ин тавр намебошанд, чуноне, ки мо имрӯз мехонем ва ин бофтаҳоро нависандагон ва котибоне ба ҳар ғараз дигаргун намудаанд.[1]

**Устози омӯзиши Инҷил Боб:** Ту эй Абӯҳомид, аз ин инҷилҳо интиқодгирироро яксӯ гузор ва суоли маро гӯш кун. Оё Инҷилро хондаӣ? Агар хонда бошӣ, оё таассуроти имонӣ ва файзҳои илоҳиро эҳсос намудаӣ, ки дар вақти қироати он ба хонанда мерасад?

## *Мисоли зидду нақиз*

**Абӯҳомид:** Мухтасаран ҷавоби туро медиҳам, ки бале, инҷилҳоро бо диққат хондаам, вале болои суоли ту суоле дорам: Оё ваҳйи илоҳӣ ҳамагӣ як ваҳй нест ва ба як паёмбар нозил нагардидааст?? Пас чи гуна ин инҷил аз инҷили дигар фарқ мекунад ва дигаргун аст, вале шахсе, ки ба ӯ ваҳй шуда, як нафар аст?

Ман акнун аз Инҷил ибораеро бароят мехонам ва худат андеша кун, ки дар як қиссаи кӯтоҳ чанд тазодди мантиқӣ вуҷуд дорад.

Он қисса ин аст: «Ду рӯз қабл аз иди фитри насоро, ки Фисҳ номида мешавад, зане дар сари Исо (а) як хушбӯиеро (атреро) бисёр мерезад он миқдор, ки шогирдони Исо (а) ба ӯ эътироз мекунанд, ки исрофкорӣ кардӣ». (Мато дар сафари 26/ саҳифаи 1-13 инро менависад. Юҳано дар сифри 12 саҳифаи 1-8) ривоят кардааст. Аммо Луқо ин қиссаро дар 7-36-40 чунин меорад: «Яке аз фарисиён аз Исо дархост намуд, ки ҳамроҳи ӯ таъом хӯрад. Исо ба хонаи фарисӣ даромад ва такя зад. Дар он шаҳр як зани хатокор ва

[1] Нақл аз Bucaille. Maurice (op.cit) p 74.

гунаҳгоре буд ва Исоро ҷустуҷӯ мекард, то тавба кунад. Чун донист, ки Исо дар хонаи фарисӣ аст, як шиша атри қиматбаҳоро гирифт ва пушти сари Исо дар поёни пойи Исо нишаст ва он қадар гирист, ки пойи Исо аз оби дидаи ӯ тар шуд ва он зан оби дидагонашро аз пойи Исо бо мӯйҳои сараш пок мекард ва пойҳои Исоро мебӯсид ва пойҳои Исоро ба атре, ки оварда буд хушбӯй мекард. Пас вақте фарисӣ ин ҳодисаро дид, ба худ гуфт: Агар ин шахс паёмбар бошад, чаро эҳсос намекунад, ки ин зане, ки худро ба пойи ӯ мемолад, зани гунаҳгорест».[1]

Амммо иборати Инҷили Юҳано ин тавр аст:

«Шаш рӯз баъд аз иди Фисҳ Ясуъ ба хонаи Иниё омад, ки он хона аз Илъозир, ки аз ҷумлаи мурдагон буд ва Исо ӯро бо дуъояш зинда намуда буд. Пас барои ӯ хӯроки шом омода намуданд. Марсо хидмат мекард ва модари Илъозир низ ҳузур дошт ва як нафари дигар низ ҳамроҳи Ясуъ такя зада буд. Марям як ман аз хушбӯии ноодини холисро, ки қимати гароне дошт, бардошт ва пойҳои Ясуъро бо он молид ва бо мӯйҳои сараш он равғанро дар пойҳои Ясуъ молид ва хона аз бӯи он равған муаттар гардид»[2].

Акнун худатон фикр кунед, ки чанд сухани зидду накиз дар як қиссаи кӯтоҳ вуҷуд дорад....

Авалан ихтилофи замонӣ: Мато гуфта буд, ки ин ҳодиса ду рӯз қабл аз иди Фисҳ рӯх дод... вале Юҳано мегӯяд, ки 6 рӯз қабл аз ид буд.

Сониян: Ихтилофи макон: Мато мегӯяд ки ин кор

---

[1] Иқтибос аз китоби «Таҳриф ва таноқуз дар Инҷилҳои чоргона», таълифи доктор хонум Сора бинти Ҳомиди Ал-абодӣ, саҳ. 120

[2] Ҳамон сарчашма.

дар хонаи Самъони Абрасӣ рух дод... Аммо Юҳано мегӯяд дар хонаи Илъозир буд...

Сеюм: Ихтилоф дар номи зани атрпошанда аст. Мато исми ӯро намегӯяд...вале Юҳано мегӯяд, ки номи ӯ Марям буд.

Чаҳорум: Ихтилоф дар ин аст, ки он зан куҷои бадани Исоро атр зад. Мато мегӯяд, ки дар сараш пошид, вале Юҳано мегӯяд, ки пойҳояшро бо он равған чарб кард ва бо мӯйҳояш молиш дод.

Панҷум: Ихтилоф дар шахсе, ки эътироз кард. Мато мегӯяд, ки шогирдони Исо эътироз намуданд барои исрофкорӣ, вале номи касеро зикр намекунад. Аммо Юҳано мегӯяд, ки эътирозгар Яҳузо Исхарютӣ[1] буд.

Оё ин қисса ваҳйи илоҳӣ нест чунончи шумо эътиқод доред, бо вуҷуди ин ки сарчашма як аст, пас ин қадар зидду нақиз аз куҷост?

Оё сазовор нест, қоъидаеро, ки байни касоне аз як сарчашма сухан мегӯянд, ба кор гирифта мешавад ҷорӣ кунем ва ба онҳо бигӯем, ки яке аз шумо дурӯғгӯед. Ва агар мо ин қоидаро ин ҷо ҷорӣ кунем, он гоҳ дурӯғгӯ кист?

Шумо ҳар хабареро аз кадом саҳифаи Инҷил биёред, маҳол аси, ки бо якдигараш таноқуз надошта бошад...!

Агар ваҳй яке бошад ва холиқу гӯяндаи он яке ин қадар ихтилоф аз куҷо пайдо шуда?

Ман ба шумо устоди улуми Инҷил вақти кофӣ медиҳам, то сари ин масъала фикр кунед, шумо ҳар қиссаро аз Инҷил бигиред ва баъдан байни калимаҳои он, рақамҳо, таърих ва байни номҳое, ки омадааст,

---

[1] Муқоисаи Инҷилҳои чоргона, таълифи доктор Муҳаммад Алӣ Хулӣ, саҳ. 24-25.

муқоиса кунед... Баъдан хоҳед донист, ки агар масдар Худо бошад, ҳеҷ ихтилофе набояд дар ин ҷо сар занад.

Ҳатто худи Масеҳ аз ихтилофҳо ва зидду нақизҳо дар ин инҷилҳо дар канор намондааст. Ҳатто дар насаби Исо, дар мавриди ҷои мақомаш, дар қиссаҳои ҳаёташ, чи дар ибтидои умр ва чи дар интиҳояш ихтилофгӯиҳои зиёд аст.

Аммо хоҳиш дорам, ки ин муқоисаҳоятон сарсарӣ набошад ва то ба ҳақиқат пай набаред, ин корро давом диҳед.

**Фифа:** Чаро инҷилҳои моро зери танқид мегиред ва чун ихтилофоти оёти Қуръон онро тавҷеҳ намекунед?

Чаро гумони нек надоред?

Чаро дарҳол ба дурӯғ нисбат медиҳед?

Оё намешавад, мо ин гуфтаҳоро дар як ривоят ҷамъ кунем ва бигӯем, ки гӯяндагон ин мазмунро бо иборахои мухталиф ривоят намудаанд?

**Абӯҳомид:** Ин ҷавоби ту наметавонад маро қонеъ гардонад... Гумон мабар, ягона касе, ки ин суханро гуфтааст, туӣ ва ба нишон расидаӣ! Балки ҳамаи попҳо, қиссисҳо ва олимону муфассирони Инҷил ва ҳатто оммаи масеҳиён низ ба мо ингуна ҷавоб додаанд. Ин сухане, ки ҳамаи шумо муттафиқед, аз ду эҳтимол берун нест ва мо ба ҳардуи он розӣ ҳастем ва ба як эҳтимоли он ҳам розием. Эҳтимоли аввал ин ки ҳар нависандаи Инҷил он чизеро, ки шунидааст, навишта ва ё он чиро фаҳмида ва бардошт намудааст, рӯи коғаз оварда. Ва ин худ эътироф ба он аст, ки нависанда бевосита аз Худо нашунидааст, балки аз сарчашмаҳои гуногун омӯхта ва бардошт кардааст ва ин он ақидаеро, ки инҷилҳо аз ҷониби Худо дуюмбора ваҳй шудаанд, ботил месозад.

Ва эҳтимоли дуйюм ин, ки суханони дурӯғе ҳастанд, ки ба Худо нисбат дода мешаванд, бо ин ду эҳтимол нисбати инҷилҳо ба сӯи Худо хотима пайдо намуд...!

## *Оё Худо ҳамон гуна, ки Қуръонро ҳифз кардааст, наметавонад Инҷилро ҳифз намояд?*

**Фифа:** Шумо чаро ин қадар зиёд шак доред ва бо чашми нобоварӣ ба инҷилҳои мо нигоҳ мекунед, ҳол он ки худи шумо мисли мо бар ин ақидаед, ки асли Инҷил аз назди Худост. Пас оё Худо қодир нест, ки китоби худро ҳифз намояд?

**Абӯҳомид:** Худатон андеша кунед, агар марде китобе таълиф намояд ва он китобро шогирдонаш бигиранд ва ҳар чи дилашон хост, дар он изофа кунанд ва чизеро, ки дилашон намехоҳад, аз он дур кунанд ва бо устози худ дар гуфтаҳояш зиддият намоянд ва баъзе чизҳоеро, ки ӯ нагуфтааст, ба ӯ нисбат диҳанд ва тӯҳмат зананд, пас устоз чӣ кор бояд кунад?

Ҷавоб ин аст, ки устод эълон медорад, ки ин китоби ман нест ва бутлони суханони шогирдон ва изофанависии онҳо ошкор хоҳад шуд. Худованди бузург дар ҳаққи пайравони Масеҳ (а) чунин кард, вақте онҳо ба Худо дурӯғро нисбат доданд, онҳоро шармандаву расво намуд ва дурӯғҳои онҳоро ба ҳама ошкоро сохт. Ва ин зидду нақизҳои инҷилҳои навиштаашонро ба олам ошкор сохт. Ва донишмантарини шуморо чунон гардонд, ки наметавонед аз он ботилгӯиҳо дифоъ намоед. Ва касоне, ки дар роҳи ҳақ ҳастанд, бо вуҷуди хурдсолӣ бар калонсолони шумо ғолиб меоянд. Ин сустии шумо ва нотавониатон аз рӯи камқувватӣ ва бедонишии

шумо нест, балки аз он ҷиҳат аст, ки дифоъ аз як роҳи ботил мекунед.

Ин як, дуввум ин ки оё шумо ақаллан як ояте дар инҷилҳоятон доред, ки Худованд ҳифзу нигоҳдории Инҷилро кафолат дода бошад?

Ҷавоб ин аст, ки қатъан ин гуна кафолат нест... Аз ин чунин натиҷа гирифта мешавад, ки бояд ин китоб зоеъ шавад ва тағйиру табдил ёбад, зеро кафолате барои ҳифзаш нест.

Тасаввур кун, ки ту қофилае дорӣ бо моли тиҷорат ва нигаҳбонони кофӣ бар он нагузоштаӣ ва бо ягон ширкати амниятӣ паймон набастаӣ ва мехоҳи онро ба диёри худ бибарӣ, вале дар роҳ ба пеши қавму қабилаҳое мегузарӣ, ки онҳо дузд ва ваҳшисуратанд. Оё метавонӣ умед кунӣ, ки қофилаи бедифоъ саломат ба манзили ту мерасад?

Ҷавоб ин аст, ки: -Не.

Сабабаш ин аст, ки қофилаи ту бенигаҳбон аст, Инҷил ҳам шабеҳи ин мисол аст, зеро ҳеҷ ҳимоят аз ҷониби Худо надорад...!

Он чиро, ки мо дар бораи қофила зикр намудем, ки аз рӯи беҳимоятӣ ба дасти роҳзанон ғорат хоҳад шуд, инчунин дуздону роҳзанони Инҷил кори худро карданд. Чунончи қаблан гуфтем.

Ба замми ин ҳама пайравону ҳавориёни Исо (а) дар замони худи ӯ заъиф буданд ва давронеро аз сар гузарониданд, ки наметавонистанд аз нафси худ ва аз Инҷили худ дифоъ кунанд ва ҳатто натавонистанд, ки аз Расули Худо Исо (а) дифоъ намоянд...

Ай устод, чӣ гумон мекунӣ, агар соҳибони қофила ба дуздон рӯ ба рӯ шаванд ва имкони дифоъ аз ҷони худро надошта бошанд, метавонанд аз қофила дифоъ кунанд?

Табиист, ки ҳамаи чизро мепартоянд ва ба дохили дарахтону ғорҳо паноҳ мебаранд, то ҷон ба саломат баранд. Оё ин мантиқи ақлӣ нест?

Оё шумо намедонед, ки чи зулме бар сари пайравони Исо (а) омад? Ин гӯшагириҳо аз он рӯзе ибтидо шуд, ки як нафарро, ки монанд ба Исо буд, бар дор овехтанд, аз он рӯз як инқилоби азиме дар ҳаёти пайравону ҳавориёни Исо шурӯъ шуд ва ин кор на як рӯзу ду рӯз, балки солҳои зиёде идома ёфт. Вақте баъди асрҳо он таъқибот хомӯш шуд, даври Константин омад, ки қаблан гуфтам, ки чи гуна дини Исоро таҳриф кард ва ин таҳрифоти ӯ то имрӯз идома дорад.

Аммо дар асри мо он таълимоти таҳрифшуда шакли даҳшатнокеро гирифтааст, зеро ҳеҷ кас ҷуръат намекунад бигӯяд, ки Исо (а) башар буд ва ба сӯи тавҳид даъват мекард ва Инҷили ӯ на ин китобест, ки дар дасти шумост.

Ин гуфтаҳо дигар мавриди қабули ҳеҷ кас нест ва на танҳо мақбул нестанд, балки гӯяндаи ин сухан эмин аз гирифторӣ ва зиён ҳам нест, хоҳ бо дасти хидматгорони калисо ва агар натавонанд, бо роҳи хидмати муридонашон, ки соҳибони ҳукуматҳоянд, ба балоҳо гирифтор хоҳад шуд!

## *Аз Қуръон ба сиҳҳати Инҷил далел овардан*

**Устоди улуми Инҷил Боб:** Оре ин сухан мақбул нест, ҳатто Қуръони шумо худ шоҳиди он аст, ки Тавроту Инҷил таҳриф нагаштаанд...!

Ин ҷо ду ояте дар Қуръони шумо аст, ки ин гуфтаҳои маро собит месозанд. Оятҳоро ман азёд

намедонам, лекин ҳамин қадарашро медонам, ки Худованди бузург аҳли Инҷилро дар замони Муҳаммад (с) амр мекунад, то аз ҳукмҳои Инҷил кор гиранд. Ин далолат мекунад, ки Инҷил то замони Муҳаммад (с) таҳриф нашудааст ва агар инчунин намебуд, оё Худо мардумро ба сӯи китоби таҳрифшуда амр мекард, то аз он пайравӣ кунанд...?

Сонияи шумо мусалмонон эътиқод доред, ки ҳар амре, ки дар ҳаёти Муҳаммад (с) шуда бошад, то рӯзи қиёмат он амр қонунест, ки бояд итоат шавад, оё ҳамчунин нест?

Ин сухан бар он далолат мекунад, ки сухани Инҷил то рӯзи қиёмат бояд маҳфуз бошад. Ва ин шаҳодат ба танҳоияш кофист барои ин муддаъо...

**Абӯҳомид:** Ман оятеро, ки мавриди назари туст, медонам он оятҳо дар сураи Моида омадааст.

وَقَفَّيۡنَا عَلَىٰٓ ءَاثَٰرِهِم بِعِيسَى ٱبۡنِ مَرۡيَمَ مُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ
ٱلتَّوۡرَىٰةِۖ وَءَاتَيۡنَٰهُ ٱلۡإِنجِيلَ فِيهِ هُدٗى وَنُورٞ وَمُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ
ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَهُدٗى وَمَوۡعِظَةٗ لِّلۡمُتَّقِينَ ﴿٤٦﴾ وَلۡيَحۡكُمۡ أَهۡلُ ٱلۡإِنجِيلِ بِمَآ أَنزَلَ
ٱللَّهُ فِيهِۚ وَمَن لَّمۡ يَحۡكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ ﴿٤٧﴾

**«Аз пайи он расулон Исо писари Марямро овардем, ки пазируфта буд Тавротеро, ки дар ихтиёр дошт ва Инҷилро, ки дар он ҳидоят ва нур буд, ба ӯ додем, ки Тавроти пешинро тасдиқ мекард ва ҳидоят ва панде буд барои парҳезгорон. Аҳли Инҷил бояд ба он чи Худо дар он нозил кардааст, ҳукм кунанд ва онон, ки мутобиқ бо**

**аҳкоме, ки Худо нозил кардааст, ҳукм накунанд, нофармонанд».** (Моида, 46-47)

Бо вуҷуди ин ки ту аз Қуръон истидлол намудӣ, ман аз он равише, ки қаблан аҳд кардам, яъне ақлгароӣ берун намешавам. Аввалан ин ки ту мехоҳӣ исбот намоӣ, ки дар мавриди таҳрифнашуда будани Тавроту Инҷил Қуръон шаҳодат додааст ва ин далели ту аз ду эҳтимол берун нест. Аввалан, ё ту бо ин гуфтаат ба Қуръон имон дорӣ, вале қатъан рад мекунӣ ва ё ин истидлоли ту ба зарбулмасали туро аз даҳони худат қарздор месозам, монанд аст!

Агар хоҳӣ, ки аз Қуръон далел биёрӣ, биё ман чанд оятеро аз Қуръон тиловат кунам ва бо хондани ин оятҳо туро огоҳ созам, ки бо шаҳодати худи Қуръон он ҳуҷҷатҳои овардаи ту бекор мегарданд, зеро Қуръон таҳрифи ин китобҳоро бо сароҳат баён медорад.

**«Эй Паёмбар, шитобандагони ба куфр ғамгинат накунад, ки ба забон изҳори имон мекунанд ва дар дил имон надоранд ва инон баъзе аз яҳуданд, ки гӯшсупурдагони ба дурӯғанд, то барои гурӯҳе, ки назди ту наёмадаанд, ҷосусӣ кунанд. Онҳо суханони Худоро дигаргун мекунанд ва мегӯянд: «Агар чунин биёварад, бипазиред ва ҷуз дар ин сурат, аз ӯ дурӣ кунед. Наметавонӣ касонеро, ки Худованд аз сари қаҳр ба азоб гирифтор кунад, раҳоӣ бахшӣ. Онҳо касоне ҳастанд, ки Худо покии дилҳояшонро нахостааст ва барои онон дар дунё хорӣ ва дар охират азобе азим бошад».** (Моида-41)

Ин аз як тараф, аммо эй устод агар боз дар ояти Қуръон тааммули бештар намоӣ, дар зимни оятҳои дигар чунин мефармояд: «Аҳли Инҷил бояд ба он чи Худо дар он ба онҳо нозил кардааст, ҳукм кунанд». (Моида, 47). Пас оё дар оят зикр шудааст, ки ба ҳар

сухане, ки бофтаи яҳуд ва насорост ва ё ба он чи, ки онҳо тағйир додаанд, амал кунанд ё гуфтааст: «ба он чи Худо дар он ба онҳо нозил кардааст?

Саввум оят мегӯяд, ки бояд аҳли Инҷил ба ҳукми Худо доварӣ намоянд, пас оё касе, ки Инҷилро таҳриф мекунад, аҳли Инҷил аст ва ё душмани Инҷил?

Дӯстам диққат намо, ман фақат дар бораи калимаҳои ояте баҳс карда истодаам, ки худат тиловат намудӣ.

Чорум ин ки Худованди бузург. «Ба он чи Худо дар он нозил кардааст» гуфтааст. Ин тавр бошад танҳо Худо худаш нозил кардааст, на каси дигар. Ва лафзи «нозил кардааст» маънои онро дорад, ки ӯ аз боло аз мақоми олӣ ба шахсоне ин китобро фиристодааст, ки онҳо дар мартабаи паст қарор доранд, яъне ба сӯи яке аз бандагони худаш фиристодааст, то ӯро ба дараҷаи нубувват бардорад. Инҷил низ ба ин эътироф дорад, ки Исо (а) бандаи Худо буд ва ин эътирофро борҳо такрор мекунад, вақто ки Исо (а)-ро бо номи фарзанди инсон ёд мекунад, чунончи ба нубувват ва рисолати ӯ низ эътироф дорад.

Чуноне дар инҷили Мато мегӯяд: «Вақто, ки Исо ба Уршалим даромад, тамоми шаҳр дар ҳаяҷону такон афтод, онҳо ба якдигар мегуфтанд: ин кист? Касоне, ки медонистанд, гуфтанд: **ин ҳамон Ясуъи набист**, ки аз «Носираи Ҷалил» аст»[1].

Пас ин сухан шаҳодати касоне аст, ки Исоро дидаанд ва мӯъҷизоти ӯро мушоҳида намудаанд, вале ягон нафари онҳо нагуфт, ки ӯ илоҳ, ё писари Худо аст.[2]

---

[1] Инҷили Мато 21-10-11.

[2] «Мунозара байни Ислом ва насроният роҷеъ ба муноқишаи ақидаи динӣ миёни мутафаккирони исломӣ ва насроният». Саҳ. 149

Дар Инҷили Луқо чунин меорад: «Рӯзе баъд Исо ба шаҳри **Нойин** рафт ва бо ӯ ҷамъи азиме аз шогирдон ва дигар мардумон низ буданд, чун ба дарвозаи шаҳр наздик шуд, дид ки мурдаеро мардум бардошта меоранд, ин мурда ҷавоне буд, ки ягона фарзанди як бевазан буд ва бо ҳамроҳии он зан мардуми бисёре буданд. Исо он пиразанро навозиш кард ва гуфт: гиря макун, баъд пеш рафт ва ҷасадро даст кард, дар ин ҳол бардорандагони ҷасад таваққуф намуданд. Пас Исо гуфт: Эй ҷавон, ман ба ту мегӯям: бархез, ҷавони мурда бархоста нишаст ва ба сухан даромад ва ӯро ба модараш таслим кард.

Чун мардум ин ҳолро диданд, онҳоро хавф фаро гирифт ва Худовандро ба бузургӣ ёд карда гуфтанд: **Дар ҳақиқат дар миёни мо Паёмбари бузурге омадааст** ва Худованд дар воқеъ дар пайи халқаш шудааст».[1]

Оё ин суханони Инҷил далолат ба инсон будани Исо намекунанд?

Пас калимаи «нозил кард», ки маънои аз боло фурӯ фиристоданро дорад, роҳи ягонаеро собит месозад, ки ба Исо ва паёмбарони пеш аз ӯ ва инчунин баъд аз вай ба Муҳаммад (с) низ фуру фиристода шудааст, ки ӯ Ҷибриил (а) аст, ё ба таъбири дигар «Руҳул-Қудс».

Бинобар ин ояти фавқуззикрро ҳуҷҷат овардани шумо илзоми худи шумост, ки ҳатман иқрор кардед, ки Исо бандаи Худост ва расулест аз расулони вай ва Худо нест, он гуна, ки шумо мепиндоред.

Панҷум, қиссае, ки сабаби нузули ин оят гардидааст, далолат бар субути як ҳукме аз аҳкоми Таврот менамояд ва инчунин собит месозад, ки

---

[1] Сарчашмаи собиқ.

олимони яҳуд он ҳукмро аз мардум махфӣ сохта будаанд. Он қисса ин гуна аст: «Як марди яҳудӣ бо зане амали зино анҷом медиҳад, пас роҳбарони онҳо ба якдигар гуфтанд, моро ба назди он набие, ки мабъус гардидааст, бибаред, пас агар моро фатвое ғайри сангсор кардан диҳад, қабул менамоем ва назди Худо ҳуҷҷат меорем, ки мо ба сухани набие аз анбиёи худат амал намудем.

Пас ба назди Расули Худо (с) омаданд, дар ҳоле, ки ӯ дар масҷид дар иҳотаи саҳобагон нишаста буд. Яҳудиён гуфтанд: Эй Абулқосим, ту дар бораи марду зане, ки зино кардаанд, чӣ ҳукм менамоӣ? Расули Худо ҳатто як калима ҳам нагуфта ба назди хонае, ки он ҷо олимони онҳо менишастанд, омад ва аз дар берун истод ва гуфт: «Шуморо ба хотири он Худое, ки Тавротро ба Мусо фиристод, даъват мекунам ва мегӯям, ки дар китоби Таврот ҳукми марду зани зинокор, агар оиладор бошанд, чист? Олимони яҳуд гуфтанд: аввалан рӯйҳои онҳоро сиёҳ менамоем ва рӯ ба қафо онҳоро ба харҳо менишонем ва дар кӯчаву бозор онҳоро мегардонем ва баъдан дурра мезанем. Дар миёни онҳо ҷавоне буд, ки лаб ба сухан накушод. Вақте Паёмбари Худо дид, ӯ сухан намегӯяд, ба вай хитоб намуд ва суханашро, ки ба ҳаққи Худо шуморо мехонам гуфта буд, такрор кард. Он ҷавон гуфт: Чун маро ба хотири Худо хондӣ, мо дар Таврот ҳукми сангсор карданро дорем.

Расули Худо гуфт: Аввалин бор бо чи сабаб ҳукми Худоро дигаргун намудед? Он ҷавон гуфт: Яке аз ақрабои малике аз моён зино кард, пас сангсорро аз вай соқит намуданд.

Баъдан яке аз мардони мо зино кард, мардум

хостанд ӯро сангсор кунанд, вале қавму қабилаи ӯ монеъ шуданд ва гуфтанд: агар ин хеши моро мехоҳӣ сангсор кунӣ, аввал хеши худатро сангсор намо, пас маҷбур шуданд, то сангсорро ба ин уқубатҳо иваз намоянд.

Расули Худо гуфт: «Ман низ ба ҳукми Таврот ҳукм мекунам ва он марду зани яҳудӣ сангсор карда шуданд»[1].

Боз қиссаи дигаре, ки равшангари ин пинҳондоштани яҳудиён нисбати аҳкоми Таврот аст, низ омадааст:

Ибни Умар мегӯяд: Яҳудиён ба назди Расули Худо (с) омаданд ва гуфтанд: марду зане аз моён зино намудааст. Паёмбари Худо (с) аз онҳо пурсид: «Шумо дар Таврот дар бораи зино чӣ ҳукм меёбед: гуфтанд онҳоро шарманда месозем ва дурра мезанем. Дар ин маҷлис Абдуллоҳ ибни Салом ҳозир буд, гуфт: Шумо дурӯғ мегӯед! Дар Таврот ҳукми онҳо сангсор аст.

Барои исботи ин иддиъо Тавротро ҳозир намуданд ва кушоданд, яке аз яҳудиён дасташро дар болои ояи раҷм гузошт ва оятҳои қаблию баъдиро қироат намуд. Абдуллоҳ ибни Салом гуфт: Дастатро бардор, чун дасташро бардошт ояти раҷм намоён шуд. Пас гуфтанд: Эй Муҳаммад, Абдуллоҳ рост мегӯяд, дар Таврот ояти раҷм ҳаст. Пас Расули Худо фармуд, то он зану марди яҳудӣ сангсор карда шуданд. Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд, ки ман бо чашми худам дидам, ки мард худро ба болои зан хам мекард, то зарбаҳои

---

[1] Ин ҳадисро Абудовуд таҳти рақами (4452) ривоят намуда сукут кардааст, аз ин рӯ он дар назараш мақбул аст, вале соҳиби ас-Силсила дар Заъифи Абудовуд таҳти рақами (4450) онро заъиф гуфтааст.

сангро ба бадани худ бигирад ва ба зан нарасад»[1].

Пас Худованд ин оятҳоро дар Қуръон нозил кард.

**«Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст, паёмбароне, ки таслими фармони Худо буданд, тибқи он барои яҳудиён ҳукм мекарданд, ҳамчунин Худопарастон ва донишмандон, ки нигаҳбони китоби Худо буданд ва бар он гувоҳӣ доданд; бинобар ин аз мардум натарсед ва аз ман бим дошта бошед ва оёти маро ба баҳои ночиз нафурӯшед ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Худо нозил кардааст, ҳукм накунад, кофир аст. Дар Таврот барои бани Исроил муқаррар доштем, ки ҷон дар баробари ҷон, чашм дар баробари чашм, бинӣ дар баробари бинӣ, гуш дар баробари гуш ва дандон дар баробари дандон ва ҳар захмеро қисосе аст ва ҳар кас аз он даргузарад, каффораи гуноҳони ӯст ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Худо нозил кардааст ҳукм накунад, ситамгар аст. Аз пайи он расулон Исо писари Марямро овардем, ки пазируфта буд Тавротеро, ки дар ихтиёр дошт ва Инҷилро, ки дар он ҳидоят ва нур буд, ба ӯ додем, ки Тавроти пешинро тасдиқ мекард ва ҳидоят ва панде буд барои парҳезгорон».** (Моида, 44-45-46)

Пас агар бо назари инсоф тааммул кунӣ, хоҳӣ дарёфт, ки тамоми уламои яҳуд, ки дар он маҷлис буданд, дидаву диниста таҳрифи китоби Худоро аз мардум пинҳон намуданд, то он ки як ҷавон аз миёнашон ҳақиқатро қоил шуд.

Шашум ин ки ибораи «ба он чи, ки Худо нозил кардааст» чунин тақозо мекунад, ки ҳукми Таврот дар змони Мусо ва баъд аз Мусо воҷибулитоат аст. Аммо

---

[1] Ин ҳадисро Бухорӣ таҳти рақами (6450) ва Муслим таҳти рақами (4533) овардаанд.

вақте, ки Исо (а) омад ва Худованд ба ӯ Инҷилро фиристод, пайравӣ ва итоати ҳарду китоб ба мардум воҷиб гашт, зеро васфи «он чи, ки Худо нозил кардааст» ба ҳарду китоб дуруст меояд. Амммо вақте мо дар ҳукми Худо ихтилоф намудем, бояд китоби охирро пайравӣ намоем, набояд ду сухани Худоро ба якдигар бизанем.

Инчунин вақте, ки Худованд Муҳаммад (с)-ро фиристод, бар мардум воҷиб гардид, то аз ҳамаи он чи Худо нозил кардааст, дар Таврот, Инҷил ва Қуръон пайравӣ намоянд. Вақте, ки мо дар чизе ихтилоф намудем, марҷаъи мо охирин китоби Худо хоҳад шуд. Оё ин ҳукми ақл ва адолат нест? Ва ин ҳукми ақл пурра бо тафсири оят мувофиқ меояд. Зеро дигаргуниҳое, ки дар китобҳои осмонӣ дида мешаванд ин изтироб ва нақизи якдигар набуда, балки ҳукми Худо бо назардошти ҳикмати илоҳӣ чунин равияро тақозо намуд. Зеро Худованд мегӯяд:

لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا ۚ ﴿٤٨﴾

**«Барои ҳар гурӯҳи аз шумо ойин ва тариқаи равшане қарор додем»**. (Моида, 48)

**Ҳафтум** ин, ки агар ояти Худоро бихонӣ ва хуб бияндешӣ, ки фармуда: «Ва мо ба ӯ Инҷилро додем» чунин собит мегардад, ки Худованд бар Исо (а) Инҷил нозил кардааст. Пас ҳамон Инҷили Исо дар куҷост?

**Ҳаштум** ин ки оё муҷарради номи Инҷилро бар болои қонунҳои сохтаи дасти инсон мондан метавонад ҷои ҳукмҳои Инҷили ҳақиқиеро, ки Худо нозил кардааст, бигирад?

Агар чунин мебуд, ҳар шахсе метавонист, ҳар чи дилаш хост, бигӯяд  ва онро ба Худо нисбат диҳад ва

дигаронро воҷиб буд то аз вай пайрави кунанд.

Агар танҳо гузоштани ном кифоят мекард, Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) бояд суханони олимону пешвоёни бани Исроилро тасдиқ мекард, вақте аз онҳо пурсид, ки дар бораи зинои шахси оиладоршуда дар Таврот чи ҳукм аст ва онҳо аз номи Таврот сухан гуфтанд. Чӣ боис гардид, ки олимони машҳур ва донишмандони Тавротро тасдиқ накард ва сухани як ҷавони навомӯзро тасдиқ кард, ҳол он ки онҳо ба номи Таврот сухан мегуфтанд?

Пас маълум шуд, ки сухан аз забони ашхоси бисёр ва ё ном эътибор надорад, балки **«он чи ки Худо нозил кардааст»**, эътибор дорад!

**Нуҳӯм** ин ки мо ҳам тасдиқ мекунем, ки **«бояд, аҳли Инҷил ба он чи, ки Худо нозил кардааст ҳукм намоянд»** ва гумон надорам, ки шумо мухолифи ин маъно бошед. Оё бо мо дар он чи, ки Худованд дар Инҷил нозил кардааст, мувофиқед?

Бе шак ҷавоби шумо мусбат аст. Агар шумо тасдиқ кунед, пас агар ман аз чанд ҷои Инҷил барои шумо амри Худоро барои пайравӣ аз Муҳаммад (с) нишон диҳам, чӣ мегӯед?

Акнун корро ба худи шумо ҳавола мекунам, хуб фикр кунед. Оё бо вуҷуди ин ҳама далоил шумо метавонед бигӯед, ки Қуръон шаҳодат медиҳад, ки Инҷил таҳрифшуда нест?

## *Ба ҳафтод забон тарҷима ва ба табъ расидани Инҷил далел аст!*

**Устоди улуми Инҷил:** Ман чунин мепиндорам, ки нисбат додани таҳриф ба Қуръон аз рӯи ақл бештар аз нисбат додани таҳриф ба Инҷил аст, зеро Инҷил ба

ҳафтод забони дунё навишта шудааст ва ҳар касе, ки хоҳад бо забони худ онро мехонад, вале Қуръон танҳо ба як забон, забони арабӣ навишта шудааст.

Ҳар касе, ки Қуръонро бо забони дигар бинависад, ки ғайри арабӣ бошад, фақат маънои онро метавонад баён кунад, пас имконияти таҳрифу табдили Қуръон ҳафтод маротиба аз таҳрифи Инҷил осонтар аст. Оё ман далели **ақлӣ** нагуфтам ва мо иттифоқ намуда будем, ки далели **ақлиро** бипазирем?

**Абӯҳомид:** Ин далели ту акси онро **ақлан** исбот месозад. Зеро ба ҳафтод забон ба табъ расидани Инҷил онро бештар ба маъразӣ таҳриф гузоштааст. Ин гуфтаи ман бо чанд далели **ақлӣ** собит аст.

**Аввалан:** Қуръон ба забони арабӣ нозил шудааст ва бо ҳамон забон боқист ва дар оянда низ боқӣ хоҳад монд. Дар баробари ин, Инҷил бо забони ибронӣ нозил шудааст, баъдан ба дигар забонҳо тарҷума гардидааст. Пас оё чизе, ки аслаш собит аст авлотар ба боқӣ мондан аст, ё чизе, ки аслаш аз байн рафтааст?

Фарқи ин ду ба мисли ду дарахтест, ки яке солиёни дароз дар як ҷой нашъу намо кардааст ва дигаре аз ҷояш канда шуда ба ҷои дигар шинонда шудааст ва ин кор борҳо такрор гардидааст, то ҳадде ки аз худи дарахт ҷуз тухмаке чанд боқӣ намондааст. Пас тухмҳои онро низ ҳар ҷо мешинонанд ва боз аз тухм мегиранд ва боз мешинонанд, то ин ки ҳафтод маротиба гаштаву баргашта шинонданд ва табиист, ки ҳар гоҳ ӯро аз нав мешинонанд, аз асли худ дуртар мегардад.

Дар ин сурат кӣ метавонад бигӯяд, ки ин ду дарахт ба якдигар монанданд?

**Сониян:** Сарчашмаи аслии Инҷил аз рӯи олам нест

гардидааст ва ҳар чи боқист, тарҷумаи он аст, дар ҳоле, ки Қуръон бо асли худ боқист ва сарчашмаи аслии он ҳифз гардидааст. Пас агар онро касе тарҷума намояд ҳам, модоме асл боқист, ҳеҷ дигаргуние рух нахоҳад дод.

Ва мо он тарҷумаро ҳаргиз Қуръон наменомем, фақат он маънои Қуръон асту бас, эй устоди омӯзиши инҷилӣ. Онро касе Қуръон намеҳисобад ва хонандаи он хонандаи Қуръон дониста намешавад.

Шумо касеро, ки Инҷилро ба ғайри луғати ибрӣ азёд кунад, ҳофизи Инҷил меномед, вале мо мусалмонон ҳофизи тарҷумаи Қуръонро ҳофизи Қуръон намеҳисобем, зеро ҳифз ҳифзи асл аст.

Аз назари шумо касе намозашро бо тиловати тарҷумаи Инҷил бигузорад, намозаш равост, дар сурате, ки мо эътиқод дорем, ки агар касе тарҷумаи Қуръонро дар намоз бихонад, намозаш дуруст нест!

**Саввум** ин ки имконияти тағйири китобе, ки ба ҳафтод забон тарҷума гардидааст ва аслаш боқӣ нест, ҳафтод маротиба зиёдтар аст аз тағйири китобе, ки ба асле, ки нозил гардидааст, боқӣ аст.

Балки имконияти муқоиса ва исботи тағйир ва таҳрифи он китобе, ки ба забонҳои зиёд тарҷума гардидааст, аз имкон берун ва ҳатто маҳол аст. Зеро чӣ касе метавонад китоби дуввумро бо аввал ва сеюмро бо дуюм ва бо аввал ва чаҳорумро бо сеюму бо дуюму бо аввал муқоиса намояд, ҳамчунин то 70 забон ... кӣ метавонад? Албатта ҳеҷ кас!

Услуби ҳисоби риёзӣ чунин тақозо мекунад, ки агар мо тасаввур кунем, Инҷил бо ҳафтоду як забон чунон чи худатон гуфтед, тарҷума шудааст ва хоҳем, ки дурустии ҳамаи инҷилҳоро байни онҳо муқоиса

намоем, бо ин тарз бояд муқоиса шаванд.

Аввалан якро бо тамоми рақамҳо то ҳафтод. Якро ба ду зарб зан, баъд аз он ба се, сипас ба чаҳор ва ҳамин тавр то рақами ҳафтод зарб мезанем.

Айнан ҳамин тавр рақами дуро ба ҳамаи рақамҳо, аз ду оғоз кун, сипас ба се ва то ҳафтод зарб зан.

**Баъд аз он рақами серо бигир ва ба тамоми рақамҳо то рақами ҳафтод зарб зан ва ба ҳамин минвол ҳар як рақамро гирифта бо тамоми рақамҳо то ҳафтод зарб зан. Вақте ҳамаи рақамҳоро ба ҳамаи рақамҳо то ҳафтод зарб занем.**

Баъд аз он оё метавонед тасаввур кунед, ки ин адад ба чанд мерасад? Оё рақами ниҳоии ин ҳисобро метавон тасаввур кард?

Ва оё ягон нафар қудрати онро дорад, ки бо ин адади бузург байни инҷилҳо муқоиса анҷом диҳад, то дурустии онҳоро муайян кунад? Ин тавр ки бошад, идроки миқдори таҳрифи Инҷил ба ҳар забон амри маҳол аст.

Аммо дар Қуръон ба ин амал эҳтиёҷе нест. Зеро Қуръон ба як забон аст ва тағйир нахӯрдааст ва нест нагардидааст. Ва агар билфарз дар тарҷума як ҳарф ғалат шавад, пеш аз ҳама душманони Ислом огоҳ мегарданд.

Акнун ин қазия ақидатӣ аст ё **ақлӣ**, онро канор бигузорем ва аз назари ҳуқуқӣ ба он бингарем.

«Агар фарз намоем, ки маҳкама талаб намояд, ки шартномаи тиҷоратиеро бояд бубинад ва асли санаде, ки бо он шартномаи тиҷоратӣ анҷом шудааст, бо забоне аст, ки қозии маҳкама онро хуб намефаҳмад ва талаб мекунад, ки асли он нусха бо тарҷумае ҳамроҳ бошад, ки қозӣ онро бифаҳмад. Пас оё қозӣ ҳақ дорад, ки танҳо ба рӯи тарҷума эътимод намуда, ҳукм кунад

бе муқоиса ба асли он?»[1]

Ҷавоби қатъӣ ин аст, ки албатта не... зеро хатои дар тарҷума рафта боиси хатои дар ҳукм мегардад.

Аз ин рӯ, маҳол аст, ки касе бигӯяд, Инҷил тағйир нахӯрдааст.

Вале Қуръон ин тавр нест, ҳар қадаре нашри нав шавад, ҳамон қадар собиттар мегардад, зеро ӯ як забон аст ва ҳар нашре нашри қаблиро қавӣ мегардонад ва охиринаш ба дастгоҳҳои ҷадид ба мисли аввалин нусхаи ӯст ва ҳар табъи нав бо таҳқиқи бештар нашр мегардад.

**Чорум** ин ки вақте Инҷил аз ибрӣ ба дигар забон тарҷума шуд, дар тарҷума алфози он тағйир хӯрд. Чун аслаш намондааст, ҳар тарҷумае мешавад аз рӯи тарҷумаи тағйирхӯрда аст, ки албатта маъонии онро низ тағйир медиҳад.

Вале Қуръон ҳаргиз бо лафзаш тарҷума нашудааст. Ва аз нигоҳи дигар, ҳар тарҷумаи Инҷил худ ба асле табдил шудааст, аммо Қуръон як асл дорад ва ҳаргиз қобили тағйир нест.

**Панҷум** ин ки китобати тарҷумаҳои Инҷил бо ҳафтод забон баъди пайдо шудани чор Инҷил анҷом шудааст ва ҳар тарҷумае дар муҳтавои худ он тағйироту хатоҳоеро, ки дар ин чор Инҷил мавҷуд аст, дорад. Ва ҳар боре, ки тарҷумае пайдо шавад, таҳрифу табдил зиёдтар мегардад, зеро табиист, ки кунҷ ҳар қадаре аз марказ дур равад, ҷудоӣ ва инҳирофаш бештар мегардад.

Ва акнун чунин мепиндорам, ки ту ва устодони

---

[1] Қисмати охираш аз саҳ. 37 «Мунозаратони фӣ Истакҳолм» миёни Аҳмад Дидот ва сардори роҳибҳо Устонли Шобберреҷ аст, ки Алӣ Ҷавҳар ба арабӣ тарҷима карда, чопи Дорул фазила.

муҳтарам, ки дар ин маҷлиси мо ҳузур доранд, дар таҳрифи Китоби Муқаддаси худ яқин ҳосил намуданд, зеро ҳеҷ ҷиҳате аз Китоби Муқаддас боқӣ намондааст, ки дар он шакку шубҳае набошад, магар аз он исме ҳасту халос. Дуктур Идор Юнҷ чунин мегӯяд: «Агар Китоби Муқаддаси мо китоби маъсум набошад, метавонем бигӯем, ки мо умуман назди худ чизе надорем».[1]

Аммо алфози Қуръон тағйир нахӯрдааст, пас таҳрифу тағйир дар он маҳол аст.

Ман чунин мешуморам, ки фарқҳоеро, ки мо баён доштем, байни Қуръону дигар китобҳо хеле равшан аст, вале аз ҷиҳати он ки гуфтаҳои мо собиттар бошанд ва вақтамонро дар мунокиша зоеъ насозем, ин тафовут ва фарқиятҳоро дар ҷадвале пешкаши шумо мегардонам, то огоҳии бештаре ҳосил намоед.

*Муқоиса*

| Қуръон | Инҷил |
|---|---|
| Ҳамаи мусалмонон боварӣ доранд, ки Қуръон каломи Худост. | Насрониён эътиқод доранд, ки Инҷил сухани нависандагони Инҷил аст. |
| Аввалин нусхае, ки Қуръонро навиштанд, вуҷуд дорад. Паёмбари Худо (с) иҷозат надод, ки аз суханони ӯ чизеро бинависанд, то Қуръон аз дигар суханон ҷудо ва муайян бошад... Қуръон аз | Ҳеҷ нусхаи аслие аз Инҷил боқӣ намондааст ва нақли дуруст ва муттасил низ аз донандагони он, аз замони Исо вуҷуд надорад. Инҷил дар замони ҳаёти Исо (а) |

[1] Асолати Китоби Муқаддас, муаллиф доктор «Идор Юнҷ» устоди донишгоҳи Филоделиния, саҳ- 7.

| | |
|---|---|
| забони мардони боэътимод, ки ададашон номаҳдуд аст, аз замони зинда будани Расули Худо (с) то ин дам ривоят шудааст. | китобат нашудааст. Ва ягон нусхаи Инҷил қадимтар аз асри 4-и мелодӣ нест. |
| Аз саҳобагони Паёмбар (с) 40 нафар дар навиштани Қуръон ширкат намудаанд. | Ғайри 4 нафар, ки онҳо ҳавориёни Исо (а) нестанд, каси дигар Инҷил нанавиштааст |
| Китобати Қуръон дар замони ҳаёти Паёмбар (с) шуруъ гардида ва дар ҳоли ҳаёташ пурра ба поён расидааст. | Баъди аз миёни қавмаш бардошта шудани Исо (а) 30 сол баъд китобати Инҷил оғоз шудааст. |
| Қуръон ба арабӣ навишта шудааст ва ҳамчунон боқист. | Инҷил ба забони ибрӣ навишта шудааст, акнун ба дигар забонҳо тарҷума гардидааст, вале ба забони аслиаш мавҷуд нест. |
| Лафзи Қуръон тарҷума нагардидааст ва тарҷумаи он ноҷоиз аст. | Алфози Инҷил ба чандин лафз тарҷума гардидааст. |
| Маъонии Қуръон бетағйир мондааст, зеро лафзи он бетағйир боқӣ аст. | Аз рӯи тағйири алфоз маъонии он низ тағйир хурдааст. |
| Муҳаммад (с) бо забони арабӣ сухан мегуфт ва Қуръон низ ба арабист. | Исо (а) ва Мусо (а) бо забони ибрӣ сухан мегуфтанд, вале Инҷил ба забони юнонист. |
| Мусалмонон баъди барпо гардидани давлати | Баъди рафтани Исо (а) болои пайравони ӯ азобу |

| | |
|---|---|
| Исломӣ ва комил гардидани китобати Қуръон солиёни зиёд бо оромиш зиндагӣ карданд ва давлату ҳукуматашон васеъ гардид. Ин ҳол 100 сол идома ёфт. | шиканҷаи зиёде омад ва зиёда аз 300 сол ин ҳол давом дошт ва дар ҳамин ҳол инҷилҳо китобат гардидаанд. |
| Муҳаммад (с) аз Худованд Қуръонро ба мо нақл намуд ва нисбати Қуръон ба сӯи Худованд дода мешавад. | Ягон нависандаи Инҷил суханони худро ба Худо нисбат намедиҳанд. |
| Аз забони Муҳаммад (с) ҳазорон саҳоба Қуръонро ривоят намудаанд. | Ғайри ду нафар аз Исо (а) каси дигар онро ривоят накардааст ва ҳардуи ровиён низ аз шогирдон ва ҳавориёни Исо (а) нестанд. |
| Қуръонро ҳазорон нафар саҳоба ба шахсони баъди худ расонидаанд ва адади беҳисобе аз баъди саҳобагон ба касони баъдӣ онро ривоят намудаанд ва саҳобагон аз забони Муҳаммад (с) онро китобат кардаанд. | Инҷилро нависандагони он аз худ ривоят кардаанд, на аз Исо (а) ва навишта шудани он 30 сол баъди рафтани Исо (а) шуруъ гардидааст. |
| Паёмбари Худо (с) ҳамин ки ваҳй нозил мешуд, дарҳол нависандагонро даъват мекард, то онро нависанд ва онҳо аз даҳони худи Расули Худо (с) онро менавиштанд. | Котибони Инҷил онро аз ҳофизаи худ навиштаанд ва ё аз каси дигар нақл мекунанд, ки ӯ чунин гуфт. |

| | |
|---|---|
| Қуръонро Худованд ба ӯҳда гирифтааст, ки ҳифз менамояд. | Дар Инҷил ин хел ваъда аз ҷониби Худо нест. |
| Қуръонро ҳазорон кӯдаки мусалмон чӣ арабу ғайри араб бо забони арабӣ азёд медонанд. | Касе Инҷилро азёд намедонад. ҳатто як нафар ҳам аз олимону ходимони дини насоро Инҷилро бо ҳарфу лафзаш азёд намедонад. |

## *Шубҳае перомуни ҷамъоварии Қуръон*

**Устоди улуми Инҷил:** Вақте, ки дар тариқаи ҷамъоварии Қуръон дар ҳаёти Паёмбар (с) касе диққат диҳед, баръало мушоҳида менамояд, ки аз ҳар ҷониб шакку шубҳа дар он ворид шудааст. **Аввалан** бо эътирофи худи шумо Паёмбар (с) бесавод буд ва хондану навиштанро наметавонист, бо ин ҳол ӯ қодир ба он набуд, ки дурустии навиштаҳои асҳобро таҳқиқ кунад.

**Дуввум:** Шумо медонед, ки баъди вафоти Паёмбар (с) қориёну ҳофизони Қуръон дар ҷангҳо бар зидди муртадон бисёр кушта шуданд ва Қуръон баъди ин ҷангҳо ҷамъоварӣ гардид.

**Саввум:** Шумо хуб медонед, ки Қуръон дар замони халифаи сеюм Усмон (р) бори дигар ҷамъоварӣ шуд ва ин Қуръони имрӯзаи шумо Қуръонест, ки дар замони халифаи сеюм навишта шудааст.

Ва мо аз куҷо медонем, ки Усмон ҳамон Қуръони замони Муҳаммадро ҷамъоварӣ кардааст...?

Ва худи шумо мусалмонон то ин дам онро Мусҳафи Усмонӣ мегӯед.

**Абӯҳомид:** Эй устод, шумо ҳар қадаре кӯшиш мекунед, ки ба Қуръон таън бирасонед, вале аз

гуфтаҳои худи шумо ҳақиқат равшантар мегардад. Ҳақиқат аз худ дифоъ мекунад ва агар касе хоҳад ба он наздик шавад, он пеши рӯяш бештару бештар равшан мегардад.

Ту ал-он иқрор намудӣ, Қуроне, ки дар дасти мост, Қурони замони Усмон (р) аст, яъне халифаи сейум. Аз ин сухан чунин эътироф берун меояд, ки Қурони имрӯзаи мо дар муддати 1400 сол ҳеҷ тағйире надидааст ва он даврае, ки мо таън мезанем ва мавриди шакку шубҳаи мо қарор гирифтааст як замонест кӯтоҳ, ки байни вафоти Расули Худо (с) то хилофати Усмон (р) ва ин ҳамагӣ 14 солро ташкил медиҳад... оё чунин нест?

Ва оё ин шаҳодати худи шумо дар ҳифзу нигоҳдории Қурон басанда нест?

Ва мусалмонони боғайрате, ки дар муддати 1400 сол Қуронро бетағйир нигоҳ доштаанд, оё дар муддати 14 сол онро ҳифз нанамуданд?

Бо вуҷуди ин ки ҳама медонанд, Усмон (р) Қуронро аз сари нав ҷамъоварӣ накардааст, балки фармуд то аз асле, ки дар замони Абӯбакр (р) навишта шуда буд, нусхабардорӣ намоянд ва Абӯбакр бошад китобати Қуронро аз рӯи навиштаҷоте, ки аз замони ҳаёти Паёмбар (с) дар дасти зани Паёмбар Ҳафса маҳфуз буд, анҷом додааст.

Ин амалро Усмон (р) барои зиёд кардани нусхаҳои Қуръон анҷом дод, то дар ҳар манотиқ Қуръони аслие бошад, то мардум ихтилофоти қироатии худро бо он дуруст кунанд. Ва ин амал ҷамъоварии нави Қуръон набуд. Ва оё ҷамъоварии Қуръон дар як лаҳзаи оромӣ, ки мусалмонон қудратманд буданд ва аз рӯи он амал мекарданд ва ҳофизони Қуръон низ зиёд буданд, метавонад мавриди таън ва шакку шубҳа қарор гирад?

Ва оё мешавад, ки китобе дар охири аҳди худ солим аз тағйирот бошад ва дар аввали аҳди худ тағйир бихӯрад?

Ту эй устод, иқрор дорӣ, ки Қуръон дар замони ҳаёти Паёмбар (с) ҷамъоварӣ ва дар замони ҳаёти Ӯ комил гардидааст ва дар ҳоли ҳаёти ӯ мардуми зиёде онро азёд медонистанд ва ҳар чи дар ҳаёти Паёмбар (с) китобат шуда буд, бори дигар дар аҳди Абӯбакр таҳқиқ ва нусхабардорӣ шуд ва дар ҳузури ҳофизони Қуръон бетағйирот навишта шуд ва ҳатто як ҳарф ҳам кам ва ё зиёда нагардид.

Пас бо ин ҳол оё ҷамъоварии дуюмбораи ӯ боиси эътимоднокии бештар намегардад??

Ва баъди Абӯбакр халифаи дуюм, ки аз лиҳози қудрат ва шавкат аз аввалӣ дида болотар буд, омад ва барои ҳифзи Қуръон ҳаристар аз ҳама буд. Дар замони Умар (р) Қуръон аз ҳар вақт дида маҳфузтар буд.

Вақте халифаи сеюм омад, бори дигар он таҳқиқоти Абӯбакрро дар ҳузури ҳофизони Қуръон таҳқиқ кард, оё ин амали ӯ ягон ҳарфи Қуръонро кам ё зиёд намуд? Ҳаргиз!

Бо вуҷуде, ки ҷамъоварандагони Қуръон дар замони Усмон ҳамон олимону қориёне буданд, ки дар замони Абӯбакр дар таҳқиқи нусхаи Қуръон иштироки бевосита доштанд, ба истиснои он нафароне, ки дар ҷангҳои зидди муртадон шаҳид гардиданд.

Таҳқиқу нусхабардории замони Усмон (р) бевосита аз рӯи нусхае анҷом гирифт, ки дар замони Расули Худо (с) навишта шуда буд.

Ин аз як тараф, аз ҷониби дигар хусусиёти ин ҳофизони Қуръон аз дигарон дар ин аст, ки онҳо бевосита баъди фориғ шудани ваҳй онро аз забони

Паёмбар (с) китобат намудаанд ва оё ин кор яқини касро намеафзояд?

Болотар аз ин онҳо ҳамеша онро гаштаву баргашта азёд мехонанд, ин кор аз замони ҳаёти Паёмбари Худо (с) оғоз гардидааст, ки асҳоби ӯ куллан ва ё қисман Қуръонро азёд медонистанд ва байни якдигар он чизҳои азёдкардаашонро муқоиса мекарданд. Яъне яке мехонд ва дигаре мешунид ва ё ба навиштаҷот нигоҳ мекард.

Оё шумо дар ягон гӯшаи дунё дидаед, ки дар дасти инсоне як нусха Қуръоне бошад, ки бо Мусҳафи имрӯза мухолифат дошта бошад?!...

Ақаллан як сурае бошад, ки бо сураи Қуръон фарқ кунад?!

Аммо бесаводии Паёмбар (с) аз ҷиҳати хондану навиштан ҳеҷ асаре дар дурустии Қуръон надорад, зеро Паёмбари Худо даҳҳо котибони боэътимоде дошт, ки онҳо бо шавқу завқи имонӣ ҳамеша дар хидмати Паёмбар буданд ва дар ҳар лаҳзае омода буданд, ки навиштаҷоти Қуръонро барои ӯ бихонанд.

Аз ҷониби дигар **нанавиштани Паёмбар (с)** боиси зиёд шудани эътимод аст, зеро агар худи Паёмбар (с) чизеро менавишт ва ё шарҳ медод, душманон боз нукта мегирифтанд, вале Паёмбари Худо (с) ҳар чизеро, ки ваҳй мешуд, бидуни иловаи ҳарфе ба котибон мегуфт ва онҳо онро менавиштанд.

Ва оё мусалмонон танҳо ба азёд кардан иктифо мекарданд ва ё ҳам азёд менамуданд ва китобат низ мекарданд?

Оре китобат хеле чизи муҳим аст, хусусан китобати аввалин нусха, вале мардуми араб дар он рӯзгор ҳифзро аввалиндараҷа медонистанд, зеро имкони дигаргун намудани чизи азёдкардашуда вуҷуд надошт.

Агар касе хоҳад китоберо таҳриф намояд, метавонад як нусха ва ё ду нусхаро таҳриф намояд, вале наметавонад, ҳазорон ҳофизаи мардумро дигаргун созад.

Бо мурури замон ҳазорон ҳофизи Қуръон онро ба ҳазорон нафари дигар омӯзонданд, то ин ки дар рӯи замин пахн гардид...!

Ва ин ҳофизони Қуръон донистаҳои худро дар намозҳои ҷамоъат барои мардум ҳар рӯз мехонанд ва агар қорие дар як ҳарфи Қуръон дигаргуние биёрад ва ё агар чизеро фаромӯш кунад, мардум ӯро ҳушдор медиҳанд. Ин кор аз замони нузули Қуръон шуруъ гардид ва то ин дам идома дорад. Дар саросари рӯи замин ва то рӯзи қиёмат идома хоҳад ёфт.

Ва ин ҷо вижагии дигаре низ ҳаст, ки Қуръон аз дигар китобҳо фарқ мекунад. Ва он вижагӣ ин аст, ки Қуръон ба Муҳаммад (с) порча-порча омадааст ва якҷоя нозил нагардидааст, ба сурате, ки ал-он дар дасти мост ва ин албатта барои ҳифз осонтар аст. Ва Қуръон дар аввали умри Паёмбар ва ё дар миёна ва охири он нозил нашудааст, балки дар тамоми давраи паёмбарии ӯ нозил гардидааст. Дар муддати 23-сол ва ин мӯҳлати кофист барои пурра азёд намудани Қуръон. Мо имрӯзҳо мушоҳида мекунем, ки кӯдакони зиёде дар муддати 2 сол тамоми Қуръонро ҳифз менамоянд. Барои шумо кофист, ки марказҳои ҳифзи Қуръонро рафта бубинед ва ин хосси мамлакатҳои арабӣ нест. Саросари Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш, Чад, Нигерия ва дигар мамолик, ки бо забони арабӣ гуфтугӯ намекунанд, аз ҳофизони хурдсоли Қуръон пур аст. Ҳатто дар Амрико ва Аврупо низ мавҷуд аст.

Ва болотар аз ҳама ин, ки Ҷибриил (а) вақте Қуръонро порча порча ба Муҳаммад (с) меовард ва ӯ ба асҳоб онро қироат мекард, ин амал кори идомадор ва ҳамешагӣ буд. Ва нуктаи дақиқе ин ҷо аст, ки Муҳаммад (с) ҳамеша бо ҳамроҳии саҳобагон намоз мегузорид ва дар намоз Қуръонро тиловат мекард ва агар чизе дигаргуние мешуниданд, албатта ин дар дилҳои онҳо шак ва шубҳаи бузурге эҷод мекард.

Шояд, ки эътироз кунӣ ва бигӯи, ки далелгириҳои ту мухолифи ақл аст!!

Ман хоҳиш мекунам, агар чунин эътирозе дар зеҳнатон пайдо шавад, чунин ҷавоберо бишнавед.

Қабл аз ҳама мехоҳам бигӯям, он чиро, ки ман бароятон ривоят мекунам, аз зиракиву доноии ман нест, балки ривоятҳои саҳеҳ ва боэътимодест, ки аз Расули Худо (с) ба морасидааст.

Дар ин ривояти мӯътамад чизе мухолифи ақлу хиради солим нест. Мову шумо ҳама дар як асос бо ҳам ҷамъ меоем, яъне мо ҳама аҳли китоб ва рисолатем ва мо ҳамагӣ имон дорем, ки барои мову шумо аз осмон ваҳй омадааст. Ҳоло сарфи назар кунем, ки китобҳои мо ва шумо таҳрифшудаанд ё не ва ин баҳсест ҷудогона. Мо боварӣ дорем, ки соҳиби миллат ва дин ҳастем. Пас аз назари ақл чи мухолифат дорад, агар бигӯем, Ҷибриил (а) вақте як китоберо ба паёмбаре овард, чаро имкон надорад, ки бори дигар биёяд ва пайваста порчаҳои як китоберо барои паёмбари дигар биёрад!

Ва чи мониъае ҳаст агар Ҷибриил дар охири вақт биёяд то он пораҳоеро, ки дар тӯли 23 сол оварда буд назди **Паёмбар (с) ҷамъ кунад то дурустии он бори дигар таъкид шавад?**

**Оё ин гуна назоратро шунидаед? Ё ин гуна дақиққори ва ё нисбати коре то ба ин ҳад аҳамият қоил шуданро дидаед?**

Агар билфарзе бигӯем, ки китоби таҳрифгаштаеро метавон бо дигараш тавофуқ дод, вале оё мешавад, чизе, ки дар ҳофизаи даҳҳо ҳазор инсон дар Шарқу Ғарби олам ҳастанд, бе ин ки дар як оят ихтилоф нашавад, тавофуқ диҳем??

Ва оё мешавад ҳофизаи як марди арабро бо чизе, ки дар ҳифзи як аҷамӣ аст, тавофуқ дод, ҳол он ки Қуръон 6236 оят аст. Оё байни ҳифзи арабе, ки маънои Қуронро мефаҳмад ва марди ҳиндуе, ки ҳатто як калимаи онро намефаҳмад, бо вуҷуди ин тамоми Қуръонро азёд медонад, метавон мувофиқат дод?

Ҳодисаи ғалат ва дигаргун намудани Қуръон аз ҷониби душманон борҳо рух дода аст ва онҳо Қуръонро бо ғалат ва тағйироти зиёд чоп намудаанд, вале он аз тарафи ашхосе, ки Қуръонро азёд медонанд ошкор гардид ва пешгирӣ шуд.

**Устоди улуми Инҷил:** Мехоҳам ахиран як суоле кунам ва аз ту эй Абӯҳомид, умед дорам, ки онро бо сароҳат ҷавоб гӯӣ. Ман хеле аз ту тааҷҷуб мекунам,ки чаро як бор аз Инҷили Барнобо далел ва ҳуҷҷат наовардӣ, бо вуҷуди ин ки мусалмонон одатан аз гуфтаҳои он бар алайҳи мо бисёр ҳуҷҷат меоваранд??

Ту чӣ мепиндорӣ, оё ту Инҷили Барноборо мисли мо Инҷили дурӯғ мепиндорӣ ва ё боварӣ дорӣ, ки он саҳеҳ аст??

**Абӯҳомид:** Ҳақиқатро бигӯям, маро хуш намеояд, ба чизе, ки ҳама дар дурустиаш иттифоқ надоранд далел орам ва метарсам, ки ҳамнишинон аз рӯи далел овардан ба Инҷили Барнобо далели ин маҷлисро

қабул накунанд. Бо вуҷуди ин ки ман эътиқод дорам, Инҷили Барнрбо наздиктарини Инҷилҳо ба ҳақиқат аст, вале бо вуҷуди ин ки дар ин Инҷил сухани ҳақ зиёд аст, холӣ аз ҷаҳолат ва хурофот нест. Ва ман қудрати онро доштам, ки аз ин манбаъ низ далел биёрам вале нахостам, ки суханро дароз кунам. Барои ман ин писандида буд, то аз чизе далел орам, ки шумо саҳеҳ будани онро эътиқод доред.

Ин равиш дар ҳақиқат мувофиқи **ақл** аст, зеро ҳар касе метавонад ба ман хурдагирӣ кунад, ки чаро аз китобе далел меорӣ, ки ман онро бовар надорам?!

Вале касе наметавонад чунин эътирозе ба ман расонад, агар ҳуҷҷату далели ман аз китобҳое бошад, ки ҳамнишинонам он китобҳоро саҳеҳ медонанд, аз Таврот ва чор Инҷили машҳур ва рисолаҳои Полис.

## *Хотимаи нишасти сеюм*

Нишасти сеюм ба анҷом расид ва иштирокдорони вай аз хонаи устод Фифа берун баромаданд.

Баъзеҳо аз он хурсанд буданд, ки ақлашонро дар масоиле, ки одатан дар он фақат таслимро ихтиёр мекарданд, ба кор бурданд ва ин аз як тараф...

Аз ҷиҳати дигар маҳзун ва нороҳат буданд, зеро гӯё бо чашми хеш диданд, ки варақҳои Инҷил ба мисли баргҳои дарахте, ки бар асари шамоли сахти тирамоҳ мерезад, паҳну парешон гардид. Вақте Инҷилро бо тамоми ақоид ва аҳком ва қиссаҳояш дар баробари **ақл** озмуданд, ҳеҷ мувофиқат накард.

Вале ҳар насронӣ ба як чиз умед мебаст, ки дар маҷлиси оянда варақҳои Қуръон низ паҳну парешон ва беҳақиқат хоҳад шуд, ҳамон гуна, варақҳои Инҷил имрӯз чунин гашт.

Агар чанде баҳсу гуфтугӯи имшаба гоҳо мисли ҳуҷум ва дифоъ гардид, вале аз ҳудуди одоб берун нарафт.

Зеро дуруштии сухани дӯст, дуруштии дили пур аз муҳаббат ба забони мушфиқона аст агарчи гоҳо садо баланд гардад ва иборaҳо дурушт садо диҳанд. Аммо мулоимсухании душман зоҳиран мулоим, вале аз дили пуркина ва забони бадгӯ, вале бо овози мулоим....

Ва байни ин ду фарқ мобайни осмону замин аст.

# НИШАСТИ ЧАҲОРУМ

## Қуръон ва ақл

### Даромадгоҳи нишасти чаҳорум

Рӯзи шанбе қабл аз ғуруби офтоб ёрон бори дигар дар манзили устод ва муаллимаи илми таърих ва адёни итолиявӣ ҷамъ шуданд. Ҳангоми даромаданамон аз дарвозаи утоқи нишасташ гумон кардем, ки аз дари ғоре дохил шудем, ки моро ба сӯи маҳаллаҳои археологӣ бо салиқаи замонавӣ бунёдшуда мебарад. Ба назар чунин менамуд, ки утоқи нишасти таърихӣ- археологӣ бо забони ҳол аз маҳорати соҳибаш ҳарф мезад.

Ҳанӯз ҳар кас ҷои худро нагирифта таъомҳо ва шаробҳои ҷолиби итолиёӣ паи ҳам шурӯъ ба омадан кард.

### *Оё Қуръон сухани Муҳаммад аст?*

**Устоди илми таърих ба Абӯҳомид гуфт:** Аҷиб аст, ки шумо мегӯед, Қуръон мисли Таврот, Забур ва Инҷил каломи Худои таъолост. Вале ҳақиқате, ки дар бораи Муҳаммад (с) мегӯед, онро бекор мекунад..!

Зеро шумо мегӯед «Муҳаммад (с) дар миёни мардум дар фасоҳат ва забоноварӣ беназир буд. Ҳамзамон мегӯед, забони Қуръон ниҳоят бофасоҳат аст». Пас сухани Муҳаммад (с) будани Қуръон муносибтар аст.

Бояд гуфт, фасоҳату забоновари Муҳаммад (с)

натиҷаи табиии ҷомеъаест, ки бузургтарин сифати фарқкунандааш забоновариву фасоҳат аст.

Мардуми араб аҳли шеъру наср ва хеле сухангӯ буданд...

Аз ин рӯ, Муҳаммад (с) Қуръонро барои онҳо ба унвони каломи Худо овард, на каломи хеш. Ва онро ба шевае эҷод намуд, ки шубҳаро аз он кас дур мекард ва дар мавриди каломи Худо будани Қуръон шубҳа намекарданд. Ҳамзамон Қуръонро меҳвари даъвати ишон мегардонд.

Бидуни шакку тардид, ин масъала аз назари ман ниҳоят рӯшан аст, ҳеҷ шакке надорам дар мавриди он ки Қуръон Қуръони Муҳаммад (с) аст, на Қуръони Худо.

Бешубҳа Муҳаммад (с) шахси оддие набуд, ки аз қадами аввал ё эътирози нахустин таслим шавад. Ҳамоно Муҳаммад (с) ҷомеъаи хешро хуб фаҳмид, бинобар ин ду ҷумларо мифтоҳи дини хеш қарор дод: **«Ло илоҳа иллаллоҳу Муҳаммадур Расулуллоҳ».** Маънои ҷумлаи аввал: Ба ҷуз Аллоҳ  ҳеҷ маъбуди ҳақиқӣ вуҷуд надорад. Ва ҷумлаи дуввум: Ба ростӣ, Худованд ӯро ба унвони Паёмбар фиристодааст.

Билохира қавмаш бар алайҳи ӯ мубориза бурд, вале ӯ ҳамчунон ононро ба дини хеш даъват мекард. Табиист, ки қавм дар муқобили ӯ меистоданд ва ранҷу озораш медоданд ва ёронашро шиканҷа мекарданд. Кор то ҷое кашид, ки бархе аз ёронаш зери азобу шиканҷа ба ҳалокат расиданд. Ва баъди 13 сол тасмим гирифт, ки ҳиҷрат кунад. Ва бо ҳамин Макка-зодгоҳи хешро ба қасди Мадина тарк кард. Ҳамроҳ бо ёри аввалини хеш пинҳонӣ роҳи Мадинаро пеш гирифтанд. Мардуми муқими Мадина аз ишон истиқбол кард. Вай дар он ҷо давлат барпо кард ва муоҳидаҳои дохилиеро,

ки робитаву алоқаҳои миёни ӯ ва яҳуд, миёни ӯ ва насорои дар Мадина будаaро ба танзим меовард, ба имзо расонд. Дини вай дар он ҷо интишор ёфт ва бо душманонаш ҷангид. Ҷанги аввалини ӯ бо душманонаш соли дуввуми ҳиҷрӣ ба вуқӯъ пайваст, ки ба номи «Ғазваи Бадр» машҳур аст. Ишон дар ин ҷанг пирӯзӣ ба даст оварданд. Баъд аз он дар «ҷанги Уҳуд» шикаст хӯрд. Баъд аз он дар «ҷанги Хандақ» боз пирӯз гашт. Ва ҳамин тавр то охир дар ҳамаи ҷангҳо ғолиб гашт. Ва дар ин миён дар байни ҷангҳо бо душманонаш чандин сарияҳо фиристод ва ба мурури замон нерӯмандтар мешуд ва динаш дар миёни мардум ба шеваи гӯшношунид интишори бештар меёфт. Соли нуҳум, баъди ҳиҷраташ ҳайати намояндагон аз тамоми қабилаҳои ҷазираи Араб омада ба дини ӯ даромаданашонро эълон менамуданд. Дар он айём ишон шурӯъ карданд ба фиристодани номаҳо ба сӯи шоҳон ва сарварони кишварҳо ва адёни гуногун. Ва соли даҳуми ҳиҷрӣ, яъне соли 631 Муҳаммад (с) дар миёни ёронаш аз олам даргузашт. Ӯ дар тӯли ин даврон, яъне аз замони дар Макка будан ва дар Мадина Қуръонро меовард. Он қисмати дар замони дар Макка буданаш овардаро Маккӣ ва баъд аз он омадаро Мадинӣ номида мешавад.

Ва он нуктае, ки мехостам ба он бирасам, ин аст, ки ин Қуръон агар мисли дигар муъҷизаҳои паёмбарон муъҷизаи ҳақиқӣ мешуд, пас чаро қавмаш ба он имон наовард? Чаро қавм дар муқобили ӯ истоданд, дар ҳоле, ки фарзанди ишон ва аз рӯи насаб беҳтарини онҳо буд? Чаро ӯро аз зодгоҳаш берун ронданд ва бо вай ҷангиданд ва хеле аз мардум кушта шуданд? Чаро ба мӯъҷизаи Худо будани Қуръон имон наоварданд... чаро...?

## *Чаро мушрикон мисли Қуръон китобе наоварданд?*

**Абӯҳомид:** Дар ҳақиқат бо арза кардани ин мавзӯъи росту дуруст худ далели қотеъе овардӣ, ки Қуръон аз назди Муҳаммад (с) нест, бешубҳа он аз назди Худованд аст. Ҳамзамон далели ақлии қотеъе низ овардӣ, ки қавми он ҳазрат (с) аз зӯрозмоие, ки Муҳаммад (с) онҳоро даъват ба зӯрозмоӣ карда буд, оҷиз омаданд. Ва он зӯрозмоии Муҳаммад (с) даъваткарда ин буд, ки монанди Қуръон китобе биёранд, дар сурате, ки онро сухани Муҳаммад (с) мепиндоранд. Бар кадом боварӣ? Оё дар ин замон аз душманони аввалаш, касоне, ки онҳоро ба зӯрозмоӣ хонд, касе ёфт намешуд, ки бар ботил намудани сухани Муҳаммад (с), ки мегуфт: Қуръон аз назди Худост, саъю талош варзад.

Оё бовар намекунӣ, ки душманони Паёмбар (с) медонистанд, ки вақте ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа даъват намудани ӯро мепазируфтанд ва монанди Қуръон китобе ё чанд сура ё ҳатто як сураи онро меоварданд, ин корашон хеле зуд пирӯзии онҳоро таъмин мекард ва даъвати Муҳаммадро шикаст медод, зеро сирри даъват ошкору беарзиш мегашт...

Агар инро медонистанд, чаро ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа даъват кардани ӯро напазируфтанд? Ва бо ӯ ҷангиданд ва хеле аз сарварону ашрофашон кушта шуд ва Муҳаммад дар ҳамаи ҷангҳо ба ҷуз як ҷанг, яъне ҷанги Уҳуд шикасташон дод. Ва бо вуҷуди ин қадар ҷангидани онон Паёмбар (с) пайваста онҳоро ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа дар овардани мисли Қуръон даъват менамуд ва ин даъватро такрор мекард. Онҳо дар тӯли ин даврон натавонистанд даъвати ӯро

бипазиранд ва ба майдони мусобиқа биёянд!

Медонӣ барои чӣ?

Чаро онҳо монанди Қуръон ё монанди як сураи Қуръон иҷод накарданд, то аз аввал бо Паёмбар (с) намеҷангиданд ва хунҳояшонро намерехтанд, онҳо сарвари тамоми арабҳо буданд ва дар натиҷаи ҷангҳо қиёдаташон ба тадриҷ ҳасорат мебардошт, оҳиста – оҳиста ғуруб намудани онро ба чашми худ медиданд. Чаро ин корро карда хасоратро бознадоштанд? Чаро?

## *Ашъори Муҳаммад (с) дар куҷост?*

Баъд аз он кӣ бовар мекунад, ки ҳамон арабҳои сухандону бофасоҳат, шеъргӯёну суханварони бомаҳорат ва соҳибони забони ғанӣ, он қавие, ки бозорҳои махсус ташкил дода буданд ва ҳар сол дар мавсими ҳаҷ дар он бозорҳо ҷамъ меомаданд, дар хондани беҳтарин қасидаҳо ва суханрониҳо бо якдигар ба рақобат мекарданд аз якдигар пешӣ мегирифтанд, то баъд аз ин мусобақаҳои сухан дар таърих ин қоидаҳо ва суханрониҳои шево сабт гардад ва дар бораи онон дар қабилаҳои араб ривоят карда шавад. Бо вуҷуди ин ягон ривояте вуҷуд надорад, ки Муҳаммад (с) қабл аз Қуръонро овардан ҳатто як қасида гуфта бошад, ё суханроние карда бошад! Агар хоҳӣ ку девони қасидаҳо, ё девони хутбаҳои Муҳаммад (с)-ро, ки қабл аз чиҳилсолагӣ- синни нубувват эҷод карда бошад, нишон деҳ!

Арабҳо ҳафт қасидаи фасеҳтарин аз шуъарои замони ҷоҳилиятро дар дохили Каъба ҷиҳати гиромидошти Каъба ва бузургдошти забонашон овехта буданд. Оё ягонто аз ин қасидаҳо аз Муҳаммад (с) буд?

**Ҷавоб:** Не, Муҳаммад (с) на қабл аз нубувват ва на баъд аз нубувват ҳатто кӯчактарин қасида надорад, ки аз ӯ ривоят шуда бошад.

Бори дигар ба такрор мепурсам: Модоме, онон устодони майдони сухан ва забоноварони моҳир бошанд, пас чаро касоне, ки иддиъо доштанд, Қуръон навиштаи худи Муҳаммад, ё кадом нафари дигар аст, монанди Қуръон китобе ё чизе нанавиштанд? Гузашта аз ин, ай устоди бузург, бидон ки Қуръон аз онҳо танҳо як нафарро ба мусобиқа ва зӯрозмои даъват накардааст... На, балки ҳаммаи онҳоро даъват намуда то бо ёрии ҳамдигар ва якҷо шуда мисли Қуръонро эҷод намоянд.

Агар онҳо даъват ба зӯрозмоиро мепазируфтанд ва агар ишон ҷамъомаде барпо мекарданд ва шоирону суханваронеро, ки бо Муҳаммад (с) сари душманӣ доштанд, ҷамъ мекарданд ва онҳо монанди Қуръон ё монанди қисмате аз Қуръон чизе эҷод мекарданд, соҳиби шаъну шараф гашта дар ҷанги сард ғолиб меомаданд ва саҳобагони Паёмбар (с) дар як лаҳза аз атрофи Ӯ пароканда мешуданд. Оре, агар онҳо исбот мекарданд, ки Қуръон сухани одамӣ аст, он гоҳ ба мусобиқа даъватнамоии Муҳаммад (с) бар зарари ӯ меанҷомид!

Чунончи ту худ мехоҳӣ, ҳамроҳи ман фикр кун, бисёр зуд ба як натиҷа мерасӣ, ки ба ҷуз он натиҷаи дигар вуҷуд надорад. Он натиҷа ин аст, ки онҳо аз пазируфтани даъват ба мусобиқа оҷиз буданд, зеро Қуръон аз назди Худованд аст.

Ту мегӯӣ, агар Қуръон ҳақ мебуд, қавми Муҳаммад (с) бо ӯ мухолафат намекарданд. Мехоҳам аз ту бипурсам: оё дар тамоми тӯли таърих ягон паёмбаре ё муҷаддидеро метавон пайдо кард, ки дар ибтидои

омаданаш қавмаш бо ӯ мухолафат накарда бошанд?

Ин эътироз туро ба ҳақиқати тозае, ки Паёмбари Худо Муҳаммад (с) онро овардааст, мерасонад. Ба хусус ту худ хуб медонӣ, ки араб дар он айём дар чи вазъе қарор дошт ва вазъи араб ба вазъи ҳамонвақтаи шумо яксон буд. Замоне, ки торикиҳо ва зулумоти асрҳои миёна бар фазои ҷазираи Араб соя меандохт! Ҳамон гуна, ки дар сарзаминҳои шумо низ чунин буд.

Дуруст аст, ки қавми он ҳазрат (с) нахуст бар алайҳи ӯ ба мубориза бархостанд ва баъди он ҳама мухолифатҳо чи гуна ба ӯ имон оварданд? Саҳобагони он ҳазрат (с) киҳо буданд? Оё қавми он ҳазрат набуданд? Ва рисолати он ҳазратро баъд аз сари он кас ба ҷаҳониён кӣ расонд.

**Муаллими фанни таърих:** Барои ман исбот шуд, ки Муҳаммад онҳоро ба эҷод намудани китобе монанди Қуръон даъват намудааст.... Бояд ман бидонам, ки он ҷо дарвоқеъ даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа ба таври катбӣ вуҷуд дорад, ё шояд дар асл мавҷуд несту фарзияест, ки ту худат фарз карда истодаӣ. Баъд аз он пас аз даргузашти соҳибаш болои он ҳар чи хоҳӣ бино мекунӣ. Зеро чунин корҳо бисёр воқеъ шудааст ва дар ин сурат таҳмили чизест, ки илоҷи бардоштани он нест!

Кори мо ба афсонае шабоҳат дорад, ки ба шакли қиссаҳои таваҷҷуҳ барангез рангубор дода мешавад, то аз онҳо пирӯзии бузурге сохта шавад ва дар асл ҳақиқати онҳо хаёлбофӣ асту бас.

Бинобар ин, пеш аз он ки натиҷаи даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқаро ироа намоӣ, барои мо нахуст ҳамон айни даъват ба зӯрозмоиро нишон деҳ. Оё **мантиқи ақлӣ**, ки мо барои ҳукми ақл сари он иттифоқ намуда будем, ҳамин нест?

## *Даъват ба зӯрозмоии бузург*

**Абӯҳомид:** Муаллимаи таърих ва адён дарвоқеъ аз рӯи ақлу инсоф ҳарф зад, маъзарат мехоҳам, зеро ман гумон кардам, натиҷаи даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқаро шумо медонед, бинобар ин онро қасдан зикр накардам.

Бояд гуфт, даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа дар худи Қуръоне, ки ба Муҳаммад (с) нозил шуда, дар чандин ҷо омадааст. Бинобар ин, мувофиқи дархости худи шумо, ин ҷойҳоро бо рақами оят ва сура зикр хоҳам кард ва шумо ба забони ин даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа ва сатҳи он бингаред.

Ояти даъват ба зӯрозмоӣ ва мусобиқаи бузург дар сураи Исро, ки онро сураи Бани Исроил низ меноманд, омадааст ва ҳабдаҳумин сураи Қурон аст. Дар ояти 88 ин сура Худованди мутаъол мефармояд: «Бигӯ, агар ҷин ва инс гирд оянд, ки монанди ин Қуръонро биёваранд, ҳаргиз наметавонанд назирашро биёваранд, ҳарчанд, ки якдигарро ёрӣ диҳанд».

Ай устод, оё даъват ба зӯрозмоие монанди ин шунидаӣ? Ин **пеш аз ҳама**, даъвати зӯрозмоӣ танҳо ба қавми Муҳаммад (с) нест, балки ба тамоми мардум аст. **Дуввум**, даъват ба зӯрозмоӣ танҳо барои мардум нест балки ҳамроҳи мардум олами ҷинро низ шарик карда. **Савввум** ин ки мардум ва ҷинро на алоҳида- алоҳида, балки якҷоя бо иттифоқи якдигар ба монанди Қуръон китобе оварданро даъват намудааст. Ва **чаҳорум** хабарест ба боқӣ мондани Қуръон то рӯзи қиёмат. Магар мумкин аст ин гуна даъвати зӯрозмоиро ба ҷуз Худои ягонаи тавоно бар ин зӯрозмоӣ, ба боварии том, интиҳои қудрат каси дигаре ин гуна ба таври мутлақ бикунад?

Ин гуна бекайду шарт ба зӯрозмоӣ даъват намудан, яъне ҷуръати бузург намудан ҷуръат ба ҳама чиз аст! Қуръон барои Муҳаммад (с) ҳама чиз аст, зеро ин китоб сарчашмаи ягона аст, пас чи гуна ба ин ҳад ва ниҳоят бебокона наҳаросида чунин ҷуръат мекунанд?!

Ва аз ин ҳама шигифтангез он аст, ки даъвати ба зӯрозмоии дар ин оят зикрёфтаро Худованд он замоне Қуръонро бар Муҳаммад (с) нозил карда, дар қолаби сухан даровардааст, на Муҳаммад (с). Ва Муҳаммад танҳо расонандаи ин даъват аст.

Эй устоди таърих, ман намегӯям, ба Қуръон рӯ биёред, вале мехоҳам рӯ ба ақлҳои хеш биёрем, ақлҳоямон бояд ҳукм кунанд. Агар ман иштибоҳ кардам, зарур аст бо сароҳат маро рад кунӣ ва ба ман бигӯӣ, ки сухуни ту хилофи ақл аст.

## ***Марҳилаҳои даъват ба зӯрозмоӣ***

Ай устод, дар Қуръон ин даъвати ягона ба зӯрозмоии барои душманони Муҳаммад (с) намебошад. Балки дар сатҳи даъват ба зӯрозмоӣ назар ба даъвати аввал чанд баробар сабуктар даъват шудааст.

Ҳатто онҳоро даъват намуда, ки танҳо ба як сурае аз сураҳои бузург ё кӯчаки Қуръон зӯрозмоӣ намоянд. Дар бузургтарин сурае аз сураҳои Қуръон, сураи Бақара Худованд мефармояд:

وَإِن كُنتُمۡ فِي رَيۡبٖ مِّمَّا نَزَّلۡنَا عَلَىٰ عَبۡدِنَا فَأۡتُواْ بِسُورَةٖ مِّن مِّثۡلِهِۦ وَٱدۡعُواْ شُهَدَآءَكُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٢٣

**«Агар шумо ба чизе, ки мо бар бандаи худ нозил кардем, шак доред, як сурае монанди он биёваред ва**

**гувоҳони худро, ғайр аз Худо, бар ин кор даъват кунед, агар рост мегӯед».** (Бақара, 23).

Бубин, вақте дар мавриди ин даъват ба зӯрозмоӣ бо таваҷҷуҳ фикр кунӣ, дар он чизҳоеро пайдо мекунӣ, ки дар ояти пештар зикршудаи Исро пайдо накарда будӣ. Аз даъват ба зӯрозмоӣ дар овардани ибораи **«монанди ин Қуръон»** гузашт кард, омад ба даъват ба овардани **«як сура»,** кадом сураеро, ки худашон ихтиёр кунанд!

Ва ин ҷо ошкор шуд, ки ба зӯрозмоӣ даъваткунанда Муҳаммад набудааст, даъваткунанда Худованди бузург аст.

Шигифтовартар дар ин даъват ба зӯрозмоӣ ин аст, ки онҳоро дар даъват то дуртарин нуқта барангехт ва мисдоқияти онҳоро бар маҳак қарор дод ва ононро миёни ду чиз мухайяр гузошт. Бинобар ин, онҳо ё даъвати зӯрозмоиро мепазиранд ва зӯрозмоӣ мекунанд ва сурае монанди сураҳои Қуръон меоранд, ё эҳсоси аҷз намуда ба ин кор иқдом намекунанд ва дар натиҷа маълум мешавад, ки онҳо дурӯғгӯянд...!

Бо ҳамин даъват ба зӯрозмоӣ дар Қуръон тамом намешавад, балки боз аз ишон даъват менамояд, ки каломе мисли каломи Қуръон биёранд. Ҳар хел каломе бошад, биёранд... Муҳим ин ки монанди сухани Қуръон сухане биёранд. Ин гуна даъват ба зӯрозмоӣ дар сураи панҷоҳу дуввуми Қуръон сураи Тур омадааст. Даъват ба зӯрозмоӣ дар ояти саввум ва сивучаҳоруми ин сура ворид шудааст. «Ё мегӯянд Қуръонро аз пеши худ бофтааст, балки онҳо бовараш намекунанд. Агар рост мегӯянд, (ки ин каломи башар аст ва маҳсули фикри инсон аст, пас онҳо низ) сухане ҳамонанди он биёваранд». (Тур, 33 - 34).

**Эй устоди фанни таърих:** Гумон мекунам ин оятҳо

возеҳу рӯшан аст, эҳтиёҷ ба шарҳ надорад. Бубин дар даъват ба зӯрозмоӣ ба нуқтаи охир расидааст. Ин ҷо суол аз пайи суол пеш меояд ва ҳақиқатеро, ки пӯшонида намешавад, ошкор менамояд.

Дар мавриди душманони Муҳаммад чӣ гумон дорӣ, агар онҳо ба ин даъвати зӯрозмоӣ ҷавоб дода метавонистанд, то охир худдорӣ мекарданд? Чӣ назар дорӣ, агар сарчашмаи Қуръон башар мебуд, оё онҳо аз овардани монанди он оҷиз мешуданд?

Кор бо ҳамин тамом намешавад, балки Қуръон вақте онҳоро ба зӯрозмоӣ ва мусобиқа даъват намуд, пешакӣ бо боварии том гуфт, ки онҳо ҳаргиз наметавонанд монанди Қуръон китобе биёранд!

Чӣ гумон дорӣ, Муҳаммад (с) агар мутмаин намебуд, ки Ӯ дар ин майдон пирӯз мешавад, бо қатъият аз нотавонии онҳо ва шикасташон пешакӣ хабар медод. Оят мефармояд:

فَإِن لَّمۡ تَفۡعَلُواْ وَلَن تَفۡعَلُواْ فَٱتَّقُواْ ٱلنَّارَ ٱلَّتِي وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُۖ أُعِدَّتۡ لِلۡكَٰفِرِينَ ٢٤

**«Агар ин корро накунед, ки ҳаргиз наметавонед кард, пас аз оташе битарсед, ки оташафрӯзи он мардум ва сангҳо мебошанд ва барои кофирон омода шудааст».** (Бақара 24).

Аз ҳамон асрҳо то ба ин лаҳза, лаҳҷаи навиштани ин калимаҳо, аз душманони Муҳаммад (с) на монанди Қуръон, на монанди як сурае аз он, на ояте ва на сухане монанди онро касе наовардааст. «Мардум садоеро, ки ҷавоби ин даъвати ба зӯрозмоӣ бошад, нашунидаанд! Ин ҳақиқати устувор чӣ тафсир дорад?

## *Назарияи эҳтимол*

Вақте назарияи эҳтимолро татбиқ намоем, пеши рӯи хеш ба ҷуз яке аз чаҳор эҳтимолро наметавон дид. Ин ҷо назди мо ду чизи воқеъшаванда аст:

Яке тавон, дигар анҷом додан, пас инҷо чаҳор эҳтимол лозим мешавад, агарчи баъзе аз ин эҳтимолот маъно надорад:

- Тавоно буданду анҷом доданд, ки ин ҳосил нашудааст.

- Тавоно буданд, вале накарданд ва ин нашуданист.

- Тавоно набуданду карданд ва ин ҳам ҳосил нашудааст.

Фақат эҳтимоли чаҳорум боқӣ монд:

- Тавоно набуданд ва накарданд. Пас маълум мешавад, ки онҳо дар ҳамаи эҳтимолот накарданд, зеро онҳо, агар ин корро мекарданд, албатта барои мо ривоят карда мешуд, чунончи шеърҳояшон ривоят шуда... Албатта дӯстони онҳо ва душманони Қуръон ривоят мекарданд ва касоне, ки дар ҳоли ширкашон боқӣ монда буданд, ривоят мекарданд... ё яҳудиҳо ва насрониҳои араб ривоят мекарданд... Чӣ касе онҳоро аз шуруъ кардан дар ҷавобгӯӣ ба ин даъвати зӯрозмоӣ боздошт?

**Пас агар** нотавону оҷиз буданд, ҳол он ки диловарони ин майдонанд, **ё тавоно** буданду, вале **мисли Қуръонро наоварданд.** Ин ҷо ба ҷуз як **ҷавоб** – оҷиз буданд!! **Ва натиҷа дар ҳар ду эҳтимол як чиз аст...** Агар гӯӣ: **онҳо тавоно буданд**, ё бигӯӣ **онҳо оҷиз** буданд, дар ҳарду сурат як ҷавоб аст.

Ва устоди таърих хуб медонад, ки даъват ба зӯрозмоӣ бар мушрикон дар ҳоле, ки бар Муҳаммад (с) ғолиб буданд, ӯро ранҷу озор медоданд, ёронашро то

дараҷаи зери азоб ҳалок шудани баъзе аз онҳо шиканҷа мекарданд. Бо вуҷуди дасти зӯр доштанашон душманони он ҳазрат (с) оҷиз омаданд, балки аслан қасд накарданд!

Пас замоне, ки оташи ҷангҳо миёни онҳо аланга гирифт ва Муҳаммад (с) дар ҷанг шикасташон дод ва бар онҳо пирӯз шуд, онҳо ба майдони даъват ба зӯрозмоӣ бо Қуръон паноҳ набурданд ва қасди овардани китобе монанди Қуръон, ё овардани сурае ва ё сухане монанди он накарданд.

Дар ҳар ду ҳолат: дар ҳолати пирӯзии онон ва дар ҳоли пирӯзии мусалмонон ва дар ҳоли сулҳу дар ҳоли ҷанг сифати оҷизиро гирифтани онҳо чӣ маъно дорад? Аз ин ҷо сирри он ки чаро онҳо ҷангу куштор ва хунрезиро интихоб карданд, вале даъвати зӯрозмоиро дар мавриди овардани монанди Қуръон қабул накарданд, мефаҳмем!

Ин ҷо танҳо як ҷавоб аст, ҷавоб ин аст, ки шикасти онҳо дар ҷанг замонатшуда набуд, дар ҳоле, ки шикасташон дар даъвати зӯрозмоӣ ба Қуръон қатъӣ буд. Бинобар ин, аз шикасти қатъӣ ба сӯи ҷанге, ки як рӯз ба нафъ ва як рӯз бар зарар аст, гурехтанд. Пас маълум мешавад, ки масъала масъалаи назариявӣ нест. Ояти даъвати бузург ба зӯрозмоӣ **«Бигӯ агар ҷин ва инс гирд оянд, ки монанди Қуръонро биёваранд, ҳаргиз наметавонанд назирашро биёваранд, ҳарчанд, ки якдигарро ёрӣ диҳанд».** (Исро - 88)

## *Даъват ба зӯрозмоӣ ба ҳамаи наслҳо дахл дорад*

**Ҳозирини гиромӣ!** Вақте дар мазмуну муҳтавои оятҳои маънии даъват ба зӯрозмоидошта бештар фикр

кунед, хоҳед дарёфт, ки ин даъват танҳо ба замони нузули Қуръон хос нест... Балки ин даъват ҳамаи замонҳоро шомил аст. Шумо эй аҳли нишаст, ба ин даъвати зӯрозмоӣ шумо низ дохилед ва амсоли шумо ҳам мавриди назаранд. Оё инро тасаввур мекунед?

Ин кас ва ту эй устод, заъфу нотавонии имрӯзаи мусалмонон ва тасаллути дигар миллатҳоро бар мусалмонон мебинед. **Пас чаро ҳамаи миллатҳои олам якҷоя ҷаҳду талош намеварзанд, то мисли Қуръон китобе биёранд....** Чаро... Қасам ба Худо чаро?

Чаро ҳарфҳои арабӣ ва калимаҳои дар фарҳангҳои луғатҳо буда, беҳтарин шеърҳо ва суханрониҳои ба забони арабӣ эҷодшударо ҷамъ намекунанд.... Сипас тамоми технологияи илмиро ҷамъ кунанд ва ҷиҳозҳои ёрирасонро чи қадаре хоҳанд гирд оваранд, бо тамоми неруҳои ақлонӣ ва қудратҳои адабӣ машварат кунанд, то барои мо Қуръоне мисли Қуръон, ё алал ақал як сура монанди сураҳои Қуръон, ё камтарин кор, як сухане мисли Қуръон биёранд!!

## *Оё даъват ба зӯрозмоӣ танҳо барои арабҳост?*

Оё ақл ба натиҷае ҷуз ин ки **ин китоб болотар аз тавони башар** ва болотар аз тавони тамоми махлуқот аст ва варои ин китоб як **нерӯе** қарор дорад, ки нерӯи махлуқот ба он наздик шуда наметавонад ва **он қудрати Худои субҳон,** соҳиби даъват ба зӯрозмоист, расида метавонад?

Оё он чи ман ҳоло баён намудам, танҳо ҳарфи дин аст, ё мантиқи ақл ва ақли мантиқ?

**Устоди таърих:** Чаро кӯшиш мекунед, то масъаларо ин қадар бузург кунед ва дар мавриди даъват ба

зӯрозмоӣ муболаға намоед? Оё Қуръон ба забони арабӣ нест? Оё фақат барои арабҳо нозил нашудааст? Пас эъҷози Қуръон танҳо барои арабҳост, чун ин эъҷоз эъҷози забонист,пас мо насрониҳо ва яҳудиҳо аз ин даъват ба зӯрозмоӣ берунем, ба мо дахл надорад. Оё ин мантиқ нест?

**Абӯҳомид:** Ай муаллимаи фанни таърих, вақте мегӯӣ, ки эъҷози Қуръон эъҷози забонӣ аст, ман аз ин озурда намешавам, на ман баръакс хурсанд мешавам... Зеро ту ба сухане иқрор кардӣ, ки аксари қавми ту ба он иқрор нашудаанд. Бо вуҷуди ин ай устод, ту чунон дарёфтаӣ, ки забоне, ки Қуръон ба он забон нозил шудааст, танҳо иборат аз ҳарфҳои таркибёфтае, ки калимаҳоро ташкил додаанд ва ҷумлаҳои аз калимаҳо ба вуҷуд омадаанду бо ҳамин кор тамом шудааст! На, чунин нест. Зеро он ҷумлаҳои қуръонӣ инъикоскунандаи мавзӯҳои гуногун ва илмҳои гуногунанд. Аз ин рӯ, касе ба ту гӯяд, ки китоби фалонӣ хеле хуб аст, ту зуд аз ӯ мепурсӣ: Китоб дар кадом мавзӯъ баҳс мекунад? Ё мепурсӣ, ки дар мавриди кадом фан ҳарф мезанад...?

Вақте бидонӣ, ки Қуръони карим дар бораи тамоми мавзӯъҳо ҳарф мезанад, хоҳӣ дарёфт, ки даъват ба зӯрозмоӣ ба забони Қуръон тамоми илмҳоеро, ки Қуръон дар мавзӯи онҳо ҳарф мезанад, шомил аст ва соҳибони он илмҳо ва мавзуъҳоро низ дарбар мегирад.

Ва онҳо дар ҳамаи асру замонҳо даъватшудаанд, ки зидду нақизе, ё ихтилофе, ё далели ғайрисобите аз ҳамин Қуръон, ки назди онҳост, пайдо кунанд!

**Ай устод,** ту мегӯӣ, ин даъват ба зӯрозмоӣ барои арабҳост, зеро Қуръон ба забони арабӣ аст, на барои мо яҳудиҳову насрониҳо ва фаромӯш кардаӣ, ки дар

миёни арабҳо яҳудиву насронӣ зиёданд.

**Ай устод,** аз ту ва аҳли нишаст хоҳиш мекунам, баҳсамонро як баҳси хушгузаронии зеҳнӣ наҳисобед, онро ҳамчун даъвате бипазиред, ки барои ҳар ақли мухолифи Қуръон монанди ин дигар даъват вуҷуд надорад.

Шумо метавонед дар даъват ба зӯрозмоӣ дар майдони илмӣ, дар мавриди маълумоте, ки Қуръон ҳануз қабл аз вақти кашфшавии он улум зикр кардааст, ворид шавед. Шумо исбот кунед, ки Қуръон ақаллан як бор чизе гуфта бошад, ё як маълумотеро зикр намуда бошад, ки илм хато будани онро кашф кардааст!

## ***Бартарии бузург аз ихтилофи солим будани Қуръон аст***

Ай устод, шаклҳои даъват ба зӯрозмоӣ дар Қуръон маҳдуд нест. Оё метавонед миёни ду оят аз оятҳои Қуръон парешоние пайдо намоед? Шумо агар дар майдони зӯрозмоии забонӣ даромада натавонед, метавонед касеро, ки қасди ворид шудан ба майдони зӯрозмоиро дорад, ёрӣ диҳед, баъд аз он метавонед дар дигар майдонҳои зӯрозмоӣ ворид шавед!

**Ай устоди фанни таърих,** агар баҳсу баррасӣ барои ту тӯлонӣ намояд ва тӯлонӣ ҳам мешавад, пас руҷӯъ кун ба ҳақиқате, ки Қуръон дар сураи Нисо зикр кардааст: **«Оё онҳо дар бораи вазъи хоси ин Қуръон намеандешанд ва натиҷаҳои онро баррасӣ намекунанд, ки агар аз ҷониби ғайри Худо буд, ихтилофи бисёре дар он меёфтанд».** (Ояти 82)

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки аз назди Худои ягона аст... ва бо ҳамин метавон иктифо кард.

**Ай устоди илми таърих,** кӯшише ба харҷ бидеҳ ва

теъдоди касонеро, ки аз замони нузули Қуръон то ба имрӯз онро қироат кардаанд, яъне муддати бештар аз ҳазору чаҳорсад сол бишумор, ҳамчунин теъдоди касонеро, ки онро китобат кардаанд ва теъдоди шунавандагонро ба шумор биёр...!

Баъд аз он фикр кун, ки ҳамаи онон Қуръонро хонданд ва хонда истодаанд ва то ба ҳол дар он ҳеҷ нуқсоне пайдо накарданд! Балки ба ишон тамоми касонеро, ки бар зидди Қуръон баромаданд аз мухолифонаш дар ин муддати таърих то ба имрӯз, изофа кун, касеро пайдо карда наметавонӣ, ки як нуқсони онро ёфта бошад. Ва ҳар касе ҳам даъво карда бошад, ки нуқсон вуҷуд дорад, ботил будани даъвоаш аз худи ҳамон далели овардааш ошкор шудааст.

**Ай устод,** ба тамоми илмҳо таваҷҷуҳ кун, ба илмҳои ғайбӣ, адабӣ, техникӣ ва ғайра бингар, ин илмҳо чи қадар тараққӣ кардаанд? Ва даъват ба зӯрозмоӣ ба ҳама равона шудааст ва пайваста равона аст. Касе дар Қуръон ягон мухолифати сухане ба сухани дигарро пайдо накардааст.

Ин ҷо бори саввум бармегардем ба суоламон: Ту худ фикр кун, агар Қуръон сухани шахсе мебуд, пас чаро ин қадар мардум бо ёрӣ ва кӯмаки якдигар **суханҳои мухолифи якдигарро** пайдо карда натавонистанд?

Дурусттар бингарем, хоҳем дид, ки ҳар аср баъзе аз улуми пешинро беасар мегардонад, ё нуқсони онро кашф мекунад. Бинобар ин, агар дар Қуръон аз каломи одамӣ як таъбири башарӣ, ё аз дониши башарӣ чизе изофа мешуд, оё инсон онро кашф намекард? Ту худ бигӯ, агар дар он як **фикри мухолиф ё парешониҳо** мебуд, аз назари уламои тамоми асрҳо пинҳон мемонд?

Оё ақлу дониши башариро ба ин андоза ғофилу ноогоҳ ва бехабар пиндоштан, нисбат ба ақл ва дониши башарӣ иҳонат нест? Китобе, ки душманонашро ба зӯрозмоӣ даъват мекунад, ки дар он ихтилофе ё парешоние пайдо кунанд ва аз онҳоро даъват ба амал меорад, ки чизе аз онро тағйир диҳанд, дар ҳоле, ки онҳо кам нестанд, аксари сокинони курраи заминанд ва китоб ҳам дар миёни онҳо интишор ёфтааст, баъд аз он, онҳо наметавонанд онро дигаргун кунанд, тағйир диҳанд ва тавони овардани монанди онро надоранд, пас маълум мешавад, ки ин китоб бидуни шак мӯъҷиза аст!

Ҳамоно китобе, ки аз мӯътақидонаш даъват ба амал меорад, то онро пайваста бихонанд, ба онҳо хабар медиҳад, ки барои хонданашон ба онҳо подоши бузург дода мешавад, чӣ миқдоре онро бихонанд ва такрор кунанду бишнаванд, дар мавриди гуфтаҳои он фикр кунанд, баъд аз он аз он ки мӯътақиданд мабодо ягон хатое ё иштибоҳе дар он пайдо карда, сабаби дудилагӣ пайдо кардани онҳо шуда, имонашон сусту заъиф шавад, наметарсад. Пас маълум мешавад, ки ин китоб дорои эътимодест болотар аз сатҳи башар ва аз лиҳози аҳком ниҳоят муъҷиз аст.

Бубин Паёмбари Худо (с) бар ҳар мусалмон алал ақал ҳар моҳ як бор Қуръонро комилан хонданро лозим гардондааст, чунончи дар ҳадиси Абдуллоҳ ибни Умар омадааст, ки Паёмбари Худо (с) ба ӯ гуфт: «Ҳар моҳ як бор Қуръонро бихон». Абдуллоҳ гуфт: Ман тавони бештар хонданро дорам. Он ҳазрат (с) фармуд: «Дар 20 рӯз як бор бихон». Абдуллоҳ гуфт: Ман тавони аз ин ҳам бештар хонданро дорам. Он ҳазрат (с) фармуд: «Дар 10 рӯз як бор бихон».

Абдуллоҳ гуфт: Ман тавони бештар дорам: Он ҳазрат (с) фармуд: ***«Дар муддати 7 рӯз як бор бихон ва аз ин бештар махон».***[1]

Оё медонӣ, аз назари мусалмонон беҳтарин ибодат ва бузургтарин орзӯи падарону модарони мусалмон ин аст, ки фарзандонашон Қуръонро комилан ҳифз намоянд?

Оё медонӣ, теъдоди касоне, ки ҳар сол аз кӯдакони сарзаминҳои арабӣ ва ғайриарабӣ Қуръонро комилан ҳифз мекунанд, ба садҳо ҳазор мерасад?

Аммо теъдоди касоне, ки Қуръонро имрӯз комилан ҳифз намудаанд дар миёни мусалмонон, миллионҳо нафаранд.

**Ай муаллимаи таърих,** хоҳиш мекунам, агарчи пеш аз ин таҳқиқ кардаӣ, боз аз сари нав таҳқиқ намо, ҳақиқати ҳайратборангезеро хоҳӣ дид; Қуръон китоби ягонаест, ки аз замони аввали китобати он ба тарзи дастхат дар пӯстҳо ва пӯстҳои хурмо то чопи охирини имрӯз нашршудааш дар давлатҳои арабӣ, мисли Мадина ва миёни чопҳои дар Аврупо, Африқо, Амрикои ҷанубӣ, Амрикои Шимолӣ ва дар ҳар ҷое бошад аз олам, ба андозаи як оят аз якдигар дигар фарқ намекунад.

**Ай муаллима,** ту ба ҷуз як ҷавоб, ҷавоби дигар ёфта наметавонӣ!

**«Агар аз ҷониби ғайри Худо буд, ихтилофи бисёре дар он меёфтанд».** (Нисо 82)

**Ҳақиқате, ки туро бештар ба шигифт меорад** ва водорат менамояд, ки сирри онро биҷӯӣ, ин аст, ки

---

[1] Абудовуд дар Сунанаш ривоят кардааст (1388). Ва соҳиби ас-Силсила саҳеҳаш гуфтааст.

Қуръон китобест дар таърихи башарият ҳеҷ китобе ба монанди он зиёд дасти чопро надидааст ва пеш аз ин низ ягон китоб бо дар назардошти теъдоди қавмаш каломе, ки ба он имон овардаанд, мисли Қуръон дастнавис нашудааст. Бо ин вуҷуд дар он ҳаргиз ягон дигаргунӣ ёфта наметавонӣ, ҳамчуноне, ки дар он ҳеҷ гуна тағйире низ нахоҳӣ дид.

Барои мисол як маркази чопи Қуръонро дар мамлакати Арабистони Саъудӣ бигир, ки ин марказ соли 1984 таъсис дода шудааст, аз он вақт то таърихи 2005 дар ҳамин марказ Қуръон ба таври комил 116309033 нусха ба табъ расидааст. Ва ба сурати ҷузъҳои ҷудо-ҷудо 43500412 нусха ва ба сурати тарҷумашуда 26460887 нусха чоп шудааст. Ин як маркази чопи Қуръон аст.

**Ҳақиқати дигар** ин аст, ки назар ба теъдоди нашри ҳамаи китобҳо адади нашри Қуръон ҳар сол аз соли пешин бештар мешавад. Бо вуҷуди зиёд ба табъ расидан ба он диққати бениҳоят дода мешавад. Дар асное, ки ҳамаи китобҳо баъд аз он, ки ба қуллаи мақсуд мерасанд, баъди чанд сол чопашон кам мешавад ва он ҳам танҳо ба хотири дар ёдҳо мондан. Гузашта аз ин, китобе ҳар қадар бештар чоп шавад, ҳамон қадар аз нусхаи аввалааш фарқ кардан мегирад ва ба тадриҷ фарқияташ васеъ шуда меравад.

Ин ҷо дар назди ту ба ҷуз ҷавоби қонеъкунанда дигар ҷавобе вуҷуд надорад. Ё худ ба ин суолҳо ҷавоби маро мегирӣ:

Дар миёни тамоми он китобҳое, ки китобат шудаанд, баробар аст, ки ба шакли дастхат аст, ё онро матбаъа ба табъ расондааст, **чаро** маҳз ҳамин китоб бе тағйир ва маҳфуз боқӣ мондааст? **Чаро** тағйир нахӯрд?

**Чаро** касе онро тағйир дода натавонист? **Чаро** дар он ягон ихтилоф ва парешонӣ ёфта нашуд? **Чаро** тамоми кӯшишҳо барои тағйиру таҳриф номуваффақ шуданд? **Чаро** бо гузашти айём нашри он зиёд мешавад? **Чаро** душманони Қуръон онро ба табъ мерасонанд ва нашр мекунанд?

Каме вақти худатро барои фикр кардан ва таҳқиқ намудан ҷудо кун ва ҷавобҳоро ҳар қадар хоҳӣ, ҷустуҷӯ намо. Дар охир ба ҷавоби ман хоҳӣ баргашт ва ҷавоби ман ин аст, ки **Қуръон аз назди Худованд аст, Худованд худаш ҳифзи онро ба ӯҳда гирифтааст ва даъват ба зӯрозмоӣ танҳо дар мавриди монанди Қуръон китоб овардан нест, балки дар мавриди ҷовидонагии он ба сурати аввалааш бидуни таҳрифу тағйир низ ҳаст.**

Дар сураи Ҳиҷр Худованд худ ҳифзи Қуръонро ба ӯҳда гирифтааст:

إِنَّا نَحۡنُ نَزَّلۡنَا ٱلذِّكۡرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ٩

**«Мо Қуръонро нозил кардем ва худ аз он ҳифозат мекунем».** (Ҳиҷр, 9)

Албатта беҳтарин қоъидае, ки метавон бар ҳамаи китобҳои навишташуда ва таълифшуда дар тӯли таърихи башар татбиқ кард, ин сухани Худованд аст, ки дар мариди Қуръон гуфтааст:

وَلَوۡ كَانَ مِنۡ عِندِ غَيۡرِ ٱللَّهِ لَوَجَدُواْ فِيهِ ٱخۡتِلَٰفٗا كَثِيرٗا ٨٢

**«Ва агар аз ҷониби ғайри Худо буд, ихтилофи бисёре дар он меёфтанд».** (Нисо, 82)

Оре, ҳама китобҳо бо мазмуни бо худ доштаашон китобҳои осмониянд, вале аз он ки дар он китобҳо афкору матнҳои хилофи якдигар хеле зиёданд, маълум

мешавад, ки он китобҳо ба сурати ҳолиашон аз назди Худо намебошанд.

Аммо китобҳои аз сӯи муаллифон таълифшуда бошад, метавон гуфт, ҳеҷ китобе вуҷуд надорад, магар ин ки худи ҳамон китоб нуқсонҳои худро баён намудааст. Ва ҳеҷ китобе такроран ба табъ нарасидааст, магар ин ки дар чопи дуввум чизе дар он зиёд, ё чизе аз он кам карда шудааст. Ва ин зиёду камшавӣ дар муддати як-ду сол сурат гирифтааст, ба ҷуз Қуръони карим!

**Ай муаллимаи фанни таърих,** ба рисолаи дуктурӣ ва магистерӣ бингар, ки донишомӯз чанд бор такрор ба такрор онро мехонаду ислоҳ мекунад, баъд аз он устодаш чанд бор гаштаву баргашта онро хонда ислоҳ менамояд, чанд бор донишомӯзи рисоланавис бо ҳамдарсонаш онро мехонад ва ҳамроҳи дигар устодон мехонаду ислоҳ мекунад, то ки ба таври комил дилпур шавад ва бовар намояд, ки дар он дигар хатое, ки бояд ислоҳ кард, боқӣ намондааст. Вақте дар шӯрои илмӣ рисолаи ӯ мавриди муҳокима қарор гирад, хатоҳои зиёде, ки ба гӯшаи хаёлаш нарасида буд, зоҳир мешавад. **Ҳамаи инсонҳои рӯи замин даъват шудаанд, то дар кумитаи таҳқиқ ва тадқиқ ва баҳсу баррасии Қуръони карим чунончи пеш аз ин ҳам даъват шуда буданд, ҷамъ шаванд,** ҳамаи шӯъбаҳои илмии олам, донишварон, донишмандони улуми пешрафтаи замон ҳама ҷамъ шаванд ва донишмандони олами ҷин низ ба кӯмакашон биёянд!

Албатта ин гуна ҷамъшавии онҳо барои мо мусалмонон саъодат аст. Оё медонӣ чӣ гуна саодат аст?

## *Оё забон ҳам мӯъҷиза шуда метавонад?*

Зеро мо яқин дорем ва медонем, ки онҳо ба як ҳақиқат мерасанд ва он ҳақиқат сухани Худованд аст:

**«Бигӯ агар ҷин ва инс гирд оянд, ки монанди ин Қуъонро биёваранд, ҳаргиз натавонанд назирашро биёваранд, ҳарчанд, ки якдигарро ёрӣ диҳанд. Ва ин сухани Худост».** (Исро, 88)

**«Агар аз ҷониби ғайри Худо буд, ихтилофи бисёре дар он меёфтанд».** (Нисо, 82)

Оре, бояд ба ин натиҷа бирасӣ, вагарна баҳси илмие, ки ба натиҷае намерасад ва барои расидан ба натиҷа замина омода намесозад, баҳси беҳосил аст.

Пас **ақл** мегӯяд, ту метавонӣ аз рӯи яқин бигӯӣ: Албатта ту вақте Қуръонро хондӣ, бешубҳа Худованд бо ту ҳарф мезанад.

**Муаллимаи илми диншиносӣ:** Ин ҷо миёни ту эй Абӯҳомид ва миёни ин ки комилан изҳор намоӣ, ки Қуръон аз назди Худост монеъаҳои бузург аст! Зеро ман мебинамат, ки ҳар боре барои берун омадан аз хандақ талош менамоӣ, баъди саъю талоши зиёд ба хандақи калонтар аз аввала меафтӣ! Зеро мо фарз кардем, масалан агар тан дардиҳем, ки Қуръон аз назди Худост...пас чӣ гуна тан дардиҳем, ки аслан сухан салоҳияти мӯъҷиза шуданро дорад? Чӣ гуна тан дардиҳем, ки забоне бо ҳамон ҳарфҳояш мӯъҷиза шуда метавонад?

Фарз кардем, вақте ба ин ҳам тан дардиҳем, пас чӣ гуна розӣ шавем, ки сухан мӯъҷизаи ҷовидонӣ шуда метавонад?

Фарз кардем, ба инаш ҳам розӣ шавем, пас чӣ гуна тан дармедиҳем, ки мӯъҷизаи сухан ва забон аз бузургтарин мӯъҷизаҳои ҳақиқии паёмбарон аст?

Оё шахси соҳиби ақли комил метавонад ба он қаноат намояд, ки мӯъҷизаи калом аз мӯъҷизае, ки асоро мор мегардонад, бузургтар аст ё аз мӯъҷизаҳои Исо, ки шумо ба он иқрор доред, бузургтар аст? Ин мӯъҷиза куҷову он мӯъҷиза куҷо?

Хоҳиш мекунам, ҳатто агар исбот намоӣ, ки Қуръон мӯъҷиза аст, пас ин мӯъҷиза куҷову он мӯъҷизаҳои бузург куҷо, зеро агар Қуръон мӯъҷиза ҳам бошад, пас заъифтарини мӯъҷизаҳост? Вақте заъифтарин мӯъҷиза аст, пас чӣ гуна метавонад дигар мӯъҷизаҳо фаношаванда ва ин ҷовидона бошад... чӣ тавр?

**Абӯҳомид:** Ман хоҳиши самимие дорам ва мехоҳам ба ҳукми ин ки аз ман суол кардед ва шумо ҷавоб мехоҳед, ҳамин хоҳишро чаҳорчӯбе руҳӣ қарор диҳем ва ба ҳукми тадохули мавзӯъҳо ва суолҳо хоҳиш дорам, вақте ба ҳар суоле ҷавоб додам, то аз ҷавоб қаноатманд нашавем, онро тарк накунем. Вақте ба ҷавоби як суол қаноатманд шудем ва он суолу он ҷавобро ба поён расондем ва суолу ҷавоби дигар оғоз намудем, дигар сазовор нест, ба он суоли пешин баргардем ва суолҳоеро, ки ҷавоб дода шудаанд, ба суоли дигар напайвандем. Дар ин сурат мо ҳамаро бо ҳам меомезем! Агар аз ҷавоб қаноатманд нашавем, то комилан қаноат ҳосил шудан, ё ба аҷз тан додани ман ҷавоби он суолро раҳо намекунем. Дар гуфтугӯи хеш ин шеваи амалро роҳу равиш қарор медиҳем, зеро роҳу равиши ба ақл мувофиқ аст ва моро ба тасмимгирии дуруст мерасонад.

Рости гап, ман Қуръонро ягона китоби ҳифзшуда меҳисобам, бо вуҷуди тамоми он чи ёдовар шудем, амрест рӯшан ва бо ин ки муддати зиёде гузаштааст ва дар ин муддат чизе аз он тағйир нахӯрдааст, худи

ҳамин далели ҳифзи он гаштааст.

Бо вуҷуди икроми анбиё ва мӯъҷизаҳои онҳо, бидуни шак, ақл ба осонӣ исбот менамояд, ки Қуръон дар эъҷоз аз ҳамаи мӯъҷизаҳои паёмбарон бузургтар аст. Яке аз асрори ин азамати Қуръон сухан будани он аст. Ҳоло сабабҳои муҳими ақлиеро, ки мӯъҷиза будани Қуръонро ошкор месозад, ёдовар мешавам. Ва ҳамзамон ақл ҳукм ба он мекунад, ки Қуръон бегуфтугӯ бузургтарин мӯъҷизаҳост. Аммо ба ин натиҷа расидан, ки Қуръон бузургтарин мӯъҷиза аст, ҳаргиз маънои онро надорад, кадом бархӯрде ба мӯъҷизаҳои дигар паёмбарон мешуда бошад.

Аз рӯи ақл тасаввур кун, ки агар кумитае аз донишмандтарини мардум аз тамоми кишварҳои олам бо тахассусоти гуногун ҷамъ шавад ва тасмим гирад, ки китобе дар илмҳои гуногун ва хабарҳои ғайбии оянда амалишаванда ва дар бораи хабарҳои гузашта бинависанд ва ин ҷамъшавии он кумита пеш аз ҳазору чаҳорсад сол, яъне баъди милод тақрибан 620 сол пас сурат гирифта бошад... дар мавриди илмҳои ҳамон кумитаи номбурда ва муқаррароташ чӣ гуфта метавонем?

Бешубҳа наслҳои баъдина аз китоби онҳо мухолифатҳои илмӣ ва норасоиҳои ақлии зиёдеро кашф хоҳанд кард ва маълум аст, ки айём вопасмондагиҳои ақлии башарии онвақтаро ба таври хиҷолатзо кашф менамояд!

Оё ҳамроҳи ман тасаввур кардӣ, ки аз назди инсон будани Қуръон маҳол аст?

Муҳаммад (с) соҳиби Қуръон аст, вале ба қироату китобат ошно нест, чӣ гуна наметавон чунин тасаввур намуд?

Оё ақл ба ҷуз як ҷавоб ҷавобе дигар дорад ва ҷавоб ин аст, ки Қуръон аз назди Худованд аст ва Муҳаммад Расули Худо ва хотимаи паёмбарон (а) аст?

Хоҳиш менамоям, агар ақл ғайри ҷавобе, ки зикр кардам, ҷавоби дигар дошта бошад, ё мухолафате дошта бошад, бигӯед.

Маълум мешавад, ки Қуръон дар тамоми улум мӯъҷиза аст... Ва донишмандони ҳамаи улум дар тамоми асрҳо борҳо, такрор ба такрор ба нигаристан ба Қуръон даъват шудаанд, то ба ду суол посух гӯянд:

Оё он чи Қуръон дар мавриди он ҳарф задааст, ҳақ аст ё не...? Оё дар ҳақиқатҳои илмии қотеъ чизе, ки бо Қуръон камтарин мухолафат дошта бошад, дида мешавад? Қуръон он гуна, ки уламо ва донишмандони пешинро даъват намуда, ҳамин гуна уламо ва донишмандони муосирро низ даъват намудааст. Ҳамзамон донишмандони дигар илмҳоро низ то рӯзи қиёмат ҳар қадар илм тараққӣ кунад, даъват намудааст.

## *Далелҳои ақлӣ ба он далолат мекунад, ки Қуръон бузургтарин мӯъҷиза аст*

**Акнун ақлатро довар кун:** Аз лиҳози вусъат кадомин мӯъҷиза бузург аст? Мӯъҷизаи равонашуда ба сӯи аҳли як тахассус, мисли соҳироне, ки дар айёми Мусо (а) зиндагӣ карданд, ё монанди табибоне, ки дар замони Исо (а) зиндагӣ доштанд, ё мӯъҷизаи равонашуда ба сӯи аҳли ҳамаи тахассусҳо дар тамоми давру замонҳо?

**Муаллимаи фанни таърих:** Ин тавр бошад, ҳоло ту эътироф кардӣ, ки Муҳаммад (с) ба ҷуз ҳамин навъи

мӯъҷиза мӯъҷизаи дигар надорад, дар ҳоле, ки мӯъҷизаҳои паёмбарон гуногун буд. Бинобар ин эътироф, лозим аст Қуръонро чунончи ту мегӯӣ, фарз кардем дар ҳаҷми худаш ва дар ҳадди худаш мӯъҷиза аст ва мо ба он ба унвони маҷмуаи мӯъҷизаҳо муомала намекунем?

**Абӯҳомид:** Дар оғози посух ба эътирози ту, ки мегӯӣ Қуръон мӯъҷизаи ягонаи Муҳаммад аст, лозим аст бидонӣ, аввал ин ки Қуръон мӯъҷизаи ягонаи Муҳаммад (с) нест. Мӯъҷизаҳои он ҳазрат (с) тақрибан тамоми ҷонибҳоро шомил аст. Кофист ҳар мӯъҷизае, ки аз кадом паёмбаре аз паёмбарон ба вуҷуд омада, монанди он балки бештар аз онро барои Муҳаммад (с) ёфта метавонӣ. Китобҳое дар ин мавзӯъ бо таҳқиқу тадқиқ таълиф шуда, дар онҳо садҳо мӯъҷизаҳои гуногуни мӯъҷизаҳои Муҳаммад зикр шудааст. Метарсам ҳоло ман агар дар ин мавзӯъ ворид шавам, ба иллати далелҳо ва шоҳидҳои таърихии зиёд вуҷуд доштан мавзӯъи асосии мавриди баҳсамон баҳс нашуда мемонад. Бо ин вуҷуд, ҳар вақте ба сӯҳбат дар мавзӯъи мӯъҷизаҳои дигари Муҳаммад (с) майл кунед, ман омодаасм. Ва ҳар кӣ хоҳад, китобҳои хос дар мавзӯъи мӯъҷизаҳои дигари Муҳаммад таълифшударо бихонад, ба китобҳои «Далоилун Нубувват» ва «Хасоисун-набӣ Муҳаммад-алайҳис-салоту вас-салом» мурочиат намояд.

Ва бозмегардам ба сари мавзӯъи баҳс ва бо таъкид мегӯям, ки барои ҳеҷ паёмбаре аз паёмбарон аз лиҳози мӯъҷизаашон ҳеҷ гуна камӣ ва костаӣ вуҷуд надорад. Зеро касе, ки ба нубувват ба мисли ширкате бингарад ва ба паёмбарон ҳамчун шарикони дар ширкатбуда, ба афроди ширкат ва кормандони он наменигарад. Ӯ ба

худи ширкат менигарад. Афроди коргар дар ширкат меоянду мераванд, вале номи ширкат ҳамчунон боқӣ мемонад. Пас чӣ гуна миёни паёмбарон фарқ қоил мешавӣ. Ҳол он ки онҳо болотар аз инанд, онҳо бародаронанд чунончи паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) дар чанд ҳадис фармудааст: яке аз он аҳодис ҳадисест, ки ёри он ҳазрат (с) Абуҳурайра ривоят кардааст, ки Расули Худо (с) фармуд: ***«Паёмбарон писарони як падару чанд модаранд ва ман шоистатари мардумам ба Исо писари Марям ва ӯ фурудоянда аст, ман ӯро мешиносам, он кас марде моил ба сурхӣ ва сафедӣ буданд, мӯи сари ишон чунон менамуд, ки гӯё аз он об мечакад, агарчи ба он об нарасад ҳам, ӯ салиброро мешиканад, хукро қатл мекунад, молро фаровон медиҳад, ҷизя вазъ мекунад ва ҳамоно Худованд дар замони ӯ ҳамаи миллатҳоро ҳалок кард ба ҷуз Ислом ва Худованд Масеҳи гумроҳи кӯри дурӯггуро ҳалок мекунад ва Худованд амну амонӣ меорад то ҷое, ки шер бо асп, паланг бо гов, гург бо гусфанд якҷо чаронда мешаванд ва кӯдакон бо морҳо бозӣ мекунанд дар ҳоле, ки ба якдигар зарар намерасонанд».***[1]

Ва ту наметавонӣ мӯъҷизаҳои Муҳаммад (с)-ро инкор намоӣ, магар вақте метавонӣ инкор кард, ки мӯъҷизаҳои ҳамаи паёмбаронро инкор кунӣ, зеро ҳеҷ мӯъҷизаеро аз мӯъҷизаҳои паёмбарон аз асос наметавонӣ ба эҳсос исбот кунӣ, танҳо бо хабарҳо исбот мекунӣ ва ҳамаи ахбор дар мавриди мӯъҷизаҳои паёмбарон мавриди шак қарор гирифтаанд, ба ҷуз он муъҷизаҳое, ки Қуръон аз онҳо хабар додааст ва

---

[1] Ривояти ибни Ҳиббон (6814), Шуъайби Арноут мегӯяд: исноди ҳадис бино бар шарти Муслим саҳеҳ аст.

Паёмбари Худо Муҳаммад (с) хабар додааст. Пас чӣ гуна он мӯъҷизаҳо исбот мешудаанду мӯъҷизаҳои Муҳаммад (с) исбот намешудааст? Ва чӣ гуна он мӯъҷизаҳоеро, ки ба ҷуз иснод ба соҳибонашон иснode дигар надоранд, исбот менамоӣ ва он муъҷизаҳоеро, ки дорои иснoди собитанд, исбот наменамоӣ...?

Ин **далели ақлии якум.**

## *Забон василаи алоқаи доимӣ аст*

**Аммо далели ақлии дуввум:** Оё забон василаи алоқа миёни афрод ва миёни миллатҳо нест?

Ҷавоб маълум аст: Оре... Бо **чашми ақл** ба фарогир будани ин мӯъҷиза бингаред, вақте он дар сухан зоҳир шуд. Бубинед ба он андозае, ки одамӣ суханро истифода мекунад ва сухан шоеъ гаштааст, ин мӯъҷиза низ бештар аз он шоеъ гаштааст, агарчи забони Қуръон аз дигар забонҳо фарқ мекунад, вале қисматҳои муштаракашон зиёд аст. Дар ҳамаи забонҳо бошад, маводи сухан як чиз аст, ки он ҳарфҳост ва як абзор доранд, ки забон ва лабҳо ва дигар аъзои нутқ ва ҷинс низ як чиз аст, ки он ҳам сухан аст.

Ва миёни ду забон ба ҷуз фаҳми инсон аз ҳамон ҳарфҳое, ки талаффуз мешаванд, чӣ фарқ аст? Ва ин нишона бо марзу буми хеш нишонае аз нишонаҳои қудрати Худованди бузург аст, ҳамчунон ки дар худи Қуръон дар сураи Рум омадааст:

وَمِنۡ ءَايَٰتِهِۦ خَلۡقُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَٱخۡتِلَٰفُ أَلۡسِنَتِكُمۡ
وَأَلۡوَٰنِكُمۡۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَٰتٖ لِّلۡعَٰلِمِينَ ٢٢

**«Аз нишонаҳои қудрати Ӯ офариниши осмонҳо ва замин ва ихтилофи забонҳо ва рангҳои шумост ба ростӣ, ки ин ибрате аст барои доноён».** (Рум, 22)

Хуллас, Қуръон эъҷози нигаронидашуда ба сӯи ҳамаи касоне, ки ба кадом забоне набошад, ҳарф мезананд. Зеро ӯ ба Қуръон ба унвони мӯъҷизаи забони арабӣ агар имон надорад, пас бояд, ягон китоби соҳибэъҷози дигареро ба забони арабӣ биёрад, агар худ араб бошад, ё ба забони худаш аҳли ҳар забоне бошад, агар ӯ аз ғайри араб бошад. Аслан дар миёни забонҳо аз ин дидгоҳ фарқ вуҷуд надорад. Ва ин гуна даъват ба зӯрозмоӣ шудан аз дигар тараф барои **соҳибони забонҳо, барои ҳар шахсе, ки ба ягон забон сӯҳбат мекунад, шараф аст. Бубин вақте ман маводи хомеро масалан шишапахтаро интихоб мекунам ва аз он ҳайкали киштии фазоӣ месозам. Албатта ин фахр барои моддаи шишапахта аст бар ҳамаи маводҳои дигар.** Ҳамин гуна вақте Худованд охирин мӯъҷизаро дар забоне аз забонҳои инсонҳо қарор медиҳад, ин фахри ҳамаи забонҳост. Балки ту метавонӣ ба мардум бигӯӣ, ки барои гуфтугӯ ба забон чӣ қадар эҳтиёҷ дошта бошанд, ба ин мӯъҷиза, ҳамон қадар эҳтиёҷ доранд!

## *Даъват ба зӯрозмои ба осонтарин чиз*

**Далели ақлии саввум:** Ҳар оина мӯъҷиза шудани сухан аз касе, ки мехоҳад ба майдони зӯрозмоӣ дохил шавад, чизе талаб намекунад, чи ин шахс хурд аст, ё бузург, қавӣ аст ё заъиф, мард аст ё зан... Аз инсон на ранҷу машаққат мехоҳад ва на нерӯе, ки беҳуда сарф шавад... Бинобар ин, саҳлу осонии ин мӯъҷиза аз асрори бузургии эъҷози он аст. Гӯё ба мардум мегӯяд:

Сухане, ки ҳар як нафар ҳарф мезанад, ё мешунавад, дар он назди ҳар шахс эъҷози Қуръон зоҳиру ҳувайдост. Зеро ҳар як шахс аз сухане монанди Қуръон гуфтан оҷиз аст, агарчи аз суханҳои дигар гуфтан оҷиз набошад ҳам. Зеро агар даъват ба зӯрозмоӣ ба моддаи муайяне аз мавод мебуд, албатта борҳо он моддаро пайдо карда наметавонистанд, ё аз лиҳози камбудӣ ва норасоии он модда, ё ба хотири гаронии он ё аз лиҳози надоштани тавони ба даст оварии он, ё навъи хосси он, ё монанди инҳо, маъзур мешуданд...! Аммо сухан бошад, шахси оҷизомада аз овардани Қуръон ё монанди Қуръон чӣ ҳуҷҷату далел метавонад биёрад. Ҳеҷ узре надорад, ба ҷуз ин ки бовар намояд, ки Қуръон аз назди Худост ва шояд ту ай муаллима, дар ибтидои сураҳои қуръонӣ ҳарфҳои муқаттаъаро хондаӣ, монанди аввали сураи Бақара: **«Алиф, лом, мим. Бетардид ин китоб роҳнамои парҳезгорон аст».** Ё дар сураи Марям, ки Худованд мефармояд: **«Коф, ҳо, ё, айн, сод»** ва баъзе сураҳо ба **«Алиф, лом, ро»** ва баъзе сураҳо ба **«Ҳо, мим»** сар мешаванд.

Пас вақте инҳоро хондӣ, бидон ки инҳо аз намудҳои даъват ба зӯрозмоӣ ба ҳамин Қуръон аст ба ин маъно, ки моддаи ин Қуръон ҳамин ҳарфҳост...

Ва ин ҳарфҳо назди шумо ҳаст...

Агар Қуръон аз назди Худо набошад, пас чаро шумо монанди ин Қуръонро оварда наметавонед?

## *Такомулёбии ақл*

**Далели ақлии чаҳорум:** Оё **ақли одамӣ** шахшуда ва ғайри қобили инкишофу тараққист?

Оё **ақл** баъди Одам (а) мустақиман монанди **ақли** замони Мусо (а) буд? Ва дар замони ҳазрати Исо (а)

ҳам монанди ҳамин аст? Оё **ақли** имрӯзаи одамӣ ҳам мисли ҳамон ақли пешин аст?

Касе нест, ки бигӯяд ақл тараққӣ намекунад ва инкишоф намеёбад!

Ё аз таҷрибаҳо истифода намекунад! Ва маърифаташ зиёд намешавад?

Оре, инсон инсон аст... Аммо **ақли** одами бузург мисли тифл нашъу намо меёбад ва таҷрибаҳои насли оянда ба наслҳои пешин изофа мешавад.

Вақте дар мавриди мӯъҷизаҳои паёмбарон фикр кунӣ, дар хитоби онҳо чизеро мебинӣ, ки **ақли** башарии ҳамонрӯза онро фаҳмида метавонад, ҳар кадоми он мувофиқи вақти худаш аст. Ва мебинӣ, ки фарқ миёни мӯъҷизаҳои пешин ҳамин аст, ки онҳо мӯъҷизаҳои моддии ба чашм намоёну эҳсосшаванда, қобили мушоҳада, ламсшаванда ва ҳиссӣ буданд. Дар ҳар як мӯъҷизае аз он мӯъҷизаҳо он миқдор эъҷозест, ки барои аҳли он далелу ҳуҷҷати кофӣ шуда метавонад, ки соҳиби ин мӯъҷиза паёмбар ва ин мӯъҷиза аз назди Худованд аст...

Зеро мақсуд аз мӯъҷиза далолатест бар он чизе, ки **ақл** фарогири он аст ва ҳуҷҷат бар он қоим мешавад. Зеро майдони амали мӯъҷиза, монанди рисолати паёмбароне, ки ба ҳамон мӯъҷизаҳо таъйид шудаанд, замону макони муайян ва қавмҳои махсус буд. Чунончи Қуръон дар ин маврид мефармояд: **«Мо ҳеҷ паёмбареро нафиристодем, магар ба забони қавмаш, то барои онҳо баён кунад, Худованд ҳар киро бихоҳад, гумроҳ ва ҳар киро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва ӯ тавонманди фарзона аст».** (Иброҳим, 4)

**«Нуҳро ба сӯи қавмаш фиристодем, ба онҳо гуфт: «Эй қавми ман! Худоро бипарастед, ки ҷуз Ӯ маъбуде**

**надоред, чаро парҳез намекунед?».** (Мӯъминун, 23)

**«Бар қавми Од бародарашон Ҳудро фиристодем, гуфт: «Эй қавми ман! Худоро ибодат кунед, ки шуморо ҷуз Ӯ маъбуде нест. Чаро парҳез намекунед?».** (Аъроф, 65)

**«Ба сӯи Самуд бародарашон Солеҳро фиристодем, ки гуфт: «Эй қавми ман! Худоро бипарастед, ки шуморо ҷуз Ӯ маъбуде нест, далели равшане аз тарафи Парвардигор бароятон омад, ин шутури Худо барои шумо мӯъҷизае аст. Раҳояш кунед, ки дар замин бичарад ва осебе ба он нарасонед, ки азоби дардноке гиребонатонро хоҳад гирифт».** (Аъроф, 73)

**«Ва ба сӯи Мадян бародарашон Шуъайбро фиристодем, гуфт: «Эй қавми ман! Худоро бипарастед, ки шуморо ҷуз Ӯ маъбуде нест, далели равшане аз Парвардигор барои шумо омад. Пас паймона ва тарозуро комил бидиҳед ва ба мардум кам надиҳед ва пас аз ислоҳ шудани замин дар он фасод накунед, агар имон доред, ин барои шумо беҳтар аст».** (Аъроф, 85)

Ва чун инкишоф ва нумӯи **ақл** аз миёни анбӯҳи таҷрибаҳои башарӣ ва анбӯҳи маърифатҳои инсонӣ гузашта камол ёфт ва ба ҷое расид, ки маъниро мисли ашёи эҳсосшаванда метавонад дарк намояд, барои онҳо мӯъҷизаи асосие, ки **ҳақиқатҳо ва маъниро дар зарфи ҳарфҳову калимаҳо гирифтааст, омад,** ҳамоно ин забон аст, ки дар зарфи ҳарфҳо маъниро баён менамояд. Ин як чи ва чизи дигар он, ки маърифат ва шинохти инсонӣ ба чи андозае инкишоф ёбад, ҳамон гуна дар моддиёт инкишоф мешавад. Вале дар забон, дар сухан ва дар ҳарфҳои калом инкишофу тараққӣ намешавад. Дуруст аст, ки истилоҳҳои тоза ба вуҷуд меоянд, аммо он истилоҳҳо низ аз ҳамон ҳарфҳо сохта мешаванд. Бинобар ин, эъҷоз

дар асли улум аст на дар маводи хом ва миёни ин ду чиз фарқи калон аст, фарқ миёни маркази ҳукм ва сарварӣ ва миёни абзор ва монанди он.

Ба хотири равшантар кардани ин маъно аз шумо суол мекунам: Инсон аз ҳайвон бо чи чиз фарқ мекунад? Ва чаро файласуф инсонро ҳайвони нотиқ меноманд? Ҷавоб маълум аст: Зеро инсон мавҷуди зиндаи оқил аст: Ва чаро ба ӯ сифати нотиқ додаанд? Чунки ӯ **мефаҳмад** ва аз он чи **мефаҳмад** некӯ таъбир мекунад.

Зеро инсон таҷриба мегирад ва таҷрибаашро дар сухани манзум ё мансур бо забон ё ба таври катбӣ хуб ҳифз менамояд, баъди ӯ насли дигар меояд ва бар бунёди он навиштаҳо, ё гуфташудаҳо илму дониши тозаи пешрафтаи башарро бино мекунад. Ва гоҳо тамаддуни ҷадидест, ки бар асоси он тамаддунҳои зиёде ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, мӯъҷизаи Қуръон мӯъҷизаи суханӣ, нутқӣ, хонданӣ, будан далел бар он аст, ки ин мӯъҷиза ба сӯи маркази омӯзиши дохилии инсон равона шудааст, ки он **ақл** аст. Ва моддаи ин мӯъҷиза моддаи ҳамон марказ аст, ки он нутқ аст. Аз ин рӯ ин мӯъҷиза қуллаи баландтарини ҳамаи мӯъҷизаҳост, чунки он ба сӯи қуллаи баландтарини махлуқот, яъне инсон ва баъд аз он ба сӯи қуллаи баландтарини инсон, яъне **ақли** инсон равона шудааст. Ва моддаи ин мӯъҷиза қуллаи баландтарини тамоми моддаҳо, ки он маъниҳои хазинашуда дар забон аст, мебошад.

Ва бо вуҷуди он ки мӯъҷиза дар қуллаи баландтарин қарор дорад, дар он ба тамоми халқҳои дар сатҳҳои гуногун қарордошта хитоб мешавад, зеро мавриди ин хитоб ҳамаи соҳибони ақл, ҳамаи

ҳайвонҳои нотиқ қарор гирифтаанд. Аз онҳо касе истисно нашудааст, дар ин хитоб ҳама баробаранд, чи касоне, ки дар замони нузули ин мӯъҷиза буданд, ё касоне, ки баъди ишон омаданд, ё касоне, ки дар замони оянда меоянд, ё баъди мо меоянд, ё касоне, ки ба забони онҳо нозил шудааст, ё ба забоне касоне, ки ба забони ғайри забони нузули ин мӯъҷиза аст, ҳарф мезананд, ба сӯи тамоми забонҳои башарӣ. Оё монанди ин мӯъҷиза, мӯъҷизаи дигаре ҳаст?

## *Навъи ҷадиди даъват ба зӯрозмоӣ*

**Далели ақлии панҷум:** Агар Муҳаммад (с) ба ҷуз ин як мӯъҷиза, мӯъҷизаи дигар надошта бошад, чи бок, вақте ин мӯъҷизааш дар мақоми дурахшони мӯъҷизаҳои дигар паёмбарон аст, яъне мӯъҷизаҳои моддии дар гил, ё асо, ё ноботот, ё дар ҳайвон?

Муҳаммад (с) чӣ далели наве аз далелҳои далолатгар бар қудрати он кӣ ӯро ба паёмбарӣ фиристодааст, изофа мекунад...? Бале изофа ҳаст.

Аммо на изофаи навъӣ, балки изофаи рақамӣ ва ададӣ...!

Вақте ин навъи мӯъҷизаро овард, бо он корҳои бузурге, ки барои мо хеле дорои аҳамият аст, амалӣ шуданд. Яке аз ин корҳои бузург ва муҳим ин аст, ки бо рафтани соҳиби мӯъҷиза худи мӯъҷиза аз байн нарафт, вале сарнавишти мӯъҷизаҳои паёмбарони пешин тамоман фарқ мекунад, чун он мӯъҷизаҳо бо рафтани соҳибонашон аз байн рафтанд. Ин мӯъҷиза то замоне, ки инсон ба сухан ниёз дорад, боқист, зеро ин мӯъҷиза вақте омад кафолати ҳифзшавӣ аз ҷониби Худо ба он ҳамроҳ буд.

Худованд мефармояд: **«Ҳамоно мо Қуръонро нозил**

**кардем ва худ аз он ҳифозат мекунем».** (Ҳиҷр, 9)

Ин мӯъҷизаест, ки ҳар қадар умри инсоният идома ёбаду тӯлонӣ шавад ва ҳар қадар ҷомеъаи башарӣ тараққӣ кунад, чунончи зикр кардем, чизе бар он зиёд намешавад, зеро тараққии инсон дар моддаи хом аст, на дар моддаи калом.

Муҳим аст низ бидонем, ки мӯъҷизаҳои паёмбарон ҳеҷ гоҳ баъзеашон баъзеи дигарро ҳифз накардаанд, дар асное, ки ин мӯъҷиза тамоми мӯъҷизаҳои анбиёро ҳифз кардааст ва ин ҳифзшавӣ ба навиштани он мӯъҷизаҳо дар худи мӯъҷизаи Муҳаммад (с) амалӣ шудааст ва ин мӯъҷиза – Қуръон, дафтари сабти маҳфузест, ки касе тавони тағйир додани онро надорад.

Вақте тамоми он чизҳоеро, ки ман пеш аз ин зикр кардам, ҷамъ кунӣ, туро ақлат ба як зарурати **ақлӣ** ва натиҷаи қатъӣ мерасонад, ки он ин аст, ки ин Қуръон мӯъҷизаи охиринест, ки ба он тамоми мӯъҷизаҳо хатм шудаанд.

## *Бақои роҳи рост дар ҷовидонагии ҳамин мӯъҷиза аст*

**Далели ақлии шашум:** Мӯъҷизаҳои паёмбарон нури дурахшоне мебошанд, ки Худованд онро барои ҳар паёмбаре ато кардааст, то қавмашро ба сӯи Худованд раҳнамоӣ кунад... Ва сарнавишти ин **Нур** ба паёмбар марбут аст. Ва бо вуҷуди ин ки мӯъҷизаи ҳар паёмбар вобаста ба ҳаёти ӯст, табиъатан бояд бо рафтани он паёмбар он Нур низ хомӯш шавад ва аз он ба ҷуз ривояте, ки ёрони он паёмбар ривоят мекунанд, чизе боқӣ намонад. Чунончи касоне, ки мӯъҷизаи Асоро диданд, ки ба мори азим мубаддал гашт, ё диданд, ки

мурда зинда шуда бархест ва гил ба парранда мубаддал гашта дар ҳаво парвоз кард ва ҳар он чиро, ки диданд... онро ба касоне, ки на дидаанд ривоят карданд ва ҳамин гуна касоне, ки баъди инҳо омаданд ва баъд аз худашон омадаҳо ба якдигар ривоят карданд. Ана ҳамин гуна мардум чунончи одати башар аст дар нақл чизе зиёду кам карда аз насле ба насле интиқол медоданд...

Аммо худи мӯъҷиза бо даргузашти соҳибаш даргузаштааст ва нур бо хомӯш гаштани шамъи ҳаёти паёмбар хомӯш шудааст. Ва ба сабаби он, ки ҳамаи паёмбарон даргузаштаанд ва рисолатҳо ҳам хотима ёфтаанд ва ҳамаи нурҳо хомӯш гаштаанд, бовар накарданӣ нест, ки Худованд башариятро то рӯзи қиёмат бидуни нуре вогузорад, ки башарият аз рӯшании он мӯъҷизаҳои паёмбарон, ҳамон мӯъҷизаҳое, ки аз онҳо ба ҷуз ривояти аз шакли аслиашон дур кардашуда боқӣ мондааст, бубинанд?

Аз ин рӯ боқӣ мондани мӯъҷизаи охирин зарур аст, ҳатто агар соҳибаш даргузарад ҳам. Аз ин ҷост, ки Муҳаммад (с) даргузашт, вале мӯъҷизааш аз байн нарафт. Бо беҳтарин ва комилтарин сурат боқӣ монд. Бояд гуфт, мӯъҷизаи рисолати Муҳаммад (с) дар каломи ҷовидона таҷассум ёфта ҳамзамон мӯъҷизаи охирин барои хотами анбиё мӯъҷизаи ба ақл мувофиқ омад ва чунин сурат гирифтани кор бесабаб нест. Сабаби он маълум аст, зеро агар чунин намешуд, Худованд бар наслҳои то охири дунё пайи якдигар оянда, ки дигар на паёмбаре меояду на мӯъҷизае ба вуҷуд меояд, чи гуна ҳуҷҷатро барпо мекард?

Пас бақои танҳо ин як мӯъҷиза аз рӯи **ақл** кифояткунанда аст барои шаҳодат додан бар ин, ки

Муҳаммад паёмбари охирин аст ва ин мӯъҷиза низ мӯъҷизаи охирин аст ва Қуръон нурест, ки боқӣ мондааст ва бо хомӯш шудани ҳаёти Паёмбар хомӯш нагаштааст ва ҳаргиз хомӯш нахоҳад гашт ва вуҷудаш ба вуҷуди Паёмбар (с) вобаста карда нашудааст. Ва Қуръон дари бозест миёни мардум ва анбиё ва он дари кушодаест миёни халқ ва Худованд, бо даргузашти паёмбар баста нагаштааст ва то рӯзи қиёмат ҳаргиз баста нахоҳад шуд.

## *Фоидаи порча-порча омадани Қуръон*

**Далели ақлии ҳафтум:** Ҳар оина калом будани мӯъҷизаи Қуръон имкон додааст, ки ба Паёмбар (с) ба сурати қисматҳои ҷудо-ҷудо, хурду калон нозил шавад. Агар ин ҳам мӯъҷизае мисли мӯъҷизаҳои дигар паёмбарон мебуд, албатта даъват ба зӯрозмоӣ бо он ба комил гаштани аҷзоаш вобаста мешуд ва баробар аст, ки он гил мебуд, ё чӯб, ё оҳан, ё кадом моддаи дигаре ва баробар аст, ки содда мешуд ё мураккаб.

Вале вақте, ки он калом аст, мумкин аст даъват ба зӯрозмоӣ ба ҳар як ҷузъе аз аҷзои он сурат бигирад, чунончи нафъ бурдан ба ҳар ҷузъе аз аҷзои он мумкин аст. Аз ин рӯ ҳар кас сурае аз кӯчактарин сураҳои Қуръонро ҳифз намояд, ӯ метавонад ба он як сура тамоми дунёро ба зӯрозмоӣ ба овардани мисли он даъват намояд ва мардуми дунё натавонанд монанди он сураеро биёранд. Ҳамзамон ӯ метавонад ҳамон як064 сураро бихонад ва бардорандаи Қуръон маҳсуб гардад ва ба қироати ҳар як ҳарфе аз ҳуруфи он подош дода шавад ва метавонад ба қироати он Худоро ибодат кунад. Ва фазилати дигари порча-порча нозил шудани Қуръон ин аст, ки ҳифз намуданаш барои ҳар як шахс,

ба хусус барои насли аввал, ки бар он насл Қуръон нозил шуд, осон гашт. Барои он ки аҳамияти порча-порча нозил шудани он бароят равшан шавад, тасаввур кун, ки аввалинҳо, касоне, ки тоза Исломро пазируфтанд, пеши худ Қуръонро ба ин ҳаҷм меёфтанд ва аз онон дархост мешуд, ки онро ҳифз кунанд ва ба як бор гуфта мешуд, ки ба тамоми аҳкоми он амал кунанд... тақдири ҳифзи Қуръон чӣ мешуд... ва онҳо чӣ аксуламал нишон медоданд?

Оёти даъваткунанда ба зӯрозмоие, ки пештар зикр кардем, оятҳои дар охир нозилшудаи Қуръон набуданд... то касе нагӯяд: Даъват ба зӯрозмоӣ танҳо ба Қуръони комил аст. Балки **қавитарин** оятҳои ба зӯрозмоӣ даъваткунанда аз оёти дар аввал нозилшуда аст. Зеро бо қавм рӯ ба рӯ шудан дар аввали Ислом сангин буд.

## *Ҳифзи мақсуди Худованд*

**Далели ақлии ҳаштум:** Вақте Худованд худро ба мардум шиносонд, ҳар он чиро, ки бар онҳо фарз карда ва ҳар он чиро аз он наҳй фармуда буд, ишонро аз онҳо огоҳ кард ва ҳар он чи ба ҳаёти онҳо таъаллуқ дошт, ба василаи паёмбаре, ки ба сӯи онҳо фиристода ва китобе, ки бар он паёмбар (с) нозил карда буд, баён фармуд. Пас баъд аз он ки нубувват поён ёфт ва китоб ҳам аз байн рафт ва мардум гумроҳии хешро идома доданд, аз он бознаистоданд, чӣ мешавад? Оё ягон услубе вуҷуд дорад, ки **ақл** аз он услуб ба мо нафъ расонад, Худо аз он роҳ худро ба бандагонаш бишиносонад, аҳкоми Худовандро бар бандагонаш ҳифз кунад ва муроди Худоро аз бандагонаш, мукофоташро барои некукорон, азобашро барои

бадкорон ва монанди инро ҳифз намояд?

Оё ғайри китобат ягон роҳе вуҷуд дорад, ки ин ҳамаро то рӯзи қиёмат тавре ҳифз кунад, ки аз он чи Худо нозил кардааст, чизеро тағйир надиҳад?

Аз ин рӯ муносиб он аст, ки мӯъҷиза сухан бошад, сухани ҳифзкунандаи тамоми он маълумоти зарурӣ, сухани китобатшудае, ки ҳар қадар замон тӯлонӣ шавад, ё дигаргун шавад, он қобили тағйир набошад. Инак он зарфи нигаҳбони тамоми он чи зикр кардем ва бештар аз он барои ҳамаи замонҳову маконҳо, Қуръон аст.

## *Мудохала*

**Муаллимаи фанни диншиносӣ:** Ман мудохала мекунам ва мудохалаи ман ин аст: вақте бартарияти мӯъҷизаи забонӣ аз мӯъҷизаи ҳиссӣ ҳамин далелҳои ақлии зикркардаи ту бошад, пас ман ба ту эътирозе менамоям, аз он раҳоӣ ёфтани ту хеле душвор мешавад. Эътирози ман ин аст, ки танҳо Муҳаммад (с) соҳиби китоби ягона набуд. Ва шумо мусалмонҳо ба китобе, ки Худованд ба Мусо (а) нозил кард, имон доред ва ба Инҷиле, ки Худованд ба Исо (а) нозил кард, имон доред, ҳамин тавр ба ҳамаи китобҳо имон доред. Пас вақте масъала масъалаи забон бошад, пас забони арабӣ ба арабҳо хос аст, **чунончи забони ибрӣ забони Тавроту Инҷил аст.**

Баъд аз он вақте Таврот ва Инҷил мисли Қуръон ҳамаашон, чунончи шумо мегӯед, аз назди Худо аст, пас чаро Худованд Қуръонро ҳифз мекардаасту он китобҳои дигарро вомегузоштааст ва ҳол он, ки ҳамаашон китобҳои ӯянд, ин фарқгузорӣ барои чӣ?

Оё ақл қабул мекунад, ки ин фарқгузорӣ аз ҷониби Худованд аст, ё дурӯғбофии мусалмонон аст, ки

мехоҳанд динашонро бузург нишон диҳанд, чунончи одати ишон аст?

**Абӯҳомид:** Ай муаллима, миёни ин ки мо мегӯем Худованд бар Исо (а), ё Мусо (а), ё ғайри ишон нозил кард, ки дар он ҳидояту раҳмат аст ва миёни ин ки мегӯем Худованд бар Муҳаммад (с) китобе нозил кард, ки дар он ҳидоят ва раҳмат аст ва китобашро мӯъҷиза гардондааст, фарқ кун.

Барои ман аз паёмбарон (а) як паёмбареро номбар кун, ки гуфта бошад: мӯъҷизаи ман китоб аст!

Вақте, ки ҳеҷ паёмбаре дар мавриди китобаш ин суханро нагуфта бошад, чӣ гуна мо дар мавриди китоби ӯ чунин гӯем?

Ва як оятеро аз китобҳои осмонӣ, ғайри Қуръон бихон, ки Худованд дар он ҳифзи ҳамон китобро кафолат дода бошад! Ман ба таври қатъӣ ба ту мегӯям, ки ту ин гуна оятро танҳо дар Қуръон пайдо карда метавонӣ, на дар дигар китобҳо! Ин оят ҳамон оятест, ки пештар зикр кардам ва он сухани Худост, ки фармуд: **«Мо Қуръонро нозил кардем ва худ аз он ҳифозат мекунем».** (Ҳиҷр, 9)

**Муаллимаи фанни таърих ва диншиносӣ:** Маро бубахш, ки суханатро буридам, хоҳиш мекунам ҷавобҳои ақлиро бар салоҳияти мӯъҷиза шудани забон ва ин ки Қуръон бузургтарин мӯъҷизаҳост, комил соз, ба гумонам далели ақлии ҳаштумро ба поён расонда будӣ.

## *Сирри ҳифз нашудани мӯъҷизаҳои пешин*

**Далели ақлии нуҳум:** Дар ин ҷо баъзе аз асрори мантиқиро дар мавриди китобҳои паёмбарони пешинро ҳифз накардани Худо мефаҳмем, ҳол он ки

Худованд бидуни шак бар ҳифзи он китобҳо ба мисли Қуръон қодир буд. Вале Худованд танҳо миқдори муштаракеро, ки инсон аз ҳамон рисолат ба он ниёз дошт ва он ҳам бошад имони ба рисолат аст, ҳифз кард. Аммо тафсили қонунҳои ба зиндагии мардум алоқаманд ҳифз нашуд. Зеро зиндагии мардум ба тағйироти ниҳоят зиёде мувоҷеҳ шуд... Ба хотири чи чизе қонун ҳифз шавад, вақте татбиқи он аз асос тағйир ёбад, ё аҳли он тағйир ёбанд?

Назди уламои қалб машҳур буд, ки вақте табдил намудани қалб муқаррар шавад ҷойгузини ягонаи сарпӯшаи табиии қалб сарпушаи механикӣ (Mechanical valve) аст. Ин гуна фаҳмиш то замони кашфшавии сарпӯшаи табиъӣ Biological valve, сарпӯшае, ки ин аз он аз чанд ҷиҳат беҳтару арзонтар аст ва ҳам онро тамоми олам эътироф карда, идома ёфт. Оё дар шифохонаҳо ба истифодабарии сарпӯшаи кӯҳнаи оҳанӣ баъди мавриди истифода карор гирифтан сарпӯшаи табиии нав ниёз боқӣ мемонад ва дар сурате, ки эҳтиёҷот ба сарпӯшаи аввал аз байн рафтааст?

Аммо касоне, ки дар онҳо пеш аз ин ҳамон сарпӯшаи аввал ниҳода шудааст ва чанд соле бо он доранд зиндагӣ мекунанд ва одатан аз ҳолати пешинаи бемориашон беҳтаранд, чунончи ҳоли онҳо аз касоне, ки пеш аз инҳо зиндагӣ карда буданду ҳамон сарпӯшаи оҳаниро низ надоштанд, ҳолашон беҳтар аст.

Дар тамоми саноатҳои тараққикунанда дар ҷодаҳои ҳаёти кор чунин аст...Аммо аз аввала як чи ҳифз мешавад ва ҳаққи ҳифз шуданро дорад, номаш ва собиқа буданаш ҳифз мешавад. Ва бо ҳамин мантиқи **ақлии** маълум дар тамоми майдонҳо баъзе асрор дар мавриди он ки Худованд ҳифзи он китобҳо ва

таълимоти паёмбарони пешинро ба мардум супоридааст, дарк мешавад. Аммо ҳифзи Қуръонро Худованд субҳонаҳу ва таъоло кафил шудааст.

Ва чун болои Қуръон бештар фикр кунӣ, мебинӣ, ки ба имон овардан ба он китобҳо амр менамояд ва нуру раҳмати дар он китобҳо бударо зикр мекунад. Аммо он китобҳо ҳифз шудаанд, ё амал намудан ба онҳо воҷиб аст ва монанди инҳоро намегӯяд магар амал кардан ба он миқдоре аз он ду китоб, ки ба китоби осмонии ҷадид, ки Қуръон аст, мувофақат кунад. Худованд мефармояд: **«Мо Тавротро нозил кардем, ки дар он ҳидоят ва нур аст, паёмбароне, ки таслими фармони Худо буданд, тибқи он барои яҳудиён ҳукм мекарданд, ҳамчунин Худопарастон ва донишмандон, ки нигаҳбони китоби Худо буданд ва бар он гувоҳӣ доданд. Бинобар ин, аз мардум натарсед ва аз ман бим дошта бошед ва оёти маро ба баҳои ночиз нафурӯшед. Ва ҳар кас ба аҳкоме, ки Худо нозил кардааст, ҳукм накунад, кофир аст».** (Моида, 44)

Сипас баъди ин оят дар ояти 48 мефармояд! **«Ин Қуръонро ба ҳақ бар ту нозил кардем ва ин дар ҳоле аст, ки китобҳои пешинро, ки дар баробари он қарор дорад, тасдиқ мекунад ва шоҳид ва нигаҳбони онҳост. Бинобар ин, ба он чи Худо нозил кардааст, дар миёни онҳо ҳукм кун ва аз ҳаво ва ҳавасашон пайравӣ макун, ки аз аҳкоми илоҳӣ бозмонӣ. Барои ҳар гурӯҳи аз шумо ойин ва тариқаи равшане қарор додем ва агар Худо мехост, ҳамаи шуморо ба сурати як уммат дармеовард, вале хост дар он чи ба шумо додааст, имтиҳонатон кунад. Пас дар некиҳо бар якдигар пешӣ гиред, ки бозгашти ҳама ба сӯи ӯст ва аз он чи дар он ихтилоф доред, огоҳатон мекунад».** (Моида)

Оё аз ҳикмат мебинӣ, ки мардум аз кашфиётҳои тиббии ҷадиде, ки муносиби ҳаёти ҷадидашон аст ва барои онҳо тандурустиро таъмин мекунад ва аз лиҳози вақт ва сарват ва талош ба нафъи онҳост, истифода накунанд ва аз ҳамон усулҳои кӯҳнае, ки комилан муносиби аҳли асри кӯҳна буд, истифода кунанд?

Оё соҳиби коло барои колои хешро аз уқёнусҳо убур додан киштиҳои наву эмин ва бузургу бо суръат ҳаракаткунандаро вогузораду киштиҳои бодбони замони пешро иҷора гирад, барояш муносиб аст?

Оё соҳиби замини бузург, ки заминаш масоҳати васеъеро ташкил медиҳад, барои киштукори заминаш муносиб аст, ки аз олоти дастӣ истифода намояд ва ҳангоми дарав низ онро бо дос бидаравад ва аз василаҳои техникии ҷадид ҳангоми киштукор ва ҷамъоварии ҳосил истифода накунад?

Оре, агар ҳамин василаҳои техникии ҷадид дар ҳамон замони қадим мебуду инсон онро дида, дар ҳайрат мемонд ва намедонист чӣ гуна онро ба ҳаракат дарорад, балки кӯшиш мекард, ки онро аз заминаш берун бурда дар ҷои дуртар аз он партояд, ин гапи дигар буд. Имрӯз ба технологияи нав баъзе афроде, ки дар ҷангалҳо зиндагӣ мекунанд ва аз пешрафти илмӣ огоҳӣ надорад, вақте ба онҳо пешниҳод кунӣ, чунин муносибат мекунанд. Аз ин рӯ барои онҳо белу каланд ва досу дигар олоти дастӣ ва нерӯи башарии киштукоркунанда ва даравгар муносибтар аст. Бо вуҷуди ин, имрӯз ба хотири ёд кардани арзиш ва нақши он дар замони худаш ва барои омӯзиши пешрафти тадриҷии амалӣ ва ошноӣ бо он асбоб нигаҳдории ҳамон олоти қадима хуб аст... Ва ин аст он чи, ки дар ақида мо онро имон меномем, яъне тасдиқи

паёмбарони пешин, на вайрон кардан ва ба тамом аз байн бурдани динашон ё инкори рисолаташон. Аз ин рӯ имони ба паёмбарони пешин рукне аз аркони дини Ислом шумурда шудааст. Бинобар ин, ҳар кӣ ба онҳо кофир шавад, ба худи Ислом кофир аст.

Дар сураи Нисо дар чандин оятҳо Худованд мефармояд: **«Инкоркунандагони Худо ва паёмбарони ӯ, ки мехоҳанд миёни онҳо ҷудоӣ бияндозанд ва мегӯянд: «баъзеро мепазирем ва баъзеро намепазирем» ва хости онҳо ин аст, ки дар ин миёна роҳе баргузинанд. Онҳо дар ҳақиқат кофиранд ва барои кофирон азоби хоркунандае муҳайё кардаем. Худованд подоши касонеро, ки ба Ӯ ва расулони Ӯ имон овардаанд ва миёни онҳо ҷудоӣ намеандозанд, хоҳад дод, ки Ӯ омурзандаи меҳрубон аст».**(150-152)

Ва Қуръон танҳо ба шиносондани аҳкоми воридшуда дар китобҳои пешин иктифо накардааст, балки бисёре аз он аҳкоми амалиро тавзеҳ намудааст ва пеш аз он ваҳдати ақидатии даъвати анбиёро зикр кардааст. Ва ба зикри танҳо номи анбиё дар Қуръон ё воҷиб будани имон ба онҳо иктифо нашудааст, балки Қуръон қиссаҳои зиёдеро ба таври софу муфассал, бидуни таҳриф ва тағйиру табдил аз онҳо бо ибораҳои болиғ, ишораҳои амиқ ва услуби фаҳмо зикр намудааст.

## *Дар мӯъҷизаи Қуръон раҳмат ва афзунии имон аст*

**Аммо ҷавоби ақлии даҳум:** Тасаввур кунед, агар асои Мусо (а) то ба имрӯз боқӣ мемонд ва ба унвони далели нубуввати Мусо (а) амал мекард, чунончи амал карда буд, оё ин падида дар имони ба Мусо (а) имон

овардагон намеафзуд ва нишонаи ошкори ҳидоят ба нубуввати Мусо (а) то даме, ки асо мавҷуд аст, намешуд ва барои касоне, ки онро надидаанд, баъди даргузашти Мусо (а) раҳмат намешуд?

Боз тасаввур кунед, агар мӯъҷизаҳои Исо (а) имрӯз мавҷуд мебуданд ва мисли замони Исо (а) амал мекарданд....Оё сабаби зиёдшавии яқин барои касоне, ки Исо (а)-ро надидаанд, ҳуҷҷати расои онон барои дигарон намешуд?

Ҷавоб дар ҳарду ҳолат маълум аст: Оре, чунин аст.

Маълум аст, ки ҳамаи паёмбарон мӯъҷиза доштанд. Бубинед, мо бар онем, ки ҳамаи мӯъҷизаҳо рафтанд ва ба ҷуз хабарашон аз онҳо чизе боқӣ намондааст ва аз аксари онҳо бо вуҷуди он ки бешубҳа мӯъҷизаҳои бузурганд, чизе намедонем. Ва Паёмбари гиромӣ (с) мефамояд: ***«Аз паёмбарон ҳеҷ паёмбаре нест, магар ин ки дода шудааст ӯро аз мӯъҷизаҳо мӯъҷизае, ки башар (оҷиз омада ва ба он таслим шуда) бар он имон овардааст. Ва ҳамоно мӯъҷизае, ки ба ман дода шуд, ваҳйест Худованд ба ман онро ваҳй кардааст, бинобар ин умед дорам, ки пайравони ман дар рӯзи қиёмат аз дигар паёмбарон бештар аст».***[1]

Ва таълимоти рисолатҳо бо фиристодани паёмбарони ҷадид таҷдид ва аз инҳирофот пок мешуданд. Вақте ирода мешуд, ки рисолате бекор карда шавад, паёмбари дигар бо шариъати нав фиристода мешуд.[2] Ҳамин тавр паёмбарон пайиҳам яке пас аз дигаре омад то вақте, ки навбати рисолати фарогири охирин фаро расид ва

---

[1] Бухорӣ (4696) ва Муслим (152).

[2] Мансухшавӣ танҳо дар шариъатҳои амалкунанда буд, на дар эътиқодот, зеро эътиқодоти осмонӣ бекор карда намешавад.

шоиста аст, ки мӯъҷизааш идома ёбад ва аз табдилу таҳриф ҳифз шавад.

Ва бо ҳамин Муҳаммад (с) боқӣ монд ва ин ягона ҳолатест, ки дар он бо вуҷуди он, ки соҳиби мӯъҷиза даргузаштааст, вале мӯъҷизааш боқӣ монда. Аз ин рӯ, умед дошт, ки аз дигар паёмбарон пайрави бештар дошта бошад, ба сабаби идоманокии мӯъҷиза...

Ва дар ҳамин идоманокии мӯъҷиза раҳмат аст барои мардуме, ки баъди Паёмбари гиромӣ (с) омаданд. Зеро ҳар кӣ баъди ҳар паёмбаре аз паёмбарон (а) омадааст, ӯ аз мӯъҷизаи паёмбараш ба ҷуз шунидани хабари он ҳеҷ баҳрае набурдааст, дар асное, ки ҳар кӣ баъди Муҳаммад (с) омада, мӯъҷизаи ӯро мисли касоне, ки дар замони Паёмбар онро дида буданд, мебинад. Бинобар ин, касоне, ки баъди Муҳаммад (с) зиндагӣ карданд, аз лиҳози дидани мӯъҷиза, мисли касонеанд, ки дар замони он ҳазрат (с) зиндагӣ кардаанд. Дар ин масъала барои пайравони Муҳаммад (с) бузургтарин раҳмат ҳамроҳ бо таъйиди бештар аст. Аз ин рӯ маро мебинӣ, ки ба шумо аз рӯи яқин мегӯям: Ин Қуръонро, ки мӯъҷизаи ҷовидонаи Муҳаммад (с) аст, бихонед!

Ин аз як сӯ ва аз сӯи дигар мегӯям: оё **ақл** қабул дорад, ки Худованд баъди Исо (а) то ба имрӯз ва то рӯзи қиёмат башариятро бе паёмбар вогузорад ва баъд аз он онҳоро муҳосаба намояд...?

Ҷавоб маълум аст: Ҳаргиз не. Пас агар ин тавр бошад, ку Паёмбар ё паёмбарони баъди Исо (а)? Ва мӯъҷизаҳои барои ин мардум боқимондаашон, ки баъди ӯ бо он тафохур намоянд, куҷост?

Аз ин назар бақои Қуръон бузургтарин далели ақлӣ аст бар бақои рисолати Муҳаммад (с).

Ин мӯъҷизаест, ки ба сабаби вафоти соҳибаш намемирад ва фано намешавад.

## *Далели ҳамаи рисолатҳо*

**Ҷавоби ақлии ёздаҳум:** Бақои Қуръон беҳтарин далел аст барои ҳамаи рисолатҳо... Шумо ҳама медонед, ки тамоми паёмбарони пешин (а) ба манотиқи ҷуғрофии махсус омадаанд. Ва аз ҳеҷ кадоми онҳо далели қатъие вуҷуд надорад, ки гуфта бошад: «Ҳамоно рисолати ман барои тамоми мардум аст ё то охири дунёст». Рисолати Мусо (а) хоси қавми худаш буд, чунончи дар Қуръон омадааст: **«Дар ҳақиқат Мусоро бо мӯъҷизоти худ фиристодем, ки қавмашро аз торикӣ ба рӯшноӣ барорад ва рӯзҳои Худоро ба ёдашон оварад».** (Иброҳим, 5)

Боз фармуда: **«Дар ҳақиқат мо Мусоро бо оёти худ ва далели ошкор ба сӯи Фиръавн ва атрофиёнаш фиристодем. Аммо онҳо аз фармони Фиръавн пайравӣ карданд бо ин ки фармони Фиръавн мояи растагорӣ набуд».** (Ҳуд, 96-97)

Ва рисолати Исо (а) инчунин хос ба сӯи бани Исроил буд. Худованд дар ин маврид мефармояд: **«Ва ба рисолат ба сӯи бани Исроил мефиристад, ки: Ман мӯъҷизае аз Парвардигоратон овардаам: аз гил чизе шабеҳи парранда месозам ва дар он медамам, ба хости Худо парранда мешавад, кӯри модарзод ва песро беҳбуд мебахшам ва ба хости Худо мурдагонро зинда мекунам ва аз он чи мехӯред ва дар хонаҳоятон захира мекунед, хабар медиҳам. Агар имон доред, дар ин бароятон нишонае аст».** (Оли Имрон, 49)

Ва ғайри ин ду боз дигар рисолатҳо ҳамчунин хоси макон ва қавме буданд... Пас натиҷаи қатъӣ ин аст,

мӯъҷизаҳои паёмбарон ва китобҳояшон бо гузаштани онҳо ҳама аз байн рафтанд. Вале дар баробари инҳо Қуръон мӯъҷизаи ягона барои соҳибони диёнатҳое, ки пеш аз он гузаштаанд ва барои тамоми мардум то рӯзи қиёмат боқӣ монд..!

Боқӣ мондани ин мӯъҷиза, ки мо ҳама то рӯзи қиёмат онро мушоҳида мекунем, на дигар мӯъҷизаҳо, чӣ маъно дорад...? Ва ҳар кӣ ақлаш ин мафҳумро қабул накунад, барои мо мӯъҷизаи ҷовидонаи дигареро, ки аз Муҳаммад (с) набошад, мӯъҷизаи дигареро берун орад. Боз ба такрор мегӯям, ки мӯъҷизаи ҷовидона будани Қуръон аз қуввати дигар мӯъҷизаҳо ва рисолати паёмбарон (а) ҳаргиз чизе кам намекунад... **Дар ҳақиқат ҳар як мӯъҷиза мӯъҷизаи муносибтару комилтар дар замони худаш буд ва ҳамаи паёмбарон бародар буданд ва нақшаи онҳо як нақша буд.**

## *Фарзандони шоҳ*

**Агар ту тасаввур намоӣ,** ки шоҳи одиле умри дароз дид...Ва дар қаламрави кишвараш деҳаҳои зиёде буд, ӯ яке аз писаронашро ба деҳае аз деҳаҳои мамлакати хеш бо номае фиристод ва ӯро вазифадор кард, ки қонуни ӯро барои аҳли деҳа баён намояд. Ва баъди панҷ сол боз як номаи дигар бо писари дуввумаш ба деҳаи дигар фиристод, то ӯ низ қонунашро барои аҳли деҳаи дуввум баён кунад. Баъд аз он писари саввумашро ба деҳаи саввум фиристод ва ҳамин тавр чаҳорум, панҷум ва шашумашро фиристод... Оё низоме, ки ба сӯи аҳли деҳаи аввал фиристод, ба аҳли деҳаи дуввум, ки ин ду деҳа аз якдигар ҷудоянд, воҷиб мешавад? Оё дар ягон деҳае он чи дар деҳаи дигар ҷорӣ карда шудааст, ҷорӣ карда мешавад...?

Ҷавоб маълум аст: Не!

Пас чӣ гуна аст вақте ҳамаи шаш писари ба деҳаҳо фиристодааш бимиранд ва номаҳои таъйин намудаи онҳо то ҷое тағйир ёбад, ки мӯҳрҳои бар номаҳо ниҳодаи падарашон маҳву нопадид шавад?

Вале тамоми сокинони он деҳаҳо ҳокимияти шоҳи бузургро эътироф мекунанд, аз фазлаш умед доранд ва мунтазири амру фармони ваянд.

Ва баъди гузаштани солҳои тӯлонӣ шоҳ худаш писари ҳафтумашро ба сӯи яке аз он деҳаҳо фиристода эълон менамояд, ки ҳамаи деҳаҳо дар зери як маҷмуъа ҷамъ шаванд ва фарзанди ҳафтум ва охиринашро ба тамоми мамлакат шоҳ таъин менамояд...

Сипас фарзанди ҳафтум меояд, ӯ аз аҳли ҳамин деҳа аст ва ба ахлоқи ҳамида, амонатдорӣ ва аз насаби пок будан маъруф аст, ҳамзамон обрӯ ва ҳаққи ҳамаи бародаронаш – амирони пешинро эътироф дорад. Ба мардум мегӯяд: Ман яке аз фарзандони ҳамин шоҳам ва ман бародари он азизонам....Бо худ номае дар ин маврид аз падарам овардаам, номаи ман зулму ситамеро, ки болои бародарони пеш аз ман омада рафтааст, рад мекунад ва суханони дурӯғбофишуда дар номаҳои онҳоро ошкор мекунам... Ин нома ҳуҷҷати ман аст ва ман онро тағйир намедиҳам ва душманон онро тағйир дода наметавонанд, агар онро дар об андозанд, об онро ҳаргиз намебарад, агар оташ зананд, дар оташ ҳаргиз намесӯзад, талаф намеёбад, ҳар кӣ аз он сар боззанад, ҳарчи аз дасташ меояд, бикунад ва бо ҳамин ин фарзанди охирин низ вафот кард....

Пас аз марги ӯ бадхоҳон ба ин китоб душманӣ карданд, дар ин маврид саъю талоши зиёд ба харҷ доданд, вале на танҳо муваффақ нашуданд, балки ба он

наздик шуда натавонистанд.

Низом тағйир наёфт ва аз ҳамон шакли фарзанди охирини шоҳ оварда сари мӯе дигаргун нашуд...Баръакс худи душманон пайваста аз он ҳимоят менамоянд, ҳифзаш мекунанд ва ба мурури замон ҳифзаш қавитар ва интишораш бештару беҳтар шуда истодааст.

Оё шумо дар мавриди мувофиқати ин масал бо мавзӯи баҳсамон андеша кардед?

## *Мондагорҳо ва тағйирпазирҳоро дар бар мегирад*

**Ҷавоби ақлии дувоздаҳум:** Ай муаллимаи фанни диншиносӣ, ҳамоно бузургтарин сабаби салоҳияти Қуръон дар рисолати умумибашарӣ будан ва ба таври ҷовидона боқӣ мондани он..., ин бартарияти Қуръон аст ба мондагорҳо ва пойдорҳои рӯшан. Чунончи ақоид равшану возеҳ ва пойдор аст ва ҳаргиз тағйирпазир намебошад...

Бубинед, дар ваҳдоният ва ягонагии Худо, ё имони ба малоика ё имон ба паёмбарон, ё китобҳо, ё рӯзи қиёмат, ё биҳишту дӯзах чи тағйироте медароянд?

Ва чӣ гуна тағйирот метавонад дар қиссаҳои замонҳои гузашта, ки дар Қуръон зикр шудааст, дароянд?

Аммо ин ҷо тағйирёбандаҳо низ ҳаст, ки дар сурати қатъӣ ва тағйирнопазир будани онҳо ба ақлҳои башарӣ фишор ворид мешавад ва ниёзҳои башарӣ зери фишор қарор мегиранд ва майдони кашфиётҳо ва навовариҳои илми танг мешавад. Аз ин рӯ Қуръон дар ин гуна мавридҳо дар ихтиёри раъйи мардум мегузарад ва майдони **ақлро** васеъ менамояд.

Аз ин ҷост, ки дар Қуръон вусъати фикрӣ ба андозаест, ки дар ягон ҷои дигар чунин вусъати фикриро пайдо карда наметавонӣ.

Ту фикр мекунӣ, ки Қуръон ба аҳкоми томи худ дари қонунгузориро ба рӯи башар бастааст. Вале ҳақиқати он чунин нест, зеро бекор кардани ақлҳо бузургтарин иштибоҳ аст.

Баръакс  Ислом аз қонунҳо он миқдоре вазъ намуда, барои афроди қобилияти дурусти фаҳму идрокдошта, дарро кушода ва майдонро барояш васеъ кардааст. Қуръон мефармояд:

وَلَوۡ رَدُّوهُ إِلَى ٱلرَّسُولِ وَإِلَىٰٓ أُوْلِي ٱلۡأَمۡرِ مِنۡهُمۡ لَعَلِمَهُ ٱلَّذِينَ يَسۡتَنۢبِطُونَهُۥ مِنۡهُمۡۗ ٨٣

**«Ва агар онро ба паёмбар ва пешвоён бозмесупурданд, аз ҳақиқати кор огоҳ мешуданд».** (Нисо, 83)

Ин гуна ашхос ҳаққи дар қонун ҷидду ҷаҳд карданро доранд, онҳо баъди Паёмбар (с), чунончи дар ин оят худ дидӣ ва аҳодис низ дар ин маврид хеле зиёд аст. Бо ин вуҷуд, барои муҷтаҳидон қоидаҳои муқарраршудаест, зеро Ислом, агар майдонро ба тамом бикшояд, шояд мардум мисли попҳои шумо аз ҳадди хеш берун раванд. Оё ақли дуруст инчунин нест?

Қуръон ба фикру андеша кардан дар мавриди махлуқоти Худо чунон зиёд даъват намуда, ки дар ягон китоб чунин даъват сурат нагирифтааст. Худованд мефармояд: **«Мусалламан дар офариниши осмонҳо ва замин ва рафту омади шабу рӯз ибрате аст барои хирадмандон. Онон, ки истода ва нишаста ва ба паҳлӯ**

**хуфта Худоро ёд мекунанд ва дар офариниши осмонҳо ва замин меандешанд: -Парвардигоро! Ин ҷаҳонро беҳуда наофаридаӣ, ту муназзаҳӣ, моро аз азоби оташ нигаҳ дор».** (Оли Имрон, 190-191)

Паёмбари Худо Муҳаммад (с) баъди ин оятро қироат кардан фармуд: ***«Вой ба ҳоли касе, ки ин оятро бихонад ва фикр накунад»***.[1]

Худованд дар сураи Сод мефармояд: **«Китобе аст муборак, ки бар ту нозил кардам, то дар оёташ бияндешанд ва хирадмандон панд гиранд».** (Сод, 29)

Худованд мардумро ба руҷуъ кардан ба сӯи аҳли илм, ҳар якеро дар илми худаш ва тахассуси худаш амр менамояд. Дар сураи Наҳл мефармояд:

فَسۡـَٔلُوٓاْ أَهۡلَ ٱلذِّكۡرِ إِن كُنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ﴿٤٣﴾

**«Аз аҳли китоб бипурсед, агар намедонед».** (Ояти 43)

Қуръон мақоми мутафаккиронро аз мақоми обидон баланд кардааст ва донишмандонро мақому ҷойгоҳи болотар аз мақоми обидон қаламдод кардааст. Илм ва уламо дар Қуръон хеле зиёд зикр шудаанд. Ва сабаби боло бурдани мақоми тафаккур ва мутафаккирон ва мақоми толибилмон ва донишмандон возеҳу равшан аст, чун натиҷаи ҳатмии илми дуруст ва тафаккури дуруст ин зиёдашавии маърифати Худо ва афзун гаштани имони ба Қуръон аст. Худованд дар сураи Зумар мефармояд: **«Бигӯ: Оё доноён ва нодонон баробаранд. Танҳо хирадмандон панд мепазиранд»**. (Зумар, 9)

---

[1] Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳи хеш ривоят кардааст (620). Шуайби Арноут мегӯяд: Исноди ин ҳадис бинобар шарти Муслим саҳеҳ аст.

Дар сураи Фотир ояҳои 27-28 мефармояд: **«Оё надидӣ, ки Худованд аз осмон обе нозил кард, ки ба он меваҳои рангоранг рӯёндем ва аз кӯҳҳо низ ҷодаҳое ба ранги сафед ва сурх ё рангҳои гуногун ва ба ғоят сиёҳ падид овардем. Ҳамчунин мардум ва ҷунбандагон ва чорпоёни рангоранг. Оре, аз миёни бандагони Худо танҳо доноён аз Ӯ метарсанд ва Худованд нерӯманди омурзанда аст».**

Бешубҳа ҳар кӣ ба Қуръон монанди шумо муомала кунад, албатта барои ӯ фаҳмидани ин чиз душвор мешавад, агар бифаҳмад ҳам, чунин мепиндорад, ки ин ҳама назария аст ва дар амал татбиқ шуданӣ нест...

Барои шумо мисоли рушане хоҳам зад: Бо вуҷуди ин ки донишмандон бовар доранд умри замин мувофиқи тахмини уламо 4,54 миллиард сол аст. Бо ин вуҷуд замин пайваста ҳар наслеро аз умматҳо ризқ, манофеъ ва захираҳои ба худашон ва даври замонашон муносибро ба изни Худованд медиҳад. Насли аввали башарият гумон дошт, ки тамоми хайри замин дар растаниҳоест, ки Худованд аз замин рӯёндааст, то чаҳорпоён аз он бихуранд ва одамон аз чаҳорпоён нафъ мебаранд. Вақте алафҳо тамом шавад, дигар ҳеҷ чизи дигаре нест! Ва баъди онҳо омадагон гумон карданд, хайри замин дар маъданҳои аз замин беруномада, ё сангҳои қимматбаҳост. Бинобар ин чун растаниҳо, алафҳо ва маъданҳо аз байн бираванд, дигар дар замин чизе боқӣ намемонад! Мардуми баъди онҳо омада гумон карданд, ки хайри замин дар захираи зеризаминии нафт аст ва монанди ин. Бо ин вуҷуд, замин ҳамвора ҳамон замин аст ва касе намедонад, ки дар замин боз чи хайроти дигар боқӣ мондааст. Ин мазмун дар сухани Худованд, дар

мавриди замин мавҷуд аст: **«Бигӯ, оё шумо ба он, ки заминро дар ду рӯз офаридааст, кофир мешавед ва ҳамтоёне барои ӯ қоил мешавед? Ӯ Парвардигори ҷаҳониён аст. Бар замин кӯҳҳоро барафрошт ва онро пурбаракат қарор дод ва дар чаҳор рӯз ризқи ҳамаро барои хосторон яксон муайян фармуд».** (Фуссилат, 9-10)

**Дар заминаи гуфтаҳои боло мехоҳам бипурсам:** Оё касе метавонад гӯяд, ки замин қадима аст, **ё гӯяд:** мақсади замин тамом шудааст, ё ҳадафҳои офтоб тамом шуда, ё ин ки башар метавонад аз офтоб бениёз шавад?

Ва чӣ гуна метавонанд чунин гӯянд дар ҳоле, ки башар пайваста барои аз он энержӣ гирифтан дорад талош меварзад ва нури он хомӯш намешавад ва кам ҳам намегардад ...! Ва офтобу замин ду махлуқи Худоянд, аммо Қуръон каломи мӯъҷизи Худост на махлуқ ва салоҳияташ бузургтар аз салоҳияти офтобу замин аст ва Худованд тамоми халоиқро ба зӯрозмоӣ ба Қуръон даъват намудааст.

## *Омодасозии ҷаҳон*

**Агар Худованди омодасози олам кафили нигоҳбонии ин китобҳо мешуд, онҳо таҳриф намешуданд ва тағйир намеёфтанд, вале вақте таҳриф шуданд ва тағйир дода шуданд, донистем, ки Худованд ҳадафи азиме дорад.** Ва ин ҳадафи бузург омодасозии олам барои чизе, ки бузургтар аз инҳост ва донистем, ки роҳи ҳамаи паёмбарон як аст.. ва ин китобҳо мисли як китоби иборат аз қисматҳост, ки ҳар як қисмати он китобест барои як замони муайян ва он паёмбарон мисли аъзои як ширкатанд, балки ҳама мисли як паёмбаранд, чаро ки ишон ҳама аз як манбаъ омадаанд ва бархе аз онҳо

ҳуҷҷату бурҳон бар алайҳи баъзе дигар ва на ин гурӯҳи дигар бар алайҳи онон нестанд, чун манбаъи ин китобу он китоб, ин паёмбару он паёмбаре, ки аз қавми ман бошад, ё аз қавми ту намебошад, балки аз Парвардигори оламиён аст.

Аз он ки Тавроту Инҷил ҳифз нашудаанду Қуръони карим ҳифз шудааст, набояд ошуфта шуд. Мо ин суханро барои он намегӯем, ки ину онро ба сафҳои хеш ҳамроҳ кунем, на, балки он чи ки мо мегӯем, ин дини Ислом аст. Агар чунин эътиқод накунем, тамоман аз дини Ислом берун шудаем. Оё охири тӯлонитарин сура аз сураҳои Қуръон, сураи Бақараро нахондаӣ, ки Худованд дар ду ояти охирини он мефармояд: **«Паёмбар ба нозилшудаҳои аз ҷониби Парвардигораш имон оварда ва мӯъминон низ, ҳамагӣ ба Худо ва фариштагон ва китобҳо ва фиристодагонаш имон овардаанд. Мо миёни паёмбарони ӯ фарқ намегузорем. Гуфтанд: шунидем ва гардан ниҳодем. Парвардигоро, омурзиши туро хосторем ва бозгашт ба сӯи туст. Худо ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тавонаш фармон намедиҳад. Ҳар он чи некӣ анҷом диҳад, барои худ анҷом додааст ва низ он чи бадӣ анҷом дода, ба зиёни худ кардааст».**

**- Парвардигоро! агар ғафлате рафт, ё хато кардем, моро муохаза макун. Парвардигоро! Таклифи вазнине бар мо қарор мадеҳ, ончунон ки бар пешиниён қарор додӣ. Парвардигоро! Он чиро, ки тоқати таҳаммули онро надорем, бар мо муқаррар мадор ва осори гуноҳро аз мо бишӯй ва моро бибахш ва дар раҳмати худ қарор деҳ, ту валинеъмати моӣ, пас моро бар гурӯҳи кофирон пирӯз бигардон».** (Бақара, 275 - 276)

Худованд боз фармуда: **«Бигӯед: «мо ба Худо имон дорем ва ба он чи бар мо нозил шуда ва он чи бар**

**Иброҳим, Исҳоқ, Яъқуб ва наберагон нозил гардида ва низ он чи ба Мусо ва Исо ва бар паёбарони дигар аз тарафи Парвардигорашон дода шуда, имон овардаем ва байни ҳеҷ як аз паёмбарон фарқ намегузорем ва таслими амри Худо ҳастем».** (Бақара, 136)

Ҳамоно ман ин оятҳоро барои ту ба он хотир зикр кардам, то исбот намоям, ки он чи гуфтам, ин асли дини мост, на зодаи ин лаҳза.

Баъд аз он мо вақте ба ин чиз эътиқод дорем ва онро ба шумо мегӯем, танҳо барои изҳори ҳақиқат мегӯем, на ба сурати мисол задан. Ва барои он мегӯем, ки бовар дорем, мову шумо ҳама як умматем, на умматҳои аз ҳам ҷудо ва Парвардигорамон як аст, рисолатамон як аст ва ҳамаи паёмбарон бародаранд ва рисолати Муҳаммад (с) ҳамчунонки барои мост, барои шумо низ ҳаст ва Ӯ ҳамчуноне, ки Паёмбари мост, паёбари шумо низ ҳаст. Пас аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки масъала болотару бузургтар аз рақобат ё мақомҷӯиву бартариталабист. Аз ин хотир вақте ин корро ба таври яқин донистӣ, дарк хоҳӣ кард, ки ба нафъи туст, на фақат ба нафъи ман. Ва маро сахт сарзаниш хоҳӣ кард, ки чаро ин мавзӯъро пештар ба ман хабар надодӣ? Ва ҳасрат хоҳӣ кард ва таассуф хоҳӣ хӯрд, ки чаро падару модарат ба Қуръон ошноӣ пайдо накарда аз олам даргузаштанд?

Ва ҳамзамон бо фараҳу шодии зиёд мегӯӣ, ситоиш Худойро, ки маро дар ин синну сол пеш аз маргам ба ин роҳ ҳидоят кард. Пас дар ин гуна сурат гирифтани кор дигар сабабе вуҷуд дошта наметавонад, ки касе гумон барад, ки мо бо ин суханонамон ба ҷуз баёни сухани ҳақ чизи дигаре ирода дорем.

Балки ҳифзшавии Қуръони карим дар ҳақиқат

далелест бар ҳифзи Таврот ва Инҷил аз бенишонӣ.

Маълум аст, ки вақте ба далел шак роҳ ёбад, он далел соқит мешавад ва касе барои исботи ҳукме аз аҳком ва масъалае аз масоил аз ин гуна далел истифода намекунад. Қоъида чунин аст: **вақте ба далел эҳтимол ворид шуд, он далелро далелу ҳуҷҷат кардан соқит мешавад.**

Пеш аз ин далелҳои яқинӣ ва қатъиеро, ки бар таҳрифи Тавроту Инҷил ва Забур далолат мекунанд зикр кардем. Ин таҳрифёбӣ аз он ки Исо (а) **онро ба дасти худ нанавишт ва ба шогирдонаш тақрир накард, то онҳо бинависанд ва дар зиндагиаш китобат нашуд,** оғоз ёфт. Ва то ба имрӯз, то нест шудани нусхаҳои аслиаш ва қатъ шудани санадҳо дар чандин ҷойҳо ва дахолати ҳокимони сиёсӣ бо сӯзондани инҷилҳои зиёд ва интихоби ҳамин чаҳор нусха ҳамроҳ бо парешониҳои зиёд дар инҷилҳо, ки далолат бар он мекунад, ки бо ин ҳолат аз назди Худо нест, омада расид. Зеро Худованд парешон намегӯяд, каломи ӯ маъноҳои зидду нақиз надорад. Ин далелҳо ва далелҳои дигар ҳукм намудан ба ин ки дар Таврот, ё Инҷил ё Забур дасти инсон роҳ наёфтаасту онҳоро таҳриф накарда ва тағйир надодааст ё ин ки ин китобҳо ҳамчуноне, ки аз назди Худованд нозил шуда буданд, боқӣ мондаанд, маҳол аст. Балки агар ин исботро дар Қуръон наҷӯем, ба яқин исботи далели ин ки Тавроту Инҷил ва Забурро Худованд нозил кардааст, маҳол гаштааст.[1]

**Муаллимаи фанни таърих:** Оё ин ҷамъияти зиёди башарӣ, ки бар асоси Таврот, Инҷил ва Забур амал

---

[1] Ғайри инҳо теъдоди Аҳди Ҷадид 27 китоб аст.

менамоянд, барои исботи аз назди Худованд нозилшуда будани Тавроту Инҷил ва Забур далолат намекунад?

**Абӯҳомид:** Ту ҳамчун чеҳраи илмӣ ва таҳлилгари таърихӣ хуб медонӣ, он чи аз тариқи ахбор ба мо мерасад, як чиз аст ва ҳақиқати кор чизи дигар! Зеро миллионҳо обидон имрӯз пайравони паёмбаронанд, чунончи онҳо даъво доранд ва онҳо исбот карда наметавонанд, ки касе, ки аз ӯ пайравӣ мекунанд, дар ҳақиқат кадом замоне дар ин олам вуҷуд дошт ё не, исботи паёмбар, будану набудани ӯ он тараф истад! Ва мо арабҳо достонҳои қаҳрамонии машҳур дорем, монанди қиссаи Антара ибни Шаддод ва Абузайди Ҳилолӣ ва шумо ҳам достонҳои қаҳрамонии машҳур доред, монанди Ҳеркулес (Hercules) ва Робен Ҳуд (Roben Hood)! Вале шӯҳрати ин қаҳрамонҳои достонҳо маънии кадом рӯзе дар рӯи замин вуҷуд доштани онҳоро надорад.

Худованд аз мисли достонҳои башарӣ гаштани ин китобҳои осмонии Таврот‚ Инҷил ва Забур ибо варзид ва аз эҳтимолӣ гаштани субути ин китобҳо низ ибо кард. Аз ин рӯ, барои онҳо шоҳиди инкорнашаванда омад, шоҳиде, ки ба инкор кардани шаҳодати он ва таҳриф намудани он касе қодир нест. Қуръон омад, то шоҳиди **яқинӣ** бошад бар ин, ки Худои таъоло китобҳое ба номи **Таврот, Инҷил ва Забур** нозил кардааст.

## *Навъи алоқа миёни китобҳо*

-Ай муаллимаи хирадманд, моро зарур аст бифаҳмем, ки алоқаи миёни Тавроту Инҷил ва Қуръон мисли алоқаи миёни мову шумо нест. Мо китобҳои

Худовандро набояд дар маҳдудаи иқлимҳоямон ва замонҳоямон қарор диҳем ва ба рангҳои қавмиятҳоямон ақибмондагӣ, қадимӣ будан, ақибмондагӣ ва нафсони онҳоро ранг накунем. Бояд аз ин марзҳои ҷоҳилии тангу душманизо, ки миёни ин китобҳо фарқ мегузорад, берун равем. Алоқаи миёни китобҳои мазкур, ин аз як манбаъ будани онҳост, ки он Худованд аст. Вақте Худованд ба кадом қавме китобе фиристод, сипас ба онҳо гуфт: Ман ин китобро хоҳам бардошт, он қавм дигар ҳаққи эътироз надоранд!

Ва агар ба онҳо гӯяд, баъзе оятҳои онро мансух мекунам, он қавм ҳаққи эътироз надоранд мисле, ки ба зӯр онро соҳиб шуда бошанд, ё мисли он ки ба Парвардигорашон шарт мегузоранд, ё мисле, ки мехоҳанд ғаразҳои шахсияшонро ҷорӣ кунанд, ё аз рӯи рақобат ба дигар умматҳо!

Албатта ҳар чи ҷараён гирад, мувофиқи низоми муайянкардаи Худои таъоло ва мувофиқи ирода ва ҳикмати Ӯ таъоло, ҷараён мегирад.

Дур наравем, дар худи Қуръон оятҳои мансухшуда вуҷуд доранд, вале қироат мешаванд, то ба имрӯз дар Қуръон нигаҳ дошта шудаанд. Ва бо вуҷуди мансух будани ин оёт ва ҳамзамон маҳфуз монданашон ва аз ҳақиқати худ чизе дигаргун нашуданашон мӯъҷиза аст. Ва ин аз он бозгӯӣ мекунад, ки Худованд ҳар он чиро хоҳад, пойдор мегардонад ва чизеро хоҳад мансух месозад. Ва ҳамаи ин албатта ҳикматест ва он ҳикмат дар ҳар як ояти мансухшуда возеҳу равшан аст. Агар тафсири ин ҳикматро хоҳед, ҳеҷ монеъияте надорад. Худованди субҳон дар сураи Бақара мефармояд: **«Ҳар оятеро, ки мансух мекунем, ё аз ёдат мебарем, беҳтар аз он, ё монанди онро меорем, магар намедонӣ, ки**

**Худованд ба ҳама чиз қодир аст».** (Бақара, 106)

Ва боз дар сураи Раъд мефармояд: **«Худованд он чиро бихоҳад маҳв ё исбот мекунад ва китоби аслӣ** (Уммулкитоб) **назди ӯст».** (Раъд, 39)

Вақте Худои таъоло он китобҳоро ба василаи Қуръон ҳифз мекунад, албатта маълум аст, ки китобҳои пешинаашро бо китоби ҷовидонааш ҳифз мекунад ва ин раҳмати Худованд ба бандагонаш мебошад. Бинобар ин дарвоқеъ **ақл** маҳол медонад, ки кадом навъи тағйир домангири Қуръон шавад. Зеро вақте тағйирёбӣ домангири Қуръон шавад, дар ҳоле, ки **он охирин китоб аст, шоҳиди охирини ҳамаи он китобҳои осмонӣ аз миён меравад!**

Ва вақте ҳамаи паёмбарон бимиранд ва тамоми китобҳо ба оташ кашида шавад ва ҳамаи шоҳидҳо аз байн раванд, пас дар ин сурат кӣ ба маъбудии Аллоҳи ягона шаҳодат медиҳад ва кадом ҳуҷҷати мӯътамад барои бар мункирон исбот намудан боқӣ мемонад? Ё кадом ҳуҷҷат аслан байни Худо ва халқи Худо боқӣ мемонад? Аз ин ҷо бо боварӣ метавон гуфт, дар маҳфуз боқӣ мондани Қуръон, ҳифзи бузургтарин далел ва ҳифзи ҳамаи китобҳо ва ҳамаи паёмбарон ва ҳимояи бандагон аст аз мавриди бозии таҳрифкунандагони китобҳо (дар раъси онҳо пешвоёни яҳуд) қарор гирифтан.

**Ин як, аммо дуввум:** мехоҳам пас аз поён ёфтани ин нишасти зебо, ба бист калисои аз якдигар ҷудо воқеъшуда дар кишвар биравӣ ва ба ҳар соҳиби калисо ин суолро бидиҳӣ: «**Оё бовар дорӣ, ки тамоми он чи дар Инҷил омада, сухани Худо аст**»? Ҷавоби ҳамаи онҳо якранг аст! Не, дар Инҷил чизҳое ҳаст, ки бо боварӣ метавон гуфт, сухани Худо нестанд.

Баъд аз он, роҳатро идома деҳ ва аз як калисо ба

калисои дигар рав, дар он ҷо низ **биист** ва аз насоро ҳар киро хоҳӣ, ин гуна суол кун. Бовар дорам, хоҳӣ дарёфт, ки ҳама ба иттифоқ як ҷавоб медиҳанд. Вақте шумо худатон феълан бар ин бовар бошед, ки ҳамаи Инҷил каломи Худо нест, пас мо дар ин маврид чӣ гӯем?

Ва баъди поён ёфтани ин гардишат ба ҳамаи масҷидҳои дар ҷойҳои гуногун воқеъгардида дар кишварат бирав ва аз ҳар имоми масҷид ё аз намозгузорони он масҷидҳо ҳамин суолро дар мавриди Қуръон бипурс. Аз ҳамаи ишон ҷавоби якнаво ба ин сурат хоҳӣ шунид: Оре, тамоми он чи дар Қуръон омада, сухани Худованд аст.

Сипас ба хиёбонҳо баро ва мусалмононро ҷустуҷӯ кун ва ҳар фардеро аз ишон дидӣ, қатъи назар аз вазифааш, ҳамон суолро матраҳ намо.

Оё ҳамаи он чи дар Қуръон омада, сухани Худо аст? Ҷавоби ҳама албатта қаъист: Оре!

Мардумро бигузор ва як дона Қуръонро бигир ва дар тамоми рӯи замин бигард ва аз мусалмонон ҳар киро хоҳӣ, бипурс: Оё дар мавриди он ки ин Қуръон каломи Худо аст, ихтилофи назар доред? Оё дар ин Қуръон ғайри каломи Худо чизе вуҷуд дорад? Он гоҳ хоҳӣ дид, ки ҳатто ду нафар дар мавриди он ки Қуръон ҳамааш каломи Худо аст, ҳаргиз ихтилофи назар надоранд.

Айнан ҳамин корро дар мавриди Инҷил анҷом деҳ, он гоҳ хоҳӣ дид, ки миёни як чопи Инҷил бо чопи дигараш якнамудиро ёфтан маҳол аст.

**Эй муаллимаи фанни таърих ва диншиносӣ,** дар мавриди кадом ҷамъият ҳарф мезанӣ?

Вақте, ки Инҷилҳо дар забону дигар ҷиҳатҳо дар як аср якранг нестанд, пас асрҳои зиёди гузашта бо Инҷил

чиҳо кардаанд?

**Муаллимаи диншиносӣ:** Қуръон аз як тараф ин китобҳоро ба таҳриф шудан бадном мекунад ва аз тарафи дигар амр менамояд, ки ба ин китобҳо имон оранд, ки китобҳои Худои таъолоянд, инро чи гуна бифаҳмам? Дар натиҷа метавонем бигӯем, ки Қуръони шумо моро ба имон овардан ба китобҳои таҳрифхӯрда амр менамояд? Ва боз метавонем бигӯем, ки Қуръони шумо қудрати башарро аз қудрати Худо боло мешуморад. Ва чирагии башарро бар китоби Худо тасаллутдошта медонад, то ҷое, ки инсонҳо тавонистанд каломи Худоро тағйир диҳанд. Оё чунин нест?

## *Миёни бадномсозии китобҳо ва имони ба онҳоро чӣ гуна ҷамъ кунем?*

**Абӯҳомид:** Эй муаллимаи азиз, оё Қуръон ба далели таҳрифхӯрдагии китобҳои пешини осмони ба кофир шудан ба онҳо аз асосашон амр мефармуд, мувофиқи матлаб буд? Ё амр ба амал кардан ба тамоми он чи дар ин китобҳост, дар сурате, ки аҳли ин китобҳо пеш аз дигарон медонанд, ки ҳама таҳрифхӯрдаанд, мувофиқи матлаб аст?

Аз ин хотир ниҳояти адлу инсоф аст, ки ба имон овардан ба ин китобҳо ба унвони китобҳои аз назди Худо омада буданашон ҳамроҳ бо наҳй аз амал кардан ба тамоми он чи дар ин китобҳо аст ба сабаби каму беш таҳриф шуданашон.

**Оё муаллимаи фанни диншиносӣ,** ҳифз нашудани китобҳои мазкур нуқсони он китобҳо маҳсуб намешавад, зеро ҳифз нашуданашон ба хотири ҳикматест...Яке аз ин ҳикматҳо аз миён бурдани

даъвои амал накардани пайравони ин китобҳо ба китоби охирин аст....Зеро **ақл мегӯяд,** агар китобҳои онҳо ба гунае, ки нозил шуда буданд, маҳфуз мемонданд, баъд аз он Қуръон меомад, мегуфтанд, китобамон аз мо ва китобатон аз худатон, дини шумо аз худатон ва дини мо аз мо!

Вале маҳз иқроршавии ҳама ба мавҷуд будани таҳриф дар он китобҳо, қатъи назар аз ҳаҷми таҳриф, кам аст ё зиёд, салоҳияти ҳуҷҷат овардан ба он китобҳоро аз байн мебарад, вале вуҷуби имон овардан ба онҳо аз миён намеравад. Ва маҳзи иҷмоъи ҳама бар ин ки дасти таҳриф мутлақо домангири Қуръон нашудааст то ҷое, ки ҳар фард аз исбот намудани таҳриф, агарчи ба як калима ҳам бошад, оҷиз меояд. Ин гуна солим мондани он танҳои барои арабҳо не, барои пайравони китобҳои осмонии пеш аз он омада онро манбаи ягона мегардонад. Зеро Аллоҳ парвардигори оламиён аст, на Парвардигори танҳо арабҳо ва Қуръон барои оламиён аст агарчи ба забони арабист ва рисолати Муҳаммад (с) барои ҳамаи оламиён аст, агарчи ҷои таваллудаш сарзамини Арабистон аст. Ин мавзӯест, ки онро мавриди баҳс қарор хоҳем дод, агар нишасти ҷадиде дар ин сарзамини зебои Фаронса даст диҳад. Дар ин ҷода хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва забонӣ тобеъи касе нест, тобеъият ва бандагӣ танҳо барои Худованди яктост ва Муҳаммад (с) мисли Исо (а) ва мисли Мусо (а) ҳама паёмбарони Худоянд, маъбуд нестанд. Мо ҳеҷ гоҳ нагуфтем, ки Исо (а) аз Шом буд ва Мусо (а) Мисрӣ буд ва Иброҳим (а) Ироқӣ аст ва асли паёмбарони дигар аз ин ҷову он ҷоянд...Балки ибрат ин аст, ки онҳо ҳамаашон каломи Худовандро таблиғ мекарданд,

чунки Худованд худ онҳоро аз байни мардум баргузидааст. Масъалаи минтақа мавриди назар нест, агар ин гуна мебуд, мо мегуфтем Исо, Мусо ва Абуланбиё Иброҳим (а) мисли Муҳаммад (с) ҳама шарқиянд ҳамчунон ки шумо имрӯз сарзаминҳоро тақсим мекунед.

Яке аз мусибатҳои азим ин аст, ки шумо медонед, китобҳои бар шумо нозилшуда таҳрифхӯрдаанд ва касоне, ки ин китобҳоро таҳриф кардаанд аз миёни мардум барои анбиё аз ҳама душмани ашаддии онҳоянд, баъд аз ҳамаи ин аз ин китобҳо ва аз таҳрифгарон дифоъ менамояд! Оё ситамгароне, ки ба китобҳои Худо ва паёмбарони Ӯ таъоло душманӣ варзидаанд, сазовори дифоъ кардан ҳастанд..?

Эй муаллима, оё аз рӯи ақлу хирад аст ҷамъияте барои дифоъ кардан аз таҳриф ҷамъ шаванд, дар асное, ки Қуръони азимро бо он, ки ба таври мутлақ бузургтарин дифоъкунанда аз китобҳои пешин аст, мавриди иттиҳом қарор диҳанд ва аз он китобҳо дифоъ ба амал оранд ва ҳол он ки Қуръон ба таҳрифгарон лаънат мехонад? Аз он ҷумла дар сураи Моида, ояти 13 омадааст: **«Ба сазои паймоншиканӣ аз раҳмати худ дур ва дилҳояшонро сахт кардем, онон ба таҳрифи калимаҳо пардохтанд ва бахше аз пандҳоеро, ки дода шуда буд, аз ёд бурданд ва пайваста ба хиёнате, ки муртакиб шудаанд пай мебарӣ ва иддаи каме аз онҳо чунин нестанд. Аз онҳо даргузар, ки Худо некӯкоронро дӯст медорад».**

### *Фурӯши мошини сабукрави гаронбаҳо*

**Эй муаллимаи фанни диншиносӣ,** агар хоҳӣ мошини сабукрави гаронбаҳоятро, ки имшаб бо он омадӣ, ба ивази дусад ҳазор евро бифурӯшӣ, марде бо бастаҳои

пули нақд ба назди ту меояд ва мегӯяд, ин пули мошин аст, дусад ҳазор евро бештар аст. Вале дар ин бандҳо пулҳои қалбакӣ низ ҳаст. Оё ту ин пулҳоро аз ӯ мегирӣ? Ё намегирӣ? Албатта ҷавоби ту маълум аст, то пулҳои қалбакиро аз пулҳои ҳақиқӣ ҷудо накунам, намегирам. Агар ба иллати набудани абзори ҷудокунанда ва василаи тадқиқгар бароят ҷудо кардан маҳол гардад ва харидор як даста пули ҳақиқӣ дошта бошад, ту бешубҳа ин дастаи дуввуми пулро бидуни дудилагӣ хоҳӣ гирифт. Ва бо ин вуҷуд, ту инкор карда наметавонӣ, ки ин дастаи пуле, ки омехта бо пулҳои қалбакӣ аст, арзиш дорад. Ва ин роҳе, ки аз он пайравӣ менамоӣ бо дастаи пулҳое, ки дар дохилаш пулҳои қалбакист, шабоҳат дорад, ин ҳамон роҳест, ки дар муомала бо китобҳои осмонии пешин Худованд он роҳро ошкор кардааст. Паёмбари Худо Муҳаммад (с) мефармояд: ***«Он чи аҳли китоб ба шумо мегӯянд, онҳоро тасдиқ ҳам накунед ва такзиб ҳам накунед ва бигӯед, мо ба Худо ва китобҳои Ӯ ва паёмбаронаш имон овардем. Агар сухани онҳо ботил бошад, тасдиқаш накардаед ва агар ҳақ бошад, такзибаш накардаед»***.[1]

Ва инро «таваққуф» меноманд, яъне вақте бо шумо аз китобҳояшон ё аз ахбори паёмбаронашон ҳарф зананд, таваққуф намоед, то даме, ки онро равшан созед. Зеро шумо агар онҳоро такзиб намоед, пас шояд хабари дурусти аз ҷониби Худо ё аз паёмбаронаш (а) омадаро такзиб мекунед. Ва баъзан онҳоро агар тасдиқ кунед, пас шояд хабаре аз ахбори таҳрифхӯрда ё

---

[1] Аҳмад дар Муснадаш ривоят кардааст (28/460) ва шайх Шуайби Арноут иснoди ин ҳадисро ҳасан хондааст. Ва Абудовуд низ ривоят кардааст (3646). Ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ хондааст.

ахбори дурӯғин аст, ба Худову паёмбаронаш ҳеҷ рабте надорад....

Аз ин рӯ шумо мутмаин нашавед, набояд тасмим бигиред ва ҳукм намоед. Ин роҳи таҳқиқи илмӣ аст.

### *Ҷавоб ба суоли қироатҳои даҳгона*

**Муаллимаи фанни диншиносӣ:** Ман интиқоде дорам, ки наметавонед онро рад намоед, ҳарчанд узроварӣ намоед. Ту эй Абӯҳомид, саъй намудӣ, то эътирозҳои моро як-як аз байн бибарӣ, гузашта аз ин эътирозҳои худро як-як бар ин, ки Таврот ва Инҷил таҳриф шудаанд ва Қуръон рӯи таҳрифро надидааст ва аз ихтилоф барӣ аст, баён намудӣ!

Дар асное, ки шуморо мебинем худатон иқроред ва равшан аст, ки ихтилоф дар Қуръон амрест иқроршуда ва эътирофшуда! Оё намебинӣ он чиро, ки шумо онро ихтилофи қироати Қуръон меномед? Оё барои Қуръон 10 қироат вуҷуд надорад ва ҳар қироат аз қироати дигар фарқ мекунад, пас ба кадомин қироат амал намоем? Ту бар мо чаҳор навъ Инҷилро нукта мегирӣ, мо аз ту дар мавриди қироати даҳгона ҷавоб мехоҳем, то агар мо иқрор намудем ба ин ки Инҷили аз осмон нозилшуда як аст, баъд аз он чаҳор Инҷил шуд. Ҳамин гуна Қуръони аз осмон фурудомада як аст ва қироат 10 навъ. Ту ҳоло ду чизро баён кун: Ё саломат мондани Қуръонро исбот мекунӣ ва қироатҳоро эътироф менамоӣ? Ва ё 10 навъи қироатро эътироф мекунӣ ва аз саломатии Қуръон мегзарӣ. Ва таъкид менамоям, ки ман ҳаргиз ягон ҷавоберо ба ҷуз ҷавоб аз рӯи ақл қабул надорам?

# *Қироатҳои даҳгона бузургтарин далел аст барои солимии Қуръон*

**Абӯҳомид:** Барои ту назди ҳар як эътирози ҷадид исбот хоҳад шуд, ки ҳар боре шубҳаи ботил зиёд гардад, ҳақ бештар равшан мешавад. Ҳоло хоҳӣ дид, ки қироатҳои зиёд аломати мусбии бузург бар ҳифзи ин Қуръон аст. Аз **миёни хулосаҳои ақлии** мушаххас ба эътирози шумо ҷавобҳои мухтасар медиҳам, дар кори қироатҳо суханро ба дарозо намебарам.

**Ҷавоби ақлии якум:** Бояд гуфт, қироатҳо таҳрифи Қуръон нестанд, мисли таҳрифи Инҷилу Таврот, қироатҳо ҳамроҳи Қуръон аз осмон нозил шудаанд... Ва ин як ҷавоб басанда аст ба эътирози ту. **Вале барои ту исбот мекунам, ки қироатҳо ҳамроҳ бо Қуръон нозил шудаанд, вазъкардаҳои башар намебошад.** Барои ту аз Муҳаммад (с) фақат як ривоят мекунам, худи он ҳазрат исбот мекунад, ки қироатҳо ҳамроҳи Қуръон ба ӯ нозил шудаанд. Ва қироатҳо баъди даргузашти ишон низ бекор карда нашуд, мисли ногаҳон тағйирёбии Қуръон. Балки Қуръон инро тақозо мекунад ва пайваста тақозояш бештар шуда истодааст, барои осонии умматаш. Паёмбари Худо Муҳаммад (с) мегӯяд: ***«Маро Ҷибриил (а) бар қироате хононд ва пайваста бештар талаб мекардам ва ӯ зиёд мекард, то ҷое, ки ба ҳафт қироат расид»***. Ибни Шиҳоб мегӯяд: «Ман иттилоъ ёфтам, ки он ҳафт дар амрест, ки он амр ягона аст дар ҳалолу ҳаром мухталиф намешавад».[1]

---

[1] Ривояти Бухорӣ (6537).

2. Баробар аст тафсири бархе аз уламо ин ҳафт «ҳарф»-ро ба қироат ё ба чизи дигар, ҳар чи бошад ин навъ – навъи аз осмон нозилшуда аст.

Қиссаеро, ки дар он миёни бархе аз ёрони Паёмбари Худо Муҳаммад (с) дар мавриди қироатҳо ихтилоф рух дод, баъд аз шунидани қисса чи гунае хоҳӣ, натиҷагирӣ кун. Ин ҳодиса бо шахси дуввум аз хулафои Паёмбари Худо Муҳаммад (с), ки номаш Умар ибни Хаттоб аст, қабл аз халифа шуданаш рух дод. Умар худаш мегӯяд: «Ман Ҳишом ибни Ҳакимро шунидам дар замони зиндагии Расули Худо (с) сураи Фурқонро мехонад, қироаташро гӯш кардам. Дар ин ҳангом дидам, ки ин сураро ба қироатҳои зиёде, ки маро Расули Худо (с) чунин нахононда буд, мехонад. Қариб буд дар намоз ба ӯ ҳамла кунам. Мунтазир истодам то ин ки салом дод, сипас ба ридоаш задам ва гуфтам: Ин сураро ба ту кӣ омӯзонд? Гуфт маро Паёмбари Худо (с) омӯзонд. Ба ӯ гуфтам: дурӯғ мегӯӣ, қасам ба Худо Расули Худо (с) ин сураеро, ки аз ту шунидам, ки мехондӣ, ба ман омӯзондааст. Ӯро кашола карда ба назди Расули Худо (с) рафтам ва гуфтам: Эй Паёмбари Худо, ман аз ин кас шунидам, ки сураи Фурқонро ба чанд қироате мехонад, ки ту маро он гуна наомӯзонда будӣ, сураи Фурқонро ба ман ту омӯзондӣ. Паёмбари Худо (с) фармуд: Эй Умар ӯро раҳо кун. Эй Ҳишом бихон. Ӯ ба ҳамон қироате, ки аз вай шунида будам, қироат кард. Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳамин тавр нозил шудааст. Сипас Расули Худо фармуд: Эй Умар, ту бихон. Ман ба қироате, ки Расули Худо (с) ба ман омӯзонда буд, қироат кардам. Паёмбари Худо (с) фармуд: Ҳамин гуна нозил шудааст. Баъд аз он Паёмбари Худо (с) фармуд: ***Ҳамоно ин Қуръон бар ҳафт қироат нозил шудааст, пас ҳар чӣ аз он муяссар аст, бихонед***».[1]

---

[1] Ривояти Бухорӣ (2287) ва Муслим ҳам ривоят кардааст (1936).

Вақте дар ҳадис диққат кунӣ, дарвоқеъ хоҳӣ дарёфт, ки онҳо онро қироатҳо меномиданд ва ин калимаҳо нав нестанд. Баъд аз он вақте дар мазмуни қисса назар андозӣ, хоҳӣ ёфт, ки саҳобаҳо дар мавриди кӯчактарин тағйире дар Қуръон, агарчи он дар шеваи талаффуз ҳам бошад, ҳассосияти сахти ишонро мушоҳида мекунӣ. Баъд аз он мебинӣ, ки назди рух додани ҳар ихтилоф ба касе, ки бар ӯ Қуръон нозил шуда ва ӯ Муҳаммад (с) аст, мурочиат мекарданд. Ва онҳо дар мавриди Қуръон чидоли зиёд намекарданд, чунки Қуръон китоби нозилшуда буд. Бо ин вучуд чунончи аввалин бор аз Паёмбар (с) шунид, онро хуб дар ёд нигоҳ медоштанд. Ҳар ихтилофе рух медод, зуд аз пайи рафъи ихтилоф мешуданд, ҳамчунин мебинӣ, ки Қуръонро ҳифз намудани онҳо шифоҳӣ буд, агар ин гуна намебуд, Умар бо Ҳишом мухолафат карда ӯро манъ намекард. Ва билохира чавоби Паёмбар Муҳаммад (с) барои ҳар ду ба ду калима сурат гирифт ва ин ду калима «ҳамин тавр нозил шудааст».

## *Қироатҳост, на Қуръонҳо*

**Чавоби ақлии дуввум:** Вақте ба эътирозат дурусттар фикр кунӣ, хоҳӣ дид, ки худат онро ботил кардаӣ ва далелу ҳуччати овардаат аз худи ҳамон суол ба зарари туст. Ҳақ ана ҳамин гуна дар ҳамаи ҳолатҳояш ғолиб меояд. Ба эътирозат бори дигар назар андоз, бубин, ту гуфтӣ: «агар мо чаҳор Инчил дорем, пас шумо даҳ қироат доред!»

Ту худ ин чо эътироф кардӣ, ки аз мо қироатҳо аст, на Қуръонҳо. Пас аз ин чо мебарояд, ки ҳамаи қироатҳо аз як Қуръон аст. Дар чараёни сухан эътироф кардӣ, ки шумо «инчилҳои чоргона» доред, ки ҳар яке

аз дигараш фарқ мекунад.

Баъд аз он, агар ба назди соҳибони қироатҳо равӣ ва аз ҳар кадоми онҳо бипурсӣ, ки ин қироатро аз куҷо гирифтӣ, бешубҳа ба ту мегӯяд: ин қироате аст, ки аз Паёмбари Худо Муҳаммад (с) барои Қуръон ривоят шудааст. Ҳамин гуна ба назди соҳиби қироати дигар биравӣ ва аз ӯ низ бипурсӣ, ки ин қироатро аз куҷо гирифтӣ? Албатта ба ту мегӯяд, ин қироате аст, ки аз Паёмбари Худо Муҳаммад (с) барои Қуръон ривоят шудааст. Ҳамин гуна, агар ҳар яки онҳоро аз қироаташ бипурсӣ, албатта ба ту мегӯяд: ин қироате аст, ки аз Паёмбари Худо Муҳаммад (с) барои Қуръон ривоят шудааст. Ҳар кадоми онҳо ҳамин гуна ҷавоб медиҳанд. Дар муқоиса агар ба назди ҳар як аз соҳибони инҷилҳои чоргона биравӣ ва бипурсӣ, албатта ба ту мегӯяд, ин Инҷили ман инҷилест, ки ба ман ваҳй шудааст, ё мегӯяд Инҷилест, ки худам навиштаам, дигар инҷилҳо ба ин ҳеҷ алоқа надоранд. Чунончи Луқо дар муқаддимаи Инҷилаш гуфтааст: «Аз он ки афроди зиёде қиссаеро дар умури назди мо яқиншуда навиштанд, чунончи касоне, ки аз замони ибтидо ёварону ходимони Исо (а) буданд, ба мо ривоят карда буданд, ман ҳам бар ин фикр шудам, ки тамоми ин чизҳоро пайгирона аз аввал тадқиқ карда дар пайи тадқиқаш барои ту эй Совфилуси азиз, бинависам, то дурустии каломеро, ки онро таълим гирифтаам, бидонӣ».[1]

Пас чунин бармеояд, ки инҷилҳо гӯё чаҳор китоби осмонианд, ҳар кадомашон аз дигараш ҷудо ва аз ҳам фарқ мекунанд.

---

[1] Луқо 1-1

## *Донистани қироатҳо фазилат аст*

**Ҷавоби ақлии саввум:** Биё ману ту бар ину он ҳукм накунем, аз ин доира берун равем, ҳар якро ихтиёр диҳем барои худаш ҳукм намояд, як соҳиби қироатро дар мавриди қироати дигар пурсем: оё бовар дорӣ, ки он қироат дуруст аст? Бешак, чунин ҷавоб медиҳад: оре, бешубҳа. Оё бовар дорӣ, ки он қироат Қуръон аст? Албатта мегӯяд: Не. Вале қироати худи Қуръон аст. Ҳамин тавр агар дар баробари ин соҳиби қироати дигарро пурсӣ ва ҳамин суолро бар ҳар як соҳибони қироатҳо бидиҳӣ, айни ҳамон ҷавобро ба ту медиҳад! Пас маълум шуд, ки ин шаҳодати ҳамаи онҳо аст.

Балки аз ин бештар он аст, ки ҳар як аз соҳибони қироат орзу мекунад, аз ин даҳ намуда қироатҳо бештар донад. Ва бисёре аз ишон аз ин даҳ қироат намудҳои бештарро медонанд ва назди онон даҳ намуди қироатро донистан афзалияти илмӣ маҳсуб мешавад ва онҳо нисбати касоне, ки камтар медонанд, афзаланд. Ин афзалият ба танҳоияш далели кифояткунанда аст, чун ҷамъ намудан миёни қироатҳо ҷамъ намудани миёни зидду нақизҳо шумурда намешавад. Дар муқоиса ба ин ҷамъи инҷилҳо ҷамъ кардани миёни зидду нақизҳост. То ба ҳол кас ҳаргиз чунин нагуфтааст, ки касе қироатҳоро ҷамъ кунад, аз Қуръон бештарро ҷамъ кардааст. Дар муқоиса касе инҷилҳоро ҷамъ кунад, ҷомеъи инҷилҳои зиёд шумурда мешавад.

## *Ҳар мусалмон ба қироате мехонад*

**Ҷавоби ақлии чаҳорум:** Агар ҳоло ба ту суоле мушаххас диҳам ва суол чунин аст: Касоне, ки Қурхъонро бо ҳамаи қироатҳо медонанд, чанд

нафаранд? Албатта ҷавоб чунин аст: Ҳамаи мусалмононе, ки Қуръон мехонанд, онро аз ҳамон даҳ қироъат бо як қироъати муайяну мушаххасе мехонанд. Аз мусалмонон бархе ба ду навъи қироат мехонанд, бархе ба се қироат ва бархе ба даҳ қироат. Ҳеҷ мусалмоне вуҷуд надорад, ки онро ба як қироате аз он даҳ қироат нахонад, ё ба тақлид, ё ба омӯхтан мехонанд. Қироатҳо фанни махсус аст ва ҳар мусалмон ба як навъи қироате мехонад, баробар аст, ки дар қироатҳо мутахассис аст, ё ғайри мутахассис.

Аммо аз лиҳози иҷрои дуруст бар қироати муайян миёни касоне, ки Қуръонро қироат мекунанд, фарқиятҳои муштарак аст... Ба Мағриби арабӣ бирав, дар он ҷо ба оммаи мусалмонон, ки қироат мекунанд, гӯш деҳ, боз ба Машриқ биё ва дар он ҷо низ оммаи мусалмонони Қуръонхонро бишунав, хоҳӣ дид, ки дар он ҷо мусалмонон ба қироате мехонанд ва дар ин ҷо ба қироате. Чунин ҳам шуданаш мумкин, ҳар кадоми онҳоро аз таҳлили қироаташ ва илми он бипурсӣ, шояд ҷавоб дода натавонад, вале аз лиҳози мувофиқи таҷвид хондан, қироаташ ба риояи таҷвид аст.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки қироатҳо назди ҳамаи мусалмонон маҳфуз аст. Агар аз ту пурсам, ҳифзи қироатҳои махсус ба чи далолат мекунад, албатта ҷавоби ту ва ҳар шахси боинсоф чунин аст: Ба он хотир маҳфуз аст, ки аз Қуръонест, ки Худованд ҳифзи онро ваъда кардааст.

## *Ба Муҳаммад (с) ба тағйири Қуръон иҷоза дода нашудааст*

**Далели ақлии панҷум:** Худованди субҳон оятҳои равшану возеҳи зиёде дар мавриди он ки паёмбари

Худо Муҳаммад (с) ҳаққи изофа кардан, кам кардан, тағйир додан, ё табдил дар Қуръонро надорад, нозил кардааст.

Ин сухани Худовандро, ки дар сураи Юнус омадааст, бихон: **«Чун оёти возеҳи мо бар онон хонда шавад, ноумедона ба дидори мо хоҳанд гуфт: «Қуръоне ғайр аз ин биёвар ва ё онро дигаргун кун». Бигӯ: «Ман ҳақ надорам аз пеши худ тағйир бидиҳам, аз ҳеҷ чиз пайравӣ намекунам, магар он чи бар ман ваҳй мешавад. Агар Парвардигорро нофармонӣ кунам, аз азоби рӯзи бузург метарсам».** (Ояти 15)

Ин сухани Худовандро дар сураи Ҳоққа бихон, ки Паёмбараш (с)-ро аз дасти тағйиру табдил задан ба Қуръон нигоҳ доштанашро чи гуна баён кардааст: **«Агар аз тарафи худ суханоне дуруст карда ва ба мо бибандад, мо ҳам бо қудрат ӯро мегирем ва шоҳрагашро қатъ мекунем».** (Оятҳои 44-46)

Вақте касе, ки Қуръон ба ӯ нозил шудааст, ҳаққи чизе тағйир доданро надорад, баъди ӯ дигар, кӣ метавонад соҳиби ин ҳақ гардад?

Вақте ба фарзи камтарин дасти тағйир ба Қуръон задани Муҳаммад азоби фаврӣ аз ҷониби Худо ба қатъ кардани шоҳраг ва зуд ҳалок кардан сурат гирад ва ҳол он ки ин фарзия маҳол аст, пас чӣ гуна мебинӣ, ки Худованд ба касе дигар, ки феълан ба чунин амал ҷуръат кунад, чӣ хоҳад кард? Дар ин гуна вазъ, кӣ барои Қуръон қироате вазъ мекунад? Қироатҳои Қуръон мисли худи Қуръон маҳфузанд. Сабаби маҳфуз мондани қироатҳо, ин аз Қуръон будани қироатҳост ва ҳифзи қироатҳо реша дар ҳифзи Қуръон дорад. аз ин рӯ тағйири қироатҳо ҳамвазни тағйири Қуръон аст. Ва ваъдаи Худованд ба ҳифзи Қуръон ваъда ба ҳифзи

қироатҳо низ мебошад. Чунончи Худованд мефармояд: **«Мо Қуръонро нозил кардем ва худ аз он ҳифозат мекунем».** (Ҳиҷр, 9)

## *Кӯшиши саҳоба*

**Далели ақлии шашум:** Саҳоба барои аз худ намудан ва ҳифзи қироатҳо ба мисли аз худ кардан ва ҳифз намудани худи Қуръон кӯшиш ба харҷ медоданд. Балки касе набуд, ки миёни кӯшиши онҳо бар ҳифзи қироатҳо ва ҳифзи Қуръон фарқ гузорад, чун ин ду як чизанд.

Аз ин хотир Усмон ибни АФФон вақте Қуръонро ҷамъ кард, чунончи зикр шуд, онро бар як қироат ҷамъ накард, балки онро бар ҳамон даҳ қироати аз Расули Худо (с) ба субут расида ҷамъ кард, сипас ба ҳар сарзамин як нусхаи Қуръонро фиристод. Агар пурсӣ, ки оё Усмон аз Қуръон даҳ нусха кард? Дар посух мегӯем, на хайр, як нусха кард ва ҳамроҳи ҳар нусха шахси олими ба Қуръон ва қироатҳо, ҳофизи китоби Худо, ки комилан онро ҳифз намуда буд, фиристод, то ба мардум Қуръонро бо ҳамон қироатҳояш омӯзонад. Бояд гуфт, дар он замон ҳарфҳои арабӣ на нуқта доштанд, на ҳаракат, танҳо ҳарфҳои соддае ба ҳамдигар монанд буданд, онҳоро чанд намуд хонда мешуд. Ин ҳолати ҳарфҳо боис гашт, то ҳамроҳи ҳар як нусха ҳофизе аз ҳофизони Қуръон бошад, то ҳар кас онро ба таври худ хонда дар Қуръон халал эҷод накунад.

Усмон ба Зайд ибни Собит фармон дод, ки ба аҳли Мадина Қуръонро ӯ таълим диҳад ва қироати дурусташро омӯзонад. Абдуллоҳ ибни Соиброро ба Макка, Муғира ибни Шиҳоброро ба Шом, Омир ибни

Абдуқайсро ба Басра, Абуабдурраҳмони Салмиро ба Куфа фиристод. Ҳар як аз ин ҳофизони Қуръон сураеро, ки дар Мадина барои нусхабардории Қуръони карим ташкил шуда буд, намояндагӣ мекард. Ва ҳар як аз ишон кафили интиқоли қироати дуруст бар тариқи мутавотире, ки аз Расули Худо Муҳаммад (с) нақл кардаанд, буд. Ин ҳама эҳтиёт ва эҳтимом дар ҳолест, ки саҳобагон медонистанд, арабҳо китобҳои китобатшуда ва ашъори шоиронро ба сурати дурусту бехато, бидуни эҳтиёҷ ба касе, ки барои онҳо бихонад, худашон мехонданд.

Вале чун саҳоба (р) бар ниҳояти ҳифзи саҳеҳ ва муҳкамкории Қуръон алоқаи шадид доштанд, бо ҳар як Мусҳаф як қориеро, ки нусхаро бар онҳо бихонад, ҳамроҳ карданд, ба хотири қатъи эҳтимоли хато ва иштибоҳ.

Саҳобаи Паёмбар (с) хуб медонистанд, ки калимаҳои нуқтагузорӣ нашудаи арабӣ гоҳо эҳтимоли ба чанд ваҷҳ хонданро доранд. Ва инро низ медонистанд, ки асл дар Қуръон фарогирии шифоҳӣ аст, на китобат. Ва бо ин вуҷуд, онҳо барои наслҳои оянда аз тарси ин, ки мабодо касе аз рӯи эҳтимол кадом калимаеро дохил накунад ва онро ба тарзи муайян нахонад, тамоми эҳтимоми хешро сарф намуданд. Бинобар ин, роҳи воридшавии кӯчактарин эҳтимолро бастанд ва миёни фарогирии шифоҳӣ ва китобатро ҷамъ карданд. Пас миёни калимае, ки эҳтимоли қироатеро дорад ва калимае, ки ин эҳтимолро надорад, фарқият боқӣ намонд ва ҳар ду навъи калимаҳо баробар шуданд, чун ҳар фарди Қуръономӯз ногузир онро ҳам ба шеваи хоси таълими қироат меомӯхт ва ҳам айни ҳамонро аз рӯи китоб

мехонд. Вале барои ба таври шифоҳӣ аз қориён фаро гирифтани Қуръон сараввал аз китоб хонданаш шарт набуд ва ин хеле кори муҳим аст. Яъне барои касоне, ки аз китоб мехонанд, шарт буд, ки ба таври шифоҳӣ аз қориён онро фаро гиранд, вале барои касоне, ки ба таври шифоҳӣ аз қориён фаро мегиранд, китоб хондан шарт набуд.

## *Қироатҳо гуногунанд на мухолифи ҳам*

**Далели ақлии ҳафтум:** Яке аз далелҳои ин ки гуногунии қироатҳо ҳифзшавии Қуръонро қавитару афзун месозад, ин аст, ки ҳар касе ба қироатҳо таваҷҷуҳ кунад, онро гуногун меёбад. Аз инҳо даҳ навъи қироат аст, ки ин даҳ қироат қироатҳои мутавотиранд, яъне аз Паёмбари Худо Муҳаммад (с) на як касу ду кас, балки ҷамоати бузурге нақл кардаанд. Ва аз ин ҷамоати бузург ҷамоати беҳисоби бузургтар аз он нақл кардаанд. Ва ҳамин тавр то ба имрӯз нақл идома дорад ва то рӯзи қиёмат идома хоҳад ёфт. Дар асное, ки қироатҳои дигар низ боқӣ мондааст, ки китобат шудаанд, вале аз роҳи ривояти саҳеҳ нақл нашудаанд, бинобар ин нодир ва истисноӣ дониста шуда, онро Қуръон донистан дуруст нест ва ба он навъи қироат намоз дуруст намешавад. Ҳамзамон чанд навъи дигари қироат низ вуҷуд дорад, ки дар миёни он ду навъи дар боло зикршуда қарор дорад.

Бинобар гуфтаҳои боло, мавҷудияти қироати нодир ё худ истисноие, ки калимаҳо бо худ доранд ва онро напазируфтани уламо қавитарин далел аст бар он ки ҳифзи қироатҳо ин ҳифзи Қуръон аст. Ва мӯътабар донистани қироат, китобат шудани он ва саъю талоши мардум дар мавриди ин, ки яке эҳтимоли қироати саҳеҳ

буданро дорад ва дигаре надорад, инаш қабул асту дигараш не, эътибор нест.

Балки асл он чизест, ки ба тaври мутавотир ё аз роҳи саҳеҳ ва машҳур ривоят шудааст ва аҳли қироатҳо, ки аҳли ин фан онҳоянд, бар он иҷмоъ кунанд. Танҳо ҳамин роҳу услуб эътибор аст.

**Ҷавоби ақлии ҳаштум:** Арабҳо, чунончи медонед, ба чандин қабилаҳо тақсим шудаанд ва ҳар қабила дар талаффузи баъзе калимаҳо, шеваҳои гуногун доранд...!

Як қабила калимаеро ба як тарз талаффуз менамояд ва қабилаи дигар ба тарзи дигар. Ана ҳамин гуна як калима ба тарзу шеваҳои гуногун талаффуз мешавад, вале маъно як чиз аст ва гоҳо як қисмати шакли калима тағйир ҳам меёбад. Ин чӣ айб дорад? Ин чи гуна таҳриф аст? Баъд аз он наслҳоиояндаи фалон қабила аз падару бобоҳояшон ҳаракати забонии баъзе ҳарфҳоро ба шеваи муайян мерос гирифтаанд ва Қуръон дар ҳамин калима ба тариқи талаффузи онҳо нозил шудааст. Дар ин чи зарар аст? Дар ин чи таҳриф аст?

Оё ин далели осонгардонии Қуръон барои мардум нест?

**Ҷавоби ақлии нуҳум:** Оё намебинӣ, ки ин шеваи муносибат бо лаҳҷаҳо далели икроми дигар забонҳои араб ва ба ҳоли худ фуру нагузоштани он забон ва боло бурдани мақом ва бузургдошти он аст.

Ҳамзамон он лаҳҷа аз нобудшавӣ маҳфуз мемонад. Чи басо забонҳо, ки пайдо шуданд ва пас аз муддате аз байн рафтанд. Аз ин нигоҳ ҳоли лаҳҷаҳо чӣ мешавад?

Оё умматеро монанди уммати араб дидаӣ, ки аз замони ҳазрати Муҳаммад (с) то ба имрӯз чӣ қадар мусибатҳо ба сараш омад, вале забонаш аз байн

нарафт, тағйир ҳам нахӯрд ва ба болои ин забони модарияш ба василаи Қуръон ҳифз мешавад?

Ин ҷо суоле пеш меояд, чӣ сабаб шуда, ки забони модарии арабӣ маҳфуз мондааст? Ба ҷуз як сабаб сабаби дигаре пайдо карда намешавад ва он сабаб Қуръон ва қироатҳои ин Қуръони азими ҳифзшуда аст...!

**Ҷавоби ақлии даҳум:** Оё далеле бузургтар аз ҳифзи қироатҳо бар ҳифзи Қуръон вуҷуд дорад?

Дар муқоиса мебинем, ки аслҳои Таврот ва Инҷил аз байн рафтаанд, танҳо Қуръон ҳатто дар лаҳҷаҳои калимаҳои маълуму маҳдудаш, ки на афзунӣ ва на нуқсонро намепазирад, маҳфуз боқӣ мондааст...!

Аз ҷумлаи он чи дар он ҳеҷ шакке нест, ин аст, ки ҳар кӣ шеваи иҷрои калимаро ҳифз кунад, ба тариқи авло худи калимаро ҳифз мекунад ва шоиста аст, ки китобро ҳифз намояд. Зеро тарзи адо баста ба лафз аст, на ба хат. Пас касоне, ки тарзи адоро аз тариқи шунидан ҳифз кардаанд ва онро як гурӯҳе аз ҳофизони Қуръон аз гурӯҳи пеш аз худашон будаи ҳофизони Қуръон ривоят карданд ва ин силсила идома ёфт то замоне, ки бе ягон ихтилофе миёни гурӯҳи пешин ва гурӯҳи баъди он омада ба мо расид. Ва ин ҳофизон сазовортаранд китобатро қабл аз тариқаи нутқ ҳифз намоянд, чун калима ҳамон калима аст, ҳарфҳо ҳамон ҳарфҳоянд. Вале танҳо чизе, ки гуногун аст, ҳамин тарзи нутқи онҳо мебошад. Ва бо ин вуҷуд, чигунагии нутқ маҳфуз мондааст ва болотар аз ин ҳама ҳамин маҳфуз мондани Қуръон аст. Вақте миёни ривоятҳои шифоҳӣ ва навиштаҷоти хаттӣ ҷамъ карда шуд, чӣ гуна метавонад Қуръон маҳфуз намонад.

**Ҷавоби ақлии ёздаҳум:** Ҳамоно ҳифзи Қуръон аз ҳифзи қироатҳо тақвияти бештар шудааст. Зеро боме,

ки болои чаҳор сутун қарор дорад, аз боме, ки болои як сутун сохта шудааст, қавитару устувортар мебошад ва оилае, ки соҳиби даҳ писари ҳамраъю ҳамфикр аст аз оилае, ки як писар дорад одатан бузургтару қавитар аст. Ту вақте ба қироатҳо таваҷҷуҳ намоӣ, мебинӣ, ки ҳар як қироате аз ин қироатҳо роҳҳои хоси худро дар ривоятҳои то ба Паёмбари Худо (с) расидаи қориҳоро дорад. Ҳар як қироат барои тамоми Қуръон дорои санади алоҳида аст, санади қироатҳо танҳо ба ҳарфҳо маҳдуд намешаванд.

Вақте ба қироати аввал таваҷҷуҳ намоӣ, мебинӣ дорои иснодҳое аст, ки ба таври комил аз Паёмбар (с) ба он қироат фарогирии Қуръонро исбот мекунад. Ва вақте ба қироати дуввум назар андозӣ, мебинӣ, ки он ҳам дорои иснодҳоест, ки ба таври комил аз Паёмбар (с) ба ҳамон қироат фарогирии Қуръонро исбот мекунад... Ана ҳамин гуна ҳамаи қироатҳо ба иснодҳои саҳеҳашон, ки ҳаргиз ихтилофро дар худ роҳ намедиҳанд, ривоят шудаанд. Ҳамчунон ки қориёни ҳамаи қироатҳо миёни ҳамдигар ихтилофи назар надоранд, ҳеҷ қорие аз қориҳо дар ин даҳ қироат қории дигарро айб намегирад.

Ин аз он хотир аст, ки ҳар қироате аз он қироатҳо дар Қуръон комилан пойдор аст ва ҳамаи даҳ навъи қироат чунинанд, камтарин тазод надоранд бо он ки чигунагии талаффузи баъзе калимаҳо ва монанди он аз вижагиҳои хешро изҳор менамояд. Оё ин тақвият дар ҳифзи Қуръон аст, ё заъифгардонӣ?

## *Эъҷози илмӣ дар Қуръон*

**Устод Фифа: Мехоҳам ба сухане, ки дар мавриди Қуръон гуфтӣ, эй Абӯҳомид, баргардам.** Ту ишора

кардӣ, ки Қуръон дорои мӯъҷизаҳои илмии тиббӣ ва ғайри тиббӣ аст ва Қуръон ҳатто аз ноҳияи илмӣ китоби соҳибэъҷоз аст. Эй Абӯҳомид, ба сароҳат гӯем, ин охирин мавзӯест, ки имкони қабули он аз ту вуҷуд дорад. Ту худ медонӣ, ки Қуръон кай нозил шуд ва ҳамчунин медонӣ, ки эҳёи илмӣ кай оғоз ёфт? Миёни нузули Қуръон ва эҳёи илмӣ қариб 650 сол аст...!

Гузашта аз ин кашфиётҳои илмӣ пайваста то ба имрӯз идома дорад ва дар ҳолати тараққӣ ва пешравии доимист. Бигӯ, ки Қуръон аз кадом давр ҳарф мезанад ва дар мавриди кадом кашфиёт сухан мегӯяд?

Агар имкони қабули инро дорем, чаро қабул накунем, ки Тавроту Инҷил ва Забур, ки аз Қуръон тахминан 700 сол пеш гузаштаанд, низ мӯъҷизаанд, ҳатто аз ноҳияи тиббӣ?

Шояд, эй Абӯҳомид, зикри суханони умумиеро, ки дар Қуръон ворид шудааст, дар мавзӯе, ки мумкин аст мавзӯи илмӣ будани онро мо қабул надорем, ту онро мавзӯи илмӣ мехонӣ!

Шояд мегӯӣ, бингаред Қуръон аз ин мавзӯе, ки имрӯз уламо кашф кардаанд, ҳарф мезанад.

Ҷаҳду талош ва машаққати муҳаққиқон ва пажӯҳандагон дар озмоишгоҳҳо ва толорҳои пажӯҳишӣ ба умумигӯиҳои мазкур дар Қуръон, ки 1400 сол пеш нозил шудааст, ба ин осонӣ беҳудаву бефоида мешавад?

Бале, шояд баъзе пешгӯиҳо ёфт шавад, ки замона таҳаққуқи онро исбот кардааст, чунончи китобҳои пешгӯёни машҳур, мисли китоби Амстредамс ҳам чунин аст.

Аммо дар баробари ин хурофоти зиёде низ мавҷуданд, ҳадду ҳисоб надоранд. Шояд барои даъват

ба зӯрозмоӣ ҳамаи дарҳоро боз кунӣ ҷуз ҳамин дар, барои ту беҳтар бошад... Зеро илм таъоруфро қабул надорад ва забони рақамҳо аз ҷумлаҳои адабии эҳтимолшуда бузургтар аст. Зеро ту ҳар қадар саъй кунӣ, то ҳолати пешравии замони кӯҳнаро нишон диҳӣ, нишонаҳо ва осори кӯҳнаи ғолиб бар он боқӣ хоҳад монд. Ва бо ин рафтори но ҷо парда аз болои он мебардорӣ ва расвояш мекунӣ!

**Абӯҳомид:** Ай устод Фифа, моро аз ҳуҷҷату далел овардан ба китобҳои осмонии пешин чизе ба ҷуз ҳимояи онҳо манъ намекунад. Бинобар ин онҳоро ба ҳолашон вомегузорем. Агар мо он чиро, ки Худованд дар ин китобҳо нозил кардааст хуб бишносем ва аз таҳрифҳои дар онҳо дохил кардашуда тамиз карда тавонем, албатта он чизҳо барои мо дар илмҳои техникӣ ва дигар илмҳо ҳуҷҷат мешаванд. Аммо ба сабаби омехтагии миёни таҳрифшудаҳо ва нозилшудаҳо ба ҳамаи он китобҳо ҳуҷҷат оварданро истисно мекунем ва онҳоро ба ҳолашон вомегузорем. Ин гуна муомалаи мо ба хотири он аст, ки мабодо далеле ба суханони таҳрифӣ биёрему, илм ба он мухолафат кунад ва ин амал боиси таксзиби Таврот ё Инҷил гардад. Ва ин рафтори мо сабаби куфри ба Худо шавад!

Аммо Қуръон бошад, метавонӣ дар он чанд бор ба такрор назар кунӣ, вале дар он як сухани мухолифи илм пайдо карда наметавонӣ. Бинобар ин, ақли худат ба хулосае меояд, ки дасти таҳрифи башарӣ ба ин китоб роҳ наёфтааст. Зеро Худованд ҳаргиз таъбири мухолиф баён намекунад, чун барои Худованд чизе аз аҳволи махлуқоташ пинҳон намемонад. Аз ин хотир, дар Қуръон чизе мухолиф ба ҳақоиқи илмӣ пайдо

кардан маҳол аст.

Бо вуҷуди ин гумон мабар, ки Қуръон китоби улуми тиб, ё астрономия, ё физика, ё ҷуғрофия ё дигар илмҳо аст. Дар Қуръон сараввал қоидаҳои умумӣ, ишораҳои бузург ва зиёд ва баъзе масоили батафсили илмӣ ба хотири кӯмак намудан ба афроди дар мавриди имон дудила ҳуҷҷат овардан барои касоне, ки ба зӯрозмоӣ даъват шудаанд ва оҷиз гардондани онҳо ва афзунсозии имони мӯъминон зикр шудааст. Лизо имони касе қавӣ ва тавоно аст, ки илму дониши бештар дорад. Дар ин мавзӯъ дар Қуръон оятест, ки мегӯяд: **«Оё надидӣ, ки Худованд аз осмон обе нозил кард, ки ба он меваҳои рангоранг рӯёндем ва аз кӯҳҳо низ ҷоддаҳое ба ранги сафеду сурх бо рангҳои гуногун ва ба ғоят сиёҳ падид овардем.**

**Ҳамчунин мардум ва ҷунбандагон ва чорпоёни рангоранг. Оре аз миёни бандагони Худо танҳо доноён аз Ӯ метарсанд ва Худованд нерӯманди омурзанда аст».** (Фотир, 27-28)

Ва дар сураи Ҳаҷ мисли дигар сураҳо оятҳоест, ки аз ҳақиқатҳои илмии коинот ҳарф мезанад. Дар мавриди ин оятҳо тааммул кун: **«Оё надидӣ, ки Худо аз осмон обе фурӯ фиристод ва замин сабзу хуррам шуд, Худованд дақиқ ва огоҳ аст. (63). Он чи дар осмонҳо ва замин аст, азони Ӯст ва Худо бениёзи писандида аст. (64). Оё надидӣ, Худованд ҳар чиро, ки дар замин аст, мусаххарашон кард ва ба фармони Ӯ киштӣ дар дарё равон аст ва Ӯ осмонро нигоҳ медорад, то ҷуз ба фармонаш бар замин фурӯ наафтад, зеро Худо ба мардум рауфу меҳрубон аст. (65). Ӯст ки зиндаатон кард ва пас он гоҳ бимиронад ва бори дигар зинда мекунад, ба ростӣ, ки инсон носипос аст. (66). Барои ҳар уммате**

**ибодате муқаррар кардем, то онро анҷом диҳад, пас набояд дар ин амр бо ту ба низоъ бархезанд, ба сӯи Парвардигорат даъват кун, ки ту бар роҳи рост қарор дорӣ. (67). Ва агар бо ту аз дари ҷадал дароянд, бигӯ: «Худованд ба кирдоратон донотар аст. (68). Худованд дар рӯзи қиёмат миёни шумо дар мавридҳои ихтилофатон доварӣ хоҳад кард». (69). Магар намедонӣ, Худованд донандаи ҳамаи он чизҳое аст, ки дар осмон ва замин аст? Ба ростӣ, ки ин дар китобе аст ва мусалламан барои Худо осон аст. (70). Онҳо ҷуз Худо чизҳоеро мепарастанд, ки далеле барояш наёмадааст ва ба он огоҳӣ надоранд ва ситамгаронро ёваре нест. (71). Ба ҳангоми тиловати оёти равшани мо дар чеҳраи кофирон чунон инкореро мушоҳида мекунӣ, ки наздик аст ба онҳое, ки оёти моро барояшон мехонанд, ҳамлавар шаванд. Бигӯ: «Бадтар аз инро ба шумо хабар бидиҳам? Ҳамон оташе аст, ки Худо ба кофирон ваъда додааст ва бад саранҷоме аст. (72)».**

## *Гувоҳии олими Фаронсавӣ*

**Устод Фифа:** Маъзарат мехоҳем, ин суханон қонеъкунанда аст, вале ҳамоно дар масъалаи илмҳои таҷрибӣ суханони умумианд ва мо аҳли илми техникием, дар озмоишгоҳҳо тарбия гирифтаем мо тамоми ҳаёт ба забони тадқиқӣ-озмоишӣ ва рақамҳо сӯҳбат мекунем.

**Абӯҳомид:** Маъзарат мехоҳам, инҳо суханони умумӣ нестанд ва суханҳои беҳуда ҳам намебошанд, инҳо суханони илмии дақиқанд. Лизо барои ту сухани касеро нақл мекунам, ки дар мақоми илмии ӯ ҳеҷ шакке нест. Олими Фаронсавӣ, ки исмаш Морис Бокай аст, мегӯяд: «Ман Қуръонро дарвоқеъ ба шакли хос ва

қобили васф мутаваҷҷеҳ дарёфтам, то ҷое мутаваҷҷеҳ, ки дорои ҷамъи бузурге аз падидаҳои табиъӣ аст. Маро воқеъан диққати баъзе тафсилоти хос ба ин падидаҳо ҳайрону даступохӯрда кард.

Маро мувофақати он бо мафҳумҳое, ки имрӯз аз худи ҳамин падида молик мешавем, мафоҳиме, ки дар асри Муҳаммад (с), барои ҳеҷ инсоне имкон надорад, ки камтарин чизе аз он мафҳумҳоро ба вуҷуд орад, шигифтзада кард.

Аввалин чизе, ки дар қалби шахси бори нахуст ба ин матн мувоҷеҳшуда даҳшатро бармеангезад, ин анбӯҳи мавзӯъҳои таҷрибӣ аст.

Дар он мавзӯъи офариниш зикр шуда.

Дар мавриди олами ҳайвонот.

Дар бораи олами наботот.

Оиди бавуҷудоии насли инсон зикр шуда.

Дар муқоиса ба ин дар Таврот хатоҳои зиёди илмӣ меёбем, вале дар Қуръон ягон намуди хаторо наметавонем пайдо ва ошкор созем.

Ин ҳақиқат маро водор кард, то бипурсам: Агар нависандаи Қуръон инсон бошад, чӣ гуна тавонист дар асри ҳафтуми милодӣ чизҳоеро бинависад, ки ба таври рӯшан ба маъорифи илмии нав мувофиқат кунад?

Ин ҷо ҷои шакку шубҳа нест, ки матни Қуръоне, ки дар даст дорем, ин дар ҳақиқат ҳамон матни аввал аст.

Ба ин мулоҳаза чӣ иллат метавонем нишон диҳем, чӣ далел биёрем»:[1]

**Устод Фифа:** Рости гап ман ба олими бузург Морис Букай эҳтироми зиёд қоилам, вале ҳамоно мехоҳам аз Қуръон мисолҳои илмии мушаххас ироа шавад.

---

[1] Ал- Қуръонул кариму ват-Тавроту вал Инҷил вал илм. Доктор Морис Букай. Саҳ. 151, чопи китобхонаи Мадбӯлӣ

**Абӯҳомид:** Кӯшиш хоҳам кард, то мисолҳои зиёд ва гуногун барои ту биёрам, вале ман намехоҳам, сӯҳбатамро ба дарозо бикашам. Бояд донӣ, аз улуми мухталиф мавзӯъҳое, ки дар Қуръон зикр ёфтааст, вале олимону донишмандони илмҳои таҷрибӣ то ба имрӯз онҳоро кашф накардаанд, ҳисоб надорад. Ва Қуръон ба ҳар аср навгонҳои зиёд хоҳад дод.

Ман ҳоло чеҳраи шинохтаи илмиеро зикр хоҳам кард, ки касе дар мавриди илму дониши ӯ мухолафат надорад. Ӯро олимони ҳамсафаш хуб мешиносанд, ишон доктор Зағлул Ан-Наҷҷор, устоди фанни геологияи чандин донишгоҳҳои илмии ғарбӣ ва арабӣ ва директори академияи Маркфелд дар Иёлоти Мутаҳиддаи Амрико аст.

## *Ибтидои ҷаҳони ҳастӣ дар Қуръон*

**Дуктур Зағлул Ан-Наҷҷор мегӯяд[1]:** «Ситорашиносон (астронbackҳо) дар сеяки аввали асри бист, вақте диданд равшании ситораҳо ба тайфи (спектр)[2] дигар мутамоил мешавад. Беихтиёр аз якдигар пурсиданд, ки оё ситорагон аз мо дур мешаванд? Агар дур мераванд, нақши ҷозиба чӣ мешавад? То нимаи аввали асри бист баҳсу мунозираҳо идома ёфт ва билохира барои донишмандон исбот шуд, ки олами вуҷуд, ки мо дар он ҳаёт ба сар мебарем, ҷаҳоне дар густариш аст.

---

[1] Мин оётил-эъҷози-л-илмӣ фил Қуръонил карим. Қисми аввал, таълифи доктор Зағлул ан- Наҷҷор. Саҳ 84, бо муқаддимаи Аҳмад Фироҷ.

[2] Спектр – маҷмӯъи қиматҳои ин ё он бузургие, ки ягон система ё протсесро тавсиф медиҳад.

Ва уламо қайд карданд, ки яке аз сифатҳои ҳолии ин олам ба таври истимрор густаришёбии он аст. Илм имрӯз мегӯяд, на танҳо курраи замин бар асари ҷазби моводи осмонӣ тадриҷан фарбеҳ ва вазнинтар мешавад, балки осмонҳо низ дар густаришанд. Яъне ситорагоне, ки дар як каҳкашон қарор доранд, ба суръат аз маркази каҳкашон ва ҳамзамон аз якдигар низ дур мешаванд. Суръати аз маркази каҳкашон ва аз якдигар дуршавии онҳо гоҳо баробари суръати ҳаракати равшанӣ (сесад ҳазор километр дар як сония) аст. Аз ин рӯ, инсон ҳаргиз наметавонад бо донишу биниш тамоми ин қисмати қобили дарки ҷаҳони ҳастиро фаро гирад, зеро инсон чи қадар васоилро пешрафта созад, олами вуҷуд ҳамон қадар густариш меёбад ва инсон боз бори дигар ба тараққӣ додани ҷиҳозҳояш эҳтиёҷ пайдо мекунад ва вазъ ҳамин тавр идома меёбад.

Донишмандони улуми ситорашиносӣ ин ҳақиқатро 1400 сол баъди нузули Қуръон дар натиҷаи тараққии абзорҳои ситорашиносӣ ва баҳсу ҷидолҳои илмӣ ва таҷрибаҳои зиёд кашф намуданд, дар ҳоле, ки Қуръон ин ҳақиқатро дар ғояти диққат васф кардааст. Парвардигори оламиён дар ояти зерин ин мавзӯро ба таври равшан баён намуда:

وَٱلسَّمَآءَ بَنَيۡنَٰهَا بِأَيۡيْدٍ وَإِنَّا لَمُوسِعُونَ ﴿٤٧﴾

**«Ва мо осмонро бо қудрат бино кардем ва ҳамвора онро вусъат мебахшем».** (Зориёт, 47)

Дар оят ба ибораи **«ҳамвора онро вусъат мебахшем»**, ки ба густаришу васеъшавии ҷаҳони ҳастӣ аз замони пайдоишаш ва ба идомаёбии ин густариш то замони мо ва то ба замоне, ки Худованди мутаъол

мехоҳад, ишора мекунад.

Ин васеъшавӣ ва густариш уламо ва донишмандонро ба сухани дуруст ва ҳақиқати дигаре водор кард, ки мо вақте бо ҳамин васеъшавӣ ва густариш ба замони гузашта, ба қафо баргардем, ногузир ба нуктае мерасем, ки моддаи аслии олами вуҷуд як ҷирм будааст.

Бубин, имрӯз ҷаҳони ҳастӣ дар ҳоли густариш аст, вақте оғози онро донистан хоҳем, ин васеъшавиро асос қарор дода, бояд ба қафо баргардем, ҳамроҳ бо гузашти замони дуру дароз, билахира ба нуқтаи оғоз мерасем, то ҷое, ки ин баргашт моро ба ҷирми аввал мерасонад. Ва маълум мешавад, ки он ҷирм ба дараҷаи олӣ сахту вазнин ва дурушт аст, чунон сахту сангин аст, ки ҷирм дар худ танг омада ва дар хеш нағунҷида метаркад, ба пардае аз дуд мубаддал меёбад. Ва аз ин дуд туманпораҳое офарида шуд, ки миқдори зиёде аз моддаро ва нерӯе дар даври марказҳои ҷозибӣ бо худ доштанд ва ин миқдори зиёди аз модда ва нерӯ пайваста дар тӯда-тӯда шудану шитоб кардан буданд, то ҷое, ки ба қудрати Худованд ба шакли ҳайати ҷирмҳои гуногуни осмонӣ даромаданд.

Имрӯз дар мавриди чи тавр пайдо шудани олами вуҷуд ин назария бештар мавриди қабул гаштааст ва онро «Назарияи таркиши бузург, The Big Band Theory» меноманд. Ва ин назарияро густариш ва васеъшавии ҷаҳони ҳастӣ қувват медиҳад ва онро устувор месозад. Ҳамзамон дараҷаи ҳарорати доимӣ ва собити даврӣ қисмати қобили дарки олами мавҷуд ва бахш-бахшшавии ҳолии унсурҳои гуногун дар сафҳаи қисмати қобили дарки ҷаҳони вуҷуд ва гардиши дуди олами вуҷуд дар атрофи ҳамин қисмати қобили дарк

низ ин назарияро таъйид менамояд.

Ва Қуръон ҳақиқати мазкурро ба ин сухани Худованд баён намудааст: **«Магар кофирон надиданд, ки осмонҳо ва замин ба ҳам пайваста буданд ва мо ҷудояшон кардем? Ва ҳар чизи зиндаеро аз об падид овардем, оё имон намеоваранд?»** (Анбиё, 30)

Калимаи «ратқ» дар луғат акси «фатқ» аст ва «ратқ» ба маънои ҷамъ, фароҳам овардан меояд. Ва ин васфи дақиқи ҳолатест, ки олами ҳастӣ дар ҷирми ибтидоие, ки таркиши бузургро аз сар гузаронд, дар ҳамон ҳолат буд. Ё ҳамон амали руҷуъ ба густариш ба қафо ҳамроҳ бо замон (марҳилаи ратқ) аст.

Маънои луғавии «фатқ» таркиш ва инфиҷор, интишор ва инфисол (марҳилаи фатқ ва густариши ҷаҳони ҳастӣ аз пайи он рух дода).

Ин назария (назарияи таркиш бузурги ҷаҳони ҳастӣ), ки илми таҷрибӣ наметавонад онро ба мақоми ҳақиқиаш бирасанд, бинобар ин дар ҳадди назарӣ боқӣ мемонад. Вале ворид гаштани ишорае дар мавриди он дар китоби Худо қабл аз 1400 сол ба Қуръони карим ҳаққи сабқат медиҳад. Ва ба ин назария он микдор нерӯе медиҳад, ки танҳо ба хотири он ки ба ин назария дар китоби Худо ишорае рафтааст, ба мақоми ҳақиқат мебарорад. Бо такя ба ин ишора мегӯем, ҷаҳони ҳастии мо ба як ҷирм аввалин (марҳалаи ратқ) ибтидо гирифта ва ин ҷирм таркида (марҳалаи фатқ) ба пардае аз дуд (марҳалаи духон) табдил ёфтааст. Ва уламои улуми таҷрибӣ мегӯянд, ки аз хок ташкил шудааст. Ва Қуръон мегӯяд:

ثُمَّ ٱسۡتَوَىٰٓ إِلَى ٱلسَّمَآءِ وَهِيَ دُخَانٞ ﴿١١﴾

**«Сипас оҳанги осмон кард, ки он дуде буд».** (Фуссилат, 11)

Ва ин ҷо суоле ба миён меояд: Оё марде аз саҳрои Араб қабл аз 1400 сол метавонад ба чунин кашфиёти илмии бузурге ноил шавад ва аз пеши худ аз нуқтаи ибтидои олами вуҷуд ниҳоят бо диққат сухан гӯяд?

## *Телескопҳо дар замони Муҳаммад (с)*

Мехоҳам бипурсам, ки Муҳаммад (с) дар он саҳро қабл аз чаҳордаҳ аср чанд расадхона ва чӣ миқдор телескоп дошт? Агар надошт, маълум аст, ки надошт, пас чи касе ба ӯ аз оғози ҷаҳони ҳастӣ ин қадар дақиқ хабар дод? Дар ин хусус тамоми олам то соли 1927, то замоне, ки олими Белгиягӣ Ҷорҷ Лиматрӣ ин назарияро баён намуд ва онро назарияи ақибравии туманӣ номид, чизе намедонист.

Ва баъд аз ӯ олими Америкоӣ Одвин Ҳайсел соли 1929, ду сол пас аз олими Белгиягӣ ин назария, назарияи таркиши ҷаҳонро исбот кард.

Оё баъди баёни ин эъҷози илмии Қуръон мумкин аст бигӯем, ки Қуръон сухани одамӣ аст?

Фақат ҳамин як эъҷози илмӣ нест, ба қисмати баъдии ин мавзӯъ бингаред ва агар хоҳед гӯед қисми баъдӣ дар ҳамин ҳаёт аст.

## *Чигунагии ниҳояти ҷаҳони ҳастӣ*

**Доктор Зағлул Ан-Наҷҷор мегӯяд[1]:** «Ва уламои соҳибтаҷриба мегӯянд, ин амали васеъшавии олами вуҷуд ба сӯи хориҷ беинтиҳо нест, яъне наметавонад

---

[1] Мин оётил-эъҷози-л-илмӣ фил Қуръонил карим, қисми аввал, таълифи доктор Зағлул Ан-Наҷҷор. Саҳ. 44

идомааш охир надошта бошад, зеро ин амал натиҷаи таркиши аввал аст. Вақте таносуби васеъшавии олами вуҷуд имрӯз аз таносубе, ки ба он оғоз ёфта буд, сусттар шавад, он гоҳ замоне фаро хоҳад расид, ки дар он ин ду қувва - қувваи аз таркиш сарчашмагирифта ба берун теладиҳанда ва қувваи аз ҷозибият сарчашма гирифтаи ломеъа ба сӯи дохил бо ҳам баробар мешаванд. Баъд аз он қувваи дофеъа ба сӯи хориҷ ба тадриҷ заъиф мешавад ва қувваи ҷозибият бори дигар шурӯъ ба ҷамъ кардани олами вуҷуд дар як ҷирм мекунад, ки ин ҷирм ба ҷирми ибтидоии аввал, ки офариниш аз он шурӯъ шуда буд, комилан монанд аст. Ва ин назарияро уламои муосир «Назарияи хурдшавии шадид – The Big Crunch Theory» меноманд».

Ва Қуръон дар ишора ба ин пешгӯии илмӣ 1400 сол аз илм пешӣ гирифтааст. Ва ишораи номбурда дар ин сухани Худои бузург омадааст:

يَوْمَ نَطْوِى ٱلسَّمَآءَ كَطَىِّ ٱلسِّجِلِّ لِلْكُتُبِ ۚ كَمَا بَدَأْنَآ أَوَّلَ خَلْقٍ نُّعِيدُهُۥ ۚ وَعْدًا عَلَيْنَآ ۚ إِنَّا كُنَّا فَٰعِلِينَ ﴿١٠٤﴾

**«Рӯзе, ки осмонро чун номаи дарозе дар ҳам печем, ҳамон гуна, ки офариниширо оғоз кардем, онро боз мегардонем, ин ваъдае аст, ки мо додаем ва қатъан ба он вафо хоҳем кард».** (Анбиё, 104)

Ба таъбири зебои Қуръонӣ бингар: **«Ҳамон гуна, ки офариниширо оғоз кардем, онро боз мегардонем»,** яъне офариниши олами вуҷуд ба амри Худованди бузург айнан боз мегардад. Дар ояндае, ки вақти онро ба ҷуз Худованди пок касе намедонад, олами вуҷуд ба ҷирми сахту ситабр боз хоҳад гашт. Баъд аз он бори дигар

метаркад ва ба пардае аз дуд табдил меёбад ва аз он дуд замине дигар ва осмонҳои дигар офарида хоҳад шуд. Ва Қуръони карим ба ин сухани Худованд онро тасдиқ мекунад: **«Дар он рӯз, ки ин замин ба замини дигар ва осмонҳо ба гунае дигар табдил мешаванд ва онҳо дар пешгоҳи Худованди яктои қаҳҳор ҳузур меёбанд».** (Иброҳим, 48)

Ту худ бигӯ, дар он вақт, ҳазору чаҳорсад сол пеш, кӣ ҷуръат мекард, шеваи офариниши олами вуҷудро муайян кунад? Гузашта аз ин, дар мавриди дақиқона баён шудани фаносозии оламе, ки ҷаҳон имрӯз дар замони пешрафти илмӣ фаҳмид, чӣ мегӯӣ?

Касе, ки ин ҳақиқати илмиро ситоиш менамояд, чӣ номида метавонем...?

## *Пасттарин ҷои замин*

Инак бозмегардем ба суоли дигар: Дар курраи замин пасттарин минтақа кадом минтақа аст?

Ҷавоб: Мувофиқи нақшабардории ҷуғрофӣ пасттарин минтақаи курраи замин, ин минтақаи Фаласти ва Баҳри Мурда аст.

Аз ин ҷо суоли дигар бармеояд, донишмандон ба ин хулосае, ки ин минтақа нуқтаи пасттарини замин аст, чӣ гуна расиданд? Дар ҷавоб метавон гуфт: Донишмандон баъд аз он, ки амали ба нақшагириро анҷом доданд, диданд, ки пасстарин нуқта дар Қутб аст ва пастии он 2555 қадам аз сатҳи баҳр аст, вале бо пиряххо пӯшонда шудааст. Бинобар ин онро нуқтаи пасттарин нашумориданд. Аммо нуқтаи пасттарини ҳақиқӣ, ин нуқтаи Баҳри мурда дар Фаластин аст, ки пастии он аз сатҳи баҳр ба 418 метр мерасад.

Ва бо ҳамин муайянсозии нуқтаи пасттарин илм

исбот кард, ки минтақаи ёдшуда дар Қуръон пасттарин минтақа дар курраи замин аст.[1]

Охирин суол боқӣ монд: Дар он замон чӣ касе заминро банақшагирӣ кард ва ба Муҳаммад (с) хабар дод, ки Фаластин пасттарин минтақаи замин аст? Дар сураи Рум ояҳои 1 – 5 ин сухани Худованд омадааст, ки мефармояд: «Алиф, лом, мим. Дар пасттарин сарзамин Румиён мағлуб шуданд ва баъд аз мағлуб шудан дере нахоҳад гузашт, ки дар зарфи чанд сол ғалаба хоҳанд кард. Қабл ва баъд аз пирӯзӣ фармон Худорост ва дар он рӯз мӯъминон ба ёрии Худо шодмон хоҳанд шуд. Ва Ӯ ҳар киро бихоҳад, ёрӣ мекунад ва Ӯ неруманди меҳрубон аст».

Бисёр мехоҳам барои шумо қиссаи нозилшавии ин ояро ҳикоя кунам. Миёни ду давлати қудратманди ҳамон замон, давлати Форс ва давлати Рум оташи ҷанги бузурге аланга гирифт ва дар он айём мусалмонон нерӯ надоштанд, дар ибтидои кор заъифу нотавон буданд. Дар он ҷанг лашкари империяи Форс соли 613 мелодӣ лашкари империяи Румро шикаст дод. Мусалмонон аз шикасти румиҳо сахт андӯҳгин шуданд, чун онҳо аз самими қалб хоҳони пирӯзии насоро буданд, ба хотири он ки онҳо мисли худашон аз пайравони китоби осмонианд ва форсҳо бошанд оташпараст буданд. Лашкари Форс Байтулмуқаддас ва Димишқро ишғол намуда баъди соли 614 Мисрро низ ишғол кард. Нерӯҳои форсҳо ҳамчунон пешрафт дошту кишваркушоӣ мекард. Баъд аз ин ҳама пирӯзиҳо мизони ҷанг тағйир ёфт ва кор бар акси пешин шуд. Ва ин гуна сурат гирифтани кор ваъдаи Худованд буд, ки

[1] Рӯ оред ба Http://enwikipedia.org/wiki/extretremes.

дар ин оятҳо мефармояд: **«Дар пасттарин сарзамин Румиён мағлуб шуданд ва баъд аз мағлуб шудан дере нахоҳад гузашт, ки дар зарфи чанд сол ғалаба хоҳанд кард».**

Биёед ба сурати беҳтар таваққуф намоем: Ин ишораи илмӣ дар миёни он ҳодисаи бузург чӣ арзиш дорад, дар ҳоле, ки Худованд медонад, онон ҳеҷ далеле бар ин ки ин нуқта пасттарин макон аз сатҳи баҳр аст, надоранд? Ин суол як ҷавоб дорад. Қуръон каломи Худованди мӯъҷизаофар барои ҳамаи асрҳо ва илмҳо ва аҷоиботи он уқёнуси бепоён аст. Балки ин дурахши миёни ояти мазкур омада хонандаи Қуръонро дар ҷараёни Қуръонхонияш водор месозад, то ба иллате, ки ба як калима зоҳир мешавад, монанди ин кашфиёти илмии ғайб ва барои дар вақти худаш захирашуда, ҳушёр шавад.

Шояд касе **ҳақиқати илмӣ ва ин ду ҳақиқатро** инкор намояд. Вале инкори ин ҳама ҳақиқатҳо ва ҳамаи онҳоро ваҳму хаёл пиндоштан ниёз ба тағйир хӯрдану дигаргун гаштани тамоми меъёрҳои ақлӣ дорад.

Танҳо як ҳақиқат вуҷуд дорад ва он ин аст, ки Қуръон аз назди Худованд аст ва офаридгори осмонҳо ва замин фурӯфиристонандаи Қуръон аст.

## *Сабқати дигари Қуръон дар илми кӯҳшиносӣ*

Дар Қуръон ҳақиқати илмии дигарест. Ту метавонӣ бипурсӣ, ки олимону донишмандон, зиёд не, қабл аз сад сол дар мавриди кӯҳҳо чӣ фикр доштанд: Фаҳми мардуми авом дар ҷои худаш. Албатта кӯҳҳоро барҷастагӣ ва баромадагиҳои болои сатҳи замин меномиданд. Оё чунин набуд?

Акнун ин ҳақиқати илмиеро, ки дар Қуръон зикр шудааст, бишнав, баъд аз он худат хулоса барор:

**Доктор Зағлул Ан-Наҷҷор мегӯяд[1]:** Ватид – (Мех) чӯбпора ё оҳанпора ва ё монанди инҳост, ки нӯгҳояшон тез карда шудааст ва қисматҳои хайма ба василаи онҳо дар замин устувор карда мешаванд, баробар аст, ки замини хокӣ аст ё сангӣ. Қисмати бештари ин меххо дар зери замин қарор дорад ва қисмати ками онҳо дар беруни замин. Ва вазифаи ин меххо устувор ва мустаҳкам намудан аст. Вақте донишмандони кӯҳшинос кӯҳҳоро омӯхтанд, диданд, ки қисмати зиёди ҳар кӯҳ ба дарозо зери замин аз баландияшон дар рӯи замин аз сатҳи баҳр бештар аст.

Барои кӯҳҳо ҳеҷ калимае, ки сифат ва вазифаҳои кӯҳҳоро расо ва мувофиқ баён карда тавонад, ба ҷуз калимаи ватид (мех) намеёбем. Пок аст Худое, ки дар китобаш қабл аз 1400 сол ин сухани ҳаққи худро фурӯ фиристод:

أَلَمْ نَجْعَلِ ٱلْأَرْضَ مِهَـٰدًا ﴿٦﴾ وَٱلْجِبَالَ أَوْتَادًا ﴿٧﴾

**«Магар на ин аст, ки заминро бистари осоиш ва кӯҳҳоро мехи он қарор додем?».** (Наба, 6-7)

Кӯҳҳо дар ҳақиқат мехи заминанд, қисмати камтари онҳо аз сатҳи замин боло ва бештарашон дар зери заминанд ва вазифаашон пойдору устувор намудан аст. Ва Қуръони карим, ки ҳазору чаҳорсад сол пеш нозил шудааст, кӯҳҳоро мехи замин мехонад, ки ин низ сабқати илмии дурахшоне аст, чун уламо ба ин пояи дониш танҳо дар садаи бистум расиданд ва то ба имрӯз

[1] Мин оётил эъҷозил илмӣ фил Қуръонил карим, қисми аввал, саҳ 84, таълифи доктор Зағлул Ан-Наҷҷор.

аксари мардум ин ҳақиқати илмиро намедонанд.

Соли 1992 дар мавзӯи кӯҳҳо китобе навиштам, ки дар Амрико нашр шуд ва дар муқаддимаи китоб таърифҳои луғавӣ ва илмии кӯҳҳоро аз чандин китобҳои луғат ва китобҳои илмӣ истифода карда ва забонҳои арабӣ, англисӣ ва фаронсавӣ ҷамъ кардам. Дидам ҳамаи китобҳо бар ин таъриф, ки кӯҳҳо барҷастагиҳо ва баромадагиҳои болои заминанд ва баландии онҳо бештар аз 310 метр аз сатҳи баҳр ё бештар аз 610 метр аз сатҳи замин мебошанд, иҷмоъ намудаанд. Мисле, ки як таъбири нисбиест, ки бо гуногунии кӯҳҳои замин он ҳам гуногун мешавад. Ва Қуръони карим, ки пеш аз ҳазору чаҳорсад сол нозил шудааст, дар он Парвардигори бузурги мо мегӯяд: **«Ва кӯҳҳоро мехи он қарор додем».** Ин васфест дар ғояти балоғат ва дар ниҳояти эъҷоз, чунки онро ба як калима васф намудааст ва ин як калима тамоми шакли беруна ва ба дарозо ба зери замин поинрафтава вазифаи онро фарогир аст.

Таҷрибаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ҳар баландие болои сатҳи замин дорои чанд баробар дарозоест дар дохили замин аз 10 то 15 баробари баромадагии болои сатҳи замин мувофиқ ба бузургии харсангҳо ва гудозишҳои ҷойдошта дар дохили он. Ва танҳо кӯҳҳо ба ин миқдор ба зери ҳудуди замин дохил намешаванд, балки теппаҳо низ ҳамин гуна дар дохили замин фурӯрафтаанд, ки ин ҳам як навъи устуворкунист. Ва кӯҳҳо василаи аҷибанд дар устуворсозии пораҳои теппаҳо ва қобили ободсозӣ гардондани онҳо. Ҳамзамон кӯҳҳо василаи аҷибанд дар устуворсозии замин дар даврзании он дар атрофи меҳвараш дар баробари офтоб. Ва замин дар ҳаракатҳои зиёде, ки

муҳимтараш ҳаракати майсон аст, мутамоил мешавад. Ва Қуръони карим дар бештар аз 10 оят аз устуворсозии замин ба василаи кӯҳҳо ҳарф мезанад. Худованд мефармояд: **«Ва кӯҳҳоро побарҷо ва устувор қарор дод барои баҳраманд шудани шумо ва чорпоёнатон».** (Нозиъот, 32-33). Боз мефармояд: **«Кӯҳҳои устуворе дар замин бияфканд, то аз ларзиши он бикоҳад ва ба шумо оромиш бибахшад».** (Наҳл, 15). Худованди пок боз мефармояд: **«Ӯст, ки заминро бигустаронид ва дар он кӯҳҳо ва ҷӯйборон қарор дод».** (Раъд, 3). Боз мефармояд: **«Мо заминро бигустурдем ва кӯҳҳои устуворе дар он ниҳодем ва аз ҳар гиёҳи муносиб дар он рӯёнидем».** (Ҳиҷр, 19). Боз фармуда: **«Дар замин кӯҳҳое устувор қарор додем, то онҳоро наларзонад ва низ дар он роҳҳои васеъ қарор додем, то тариқи хеш биёбанд».** (Анбиё, 31). Парвардигори бузург фармудааст: **«Ё Худое, ки заминро ба қарор овард ва дар он наҳрҳо равон сохт ва кӯҳҳои побарҷо барафрошт ва миёни ду дарё монеъе қарор дод, маъбуде ба ҳамроҳ дорад? Балки бештари онҳо намедонанд».** (Намл, 61). Боз Худованди тавоно мефармояд: **«Ва бар рӯи замин кӯҳҳо афканд, то шуморо наларзонад».** (Луқмон, 10). Боз мефармояд: **«Бар замин кӯҳҳоро барафрошт ва онро пурбаракат қарор дод ва дар чаҳор рӯз ризқи ҳамаро барои хосторон яксон муайян фармуд».** (Фуссилат, 10). Худованди мутаъол фармуда: **«Ва заминро бигустурдем ва кӯҳҳои баланд дар он биафкандем ва гиёҳҳои гуногуни бо тароват дар он рӯёндем».** (Қоф, 7). Худованди мутаъол боз фармудааст: **«Оё заминро ҷойгоҳи зиндагон ва мурдагон қарор надодем? Ва кӯҳҳои бисёр баланд бар он ниҳодем ва оби гуворое ба шумо нӯшондем».** (Мурсалот, 25-27).

## Қуръон ва пӯсти инсон

Дар замони ниҳоят наздик ташхиси дақиқи ҷисми инсон нишон дод, ки бадани инсон дорои қабулкунандаҳои хосси асабӣ аст, ки баъзе аз онҳо дардро қабул мекунанд, баъзе фишорро ва баъзе ламсро. Ва ин асабҳои қабулкунанда ниҳоят дақиқ ва ба чашми оддӣ диданашавандаанд. Онҳоро танҳо ба шеваҳои хос зери микроскоп дида мешавад. Ва дар асри 20 дарёфтем, ки асабҳои ҳароратро қабулкунанда танҳо дар пӯст аст ва дар пайвандҳо ва устухонҳо аслан вуҷуд надоранд. Масалан сӯзондани оташ вақте аз қабати пӯст бигузарад, инсон дарди сӯзишро эҳсос намекунад ва аз сӯхтан дард намеёбад. Ин мазмун дар сураи Нисо дар ояҳои 5-6 равшан зикр шудааст:

**«Ҳамоно касонеро, ки оёти моро инкор карданд, ба зудӣ ба дӯзах ворид мекунем ва ҳар боре пӯсташон бисӯзад, пӯсти дигаре ба ҷояш мерӯёнем, то азобро бичашанд. Худованд тавонманди фарзона аст».** Аз матни оят возеҳу рӯшан аст, ки вақте пӯст бисӯзад, дигар вазифаи худро анҷом дода наметавонад ва яке аз вазифаҳояш эҳсос нашудани дарди сӯзиш аст. Бинобар ин Худованд ба ивази пӯсташ пӯсти дигар ба ҷои он мерӯёнад, то азобро эҳсос намояд.

Имрӯз услуби ташхис бар эҳсос намудани дарди халидани сӯзан, яъне солим боқӣ мондани ин қисми пӯсти сухтагӣ тамоман аз кор набаромадани он, эътимод мекунад. Зеро дар пӯсти тамоман сӯхта эҳсоси дард вуҷуд надорад. Дар он замон, яъне вақте Қуръон нозил мешуд, дар куҷо санҷишҳои омӯзишӣ болои пӯсти инсон анҷом дода мешуд? Магар чунин санҷишҳо вуҷуд дошт?

Оё дар ин маврид ягон эҳтимоле вуҷуд дорад?

Танҳо метавон гуфт, ин Қуръон аз назди Худованд аст ва фурӯфиристонандаи Қуръон Офаридгори инсон аст.

### *Қуръон ва атмосфера*

Эъҷози дигари илмии Қуръон дар охирҳои асри 19 ва баъди ихтироъи ҷиҳози дар ҳаво парвозкунанда дониста шуд ва барои башар маълум гашт, ки ҳар қадар дар ҳаво боло равем, фишор поин меравад ва ин поинравии фишор дар навбати худ ба дохил шудани ҳаво ба шуш таъсири манфӣ мерасонад. Пас вақте болоравӣ зиёд шавад, дар натиҷаи поин рафтани фишор ҳавои дохилшаванда ба шуш кам мешавад. Ин ҳолат то расидан ба баландии 30 000 қадам идома меёбад. Вақте ба ин сатҳ бирасад, инсон эҳсоси хафақон мекунад. Аз ин рӯ, ҳавопаймоҳоро ба шакли устувор барои ҳифзи фишор дар дохилашон ҷиҳати саломат мондани мусофирон ва имкони то 40-50 000 қадам боло рафтан баъд аз он парвоз намудан дар фазои хориҷӣ сохта шудаанд. Ояти 125 сураи Анъом ба ин маъно ишораи возеҳу равшан кардааст: **«Худованд хостори ҳидояти ҳар кас, ки бошад, дилашро ба Ислом мегушояд ва он касро, ки гумроҳ бихоҳад, дилашро чунон мефишорад, ки гӯӣ ба осмон пар мекашад».**

Ту худ бигӯ, оё аз аҳли саҳрои араб касе ба сӯи осмон баланд шуда ва фишори фазоиро таҷриба карда буд? Агар кадом эҳтимоле вуҷуд дошта бошад, ба ман бигӯед. Ҳақиат ин аст, ки фурӯфиристонандаи Қуръон Аллоҳи тавоност.

Баъд аз ин, оё бовар доред, ки Муҳаммад (с) тавони ин кашфиётҳои илмӣ ва ҳақиқии азимро дорад ва ҳол он ки ӯ мактаб надидаву боре ҳам қалам ба даст нагирифта буд?

Барои ман ин мавзӯъро шарҳ диҳед! Оё намебинед, вақте Худованд Қуръонро фурӯ фиристод, дар он аз илми нав ба унвони шоҳид барои аҳли ҳамон замон, ҳақиқатҳоеро гузошт, ҳамон гуна, ки барои замони мо навгониҳое ниҳода ва ҳамин гуна барои ҳама замонҳои оянда низ навгониҳо ниҳодааст... Худованд дар Қуръон гувоҳро аз навъе гирифта, ки муносиби ҳаёти ҳар марҳала аст, бидуни мухолифат ба кадом ҳақиқате, ки онро замон аз байн набурдааст. Ин мавзӯъ дар Қуръон барои ҳамаи хонандагони Қуръон ва барои ҳамаи асрҳо то рӯзи қиёмат равшан баён шудааст. Дар сураи Фуссилат дар ояи 53 омада: **«Ба зудӣ нишонаҳои худро дар офоқ ва дар вуҷуди худашон ба онҳо нишон хоҳем дод, то ошкор шавад, ки Ӯ ҳақ аст, оё гувоҳии Парвардигорат бар ҳама чиз кифоят намекунад?»**

## *Қуръон ва илми анкабут*

**Ояти дигаре, ки дар эъҷози он** ақлҳо даҳшатзада мешаванд, ин оят дар шаъни хонаҳои анкабут нозилшуда аст.

**Дар маҷаллаи илмии амрикоӣ омадааст:** «Аммо тори сахт басташудаи анкабут одатан ба сабаби бархурди чизе, ки сабаби ба суръат канда шудани он мегардад, вайрон мешавад. Ва ҳар чизи бархурдкунанда ҳар қадар кӯчак ҳам бошад, барои бофтаи анкабут ниҳоят хатарнок маҳсуб мешавад, зеро таранг кашидашуда аст. Ва кандану пора шудани торҳои анкабут торҳои матои шикофташударо мемонад».[1]

[1] Улуми Америкоӣ, март / апрели соли 1993. Фретз Фолирос, устоди илми ҳайвон дар Боҷил ва Оксфорд.

Аз ҳама аҷиб ин аст, ки ин заъф дар хонаи анкабут, ки дар Қуръон ёд шудааст, ба заъфи бинои хонаи анкабут маҳдуд намебошад. Ин заъф ба низоми оилавӣ дар хонаи анкабут дахл дорад. Худи ҳамон маҷала дар мавриди шаби арусии анкабут ва ташкили оила менависад, ки он шаб, шабест, ки анкабутҳо дар он ҷурми азим ва расвоеро муртакиб мешаванд. Анкабутҳои наринаи зиёд барои бордор кардани анкабути мода ҷамъ омада бо якдигар меҷанганд. Баъд аз он ки анкабутҳои нарина якдигарро ба қатл расонда, дар майдон як нафар пирӯз гашта зинда монд, анкабути модаро бордор мекунад ва як соати комил ба амали бордоркунӣ машғул мешавад. Вақте соҳиби оила амали бордоркуниро ба поён расонд, анкабути мода болои анкабути нар мебарояд ва ду дасти заҳрдорашро ба бадани анкабути нар мехалонад ва фишори зиёд медиҳад, то ҷони анкабути нар набарояд, ӯро раҳо намекунад.

Ин ҳақиқатҳоест аз бинои хонаҳои анкабут, ки аз берун ба назар устувор менамояд, вале дар асл заъифтарин хона аст. Он вақт, дар замони нузули Қуръон чӣ касе ин ҳақиқати илмиро таҳқиқу баррасӣ намуда буд? Инро ба Муҳаммад (с) кӣ хабар дод?

Агар рафту касе ба Муҳаммад (с) дар мавриди заъифии бинои хонаи анкабут хабар дода бошад, ё худ ба тарзе чунин пиндошта бошад, зиндагии оилавии анкабутро кӣ омӯхтаву баррасӣ намуда ва дарёфта, ки низоми оилавии анкабут заъифтарин низом аст?

Оё ин мавзӯъ ба ҷуз эътироф кардан, ки танҳо он зоте, ки анкабутро офаридааст, маҳз Ӯ ба Муҳаммад (с) анкабутро чунин васф намуда, дигар хел шарҳу тафсир дорад? Оё ба ҷуз ин, ки Қуръон аз назди Аллоҳ

аст ва Паёмбар (с) Паёмбари Аллоҳ аст, шарҳу тафсири дигар доред?

**Устод Фифа:** Ман ҳаргиз чунин намегӯям, вале мегӯям ба ман матни саҳеҳу возеҳеро, ки ба он чизе омехта нашуда бошад ва исбот намояд, ки Қуръон дар мавриди анкабутҳо ин ҳақиқатро қабл аз ба нашр расондани ин мавзӯъ аз ҷониби маҷаллаи Улуми америкоӣ соли 1993 милодӣ зикр кардааст.

**Абӯҳомид:** Ин оят дар сураест, ки Анкабут ном дорад ва ояташ ояти 41 аст: **«Масали касоне, ки ғайри Худоро ба дӯстӣ баргузиданд, масали анкабут аст, ки хонае барои худ интихоб кард, дар ҳоле, ки сусттарин хонаҳо хонаи анкабут аст, агар медонистанд».**

Хоҳиш мекунам, ин оятро бо таммул такрор ба такрор бихон ва ҳар он чи дар ояти мазкур зикр шудааст, бо муқоиса ба маълумоте, ки пеш дар бораи анкабут дорӣ, ба ёд ор.

**Устод Фифа:** Чаро ин қадар вақт гузашт, дар ин муддати мадид ин ҳақиқати илмӣ аз Қуръон кашф нашуд, танҳо вақте кашф шуд, ки улуми таҷрибӣ онро кашф кард?

**Абӯҳомид:** Ин суол зербинои хубест барои бино кардани бинои имон ба ваҳдонияти Худо ва имон ба ин, ки ин Қуръон бешубҳа аз назди Худост... (Масалан шахсе ба ту номае ирсол намояд ва бигӯяд, ки ин нома хеле осон аст, онро бихон, ту ҳар боре онро бихонӣ, аз он маъонии наверо пайдо менамоӣ... Сипас **онро мехонӣ** ва дар ҳар як хонданат, аз он истифодае мебарӣ ва аҳли хонавода ва дӯстонат он номаро мехонанду ҳар кадомашон аз он истифода мекунанд. Мусибатзадае онро **бихонад**, аз он фоидае мекунад, соҳибнеъмате бихонад, фоида мебардорад, дучори хатаршудае

**бихонад**, фоида мегирад. Ҳамин тавр ҳар касе дар ҳар ҷое ва дар ҳар замоне онро **бихонад** фоида мекунад. Ва пайваста ин нома аз маъноҳои нав ба нав ва ахбори тоза баромадан мегирад, то замоне, ки насли аввали оила дармегузарад ва нома барои фарзандонашон ба мерос мемонад ва фарзандон ба нома менигаранд ва тааҷҷуб карда мегӯянд: Худоё, он касе, ки ин номаро ба оилаи мо фиристода, аҷаб илми фарогиру густардае доштааст! Наслҳои пешини хонаводаи мо аз он нафъи беҳисоб бардоштанд ва мо низ ва боз барои наслҳои оянда чи миқдори дигар нафъ дорад? Оё ин нома дар ғояти балоғат навишта нашудааст? Ин нома барои як оила аст, дар мавриди Қуръон чи мегӯӣ, Қуръони комиле, ки яксаду чаҳордаҳ сура 6236 оят ва ҳафтоду ҳафт ҳазору чаҳорсаду сиву нуҳ ҳарф дорад.

Зиёда аз ҳазору чаҳорсад сол аст, ки миллионҳо афрод, оилаҳо, ҷамъиятҳо ва миллатҳо онро хондаанду доранд мехонанд ва пайваста хоҳанд хонд ва ҳаргиз дар он ҳатто рахнае пайдо накардаанд ва нахоҳанд пайдо кард).

Аз ҳама аҷибтар ин, ки мардум онро мехонанд ва бар он ҳама хазинаҳои илмӣ миллионҳо бармегузаранд ва онро намебинанд ва кашф намекунанд... То вақте марде донишвар ё зане донишманд аз донишмандони олам меояд ва дар толорҳои тадқиқотӣ ва лабараторияҳо ба кашфиёти илмие муваффақ мешавад. Ва ин марди донишвар ё зани донишманд гумон мекунад, ӯ аввалин касест, ки ин ҳақиқатро кашф кардааст. Ва ногаҳон яке аз хонандагони Қуръон ба Қуръон менигарад ва мебинад, ки ҳамон кашфиёти илмиеро, ки он олим ва олам аз он ифтихор карда, Қуръони карим дар фалон сура, дар фулон оят он кашфиёти илмиро ниҳоят дақиқ ва дар як

ибора зикр кардааст... Инро дида бо тааҷҷуб мегӯяд: Худоё, ҳамин оятро мо чи қадарҳо хондем? Чашмони мо ба куҷо менигаристанд? Чашмони ҳамаи касоне, ки Қуръонро пеш аз ин хондаанд, ба куҷо менигаристанд? Ва ин кашфиётро бо мардум борҳо ва такрор ба такрор ба забон меорад.

Аз ин ҳам аҷибтар, мо пайваста Қуръонро хонда мегузарем, кашфиётҳои илмии зиёде ҳанӯз дар он нуҳуфтааст, онҳоро шабу рӯз мехонем, вале ҳақиқати онро дарк карда наметавонем. Оре мо оёти Қуръонро мефаҳмем, дуруст ҳам мефаҳмем, аммо фаҳми хос барои афроди соҳибтахассус чизи дигар аст...! Мо дар хондани Қуръон чунинем ва пеш аз мо будагон низ чунин буданд.

Оё ин эъҷоз нест?

Оё ин масъала уламо ва муҳаққиқонро даъват ба он намекунад, ки онҳо Қуръонро ба услубу шеваи хоссе бихонанд, то забони ақл онҳоро бо пофишорӣ ва мутолаба садо кунад: Оё аз рӯи **ақл** аст ин, ки шахси пажӯҳанда ҳаёташро аз қафои як кашфиёти илмӣ, ки аз он худаш ва мардум нафъ мебаранд, сипарӣ намояд, баъд аз он хазинаи кашфиётҳои илмиро пайдо кунад ва он кашфиёташро вогузораду бо ҳамин ба гӯшаи фаромӯшӣ супурда шавад? Гоҳо чунин ҳам мешавад, ки шахси пажӯҳанда ба чизе нарасида мемирад ва фурсати бузургро аз даст медиҳад ва вақте фурсати ҳаётро аз даст диҳад, худро аз даст додааст. Оё ин аз рӯи ақл аст?

Ту гумон макун, ки он намунаҳои аз мӯъҷизаҳои илмии Қуръон зикркардаи ман, натиҷагириҳое мебошанд, ки ман ба оятҳои Қуръон рабт додаам... На! Чунин нест, балки ин ҳамон ваъдаест, ки Худованд дар

Қуръон додааст. Уламо мебинанд, ҳар замон ҳақиқатҳои илмӣ таҳаққуқ пайдо мекунанд, чунончи дар боло ин ваъдаи Худоро зикр кардем. Дар сураи Фуссилат омадааст:

سَنُرِيهِمْ ءَايَٰتِنَا فِى ٱلْءَافَاقِ وَفِىٓ أَنفُسِهِمْ حَتَّىٰ يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ ٱلْحَقُّ ۗ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُۥ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ شَهِيدٌ ﴿٥٣﴾

**«Ба зудӣ нишонаҳои худро дар офоқ ва дар вуҷуди худашон ба онҳо нишон хоҳем дод, то ошкор шавад, ки ӯ ҳақ аст. Оё гувоҳии Парвардигорат бар ҳамаи чиз кифоят намекунад».** (Фуссилат, 53)

**Муаллими фанни ситорашиносӣ:** Ай бародар, ман гуфтаҳои туро эътироф дорам, мантиқе, ки аз рӯи он суҳбат кардем, маро ҳам қонеъ мегардонад ва барои мо чизи нав аст. Вале ба сароҳат мехоҳам ба ту бигӯям, мо то аз Тавроту Инҷил даст накашем, бо ақибмондагие, ки гузаштагонамон дар асрҳои миёна бар он зиндагӣ кардаанд, видоъ карда наметавонем. Магар инқилоби илмӣ дарвоқеъ ба ҷуз инқилоб бар алайҳи ба бардагӣ кашидани мардум аз ҷониби калисои таҷассумёфта дар шахсияти мардони дин набуд? Ва ин мардони дин касоне буданд, ки ба чанг задан ба Тавроту Инҷил ва итоат ба **ҳокимони феодалӣ даъват мекарданд. Ин ду гурӯҳ ду тарафи бардагардониро ҷамъ карда буданд. Онҳо ақлҳои моро ба бардагӣ кашиданд, ҷисмҳои моро ба бардагӣ кашиданд!**

Рости гап, агарчи дар бисёре аз он чи мегӯӣ, бо ту мухолафат карда наметавонем, вале зикри таълимоти баргирифта аз Тавроту Инҷил тавассути қиссисон ва роҳибон моро чунон сохта, ки аз ҳама гуна ҳисси динӣ

нафрат меварзем, умуман аз ҳамаи забонҳои динӣ, аз ҳама гуна фаҳмиши динӣ, қатъи назар ин дин аст, ё он дин.

Бозгашти забони динӣ имрӯз маънои талоқ додан ба ин тамаддуни илмии ҷадидро дорад, ки ин инқилоби илмӣ сараввал дар кишвари мо Фаронса барпо шуда буд. Боз чи гуна бозгаштан ба забони динро баъд аз он, ки худро аз он халос кардем, бипазирем, дар ҳоле, ки шиъори инқилоб ҳамон вақт, чунончи медонӣ, «Охирин қиссисро ба рӯдаҳои шоҳи охирин бибандед!» буд.

**Абӯҳомид:** Ай устод, ман сӯзишеро, ки дар дилҳои наслҳои тамаддуни ҷадид аз он чи подшоҳон ва феодалҳо ба сабаби фатвоҳои попҳо ва қиссисҳо бо падару бобоҳояшон карданд, медонам. Вале мехоҳам баҳсро ба меҳвари асосиаш баргардонем, аз гуфтугӯи динӣ ба меҳваре, ки бар он дар оғоз иттифоқ намуда будем, ки он «**ақл**» буд, баргардем. Аз ин хотир мехоҳам ба суоли ман ҷавоби ақлӣ ва равшан диҳӣ: Оё баробар кардан миёни касе, ки дар барпо шудани эҳёи илмии нав сабаб шуда буд ва миёни душмани золими ҷоҳилу худсар зулму ситам нест? Ҳамчунин оё баробар кардан миёни касе, ки бар алайҳи душманат ба ту ёрӣ мерасонад ва миёни душманат, ки ба ту ситамро раво дидааст, зулм нест?

## *Бар алайҳи душманони илм ба шумо кӣ ёрӣ расонд?*

**Шояд ба ман гӯйӣ:** Оё ба мо мусалмонон бар алайҳи душманонамон – душманони илм кӯмак карданд? Агар ба адли олими амине, ки ӯро ба ту шиносондам, руҷӯъ кунӣ ва ҳамон замоне, ки дар он инқилоби илмии аврупоӣ бори аввал ба дунё омад ва панҷоҳ сол пеш аз ба дунёойӣ онро биомӯзӣ ва бипурсӣ, ки он рӯз дар рӯи

замин кадомин тамаддуни илмии таҷрибавӣ вуҷуд дошт? Албатта ҷавоберо, ки ба ҷуз он ҷавоби дигар вуҷуд надорад, пайдо хоҳӣ кард. Ҷавоб чунин аст: Дар он замон ба ҷуз тамаддуни исломӣ ҳеҷ тамаддуне дигар мавҷуд набуд. Дар он замон ҷаҳлу зулм ҳамаи давлатҳои оламро печонда гирифта буд... Оре, шояд ин ҷо он ҷо афроди донишманд мавҷуд буданд, ё худ мадрасаҳо ҳам ин ҷо он ҷо ба назар мерасиданд. Вале донишмандону донишкадаҳо ва тамаддуне, ки тамаддунҳои дигарро ба вуҷуд биёранд, ба ҷуз тамаддуни исломӣ вуҷуд надошт!

## *Вазири боинсофи фаронсавӣ*

**Вазири боинсофи фаронсавӣ, олими намоён ва яке аз вузарои фаронсавӣ Конт Дозӣ мегӯяд:** «Дар замоне, ки мо аҳли Аврупо дар дашти бекарони ҷаҳолат ҳайрону саргардон будем ва рӯшноиеро ба ҷуз аз сурохи сӯзан намедидем, ин дам уммати исломӣ чизе овард, ки аз он нури тавоное дурахшид, меросе, ки дар он илму адаб, ҳунару фалсафа ва амалҳои дастии зиёде бо худ дошт. Ин нур дар вақте дурахшид, ки шаҳрҳои Бағдод, Басра, Самарқанд, Димишқ, Қирвон, Миср, Тунис, Ғарнота ва Қуртуба марказҳои бузурги доираи маъорифи омма буданд. Аз ин доираи маъориф ба атроф ва сарзаминҳои дуртар аз он ба мардумони дигар нур паҳн мешуд.

Ва аврупоиҳо аз он ба қадри муяссаршуда гирифтанд, дар асрҳои миёна кашфиётҳо, ҳунарҳо ва чандин фунуне, ки асоси тамаддунамонро, ки асли онро баргирифтаҳоямон аз қавонини Ислом ва тамаддуни мусалмонон ташкил медод, бар он бино

намудем».[1]

Аммо он чи аврупоиҳо дар ҷангҳои салибӣ аз олами исломӣ ва арабӣ гирифта ба диёри худ бурданд, хеле зиёд аст ва дар боло зикршудаҳо, дар муқоиса бо ин хеле кам аст. Дар ин маврид яке аз таърихнигорон мегӯяд: «Аз роҳи ҷангҳои салибӣ иртиботи бевосита миёни мусалмонон ва салибиҳои аврупоӣ ба вуҷуд омад. Дар ҷараёни ин иртибот, аврупоиҳо тамаддуни олиеро диданд, ки мисли онро то ба ҳол надида буданд ва ҳамчунин падидаҳои мухталифи ин тамаддунро дар майдонҳои гуногуни ҳаёт мушоҳада намуданд. Аз ҷумла дастовардҳои илмиро мушоҳада намуданд ва даст ба интиқоли дастовардҳо ва тарҷимаву тақлид намудан ба дидаҳояшон заданд. Аз ҷумла Фридрих (1194-1250 мелодӣ) шоҳи Сиқилия фикри ташкили донишгоҳи низомӣ ва дигар донишгоҳҳои гуногунро, ки дар Лубнон мушоҳада карда буд, гирифт ва дар шаҳри Неапол аввалин донишгоҳи давлатиро таъсис дод. Ҳамчунин шахсе, ки дар сарзаминҳои Шарқи Исломӣ дар ҷараёни ҷангҳои салибӣ бисёр гаштугузор намудааст, Аделард Баши ба пайравӣ аз ақл ва даст кашидан аз султаи фалсафаи Юнон, ки дар миёни аврупоиён ривоҷ дошт, тарғиб намуда мегӯяд: «Оё ғайри ман касе ҳаст, ки паймудани ҷодаи ақлро дар назди муаллимони араб омӯхта бошад, ту дар мавриди худат эҳтиёт кун, ки фитнаи қудрат кӯрат насозад, зеро агар фитнаи қудрату ҳукмравоӣ туро гумроҳ созад, агар чунин кунӣ мисли ба ресмоне басташуда хоҳӣ гашт». Ин кас дар ҷои дигар мегӯяд: **«Ман аз устоди арабиам омӯхтам, ки ҳама чизро ба мизони ақл**

---

[1]«Қуръон ҳарф мезанад ва Инҷил сухани дини ҳақро исбот месозад».

**бисанҷам... Агар бо ман баҳс карданӣ бошӣ, танҳо бо ақл баҳс кун».**

Аз ҷумлаи китобҳое, ки дар ҷараёни бархӯрди миёни мусалмонон ва аврупоиён дар ҷангҳои салибӣ тарҷимашуда китоби «Комилус-саноъа»-и Алӣ ибни Аббос, ки онро Истифон Бейзи соли 1127 мелодӣ тарҷима кард ва ҳамчунин Аксобос соли 1200 мелодӣ китоби Ҷолинус дар мавзӯи қувваҳои таъомҳо аз нусхаи арабиаш, ки тарҷимаи онро аз юнонӣ ба арабӣ Ҳубайш ибни Ухти Ҳунайн ибни Исҳоқ анҷом дода буд, тарҷима кард.

Ва дар охир зери таъсири тамаддуни бузурге, ки аз мусалмонон ба аврупоиҳо интиқол ёфт, аз тариқи ҷангҳо салибӣ, ин шифохонаҳо буд. Аврупоиҳо дар ҷараёни дар сарзаминҳои Ислом ҷангиданашон аз назари тиббӣ нигоҳубини беморон, шифохонаҳо ва тартиби онро диданд ва ин фикрро дар оянда ба Аврупо интиқол доданд».[1]

Таърих барои наслҳои баъдомада  аз маркази илму дониш ва нури маърифат дар Аврупо, ки Қуртуба ном дошт дар замоне, ки Аврупо дар зулму зулмати фарогир ба сар мебурд, чиҳо ҳифз намудааст...?

Таърих гувоҳ аст пешрафти илмро, ки дар шаҳри Сиқилия буд ва тавассути ин минтақа илм дар Аврупо густариш ёфт ва ин шаҳодати таърих ба касе пӯшида нест.

## *Нақши Испания*

Тамоми мардум медонанд, ки маркази дурахши илмӣ Шарқ аст ва ин дурахши илмӣ дар Шарқ аз

---

[1] Дастовардҳои илмӣ дар тамаддуни Исломӣ, саҳ. 271. Таълифи доктор Юсуф Маҳмуд. Донишгоҳи технологии Аҷмон.

баракати вуҷуди тамаддуни исломӣ дар он аст. Гурӯҳҳои ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ фиристодашудаҳои зиёде буданд, ки ба шарқи Исломӣ меомаданд, то аз илмҳои роиҷ дар ин сарзаминҳо ба таври маҷҷонӣ ва бидуни ягон намуди сарфу харҷ истифода намоянд. Аз ин рӯ, аксари онҳоро мусташриқон (шарқшиносон) меномиданд.

Вале қиблаи калонтарини илм дар мавриди шумо аврупоиҳо дар Андулис, ки шумо онро Испания меномед, буд. Ва ин Испания маркази нурпоши тамаддун ва эҳёгари илмӣ дар зулмати ҷаҳлу ҷаҳолат ва зулми Аврупоро фарогирифта гашт. Ин марказ дар интиқол додану тарҷимаи китобҳои илмии исломӣ аз арабӣ ба лотинӣ хидмати чашмгире карда ва таъсири амиқ расондааст. Ин марказ аз дигар марказҳо фарқи зиёд мекунад. Ба ин гуна марказ табдил ёфтани Андулис чанд сабаб дорад:

1. Андулис дар Ғарб аз мироси исломии бой ва соҳиби хазинаҳои илмии тамаддуни исломӣ буд.

2. Замони иртиботи аврупоиён бо мусалмонон аз тариқи Андулис аз замони иртиботи дигар марказҳо бештар буд.

3. Рӯи хуше, ки хулафои Умавӣ ва дигар ҳокимони Андулис дар баробари уламои миллатҳо ва адёни дигар нишон медоданд, боиси аз гӯшаву канори Аврупо бештар ба Андулис рӯ овардани толибилмон шуд.

## *Поп Селвистр*

Ва яке аз он толибилмон Ҷерберт (930 - 1003 мелодӣ), ки ба номи Селвестри сонӣ машҳур аст, мебошад. Ӯ дар миёни солҳои 960 – 967 мелодӣ ба

Андулис сафар кард ва аз илмҳои исломӣ таассуроти зиёде гирифт, ба хусус дар улуми риёзиёт. Вай дар ду минтақаи Фаронса ду мадраса таъсис дод ва ба омӯзиши илми тиб ва забони арабӣ эҳтимоми зиёд қоил шуд. Маҳз ба саъю кӯшиши ӯ рақамҳои арабӣ, ба истисної сифр, дар аврупо густариш пайдо кард.

## *Ҷерорд – бузургтарин тарҷумон*

Ҳамчунин Ҷерорд Кремуни (1114 – 1187 мелодӣ) соли 1167 мелодӣ ватанаш Италияро тарк карда ба Тулайтила рафт ва то замони вафоташ дар он ҷо боқӣ монд. Сабаби асосии сафари ӯ китоби «Ал - Маҷисти»-и Батлимус ба забони арабӣ шуд. Вале ӯ вақте китобҳои илмии зиёдеро дар китобхонаи Тулайтила мушоҳада кард, ба омӯхтани забони арабӣ пардохт ва боқимондаи умри худро ба тарҷимаи китобҳо сипарӣ намуд. Машҳуртарин китобҳои тарҷиманамудаи вай «Ал - Маҷисти» - и Батлимус, «Ал - Ҷабр»-и Хоразмӣ, «Мизонуз-заҳаб»-и Собит ибни Қурра, «Ал-Мансури»-и Розӣ, «Усаси Уқлидус» ва чандин китобҳо Арасту, Архимед, Абулунюс, Киндӣ, Фарғонӣ, Бани Мусо, Заҳравӣ ва ғайри ишонро тарҷима кард. Ва Ҷерорд машҳуртарин тарҷумонҳои ҳамон замони Аврупо ба шумор меравад. Мегӯянд ӯ аз забони арабӣ ба лотинӣ аз ҳамаи уламои замони худаш бештар тарҷима кардааст.

Аммо Афлотун Тайфулӣ дар Баршалун қариб 12 сол аз 1134 то 1145 милодӣ зиндагӣ кард ва дар ин муддат китобе дар мавзӯи ситорашиносии Батонӣ ва чандин китобҳои риёзии дигарро тарҷима кард. Тулайтила ҳатто баъди суқути мусалмонон ҳамчунон ба унвони маркази илмӣ боқӣ монд ва дар тарҷима дар

замони Улфулиси Ҳаким, ки ҳукумати ӯ аз 1252 то 1284 идома ёфт, ба қуллаи фаъолият расид. Аз тарҷимонҳое, ки китобҳои илмиро аз забони арабӣ ба забони лотинӣ тарҷима карданд, Юҳано Ишбили, Роберт Шастри ва Дониёл Морли мебошанд.[1]

**Эй муаллими фанни ситорашиносӣ:** Ту ҷустуҷӯи зиёд накун, ба Париж бирав ҳайкалҳои қоматафрохтаи Сино ва Розиро дар факултаи тиб мебинӣ, ки аз назди ҳайкали онҳо ҳамаи донишҷӯёни факултаи тиб мегузаранд. Аммо агар баргардӣ, як суоли маълумро аз худат бипурсӣ, ки: чаро маҳз Испания на дигар давлатҳои Ғарб, маркази нурпош бар тамоми кишварҳои ғарбӣ гаштааст?

Агар аз худ суоли дуввумро низ бипурсӣ, ки: чаро араб, ки қабл аз Ислом мардуми саҳронишину бесавод буданд, баъди омадани Ислом маркази илмиву тамаддуни васеъу густарда гаштааст? Дар пеши рӯи ту танҳо як ҷавоби мушаххас вуҷуд дораду бас ва он ҳам чунин аст: Андулис ягона кишварест, ки аз ҳокимияти исломӣ бархурдор гаштааст. Таҳаввулоти азиме, ки мусалмонон дар Сиқилияи ғарбӣ ба вуҷуд оварданд, ин таҳаввул дар роҳҳои баҳсу баррасӣ ва пажӯҳиш буд. То ҷое таҳаввул эҷод шуда буд, ки фикри донишгоҳҳо фикри исломии ба Аврупо интиқол ёфта буд.

**Таърихнигор мегӯяд:** Шояд роҳи илмиро дар омӯзиш ва пажӯҳиш пеш гирифтани Аврупоиҳо ин муҳимтарин таъсироти илмии тамаддуни исломӣ бар аврупоиҳо аст. Майдони васеъи таъсири мусалмонон

---

[1] Дастовардҳои илмӣ дар тамаддуни Исломӣ, саҳ. 272. Таълифи доктор Юсуф Маҳмуд. Донишгоҳи технологии Аҷмон. Мо ба ин китоб эътимод намудем, чунки марҷаъи илмии мӯътамад ва эътирофшуда аст.

дар ин ҷода то ба ин ҳад расид. Моро зарур аст чизи дигареро низ бояд бидонем, бояд донем, ки калисо дар Аврупо ҳанӯз дар асри чаҳоруми мелодӣ шурӯъ ба истифода аз фалсафаи юнонӣ кард. Ва фалсафаи юнониро бо таълимоти динӣ омезиш дод. Ин амал бо дасти Августин иҷро шуд. Бо дарназардошти қудрате, ки калисо дошт, фалсафаи юнон ва таҷриба, ки ба он аҳамияти беш медод, дар миёни фалсафаи Аврупо ва олимонаш то замони иртиботи аврупоиҳо бо мусалмонон чира буд. Барои мисол, вақте мебинем файласуф Ариҷино, ки дар Ирландия дар асри 9 мелодӣ ба дунё омада ва бузургтарин файласуфи Аврупо дар ҳамон замон дониста шуда буд,чунин бовар дошт, ки ҳақиқати ягона ва ниҳоӣ **ақл** аст ва эҳсосоти ҷисмонӣ хаёлоти хушку холист. Ва Беринҷер (998 - 1088) ва Ансалам (1033 - 1101)-ро мебинем дар мавриди аҳамияти **ақл** аз ҳад зиёд муболаға мекунанд ва барои ҳавос ва таҷриба чизе қоил нестанд. Дониёл Морлиро мебинем, ки шаҳри Парижро тақрибан соли 1180 мелодӣ тарк мекунад ва аз баҳсу ҷидоли мантиқӣ безор шуда, ба шаҳри Толидо меравад, то ба файласуфони ҳикмату дониши бештардошта гӯш диҳад. Дониёл дар дарсҳои Ҷерорд Кримони ширкат варзид ва ба Англия баргашт ва ба замми ширкат дар дарсҳо бо худ китобҳои тарҷимашудаи мусалмононро овард. Роҷар Бекан (1214 - 1219)-ро мебинем, ки китобҳои ибни Ҳайсамро меомӯзад ва ба аҳамияти ҷониби таҷрибӣ дар илм такя мекунад. Ва фикри шӯҳратталабӣ ва мукофотҳое, ки ӯро аз идома додани тадқиқотҳои таҷрибавии бузург манъ мекунанд, нодида мегирад.

## *Леонардо Давинчи*

Инчунин Леонардо Давинчиро дар асри 15 милодӣ мебинем, ки дар роҳҳои таҷрибавӣ эътиқоди том дорад, дар асное, ки ба фазои **ақлии** муҳиташ, ки улуми юнонӣ ва лотиниро муқаддас мешуморид ва эътиқодоти Масеҳии ба фалсафаи юнонии Афлотун омезишёфта ба танг меояд. Ӯ мегӯяд: «Намедонам чӣ гуна суханони уламоро далел биёрам, чунончи дигарон мекунанд, дар ҳоле, ки ман эътимоди бар таҷрибаро **бартар медонам**, зеро таҷриба муаллими муаллимон аст.

Дар мавриди султаи **ақлии** фалсафаи юнон гуфта гузаштем ва аз Аделард Баси ва тарғиби ӯ бар тарки султа ва пайравӣ аз ақл зикр кардем ва баёни ӯро дар мавриди он ки вай ин мафҳумро аз устоди арабияш омӯхтааст дидем. Ҳамчунон Ҷон Бекҳам (1230 - 1292) ба раъйи Томас Аквани ҳуҷум карда ва дар ин мавзӯъ рисолае таълиф ва дар он баён намудааст, ки сарчашмаҳои асосии рисолааш китобҳои Ибни Ҳайсам аст.

## *Роҷер Бекан*

Ва он иқтибосе аз суханони **Роҷер Бекан** зикр хоҳем кард, ки аҳамияти **улуми онвақтаи исломиро баён менамояд**. «**Ба ростӣ, ман дар мавриди касе, ки мехоҳад маърифатро биомӯзад ва ӯ забони арабиро намедонад, тааҷҷуб мекунам**».

Аз ин рӯ ҳеҷ ҷои шигифт нест, ки **Луис Бернар** чунин баён менамояд: «Ба ин ки Аврупо тариқаи ҷадиде дар мавриди баҳсу баррасӣ ва таҳқиқ аз араб омӯхт, **ақлро** фавқи султа қарор дод ва нидо кард, ки

таҳқиқи мустақил ва таҷриба воҷиб аст». Ҳамчунин аз сухани Брефолт низ тааҷҷуб намекунем, ки гуфтааст: «Таъсири мусалмонон дар руҳи илмӣ ва омӯзишҳое, ки барои исботашон ниёз ба таҷрибаҳо доранд, бузург ва хеле равшан аст... ва таҳқиқоти илмӣ бешак, ношӣ аз маданияти мусалмонон аст»[1]...

**Муаллими фанни ситорашиносӣ:** Мавзӯе, ки аз он ҳарф задӣ, ман медонам ва ғайри он чизҳои зиёди дигарро низ медонам, чун ин тахассуси ман аст. **Вале зикр намудани ин далелҳоро «инқилоб дар дохили инқилоб» меноманд, чун ин инқилоби илмӣ дар дохили тамаддуни исломӣ фарзанди номашрӯъи падару модари шаръӣ аст.** Дар мавриди бузургии тамаддуни исломӣ ҳеҷ шакку шубҳае нест. Дар он замон ҳеҷ ягон тамаддуни дигар дар рӯи замин ба тамаддуни исломӣ рақобат карда наметавонист. Тамаддуни исломӣ хеле аз тамаддунҳои дигарро фурӯ бурд ва онҳоро зери боли худ қарор дод, мисли тамаддуни форсӣ, тамаддуни ҳиндӣ, румӣ ва дигар тамаддунҳо ва ҳамчунон аз онҳо ғизо мегирифт ва фарзандонаш аз онҳо ғизо медод, то ҷое, ки аз мазмуни он тамаддунҳо инқилоби азими илмие дар дар дохили тамаддуни исломӣ, берун аз хости худи тамаддуни исломӣ, пайдо шуд. Шумо имрӯз омада ин фарзандони номашрӯъи тамаддуни исломиро ба тамаддуни исломӣ, балки ба худи Ислом нисбат медиҳед.

**Абӯҳомид:** Маъзарат мехоҳам, рости гапро гӯям, ман ин ҳуҷуми туро айб намегирам, на ба хотири аз ҷавоб додан оҷиз омаданам, вале ба хотири он ки ин

---

[1] Дастовардҳои илмӣ дар тамаддуни исломӣ, таълифи доктор Юсуф Маҳмуд. Саҳ. 275

ҳуҷум аз мухолифатҳо ва зиддиятҳои манфии решаҳои устувордошта берун омадааст. Ва ин мухолафатҳову зиддиятҳо зодаи замони тираву тор ва ситамгарии асрҳои миёна аст. Ва таъсири он дар умқи бархе аз қалбҳо ҷой гирифта то ба асри мо расидааст... Ман намехоҳам болои ҷароҳатат намак пошам!

**Вале аз он ки ту зери таъсир рафтаӣ, ночор аз тарси ин ки ин мафҳум дар қалбат ба ҳамон сурати аввалааш мабодо боқӣ намонад ва ту бехабар монӣ, каме шарҳу тавзеҳ менамоям... Мехоҳам зикр кунам, ки ҷаҳли пеш аз беъсати Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) ҷазираи арабиро фарогирифта,** аз лиҳози дур афтодан аз улуми назариявӣ ва илмӣ, ҷаҳли жарфтар аз ҷаҳли Аврупо буд, агарчи он ҷаҳлро зулме мисли зулму ситами Аврупо ҳамроҳӣ намекард. Аммо ба бардагирии худи ҷазираи арабӣ аз сӯи давлатҳо ва кишварҳои ҳамсоя вуҷуд дошт. Як қисми он зери султаи форсҳои оташпараст қарор дошт, ки болои онҳо ҳокимият мекарданд ё қисми дигари он зери ҳукумати Рум буданд, ки румиҳо насороро ҳукмронӣ мекарданд. **Аммо дар мавриди ақли воқеъии башарӣ дар ҷазираи арабӣ** ту худ тасаввур кун, ки чӣ миқдор **арзиш** дошт. Яке аз мардони бузурги Ислом ва ёри дуввуми Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) ҳазрати Умар ибни Хаттоб баъд аз халифаи мусалмонон интихоб шуданаш вақте бо наздикони худ нишаста буд, аввал хандид ва сипас гиря кард! Яке аз ишон аз ӯ сабаб пурсид, гуфт: *«Замонеро, ки мо дар ҷоҳилият зиндагӣ мекардем, ба ёд овардам... мо аз хурмо-ҳалво маъбуд месохтем, вақте як нафарамон гурусна мешуд, онро мехӯрд, ҳамин чиз маро ҳам хандонд ва ҳам гирёнд».*

Вақте номи ҳамон замонро бидонӣ, барои ту

басанда аст ва васфи он дар Қуръон ва дар суханони Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) омадааст. Номи он замон «**ҷоҳилият**» аст! Оё ҳозирини гиромӣ маънои ҷоҳилиятро медонанд...? Решаи калимаи ҷоҳилият «ҷаҳл», яъне баръакси «илм» аст...!

Оё ягон сифате вуҷуд дорад, ки Ислом онро бештар аз сифате, ки онро мухолифи Ислом барои Ислом қарор диҳад, мисли муқобалаи мухолиф ба мухолиф, бештар зишт шуморад? Аз ин рӯ метавон гуфт, мантиқ мегӯяд: Ту вақте «ҷоҳилият» гуфтӣ, онро дар муқобили «илмӣ» қарор додаӣ, вақте Ислом гуфтӣ, онро дар муқобили куфр ва ширк қарор додаӣ, вале оне, ки ба ҷоҳилият муқобала мекунад, Ислом аст. Гӯё Ислом ва илм ҳар ду як чизанд ва гӯё ширк ва ҷоҳилият як чизанд. Оё **«Ал-алим ва Ал-аллом ва Ал-хабир»** аз номҳои Худованд нестанд, ки Ислом ба мо дононда аст? Ҳамин тавр Худованд наваду нуҳ ном дорад, ки дар он миён ягон номе вуҷуд надорад, ки ба ҷаҳл далолат кунад.

Эй устоди муҳтарам! Бояд бидонӣ, ки аввалин калимае, ки бар Паёмбар (с) нозил гардидааст дар ғор, ояти **(Бихон, ба номи Парвардигорат, ки халқ намуд)**, сураи Алақ, ояти 1 аст. Агар ба номи ин сура дақиқ назар кунӣ, хоҳӣ ёфт, ки ин ном маркази тамоми кашфиётҳои илми ҷадид ва меҳвару асосии пешрафти улум мебошад. Он калимаи «алақ» аст. Ин калима дар замоне ба Муҳаммад (с) фуруд омад, ки дар тамоми олам касе ба ҳақиқати ин исм ошно набуд ва маънои илмии онро низ намедонист. Аз лиҳози тиббӣ ҳам касе онро дарк намекард.

Мо медонем, ки маркази олам инсон аст ва аввалин чизе, ки бояд инсон онро бишносад, ин нафси худи ӯст.

Акнун аз лиҳози тиббӣ маълум гаштааст, ки марҳалаи аввалин пайдоиши инсон, марҳалаи **«алақ»** аст. Алақ аз ҷамъшавии ҳайвончаҳои зиндаи манавии (ҳуҷайраҳои манӣ) мард бо тухмаки зан ва омезиши онҳо ба ҳолати дигар бадал шуда ба девори бачадони зан мечаспад. Бинобар ин **алақ** меноманд. Пеш аз ин марҳала чизе набуд, балки марҳалаи **нутфа** буд. Баъди ин марҳала тобеъи он аст. Баъди он марҳалаҳои дигари ҳаёти инсон шуруъ мешавад. Ва ин танҳо ба инсон хос нест балки тарзи пайдоиши тамоми олами ҷанинҳо чунин аст.

Пас **алақ** ин ибтидои дониши саҳеҳ барои рафтан ба сӯи омӯзиши минбаъда барои донистани бузургтарин махлуқи олам аст. Номи башар низ барои инсон аз ҳамин пайдоиши **алақ** сар мешавад. Ва ин калима унвони аввалин сураи Қуръон аст.

Оё тамаддунеро, ки аз дохили нутфа аз раҳми модар инқилоби илмиро шуруъ намудааст, ба ғайри Ислом суроғ доред?

**Оё ин инқилоби илмӣ мавлуди ғайри шаръӣ ҳаст, чунончи ту мегӯӣ, барои ҷомеъае, ки ба пиндори шумо ба илм аҳаммият намедиҳад?**

Ба гуфти шумо тамаддуни Исломӣ аз дигар тамаддунҳо ғизо гирифтааст. Оё тамаддуне, ки бо вуҷуди хурофоту афсонаҳои зиёди тамаддунҳои шумо ғарбиён тавонистааст, ки чизи нафъовари онро бигирад ва барои онҳо роҳи истифода аз ақли саҳеҳро нишон бидиҳад, метавонад, ки асосаш тамаддуни илмӣ набошад?!

Агар тамаддуни исломӣ аз асос тамаддуни исломӣ набошад, чаро ба он халқҳо илму дониш дод ва роҳи истифода аз ақлро омӯзонд...?

## *Калимаҳои аввали Қуръон*

Ман ин ҷо мехоҳам боз ба сураи Алақ баргардам, вале намехоҳам дуюмбора сари як калимаи аввали сура суханро ба дарозо бикашам агарчи сухан сари ин калима дароз аст. Ту метавонӣ ба панҷ ояти ин сура нек гӯш бидиҳӣ ва диққат намоӣ, баъд худат хулоса барорӣ ва ҳукм кунӣ.

ٱقۡرَأۡ بِٱسۡمِ رَبِّكَ ٱلَّذِي خَلَقَ ﴿١﴾ خَلَقَ ٱلۡإِنسَٰنَ مِنۡ عَلَقٍ ﴿٢﴾ ٱقۡرَأۡ وَرَبُّكَ ٱلۡأَكۡرَمُ ﴿٣﴾ ٱلَّذِي عَلَّمَ بِٱلۡقَلَمِ ﴿٤﴾ عَلَّمَ ٱلۡإِنسَٰنَ مَا لَمۡ يَعۡلَمۡ ﴿٥﴾

**«Ба номи Парвардигорат, ки ҳастиро офарид, бихон. Ӯ инсонро аз хуни баста офарид. Бихон, ки Парвардигорат аз ҳама арҷмандтар аст. Ӯст, ки бо қалам таълим дод. Ва он чиро, ки инсон намедонист, ба ӯ омӯхт».** (Алақ, 1-5)

Шумо хуб огоҳед, ки Муҳаммад (с) шахсе буд, ки хонда ва навишта наметавонист ва ин дарснахондагии Ӯ хело ҳикмати бузург дорад, ки маҳали шарҳу баёни ин мавзуъ нест. Ва инчунин медонед, ки ин калима дар ҷомеаи онрӯза хело нодир ва ношинос буд ва шахсони босавод низ дар он рӯзгор кам буданд ва навиштану китоб ва олоти китобат низ камёб буд.

Барои ту басанда аст, ки гаштаву баргашта дар мафҳуми ин оятҳо тааммул намоӣ ва бубинӣ, ки манзалати илму дониш дар ин оёт чи қадар боло бардошта шудааст. Агар иҷоза фармоӣ бо ту эй устоди ситорашинос, як мурури сареъ болои ин панҷ оят

дошта бошам.

**Ту ба калимаи аввалини сура** яъне **Иқра бихон** диққат **кун** ва ин калима ҳоҷат ба шарҳ надорад, зеро асоси ҳар як илм хондан аст, хоҳ омузиш бошад ва ё таълим.

Калимаи дуввум **ба номи Худо** аст, ин гувоҳи он аст, ки ҳар шахси илмомӯз аввал қабл аз илми ҳар чиз номи онро меомӯзад ва аз ҳама номҳо шоистатар донистани номи Холиқи пок аст, ки офаринандаи ҳамаи илму дониш Ӯст ва чизе аз вай муқаддамтар нест. Зеро касе Парвардигори худро нашиносад, ҳеҷ чизро нашинохтааст!

Ин қоидаро бояд ҳар шахси оқил бидонад, зеро бо шинохти Холиқи худ ҳар илми омехта ба ғараз ба илми нофеъ мубаддал мегардад.

**Калимаи сеюм Раббика аст. Раб** аз тарбият ва таълим гирифта шудааст ва илми бетарбият илми харобиовар аст ва ин аз хусусиётӣ таълимоти тамаддуни исломист.

**Калимаи чаҳорум аллазӣ халақ**, он зоте, ки халқ кард, эътироф ба ин ҳақиқати илмӣ зарбаи ҳалокатоварест бар болои бузургтарин ҷоҳилият, ки дар рӯи замин зуҳур карда буд. Ин ҷоҳилият ҷоҳилияти илҳодӣ ва бехудоии комунистӣ буд. Ҳамчунин зарбае буд бар болои ақидаи ботиле, ки дар баъзе ҷойҳо вуҷуд дорад ва он ақидаест, ки гӯё ҳар қадар инсон ба Худо наздик шавад, ҳамон қадар мартабаи Худо паст мешавад.

**Калимаи панҷум мин алақ,** аз чизи овезон, ки мо маънои онро қаблан шарҳ додем.

**Калимаи шашум иқраъ бихон,** ин такрори лафз барои таъкид аст ва ин далолат ба бузургии амри

хондан мекунад дар миёни амру фармонҳои дигар.

**Калимаи ҳафтум ва Раббукал акрам** ва Парвардигори ту арҷмандтар аст. Ин амр ба амри пеш аз ин буда таалluқ дорад, ки он **бихон** буд. Гӯё ин амр натиҷаи иҷобати амри собиқ аст ва инчунин маъно хоҳад дошт, ки агар ту бихонӣ зуд аст, ки караму бахшиши Парвардигоратро хоҳӣ дид. Ва Парвардигори ту арҷмандтар аст.

**Калимаи ҳаштум «аллазӣ аллама Он зоте, ки таълим дод»,** танҳо лафзи илм ин ҷо кифоя мекард, вале ин ҷо лафзи илмро ба ҷамъи анвоъаш ба сӯи масдараш, ки Худованди пок аст равона кард.

**Калимаи нуҳум «бил қалам ба қалам»,** қалам аз замоне, ки таърихи башарият оғоз гардидааст бузургтарин васила барои илм қалам аст, агарчи анвоъи илм ва шаклҳои он тағйир хӯрдааст ва қалам ҳамчунин бузургтарин васила боқӣ хоҳад монд.

**Калимаи даҳум «алламал инсона мо лам яълам, он чиро, ки инсон намедонист, ба ӯ омӯхт».** Дар ин оят ташвиқи бузурге барои инсон аст, то чизҳоеро, ки намедонад барои омӯхтани онҳо кӯшиш ба харҷ диҳад. Ва инсонро чунин тарғиб мекунад, то барои дарёфти улуми ҷадид ва анвоъи маориф ҷадал намояд. Ба ӯ огоҳӣ медиҳад, ки он зоте, ки аввалин бор ба ӯ илм омӯхт, бори дуввум ва сеюм ва бе охир барои ӯ кӯмак хоҳад кард.

Акнун мо мушоҳида намудем, ки ин 5 оят аз илм ва масдари он ёдовар шудааст ва барои талаби он амр намудааст ва амрро борҳо таъкид мекунад ва барои дарёфти улуми ҷадид ва комёб шудан ба кашфиётҳои нав ба нав тарғиб менамояд, пас дигар чӣ боқӣ мемонад?!

**Ва ин ҷо мехоҳам баргашта аз ақл бипурсам, оё тамаддуне, ки тулуъу ибтидои илм аз чунин масдаре бошад, пас агар илмҳои бузургро кашф намояд, оё тааҷҷубовар аст?**

Ва оё гуфтаи муаллимаи илми ситорашиносӣ, ки ин эҳёи илмиро мавлуди ғайришаръии тамаддуни шаръӣ номид, дуруст аст?

## *Асирон ва илм*

**Ва охирин мисолро барои радди ин гуфтаи муаллима меорам. Аввалин маъракаи ҷанг, ки Муҳаммад (с) бо душманонаш рӯ ба рӯ шуд, ин ҷанги Бадр буд.** Баъди он ки дар ин ҷанг Паёмбари Худо (с) ғолиб омад ва аз ҷанговарони душман ҳафтод тан асир гирифт ва ин асирон аз бузургони Ҷазиратул Араб буданд. Барои озодии онҳо ду амрро пеши онҳо гузошт, ё барои озодӣ фидя бидиҳанд ва ё шахси соҳиби савод яке аз асҳоби Паёмбарро хату савод биёмӯзад.

Оё шумо дар таърихи инсоният ягон ҷой ин намуд фидяро шунидаед, дар ҳоле, ки мусалмонон дар он давра ба мол муҳтоҷтар буданд?

Ва агар ба ибораи дигар гӯям, оё касеро пеш аз ин дида будед, ки илмро бар мол дар озод кардани асирон бартарӣ дода бошад?!

**Дар ин навъи фидягирӣ сирри аҷибе нуҳуфта аст, ки натиҷаи пурсамаре дар кӯтоҳтарин вақт барои олам ба армуғон овард,** зеро дуирода ба ҳам мувофиқат намуд. Иродаи муаллими асир барои суръати ато кардан ва иродаи талаба барои суръати омӯзиш ва ин ду ирода ба ҳадди ниҳоии ҷиддият расида буд. Мусалмони толибилм бо тамоми ҷиддият мекӯшад, то бихонад ва асир дар таълим

кардан ба ғоят мекӯшад, то зудтар вазифаашро анҷом дода озод шавад. Аз ин ду кӯшиш, натиҷаи хубе бо суръат ҳосил гашт, ки барои тамоми наслҳои оянда самараи дилхоҳ овард.

Акнун боз гашта мепурсам, оё тамаддуне, ки ҳатто аз ҷанг фоидаи илмӣ мебардорад, миёни озодии асир ва омӯзиши илмиро ҷамъ месозад, агар хоҳӣ, бигӯӣ байни илм ва раҳмат ё байни илм ва озодиро ҷамъ мекунад, наметавонад ба нафъи башарият беҳтарин илмро ҳосил намояд?

## *Номи мӯъҷизааш*

Барои чи ту дур меравӣ? Биё ба мӯъҷизаҳои бузурги паёмбарон (а) бингар... Дар ҳақиқат он мӯъҷизаҳо ҳама бузурганд.

Вале дар мавриди номи мӯъҷизаи Паёмбари Худо Муҳаммад (с) чи андеша дорӣ? Номи мӯъҷизаи он ҳазрат (с) «Қуръон» аст. Оё ҳеҷ дар мафҳуми он фикр кардаӣ? Яъне мӯъҷизаи Ӯ хондан аст, ки асли бузурги илм аст.

Агар касе илми қироат биёмӯзад, ночор тамоми илмҳоеро, ки нофеъ ҳастанд, меомӯзад ва ба омӯхтани фақат китоби худ иктифо намекунад.

Бинобар ин, оё тамаддуне, ки мӯъҷизааш «хондан» асоси бузурги илм аст, метавонад самараи он ва мавлуди шаръияш ҷуз инқилоби азими илмӣ бошад?

Ва оё аз рӯи **ақл** метавонад китобе, ки аз пайравонаш талаб мекунад, ӯро бисёр бихонанд ва барои хонандагонаш аҷру савоби зиёдеро ваъда медиҳад ва хондани бо тафаккур ва фаҳмишро таъкид мекунад, ба усули хондан он қадар аҳамият медиҳад, ки на танҳо хонанда руҳу нафси худро бояд омода

созад, балки ақли худро ба тамом ба кор андозад, зеро медонад, ки аз хондани ӯ онҳо илми зиёдеро меомӯзанд ва ҳар қадаре илм бештар гашт, қаноатмандии **ақл** бештар ҳосил мешавад, билохира чанг заданашон ва эътимодашон ба ин китоб зиёд мегардад, фарзанди шаръияш ҷуз инқилоби илмӣ чизи дигар бошад? Чунончи дар сураи «Сод» омадааст

كِتَـٰبٌ أَنزَلۡنَـٰهُ إِلَيۡكَ مُبَـٰرَكٞ لِّيَدَّبَّرُوٓاْ ءَايَـٰتِهِۦ وَلِيَتَذَكَّرَ أُوْلُواْ ٱلۡأَلۡبَـٰبِ ﴿٢٩﴾

**«Китобе аст муборак, ки бар ту нозил кардем, то дар оёташ бияндешанд ва хирадмандон панд гиранд».** (Сод, 29)

Вақте инсон андеша намояд, ки чаро Худованд пайравони ин китобро ба ин навъи хос ба хондан амр мекунад, дармеёбад, ки дар ин китоб асрори зиёди илмист ва оламиён аз фарогирии он оҷизу нотавонанд.

Чунончи дар ояти бузурге васфи улуме, ки дар ин китоб омадааст бо масали беназире баён гардидааст.

**«Ва агар ҳамаи дарахтони рӯи замин қалам шавад ва оби баҳр ба изофаи ҳафт баҳри дигар ҳама мидод, инҳо ҳама тамом мешавад, вале калимоти Худо поён намегирад, Худованд нерӯманди фарзона аст».** (Луқмон, 27)

**Эй устод,** ба ту мегӯям, ки мо ҳаргиз ба ҳақиқат нахоҳем расид, то **ақлҳои** худамонро аз кинаҳову ғаразҳои собиқ пок насозем ва айнакҳои сиёҳеро, ки қаблан ба чашм кардаем нагирем. Зеро содир кардани ҳукми оҷилона ва бе тадбир аз бузургтарин монеъа барои расидан ба ҳақиқат аст.

Агар оммаи мардум зери таъсири ҷомеъа ва олудагии ақлҳояшон бо хурофот натавонанд ба

ҳақиқат пай баранд, маъзуранд, аммо пешвоёну хирадмандоне амсоли шумо ва толибилмоне, ки пайравони шумоянд, чӣ узре метавонанд пеш биёранд?

Эй устод, қасам ба Худо, мо мусалмонон аз илм намеҳаросем ва аз ақл низ, балки илму ақл бузургтарин далел барои ҳақиқат будани дини мост, чунончи дар рафти гуфтугӯҳо дарк намудед.

Аз ин ҷиҳат мо аз мулҳидону мункирони вуҷуди Худо боке надорем ва аз далелҳои пучи онҳо наметарсем ва шубҳаангезиҳои онҳо дар баробари далелҳои мо ҳеҷ аст. Вале ҳоли шуморо наметавонам тасаввур кунам, ки чи кор мекарда бошед, агар мулҳидон аз шумо талаби далел намоянд, барои зинда будани Исо (а) ва бигӯянд, ки ӯ дар куҷост? Ва ё аз рӯи ҷадал барои илоҳ будани Исо (а) аз шумо далелу ҳуҷҷат талаб намоянд.

Ва бо ин китобҳои таҳрифшуда ва далелҳои зиддиақлонии хеш чӣ кор мекарда бошед?

Ин ақоиди таҳрифшудаи шумо ба ақлу хиради пешрафтаи шумо созгор нест, зеро яке аз хурдсолтарин нафари шумо ақлашро ба кор андозад ва фикр кунад беҳақиқат будани ин ақидаро дарк менамояд ва андак бедории ақл сақфи ин биноро меафтонад, бо ин ҳол дар баробари шубҳаҳои мулҳидон чӣ тавр муқовимат мекарда бошед?

Аммо дини мо чуноне, ки дидед дар баробари ҳар шубҳаи нав метавонад бо далелҳои қатъӣ истодагарӣ намояд ба мисли лашкаркаше, ки дар ҳар корзоре дарояд ғолиб ва дастболост.

Ин суханонро шумо тазкияи хосе, ки барои худ гуфта бошам, мапиндоред, балки нусрату ғалаба бар алайҳи ботил байни мову шумо муштарак аст ва

бузургтарин хурсандӣ барои ман нусрату ғалабаи шумо ҳам ҳаст, зеро мо Худопарастон ҳама дар талаби ҳақиқатем ва дӯсту ёвари якдигар ва чи фоида аст агар аз як ҷамъияти дӯстон яке ғолиб бошад ва дигарон мағлуб?

## *Гиреҳхӯрдагии мулҳидон*

**Устоди илми ситорашиносӣ:** Баъзе аз толибилмони ҷомеъаи мусалмонӣ ба ман чунин гуфтанд, ки устоди илми фалсафаашон шахси мулҳиде будааст ва имон ба вуҷуди Худо надоштааст.

Ӯ як суоли шубҳаангезе барояшон матраҳ карда, онҳоро дар ҳайрат гузоштааст ва шояд туро низ дар ҳайрат андозад, вале ман хоҳони оҷизии дар назди шубҳаҳои мулҳидон, нестам.

Он шубҳа ин аст. Шумо мусалмонон дар Қуръон чунин оятро мехонед, ки **«Ба ҳақиқат Худованд бар ҳама чиз қодир аст».** Агар Худои шумо бар ҳама чиз қодир бошад, метавонад, ки доираро ба чоркунҷа табдил диҳад? Ва ё метавонад, ки санге халқ кунад, ки худаш натавонад онро бардорад?

Агар ту бигӯӣ, не – гӯё эътироф ба оҷизии Худо кардӣ, яъне наметавонад сангеро халқ кунад ва ё доираро чоркунҷа созад. Ва агар гӯӣ, оре, дар ин сурат Худоро оҷиз аз бардоштани як санг медонӣ, пас ту эй Абӯҳомид, чӣ ҷавобе дорӣ?

**Абӯҳомид:** Ин суоли нав нест ва олимони мо ҷавоби онро барвақт гуфтаанд. Олимони мо аз ин ҳам суолоти печидатарро ҷавоб гуфтаанд. Ҷавоби олимони мо аз замонҳои қадим ин аст: Ба ҳақиқат қудрати Худованд ба чизи маҳол тааллуқ намегирад. Ин ҷавоб ба ин маънӣ нест, ки Худованд чизи маҳолро наметавонад,

ки биёфарад, зеро Худованд бар офаридани ҳамаи ашё қодир аст, вале мустаҳил чизе нест.

Барои дарки бештар чунин мисолеро меорам: масалан Зайдро ба тӯҳмати дуздӣ боздошт карданд ва як мардеро ба исми Амр оварданд, байни ӯ ва қозӣ гуфтугӯе ба ин тариқа сурат гирифт.

- Номи ту чист?

- Ман ном надорам, вале номам Битрис аст.

- Оё ҳамин мардеро, ки муттаҳам ба дуздӣ шудааст, пеш аз ин дида будӣ?

- Оре, ӯро дидаам.

- Кай?

- Дирӯз.

- Оё дидӣ ӯро, ки медуздид?

- Ӯро дидам, вале ӯро ҳаргиз надидаам.

Акнун андеша намоед, ки қозӣ аз гуфтаҳои ин шахс чи чиз фаҳмид, албатта ҳеҷ чиз.

Оё нафаҳмидани қозӣ дар нуқсони ақлӣ ва ё илмии ӯст ва агар қозии дигареро биёрем, ки аз аввалӣ дида зиракгар бошад, оё аз гуфтаҳои ин мард чизе мефаҳмад? Ҳаргиз. Чаро? Зеро Амр чизе нагуфт. Фаҳм дар барбари маъноест, ки дарк карда мешавад. Агар сухан маъное надошта бошад, пас аз вай чизе фаҳмида намешавад.

Аз ин рӯ, касе, ки аз сухани бемаъно ва калимоти мутаноқиз чизеро намефаҳмад, набояд, чизеро нафаҳмидам бигӯяд. Зеро ин сухан чунин маъно мдиҳад, ки дар он каломи бемаъно чи мафҳуме будаасту лекин фаҳми ин шахс онро дарк накардааст. Аммо дарвоқеъ чизе аз маъно дар он калом вуҷуд надоштааст, ки фаҳм карда шавад.

Аз ин рӯ олимони мо чунин таъбири дақиқ ва

муносиброро дар ин мавқеъ ба кор бурдаанд ва гуфтанд: қудрати Худо ба чизе, ки ақлан маҳол аст, тааллуқ намегирад ва нагуфтанд, ки Худо бар он қодир нест.

Акнун дар ин мисолҳое, ки ба таври шубҳаандозӣ дода шудааст, диққат кунед, ки ҳамаи мафҳуми он ба якдигар зиданд.

Агар мақсад аз чоргӯша кардани доира хатҳои онро аз даврашаклӣ ба чоркунҷа табдил кардан бошад, ин корро ҳар инсони оддӣ низ метавонад анҷом бидиҳад, вале агар мақсад ин бошад, ки як чизро дар як вақт ҳам доирашакл ва ҳам чоркунҷа созанд, пас ин каломи мутаноқиз ва зидди якдигар аст. Зеро агар чоркунҷа бошад, бояд доира набошад ва ё баръакс.

Ва сухани гӯянда ин, ки доираро дар як вақт ҳам чоргӯша ва ҳам доира бисоз, ин маънои онро дорад, ки дар як вақт чоргӯшае бисоз, ки вуҷуд надошта бошад, пас ин сухан ақлан нодуруст аст.

Ҳамчунин вақте мо мегӯем, ки Худованди бузург ба ҳама чиз қодир аст, кофирон ва мулҳидон ба мо суол медиҳанд, ки оё Худованд метавонад сангеро халқ кунад, ки худаш онро ҷунбонда метавонад? Ӯ гумон мебарад ин суолаш моро маҷбур месозад, то бигӯем Худованд ба ҳама чиз қодир нест, зеро ӯ гумон дорад, ки мо маҷбурем ё ҳа гӯем ё не. Дар ҳарду сурат муроди он мулҳид ҳосил мешавад. Вале мо ҳа намегӯем ва не ҳам намегӯем, балки мегӯем, ки суоли ту дар маънояш зиддият аст ва ҳар чизе, ки дар зимни худ таноқуз ва зиддият дорад, аз рӯи ақл маҳол аст ва чизе, ки маҳол аст ӯ дар ҳақиқат чизе нест, ки дар борааш бигӯем, ки ӯро метавонад ё наметавонад. Агар бипурсӣ, чаро? Ҷавобаш ин аст, ки маънои суоли шумо ин аст, ки оё зоте, ки қодир ба ҳама чиз аст метавонад, ки бар баъзе

чиз қодир набошад?

Ва ё инчунин маъно дорад, ки зоте, ки қодир бар ҳама чиз аст, метавонад, ки бар болои қудрати худаш ғалаба кунад. Ҳамаи ин гуфтаҳо суханони зидди якдигаранд ва аз ҷумлаи маҳолот ҳастанд.

### *Эҳтироми ақл ку?*

**Муаллими илми ситорашиносӣ:** Мехоҳам каме ба қафо баргардам ва ба ёди ту биёрам, ки мо байни якдигар аҳд кардем ва розӣ шудем, ки **ақлро** байни худ ҳакам қарор бидиҳем. Пас оё мумкин аст, ки ақл ин масалеро, ки дар Қуръон омадааст фаро гирад.

Чӣ гуна метавон тасаввур кард, агар тамоми **ақлҳо** ҷамъ шаванд, фарогирии ин масале, ки дар Қуръон омадааст, он тараф истад, наметавонанд улумеро, ки Қуръон шомили он аст фаро гиранд.

Пас эҳтироми ақл дар куҷо мемонад, ки мо ба мардум бигӯем, агар тамоми дарахтони рӯи замин қалам гарданд ва баҳрҳои рӯи олам ранг шаванд ва ҳафт баробари баҳрҳои олам боз ранг ҷамъ шавад, то ин ки ҳамин қадар ранг тамом шавад, калимаҳо ва илми Худоро наметавонанд бинависанд?!

Оё ин оҷиз нишон додани **ақлҳо** ва тафаккурро аз мардум салб кардан нест? Зеро аз тафаккуре, ки ба натиҷа расиданаш маҳол бошад, чи фоида?

**Абӯҳомид:** Гумон мекунам, ту ин сухани Худованди бузургро дар назар дорӣ:

**«Ва агар дарахтони рӯи замин қалам шавад ва оби баҳр ба изофаи ҳафт баҳри дигар ҳама мидод, инҳо ҳама тамом мешавад, вале калимоти Худо поён намегирад, Худованд нерӯманди фарзона аст».** (Луқмон, 27)

Агар ман ба ту бигӯям, ки ба ин хона дароӣ, дар ин хона хазинаи ниҳоят бузурге ҳаст. Дар он хазина тамоми намуди ҷавоҳирот ва ашёи қиматбаҳо вуҷуд дорад ва ҳамаи ин барои ту мубоҳ аст, ҳар қадаре метавонӣ барои худат бигир ва ҳар қадаре гирифтан хоҳӣ, ҳамааш азони туст ҳеҷ андеша макун, ки чи қадар бигирам, зеро он хазина он қадар бузург аст, ки ҳар қадаре бигирӣ аз он чизе кам намешавад, вале вақт кам аст!

Пас вақте ман ба ин дастур хазинаро бароят пешкаш намудам, оё ту кӯшиши бисёр гирифтан мекунӣ ва ё намегирӣ?

Ҷавоб ин аст, ки ин тариқ пешкашнамоӣ инсонро барои бисёр гирифтан ташвиқ мекунад ва бо тамоми кӯшиш саъй менамоӣ, ки бисёртар бигирӣ.

Илм низ аз ганҷҳои бебаҳост ва Худованд бо ин тариқ пешкаш намудани Қуръон **ақлҳоро** бармеангезад, ки бо тамоми қудрати худ барои берун овардани хазинаҳои **ақлӣ** бикӯшанд ва ба чӣ роҳе, ки мехоҳанд биомӯзанд.

Ва агар дар мафҳуми оят бо диққат назар кунӣ, мебинӣ, ки ин ҷо паст задани ақлу илм нест, зеро дар оят бузургтарин олати илмомӯзӣ «қалам» «ранг» ва «китобат» зикр ёфтааст. Оё ин бузургдошти василаи илмомӯзӣ ва ташрифи соҳибони илм нест? Ва ё маҳрум сохтан аз илм ва манъ намудан ва мазаммати олимон аст?

Оё эҳтироми васила эҳтироми ғоят ва мақсуд нест?

Сонияи, ту медонӣ, ки баъди нузули Қуръон то имрӯз китоби дигаре аз осмон фуруд наёмадааст. Пас ин китоб охирин рисолатест аз осмон, ки хатмкунандаи ҳамаи китобҳои дигар аст.

Пас лозим аст, ки мӯҳтавои ин китоб чандон улумеро дар бар гирад, ки тамоми илмҳои тамаддуни имрӯза ва ояндаро фаро гирад ва илло наметавонад китоби охирини Худо бошад.

Туро ба Худо қасам медиҳам, ки ин гуфтаҳои ман мувофиқи **ақланд** ва ё мухолифи **ақл**?

Ва оё ту метавонӣ розӣ бошӣ, ки Худованд китобе нозил кунад, ки ақибмонда ва мазҳакаи оламиён бошад!

Бо вуҷуди ин ҳама далелҳои ақлӣ мехоҳам таъкидан барои шумо бигӯям, ки мавзӯи Қуръон танҳо мавзӯи илмӣ нест, балки тазкияи ҳақиқии нафс аст. Зеро касе Қуръон мехонад, дар аъмоқи рӯҳаш чизи дигареро эҳсос менамояд, ки қобили васф нест.

## *Роҳат дар вақти хондани китобҳо*

**Устод Фифа:** Он чизеро, ки ту дар бораи Қуръон гуфтӣ, ки ҳангоми қироаташ роҳати маънавӣ эҳсос карда мешавад, чизест муштарак бо Тавроту Инҷил, зеро ман ҳар гоҳ ба мушкилие рӯ ба рӯ шавам, Тавроту Инҷил мехонам ва эҳсоси роҳат менамоям ва ғамҳоям бартараф мешаванд. Ва ин нишонаи ҳақ будани ин ду китоб аст, ки рӯҳи мо ба он гувоҳӣ медиҳад. Ин эҳсоси роҳат танҳо хоси ман нест, ҳар насронӣ ин эҳсосро дарк мекунад ва дар ҳар хонадони мо Инҷил мавҷуд аст ва гоҳ-гоҳ аъзои хонавода онро тиловат мекунанд.

Шояд мушоҳида карда бошӣ, ки роҳбарони мо ҳар гоҳ ба душворие рӯ ба рӯ шаванд, ба сӯи калисоҳо мешитобанд.

Онҳо дар калисо ба ҷуз роҳати маънавӣ дигар чӣ меҷӯянд?

Шумо шояд дар хотир дошта бошед, ки исроилиён

дар ҷанги соли 1967 бо ҳамроҳии ҳар гурӯҳ олимони яҳудиро ҳамроҳ карда буданд ва дар болои ҳар тонк Тавротро гузоштанд... ин барои чӣ буд? Агар роҳати маънавӣ надошта бошад?!

**Абӯҳомид:** Ин роҳату оромишеро, ки шумо аз Тавроту Инҷил меёбед, асари баъзе суханони Худост, ки аз таҳриф эмин мондаанд. Мардуми шумо ташнаи маънавиётанд ҳастанд ва як холигиеро дар дохили рӯҳи худ эҳсос мекунанд, аз ин рӯ ҳар касе ба онҳо аз дин ва ақида бигӯяд, дарҳол қабул мекунанд ва ин аз он сабаб аст, ки ақидаву имон ҳоҷати фитрии ҳар инсон аст ва бояд ба рӯҳи гурусна ғазо дод.

Намебинӣ, агар шахсе гурусна бошад ва чизеро, ки ба хӯрданӣ монанд аст, бубинад, ба сӯи он ҳуҷум мекунад, агарчи он барои инсон таъом шуда натавонад ҳам.

Ана ҳамин аст ҳоли шумо бо Тавроту Инҷил, вале агар шумо хондани Қуръонро таҷриба мекардед, қасам ба Худо, он чизе меёфтед, ки дар умратон онро наёфтаед ва лаззатеро мечашидед, ки дар умратон начашидаед. Вале бо як шарт, ки аз нигоҳи душманона ва ғаразнок набошад. **Агарчи мусалмон ҳам набошед.**

Шояд шумо гумон кунед, ки сухани Қуръон мисли сухани Инҷил ва Таврот аст, вале ин тавр нест, ин чизи дигар аст. Ман дар баёни ин нуктаҳо аз фаҳмиши ақл берун намеравам ва сухан аз имону ақида намегӯям ва ҳар нуктаеро, ки баён кунам, таълими ақлии ӯро зикр мекунам, то аз паймоне, ки байни худ бастем, берун наравам. Акнун баъзе тафовутҳоро бароятон мегӯям, вале таъкид мекунам, ки ин танҳо ишораест, ба мисли муште аз харвор.

## *Бартариятҳои роҳати Қуръон ва сабабҳои он*

Ва барои ҳар бартарии Қуръон далели ақлӣ пешкашатон хоҳам кард.

**Аввалин бартарӣ** ва чизи фарққунанда дар қироати Қуръон[1]: роҳату оромиш ҳамроҳ бо итминон аст. Ин роҳатест, ки инсон дар замери худ эҳсос мекунад ба ин маъно, ки шумо китоберо мехонед, ки дар дунё китоби ягона аст ва сухани Худост. Ин роҳатест, ки дар ғайри ин китоб дар ҳеҷ ҷой ёфт намешавад.

Тамоми шарқшиносон ва олимону муҳаққиқони Ғарб дар мавриди ин маъно иттифоқи назар доранд, ки Қуръони карим дар дилҳо ва сатрҳо маҳфуз аст ва як калимае аз он беҷо карда нашудааст ва зиёд ҳам нашудааст. Чунончи Шохит дар бораи Қуръон мегӯяд, дар ҳоле, ки ӯ худ ҳамеша зидди Ислом мекушад. «Ҳеҷ шакке дар ин нест, ки Қуръон қатъиян собит шудааст ва муназзаҳ аз хато аст». Баъди ин ҷумла меафзояд: «Бо вуҷуди ин, ки шайтон имконе дошт, ки барои дигаргун намудани он саъй кунад».[2]

Аз ҷумлаи он шарқшиносон яке Сер Велям Мюр аст, ки дар китобаш «Ҳаёти Муҳаммад» дар мавриди асл будани Қуръон сухан гуфтааст.

---

[1] Ман дар зимни баёни фазилатҳои Қуръон баъзе мудохилаҳоеро, ки аз тарафи ҳамнишинон шуд, дохил нанамудам, зеро онҳо кӯтоҳ буданд ва аксарашон аллакай ҷавобаш дода шуда буд, то хонандаи мӯҳтарам парешон нашавад

[2] «Нубуввати Муҳаммад (с) дар афкори шарқшиносони муъосир», таълифи доктор Лахзар Шоиб, саҳифаи 280. Ба накл аз Доиратулмаъорифи Исломӣ, ҷилди 2, моддаи усул, Ҷозеф Шохт: саҳ, 266.

Ва ин олим низ ҳамчун муониди ислом ва шахсияти паёмбари акрам (с) шинохта шудааст.

Ӯ чунин мегуяд: Аз ваҷоти Муҳаммад чоряк аср нагузашта ҷангу низоъҳои сахт байни мусалмонон рух дод ва гурӯҳҳо зидди якдигар бархостанд ва Усмон қурбонии ин фитна гашт ва ин низоъу мухолифатҳо ҳамчунон давом дошт, вале Қуръон ҳамчун китоби ягона байни тоифаҳои мухталиф боқӣ монд.

Эътимоду тиловати ин тоифаҳои мухталиф нисбати Қуръон баёнгари равшанест бар ин ки ин китобе, ки имрӯз дар дасти мост ҳамон саҳифаест, ки халифаи мазлум ба ҷамъу тартиби он амр намуда буд ва шояд ягона китобе бошад дар рӯи олам, ки матни аслии он бетағйиру таҳриф дар тули 1200 сол боқӣ мондааст».

Аз ҷумлаи онҳо Ваҳири дар тафсире, ки барои Қуръон намудааст, чунин гуфтааст:

«Дар ҳақиқат Қуръон қадимтарин саҳифаест, ки аз омезиш ва дигаргунсозӣ эмин мондааст ва аз лиҳози сиҳат ва асолат ягона мебошад».

Аз ҷумлаи онҳо Ёмир, мутарҷими Қуръон ба забони англисӣ аст, ки дар китобаш менависад: «Матни Қуръон ҳамеша бо он тартибе, ки Усмон онро мураттаб кард, дар назди мусалмонон мавриди эътимод ва қабул аст».

Аз ҷумлаи онҳо (Бен Бол) аст, ки мегӯяд: «Аз бузургтарин имтиёзе, ки Қуръон бар дигар китобҳо дорад, ин аст, ки майдатарин шубҳае дар асолати ӯ вуҷуд надорад ва ҳар ҳарферо, ки имрӯз мо мехонем, бо тамоми боварӣ метавонем бигӯем, ки дар тули 13 аср ҳеҷ тағйире наёфтааст».[1]

---

[1] Мунозара миёни Ислом ва насроният роҷеъ ба мунокишаи ақидаи динӣ миёни мутафаккирони ду дин, саҳ. 235-236.

## *Оё ин далелҳои ақлӣ нест?*

Аз ҷониби дигар, ин роҳате, ки дар тиловати Қуръон хонанда эҳсос мекунад, як роҳати сунъӣ нест, ҳамчуноне, ки хонандаи Инҷил, ё Таврот онро ҳосил менамояд, балки ин эҳсоси роҳат аз дохили рӯҳи инсон ва ақлаш ҷӯш мезанад. Зеро рӯҳ ба хубӣ сухани мураббии худро мешиносад, аз ин рӯ бо ҳар ҳарфи Парвардигори худ ҳамовоз мешавад ва **ақл** низ ба яқин бовар мекунад, ки ин сухани Худованди яктост.

Шояд бузургтарин асрори ин роҳати маънавӣ эҳсоси воқеъӣ будани хитоби Холиқи олам ба хонандаи Қуръон аст. Ин ҳиссиётро хонандаи Қуръон наметавонад инкор кунад. Ба мисли ҳолати Мусо, ки дар водии муқаддас бо Парвардигораш мулоқот намуд.

## *Таъсири амиқ*

**Фарқияти дуввум,** гоҳо хонандаи Тавроту Инҷил зери таъсири қироати он қарор мегирад, вале ин ҳиссиёт аз ҳолати хондан берун дигар боқӣ намемонад, вале таъсири қироати Қуръон сирри коргоҳи зиндагӣ ва мудовим бо мурури ҳаёт аст.

Шумо ба ансории Исо (а) нигоҳ кунед, мебинед, ки ҳамагӣ 12 нафаранд бо ҳамроҳии иддаи каме аз пайравони эшон. Ва ба ёрони Мусо (а) бингаред, ки чӣ гуна дар ҳоли даромадан ба сарзамини муқаддас ӯро танҳо гузоштанд. Ахиран ба асҳоби Муҳаммад (с) бингаред, чӣ шигифтиҳое, теъдодашон ниҳоят зиёд ва ҳама ҷонфидо! **Акнун дарк хоҳӣ намуд, ки сирри ҷонфидоӣ ва пешравии ёрони Муҳаммад (с) ҳамин Қуръон аст.**

Ва **ақли** солим чунин мегӯяд: китобе, ки ин таъсири бузургро дар замери беҳтарин ва бузургтарин уммат ба вуҷуд овард... метавонад дар оянда низ дар дили ҳар фарде аз афроди башар ин инқилобу таъсирро гузорад.

Модоме, ки аввалин бор дар зиндагии як насл дигаргунӣ эҷод намуд ва муваффақ гардид, бори дигар низ ҳар вақте фурсати муносиб пеш ояд, чунин корро хоҳад кард.

Аз ин рӯ вақте, ки ту Қуръонро тиловат мекунӣ, чунин эҳсос менамоӣ, ки таъсири мусбати он аз ҳудуди қироати ту берун меравад ва ба аҳлу асҳоб низ таъсир мегузорад. Бо ибораи дигар гӯем, аз ҳудуди ҳаёти ин дунё низ мегузарад ва инсонро ба ҳаёти охират мепайвандад.

## *Имони воқеӣ*

Фарқияти сеюм: дар Тавроту Инҷил хонанда як маҷмуа назариётеро мебинад, ки ба воқеъияти ҳаёт мутобиқ нестанд, вале дар Қуръон имонро дар амал ва амалро дар имон якҷо меёбӣ. Барои тасдиқи фикрам мехоҳам аввали сураи «Анфол»-ро бароятон бихонам, то бо ақлу ҳуши худ дарк намоед, ки чӣ гуна байни имону амал ва ё байни Қуръон ва таъсири он робита вуҷуд дорад.

**«Мӯъминон касоне ҳастанд, ки ҳар вақт номи Худо бурда шавад, дилҳояшон битарсад ва чун оёташ бар онҳо хонда шавад, имонашон фузунӣ ёбад ва ба Парвардигорашон таваккул кунанд. Онҳо, ки намозро барпо медоранд ва аз он чи рӯзиашон додаем инфоқ мекунанд, мӯъминони ҳақиқӣ онон ҳастанд, ки назди Парвардигорашон дараҷоте олӣ ва омӯрзиш ва рӯзии фаровон доранд».** (Анфол, 2-4)

Ва сирри дигари фарқияти Тавроту Инҷилу Забур бо Қуръон ин аст, ки ин китобҳо бар паёмбарони замони худ якбора нозил гардидаанд, ки бар лавҳҳо навишта шуда буданд.

Аммо Қуръон бар Муҳаммад (с) порча-порча, чанд оят баъди чанд оят, ҷудо-ҷудо аз якдигар фуруд омадааст. Ин ваҳйи илоҳӣ ба қадри ҳоҷати онрӯза ва ба муносибати баъзе ҳодисаҳо фуруд омадааст. Гоҳо оятҳо ба сабаби мушкилие, ки бар сари ҷомеъаи мусалмонон меомад ва ё ба асари дуъои Паёмбар (с) нозил мегашт. Гоҳо байни Паёмбар (с) ва душманонаш бархурде рух медод ва бо мунофиқон ҳодисае пеш меомад... Пас ин Қуръон як маҷмуаи оётест, ки мувофиқи воқеъияти ҳаёт нозил гардидаанд ва дар оянда низ метавонанд дар ҳаёти воқеъӣ таъсир гузоранд...

Он замон ин оятҳо фуруд омаданд ва зиндагии наверо эҷод карданд, пас дар оянда низ метавонанд аз нав зиндагии ҷадид барпо кунанд. Ин Қуръон якбора нозил нагардидааст ва ягон нависандае онро дар корхонааш эҷод накардааст.

Бисёре аз ин оятҳо ба сабабҳои муайян нозил гардидаанд, ки мо онҳоро асбоби нузули оят меномем ва он ҳодисаҳо хеле тулонӣ ва зиёданд, ки намехоҳам бо баёни онҳо шуморо хаста намоям.

### *Маънои жарф ва ҳаловат бо ҳам*

**Фарқияти чорум:** Маъонии жарф ва ҳаловати тавъам аст. Вақте, ки ту Таврот ва Инҷилро мехонӣ суолоти зиёде дар зеҳнат пайдо мешавад. Вақте ба ақлат руҷуъ кунӣ ва аз каме аз эҳсосоти худ дур шавӣ, ҷуръати суолоти эътирозӣ ва баъдан суоли инкорӣ

бароят пеш меояд... Дар ҳоле, ки Қуръон фарқияти ҷудогонае дорад, зеро ҳар қадаре бихонӣ ва бо ақлат чуқуртар дар маъонии он биядешӣ, яқин ва қаноъатмандии туро бештар месозад. Аз ин рӯ, Қуръон аз соҳибонаш чунин талаб мекунад, ӯро бештару бештар хонанд.

Паёмбари Худо (с) чунин мефармояд: ***«Ҳар касе як ҳарферо аз китоби Худо бихонад, барои ӯ як некӣ дода мешавад ва як некӣ назди Худо 10 некӣ шуморида мешавад, вале ман намегӯям, ки алиф, лом, мим ҳама якҷоя як ҳарф аст, балки алиф як ҳарф, лом як ҳарф ва мим як ҳарф аст».***[1]

Шарқшиносзани насронӣ Лавра Фоғлир чунин мегӯяд: Мӯъҷизаи бузурги Ислом ин Қуръон аст. Қуръон ба мо ривоёти устувор ва қатънашавандаро дар зимни хабарҳо бо яқини мутлақ васф мекунал. Ин китобест, ки бо он мунозира карда намешавад, зеро тамоми таъбироти ӯ ҷомеъ ва шомиланд, бо вуҷуди ин қадар ғановати маъно ҳаҷмаш хурд ва хело муносиб аст. **«Услуби баёнаш бемисл аст, дар адабиёти араб то кунун чунин услуб дида нашудааст.... Таъсиротеро, ки дар нафси башарият мегузорад ҳоҷат ба изофаи чизи хориҷӣ надорад....** Мисли мавзӯи васиятҳо ва навоҳӣ.... Қуръон қиссаҳои анбиё ва авсофи ибтидо ва интиҳои олам ва сифати Худоро такрор ба такрор бозгӯ мекунад.... Вале ин такроран гуфтани мавзӯъҳо ба шевае аст, ки ҳеҷ гоҳ таъсиргузории худро аз даст намедиҳад.

Ӯ аз мавзӯе ба мавзӯи дигар мегузарад вале бо

---

[1] Тирмизӣ ривоят кардааст (2910) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ шумеридааст.

услубе, ки қуввати баёни худро аз даст намедиҳад. **Мо ин ҷо маъонии жарфро якҷоя бо ширинии баён дарк мекунем ва меёбем.**[1]

## *Афзуншавии илм*

**Фарқияти панҷум:** Ту ҳар гоҳ Тавроту Инҷил бихонӣ, илмат зиёд намешавад, балки чизҳоеро мехонӣ, ки ба илму ақлат зиддият доранд.

Аммо Қуръон бартарияти азиме дорад, зеро зеҳни хонандаро аз ноҳияи илмӣ мутамарказ месозад ва дар айни ҳол ҷиҳати отифиро низ ва ҳангоми қироат худро дар ҳар ҷиҳат ба қуллаҳои баланд мерасонад. Чунончи Худованди мутаъол дар сураи Исро, ояти 82 фармудааст.

وَنُنَزِّلُ مِنَ ٱلْقُرْءَانِ مَا هُوَ شِفَآءٌ وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ ۙ وَلَا يَزِيدُ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا خَسَارًا ﴿٨٢﴾

**«Аз Қуръон он чиро шифо ва раҳмати мӯъминон аст, нозил кардем ва ситамгаронро ҷуз зиён намеафзояд».**

Қуръон пайваста ақлро бармеангезад, ҳатто ақлҳои касонеро, ки ба Қуръон имон надоранд, бармеангезад. Худованд мефармояд:

فَمَالِ هَٰٓؤُلَآءِ ٱلْقَوْمِ لَا يَكَادُونَ يَفْقَهُونَ حَدِيثًا ﴿٧٨﴾

**«Чаро ин қавм ҳозир нестанд ҳақиқатҳоро дарк кунанд».** (Нисо, 78)

**«Магар фикр накарданд, ки ҳамнишинашон осоре аз**

---

[1] Ҳамон сарчашмаи собиқ, саҳ 276 аз китоби «Дифоъ аз Ислом», таълифи Вара Фоғлер. саҳ 56-57.

**ҷунун надорад. Ӯ фақат ҳушдордиҳандаи ошкор аст. Оё дар малакути осмонҳо ва замин ва он чи Худо офаридааст нанигаристанд, шояд поёни зиндагияшон наздик шуда бошад. Баъд аз Қуръон кадом суханро бовар мекунанд?»** (Нисо, 184-185)

## *Ҳуҷҷатҳоро ҷамъ кун баъд ба онҳо бингар*

**Фарқияти шашум,** Ҳуҷҷатҳои комили Қуръон. Басо авқот чун Қуръон тиловат мекунӣ, гуфтугӯ ва баҳсҳоеро мехонӣ, ки ба бузургтарин амрҳои ҷомеъа марбутанд ва мебинӣ, ки Қуръон далелҳои мункиронро бозгӯ мекунад ва дар баробари онҳо далелҳои худро пеш меорад.

Далелҳои қуръонӣ то ҷое қавӣ ва равшананд, ки дар баробарашон ҳеҷ кас наметавонад муқовамат кунад. Он далелҳо ақлу нафси инсонро мусаххари худ месозанд ва гӯё аз дохили ақлу қалби инсон фаввора мезананд, на аз дохили китоб. Вақте ту ҳуҷҷатҳои дар Қуръон мавҷудбударо ҷамъ созӣ, назди ту қавитарин ҳуҷҷатҳо дар умури муҳим ва бузург хоҳанд шуд. Акнун дар ин оёт аз сураи Исро тааммули ҷиддӣ намо.

**«Мо дар ин Қуръон барои мардум аз ҳар чиз намунае овардем, аммо бештари мардум ҷуз аз рӯи носипосӣ инкор накарданд. Ва онҳо гуфтанд: Мо ҳаргиз ба ту имон намеорем, магар ин ки аз ин сарзамин чашмаи пуробе барои мо берун орӣ, ё ин ки боғе аз дарахтони хурмо ва ангур дар ихтиёри ту бошад, ки ҷӯйборҳо ва наҳрҳо дар лобалои дарахтонаш ба ҷараён андозӣ, ё осмонро чунон ки мепиндорӣ, пора-пора бар сари мо фуруд орӣ, ё Худованд ва фариштагонро дар баробари мо рӯ дар рӯ биёрӣ, ё барои ту хонае пурнақшу нигор аз тило бошад, ё ба осмон боло равӣ,**

**ҳатто агар ба осмон равӣ, имон намеорем, магар он ки номае бар мо фуруд оварӣ, ки онро бихонем. Бигӯ: Муназзаҳ аст Парвардигорам** (аз ин суханони бемаънӣ) **магар ман ҷуз инсоне фиристодаи Худо ҳастам? Танҳо чизе, ки монеъ шуд, мардум баъд аз омадани ҳидоят имон биёваранд, ин буд, ки мегуфтанд: Оё Худо инсонеро ба унвони паёмбар фиристодааст? Бигӯ:** (Ҳатто) **агар дар рӯи замин фариштагоне** (зиндагӣ мекарданд ва) **бо оромиш қадам бармедоштанд, мо аз осмон фариштаеро ба унвони паёмбар бар онҳо нозил мекардем. Бигӯ: Ҳамин бас, ки Худо миёни ману шумо гувоҳ бошад, чаро ки ӯ аз ҳоли бандагонаш огоҳ** (ва нисбат ба корашон) **бино аст».** (Исро, 89-96)

Ва дар сураи Тур аз ояти 29 то ояти 46 чунин мефармояд:

**«Пас пандашон деҳ, ба лутфи Парвардигорат ту коҳин ва девона нестӣ. Балки онҳо мегӯянд: Ӯ шоире аст, ки мо интизори маргашро мекашем. Бигӯ: Интизор бикашед, ки ман ҳам бо шумо интизор мекашам!** (Шумо интизори марги маро ва ман интизори нобудии шуморо ва азоби илоҳӣ!) **Оё ақлҳояшон онҳоро ба ин аъмол дастур медиҳад, ё қавме туғёнгаранд? Ё мегӯянд: Қуръонро аз пеши худ бофтааст ва бовараш намекунанд. Агар рост мегӯянд,** (ки ин каломи башар ва сохта ва пардохтаи фикри инсон аст, пас онҳо низ) **сухане ҳамонанди он биоваранд. Ё онҳо бидуни сабаб офарида шудаанд, ё худ холиқи хештананд? Ё онҳо осмонҳо ва заминро офаридаанд? Балки онҳо** (ҷӯёи) **яқин нестанд? Ё ганҷҳои Парвардигорат назди онҳост? Ё бар ҳама чизи олам тасаллут доранд? Ё нардбоне доранд, ки** (ба сӯи осмон боло меравенд) **ва ба василаи он асрори ваҳйро мешунаванд? Ҳар касе аз**

**онҳо ин иддиъоро дорад, далели равшане биёрад, ё Худоро духтарон ва шуморо писарон аст? Оё ту аз онҳо** (дар баробари таблиғи рисолат) **подоше металабӣ, ки дар зери бори гарони он қарор доранд! Ё асрори ғайб назди онҳост ва аз рӯи он менависанд? Ё мехоҳанд нақшаи шайтонӣ барои ту бикашанд? Вале бидонанд худи кофирон дар доми ин нақшаҳо гирифтор мешаванд! Ё онҳо хаёл мекунанд ҳомӣ ва ёваре доранд? Ё маъбуде ғайри Худо доранд,** (ки қавли ёрӣ ба онҳо дода)? **Муназзаҳ аст Худо аз он чи ҳамтои Ӯ қарор медиҳанд. Онҳо агар бубинанд қитъаи санге аз осмон** (барои азобашон) **меафтад, мегӯянд:** (Иштибоҳ мекунед, ин санг нест) **ин абри мутарокиме аст! Онҳоро раҳо кун, то рӯзи марги худро мулоқот кунанд, рӯзе, ки нақшаҳои онҳо суде ба ҳолашон нахоҳад дошт ва ёрӣ дода намешаванд».**

Қуръон бо яҳудиён ва насоро дар мавзӯи он ки онҳо даъво мекарданд, Иброҳим (а) бар дини онҳо буд, баҳс мекунад. Ин гуфтугӯ ва баҳс бо онҳо бо далелҳои ақлонӣ сурат гирифтааст. Дар сураи (Оли Имрон, ояҳои 65-71) чунин мегӯяд:

**«Эй аҳли китоб, чаро дар бораи Иброҳим ба гуфтугӯ ва низоъ мепардозед** (ва ҳар кадом ӯро аз худ медонед) **дар ҳоле, ки Таврот ва Инҷил баъд аз ӯ нозил шуда** (ва замони ӯ қабл аз Мусо ва Исо буд), **оё андеша намекунед? Шумо касоне ҳастед, ки дар бораи он чи нисбат ба он огоҳӣ доштед, баҳсу гуфтугӯ кардед, вале чаро, дар бораи он чи ба он огоҳӣ надоред, баҳсу гӯфтугӯ мекунед? Худо медонад ва шумо намедонед. Иброҳим на яҳудӣ буд ва на насронӣ, балки муваҳҳиди холис ва мусалмони** (покниҳоде) **буд. Ӯ ҳаргиз аз мушрикон набуд. Наздиктарин мардум ба Иброҳим, онҳо ҳастанд, ки аз ӯ пайрвӣ карданд ва ин**

**паёмбар** (паёмбари Ислом (с)) **ва касоне, ки ба ӯ имон овардаанд, мебошанд ва Худованд сарпарасти мӯъминон аст. Гурӯҳе аз аҳли китоб хуш доранд шуморо гумроҳ кунанд, аммо намедонанд, ки ҷуз худашонро гумроҳ намекунанд. Эй аҳли китоб, чаро ба оёти Худо кофир мешавед, дар ҳоле, ки** (ба сиҳҳат ва сидқи он) **гувоҳӣ медиҳед. Эй аҳли китоб, чаро ҳақро бо ботил меомезед ва чаро ҳақро мепӯшонед, дар ҳоле, ки медонед».** (Оли-Имрон, 65-71)

Ин гуфтаҳо як каме аз баҳсу гуфтугӯ ва ҳуҷҷатҳои ақлонии бешумори Қуръон аст, ки дар ҳар ҷои Қуръон зикр гардидааст.

**Акнун аз шумо мепурсем ҷанобон, ки оё дар Инҷил далели ақлонӣ ба ин миқдори зиёд мавҷуд аст?**

**Балки изтироботи ақлие, ки дар Инҷил вуҷуд дорад, зиёдтар ва бештар аз он аст, ки касе тавонад теъдоди онро бишуморад.**

## *Воқеият*

**Фарқияти ҳафтуми** қироати Қуръон аз қироати Инҷилу Таврот. Дар Қуръон ҳеҷ чизе нест, ки амри воқеъӣ набошад, ё хиёнату ваҳм бошад ва ё афсонаҳое бошад, ки фаҳми инсон онро қабул накунад. Қуръон ҳамеша воқеъиятро мегӯяд. Агар бо худи ту сухан гӯяд ва ба ту хитоб кунад ва ё аз оилаву хонаводаат баҳс намояд, аз алоқаи ту бо ҳамнавъонат сухан кунад, агар достонҳои паёмбаронро қисса кунад, ҳама амри воқеъӣ ҳастанд. Ва ҳатто агар аз Муҳаммад (с), ки Қуръон ба ӯ нозил гардидааст, сухан ба миён ояд, он ҳама амри воқеъист, на хаёлӣ.

Акнун диққат кун, ки Худованди бузург дар сураи Намл дар бораи Муҳаммад (с) ва бани исроилиҳое, ки

даъваташон мекунад, чӣ мегӯяд:

**«Ин Қуръон аксари чизҳое, ки бани Исроил дар он ихтилоф доранд, барои онҳо баён мекунад. Қуръон ҳидоят ва раҳмат аст барои мӯъминон. Парвардигори ту** (дар рӯзи қиёмат) **миёни онҳо доварӣ мекунад ва ӯ тавоно ва доност. Бинобар ин бар Худованд таваккул кун, чаро ки ту бар ҳаққи ошкор ҳастӣ. Ту наметавонӣ суханатро ба гӯши мурдагон бирасонӣ ва ҳангоме, ки карҳо рӯй мегардонанд, наметавонӣ ба онҳо сухан бишнавонӣ. Ту наметавонӣ нобиноёни роҳгумкардаро ҳидоят кунӣ, фақат метавонӣ суханатро ба гӯши мӯъминони ба оёти мо ва таслимшудагони ба ҳақ бирасонӣ».** (Намл, 76-81)

Аз ҷумлаи воқеъбинӣ ва сидқи гуфтори Қуръон ин аст, ки Паёмбари бузурги Худо (с)-ро бо итоби латиф мухотаб қарор медиҳад.

**«Худо туро бибахшад, чаро қабл аз он ки ростгӯён бар ту ошкор шаванд ва дурӯғгӯёнро бишиносӣ, ба онҳо иҷоза додӣ».** (Тавба, 43)

Ва дар охири сураи «Каҳф» мефармояд:

**«Бигӯ: «Ман низ башаре ҳастам монанди шумо, ки ба ман ваҳй мерасад ва маъбуди шумо ягона аст, ҳар кас ба мулоқоти Парвардигораш умедвор бошад, бояд амали солеҳ анҷом диҳад ва касеро дар ибодати Парвардигораш шарик накунад».** (Каҳф, 110)

Мантиқи воқеъӣ куҷову, мантиқи илоҳ хондани Исо (а) куҷо, ҳол он ки ӯ башар буд.... Ва бандаи башар қарор додани ақлҳои башарӣ ва салб намудани ҳаққи эътирози инсонро дар муқобили инсон оё мантиқи воқеист?

## *Эҳсоси нафрат намекунӣ*

**Фарқияти ҳаштуми тиловати Қуръон аз тиловати Инҷилу Таврот.** Ту вақте Тавроту Инҷил мехонӣ, нисбати баъзе маъонӣ ва ахбори дар он матраҳшуда нафрати шадид пайдо мекунӣ, ҳамчунон ба масоили печидаи номафҳум бармехурӣ бо вуҷуди ин дар баробари он гуфтаҳои печидаи номаълуми аз ақл берун бояд таслим шавӣ. Ин аз сабаби таҳрифоту дигаргуние аст, ки дар ин китобҳо дохил карда шудааст. Аммо вақте Қуръон мехонӣ, байни гуфтаҳо Қуръон ва қалби худ якрангӣ ва мутобиқат эҳсос менамоӣ.

Сабаби ақлонии ин улфат он аст, ки фурӯфиристонандаи Қуръон ва Холиқи инсон як зот аст, манбаи нузули Қуръон ва офаринандаи инсон Аллоҳ аст.

Ман дар ҷаридаи «Албаён»-и Иморот мақолаи илмии табиби мисриро хондам, ки хеле ҳаяҷоновар буд. Ӯ як таҷрибаи аҷибе барои таъсирпазирӣ бо Қуръон анҷом додааст.

Вай панҷ нафар ҷавонро, ки дар ҳолати беҳушӣ буданд, ба воситаи асбобҳои махсус пайваст намуда ба мағзи онҳо садои Қуръонро бевосита мефиристад ва мушоҳида мекунад, то дарёбад, ки онҳо аз қабули тиловати Қуръон оромиш ва фараҳ ҳосил мекунанд ва ё нороҳат мешаванд.

Ҳамаи онҳо ба олитарин ваҷҳ онро хуш қабул мекунанд.

Баъдан ба ҷои тиловати Қуръон суханони арабиеро ба мағзи онҳо равона месозад, ки тарзи хонишу нағмааш ба хониши Қуръон монанд будааст вале таъсирпазирии асабҳои онҳо одди шудааст.

Баъди ин таҷриба бо ҷавонони арабзабон панҷ

нафар ҷавонони филипиниро, ки ҳатто як калимаи арабиро намедонистанд интихоб мекунад ва таҷрибаашро такрор месозад.

Дар аввали кор овози мусиқиро ба мағзи онҳо мешунавонад ва мушоҳида мекунад, ки дар аъсоби онҳо изтироб ба вуҷуд меояд. Сипас ба ҷои садои мусиқӣ садои Қуръонро мешунавонад ва мебинад, ки асарпазирии аъсоб ва роҳату оромиши онҳо ба олитарин дараҷа боло меравад.

Ин ҷо ҳар инсоне ҳаққи пурсидан дорад, ки ин таъсири Қуръон дар афроде, ки як калимаи арабиро намедонанд аз куҷост?

Ҷавоб ин аст, ки Холиқи инсон ҳамон зоте аст, ки Қуръонро нозил кардааст ва Холиқи асабҳои инсон нозилкунандаи калимоти Қуръон аст ва Холиқи руҳи инсон низ фурӯфиристонандаи оёти Қуръон аст.

Қуръоне, ки ҳоло мо дар даст дорем, ҳамон Қуръонест, ки аввалин бор фуруд омадааст, пас табиъист, ки ин асабҳо бо ин калимаҳо созгорӣ доранд ва ба якдигар ҳамнаво шудани онҳо дар ҳолати беҳушӣ гувоҳи он аст. Зеро инсон дар ҳолати бешуурӣ аз таъсири ҷомеа ва асабият ва дигар машоғил ҷудост.

Ҳамчунин агар инсонро байни нафсаш ва Қуръон бидуни таъсироти хориҷӣ ва асабияти ҷоҳилӣ ва иҷтимоӣ озод бигузоранд, чунин улфатро эҳсос хоҳад кард.

Ба наздикӣ дар телевизиюни Иморoти Муттаҳидаи Арабӣ дар шабакаи «Шориқа» мусоҳибаи як инглисро тамошо кардам ва маро хеле ба шигифт овард. Ӯ аввалин бор Қуръон хондан ва эҳсосоти нафсияшро чунин баён мекард: **«Вақте ман аввалин бор Қуръон тиловат кардам, чунин эҳсос намудам, ки Қуръон маро мехонад».**

## *Ақлоният*

**Фарқияти нуҳум:** Ту наметавонӣ ба касе аз роҳи хондани Инҷил таъсир расонӣ ва ӯ насрониятро бипазирад.

Балки касе Инҷилро мехонад, бисёре аз маъонии онро намефаҳмад, ҳатто онҳое, ки онро бисёр мехонанд.

Аз ин рӯ вақте онро бихонӣ, ақли худро бояд дур нигоҳ дорӣ. Дар муқоиса Қуръон дорои ду сифат аст, осонфаҳмӣ ва қуввати далел ва ин ду сифатро дар худ ҷамъ кардааст.

Ва онро шахси донову шахси сатҳи фаҳмишаш поин, яъне ҳама кас мефаҳмад. Аз ин рӯ ба Ислом дохилшудагон аз ҳамаи тахассусҳои илмӣ ва инчунин шахсони оддӣ низ мебошанд, агарчи дараҷаи илмӣ ва сатҳи фаҳмишашон поин ҳам бошад.

Дар баробари ин касоне, ки дар дини насроният дохил мешаванд, ҳама одамони ҳоҷатманде ҳастанд, ки барои дарёфти хостаҳои худ ин динро қабул мекунанд. Даъватгарони масеҳӣ дар вақти гирифтории мардум ба вабо ва бемориҳои оммавӣ, ва ё вақти гуруснагие, ки оммаи мардум ба ҳалокат рӯ ба рӯ мегарданд, ё вақти хушксолӣ ва ё қаҳтии зиёд, ки боиси харобӣ мегардад ва ё вақти ҷангҳои дохилӣ ва гирифториҳои мардум аз ин мусибатҳо суистифода намуда, ба назди онҳо мешитобанд. Ҳатто баъзе кишварҳои шумо мардуми мусалмонро ба табаъияти давлати худ қабул мекунанд ва тамаъ доранд, ки ақаллан наберагони онҳоро дар оянда насронӣ созанд.

**Фарқи даҳум:** Устоди улуми риёзӣ ва мантиқ дар донишгоҳи Торантои Канада Гари Милер баъди аввалин ояҳои сураи Бақараро тиловат намудан эълон

кард, ки ман Исломро пазируфтам.

الٓمٓ ۝١ ذَٰلِكَ ٱلۡكِتَٰبُ لَا رَيۡبَۛ فِيهِۛ هُدٗى لِّلۡمُتَّقِينَ ۝٢

**«Алиф, лом, мим. Ин китоб роҳнамои парҳезгорон аст, дар он ҳеҷ шакке нест».** (Бақара, 1-2)

Вақте аз вай сабаби ба Ислом дохил шуданашро пурсиданд, ӯ бо тааҷҷуб изҳор дошт, ки «ман дар умрам аввалин китоберо мехонам, ки дар саршавияш нависандаи он аз хонандагон даъват ба амал меорад, ки биёед ва ҷустуҷӯ кунед, оё дар ин китоб ягон хатое меёбед? Аз рӯи одат нависандагон дар аввали китобҳояшон узр пеш меоранд, ки агар хатое сар зада бошад, ӯро афв кунанд». Ва Гари Милер китобе ба номи «Қуръони ҳайратовар» навишта ба нашр расонид.

Оре, касе Қуръонро бихонад, ин боварӣ ва қотеъиятро дар волоиятро дар ҳамаи сураҳо ва дар ҳамаи оятҳо ва калимаҳои он мебинад!

**Устод Фифа:** Ба фикрам, беҳтар аст, мо дар ин ҷо маҷлиси худро хотима бидиҳем ва ба манзилҳоямон баргардем, то каме истироҳат намуда, барои машғулиятҳои тӯлонии фардо омода шавем, вале бояд эълон кунам, ки ман аз ин сӯҳбатҳо монда намешавам.

**Абӯҳомид:** Сабаб чист, ки шумо монда намешаваед?

**Устод Фифа:** Зеро Напалеон монда намешуд. Ҳозирон ҳама хандиданд.

**Абӯҳомид:** Ман пешниҳод мекунам, ки шумо барои роҳати ҳақиқии рӯҳӣ ёфтан ҳар кадоматон миқдоре аз маъонии Қуръонро тиловат кунед, он миқдоре, ки дар хонаҳои шумо дастрас аст. Ин корро метавонед барои таҷриба анҷом бидиҳед.

Шумо мардуми донишманд ва ошиқи кашфиёт ҳастед. Ман боварӣ дорам, ки шумо на танҳо дар хондани маъонии Қуръон чизи наве кашф намекунед, балки аввалин бор нафси худро кашф хоҳед кард.

**Танҳо ба як чиз иҷоза бидеҳ дар ин олам аввалин бор туро бихонад.**

## Поёни нишаст

**Оётест, ки онҳоро ҳарфу калима мебинӣ,** вале гузашта, ҳозира ва ояндаро дар қолаби оятҳо фарогир аст.

Оятҳое, ки дар аъмоқи худ кашфиётҳои бешумори илмиро нигоҳ медорад ва ба мисли борон ҳар як наслро он миқдоре, ки ниёз дорад ва қобилияташ мерасад медиҳад.

Балки он миқдор аз хайру некӣ ба онҳо медиҳад, ки аз эҳтиёҷоташон зиёдатӣ ҳам мекунад.

Дар Қуръон таърихи пеш аз саршавии таърих мавҷуд аст ва мобаъди таърих низ ва миёнаи ин ду, ки ҳоло қалами таърих онро нанавиштааст.

Ба мисли достони Юнус дар батни моҳӣ, ё достони асҳоби Каҳф дар дохили ғор, ё достонҳои мо баъди қиёми рӯзи растохез ва рафтани мардум ба ҳисобгоҳ ва баргаштанашон аз ҳисобгоҳ ва ҷовидонагии онҳо ҳамчуноне, ки воқеъ гаштаанд ва ё воқеъ хоҳанд гашт ва **гумон мекунӣ, ки онҳо дарвоқеъ баробари якдигар мегузаранд.**

**Агар дар қалби шумо дар ҳақиқати Қуръон ва таълимоти Ислом аз он чи дар маҷлис гузашт, тааҷҷубе ҳосил шавад, пас бидон, ки** аҷибтар аз он ин аст, ки дар Қуръон роҳи зиндасозии зиндагон матраҳ мешавад. Гӯё онҳо мурдагоне буданд, ки қиёматашон қоим шудааст ва аз қабрҳояшон барангехта шуданд, то ба ҳаёти нав шурӯъ кунанд... Ва ин вилодати навро ба вуҷуд омадани уммате, ки ба бузургии худ ду атрофи оламро пур кард, шоҳид аст. Онҳо бо ахлоқу одоби худ умматҳоро дар як муҳлати кӯтоҳ ғолиб гаштанд. Онҳо эълон доштанд ва ҳама ҳам медонанд, ки ин миллат

қабл аз омадани Қуръон дар шумори мурдагон буданд ва боиси зиндагии нави онҳо ҳамин калимаҳои Қуръон буд.

Огоҳ бош, ки он Қуръон рӯи дасти туст, хазинаҳои он фонишаванда нест ва беандоза туро ба тафаккур мехонад ва маънои онро ҳеҷ рангу қаламе наметавонад пурра ифода намояд ва эҳтиёт кун, ки як лаҳза аз ақлат ҷудо нашавӣ ва бияндешӣ.

Ӯро бихон.... гаштаву баргашта ба ӯ чашм андоз ва ӯро бихон ва онро азёд кун.... гаштаву баргашта дар он тааммул намо ва кӯшиш кун, то мисли онро гуфта тавонӣ, вале чун оҷизии худро дарк кардӣ, пас дарҳол таслим шудани худро эълон кун. Ва агар накардӣ, бидон, ки ту беақлона бар зидди ақли худ хусумат ва душманӣ меварзӣ ва инсофи худро ноодилона мекушӣ.

# ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ


| | |
|---|---|
| *ТАСМИМ*.......................................................... | |
| *НИШАСТИ АВВАЛ* ........................................ | |
| *Шабнишинӣ дар соҳили Сена*............................... | |
| *Даромадгоҳи нишасти аввал*............................... | |
| *Иморотӣ озими Париж шуд*.............................. | |
| *Мавзеъ*............ ....................................... .......... | |
| *Каноргузории урфу одатҳо*................................. | |
| *Каноргузории далелҳои динӣ*............................... | |
| *Ақлро довар қарор додан*...................................... | |
| *Ду далели ҳиссӣ*.................................................... | |
| *Шубҳаи бараҳнагии Одам ва Ҳаво*...................... | |
| *Назари ошкори манн*........................................... | |
| *Муносибати миёни ақл ва шаҳват*........................ | |
| *Дармони ҷавоне, ки барои зино иҷоза хост*......... | |
| *Тағйири муқаррарот ба хотири шаҳват*............. | |
| *Ҳақбарории бӯсобӯсӣ*........................................... | |
| *Бими ҳақиқӣ*........................................................... | |
| *Ақлрабоӣ*................................................................ | |
| *Қиссаи муносибати бародар бо хоҳар*.................. | |
| *Рашки муътадил*................................................... | |
| *Палонҷҳо ва маъшуқаҳо*...................................... | |
| *Иқдоми ҳамсарон*.................................................. | |
| *Дастфишорӣ ҳам*................................................... | |
| *Масъалаи кӯчак*.................................................... | |
| *Бӯса кардан ҳам*................................................... | |
| *Бӯсаи гули хушбӯй*................................................ | |
| *Шири дег*................................................................. | |
| *Як зану чанд шавҳар*........................................... | |

| | |
|---|---|
| Назари худхоҳона.................................................. | |
| Оё сирри комёбии мо урфу одатҳои мост?.......... | |
| Аз баҳси ақлӣ берун нарав.................................. | |
| Оё ин сухани назариявӣ аст?............................... | |
| Аз ин сир кай огоҳ мешавӣ?.................................. | |
| Манзили зан куҷост?............................................. | |
| Эҳтимоли иштибоҳи шумо..................................... | |
| Баробарӣ ё адолат?............................................... | |
| Зиёни бузург.......................................................... | |
| Созмони Модар...................................................... | |
| Ҷонишини кафолатдор......................................... | |
| Ҳомии бузург......................................................... | |
| Саҳми писар ду баробари духтар........................ | |
| Занро аз маҳрумиятҳо наҷот дод........................ | |
| Аҳмад ва Меҳрӣ...................................................... | |
| Поёни нишаст......................................................... | |
| | |
| НИШАСТИ ДУВВУМ............................................. | |
| Даромадгоҳи нишасти дуввум.............................. | |
| Достони хонадоршавии Чарлз............................. | |
| Оё пеш аз хонадоршавӣ бо якдигар | |
| шинос мешаванд?................................................... | |
| Барои чӣ фикри падару модарро гирад?............... | |
| Кадом навъи оила бар асоси муҳаббат бино мешавад?.......................................................... | |
| Робитаи оилаҳо....................................................... | |
| Ҷазои мухолифат бо низомҳо.............................. | |
| Барбод додани хазинаи муҳаббат........................ | |
| Эҳтироми падар ё эҳтироми падару модар........ | |
| Беҳтарини беҳтаринҳо васат аст............ | ....... |
| Илми ҷарҳ ва таъдил (ровишиносӣ)..................... | |

| | |
|---|---|
| *На барои духтар ва на барои писар иҷборе нест* | |
| *Намудҳои бо якдигар шиносшавӣ........................* | |
| *Имдодҷӯйии ошиқ ва миёнаравиш Паёмбар (с)....* | |
| *Тавсия дар мавриди занон дар машҳуртарин суханронӣ..........................................................* | |
| *Иҷбор ва нописандӣ............................................* | |
| *Падару модар, ё ду бут.......................................* | |
| *Роҳи ҳал...............................................................* | |
| *Некӯиҳои мардуми оламро дорем........................* | |
| *Эҳсосот ва муомала............................................* | |
| *Нуҳ бону...............................................................* | |
| *Паёмбарони пеш аз Муҳаммад (с)* | |
| *чанд ҳамсар доштанд?.........................................* | |
| *Хотимаи нишасти аввал ва дуюм........................* | |
| | |
| *НИШАСТИ СЕЮМ* | |
| *Инҷил каломи кист?..............................................* | |
| *Даромадгоҳи нишасти сеюм................................* | |
| *Ҳадяи поп..............................................................* | |
| *Тарс барои чӣ?.....................................................* | |
| *Чаро чаҳор Инҷил?...............................................* | |
| *Дар куҷост Инҷили Исо (а)................................* | |
| *Аввалин Инҷил кай навишта шуд?.......................* | |
| *Усули инҷилҳо куҷост?........................................* | |
| *Орюс дар насроният даъват ба тавҳид мекард.* | |
| *Дақлидёнуси золимтар........................................* | |
| *Таърихи ранҷбарии Масеҳ (а)............................* | |
| *Константини хатарнок!.......................................* | |
| *Нусхаҳои чаҳргона куҷост?.................................* | |
| *Оё Инҷил аз ваҳй аст?.........................................* | |
| *Мисоли зидду нақиз.............................................* | |

| | |
|---|---|
| *Оё Худо ҳамон гуна, ки Қуръонро ҳифз кардааст наметавонад Инҷилро ҳифз намояд?....................* | |
| *Аз Қуръон ба сиҳҳати Инҷил далел овардан........* | |
| *Ба ҳафтод забон тарҷима ва ба табъ расидани Инҷил далел аст!........................................* | |
| *Шубҳае перомуни ҷамъоварии Қуръон................* | |
| *Хотимаи нишасти сеюм.......................................* | |
| | |
| *НИШАСТИ ЧАҲОРУМ......................................* | |
| *Қуръон ва ақл......................................................* | |
| *Даромадгоҳи нишасти чаҳорум.........................* | |
| *Оё Қуръон сухани Муҳаммад аст?......................* | |
| *Чаро мушрикон мисли Қуръон китобе наовcovered?* | |

| | |
|---|---|
| *Фоидаи порча-порча омадани Қуръон..................* | |
| *Ҳифзи мақсуди Худованд......................................* | |
| *Мудохала.........................................................................* | |
| *Сирри ҳифз нашудани мӯъҷизаҳои пешин............* | |
| *Дар мӯъҷизаи Қуръон раҳмат ва афзунии имон аст.........................................................................* | |
| *Далели ҳамаи рисолатҳо....................................* | |
| *Фарзандони шоҳ.................................................................* | |
| *Мондагорҳо ва тағйирпазирҳоро дар бар мегирад..................................................* | |
| *Омодасозии ҷаҳон...............................................................* | |
| *Навъи алоқа миёни китобҳо................................* | |
| *Миёни бадномсозии китобҳо ва имони ба онҳоро чӣ гуна ҷамъ кунем?............................* | |
| *Фурӯши мошини сабукрави гаронбаҳо..................* | |
| *Ҷавоб ба суоли қироатҳои даҳгона.....................* | |
| *Қироатҳои даҳгона бузургтарин далел аст. барои солимии Қуръон..........................................* | |
| *Қироатҳост, на Қуръонҳо..................................* | |
| *Ҷавоби ақлии дуввум: Вақте ба эътирозат дурусттар .........................................................* | |
| *Донистани қироатҳо фазилат аст.....................* | |
| *Ҳар мусалмон ба қироате мехонад.....................* | |
| *Ба Муҳаммад (с) ба тағйири Қуръон иҷоза дода нашудааст.................................................* | |
| *Кӯшиши саҳоба..................................................................* | |
| *Қироатҳо гуногунанд на мухолифи ҳам.............* | |
| *Эъҷози илмӣ дар Қуръон.....................................* | |
| *Гувоҳии олими Фаронсавӣ...................................* | |
| *Ибтидои ҷаҳони ҳастӣ дар Қуръон.....................* | |
| *Телескопҳо дар замони Муҳаммад (с)................* | |

| | |
|---|---|
| *Чигунагии ниҳояти ҷаҳони ҳастӣ.........................* | |
| *Пасттарин ҷои замин.........................................* | |
| *Сабқати дигари Қуръон дар илми кӯҳшиносӣ......* | |
| *Қуръон ва пӯсти инсон.........................................* | |
| *Қуръон ва атмосфера...........................................* | |
| *Қуръон ва илми анкабут.......................................* | |
| *Бар алайҳи душманони илм ба шумо кӣ ёрӣ расон* | |
| *Вазири боинсофи фаронсавӣ...............................* | |
| *Нақши Испания.....................................................* | |
| *Поп Селвистр.......................................................* | |
| *Ҷерорд – бузургтарин тарҷумон..........................* | |
| *Леонардо Давенчи...............................................* | |
| *Роҷер Бекан..........................................................* | |
| *Калимаҳои аввали Қуръон....................................* | |
| *Асирон ва илм......................................................* | |
| *Номи мӯъҷизааш..................................................* | |
| *Гиреҳхӯрдагии мулҳидон.....................................* | |
| *Эҳтироми ақл ку?................................................* | |
| *Роҳат дар вақти хондани китобҳо.....................* | |
| *Бартариятҳои роҳати Қуръон ва сабабҳои он..* | |
| *Оё ин далелҳои ақлӣ нест?...................................* | |
| *Таъсири амиқ.........................................................* | |
| *Имони воқеӣ..........................................................* | |
| *Маънои жарф ва ҳаловат бо ҳам........................* | |
| *Афзуншавии илм..................................................* | |
| *Ҳуҷҷатҳоро ҷамъ кун баъд ба онҳо бингар..........* | |
| *Воқеият................................................................* | |
| *Эҳсоси нафрат намекунӣ.....................................* | |
| *Ақлоният..............................................................* | |
| *Поёни нишаст.......................................................* | |

***Тавфиқ Бин Халаф Бин Абдуллоҳ Аррафоӣ***

**ТАСМИМ БИГИР**

Тарроҳии компютерӣ ***Фарид Исматуллоҳ***

Ба матбаа 12.02.10 таҳвил шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/16.
Ҳаҷм 25 ҷузъи чопӣ.
Адади нашр ____.

Дар матбааи ҶДММ «________» ба табъ расид.

## НИШАСТИ ПАНҶУМ

## Исо (а) дар миёни улуҳият ва бандагӣ

*Даричаи нишасти*

Салиби тиллоие дар миёни калисо овезон аст… салиби дигари хурдтарош дар девори он… салибҳо дар гардани ҳозирин медурахшиданд… ба ҷуз гардани падари ман Абӯҳомид ва гардани доктор Вофӣ ва гардани ҳамсафарони ман, яъне Абӯҳаммом ва бародарам Абдусалом ва гардани доктор Фифа, ки одати салиброба гардан овехтан надошт.

Ин салибҳо ҳеҷ таъсире надоштанд ва касе ба онҳо ҷуз мо, меҳмонони мусалмон аҳамият намедод. Аммо дар назари дигарон он ба монанди дигар чизҳои зебо, гӯё чизи оддӣ менамуд.

Вале ҷилои дандонҳо бо чеҳраҳои хандон зеботар аз ҷилои салиб дар синаҳои ороста намудор мешуд.

### *Ҳуҷуми роҳиб Спарту*

**Роҳиби бузург Спарту:** Аз Шайх Абӯҳомид, маъзарат мехоҳам, вале мусалмонон дар умум ҳазрати Исоро эҳтиром намекунанд, ӯро нодида мегиранд ва ќадрашро намешиносанд.

**Абӯҳомид:** Шояд роҳиби бузург дар иттифоќи пешини мо ҳузур надоштанд, ки мо иттифоќ бар он карда будем, ки ба ҷои далелҳои динӣ мо аз далелҳои аќлӣ истифода мебарем ва дар миёни худ хати сурхро эҷод намекунем, то гуфтугӯи мо бенатиҷа намонад. Бояд мо бикӯшем, то дар атрофи

њама чиз гуфтугӯ ва сӯњбатњо намоем ва дар дилњои худ нисбат ба њамдигар чизе ногуфта намонад.

Ман умедворам, ки ту талоши онро надошта бошї, то бо чунин њуљумњои ногањонии худ маро дар мавќифи дифоъї ќарор дињї ё аз ин њозирини мўњтарам истифода бурда, бар болои ман мўњри маѓлубиятро бизанї, ё аз фазои калисо истифода намої ё аз ѓарибии ман дар диёри озодагон истифода барї, ё њангоми гуфтугӯ ба дигар тарафњо дода шавї… Бояд бештар ором шавем ва аз аќидаи худ дифоъ намоем, вале ба њукми аќли солим таслим шавем ва натиљаи онро ќабул намоем.

### *Фурсати такрорнашаванда*

Бовар кунед, ин фурсатест, ки шояд дигар такрор нашавад ва биёед, барои чанд соат худро аз њама гуна асабоният рањо намоем ва танњо пойбанди аќли нињої бошем. Биёед, ин чанд соати худро монанди соатњои озодї дар баъзе кишварњо созем, ки агар касе ба ин кишварњо омад, бояд бардошти шунидани чизњоеро кунад, ки ба ӯ маъќул аст ё маъќул нест. Њарки њарчи хост, бигӯяд ва касе њуќуќи бастани дањони ўро надошта бошад. Мо намехоњем ин лањзазот ба монанди нусхаи такроршаванда аз њаёти рӯзмарраи мо бошад. Мо мехоњем ин соатњо соатњои нав ва фоидаовару пурњаќиќат бошанд.

Њозирин! Оё ба ин иттифоќ мекунем?

Рўњониён њам бо ишора бале гуфтанд ва устодон бо хушї инро пазируфтанд.

**Абўњомид:** Эй Роњиб! Ман намехоњам суханро дар посухи њуљуми ту, ки мегўи мусалмонон Исо (а) -ро эњтиром намекунанд, дароз намоям! Балки ман мехоњам бархе аз асосњои Исломро бароят баён намоям ва ту метавонї тафсилоташро бар он ќиёс намої. Зеро тафсилотро агар хоњем шуморид, он аз њисоб берун аст. Тафсилотро наметавон њисобид. Баъди он ту метавонї ба ќароре биёї, ки оё мусалмонон Исоро эњтиром мекунанд ё не.

Оё медонї, дар Ислом њар кї ба њазрати Исо (а) имон намеорад, ўро мусалмон гуфта намешавад. Агар мусалмоне ба њазрати Исо (а) кофир шавад,

дар худи њамон лањза аз Ислом берун мешавад. Агар мусалмоне модари њазрати Исо (а), Марямро ба хиёнат тўњмат намояд, аз Ислом берун мешавад. Оё ин њамаро медонї?

Оё медонї, эй роњиби бузург, ки номи Исо (а) бисту панљ бор дар Ќуръон омадааст, дар њоле ки номи Муњаммад (с) танњо чор маротиба омадааст?

Оё медонї, ки Марям бо номаш сию чор маротиба дар Ќуръон омадааст, вале номи њељ як аз занони њазрати Муњаммад (с) дар Ќуръон наомадааст!

Оё медонї, ки яке аз сурањои дарози Ќуръон, ки теъдоди оятњояш наваду шаш аст, бо номи Марям – модари Исо (а) омадааст, вале њељ сурае дар Ќуръон ба номи њамсаре аз њамсарони Паёмбар (с) ва ё зане аз занони мусалмон наомадааст!

***Баъзе номњои фарзандонам***

Пас барои њамин аст, ки мо аз номгузории фарзандони худ бо номи Исо ё Марям њељ њасосияте надорем, балки ин боиси ифтихори мост. Шахсан ман худам фарзанди миёнаамро Исо ном мондам ва ду духтар дорам, ки хурдияшро ном Фотима аст, аммо духтари калония Марям ном дорад.

Ман мехоњам аз рўи инсоф сўњбат намоем ва бинобар ин ман гашта аз худи ту чунин савол мекунам: Кадом гурўњ ќадри киро намешиносад? Оё аґлаби масењиёни имрўза ќадри Муњаммад (с)-ро намедонанд ва ё мусалмонон ќадри Исо (а)-ро?

Ман ба сўи аќл бармегардам ва мегўям: Худовандеро шукр мекунам, ки ба мо ва шумо аќли солим ато намудааст. Касе наметавонад касеро ба чизе, ки аќида надорад, маљбур кунад. Биё, нигоње ба аќл намоем, то бубинем он дар њар як ќазия ба чї њукм мекунад?

Ман гумон мекунам, устодоне, ки маро мешиносанд, дар гуфтору кирдори ман дурўѓеро надидаанд ва на танњо дурўѓ, балки пинњонкориро њам намеёбанд. Вале бо вуљуди ин њама ман як чизи дигарро изофа мекунам ва он ќасам хўрдан аст ба **«Худованди бузург»**, яъне бузургтарин ќасами мусалмонон. Агар ман дар аќидаи худ яќин намедоштам, њаргиз ба бањс намепардохтам. Агар ман барои шумо њамаи некињоро аз тањти дил

намехостам, њаргиз намекўшидам, ки шуморо ќонеъ намоям. Бо вуљуди ин, ман аз ин њама кўшишњоям на аз касе евро мегирам, на доллар. Њамчунин ман њамчун вазифадор аз тарафи касе ба инљо наомадаам. Омаданам танњо барои ишќ ва накўии холисонаи ин чењрањост, ки барои њамаи онњо накўиро орзумандам, њамчуноне ки барои худ некињоро таманно дорам.

**Роњиби бузург:** Дар њаќиќат ин рўњияи содиќона, ки аз калимоти ту бармеояд, бењтарин чизест, ки бо он сўњбати худро шурўъ намоем. Њамчунин орзумандам, ки дигарон низ бо њамин рўњия идома дињанд, агарчи дар миёни худ ихтилоф њам дошта бошем. Вале эй Абўњомид, ман медонам, ки масењињо ќадри Исоро аз шумо бештар медонанд.

### ***Чалипо***

**Абўњомид ба тарафи доктор Ялмор нигариста гуфт:** Ман дар пеши синаат нишонеро мебинам, ки он ба байраќи Ироќ монанд аст.

**Доктор Ялмор:** Бале, ман инро баъди ба дор овехтани Садом Њусайн дар пеши сина кардаам. Ман њамчун як фаронсавї ин дољии бузургро хело меписандидам ва ўро дўст медоштам!...

**Абўњомид:** Ман аз ин ќадрдонии ту нисбати ў хело эњтиром мекунам ва мехоњам ба ту њадяе таќдим намоям, ки иборат аз шамъи зебоест, ки дар он сурати Садом Њусайн аст, њангоми ба дор овехтани ў наќш шудааст. Ту он суратро дар идораи корият овезон мекунї, то шахсияти ў њаргиз аз чашмат дур набошад.

**Доктор Ялмор** аз ин суханон сахт дар ѓазаб шуд  ва бо садои баланд ва чењраи сурх гуфт: Не! Чї гуна метавонам ин расмро дар идораи худ биёвезам, дар њоле ки ман ба ту мегўям ман ўро дўст медоштам ва эњтиромаш мекардам. Ман дар хонаи худ ду расми ўро дорам, яке бо либоси аскарї ва дигаре бо либоси миллии арабї!… Чї гуна ман чунин расмро дар идораам овезон намоям, дар њоле ки ман то кунун тоќати дидани лањзаи ба дор овехтани ўро надорам, бо вуљуди ин ки чунин сурат дар њама љо њатто дар телефонњои њамроњ ба фаровонї дида мешавад?!.

Абӯҳомид ба тарафи роҳиби бузург Спорту нигариста гуфт: Ин аст мантиқи ошиқон. Оё чунин нест?

## *Маънои чалипо*

**Роҳиби бузург Спарту:** Бале.

**Абӯҳомид:** Пас чаро шумо сурати Исо (а) - ро дар ҳоли ба дор овехтанаш ба гардан овезон мекунед? Чаро онро дар ҳолати дар дор буданаш дар миёни ибодатхонаҳо ва дар қиблаи худ мемонед? Оё худи ӯ шуморо пеш аз он ки ба дор овехта шавад, ба ин кор амр намуда буд? Ё ӯ шуморо баъди ба дор овехта шуданаш амр намуд? Ё шумо ин корро аз муҳаббат мекунед? Оё аз ин ки ӯро ба дор овехтанд, душманони ӯ хушнуд нагаштанд? Оё манзараи дӯстро дар дор дидан, чӣ писар бошад чӣ падар ва ё ҳар наздики дигаре ҳолате нест, ки набояд бо он ифтихор кард? Пас шумо чӣ гуна бо ин тариқа худро намоиш медиҳед? Чӣ гуна ин корро мекунед, дар ҳоле, ки худи ба дор овехтан бад аст. Бар зами ин он беш аз дурӯғ чизе нест! Инсон агар душманашро бикушад, метавонад солҳо он шамерашро нигоҳ дорад ва агар душманашро ба дор овезад, метавонад чун рамзи ифтихор ва сарафрозӣ солҳо он ресмонро нигоҳ дорад, вале сири ин салибро нигоҳ доштани шумо дар чист? Оё агар ҳазрати Исо бо оташ кушта мешуд, шумо оташпараст мешудед ва ба оташ таъзим менамудед? Оё агар гурге ӯро мехӯрд, пас шумо гургпараст мешудед?

**Роҳиби бузург Спарту:** Аз аввали гуфторат баъзеҳо гумон мекунанд, ки суханонат қонеъкунанда аст ва гоҳо метавон ба он қонеъ шуд, вале агар ҳадафи асосиро дар овехтани салиб медонистӣ, шояд ту ҳам онро дар гардан мекардӣ. Овехтани салиб маънои онро дорад, ки ту мункири зоти худ гаштаӣ. Мо маънои дурусти салибро чунин мегӯям: «**Куштани нафс аз худбинӣ ва худситоӣ»**... Он нафсро, ки иродаи саркашӣ мекунад, мехоҳем онро хам намоем ва дар тоати Масеҳ бигардонем. Ҳар яки мо мегӯем: «На он чиро ки ман мехоҳам, балки он чиро, ки ту, Эй Парвардигор мехоҳӣ». Барои ҳамин ҳам яке аз воҷибот барои ҳар масеҳӣ он аст, ки бо ихтиёри худ ҳамчун рамзи тоат салиб дар гардан дошта бошад.1

1.Аз китоби «Суханронињо дар бораи насроният»,саҳ 104

## *Парастиши бутњо*

**Абўњомид:** Ман мехоњам аз роњиби бузург, Спарту саволе кунам, ки оё бутпарастиро ќабул дорї? Оё медонї, ки дар дунё чї гуна бори аввал мардум ба бутпарастї даст заданд?

**Роњиби бузург Спарту:** Бидуни шак, ту медонї, ки мо парастидани бутро ќабул надорем, зеро мо ва шумо соњиби дини осмонием ва дар ин боб бо њам њељ ихтилофе надорем.**1**Аммо бутпарастї чї гуна пайдо шудааст, барои он ки дар миёни мардум паёмбарон ва бузургоне буданд, ки мардум онњоро бисёр сахт дўст медоштанд. Ваќте онњо мурданд, мардум сурати онњоро кашиданд, то бо гузашти замона онњоро аз хотир набаранд ва баъдтар онњоро њамчун тимсол кашиданд.

**1**.Шояд роњиб Спарту ба дини осмонї будани Ислом эътиќод дошт, зеро аксари ањли насоро дини осмонї будани Исломро эътироф намекунанд.

**Абўњомид:** Оё бо бањонаи номи солињинро фаромўш накардан, метавонем бутњо тарошем? Акнун худ бубинед, ки муљассама тарошидани солињин ба чї анљомид? Дар ибтидо барои онњо њайкал тарошиданд ва кор ба он анљомид, ки он њайкалњоро ибодат намуданд. Њамчунин салиб дар ибтидо рамзи аз худ гузаштан буд, вале имрўз салиб рамзи илоњ гашта, онро ибодат мекунанд? Пас фарќ миёни бутпарастї ва салибпарастї дар чист? Бале, худро мункир шудан кори хуб аст вале оё худро мункир шудан метавонад бо ињонати њазрати Исо (а) сурат гирад? Эй роњиб! Агар дўсти маро ба сабаби ман бо корде бизананд, оё сурати он кордро њамеша дар пеши мошинам нигоњ доштан далели он аст, ки ман худро икор мекунам? Ё ин ки оё ин кор барои ман дар назди њамсар ва фарзандони ў шараф ва обрўст? Чї ифтихорест аз овехтани он, дар сурате ки ќотили ў аз овехтани он фахр мекунад ва ман онро овезон намоям? Бинобар ин, ман аз ту савол мекунам ва хоњиш мекунам ба ман љавобе дењ, ки аќл онро ќабул намояд ва дар он њељ таассуби динї набошад. Касе салибро овезон намуда онро мепарастад, оё ў асбоби љинояти муљриминро намепарастад, ки бо он яке аз бењтарини мардумро куштаанд? Ононе ки бутпарастї мекунанд, дар воќеъ сурати паёбарон ва солињинро

мепарастанд? Бале, ҳарду намуд парастиш ширк овардан аст ба Худованд, вале кадоме аз ин ду хубтар аст? Оё парастидани олати ҷиноят ва ё парастидани паёмбарону солиҳин? Ман туро маҷбур намекунам посухи зоҳирӣ бидиҳӣ, балки барои ман кофист то дар дарунат посух бидиҳӣ.

**Устод Гору:** Бо вуҷуди он чи мебинам, яке аз иҷобиёти ин нишаст дар он аст, ки муставои иштирокчиён нухбагоне мебошанд чӣ дар диншиносӣ ва чӣ дар тиб ва чӣ дар таърих! Вале ман мехоҳам, ки суҳбати мо каме муфассалтар бошад. Ман вақте ба ин қазия назар мекунам, дар миёни мо ҳеҷ омили муштарак намебинам. Мо мегӯем Исо Худо аст ва Шумо мегӯед ӯ инсон аст! Пас чӣ гуна мо бо ҳам метавонем вохурӣ намоем ва чӣ гуна метавонем бо ҳам ба тавофуқе бирасем?

**Абӯҳомид:** Шарт нест, ки бо ҳам ба мувофақа расем. То замоне ки ҳокими асосӣ дар миёни мо ақл аст, бояд ба қаноат бирасем. Бинобар ин, агар мо мунсифона назар кунем ва ба ҳукми ақл розӣ шавем, билохира ба тавофуқе хоҳем расид… Ҳарчи инсон ҳангоми сухан гуфтан ва шунидан бештар ақлашро истифода барад, ба ҳамон андоза аз хатоҳои худ даст мекашад ва ҳақ дар ҳар ҷое бошад, аз он пайравӣ мекунад, ҳатто агар ин ҳақ мухолифи хоҳишот ва ё фарҳанги аҷдодони ӯ ва ҷомеаи ӯ бошад. Ман вақте ин суханро мегӯям, албатта, мекӯшам чунин бошам, зеро ман медонам, ки ин фурсатест шояд нотакрор… Агар аз ин гуфтаҳои худ бартараф шудам, хоҳиш мекунам маро ба хотир андозед.

### ***Даъват ба урозмоӣ гарчанде бо сухан бошад***

Аммо ин ки **Исо (а) Худо бошад,** пас ман аз шумо як саволе мекунам: Худо будани ӯ аз куҷо маълум шуд? Сарчашмаи ин андеша чист? Санаде, ки ин ақидаро собит кардааст, ки Исо (а) **«ПисариХудо аст»,** аз куҷост? Оё замоне ки Исо (а) ба назди мардум омад, онҳоро ба ибодати худ даъват менамуд? Оё Исо (а) танҳо як маротиба ба мардум гуфт: «Ман Худои шумоям ва маро ибодат намоед?».Оё дар Инҷил ин ибораро такроран нагуфтааст, ки «**Ӯ бандаи Худованд аст ва ба сӯи Худованд даъват мекунад ва ин ки Худованд Парвардигори ман ва Парвардигори шумост?».**

Шумо танњо барои ман як мисол аз Инљил оваред, ки ў ба мардум гуфта бошад, ки ўро ибодат намоянд ва ман барои шумо чандин маротиба бештар мисолњо меоварам, ки ў ба мардум гуфтааст, ки Худоро ибодат намоед. Шумо танњо барои ман як мисол аз Инљил оваред, ки ў ба мардум гуфта бошад, ки ў фиристодаи Худо нест ва ман барои шумо чандин маротиба бештар мисолњо меоварам, ки ў ба мардум гуфтааст, ки Худованд ўро њамчун Паёмбар фиристодааст. Эй роњиби бузург Спарту! Оё Исо инро эътироф мекунад, ки пеш аз ў паёмбарони дигаре буданд, ки Худованд онњоро ба сўи мардум фиристодааст, то онњоро аз парастидани ѓайри Худованд рањо созад?

**Роњиби бузург Спарту:** Дар яке аз марњалањо бидуни шак чунин буд ва паёмбарон хело зиёданд.

**Абўњомид:** Пас ин паёмбарон мардумро ба сўи чї даъват мекарданд? Оё паёмбарони пешин мардумро ба сўи парастидани Исо (а)  њамроњи Худованд, даъват мекарданд? Оё онњо дар ин роњ кўтоњї мекарданд ё дар он замон Худо вуљуд надошт? Оё Худованд њанўз номаълум буд ё то он замон ба мартабаи Худої нарасида буд? Оё дигар паёмбарон мехостанд мардумро аз ширк ва парастидани дигар Худоён рањо намоянд, то ин ки Исо (а) омада њамагонро ба ибодати худ даъват намуд? Оё дигар паёмбарон омаданд, то мардумро аз парастидани дарахт, санг ва инсонњо ба монанди Фиръавну амсолаш наљот дињанд, аммо Исо (а) омада мардумро ба одампарастї даъват кунад ва одаме ба сурати Исо (а)?....

Эй устод! Ман аз ту посухи ин саволњоро талаб намекунам, вале бигзор аќл худ ќазоват кунад. Оё Исо (а) ба паёмбарони пешин имон надошт? Оё чунончи дар Ќуръон, Таврот ва Забур омадааст, Исо (а) барои идомаи роњи паёмбарони дигар наомадааст? Оё дар аќл меѓунљад, ки Худованд содиќтарин ва аминтарини мардумро интихоб намуда, онњоро ба сўи мардум фиристад, то ба онњо расонад, ки бояд танњо Худовандро парастанд, вале онњо ваќте ба назди ќавми худ омаданд, ба Худованди худ хиёнат намуда, худро ба љои Худованд хонданд ва аз мардум талаб намуданд, ки дигар набояд чизњоро парастид, балки бояд паёмбаронро парастид? Оё Исо (а) метавонад чунин

бигӯяд? Дар ин љо бояд яке аз ин ду эњтимолро ќабул кард: ё касоне, ки ин ривоятњоро аз номи њазрати Исо (а) мекунанд, дурўѓ мегўянд ва ба Исо (а) хиёнат кардаанд ё худи Исо (а) амонатро хиёнат намуда, аз номи Худо дурўѓњо мегўяд. Эњтимоли дуюм њаргиз њаќиќат надорад, балки дурўѓ сифати касонест, ки аз номи Исо (а) дурўѓ мегўянд.

Мо санаде надорем, ки ривоят аз фалон то фалон то фалон ва то њазрати Исо (а) расида бошад, ки њазарати Исо (а) фармудааст, ки мардум ўро ибодат намоянд, балки барои худи Инљил њам санади пайваста надорем, чунончи дар нишасти сеюм инро донистем. Мо дида будем, ки чї гуна санади Инљил дар чандин мавзеъњо канда мешуд, дар ин санад касоне њастанд, ки ношиносанд, бо вуљуди он ки забони он борњо иваз шудааст. Ваќте ки кор чунин бошад, оё китоби дигари ѓайри таърифшуда аз њазрати Исо (а) ѓайри Инљил вуљуд дорад, ки инро собит намояд? Љавоб: Њељ санади муттасиле нест, њатто дар худи Инљил! Зеро навиштани он танњо баъди 35 сол аз рафтани њазрати Исо (а) оѓоз ёфт. Агар санад канда бошад ва китоб вуљуд надошта бошад, мо маљбурем далелњоро аз дигар љо љустуљў намоем, ки ба Худо будани њазрати Исо (а) далолат кунанд. Мо бењтар аз Таврот наметавонем пайдо намуд, ки шумо онро Ањди Ќадим меномед. Ин Таврот аст, биёед дар он назар афканем, шояд дар он иборае пайдо намоем, ки ба Худо будани њазрати Исо (а) далолат кунад?! Љавоб: Њељ калимае наметавон пайдо кард… Балки акси онро дар бисёр љойњо метавон пайдо намуд. Масалан, «**Њар ки ќурбониро барои Худоён, ѓайри Худованди ягона кунад, њалок мешавад»** (Сифри Хуруљ 22:11).

Ибораи дигареро метавон дар љои дигар пайдо намуд, ки касонеро, ки ѓайри Худоро мепарастанд, аз азоб бим медињад. Мегўяд: «**Ваќте дар миёни ту дар яке аз дарњоят, ки Парвардигор, Худои ту аз он медињад, мард ё зане пайдо шавад, ки дар пеши чашмони Худованд кори бад мекунанд, ањди ўро таљовуз намуда рафта Худои дигареро мепарастанд ва ба он саљда мекунанд, ё ба Офтоб ё ба моњ ва ё ба њар љурми осмонї, ки ман ба он васият накардам ва ту аз он хабардор шавї ва бишнавї ва хуб тафтиш**

**кунӣ ва агар кор яќинан чунин аст ва ин амали бадро дар Исроил анљом дињанд, пас ин мард ё ин занро, ки чунин кори бадеро кардааст, ба сўи дарњоят он мард ё он занро берун кун ва бо санг то мурданаш ўро сангсор намо»** (Сифри Тасния 17/2-5).

Пас ин азобро бар болои кї бояд љорї намоянд? Оё болои њазрати Исо, ки на даъвои Худої дошт ва на аз мардум ибодати худашро талаб намуд? Ё ононеро, ки мардумро бо тўњмат ва њилла ба парастидани Исо (а) амр мекарданд? Бигзор аќл ќозї шуда, худ њарчи хоњад њукм кунад. Акнун биё дар Забур назар кунем, ки оё дар он як калима њам метавон пайдо кард, ки далолат бар он кунад, ки Исо (а) Худо аст? Љавоб: Њаргиз калимаеро наметавон пайдо кард! Оё дар Ќуръон метавон калимае пайдо кард, ки бар Худо будани њазрати Исо (а) далолат кунад? Љавоб: Њаргиз дар Ќуръони карим чунин калима пайдо намешавад, балки дар он чандин оятњоест, ки далолат бар он мекунанд, ки њар касе Исо (а) -ро Худо бигўяд, кофир мешавад. Њамчунин дар Ќуръон оятњоест, ки аз забони худи Исо (а) омадааст, ки дар онњо Худо будани худро инкор мекунад. Шањодат додани Ќуръон мисли шањодат додани Таврот аст дар инкор намудани парастидани ѓайри Худо ва дар ин маъно иборањои Ќуръон хело возењ ва равшантар њастанд. Худованд мефармояд: «**Яќинан кофир шуданд касоне, ки гуфтанд Худо њамон Масењ** (Исо)- **писари Марям аст** (яъне њулул карда, нозил шуда дар љасади вай). **Бигў** (ай Муњаммад (с))**: Кї метавонад аз Худо интиќом бигирад, агар хоњад, ки њалок бикунад Исо ва модарашро, ки Марям аст ва њамаи ононеро, ки дар рўи заминанд? Хоси Худост подшоњии осмонњо ва замин ва он чї дар миёни ин ду аст, меофаринад њар чї мехоњад ва Худо бар њама чиз тавоност**» *(Сураи «Моида», ояи 17).*

Чї гуна метавонад инсон бе далели аќлї ва наќлї љуръат намуда аз номи Худованд ё аз номи Исо (а) ширкро дар дин дохил кунад?...Эй рођиби бузург! Иљозат дењ, то барои ту мисоле оварам дар моликияти хусусї. Агар миёни ту ва њамсояат дар се метр замин ихтилоф бошад ва агар ту бихоњї, ин порчаи заминро дар њавлии худ даровարї, ту њаргиз ин корро карда наметавонї, магар

дар сурате ки исбот намої, ки ин ќитъа аз они туст. Ин корро ё бо овардани аснод мекунї, ки далолат ба мулкияти ту мекунанд ё бо овардани шоњид. Агар ин заминро аз пеши худ ѓасб намуда дар њавлии худ дароварї, дар баробари ќонун љавобгар мебошї… Оё аз рўи аќл аст, ки мо бо ин низом дар чанд метр замин амал намоем, дар њоле ки дар болотарин ќазия ќазияи Худо аз ин услуб даст кашида, барои яке аз бандагони Худо иљозат дињем, то њаќќи холиси Худоро соњиб шавад? Оё аз њикмат нест, ки агар дар дуруст будани соњиб шуданамон дар ин порчаи замин шак намоем, онро ба соњибонаш баргардонем? Агар замини каси дигар ишѓолкарда чун ба мо баргардонида мешавад, розї мешавем, оё њамчунин розї мешавем агар замини дар дасти мо буда ба дигарон баргардад?

## *Ќабул кардани даъвати ба зурозмої*

**Роњиби бузург Спарту:** Ба фикрам ту мегўї мо наметавонем ибораеро аз суханони Исо (а) пайдо намоем, ки дар он худро Худо гуфта бошад ва ё ибораеро, ки Исо (а) ба мардум гуфта бошад «Маро ибодат намоед». Њамчунин мегўї, ки дар баробари он ту метавонї чандин иборањоеро пайдо намої, ки зидди он аст!.... Мебахшед, вале агар ту як нигоњи сариъе дар Инљил мекардї, меёфтї ки Исо  дар бисёр љойњо худро Худо хондааст… Ман пеш аз љавоб доданат хоњиш мекардам, ки Инљилро тањрифшуда нахонї. Ин ќазияест, ки мо дар нишасти сеюм ва чорум ваъда дода будем, ки бар сари он бармегардем. Аммо далелњо барои Худо будани Исо хело зиёд аст. Дар Инљили Мато омадааст, ки Исо аз шогирдонаш чунин савол мекунад: «Кї мегўяд, ки ман писарам барои инсон?». Онњо гуфтанд: «Гурўње мегўянд ту Юњинои Маъмадонї њастї ва дигарон мегўянд ту Илиё њастї ва дигарон Ирмиё ва ё яке аз паёмбарон». Барои онњо гуфт: «Ва шумо дар бораи ман чї мегўед?». Самъон Бутрис посух дода гуфт: «Ту Масињ писари Худо њастї. Њазрати Исо љавоб дод. Хушо ба њоли ту, эй Самъон» (Мато 16: 13-20). Њамчунин дар номаи Полис Лакурнишас омадааст: «Мо як Худо надорем. Падаре, ки њама ашё аз ўст ва мо аз ўем ва Худои якка Исои Масењ, ки њама чиз ба хотири ўст ва мо ба хотири ўем» (номаи Полис Лакурнишас 8:6).

Эй Абўњомид! Ту агар љавоби Исоро барои касоне, ки талаб карданд то Худоро бубинанд, мехондї, он вaќт мефањмидї, ки Исо кист ва Худо кист? Ва аз мо дархост намекардї, то далелњо оварем. Ин дархости ту далолат ба он мекунад, ки дар бораи китобњои мо маълумоти кофї надорї. Исо дар исњоњи чордањуми Инљили Юњино дар љавоби ононе, ки мехостанд Худоро бубинанд, чунин гуфта буд: «Он касе, ки маро дидааст, Ў падарро дидааст. Пас чї гуна ту мегўї ба мо падарро нишон дењ. Оё ту имон надорї, ки ман дар падарам ва падар дар ман аст?». Дар Инљили Юњино аз исњоњи дањум дар сухани Исо омадааст, ки мегўяд: **«Ман ва Падар як њастем».** Оё ин њама барои ту кофї нест, то имон оварї ба якто будан?!...

Эй Абўњомид! Инњо њама кофї нест, то дигар аз мо далелњо напурсї?

**Абўњомид:** Дар ин њама далелњо, ки овардї, якеяш њам далолат бар он намекунад, ки Исо (а) Илоњ аст ё Аллоњ. Дар њељ далелњои овардаат Исо (а) ба касе нагуфтааст, то ба љои Худованд, ўро ибодат намоянд. Бо вуљуди он ки ман њанўз овардани далелро талаб мекунам, вале мехостам як чизро аз роњиби бузург пурсон шавам ва он ин аст, ки агар ман далелњои ќуръонї наорам ва бањсро аз рўи боварии исломиям наорам ва танњо ману ту рў ба Инљил оварем, оё ба ин розї мешавї?... Оё ман аз рўи инсоф кор кардаам?

## *Эй фарзандам*

**Роњиби бузург:** Бале, бидуни шак, вале барои рад кардани Худогии Исои Масењ чї далеле метавонї пайдо намої, дар њоле ки худи ў мегўяд: **«Ва Худои ягона Исои масењ»** ё монанди ин?....!

**Абўњомид:** Пеш аз он ки мустаќиман вориди муноќишаи гуфтањои ту гардем, ман аз ту иљозат мепурсам, то аз ту саволи шахсї намоям, ки ба тартиботи ин нишаст рабт дорад ва он ин аст: Ту њоло дар миёни ин њама роњибони муњтарам бузург мебошї, чи дар сол ва чи дар рутбаи динї ва илмї. Вале мушкили ман дар он аст, ки ман номи туро гоњо фаромўш мекунам ва ваќте номатро дар ваќти сўњбат фаромўш мекунам ва мехоњам туро фарзанди

калисо бихонам, вале дар фикр меафтам, ки мабодо бо ин ном хондани ту ќадратро паст кунад. Бењтар ту худ бигў кадом номро меписандї?

**Роњиби бузург***:* Номи ман Ритчард мебошад, вале агар маро фарзанди калисо бихонї, хело хушњол мешавам ва бешак њар як роњибро писанд меояд, агар ўро писари калисо бигўянд ва гумон мекунам ту њам хушњол мешавї, агар ман туро фарзанди масљид ва ё фарзанди Ќуръон хонам. Оё чунин нест?

**Абўњомид:** Инак ту ва дигар роњибон, ман ва дигар устодони дар ин нишаст њузурдошта шањодат медињем, ки ин ном барои мо ифтихорист бо вуљуди он ки на калисо ту ва дигар роњибонро зодааст ва на масљид маро. Агарчи калисо барои ту на модар аст ва на падар, вале агар туро фарзанди калисо гуфтанд, ифтихор мекунї… Пас чаро Исо (а) ифтихор накўнад агар ўро фарзанди Худо хонанд, бо вуљуди он ки Худованд на ўро зодааст ва на дигареро, њамчуноне ки калисо туро назодааст ва масљид маро?!

Оё ту бо ман акнун њамфикр шудї, ки ин номгузорї танњо ташрифотист?... Оё мантиќи аќл ба ин далолат намекунад, ки онро олиму љоњил медонад? Мантиќе, ки дар њама давру замон онро кор мефармоянд. Ањёнан устод ба шогирдонаш хитоб намуда мегўяд: «Эй писар!», ё «Эй фарзанд!», њамчуноне ки Полис ањолии Куренсусро дар номааш хитоб мекунад, ки **«Ман ба сўи шумо Батимусовсро фиристодаам, ки ў писари дўстдоштаи ман аст»** (Куринсус аввал 4/17.)

Њамчунин марди солхўрда ба тифли хўрдсол, ки ўро нашиносад мегўяд: Эй писар! Ё хўрдсонон ба калонсолон мегўянд: Эй падар ё эй модар… Оё ба мањзи чунин нидоњо ин тифлон фарзанди онњо мегарданд ва ё он калонсолон барои ин кўдакон падар мешаванд?.... Ин чизест, ки њељ оќиле онро ќабул надорад!

Аммо далелњои ту аз он чи дар Инљил омадааст аз ин ки њарки Исоро дидааст, гўё Худоро дида бошад ва сухани Исо бар ин ки «**Оё ту имон надорї, ки ман дар падарам ва падар дар ман аст**», дар ин њам ман талаб мекунам,

ки то аќламонро ба кор орем ва хоњиш мекунам то ба тарзи истифодаи калимањо андеша намоем. Њамчунин ќазовати тамоми динњои осмониро талаб мекунам. Дар чунин њолат хоњї дарёфт, ки фањми нодурусти калимањо шуморо дар иттињод ва љисмсозї расонидааст.

Эй рољиб! Оё боре нашунидаї, ки падар ба писар мегўяд: «Ту дар дили ман астї». Оё нашунидаї мањбуб ба мањбубаи худ мегўяд: «Ту љони ман астї ва ту чашми ман астї». Оё дигар иборањое ба монанди инњо нашунидаї? Дар ин њангом тарафи дигар њам дар љавоб мегўяд: Њамчуноне ки ман дар дили ту њастам, ту низ дар дили ман њастї, ту низ дар чашми ман њастї ё монанди инњо.

Оё маќсади яке аз онњо бо ин иборањо он аст, ки мухотаб аз як њолат ба њолати дигар бояд мубаддал гардад, њатто дар дили дигаре воќеан ворид шавад? Ё дар љони њамдигар дароянд? Ё дар чашми ў дарояд? Оё оќил чунин гумон мекунад? Агар ин фикр дар миёни инсонњо ба ин тариќа сурат бигирад оё чунин бовар надоред, ки мuњаббати Исо (а) бо Худои худ бештар аст аз муњаббати инсонњо бо њамдигар ва муњаббати Парвардигор низ бо паёмбараш Исо (а) хело бузург буд. Чаро ин њама муњаббатро наметавон бо чунин иборањо баён намуд?

Он чизеро, ки ту барои муњаббати Исо (а) бо Парвардигораш меорї, ин муњаббат бо њамаи паёмбарон буд. Башарият дар њама давру замон аз ишќу муњаббати худ чунин таъбирњо мекард. Чунин таъбирњо дар шеър, хутбањо ва маќолањо хело зиёданд. Ваќте ошиќ ба маъшуќаш мегўяд, ки ту ман бошию ман ту, оё ин маънои иттињоди љисмро дорад? Оё шоир бо чунин шеъри худ маќсад дорад, ки мањбубааш дар љисми ў ворид шудааст ё дар дохили чашми ў даромадааст ва он љоро барои худ макони зист интихоб намудааст?

Агар як гузари сариъе аз китобњои осмонї кунем, мебинем, ки он чизеро шумо дар он сохтаед, касе насохтааст. Иборањои ба ин маъно монанд дар китобњои осмонии дигар низ вуљуд доранд. Њазрати Довуд (а) Парвардигори худро мунољот намуда чунин мегўяд: **«Бигзор таваккулкунандагони бар Ту**

**барои њамеша хурсанд гарданд ва шодї намоянд ва Ту дар онњо фурў ої ва онњо ифтихор намоянд»** (Мазмури панљум).

Оё шумо њељ як яњудиро шунидаед, ки даъво кунад, ки Худованд дар паёмбарашон њазрати Довуд (а) ё дар таваккалкунадагон даромадааст?... Мо мусалмонон њам њадиси бузурге аз Паёмбарамон, њазрати Муњаммад (с) дорем, ки мефармоянд: ***«Худованд фармудааст: Њарки бо дўсти Ман душманї намояд, Ман ба љанги ў бармехезам. Бандаам бо чизе ба Ман наздик намешавад он миќдоре ки бо фарзкардањоям наздик мешавад. Банда бо нафлњояш то рафт ба Ман наздиктар мешавад, то ин ки ўро дўст медорам. Ваќте ўро дўст доштам Ман гўшаш мешавам, ки бо он мешунавад, ва чашмаш мешавам, ки бо он мебинад, ва дасташ, мешавам, ки бо он кор мекунад ва ќадамаш мешавам, ки бо он меравад. Агар аз Ман чизе пурсад, барояш медињам ва агар дар панoњамояд, ўро дар паноњ мегирам. Ман дар њељ коре, ки анљом медињам, тардид намекунам, њамчуноне ки барои гирифтани љони мўъмин тардид мекунам, ки ў маргро бад мебинад ва ман азияти ўро»***[1]**.**

Оё мусалмонон аз њадиси шариф инро бояд бифањманд, ки Худованд дар инсон медарояд, ва Худованд дар даруни гўш ва даруни чашмаш мадарояд, ва дар дигар аъзои инсон љойгир мешавад?

Дар њадиси дигараш њазрати Муњаммад (с) мефармоянд: *«Њамоно, Худованди азза ва љал дар рўзи ќиёмат мегўяд:* ***«Эй фарзанди Одам! Ман бемор будам, чаро ба аёдатам наомадї?».*** *Банда мегўяд: «Худоё, чї гуна ба аёдатат равам, дар њоле ки Ту Парвардигори оламиён њастї?». Мегўяд:* ***«Оё надонистї, ки фалон бандаи Ман бемор буд ва ту ба аёдати ў нарафтї? Оё намедонистї, ки агар ба аёдати ў мерафтї, Маро дар назди ў меёфтї? Эй фарзанди Одам! Чаро Ман аз Ту таом хостам ва ту ба Ман таом надодї?».*** *Банда мегўяд: «Худоё, чї гуна ба Ту таом бидињам, дар њоле ки Ту Парвардигори оламиёнї?». Мегўяд:* ***«Оё надонистї, ки фалон бандаи Ман аз ту таом хост ва ту ба ў таом надодї?. Оё намедонистї, ки агар ба ў таом***

[1] **Бухорї, њадиси 6137**

***медодї, онро дар назди Ман меёфтї? Эй фарзанди Одам! Чаро Ман аз ту об хостам ва ту ба Ман об надодї?»*** *Банда мегўяд: «Худоё, чї гуна ба Ту об диҳам, дар ҳоле ки Ту Парвардигори оламиёнї?» Мегўяд* ***: «Оё надонистї, ки фалон бандаи Ман аз ту об хост ва ту ба ў об надодї? Оё намедонистї, ки агар ба ў об медодї, онро дар назди Ман меёфтї?»***[1]**.**

Оё мусалмонон наметавонистанд монанди масеҳиёни ифротї аз ин ҳадис эҳтимоли фаромаданро бикунанд?... Ҷавоб: Албатта, не! Зеро на аќл онро ќабул дорад, на урфият ва на фаҳми дуруст. Зеро агар Худованд фаромаданро маќсад медошт, мегуфт: **«Агар ба аёдати ў мерафтї, Маро дар дохили ў медидї»,** вале гуфт: **«Агар ба аёдати ў мерафтї, Маро дар назди ў меёфтї».**

Агар маќсади иттиҳод мекард бояд мегуфт: **«Агар ба ў таом медодї, ба Ман таом медодї»,** вале гуфт: «**Агар ба ў таом медодї, онро дар назди Ман меёфтї».** Албатта, миёни ин ду ибора фарќият хело калон аст. Агар маќсади иттиҳод мекард, бояд мегуфт: **«Агар ба ў об медодї, ба Ман об медодї»,** вале гуфт: **«Агар ба ў об медодї, онро дар назди Ман меёфтї».** Аммо он далели ту, ки Исо (а) фармудааст: «**Ман ва Парвардигор як аст»,** агар билфарз чунин гуфта бошад ҳам, пас ман намедонам оё агар дар маконе ту гуфта бошї, ки ман ва фарзандам як ҳастем ва ё ман ва шарикам як ҳастем, оё ин маънои онро дорад, ки шумо ду нафар як шахс шудед? Мо ва тамоми оќилон аз суханоне, ки Худованд ба Исо мегўяд ва ё Исо ба Худои хеш мегўяд, ба ѓайр аз муҳаббати зиёд, ки байни ин ду буд, чизи дигареро намефаҳмем. Муҳаббате, ки аз тамоми муҳаббатҳо бештар буд. Муҳаббати дигар паёмбарон низ ба ҳамин тариќа буд. Барои ҳамин аст, ки он касе, ки Исо (а)-ро розї мекунонад, гўё Худоро розї гардонидааст ва он ки Исо (а)-ро дар ѓазаб орад, ў дар ҳаќиќат Худоро ба ѓазаб овардааст. Ин равшан аст ва ҳоҷат ба тавзиҳ нест. Худованди мутаол дар Ќуръон ҳам оятеро ба ҳамин маъно оварда, ҷое мефармояд: «**Ҳарки Паёмбарро итоат кунад, дар ҳаќиќат Худоро итоат кардааст»** (Сураи «Нисо»).

---

[1] Муслим, ҳадиси 2569

Мардум дар урфият мегўянд фалонї бо фалонї якљоя шудан дорад. Оё аз ин ибора бояд чунин бифаҳмем, ки ин ду дар ҳамдигар об шудаанд ва ё аз ин ибора инро мефаҳмем, ки байни ин ду нафар иттифоќ ва ҳамкорї ва дўстї ба вуљуд омадааст? Агар ин ибораҳоро дар ҳаёт татбиќ намоем, аљоибу ѓароибҳое ба вуљуд меояд, ки онро дар хаёл метавон тассаввур кард ва дар филмҳои мултикатсионї низ. Дар ин ҳолат маљбур мешавї агар мардеро шунидї мегўяд ин сагро ман дўст медорам ва он дар дили ман аст, бояд ин мард бо он саг як шавад. Ва агар гурўҳе аз ҳаводорони ќасри варзишие ҳангоми тамошои тими дўстдоштаашон ҳамагон садо бароранд, ки ин аст тими дўстдоштаи мо ва ин даста зиндагї ва љони мост ва дар дили мост… оё лозим мешавад, ки ин ҳама ҳаводорон бо бозингарон дар як тан ворид шаванд? Агар мо чунин ҳукм намоем, оё оќилонро аз он ханда намеояд?!...Пас шумо чї гуна дар чунин ҳолатҳо аз ќазияҳои оммавї мегурезед, вале аз болотарин ќазияе, ки мо атрофаш баҳс дорем, хандаатон намеояд?!...Худи ҳамин матлаб аст, ки шуморо гирифтори ќиссае намудааст, ки дар он аќли башариятро иҳонат мекунед ва онро **«Шомхўрии Худої»** номидед!...

## ***Шомхўрии Худої***

**Роҳиби бузург Ритчард:** Эй Абўаҳмад **«Шомхурии Худої»** чї хатое дорад? Ту марде мебошї, ки он чиро дар дини мо омадааст, эҳтиром мекунї, вале ончи дар дини худи шумост, бештар эҳтиром мекунї. Дар дини мо далелҳое ҳаст барои барпо намудани **«Шомхўрии Худої»**, ки он ќавитарин робитаро дар миёни масиҳиён эљод мекунад!... Шумо мегўед, ки ў Паёмбар аст ва мо мегўем ў Худо аст, вале ин алоќаро мустаҳкам намудан кори бузург аст. Аз тарафи дигар ин корест, ки тамоми Инљилҳо бар он иттифоќ кардаанд ҳамчунин дар ин хусус ривоятҳо аз худи Исо омадааст. Дар Инљили Мато чунин омадааст: **«Исо дар рўзи ид дар маконе буд ва дар даст порае нон ва косаи араќ дошт. Пас гуфт ин порае аз гўшти ман аст ва араќ хуни ман аст»** (Инљили Мато Исҳоҳ 26)

Эй Абўњомид! Биёед бо баракати ин **«Шомхўрии Худої»** ба ќуллаи таслимшавї бароед, ва агар онро месанљидї, он гоњ баракати онро эњсос мекардї.

Дар Инљили Юњино омадааст (6/51:53-60): **«Исо ба яњудон хитоб намуда гуфт: Ман нони њаётам. Агар касе аз ин нон хўрад, барои њамеша зинда мемонад. Ва нонеро, ки ман медињам, он тани ман аст». Пас яњудон ба њам ба љанг афтоданд, дар њоле ки мегуфтанд: «Ў чї гуна метавонад барои мо љасади худро барои хўрдан бидињад?» Пас Масињ ба онњо гуфт: «Агар шумо љасади фарзанди одамро нахўред ва аз хуни ў нанўшед, пас барои шумо зиндагї нест, аз миёни шумо њарки аз тани ман мехўрад ва аз хуни ман менўшад, барои ўст њаёти љовидона. Зеро љасади ман хўроки њаќ аст ва хуни ман нўшобаи њаќ. Њар кї аз љасади ман бихўрад ва аз хуни ман бинўшад, вориди ман мешавад ва ман вориди ў мешавам. Њамчуноне ки маро падари зинда фиристодааст ва ман бо падар зиндаам. Пас, њарки маро бихўрад, пас ў бо ман зинда мемонад». Пас бисёре аз шогирдонаш гуфтанд: «Ин суханест, ки чї касе метавонад онро бишнавад?». Пас бисёрињо аз сўњбати ў бозгаштанд»**.

Аљибаш дар он аст, ки шумо мусалмонон асарњои Паёмбари худ, Муњаммадро табаррук медонед ва аз боќимондаи оби тањораташ менўшед ва ё мисли ин. Пас чаро **«Шомхўрии Худої»-**и моро инкор мекунед?!...

**Абўњомид:** Эй рožиби бузург! Росташро бигўям, агар ман мехостам ба ин ибодати шумо бо чанд нуктаи алоњидае посух бидињам, пас шумораи нуктањо ба беш аз сад мерасид, вале ман аз он метарсам, ки эътирози кўтоњи худ ва посухи дарози маро дида, боз даъво мекунед, ки ваќти зиёди худро сарф намудї.

**Рoњиби бузург Ритчард:** Мутмаин бош, ки чунин намегўем... Инсоф њам дар он аст, ки яке аз лавозимоти посух он аст, ки одатан аз савол дарозтар аст. Кор њамеша чунин аст, њатто дар посухи талабагони мактабњои ибтидої ба вараќањои имтињоноти худ. Аз тарафи дигар табиати эътирозњо ва шубњањо

ва мушкилоти мо њам њамин аст… Оё касеро метавон айб гирфт ба ин ки аз худ дифоъ мекунад? Вале бо вуљуди ин хоњиш мекунам посухатро дар бораи **«Шомхўрии Худої»** дароз макун, зеро асл дар он аќидавист на аќлї.

***Фарќ миёни табаррук то табаррук***

**Абўњомид:** Аз шумо ташаккур мекунам, ки баён намудед, ки чаро љавоб бояд дароз бишавад. Барои дароз кардан сабаби дигаре низ вуљуд дорад ва он ин аст, ки дин дар њаёти шумо њељ ќимате ва бо аќлњоятон робитае надорад. Дин барои шумо такрори иборањоест, ки гузаштагонатон гуфтаанд.... Шумо дар бораи дини худ њаргиз аз аќл истифода намекунед ва агар аз аќл истифода баред, аз динатон чизе боќї намемонад. Зеро аќл онро рад мекунад. аммо дин дар назди мо тамоми њаёти мост, њаёт бо њама мазмунаш, дунё ва охират. Њар нуќтае дар дини мо бо аќл мухолифат намекунад ва бо аќл њамаљињата созгор аст. Барои њамин тасавур кун, ки агар ин њамаро шарњ дињам, чї тавр сухан дароз мешавад. Вале барои эњтироми пешнињоди ту дар бораи «**Шомхўрии Худої»** мекўшам бисёр кўтоњ посух ва онро дар чанд нукта шарњ дињам:

**Нуќтаи аввал:** Чунончи гуфтї, мо Паёмбари худ (с)-ро муборак мешуморем ва оби тањоратašро табаррук мењисобем, оё миёни ин табаррук њисобидани мо ва **«Шомхўрии Худої»**-и шумо иртибот ва шабоњат меёбї? Оё њељ шунидаї, ки мусаломоне гуфта бошад, ки хуни Паёмбар (с) ё гўшташ дар хуни ў мегузарад, агар об ва ё араќ нўшад. Ё чизе бихўрад, либосе бипўшад, аз љой бархезад, кори муайянеро аз корњои Паёмбар (с) анљом дињад? Коре, ки шумо анљом медињед, дар куљост ва сухани Паёмбар (с) дар куљост? Замоне ки марде ба наздаш омада гуфт: «Он чиро Худо хост ва ту хостї». Пас Муњаммад (с) ба ў гуфт: ***«Оё маро шарики Худованд ќарор додї?».*** Дар ривояти дигаре гуфт: ***«Балки бигў он чиро тањо Худо хост».1***

*1. Муснади имом Ањмад(1/283).Шуъайб Арнаут онро њасанун лиѓайрињи гуфтааст.*

Ин кори шумо куљо ва ин сухани Паёмбар (с) куљост? Ваќте ки марде ба ў гуфт: «Аз Худо барои мо борон талаб кун! Пас мо туро шафиъи Худо ќарор медињем ва Худоро шафиъи ту». Пас, Паёмбар (с) ба ў гуфт: ***«Худованд бузургтар аз ин аст, вой бар ту. Оё медонї Худо чист?».1***

*1.Абўдовуд риоят карда(4726), Ибни Таймия ва Њофиз Ибни Њаљар онро њасан гуфтаанд.*

**Нуктаи дуюм:** Эй роњиб! Биёед, то аќлњои худро, ки бо њам розї шудем, аз он истифода намоем, ин љо ба кор барем ва онро дар њама чиз дар миёни худ довар ќарор дињем. Биёед, дар мавзўи **«Шомхўрии Худої»** аз аќлњои худ истифода барем. Оё аз ин њам сурати бадтар мешавад, ки шумо њазрати Исоро дар рўзи ид чунон намоиш дињед, ки дар дасти ў косаи араќ аст ва ў мардумро ба нўшидани он ташвиќ менамояд? Бо ќиссањои бофта, ки гўё араќ ба хуни Худо мубаддал мешавад!... Хуни Исо …! Пас кї таманнои онро намекунад, ки дар рагњояш хуни Худо љорї бошад? Баъди ин њама на танњо Исо худ менўшад, балки фармон медињад то њама бинўшанд. Ў тамоми пайравонашро амр мекунад, ки ин корро то рўзи ќиёмат идома дињанд. Оё шумо метавонед тасавур кунед, ки ин васияти Исо бошад? Васияти араќнўшї барои ту ва барои фарзандонат? Акнун њол чи мешавад ваќте фарзандони ту бихоњанд араќ бинўшад ва ту онњоро манъ намудї ва гуфтї араќ ба дил, хун ва љигар зараровар аст?  Пас онњо барои ту бигўянд мо онро дар ин рўз барои он менўшем, ки Худованд фармудааст?!... Кор чї мешавад, агар фарзандони ту баъди ин ба араќнўшї одат намоянд ва майзада шаванд?

Аз тарафи дигар ин чї ињонатест ба њазрати Исо (а), ки шумо алоќаи ўро бо пайравонаш дар асоси мастию ифлосї ба роњ мемонед?!... Лазате, ки аќли инсонро, ки он бузургтарин имтиёзоти инсон аст ва њатто рамзи инсоният аст, мебарад?

**Нуктаи сеюм:** Эй роњиб! Ман мехоњам саволе бикунам: Кї дар кї ворид мешавад? Оё нон ба Исо мубаддал мешавад ё Исо ба нон мубаддал мешавад? Ё Исо дар дасти роњибе, ки **«Шомхўрии Худої»**-ро таќдим мекунад, ба нон мубаддал мешавад, ваќте ки онро хўрд, дар дохили он ки араќ менўшад ва нон мехўрад, ин нон ба Исои њаќиќї мубаддал мешавад? Оё баъди ин њамон нону араќ баъди он ки дар дохили инсон мешаванд ба Исо мубаддал мешаванд, ва баъди он Исо (а), наъузу биллоњ, ба align="justify" онч аз одам мебарояд, мубаддал мегардад? Ин дар куљо рост меояд? Шумо бо эњтимолоти калимањои китоби

худ њамеша дар доми омехта шудан меафтед. Гоњо фирефтаи ибораи **«Худо дар ман аст ва ман дар Худоям»** гашта, ба доми омехта шудан афтидед, гоњо фирефтаи ибораи **«падар ва писар»** гашта, такя бар маънои зоњирї намуда, ба доми иттињод гаштед, гоњо ќазияи ин ки **«Исо каломи Худост»** пас ў порае аз Худост гуфта, ба доми иттињод афтидед, гоњо ибораи **«Рўњи муќаддас»** шуморо иљозат дод, то боз иттињод гўед. Ва... ва…. Ман кўшидам исбот намоям, ки дар шариати шумо ин коратон хатост ва аз аќл бароятон далел овардам. Акнун Шумо омада мегўед: «Исо худаш дар љисми мо љорист!»…

**Нуктаи чорум:** Шуморо ба Худо савганд медињам, оё бо иќрори худи шумо Исо љасад нест?!...Оё шумораи шумо ба њаде нарасидааст, ки дигар наметавон њисобашро донист? Пас чї гуна дар аќл меѓунљад, ки як љасад дар ин њама љасадњо њаќиќатан ворид шавад?... Шумо метавонистед чунин бигўед, ки ворид шудан ба маънои даромадани муњаббат, вафо, баракат ё монанди он аст, вале иборањои Инљил ба таври ошкоро баён мекунад, ки нон дар тану љисми њар як масењї даромада ба Исо мубаддал мешавад. Оё мехоњед иборањои дигареро аз Инљил бароятон ќироат намоям ё ба он чи гуфтам, иктифо намоям?!...Оё ибораи сохта чунин намегўяд, ки нон табдил меёбад?.... Ваќте нон дар дасти роњиб ба Исои њаќиќї мубаддал шавад ва ин роњиб нонро ба порањои хўрд шикаста, таќсим мекунад, дар ин сурат ё Исо чанд пора мешавад ва ё њар пора як Исо мешавад. Агар Исо чанд пора шавад, пас хўранда як Исои комилро нахўрдааст ва дар сурати дуюм, ки њар пора як Исо шавад, пас ин њама Исоњо аз куљо омаданд? Бо вуљуди он ки роњиб њангоми пешкаш намудани пораи нон як масињиро дар назар дорад. Оё каме дар ибораи дар Инљиломада андеша кардаед ва аз аќли худ истифода намудаед? Чаро ба ин иборањо маънои зоњирї медињед, дар њоле ки зоњираш њама ботил аст?

**Нуктаи панљум:** Агар **Шомхўрии Худої»**, ки андаке пеш аз ба дор овехтанаш сурат гирифта буд, худи Исои кушташудаи дар дор аст, чунончи шумо аќида доред. Аз ин лозим меояд, ки барои рањо бахшидани олам њамин кофист. Пас њољат бар он нест, то бори дигар бар болои чуби дор бо дасти яњудон кушта шавад. Зеро ба аќидаи онњо Исо ба ин олам танњо барои он

омадааст, ки бо як бор кушта шуданаш оламро наљот бахшад. Ў наомадааст, то чандин бор такроран ранљ кашад, њамчуноне ки ибораи охири боби нўњуми рисолаи ибронї ба он далолат мекунад.

**Нуктаи шашум:** Оё дар аќл дуруст меояд, ки он касеро, ки мепарастї, онро бихўрї ва ё дар зењн оварї, ки ту гўшташро мехўрї ва аз хунаш менўшї ва устухонњояшро мешиканї, танњо ба хотири он ки аз баракати ў бархўрдор шавї? Агарчи ин кор танњо тавассути эњсос сурат бигирад, вале набояд ба худ иљозат дод, то бо Парвардигорат чунин корро анљом дињї. Оё метавонї ин корро аз рўи баракат ва ё муњаббат бо падари аз дунёгузаштаи худ кунї? Маълум аст, ки яке аз пасттарин сифати одамизод ин аст, ки ўро одамхўр ва ё хунмак номанд. Булис ин шомхўрии бадро дар аќидаи масињиён даровардааст, њамчуноне ки таому шаробро дар шиками онњо даровардааст. Булис мубтакири ин бидъат бо номи «Шоми Худої» дар номаи авваллини худ ба ањолии Коренсус мегўяд: **«Љоми баракат, ки бо он баракат мебахшем, оё он ширкати хуни Исо нест? Ноне, ки мо онро мешиканем, оё он ширкати тани Исо нест?»** (Исњоњ – 10/16)

**Ронњиби бузург Ритчард:** Эй Абўњомид, ман аз ту хоњиш мекунам, ки аз сўњбатњои шаръї ба сўњбатњои аќлї ва оммавї нагузарї ва аќлу мантиќро болои мо тањмил накунї… Мо олимони насронї маќсад аз ин хитобњоро бењтар медонем... Чизи дигаре, ки хело ањамият дорад, он аст, ки њамчуноне бо хитоб намудан бо ибораи «Эй писари ман!» метавонад маќсад ѓайри фарзанд бошад, њамчунин бо ин хитоб метавонад маќсад фарзанд бошад ва чунин њам омадааст… Балки асли маънои «Эй писари ман!» ё «Эй падари ман!» бояд маънои њаќиќии он бошад. Чунончи ќоидаи машњур ва маълум аст, ки калимаро ва ибораро набояд аз маънои њаќиќии он ба дигар тараф баргардонем, магар дар њолатњо ночорї… Бинобар ин, бо њамин маънои њаќиќї мо Инљилро мехонем ва бо њамин маъно онро мефањмем. Аз тарафи

дигар ту худ розї будї, ки Инљил дар миёни мо њоким бошад. Пас бояд, онро ќабул намої.

**Абўњомид:** Љаноби роњиби бузург! Хоњиш мекунам  ту набояд њар гоњ корњо бароят мушкил бошад, бикушї то аќлро як тараф бигзорї. Ту набояд ба мо бигўї «Аз доираи сўњбатњои шаръї ба сўњбатњои аќлї ва омї нагузарї ва аќлу мантиќро болои мо тањмил накунї…». Њамчунин аз ту хоњиш дорам, ки аќли худро аз дигарон болотар тасаввур макун. Инљил, Таврот ва Ќуръон ба сўи табаќаи махсус равона нашудааст, ки дорои аќлњои хосса бошанд. Забоне, ки Инљил, Таврот, Забур ва Ќуръон бо он њарф мезананд, забонест, ки онро оммаи мардум мефањманд ва он забони тозае нест, инчунин он забони махсуси роњибон нест. Ман дар ин боб саволе мекунам: Оё аќл инро ќабул дорад, ки аз ин њама далелњои зиёд барои ту аз Инљил як далеле њам пайдо нашудааст, ки мурод аз хитоби Худованд ба њазарати Исо (а) бо ибораи **«Эй писарам ё эй фарзандам!»** ташрифотист, на нисбат додан ба Худо?!

Не! Боз њам не! Ин аз доираи аќл дур аст! Ман аќлњои шуморо болотар аз он мебинам, ки чунин далелеро пайдо накарда бошанд. Вале ба гумони ман сабаби ин суханони шумо бо вуљуди дидани њама далелњо он аст, ки чун дар навбати аввал ин ибораро бароятон гўшзад намуданд, аз њамон лањза барои шумо маънои онро фањмонидаанд. Њамчуноне ки иборањо дар зењнњои шумо даромадааст, маънои он низ дар зењнатон наќш бастааст. Шумо наметавонед аз он маъное, ки ба шумо фањмонидаанд, берун шавед … Ин мафњум дар зењнњои шумо аз наслњо мондааст!... Ва илло ман метавонам барои шумо чанд ибораи равшан ва возењро аз Тавроти Ањди Ќадим оварам, ки ошкоро далолат бар он мекунанд, ки мурод аз хитоби Худованд барои Исо (а) бо ибораи **«Писар»** фарзанди њаќиќї нест… Хоњиш мекунам, агар ту иловае дошта бошї, метавонї њамон лањза ворид намої. Ман њам мехоњам њангоми њар савол иќрори туро бубинам ва њамин кофист, ки ба љои иќрор сукут намої! Аммо ман бошам њар гоњ ба чизе ќонеъ шавам, иќрори худамро ошкор менамоям.

Љанобон роњибон! Оё шумо даъво мекунед, ки њазрати Довуд (а) писари Худо буд?

**Роњиби бузург Ритчард:** Албатта не! Вале ў аз тарафи модарї бобои Исо буд.

## *Писари бузургтар*

**Абўњомид:** Модоме ки шумо Довудро писари Худо намегўед, пас дар ин ибора чї аќида доред, ки Худованд Довудро хитоб намуда чунин мегўяд: **«Ту фарзанди ман њастї ва ман имрўз туро зодаам»** (Ањди Ќадим сањ. 834)

Дар Таврот омадааст, ки Худованд ба њазрати Мўсо мегўяд: **«Пас та барои Фиръавн мегўї, Парвардигор чунин мегўяд: Исроил писари ягонаи ман аст»** (Сифри хуруљи исњоњ 4/22) Монанди чунин иборањо дар ањди ќадим хело зиёданд... Ваќте Исроил писари ягонаи Худо бошад, оё Исроил аз миёни дигар фарзандонаш хубтар нест?[1]

Њамчунин дар Таврот омадааст: **«Ва барои ман гуфт: Њамоно, ки писари ту Сулаймон хонаи ман ва кишвари маро месозад. Зеро ман ўро барои худ писар интихоб кардаам ва ман падари ў мебошам»** (Сифри ахбори рўзгори аввал 27/6).

Пеш аз он ки роњиби бузург эътирозњо намояд, мехостам шумо, ки пойбанди Инљил мебошед, як нигоње ба Инљил намоед ва каме андеша кунед, ки дар Инљил аз забони Исо (а) њангоми хитоб ба асњобаш чї мегўяд: **«Њамоно падари шумо, ки дар осмонњост»**… Пас он на танњо падари Исо (а) будааст… балки он падари њамаи онњое будааст, ки Исо (а) ба онњо хитоб мекунад. яъне онњо њама Худоянд? Ё дар њаќиќат фарзандони Худоянд?...

Балки дар љои дигари Инљил мебинем њазрати Исо (а) худро бо дигарон њамроњ намуда, дар писар будан нисбат ба Худованд баробар намудааст. Ў мегўяд: **«Ман ба тарафи падари худ ва падари шумо ва Худои худ ва Худои шумо мебароям»** (Мато Исњоњ 20/18).

[1] Ин ибора аз китоби «Албахил» таълифи Љаъфарї истифода шудааст.

Дар ин ибора Исо (а) њељ мањоле барои тафсири писар буданро нагузошта њар киро, ки мехоњад онро аз маънои њаќиќияш дур намояд, рад мекунад. Ў худ ва шуморо бо ибораи ошкоро писари Худо хонда, мегўяд **«Падари ман ва падари шумо»**. Њамчунин инро рад мекунад, ки ў фаќат Худои ўст ва мегўяд: **«Худои ман ва Худои шумо».** Аз ин бармеояд, ки ў бо шумо дар ду чиз баробар аст, ки њар ки яке аз ин дуро ќабул мекунад, бояд дигареро низ ќабул намояд ва миёни онњо фарќият нагузорад. Њарки даъво кунад, ки Исо писари Худост, бояд инро низ аќида намояд, ки асњоби ў низ писарони Худо буданд ва њамчунин дар Худо будан ва дар банда будан… Оё ин кофї нест?

Агар як назаре дар аввалин васиятњои «Инљили Мирќас» (12:28-30) намоем, аз он тафсири зеринро метавон ёфт: Дар боби дувоздањуми Инљили Мирќас чунин омадааст, ки аз Исо ривоят мешавад: **«Пас яке аз котибон омаданд ва аз он шунид, ки бо њам сўњбат мекарданд. Ваќте дид, ки ў ба онњо љавоби хуб дод, аз ў савол намуд: Кадом васият аст аввали њама? Пас Исо ба ў посух дод, ки аввалини васият ин аст: Бишнав, эй Исроил! Парвардигор, Худои мо Парвардигори ягона аст. Ту Парвардигор, Худоятро бо тамоми дил, бо тамоми љон, бо тамоми фикр ва бо тамоми ќудратат дўст медорї. Ин аст васияти аввалин».**

Њозирини гиромї маро иљозат медињанд, то дар бораи Исо (а) тањдидан тавњидро баён намоям. Якум, сухани ў **«Парвардигор Худои мост»**. Исо (а), ки яке аз њозирин буд, ў низ аз љумлаи хитобшудагон буд, то Худои ягонаро ибодат намояд, ки ў Худои њамаи онњост… Оё метавонад он касе, ки Худо бошад, чунин бигўяд?! Дуюм, **«Парвардигори ягона»,** пас сегонагї куљо шуд? Сеюм, **«Аз рўи њаќ гуфтам»,** пас парастидани ѓайри Худованди ягона ботил аст. Чорум, ў мегўяд: **«Зеро ў Худо аст»,** ибораро тавре овард, ки њељ эњтимоли дигареро напазирад ва тањдидан Худоро муайян кард: **«Зеро Ў Худо аст»,** панљум, **«Зеро Ў Худои ягона аст»,** ибораи тавњидро бори дигар барои таъкид такрор кард ва шашум, **«Ва ѓайри Ў дигаре нест»** гуфт, ин аз ќавитарин сиѓа аст, то њама эњтимолот бартараф шаванд. Дар ибораи пешин ягонагиро

барои Худо собит намуд ва ин кофї буд, хусусан баъди такрори он, вале овардани ин ибора баъди он барои таъкиди он аст, ки ѓайри Худованд њељ Худои дигаре нест.

Исбот намудани ягонагї дар Инљили Юњано ба њамин тариќа омадааст ваќто аз забони Исо ривоят мекунад, ки: **«Бузургие, ки аз Худованди ягона аст, шумо онро ќабул намекунед»** (Юњано 5/44).

### *Манзалати Исо (а) ва масъулияти ў*

Эй роњиби бузург! Болои ин њама гуфтањо њазрати Исо (а) корро дар атрофи худ номаълум нагузоштааст. Ў манзалати Худоро дар миёни мардум ошкоро баён намудааст... Ваќте яњудон нагузоштанд, то шогирдони Исо (а) аз хушањои гандум дар рўзи шанбе барои хўрдан бичинанд, эътироз карданд. Худи ў дар љавоби онњо чунин гуфт: **«Њамин фарзанди одам соњиби шанбе аст, пас ў фарзанди одам аст ва на фарзанди Худо».**

Балки насаби ў бо тафсил омадааст. Дар Инљили Матто 1/1 чунин омадааст: **«Ин номаи таваллуди Исои Масењ писари Довуд писари Иброњим аст…».** Акнун падарии Худо дар насаби Исо (а) дар ин ибораи сарењ куљо шуда аст? Агар шумо падарии ин њамаро зикр намуда, дар охир номи Худоро оваред, ин маънои онро дорад, ки Худо барои њамаи онњо падар аст ва на танњо барои Исо (а).

Маќоми Исо (а) дар миёни мардум номаълум набуд ва на танњо сурати инсонияш њувайдо буд. Ў танњо Паёмбаре буд, ки пеш аз ў дигар паёмбарон низ буданд. Худованд ўро фиристодааст, то мардумро бо он Худованде, ки ўро фиристодааст, ошно намояд.

Дар Инљили Матто чунин омадааст: **«Ин Исои Паёмбар аст, ки аз Носираи бузург аст».** (Исњоњ 2/11). Пас ў Паёмбари бузурге аз паёмбарони Худост.

Юњано ќисса мекунад: **«Њамоно ки њамин дар њаќиќат Паёмбари омада ба сўи олам аст»** (14: 6, 40:7).

Њамчунин дар Юњано омадааст: **«Ва ман инсонам, ки бо шумо аз рўи њаќ сухан мегўям, ки онро аз Худо шунидаам».**

Баъди ин њама иборањо дар паёмбар будани њазрати Исо (а) њоло њам шакке боќї мондааст? Ин аст маќоми ў ва ин аст вазифаи ў.

**Роњиби бузург Спорту:** Эй Абўњомид! Ман ин њама иборањоеро, ки зикр намудї, инкор намекунам, вале бояд инро ту бидонї, ки њар фарзандї на монанди фарзандии Исо аст ва фарзандии дигарон танњо ташрифотист, аммо фарзандии Исо њаќиќист. Ва илло ту як нафареро дар Инљил паёдо кун, ки ўро Худо писар гуфта бошад, албатта, ѓайри Исо.

**Абўњомид:** Ман барои шумо ибораи ошкореро аз Таврот овардам, ки дар он ошкоро Довудро **«писари Худо»** мегўяд, вале аз ин суханонат фањмидам, ки ту ба њарчи дар Таврот омадаааст, таслим шудї. Аммо акнун, ки мехоњї ибораеро аз Инљил бароят оварам, ки ошкоро ба ин далолат мекунад… Ман мехостам ваќте чунин ибораро бароят аз Инљил оварам, тамоман таслим шавї ва танњо Худои ягонаро ибодат намої. Далел ин аст: Тамоми Инљилњо њазрати Одамро писари Худо меноманд. Чунончи Луќо гуфтааст: **«Шис писари Одам писари Худо»** (Луќо 3/38)

Акнун чї гуна метавон, ки ин муамморо њал намоем….? Оё Худо хондани Исо танњо барои он нест, ки ў писари Худованди пок аст? Акнун чаро Одам низ Худо набошад, бо вуљуди он ки писари Худо аст, њамчуноне ки дар ибораи Инљил омадааст? Бо њамин далел бояд њарду писарони Худо бошанд, чунончи худи шумо мегўед?

Аз тарафи дигар чаро шумо Исо (а)-ро писари ягонаи Худо мењисобед, дар њоле ки писари дигаре пайдо мешавад, ки ў Одам (а) аст?

Оё Одам (а) бо иќрори Инљил падари Исо (а) нест? Пас чї гуна Исо (а) барои Одам Парвардигор мешуда аст? Бо вуљуди он ки Одам дар Инљил бо ибораи писари Худо васф шуда аст? Пас оё Худо бобои Исо (а) аст? Зеро њамон тавр ки Инљил мегўяд, Одам падари Исо (а) аст? Ё онњо њарду бародари њамдигаранд?! Ё Худо аз Одам безор шуда ўро тарк намудааст?

Аз тарафи дигар, чаро Исо (а) ба Худо будан аз Одам њаќќи бештар доштааст, дар сурате ки Исо танњо аз як сифат бархурдор аст, ки он **«Писари Худо»** будан аст. Аммо Одам дорои ду сифат аст: Яке ин ки ў падари Исо буд ва дигар он ки ў **«Писари Худо»** аст, њамчуноне ки дар Инљил омадааст. Њамчунин чаро тамоми башарият даъво намекунад, ки падари онњо ва Паёмбари Худо њазрати Одам писари Худо буд, дар њоле ки ин барои тамоми башарият обрў ва каромат аст. Чаро танњо масењиён ин хаёли аљибро ба худ иљозат додаанд? Чї гуна Исо писари Худо аст, дар њоле ки дар насли ў дигар паёмбаре наомадааст, дар њоле ки Одам мувофиќи ќиёси худи шумо низ падари тамом паёмбарон аст. Чї гуна Исо (а) метавонад писари Худо бошад, дар сурате ки дар миёни ў ва Одам (а) њалќаи калоне аз падару бобо вуљуд дорад, њамчуноне ки худи шумо инро дар китобњои худ собит кардаед? Чаро Одам писари Худо набошад, дар сурате ки миёни ў ва Худованд касе нест? Ин њама аз рўи аќидаи худи шумост. Чї гуна? ... Боз чї гуна?.... Оё аќл метавонад дар баробари ин њама бофтањои аљиб ќонеъ шавад? Ё аќл тавони онро дорад, ки ин њама муаммоњоро њал намояд? На танњо Одам (а) писари раќобаткунадаи Худо аст дар баробари Исо (а), њамчуноне ки дар Инљил омадааст, балки онљо писарони зиёде низ њастанд, ки дар ривоятњои Инљил омадааст. Инљил аз забони худи Исо (а) чунин ривоят мекунад: **«Хушо ба њоли покдилон, зеро онњо Худоро мебинанд. Хушо ба њоли сулњоварон, зеро онњо писарони Худо њисоб мешаванд»** (Мато 5/8).

Љои дигар мегўяд: **«Бингаред, ки падар ба мо чї насињате кардааст, то ин ки фарзанди Худо хонда шавем»** (Юњино дар рисолати аввал 3/1).

Пас, ин сифат барои њар мўъмин ташрифотист ва њамчунин барои њар итоакунанда… Пас, дар сурате ки ин хитоб ба сўи тамоми башарият равона аст, чаро онњоро аз сифати писари Худо будан мањрум созем? Чаро ин сифатро танњо барои њазарати Исо (а) дињем? Хусусан дар сурате ки хитоб барои њама ва бо ибораи возењу равшан омадааст. Бале, мардум дар дараља аз њам тафовут доранд, вале њамагон барои Худои ягона бандаанд. Аз тарафи дигар далел дар људої андохтан дар маънои «писар» будан байни Исо (а) ва дигарон дар чист?

Вақте масеҳиён ин сифатро хос барои Исо кардаанд, пас чӣ боиси он мегардад, ки дигарон ҳуқуқи онро надоранд, ки ин сифатро барои дигар Паёмбар бидиҳанд ва даъво кунанд, ки Паёмбари мо низ писари Худо аст?

### *Амонат ва чист он амонат*

**Роҳиб Пол:** Мо барои ту мегӯем: «Мо ҳама яктопарастем ва мо як Худоро мепарастем» ва ту ба мо мегуӣ «шумо сегонапарастед». Оё ту барои мо динамонро меомӯзонӣ? Ё даъво мекунӣ, ки дини моро аз мо бештар медонӣ, бо вуҷуди он ки мо тамоми ҳаёти худро дар ин дин гузаронидаем? Туро ба Худо қасам медиҳем, оё дар умри худ боре хондаӣ он чизеро, ки мо онро «Амонат» меномем ва оё қимати онро медонӣ? Ман яқин дорам, ки ту онро нахондаӣ ва он дар назди моён хело арзишманд аст. Албатта, агар ту онро мехондӣ, ҳаргиз моро мушрик намегуфтӣ! Агар дар бораи он маълумоте медоштӣ ин қадар моро душман намеҳисобидӣ ва бар сари мо ҳуҷум намеовардӣ!...

Хоҳиш мекунам, гӯш кун, то бароят Амонатро қироат кунам:

**«Ба Худои ягона имон дорам, падар, ки муназзими кулл аст, офарандаи осмонҳо ва замин аст, ҳар чиро, ки дида шавад ё дида нашавад, Ва ба Худои ягона Исои Масеҳ писари Худои ягона, ки аз падар пеш аз ҳама олам офарида шудааст, нурест аз нур, илоҳи ҳақ аст аз илоҳи ҳақ, аз ҷавҳари падараш, зода шудааст на офарида шуда, бо падар дар ҷавҳар. Ки ҳама чиз аз он аст, баробар аст – ба хотири мо одамон ва барои халоси мо  аз осмон фуруд омадааст, аз рӯҳулқудс ҷасад ёфтааст, ва аз Марями бикр, Инсон шуд ва ба дор овехта шуд ва ранҷ кашид, ва ба қабр супорида шуд. Аз қабр дар рӯзи сеюм баромад, ҳамчуноне ки дар китобҳои муқаддас омадааст. Ва ба тарафи Осмон баромад, ва дар паҳлӯи рости падар нишаст. Ва ҳамчунин бо бузургияш меояд, то мурдагону зиндагонро диндор кунад, касе ки мулкаш фано надорад ва ба рӯҳулқудус Парвардигори зиндакунанда , ки аз падар рӯйида аст, ки падар ва писар барояшон саҷда аст... Ӯ бузург ва сухангӯст дар миёни паёмбарон, як калисои ҷомеъи паёмбарӣ, ӯ барои парастидани ягона, барои мағфирати**

**гуноњон иќрор намудааст, писарест, ки барои хазонидани мурдагон омадааст, ва зиндагии хуши љовидона, дар њоле ки ў амин аст»**.[1]

Ман гумон мекунам, ки инсоф он аст, ки бори дигар ту дар масењият таљдиди назар намої. Њарки масењиятро намедонад, бигзор таљриба кунад ва боз таљриба кунад ва дар ин њолат медонад, ки Исои Масењ барои ў чї некињоро меорад!... Хоњї дид, ки чї гуна њаёти ту ба бењтарин сурат мубаддал хоњад шуд?!... Хоњї эњсос кард, ки чї тавр тамоми монеањо аз сари роњи ту бартараф хоњанд шуд! Чї гуна дар олам осуда зиндагї мекунї? Ва олам њама бо ту осуда зиндагї хоњад кард! Ту Исоро бисанљ ва ўро бењтарин Худо хоњї дид!...

**Абўњомид:** Ин пешнињоде, ки ту ба ман кардаї, ки **«Ту Исоро бисанљ»** ин њамон пешнињодест, ки тамоми роњибон ва миссионерњо бо мардуми омма мекунанд. Хусусан бо он касоне, ки наметавонанд аз аќли худ истифода баранд. Зеро инро хуб медонї, ки онњо наметавонанд касеро бо суханони худ ќонеъ намоянд, магар баъди он ки аќли ўро дур кунанд. Ин аќидањои шумо наметавнонад ба аќл биѓунљад, то замоне ки аќл бедор ва њушёр аст. Аз њамин сабаб лозим аст, ки дар аввал мардумро бо гипноз хоб кард ва сипас маълумоти дилхоњро дар ў љой дод.Чаро ту намехоњї аќли маро ќонеъ кунї, то ман худ аз дунболи ту давон бошам ва бо тамоми хушию хуррамї онро ќабул кунам? Чаро дил ва аќли маро мутеъи худ намегардонї? Чаро мехоњї аќлро аз дил људо намої?

Ту ва касоне, ки чунин дархостро мекунед, ба монанди он марде мебошед, ки хаёл мекунад, ки ў насињатгари туст. Ногањон инро кашф мекунї, ки ў мехоњад зарбаи сахте бар сари ту бизанад. Пас ваќто ту дасти ўро медорї, боз ба насињатгар мубаддал мешавад ва туро дар бораи сулњ ва дўстї насињат мекунад. Ваќто боз ором шудї, бароят мегўяд: Ту чашмонатро бибанд ва аз ман напурс, ки ман туро ба куљо мебарам!... Аввалин саволе, ки барои чунин ѓаддор

---

[1] «Љавоби duруст барои касоне, ки дини Исоро табдил кардааст» таълифи Ибни Таймия бо таълиќи доктор Алї ибни Њусайн ибни Носир, 3/228)

дода мешавад, он аст, ки агар маќсади сулњ дошта бошї, маро бибар, вале бигзор чашмонам боз бошанд!... Аммо дар бораи ошноии ман бо дини шумо. Пас ту метавонї мутмаин бошї, зеро ман онро хуб медонам. Агар ман дар бораи он маърифтаи комил намедоштам, њаргиз ба худ иљозат намедодам, то дар бораи дине бањс намоям, ки асли он осмонист. Ман намехоњам мавзўъи сўњбати худро аз доираи аќл берун намоям. Аммо «Амонат», ки бо ифтихор даъво мекунед, ки он бузургтарин далел барои яктопарастии дини шумост, ман мехостам чанд саволе аз њамин амонат аз шумо бипурсам. Чунончи дар «Амонат» омадааст Худо мегўяд: «**Ва ба Худои ягона Исои Масењ писари Худои ягона, ки аз падар…. бо падар дар љавњар, ки њама чиз аз он аст…**»

Оё метавонад соњби ин љањон ду Худо бошад? Онњо дар њама чиз бо њам баробар бошанд.? Оё метавонанд онњо њарду ба њама чиз ќудрат дошта бошанд? Аз нигоњи аќл, њамчуноне ки мањол аст, ки дар дунё ду Худо вуљуд дошта бошад, њамчунин мањол аст, ки њар ду бар њама чиз ќудрат дошта бошанд! Акнун ваќто яке аз ин ду бихоњад мурдаеро зинда созад, оё инро метавонад ё не? Љавоби мантиќї он аст ки, албатта, инро метавонад ва сабабаш дар он аст, ки ў бар њама чиз ќодир аст. Пас акнун ба ин савол љавоб дињед, ки агар ин кор зидди иродаи Худои дигар бошад, яъне Худои дигар агар бихоњад, ки он мард барои њамеша мурда бошад, пас оё инро метавонад ё не? Агар ту љавоб бидињї, ки ў метавонад онро барои њамеша мурда нигоњ дорад, зеро ў ба њама чиз тавоност, пас Худои аввал бар њама чиз ќодир набуааст… Агар ту љавоб бидињї, ки неметавонад барои њамеша ўро мурда нигоњ дорад, дар ин сурат ў Худо нест, зеро бар њама чиз ќудрат надорад. Ин як мисолест дар њамин ќазия. Дар дунё корњои зиёдест ба монанди зинда гардонидан, миронидан, додан, гирифтан, баланд бардоштан, паст кардан, бахшидан, азоб додан, рўзї додан, тињидаст кардан, иззат бахшидан, хор намудан, љамъ кардан, пароканда намудан ва монанди инњо њолатњои дигаре, ки аз андозаи адад берун аст. Ту наметавонї даъво намої, ки онњо бо њам иттифоќанд, ки маънои онро дорад, ки онњо бо њам њамоњанг кардаанд. Пас, агар ин њамоњанг намебуд, чї рух медод? Ё агар њамоњанг бошад ва баъд он вайрон

шавад ва зиддият ба вуљуд ояд… Савол вобаста ба кор нест ва ё ба низом омадани он нест, вале савол дар бораи асли ќудрат меравад… ту гуфтї он чизеро, ки инаш дорад, њамонро дигар њам дорад, ва њардуи онњо ба њама чиз ќодиранд… пас дар инљо саволњои зерин ба вуљуд меояд:

Оё ў ќодир аст кореро анљом дињад бар зидди иродаи якум ё не?

Мо метавонем ин саволро дар бораи ёрї додан бидињем, ки оё ў метавонад њар киро бихоњад, ёрї дињад? Њамчунин савол дар бораи илми ғайб, ки оё ў ба њама чиз доност ва чизе аз илми ў пўшида нест? Дар ин сурат агар Худои дуюм чизеро пинњон кардані бошад чї?....

Албатта, ба натиљаи њатмї хоњед расид, ки танњо якеи онњо метавонад аз њамаи ин сифатњо бархўрдор бошад ва касе наметавонад бо ў дар ин сифот шарик бошад. Ў Худованд, Парвардигори оламиён аст. Ин њамон Худованде аст, ки зикри Ў дар Ќуръони карим, дар сураи «Нањл» омадааст. Ту метавонї онро хуб андеша намої, зеро он ба мавзўъи мо дахл дорад.

Худованд мефармояд: **«Ва Худованд гуфт: «Ибодат макунед ду маъбудро, яќинан, ки Худованд маъбуди ягона аст, пас аз зоти Ман битарсед!». Милки Худост он чї дар осмонњо ва замин аст ва хоси Ўст ибодати мафрўзаву лозимшуда. Оё аз ғайри Худо метарсед? Ва тамоми неъматњое, ки шумо доред, аз љониби Худост ва чун бирасад ба шумо балову сахтї, пас ба зоти Ў зориву илтиљо мекунед. Ва чун бартараф созад** (Худо аз шумо) **балову сахтиро, ногањон гурўње аз шумо ба Парвардигори худ шарик муќаррар мекунанд, то ношукрї кунанд ба неъматњое, ки додемашон. Пас бањраманд шавед ва** (дар рўзи ќиёмат) **хоњед донист!** (оќибати ширки худро)» *(Нањл, оёти 51-55).*

Њамчунин дар сураи Анбиё мефармояд: «**Оё чунин маъбудон гирифтанд аз амтиаи замин** (яъне бутњои аз тангаву тилло сохта)**, ки онњоро** (обидонро) **баъди марг зинда кунанд?** (мурод аз ин калом радди парастиши бутњост)**. Агар мебуд дар осмону замин Худоёне љуз зоти ягона, албатта, харобу табоњ мегаштанд осмону замин. Пок аст** (Худо) **соњиби Арш аз он чї васф мекунанд** (ўро мушрикон) **(22). Масъул нест Худо аз он чї** (амале, ки

мекунад, (балки) **бандагон масъуланд. Оё маъбудон гирифтанд ба љуз Худо? Бигў** (ай Муњаммад саллалоњу алайњи васаллам ба мушрикон): **«Биёред њуљљату далели худро** (барои њаќ будани бут). **Ин аст китоби** (Ќуръони) **мўъминон ва ин аст китоби онњое, ки пеш аз ман буданд** (яъне Тавроту Инљил). **Балки аксарашон намедонанд њаќро, пас аз њаќ рўй мегардонанд» (24). Ва нафиристодем пеш аз ту њељ паёмбарро** (ай Муњаммад с), **љуз вањй фиристодем ба ў, ки нест њељ маъбуде барњаќ љуз зоти Ман. Пас парастиш кунед Маро. Ва гуфтанд мушрикон: «Фарзанд гирифтааст Худо»** (яъне фариштагонро), (Не), **пок аст Худо** (аз гумони бади мушкрион), **лаки онон** (фариштагоне, ки мушрикон дар њаќќи онњо ин гумонро доранд) **бандагони гиромиќадри Худоянд,**» *(Сураи «Анбиё», оёти 21-26).*

Њаќиќатеро, ки бояд мо њама онро бидонем, он аст, ки маќсади њамаи моён тавњид аст, вале кадоми моён аз рўи аќида ва амал яктопарастем? Кадоми мо аз рўи аќида ва амал мушрикем? Ман намедонам, ки чаро бо ончи **«Амонат»-**аш меномед, ин ќадар фахр мекунї ва онро далели яктопарастии худатон медонї? Дар њаќиќат, он порае аз иборањост, ки пур аз таззодњо ва таноќузот мебошад. Ва он монанди он аст, ки зарбулмасал мегўяд: «Мешиканаду мебандад, мебандаду мешиканад».

Бале, дар он ибораи «ягона» ба љои як маротиба ду маротиба омадааст, вале агар касе савол кунад, ки **«Амонат»** барои чанд Худо амр намудааст, ки имон оварем? Албатта, посухе, ки ѓайри он посухи дигаре нест он аст, ки ба се Худо! «**Ба Худои ягона имон дорам, падар, ки муназзими кулл аст…Ва ба Худои ягона Исои Масењ писари Худои ягона…, ва бо рўњулќудус Парвардигори зиндакунанда , ки аз падар руйида аст…**» Калимаи якро дар инљо барои људо шудани онњо овардаанд!

**Эё роњиб, Пол!** Ту метавонї аз њар хонандаи синфи як савол кунї, ки дар ин ибора чанд адад мављуд аст ё савол кунї, ки як љамъи як чанд мешавад? Њамчунин ин саволро метавонї аз бузургтарин олимон намої. Албатта, љавоби

њамагон он аст, ки натиља се аст! Инњоро њама як тараф гузор ва бингар, ки оё дар **«Амонат»** як ном зикр шудааст ё се ном?....

Онњо се номи мухталифанд, номи якум падар, номи дуюм писар ва номи сеюм рўњулќудус. Пас чї гуна ин се ном як ном шуданд? «Амонат» он сегонаро аз њам људо намудааст. Якеро васф намуда падар хондааст, дигареро писар ва сеюмро рўњулќудус ном нињодааст. Пас ин сифатњои сегона барои ин се метавонад ба манзалаи як сифат бошад?!

Барои мисол агар ту дар дасти рости худ хурмо дошта бошї ва дар дасти чапат хурмои дигар  ва бигўї ин меваe, ки дар дасти рости ман аст аз тухми меваест, ки дар дасти чапи ман аст. Пас дар дастони ман чї миќдор мева аст? Албатта, метавон гуфт ду дона мева ва њељ оќиле намегўяд, ки як дона мева аст. Шумо дар «Амонат» мегўед **«Худои њаќ аз Худои њаќ»** пас чанд Худо вуљуд дорад?...

Шумо мегўед: «**Аз љавњари падараш, зода шудааст, на офарида шуда, бо падар дар љавњар, ки њама чиз аз он аст**». Дар инљо саволе ба миён меояд, ки оё љавњари ў аз љавњари падар аст? Пас акнун мо чанд љавњар дорем? Њамчунин ва њамчунин….

Њар калимае, ки дар «Амонат» аст, далолати ќотеъона бар он мекунад, ки дар он таноќузот ба тавњиду яктопарастї хело зиёд аст ва њамаи онњо ба бисёрпарастї далолат мекунанд.

Дар охири он омадааст: **«Ва ба Рўњулќудус»,** яъне имон меорам ба Худои сеюм, ки ў рўњулќудус аст. Баъди он рўњулќудусро таъриф намуда, бо ин таъриф Худои сеюмро иќрор мекунад ва дар васфи ў мегўяд: «**Ки аз падар руйида аст**». Эй роњиб, љаноби Пол! Њатто њарфе, ки дар «Амонат» омадааст ва он вови атф аст, далолат ба бисёрхудої мекунад ва далолат бар он мекунад, ки якумаш ѓайри дуюм ва дуюмаш ѓайри сеюм аст.  Њамчуноне ки ту мегўї, даромад муаллим ва муаллим ва муаллим. Оё ин далолат бар он мекунад, ки як муаллим даромадааст ё се муаллим? Албатта, љавоб он аст, ки се муаллим даромадааст, зеро вови атф ба ин далолат мекунад. Онњо се муаллим мебошанд, бо вуљуди он ки ном ва васфи онњо як аст. Њамчунин «Амонат»

њарчанд бештар васфи онњоро бикунад, ба њамон андоза мухолафат ва људогии онњо бештар маълум мегардад.

Эй роњиб! Ман аз ту хоњиш мекунам, агар дар суханони ман хаторо мулоњиза кардї, маро боз дор ва ошкоро ба ман бигў, ки ту хато мекунї ва далели ман ин аст. Агар ту ин корро накардї, ман хомўшии туро далели иќрор ба гуфтањои худам мекунам! Эй устодон! Маро иљозат дињед, то бо ин ќазия тавре бархўрд намоям, ки эњтимоли таъхир карданро надошта бошад. Ин ќазия бояд њалли худро пайдо кунад ва баъди он ки њалли худро пайдо кард, њар яки мо ва шумо ихтиёр дорем, то озодона њар чиро хостем ќабул намоем.

**Роњиб Франк:** Аз ин суханони ту бар меояд, ки воќеият барои ту ноаён аст ва шояд ту наметавонї мисоле пайдо кунї, то њаќиќат ба ту равшан гардад ва тавони серо аз як фарќ намої, ки хубтар бошад аз мисоли обу намак. Агар ту обро бо намак якљо намої, ту наметавонї ба он љуз номи намакоб бидињї ва барои он њар номи дигаре агар бигзорї, он нодуруст ба њисоб меравад. Пас бо вуљуди он ки намакоб иборат аз об ва намак, яъне ду чизи мухталиф аст, вале њама онро бо як ном, яъне намакоб мегўянд.

Эй Абўњомид! Каме бо худ андеша намо ва ба зудї ќонеъ мешавї. Оё ман ва туро инсон намегўянд? Оё бо якљоя шудани рўњ ва љасад инсон нашудаем? Якљоя шудани Худо ва Исо низ ба њамин тариќ аст…!

**Абўњомид:** Эй роњиб, Франк! Шояд ту хуб дар хотир дорї он чиро, ки мо гуфта гузаштем, дар ин ки Худованд Исоро ба боло бурда, ўро дар пањлўи росташ нишонд, њамчуноне ки чунин ривоят дар Инљили Мирќас омадааст (16:19) **«Ва ўро дар пањлўи росташ нишонд».**

Ин маънои онро дорад, ки якљояшавии зот дар зот набудааст, балки нишастан аст дар пањлўи рост. Аз ин бар меояд, ки тамоми мисолњои якљояшавї ва омезиш ва фуруд омадан ва мисолњои дигаре монанди инњо ба тариќи судфа дар Инљил ворид шудааст. Акнун биёед, ба масали машњуре, ки

њам мо онро ќабул дорем ва њам шумо, рўй оварем, ки мегўяд: **«Љое, ки далели насс аст, ќиёс ба кор намеравад».** Оё ин њама кофї нест?

Бо вуљуди ин ин њама гуфтањо далелњои шумо аз чанд суратњои зерин ботил ба њисоб меравад:

**Сурати аввал.** Ин сухани шумо беасос аст ва такя ба ягон далели шаръї надорад. Шумо на танњо наметавонед далеле аз Инљил оваред, балки ин аќидаи шумо бо матни ошкори Таврот, Забур ва Ќуръон низ мухолимфат мекунад. Оё ин кофї нест?...

**Сурати дуюм**. Гуфтањои шумо бекор ва ботил мешавад, зеро аќл мегўяд: Њар омезише, ки сурат мегирад, мисли омезиши шир бо об ё намак бо об таќозои онро мекунад, ки љузъиёти моддаи якум дар моддаи дигар мудохала менамояд…. Пас љузъиёти писар чї гуна дар падар даромадааст ва аз падар чї гуна ба Рўњулќудус даромадааст… Чї гуна?

Бале мо њаргиз намехоњем мисолњо оварем ва ба он тамасхўр намоем, вале он ки мисол меоварад, бояд бардошти мухолифатњоро намояд ва љавобе дињад, ки аќлро ќонеъ намояд. Амо ин ки бигўяд ин аќида аст ва ваќто касе омада аз ў чизе бипурсад, бояд барояш мисоле оварад, ки ў ќонеъ шавад. Ва ваќто мунофиќишаро бо мисол овардан шурўъ намояд ва бубинад, ки мисолаш ботил аст, набояд аз сўњбат фирор намуда, даъво кунад, ки ин аќида аст …! Ин корест, ки њељ оќиле онро ќабул надорад… ва ваќти бекор кардани аќлњо кайњост, ки сипарї шуда дигар њаргиз бар намегардад!

**Сурати сеюм.** Ширро бо об омехта кардан ё намакро бо об таќозои онро мекунад, ки баъзе хусусиятњои ин модда дар он модда меравад ва ин кор ќатъист. Ва илло чї гуна шир тунук мегардад ва чї гуна об намкин мегардад, дар њоле ки ќаблан чунин набуд. Дар об њар чи бештар намак андозем, ба њамон андоза шуртар мегардад, зеро љузъиёти намак дар он бештар мегардад. Дар инљо саволе ба миён меояд, ки мисоловарандагон ољиз мегарданд, ки ба он посухе бидињанд. Савол ин аст, ки чї хусусиятњое аз Худованд дур шуда дар Исо фаромадааст ва ё дар рўњулќудус ва ё баръакс чї хусусиятњое аз Исо ба

Худо даромадааст? Акнун агар писар худ комил бошад, чӣ маъно дорад, агар баъзе хусусиятњояш бо омезиш рафта бошад?

Шумо дар ин њолат танњо метавонед ду посух бидињед. Љавоби шумо ин аст, ки падар ё комил буд ё ноќис? Агар шумо бигўед падар ноќис буд ва тавассути омезиш ба камол расид, ин њатто ба аќидаи худи шумо куфр аст. Агар бигўед ў комил буд ва бо омезиш дар ў нуќсон ворид шуд, ин њам ба аќидаи худи шумо куфр аст. Омезиши ду ќувва маънои онро дорад, ки таѓйирот дар њарду ворид мешавад, ба ин тариќа ки нуќтаи заъфи њамдигар аз ин иттињод дур мешавад ва аз ин иттињоду омезиш њарду ќуввањо ба дараљаи камол мерасад. Мисоли ин омезиш монанди он аст, ки оби гармеро бо оби хунук омезиш дињем ва бо ин тариќа њам оби гарм каме гармияшро аз даст медињад ва њам оби сард сардияшро ва аз ин ду оби мўътадил тавлид мешавад. Оё инро метавон дар омезиши падар ва писар тасаввур кард? Њаќиќат он аст, ки омезише, ки шумо даъво мекунед дар вуљуд сурати њаќиќат надорад, зеро ин даъвои шумо таќозои онро мекунад, ки Худо ѓайри Худо гардад ва Исо ѓайри одамӣ.

**Сурати чорум.** Сарчашмаи фикри омезиш ин нуќсони башарист! Ин андешаи љустуљўи камол ё љустуљўи такомул аст!... Сарчашмаи он расидан аст ба муставои омезиш! Њамчуноне ки ширкатњо ва вилоятњо ва давлатњо бо њам иттињод мекунанд, то тавасути ин иттињод дар ќувваи худ бияфзоянд ва худро аз њама гуна газандњо муњофизат намоянд. Бо њамин тариќа ќуввањои бад бо њам муттањид мешаванд, то дар баробари некӣ истодагарӣ намоянд ва некон бо њам муттањид мешаванд, то дар баробари ќуввањои бад истодагарӣ намоянд. Пас сир дар пайдоиши фикри муттањидшавии Худоён дар назди Масењиён ва касоне, ки пештар дар ин фикр буданд ин муттањид шудан аст дар баробари ќуввањои бадӣ, њамчуноне ки аќида доранд. Бо њамин тариќ, ин фикр барои шумо ба намоиш дода мешавад, њамчуноне ки барои тифлон филми тасвириро ба намоиш медињанд. Ин рангин намудани аќидаи илоњист бо андешаи башарӣ. Ва агар чунин набошад, оё метавон тасаввур намуд, ки Худованд пеш аз омезиш њамчуноне буд, ки баъди омезиш шудааст?... Ё

метавон тасаввур кард, ки Исо пеш аз омезиш њамон гуна буд, ки баъди омезиш гашта аст? Њамчунин дар бораи рўњулќудс пеш аз омезиш ва баъди он метавон гуфт? Оё Худовнд ба ин омезиш эњтиёљ дошт, то бо дигаре омезиш кунад, дар њоле ки ў Парвардигори оламиён аст ва бозгашти њама ба сўи Ўст ва њама ба Ў эњтиёљ доранд?...

Барои њамин дар яке аз сурањои Ќуръон бо номи сураи «Ихлос» ояте омадааст, ки ин њаќиќатро муайян мекунад. Њаќиќати ягонагї бо бењтарин услуб, яъне љое ки Худованд Паёмбарашро хитоб намуда мегўяд: «**Бигў** (ай Муњаммад с)**: Худо яккаву ягона аст** (яъне пок аз шарику анбоз аст)**. Худо бениёз аст. Назода аст** (аз худ касеро)**. Ва таваллуд нашудааст** (Худо) **аз касе. Ва нест њељ касе баробар бо Ў!»**

**Сурати панљум**. Оё њељ хабаре ба шумо расидааст, ки Исоро мардум боре бо чашми худ дида бошанд? Оё онњо ўро њамчун љасад дида буданд, ки дорои даст, по, чашм, гўш ва сар бошад? Оё мардум ронгардї, нишастани ўро медиданд? Оё ваќте ўро хатна карданд, ин љо ва он љояшро дидаанд? Дар Инљили Луќо 2-21 омадааст: **«Ваќте њаштрўзагияш пур шуд, тифлро хатна карданд ва ўро Исо номиданд».**

Вале саволи асосї ин љост, ки оё мардум Худоро медиданд?... Оё онњо зоти илоњиро медиданд? Љавоб, албатта, не!

Саволи дигар: Оё мардум дар он замон Исоро дар хоб дида буданд? Оё хўрдан ва нўшидани ўро медиданд? Оё медиданд, ки чї гуна ў гурусна мешуд ва пайи таом мегашт? Оё гиря ва аламњои ўро дида буданд, ки чї гуна аз чашмонаш ашк мерехт? Оё мардум диданд, ки чї гуна ўро ба дор овехтанд. Оё мардум диданд, ки ў чї гуна мурд ва диданд, ки ўро дар ќабр дафн карданд? Љавоб, бале!

Дар Инљили Юњано дар исњоњи аввал, ояти 18 омадааст: **«Худовандро њаргиз касе надидааст».**

Дар Таврот дар Сифри Хуруљ дар исњоњи 33 ояти 2 омадааст: **«Гуфт: Ту наметавонї чењраи маро бубинї, зеро нест инсоне, ки маро бубинад ва зинда бимонад».**

### *Достони се нафаре ки насронї шудаанд*

**Сурати шашум.** Наќл мекунад, ки се марде масењї шуданд ва яке аз роњибон ба онњо аќидаи масењиро омўзонд, хусусан аќидаи сегонагиро. Он се нафар муддате дар хизмати роњиб буданд. Рўзе дўсте аз дўстони роњиб омад ва аз роњиб пурсид, ки њељ касе аз дасти ту масењї шуд? Роњиб гуфт бале се нафар. Дўсташ пурсид: Оё онњо дар бораи масењият њељ таълимоте гирифтаанд? Гуфт: Бале. Пас роњиб яке аз онњоро даъват намуд, то ба дўсташ талошу зањматњои худро нишон дињад. Пас ўро дар бораи аќидаи сегонагї пурсид. Он мард гуфт: Чунончи ту худ ба ман омўхта будї, Худо сето аст. Якеи онњо дар осмон аст ва дуюмаш аз шиками Марями бикр зода шуд ва сеюмаш њамонест, ки ба сурати кабутар ба назди Худои дуюм фуруд омада буд баъди он ки ба синни сисолагї расид. Пас роњиб аз ин суханонаш дар ѓазаб шуда, ўро аз наздаш биронд ва гуфт ин чизеро намедонад. Пас марди дуюмро ба наздаш даъват намуд ва аз ў айни саволро намуд. Ў гуфт: Чунончи худат ба ман таълим дода будї, Худоён се нафар њастанд. Яктои онњо ба дор овехта шуд ва дутои онњо њамчунон боќї њастанд. Роњиб аз ин њам дар ѓазаб шуда, ўро аз наздаш биронд. Ва сеюмро даъват кард. Аз сеюм њам дар бораи аќидаи сегонагї савол намуд. Сеюм, ки марди зирак буд ва мекўшид аќидаи сетопарастриро нигоњ дорад, чунин гуфт: Мавлои ман! Ончи ту барои ман омўзонда будї, хуб аз худ кардаам ва бо фазли Парвардгор онро дуруст фањмидаам. Як се аст ва се як аст. Як тои онњо ба дор овехта шуд ва мурд. Пас њарсе ба хотири омезиш ва иттињод мурданд ва имрўз Худое вуљуд надорад ва илло бояд омезишро рад намуд.[1]

Эй роњиб, Франк! Оё мантиќи њар оќил дар ќазияи омезиш чунин нест?...

Оё аќл њаќ надорад, ки дар ќазияи омезиши падар, писар ва рўњулќудус чунин бигўяд: Оё баъзе аз об бухор шуд ваќто Исо ба дор овехта шуд?...

---

[1] Ниг. Китоби «Изњорул њаќ» таълифи шайх аллома Рањматуллоњ ибни Халилуррањмони Киронавии Усмонии Њиндї. Љузъи 3 сањ. 731-732

**Сурати њафтум.** Шумо омезиши лоњут бо мосутро ба монанди омезиши рўњ бо бадан монанд мекунед. Шумо мегўед Исо рўњ ва бадан аст ва агар рўњ намебуд, ў аз њељ фазилате бархўрдор намебуд, зеро ў бидуни рўњ танест беэњсос. Ин рўњ аст, ки ба инсон хусусияти эњсос кардан ва шуъурнокиро медињад ва ўро аз мурдагон фарќ мекунонад. Агар ин тавр бошад, омезиши Худо бо Исо мисли омезиши рўњ аст бо бадан, њамчуноне ки худи шумо эътиќод доред. Бинобар ин, мо аз шумо саволе мекунем: Чї тањќире мекунед нисбати Худованд, њангоме ки Исо ба дор овехта шуд ва Худо дар дохили ў буд?.... Гиряњое, ки Исо аз дард мекард, дар воќеъ гиряњои Худо буд, ки дар тани ў даромада буд ва ў низ ранљ мекашид!

Агар шумо ин тавр нагўед, маљбуред бигўед, ки њангоме ки Исо гирифтор шуд, Худо ўро рањо кард ва танњояш гузошт. Акнун худ ќазоват намоед оё њангоме ки Худо дар ваќти ба дор овехтанаш ўро рањо кард, оё Исо дар њамин лањза њам Худо буд?....[1] Аз тарафи дигар ба ман бигўед кадоми онњо рўњ буд ва кадомашон бадан? Ё метавонем саволро ба ин тавр бидињем: Кадоми онњо бидуни дигараш њељ арзише надошт? Агар нахоњї, ки саволро ба ин тариќа бидињем, пас метавонем чунин бипурсем: Кадоми онњо бидуни дигар камбудї ва нуќсон дошт?...

**Сурати њаштум.** Эй љаноби рољиб Франк, агар Исо (а), њамчуноне ки худатон даъво мекунед, офарандаи осмонњо ва замин бошад ва ў чорасози осмону замин ва нигоњдори онњо бошад, пас кї дар шиками Марям пайдо шуд? Кї дар миёни рўдањои ў зиндагї кард? Кї аз шиками Марям таваллуд шуд ва ба берун баромад? Киро дар гањвора мебастанд ва хоб мекарданд? Кї буд, ки эњтиёљ ба макидани пистони модар дошт? Кї буд, ки таом мехўрд? Он кї буд, ки пешоб мекард ва ахлот берун мекард? Кї...кї ва кї?

Оё метавнад њељ оќиле ба њамаи ин саволњо чунин посух бидињад!

Ин ки мегўї, Худо буд, дар њоле ки Худованд пок ва муназзањ аст аз њамаи ин авсоф.

---

[1] Ниг. Китоби «Алљавобу-с-сањињ» 3/33, таълифи Ибни Таймия.

**Сурати нуњум.** Шумо мегўед «Исо (а) се рўз баъди ба дор овехтанаш дар гўр буд ва сипас аз ќабр берун омад!». Пас кї буд, ки ин Худоро ѓусл намуд ва кафанаш кард? Кї ўро бардошта ба гўристон бурд ва ба хок супорид? Дар муддати се рўзе, ки Исо (а) дар ќабр буд, њамчуноне ки худи шумо даъво доред, ин оламро кї идора мекард? Агар шумо бигўед, онро Худо идора мекард, мо ба шумо мегўем агар Худованд ќудрати онро дошта бошад, ки ин љањонро пеш аз таваллуди Исо идора кунад ва онро баъди дафни њазрати Исо идора кунад, пас дар идора кардани олам ќиммати Исо куљо шуд? Исо дар нигоњдории ин олам чї манфиате доштааст, дар њоле ки будан ва набудани ў барои Худованд як бошад?

Пас чаро Худованд маљбур бошад, то барои худ шарике бигирад, дар њоле ки ў метавонад ба танњої њамаро идора намояд? Оё ў ягона дар њама чиз ба шумор меравад, агар барои худ касеро баробар намояд?

**Сурати дањум.** Ваќто мебинем Худованд баъди гузашти ин њама замонњо аз пайдоиши Одам, Исо (а)-ро ба ин њама маќоми воло мебардорад, пас чї Ўро боз медорад аз ин ки панљумеро ва ё шашум ва њафтумеро ба ин маќом бардорад? Чї роњи инро мегирад, ки Худованд њам ба монанди Исо (а) дар атрофи худ ёздањ њавориро љамъоварї намояд, то њар замон гуноњони фарзандони одамро кафорат кунад?...

Ё ба сабаби ба дор овехтани Исо (а) гуноњони одамони пешин бахшида шуда, инсонњое, ки баъди Исо (а) омадаанд, њамчунон ѓарќи гуноњ боќї мемонанд? Ё ононе, ки баъди Исо (а) меоянд, њуќуќи онро надоранд, ки гуноњони онњо омурзида шаванд, бо вуљуди он ки хато ва гуноњони эшон бештар аст?

Ё ин ки баъди Исо (а) барои дигар инсонњо танњо тавба кофист, чунончи шумо аќида доред. Агар тавбаи баъдиниён кофї бошад, пас ононе, ки пештар тавба кардаанд, аз ононе, ки тавба накардаанд, чї фарќе доранд? Пас ба дор овехтани Исо (а) барои баъдиниён чї манфиате дошта аст?

**Сурати ёздањум.** Чї гуна Исо (а) бо љурми дигарон ба дор овехта мешавад бо вуљуди он ки ў фарзанди солењ буд?... Оё ин аз адолат аст, ки

падар фарзанди солеҳи худро адаб диҳад ба сабаби фарзандони дигаре, ки гунаҳкору бадкоранд?... Оё аз адл аст ин ки Худо ба сабаби дуздону авбошон ба дор овехта шавад? Оё куштани худи Исо (а) гуноҳи тозае нест, ки ҳоҷат ба поксозӣ ва кафорати тоза бошад?... Чӣ касе пок сохтани қотилони Исо (а)-ро ба ӯҳда мегирад? Ё ин ки ин қотилон аз савоб бархӯрдоранд, зеро онҳо қурбонии азимеро анҷом доданд? Кӣ гуноҳи қотилони баъдинро баъди ин ҳодиса ба ӯҳда мегирад? Кадом қурбонӣ гуноҳи силоҳҳои ҳастаиро, ки ба муқобили инсонҳо истифода бурда мешаванд, ба ӯҳда мегирад?

Бояд донista бошед, ки Исо (а) дар ин кор ҳеҷ дахолате накардааст ва аз дуру наздик ба он ишорате накардааст.

Балки ин ҳама аз ихтироъи афкори Пулис аст, ки дар рисолаи худ ба аҳли Румия дар саҳ. 5/12 гуфта буд: **«Аз ҳамин сабаб гӯё як инсон хаторо ба олам овардааст ва ба сабаби хато марг омадааст. Бо ҳамин тариқ, марг гиребонгири тамоми мардум шуд, агар ҳама хато кунанд».**

Кадом ақл инро қабул мекунад?

**Сурати дувоздаҳум.** Саволи муҳаддадеро аз шумо мепурсам: Оё мувофиқи ақидаи шумо ғайри ин дунё дунёи дигаре барои ҳисоб вуҷуд дорад? Албатта, ҷавоби шумо мусбист, ки бале охират ҳаст, ҳамчуноне ки матни Инҷил инро таъкид мекунад: **«Ман мардумеро рӯзи қиёмат дар тарафи ростам ҷамъ мекунам. Ва барои касоне, ки дар тарафи чапанд мегӯям: Ман гурусна будам, пас чаро шумо бароям таом надодед ва ман ташна будам, чаро бароям об надодед ва ман ғариб будам, пас чаро маро ҷой надодед ва ман зиндонӣ будам, чаро аз ман хабар намегирифтед ва ман бемор будам, чаро ба аёдатам наомадед пас шумо биравед ба оташ, ки пеш аз пайдоиши дунё бароятон омода кардаам. Ва барои тарафи ростбудагон мегӯям: Шумо ин ҳама корҳоро бо ман кардед, пас биравед ба Биҳиште, ки бароятон пеш аз пайдоиши дунё омода кардаам».** Инҷили Матто 25/21-46.

Акнун худ бигӯед, оташ чӣ маъно дорад, агар Исо аз ҳама кафорати гуноҳон намудааст? Чӣ гуна ӯ бардошти хатоҳои ононро накард? Ё ба фикри

шумо хуни ӯ беҳуда рехта шуд? Оё мо низ аз ҷумлаи мардум нестем? Пас чаро мо низ дар зимни кафоратшудагон дохил нашавем? Чаро мусалмонону яҳуд ва масеҳиён аз ҷумлаи кафоратшудагон набошем?

**Сурати сездаҳум.** Дар ақидаи омезиш ва иттиҳод мо ба ононе, ки ба ҳазрати Исо (а) кофир шуданд ва ҳатто ононе, ки ӯро куштаанд, тазкият мебахшем, дар ҳоле ки ҳеҷ кас чунин намепиндорад!...

Пас он касе, ки бо Исо (а) сухан гуфтааст, дар ҳақиқат бо Худо сухан гуфтааст. Он касе, ки Исо (а)-ро дидааст, дар ҳақиқат Худоро дидааст. Он касе, ки бо Исо (а) таом хӯрдааст, дар ҳақиқат бо Худо таом хӯрдааст. Он касе, ки бо Исо (а) хоб рафтааст, дар ҳақиқат бо Худо хоб рафтааст. Он касе, ки бо ӯ Исо (а) сухан гуфтааст, дар ҳақиқат бо ӯ Худо сухан гуфтааст. Он касе, ки аз Исо (а) чизе дархост кардааст, дар ҳақиқат аз Худо чизе дархост намудааст.[1]

Агар аз ин лиҳоз назар кунем, пас он касоне, ки Исо (а)-ро ба дор овехтанд, дар ҳақиқат бар Худо ғалаба кардаанд ва аз Худо қудратмандтар мебошанд. Аз тарафи дигар оё метавонад дар ақл ғунҷад, ки писар дар пеши чашми падар ба дор овехта шавад ва падар ҳеҷ дахолате накунад?... Бо вуҷуди он ки писар доду фарёд занад ва падаррро ба кӯмак даъват кунад, падар ба ӯ ҳеҷ аҳамияте надиҳад. Пулис дар рисолаи худ ба аҳолии Румия 8/32 мегӯяд: «**Зоте, ки ҳеҷ раҳми писарро нахӯрд ва ӯро ба хотири мо фидо намуд».**

Оё падаре, ки ба фарзанди худ раҳм намекунад, дар ҳоле ки писар ӯро ба кумак ва ёрӣ талаб мекунад, метавонад раҳми дигареро бихӯрад чун ӯро ба ёрӣ талаб намоянд?...

Оё ин кор боиси он намегардад, ки дигар мардум Худоро ба кӯмак ва ёрӣ талаб накунанд ва ба ибодати ӯ напардозанд?... «Зеро дар ин тасарруфоти ӯ бо писараш корест нобахшиданӣ ва ҳеҷ падаре наметавонад онро тасаввур намояд, ки бо писараш чунин бикунанд».

Инҷил сурати аламовари Исоро пурра баён намудааст, ки ӯ чӣ гуна фарёд мезад, нолаҳо мекард, гиря мекард, падарро ба кӯмак даъват мекард, вале падар

---

[1] Дар асл ин гуфтаҳо аз афкори шайхул ислом Ибни Таймия мебошад (3/331)

ӯро љавобе намедод: **«Вақто Исо ба макони дигар интиқол намуд, ки он боғи калоне буд, ба шогирдонаш амр кард, ки ӯро муроқабат намоянд».**

Дар «Матто» саҳифаи 26/36,37,38 омадааст: **«Исо ба шогирдонаш гуфт: Шумо њамин љо нишинед, то ки ман биравам дар онљо ва намоз хонам. Пас ӯ бо худ Бутрус ва ду писари Забдиро бурд ва ба ғам хӯрдану ғусса хӯрдан шурӯъ намуд. Пас ӯ барои онњо гуфт: Нафси ман сахт ғамгин аст ба дараљаи марг. Шумо инљо бимонед ва бо ман бедорї кунед».**

Мирқас аз номи Исо дар саҳифаи 14/33-36 мегӯяд: **«Ӯ ба ғам хӯрдан ва ғусса хӯрдан шурӯъ кард. Пас барои онњо гуфт: Нафси ман сахт ғамгин аст ба дараљаи марг. Шумо инљо бимонед ва бо ман бедорї кунед. Пас худ андаке пештар рафт ва ба замин афтид ва ӯ намоз мехонд, то ки агар имкон бошад вақти ӯ бигзарад. Ва гуфт: Эй падари падарон! Њама чиз барои ту осон аст, пас ин чизро аз ман дур кун».**

Луқо дар Инљили худ дар саҳифаи 22/44 мегӯяд: **«Вақто дар сахтињо буд, намозро бо тамоми эњсосот мехонд ва арақњояш чун қатрањои хун бар замин мечакид».**

Пас маълум гашт, ки Исо (а) барои њифзи љони худ сахт талош мекард ва њар гоњ шогирдонашро хоб ғалаба мекард, онњоро аз шиддати хавф дод мезад.

Дар Инљили Матто дар саҳифаи 26/40 Исо ба шогирдони худ мегӯяд: «**Чар бо ман як соат њам муроқиб намебошед».**

Мирқас дар Инљили худ дар саҳифаи 14/37 мегӯяд: **«Пас Исо ба Бутрус гуфт: Эй шунаво, ту дар хобї, оё тавони онро надорї ки як соат њам бедор бошї»[1].**

Шумо метавонед ин тасаввури тарсуиро барои Худое кунед, ки Исо ӯро ба рањимї васф мекунад љое ки дар Инљили Луқо дар саҳифаи 6,36 мегӯяд: **«Шумо ғамхор бошед, њамчуноне ки падари шумо ғамхор аст».**

Аз љониби дигар чї гуна метавон ин намуд қурбониро қабул кард? Қоидае, ки дар тамоми динњо муқаррар шудааст, он аст, ки њар гунањкор бояд уқубати гунонњашро худ тањаммул кунад.

[1] Иқтибос аз китоби Масењињо ё пулисињо. Таълифи Доктор Муњаммад Нодир Афифї.

Дар Сифри Тасния, саҳифаи 34/16 омадааст: «**Падар ба ҷои писар кушта намешавад ва писар ба ҷои падар кушта намешавад. Ҳар инсон ба сабаби хатои худаш кушта мешавад».**

Дар Ҳизқиёл дар саҳифаи 28/20 чунин омадааст: **«Ҳар нафсе, ки хато мекунад, ҳамон мемирад. Писар гуноҳи падарро намебардорад ва падар таҳаммули гуноҳи писарро намекунад. Накӯии накӯкор барои худи ӯ ва бадии бадкор барои худи ӯст»**.

Бале! Аҳёнан чунин мешавад, ки агар писар бадкор ва гунаҳкор бошад, падар худ мехоҳад ӯро сазо бидиҳад. Вале ин ки ӯро ба дасти душманонаш супорад, то ӯро ба дор овезанд ва қабурғаҳояшро бишкананд ва наҷосатҳо ва хорҳоро бар сараш биандозанд ва мисли ин боз дигар корҳо анҷом диҳанд, инро ҳеҷ оқил наметавонад тасаввур намояд. Шояд баъзеҳо имрӯз наметавонанд тасавур кунанд, ки аслан чӣ гуна Исоро ба дор овехтанд.

Бинобар ончи шумо мегӯед, ақл чунин мегӯяд: Дар пеши ту танҳо яке аз ин ду посухҳост: Ё ин ки Худо барои ӯ падар набуд ва ӯ барои Худо писар нест. Ё ин ки падараш натавонист писари худро наҷот диҳад.

Пас шумо кадом ҷавоберо қабул доред ва ё ҷавоби дигаре доред?

**Роҳиб Франк:** Ман аз худи ту хоҳиш мекунам ҷавобе бидеҳ, ки ҳам виҷдонат онро қабул кунад ва ҳам динат.

**Абӯҳомид:** Ҷавоб он аст, ки Исо (а) писари Худо нест ва Худо барои Исо падар нест. Ҳазрати Исо (а) дар асл ба дор овехта нашуда буд ва қисса бо ҳамин поён меёбад. Дар Қуръони карим оятҳои равшани зиёдест, ки қиссаи ба дор овехтани ҳазрати Исо (а)-ро инкор мекунад, ки ман яке аз ин оятҳоро тиловат мекунам ва шумо хоҳед дид, ки он ба ақл наздиктар аст. Ҳамчунин он оят дифоъи ҳақиқиро аз Исо (а) мекунад. Ин оят метавонад шуморо аз ин бумбаст раҳо кунад… Худованд бархе аз ҷурмҳои Бани Исроилро номбар мекунад, ки аз зимни чунин ҷурмҳо кӯшиш ва талоши онҳо барои ба қатл расонидани ҳазрати Исо (а) аст.

Худованд мефармояд: «**Пас ба сабаби шикастанашон аҳду паймонро ва ба сабаби кофир шуданашон ба оёти Худо ва куштанашон паёмбаронро ба ноҳақ ва ба сабаби гуфтанашон, ки «болои дилҳои мо парда аст»** (мо онҳоро лаънат кардем)**, на, балки мӯҳр ниҳода Худованд бар дилҳошон ба сабаби куфру кофириашон, пас имон наёранд, магар андаке. Ва ба сабаби куфрашон ва гуфтанашон бар Марям бӯҳтони бузургро** (ки иборат аз зино буд). **Ва ба сабаби гуфтанашон ки мо куштем Исо писари Марямро, ки дар ҳақиқат паёмбари Худо буд. Дар ҳақиқат накӯштанд ӯро ва бар дор наовехтандаш, лек муштабиҳ шуд (касе** дигар ба мисли Исо (а)) **барояшон. Ва ҳамоно касоне, ки ихтилоф карданд дар боби Исо (а)** (ки кушта шуд ё на) **дар шакку шубҳаанд аз ҳоли ӯ, нест барояшон яқине, лек ба гумони худ пайравӣ мекунанд. Дар воқеъ накӯштаанд ӯро. Балки бардошт ӯро Худованд ба сӯи худ ва Худо ғолибу устуворкор аст! Ва набошад ҳеҷ кас аз аҳли китоб, магар ҳатман имон оварад ба Исо (а) пеш аз маргаш ва дар рӯзи қиёмат (Исо) барояшон гувоҳ мебошад**» *(Сураи «Нисо», оятҳои 155-159)*

**Роҳиб Равс:** Эй Абӯҳомид! Барои омезиш ва иттиҳод на танҳо мисолҳои оташу оҳан, обу шир ё обу намакро метавон истифода намуд… Агар чиз ҳарчи бузургтар бошад, ба ҳамон андоза барояш бояд бештар мисолҳо овард. Барои омезиши Исо ҳамчун Худо бо Худованд монанди омезиши Офтоб аст бо нури он. Оё намебинед, ки чӣ гуна ҳар замон нур аз Офтоб пайдо мешавад, ҳамчунин аст Исо. Офтоб нурро назодааст ва ҳамчунин Худо Исоро. Ӯ аз Худо зода шудааст, вале махлуқ нест. (Ӯ калимаи Худост ӯ сухани Худост...). Оташ ва нури он ва ҳарорати он се оташ нестанд, ҳамчунин Офтоб ва нураш ва ҳарораташ се Офтоб ба шумор намераванд!...

Инсон ҳамроҳи рӯҳаш ва суханонаш як инсон аст на се инсон.

## *Қасди тасмимгирӣ*

**Абӯҳомид:** Кӯшиши фирор аз як мисол ба мисоли дигар ҳаргиз ба поён намерасад ва фоида ҳам надорад, балки он метавонад ба соҳибаш зарар оварад.

Он метавонад соњибашро расво намояд ва дар њар маротиба расвоии ў аз маротибаи пешин бадтар мегардад ва бо њамин тариќ, ўро ба дараљаи муфлисї мерасонад ва дар ин сурат вољиб аст, ки муфлисияшро эълон намояд. Дониста бошед, ки њаќро бо як нигоњ метавон шинохт, аммо гуфтањои туро метавон бо чанд чиз бекор намуд:

**Якум.** Биё, аз охирин далелњои шумо оѓоз кунем! Шумо гуфтед инсон ва рўњи ў ва нутќаш се инсон ба шумор намераванд ва оташу њарорату нураш се оташ намешаванд. Инсон як инсон аст ва оташ як оташ. Ин далелњои овардаи шумо ба асли аќидаи шумо, ки дар **«Амонат»** омадааст, зид аст. Шумо дар **«Амонат»** мегўед: «**«Ба Худои ягона имон дорам, падар, ки муназзими кулл аст, офарандаи осмонњо ва замин аст, њарчиро, ки дида шавад ё дида нашавад. Ва ба Худои ягона Исои Масењ писари Худои ягона, ки аз падар пеш аз њама олам офарида шудааст, нурест аз нур, илоњи њаќ аст аз илоњи њаќ, аз љавњари падараш, зода шудааст на офарида шуда, бо падар дар љавњар. Ки њама чиз аз он аст, баробар аст**».

Њамчунин дар бораи рўњулќудус мегўед: «**Ў Парвардигори бузургвор ва саљдакардашуда аст**».

Ин љо боз ба сўи ту бармегардам, то аз аз ту, эй роњиб, Равс, саволе кунам: Оё њељ оќиле чунин даъво мекунад, ки њарорати оташ ё нури оташ худ оташ аст. Ба тариќаи дигар гўем: Оё равшанї ва њароратро оташ гуфта мешавад ва ё онњо ба оташ баробаранд ва ё њатто он дуро оташпора ё шуълача гуфта мешавад?...

Албатта, љавоб он аст, ки не! Пас чї гуна мегўед ин равшанї оташ аст аз оташ? Оё метавонї дар бораи равшании Офтоб бигўї: Ин Офтоб аст аз Офтоб? Оё метавонї дар бораи њарорат, оташ бигўї ин оташ аст аз оташ?...

**Роњиб Равс:** Пеш аз он ки аз ин нукта бигзарем, аз суханони ту бар меояд, ки Офтоб иборат аз равшанї ва њарорат ва шуоъ аст. Мо низ њаминро мегуем, ки падар, писар ва рўњулќудус як Худо ва ва як офаранда аст, оё чунин нест?...

**Абӯњомид:** Агар ту инро иќрор дошта бошї, пас ман хоњиш мекунам идома дињї, то ин ки ба њаќиќат бирасї… Натиља он аст, ки ин се ќисматњои Офтобро ташкил медињанд. Чунончи ту тасаввур мекунї, Офтоб иборат аз ду ё се ќисмат аст, оташ, равшанї ва њарорат. Оё ту гуфтанї њастї, ки Худованд иборат аз се ќисмат аст ва њар яки онњо дар алоњидагї порае аз Худованд њастанд? Оё гуфтанї њастї, ки њар як ќисмат дар алоњидагї сеяки Худо ба њисоб меравад? Оё њар яки онњо дар алоњидагї Худо њастанд? Њамчуноне ки порае аз порањои Офтобро дар алоњидагї Офтоб гуфта намешавад пас чаро шумо дар **«Амонат»** мегўед, ки њар Худо истиќлолияти комил дорад ва мегўед онњо якто мебошанд аз се Худо?

**Дуюм.** Оё нури Офтоб Офтоб аст ё танњо нур?

Оё нури Офтоб, ки аз Офтоб сарчашма мегирад, ба сабаби он, ки аз Офтоб сарчашма гирифтааст, Офтоб ба њисоб меравад?

Оё равшании барќро , ки аз лампањо меояд, чї дар варзишгоњњо ва чї дар роњњо лампа меноманд? Оё аз ин лампањо лампа ба вуљуд меояд бино бар суханони шумо, ки мегўед: **«Худои њаќ аз Худои њаќ пайдо шудааст»**?...

**Сеюм.** Оё њар чизеро, ки болояш нури Офтоб расад, Офтоб мешавад? Масалан агар бар сари ту нури Офтоб расад, оё ту ба Офтоб мубаддал мешавї? Оё агар нури Офтоб бар болои девор афтад, он девор Офтоб мегардад?....

## *Улуњияти Рўњулќудус*

**Роњиб Робин:** Биё, ин њама инкорњои туро нисбат ба Худо будани Исо як тараф монем ва биё ба Худо будани рўњулќудус иттифоќ намоем. Рўњулќудусе, ки рўњро дар Исо дамида буд. Агар ту бо мо дар бораи ин ки Исо Худо аст, ихтилоф намої, пас набояд дар бораи ин ки Исо рўњи Худост ва онро Рўњулќудус дар ў дамидааст, ихтилоф намої. Оё дидаї, ки касе тавони офариданро љуз Худо дошта бошад?...

**Абўњомид:** Ман мехостам аз шумо саволе дар бораи геометрия намоям: Агар Шумо боми хонаатро ба шакли секунљаи росткунља бисозед, пас агар як

кунљи он бишканад, оё бом ба замин намеафтад? Љавоби ќатъї он аст, ки бале, бояд ба замин афтад тибќи тасмимоти оддї. Пас ту њоло иќрор мекунї, ки гўшае аз гўшањои сегона тибќи аќидаи шумо, ки Худо будани Исо (а) аст, соќит шуд ва бинобар ин афтондани рукни дигари он осонтар аст. Ман хоњиш мекунам ба гўшаи афтида худро овезон накўнед ва биёед, ба як гўшаи мустањкам чанг занем. Он Худованди ягона аст, ки њељ кандані нест.

Акунун ман дар оѓоз саволе мекунам: Оё Рўњулќудс аз љониби Худованд бо паёме фиристода шуда буд ё худ фиристонанда буд, дар њоле ки паём меовард? Оё ў он рўњеро, ки бардошта омада буд ва онро дар Марям (а) дамида буд, худаш офарида аст ё Ў танњо њомил ва амини ин рўњ буд, то ба њазрати Марям (а) расонад?

Агар ин Рўњулќудус чунончи худи шумо иќрор мекунед офаридашуда ва зодашуда бошад, пас маълум мегардад, ки ўро оѓоз аст. Баробар аст, ки таърихи пайдоиши ў муайян бошад ё номуайян. Баробар аст, ки мо ўро офаридашуда бигўем ё зодашуда. Ў фиристода шуда буд на фиристанда ва ў дамандаи рўњ буд на офарандаи рўњ. Пас  шумо бо кадом далел ва бо кадом њаќ ўро Худо мењисобед ва бо Худованди якка ва ягонае, ки ўро офаридааст, шарик ќарор медињед? Бо он Худованде, ки ўро фиристодааст, бо Худое, ки рўњро офаридааст, бо он Худое, ки ба ў ќувват додааст, то ин рўњро бардошта то ба назди Марям (а) бурда расонад?...

Оё ин тааљубовар нест, ки инсон Худоро муайян кунад, њамчуноне ки дар муассиса ва корхонањо кормандонро муайян мекунанд? Пас фарќ миёни шумо ва ононе, ки аз чўбу санг бутњо тарошида, онњоро дар ибодатхонањои худ нигоњ медоранд ва ба њар тариќаи дилхоњ онњоро мепарастанд, дар чист?

Эй рољиб, Робин! Ман туро ба Худо ќасам медињам, ки ба ман бигў чї Рўњулќудусро аз махлуќият ба холиќият бурда расонд? Чї чиз ўро аз обид будан ба маъбудият расонд? Чи ўро аз як чизе, ки аввал дошт, ба  чизе расонд, ки на оѓоз дорад на анљом? Ман хоњиш мекунам, маро ќонеъ намоед!... Барои ман далелњо оваред! Ман аз шумо далеле талаб намекунам, ки маро ќонеъ гардонад зеро аќл аслан инро ќабул намекунад, вале ман аз шумо барои он

далел мехоњам, ки иллати ба ин аќида рафтани шуморо пайдо кунам ва бароятон узре пайдо намоям.

**Роњиб Ровс:** Оё ту эътиќод дорї, ки ин њама анбўњи бузург аќли худро аз даст додаанд, то ин ки омада Рўњулќудусро бидуни ягон далел ибодат намоянд?... Эй Абўњомид! Бо вуљуди ин ман метавонам барои ту чандин далелњо оварам. Оё дар Таврот бо забони Мўсо чунин хитоб ба Бани Исроил наомадааст: «**Ва рўњи Худоро дар боли об дида мешавад».** Оё ин маънои онро надорад, ки рўњулќудус дар њаќиќат њамон рўњи Худост?

Њамчунин аз забони Довуди набї дар Мазомир омадааст: **«Рўњи ќудуси туро аз ман берун макун»**. *(Исњоњи панљоњу якум, сањифаи 868).*

Њамчунин омадааст: **«Бо калмаи Худо осмонњо ва замин мустањкам мешаванд ва бо рўњ тамоми ќуввањои онњо ќавї мегарданд».** *(Мазомир исњоњи сиюсеюм /6).*

Исои Масењ дар Инљили Маттои Муќаддас ба шогирдони поки худ мегўяд: **«Биравед ва тамоми умматњоро шогирд кунед ва онњоро бо номи падар, писар ва рўњулќудус Худои ягона ќавї намоед. Ба онњо биомўзонед, ки тамоми ончи бароятон васият кардаам, њифз намоянд».** *(Исњоњи Бисту њаштум /19).*

Њатто дар Ќуръони шумо низ зикри Рўњулќудус омадааст, ки Худованд тавассути ў Исоро ќувват бахшид.

Оё ин њама далелњо аз Тавроту Инљилу Ќуръон барои Худо будани рўњулќудус кофї нест?...

**Абўњомид:** Ман барои хуб гўш доданат сипосгузорї мекунам ва њамчунин аз тамоми њозирин сипосгузорї мекунам, ки бо вуљуди ин њама ихтилофоти назар ба ман гўш доданд. Дар инљо мехоњам хуб гўш намоед, њамчуноне ки то кунун гўш кардаед:

**Якум.** Агар фарз намоем, ки далелњое, ки шумо аз Тавроту Инљил ки Худованд пештар онњоро нозил кардааст, дуруст бошанд, биёед ба он далели

аввалине, ки шумо аз Таврот овардаед, ки мегӯяд: «**Ва рӯњи Худоро дар боли об дида мешавад»** моро маљбур мекунад то чунин саволеро ба миён гузорам: Шумо рӯњи Худоро, ки дар об љилва медод, чї гуна тафсир мекунед? Оё он Љабраил буд?.... Ё њаёти Худо буд?... Ё чї буд?...

**Роњиб Робин:** Балки мо мегӯем, он њаёти Худо буд. Рӯњулќудус ин худ њаёти Худо аст ва шояд ту дар Сифри «Хуруљ» нахондаї, ки Офаридагор мегӯяд: **«Инак Ман дар пеши рӯи ту малоикаеро фиристодам, то туро дар роњ муњофизат намояд ва туро ба он маконе биёрад, ки бароят омода намудам. Бо ӯ эњтиёкор бош ва ба садояш гӯш кун ва аз ӯ сарпечї макун, зеро ӯ гуноњи шуморо намебахшад, зеро номи Ман дар ӯст»** *Сифри «Хуруљ» (20-23).*

**Абӯњомид:** Шуморо ба Худо ќасам, ки чаро далелњои худро пеш аз он ки матрањ намоед, бо њамдигар мунозира намекунед? Хусусан дар сурате, ки шумо дар нишасти муколама ширкат доред. Ман намедонам шумо аќидаи худро дар миёни худатон чї гуна роњандозї мекунед ва ё дар калисоњои худ чи сӯњбатњо мекунед?.... Ба гумони ман сабаб дар он сарчашмањоест, ки шумо аќидаи худро аз он мегиред. Он сарчашмањо бисёр омехта шудааст, ки дигар дурусташро аз нодуруст наметавон људо кард. Баъди ин дар атрофи ин сарчашмањои ќалбакї баъзе суханони муќаддасоте гуфта шудааст, ки инсон метарсад ба он наздикї намояд. Њамчунон мардоне, ки бо ин сарчашмањо кор мекунанд, аз он ќадар ќадосат бархурдоранд, ки њар чизе, ки ба масењиён мегӯянд, касе љуръат намекунад аз онњо тавзењ ва равшаниеро талаб намояд.

Шуморо ба Худо ќасам медињам, ба ман бигӯед аз он сарчашмањо чї чизњо боќї мемонад, агар шумо болои он тањќиќоти илмї баред, њамчуноне ки дар дигар мавзӯъњо тањќиќот мебаред. Чаро шумо ин корро намекунед? Эй роњиби бузургвор, љаноби Робин! Бингар! Агар Рӯњулќудус њаёти Худо бошад, пас Худованд бо људо шудан аз Рӯњулќудус аз њаёти худ људо мешавад. Агар Рӯњулќудус аз назди Худо дур шуд, оё Худо бидуни њаёт

мешавад ва агар саволро бо тариќаи зеботар бигўем, оё дар њаёти ў нуќсон ба вуљуд меояд?

Дар ин асос њар боре, ки Худованд Рўњулќудусро ба сўи паёмбаронаш бифристад, то баргаштан ва расидани он оё Худо бе љон мемонад?

Аммо он чизеро, ки аз Сифри Хуруљ њамчун далел овардаї, бар ин ки гуё Рўњулќудус њаёти Худо бошад, ман хоњиш мекунам бо ман аз худатон бипурсед: Оё њаёти њар зиндае аз зиндањо як сифати мулозими ў нест, ки њаргиз аз ў људо намешавад? Оё сифати њаёт дар Худованд сифати ќоим ба зоти ў нест, ки аз Худованди пок њаргиз аз он људо намешавад, на дар болои об ва на дар љои дигар?... Пас оё оќиле метавонад инро ќабул намояд, ки рўњи Худо дар болои об љилва медињад?...

Он чизе, ки дар болои об љилва медињад, он чизи дигар аст, ки аз Худо људо аст. Он шамол аст ва ин гуфта дар тафсираш омадааст дар Сифри Таквин, њангоме ки ќиссаи оѓози офаринишро мекунад, чунин мегўяд: **«Њамоно Худованд осмонњо ва заминро офарид. Ва замин ѓарќ дар об буд ва рўњи Худо дар болои об љилва медод»**. Пас рўњи Худо, ки дар болои об буд, он њамон боди вазон аст ва ин он чизест, ки ба дини мо мувофиќат мекунад љое, ки Паёмбар саллалоњу алайњи васаллам мефармояд: **«Шумо бодро дашном мадињед, зеро он аз рўњи Худо аст, ки њам рањматро меорад ва њам азобро. Вале шумо аз Худованд талаб кунед, то хайрашро биёрад ва аз бади он ба Ў паноњ баред.» 1**

***1.Ибни Моља (3727), соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфт.***

**Дуюм**. Бузургї ваќто зоњиртар мегардад, ки Худованди мутаъол тавони зинда карданро ба бархе аз махлуќоти худ ато кунад. Чунончи дар ќиссаи Иброњим (а) бо паррандагон сурат гирифт ва чунончи бо Мўсо (а) ва гов сурат гирифт ва чунончи бо Исо (а) ва паррандагон сурат гирифта аст. Зеро баъди мушоњидаи ин мўъљизањо оќилон ба ин хулоса мерасанд, ки он касеро, ки Худованд ба ў ќудрат додааст, агар ин њама тавонро дошта бошад, пас Худи

Парвардигоре, ки зиндагию марг ба дасти Ўст, чї миќдор ќудратњо ва тавоноињоро доштааст?

Аз тарафи дигар бахшидани ин гуна ќудратњоро барои баъзе бандагон изњори мењрубонї ва каромат бар ин бандагон мебошад, ки онњо аз имтиёзи хоссае дар назди Худованд бархўрдор мебошанд. Ман гумон мекунам он матнеро, ки роњиб Робин аз Сифри Хуруљ оварданд, бузургтарин далел ба он аст, ки Рўњулќудус махлуќ аст на холиќ, обид аст на маъбуд ва ў хос барои Исо (а) наомадааст, балки ў фиристодаи Худованд аст њамчун сафире, ки аз шахсиятњо ва давлатњо намояндагї мекунад ва Рўњулќудус аз ин бештар дигар салоњияте надорад. Ў сароњатан иброз медорад, ки суханонаш аз номи дигар зот аст. **«Ман малоикаеро мефиристам, ки дар пеши рўи ту меистад».** Чунончї мебинем, дар ин ибора ошкорро баён шудааст, ки ў фиристода шудааст ва бо ў малоика аст ва ин ду барои исботи Худо набудани ў кофист.

Агар роњиб Робин ба ин иќрор намояд, ки Рўњулќудус пеш аз Исо (а) ба назди дигар паёбарони Худо низ меомад, пас чї гуна мешавад, ки дар баробари Исо (а) ў Худо шуд ва дар пеши дигар паёмбарони Худо танњо малоика буд? Оё имкон дорад, ки касе намояндае  бифристад, то ў љояшро ишѓол кунад?... Оё имкон дорад, ки малоика чун малоика ба љое фиристода шавад ва чун бар гардад, ў ба Худо мубаддал шуда бошад?

Ман гумон мекунам то инљо масъала хело равшан шуд.

**Роњиб Робин:** Бале, равшан шуд вале ту дар бораи далели дуюум чї мегўї, ки Довуд фармудааст: **«Рўњулќудуси ту аз ман канда намешавад»**?...

Пас Рўњулќудус љузъи људонашавандаи Худост ва ин ибораи ошкорест, ки дар он шакку тардиде нест.

**Абўњомид:** Эй роњиб, Робин! Ман аз шумо хоњиш мекунам, то дар гуфтањои худат аќлро ба кор фармої. Ман мефањмам, ин далел яке аз далелњои мўътамадест дар назди њамаи шумоён ва шумо бо ин далел Рўњулќудусро Худо мењисобед. Вале оё намедонед, ки ин хитоби Исо (а) нест, балки он

хитоби Довуд (а) мебошад. Пас оё шумо чунин аќида доред, ки Довуд (а) Худо будааст, зеро ў бо ибораи ошкор гуфтааст **«Рўњулќудуси ту аз ман људо нест**?»...

Агар чунин нест, пас ин чї маъно дорад, ки Исо (а) ба сабаби даромадани Рўњулќудус дар ў ба Худо мубаддал шуда бошад, њамчуноне ки худи ту ба ин аќида њастї ва чаро Довуд (а) Худо набошад, дар сурате ки Рўњулќудус дар ў даромадааст ва њаргиз аз ў људо намешавад?

Аз тарафи дигар ин хитоби Довуд (а) ба Парвардигори худ барои изњори бандагї ва нотавонї дар баробари Ўст ва он ба манзалати дуо аст, ки Довуд дар дуояш мегуфт: **«Дили покеро дар ман биёфар ва рўњи дурустеро дар дарунам боз намо. Њаргиз маро аз пеши рўят марон ва Рўњул Ќудсро аз ман људо манмо»** *Мазмур 10-11.*

Боз шумо мегўед, ки Рўњулќудус, ки дар Исо даромадааст.... Пас, метавонед бигўед, ки Исо пеш аз он ки рўњ дар ў даромада буд, чї гуна буд?

Эй рофиб, Робин! Рўњи дамидашуда  махлуќ аст ва дамидан махлуќ аст, њавое, ки онро бардошта бурда ба мардум мерасонад, махлуќ аст ва ин масъала дар миёни тамоми дину мазоњиб маъруф аст. Барои њамин онњо Худо будани бандаеро дар аќидаи худ надаровардаанд ва дар Забур омадааст: **«Ту рўњи худро мефиристї ва онњо меофаранд»** *Мазмур 104.*

Балки њатто дар Инљил низ ба њамин маъно иборањо ворид шудааст. Дар Инљили Луќо омадааст: **«Марде буд ба он Самъон мегуфтанд. Ў ба азои Исроил менигарист ва Рўњулќудус дар ў медаромад»** *Луќо 2.52.*

Њамчунин омадааст: **«Њамоно Юњанои Маъмадон аз Рўњулќудус мамлў аст, дар њоле ки њанўз дар шиками модараш буд»** *Инљили Луќо 1.41.*

Пас чаро шумо намегўед, ки Юњанои Маъмадонї ва Самъон ба сабаби даромадани Рўњулќудус дар онњо Худо шуданд? Шумо оё метавонед ба ман бигўед, ки чаро Исо (а) ба худи њамин сабаб Худо шудааст, чунончи худ инро такроран мегўед?

Њамчунин Паёмбари мо њазрати Муњаммад (с) дар яке аз ањодиси шарифи худ дар бораи чї гуна дар шиками модар бузург шудани тифл мегўяд:

***«Њар яке аз шумоёнро офаринишаш дар муддати чињил рўз дар шиками модараш такомул меёбад. Баъди он чил рўз ў ба чизи овезон табдил меёбад ва он алаќа чил рўз гўштпора мешавад, сипас Худованд малоикаеро мефиристад то рўњро дар ў бидамад»***[1]**.**

Аммо ибораи сеюм, ки шумо ба он истидлол кардаед ва он сухани Исо (а) аст , ки мефармояд: **«Биравед ва тамоми умматњоро шогирд кунед ва онњоро бо номи падар, писар ва рўњулќудус Худои ягона ќавї намоед. Ба онњо биомўзонед, ки тамоми ончи барояшон васият кардаам, њифз намоянд».**

Пас ту эй роњиб, Робин! Дониста бош, ки калимаи Рўњулќудус калимае нест хос дар байни масењиён ва дигар динњо низ онро истеъмол мекунанд. Ин калима њам дар Таврот омадааст ва њам дар Инљил ва њам дар Забуру Ќуръон. Оё чунин нест?

**Роњиб Робин:** Бале, чунин аст.

**Абўњомид:** Агар мо ва шумо дар тафсири ин калима ихтилоф дошта бошем, пас чї мешавад барои муайян кардни маънои асосии он як назаре дар китобњои осмонї дошта бошем, њатто дар худи Инљил? Чї мешавад агар он тафсири нодурусте, ки баъзеи шумо онро пањн менамоед, лањзае дар як тараф гузорем?

Дар Таврот омадааст, ки Худованд ба Армиё гуфтааст: **«Пас сухани Парвардигор чунин буд, ки ба ман гуфтааст: Пеш аз он ки туро дар шикам тасвир намудам, туро шинохтаам. Пеш аз он ки ки ту аз шикам берун шудї, туро муќаддас гардонидам. Туро барои миллатњо Паёмбар намудам»** *(Армиё 1:4).*

Пас, ибораи ин ки **«Худованд муќаддас гардонидааст»,** чї маъное дорад? Оё ин маънои онро дорад, ки ўро Худо гардонидааст? Агар маънояш

[1] Бухорї (3036) ва Муслим (2643)

чунин бошад, пас чаро барои ӯ гуфт: **«Ман туро барои миллатњо Паёмбар гардонидаам»**?

Дар Таврот дар њаќќи Юсуфи сиддиќ чунин оят омадааст: **«Малик мегӯяд: Оё шумо ба монанди ин љавоне дидаед, ки Рӯњи Худо дар ӯ даромадааст!»** *Сифри Таквин 41. 38.*

Оё касе гуфтааст, ки Юсуф (а) ба сабаби даромадани рӯњ дар ӯ, Худо аст?

Балки дар Таврот чизи дигаре бузургтар аз ин омадааст: **«Ту њафтод нафарро аз ќавми худ интихоб намо, то бар онњо он рӯњеро бирезонам, ки дар туст. Пас аз дӯши ту гаронии миллатњоро бардошт намоянд. Пас Мӯсо чунин кард ва бар болои онњо аз рӯњи ӯ бирехт, пас аз њамон лањза набї шуданд»** *Сифри Адад 11.16-25.*

Аммо дар Инљил чунин омадааст, ки Худованд њаворийинро бо Рӯњулќудус таъйид намудааст ва бо вуљуди ин касе чунин даъво намекунад, ки њаворийин Худо буданд.

Исо (а) мегӯяд: **«Вале шуморо мерасад ќуввате аз ман, ки Рӯњулќудус дар шумо медарояд ва барои ман дар Ерусалим шоњид мешавед ва дар њар яњудї ва дар Сомира ва ба сӯи поёни замин».** *Аъмоли паёмбарон 1:8.*

Аммо он чизеро, ки барои њуљљат кардан ба он ишора намудї, дар Ќуръони карим метавон онро пайдо намуд. Худованди карим дар ояи 10-уми сураи «Моида» ба њазрати Исо (а) хитоб намуда чунин мефармояд: «**Ёд кун, ай Муњаммад (с) он ваќте ки гӯяд Худованд: «Ай Исо писари Марям! Ёд кун неъмати маро, ки арзонї фармудам бар ту ва модари ту. Чун ќувват додам туро ба Рӯњулќуддус** (яъне ба Љибриил (а)**, ки сухан мегуфтї бо мардумон дар гањвора** (пеш аз булуѓ) **ва дар њолати муаммарї** (баъди булуѓ) **ва омӯхтем ба ту китоб** (хату њикмат ва дониш) **ва Таврот ва Инљилро. Ва чун пайдо мекардї** (месохтї) **аз гил монанди шакли мурѓ ба њукми Ман, пас медамидї дар он** (яъне пуф мекардї онро), **пас зинда мешуд мурѓе ба њукми Ман ва табобат мекардї кӯри модарзодро ва бемории барасро** (яъне песиро) **ба њукми Ман ва чун боздоштам шарру бадии Бани Исроилро аз ту** (ки иборат буд аз њалоки ту). (Ёд кун) **он гоњ, ки овардї ба онон мӯъљизањоро,**

**пас гуфтанд кофироне аз онҳо: Ин ҳама сеҳри ошкорост** (ки ба мо нишон дода)**».**

Пас агар ту ба ин ояте, ки худи шумо барои далел бар Худо будани Рӯҳулқудус овардаӣ, андеша намоӣ, хоҳӣ дид, ки ин оят аз чанд ҷиҳат худ далел бар ботил будани тамоми даъвоҳои шумо мешавад:

**Якум.** Хитобе, ки дар ин ояти Қуръон омадааст, аз ҷониби Худованд аст ба Исо писари Марям, ҳамчун бандае аз бандагони Худованд.

**Дуюм.** Худованд ӯро ба модараш нисбат додааст ва Исоро писари Марям хо нда гуфт: «Писари Марям».

**Сеюм.** Марямро васф намуда ӯро модари Исо хонд ва гуфт: «Модари ту», ки ин далолат бар он мекунад, ки Марям ҳомила шудааст ва Исоро таваллуд кардааст.

**Чорум.** Худо Исоро амр кардааст ва амр аз ҷониби Худованд далолат бар он мекунад, ки Исо банда аст ва аз ҳамин рӯ Худованд фармудааст: **«Ба ёд ор»**.

**Панҷум.** Худованд неъматҳояшро, ки ба Исо кардааст, зикр мекунад ва ӯро амр мекунад, ки онро ба ёд орад. Худованд неъматҳоро ба худаш нисбат медиҳад ва мефармояд: **«Ба ёд овар неъматҳои Маро»**. Пас Исо касе ҳаст, ки барояш инъом кардаанд ва агар ӯ Худо мебуд, ҳаргиз миннати инъоми касеро намебардошт.

**Шашум.** Исо аз Рӯҳулқудус дастгирӣ ва кӯмак меёфт ва агар ӯ Худо мебуд, ба ҳеҷ дастгирӣ ниёз намедошт, зеро яке аз сифатҳои Худо будан он аст, ки аз дигарон бениёз бошад. Аз тарафи дигар, ин дастгирӣ далолат бар он мекунад, ки Исо мӯҳтоҷи чунин дастгирист ва хоҷатмандӣ сифати Худо нест.

Хабари саҳеҳе аз Паёмбар саллалоҳу алайҳи васаллам омадааст, ки ба шоир Ҳассон ибни Собит замоне, ки бо мушрикин дар задухўрд буданд, гуфт: **«Онҳоро ҳаҷв бигў, ки Рўҳулќудус бо туст»**[1].

Ҳеҷ як мусалмон инро нагуфтааст, ки Рўҳулќудус  Худованд аст ва ҳамчунин касе чунин даъвое накардааст, ки Ҳассон ибни Собит Худо шудааст.

Агар мусалмонон пайи ҷустуҷўи чунин мавзўъ мешуданд, албатта, дар матнҳои динии худ ибораҳои зиёдеро пайдо мекарданд, ки ба Худо будани ҳазрати Муҳамад (с) даъвоҳо кунанд. Аммо ба таври ќотеъона метавонам таъкид намоям, ки ин фикр ҳаргиз дар зеҳни онҳо надаромадааст.

Дар сураи «Тур» Худованди мутаъол ба Паёмбараш Муҳаммад (с) хитоб намуда чунин мегўяд: «**Сабр кун** (ай Муҳаммад саллалоҳу алайҳи васаллам ба озору азияти кофирон ҳамзамон) **ба** (интизори) **ҳукми Худойи худ, албатта, ту дар ҳузури чашми Мо ҳастї** (яъне дар ҳифзи Мо мебошї)**. Ба покї ёд кун якҷо бо ҳамду сано Парвардигори худро, ваќте ки** (пеш) **аз субҳ бармехезї**» *(Тур, 48).*

Ин ки Муҳаммад саллалоҳу алайҳи васаллам дар пеши чашми Худованд аст, наздиктар аст аз он ки дар тарафи рости Худо бошад, ҳамчуноне ки масеҳиён дар бораи Исо (а) мегўянд.

Агар мо мехостем тибќи ќоидаҳои шумо роҳ равем, албатта, мегуфтем, ки мусалмонон барои Худо хондани паёмбари худ далоили беҳтар ва бештар аз далоили шумо доранд, вале мусалмонон ин амалро ширк ҳисобида, онро тарк намуданд.

Пас шумо бо кадом далел ҳазрати Исо (а)-ро Худо меҳисобед?...

Оё Исо (а) худро **«Инсон»** ва **«фарзанди инсон»** намеҳисобид?...Оё ҳазрати Марям ўро чанд муддате дар батни худ ҳамл накардааст? Оё Исо (а) дар васфи худ нагуфтааст, ки ў **«тифл»** ва **«ҷавон»** ва **«ҷавонмард»** гашт. Оё эҳтиёҷоти ҷисмонии башарї бо олитарин сурataш дар ў ҳувайдо намешуд? Оё худи ў ва модараш таом намехўрданд? Оё ў баъди ин ҳама барои ќазои ҳоҷат

---

[1] Аҳмад дар «Муснад»-и худ ривоят кардааст (4.298). Шуайби Арнаут мегўяд: «Исноди он саҳеҳ аст ба шарти Бухорї ва Муслим ва ин ҳадис дар Саҳиҳайн бо ибораи ба ин наздик омадааст».

намерафт? Оё ӯ ба хоб намерафт ва аз хоб бедор намешуд? Оё ин њама корњоро Худо анљом медињад? Оё модари ӯ Худо ва ё аќалан модари Худо буд? Оё Исо (а) њангоми таваллудаш хӯрд набуд ва ё њангоми таваллудаш дар шакли љавони барӯманд буд? Оё ин маънои онро надорад, ки Исо (а) њангоми таваллудаш чизеро намедонист, балки њатто модари ӯ чизеро намедонист. Оё ногањон эњсоси њамлро накард? Оё ваќте, ки таваллуд карданаш наздик шуд, аз яњудон дар њарос набуд? Оё метавон Худоро сифати нодонї ва љањолат бидињем? Њамчуноне ки дар Ќуръони карим омадааст: **«Худованд зотест, ки берун овард шуморо аз шиками модарњоятон** (дар њоле ки) **намедонистед њељ чизро ва дод ба шумо** (узви) **шунавої ва бинoї ва дилњо, то бошад, ки шукри** (Ӯро) **кунед»** *(Сураи «Нањл», ояи 78).*

Оё Исо (а) оѓозе надошт маълуму яќин? Оѓози хаёлии шумо њељ далеле надорад.Пас чаро мо дунболи оѓози хаёлї гардида, њаќиќатро нодида бигирем? Чаро мо дунболи авњом ва хаёлот бигардем?

Њатто агар мо гуфтањои шуморо ќабул намоем, ки ӯ аз ќадим таваллуд шудааст, пас њатто агар ин даъвои шумо дуруст ва сањењ бошад, оё ин маънои онро надорад, ки ӯро оѓоз аст? Шумо метавонед бигӯед, ки таваллуди ӯ ќабл аз миллион сол сурат гирифтааст ва њатто миллиард сол ќабл ва метавонед онро садњо миллиард сол бигӯед… њарчї мехоњед илова намоед, вале маљбуред барои таваллуди ӯ бидоятеро интихоб намоед! Оё чунин нест?

Дар инљо барои шумо натиља маълум мегардад, ки модоме ки Исо (а) бидоят дошта бошад, пас ӯ махлуќ аст.

Дар инљо саволе мемонад, ки натиљаи њар савол ба он мерасад ва он чунин аст: Исо (а)-ро кї офаридааст? Кист он офаррандаи ягонае, ки ин тифлро офарида дар ӯ рӯњро дамидааст. Холиќе, ки офаридааст онеро, ки рӯњро дар Исо дамидааст? Кист якка ва ягонае, ки на танњо Исо, балки тамоми махлуќот аз офариниши Ӯ мебошанд?

Њатто агар даъво кунем, ки Худоён хело зиёданд, боз ба њамин савол мувољињ мешавем. Агарчи касе даъво кунад, ки Худоён њазор мебошанд, маљбур аст тибќи њамин њуљљуат яке паси дигаре соќит шаванд ва нињоят ба

як Худои ягона бирасем. Агар мо бигўем Худоён ва офарандагони мардум њазор мебошанд, пас онњо яке паси дигаре соќит мешаванд, то нињоят ба хулосае биёем, ки ин њама Худоёнро як Худои ягона офаридааст. Пас метавонем хулоса намоем, ки ин њама Худоён хаёлї ва беасос мебошанд… Дар нињоят ба натиљае хоњем расид, ки инњо њама махлуќанд… Бале, бояд натиља он бошад, ки танњо Худои ягона аст, ки дорои тамоми сифатњои азамату љалол мебошад. Ў офарандаест, ки на касеро зодааст ва на аз касе зода шудааст. Аз нигоњи аќл мањол аст, ки зоте аз ин њама сифатњои камол бархўрдор бошад ва Ў офарандаи тамоми махлуќот аз адам бошад, вале худи Ў замоне вуљуд надошта бошад. Мањол аст, ки дар касе ин ду сифати ба њам зид яъне холиќият ва махлуќият љамъ бошад. Њамчунин мањол аст, ки адам ва нестї чизеро ба вуљуд оварад ва ё чизеро биёфарад. Пас бояд сисилаи њама чиз ба як чиз поён ёбад.

Устодони мўњтарам! Ман аз шумо хоњиш дорам, эй касоне ки аќлњои худро дар тамоми масоили зиндагии худ ба кор бурдаед! Эй гурўњи роњибоне, ки ман бими онро дорам, ки гуноњи ин њамма миллати масењиро бар дўш доред! Шумо набояд бар хилофи аќлу мантиќ исрорварзї намоед ва ба њаќ мухолифат намоед. Ман аз шумо хоњиш мекунам, аќлњои худро ба кор баред, зеро њар аќидае, ки на бар асоси аќл бино шудааст, дар он њељ хайре нест!

Агар аќл аз як дар дарояд, аќидаи шумо аз дари дигаре хориљ мешавад. Аз љониби дигар чаро шумо њамеша даъво мекунед, ки аќли башарият аз идроки њаќиќати аќидаи шумо ољиз аст? Чаро чунин намегўед, ки аќли башарият метавонанд њама чизро дарк ва эњсос кунад, вале ин аќидаи печ дар печи шумост, ки њамаро дар њайрат андохтааст? Чаро ваќте, ки шуморо бо саволњо муњосира мекунанд, худро ба гўшае мегурезонед ва аќлро бартараф мекунед?

Эй оќилон! Кадом аќл аст, ки Худо будани Исоро ќабул кунад, дар њолате ки Исо (а) худ намедонист, ки дар оянда бар сари ў чї рух хоњад дод ва чї ранљу сахтињоро хоњад чашид ва бе ин ки илми пешина дошта бошад, ўро

ба дор овехтаанд, ҳамчуноне ки худи шумо ба ин аќида ҳастед. Чї гуна ў метавонад Худо бошад ва дар айни ҳол ҳеҷ илме надошта бошад?

### *Оё Исо (а) бадоровехташуданашро медонист?*

**Роҳиби бузург Ритчард:** Кї барои ту гуфтааст, ки Исо он чизеро, ки дар оянда бар сари ў рух доданї буд, намедонист? Исо хуб медонист, ки дар оянда чї ҳодиса рух медиҳад ва ў ба ин олам наомада буд, магар барои он ки ба ин олам раҳої бахшад ва башариятро аз хато ва гуноҳ бо ба дор шудани худ наҷот бидиҳад. Вале ў барои мардум ин илми худро ошкор намекард, зеро касе тавони дарки ин масъаларо надошт. Ҳангоме ки Исо дар миёни онҳо буд ва агар ў ба онҳо мегуфт, ки дар оянда ўро ба дор мекашанд ва пеш аз он ки ў ба боло равад, касе наметавонист Худо будани ўро бовар кунад. Сабаби дуюми ба мардум хабар надоданаш дар он аст, ки хавфи яҳудон буд. Исо (а) ваќте Худо будани худро махфї нигоҳ медошт, ин кор ба сабаби он буд, ки ў дар бораи хатари яҳудон ва ҷурми онҳо хуб маълумот дошт. Ба ҳамин сабаб ҳикмат дар он буд, ки Худо будани худро дар сурати инсон аз мардум пинҳон нигоҳ дорад. Айнан ҳамин посухро роҳиби бузург Фендер дар китоби худ бо номи «Мафотиҳул асрор» додааст ва ѓайри Фендер дигар сарчашмаҳои илмии мо низ чунин гуфтаанд. Пас чї гуна ин посух ба ту нарасидааст? Оё ин ҷавоб бар хилофи аќл аст?

**Абўҳомид:** Шумо ҳарчи бештар худро дар гирдобҳои аќл меандозед, ба ҳамон андоза баромадани аз он гирдобро барои худатон мушкилтар мекунед... Аммо ҳарчи бештар дар баҳс ворид шавем, ҳаќиќати дуруст ба ҳамон андоза равшантар мегардад... Агар мо суханони ҳамин роҳиби бузург Фендерро баррасї намоем, ҳамон роҳибе, ки ту номашро гирифта будї, мебинем, ки ў чунин ёд мекунад: **«Сабаби асосї дар ошкор накардани Исо Худоии худро барои мардум дар он аст, ки бими онро дошт, ки мардум ўро бовар намекунанд».** Дар инҷо мо саволи зеринро матраҳ мекунем: Оё он касе, ки аз шудан ва нашудани коре хавф дошта бошад, ин маънои онро надорад, ки аз ѓўб

чизеро намедонад ва барои њамин кўшишњо ва эњтиёткорї мекунад ва ба асбоб ва олоти комёбї ањамияти бештаре медињад?

Боз барои исботи ин гуфтањои худ далели дигаре овардаї ва он хавфи Исо буд аз яњуд?.... Бо ин ду далелњои сохтаи худ шумо Исоро бо бадтарин сифат васф намудаед ва он љањолат ва тарс аст...

Эй рўњиби бузург! Оё аз ин сахт нафрат намекунї, агар касе туро тарсу ва ё љоњил бихонад? Пас чї гуна инро ќабул мекунї, ки Исо писари Марямро тарсончак ва љоњил бихонї? Оё касеро, ки шумо Худо мехонед, лоиќи онро дорад, ки бо чунин авсоф ўро ном бибаред?

Мардумони ќањрамонон бо миллатњои худ њамеша њаќиќатро мегўянд, агарчи њаќиќат бузург ва талх бошад ва њарчи хатари он сахт бошад ва агарчи дар ин роњ чизњои зиёдеро аз даст бидињанд. Пас, ба Исо писари Марям чї расида буд, ки натавонист бузургтарин њаќиќатро аз тарси яњуд эълон намояд? Марди шуљоъ њатто аз шуљоъњо наметарсад, пас чї гуна аз тарсутарини мардум метарсад?

Оё дар миёни асњоби Исо ва пайравонаш ва дар миёни масењиёни имрўза касе пайдо намешавад, ки аз яњудон натарсад? Пас инро чї гуна метавон ќабул кард, ки дар миёни масењиён шахсоне буда аст, ки аз худи Исо (а) ќавитар ва шуљоъътар мебошанд?

Эй рўњиби бузург! Агар он касеро, ки шумо Худо мењисобед, ба ин андоза тарсу бошад, пас шумо агар аз чизе хавфу хатарро эњсос кунед, ба сўи кї мешитобед ва дар паноњи кї меравед?

Эй рўњиби бузург! Агар Исо тавонист, ки ин њама мўъљизањоро биёрад, пас оё натавонист мўъљизаи дигаре оварад, ки мардум ўро бовар кунанд ва онњоро ба њаќиќат ошно созад?... Оё ин тўњмати нав ва тозае нест, ки наметавонед онро бо аќл созгор намоед?

Эй рўњиби бузург! Ваќте даъво мекунед, ки Исо њаќиќати Худо будани худро аз мардум пинњон кардааст ва инро барои он кардааст, ки њељ яке аз мардуми олам наметавонист ўро бифањмад, пас инљо чунин савол ба миён меояд: Чун Исо (а) натавонист њаќиќатро ба мардум бифањмонад, пас кї аз Исо

бештар қудрат дорад, то ин корро анҷом диҳад? Олам баъди рафтани Исо аз куҷо фаҳмиданд, ки ӯ Худо будааст? Оё ин даъвои шумо ҳама қиссабофӣ, хурофоттарошӣ ва бӯҳтонсозӣ нест?

Ин моро водор ба он мекунад, ки тамоми он чиро шумо ҳамчун далел барои исботи Худо будани Исо (а) мекунед, қабул накунем.

Бо ҳамин асос, ҳарки даъво кунад, ки Исо Худо аст, бар Исо дурӯғ гуфтааст, зеро Худи Исо (а) ҳаргиз чунин нагуфтааст, на бо забонаш чунин гуфтааст ва на касе чунин фаҳмидааст.

Пас, ин ҳама чаро моро водор бар он намекунад, ки чунин пурсише бикунем: Агар рисолати Исо (а) барои он набошад, ки ба мардум Худо будани худро бифаҳмонад, пас рисолати ӯ фаҳмонидани чӣ чизе будааст? Барои шумо чизе боқӣ намемонад, магар ин ки бигӯед: Исо паёмбари Худо аст, ки ӯро ба сӯи мардум фиристодааст, ҳамчуноне ки пеш аз ӯ дигар паёмбаронро фиристода аст.

Саволи дигар: Эй роҳиби бузург! Агар ту чунин ақида дорӣ, ки Исо (а) анҷом ва поёни сарнавишти кори худро медонист, пас чаро вақте ӯро ба дор овехтанд, ба гиря даромад, ҳамчуноне ки худи шумо чунин ақида доред? Оё ба фикри шумо ӯ аз марг метарсид? Оё ба фикри шумо ӯ аз сарнавишти худ мутмаин набуд? Оё ба фикри шумо дониши ӯ дар ин лаҳзаҳо ба хато роҳ дод? Оё ӯ дар ниҳояти кор аз ин саранҷом пушаймон шуда буд? Бинобар ин, оё он касе, ки аз ӯ ин ҳама содир мешавад, ҳаққи Худо буданро дорад ё не?

Эй роҳиби бузург! Оё мехоҳӣ, то мо хулосабандӣ кунем? Беҳтарин таъзим ва қадрдонӣ аз Исо (а) вақте сурат мегирад, ки ӯро банда ва фиристода Худо бидонӣ. Дар баробари ин бадтарин таҳқир ва иҳонат дар ҳаққи ӯ он аст, ки ӯро Худо ва парвардгор бидонӣ.

Ин қоидаро хуб татбиқ намо ва дар он бештар назар ва андеша кун. Агар ту ин корро анҷом додӣ, дар ин сурат хоҳӣ дид, ки чӣ гуна дар ақл, дил, фаҳм, амал ва умуман дар тамоми ҷанбаҳои ҳаётат равшаниҳо медарояд.

**Роҳиби бузург Ритчард:** Ба фикри ман ту масъаларо баръакс нишон медиҳӣ, эй Абӯҳомид! Гӯё ту бо ин суханони худ гуфтани ҳастӣ, ки Исо бар худ ор ва нангро раво доштааст вақто худро **«Писари Худо»** мехонад ва ё мегӯяд **«Худо падари ман аст»**!... Ҳамчунин инро таҳқир меҳисобӣ агар яке аз масеҳиён даъво кунад, ки Исо писари Худо аст.!

Ман сирри ин суханони туро хуб медонам. Ту агар аз нигоҳи ақида доварӣ кунӣ, медонӣ, ки сутуни асосии ақида он аст, ки пурра ба он таслим шавем ва набояд ақлро довар қарор диҳем. Зеро ҳангоми баҳсу баррасии ақида тавассути ақли инсонӣ ин моро ба изтироб мерасонад. Ҳамчунин чизи дигаре аст, ки ман онро барои ту ошкоро арз медорам. Агар мо имрӯз фарз намоем, ки тамоми гуфтаҳои ту дурустанд, пас оё ту гумон мекунӣ, ҳамин мантиқи туро дар ҳамин қазия ҷомеаи мо масеҳиён қабул доранд?

Оё чунин гумон мекунӣ он ақидае, ки дар дили мо наздик ба ду ҳазор сол рӯйидааст, мумкин аст ба ин осонӣ бо чанд ибораи ту аз наслҳо дур шавад?

Даровардани тағйирот дар харитаи ҷуғрофӣ ва овардани чанд кӯҳ бар кишваре осонтар аст аз даровардани тағйирот дар ақидае, ки дар дилҳо маҳкамтар аст аз маҳкамии кӯҳҳо.

## *Оромиш дар истифодаи ақл дар масоили ақидатист*

**Абӯҳомид:** Агар ту ақидаи дурустро медонистӣ, ҳаргиз намегуфтӣ ки роҳат дар он аст, ки дар масоили ақидатӣ набояд аз ақл истифода намуд. Ақидаи ботил ҳаргиз ба соҳибаш осудаҳолӣ намебахшад, магар ба андозаи чашидани афюн. Раҳоӣ ёфтан аз чунин ақида осонтар аст аз раҳоӣ ёфтан аз истеъмоли афюн. Нобуд шудани чунин ақида осонтар аст аз нобуд шудани кафк дар болои об. Касоне, ки намехоҳанд ақлро ба кор баранд, онҳо хавфи онро доранд, ки нури ҳақиқат ақли хоб ва беҳушро дар ҳаракат дарорад ва онро бедор кунад ва аз торикӣ раҳо бахшад.

Ин намуд ақл хавфи онро дорад, ки аз хоби гарон бармехезад. Чунин ақл аз он хавф дорад, ки аз лона берунаш мекунанд. Он метрасад, ки ақидааш дар фазо бухор мешавад, агар ба он партави ақидаи дуруст бо нур ва ҳарораташ битобад.

Ин аст њамон равишњои умуми пайравони  аќидаи шумо дар бораи њазрати Исо (а). Агар чунин набошад, пас оё метавон тасаввур намуд, ки касе, ки њазрати Исо (а)-ро дўст медорад, дар дилаш аќидаеро парвариш дињад, ки худи Исо (а) пайравонашро аз он барњазар мекунонид. Оё метавон тасавур намуд, ки ин корро танњо барои он мекунад, ки хотираш бо ин куфр осудатар мебошад?

Оё мантиќи дўстдор чунин аст ва ё дўстдор он касест, ки омода аст то барои мањбуби худ тамоми услуби зиндагї ва тамоми орзу ва њавасњояшро фидо намояд? Пас худ бигўед, чї хатое дар њаќќи Исо (а) содир мешавад бузургтар аз њамин аќидаи нодуруст?

Инро хуб дониста бошед, ки мо чизеро аз шумо талаб намекунем, магар ин ки аќли худро дар бораи аќоиди худатон ба кор баред ва дар ин сурат роњат ва оромии шумо дучанд мегардад, ки њам рўњатон истироњат мекунад ва њам аќлатон. Бояд њаќиќат равшан гардад ва дар ин сурат хоњед дид, ки њаќиќати динї аз њаќиати илмии муосир њељ фарќияте надорад. Зеро њарду њаќиќат мебошанд ва њаќиќат бо мурури замон таѓйир намеёбад.

Њамчуноне ки дар ин мавзўъ шарќшиноси сувесрї Рољей Дубо Сквей дар китоби худ бо номи **«Изњорул Ислом»** мегўяд: **«Хонанда бояд ба иктишофи олам бипардозад, то замоне ки дар итоати ањкоми илоњист ва аз лињози мабдаъ бо фарњанги муосир ихтилоф дорад. ... Пайдоиши Ислом яъне исбот намудани далоил бар имконияти зиндагї дар партави њаќиќат аст»**[1]**.**

Ин аст азамат... балки азамати ягона дар њамин аст. Ту набояд Павардигори худро ба монанди худат махлуќ бињисобї, њарчанд махлуќи бузургаш бишморї. Зеро махлуќ будан маънои онро дорад, ки ў њам ба монанди ту офарандаи худро ибодат мекунад. Аз њамин лињоз, азамати паёмбарони бузург дар он буд, ки аќлњои мардумро аз парастории махлуќон рањо намуда, ба сўи ибодати Худованди бузург ва бењамто роњнамої менамуданд.

[1] «Нубуввати Муњаммад (с) дар тафаккури шарќшиносони муосир». Таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ. 209.

Азамат ва бузургии њазрати Исо (а) низ дар њамин буд. Ў Парвардигори худро ба монади дигар паёмбарон ба хубї шинохт ва ўро таъзим мекард ва танњо ўро мепарастид... Ў бо њамин имону аќида њаёти худро ба танњої мегузаронид, то ин ки аз ин замин рахти сафар баст. Ту низ метавонї бузург бошї, агар роњи ин бузургонро идома дињї ва барои ту кофист, ки роњнамое чун онњо дошта бошї ва пешбаре ба монанди эшон.

Ин њама далолат бар он мекунад, ки баъзењо дар њаќќи њазрати Исо (а) гунонњи бузургеро муртакиб шуданд, ваќте аз номи Исо даъво мекунанд, ки гўё ў мардумро ба ибодати худ даъват мекард. Кадом бадї дар њаќќи Исо (а) аз ин бузургтар мебошад? Ин бадї ва тањќири бузургест дар њаќќи ў ваќте ўро дурўѓгў ва ќаллоб ва хоини бузург меномї.... Њарчи амонат бузургтар бошад, љурми хиёнат дар он бузургтар аст.... Кадом амонате болотар ва бузургтар аз рисолати Худованди мутаол ба шумор меравад.

Онњо гумон мекунанд, ки Худованд ўро баргузидааст ва фиристодааст, пас ў чењраи мардумро аз тарафи Худо ба тарафи худ гардонидааст. Ў ба мардум хабар додааст, ки ў писари Худо аст. Чї гуна Худованд ин њама паёмбаронро мефиристад ва онњо њама мардумро ба тавњид ва парастидани Худо даъват мекунанд ва тамоми миллатњо ба ин шањодат медињанд, магар Исо (а), ки ба ќавми худ мегўяд: Танњо ўро ибодат намоянд ва набояд Худоро ибодат намоянд.

Ў ошкоро њамчуноне ки дар Инљили Матто омадааст, мегўяд: **«Шумо дар болои замин барои худ падар нахонед, зеро падари шумо як аст, ки дар осмонњост. Ва шумо муаллим нахонед, зеро муаллими шумо як аст Исо»**.

Дар Инљили Юњано 14.25 омадааст: **«Суханонеро, ки мешунавед, аз ман нест, балки аз падар аст, ки маро фиристодааст».**

**Роњиб Робин:** Ман мехоњам ба ќисмати дуюми саволи роњиби бузург Ритчард баргардам. Њаќиќатеро, ки ман садои онро дар ботини худ эњсос мекунам, болотар ва бузургтар аз он аст, ки ту мегўї, эй Абўњомид. Он њаќиќат њадди аќал ќонеъкунанда аст, вале бино бар гуфтањои ту оё ту умед дорї, ки мо

дин ва таърихи худро раҳо намуда, дунболи гуфтаҳои ту биравем? Оё ту умеди онро мекунӣ, ки ин шахсиятҳое, ки дар пеши чашми ту истодаанд, имкон дорад хатои ононеро, ки хато кардаанд, бар дӯш бигиранд, ин ҳам агар онҳо хато карда бошанд, вале దониста бош, ки гузаштагони мо ҳаргиз хатое накардаанд. Оё мунтазири он ҳастӣ, ки уммате бо ин ҳама бузургӣ ва ин теъдоди инсонҳо имкон доранд дигаргун шаванд, ин ҳам бошад танҳо ба хотири он ки қаноати роҳиб Робин ё фалон олим ё фалон донишманд ё… дигар шудааст?

Эй Абӯҳомид! Ман ҳоло аз ту мехоҳам то мантиқӣ ва ақлонӣ бошӣ. Ман намехоҳам ту дар отифаҳои мо даст бизанӣ, ки гӯё ин моем, ки ақлҳои мардумро пӯшонидаем ва ин моем, ки бояд хатоҳои мардумро бар дӯш бигирем!

### *Бузургтарин масъулиятҳо дар назди Исо (а)*

**Абӯҳомид:** Дар зимни ҳамин суханони ту рӯҳияи наздикшавӣ ба корбурди ақл дида мешавад, вале ҳаросе аз ин анбӯҳи мардум ва нигароние аз таърих ва хатари аз даст додани оянда дар ту дида мешавад. Вале оё ин баҳонаҳо метавонанд бори масъулиятро аз дӯши шумо дур кунад? Оё ин кори шумо далели амонат аст ё далели шуҷоат? Оё нахустин вазифаи шумо он нест, ки ақлҳоро аз ин бандҳо раҳо созед ва баъди он худро раҳо созед? Ин аст қадами нахустине, ки бояд қадами худро бигзоред ва набояд лаҳзае онро ба таъхир расонед. Оё агар мардум дер кунанд, бояд мо низ дер кунем?

Қуръони карим хитобе ба гузаштагони шумо намудааст вақте онҳо дар пазируфтани даъвати Паёмбар (с) дерӣ мекарданд. Худованди мутаъол мефармояд: «**Бигӯ** (ай Муҳаммад) **ҳамоно панду насиҳат медиҳам шуморо ба як калима, ки бархезед ба ибодати Худо ҷуфт-ҷуфт, боз тафаккур намоед** (дар ҳаққи Муҳаммаду китобе, ки овардааст)**. Ин ҳамсӯҳбати шумо** (яъне Муҳаммад (с) **девонагие надорад, ӯ танҳо паёмбарест, ки метарсонад шуморо аз омадани азоби сахт**» *(Сураи «Сабо», 46).*

Ин маънои онро дорад, ки барои ҳар шахс воҷиб аст, ки худ андеша намояд ва ба қароре ояд ва дар андешаи наҷоти худ бошад ва набояд дунболи ҳар касе кӯр-кӯрона биравад.

Оё олимон бояд дар љомеа ба монанди олимони роњиб дар поён бошанд? Аз кадом замон ароба аспро мекашондагї шудааст? Аз кадом вақт гўсфандон чўпонро муњофизат мекардагї шуданд? Аз кадом вақт дар љомеа чунин мантиқ њоким шудааст, ки тољир бигўяд: Вақте дидам дигар тољирон зиён кардаанд, ман низ бояд зиён кунам? Аз кадом вақт зиён ва њалокатро улгуе барои зиён ва њалокат мекунанд?

Агар мурдаеро пеш аз чанд соат ба хок супоранд ва ду метр хокро ба болояш бирезанд, пас аз лањзае маълум шавад ки он мард бењуш будааст на мурда, пас он мард аз хоб бархезад ва дар зери замин ба њаракат дарояд ва кўшиш кунад, ки хокро аз болои худ дур намояд ва аз қабр баромада ба назди зану фарзандонаш баргардад. Мардуме, ки дар боло буданд, њаракатеро дар даруни қабр эњсос кунанд ва донанд, ки он мард зинда аст, пас чї кор бояд кунанд? Оё бењтар он аст, ки бо пойи худ бар сари ин қабр бизананд, то он мард дар њақиқат љонашро аз даст бидињад ё бењтар он аст, ки хокро аз сари ў дур кунанд ва ба ў кумак намоянд, то аз онљо ба берун барояд? Ту метавонї њар намуде, ки бихоњї, њукм намої. Вале худро ба љои он мард тасавур кун, баъди он қарори муносибе бигир. Ин аст њақиқати ақидаи ту, ки солњост дар зери теппаи хок дафн шудааст, вале он касе, ки намехоњад садои он зиндаро бишнавад, ин тањо шумоед.

Бузургтарин вазифаи масењиёни оқил дар ин рўзњо он аст, ки худро холис намоянд ва њамчунин барои холис намудани ақидаи дигар мардум талошњо намоянд. Онњо бояд бикўшанд, то мардумро аз ин изтироботи ақлї рањо бахшанд, то онњо тавонанд ақли худро њамеша ва дар њама њолатњо њоким кунанд. Онњо набояд бо ақли худ дар љанг бошанд ва зоњиру ботини онњоро яксон намоянд. Масењиён аз қадим масале доранд, ки њақиқати ақидаи онњоро баён мекунад. Масал чунин мегўяд: *«Агар дањ масењї якљо љамъ шаванд, то ба як сухан иттифоқ намоянд, онњо ба ёздањ сухан људо мешаванд»*[1].

---

[1] Алљавобу-с-сањињ (2-266)

Бузургтарин меҳру вафоро ваќе ба ин дин метавонед таќдим намоед, ки дини ҳазрати Исо (а)-ро аз ин омехтаҳои ширкї пок созед, омехтаҳое, ки ин дини осмониро аз мартабаи мушрикин ҳам поёнтар кардааст... Дине, ки дар миёни динҳо ба монанди зоѓе гаштааст, ки дар миёни дигар паррандагон дар роҳгардї мавриди масхара сурат гирфитааст. Зоѓе, ки на сурати зебо дорад, на садои зебо ва дар пастию зиштї бо он зарбулмасалҳо мезананд.

Уммати шумо, ки дунёро дар соҳаҳои илму техника ба ин ҳама тараќќиёт бурдааст, метавонад аќли худро пок созад ва динашро дуруст намояд ва миёни дини дуруст ва аќли солим ваҳдат эҷод кунад. Барои он ки инумматро ба дини ноби ҳазрати Исо (а) ба замони пеш аз он ки Пулис дар он таѓйирот дароварда буд, баргардонед, ин кор ба ҳиммате ба монанди ҳиммати Пулис ниёз дорад вале на барои вайрон кардани асосҳои ин дин, балки барои ҳидоят ва роҳнамоии уммати худ. Биёед, то теппаи хокро, ки беш аз ду ҳазор сол бар он гузошта шудааст, аз болои он бардорем. Пас, кист то бори гарони ин ҳама солҳоро бар дўш бигирад?

Он касе, ки ҳаќро мешиносад ва ба он ќонеъ мешавад, вале аз бими ҳамсар ё аз бими модару оила ва ё аз хавфи дўстон ва ё тарси аз даст додани вазифа, роҳи ҳаќро мебандад… Пас бигзор чунин инсон ба монади сулолаи гузаштагон, ки дар гумроҳї рафтаанд, бимирад ва дар интизори рўзи ќиёмат бимонад, то Худованди мутаъол ҳаќиќатро ошкор ва равшан кунад. Пас дар ҳамон рўз ҳазрати Исо (а) аз ў безорї љўяд, балки тамоми аҳлу ёронаш аз ў безорї љўянд, ҳамчуноне ки Худованд дар сураи «Баќара» мефармояд: «**Дар он ҳолат** (дар ҳолати дидани азоб) **безорї мекунанд пешвоёни куфр аз тобиъону пайравони худ ва бурида мешавад, ба нисбати онон тамоми асбоб** (яъне василаҳо ва баҳонаву маъзарат боќї намемонад)**. Гўянд пайравонашон: «Кош моро бозгаште бошад** (ба дунё)**, то ки безорї кунем аз он пешвоён мисле, ки безор шуданд онон аз мо». Ҳамчунин нишон диҳад Худо дар чашми онон кирдорҳояшонро, ки саропо пушаймониву ҳасрат аст бар онҳо ва нестанд беруншаванда аз дўзах**».

Пас бигзор њар инсони оќил худ интихоб намояд, ки кадоме аз ин ду хориро мехоњад? Чанд лањза хориро дар баробри хонадон ё љамъияти худ ва ё хории абадиро дар пешгоњи њазрати Исо (а) ва дигар паёмбарон ва дар баробари Парвардигори оламиён ва гирифтор шуданро ба азоби абадї… Дар он рўз на ањли хонавода метавонанд туро њимоят кунанд, зеро њама мушриканд ва на тавони онро дорї, ки бори дигар ба ин дунё баргардї, зеро марњалаи дунё дигар ба поён расидааст ва замину осмон пошида шуданд… Дар Ќуръони карим Худованди мутаол дар сураи «Анбиё» мефармояд: «**Рўзе, ки бипечем осмонњоро монанди печонидани** (вараќаи) **тўмор, ваќти навиштан номањоро, аввалин бор чунон ки офарида будем, дувумбора њамчунон пайдо кунем** (ин) **ваъдаи њатмиву лозимист бар Мо, албатта, Мо чунинкунандаем. Њамоно навиштем дар китоби Забур, баъд аз Таврот, ки ворису соњиби замин шаванд бандагони солињи мо** (яъне дар охируззамон паёмбаре мабъус шавад ва уммати ў бар њар гўшаву канори замин ѓолиб шаванд)**. Албатта, Ќуръон кофист гурўњи обидонро. Ва фиристодем туро** (ай Муњаммад (с) **рањмати оламиён. Бигў: Яќинан вањй фиристода мешавад ба сўи ман, ки маъбуди шумо Худои яктост. Пас оё гарданнињанда њастед?** (ба вањй) **Пас агар иъроз кунанд** (аз ќабули вањй), **бигў: Хабардор сохтам њамаи шуморо дар ин боб ва лек намедонам, ки мавъуди шумо** (яъне ќиёмат) **наздик аст ё дур. Албатта, медонад Худованд сухани пинњону ошкороро. Ва медонам, шояд таъхири мавъуд имтињоне бошад шуморо ва бањрамандї то муддате.** (Муњаммад (с) гуфт): **Худоё, њукм кун ба ростї, Парвардигори мо бахшоянда аст, танњо аз Вай мадад талаб карда мешавад бар он чї мегўед** (ки Худо якто нест, Наъузубиллоњ)**».** *(Сураи «Анбиё», оёти 104-112).*

На! Ту њаргиз магў, ки таърихи мо ва таърихи шумо…!

Таърих њама мегузарад. Кишварњо нобуд мешаванд. Замин бо тамоми он чи дар болои вай аст, нест мешавад... Вале инсон дар пешгоњи Худо барои њисобу китоб рост меистад. Таърих далеле мешавад барои ту ё ба фоида ва ё бар зарари ту... Пас чаро ин ќадар якравї мекунед?

Ин кор инсонро водор мекунад то ба сўи худ баргардад, лаҳзае бо худ биншинад ва ошкоро сўҳбат ва мунокиша кунад. Ту агар ба ҳар андозае дар пеши чашми дигарон бузуг бошї, вале худат худат мебошї. Худ барои худ оинаи софе мебошї, ки беѓубор ва беолоиш ҳакикати худро нишон медиҳї. Пас набояд дар оина ѓубор бигзошт ва набояд ҳакикатро нодида гирифт. Агарчи ту аз лиҳози дин, дорої ва иљтимої шахси бузурге бошї, вале дониста бош, ки чизе аз адои ин вазифа бузургтар нест. Агар ту шахси бузурге шудан хоҳї, дар ин сурат ҳам чизе аз ин хубтар нест.

Марде ба дигаре гуфт: Ман аз ту як ҳољати кучакеро мехоҳам. Гуфт: Пас аз марди кўчаке онро талаб намо. Он мард бо чунин суханони худ гуфтанї аст, ки агар ту ҳољати бузурге дошта бошї, аз ман талаб кун, вале ҳољатҳои кўчакро аз касе талаб кун, ки ў низ кўчак бошад.

Эй роҳиби бузург! Рўзе дар пеши кабристон биншин ва бингар, ки чї касоне дохили он љо мешавад...

Эй роҳиби бузург! Оё мехоҳї шумораи касонеро, ки ҳар рўз мемиранд бидонї? Балки мехоҳї бидонї, ки ҳар сония чї кадр инсонҳо ин дунёи фониро тарк мекунанд? Шумораи касоне, ки дар як сол мемиранд (5520557882) ва дар як моҳ (4600481,1) ва дар як рўз (150835) ва дар як соат (6285) ва дар як дакика (105) ва дар ҳар як сония (1,7) инсон. Пас маълум шуд, ки имконияти мурдан дар ҳар сония вуљуд дорад.

Пас нафсат барои ту содикона мегўяд: Рўзе мерасад, ки маро ин рўзгор ба монанди ҳамаи ин мардум мемиронад... Рўзе омаданист ва дар он шакке нест, вале баъди он ман чї кор мекунам?

Боз ист! Ва аз таҳти дил ба он бигў: Не! Боз ҳам не!...

Бояд ман ѓаму андўҳро дар ин олам бичашам ва дар итоати Худо бошам... Агарчи ин кор сахт бошад... Агарчи ѓаркшудагон хело зиёд бошанд, ҳељ боке надорад... Оё барои ман ҳамин иззат кофї нест, ки корҳоям бо акли худи ман мувофикат мекунанд?... Оё ин иззат нест, ки ман дар даруни худ нуреро афрўхтаам, ки маро дар тамоми арсаҳои ҳаётам ба акидаи дуруст ва саҳеҳ бирасонад?

Њељ боке надорад... Оё барои ман ин њама иззат кофї нест, ки ман њаќро пайдо кардаам ва Худо бо ман аст?

### *Ишораи шукўњу сарбаландї*

**Роњиб Робин:** Он чизеро, ки ту мегўї, аз доираи аќл берун аст, зеро гуфтањои ту мавъизае буд ва эњсосоти моро ба њаракат даровард.

**Абўњомид:** Оё эњсосро бояд нодида гирифт? Оё аќл бо эњсос зиддият дорад? Эњсос њарорати нозукест, ки аќли љомидро ба њаракат меандозад. Аз тарафи дигар оё он аќле, ки соњибашро вайрон мекунад, фоидае дорад? Аќл он аст, ки соњибашро дар дунё ва охират наљот дињад, њамчуноне ки Ќуръони карим иќрорњои дўзахиёнро меорад, ки онњо худро беаќл меноманд. Худованд мефармояд: «**Њар гоње, ки партофта шавад дар дўзах гурўњеро, нигањбонони дўзах аз он гурўњи дўзахиён пурсанд: «Оё наёмада буд** (дар дунё њељ паёмбаре барои даъвати шумо?)**.** (Дўзахињо) **гўянд: «Оре, омада буд ба мо Паёмбар** (аз љониби Худо)**,** (лек) **мо ўро такзиб кардем ва гуфтем: Фуруд наёвардааст Худо** (ба њељ касе) **њељ чизеро** (ва гуфтем ба паёмбарон хитоб намуда)**, њамоно шумо дар залолату гумроњиед!». Ва гўянд** (кофирон) **агар мо мешунидем** (суханони паёмбарро) **ё ки мо мефањмидем, имрўз дар гурўњи дўзахињо дохил намешудем»** *(сураи «Мулк», 8-10).*

**Эй устод! Агар каси дигаре барои ту ин њама хурофотро ба мерос гузошта бошад, баробар аст, ки ў хурофот будани онро медонист ё не… Пас оё ту розї мешавї, худ дониста ба фарзандон ин њама хурофотро ба мерос бигзорї?**

Кадом навъ инсон фиребгартар аст, он ки моли ќалбакиро ба мерос мемонад ё он касе, ки дини ќалбакиро ба мерос мегузорад?

### *Даст ва ангуштон далели яктопарастї мебошанд*

**Роњиб Силас:** Эй Абўњомид! Ба сабаби он ки ба чанд саволи мо љавоб додаї, њаргиз гумон макун, ки мо ба ту таслим шудем. Ту гумон макун, ки саволњои мо тамом шуданд ва ту ба тамоми саволњои мо љавоб додаї. Не

њаргиз чунин нест. Ин муборизаи фикрї ва муборизаи аќидавист. Мо њаргиз таслим намешвем ба монанди он ки љанговар дар саҳнаи набард таслим мешавад. Мо дар инљо бо њам сўњбати дўстона дорем на ин ки љанговаронем… Ту ба ин дасти ман як назаре кун! Оё ин дасти ман равшантарин далел барои имкони ба њам омадани сетопарастї ва яктопарастї нест? Дар ин дасти ман чанд ангушт вуљуд дорад? Чї тавре мебинем, панљ ангушт вуљуд дорад, вале дар нињоят он танњо як даст аст.

Ин мисол барои ту бидуни њељ шакку тардид, онро исбот мекунад, ки як чиз метавонад як бошад ва дар айни њол метавонад чанд адад бошад.

**Абўњомид:** Ман мегўям њар боре барои шумо мушкилие дар бањс пеш омад, пас ту ба њар ду дастонат назар кун. Агар хуб андеша кунї, хоњї фањмид, ки дастон далели тавњиди њаќиќист ва он њељ далолате бар сетопарастї ё панљтопарастї намекунад.

Эй роњиб Силас! Оё њељ шахси оќиле метавонад чунин бигўяд: **«Ин ду дастони ман як даст мебошанд»?**

Ваќте ту дар бораи ду даст сўњбат мекунї, пас бояд барои ман исбот кунї, ки ин ду даст як даст ба шумор меравад. Њамчунин ваќте дар бораи панљ ангушт сухан мегўї ва бо онњо далел меоварї, пас бояд барои ман исбот намої, ки ин ангуштони панљгона як ангушт ба шумор меравaнд. Даст як чиз аст ва ангушт як чизи дигар.

Боз ту дар бораи як даст сўњбат мекунї, ки ба ман нишон додаї. Акнун инро барои ман исбот намо: Њамон як дасте, ки ман мебинам, се даст аст, на як даст, њар як даст алоњида аст ва аз њам људоянд ва онњо бо њам дар тамоми сифат ва хусусиятњо баробаранд. Ин њамаро барои ман исбот намо, ки бо вуљуди он ки ман онро танњо як даст мебинам, оё ин имкон дорад, ки онро се намуд бубинам? Биё, ба ангуштон бингарем, ту барои ман як ангуштро нишон дењ ва исбот намо, ки он панљ ангушт аст. Оё њељ шахси оќиле њаст, ки панљ ангуштро як њисоб кунад?

Дар охир эй роњиб, Силас! Дониста бош, аз як мисол ба мисоли дигар гузаштан њељ натиљаи мусбие намедињад. Агар ту барои расидани ба њаќиќат љиддї бошї, њар услуберо пеша кардї, метавонад аќлат туро роњнамої кунад. Вале агар аслан ту дар љустуљўи њаќиќат набошї, дар гўша ва канори олам мегардї, вале њаргиз ба њаќиќат нахоњї расид.

Њамин дасте, ки ту онро њамчун мисол овардї, агар дар атрофи он бањс намоем ва ман бо ту дар як чиз иттифоќ намоям, ту метавонї аз ин иттифоќ рўй гардонї ва бањсро аз даст ба тарафи дигар кўчонї. Њар бор барои вањдонияти Парвардигор ман далеле бароят оварам, ту риштаи суханро ба тарафи дигар бурда, далели нав талаб мекунї. Вале агар ту љиддї бошї, албатта, дар нињоят ба чї будани њаќиќати писар ва Рўњулќудус мерасї ва дар он сурат њаќиќати офаридагори онњоро низ дарк хоњї кард... Дар нињоят љавоб он хоњад шуд, ки Худованд якка ва ягона аст.

Эй роњиб! Низоми тавњиде, ки ман бо ту бањс мекунам, низомест, ки тамоми њастї ба он шањодат медињад. Низомест, ки тамоми зиндагии худро дар асоси он барпо мекунем ва он низомест, ки тамои мављудот пойбанди он аст.

Оё инро мушоњида намекунї, ки дар низоми оиладорї агар дар як оила ду нафар њоким бошанд, ин оила рўй ба вайронї меоварад ва пароканда шуда аз њам мепошад ва ихтёри њар яки онњо дар дасти худ мегардад ва дар нињоят њар яки онњо бо роњи хоси худ рафта, аз њам људо мешаванд.

Оё мушоњида намекунї, ки њадафи асосии тамоми интихоботи олам он аст, ки танњо як нафар њоким бошад, ки онро раисљумњур ё президент меноманд. Њаргиз то кунун наметавон тасавур намуд, ки дар як кишвар беш аз як нафар њоким гардад. Оё намебинї… Дар як киштї бояд як нафар нохудо бошад ва илло он киштї ѓарќ мешавад!

Дар оилаи занбўри асал њам њамин тавр аст ва бояд онњо танњо як малика дошта бошанд. Дар миёни кабутарон низ њамин вазъият аст, дар љангал ва дар њама љо њамин аст. Дар њар љое, ки њоким беш аз як нафар шуд, ба онљо харобї ва вайронї мерасад. Ин гуфтањо њама аз нигоњи аќл дуруст аст ва

ба низоми китобњои осмонї мувофиќат мекунад. Ба ин гуфтањо Ќуръони карим низ далолат мекунад, Худованди карим дар сураи «Анбиё» мефармояд: «**Агар мебуд дар осмону замин худоёне љуз Зоти ягона, албатта, харобу табоњ мегаштанд осмону замин. Пок аст** (Худо) **- сохиби Арш аз он чї васф мекунанд** (Ўро мушрикон)».

Оё метавон чунин фикр кард, ки Худованде, ки тамоми мулкашро дар асоси тавњиди холис ба назм даровардааст ва њаёти моро дар асоси он барпо намудааст, дар охир моро амр мекунад, то сетопарастиро эътиќод намоем? Ва барои мо мегўяд **«Се дар як аст ва як дар се аст?».**

Эй рохиб, Силас! Оё ба фикри шумо агар ман худро маљбур намоям ва гуфтањои туро ќабул кунам ва рўи худро ба тарафи осмон намоям, оё шумо фикр мекунед, ман дили худро ба сўи як Худо равона намудаам ё ба сўи се Худо, дар њоле ки ба аќидаи ман онњо сето мебошанд? Албатта, таваљљўњи ман ба сўи се Худо мебошад, зеро дар пеши назари ман се Худо аст, ки аз њам тафовут доранд... Падар ба аќидаи шумо марди бузургест бо риши сафед... Писар сурати Исоро дорад, ки ба дор овезон аст ва ё тифлакест дар оѓўши модари худ… Рўњулќудус ба сурати љавони сафедест бо риши сиёњ!...

Оё ин се сурате нестанд, ки шумо барои се шахс тасвир намудаед ва њар яки онњо дорои авсофест, ки он авсоф дар дигар дида намешавад ва њар сурат дар зењн ба тариќаи хосса мемонад. Пас ваќте таваљљўњ ба сўи Худо мекунам, бояд кадом яке аз ин суратњоро дар зењнам биёрам? Оё ноороми бузургтар аз ин мешавад?

Ё ин ки бояд ман аќли худро як тараф монда, чашмонамро мањкам бипўшам, баъди он дастонамро боло намуда дуо намоям… Муњим он бошад, ки серо дар як ва якро дар се бихонам?

Бояд дастонам ба сўи яке аз онњо равона бошанд, дилам ба як тараф ва зењнам ба тарафи дигар?

Каме ба худ фикр кун! Агар ту ба ќасри подшоње дарої ва дар онљо се шоњро нишаста бинї, ки њама дар рўи як тахт нишастаанд ва њар яке аз ин подшоњон сифати хоси худро дошта бошад, ки аз дигараш фарќ мекунад.

Бароят бигӯянд: Ҳар дархост ва хоҳише дошта бошӣ талаб кун. Оё аввалин саволе, ки дар зеҳни ту меояд он нест, ки дархости худро ба кадом яке аз ин подшоҳон пешкаш намоям? Баъди он бо худ андеша намуда мегӯӣ: Кадом яке аз ин подшоҳон қавитар аст, то дархостамро ба ӯ бидиҳам? Ба кадомаш онро пешкаш кунам, то дигараш дар ғазаб наояд?

Албатта, таваҷҷӯҳи қалб ва самти нигоҳат танҳо ба тарафи оне мешавад, ки дар миён аст. Зеро оне, ки дар байн аст, асл аст ва он дуе, ки аз ду тараф истодаанд, ҳар гоҳ ҳоҷате онҳоро пеш омад, ба монанди ту рӯ ба оне, ки дар байн аст, мекунанд. Пас натиҷа он аст, ки он зоте, ки ин ду ба ӯ рӯй меоваранд, лоиқи он аст, ки ман низ рӯй ба ӯ оварам.

Ӯ Павардгори тавоноест, ки ин ду ҳам аз нотавонӣ, ҳоҷатмандӣ ва нуқсоноти худ ба ӯ шикоят мекунанд. Ӯ Парвардигори азиз аст, ки ин ду ба монанди тамоми халқ дар пешгоҳаш хору залиланд. Ӯ Парвардигор, нигоҳдор ва доност, зеро ин ду ва тамоми халқ ҳоҷати худро аз Ӯ талаб мекунанд. Ҳамин тариқ, агар аз ҳар тараф андеша кунем, мебинем башар ҳамеша муҳтоҷ аст ва аз ҳама тараф назар кунем, мебинем Худованд дорои тамоми сифоти камол аст, ҳамчуноне ки номҳои зебои Худованд баёнгари он аст. Оё ин мантиқи ақл нест?

Як ҳадиси шарифе аз ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст, ки дар он ҳазрати Муҳаммад (с) барои дуруст будан ва мавриди қабули ҳақ қарор гирифтан ақлро ҳоким кардааст. Яке аз асҳоби Паёмбар (с) аз падари худ қиссаро ривоят мекунад, ки ҳамроҳи Паёмбар (с) рух дода буд. Падари ӯ аъробие буд аз мушрикон. Ин саҳобаро ном Имрон Бини Ҳусайн буд, ки чунин ривоят мекунад: Паёмбар (с) ба падари ман гуфт: ***«Эй Ҳусайн! Имрӯз чанд Худоро ибодат кардӣ?».*** Падари ман гуфт: «Ҳафт Худоро, шаштои он дар замин буд ва яке дар осмон». Аз ӯ пурсид: ***«Кадоми онҳоро бо майл ва хоҳиши худ ибодат кардӣ?».*** Гуфт: «Ҳамонеро, ки дар осмон буд». Гуфт: ***«Эй Ҳусайн! Агар ту Исломро қабул намоӣ, ман ба ту ду ибора меомӯзонам, ки барои ту онҳо хело фоидаоваранд».*** Мегӯяд: Вақто Ҳусайн мусалмон шуд гуфт: «Эй Расули Худо! Он ду калимаеро, ки ба ман ваъда дода будӣ, бароям биёмӯзон». Пас гуфт

ӯ (с), ки бигӯ: ***«Худовандо, маро ба камол њидоят намо ва аз бадии нафсам паноњ дењ».***[1]

Љаноби роњиб! Дар ин љо бояд огоњ буд, ки чї гуна Паёмбар (с) миёни далели аќлие, ки истифода бурд ва чанд дуое, ки ба он мард таълим дод, чї рабте кардааст. Агар хуб назар намої, хоњї дид, ки инњо на танњо чанд ибораи дуо њастанд. На, балки Паёмбар (с) ба ин мард ду ибораро омӯзонид, ки ибораи аввал ба аќл вобаста аст. Аќл самараи фикри дуруст ва натиљагирии сањењ аст. Ибораи дуюм рањої ёфтан аз бадии нафс аст. Зеро бисёр ваќтњо чунин мешавад, ки нафс роњро мебандад, бо вуљуди он ки аќл ќонеъ шудааст. Бинобар ин, агар ин ду кор њосил шаванд, инсон метавонад ба як ќарори дуруст расад, њамчуноне ки падари Имрон ба он расида буд.

## *Зинда кардани мурдагон*

**Роњиби бузург Спарту:** Далелњо барои Худо будани Исо хело зиёд аст ва њато дар Ќуръони шумо низ мављуд аст… Оё Исо мӯъљизањоеро наоварда буд, ки њељ паёмбаре пеш аз ӯ онњоро наовардааст?

Мо дар шаъни он касе, ки корњое анљом медињад, ки њељ инсоне тавони онро надорад, бояд чї бигуем?

Намудњои мӯъљизоти Исо (а) далолат бар Худо будани ӯ мекунанд. Сабаб дар он аст, ки мӯъљизањоеро, ки ӯ анљом медод, њељ инсоне на дар бисёрии онњо ва на дар шаклашон анљом надодааст... Оё ту ин мӯъљизањоро инкор мекунї, дар њоле ки Ќуръони шумо онњоро исбот намудааст ва Худо будани ӯро исбот кардааст. Зеро мурдаро зинда кардан кори хоси Худованд аст ва Исо борњо мурдагонро зинда кардааст... Оё ин далели кофї нест?

Набояд бо шуур ва афкори њозирин бозї кард ва дониста бош, ки ин кор њаргиз онњоро ќонеъ нахоњад кард. Зеро касе, ки бо афкори дигарон бозї мекунад, на ѓалаба мекунад ва на касеро ќонеъ мекунонад, њатто агарчи дар баъзе лњузъиёти сӯњбаташ тавонад касеро ќонеъ кард.

---

[1]Тирмизї(3483) ва Ибни Ќайим дар «ал-Вобилу-с-сайиб», сањ 199 сањењаш гуфтааст. Вале соњиби ас-Силсила онро заъиф шуморидааст.

Барои ҳамин хоҳиш мекунам, дар ин навбат аз посух додан фирор накунӣ, зеро ин далели қотеъ аст барои Худо будани Исо.

**Абӯҳомид:** Дар оғоз сипосгузорам, ки аз як ҷиҳат каме иқрор кардӣ, вале барои боз аз мавзӯъ фирор карданат мутаасифам. Зеро ту ба он посухе, ки пештар бароят дода будам, бе эътироз иқрор намудӣ. Ҳамчунин боз ба он баҳсе баргаштӣ, ки мо онро анҷом дода будем ва исбот карда будем, ки бо вуҷуди он ҳама мӯъҷизаҳо Исо Худо нест. Дар ин мавзӯъ ту аз Қуръон далел овардӣ.

Яке аз далелҳои ту он аст, ки дар сураи «Оли Имрон» Худованди мутаъол мефармояд: «**Ва гардонид ӯро** (Исоро) **паёмбаре ба сӯи Бани Исроил** (Исо (а) ба онҳо гуфт): **«Ҳамоно овардаам пеши шумо нишонае аз Парвардигори шуморо** (дар исботи ин ки ман паёмбари барҳақам). **Яқинан месозам барои шумо аз гилу лой монанди шакли парранда, пас медамам дар он ки баъдан парвоз мекунад ба ҳукми Худо ва шифо мебахшам кӯри модарзодро ва барасдорро** (яъне песро). **Ва зинда месозам мурдагонро ба ҳукми Худо. Ва хабар медиҳам шуморо ба он чӣ мехӯред ва захира менињед дар хонаҳои худ. Ҳамоно дар ин кор нишонаест шуморо, агар бовардорандаед**» ояи 49.

**Якум.** Далел овардани ту аз Қуръон маро хело хушҳол мекунад, зеро маълум мешавад, ки ту дар даруни дилат бовар дорӣ, ки Қуръон сарчашмаи ягонаест, ки то ҳол дасти таҳриф ба он нарасидааст. Аммо ман хушҳолтар мешудам, агар ту оятҳоеро низ мехондӣ, ки пеш аз ин оят ва баъди он омадаанд, то бидонӣ, ки Қуръон чӣ мегӯяд. Ҳамчунин хоҳиш мекунам, то дар номи ин сурра низ андеша намоӣ. Номи ин сура «Оли Имрон» аст ва ту гаштаву баргашта дар иборaҳои он андеша кун, то бидонӣ, ки ба Худо будани Исо далолат мекунанд ё бар банда будани ӯ. «**Ва ба ёд ор замонеро, ки гуфтанд фариштагон: Ай Марям, ҳамоно Худо баргузид туро ва пок сохт туро ва баргузид туро ба заноне, ки дар олам буда. Ай Марям, фармонбардорӣ кун Парвардигори худро ва саҷда кун ва намоз гузор бо намозгузорон.** (Ай Муҳаммад (с), **ин хабарҳои ғайбист, ки ваҳй фиристодем Мо ба ту ва ҳол**

**он ки набудї ту дар назди он ќавм, ки кадоме аз онњо кафил шуд ва чї тавр ќуръа меандохтанд то кадом касе аз онон кафили Марям шавад ва набудї** (ай Муњаммад (с) **назди онњо ваќте ки гуфтугў мекарданд.** (Ёд кун, ай Муњаммад (с) **он гоњ, ки гуфтанд фариштагон: «Ай Марям, њамоно Худо башорат медињад туро ба файзе** (фарзанде), **ки номи ў Масењ аст** (яъне Исо писари Марям аст) **бообрў дар дунё ва охират ва аз муќаррабони даргоњ аст. Исо (а) сухан мегўяд ба мардумон дар гањвора ва дар ваќти миёнсолї ва бошад аз шоистагон».** (Гуфт Марям): **«Ай Парвардигори ман, чї гуна шавад маро фарзанд, ки даст нарасонидааст ба ман њељ одамї?» Фармуд: «Њамчунин пайдо мекунад Худо њар чиро, ки мехоњад. Чун саранљом мекунад кореро, пас мегўяд, ки бишав, пас пайдо мешавад. Ва башорат дод, ки омўзад ўро Худо китобу дониш ва Тавроту Инљилро. Ва гардонид ўро** (Исоро) **паёмбаре ба сўи Бани Исроил** (Исо (а) ба онњо гуфт): **«Њамоно овардаам пеши шумо нишонае аз Парвардигори шумо** (дар исботи ин ки ман паёмбари барњаќам)**. Яќинан месозам барои шумо аз гилу лой монанди шакли парранда, пас пуф мекунам дар он ки баъдан парвоз мекунанд ба њукми Худо ва шифо мебахшам кўри модарзодро ва барасдорро** (яъне песро). **Ва зинда месозам мурдагонро ба њукми Худо. Ва хабар медињам шуморо ба он чї мехўред ва захира менињед дар хонањои худ. Њамоно дар ин кор нишонаест шуморо, агар бовардорандаед.** (Гуфт Исо (а) ман омадаам) **тасдиќкунанда Тавротро ва омадаам, то њалол гардонам барои шумо он чї њаром шуда буд бар шумо. Ва овардаам ба шумо нишонае аз Парвардигори шумо** (дар ин боб)**. Пас битарсед аз Худо ва фармони ман баред. Њамоно Худо Парвардигори ману шумост, пас парастиш кунед Ўро, ин аст роњи рост».** (Хуллас ин бишорат дар њаќќи Исо (а) мутањаќќаќ шуд ва яњудињоро ба дини худ даъват намуд). **Пас он гоњ, ки дарёфт** (Исо (а)) **аз ќавми худ куфрро, гуфт: «Кистанд ёридињандагони ман?»** (дар даъвати дини Худо). **Гуфтанд њавориён** (шогирдону дўстонаш, ки мухлис буданд): **«Моем ёридињандагон дини Худо ва имон овардем ба Худо ва гувоњ бош** (ай Исо (а)), **ки мо фармонбардорем. Ай Парвардигорри мо, имон овардем**

**мо ба он чї фуруд овардї ва пайравї кардем паёмбарро, пас бинавис моро бо шоњидон»** (яъне дар гурўњи шуњадо, ки комилтарини умматанд). **Ва макр намуданд** (яњудиён), **дар ивазу муќобалаи онон макр намуд Худо ва танњо Худо ќавитар аст аз њама маккорон.** (Ай Муњаммад (с) ёд кун) **он гоњ ки гуфт Худо: «Ай Исо, њамоно Ман баргирандаи туам** (аз ин љањон) **ва бардорандаи туам ба сўи худ ва поккунандаам туро аз сўњбати кофирон ва ѓолибгардонандаи тобиъони туам болои кофирон то рўзи ќиёмат. Боз ба сўи Ман аст бозгашти шумо. Пас њукм мекунам миёни шумо, дар он чї ихтилоф мекардед дар он»**. *(Сураи «Оли Имрон», оёти 42-55).*

**Дуюм.** Оё ваќте дар ин оятњо сухан дар бораи мўъљизањо меравад, онро ба Исо (а) нисбат додааст ё ба Худованди мутаъол?

Оё ин оятњо суханони Худованди мутаъоле нест, ки ин мўъљизањоро ба њазрати Исо (а) додааст?

Ман ба ту фурсат медињам, то гашта ва баргашта дар ин оятњо андеша намої, то бидонї, ки ин њуљљате, ки овардаї, бузургтарин далел аст ба муќобили касоне, ки Исо (а)-ро Худо мењисобанд.

**Сеюм.** Бидуни шаку шубња, мўъљизањои њазрати Исо (а) хело бузург буданд… Биё, мо ва шумо аз аќл истифода барем ва мўъљизаро бо мўъљиза муќоиса намоем ва барои ќазоват аќлро довар ќарор дињем... Мўъљиза корњои ѓайри оддиеро мегўянд, ки дар пеши аќл чизи аљибе њастанд. Бинобар ин, мо наметавонем онро бо аќл бањс намоем... Вале мо метавонем инро бањс кунем, ки чаро мўъљизањои њазрати Исо (а) ба аќидаи шумо далеле барои Худо будани ў шуданд, дар њоле ки мўъљизањои дигар паёмбарон далел бар Худо будани онњо нашуданд?

**Чаро яњудиён даъво накарданд, ки Њизќиёли Паёмбар (а) Худо аст?** Њамоне, ки њазорон нафаррро зинда кард, дар њоле ки шумо иддао доред, ки Исо танњо се нафарро зинда кардааст? Пас худ бигўед, бо ин асос кадоми онњо

бештар њуќуќи онро доранд, ки Худо бошанд? Њамоне ки танњо се нафарро зинда кардааст ё оне, ки њазорон нафарро?

Шумо иддао мекунед, ки Исо Худо аст, зеро ў инсонеро зинда кардааст, вале Мўсо (а)-ро Худованд мўъљизае дод, ки бо дасташ асоро ба мор табдил медод... **Аз нигоњи аќл кадоми ин ду мўъљиза мушкилтар аст? Оё инсони мурдаеро бо дамидани рўњ зинда кардан осонтар аст ё аз чўби бељоне њайвони зинда офаридан, ки ба ў њам љисм бахшад, њам љон. Аљибтараш дар он аст, ки бар тамоми морњо ѓалаба мекунад!**

Зинда кардани мурда маънои онро дорад, ки љасади он мављуд аст ва он танњо ниёз ба дамидани рўњ дорад, вале асо ниёз ба он дорад, ки табиати чўбияш ба њуљайрањои зинда мубаддал гардад ва сипас дар он рўњ дамида шавад. Пас кадоми ин мўъљизањо мушкилтар аст?

Худ ќазоват намоед, ки аз нигоњи аќл кадоми ин мўъљизањо мушкилтар аст? Оё мўъљизаи Исо (а) мушкилтар аст, ки он мурдаеро, ки дар њузури ўст, танњо дар ў рўњ медамад ё мўъљизаи Мўсо (а), ки бо як пора гўшти мурда дар болои мурдае мезанад пас он зинда мешавад?

Аз нигоњи **аќл** кадоми инњо мушкилтар аст? Оё зинда кардани се нафар, ки мурдаанд ва комилан љисми онњо бар њамон њайати аввала боќист, њамчуноне ки мўъљизаи њазрати Исо (а) аст, ё мўъљизаи њазрати Иброњим, ки се паррандаро кушт, онњоро ба порачањои хўрд пора кард ва онњоро бо њам омехта кард то ин ки пар, гўшт, устухонњояшон ба њам як шуданд, пас онњоро гирифта, таќсим намуда рафта дар болои се кўњ гузошт, пас онњоро бо номашон садо кард ва дар ин њолат њар як паранда парида ба наздаш омаданд. Пас худ бигўед кадоми инњо мушкилтарнд? Эй роњиби бузург! Биё, ќазияро ба **аќл** месупорем ва мебинем, ки он чї њукм мекунад. Аз кай боз корњои ѓайриодиеро, ки инсоният анљом медињад, далел бар Худо будани онњо мебошанд? Агар чунин бошад, пас шумо бо кадом далел миллатњои дигарро боз медоред аз ин ки паёмбарон ё бузургони худро ба сабаби он мўъљизањое, ки аз онњо дидаанд, Худо бигўянд ва ё бояд танњо шумо Исоро Худо бињисобед?

Агар он корњои ѓайриоддие, ки паёмбарон ба ќавми худ пешкаш мекунанд, далели Худо будани онњо бошанд, пас чаро кароматњое, ки аз дасти баъзе мардони пок сар мезананд, аќалан далели паёмбарии инњо набошанд, дар њоле ки ин осонтар ва ќавитарин далел аст?

Аз тарафи дигар он корњоеро, ки шайтон мекунад, оё ѓайриоддї нестанд? Оё бояд мардум ба шайтонпарастї пардозанд, ба сабаби он ки шайтон чунин корњоро мекунад?

Оё медонед, ки ин роњеро ки шумо пеш гирфитаед, роњи кист?

Он роњи душмани Исо (а) мебошад... Њамон душмане, ки Исо (а) дар охири замон меояд, то ўро бикушад. Он фикри Даљљол аст! Оё шумо медонед, ки Даљљоле, ки дар охири замон меояд, кист ё намедонед?

Њазрати Муњаммад (с) дар бораи Даљљол ва хатарњои он хабар дода чунин мегўяд: **«Худованд њељ паёмбареро нафиристодааст, магар ин ки умматоношро аз Даљљол њазар мекунонид. Ва ман охирини паёмбарам ва шумо охирин уммат. Ў дар миёни шумо албатта, мебарояд»**[1]**.**

Њамчунин дар бораи Даљљол мегўяд: **«Ў дар рўи замин тавоф мекунад ба монанди абре, ки бод аз ў рўй гардонидааст»**[2]

Љои дигар мегўяд: **«Худованд аз замоне, ки дунёро офаридааст, фитнаеро бузургтар аз Даљљол наофаридааст»**[3]**.**

Агар мо тибќи ќоидаи шумо биравем, пас бояд номзади њаќиќї барои Худо будан Даљљол бошад на Исо.

## *Далели улуњияти Исо(а) аз дамидан пайдо шудани ўст*

**Эй роњиб Спарту**! Оё ба фикри шумо ман аз доираи **аќл** берун шудам, ваќте ман мўъљизањоро баррасї мекунам ва ё шумо боз далели дигаре доред?

**Роњиб Љем:** Њамаи ин гуфтањоятро як сў гузор ва биё ба далелњое бипардозем, ки Худо будан ва писари Худо будани Исоро собит мекунанд. Исо бе падар таваллуд шудааст ва таваллуди ў ба сабаби дамидани рўњи Худо

[1]Ибни Моља, (4077) ва соњиби ас-Силсила онро њасан гуфтааст.
[2]Ибни Моља, (4075) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.
[3]Ибни Моља, (4077) ва соњиби ас-Силсила онро заиф гуфтааст.

тавассути малоика сурат гирифтааст ва њамчуноне ки дар Ќуръони шумо омадааст, ин дам аз љониби Худо буд... Пас чї чиз бузургтар аст аз ин ки Исо аз дами Худо дар домони Марям бошад, пас њомила шудани Марям ва таваллуди Исо ин њама ба чї далолат мекунанд, љуз ин ки Исо писари Худо бошад?

**Абўњомид:** Бинобар ин гуфтањо бигзор ман аз ту як чизро бипурсам: Оё бовар дорї, ки  каси дигаре ѓайри Исо њаст, ки дар ў низ аз рўњи Худо дамида шудааст ва номи ў дар Ањди Ќадим ва Ањди Љадид омадааст?

**Роњиб Љем:** Бале, медонам, номи ў Одам аст.

**Абўњомид:** Рост мегўї. Ман дар ињљо оятеро аз Ќуръон ёдоварї менамоям, ки Худованд мефармояд: **«Њамоно њоли Исо (а)** (дар бепадар таваллуд шуданаш) **назди Худо мисли њоли Одам (а) аст, ки офарид ўро аз хок, боз ўро гуфт «пайдо шав», пас ў одами бољон пайдо шуд** (яъне инсон шуд)» *(Оли Имрон, ояи 59).*

Агар касе даъво кунад, ки Одам писари Худо аст ва ё Худо аст ба монанди Худо, пас ту ба ў чї љавобе медињї?

Оё иллати Худо будан дар Исо ва Одам як нест, балки метавон гуфт дар Одам иллати Худо будан ќавитар аст.

Оё аз лињози офариниш Одам ба Худо наздиктар нест? Оё Одам барои Исо падари аввал ба шумор намеравад? Оё Одам падари Исо ва падари тамоми башарият нест? Оё чунин нест, ки дамидани рўњи Худо дар Одам мустаќиман буд, ки њељ ќисмати одамият надошт ва бо домони њељ зане омехта нашуда буд ва касе наметавонад ўро њељ рабте ба одам бидињад, њамчуноне ки Исоро дар тамоми Инљилњо писари Марям мегўянд?

Оё Одам ягона инсоне нест, ки ваќте Худованд ўро офарид ва дар ў рўњро дамид, тамоми малоикањоро фаромон дод, ки ба ў саљда кунанд? Ба фикри шумо оё малоикањо ба ѓайр аз Худои худ ба каси дигаре саљда мекунанд?

Оё Одам ягона марде набуд, ки бо малоикањо дар љаннат зиндагї мекард? Одам ба ѓайр аз дамидани рўњ дар ў ва ба ѓайр аз ин ки малоикањо ба ў саљда кардаанд, хусусиятњои зиёде дорад. Пас аз ин ду нафар, яъне Одам ва Исо ба фикри шумо кадомаш сазовортар аст барои Худо будан?

Оё ту барои посух ба ин савол љавоби аќлонї дорї?

Агар иллати Худо будани Исо он бошад, ки ў бе падар ба дунё омадааст, пас рољеъ ба ин олам, ки њама рўза дар он садњо чизе бе падару модар пайдо мешавам, чї мегўед?[1]. Инљо ман мехоњам саволи муњаддаде кунам: Оё аз аввал ба сурати хилофи одат ба дунё омадани чизе мўљиби он мешавад, ки њамин чизро таъзим намуда бипарастем, ё бояд офарандаи онро бипарастем?[2]

Эё дўстони ман! Оё офаридани Исо (а) ба њамин тариќа боиси он мегардад, ки мо он зотеро ибодат кунем, ки Ўро офарида ба Ў сурат бахшид ва танњо Ўро бипарастем ва ба Ў шукри зиёд намоем ё ба ў бештар ширк оварем ва ин махлуќеро, ки дар пайдоиши худ њељ ихтиёре надошт ба сатњи оне, ки ўро офаридааст бардорем? Оё Худованд ўро барои он офарид, ки барои дигар махлуќоташ нишонаи ќудрати Ў бошад то онњо ба љои Худованд ўро ибодат кунанд ё ин ки њикмат аз офариниши ў он бошад, ки махлуќоти дигар дар ў далели ќудрат ва азамати илоњиро бубинанд, њамчуноне ки дар ояти пешина дар сураи «Анбиё» гуфта гузашта будем **«Ва Мо ўро ва писарашро нишонае барои оламиён гардонидаем»**,ояти 91.

Дуюм, агар ту китобе таълиф намої ва дар он китоб барои хонандагон иборае номафњуме пайдо шавад, пас ба фикри шумо хонандагон барои фањмидани маќсади ту бояд ба кї мурољиат кунанд? Оё бењтар он нест, ки ба ту мурољиат кунанд? Ё ту розї њастї, ки ба каси дигар мурољиат кунанд, то ў ба љои ту ва бе ризояти ту маќсади туро шарњ дињад. Бидуни шак, ту љавоби манфї медињї. Бинобар ин ќоидаи мантиќї, мусалмонон низ ќоидае доранд, ки дар он гуфта мешавад: *«Бењтарин тафсиркунандаи Ќуръони карим худи Ќуръон аст».*

---

[1] Ниг. Китоби Изњорул њаќ. Таълифи Њиндї (рањ).
[2] Ниг. Алаљвибатул фохира, сањ. 102

Бигзор ин ќоидаи аќлониро дар мусалмонон татбиќ намоем, зеро мусалмонон ва тамоми мардум ба он розї мешаванд… дар инљо Худованд мефармояд: **«Ва ёд кун** (ќиссаи) **занеро, ки ба иффату покї нигоњ дошт шармгоњи худро** (яъне Бибї Марям, модари Исо (а)). **Пас дамидем дар он рўњи худро** (ва аз ин пуф, яъне дам, модари Исо (а) њомила шуд) **ва гардонидем ўрову писарашро ояту ибрат барои оламиён»** *(Сураи «Анбиё», ояи 91).*

## *Њалли мушкили лафзи* «Ва дамидем дар ў аз рўњи мо»

Мушкилї ба аќидаи шумо дар калимаи **«Рўњи мо»** аст, яъне нисбат додани рўњ ба сўи Худованди мутаъол… Бо њамин дамидани рўњ Исо (а) писари Худо гашт… Ин аз тасаввуроти њайвонї ба вуљуд меояд. Яъне ба фикри онњо ин дамидани рўњ ба манзалаи њаракатњои љинсии њайвонот ба шумор меравад… Онњо бо ин фикри нодурусти худ, ки нисбат ба Худованд ва офарандаи оламиён доранд, тўњмате ба он зоти пок задаанд, ки бузургии ин тўњмат бадтар аз он тўњмате буд, ки яњудиён Марями покро бо зино тўњмат зада буданд! Тўњмат задани Худо куљову тўњмат задани Марям куљо?

Биёед, боз ба сари калимаи **«Рўњи мо»** бармегардем. Бо вуљуди он ки мо пештар ин масъаларо дида будем ва аз нигоњи аќл ва китобњои осмонии пешин онро баррасї намуда будем, вале њељ ишколе надорад агар мо як нигоње ба Ќуръони карим низ дошта бошем, то бубинем он дар ин самт чї мегўяд. Ќисса ба таври комил дар сураи «Марям» омадааст ва биёед бо њам онро мехонем ва мебинем, ки оё баъди он њељ нофањмоие боќї мемонад ё не:

«**Ёд кун** (ай Муњаммад (с) **дар китоб Марямро ваќте ки як сў шуд аз хонадону атрофиёни худ љое ба тарфи офтоббаро. Пас аз љониби онњо парда гирифт. Ва фиристодем ба сўи Марям Рўњи худро** (яъне Љибриил алайњи-с-салом-ро)**. Пас нишон дод ба Марям худро ба сурати башар** (рўи рост)**. Марям гуфт: «Ман паноњ мебарам ба Худо аз** (шарри) **ту, агар аз Худо тарсї** (ба ман зиёне нарасон)»**.** (Љибриил) **гуфт: «Њамоно ман фиристодаи Парвардигори туам, то ато кунам ба ту тифли поку покизаеро».** (Марям) **гуфт: «Чї гуна пайдо мешавад ба ман фарзанд, ки даст**

**нарасонидааст ба ман њељ инсоне ва њаргиз набудам зинокору фоњиша!»,** (Љибриил) **гуфт: «Ваъдаи њаќ чунин аст. Парвардигорат фармуд, ки ин кор бар Ман осон аст, мехоњем бисозем ин тифлро як мўъљизае барои мардумон ва як рањмату бахшише аз љониби худ ва ин муќаддамаи кори муќарраркардашуда.** (Пас ба ќудрати илоњї) **ба шикам бор гирифт он тифлро** (њомила шуд)**. Пас рафт Марям ба сабаби њамлаш ба љое дуртар аз мардум** (аз ѓояти шарму њаё)**. Пас овард Марямро дарди таваллуд ба сўи танаи дарахти хурмо** (ва даст ба шохаи хурмо карда дар њоли чашмаш равшан шудан) **гуфт: «Ай кош, мемурдам пеш аз ин ва ба тамом аз хотирњо фаромўш мешудам». Ки овоз дод ўро** (Љибриил) **аз љониби поёни дарахт: «Ѓам махўр, андўњгин машав, њамоно пайдо кардааст Парвардигорат барои ту дар зери ќадамат љўйиеро». Ва биљунбон** (бикаш) **ба сўи худ танаи дарахти хурмои хушкро, то бирезад ба сарат хурмои тару тоза** (ба ќудрати Худо) **билфеъл аз дарахт чидашуда. Пас бихўру биёшом ва осуда шав ва агар бубинї аз мардум касеро** (ки мепурсад аз падари тифл) **пас бигў** (ба ў): **«Њамоно ман назр кардаам барои Худо рўза доштанро ва сухан нахоњам гуфт имрўз ба њељ кас». Пас бардошта овард Марям** (Исоро) **пеши ќавмаш, онњо гуфтанд: «Ай Марям! Албатта, овардї чизи зиштеро.** (Ба Марям хитоб карда гуфтанд)**: Ай хоњари Њорун, падарат марди бад набуд ва модарат зинокор набуд** (пас чї шуд туро?)**». Пас** (Марям сухан нагуфта) **ишора ба тифл кард** (яъне аз ин тифл пурсед, мегўяд)**. Гуфтанд ќавмаш ба њайрат уфтода: «Чї гуна сухан мегўем бо тифли дар гањвора дар њоли кўдакї?».** (Дар ин ваќт тифл, яъне Исо ба забони фасењ) **гуфт: «Ман бандаи Худоям, додааст ба Ман китоб** (яъне Инљилро) **ва сохтааст пайѓамбар. Ва гардонид Худованд маро соњиби хайру баракат, њар љое ки бошам ва фармуд маро ба** (хондани) **намоз ва** (додани) **закот, то даме, ки зинда бошам. Ва** (гардонид) **маро некўкору хидматгор ба модари худ ва насохт маро гарданкашу бадбахт. Ва салому амонї бар ман аст, рўзе ки ба дунё омадам ва рўзе, ки бимирам ва рўзе, ки зинда гардонида шавам». Ин аст** (ќиссаи) **Исо (а) писари Марям,** (мурод медорам) **сухани ростро, ки ихтилоф**

**мекунанд мардум** (яъне яњуду насоро) **дар он. Нест лоиќи Худо ин ки бигирад фарзанде. Худованд пок аст** (аз ин нуќсон), **чун хоњад, ки кунад кореро, њамоно мегўяд: «Пайдо шав!» Пас пайдо мешавад** (он чиз). (Исо (а) **гуфт: «Њамоно Худованд Парвардигори ман аст ва Парвардигори шумост. Пас ибодат кунед Ўро, ин аст роњи рост». Пас ихтилоф намуданд љамоъати** (яњуду насоро, дар боби Исо (а)) **миёни худ. Пас вою њалокат кофиронро аз њозир шудан дар рўзи ќиёмат. Чї ќадр шунавову бино бошанд** (ин кофирон) **рўзе, ки њозир шаванд пеши мо, лек ин золимон** (кофирон) **имрўз дар гумроњии ошкороянд»** *(Сураи «Марям», оёти 16-38).*

Пас оё он касе, ки рўњро дамида буд, худи Худованд аст ё оне, ки Худованд ўро «Рўњи мо» њондааст, ки он њазрати Љабраил (а) аст? Оят ба таври возењу равшан баён мекунад, ки оне, ки рўњро дамида буд, њазрати Љабраил (а) аст… Худованди мутаъол худ њаргиз дар домони Марям надамида буд. Дар Инљили Матто сароњатан омадааст, ки маќсад аз ин рўњ неъмати Худованд аст (1.18-24) ва њамчунин дар Инљили Луќо (1.26-37). Луќо мегўяд: «**Пас малоика ба ў гуфт: Эй Марям, ту матарс, зеро назди ту неъмати Худо омадааст ва акнун ту њомила мешавї...».** Пас оё ба фикри шумо метавон Худоро неъмат гуфт ва ё Худованди мутаъол соњиби неъмат аст?

Аз тарафи дигар чї гуна метавонад касе, ки худ аввал дорад, яъне Љабраил он касеро ба вуљуд орад, ки аввал надорад, яъне Худоро?

Бино бар он далоиле, ки шумо овардаед, тамоми инсонњо њаќ доранд, ки даъвои Худої кунанд. Оё медонед барои чї? Зеро њамаи онњо бо дамидани дами малоикае, ки дар сур медамад Худо мешаванд. Ин дамидани дар сур дар китобњои шумо њам собит аст.

**Агар бе падар ба дунё омадан боиси он гардад, ки мардум онро бояд ибодат кунанд, пас бояд њамаи мо гўсфанди «Дулї»-ро, ки тавасути истинсох омада он ќадар умри дароз надид, ибодат кунем. Олимони истинсох имрўз метавонанд аз модар генро бигиранд ва дар тухмодони худи њамон зан бигзоранд ва аз он духтаре комилан монанди он барояд ба**

**монанди њамон гўсфанди «Дулї». Пас оё бояд имрўзњо мардум чунин занро ибодат кунанд, зеро ў бе падар офарида шудааст?**

Мардум вақте дар рўзи қиёмат бо дамидани сур берун мешаванд, онњо аз батни модарон берун намешаванд, балки аз замин берун мешаванд, њамчуноне ки Исо баъди дафнаш аз замин берун шуд ва њамчуноне ки худи шумо ақида доред, баъди он ба осмон баромад... Чунончи мебинед њарду масъала як ранг аст.

Пас бо кадом далел Исо ба Худо мубаддал мешавад, дар њоле ки ин њама мардум ба Худо мубаддал намешаванд, њол он ки њарду бо дамидани аз замин берун шуданд?

Мадум ду маротиба бо дамидани рўњ берун шудаанд. Яке вақте нутфае дар батни модар буданд ва дар онњо рўњ дамида шуд ва дигаре вақте дар хок буданд ва бо дамидан аз хок берун шуданд.

Пас оё ин ду њодиса барои он ки инсон аз инсонияти худ ба Худо мубаддал шаванд, кофист?

Эй роњиб Љим! Вақте донистем, ки оғози њамаи инсонњо нутфа аст ва оғози Исо бо дамидани рўњ, пас медонем, ки дар миёни њарду муштаракот вуљуд дорад. Муштараки миёни онњо он аст, ки њардуро оғоз аст ва њарду махлуқанд. Дар бораи Исо суханони зиёде гуфта мешавад, ки гўё пеш аз он ки дар батни Марям буд, чунин буд ё чунон, вале инњо њама љуз тахаюлот ва авњом чизе беш нест ва њељ далеле бар дурустии онњо вуљуд надорад. Пас худ бигўед, њамоне ки ўро оғоз аст, аз куљо метавонад Худо бошад?

**Хусусияти њазрати Исо (а) он аст,** ки ў аз марњалаи нутфа будан убур кардааст ва бидуни њайвони манавї, дар ў рўњ дамида шудааст.

Агар њар чизеро, ки ба чизи дигар нисбат дорад, љузъи аз он њисобида шавад ва ё сифати он гардад, пас чизњои зиёдеро метавон мисол овард, ки ба Худо нисбат дода шудаанд. Чунин мисолро метавон дар Қуръони карим низ пайдо кард ва њам дар ғайри Қуръон. Роњиби бузург! Шумо метавонед ин қоидаро ба шутуре љорї намоед, ки Худованд дар бораи он мегўяд: «(Рањо кунед) **Шутури Худо ва оби ўро»** *(Сураи «Шамс», ояти 13).*

Пас оё шутур бо нисбат доданаш ба Худо, духтари Худо ба шумор меравад ва ё шутур барои савор шудани Худо аст? Њамчунин оё метавонем Каъбаро, ки хонаи Худо мегўяндаш, фарзанди Худо бигўем ва ё ин ки метавонем бигўем, ки Худованд дар он истиќомат мекунад? Ё метавонем ин ќоидаро дар масљидњо љорї намоем, ки масљидро хонаи Худо мегўянд?

Яке аз уламои бузурге бо номи Ат-Тайбї дар шарњи китобе бо номи «Мишкотул масобињ» мегўяд: «Мусалмоне Ќуръонро мехонд ва роњибе онљо њузур дошт, то ин ки шунид, ки мусалмон мегўяд: «**Њамоно Исо (а)- писари Марям, паёмбари Худост ва файзи Худост, ки андохт онро ба сўи Марям ва рўњест аз Худо**» *(«Нисо», 171).*

Пас роњиб гуфт: Ин сухан бо дини мо мутобиќ аст ва бо Ислом мухолиф. Зеро дар ин сухан эътироф аст ба ин ки Исо (а) рўњи Худо ва порае аз Худо аст.

Алї ибни Њусайн Алвоќид муаллифи китоби «ан-Назир» дар онљо њозир буд, ба роњиб љавоб дод, ки Худованд њамчунин суханро дар бораи тамоми махлуќоташ гуфтааст. Худованд мефармояд: **«Ва тасхир кардааст барои шумо тамоми ончи дар осмонњо ва замин аст њама аз ўст»** *(Љосия, 13).*

Агар маънои **«Рўњест аз Худо»** порае аз Худо ё ќисмате аз Худо бошад, пас маънои **«Њама аз ўст»** низ њамин маънoро дорад. Пас ин маънои онро дорад, ки тамоми махлуќњо Худо њастанд. Ваќто роњиб инро шунид, инсоф кард ва имон овард.

Ин маънои онро дорад, ки ибораи **«Аз ў»** маънои порае аз ўро надорад. Агар ибораи **«Аз ў»** маънои порае аз ўро медошт, пас маънои ибораи **«Њама аз ўст»** маънои онро дорад, ки тамоми махлуќот порае аз ў њастанд, вале дар њељ дин касе чунин даъво накардааст.

**Роњиби бузург Спарту:** Ваќте ту тавонистї аз ин савол бо мањорат халос ёбї, акнун ба ин савол чї посух медињї: Оё Ќуръон Исоро калимаи Худо наномидааст?

## *Калимаи Худо*

Оё калимаи Худо аз Худо нест? Оё дар васфи Калимаи Худо Ќуръон нагуфтааст «Томмот», яъне ба њадии камол расида, ки њаргиз поён надорад? Пас чї гуна Исо поён дорад?

Эй Абўњомид! Албатта, чунин аст. Калимоти Худованд яке аз сифоти ўст. Вале агар аз ман бипурсї кадом сифат калимаи Худо мешавад? Љавоби ягона он мешавад, ки калимоти Худо њаёти Худо аст. Зеро калимаи Худо њамонест, ки бо он Исо пайдо шуд, њамоне ки бо он Исо мурдагонро зинда мекард ва аз гил њайвон месохт. Дар Ќуръони шумо дар бораи Исо омадааст: **«Ва калимаи Ў, ки андохт онро ба Марям».** Ва њамчуноне ки чунин оят дар Ќуръони шумо омадааст њамчунин дар Инљили Матто, Исњоњи 24 низ омадааст: **«Осмону замин нобуд мешаванд ва каломи ман нобуд намешавад».**

**Абўњомид:** Ман ташакур мекунам, ки ту тамоми эътирозоти худро нисбат ба аќидаи дуруст зоњир кардї. Њамин эътирозњои ту аст, ки њаќро бештар љилвагар медињад, њамчуноне ки дар масал мегўянд: **«Њаќро бо зидди он мешиносанд»**. Аз тарафи дигар њамин эътирозњои ту ба ёди ман меорад он чизеро, ки мебоист барои ботил будани афкоратон баён мекардам… Ваќто ту онро зикр мекунї, дар он сурат ањамияти онро бештар дарк мекунам ва посухашро медињам. Ман ба ин саволњои ту чанд љавоб медињам:

**Љавоби аввал:** Мехостам посухи худро бо як саволи муњаддаде аз шумо оѓоз намоям. Ба ман бигў: Оё Худованд туро бо фармони худ наофаридааст? Албатта, љавоби ту он аст, ки бале. Оё Худо Исо (а)-ро бо амри худ наофаридааст? Љавоб бале аст. Пас фарќ миёни ту ва Исо (а) аз нигоњи офариниш дар чист?... Љавоб: Њељ фарќе надорад. Бо њамин тариќ, Худо тамоми мардумро бо амраш офаридааст ва дигар махлуќот низ бо амри ў офарида шудаанд. Бинобар ин, дар ин масъала њељ ишколе вуљуд надорад. Акнун агар ман аз ту савол кунам, ки бо кадом калимае аз калимањои Худо ту ё Исо (а) офарида шудаед? Мегўї: Ман аниќашро намедонам ва љавоби њамаи масењиён низ њамин аст. Вале ман бо тамоми осонї метавонам бигўям, ки бо кадом калима туро офаридааст. Ту њаргиз гумон макун, ки ин посух тахминист,

балки Худованд онро гуфтааст. Худованд дар сураи «Ёсин», ояти 82 мефармояд: «**Чун бихоњад офаридани чизеро, бигўяд «Пайдо шав!», албатта, пайдо шавад ба фармони Худо**»

Дар Ќуръони карим ояти сарењи дигаре њаст, ки хос дар шаъни Исо (а) омадааст, љое, ки Худованд мефармяод: «**Њамоно њоли Исо (а)** (дар таваллуд шуданаш бепадар) **назди Худо мисли њоли Одам (а) аст, ки офарид ўро аз хок, боз гуфт ўро «Пайдо шав», пас ў одами бо љон пайдо шуд** (яъне инсон шуд)» *(Оли Имрон, 58).*

Бо њамин осонї ва бо њамин равшанї ва бидуни њељ печидагї ин калима на тањо дар Ќуръон омадааст, балки дар Таврот низ омадааст. Дар Сифри Таквин, Исњоњи Аввал омадааст: **«Ва Худо гуфт: Бигзор нурњое дар пўсти осмон бошад, то байни шаб ва рўз људо кунад. Ва оятњо, ваќтњо, рўзњо ва солњо бошанд. Ва нурњое дар пўсти осмон бошад, то бар замин нур пошад»** (15-16). Пас њар ончи инљо зикр шуд аз замон, макон ва њамаи ашё бо калимаи Худованд «Бош!» пайдо шудааст.

Пас чї гуна Исо (а) сифате аз сифатњои Худо аст, дар њоле ки ў танњо асари калимаи Худо аст? Ихтилоф дар инљо тањо дар тариќа аст. Тариќае, ки дар Исо сурат гирифт, он аст ки Љабраил дар домони Марям дамид ва бо њамин дамидан њомила шуд, аммо нисбат ба мардуми дигар он аст, ки малоикаи муайяне баъди гузашти 120 рўз аз њамл дар бачадони модар дамида аст. Бањси муфассал дар ин боб дар нишасти оянда сурат хоњад гирифт.

**Љавоби дуюм:** Ба ин љавоб посухи муњаддад дињед, ки оё каломи Худо Исо шуд ё Исо тавассути каломи Худо, Худо шуд?... Саволро ба тариќаи дигар медињам: Оё Исо худ њамон каломи Худо аст ё Исо ба сабаби каломи Худо ба вуљуд омад? Агар бигўед: Исо ба сабаби каломи Худо ба вуљуд омад, пас Исо асаре аз асарњои каломи Худо мебошад ва аз ин лињоз, бо дигарон фарќияте надорад. Агар даъво кунед, ки Исо худ њамон каломи Худо аст, пас дар ин сурат чанд муаммо пайдо мешавад: якум, агар шумо бигўед, ки Худо каломро дар Исо офаридааст, пас ин маънои онро дорад, ки њамчуноне ки Худо каломро

дар дигар инсонњо офаридааст, ба њамин тариќ, онро дар Исо офаридааст. Вале агар бигўед не, Исо худ каломи Худо аст, ба маънои ин ки калом аз Худо ба Исо интиќол ёфтааст, пас Худо бе калом мондааст. Яъне ваќте калом аз Худо дур шуд, Ў гунг гаштааст. Фарќи дар миёни ин ду он аст, ки ваќте Худо каломро дар Исо офарид, сифати калом ба Исо мунтаќил нашуд. Балки њоли Исо мисли ањволи дигар мардумон аст. Њамчуноне ки Худованд ќувват, шунавої, биної ва монанди инро дар баъзе махлуќоташ меофарад. Аммо ваќте Исо сифати калом аст, пас тамоми сифатњои ин калом ба ў мунтаќил шуд. Дуюм, агар шумо гуфтанї бошед, ки Исо тавассути ин калом Худо шуд, пас бояд бигўед, ки он гиле, ки Исо ба он гуфт «Пайдо шав!» ва он ба парранда мубаддал шуда парвоз кард, ин паранда њам Худо шуд. Зеро паррандае, ки бо каломи Худо ба вуљуд омад, он њам Худо мешавад. Чунончи Исо бо каломи Худо Худо шуд... Бо њамин тариќ, ваќте Исо ба мурда гуфт: «Бархез!» ва он мурда бархоста зинда шуд, пас ин мурда низ Худо мешавад.

**Љавоби сеюм:** Он оятеро, ки шумо њамчун далел аз Инљили Мато овардед, бар ин ки Исо бо ин калима Худо шуд, дар воќеъ њељ далолате бар он намекунад. Ин оят њаргиз далолат бар он намекунад, ки Исо на аввал дорад ва на охир, балки он оят танњо бар он далолат мекунад, ки Исо нобуд намешавад. Ба њамин маъно дар Ањди Ќадим дар Исњоњи сию нўњ, ояти 8 омадааст: **«Алаф хушкид, гул пажмурда шуд ва аммо калимаи Худои мо то абад боќист».** Дар ин оят танњо нобуд нашудани он омадааст ва ин оят зикр накардааст, ки аввал надорад… Њам Исо ва њам Иброњим ва њам Муњаммад (дуруду саломи Худо бар њамаи онњо бод) ва дигар паёмбарон њама чунин буданд, зеро номи онњо боќист ва њаргиз нобуд намешаванд, агарчи осмонњо ва замин њама нобуд шаванд.

**Љавоби чорум:** Оё њељ оќиле метавонад тасаввур кунад, ки Худованди холиќ, порае аз махлуќи худ гардад?

Агар шумо худ иќрор мекунед, ки Марям (а) махлуќ аст, њамчунин иќрор мекунед, ки љисми Исо (а) махлуќ аст, пас чї гуна давъво мекунед, ки холиќ иборат аст аз махлуќ ва махлуќ? Ба маънои дигар гўем, Исо (а) бе он калимаи Худо, ки дар он даромадааст, чї буд? Оё тибќи иќрори худи шумо, ў бе он калима махлуќ нест? Бинобар ин, оё ў бидуни он калима аввал надорад? Њазрати Исо (а) дорои чандин сифоте аз сифатњои махлуќ аст, ки шумо зикр намудаед, пас чї гуна махлуќ холиќ мешавад? Шуморо њамагон ба Худо ќасам медињам, ки ба ман бигўед: Чї гуна Худоест, ки ўро аввал аст вале охир нест? Чї гуна? Чї гуна худи шумо боре мегўед «ўро аввал њаст», сипас дар љои дигаре мегўед «ў аввал надорад». Чї гуна? Чї гуна як ќисмати ўро аввал нест ва як ќисмати ўро аввал њаст? Чї гуна? Чї гуна як ќисмати ў махлуќ аст ва як ќисмати дигари ў холиќ? Чї гуна? Чї гуна аз як тараф махлуќ аст ва аз тарафи дигар холиќ? Чї гуна? Чї балое болои аќли инсонњо меояд, агар бикушад ин њама муаммоњоро њал намояд?

**Љавоби панљум:** Калом ба монанди нигоњ, илм, ќувват ва дигар сифатњо сифат аст. Пас оё агар Худованд ба чизе назар кунад, пас сифати назар кардани Худо ба он чиз мунтаќил мешавад? Оё њељ оќиле чунин даъво мекунад? Оё агар Худованд бо илмаш махлуќеро бидонад, њамин илми ў ба он махлуќ мунтаќил мешавад ва он махлуќ Худо мешавад? Оё агар Худованд ба яке аз махлуќоташ ќувате бахшад, ќуввати Худо ба ў интиќол меёбад ва ў Худо мешавад? Оё аќл инро ќабул мекунад? Агар шумо бигўед ин кор љоиз нест ва он хос ба Исо аст, пас мо барои шумо мегўем: Чї онро аз ѓайри Исо манъ мекунад, дар њоле ки њама инсонанд ва њама бо калимаи Худо таваллуд шудаанд ва Худрванд аст, ки ба онњо илму ќуввату њикмату шуљоат бахшидааст.?

Агар бигўед ин љоиз аст, пас бароятон мегўем: Пас њар халифа метавонад Худо бошад ва ин ки шумо хос Исоро Худо мегўед, нодуруст аст. На танњо ин, балки барои Худо дигар њељ сифате намемонад, зеро њама сифатњои дигар аз инсонњоянд ва интиќол ба онњо шуданд мисли шунавої, бинoї, ќувват, илм, мењрубнї, бениёзї ва ѓайра...

**Љавоби шашум:** Дар дунё инсонеро наметавонї пайдо кард, ки каломро бе мутакаллим чизе њисобад. Оё дар таърих њељ оќилеро дидаї, ки каломи Худоро садо кунад ё ќуввати Худоро ё самъ ё басари Ўро? Љавоб: Не! Сабабаш маълум аст. Зеро сифат наметавонад мавсуф бошад. Калом наметавонад Худо бошад ва ќувват Худо нест, илм Худо нест, балки ињњо ва дигар сифатњои пок сифоте мебошанд, барои Худованд. Агар касе аз шумоён ѓайри инро даъво кунад, мо барояш мегўем: Агар шумо мегўед Инљил каломи Худо аст, пас Инљил Худо буда аст. Оё оќиле њаст, ки Инљил, Таврот ё Ќуръонро Худо бињисобад? Агар собит шавад, ки касе дар Инљил, Таврот ё Забур таѓйирот даровarda бошад, пас оё дар Худо таѓйирот даровардааст? Оё ту розї мешавї, ки ман суханони туро, ки дар вараќе навишта шудаанд ё дар косет сабт шудаанд, бигўям: Ин нома фалон аст ва туро дар назар дошта бошам?

**Љавоби њафтум:** Тибќи ќоидаи шумо, агар мо бигўем, пайдо шудани Худо дар яке аз малоикањо бењтар аст, зеро малоикањо ифлос нестанд. Пас чаро Худо дар Исо (а) даромадааст, дар њоле ки Исо (а) иборат аз гўшт, хун ва дигар осори инсоният аст ва чаро дар малоика надаромадааст? Оё ту инсон нестї, ки чизњои нозуке бо номи рўњ дар љасадаи ту даромадааст ва бо њамин рўњ туро инсон номиданд? Оё Исо (а) чунин буд ёне? Љавоби шумо, албатта, он аст, ки бале чунин буд. Пас, даромадани Худо дар Исо, ки дорои рўњ ва тани комил аст, тибќи ин ќоида мањол ва номумкин аст.

**Роњиб Љем:** Ман то њол дар интизори посухи ту ба саволи роњиб Равс, ки дар нимаи ин нишаст карда буд, нишастаам. То кунун ту ба он савол наздик њам нашудї ва ба гумонам ба он посух додани нестї. Агар ба он савол љавоб надошта бошї, мо узратро мепазирем ва ё ин ки ту ваќтро дароз кардани њастї, то аз фурсат истифода бурда љавоберо фикр мекунї? Ба гумони ман савол хело содда аст ва мабнои он бар мисолњои дуруст ва њаќиќист ва мард бояд ба он таслим шавад.

Эй Абӯњомид! Агар ту аќлатро хуб кор фармої ва ба он мисоле, ки роњиб Равс ба ту зада буд, андак андеша кунї, хоњї фањмид, ки аќидаи мо ќонеъкунанда аст. Бадурустие ки таваллуди писар аз падар худ таваллуди нутќ ва илм аст аз Худо ва он ба монанди таваллуди нутќ аст аз **аќл** ва монанди таваллуди илм аст аз олим. Оё он чизеро, ки ман бароят мегӯям ќазияи мантиќие нест, ки **аќли** инсонї онро дар инсонњо ќабул мекунад? Пас чї гуна наметавонад онро дар ќазияе ки он душвортар ва баидтар мебошад, ќабул кунад ки бешак он ќазияи эътиќодї аст? Аз тарафи дигар он чизеро, ки ман мегӯям, ошкоро дар Ќуръони шумо омадааст. Дар сураи «Нисо», ояти 171 омадааст: «**Њамоно Исо (а)- писари Марям, паёмбари Худост ва файзи Худост, ки андохт онро ба сӯи Марям ва рухест аз Худо.**» Пас Исо калимаи Худо аст.

Шумо мусалмонон аз мардум талаб мекунед, ки ба корњои душвортар ва муаммотар имон оваранд ва онро ќабул кунанд... Чаро шумо аз пайравони худ талаб мекунед, ки чунин чизњоро ќабул кунанд, вале намехоњед мо низ ба чунин чизњо имон орем?

Эй Абӯњомид! Исо сифате аз сифоти Парвардгор аст, ки он нутќ ва илм аст.

**Абӯњомид:** Аввалан ба ин ки гӯё мо мусалмонон аз мардум талаб мекунем, ки ба чизњои аз ин мушкилтар бовар кунанд, ки аз **аќл** берун аст, ман хоњиш мекунам агар ба ин даъвоятон далеле доште бошед, биёред зеро ба гумони ман ин гуфтаи шумо бе асос аст.

Ќоидаи машњур дар назди мо мусалмонон ин аст: **«Дини дуруст ба аќли сарењ мухолиф нест»** ва **«Дар аќида таќлид кардан ботил аст»**.

Аммо нисбат ба ќазияи гуфтаи ту, чї мешавад агар ман бароят исбот кунам, ки худат ба он вонеъ нестї... Њамчунин дигар њозирин, ки ба гумонам онњо танњо барои он сарашонро мељунбонанд, ки эњтироме нисбат ба ту ќоиланд. Ба гумонам онњо аллакай эњсос намуданд, ки гуфтањои ту аслан ба **аќл** дуруст намеояд. Далелњои овардаат ба монанди он аст, ки мурчае аз киштї дар бањр меафтад ва дар онљо чӯберо мебинад ва бар болои он савор мешавад. Ӯ гумон

мекунад, ки бар болои киштии дигаре савор шудааст ва ин киштї ўро ба соњили маќсуд мерасонад. Бо вуљуди он ки ман тамоми њозиринро эњтиром мекунам... Гуфтугўи аќлонї овардани чунин мисолњоро талаб мекунад ва ман тамоми гуфтањоямро бо далоили **аќлии** ошкор исбот мекунам:

**Посухи аввал: Эй роњиб Љем! Оё ту медонї, ки ту бо ин мантиќи худ ва далеле, ки гузаштагонатро таќлид намудї, бадтарин ињонате дар њаќќи сегонае намудї, ки онњоро Худо мењисобї, яъне падар, писар ва Рўњулќуддус?**

**Роњиб Љем:** Ман иќрор мекунам, ки ба гузаштагони худ таќлид кардаам ва дар ин њељ айберо намебинам. Вале дар куљост ињонат нисбат ба маъбудњоям, агар гуфтањои ман ва гузаштагон бо аќл созгор бошанд? Дар куљо ман ињонат кардам, дар њоле ки ман падар, писар ва Рўњулќуддусро таъзим мекунам?

**Абўњомид:** Њељ айбе нест агар инсон аз касоне пайравї кунад, ки њаќ буданд ва њељ айбе њам дар ин нест агар пайравї кунад касонеро, ки дар корњояшон бо **аќл** созгор бошанд... Аммо агар инсон аз **беаќле** пайравї кунад, ин тамоман нодуруст аст.

Ман ба ту баён мекунам, ки дар куљо нисбат ба Худо, Исо (а) ва Рўњулќуддус ињонат кардаї. Агар њозирин ба гуфтањои ман ќонеъ нашаванд, ман гуфтањоямро вопас мегирам.

**Агар ба аќидаи шумо Исо (а) нутќе бошад, ки аз Худо зода шудааст, њамон тавр ки нутќ аз аќл ба вуљуд меояд, пас ин маънои онро дорад, ки Худо ноќис будааст.** Зеро пеш аз он ки ба сухан ояд, наметавнист сухан гўяд. Њамчуноне ки сухан ба мурури замон ва ба тадриљ дар тифл рушд меёбад ва баъди чанд ваќте тифл пурра метавонад сухан бигўяд, ба њамин тариќ, нутќ дар Худо рушд ёфтааст. Њамин нутќи Худо њазрати Исо аст, ба аќидаи шумо пас Худованд пеш аз Исо чї гуна буд? Оё ту ба ин фикр розї њастї, ки гўё Худо дар

замони пеш аз вилодати Исо аз калом оҷиз буд? Оё ба ин розӣ мешавӣ, ки Худо замоне пеш аз таваллуди Исо (а) ҷоҳил буд? Зеро ба аќидаи шумо Исо ҳамон илмест, ки дар Худо пайдо шудааст. Оё розӣ мешавед ба ин ки Худо пеш аз таваллуди Исо нотавон буд? Зеро Исо (а) ќудрати илоҳист, ҳамчуноне ки баъзе аз шумоён аќида доранд.

**Ин ҳама дар ҳаќќи Худованд аст. Ба гумони ман ту ҳаргиз розӣ намешавӣ, то Худои гунг, нодон ва нотавонро ибодат намоӣ.** Аз тарафи дигар ин ҳама ноќисиҳоро дар ҳаќќи Исо низ розӣ намешавӣ бо вуҷуди он ки даъво мекунед ӯ писар аст. Зеро ту барои Исо танҳо ду сифатро иќрор кардаӣ, сифати нутќ ва сифати илм. Сифатҳои дигари Исо ба аќидаи худи шумо куҷо шуданд? Оё имкон дорад, ки нутќ ва илмро ибодат кунӣ? Ба тариќаи муносиби замон бигӯем, оё имкон дорад ту диски овоз ва ё касеро ибодат кунӣ? Оё ту розӣ ҳастӣ, ки Исои олим ва нотиќро ибодат кунед, дар ҳоле ки дигар аз ҳеҷ сифате бархурдор набошад? Исои нотавон, кар, гунг, заиф, маѓлубро, ки дорои тамоми авсофи салбист, метавонӣ ибодат кунӣ?

### *Исо(а) чун нутќ ва ҳаёт мебошад*

Аз худат бипурс оё таманои онро мекунӣ, ки бароят фарзанде дода шавад, ки танҳо ин ду сифати мусбиро дошта бошад, вале дигар тамоми сифаҳои дигари ӯ салбӣ бошанд? Ҷавоб, албатта, он аст, ки не, ҳаргиз орзуи чунин фарзандро намекунӣ. Пас чӣ гуна дар ҳаќќи Худованд ва Парвардигори худ он чизеро розӣ мешавед, ки дар ҳаќќи худатон раво намедоред? Чӣ гуна Худованд барои шумо фарзанде медиҳад, ки тамоми сифатҳои хубро дорост, вале барои худ бадтарин сифатҳоро интихоб мекунад? Оё ин таќсимоти одилона аст? Эй роҳиб! Ман аз шумо тааҷуб мекунам, ваќте шумо мегӯед, ки писар сифате аз сифатҳои падар аст. Эй профессор! Ман аз ту мепурсам: Оё писарат сифате аз сифатҳои туст? Бале! Имкон дорад дар сифате ва ё чандин сифате ба ту монанд бошад ва имкон дорад дар аксари сифатҳо ба ту монанд набошад ва имкон дорад зидди сифатҳои туро дошта бшад, вале ин ки ӯ яке аз сифатҳои ту бошад, ҳаргиз. Сифатҳои ту порае аз ту мебошанд ва бо ту офарида шудаанд. Ҳамчунин тамоми сифатҳои фарзанди ту низ порае аз ӯянд ва бо ӯ офарида

шудаанд... Пас агар **аќл** чунин мантиќро ќабул накунад, ки дар миёни ин ва он махлуќ сурат мегирад, дар њоле ки њардуи онњо дар тамоми сифот бо њам наздиканд, пас чї гуна метавонад инро дар миёни махлуќ ва холиќ ќабул намояд?

Эй оќилон! Чї гуна Исо (а) сифати Худо мебошад баробар аст, ки дар илм сифати ў бошад ё дар ќудрат ва ё дар ѓайри ин ду ва он рўзе, ки Исо мурд, Худо чї кор кард? Оё ба муддати се рўз беилм ва беќудрату бе нутќу љоњилу нотавону заифу гунг монд? Пок аст Худованди мутаъол аз ин њама тасавуроти љоњилонаи башарї. Илми Худованд куљо буд ваќто гурўњи бадхоње мехостанд ўро ба дор овезон кунанд? Оё дар он лањзањо сифати илм ва ќудрати ў аз кор монда буданд? Сифати илм ва ќудрати Худованд куљо шуданд ваќте Исо (а) дар шиками модараш муддати њамлро паси сар менамуд?

Хоњиш мекунам тамоми марњалањои зиндагии Исоро, ки дар Инљили худи шумо омадааст, пеши чашм оред ва айнан њамин савлоро бидињед… ва дар поён њамин саволеро аз худ намоед, ки оё ин ба Худо лоиќ аст ё не?

**Њамин саволро њамчунин дар олитарин ањволи Исо кунед,** замоне, ки Худо ўро боло бардошта, дар бари худ шинонд, бикунед. Агар Исо сифати Худо бошад, пас чї гуна Худо сифаташро дар пањлуяш шинонд ва чаро дар дохили худ љояш накард? Оё мумкин аст, ки сифати ту омада дар пањлуят нишинад?

Маќсади мо аз ин њама бањсњо масхара кардани њоли Исо (а) нест. Не, њаргиз, ба Худо ќасам, мо ин маќсадро надорем. Мо дар инљо мехоњем ба **аќли** аз кормондаи мардум масхара кунем, њамон **аќле,** ки Исоро масхара мекунад.

Акнун худ бигўед: Оё ба таваллуди ин ду сифат ё се сифат аз Худо шумо далеле доред ва ё танњо маќсад фиреб додани аќл аст?

Шумо чї гуна метавонед љавоб дињед, агар чанд марде дини наверо пайдо кунанд ва бигўянд: Сифатњои дигари Худо низ аз Худо пайдо шуданд. Њар сифате, ки аз Худо таваллуд мешавад, Худост. Њамчуноне ки нутќ писари Худо шуд, њамин тариќ ќудрат писари Худо аст, сифати баландї писари Худост,

сифати шунавої писари Худост, сифати биноӣ писари Худост. Њамчуноне ки сифатњои Худо бепоён аст, њамин тариќ писарони Худо низ хело зиёданд.

Пас он, чӣ далел меоваред барои исботи ин ки Исо писари Худо аст, айнан њамон далелро метавонанд ин тоифа њамчун далел барои исботи аќидаи худ истифода намоянд. Дар охир агар Исо (а) сифати илм аст, оё як сифат метавонад тамоми корњоро анљом дињад? Оё барои мисол сифати њаёт метавонад њам риќз дињад, њам биёфарад, њам кўмак расонад ва њам зарар расонад?... Оё оќиле њаст, ки бе парво ин сухан бигўяд: Сифати њаёт ин осмонњо ва заминро офаридааст?

**Хоњиш мекунам, далелњои наќлиро њоло як тараф гузоред ва барои ман далоили аќлӣ биёред. Зеро далелњои аќлии дуруст њаргиз муќобили далелњои наќлӣ нестанд**. Сохторе, ки бар асоси он шумо аќидаи худро сохтаед, ки гўё Исо (а) Худо аст, на бо худи Инљилњоятон мувофиќат мекунад, на бо дигар китобњои осмонӣ ва на бо **аќли** башарият. Балки он бо фитарти поки инсонӣ, њаёти илмии љомеа мухолиф аст. Эй роњиби бузург! Ба ман ошкоро посух дењ: Оё њангоми намоз хондан бояд каси дигаре низ дар пеш биистад ва ё бояд танњо ту дар пеш бошӣ?...

**Роњиби бузург:** Бояд танњо як имом бошад.

**Абўњомид:** Агар дар як макон ва барои як намоз ду имом таъйин кунанд, чӣ мешавад?

**Роњиби Бузург:** Ба фикри ман бебандуборӣ дар миёни намозхонњо ба вуќўъ мепайвандад.

**Абўњомид:** Агар се имом таъйин кунад, чӣ мешавад?

**Роњиби бузург:** Албатта, норомї бештар ва бештар мегардад... Балки метавон гуфт намоз дуруст намешавад. Зеро намедонї кадомашро пайравї намої.

**Абўњомид:** Эй устоди илмњои сиёсатшиносї, љаноби Љимї! Чаро дар њар кишвар интихоботи раиси љумњур сурат мегирад? Оё на барои он ки барои кишвар як роњбарро интихоб кунанд?

Эй устод Фифа, оё ту розї мешавї агар дар њамин беморхона, ки ту раиси ќисми беморони азулот њастї, каси дигаре низ раис бошад?

**Устод Фифа:** Албатта, не!

**Абўњомид:** Зиндагї ва њаёт дар бањр низ ба њамин тариќа аст. Киштї бояд танњо як нохудо дошта бошад ва њайатњои сафарро бояд як раис бошад. Њамин низом ва тартиб дар њайвонот низ вуљуд дорад. Тамоми даранда, парранда, њашарот ва тамоми махлуќоти Худо тибќи њамин низом фаъолият мекунанд.Тамоми зиндагї њамин аст. Пас чї гуна Худованд барои мардум њаёташонро ба низом медарорад ва барои онњо шариатеро меорад, ки тамоман бо ин ќоидањои умумї мухолифат мекунад. Шариате, ки њам ба зиндагии онњо мухолиф аст ва њам ба аќл ва табиати онњо, шариате, ки ба фитрати онњо ва китобњою таљрибањои онњо зид аст.

Ваќте намози роњиби бузург ба сабаби он ки се имом вуљуд дорад, вайрон шавад, ин њам бошад дар маконе, ки мебоист як имом бошад, зеро онњо дар љое ќарор доранд, ки набояд њељ ихтилофе вуљуд дошта бошад, дар маконе, ки набояд дар он њасад бошад, пас њоли ин њама олам бо ин њама ихтилофот чї мешавад? Оё имкон дарад, ки дар он низоми шарикиро дар олитарин мафњумаш ќабул намуд? Бо вуљуди он ки ин ќазия аслан беасос аст, вале имкон надорад, ки андаки онро тасаввур намуд, пас чї мерасад ба бисёрии он. Вайрон шудани ин низом њатто дар миёни махлуќњо пазируфта намешавад ... Пас чї гуна онро дар миёни холиќ ва махлуќ пазируфта шавад?

Агар кадоме аз роњибон ва ё устодони ширкаткунанда савол ё эътирозе дошта бошанд, бифармоянд. Ман омода њастам хуб гўш кунам ва агар маќбул бошад, ба он ќонеъ мешавам.

**Устод Фифа:** Балки мо омодаем ба хубї баргардем ва имшаб хуб бихобем. Вале гумон мекунам ин суханони ту моро намегузоранд, ки мисли њаршаба бихобем.

Тамоми њозирин хандиданд ва бархоста рафтанд. Гўё бо њам њељ ихтилофе накарда бошанд, ихтилофе дар бузургтарин ва њассостарин масъала, бо рўњияи ошуфта љињати бартарафсозии нуктањои бузурги ихтилоф.

## ПОЁНИ НИШАСТ

Агар инсон аќли худро дар масъалаи сетопарастї андаке њам ба њаракат дарорад ва каме дар ин масъала фикр кунад, аз њаќиќати он пурра огоњ мешавад. Асосе, ки мегўяд ё ман ё аќл, чї маъно дорад? Њайронем, ки чаро ин њама миллати калони масењї фикри худро дар мавзўъи дини худ ба њаракат намедароранд, њамчуноне ки онро дар улуми табиї кор фармудаанд. Асосе, ки аз њаракат даровардани аќли худ бим дорад, салоњияти онро надорад, ки њаёти худ ё њаёти дигар мардумро ба њаракат дароварад. Асое, ки дар баробари саволњои оќилона истодагарї намекунад ва ба эътирозњои раќибон посух намедињад ва њатто ба саволњои тифлон љавоб намедињад, мебоист бекафан дафн карда шавад, зеро он аќле надорад.

## НИШАСТИ ШАШУМ

# Муњаммад (с) - хотами паёмбарон

### *Даричаи нишасти шашум*

Фазо хело хуб аст, дараљаи њарорат дар ин лањазот ба њабдањ мерасид, аќрабаки соат ба ёздањ мерасид ва имрўз њам рўзи истироњат буд… Офтоб медурахшид… Порчае аз абри сафед лавњаи осмони кабудро зиннат медод, пардањои тиреза дар маљлисгоњи мо кушода буд ва аз беруни толор гулњои рангин намоён будї. Аз њама бењтараш он буд, ки чењрањои дар ин маљлис нишаста, бо њам ошно ва шинос буданд. Дар ин нишаст олимони таърих ва илоњиётшиносони шањри Марсилийо бањри Миёназамин њузур доштанд. Њамаи њозирин дар инљо дар манзили устод Фифа мењмон буданд. Ногањон ва берун аз мавзўъ сухан дар бораи он расми корекатурие шурўъ шуд, ки яке аз рўзнамањои Донморкї бефарњангона дар бораи њазрати Муњаммад (с) кашида буд. Ин рўзномаи Донморкї онро шурўъ намуд ва рўзномањои дигар ба он таќлид намуданд. Дигар рўзномаю маљаллањои љањон дар ин мавзўъ сару садоњо баланд намуданд, то кор ба парлумони Фаронса расид.

### *Оё ў марди шўрида ва беќарор буд*

**Устоди забонњои англисї Љерї:** Маълум аст, ки Муњаммад шахси ноором буд, марде буд, ки як фикр надошт ва ќарорњояшро дар асоси як андеша намегирифт. Бисёр ваќтњо шаб як чиз мегуфт ва чун субњ мешуд, онро рад мекард. Ин барои мо кофист аст, то тамоми таълимоти Муњаммадро чунин васф намоем. Ин рўзнома њам танњо бисёре аз ин авсофи Муњаммадро гуфтааст.

**Абўњомид:** Барои ман он ќадар ањамият надорад, ки ту ба гуфтањои худ ќонеъ њастї ё не, вале мехоњам аз ту чунин саволе кунам: Оё ту худ дар бораи Муњаммад (с) чизе хондаї? Ё ончи мегуї ва даъво мекунї, фикри шахсии ту набуда, балки фикри дигарон аст? Оё дар бораи айёми туфулати Муњаммад (с)

ва дар бораи љавонии ў ва ё дар бораи калонсолии ў чизе хондаї? Дар бораи ахлоќи ў, рафтораш бо њамсар, дўстон ва душманонаш чизе медонї?...

Агар пештар дар ин мавзўъњо чизе нахонда бошї, ман њуќуќ надорам бо ту бањс кунам, то ин ки дар бораи Муњаммад  (с) иттилоъ пайдо намої ва ман бо касе бањс намоям, ки дар ин мавзўъњо иттилоъоте дорад!!! Оё аќли солим чунин њукм намекунад? Ман мехоњам њукми аќли худамро як тараф монам ва мехоњам њукми аќли туро ќабул намоям ва ё њукми аќли ононеро, ки ту муќаллиди онњо њастї. Биё, ба суханони касоне гўш мекунем, ки дар бораи Муњаммад  (с) суханоне гуфтаанд, дар њоле ки на аз асњоби ў буданд ва на аз пайравони ў. Пас, бояд каме андеша кунем, ки оё Муњаммад  (с) ором буд ё ноором!...

### *Рози рўњи азамату бузургї*

**Мосинийон дар бораи Муњаммад  (с) чунин мегўяд**: «Бисёре аз асрои ин рўњ аз мо пинњон мемонад... Барои њамин мо танњо аз ончи барои мо равшан аст ва њаёти умумии ў ба он далолат мекунад, дарёфт мекунем, ки ў дорои иродаи ќавї буда, тавони даст ёфтан бар зоти худ буд, ў мўътадил, нарм, њалим, босабр ва дурандеш буда, тамоми сифатњоеро, ки барои як рoњбари низомї ва марди давлат зарур аст, доро буд. Ўро аќида ва имони амиќаш покаш месохт»[1].

**Вел Дюронт мегўяд:** «Араќеро, ки барои дигарон њаром намуд, худ истиъмол намекард. Ў бо бузургон мењрубонї мекард ва бо бечорагон табассум. Дар баробари бузургон бузург ва пурњайбат буд… Ба кўмаки мардум мешитобид, дар њар љаноза, ки мегузашт, иштирок менамуд. Ў њаргиз худро њамчун султон нишон намедод, ў ќабул намекард агар барояш таъзими хоссе менамуданд. Агар ѓуломи бандие ўро ба таом даъват мекард, ќабул менамуд. Агар ў ваќту тавони кардани кореро медошт, њаргиз аз ѓулом талаб намекард, то барои ў ин корро анљом дињанд. Ў барои хонадони худ моли кам сарф мекард. Садаќањоро барои мардум сарф мекард. Ў љанговари сахт буд ва њаргиз бо душман рањм намекард. Ў ќозии одил буд, дар њоле ки метавонист

[1] Мосинийон Љон Марион, сањ. 68 (аз китоби «Нубувватии Муњаммад дар тафакури шарќшиносии муосир», таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ.414)

зулм намояд ва ӯро маъзур доранд. Вале тамоми аъмолаш аз рӯи раҳм буд, ки онҳоро шуморида намешавад»[1].

Ҳамчунин мегӯяд: «Муҳаммад дар айни иззаташ ҳаёти соддае дошт, ки дар он на озори касе буд ва на худнамоӣ. Ӯ дар зиндагонии худ аз моддиёт парҳез мекард. Ӯ дар хонае аз хас мезист. Мардумони зиёде ӯро дидаанд, ки ҷомаи кӯҳнаи худро дарбеҳ менамуд ва бо дасти худ онро медӯхт. Бо мардум дар ҳаёти онҳо ширкат мекард ва ҳеҷ касро аз маҷлиси худ дур намекард, чи хурд мебуд, чи бузург»[2].

Дар ҷои дигар мегӯяд: «Ӯ метавонист чӣ гуна вақти худро барои ин ҳама корҳои зиёдаш тақсимбандӣ намояд. Ӯ ҳангоми алоқа бо ёронаш худро ором намоиш медод, дар ҳоле ки метавонист аҳёнан сахтгир бошад, вале ӯ дар умум меҳрубон буд. Дар бисёр вақтҳо хандаи ӯ табасум буд. Мо тибқи ривоятҳои зиёде, ӯро марди ҳассос ва бо таркиз меёбем. Агарчи баъзе аз ин қиссаҳо нодуруст бошад, вале дар умум онҳо сурати воқеии ӯро нишон медоданд... Маълум мешавад, ки Муҳаммад шуури нозук ва хоссе нисбати кӯдакон дошт ва онҳо ҳамеша ӯро дӯст медоштанд. Шояд ин ибрози таассуфи марде бошад, ки тамоми фарзандонаш дар хурдсолӣ мурдаанд. Хубии ӯ шомили ҳайвонот ҳам буд, ки ин як чизи зебоест дар он асре, ки ин қисмати олам дар он зиндагӣ мекард»[3]

**Ҳамчунин Ват мегӯяд:** «Муҳаммад марди давлат буд, пур аз ҳикмат. Асоси мафҳумҳое, ки дар Қуръон буд, танҳо сохтор аст. Ва мебоист ин сохтор муассисаҳои воқеӣ пайдо мекард. Ҳикмати ӯ дар масоил (мурод масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ) аз онҷо зоҳир мешавад, ки давлати хурди ӯ ба ин суръат ба imперотури бузурге мубаддал шуд»[4].

---

[1] Достони тамадун: Вел Дюронт (11/45) (аз китоби «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарқшиносии муосир», таълифи доктор Лахзар Шойб, саҳ 415).
[2] Арабҳо (Таърихи кӯтоҳ) саҳ. 43-44. ҳамчунин ниг. PROBLEM DE MAHOMET – BLACHER, саҳ. 101 (аз китоби «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарқшиносии муосир», таълифи доктор Лахзар Шойб, саҳ 415).
[3] Муҳаммад дар Мадина, саҳ. 389-393 (аз китоби «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарқшиносии муосир», таълифи доктор Лахзар Шойб, саҳ.416).

[4] Mahomet prophete et H. De Enat J p саҳ 207 (аз китоби «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарқшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб, саҳ.416).

**Устоди забонҳои англисӣ Ҷерӣ:** Ҷавоби муҳим барои ту, эй Абӯҳомид, он аст, ки инҳое, ки номбар нумудӣ, бо ин ки ту онҳоро таъриф мекунӣ, ҳеҷ яке аз онҳо дар дини Ислом дохил нашуданд ва пайравӣ аз Муҳаммаде, ки ту таърифаш мекунӣ накарданд… Ҳамчунин яке аз инҳо агар Муҳаммадро дар ҷое таъриф карда бошад, албатта, дар ҷои дигар ӯро танқид карда аст.

**Абӯҳомид:** Ман барои ту як чизро мегӯям ва аз рӯи ақл далел меоварам, то даъво накунӣ, ки ман кӯр-кӯрона рафтор мекунам:

**Якум:** Аз инҳо ҳар ки барои Муҳаммад (с) шаҳодат бидиҳад, ки ҳақ аст, чунин инсон дар айни ҳол шаҳодат медиҳад, ки худи ӯ ба ҳақиқат расидааст. Ҳарки Муҳаммад (с)-ро бишносад ва ба ин гувоҳӣ надиҳад, гӯё худашро тӯҳмат кардааст.

Аз сабаби он ки ин мардуми боинсоф баъди асрҳои торик, дурӯғ ва тӯҳмат алайҳи Муҳаммад (с) омаданд, баъди он ки гузаштагони онҳо ҳама қурбони гуфтаҳои нависандагону таърихнависон гаштанд ва онҳоро бовар карданд. Онҳо маълумоти дар хусуси Муҳаммад (с) ба онҳо расидаро таҳқиқ намекарданд. Аз ҷумлаи чунин қурбониён аст муаррихи Фаронсавӣ Ҷиберт Нокент мебошад, ки бо эътирофи худи ӯ дар хусуси он ки сарчашмаҳояш хело кам аст ва аксари сарчашмаҳояш даҳонист ва масиҳист. Ӯ мегуфт: Сабабгори вафоти Муҳаммад хук аст. Дар ин мавзӯъ ӯ мегуфт: **«Ӯро рамае аз хукон фурӯ бурданд»**.

Ҷиберт ин хурофотро аз он гирифтааст, ки мусалмонон хукро ҳаром кардаанд. Ӯ дар ҷои дигаре аз китоби худ илова мекунад, ки: Сири ҳаром шудани арақ дар мусалмонҳо ин аст, ки Паёмбар (с) дар ҳоли мастӣ буд, дар он ҳангоме, ки хукон ӯро хӯрда буданд.

Амо Роҳиб (Тур) Ҳедилбер, соли вафоташ 1133-и милодӣ, Паёмбар (с)-ро паёмбари ҳиллагаре меномад, ки бо мӯъҷизаҳояш қавми худро фиреб дода

буд. Гуё ӯ ба сурати гови бадњайбате табдил ёфта, мардумро мањбур кард, то њар гоњ онњоро амр кунад, ба ӯ рукӯъ намоянд.[1]

Елодж Де Кордю дурӯғ ва тӯњматњои худро мукаррар баён мекунад. Ӯ дар миёни роњибони кишвараш бо илм машњур буд ва китоби ӯ, ки дар бораи Паёмбар (с) ва сирати ӯ ва шариати Исломист, њаргиз аз доираи дурӯғ берун нест. Аз љумла ӯ мегӯяд: «Ваќте Муњаммад наздик шудани маргашро эњсос намуд, гуфт дар рӯзи сеюми баъди вафоташ малоикањо меоянд, то ӯро аз нав зинда кунанд. Ваќте ки рӯњи ӯ ба Дӯзах рафт, асњобаш истоданд ва љасади ӯро муњофизат мекарданд. Ваќте рӯзи сеюм расид ва малоикае наомад, онњо аз назди љасад дур шуданд, зеро эътиќод мекарданд, ки малоикањо дар њузури онњо намеоянд. Дар њамин њол, ба љои малоикањо сагоне омаданд ва љасади ӯро пора-пора карданд ва танњо боќимондаи онро мусалмонон дафн карданд. Барои он ки аз сагон интиќом бигиранд, дастур доданд то њамасола шумораи зиёде аз сагонро бикушанд. Ин аст мӯъљизањои Паёмбари Ислом»[2].

Эй устод, оё мумкин аст, ки аќлњои он ваќт тасаввури инро кунанд? Бале, **аќли** гузаштагони шумо ин тӯњматњоро ќабул мекард ва ин дурӯғњо дар он замон самараи худро дода буд, ки он бад намудор кардани сурати Ислом ва мусалмонон ва Паёмбари онњо ва киштани тухми кинаю адоват миёни масењиён ва мусалмонон ва омода намудани лашкарњо барои муњорибаи кишварњои мусалмонон буд.

Барои њамин он шањодатњои содиќона дар бораи Муњаммад, ки аз баъзе уламои шарќ зикр намудем, агарчи комил набошад њам, гӯё шањодати бошармона аст аз шахсе, ки аз ин бештар медонад… Вале ин агарчи кам аст, аммо нисбат ба гузашта чун нурест, агарчї дар миёни ин њама торикињо заифтар аст. Њар шањодате ба монанди инњо, шуълаест дар торикињои шаби зулмонї.

**Дуюм,** эй дӯсти ман! Агар дар танќидњое, ки онњо нисбат ба Ислом ё Паёмбари он кардаанд, андеша намої, онро ба тариќи ривояти ошкор намеёбї,

[1] Von Geunbaum p-Islam MEDIEVAL сањ. 58. (аз китоби «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ.50).
[2] Von Geunbaum p-Islam MEDIEVAL сањ. 58. (аз китоби «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ.44).

балки онњо њама тањлилњои нодуруст ва ё робита ба нодурустиянд ва ё ривоятњои нотамом ва ё ќиссањои беасл ва беасос.

**Сеюм,** мусалмон нашудани ин олимон бо вуљуди он ки ба њаќиќат шањодат додаанд, наметавонад њуљљате ба фоидаи онњо бошад, балки ин њуљљатест бар зарари онњо! Амсоли чунин олимонро Паёмбар (с) хело сарзаниш намуда, дар њаќќи онњо чунин мегўяд: ***«Ќиссаи касоне, ки ба мардум накўиро меомўзонанд ва худро фаромўш мекунанд, монанди шамъест, ки ба дигарон рўшної дода худро месўзонанд»***[1]**.**

Вале ин нури хурде, ки онњо зикр намудаанд, кофист ва метавонад њар хонандаи боинсофро аз миёни ин торикињо ба нури Ислом кашонад.

## *Таъсири таассуби кур-курона дар ривояти таърих*

**Чорум,** ин далел намешавад ва чунин њам нест, ки мусалмон нашудани инњо далел бар он шавад, ки Муњаммад  (с) њаќ набуд… Балки мусалмон шудани ин њама шарќшиносони зиёд, метавонад бузургтарин њуљљат ба муќобили худи инњо бошад. Бисёре аз ин равшанфикрон пеш аз гаравидани дини Ислом дар илму њикмат ба дараљаи бузурге расида буданд. Аксари ин олимон Исломро ќабул накарданд, магар баъди љустуљўи зиёд ва интиќол дар миёни динњои гуногун ва аќидањои мухталиф. Аз љумлаи чунин олимон Насриддин Диния буд. Рассоми оламї Алфонс Итиян Диния соли 1861 дар Париж ба дунё омада буд. Волидайни ў њарду католик буданд ва ў аќидаи салибї, фидої ва сегонагиро аз онњо омўхта буд. Бо гузашти рўзњо дар дилаш нобоварї ва норомие нисбат ба динњо эњсос менамуд. Баъди он ки бештар дар усул ва шохањои эътиќодаш андеша намуд, ба дини Ислом муќтаниъ гашт ва расман исломи худро дар соли 1927 дар масљиди наве дар Алљазоир эълон намуд. Аз њамон рўз номашро иваз намуда, худро Насриддин номид ва васият намуд, то ўро дар шањри Бусаодати кишвари Алљазоир ба хок супоранд. Баъди вафоташ љасади ўро дар соли 1929 аз Париж ба онљо интиќол намуданд.2

[1] .Табаронї, 1681 ва соњиби ас-Силсила онро њасан гуфтааст.

2. «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб.

Аммо Муњаммад Асад, ки номаш Липолд Файс буд ва ќиссаи ў намунаи ягона аст дар даромадани аќида исломї дар дили ѓарбињо дар натиљаи њамзистї ва њамљиворї бо мардуми мусалмон буд. Муњаммад Асад дар китоби худ бо номи **«Роњ ба тарафи Макка»** менависад: «Ќиссае, ки ман дар ин китоб ривоят мекунам, ќиссаи марде нест, ки дар роњи сиёсат наќши муњимеро бозидааст ва њамчунин ќиссањои аљоибот нест… Ин китоб њамчунин ќиссаи бањси аќида нест, зеро ин имон барои ман бо гузашти солњо омада буд, бе ин ки ман ягон зањмате дар ин роњ кашида бошам».[1]

Њамчунин Абдулвоњид Яњё Гайнун, файласуфи рўњонї Рене Генун дар фаронса ба дунё омада, дар онљо бо аќидаи католикї ба воя расид ва то соли 1930 њангоме ба Ќоњира сафар намуд, дар њамон дин буд. Дар Ќоњира Исломи худро эълон намуд ва дар онљо оиладор шуд ва соњиби се фарзанд гардид, Ањмад, Абудлвоњид ва Хадиља. То охири умраш, яъне то соли 1951 дар онљо боќї монд.[2]

Аз ќабили чунин олимон аст Раљо Горудї… Аз ќабили эшон Мурод Њуфман соли таваллудаш 1931, ки шарќшиноси Олмонї буда, Исломро ќабул кард, бо вуљуди он ки аз оилаи католикист. Ў таълимотии олии худро соли 1950 дар донишгоњи Ню-йорк шурўъ намуд, дар соли 1960 дар риштаи ќонуни Амрикої соњиби унвон гардид. Дар идорањои хориљии Олмон тайи солњои 1961-1994 ифои вазифа намуд, ки дар аснои он раёсати идораи маълумотии блоки Наторо ба ўњда дошт. Баъди он дар соли 1986 сафири Олмон дар Алљазоир интихоб шуд ва онљо њамчун сафир дар соли 1990 ба Маѓриб рафт ва то синни нафаќа соли 1994 дар онљо ифои вазифа менамуд. Њоло ў дар Туркия зиндагї мекунад. Аз замони эълони Исломаш, ки соли 1985 буд, то кунун чандин китобњо таълиф намудааст. Китоби нахустини ў **«Рўзгори олмонии мусалмон»** дар соли 1985 ба табъ расид ва аз љумлаи китобњои дигараш **«Ислом њамчун ивазкунанда»** дар соли 1982 ва **«Ислом дар соли 2000»** мебошанд.[3]

[1] Њамон манбаъ.сањ 166.
[2] Њамон манбаъ,сањ 170.
[3] Њамон сарчашма.

**Панљум,** агарчи ман њељ узреро барои ќабул накардани Ислом намепазирам, вале њар як инсон шароити худро дорад. Баъзе аз ин олимон имкон дорад сабаби ќабул накардани онњо дини Исломро дар он бошад, ки метарсиданд то аз оила људо нашаванд, баъзењо аз хавфи аз даст додани молу мулк, гурўње људо шудан аз љомеаи худ, шояд баъзењо гумон мекарданд, ки ќаноати дарунї кофист, ва гурўње… ва гурўње… Бо вуљуди ин њама далоил, ман бори дигар таъкид мекунам, ки њељ кадоме аз ин олимон узре надоштанд... Баъди њаќро дарёфтан ва онро ќабул накардан оё мешавад узреро ќабул намуд?!...

***Истифодаи достонњои дурўѓин***

**Шашум,** онњо барои Муњаммад дар љойњои гуногун таъриф кардаанд ва марњалањои гуногуни њаёти ўро мадњ намудаанд ва агар инњоро бо њам љамъ намоем ва дар як љо нависем, мебинем онњо њаёти комили Муњаммад (с)-ро њаматарафа мадњ кардаанд. Аз ин метавон чунин хулоса баровард, ки Муњаммад  (с) шахсияти њамаљониба комил буда, ин њама камбудињое, ки ба ў нисбат медињанд, тўњмат ва бўњтон аст. Оё ин кофї нест, то аз рўи њукми аќл бигўем, ки Муњаммад  (с) њаќ буд?!

**Њафтум,** шарќшиносон худ медонанд, ки амуи Паёмбар (с), Абўтолиб  аз ў сахт њимоят мекард ва бо тамоми васоил дар баробари ќавмаш аз ў пуштибонї мекард ва ўро њамеша њимоят мекард, вале бо вуљуди ин њама Исломро ќабул накард! Оё Абўтолиб метавонад далели ноњаќ будани Паёмбар (с) бошад? Ё ин ки Муњаммад  (с) њуљљат аст бар болои Абўтолиб? Аз мусалмон нашудани Абўтолиб мардум дар њайрат монда буданд ва њамагон чунин саволњо мекарданд: Чї гуна Абўтолиб бо вуљуди ин њама ошноияш бо Муњаммад  (с) аз њидоят мањрум шуд? Чї гуна бегонагон аз вуљуди Паёмбар (с) истифода намуданд, дар сурате наздиктарини хешонаш манфиат набурд?!

Айни њамин саволро дар инљо хоњем дод, ки чаро оммаи мардум истифода бурданд, вале олимоне аз шарќшиносони боинсоф манфаате набурданд?

## *Достони Наљошї*

Даромадани шоњи насронї ба монанди Наљљошї дар дини Муњаммад (с) њуљљати бузурге мешавад барои Абўтолиб ва амсоли ин шарќшиносон ва бисёр дунёдорон, ки онњоро мансабашон аз ќабул кардани Ислом боз надошт. Чї ўро маљбур кард, ки дар дини Ислом дохил шавад, бо вуљуди он ки подшоњи кишваре буд ќавитар аз кишвари Муњаммад (с) ва тарафдорони Муњаммад ба кишвари ў њамчун паноњанда рафта буданд? Дар Ислом даромадан ва ин динро ќабул кардани ў барои талаби њељ маслињате набуд. Дар ќиссаи мусалмон шудани ў ибратњост…

**Профессор Фифа:** Фаќат барои маълумот мехостам то ќиссаи Наљљоширо, њамчуноне ки мегўї, ба мо ривоят намої... зеро ман ин ќиссаро пеш аз ин нашунидаам ва гумон мекунам аксари њозирин њам онро нашунидаанд.

**Абўњомид:** Бале, ман онро аз компютер бароятон ќироат мекунам ва аз китобе, ки назди мо мусалмонон бузургтарин сарчашмаи таърихї ба шумор меравад, китоби «Албидоя ван-нињоя». Њамчуноне ки барои шумо гуфта будам, санадњои ин ќисса њама собит буда, ровиён ањли эътиборанд. Ровии ин ќисса њам касест, ки худ шоњиди ваќўъи он буд. Номаш Умми Салама яке аз заноне, ки ба Њабаша њамроњи шавњараш њиљрат карда буд, мебошад. Акнун худ ќадри зан дар Исломро бишносед ва дониста бошед, ки мусалмонон њамчуноне ки илмро аз мардон мегиранд, илмро аз занон низ мегиранд ва ин корро аз ибтидои пайдоиши Ислом анљом медињанд. Ин аст сабаби издивољи Паёмбар (с) бо ин зан ва дигар занон…. Паёмбар (с) бо ин зан издивољ намуд баъди он ки њамсараш дар љанги Уњуд аз дунё гузашт…! Акнун ба ќиссае гўш кунед, ки бо тамоми тафсилоташ аз Умми Салама ривоят шудааст, ки мегўяд: «Ваќте ба сарзамини Њабаша фаромадем, мо бењтарин паноњдињандаро дарёфтем (муродаш Наљљошї), ки дигар њам дар динамон амон ёфтем ва њам Худоро ибодат намудем. На касе моро озор медод ва на калимаи бадеро аз касе мешунидем. Ваќте хабари мо ба Ќурайш расид, онњо бо њам маслињат карданд, то ду мардро барои баргардонидани мо ба тарафи Наљљошї бифристанд ва барои Наљљошї аз бењтарин њадяњои Макка чизњои хуб ва

беҳтарин чизеро, ки дили одамизод мехоҳад, тақдим кунанд. Онҳо аз ҳадя кардан ҳеҷ яке аз атрофиёни Наҷҷоширо аз ёд набурданд. Барои анҷоми ин масъулият қурайшиҳо Абдуллоҳ ибни Рабиа ибни Муғираи Махзумӣ ва Амр ибни Ос ибни Воили Саҳамиро фиристоданд ва барои онҳо дастуроти муайяне доданд. Ба онҳо гуфтанд: Пеш аз он ки бо Наҷҷошӣ сӯҳбат намоед, бояд барои ҳар яке аз коҳинони ӯ ҳадяашро бидиҳед ва баъд ҳадяҳоро ба Наҷҷошӣ тақдим намоед. Баъди ин аз Наҷошӣ талаб намоед то мусалмононро ба шумо супоранд, пеш аз ин ки Наҷҷошӣ бо мусалмонон сӯҳбат намояд. Умми Салама мегӯяд: Пас онҳо ҳарду аз Макка хориҷ шуданд, то ба назди Наҷҷошӣ расиданд. Мо дар онҷо бо накӯтарин аҳвол ва беҳтарин шароит будем. Ҳеҷ коҳине намонд, магар ин ки барояшон ҳадяҳо доданд, пеш аз он ки бо Наҷҷошӣ вохӯрӣ намоянд. Онҳо ба ҳар коҳин мегуфтанд ба кишвари подшоҳатон чанд нафар ғуломони мо омаданд, дар ҳоле ки онҳо аз дини аҷдодияшон баромадаанд ва дар дини шумо ҳам надаромадаанд. Онҳо дини наверо овардаанд, на мо онро медонем ва на шумо. Мо, бузургонро равон карданд, то онҳоро ба сӯи қавмашон баргардонем. Вақте мо бо малик дар ин мавзӯъ сӯҳбат намудем, шумо низ ишора кунед, то онҳоро бо мо баргардонад ва бо онҳо ҳеҷ сухан нагӯяд, зеро қабилаи онҳо аз онҳо бузургтаранд ва медонанд, ки инҳо чӣ бадиҳое дар ҳаққашон кардаанд. Коҳинон ҳама бале гуфтанд. Баъдан ҳарду ҳадяҳоро ба Наҷҷошӣ тақдим карданд ва Наҷҷошӣ ҳадяҳоро қабул кард. Пас, он ду ба сухан даромада, дар ҳузури Наҷҷошӣ чунин гуфтанд: Эй подшоҳ! Чанд ғуломи беақли мо аз дин баромаданд ва ба кишвари шумо омадаанд. Онҳо аз дини қавми худ ҷудо шуданд ва дар дини шумо надаромадаанд. Онҳо дини наверо овардаанд, ки онро на мо медонем ва на шумо. Бузургони қавми онҳо, падарҳо, амакҳо ва хешовандонашон моро фиристоданд, то онҳоро бозпас гардонем. Қабилаи онҳо аз онҳо бузургтаранд ва медонанд, ки инҳо чӣ бадиҳое дар ҳаққашон кардаанд.

Умми Салама мегӯяд: Чизе барои Абдуллоҳ ибни Абурабиъа ва Амр ибни Ос бадтар аз он набуд, ки Наҷҷошӣ ба мо фурсати сухан бидиҳад ва суханони моро гӯш кунад.

Коњинон њамагон, ки дар атрофи Наљљошї буданд, гуфтанд: Эй подшоњ! Онњо рост мегўянд, ќабилаи онњо аз онњо бузургтаранд ва медонанд, ки инњо чї бадињое дар њаќашон кардаанд. Ту онњоро ба ин ду супор ва бигзор онњоро ба кишвари худ баргардонанд.

Умми Салама мегўяд: Наљљошї сахт дар ѓазаб шуд, пас гуфт: Не. Агар чунин бошад, ба Худо савганд, онњоро таслим намекунам! Ќавмеро, ки дар паноњи ман даромаданд ва дар шањри ман мењмон шуданд ва аз миёни дигарон маро интихоб намуданд, ба касе таслим намекунам, то ин ки онњоро ба назди худ даъват намоям ва аз онњо дар бораи суханони ин ду нафар пурсон шавам. Агар онњо њамон тавр бошанд, ки ин ду даъво мекунанд, онњоро таслим мекунам ва ба сўи ќавмашон бармегардонам ва агар ѓайри ин бошанд, онњоро таслим намекунам ва то замоне, ки дар паноњи ман њастанд, ба онњо накўї хоњам кард.

Умми Салама мегўяд: Пас Наљљошї касеро ба сўи асњоби Паёмбар (с) фиристода, онњоро ба назди худ хонд. Ваќте намояндаи Наљљошї ба назди мусалмонон омад, њамагон љамъ шуданд ва ба њамдигар гуфтанд: Ваќте ба назди ин мард рафтед, чї мегўед? Гуфтанд: Ба Худо савганд, он чизеро медонем ва он чизеро, ки ба мо Паёмбар (с) таълим додааст, мегўем ва њарчи бодо бод.

Ваќте ба назди Наљљошї омаданд, Наљљошї тамоми коњинонашро даъват карда буд ва онњо бо худ китобњояшонро доштанд. Наљљошї аз онњо савол кард: Ин чї динест, ки шумо аз дини ќавми худ људо шудаед ва на дар дини ман даромадаед ва на дар дини касе аз ин мардумон?

Умми Салама мегўяд: Он касе, ки бо Наљљошї сухан мегуфт Љаъфар ибни Абўтолиб буд. Ў гуфт: Эй подшоњ! Мо ќавме будем аз ањли љоњилият, бутњоро ибодат мекардем, худмурдаро мехўрдем, фоњишакорї мекардем, хешутабориро аз миён мебуридем, ба њамсоњо бадї мекардем, пурќувватони мо заифонро мехўрданд ва мо ба ин њол будем, то ин ки Худованд ба сўи мо Паёмбаре аз миёни мо фиристод, ки авлоди ўро мешинохтем ва дар садоќат, аминї ва покияш мутмаин будем. Ў моро ба ибодати Худованд даъват менамуд, то тanњо ўро бипарастем ва њар санг ва бутонеро, ки мо ва падарони мо

мепарастид, тарк кунем. Ӯ моро амр кард, то дар гуфтор содиќ буда, амонатњоро адо намоем, силаи рањм намоем, њамсоягии хуб кунем, даст ба њаромњо назанем, даст аз хунрезї бардорем, моро аз фоњишагї манъ намуд, аз тўњмат ва хўрдани моли ятим ва тўњмати занони афифа боз медошт. Ӯ моро амр намуд, то танњо Худоро ибодат намоем ва ба ӯ чизеро шарик наорем. Моро ба намоз, закот ва рўза амр кард.

Умми Салама мегўяд: Љаъфар чандин дастуроти Исломро номбар кард ва дар охир гуфт: Пас, мо ўро бовар кардем ва ба ӯ имон овардем ва дар тамоми гуфтањояш аз ӯ пайравї намудем. Пас мо танњо Худоро мепарастем ва ба ӯ чизеро шарик намеоварем, ончи Худо њаром гуфтааст, њаром мењисобем ва ончи њалол гуфтааст, њалол мењисобем. Ќавми мо ба сари мо таљовузњо намуданд, моро азоб доданд, дар динамон гирифтори фитнањо карданд, то моро аз динамон баргардонанд ва аз Худопарастї ба бутпарастї равона кунанд. Онњо моро маљбур мекунанд то палидињоро њалол гўем. Ваќте онњо моро азоб доданд ва зулм карданд ва гирифтори сахтињо намуданд ва кўшиданд то моро аз динамон људо кунанд, мо баромада ба кишвари ту омадем ва ба љои дигарон туро интихоб намудем ва умед дорем, ки дар пеши ту гирифтори зулм нашавем.

Умми Салама мегўяд: Пас Наљљошї ба Љаъфар гуфт: Оё чизе аз ончи аз назди Худо овардааст, бо худ доред?

Умми Салама мегўяд: Љаъфар гуфт: Бале. Пас Наљљошї ба ӯ гуфт: Онро бароям ќироат намо. Пас барои ӯ аввали сураи «Марям»-ро ќироат намуд:

**«Коф, њо, ё, айн, сод.** (ай Муњаммад с) **ин аст баёни рањмату бахшиши Парвардигори ту ба бандааш Закариё. Ёд кун** (ай Муњаммад (с) **ваќте ки дуъову илтиљо кард** (Закариё) **ба Парвардигори худ хуфиёна. Гуфт: «Парвардигоро! Албатта, сусту заъиф шудааст устухонњои баданам ва сафед шудааст мўи сарам, ман ба даргоњат дуъо карда, њељ гоњ ноумед нашудаам. Њамоно метарсам аз аќорибам, ки баъди вафотам** (дини маро зоеъ кунанд) **ва њамсарам нозой аст. Пас ато кун** (ай Худо) **ба ман аз даргоњат халифае** (фарзанде)**, ки меросхўри ман ва фарзандони** (бобоям) **Яъќуб бошад ва бикун он** (фарзандро), **ай Парвардигорам,** (марди)

**писандидае».** (Худованд гуфт)**: «Ай Закариё! Мо башорат медиҳем туро ба фарзанде, ки номаш Яҳёст ва пайдо накардаем пеш аз ӯ ҳеҷ ҳамномашро».** (Закариё (а) **гуфт: «Чӣ гуна пайдо шавад маро фарзанд, ки ҳамсарам нозой аст? Ман бошам ба калонсолӣ расидаам ва ниҳоят заъиф шудаам». Гуфт** (Худованд)**: «Ҳамчунин аст ваъда ва ин кор бар зоти Ман осон аст, туро офаридам пеш аз ин ва ту чизе набудӣ** (яъне аз Одам туро ба вуҷуд овардам-ку). (Закариё) **гуфт: «Парвардигорам, муайян кун барои ман аломату нишонаеро»** (Худованд) **фармуд: «Нишонаат он аст, ки натавонӣ сухан гуфтан бо мардум то се шабонарӯз, дар ҳоле, ки тансиҳат бошӣ!. Пас берун шуд** (Закариё) **назди ќавмаш аз меҳроби ибодат, пас ишора кард ба сӯяшон ки субҳу шом ба покӣ ёд кунанд Худоро.** (Алќисса чун Яҳё таваллуд шуд ва дусола гашт) (гуфт): **«Ай Яҳё! Бигир аҳкоми китобро** (Тавротро) **ба устуворӣ». Ва илму дониш додем ӯро дар ҳоли кӯдакиаш. Ва** (додем ба Яҳё) **меҳру шафќате аз даргоҳи худ ва покии нафс ва бисёр парҳезгор буд** (Яҳё)**. Ва бисёр некӯкирдор буд ба падару модараш ва гарданкашу гунаҳгор набуд. Ва салом бод бар ӯ рӯзе, ки таваллуд шуд ва рӯзе, ки вафот кунад ва рӯзе, ки зинда гардонида шавад!. Ёд кун** (ай Муҳаммад (с) **дар китоб Марямро ваќте ки як сӯ шуд аз хонадону атрофиёни худ ҷое ба тарфи Офтоббаро. Пас аз ҷониби онҳо парда гирифт. Ва фиристодем ба сӯи Марям Рӯҳи худро** (яъне Ҷибриил алайҳи-с-салом-ро)**. Пас нишон дод ба Марям худро ба сурати башар** (рӯи рост)**. Марям гуфт: «Ман паноҳ мебарам ба Худо аз** (шарри) **ту, агар аз Худо тарсӣ** (ба ман зиёне нарасон)**».** (Ҷибриил) **гуфт: «Ҳамоно ман фиристодаи Парвардигори туам, то ато кунам ба ту тифли поку покизаеро».** (Марям) **гуфт: «Чӣ гуна пайдо мешавад ба ман фарзанд, ки даст нарасонидааст ба ман ҳеҷ инсоне ва ҳаргиз набудам зинокору фоҳиша!».** (Ҷибриил) **гуфт: «Ваъдаи ҳаќ чунин аст. Парвардигорат фармуд, ки ин кор бар Ман осон аст, мехоҳем бисозем ин тифлро як мӯъҷизае барои мардумон ва як раҳмату бахшише аз ҷониби худ ва ин муќаддамаи кори муќарраркардашуда.** (Пас ба ќудрати илоҳӣ) **ба шикам бор гирифт он тифлро** (ҳомила шуд)**. Пас рафт Марям ба сабаби**

**њамлаш ба љое дуртар аз мардум** (аз ѓояти шарму њаё). **Пас овард Марямро дарди таваллуд ба сўи танаи дарахти хурмо** (ва даст ба шохаи хурмо карда дар њоли чашмаш равшан шудан) **гуфт: «Ай кош, мемурдам пеш аз ин ва ба тамом аз хотирњо фаромўш мешудам». Ки овоз дод ўро** (Љибриил) **аз љониби поёни дарахт: «Ѓам махўр, андўњгин машав, њамоно пайдо кардааст Парвардигорат барои ту дар зери ќадамат љўйеро». Ва биљунбон** (бикаш) **ба сўи худ танаи дарахти хурмои хушкро, то бирезад ба сарат хурмои тару тоза** (ба ќудрати Худо) **билфеъл аз дарахт чидашуда. Пас бихўру биёшом ва осуда шав ва агар бубинї аз мардум касеро** (ки мепурсад аз падари тифл) **пас бигў** (ба ў): **«Њамоно ман назр кардаам барои Худо рўза доштанро ва сухан нахоњам гуфт имрўз ба њељ кас». Пас бардошта овард Марям** (Исоро) **пеши ќавмаш, онњо гуфтанд: «Ай Марям! Албатта, овардї чизи зиштеро.** (Ба Марям хитоб карда гуфтанд)**: Ай хоњари Њорун, падарат марди бад набуд ва модарат зинокор набуд** (пас чї шуд туро?)**». Пас** (Марям сухан нагуфта) **ишора ба тифл кард** (яъне аз ин тифл пурсед, мегўяд)**. Гуфтанд ќавмаш ба њайрат уфтода: «Чї гуна сухан мегўем бо тифли дар гањвора дар њоли кўдакї?».** (Дар ин ваќт тифл, яъне Исо ба забони фасењ) **гуфт: «Ман бандаи Худоям, додааст ба Ман китоб** (яъне Инљилро) **ва сохтааст пайѓамбар. Ва гардонид Худованд маро соњиби хайру баракат њар љое, ки бошам ва фармуд маро ба** (хондани) **намоз ва** (додани) **закот, то даме, ки зинда бошам. Ва** (гардонид) **маро некўкору хидматгор ба модари худ ва насохт маро гарданкашу бадбахт. Ва салому амонї бар ман аст рўзе, ки ба дунё омадам ва рўзе, ки бимирам ва рўзе, ки зинда гардонида шавам». Ин аст** (ќиссаи) **Исо писари Марям,** (мурод медорам) **сухани ростро, ки ихтилоф мекунанд мардум** (яъне яњуду насоро) **дар он. Нест лоиќи Худо ин ки бигирад фарзанде. Худованд пок аст** (аз ин нуќсон)**, чун хоњад, ки кунад кореро, њамоно мегўяд: «Пайдо шав!» Пас пайдо мешавад** (он чиз). (Исо (а) **гуфт: «Њамоно Худованд Парвардигори ман аст ва Парвардигори шумост. Пас ибодат кунед Ўро, ин аст роњи рост». Пас ихтилоф намуданд љамоъати** (яњуду насоро, дар боби Исо) **миёни худ. Пас**

**вою њалокат кофиронро аз њозир шудан дар рўзи ќиёмат. Чї ќадр шунавову бино бошанд** (ин кофирон) **рўзе, ки њозир шаванд пеши мо, лек ин золимон** (кофирон) **имрўз дар гумроњии ошкороянд. Битарсонї** (ай Муњаммад (с) **мушрикони Маккаро аз рўзи пушаймонї** (яъне рўзи ќиёмат) **чун ба анљом расонида шавад кор** (яъне њангоме,ки љаннатињо ба Љаннат ва дўзахињо ба Дўзах љой гиранд) (Имрўз) **онњо дар ѓафлатанд** (аз ин сабаб) имон намеоранд).»

Умми Салама мегўяд: Ба Худо ќасам, ваќте ин суханро шуниданд, Наљљошї чунон гирист, ки ришњояш тар шуданд ва коњинонаш њам чунон гиристанд, ки китобњояшон тар шуданд. Пас Наљљошї гуфт: Дар њаќиќат њам ин ва њам оне, ки Мўсо оварда буд, аз як нур сарчашма мегиранд. Пас ба тарафи Абдуллоњ ибни Рабиъа ва Амр ибни Ос хитоб намуда гуфт: Шумо биравед. Ба Худо савганд, ман њаргиз инњоро ба шумо таслим намекунам ва дар фикри ин њам нестам.

Умми Салама мегўяд: Ваќте аз назди ў берун шуданд, Амр Бини Ос гуфт: Ба Худо ќасам, ман фардо боз ба назди ў медароям ва дар бораи инњо айбњо мегўям ва решаи онњоро меканам.

Умми Салама мегўяд:  Абдуллоњ ибни Абўрабиъа аз миёни ин ду бо инсофтар буд, ба Амр гуфт: Ин корро макун. Зеро агарчи инњо бо мо ихтилоф доранд, вале онњо њама хешу аќориби моянд. Амр гуфт: Ман ба Наљљошї хабар медињам, ки онњо аќида доранд, ки Исо писари Марям, банда аст.

Умми Салама мегўяд:  Чун рўзи дигар шуд, ба наздаш даромад ва ба ў гуфт: Эй подшоњ! Онњо дар шаъни Исо писари Марям суханони бузурге мегўянд ва ту касеро фиристода аз онњо дар бораи суханонашон савол кун.

Умми Салама мегўяд:  Пас нафареро ба сўи онњо фиристода аз онњо савол намуданд.

Умми Салама мегўяд: Сахтие бар сари мо аз ин бештар наомада буд. Пас њамагон љамъ шуданд ва ба якдигар гуфтанд: Агар ў шуморо дар бораи Исо пурсид, чї љавобе медињед? Гуфтанд: Ба Худо ќасам, он чиро, ки Паёмбар (с) ба мо хабар додаст, мегўем ва њарчи бодо бод. Ваќто ба назди Наљљошї

даромаданд аз онњо савол намуд: Шумо дар бораи Исо писари Марям чї мегўед? Љаъфар Бини Абўтолиб ба ў гуфт: Дар бораи ў он чизеро мегўем, ки Паёмбарамон овардааст, ки ў бандаи Худо, фиристодаи ў, рўњи ў ва калимаи ўст, ки Худованд онро ба Марями бикри љавон андохт.

Умми Салама мегўяд: Пас Наљљошї дасташро ба замин бурда, аз онљо чўбчаеро бардошту пас гуфт: Исо писари Марям аз ончи ту гуфтї аз ин чўбча бештар нест. Пас коњинон, ки дар атрофаш буданд, њама ошуфта гаштанд, ваќте ин суханонро шуниданд, Наљљошї гуфт: Агарчи шумо ошуфта гашта бошед. Пас ба мо гуфт: Биравед ва шумо дар сарзамини ман дар амонед. Њарки шуморо дашном дод, љарима месупорад. Боз њам касе шуморо дашноме дод, љарима месупорад. Боз њам касе шуморо дашноме дод, љарима месупорад. Ман кўње аз тиллоро дўст намедорам дар баробари ин ки шуморо дашном дињанд. Њадяњои онњоро ба онњо баргардонед, ки моро ба он њољате нест. Ба Худо савганд, ваќте Худованд ба ман ин мулкро дод, аз ман пора нагирифт, то ман аз шумо пора бигирам. То замоне ки Худованд ин мардумро мутиъи ман гардонидааст, ман Худоро дар ин мардум итоат мекунам.

Умми Салама мегўяд: Пас њарду аз назди ў бо сари хам ва бо њадяњои овардаашон берун шуданд ва мо дар бењтарин кишвар ва дар бењтарин паноњгоњ боќї мондем».

## *Оё вањй хурофот аст?*

**Доктор Бригел:** Ваќте сухан дар бораи **вањй** меравад, гўё суханон дар бораи мављудоти аљибе меравад, ки дар дигар саёрањо зиндагї мекунанд ё он чун филмњои хаёлист. Оё мо, ки дар асри тараќќиёт зиндагї мекунем, њаќ дорем, ки то каме дар бораи **вањй** бањс намоем? Оё вањй яке аз мусаламоти аќлист? Оё аќл метавонад чизеро бо номи вањй ќабул кунад? Мехоњем дар инљо каме таваќќуф намоем, то дар бораи вањй ва њаќиќати он ва имкони вуљудаш гаштаю баргашта таљдиди назар намоем…! Зеро аксари ончи ќисса намудї, бар корњое мабнист, ки **аќл** онро ќабул намекунад... Ваќте мо аслан вањйро ќабул намекунем, пас чаро вањйро, ки ба Муњаммад омадааст, ќабул намоем? Ин корест, ки ба бештар кор фармудани **аќл** ниёз дорад!...

## *Оё ба Муњаммад (с) вањй омадааст?*

**Абўњомид:** Гумон намекунам, ки дар миёни мо, яъне ширкаткунандагон касе бошад, ки барои вуљуди Худованд далел талаб намояд. Зеро ин корест, ки башарият бо њама тоифањои гуногун ва **аќлњои** мухталиф ба бањси он поён бахшидаанд. Далелњое, ки далолат бар вуљуди Худованд мекунанд, њамон далелњо ба вуљуди вањй низ далолат мекунанд. Њамон далелњо ба фиристодани нухбагоне аз миёни башарият барои њидояти онњо далолат мекунад, худи њамон далелњо ба фиристодани Худованд вањйро ба њазрати Иброњим (а), Мўсо (а) ва Исо (а) далолат мекунанд. Пас монеъа дар чист, ки Худованд ба њар кї хост ба монанди дигар паёмбарон вањй фиристад, вале онро аз Муњаммад  (с) боз дорад?...

Ту саволе кардї, ки: Оё аз нигоњи **аќл** вањй мумкин аст ё не? Дар њаќиќат: «Дар олам мављудоти зиёде њастанд, ки чашм онњоро дида наметавонад. Монанди шуъоњои рентген, ки њангоми сурат гирифтан дар дохили бадани инсон ворид шуда табибро барои муойинаи дурусти бемор кўмак менамояд ва барои табобати баъзе беморињо истифода бурда мешавад. Иснон худ ин намуд шуъоњоро истењсол мекунад бо вуљуди он ки онро бо чашм наметавон мушоњида кард. Њамчунин шуъоњои болои бунафшї ва шуъоњои зари сурхї. Чунончи ќуваи барќро дар симњо бо чашм дида намешавад, вале асари он дар сардии яхдон ва гармии газмол ва нури чароѓ мушоњида карда мешавад…».

Мисоли дигар, мављњои магнитї, ки дар фазо вуљуд доранд ва садоњоро аз шањр ба шањри дигар интиќол медињанд, то дастгоњњои радиої ва бесимњо онро истиќбол намоянд. Њамчунин ин мављњо садо ва суратро интиќол медињанд ва онро дастгоњњои телевизион истиќбол менамояд. Инсон бо асарњои ин њама мављудот (шуъоњои аз чашм ноаён бо њама анвоъаш ва мављњои электромагнитї) дар асри навин иттилоъ пайдо кард. Пас оё инњо њама пеш аз он ки инсон ба он иттилоъ пайдо намуд, вуљуд надоштанд? Оё инсонњо дар замони ќадим агар  мегуфтанд инњо њама вуљуд надоранд, зеро онро наметавон бо чашм мушоњида кард, пас оё њаќиќатро мегуфтанд? Оё бо вуљуди он ки дар њама фазо ва бо ин њама фаровоние, ки ин мављњо њастанд,

инкори онњо дуруст буд? Оё инсонњои ин замона њаќ доранд, ки њар чизеро, ки намебинанд, инкор намоянд? Ё метавонанд њар чизеро, ки асарашро надида бошанд, инкор кунанд?... Оё имрўз илм ба ављи камол расидааст ва олимон њама чизро кашф кардаанд? Оё ин масалро нашунидаї, ки олимон то кунун аз корњои љањон танњо андакеро кашф намудаанд ва чизњои зиёде њамчунон боќї мондааст? Мардони мутахассис дар њама соњањо ин масъаларо ќабул кардаанд…»[1].

Агар вуљуди вањй барои мо яќин бошад ва мо бихоњем исбот намоем, ки барои Муњаммад (с) вањй омадааст ё не, пас ќадами нахустин дар ин самт он аст, ки исбот намоем, ки Муњаммад (с) худ содиќ буд ё не. Дар ин љода бењтарин шоњидон, ки касе наметавонад онро инкор намояд, шањодат додани душманони ў буданд дар замони њаёташон ва шањодат додани касоне, ки баъди вафоташ њаёти ўро омўхта хулосаи худро баровардаанд… Оё чунин нест?...

**Шарќшиноси бузург Монтегри Вот** бо вуљуди тафсироти нодурусташ мегўяд: «Ва дар нисбат ба мусалмонон метавон гуфт, ки Ќуръон каломи Худо аст, ва Муњаммад худ онро ба ин намуд фањмида буд. Яќинан ў дар аќидаи худ садоќати том дошт, ва таъкидан метавон гуфт, ки ў метавонист миёни афкори хоси худ ва миёниончи аз берун барои ў меомад, људо намояд. Идомаи корњои худ дар шароити зулму ситам ва душманоие, ки ў ба сар бурда буд, номумкин буд агар ў ќаноати комил намедошт бар ин ки Худованд ўро фиристодааст… Агар ў эњсоси онро мекард, ки ин вањй зодаи фикри шахсиии ўст, њаракати динии ў беасос мемонд»[2].

Вале ў аз ин раъйи худ баргашта ба раъйи дигар шарќшиносон пайваст. Ў тавассути тафсироти нафсонии падидаи вањй паёмбарии њаќиќиро аз Муњаммад (с) рад кард. Ў гуфт: «Ин ки мо мегўем Муњаммад ростгў буд, ин маънои онро надорад, ки эътиќодоти ў дуруст буданд. Инсон метавонад ростгў бошад, вале гирфтори хато мешавад. Барои марди ѓарбии муосир њељ мушкил нест, то чї гуна хато кардани Муњаммадро кашф намояд. Зеро нисбат ба

---

[1]. «Нубуввати Муњаммад (с) дар Ќуръон». Таълифи доктор Њасан Зиёуддин Атар, сањ 166-167.
[2] Mahomet prophete et H. de Etat J сањ.16.

инсоне, ки дар зоҳир гӯё аз берун омадааст, гоҳо ин метавонад дар натиҷаи бешуурӣ бошад»[1].

Ҳамчунин мегӯяд: «Болотарин андозае, ки ин фикр ба он мерасад, он аст ки Муҳаммад ба он чи ба ӯ ваҳй мешуд, имон надошт. Ӯ ваҳйро аз сарчашмаи беруна дастрас накардааст, балки ӯ оятҳоро ќасдан худ эҷод мекард ва сипас онро бар мардум эълон менамуд. Ва мисли чунин назария аз аќл берун аст. Зеро он ба сурати ќонеъкунанда барои мо сабаби таҳаммули ин ҳама маҳрумияти ӯро дар даврони маккӣ, ва сабаби ин ки бархӯрдории Муҳаммад аз эҳтироми мардони зирак ва бо ахлоќ барои мо вуҷуд надорад. Ҳамчуноне ки ба мо то кунун сабаби комёбии Муҳаммад дар бинои дини оламӣ маълум нест, ки ин дин мардонеро ба бор овард, ки покии онҳо барои ҳамагон возеҳ буд»[2].

Мо дар инҷо аз Монтагрӣ Вот, чунин савол мекунем: Оё дар ин афкор худи ӯ ќонеъ шудааст? Ту иќрор мекунӣ, ки маҳол аст, ки Муҳаммад (с) дурӯғе гуфта бошад ва ќотеъона баён мекунӣ, ки ӯ худ содиќ буд, пас чаро дар ин нуќта сукут мекунӣ? Чаро дар содиќ будани ӯ дар даъвои паёмбарияш иќрор намекунӣ?...

Оё ту чӣ далелҳое дорӣ, ки ӯ дар даъвои паёмбарияш дурӯғ мегӯяд?... Оё метавон паёмбариро дар асоси ваҳму тахаюлоти беасос инкор намуд?... Оё ба шумо дар рӯзе аз рӯзҳо расида буд, ки Муҳаммад (с) боре ҳам дурӯғ гуфта бошад, ҳатто дар корҳои хурд ва барои кӯдаке?... Чӣ гуна метавон бовар кард, ки инсоне, ки барои тифле дурӯғ нагуфта бошад, якбора дар пеши Худо ва дар пеши тамоми мардум дурӯғ гӯяд?... Чӣ гуна метавон бовар намуд, ки ӯ дар даврони кӯдакияш дурӯғе нагуфта бошад, аммо дар пиронсолӣ ин ҳама дурӯғҳоро бигӯяд?... Чаро аз ин ҳама муќаддимаҳои худ натиҷаи мантиќӣ намебароред, ки Муҳаммад дар даъвои паёмбарии худ содиќ аст? Чаро ба ҷои ин натиҷаи беасос ба натиҷаи мантиќӣ намерасед?...

Метавон айнан ҳамин суханонро бо Исо (а), Мӯсо (а) ва Иброҳим (а) гуфт бо худи ҳамин натиҷагири шумо, вале ҳаргиз мусалмонон чунин намегӯянд!...

---

[1] Mahomet prophete et H. de Etat J саҳ.17.

[2] «Муҳаммад дар Мадина саҳ». 495 (аз китоби «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир», таълифи доктор Лахзар Шойб саҳ.464).

### *Оё ӯ ба беморији саръ мубтало буд?*

**Эй доктор Бригел! Оё ба шумо расидааст, ки Муњаммад (с) боре сухане гуфта бошад ва онро вањй гуфта аст ва аќли исонният онро рад намуда бошад, чуноне сухани девонагонро рад менамояд!...** Бисёре аз нависандагони ѓарбї њангоми навиштани њаёти Муњаммад ба беањамиятї роњ медињанд, ки далели њайронии онњост дар баробари нодонї ва таассуби онњо… Ин далолат бар бузургии устуворе мекунад, ки дар атрофи он гумонњо гуногун ва парешон аст, вале худи ӯ њамчунон ќавї, матин ва устувор аст.

Ин кори наве нест, ки дар њаќќи Муњаммад (с) анљом додаанд ва ин тӯњматњои онњо дар њаќќи Паёмбар (с) кори тозае нест. Мушрикони Ќурайш ӯро тӯњматњои ба њам зид мекарданд, вале он њама мушрикони даврони пешин аз байн рафтанд ва ин шарќшиносон низ аз байн рафтанд, вале Муњаммад (с) њамчунон боќї монда, аз њаќќи ошкор ва фикри дуруст дифоъ мекунад, њатто агарчи умматони ӯ заиф бошанд ва тавони дифоъ кардан аз ӯро надошта бошанд. Ќуръон ваќтро довар ќарор медињад ва ваќтро кафили посух гуфтан ба њама гуна тӯњматњо мекунад. Худованд мефармояд: «**Балки** (мушрикон) **мегӯянд:** (ки Муњаммад (с) **«Шоъир аст. Мунтазир мешавем дар њаќќи** (Муњаммад (с) **њаводиси рӯзгорро»** (шояд ӯ рӯзе ба балову мусибате дучор шаваду аз сари мо дур шавад)**. Бигӯ: «Мунтазир бошед! Албатта, ман њам дар навбати худ бо шумо мунтазирам». Ё ки маљбур мекунад** (мушриконро) **ба ин аќидаи ботилу аќлу хирадашон? Балки инњо гурӯњи саркашанд?** (ки аз сабаби саркашии худ чунин мегӯянд)**. Ё** (бањонаљӯї карда) **мегӯянд, ки Ќуръон бофтаи Муњаммад аст! Не,** (на ину на он, маќсадашон ин ки) **имон намеоранд! Пас биёранд суханеро мисли оёти Ќуръон** (дар фасоњату балоѓат)**, агар ростгӯй њастанд.**» *(Тур, 30-34).*

Бале! Баъзењо кӯшиданд то вањйро, ки ба Паёмбар (с) нозил мешуд, чунон васф кунанд, ки гӯё он вањй набуда, балки як навъ беморији саръ (припатка) бошад… Бо вуљуди ин, яке аз шарќшиносони варзида шањодат медињад, ки он васвосї набуд. **Вел Дюрант мегӯяд**: «Бисёр ваќтњо њангоми ин вањй Муњаммад бар замин меафтид ва ё ларза бар андомаш дида мешуд ва ё бењуш

мешуд ва араќ аз љабинаш равон мешуд… ва гоњо ин ларзиданањо дар натиљаи саръ ба вуљуд меомад... Вале мо нашунидаем, ки ў дар ин њангом забонашро газида бошад ва ё дасту пояш тофта бошанд, ки одатан беморони саръ ба чунин њолатњо мубтало мешаванд. Дар таърихи њаёти Муњаммад дида нашудааст,ки лањзае аќлашро аз даст дода бошад, чунончи одатанн ин беморон ба чунин њолат гирифтор мешаванд. Балки баръакс мо ўро мебинем, ки бо мурури замон аќлаш пурратар ва зењнаш тозатар мешавад ва ќуввати фикрияш бештар мегардад ва эътимод бар нафси ў пурзуртар мегардад ва рўњу тани ў ќувват мегирад. Хулосаи сухан он ки мо њељ далели ќотеъе надорем, ки далолат бар он кунад, ки ончи барояш рух медод, натиљаи бемории саръ бошад» [1].

**Мотегрї Вот мегўяд:** «Муњаммад миёни ончи ба ў вањй мешуд ва миёни афкори шахсии худ фарќ мекард. Душманони Ислом ѓолибан таъкид мекарданд, ки Муњаммад гирифтори беморuи саръ буд, бинобар ин таљрибањои динии ў њељ ќимате надоранд. Вале авсофи Муњаммад ба авсофи саръ монандї надорад, зеро мубталои ин беморї дар аќлу љисм таъсири манфї мерасонад, дар сурате ки Муњаммад то охирин лањзаоти умри худ аз ќувваи аќлї бархўрдор буд. Агарчї ин даъворо метавон кард, вале њамчунон далелњо барои њар оќил ба њам зид боќї мемонанд. Ин гуфтањо њама бар асоси љањлу нодонї барпо шудааст, зеро рафтори зоњири љисму бадан њаргиз таљрибаи диниро на исбот мекунад ва на рад мекунад».[2]

Пас агар шумо ба омадани вањй дар ѓор имон надошта бошед, пас ба он вањй, ки њамеша дар хонааш ва дар миёни ёронаш ва дар пеши чашми онњо меомад, чї мегўед?...

### *Китобњои фарогирандаи ањодиси Расули акрам (с)*

**Устод Фифа:** Ман дар ќисми китобњои суннат ва таърих дар китобхонаи шахсии шумо назар кардам ва дар онњо дидам ќисмеро, ки хос ба ривоятњое

[1]Достони тамадун: (11/25-26) (аз китоби.

[2] «Муњаммад дар Макка», сањ.101 (аз китоби«Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб.

буд, ки аз Паёмбари шумо Муњаммад, гуфтањо, корњо, њаракатњо, оромињо, бедорї, хоб, нишастан, сифатњои шахсї, ахлоќ, њаёти иљтимої, њаёти сиёсї ва њаёти иќтисодии ў омадааст… Ин китобњо њама чизро њатто лањазоти марги ўро тавсиф мекунанд!

**Пас дар он лањза тааљуб намуда њатто номумкин њисобида аз худ савол намудам: Оё мумкин аст, ки ин њама љилдњои китоб дар бораи як мард бошад? Оё мумкин аст, ки ин њама китобњои фаровон, њама дуруст бошад ва дар он њељ тањрифе набошад?**

**Абўњомид:** Ман барои баромадани ин савол аз забони ту њељ тааљуб намекунам, зеро ту табиб њастї ва ваќтњои холї надорї, то онро дар мутолиаи китобњо дар бораи динњо гузаронї, чї расад ба хондан ва мутолиаи китобњои исломї… Вале инсон сахт дар њайрат мешавад, ваќте мебинад олимони мутахассис њаќиќатро дарк мекунанд, вале онро њамчуноне ки њаст дар китобњои худ дарљ намекунанд! Мушкилоти бештар он аст, ки китобњои онњо њамчун сарчашма гашта, тамоми нависандагон аз он истифода мебаранд ва оммаи мардум онро ќабул доранд!

Аз амсоли чунин мутахассисон шарќшиноси бузурги яњудї Инос Голд Зењар мебошад, ки дар бораи суннат мегўяд, ки он њавасњо ва омилњои сиёсист ва дар ривоятњои он мудохилањо сурат гирифтааст. Агар ў њаќиќатро мехост ва ба ќавми худ њаќиќатро мегуфт, албатта, бояд чунин мегуфт: Услуби илмие, ки дар тањќиќоти њар њадисе, ки аз Паёмбар Муњаммад ривоят шудааст, дар таърихи башарият њељ китобе ба ин тариќа тањќиќ нашудааст ба љуз аз Ќуръон. Китобњои осмонии пешинро агар ба њамин услуби интиќоди тањќиќ намоем, аз он чизе боќї намемонад!

Аз њозирини арљманд хоњиш дорам, ки дигар паси номњои хурду бузург нагарданд, њарчанд онњо муњаллилони барљаста ё муфаккирони машњуре набошанд. **Набояд касеро ќурбон намої… Ќурбонї ќурбонист ва њељ фарќе намекунад, ки ќассоб бузург аст ё хурд… Касе, ки аќлашро саломат нигоњ дорад, сахтар аст аз ин ки гарданро нигоњ дорад!**

Чорвоеро агар барои хӯрдан бикушанд, пас таќдираш њамин будааст ва барои њамин офарида шудааст. Аммо **оќилро** на барои ќурбон шудан офаридаанд. Бинобар ин, оќил њаргиз розї намешавад то аќлашро ба аќли дигаре таслим намояд ва хусусан дар масоили бузурге, ки дигар **аќлњо** ќурбонии дурўѓ гаштаанд. Илми ривоятњо аз Муњаммад (с) яке аз аз бузургтарин далелњост бар сидќи рисолати ў. Рисолати нињоие, ки Худованди мутаъол худ кафили нигоњдории он шудааст ва њидояти Муњаммадро барои њамеша њифз намудааст.

***Аз илми љарњ ва таъдил чї маълумот дорї?***

Мо дар ду нишасти гузашта ба андаке аз усули ин илм ишора карда будем. Акнун, ки ваќташ расидааст, мехоњам каме муфассалтар дар ин мавзўъ сўњбат намоем. Зеро ман мебинам дар ин љаласа чењрањои наве ширкат доранд ва мавзўъи мо низ вобаста бар он аст. Барои њамин њељ ишколе надорад агар усулњо ва асосњои онро зикр намоем, то сураташ равшантар гардад ва андаке њам бошад тўњматњо бартараф шаванд. Илмеро, ки аз тариќи он ривоятњои суннат бо он тањќиќ ва тадќиќот карда мешавад **илми љарњ ва таъдил** номида мешавад. Ин илмест, ки бањсњои асосии он дар атрофи ривоятњои Паёмбар (с) сурат мегирад, вале на барои исбот кардани ин ё он њадис, балки барои дур кардани суханони бофтае, ки ба Паёмба (с) нисбат дода мешаванд. Асл дар њар ривоят он аст, ки онро танќид карда шавад ва баъдат ба хулоса биёем, ки дар њаќиќат онро Паёмбар (с) гуфтааст ё не. Барои маълумот инро низ бояд изофа намуд, ки танќидкунандагон на њама аз як ќавм ё як миллат буданд, балки онњо аз миллат ва ќавмиятњои гуногун ба монанди форс, ироќї, мадинагї, хуросонї ва… ва… буданд.

Аз тарафи дигар ин мунаќќидон на њама зодаи як аср буданд. Бинобар ин, ин илм то имрўз њам идома дорад ва дар он иловањо ворид мешавад… Ба маънои он ки њар њадисе, ки ривоят шудааст, то имрўз муњаќќиќон дар атрофи он бањсњо мекунанд. Агар ту сахтгирии олимонро дар ин боб медонистї, эътимод ва эњтироми ту нисбат ба ин илм бештар мегардид, њатто агар ба ончи мегўянд имон надошта бошї… Табиист, ки њар њадисро гурўње аз гурўње

ривоят кардаанд ва бо њамин тариќ то замони мо расидаанд ё то замоне, ки олиме онро дар китоби худ навиштааст. Агар дар яке аз марњалањо чунон шавад, ки њадисро як нафар ривоят карда бошад, олимон ин њадисро ѓариб меноманд ва болои чунин њадис бештар бањсњо ва тањќиќотњо сурат мегирад. Аз тарафи дигар, олимон ќоидањои возењ ва равшанро муайян кардаанд, ки ба осонї њукми нињоиро метавон пайдо кард. Барои њамин мо њадисеро наметавонем пайдо кард, ки олимон дар ќабул ё радди он ихтилофи зиёде дошта бошнад. Олимон ва мутахасисон бо вуљуди ихтилофи кишварњо ва забонашон ва бо ихтилофи замонашон иттифоќ намуданд ба дуруст будани чандин њадисњо ва дар ин боб таълифоти зиёде кардаанд. Њамчунин олимон дар бораи ањодиси ѓайри сањењ низ таълифоти зиёде намудаанд.

Аз љониби дигар олимони њадис он њадисњоеро, ки аз назари онњо заъиф буданд, аз китобњояшон њазф накарданд, њамчуноне ки олимони масењия ин корро карданд. Олимони њадис ањодиси заъифро дар якљо љамъоварї намуданд ва онњоро њамчунон ба њолашон боќї монданд, то наслњои оянда бихонанд, тањќиќкот баранд ва рўи онњо кор кунанд. Њатто агар њадисе пайдо мешуд, ки ба андешањои онњо мувофиќ намебуд, онро низ менавиштанд ва мисли олимони масењї дар гуфтањои паёмбари худ тањриф намекарданд. Олимони њадис фикри худро маљбуран болои дигарон тањмил намекарданд, балки њукмро барои мардум вогузор мекарданд. Онњо ањодиси заъифро якљоя бо ањодиси сањењ менавиштанд ва сабаби заъфи ањодиси заъиф ва сињати ањодиси сањењро зикр мекарданд... Дарро ба рўи дигар муњаќиќон њамчунон боз нигоњ медоштанд... Вале њамеша агар касе дар бораи сињат ё заъфи ањодис чизи наве бигўяд, бояд гуфтаашро бо далели возењ ва равшан исбот намояд ва илло гуфтањои ў мавриди ќабул ќарор намегирад. Пас, оё аз ин њам бештар инсоф њаст? Оё аз ин њам озодии баён ва танќид њаст? Оё аз ин њам ошкорбаёнї њаст?

**Чарл:** Мо инро хуб медонем, ки мушкилтарин пажўњишу кашфкунї, пайдову ошкор намудани таќаллуб дар аснод ва њуљљатњост ва гоњо низ дар

асъор аст. Пас оё имкон дорад, ки тавассути китобњое, ки чанд аср пештар таълиф шудаанд, дурўѓњоеро, ки ба гуфтор ва суханони таърихї даровварда шудаанд, кашф намоем, њарчанд ин китобњо даќиќ ва пурарзиш бошанд?

**Абўњомид:** Ту медонї, ки таълифи китобњои илми риљол ва илми њадис чанд сол пас аз навиштани китобњои њадис сурат гирифта буд. Пас баъди он ки тамоми китобњои њадис навишта шуда буданд ва баъди он ки тамоми њадисњо љамъоварї шуданд, чанд сол гузашт, сипас олимон барои бањс ва баррасии ањодис пардохтанд. Имрўз касе наметавонад омада даъво кунад, ки ман ин њадисро кашф намудам ва онро Паёмбар (с) гуфтааст ва касе то ман инро пайдо накарда буд.

Агар касе њам пайдо шавад ва чунин бигўяд фавран барояш мегўянд: Инро аз куљо пайдо намудї? Кї онро барои ту аз Муњаммад  (с) ривоят кардааст? Агар ин инсон сарчашмаи њадисашро бигўяд, ба он сарчашма рўй меоварем ва дар он љустуљў мекунем. Агар ин њадисро пайдо кардем, аз пайи ровињои он мегардем, њар ровии онро ба алоњидагї баррасї мекунем. Мо дар китобњои илми риљол тафсилоти муфассалро дар бораи њамаи ровиён пайдо хоњем кард.

Агар марде бигўяд: Ман осори хатии ќадимаеро дарёфт намудам. Ба ў мегўем бисёр хуб, ин дин ва осор аст. Пас дар дуруст будани рўи он осор тањќиќот мебарем ва дурустии нисбат додани онро ба муаллифаш тањќиќ мекунем. Баъди он дар дуруст будани њар як њадиси он дар алњоидагї тањќиќот мекунем, ки оё дар воќеъ онро Паёмбар (с) гуфтааст ё не?

Аз ин рў, боз ба њамон сарчашмањо бармегардем ва њамон рохњро пеш мегирем. Бояд њар яке аз ровиёни онро аз њамин сарчашмањо пайдо кунем ва тарљумаи њоли онро бидонем. Барои њамин њарчанд китобњо зиёд бошанд ва дастхатњои тозае пайдо шаванд, ровиёни њадис њамчунон боќї мемонанд ва теъдоди онњо мањдуд аст. Њар як ровии њадис пурра барои мо маълум аст ва барои њамин ќаллобї кардан мањол аст. Агар иштибоње њам пайдо шавад, ба муљарради он ки онро дар ќолаби **илми риљолшиносї** бисанљем, њаќиќати он ошкор мегардад.

## *Кашф кардани кӯшишҳои тақаллубсозӣ*

Ман барои чӣ гуна кашф ва ошкор кардани дурӯғҳо дар нисбат додани ривояте ба Муҳаммад (с) қиссаи зеринро ҳамчун мисол меоварам. Сокинони минтақаи Хайбар аз худ ҳадисе бофтанд ва матну маънои онро ҳамаҷиҳата зебо карданд ва ба он иснод ҳам гузоштанд. Вақте онро олимони ҳадис гирифта, тибқи қоидаҳои илми ҳадис санҷиданд, барои онҳо дурӯғ будани он маълум ва ошкор шуд. Замоне Паёмбар (с) бар яҳудони Хайбар молиёти муайяне фарз гардонид, то дар муқобили истифодаи заминҳои Хайбар ва дар муқобили ин молиёт онҳо орому тенҷ дар ҳимояти давлат зиндагӣ кунанд. Вале яҳудон ҳадисеро иншо намуданд ва онро ба Пёмбар (с) нисбат доданд, ки гӯё ӯ ҳамин молиётро аз онҳо бардоштааст. Онҳо ҳамчунин дар ҳадиси бофтаашон номи котиб ва шоҳидро низ зикр намуданд. Дар ин номаи бофтаи онҳо чунин омада буд: «Дар ҳақиқат, Расули Худо (с) аз сари яҳудони Хайбар бољу хироҷ ва ҷизяро бардоштааст бо гувоҳӣ додани Саъд ибни Муъоз ва Муовия ибни Абӯсуфён»[1].

Олимони ҳадисшинос дурӯғ ва сохта будани ин номаро аз даҳ ҷиҳат исбот карданд:

**Якум,** ҳеҷ яке аз олимони ривоят ва таърихи Паёмбар (с) бо вуҷуди он ки дар бораи тамоми лаҳазоти ҳаёти Паёмбар (с) ривоятҳо намудаанд, вале ҳеҷ яке аз онҳо ин ривоятро зикр накардааст, ки ин маънои онро дорад, ки ин ҳадис аслан сарчашма надорад.

**Дуюм,** ҷизя баъди фатҳи Хайбар фарз шуд ва замоне ки Паёмбар (с) бо аҳолии Хайбар сулҳ кард, ҳанӯз чизе бо номи ҷизя вуҷуд надошт ва аслан ҷизяро намедонистанд. Пас чӣ гуна Паёмбар (с) аз болои аҳолии Хайбар чизеро бардошт, ки аслан вуҷуд надошт.

**Сеюм,** Муовия ибни Абӯсуфён дар замони фатҳи Хайбар ҳанӯз мусалмон нашуда буд. Исломи Муовия баъди фатҳи Макка сурат гирифта буд.

[1] Ниг. Китоби "Сияру аъломин-нубало" таълифи имом Заҳабӣ (18-280) ва китоби «Табақотул ҳуффоз» таълифи Суютӣ (1-88) ва китоби «Табақотуш-шофиъия», таълифи Сабкӣ (35-4) ва китоби «Тазкиратул ҳуффоз»-и имом Заҳабӣ (3-224).

**Чорум**, Саъд ибни Муоз дар соли ғазваи Хандақ аз дунё гузашта буд ва ҳодисаи Хайбар баъди вафоти ӯ сурат гирифта буд.

**Панҷум,** дар замони Расули Худо (с) бар дӯши аҳолии Хайбар на боҷ буд на хироҷ, токи аз болои онҳо бардошта шавад.

**Шашум,** аҳолии Хайбар ҳеҷ кори хубе дар ҳаққи мусалмонон накарданд, ки ҷизя аз дӯши онҳо бардошта шавад. Онҳо сахттарин душманони мусалмонон ва Паёмбар (с) буданд. Пас дар кадом асос ҷизя аз дӯши онҳо бардошта шуда буд, дар ҳоле ки аз дӯши дигарон бардошта нашуда буд.

**Ҳафтум,** он номае, ки онҳо ошкор карданд ва даъво мекунанд он бо хати Алӣ бини Абӯтолиб навишта шуда буд, ин дурӯғи маҳз аст. Душмании Алӣ бо яҳудиён ба ҳама маълум буд ва Алӣ буд, ки Мирҳаби яҳудиро ба қатл расонид ва фатҳи Хайбар низ бо дастони ӯ сурат гирифт.

**Ҳаштум,** ин ривоятро ҷуз қавми Яҳуд каси дигаре накардааст ва Яҳуд мардуми фиребгаранд. Онҳо дурӯғгӯйтарин халқи Худо мебошанд, ки аз номи Худо ва паёмбарону расулон низ дурӯғҳо мебофанд. Пас чӣ гуна аз онҳо метавон ин суханро бовар кард, дар ҳоле ки онҳо дурӯғеро аз номи Паёмбар (с) бофтаанд, ки мухолифи китоби Худост.

**Нӯҳум,** агар ин нома дуруст мебуд, албатта, онро дар замони хулафои рошиддин, дар замони Умар ибни Абдулазиз, дар замони Мансур ва ё замони Ҳорунаррашид ошкор мекарданд. Агар он дуруст мебуд, олимони Ислом онҳоро аз додани ҷизя истисно мекарданд. Агар он дуруст мебуд, яке аз фақиҳони мусалмон онҳоро истисно мекард. Ҳеҷ имкон надорад, ки уммат ҳамагон ба муқобили суннати Паёмбари худ фатво диҳанд. Чӣ гуна метавон бовар кард, ки дар дасти гурӯҳе аз душманони Худо номае аз Паёмбари Худо бошад, вале онҳо тайи чанд сол ҷизя пардохт кунанд ва ин номаро ошкор накунанд.

**Даҳум,** тамоми олимони ҳадис ва ривоят ба нодуруст будани ин ривоят ва дурӯғу бофта будани он шаҳодат медиҳанд. Вақте яҳудон онро баъди гузашти чорсад сол дар замони Ҳофиз Абӯбакр, Хатиби Бағдодӣ ошкор карданд, Вазир ибни Маслама касеро ба назди Ҳофиз фиристод, то дар мавриди ин нома

фикрашро баён кунад. Њофиз гуфт: Ин нома тўњмат ва дурўѓ аст. Вазир ба ў гуфт: Бо чї далеле ба ин хулоса омадї? Гуфт: Дар он шоњид будани Саъд ибни Муоз ва Муовия ибни Абўсуфён (р) омадааст, дар њоле ки Саъд дар рўзи Хандаќ пеш аз Хайбар вафот кард ва Муовия дар соли њаштум мусалмон шуд ва Хайбар дар соли њафтум сурат гирифта буд. Вазир суханони Њофизро пазируфт ва ба ў ањсан гуфт.[1]

Агар бихоњї масъаларо ба ту наздиктар намоям ва бо забони имрўза бигўям, метавонам бароят чунин бигўям: Њар марде, ки аз Паёмбар (с) њатто як њадис ривоят карда бошад, барояш парвандаи махсус тањия шудааст, ки дар он тамоми њаёти ин ровї дарљ гардидааст. Шояд маълумоте, ки барои њар яки онњо дар ин санад дарљ шудааст, бештар аз парвандањое бошад, ки муассиса ва корхонањо дар бораи кормандони худ менависанд.

Китобњои илми љарњ ва таъдил њар як ровиро аз зери чандин имтињонот барои исботи ростї мегузаронанд. Дар он амалиёт тамоми њаёти онњоро навиштааст, ба андозае ки агар ин ровї дар умри худ боре њам андешаи дурўѓро карда бошад ё бо тифле бар дурўѓ шухї карда бошад, њадсиси чунин инсон ќабул карда намешавад, агарчи ин инсон обидтарини мардум бошад. Ибодат барои худи инсон аст, вале ривояти њадис барои њамаи инсонњост ва аз инљост, ки миёни ин ду фарќ гузоштаанд.

Машњуртарин ва ќавитарин ровии њадис мардест бо номи Муњаммад ибни Исмоили Бухорї.

## *Бухорї*

**Чарл:** Бале. Бухорї, ман номи ўро шунидаам. Вале бо вуљуди машњур будани ин олими бузург ман баргашта њамон саволи худро такрор мекунам: Чї гуна бидонем, ки њамин њадисро Паёмбар Муњаммад гуфтааст ва инашро нагуфтааст, дар њоле ки миёни Бухорї ва Паёмбар Муњаммад бештар аз дусад сол гузаштааст?

---

[1] Ниг. Китоби «Ањкоми ањли зимма». Таълифи Аллома Шамсиддин Ибни Ќайийми Љавзї (1-9).

Кӣ ба ман зимонат медињад, ки њар яке аз ин олимон китобњои худро ва тамоми ривоятњоеро, ки аз Паёмбар Муњаммад кардаанд, ин њама њазорон ривоятњо аз ӯ ривоят шудаанд?

**Абӯњомид:** Ман эњсос мекунам, ки чаро шумо ин ќадр аз ин илм тааљљуб мекунед. Сабабаш дар он аст, ки чунин илм аслан дар шумо вуљуд надорад. Хоњиш мекунам бар болои ин илм масали машњурро љорӣ накунед, ки масал мегӯяд: «Мардум бо ончи намедонанд, душмананд». Барои он ки кор равшантар гардад, ман бояд барои шумо мисоле оварам. Дар миёни китобњои њадисе, ки дар бораи Паёмбар (с) ривоятњо љамъоварӣ намудааст, мардест бо номи Муњаммад ибни Исмоили Бухорӣ , ки соли 194 њиљрӣ ба дунё омада, дар соли 256 вафот кардааст. Гуфтанӣ њастем, ки ин инсони бузург таќрибан 183 сол баъд аз вафоти Паёмбар (с) ба дунё омдада, 63 сол умр дидааст.

Эшон китоби машњури худро бо номи «ас-Сањењулљомиъ» таълиф намуда, дар он бар иловаи шартњои умумии љамъоварии њадисњо шартњои хосси худро гузоштааст. Бухорӣ дар китоби худ њаргиз ривоятеро аз ровие ќабул намекард, магар ин ки дар бораи он ровӣ маълумоти бештар љамъоварӣ намуда, ба он куллан эътимод кунад. Яке аз шартњои асосии Бухорӣ он буд, ки ин ровӣ он касеро, ки аз ӯ ривоят мекунад, хуб бишносад, бо ӯ вохурӣ карда бошад ва ин ривоятро аз дањонаш шунида бошад. Бухорӣ дар мавриди эътимод ќарор додани ровињо њаргиз ба суханони оммаи мардум эътимод намекард.

Бухорӣ боре шунид, ки ин њадисро фалон инсон ривоят мекунад ва донист, ки ин инсон дар Шом зиндагӣ мекунад… Пас барои яќин кардани ин кор ба Шом сафар карданд. Ту хуб медонӣ, ки сафар кардан дар он замонњо чӣ мушкилоте дошт. Ваќте ба назди он мард расид, ӯро дид, ки сатилеро дар даст дорад ва ба хараш ишора мекунад то хар наздик биёяд ва он мард харашро дастгир кунад. Пас хар омад ва он мард харашро дастгир кард. Бухорӣ ба дохили он сатил нигариста дид, он сатил холист ва чизе дар дохилаш нест. Пас он мардро рањо намуда, ба ватани худ баргашт, дар њоле ки чунин мегуфт:

Њарки хареро фиреб дод, шояд дар ривояти худ чизеро аз номи Паёмбар (с) низ бигўяд.

### *Сирри сахтгирии шартњои ривоят*

Бале! Шояд ту хело тааљљуб кунї ва бигўї ин хело сахтгирист... Вале ман бароят мегўям: Бале, хело сахтгирист, вале ин сахтгирї барои чизи муњим аст, ки он на ба шахсияти Бухорї вобастагї дорад, балки он ба тамоми мардум вобастааст. Масъулият хело сангин аст зеро наќши ин њадис хело муњим аст.

Аз њамин љињат, ту метавонї њадис ё ќиссаеро аз Бухорї бо дили ором ќабул намої. Ваќто Бухорї дар љамъоварии њадисњо ин њама эњтиётњоро мекунад, барои он аст, ки ў медонад, ки масъала масъалаи равиш ва услуб аст. Зеро он касе, ки њатто бо њайвон услуб ва равишашро таѓйир дињад, имкон дорад, ки бо мардум низ чунин корро анљом дињд.

Ровиёни дигаре низ њастанд, ки айнан бо равиши Бухорї китобњояшонро таълиф намуданд. Ту њаргиз  тааљљуб накун аз ин услуб. Агар ту дар равиш ва услуби онњо як нигоњи дуруст намої, албатта, ин њама таъљибњоят бартараф мешавад ва онгоњ хоњї фањмид, ки чаро онњо ин њама эњтиётњоро мекарданд.

Ту ањёнан дар бораи сокинони љангал ва ё минтаќањои дурдаст ривояте мешунавї ва аз он хело тааљљуб мекунї ва гоњњо њам боварат намеояд, аммо ваќто онро бо чашмони худ бубинї, дигар тааљљубият аз байн меравад ва ба он бовар мекунї. Зеро ваќте бо чашмат мебинї ва сабаби онро мебинї, дигар аз он тааљуб намекунї. Равиш ва услуберо, ки олимони мусалмон дар роњи љамъоварии њадисњои Паёмбар (с) пеша гирифтанд, он аст, ки онњо аз Паёмбар (с) ривоят карданро дин мењисобиданд. Онњо аќида доштанд, ки њар нисбати дурўѓе ба Паёмбар (с) доданд, ин нисбати дурўѓ додан аст ба дин. Бузургтарин дурўѓ дар назди онњо бофтани њадис ба шумор мерафт. Бинобар ин, њар интиќоде нисбат ба ин олимон бояд бо далел бошад.

Аз тарафи дигар онњо аќида доштанд, ки дурўѓ гуфтан аз номи Муњаммад (с) ин маънои дурўѓ гуфтан аст аз номи Худо. Сабаб дар он аст, ки Муњаммад (с) суханонашро аз Худо мегирифт, агарчи мусалмонон Муњаммад (с)-ро на писари Худо мењисобиданд ва на ўро ба дараљаи Худої мебардоштанд.

Ин бењуда нест, ки аксари олимони њадис дар оѓози китобњои худ ин њасиси шарифро менависанд, ки он ба тариќи мутавотир омадааст. Њадис ин аст: ***«Њар касе, ки ќасдан аз рўи дурўѓ аз ман ривояте кунад, пас омода бинад барои худ маконе дар оташ»***[1] Паёмбар (с) гуфтанист, ки барои чуни кас љое дар оташи Дўзах яќин шудааст... Чї тарс ва воњимае болотар аз ин аст?

Аз сабаби он ки масъала масъалаи дин аст, касе њуќуќ надорад, ки шурути ривоятро нодида бигирад, зеро он њуќуќи шахсї нест.

На танњо бо ин иктифо кардаанд, балки онњо барои худ вољиботеро муайян кардаанд ва њар яки онњо худ эњтиёти хоссае кунанд. Њељ ровї ривояти дигар ровиро бањо намедод, магар ин ки он ривоятро бо роњњои худ бисанљад. Сирри ин кори онњо дар он буд, ки њар яки онњо мегуфтанд: Агар фалон олим ба хотири дини худ эњтиёт карда бошад, пас чаро ман низ эњтиёт накунам. Аз њамин сабаб њар ровї илова бар эњтиётњои ровии пешина барои худ ќоидаи наверо барои эњтиётњои худ изофа мекард. Боз олимоне, ки баъди ў меомаданд, эњтиётњои наверо муайян мекарданд. Бинобар ин, њарчи замоне пештар равад, њадисњои Паёмбар (с) мустањкамтар ва ќавитар мегарданд.

Аз њамин сабаб, табиист, ки ин олимон њангоми љамъоварии њадисњои Паёмбар (с) чандин њадисњоро тарк мекарданд ва наменавиштанд ва њадисњои нонавиштаи онњо бештар аст аз њадисњои навишта. Дар инљо саволе ба миён меояд, ки агар ин олимон мехостанд бештар њадисњоро аз номи Паёмбар (с) љамъ намоянд, пас чаро он чиро, ки нанавиштанд ба маротиб бештар аст аз ончи навиштаанд?

Оё медонед, ки теъдоди њадисњои Бухорї дар сањењаш 2602 њадис аст бе такрор, ки онњоро аз миёни 600 000 интихоб кардааст?

Оё медонед, ки нахустин китобе, ки дар илми њадис навишта шудааст китоби «Муваттаъ»-и Молик ибни Анас аст. Дар умум ончи аз ривоятњо дар бораи Пёмбар (с) ва сањобагону тобиин дар ин китоб омадааст 1720 аст, вале Молик онњоро аз миёни нўњ њазор њадис интихоб кардааст? Молик ин њама

[1] Бухорї, 110. Муслим, 3.

ривятњоро рад кардааст ва нахостааст онњоро дар китобаш дарљ кунад ва масъулияти онро бар дўш гирад.

Оё медонед, ки дар сањењ будан, дуюмин китоб баъди Бухорї китобест бо номи «Муснади Сањењ», ки онро олими бузурге бо номи Муслими Нишопурї таълиф намудааст ва теъдоди њадисњое, ки дар ин китоб омадааст, чор њазор њадис аст ва ин теъдодро аз миёни сесад њазор њадис интихоб намудааст?

Оё медонед, ки дар ривояти њадис китоби машњури дигарест бо номи «Сунан»-и Абўдовуди Сиљитонї, ки теъдоди ањодиси он 4800 буда муаллиф ин теъдодро аз миёни 500 000 њадис интихоб намудааст?

Оё медонед, ки «Муснад»-и имом Ањмади Њанбал дорои сї њазор њадис аст, ки онњоро аз миёни 750 њазор њадис баргузидааст?

Оё медонед, ки умуми ровиёни мўътамаде, ки муњаддисон онњоро ќабул кардаанд, таќрибан 8183 нафар мебошанд ва теъдоди ровиёнеро, ки њадисњои онњоро рад кардаанд, 1609 нафар мебошанд?

Пас маълум гашт, ки на њама њадисеро, ки мегўяд инро Паёмбар (с) гуфтааст, ќабул мекунанд ва на њар нафареро, ки аз Паёмбар (с) ривоят мекунад, мавриди эътимод ќарор медињанд. Он нафароне, ки њадисњои ривояткардаи онњоро напазируфтаанд, хело мардони бо таќво ва обид ва парњезкор буданд ва дар амонату вафодории онњо шакку тардид надоранд, вале баъзе шартњои ќабули ривоятро надоштанд. Онњо ё њангоми ривоят кардан каме беањамият буданд, ё њофизаи онњо суст буд ё дар охирин лањзањои умарашон ба сабаби пирї њарзагў шуда буданд ё гоњо њадисеро аз номи як нафар ривоят мекарданд ва баътар њамон њадисро аз номи дигаре. Агар њоло њамагон дар хонаи ман мебудед, ман барои шумо китобњоеро нишон медодам, ки дар бораи њар як шахсияти ровии њадис сухан мегўяд ва дар онљо аљоиботеро мулоњиза мекардед. Аљоибот дар ќоидањои мустањкам, аљоибот дар бузургї ва калонии њаљм ва аљоибот дар бисёрии ин китобњо. Ин њамон китобњоест, ки ман пештар номи онњоро гуфтам ва он китобњо дар илми љарњ ва таъдил ё китобњои илми риљол мебошанд.

## *Мўшикофї ва фарохии китобњои љарњу таъдил* (ровишиносї)

Агар рўзе ба зиёрати китобхонаи ман оед, албатта, бароятон нишон хоњам дод ва роњњои љустуљўро низ ба шумо нишон медињам. Шумо метавонед инро њамчун даъвати расмї барои зиёрати хонаи ман дар Дубай ќабул кунед.

Ман номњои баъзе аз ин китобњоро бароятон ќироат мекунам:

1. Китоби **«Тањзибул камол»** таълифи Музї дар 37 љилд.
2. Китоби **«Таърихул Ислом»** дар 54 љилд.
3. Китоби **«Алљарњ ват-таъдил»** таълифи Зањабї дар 9 љилд.
4. Китоби **«Лисонул мизон»** таълифи Зањабї дар 8 љилд.
5. Китоби **«Тањзибу-т-тањзиб»** таълифи Ибни Њаљари Асќалонї дар 12 љилд.
6. Китоби **«Таърихи Баѓдод»** таълифи Хатиби Баѓдодї дар 18 љилд.
7. Китоби **«Сияру Аъломи-н-нубало»** дар 25 љилд.
8. Китоби **«Ат-таърихул кабир»** таълифи Бухорї дар 8 љилд.

Ин, ки ман номбар кардам, як ќисмате аз китобњои ман аст дар китобхонаи шахсиям, вале агар ту сањифањои онњоро бишморї, сањифаи њар љилди китоб таќрибан ба 400 сањифа мерасад, ки дар умум ба 68400 сањифа мерасанд.

Шояд баъди ончи пештар гуфта будам, равшан гашт, ки њадисњоеро, ки аз Паёмбар (с) ривоят кардаанд ва ин олимон ба сабаби сањењ набудан ва ё дар онњо шак кардан онњоро рад карда буданд ба маротиб бештар аст аз ончи ќабул кардаанд... Ин маънои онро дорад, ки маќсад аз ин илм љамъоварї намудани њарчи бештар аз њадисњо набудааст, ки аз Паёмбар (с) ривоят шудааст, балки њадаф аз он аз ѓербол гузаронидани њадисњо ва пок сохтани онњост. Њамон олимоне, ки ин илмро тадвин карданд, кўшиданд, то тамоми њадисњоро аз он бигзаронанд ва дар як тартиби муайян оњоро љамъ кунанд.

Илова бар ончи гуфта шуд, як ќоидаи равшани дигаре вуљуд дорад ва он ин аст, ки дар миёни њадисњои сањењ бояд таоруз набошад. Набояд њељ яке аз њадисњои сањењ ба ояти Ќуръон мухолиф бошад ва набояд њадиси сањењ бо аќл мухолиф бошад. Аз ин бештар метавон далеле пайдо намуд, ки сарчашмаи

Ќуръону њадису аќл њама як аст ба далели он ки њаргиз бо њам зид намебошанд. Шояд баъзењо натавонанд тасавур кунанд, ки Муњаммад (с) хотами паёмбарон аст ва ин њадисњо аз бузургтарин далел барои исботи паёбарии ўст ва пайдо нашудани зиддият дар миёни гуфтањояш далели дигаре бар сидќи ўст. Барои њамин ман аз касоне, ки наметавонанд ба садоќати Муњаммад (с) бовар кунанд, хоњиш мекардам, то ба ин чиз каме андеша кунанд, ки бо вуљуди ин њама теъдоди зиёде аз њадисњои Паёмбар (с) ва бо вуљуди ин њама ривоятњо дар бораи корњо, гуфтањо, рафторњо, мавќеъгирињо, ѓазвањое ки аз Муњаммад (с) собит шудааст, бо вуљди ин њама оятњои зиёде, ки дар Ќуръони карим омадааст ва бо вуљуди тараќќии аќли башарият њељ таоруз ва зиддияте дар миёни њамаи инњо пайдо намешавад ва бо вуљуди гузашти ин њама асрњо ва бо вуљуди он ки тамоми инњоро аз ѓерболњо гузаронидаанд. Шояд шумо бигўед, ки инњое, ки ту мегўї, њама даъвост. Ман мегўям, ки њар номе, ки мехоњї, ба гуфтањои ман гузор вале ту худат ва ё њар олимеро, ки интихоб мекунї, бигзор як зиддияте дар он пайдо кунад.

Бе асос ќабул накардан ва рад кардан бе далел далолат бар тангназарї ва бесаводии тарафи муќобил мекунад. Барои њамин мухолифони зиёдеро метавон пайдо кард, вале чандин китобњоест, ки чизњои мухолифро баён намуда, њама гуна шубњањоро бартараф мекунанд.

Барои касоне, ки њаќиќатро љустуљў мекунанд, набудани мухолифат кифоят мекунад. Он касоне, ки дар љустуљўи њаќиќат мебошанд, лоиќтар он аст, ки чунин савол кунанд: Оё имкон дорад, ки њидоят ва роњнамоињои марди дигаре ба монанди Муњаммад чунин њифз гардад? Оё имкон дорад ин њама таълимот бо тамоми нукот ва нозукињояш дар амон бимонад, дар њоле ки суханон ва таълимоти дигарон дучори таѓйирот гардидааст? Оё инњо њама танњо бо талошу зањамоти инсонњо сурат гирифтааст? Оё барои њифзи ин њама осор танњо сањми инсонњост? Оё бо вуљуди ин њама тањољуми фарњангї бар муќобили Ислом ва мусалмонон, ки дар тўли таърих сурат

гирифтааст чї гуна ин њама суннатњои Паёмбар (с) бидуни таѓйирот боќї мондааст?

Агар мо барои бањс ва љустуљўи асбоби баќои ин њама осор кўмаки илоњиро нодида бигирем, пас ин ба илњод мерасонад. Агар барои бањс ва љустуљўи асбоби баќои он ба ќоидањои илмї ањамият надињем, боиси инкори илм мегардад.

**Устоди омўзишњои инљилї, Љерї:** Оё метавон ќабул кард, ки њама олимони мо љоњил ва нодон буданд? Оё ту аз мо мехоњї, то дар бораи олимони худамон ба монанди шарќшиноси фаронсавии бузург Луис Гардей, шарќшиноси фаронсавии дигар Луис Масинион, шарќшиноси фаронсавї Ригес Блашер тањќиќот барем ва ё шарќшиноси Амрикоии аз асли англисї Њамелтон Љип-ро нодида бигирем? Оё аз мо талаб мекунї, то дар бораи бањсњои олими амрикої роњиб Мантигемри Ват шак намоем ва ё суханони олими барљастаи Олмони Карл Брукменро рад намуда, дунболи суханони тарафдорони Муњаммад гардем?

Агар њаќиќат дар назди ин олимон набошад, пас онро дар куљо метавон пайдо кард? Оё аз мо мехоњї, то пайи айбљўии муњаќиќони худ гардем?

**Абўњомид:** Бигзор, ман бароят як љавоби умумї дињам ва баъди он љавби хосе хоњам дод. Ман аз ањли њузур танњо як чизро мехоњам он њам бошад он аст, ки аќли худро ба кор баранд. Ман бо ту мухолифат намекунам, дар ин ки инњо њама олимони бузург буданд, вале ба гумонам ту низ бо ман њамфикр њастї, ки инњо аз гунoњ маъсум набуданд ва ё њељ яке аз онњо илњомро аз Худо намегирифт ва барои онњо њаргиз вањй аз осмон намеомад. Онњо њама инсон буданд ва дар зиндагии худ ба хатогињои зиёде роњ додаанд. Ту њаргиз ба худ иљозат намедињї, то яке аз ин олимонро дар иштибоњашон пайравї намої... Оё чунин нест?

Эй устоди омўзишњои инљилї, љаноби Љерї! Чунин тасаввур кун, ки ман бо касе дар масъалае љанљолї бошем ва тасаввур кун, ки ин масъала масъалаи

молї бошад ва туро ба унвони њакам пазируфтем. Оё одилона аст агар ту танњо ба суханони як тараф гўш намої? Оё одилона аст, агар ту танњо суханони як тарафро гўш дода, ба он ќонеъ шавї ба далели он ки ў дар назди ту шахси мўътабар аст ва ё шахси машњур ва ё касе, ки дурўѓе нагуфтааст? Оё метавонї тарафи дигарро њаргиз гўш накунї, дар њоле ки ў фарёд мекунад ва аз ту хоњиш мекунад, то боре ба суханонаш гўш кунї? Оё чунин инсон тањќиќотгари воќеї ба шумор меравад, агар суханро аз забони соњиби ќазия шунидан нахоњад, балки онро аз дигарон бишнавад? Оё ин кор рoњу равиши илмист ё роњи дурусти ќазоват аст? Оё масъалаи мавриди бањси мо дар масоили молї ва ё шахсист дар миёни мо ва шумо?

Чї гуна ба ин масъала ин ќадар беањамиятї зоњир мекунем, дар сурате ки он метавонад наслњои ояндаеро ба гумроњї бикашонад?

**Пас ин, аќлро асир кардан ба шумор меравад... Ваќто инсон бо ин њама осонї аќлашро тобеъи аќли дигарон мекунад, танњо бо далели он аст, ки он дигар дорои аќли бузург аст... Ту набояд аќлатро ќурбон намої, чунончи намехоњї љисм ва ё молатро ќурбон намої.**

Акнун ман аз ту ошкоро талаб мекунам, то њар шакку тардидњое, ки нисбат ба яке аз њадисњои Паёмбар (с) дошта бошї, пешнињод намо. Бо вуљуди он ки ман ба рисолати Муњаммад (с) имони комил дорам, вале зикр кардани шубњањо аз љониби ту њаргиз ба имони ман таъсири манфї намерасонад. Зеро бо зикр кардани ин шубњањо ман бо далелњои ќотеъ шубњањоро аз зењни ту бартараф мекунам ва имонам боз њам бештар хоњад гардид.

Акнун худ бигў ба ту чї зараре мерасад агар чанд муддате ба суханони ман гўш кунї ва њаќиќатро аз ман бишнавї, њамчуноне ки аз бузургонатон шунидаї? Чаро ин лањзаотро фурсати нотакрори њаёти худ намењисобї ва ба суханоне гўш намекунї, ки шояд онро то кунун нашунида бошї? Агар суханони ман маъќул бошанд, хело истифодаи хубе хоњї кард ва агар дар он сухани фоидаоваре пайдо накардї, метавонї ором роњи худро идома дињї ва њељ зараре нахоњї кард.

Мусибати бузург дар он аст, ки ту њукми ину онро дар бораи дигарон ќабул кардаї. Мусибат дар он аст, ки ту китобњои худи мусалмононро нахондаї, дар сурате ки ба он дастрасї дорї. Ту суханони муфаккирону олимони худро, ки дар бораи мусалмонон ќазоват кардаанд, ќабул кардаї, вале ба худи мусалмонон фурсат намедињї, то аз худ дифоъ намоянд ва ё њаќиќатро баён кунанд. Ту чї мегўї, агар ман барои ту иќрори яке аз ин олимонро биёрам, яке аз олимонеро, ки ба гуфтаи ту њамеша мекўшид, то сурати Ислом ва мусалмононро бад нишон дињад. Ин олим дар суханони худ иќрор мекунад, ки аксари мутафаккирони ѓарбї дар суханонашон дар бораи Ислом ва мусалмонон нодуруст бањо додаанд. Ин олим шарќшиноси машњури амрикои Монтигемрї Ват мебошад, ки чунин мегўяд: **«Агар чунин мешавад, ки афкори бархе аз олимони ѓарбї дар назди мусалмонон нодуруст бошанд, сабабаш дар он аст, ки олимони ѓарбї на њамеша пойбанди асосњои илмї буданд. Бояд дар афкори онњо аз нигоњи таърихии даќиќ таљдиди назар кард»**[1].

Аммо агар бихоњед љавоби муфассалатар бидињам, пас Инас Голд Зињар марди яњудї буд, ки дурўѓњои зиёдеро дар шаъни Исо (а) бофтааст, њамчуноне ки дар бораи Муњаммад (с) дурўѓњо бофтааст.

Ман намедонам, ки агар шумо розиед, ки сиёсатмадорони шумо дар сиёсат аз яњуд пайравї кунанд ва иќтисоддонњоятон дар иќтисод аз яњуд пайравї кунанд, пас ман намедонам, ки чї гуна шумо розї мешавед, то аќл ва фикрњоятон низ пайрави яњуд бошанд, дар њоле ки онњо на ба Исо (а) имон доранд ва на ба пок будани њазрати Марям (а) ва на ба дигар чизњое, ки шумо имон овардаед? Ман омодаам, то барои шумо исбот намоям, ки чи гуна Голд Зињар дар тамоми навиштаљоташ дар бораи Ислом, чї кинањое дорад. Ин фањми нодурусти эшон на аз тафсири худи ўст, балки аз ањамият надодани ба сарчашмањои Исломист. Њангоми навиштан дар бораи Ислом ќоидаи умумии ў њамеша бадгумонист. Ин олим њатто худ дар навиштањояш ќиссаи шањодат додани коњини бузурги яњуд Абдуллоњ ибни Саломро зикр мекунад. Абдуллоњ ибни Салом, њангоме ки нахустин бор бо Паёмбар (с) вохўрд, ба ў

[1] «Муњаммад дар Макка», сањ.6.

гуфта буд, ки яњуд миллати тўњматгар аст. Аммо далели дигари ту аз номи шарќшиноси фаронсавии бузург Масинион аст ва ман барои радди шањодати ў њамин миќдор далел гуфтаниям ва гумон мекунам он кофист, ки ў њамеша дар таълифоташ њамчуни диндори душмани Ислом сухан мекунад. Ў бо Поп Чарл Дофоко алоќаи наздик ва самимї дошт. Ў худ иќрор мекунад, ки њангоме ки дар Марокаш аз тарафи њукумати кишвараш кор мекард, тањќиќоти хоссае намуда, ба Поп фиристода, ўро ба љанг ба муќобили Марокаш даъват менамуд. Ў менависад: «Њатто ман ки худ дар он замон истеъморгар будам, ман ба ў, яъне ба Дофоко доир ба орзуњоям дар њуљуми мусалањонаи ќарибулвуќўъ ба Марокаш нома навиштам ва ў низ бо ман љавобе навишта њамфикр буданашро иброз намуд»[1]

Дар бораи ин олим Љон Мареён чунин мегўяд: «Ин хато ва бењуда аст, агар мо кўшиш кунем, то ўро дар дохилаш миёни масењї будан ва ё олим буданаш људо намоем. Ин њарду дар шахсияти ў омехта шуда буданд»

## *Гувоњие ки рад намуданаш имконнопазир аст*

**Устоди омузишњои инљилї:** Эй Абўњомид! Бовар кун, ман фиребат додаам, агар бароят бигўям, ки ин суханони ту њатто дар хориљи ин нишаст барои ягон ѓарбї мавриди ќабул мегардад, агарчи баъзе нишастагони ин мањфил ба он ќанеъ шуда бошад. Сабаби ин хело маълум ва равшан аст, зеро ту мехоњї худро дар баробари ин олимони машњур ва варзида ќарор бидињї. Мардум мепурсанд: Абўњомид кист? Аммо њаргиз мардум чунин савол намекунанд, ки Монтигемрї Вот кист, Голд Зињар кист, Луис Гардей кист ва ё монанди онњо дигар олимон. Чунончи ман медонам, агар чи ту соњиби таълифот ва навиштањои зиёде бо забони арабї ва дигар забонњо бошї, вале ту дар миёни мо њанўз шинохта нашудаї. Барои њамин њам шахсияти ту ва њам таълифоти ту дар миёни мо њамчунон ношинос мемонад.

---

[1] Ниг. Пулис Масиниюн ва Љон Морин ва китоби «Шарќшиносї дар уфуќи бастагии он»,таълифи Доктор Солим Њумайш.

**Абўњомид:** Муњим он нест, ки ман имрўз дар миёни инњо ё онњо маъруф ва шинохта бошам. Муњим он аст, ки ман њаќиќатро мегўям ва њаќ худ мунташир мешавад. Муњим он нест, ки њаќро ба ман нисбат дињанд ва ё ба дигарон, зеро њамеша натиља он аст, ки њаќ пирўз мешавад ва шикаст намехўрад. Њамчун табиати ботил он аст, ки ба нестї ва нобудї мерасад, њатто дар дохили пайравонаш. Дар Ќуръони карим оятест, ки ин гуфтањои маро тасдиќ мекунад, љое ки Худованд мефармояд: «**Ва бигў: «Омад дини њаќ»** (Ислом) **ва нобуд шуд дини ботил** (яъне куфр), **албатта, чизи ботил несту нобудшаванда аст»**» (Сураи «Исро», ояти 81).

Эй устод! Ман аз ту хоњиш дорам дар бораи дигарон андеша макун, вале дар бораи худат андеша кун. Каме дар бораи љанг миёни њаќу ботил, ки дар дохили худи туст, андеша намо. Фикр кун, ки оё ин далелњо ќонеъкунанда аст ё не? Агар дар дохилат ба њамин хулоса омадї, ки ин далелњо барои аќли ту ќонеъкунанда аст, пас дониста бош, ки барои аксари мардум ин далелњо ќонеъкунанда мебошанд. Ту пеш аз њама танњо ба фикри худ бош ва  он ќадар ба фикри дигарон машав.

Чизи дигар он аст, ки њар кї бикўшад то бо шинохти мардон њаќиќатро пайдо кунад, њаргиз ба њаќиќат намерасад. Мардонро бояд бо њаќ шинохт на њаќро бо мардон. Посухи ман барои тамоми ширкаткунандагони ин мањфил ва барои тамоми касоне, ки берун аз ин мањфил њастанд, он аст, ки бигзор дар номи ин кинаварзон назар кунанд ва дар номи касоне, ки ба онњо посух додаанд чи аз муслмонон ва чи аз ѓайри мусалмон, ки њаргиз аз дини Муњаммад пайравї накарда бошад. Ба афкори ононе, назар кунанд, ки Исломро хуб омўхтаанд ва ба он мутаассир шудаанд ва аз дунё гузаштанд, бе ин ки Исломашонро эълон карда бошанд.

### *Назари донишмандони машњур роъеъ ба Муњаммад (с)*

Бисёре аз шарќшиносон бо чењрањои сиёњ ва нияти баде ба Ислом менигаристанд, вале дар нињоят аз ин раъйи худ баргаштанд... Онњо аз афкори бади худ баргаштанд ва ба паёмбарии Муњаммад (с) шањодат доданд. Аз

љумлаи чунин шарќшиносон Карллайл буд, ки ў мегўяд: «**Нанг аст агар як марде аз насли бофарњанг ба суханони пуравњом гўш дода, даъво кунад, ки дини Ислом дурўғ аст ва Муњаммад њаќ набуд... Барои мо ваќти он расидааст, ки бо чунин авњоми паст ва шармовар мубориза барем. Таълимотеро, ки ин дин дода аст ба мудати чордањ аср чун чароғи равшан миллионњо инсонњоро роњнамої кардааст. Оё мешавад ќабул кард, ки ин рисолате, ки ин миллионњо бо он зиндагї карданд ва мурданд, њама дурўғ ё фиреб бошад. Агар дурўғ ва фиреб битвонад дар миёни мардум ба ин гуна мунташир шуда ривољ ёбад, пас њаёт бемаънї ва беасос мегардад ва бењтар он аст, ки дигар њаёте набошад... Оё шумо марди дурўғгўеро дидаед, ки динеро аз пеши худ бофта бошад ва он ба ин сурат ривољ ёфта бошад? Марди дурўғгў наметавонад хонаеро аз лой бисозад, зеро ў ба маводи сохтмонї илм надорад. Агар чунин хона бисозад њам онро бо ашёи бесифат месозад. Акнун шумо чї мегўед ба касе, ки хонае сохтааст, ки асосњои он ин њама асрњо устувор буда, миллионњо инсонњо дар он сукунат доранд**»

Дар љои дигар мегўяд: «**Бо вуљуди ин, хато аст агар мо Муњаммадро марди дурўғгў, сохтакор, њиллагар, таммоъ њисобем. Он рисолатеро, ки адо намуд, љуз њаќ ва рост чизе нест... Суханони ў њама нидои њаќ ва рост буданд. Ў ахтаре буд, ки тамоми оламро равшан карда буд. Ин кори Худо буд**»[1]

Басверт Смейт дар китоби худ бо номи **"Муњаммад ва Ислом"** чопи Лондон дар соли 1874 гуфтањои Карллайлро таъкид намуда чунин мегўяд: «**Барои он касе, ки зиндагї ва шахсияти Паёмбари бузурги арабро биомўзад ва бидонад, ки ў чї гуна зиндагї кардааст ва чї гуна илм омўхтааст, мањол аст, ки сари таъзим дар баробари ин Паёмбари бовиќору ќавї ва яке аз бузургтарин паёмбарон фурў накунад. Ман њарчи мегўям танњо чизњоеро**

[1] Ниг. «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ.95.

**мегўям, ки барои њамагон маълуманд, вале чун аз нав онро ќироат мекунам, эњтиром ва таъзимам нисбати ў бештар мегардад»**[1]**.**

Бингар ки Майкл Њорт соњиби китоби **«Сад бузургтарине**, **ки дар таърих бештар таъсир гузоштаанд»**[2] чї мегўяд: **«Иллати интихоб кардани ман Муњаммадро дар ќуллаи ашхосе, ки бештар** (ба љомеаи башарї) **таъсир доштааст, шояд баъзењоро дар њайрат андозад ва саволњоеро эљод кунад, вале ў дар тўли таърих ягона нафаре буд, ки ба комёбињои бузурге дар ду самт дунё ва дин ноил шуд»**

Дар энсиклопедияи Бритониёї омадааст: **«Муњаммад дар миёни тамоми паёмбарон ва мардони дин комёбтар буд»**.

Дар љои дигаре аз китобњои ѓарбї омадааст: **«Он касе, ки бист императури дунявї ва рўњониро ба вуљуд овард, тибќи тамоми меќёсњои бузурги башарї Муњаммад мебошад. Бояд њамеша чунин савол кунем оё касе аз ин мард бузургтар њаст?»**

## *Гуногунии тўњматњо ва њайратзадагии тўњматкунандагон*

Инсон девона мешавад, ваќто мебинад баъзе шарќшиносон Паёмбар (с)-ро девона ва ё монанди он мехонанд, дар њоле ки тамоми мўъљизањо ва корњои кардаи Муњаммад пур аз њикмат мебошад. Дар чунин њолатњо инсон мепурсад: Девонагї аз њикмат чї фарќе дошта бошад? Баъзе шарќшиносон ба монанди мушрикони даврони ў боре Муњаммадро љодугар меноманд. Ин иддаоро метавон бо осонтарин роњ посух дод ва он ин аст, ки агар ў соњир мебуд, пас чаро танњо касонеро сењр намуд, ки ба ў имон оварданд ва чаро шумо ва дигаронро сењр накардааст. Ин ки шумо имрўз ба ў имон намеоваред, бузургтарин далел аст бар ин ки ў соњир нест. Тўњмат кардани паёмбарон кори тозае нест ва Муњаммадро низ чандин тўњматњо кардаанд. Аммо ин ки душманони ў њељ гоњ дар як тўњмат иттифоќ накардаанд, балки аз ин тўњматњои худ баргаштаанд, далели дигарест бар сидќу сафои Муњаммад (с).

---

[1] Ниг. «Донишмандони ѓарб мусалмон мешаванд», Муњаммад Њилмї,сањ,32. Баргирифта аз китоби «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»», таълифи доктор Лахзар Шойб сањ. 96.
[2] THE 100 A RANKING OF THE MOST INFLUENTIAL PERSONS IN HISTORY. Таълифи Майкл Њарт.

Ман ба шумо як ќиссаеро наќл мекунам, ки дар китобњои таърих[1] навишта шудааст ва онро яке аз ровиёни машњуре аз сањобагон бо номи Љобир ибни Абдуллоњ (р) ривоят мекунанд. Ў мегўяд: 3«Рўзе мардуми Ќурайш бо њам љамъ шуданд ва гуфтанд: Шумо биравед ва соњиртарин, фолбинтарин ва шоиртарини худро пайдо кунед, то биёяд ва бо ин марде, ки љамоати моро пароканда карда, кори моро бесару сомон намуда, дини моро айбгирї мекунад, сўњбат намояд ва бубинем, ки ин мард чї љавобњо медињад. Пас онњо бо њам гуфтанд: Мо касеро бењтар аз Утба ибни Рабиъа намешиносем. Пас онњо ба ў гуфтанд: Ту, эй Абўлвалид, ин корро ба ўњда мегирї. Пас Утба ба назди Муњаммад омада гуфт: Ту бењтарї ё Абдуллоњ  манзураш падари ў (падари Паёмбар) буд. Пас Паёмбари Худо (с) сукут кард. Пас Утба пурсид: Ту бењтарї ё Абдулмутталиб муродаш бобои ў (бобои Паёмбар) буд? Пас Паёмбар (с) сукут кард. Пас Утба гуфт: Агар ту гумон мекунї инњо њама аз ту бењтар буданд, дониста бош, ки онњо њамон Худоњоеро мепарастиданд, ки ту аз онњо айб мегирї. Агар ту гумон мекунї, ки аз онњо бењтарї, пас сухан бигў, то мо бишнавем? Мо ба Худо ќасам, тифли мањбуберо надидем, ки ба монади ту ќавмашро бад бинад. Ту љамоати моро пароканда кардї ва кори моро бебандубор намудї ва дини моро айб мекунї ва моро дар миёни арабњо шарманда намудї, ба дараљае, ки дар миёни онњо овоза шудааст, ки дар Ќурайш љодугаре пайдо шудааст ва дар миёни Ќурайш фолбине пайдо шудааст. Ба Худо ќасам, мо танњо мунтазири як садо њастем ва маљбурем бо шамшер дар рўи њамдигар биистем, то њама аз байн биравем. Эй мард! Агар ту њољате дошта бошї, мо бароят љамъоварї мекунем, ба андозае, ки ту бойтарин марди Ќурайш мешавї. Агар дар фикри зан бошї, пас њар занеро, ки аз Ќурайш мехоњї, интихоб намо, мо бароят дањ зан медињем. Агар маќсади ту раисї бошад, байраќњои худро танњо дар њузури ту хоњем баст ва ту то охири умр раис мемонї. Пас Расули Худо (с) чунин љавоб дод: ***«Акнун маро гўш кун»*** ва дар пеши ў сураи «Фуссилат»-ро ќироат намуд:

[1] Lamartine, Historie de la Turquie, Paris1854, Vol. 11 pp,276-277.
3 Абўяъло ривоят кардааст,(1888).

**«Њо, мим.** (Ин Ќуръон) **мунзал аст аз љониби Худои бахшандаву мењрубон. Ин китобест, ки оятњояш возењу батафсил аст, дар њоле ки Ќуръони арабист барои ќавме, ки медонанд. Муждадињанда аст** (ин китоб мўъминонро ба Љаннат) **ва тарсонанда** (кофиронро аз азоби Дўзах)**. Пас рўйгардон шуданд аксари кофирон** (аз тафаккур намудан дар оёти ин китоб)**, пас онон намешунаванд. Ва гуфтанд** (кофирон)**: «Дилњои мо дар пардањост аз ќабул кардани он чї ки даъват мекунї моро ба сўи он ва дар гўшањои мо гаронист** (яъне карї аст) **ва миёни мову ту** (ай Муњаммад (с) **њиљобест. Пас амал кун** (ту ба дини худ)**, албатта мо њам амалкунандаем** (ба таври худ)**».** (Ай Муњаммад (с) ба онњо) **бигў: «Њамоно ман њам инсонам мисли шумо** (лек фарќ ин аст, ки) **вањй фиристода мешавад ба сўи ман, њамоно Парвардигори шумо Худои ягона аст. Пас рост мутаваљљињ шавед ба сўи Ў** (дар тоъату ибодат) **ва талаби омурзиш кунед аз Ў. Вой бар мушрикон, ки намедињанд закотро** (бар њаќдорон) **ва инњо ба рўзи охират кофиронанд. Албатта, барои мўъминони шоистакирдор аст подошу савоби номаќтуъ** (яъне бењисоб)**». Бигў** (ай Муњаммад (с) **ба кофирон: «Оё шумо кофир мешавед ба зоте,ки офарид заминро дар ду рўз? Ва муќаррар мекунед мислу њамтоёнро барои он зот?» Ин** (Худо) **Парвардигори оламиён аст!** (Ў зотест, ки) **офарид дар болои замин кўњњоро ва баракат нињод дар он ва муайян сохт дар рўи замин кўњњоро ва баракат нињод дар он ва муайян сохт дар рўи замин ризќу рўзї** (ањли онро) **дар татиммаи чор рўз, ин тафсилот барои суолкунандагон аст. Боз мутаваљљињ шуд** (Худованд) **ба сўи осмон ва њол он ки осмон дудмонанд буд. Гуфт осмону заминро: «Биёед** (мунќоди њукми ман шавед) **ба хушї ё нохушї!» Гуфтанд** (Осмону Замин)**: «Њар ду омадем** (яъне итоъати амру фармони Ту намудем) **ихтиёран». Пас офарид њафт** (ќабати) **осмонро дар ду рўзи дигар ва вањй фиристод ба њар осмоне кору вазифаи онро ва зебу зинат додем Мо осмони дунёро ба ситорагон ва нигоњ доштем** (аз шарри шайтонњо)**. Ин аст ќудрати тадбири Худое, ки ѓолибу доност. Ва гар эърозкунанд** (мушрикони Макка баъди ин њама тафсилот њам аз имон овардан ба Худо)**, пас бигў** (ай Муњаммад (с) **ба**

**онњо: «Тарсонидам шуморо аз азобе, ки мисли азобест** (ки омада буд ба ќабилањои) **Оду Самуд»** (Сураи «Фуссилат», 1-13)

Пас Утба баргашт ва ба назди мардум берун набаромад ва худро дар хона њабс кард. Пас Абўљањл гуфт: Эй љамоати Ќурайш! Ба Худо савганд, Утба аз дини худ баромадааст ва ба дини Муњаммад даромадааст ва таомњои ў барояш маъќул шудааст ва ин ба сабаби дардест, ки ба ў расидааст. Биёед, њамагон ба наздаш меравем. Пас онњо ба назди ў рафтанд. Пас Абўљањл ба ў гуфт: Эй Утба! Мо ба назди ту наомадем, магар ба сабаби он ки ту динатро тарк намудї ва ба дини Муњаммад даромадаї ва корњои ў ба ту маъќул шудааст. Агар њољате дошта бошї, пас мо бароят аз молњои худ чизе љамъоварї мекунем, то дигар ба таоми Муњаммад ниёз надошта бошї. Пас ў сахт дар ѓазаб шуд ва ќасам хурд, ки дигар њаргиз бо Муњаммад сухан намекунад ва гуфт: Шумо хуб медонед, ки ман дар миёни Ќурайш яке аз молдортаринњоям. Вале ман ваќто ба назди Муњаммад рафтам… ва моњароро пурра ба онњо ќисса кард ва гуфт, ки пас Муњаммад ба ман бо чизе љавоб дод, ки ба Худо ќасам, он на љодуст на шеър ва на фолбинї. Муњаммад инро хонд **Бисмиллоњи-р-рањмони-р-рањим** «**Њо, мим.** (Ин Ќуръон) **мунзал аст аз љониби Худои бахшандаву мењрубон.**» **то ин ки ба ин оят расид:** «**Ва гар иъроз кунанд** (мушрикони Макка баъди ин њама тафсилот њам аз имон овардан ба Худо)**, пас бигў** (ай Муњаммад (с) **ба онњо: «Тарсонидам шуморо аз азобе, ки мисли азобест** (ки омада буд ба ќабилањои) **Оду, Самуд»** Ваќто ба инљо расид, ман дањонашро бастам ва ўро ба силаи рањм ќасам додам, то бас кунад. Шумо медонед, ки агар Муњаммад чизе бигўяд, њаргиз дурўѓ намегўяд, пас ман аз он тарсидам, ки бар болои шумо азоби дардноке нозил нашавад».1

**1.ал-Бидоя ва-н-Нињоя, Ибни Кассир,(3/62)**

Эй Устод! Оё оќиле метавонад тасаввур кунад, ки чї гуна ин инсон агар маќсади пулдорї ё мансабдориро дошта бошад, пас чї гуна аз пешнињоди ин њама бузургони Ќурайш рўй мегардонад? Агар маќсади ў мол мебуд, пас чаро аз пешнињоди ин ќавм руй гардонд ва агар маќсадаш зан мебуд, чаро пешнињоди эшонро напазируфт? Чаро корњои худро осонтар накард ва ин

њама мушкилоту сахтињоро тањаммул кард? Чаро ваќт ва молро сарфа накард? Чаро ин њама азобу шиканљаро аз сари пайравонаш бо ќабули ин пешнињод бартараф накард? Чаро барои пиёда кардани ањдофи худ аз ин пешнињод истифода набурд? Чаро ба суханони онњо њељ эътибор надод? Чаро бар љони худ рањм накард? Агар ў фиристодаи барњаќќи Худо намебуд, чаро бо ќавмаш оштї накард, дар њоле ки ин фурсати тиллої ба наздаш омад? Оё љавоби аќлоние доред? Оё аќл инро ќабул мекунад, ки баъди ин њама боз даъво кунем, ки Муњаммад дурўѓгў ва фиребгар буд? Агар оќил оќибати суханони худро фикр кунад, њаргиз чунин суханро намегўяд.

### *Мањол аст…*

Энний Бизант мегўяд: «Барои он касе, ки њаёт ва характерњои Муњаммади арабии бузургро омўхта, чї гуна ба воя расидан ва зиндагияшро биёмўзад, мумкин нест, ки чизе дар дил нисбат ба ў дошта бошад, ба љуз ин ки ў бузургтарин паёмбарест аз љониби Худованди мутаъол бо вуљуди он ки дар бораи ў суханњо гуфта шудааст ва маќолањо навишта шудааст. Зеро инњо њама суханоне мебошанд, ки гоњо дигарон аз пеши худ таълиф намудаанд. Вале ман њар бор дар бораи ў чизе мехонам ва ё аз нав дар бораи ў љустуљў мекунам, боз њам эњсоси тааљљуб ва шефтагї нисбат ба ин муаллими бузурги араб, Муњаммад дар дилам афзоиш меёбад»[1]

### *Далелњои аќлї ба ростии Муњаммад (с) далолат мекунанд*

Устоди омузишњои инљилї, Љерї: Эй Абўњомид! Дар хотир дошта бош, ки он чи мо иттифоќ кардаем он буд, ки њамеша аќлро довар ќарор медињем. Ман њоло мегўям, ки Муњаммад дурўѓгў ва фиребгар буд, пас оё ту далеле дорї, ки исбот намої, ки ў фиребгар ё дурўѓгў набуд? Ту далелњои динї ва таърихиро як тараф бимон ва барои ман далели аќлї биёвар ва бо аќл исбот намо, ки Муњаммад дурўѓгў набуд.

[1] Ниг. Китоби "THE LIFE AND TEACHINGS OF MUHAMMAD" сањ. 4. Таълифи Энний Бизант.

Абўњомид: Ман барои посух ба ин саволи ту чандин љавобњо медињам ва ту роњњои ин љавобњоро хуб фикр кун ва хоњї дид, ки њамаи онњо љавобњои аќлонї њастанд.

### *Достони Шайхулислом Ибни Таймия ва олими яњудї*

**Љавоби аввал:** Њамон ќиссаест, ки миёни яке аз олимони барљастаи мусалмонон бо номи Ибни Таймия ва миёни яке аз олимони бузурги яњудї сурат гирифта буд. Дар миёни ин ду олим бањси зерин сурат гирифта буд. Ибни Таймия худ мегўяд: «Дар сарзамини Миср миёни ман ва яке аз шахсиятњои маъруф ва машњур, ки дар миёни яњудон хело шўњрат дошт, бањсе сурат гирифт. Ман дар аснои сўњбатам ба ў гуфтам: Шумо бо дурўѓгў гуфтани Муњаммад (а) Худовандро бузургтарин дашном додаед. Пас ў аз ин сухан тааљуб намуда гуфт: Мисли ту чунин сухан мегўяд? Пас ман ба ў гуфтам: Шарњи ин гуфтаамро бишнав. Агар шумо даъво кунед, ки Муњаммад подшоњи золим буд, ки мардумро бо шамшер зулм мекард ва ў њаргиз фиристодаи Худо набуд ва дар муддати бисту се сол даъво мекард, ки ў фиристодаи Худост ва ин ки Худо ўро ба сўи тамоми мардум фиристодааст ва ў мегўяд Худованд маро ба ин корњо амр кардааст ва аз ин корњо маро манъ кардааст ва ба сўи ман ину онро вањй кардааст… Вале дар асл чунин набудааст. Ў мегўяд: Њар кї маро такзиб кунад ва бо ман мухолифат намояд, ман њаќ дорам ўро ба ѓуломї бигирам, занњояшро каниз намоям ва молњояшонро ба ѓанимат барам ва мардони онњоро бикўшам, вале чизе намешавад. Ў мекўшад дар динњои Худо таѓйирот дароварад ва бо умматони дигар паёмбарон душманї кунад ва шариати онњоро мансух кунад …

Пас бояд шумо яке аз ин дуро бигўед: Ё ин ки Худованд ин њамаро мушоњида мекард ва аз њама чиз бохабар буд ва њамаро медонист ё ин ки мегўед инњо њама барои Худо пўшида буданд ва ў чизеро намедонист. Агар шумо бигўед: Худо ин њамаро намедонист, пас шумо бо нисбат додани нодонї ба Худо ўро хело тањќир кардаед ва дар ин њолат онњое, ки ин мољароро медонистанд, аз Худо донотар будаанд. Аммо агар шумо бигуед, ки Худованд ин њамаро медид ва медонист ва дар бораи он маълумот дошт, пас дар ин сурат

ё мегӯед Худованд метавонист дасти ӯро бигирад ва ӯро аз ин кор боз дорад ё наметавонист. Агар шумо бигӯед ӯ ин тавонро надошт, пас шумо нотавониро ба Ӯ нисбат додаед, ки ин сифат бо Худо будан мухолиф аст. Вале агар бигӯед ӯ тавони ин корро дошт, вале бо вуҷуди ин Муҳаммадро кӯмаку ёрӣ медод, обрӯяшро баланд мекард ва манзалаташро бештар мекард. Дуои ӯро қабул мекунад, ӯро бар душманонаш пирӯз мекунад, ба ӯ чандин мӯъҷизаҳо ва каромот мебахшад, ки шумораи онҳо беш аз ҳазор аст. Ҳар ки ба ӯ қасди зарар расонидан кард, ӯро шикаст медиҳад ва ҳар талабе, ки ӯ аз Худо кунад, зуд онро баровардa мекунад… Ин зулми бузургу ноадолатист ҳатто нисбат ба як инсон, чӣ расад ба Худованди холиқи замину осмонҳо! Чӣ гуна бо вуҷуди ин ҳама таъйидҳо шумо чунин инсон (Муҳаммад(с))-ро дуруғгӯ ва фиребгар меномед?

Вақте (яҳудӣ) суханони ӯро шунид, гуфт: Ҳаргиз Худованд бо паёмбари дурӯғин чунин намекунад. Акнун аз сидқи дил мегӯям, ки он Паёмбари содиқ мебошад ва ҳар касе ӯро пайравӣ кунад, комёб ва некбахт мегарад. Аз ӯ пурсидам: Пас чаро ту дар дини вай дохил намешавӣ? Гуфт: Аз сабаби онки ӯ ба сӯи омиёне фиристода шудааст, ки онҳо китобе надоштанд, аммо моён китобе дорем, ки аз он пайравӣ мекунем. Аз ӯ пурсидам: Ту ҳаргиз баҳонаи дигаре надорӣ, зеро тамоми хосу ом медонанд, ки ӯ ба сӯи тамоми мардум фиристода шудааст ва ҳар кӣ аз ӯ пайравӣ накунад, кофир аз аҳли Дӯзах аст. Ӯ бо яҳуд ва масеҳиён ҷанг мекард, бо вуҷуди онки онҳо соҳибони китоб буданд. Вақте паёмбарии ӯ дуруст бошад, пас пайравӣ аз вай воҷиб аст. Баъд ӯ хомӯш нишаст ва ҳеҷ ҷавоби дигаре надод»[1]

## *Душманонаш ӯро ба дурӯғгӯӣ иттиҳом накардаанд*

**Ҷавоби дуюм:**

Эй устоди омӯзишҳои инҷилӣ, Ҷерӣ! Вақте ин инсонро душманонаш, ки бар зидди ӯ меҷангиданд, натавонистанд ба дуруғгӯӣ ва фиребкорӣ ба таври ошкоро муттаҳам намоянд, пас чӣ тавр метавон хурдагирии ин ашхосро бовар

[1] Ниг. Китоби «Ҳидоятул ҳаёро фи аҷвибатил яҳуди ван- насоро», таълифи имом Шмсуддин ибни Қайими Ҷавзӣ.

намуд, ки ишон  њаргиз вайро надидаанд ва чанд аср баъд аз ў њаёт ба сар бурдаанд? Ба кадом асос ўро дурўѓгўю фиребгар мењисобанд?

Шарќшиносон  њодисаи машњуреро, ки дар тамоми китобњо таърих омадааст, ривоят мекунанд ва онро ќабул кардаанд. Имом Бухорї аз ибни Аббос (р) чунин ривоят мекунад: «Ваќте ояи **«Ва тарс бидењ хешони наздикатро»** нозил шуд, Паёмбар (с) бар болои кўњи Сафо баромада, фарёд кард: Эй ќабилаи Фињр! Эй ќабилаи Адї!... Њамин тариќ, тамоми ќабилањои Ќурайшро нидо мекард, то онњо њама љамъ шуданд. Агар марде худ омада наметавонист, дигареро мефиристод, то бубинад, ки чї хабар аст. Абўлањаб ва тамоми Ќурайш њозир шуданд. Паст гуфт: «***Шумо чї мегўед агар ман ба шумо хабар дињам, ки гурўње дар ин дара ќарор гирифтаанд ва мехоњанд бар бололи шумо њуљум оваранд. Оё маро бовар мекунед?».*** Гуфтанд: Бале, мо то кунун дурўѓеро аз ту нашунидаем.

Гуфт: ***«Пас ман шуморо аз азоби сахте, ки дар пеш аст, бим медињам».***

Абўлањаб гуфт: Тамоми рўзат сиёњ бод, оё барои њамин моро љамъ карда будї?

Пас ин оёт нозил шуд: **«Њалок бод њарду дасти Абўлањаб** (киноя аз худи ўст) **ва њалок бод** (Абўлањаб!)**. Њељ дафъ накард аз сари ў** (Абўлањаб азобро) **молу мулкаш ва он чї ки касб карда** (яъне пайдо карда) **буд. Зудо, ки дарояд** (њатман медарояд) **дар оташи шўълазананда** (яъне Дўзах)**»**[1]

Оё ќавмаш ўро пеш аз онки ба паёмбарї мабъус шавад, содиќи амин наменомиданд?

## *Мероси бузурги илмии Расули акрам (с) ва бегазандии он аз дурўѓ ва иштибоњ*

**Љавоби аќлии сеюм:**

Шумо бо ман њамраъй њастед ва инро иќрор мекунед, ки мероси илмиеро, ки Муњаммад (с) баъди худ гузоштааст, касе бо ин бузургї нагузоштааст. Ў ба мардум њадисњои зиёде гуфта буд, ки дар њаљму бисёрї аз Ќуръони карим чанд маротиба бештар аст. Ононе, ки то кунун ин њадисњоро хондаанд, чи аз дўстон ва чи аз душманони ў, чи аз ошноён ва чи аз бегонагон, касе то имрўз

[1] Бухорї (1330) ва Муслим (208)

натавонистааст дар миёни ин њама њадисњо як дурўѓе пайдо кунад. Пас чї гуна метавон бовар кард, ки ў дурўѓгўст?

Пас саволи мантиќї дар инљо ин аст: Чаро Муњаммад (с) ин њама меросро гузоштааст ва барои кї? Оё агар баъди ў паёмбари дигаре мебуд, магар ин њама меросро вай аз худ боќї мегузошт? Агар паёмбари дигаре баъди вай омаданї буд, пас чаро ў мекушид то бузургтарин ќазияњоро њал кунад ва чизе њалнашуда намонад? Чаро барои олам ин њама ќоидањоро баён кард? Аз тарафи дигар оё мунсифона нест агар тамоми меросњои илмии Муњаммадро дар пеши ту бигзорам ва аз ту талаб кунам, то аз миёни он танњо як дурўѓ пайдо кунї? Пас чї мегўї, агар ту натавонї њатто як дурўѓ пайдо намої?

***Оё мероси илмияш таноќуз ва носозгорї дошт?***

**Љавоби аќлии чорум**

Яке аз лузумоти дурўѓ он аст, ки инсонро дар доираи њама гуна зиддиятњо ќарор медињад. Барои мисол агар амри маъруфро бигирем ва агар дурўѓгў як њикоятро ду маротиба ривоят кунад, албатта, дар зимни ин ду ривоят зиддиятњо ва ихтилофот дида мешавад. Вале агар як ќиссаро чанд маротиба ривоят кунад, оё метавонад аз ихтилоф рањо ёбад? Пас, шумо чї мегўед рољеъ ба китоби бузурги Ќуръони карим, ки иборат аз шашсаду чор сањифа буда, хонандагони он бо гузашти ин њама асрњо то кунун натавонистанд як зиддияте дар он пайдо кунанд? Оё он ки Ќуръонро овардаааст, метавонад дурўѓгў бошад?

Њамчунин он њама мероси илмии ў, ки чандин маротиба аз Ќуръон дар њаљм бузургтар аст, метавон аз дурўѓ холї бошад? Њар кї ѓайри инро даъво мекунад, бояд як таноќуз ва зиддияте дар он пайдо кунад ва мо дар бораи ин мавзўъ дар нишасти хосае дар бораи Ќуръон ва аќл сўњбат намуда будем.

***Машњуртарин шахсияти содиќ***

**Љавоби аќлии панљум**

Гумон мекунам ману шумо, эй Устод, ва тамоми њозирину ѓоибин бо њам ихтилофе дар бораи машњуртарин шахсияти љањон ва овозадортарин инсон ихтилофе надорем, ки он Муњаммад (с) аст. Шумо ба ў имон доред ё не, воќеият чунин аст. Имрўз касоне, ки ба вай имон надоранд, бештар ўро таъйид мекунанд. Мо дар бораи инсоне бањс мекунем, ки душманонаш аз пайравонаш

бештар мебошанд, марде, ки мероси илмии ӯ дар ҳама љо дида мешаваду барои ҳамагон дастрас аст, ӯ ҳамаро ба зурозмоӣ даъват мекунад ва бо вуљуди бисёрии адади душманонаш, онҳо то имрӯз натавонистанд як дурӯғ ва ё як ихтилоферо дар таълимоти ӯ пайдо кунанд. Ин аст ҳамон марде, ки мегӯяд ҳар кӣ ба ӯ имон надорад, дар ҳаќиќат љойгоҳаш Дӯзах аст.

***Фароҳам омадани далелҳо барои сидќу ростии вай***

**Љавоби аќлии шашум**

Рост гуфтани ӯ дар овардани ҳар далелҳояш, далели дигарест бар сидќи ӯ ва содиќ буданаш дар тамоми хабарҳояш, хабари тозаест барои сидќи вай. Агар мо теъдоди хабарҳоеро, ки Муҳаммад дар бораи гузаштагонуояндагон ва ҳамчунин дигар ахбореро, ки ӯ дар таълимоташ хабар додаст, бишморему тахминан бигӯем, ки он аз ҳазор бештар аст, вале то кунун ҳељ нафаре на аз он касоне, ки китобҳои гузаштаро хондаанд ва на касоне, ки то имрӯз шоҳиди ҳаводиси олам шудаанд, натавонистанд ихтилофе дар миёни инҳо ва гуфтаҳои Муҳаммад пайдо кунанд, оё ин ҳама маънои онро надорад, ки барои Муҳаммад ҳазорон далеле вуљуд дорад, ки далолат бар сидќу сафои ӯ мекунанд? Далелҳоро бояд ба ҳамин тариќа бифаҳмем ва содиќ будани ӯро дар ҳамаи далелҳо ба монанди як далел наҳисобем ва ин ҳама далелҳоеро, ки паёмбарии ӯро собит мекунанд, ҳамчун далелҳо барои инкори паёмбарияш напиндорем.

Дар Сифри Тасния 21: (18-22) чунин омадааст: «Агар аз дили худат савол кунӣ, ки чӣ гуна суханеро бифаҳмем, ки Худо нагуфтааст? Пас он чизеро, ки Паёмбар аз номи Худо мегӯяд ва он калом ба вуќӯъ наомаду пайдо нашуд, пас ин суханест, ки Парвардигор нагуфтааст, балки бо саркашӣ Паёмбар онро гуфтааст ва ту аз ӯ матарс».

***Дурӯғ назди он ҳазрат (с) бузургтарин гуноҳ маҳсуб мешавад***

**Љавоби аќлии ҳафтум**

Ҳазрати Муҳаммад (с) дурӯғро аз бузургтарин гуноҳ мешуморид. Агар баъди он, ки ӯ дурӯғро ҳаром намудааст, худаш дурӯғ бигӯяд, билфарз агар гуфтаҳои шумо дуруст бошад, пас ин маънои онро дорад, ки ӯ шахсияти худро ҳамчун намуна шикастааст, вале тамоми дӯстону душманонаш бар намуна будани ӯ иќрор кардаанд.

***Сидќу ростии сањобагони ў***

**Љавоби аќлии њаштум**

Ваќате мебинем, ки сањобагони ў ростгўйтарини мардум буданд ва аз њељ яки онњо дурўѓе дида нашудааст, ба дараљае ки агар барои яке аз онњо миёни марг ва дурўѓ ихтиёр мегузоштанд ва сабаби наљоти аз маргро дар дурўѓ медиданд, албатта, онњо маргро интихоб мекарданд, вале дурўѓ намегуфтанд. Пас чї гуна метавон бовар кард, ки муаллими онњо дурўѓгў буд? Пас кї ба онњо ин ростгўиро таълим дода буд ва кї барои онњо омўхта буд, ки дар роњи ростї ќурбон шаванд ва онњо киро пешвои худ мењисобиданд?

***Дур сохтани он њазрат (с) нисбати дурўѓро аз паёмбарони илоњї***

**Љавоби аќлии нўњум**

Яке аз асосњои даъвати Муњаммад (с) ин инкор кардани нисбат додани дурўѓ ба дигар паёмбарон буд. Пас, оё метавон инро ќабул кард, ки дурўѓро аз дигар паёмбарон рад кунад ва дар айни њол худаш дурўѓ бигўяд? Бо вуљуди ин ки ќоидаи машњур ин аст, ки фасодкор орзу мекунад, ки тамоми мардум низ фасодкор бошанд.

***Рост баромадани пешгўињои ў(с)***

**Љавоби аќлии дањум**

Аз њамаи ин гуфтањо аљибтараш он аст, ки Муњаммад ба мо дар бораи чизњое хабар дода буд, ки то он замон ба вуќўъ наомада буданд. Ў моро хабар дода буд, ки чунин корњо дар оянда сурат мегиранд. Замоне гузашт ва гуфтањои њазрати Муњаммад (с) ба вуќўъ омаданд. Чунин хабарњо хело зиёданд ва то кунун њам идома доранд. Масалан, ў хабар дода буд, ки Ироќ дар Ислом медарояд ва Мисру Шом низ Исломро ќабул мекунанд ва мисли хабар доданаш ба инки арабњо хонањои баландошёна месозанд. Аз љумлаи чунин хабарњои ў он аст, ки сарзамини Шом ва Ироќро муњосира мекунанд. Ин њодиса баъди соли 1990 сурат гирифт ва монанди ин хабарњои зиёд аст. Пас ба фирки шумо касе, ки дар хабарњои оянда дурўѓ нагуфтааст, оё метавонад дар бораи хабарњое, ки дар замони худаш сурат мегиранд, дурўѓ бигўяд?

**Устоди омузишњои инљилї суханро бурида, чунин гуфт:** Эй Абўњомид! Ман аз ту хоњиш мекунам каме сабр кун. Ончи ту мегўї, њама

даъвоњои бе далел мебошанд. Аќлњои мо њаргиз њама чизро ќабул намекунад, магар баъди онки дар он тањќиќот бурда шавад. Ту мегўї, ки Муњаммад гуфта буд, ки Ироќро муњосира мекунанд ва мегўї, ки ў гуфтааст, ки Шомро муњосира мекунанд! Ман аз ду лињоз ба ин гуфтањо эътироз дорам: якумаш ин аст, ки ман аз ту барои ин гуфтањоят далел талаб мекунам ва баъди онки ту далелатро овардї, ман эътирози ќавитаре дорам. Агар Муњаммад њисор кардани Ироќро гуфта бошад ё њисори Шомро, њамчуноне ки дар муњосираи Фаластин шоњиди онем, пас њељ яке аз таърихнависон инро нагуфтаанд, ки Ироќ ва Фаластин дар замони њаёти ў дар Ислом даромада буданд. Пас дар ин бањс мушкилотеро, ки болои ту афтодааст, чї гуна метавонї њал намої?

**Абўњомид:** Чизи муњиме, ки ман умед дорам баъди ин нишаст ва нишастњои оянда ба он бирасед, он аст, ки њар яки мо њаќиќати худро бишносем. Оё шумо чунин намењисобед, ки дар њар маротиба шубњаро ба он андоза калон нишон медињед, ки гўё он шубња як чизи ошкору равшан аст, вале ваќте ба он посух медињам, муайян мешавад, ки он ба монанди кафки собун аст, ки бо андак боде аз байн меравад. Шумо тасаввур кунед, ки агар ман ба ин шубњањо љавоб надињам, он њамчунон дар назари шумо бузург мемонад, дар њоле ки шумо дарвоќеъ, дунболи кафки собуне мегардед, њамчунонеки дар ин масъала дуболи он мегардед. Агар ба ин шубња хубтар андеша кунем, мебинем, ки далелњои овардаатон њамааш бар муќобили худи шумост. Бинобар ин, ман аз шумо хоњиш дорам, ки ба њама шубњањои худ андеша кунед ва дар он лањза хоњед дид, ки тамоми он шубњањо ба монанди њамин шубњаи овардаи шумо мебошанд. Ман кафолат медињам, ки тамоми шубњањое, ки шумо дар оянда зикр мекунед, аз њамин ќабил њаст. Ман мехоњам шумо дар њамин нишаст ва ё дар нишастњои оянда ба чунин ќаноат бирасед. Аммо далел бар ин, ки Муњаммад (с) муњосираи Ироќро хабар дода буд, хело зиёд аст. Аз љумлаи чунин далелњо он аст, ки Љобир ибни Абдуллоњ дар њадиси худ овардааст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Замоне бар ањли Ироќ меояд, ки на дирњаме ба сўи онњо медарояд, на ќафиз*** (мурод андак таом). Гуфтем: Ин кор аз куљо сар мезанад? ***Гуфт: Аз тарафи Аљам, ки онро барояшон манъ мекунанд. Сипас гуфт: Замоне бар ањли Шом меояд, ки на***

***диноре ба сўи онњо медарояд, на мудо*** (мурод андак таом). Гуфтем: Ин кор аз куљо сар мезанад? ***Гуфт: Аз тарафи Рум.*** Пас каме хомўш истод ва баъд гуфт: ***Дар охири умматони ман халифае мешавад, ки сарватро чунон љамъ мекунад, ки аз њисоб берун аст.*** Мегўяд (ровии њадис): Ман аз Абўназра ва Абўлъало пурсидам: Оё ба фикри Шумо ин халифа Умар ибни Абдулазиз аст? Гуфтанд: Не!»[1]

Акнун ман мехоњам аз ту саволе кунам ва хоњиш дорам ба он љавоб бидињед. Оё ба аќидаи шумо Паёмбар (с) намедонист, ки Ироќ њанўз дар Ислом дохил нашуда буд?

**Устоди омузишњои инљилї:** Бале, бидуни шак, инро медонист.

**Абўњомид:** Модоме ки инро медонист, пас мурод аз ин ривояташ чї буд? Оё маќсад аз ин ривоят он набуд, ки барои мардум мўъљизаи нави худро мужда дињад, муждаи онро, ки ин сарзаминњо дар Ислом медароянд? Ваќте замони тањќиќ ёфтани ин мўъљиза сурат гирифт, яќини мусалмонон ба Паёмбар (с) зиёдтар гардид ва њамагон гуфтанд: Пок аст он зоте, ки ба мо хабар дода аст, ки Ироќ дар Ислом дохил мешавад, дар он замоне ки њанўз ба вуќўъ наомада буд. Акунун ки асрњо гузашт ва мусалмонон диданд, ки Ироќ дар муњосира ќарор дорад, имони онњо ба паёмбарии Муњаммад бештар гардид. Ин коре буд, ки дар дар воќеъ сурат гирифт ва мо њамагон шоњиди он шудаем.

Ин аст мўъљизаи њаќиќї. Ин аст чизе, ки њамагон онро фањмиданд. Аз њадиси шариф маълум гардид, ки Паёмбар (с) хабар дода буд, ки рўзе Ироќ дар Ислом медарояд ва дар њадис омадааст, ки ононе, ки Ироќро муњосира мекунанд, аз Аљам мебошанд. Калимаи Аљам тамоми мардумеро мегўянд, ки ѓайри Араб бошанд, њатто агарчи онњо мусалмон њам бошанд. Ин кор низ дар воќеъ сурат гирифт, ки дар муњосираи якуми Ироќ сию ду кишвар бо сарварии Амрико ва Блоки Нато ширкат намуда буданд.

**Устоди омўзишњои тавротї, Мошї:** Мо медонем, ки даъвои шумо бар ин ки Ќуръон мўъљизаи Паёмбар аст, комил намешавад, магар ин ки чунин

---

[1] Муслим (2913)

бигӯед: Муњаммад бесавод буд.  Бесаводии Муњаммад аст, ки наќшаро пурра мекунад ва масъаларо даќиќ месозад. Вале дар инљо чандин далелњо њаст, ки онро шарќшиносони барљаста гуфтаанд. Яке ин аст, ки Муњаммад навишта метавонист. Ба гумони ман ин фиреберо, ки Муњаммад кард, касе пеш аз ӯ накардааст. Дар асл Муњаммад воќеиятро хуб омӯхта буд ва чизеро овард, ки пешиниён наоварда буданд.. Баъди он ки Муњаммад Таврот, Инљил ва тамоми китобњои дар он замон вуљуддоштаро дар ваќти зиёратњое, ки ба Шом карда буд, омӯхт… Муњаммад баъди ин њама дарёфт, ки муњити Арабистон муњити омодаест барои интишори таълимоти ӯ, ки дар асл аз Таврот ва Инљил гирифта шудааст… Баъди ин ӯ дар атрофи худ як иддаеро, ки фирефтаи ӯ шуда буданд, љамъ намуд, ононеро, ки ѓайри ӯ муслињи дигареро намешинохтанд, дар он замоне ки онњо ба як муслиње ниёз доштанд. Ват чунин мегӯяд: «Бо вуљуди он ки Исломи асил инро иќрор мекунад, ки Муњаммад хондан ва навиштанро намедонист, вале ба дуруст будани ин маълумот олимони ѓарбии навин шак доранд. Зеро ин фикрро барои он мегӯянд, ки мӯъљиза буданашро исбот намоянд ва мӯъљиза дар он аст, ки як бесавод наметавонад чунин фикрро биёварад. Баръакс, дар миёни ањоли Макка нафарони зиёде буданд, ки њам хонданро медонистанд ва њам навиштанро. Бинобар ин, як тољири мohирe ба монанди Муњаммад бояд хондану навиштанро медонист».[1]

**Абӯњомид:** Инсон гоњо аз ин шарм мекунад, ки бо либоси муњаќќиќи боинсоф меояд, ки мебоист ќоидањои касбї ва илмиро риоят кунад, вале ин инсон душмании худро аз душмани њаќиќї бештар зоњир мекунад. Эй устоди омӯзишњои тавротї, Мошї! Ман намехоњам аз шахси ту айбгирї кунам, вале айбгирии ман аз он касест, ки ба тан либоси муњаќќиќї карда, њангоми мубоњиса инсоф мекунад, ки чаро аз ӯ чунин амалњо содир мешавад? Оё шумо бештар бо Муњаммад муќобила нишон додаед ё бо ќурайшињо? Оё шумо бештар Муњаммадро мешиносед ё онњое, ки бо ӯ 40 сол пеш аз омадани вањй зиндагї кардаанд?

Оё шумо бештар нуктањои заъфи ӯро мешиносед ё он ќавмаш, ки ӯро дар марњалањои таваллуд, тифлї, љавонї ва калонсолияш мешинохтанду њамроњї

[1] MAHOMET PROPHETE ET BETAT – P37

мекарданд? Оё шумо бештар дар љустуљўи камбудињои ў њастед, агар камбудї њам дошта бошад, ё ононе, ки бо ў бо шамшер мељангиданду тарафадорони ўро мекуштанд ва ў тарафдорони онњоро мекушт? Ман аз шумо хоњиш мекунам, то як далел ва гувоње барои ман биёред, на аз дўстони Муњаммад, балки аз душманони ў, ки мегўянд «Муњаммад хондан ва навиштанро медонист». Барои ман як њолатеро биёред, ки дар он Муњаммад китоб ва ё номае навиштааст ва ё њатто имзо гузоштааст. Агар Муњаммад навиштанро медонист, пас чаро њатто як оятеро аз Ќуръон нанавиштааст? Чаро чил нафар нависандагонро интихоб намуда буд, то оятњоро ба мањзи нозил шудан бинависанд? Оё навиштани Ќуръон бузургтарин шарафе набуд ва агар ў навиштанро медонист, дар роњи ризои Худованд дигар касро намегуфт, балки худ ин корро анљом медод. Агар ў навиштанро медонист, пас чаро дар ин кори муњим дигаронро фармуд ва худ онро анљом надод? Агар касе даъво мекунад, ки Муњаммад њатто як оятеро аз Ќуръон навиштааст, пас далеле барои ин гуфтааш биёварад. Агар касе даъво мекунад, ки Муњаммад дар пўсти њайвон, пўсти хурмо ё санг чизе навиштааст, пас он навиштаи ўро пайдо кунад! Оё муносиб он набуд, ки номањояшро ба подшоњон бо дасти худ бинависад? Пас чаро номањои ў ба подшоњон бо хати сањобагони гуногунаш навишта шудаанд ва дар онњо танњо мўњри ў дида мешавад? Аз тарафи дигар, агар Муњаммад навиштанро омўхта буд, пас кї ба ў онро омўзондааст ва номи муаллимаш чї буд? Агар ба Муњаммад касе хондану навиштанро омўзонда аст, пас чаро муаллими ў ва ё фарзандони муаллимаш ин имтиёз ва шарафро ошкор накарданд ва даъво накарданд, ки падари онњо буд, ки ба Муњаммад хондану навиштанро омўхта буд? Он касе, ки ба мисли Муњаммад дар муддати чил сол чизе наомўхта буд, пас аз куљо ин таълимотро баъди он гирифтааст? Бо вуљуди ин, фарз кунем, ки Муњаммад хондану навиштанро медонист ва фарз кунем, ки ў дар охири умри худ хондан ва навиштанро омўхта буд, пас ин чї маънои баде дорад? Ин кор дар њаќиќати паёмбарии ў чї зараре мерасонад?

Шумо худ бигўед, Исо (а), ки хондану навиштанро медонист, оё ин дар њаќиќати паёмбарии ў таъсири манфие расонид? Мўсо (а), ки пеш аз Исо хондан ва навиштанро медонист, оё ин дар њаќиќати паёмбарии ў таъсири манфие расонд? Ин кор азамату бузургии Ќуръонро мекоњонад? Инак,

Муњаммад (с) мурда аст ва ин Ќуръон ба он њолате боќї аст, ки дар замони Паёмбар (с) буд. Агар шумо эътирозе дошта бошед, инак Ќуръон дар пеши шумост.

Даст задан ба бесаводии Муњаммад ва инро њамчун далел истифода бурдан, далели муфлисии шумост. Зеро шумо бо ин кор аз мавзўи асосии бањс берун меравед ва даст ба васоиле мезанед, ки дар њаќиќати бањси мо њељ таъсире надорад. Мавзўи мо њаќиќати Ќуръон, њаќиќати паёмбарии Муњаммад ва њамчунин њаќиќати дини ўст. Оё чунин нест? Оё ин далели аќлї нест, ки таърих ба он гувоњї медињад?

Вел Дюрент мегўяд: «Вале чунончи маълум аст, касе барои аз худ кардани навиштану хондан ањамият намедод. Ин имтиёз дар миёни арабњо дар он замонњо њељ арзише надошт. Аз њмин сабаб дар миёни ќабилаи Ќурайш танњо њабдањ нафар буд, ки хондану навиштанро медонистанд. Дар борои Муњаммад њељ маълумоте нест, ки ў чизеро навишта бошад. Ў баъди паёмбарияш аз нависандањои хос истифода мекард. Вале ин кор ўро манъ накард аз инки машњуртарин ва балиѓтарин китобро бо забони арабї биёрад ва аз корњои мардум ба андозае ошно гардад, ки донишмандтарини мардумон камтар ба он мерасид»[1]

**Доктор Вофї Нуриддин:** Биёед, касонеро, ки мехоњанд мањлиси моро барњам зананд ва аз аќл истифода намекунанд, як тараф гузорем ва биёед нишасти худро дар сатњи илмї гузаронем. Мо мехоњем имшаб дар атрофи ин шахсияте, ки њамеша болояш дар кишвари мо њуљумњо ќарор мегирад, як сўњбати илмї дошта бошем. Ин ѓайри писанд аст, ки дар бораи тамоми шахсиятњо маълумот дошта бошем ва дар бораи Муњаммад (с) маълумоте надошта бошем.

Ин ќобили писанд нест, ки мардумони мо маълумоте дар бораи чунин шахсияте надошта бошанд, ки дар таърих ин њама таъсиротро гузошта аст. Аз аќл берун аст, ки олимони бузурге сарољатан дар бораи Муњаммад (с) суханњо гўянд ва мо чизеро дар бораи ў нахонда бошем. Балки метавон гуфт, ки дар

[1] Ниг. Китоби «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир»., сањ. 389. Таълифи доктор Лахзар Шойб.Баргирифта аз китоби «Таърихи тамаддун»,11/21.

китобхонаҳои мо танҳо китобҳои пур аз шубҳаро дар бораи Муҳаммад пайдо метавон кард.

***Муҳаммад (с) аз нигоҳи Бернардушо***

Аз ҷумлаи чунин олимон Бернардушо мебошад, ки мегўяд: «**Аврупо оҳиста-оҳиста ҳикмати Муҳаммадро эҳсос карда истодааст ва акнун дини ўро дўст дошта истодааст. Ҳамчунин ҳоло Исломро, аќидаи исломиро аз тўҳматҳо, ки дар асрҳои миёна Аврупо ба он нисбат дода буд, пок мекунад. Дини Муҳаммад низомест, ки сутунҳои сулҳу саодат бар он бино мешавад ва бо фалсафаи Ислом низомҳо ҳалли худро меёбанду мушкилот ҳам ҳал мегарданд ва гиреҳҳо кушода мешаванд**».

Ҳамчунин мегўяд: «**Имрўз олам аз ҳар замоне бештар ниёз ба марде дорад, ки афкораш ба монанди Муҳаммад бошад. Ин паёмбаре, ки динашро ҳамеша дар макони эҳтиром ва ќадрдонї гузоштааст. Зеро он ќавитарин динест, ки бо тамоми маданиятҳо созгор мебошад ва он барои ҳамешагї ҷовидон мемонад. Ман бисёре аз ҳамватанони худамро мебинам, ки аз рўи фаҳмиш ба ин дин даромадаанд. Дар оянда ин дин соҳаҳои васеи худро дар дигар ќораҳо пайдо хоҳад кард**».

***Оё Муҳаммад (с)фаќат марди иҷтимої буд?***

**Устоди ҷомеашинос Юҳан:** Ман чунин мегўям: Якум, ман аз касоне нестам, ки ба паёмбарии Муҳаммад имон дошта бошанд ва ўро ҳамчун паёмбаре намеҳисобам, ки барояш аз ҷониби Худо ваҳе омада бошад. Вале аз рўи омўзишҳое, ки аз фанни ҷомеашиносї дар донишгоҳ дар муддати бист сол омўхтаам, ман яке аз шефтагони Муҳаммад ҳамчун марди ҷомеашинос гаштаам. Ман рўз аз рўз нисбат ба донишмандии Муҳаммад дар сохтори иҷтимоие, ки нисбат ба занон гузоштааст, дар тааҷҷуб ва ҳайрат мебошам. Сохтори бунёдкардаи ў ба сохтори комили як давлати комил монанд аст ва дар айни ҳол ќонунҳояш муносибу маќбул мебошанд. Бо ҳамин низом Муҳаммад аз оила хишти аввали дурустро барои эҷоди давлати дуруст ва бузург гузошта буд. Ў аз оила пуштибони ҳаќиќии давлатро ташкил карда буд ва тамоми низомро дар миёни афроди оила ҳакимона таќсим намуда буд. Ҳар фарди оила

барои худ њуќуќу вазифањои мушаххас дошт ва дар оила њаргиз бебандуборї дида намешуд. Шавњар калонтари оила буда, сарварии онро ба ўњда дорад ва зан модарест, ки бояд аз шавњар итоат кунад ва шавњар бояд ба ў накўї намояд. Ў бузургтарин тоатро дар накўї нисбат ба зан донистааст… Фарзандон бояд дар тоати волидайн бошанд ва дар айни њол бояд волидайн дар фикри тарбияти фарзандон ва накўї кардани онњо бошанд. Дар оила ходимон бояд амин бошанд ва сарварони онњо ходимонашонро мисли як фарди оила бињисобанд. Дар оила набояд фарзандон бе иљозат ба назди волидайн дар се ваќт ворид шаванд, яке баъди пешин, дигаре баъди хуфтан ва севумин пеш аз пешин. Ислом ин ваќтњоро ваќтњои хусусии волидайн гардонидаст ва одатан дар ин ваќтњо онњо барањна мебошанд ва ё бо њам њамбистарї мекунанд. Тамоми ин низомњо тафсилоти даќиќе доранд, ки амалї намудани онњо оиларо нигоњ медорад, дар љомеа фоидањои зиёдеро ба вуљуд меоварад ва барои тамоми афроди оила њуќуќњо риоя мешаванд. Тарбияти фарзандон аз интихоби њамсари солењ оѓоз меёбад. Сипас, бояд барои фарзандон номи накў интихоб намуд ва аз шири модар ўро мањрум насохт… Њамчунин дар тамоми марoњили њаёташ бояд пайи тарбияти ў гардем, то ин ки издивољ намояду мустаќил гардад. Чун издивољ кард,чи писар бошад ва чи духтар бояд ба падару модараш накўї кунад, то инки онњо аз дунё чашм пўшанд ва ё ў бимирад.Балки Ислом накуї ба падару модарро њатто баъди марги онњо низ барои фарзандон њатмї гардонидааст. Накўї ба онњо баъди маргашон бо дуо кардан дар њаќќи онњо ва рафтуомад кардан бо хешону дўстонашон ва њамчунин бо корњои нек анљом додан ва савобашро ба рўњи онњо бахшидан сурат мегирад. Бо њамин низом Муњаммад алоќаи оиларо то баъди марг дароз кардааст.

Он алоќаи самимие, ки волидайн бо дўстонашон доштанд, ба сабаби аз дунё гузаштани онњо тамом намешавад, балки амонат бар дўши фарзандон аст, ки бо дўстони волидайни марњумаш алоќаи хуб дошта бошад. Пас бо марги як инсон бояд фарзандони ў бо тамоми дўстонаш ва оилаи дўстонаш алоќаро мустањкам намояд. Танњо дар Ислом аст, ки ба сабаби марг алоќаи дўстї, ошної ва дигар муомилоти иљтимої васеътар мегардад.

Ончи шигифтии маро дар зиракии Муњаммад бештар намуд, он аст, ки дар њифзи номус хело ѓайрати баланд дошт, барои таѓйир додан наќшањои хубу

тавони ҳама гуна тағйиротро дошт ва натиҷаи тамоми тағйироташро аз қабл медонист. Муҳаммад аз ҷумлаи мардонест, ки дар қомуси ӯ калимаи номумкин вуҷуд надорад. Ӯ баъди омӯхтани ҳаёт дар нимҷазираи Арабистон ва омӯхтани шароите, ки дар он зода ва бузург шуда буду дар он вафот кард, барои иҷро кардани хостаҳои худ барномаи равшан дорад, дар ҳоле ки мардуме, ки пеш аз ӯ зиндагӣ мекарданд, аз ниҳози иҷтимоӣ қафомондатарин буданд. Дар он замон на маданияти машҳуре буд, на илм ва на олимон. Ҳамчунин онҳо бо маданиятҳои дигар оламҳо алоқаи зич надоштанд, магар ба андозаи итоат намудани онҳо аз маданиятҳои форсӣ ва румӣ.

Муҳаммад кори худро бо асосҳое шурӯъ намуд, ки дар ҷомеааш манфур буд. Ончи ӯ овард, ҳаргиз бо майл ва хоҳишоти ҷомеааш мувофиқ набуд. Ончи ӯ овард, бо хоҳишоти онҳо тамоман зид буд. Онҳо бутпарастӣ мекарданд ва бутҳои зиёде доштанд, вале ӯ аз онҳо талаб мекард, то ҳамагон бутпарастиро тарк кунанд, бутҳои худро бишкананд ва танҳо Худои ягонаро ибодат намоянд. Ӯ инро мегуфт ва қавмашро ба ин даъват мекард, дар ҳоле ки қавмаш қиблаи тамоми бутпарасони нимҷазираи Арабистон буд. Ҳама дар атрофи Муҳаммад бо дини ӯ зид буданд ва Муҳаммад дар саросари олам як тарафдор ҳам надошт. Ӯ на аз кӯмакҳои дохилӣ бархӯрдор буд ва на аз кӯмакҳои хориҷӣ. Пас, аз куҷо умед буд, ки ӯ комёб мешавад? Бо вуҷуди ин ҳама ӯ комёб гардид ва ҷомеаи намунавиро ташкил дод, ки касе дар таърихи гузашта ва оянда ба монанди он ташкил накарда буд. Ӯ баъди ин тавонист дар нимҷазираи Арабистон пурқувваттарин ҷомеаро ташкил диҳад ва пойтахти онро шаҳре бо номи Мадина гардонад. Муҳаммад ин ҷомеаи бузургро ба монанди робитаҳои оилавӣ пурқувват ва мустаҳкам намуд. Барои шинохти асосҳои ин бино ҳамин қадар кофист, то бидонӣ ки баландии он ба куҷоҳо расидааст. Бинобар ин, ҳар биноеро, ки баъди ин сохтанд, бар болои ҳамон асосе сохтаанд, ки Муҳаммад таъсис карда буд ва дар асоси сохтори оила шурӯъ намуда буд. Бузургии он асос ба дараҷаест, ки имрӯзҳо шумораи мусалмонон дар олам ба бештар аз якуним миллиард расидааст ва аксари онҳо то имрӯз ҳамчунон дар иртибототи ҳаёти оилавӣ бар ҳамон асос мебошанд. Ҷомеаҳои дигар бошанд пайдоиши онҳо на дар асоси иртиботи оилавӣ пайдо шудаанд ва мебинем асосҳои оилавӣ дар онҳо ба зудӣ барҳам мехӯранд… Агар

мо ба маданиятҳои имрӯза назар афканем, мебинем, ки асоси пайдоиши он дар асоси инқилобҳои зидди ақибмондагӣ ба вуҷуд омадаанд ва оила дар таъсиси онҳо ҳеҷ нақше надоштааст. Бинобар ин, сохтани чунин маданиятҳо ба монанди сохтани хонааст бе хишт… Натиҷа он мешавад, ки ин фарҳангҳо аз лиҳози иҷтимоӣ вайрон мешаванд. Зеро фарҳанге, ки оила дар он нақши асосӣ надорад, чӣ қимате дорад?

Агар мо ба фарҳанги сотсиалистӣ назар намоем, мебинем, ки асоси пайдоиши он талаб кардани адолату баробарӣ буд ва он инқилобе бар муқобили зулм буда, бар асоси он фарҳанги бузурге бо номи давлати сотсиалистии Руссия ва пайравонаш ба вуҷуд омад. Ин фарҳанг натавонист ба миқдори як инсон умр бинад ва баъди ҳафтод сол аз пайдоишаш пора-пора шуду монанди кӯҳи яхӣ дар баҳри гарм об гардид. Чаро ба ин ҳолат расид? Зеро бар асоси ақидатӣ ва ахлоқӣ бунёд нагардида буд ва оила дар он ҳеҷ арзише надошт. Ин фарҳанг бо суръат ва бо пучӣ таъсис шуду бо андӯҳу воҳимае аз байн рафт. Бо вуҷуди он ки низомҳои сиёсие, ки низоми таъсисдодаи Муҳаммадро ҳимоят мекунанд, аз байн рафтаанд, вале низоми иҷтимоии ӯ ҳамчунон боқӣ мондааст ва дар амал миёни мусалмонон риоят мешавад.

Дар ҳамин ҷо муаррих бузургии ин родмардро ба ёд меорад, ки ин низоми иҷтимоиро бо ин услуби аҷиб, мантиқӣ ва муназзам ба вуҷуд овард. Саволи муҳим ин аст, ки агар кореро, ки Муҳаммад кардааст, оддӣ бошад, пас чаро то кунун касе натавониста аст, ки монанди онро бисозад, ҳатто агарчи дар болои қоғаз ҳам бошад? Чаро касе натавонист то имрӯз онро баъди Муҳаммад такрор намояд ва ё то рӯзи қиёмат касе ба вуҷуд оварад?

**Доктор Вофӣ:** Ин муқарароти таърихии аҷибест. Вале ман мехоҳам саволе кунам: Оё Муҳаммад танҳо ислоҳкори иҷтимоӣ ва ислоҳкори оилавӣ буд?

Оё Муҳаммад Паёмбар набуд? Шумо, эй Абӯҳомид, чи гуфтанӣ ҳастед?

***Оё касе ба омадани Муҳаммад (с) башорат дода буд?***

**Профессор Яъқуб:** Бале, албатта Муҳаммад Паёмбар набуд, Муҳаммад як ислоҳотчии иҷтимоӣ ва ислоҳотчии оилавӣ буд. Агар ӯ Паёмбар мебуд, пас чаро Мӯсо ба ӯ ба  Исо ва ё ягон паёмбари дигаре аз паёмбарони бани Исроил

башорат надода буд? Чаро номи ӯ на дар Аҳди Қадим омада аст ва на дар Аҳди Ҷадид?

***Муждадиҳандаҳои омадани Муҳаммад (с) зарурати ақлист ва инак далелҳои он***

**Абӯҳомид:** Набояд дар ин сӯҳбатҳои илмӣ он ҳама гуна сахтгирию саросемагӣ ва монанди ин дида шавад, балки сӯҳбат бояд ором ва бо ҳадаф буда, самараи хуб диҳад. Дар инҷо ман мехоҳам аз шумо, эй устод Ҷекуб, чунин савол кунам: Оё барои дуруст будани паёмбарӣ шарт он аст, ки дигар паёмбарон ба он мужда диҳанд ва ё номи ӯ дар китобҳои пешин дида шавад? Ман мутмаинам, ки ту яке аз ду ҷавобро медиҳӣ, ё инки мегӯӣ чунин шарт нест ва агар чунин бигӯӣ, пас худат таслим шудаӣ. Ё мегӯӣ бале, ин шарт аст ва дар ин сурат аз ту талаб мекунам, то барои ин гуфтаат далеле биёвар. Агар бигӯӣ, ки шарт он аст, ки паёмбарони пешин ба омадани ӯ мужда бидиҳанд, дар ин сурат аз ту мепурсам, ки кӣ ба омадани ҳазрати Нӯҳ (а) башорат дода буд? Кӣ ба омадани Иброҳим (а) башорат дода буд? Кӣ ба ҷуз ҳазрати Исо (а) ба омадани дигар паёмбарон башорат додаанд? Шумо далел биёред!

Бо вуҷуди он ки ман медонам, ки ту ба ин саволҳои ман ҷавобе надорӣ, вале агар ман ҳатто далелҳое аз китобҳои осмонии пешин наёварам, ки ба паёмбарии ҳазрати Муҳаммад (с) мужда додаанд, хело инсофона кор кардам, оё чунин нест? Акунун ман мехоҳам, ки мувофиқи дархостатон чанд дилелҳое аз китобҳои осмонӣ биёрам. Балки ман мехоҳам пеш аз ин далелҳо аз нигоҳи ақл низ посух диҳам.

**Далели ақлии якум:** Чунончи мо ва шумо медонем, паёмбарони дигаре низ буданд, ки омадани онҳоро паёмбарони пеш аз онҳобуда мужда надода буданд. Пас метавонад Муҳаммад низ аз ҷумлаи чунин паёмбарон бошад.

***Кӣ шоёни зикр намудан аст?***

**Далели ақлии дуюм:** Оё ақл инро қабул мекунад, ки паёмбарони бани Исроил номи паёмбаронеро ба монанди Ашъиё, Аримиё, Дониёл, Ҳизқиёл ва Исо (а) дар китобҳои худ биёранд ва баъзе ҳодисаҳоро муфассал баён кунанд, вале мардеро ба монанди Муҳаммад зикр накунанд ва ҳодисареo, ки таърихро тағйир дод ва ҳеҷ ҳодисае муҳимтар аз он нашудааст, зикр накунанд? Ба гумонам ҳамаи шумо бо ман ҳамраъй ҳастед, ки Муҳаммад (с) бузуртгтарин

муассир буда, таъсироти ў аз Бухтаннаср, Куруш, Искандар ва амсоли онњо пояндатар аст.. Оё чунин нест?

Љон Велям Драбер чунин мегўяд: **«Чор сол баъд аз вафоти Љустаниян дар соли 569 дар Мака, дар нимљазираи Арабистон марде ба дунё омад, ки бар љинси башарият таъсири калоне дошт».**[1]

Љон Остен дар бораи таъсироти Муњаммад (с) чунин мегўяд: **«Андак бештар аз як сол њокими маънавии Мадина гардида буд ва дар насташ васила дошт, ки љањонро ба њаракат даровард»**[2]

Шумо мебинед, ки Муњаммад дар таърих чї корњо кард ва умматони худро дар миёни умматони рўи замин чї гуна сохт, њамчунин шумо медонед, ки уммати ў то кунун боќист ва дар њолати вусъат мебошад, њамчунин медонед, ки фарњанги ин уммат ваъда аст, ки бармегардад.

Њамаи бузургон рафтанд, њатто дигар касе номи онњоро ба забон намегирад, номи онњоро бар касе намемонанд, дар сурате ки номи Муњаммад то рафт баландар мегардаду умматаш бузургтар мешавад ва бисёрињоеро мебинем, ки номи ўро доранд ва бисёрињо мекўшанд, то аз ў пайравї намоянд. Оё аќл инро ќабул мекунад, ки номи чунин бузургон дар Тавроту Инљил зикр шавад, дар њоле ки номи Муњаммад дар ин ду китоб наомада бошад? Агар номи Муњаммад дар ин китобњо наомада бошад, пас ин маънои онро дорад, ки дар нусхањои кунунии ин китобњо камбудї дида мешавад ва дар ин айбе бар њаќиќати паёмбарии Муњаммад (с) нест. Оё ин маънои онро надорад, ки дар ин китбњо ва дар ин паёмбарњо айб мерасад? Аќл чунин мантиќро ќабул намекунад ва аз он сахт дар нафрат аст.

### *Моњича ва тўфон*

**Далели аќлии сеюм:** Биё, мо њам ба монанди шумо аќалан фарз мекунем, ки Муњаммад Паёмбар набуд ва вуљуди ў барои олам хатари хело бузург дорад… Оё **аќл** инро ќабул мекард, ки китобњои пешин чандин мардони пурхатарро зикр мекунанд, вале марди пурхатартаринро зикр намекунанд? Оё ин мунсифона аст, ки ман номи моњии ќотилро бибарам, ки бо тўфон омада

---

[1] John William Draper, M. D. L.L.D. A History of the intellectual Development oF Europe, London 1875, vol. 1. pp. 329-330.

[2] John Austin MUHAMMAD THE PROPHET OF ALLAH in T.P. and cassels Weekly for 24th September-1927

бошд ва мумкин аст, ки касеро бигазад ё нагазад, вале худи тўфони ќотилро зикр накунам, ки њам кишварњоро вайрон мекунад, њам инсонњоро аз байн мебарад ва бо худ чандин њазор чунин мољињоро меоварад. Оё ин мантиќї нест, ки дигар паёмбарон номи Муњаммадро зикр кунанд, агар ў ба ин андоза марди дурўѓгў ва фиребгар мебуд ва умматони худро аз он њазар мекунониданд, њамчуноне ки тамоми паёмбарон аз дигар мардони хатарнок ба монанди Даљљол, ки пеш аз ќиёмат мебароянд, зикр кардаанд.

Мужда надодани дигар паёмбарон барои Муњаммад ва ё њазар накунонидан аз хатари ў на ба фоидаи паёмбарон аст ва на ба фоидаи китобњои онњо. Балки ёд накардан аз Муњаммад бар муќобили онњост. Башорат додан ба Муњаммад (с) ошкоро дар он ањде омадааст, ки Худованди мутаъол онро аз тамоми паёмбарон гирифтааст, ки ќавми худро ба он башорат бидињанд ва њатто агар худашон аз нав зинда шаванд аз ў пайравї намоянд. Худованд дар Ќуръони карим дар сураи «Оли Имрон», ояти 81 чунин мефармояд: «**Ёд оред** (ай ањли китоб), **он гоњ ки гирифт Худованд ањду паймони паёмбаронро** (яъне аз Бани Одам паймон гирифт барои паёмбарон)**, ки он чї додам шуморо аз китобу илм, боз биёяд ба шумо паёмбаре, ки тасдиќкунада аст он чиро, ки бо шумост, имон оред ба ў, албатта, ёрї дињед ўро. Фармуд** (Худо): **«Оё иќрор кардед ва гирифтед ба ин кор ањду паймони Маро?** (яъне ќабул кардед)». **Гуфтанд: «Иќрор кардем». Фармуд Худо: «Пас гувоњ бошед ба якдигар ва Ман бо шумо аз гувоњонам»**.

**Далели аќлии чорум:** Ба гумони шумо агар марди сарватманде бимирад ва чанд фарзандро аз худ гузорад, пас фарзандон барои мероси падарашон бо њам љанљол кунанд, овозаи ин корашон дар шањр пањн шаваду кори онњо ба додгоњ кашида шавад, оё яке аз онњо метавонад бе шоњид ва бе њуљљат даъво кунад, ки падарам ин молро ба ман васият кардааст ва ман барои исботи ин њуљљат ва шоњид дорам? Оё ў метавонад бо ин кораш обрў ва эътиборашро дар шањр аз даст дињад, дар њоле ки ў мутмаин аст, ки суд аз ў њуљљат ва шоњидро талаб мекунад? Оё чунин нест? Пас чї гуна Муњаммад (с) дар миёни мардум эълон мекунад, ки Исо (а) омадани ўро мужда додааст. Оё метавонад касе чунин эълон кунад, агар он њаќиќат надошта бошад?

Муњаммад бисёрии душманонашро медонист ва медонист, ки онњо ба чи андоза бо ў сахтгир буда, пайи дарёфти дурўѓи ў мебошанд. Аммо ин эълони Муњаммад (с) дар Ќуръони карим омадааст, ки Исо (а) ба паёмбарии Муњаммад (с) мужда дода буд. Худованди мутаъол дар сурае бо номи «Саф» чунин мефармояд: «(Ёд кун, ай Муњаммад с) **ваќте ки гуфт Исо писари Марям: «Эй Банї Исроил, яќин бидонед, ки ман паёмбари Худоям, фиристодашуда ба сўи шумо, тасдиќкунанда китоберо, ки пеши шумост** (яъне) **Тавротро ва башоратдињанда ба паёмбаре, ки меояд баъд аз ман, ки номи ў Ањмад бошад». Ваќте ки омад** (Ањмад, яъне Муњаммад с) **барои даъваташон ба мўъљизањои ошкоро, гуфтанд** (ин мункирон)**. «Ин сењри ошкорост»** *(Сураи «Саф», ояти 6).*

Бале, ин далелест аз Ќуръон ва **аќли** њар инсон онро 100% таъйид мекунад, њатто агар ба Ќуръон имон надошта бошад. Зеро барои шањодат додан ба ростии чизе шарт нест, ки бо шоњид дар дин, равия, ахлоќ яксон омад. Маќсад тању дуруст будан ё дуруст набудани шањодат аст. Дар њаёт бисёр лањзањо шудааст, ки бо инсоне ихтилофи зиёде доред, вале шоњидии ўро ќабул мекунед.

**Устоди омўзишњои тавротї:** Ваќте ту кўшиш мекунї, то як далели аќлие биёварї, ки дигар паёмбарон ба Муњаммад мужда додаанд, ба гумони ман ту моро аз доираи мунокиша хело дур мебарї. Ин муждањоро наметавон бо далелњои аќлї фањмид, зеро ту мегўї инњо њама муждањо њастанд. Оё хуб намебуд барои исботи ин гуфтањо чунин муждањоро аз Таврот ва Инљил ё дигар китоби осмоние, ки мо намедонем, пайдо кунї? Пас, ин муждањо дар куљо мебошанд? Ва набояд мо њам ба монанди ту ќаноат кунем ва чанд оятеро аз Ќуръон биёрем, ки ба паёмбарии Муњаммад башорату мужда медињанд. Оё инро мужда меноманд? Ба гумони ман мужда он аст, ки пешиниён бигўянд на худи ў. Ин аст китобњои мо, ки дар пеши ту истодаанд ва мо њамагон онро пештар аз ин њам дидаем. Ман хоњиш мекунам, ки мисли одатњои пешинаат даъво макун, ки инњо њама тањрифшуда, бофта ва монанди ин мебошанд. Агар ту натавонї аз ин китобњо сухани ошкору равшанеро пайдо кунї, ки бар паёмбари Муњаммад бишорат медињад, пас биё, то мавзўи муждаро асосан як

тараф гузорем ва баҳсро дар мавзӯи дигар шурӯъ кунем… Ба гумони ман барои ту чорае ҷуз ин нест.

### *Башорат ба номи Паёмбар (с)*

**Абӯҳомид:** Он чи дар Қуръони карим аз башоратҳо ба паёмбарии Муҳаммад (с) омадааст, онҳоро наметавон башорат номид. Зеро маълум аст, ки он наметавонад бишорат шавад, зеро Қуръон китоби ӯст ва башорат ба худи ӯ медиҳад. Вале он чи дар Қуръони карим омадааст, зикри ахборест, ки дар китобҳои пешин ба дигар паёмбарон низ омадааст. Ва дар миёни ин ду фарқ аст. Пас оё метавонад инсоне аз номи дигар Паёмбар чунин даъво кунад ва суханеро бигӯяд, ки он Паёмбар ба он васият накардааст, дар ҳоле ки шоҳидону пайравони он Паёмбар дар гузашти ин замонҳо зинда мебошанд ва ададшон низ аз ҳисоб берун аст. Пайравони дигар паёмбарон низ ба монанди ту сахт муқобилят нишон медиҳанд, агар чизи дурӯғеро ба паёмбарашон нисбат диҳанд. Бинобар ин, ман ҳоло чанд мисоле аз ин муждаҳоро барои ту баён мекунам. Агар дар Қуръони карим ҳазорон хабарҳои дигарест, ки ту наметавонӣ дар онҳо дурӯғеро пайдо намоӣ, пас чӣ гуна ту исбот мекунӣ, ки дар бораи ин муждаҳо Қуръон дурӯғ гуфтааст ва Исо (а) ҳаргиз чунин васияте ба паёмбарии Муҳаммад (с) накардааст?

Ман дар инҷо чанд ибораҳое аз Тавроту Инҷил меорам ва дар онҳо равшанӣ меандозам ва дар атрофи ҳар иборае каме баҳс мекунам, то муроди ҳақиқӣ аз он ҳосил гардад. Он касе, ки дар саҳрои зулмат дар ҷустуҷӯи равшанӣ бошад, бо дарёфтани як шамъ иктифо намекунад, балки мекӯшад то ҳарчи бештар рушноӣ ба даст орад. Шояд ӯ натавонад бештар рушноӣ ба даст орад, вале ақл мегӯяд ин як шамъро бигир ва пеш аз он ки шамъат тамом шавад ё ту луқмаи ҳайвоноти ваҳшӣ гардӣ, бо кӯмаки он ҳарчи зудтар аз ин торикӣ берун шав… Барои ҳамин мо ба як далел ҳам иктифо мекунем, агар мақсади мо пайдо кардани ҳақ бошад ва модоме мақсади мо аз ин баҳс шикаст додани тарафи дигар набошад. Зеро ҳамчунонеки халифаи дуюми мусалмонон, Умар ибни Хаттоб (р) мегӯяд: **«Ба сӯи ҳақ баргаштан беҳтар аст аз фурӯ рафтан дар ботил»**. Бо вуҷуди он ки дар чанд нишасти пешин мо ба як даста шамъҳо расидем ва ман акнун бароят як даста шамъи дигар меорам, ки ту ҳаргиз наметавонӣ онҳоро хомӯш намоӣ. Бале, он мард метавонад дар он саҳро он як

шамъро бо як пуф кардан хомўш кунад. Дар китобњои шумо чандин муждае ба Муњаммад (с) њамчун паёмбаре аз паёмбарон ва на танњо њамчун як ислоњотчї омадааст:

***Яњё (а) ба омадани Муњаммад (с) мужда медињад***

**Муждаи аввал**[1]**:** Ин муждаест ба омадани Муњаммад (с) ва вақте сурат гирифт, ки яњудон мехостанд аз Яњё (а) дар бораи он паёмбаре, ки Мўсо (а) ва Исо (а) ба он бишорат дода буданд, пурсон шавад. Ба сўи ў гурўњеро аз коњинон ва обидони Ерусалим фиристоданд. **«Пас коњинону донишмандон омаданд, то аз ў бипурсанд, ки ту кистї, Илиё њастї? Пас гуфт: Ман Илиё нестам. Пас аз ў пурсиданд: Ту њамон Паёмбар њастї? Пас љавоб дод: Не. Пас гуфтанд: Ту кї њастї, то мо барои ононе, ки моро фиристодаанд, љавоб дињем? Ту дар бораи худат чї мегўї? Гуфт: Ман садои баланде дар заминам шумо ба роњи Парвардигор бархезед. Пас аз ў пурсиданд ва гуфтанд: Пас чаро сарварї мекунї, агар ту на Масињ бошї на Илиё ва на Паёмбар»** *(Инљили Юњано дар боби аввал 21-22).*

Дар ин љо чанд саволи муњададест, ки ман мехоњам ба њар яки онњо посух бишнавам. Ин паёмбаре, ки дар ибораи ошкоре, ки бо њазорон сифат омадааст, кї буд? Кист он паёмбаре, ки рисолати он дар назди яњудон ва дар назди Юњино њамчун њақиқат ошно буд ва муждаи он омада буд? Оё он Исои Масењ аст ё он Илиё аст ё ба гумони шумо Юњано, яъне Яњё аст? Юњано худ бо ин ибораи Инљилї, ки њељ эњтимоли таъвил карданро надорад, фатво медињад, ки паёмбари мақсуд на Исо аст на Илиё ва на Юњано (а). Пас шумо худ бигўед, ки он ба љуз Муњаммад (с) кист?

Эй дўстон! Шумо тамоми олимони масењиро љамъ кунед ва бигзор номи ин паёмбарро ба мо бигўянд? Агар онњо бигўянд, ки мо номашро намедонем, пас надонистан далел намешавад. Он ки медонед њамеша далел мешавад бар он ки намедонед. Агар онњо барои мо номи паёмбареро бигиранд, пас њуљљат ва далел биёранд. Онњо аз кулљо метавонанд далел ва њуљљат биёранд, дар њоле ки фатвои Юњано худ далел ва њуљљат аст ва фатвои Исо (а) низ њамин аст: Он љуз Муњаммад (с) бо гувоњии њамин ибора каси дигаре нест. Аз тарафи

---

[1] Он тартиберо, ки дар овардани ин муждањо интихоб кардаам дар асоси тартиби дар Таврот ва Инљил буда нестанд, балки тартиби интихоби он иљтињоди шахсии ман аст.

дигар дар Қуръони карим хабари ин башорат аз забони Исо (а) омадааст. Дар сураи «Саф» Худованди мутаъол мефармояд: «(Ёд кун, ай Муҳаммад с) **вақте ки гуфт Исо писари Марям: «Эй Бани Исроил, яқин бидонед, ки ман паёмбари Худоям, фиристодашуда ба сӯи шумо, тасдиққунанда китоберо, ки пеши шумост** (яъне) **Тавротро ва башоратдиҳанда ба паёмбаре, ки меояд баъд аз ман, ки номи ӯ Аҳмад бошад». Вақте ки омад** (Аҳмад, Муҳаммад с) **барои даъваташон ба мӯъҷизаҳои ошкоро, гуфтанд** (ин мункирон). **«Ин сеҳри ошкорост»** *(Сураи «Саф», ояти 6).*

***Башорат ба номи мардуми ҷоҳил***

**Муждаи дуюм:** Дар Исҳоҳи сиюдуюм аз Сифри Тасния дар бораи яҳуд чунин омадааст: **«Онҳо бо ашёи ибодаткардаашон ки Худо нестанд, рашки маро барангехтанд. Ва маро ба ғазаб оварданд ба сабабаи маъбудҳои ботилаашон. Ва ман низ ба ҷои онҳо мардумеро интихоб мекунам, ки мардум нестанд. Ва бо мардуми ҷоҳиле онҳоро дар ғазаб меорам»**.

Дар инҷо ду чиз вуҷуд дорад: як чизе, ки мо ва шумо ба он иттифоқ намудаем ва чизи дигаре, ки дар он байни мо ва шумо ихтилоф аст. Он чизеро, ки мо ва шумо иттифоқ дорем, он аст ки хитоб дар ин ибора ба яҳудон аст, ки бо ибодат кардани ғайри Худо ва парастидани он чиро, ки Худо нест, ғайрати худоро оварданд… Аммо он чизеро, ки мо бо ҳам ихтилоф дорем, он аст ки Худованд ғазаби онҳоро бар меорад ва миллати ҷоҳилеро бар болои онҳо баланд мекунад, пас ин миллати ҷоҳил кист? Миллатеро, ки тибқи иборои Таврот бар болои яҳудон ғалаба мекунад, кадом аст? Ағлаби муфассирони Инҷил мегӯянд, ки он Юнониҳо мебошанд. Мо дар инҷо савол мекунем: Оё ин авсоф ба Юнониён мутобиқатї мекунанд? Оё дар воқеъ, миллати Юнон миллати ҷоҳил буд? Ҷавоб, албатта, не! Зеро **«Юнониён пеш аз омадани Исо (а) беш аз сесад сол дар илм бар тамоми олам бартарї доштанд ва дар тамоми илму фанҳо муаллим буданд. Аксари ҳакимони машҳур ба монанди Суқрот, Буқрот, Фишоғурс, Афлотун, Аристотилус, Аршамдес, Блинус, Ақледас, Голиниюс ва дигарон , ки дар улуми илоҳиёт, риёзиёт, табиат ва ақсоми он пеш аз омадани Исо (а) ҳамагон аз Юнониҳо буданд.**

**Онҳо дар бораи аҳкоми Таврот ва ќиссаҳои он ва дигар китобҳои Аҳди Ќадим хело маълумот доштанд»**[1]

Пас оё мешавад, то мо мардуми Юнонро бо ибораи љоҳил васф кунем, дар ҳоле ки онҳо дар он замон аз донишмандтарин мардум буданд? Онҳо аз ин сифат дар миёни тамоми миллатҳо дуртарин буданд. Пас он миллати љоҳил кист ба љуз ин араб, ки љоҳилтарини миллат дар соҳаҳои илму фан аз замони омадани Исо (а) то омадани Муҳаммад (с) буд? Агар ту дар Ќуръон ва Инљил хуб андеша намої, албатта, хоҳї дид, ки сифати љаҳолат барои арабҳо дар ҳарду китоб ошкоро омадааст. Дар Инљил арабҳоро бо ибораи миллати љоҳил васф шудаанд ва дар Ќуръон онҳо бо ибораи миллати бесавод васф ёфтаанд. Дар сураи «Љумъа» Худованди мутаъол мефрмояд: **«Ўст зоте, ки фиристод дар омиҳо** (яъне онҳое, ки нохондаанд, аҳли китоб набуданд) **паёмбареро аз ќавму љинси худашон, ки тиловат мекард ин Паёмбар ҳамеша оятҳои Худоро бар инҳо ва пок мекунад онҳоро** (аз ширку љаҳолат), **таълим медиҳад ба онҳо Ќуъону ҳадисро** (яъне Муҳаммад саллалоҳу алайҳи ва саллам-ро фиристод). **Албатта, инҳо пеш аз омадани** (Паёмбар (с)) **дар залолату гумроҳї буданд»** *(Сураи «Љумъа», ояти 2).*

Азоб додани яҳудон бо дасти арабҳо барои онҳо хело сахт буд. Зеро яҳуд олимони зиёде дошт, вале арабҳо ҳама мардуми бесавод буданд. Олимон одатан бесаводонро бо чашми таҳќир менигаранд ва ѓалаба кардани љоҳилон бар болои яҳудон хело барояшон сахт буд. Барои тамоми мардуми олам ошкору равшан аст, ки ба чї андоза яҳудон мардуми рашкбаранд ва барои арабҳо бештар рашк менамуданд. Худованди мутаъол дар бораи љўш задани рашки яҳуд дар Ќуръони карим дар чандин макон хабар додааст. Дар сураи «Баќара» Худованди мутаъол чунин мефармояд: «**Дўст доштанд бисёре аз аҳли китоб** (яъне яҳуду насоро)**, ки кофир гардонанд шуморо баъди имони шумо ба сабаби ҳасадашон аз назди худи онҳо баъди ин ки возеҳу рўшан шуд бар онон ҳаќ. Пас афв кунед ва рўй гардонед аз онон, то ки орад Худо фармони худро** (яъне афв кунед онҳоро, то ин ки амр кунад Худованд ба

---

[1] Ниг. Китоби «Изҳорул ҳаќ» (4-1133), таълифи шайх Аллома Раҳматуллоҳ ибни Халилурраҳмони Усмонии Ҳиндї.

љињоди онон). **Њамоно Худованд бар њама чиз тавоност!**» *(Сураи «Баќара», ояти 109)*

Дар ињљо миёни ин ояти ќуръонї ва иборањои тавротї, ки пештар зикр шуда буд, якрангї дида мешавад. Њамрангї дар баёни онки яњудон сахт њасад бурданд ва рашк намуданд ваќте мусалмонон аз Паёмбари охирзамон пайравї намуданд. Њамчуноне ки дар Тав官рот иборае омадааст, ки мегўяд: «**Ва ман низ ба љои онњо мардумеро интихоб мекунам, ки мардум нестанд**» дар Ќуръони карим низ ба њамин маъно омадааст, ки: «**Ба сабаби њасадашон аз назди худи онњо баъди ин ки возењу рўшан шуд бар онон њаќ**».

Оё ин натиљањо бар муќаддимањо далолат намекунанд? Ваќте Худованд яњудро ваъда кардааст, ки чунин мешавад ва мо мебинем дар воќеъ чунин шудаанд ва ваъдаи илоњї анљом ёфтааст.. Нишонаи пинњонї он аст, ки дар даруни онњо њасад вуљуд дорад ва аломати ошкоро он аст, ки арабњо бар онњо пирўз шудаанд.. Пас оё баъди ин њама дигар њуљљуте лозим аст? Оё метавон ин њамаро инкор кард?

***Башорат ба номи кўњи Форон***

**Муждаи сеюм:** Дар Исњоњи сиюсеюм, дар Сифри Тасния омадааст: **«Парвардгор аз тарафи Сино омад. Ба мо аз тарафи Соъир дурахшид. Аз кўњи Форон љило дод. Ва бо њазорон покњо буд ва аз росташ забонае аз оташ».**

Дар ињљо аз ду љињат муждa аст:

**Љињати аввал:** Барои њамагон маълум аст, ки мурод аз ибораи **«Парвардгор аз тарафи Сино омад»** он аст, ки Худованд Тавротро ба Мўсо (а) дод ва мурод аз **«Ба мо аз тарафи Соъир дурахшид»** он аст, ки Инљилро Худованд ба Исо (а) дод ва **«Соъир»** минтаќаест дар љунуби Бањри Мурда, дар љануби Фаластин.1 Саволи мо дар инљост, ки **«Форон»,** ки Худо фармудааст, дар куљост? Љавоби ќотеъона он аст, ки он Макка мебошад ва ин љавобро аз њаво нагирифтем, балки Таврот ба он далолат мекунад. Дар Сифри Таквин сароњатан омадааст, ки мурод аз **«Форон»** Макка аст. Миёни тамоми миллатњо ва динњо иттифоќ аст, ки Исмоил (а) дар Макка парвариш ёфта ба воя расид ва ибораи ошкори Таврот дар ин хусус чунин омадааст: **«Ва дар биёбони Форон сукунат намуд»** *(Сифри Таквин 20).*

1Мўъљамулбулдон, 3 /171 ва Фарњанги Китоби Муќаддас, сањ. 163,466.

Ба њамин мазмун низ дар Ќуръони карим омадааст. Дар сураи «Тин» минтаќаи се паёмбар омадааст, љое ки Худованд мефармояд: **«Ќасам ба анљир ва зайтун ва ќасам ба Тури Синин ва ќасам ба њамин шањри амин. Дар њаќиќат мо инсонро дар бењтарин сурат офаридем. Сипас ўро ба поёнтарини поёнњо баргардонидем. Магар ононеро, ки имон оварданд ва корњои накўро анљом доданд, пас барои онњост мукофоти бе миннат. Пас туро касе баъди ин дар дин такзиб намекунад. Оё Худованд њокимтарини њокимон нест?».**

Мурод аз анљир ва зайтун сарзамини Фаластин аст, зеро дар онљо бештар анљир ва зайтун мерўяд ва Тури Синин он њамон кўњи Тур аст, ки Мўсо (а) дар он љо буд ва шањри амин њамин Макка аст. Дар Ќуръон ибораи дигарест, ки макони сукунати Исмоилро дар Макка баён мекунад ва он дар суханони Худованд аст аз забони њазрати Иброњим (а). Дар сураи «Иброњим», ояти 37 омадааст: «**Ай Парвардигори мо! Њамоно ман сокин сохтам баъзе аз авлоди худро** (яъне писарам Исмоъил ва њамсарам Њољарро) **дар водии бе зироъате назди хонаи мўњтарами Ту. Ай Парвардигор!** (Чунин кардам) **то барпой доранд намозро. Пас моилу роѓиб гардон** (Худоё) **дилњои чанде аз мардумро ба сўяшон ва ризќу рўзї дењ онњоро аз анвоъи мевањо, то шояд ки шукру сипосдорї кунанд!**».

**Љињати дуюм:** Ин муждаи ошкорест ба Маккаро фатњ намудани Муњаммад ва асњобаш, ки ин аз аввалин њам мустањкамтар аст. Китобњои сират ва таърих баён мекунанд, ки Паёмбар Муњаммад (с) ваќте барои фатњи Макка баромад, њамроњи худ дањ њазор љанговар оварда буд. Ў пеш аз даромадан ба Макка њамроњи лашкараш дар баландї, дар атрофи Макка ќарор гирифт. Ў асњобашро фармуд, то њар яке аз онњо як шуълаи оташеро аз њезум бияфрўзанд, то дар дили ањолии Макка тарсро дароваранд ва онњо бељанг таслим шаванд. Бо њамин наќшаи кашидаи Муњаммад њељ љанг сурат нагирифт ва Худованд онњоро аз љанг рањо дод.. Бо ин ќисса њељ яке аз муаррихон ва сиратнависон ихтилоф надоранд. Акунун шумо метавонед ба Сифри Таснияи сиюсе, раќами 2-3 мурољиат намоед, пас дар онљо хоњед дид, ки ин ибора ошкоро омадааст: «**Парвардгор аз тарафи Сино омад. Ба онњо аз**

**тарафи Соъир дурахшид. Аз кӯњи Форон љило дод. Ва 10 њазор покњо бо ӯ буданд... Ва аз росташ оташи шӯълавар ва њимояти онњое, ки ба он нисбат дода мешавад».**

Саволи мо инљост: Оё баъди овардани ин њама аломат ва нишонањои дар ин иборањои тавротї љамъшуда дар ин ки мурод аз ин њама муждањо танњо Муњаммад (с) аст, магар шаке боќї мемонад?

## *Муждадињии Исо (а)*

**Муждаи чорум:** Ин ояте, ки дар Сифри Таквин омадааст, дар воќеъ ваъда ва муждаест аз љониби Худованд ба Иброњим, ки ба писараш Исмоил гуфта буд: **«Ва аммо Исмоил пас дар њаќиќат туро дар ӯ гӯш кардам. Њоло инак, ман ӯро пурбаракат мекунам ва пурсамар мекунам ва онњоро хело зиёд мекунам. Дувоздањ раис таваллуд мекунанд ва ӯро як уммат мегардонам»** *(Сифри Таквин, 17-20).*

Худо ваъда додааст насали Исмоилро хело зиёд кунад ва онњоро бобаракату пурсамар гардонад кињоянд? Оё яњуд аз насли Исмоиланд? Ё масењиён, ё касони дигар? Оё онњо арабњо нестанд? Вале арабњо аз кай миллати бузург гаштанд? Оё баъди омадани Муњаммад набуд? Ибораи тавротї тањдидан муайян кардааст, ки уммати бузурге аз насли Исмоил ба бор меояд. Таъкид кардани ин насл чунон ошкор ва даќиќ баён шудааст, ки дар њељ чизе ба он андоза даќиќан баён нашудааст. Насабњо муайяну маълум аст, ки њељ ихтилоф ва тардиде дар он нест. Агар Таврот онро бо дигар васф ба дин, аќида ё дигар сифатњои умумї муаррифї мекард, шояд яњуд даъво мекарданд, ки ин сифати мост ва шояд масењиён ин даъворо мекарданд, ки ин аќидаи мо ва дар хусуси мост. Вале дар ибора мушаххасан насли Исмоил омадааст, ки ба монанди Офтоб равшану аён аст. Њамин ваъда дар Ќуръони карим низ бо дуои њазрати Иброњим (а) омадааст, ки мефармояд: «**Ай парвардигори мо! Њамоно ман сокин сохтам баъзе аз авлоди худро** (яъне писарам Исмоъил ва њамсарам Њољарро) **дар водии бе зироъате назди хонаи мӯњтарами Ту. Ай Парвардигор!** (Чунин кардам) **то барпой доранд намозро. Пас моилу роѓиб гардон** (Худоё) **дилњои чанде аз мардумро ба сӯяшон ва ризќу рӯзї дењ онњоро аз анвоъи мевањо, то шояд ки шукру сипосдорї кунанд!**» *(Сураи « Иброњим», ояти 37).*

## *Башорат бо номи Оќир, яъне Макка*

**Муждаи панљум:** Дар Сифри Ашъиё, 54 (1-17) чунин омадааст: **«Тараннум кун, эй замини нозоям, ки њаргиз назодаї, Тарнаумро мустањкамтар кун, эй касе, ки назодаї. Зеро фарзандони зани бегона бештаранд аз фарзандони шавњардор. Парвардигор гуфт: Макон ва хаймаатро васеътар кун. Утоќњои хонаатро васеъ намо. Боз масит. Ресмонњоятро дароз кун ва ресмонатро мустањкам кун. Зеро ту ба росту чап дароз мешавї. Ва насли туро умматњо мерос мебаранд ва шањрњои харобро эњё мекунанд..»**

Бешак, хитоб дар инљо ба сарзамини муайянест, аз заминњои Худо.. Вале ин замини нозоям кадом аст, ки баъди Исмоил (а) паёмбаре назодааст? Оё ин сарзамин Миср аст, ки баъди ин муждањо паёмбаре ба бор наовардааст? На њаргиз, зеро Миср сарзаминест, ки дар он Мўсо (а) фиристода шудааст ва баъди Мўсо чандин паёмбарони дигар дар ин сарзамин омада буданд. Оё ин сарзамин Шом аст, ки њазрати Довуд (а) дар он мабъус шудааст ва чандин паёмбарони дигаре баъди ў дар ин сарзамин омада буданд? Ё ин сарзамин нимљазираи Арабистон аст, ки баъди Исмоил (а) нозоям шуду дигар паёмбаре дар он зуњур накард? Сарзамине, ки баъди ин мужда њељ паёмбареро ба бор наовардааст, то инки њазарати Муњаммад (с) мабъус шуд.

Ин аз як тарф, аз тарафи дигар ин зани бегона кї буд, ки дар иборои Таврот номаш омадааст? Оё ин зан Сора модари Исњоќу Яъќуб ва дигар паёмбарони Банї Исроил (а), њамсари Иброњим (а), зани озоде, ки дар Миср зиндагї мекард ва њаргиз бегонагиро эњсос накардааст, буд? Ё инки ин зан Њољар, модари арабњо аст. Зеро ў модари Исмоил буд! Њамон зане, ки Муњаммад ибни Абдуллоњ (с) аз насли ўст. Њољар дар сањрои Макка ѓурбатро эњсос кард ва хитобе, ки дар ибораи боло омадааст ёди ў, сифатњои ў, сифатњои фарзанди ўро саровњатан зикр намудааст. Дар ибораи  Таврот омадааст: **«Ва малоикаи Парвардгор ба ў гуфт: Инак ту њомила шудаї, ва писаре аз ту таваллуд мешавад ва номи ў Исмоил бошад. Зеро Парвардгор зорањои туро шунид ва ў инсони бегонае мешавад»** (Сифри Таквин, 16 (11,12). Пас оё баъди ин њама ошкорию яќинї дигар љое барои шак боќї мемонад?

*Муждадиҳӣ бо номи Ќайдор*

**Муждаи шашум: «Барои Парвардигор таронаи наве бихонед. Тасбиње аз аќсои Замин. Эй касоне, ки аз баҳр ва канораи он берун шудаед ва аз љазоиру сокинонаш. Бизгор замин ва шаҳрҳои он ва садои он баланд шавад. Кишваре, ки дар он Ќайдор истиќомат мекард. Бигзор, сокинони Солих тараннум кунанд аз ќуллаҳои кӯҳ то садо баланд кунанд. Бигзор Худоро ба бузургӣ садо диҳанд. Ва бо тасбиҳи худашон дар љазираҳо хабар кунанд..»** (Сифри Шаъбо, исҳоҳи чилудуюм 10-12, Аҳди Ќадим, 3-8).

Дар ин ибора мужда бо номи бобояш мушаххас омадааст. Дар инљо ҳељ шабоҳату монандӣ ба дигарон нест. Ќайдор бо иттифоќи тамоми муаррихин писари дувоздаҳуми Исмоил (а) буд. Ва ќабилаҳои Рабиъа ва Музир аз писарони ӯ ва Муҳаммад (с) аз Музир аст. Пас оё баъди ин ҳама ҳељ эҳтимоли дигаре вуљуд дорад? Дар ҳаќиќат ин номбар кардан тамоми эҳтимолоти дигарро аз байн бурд. Акнун биёед ба ибораи аљиб назар афканем, иборае, ки олами онрӯзаро васф мекунад. Аз ҳамдигар чунин бипурсем: Оё тасбеҳ гуфтани Худованд дар тамоми замину кӯҳу баҳру љазираҳоро бо ин ҳама азамату шукӯҳ ва касрат ба навъе, ки баъди мабъус шудани ҳазрати Муҳаммад (с) дида мешавад, дида шуда буд? Оё аҳолии ин сарзамин имрӯзҳо тасбиҳи Худовандро бар болои ин замин ба ин бисёрӣ мебинанд (мешунаванд), ки мардуми мусалмон ҳамасола ба ҳаљ мераванд ва зиёрати Каъбаро мекунанд? Оё ҳељ обиде садояшро чунин баланд мекунад, ҳамчунонеки мусалмонон садоҳои худро ҳангоми талбияи ҳаљ мекунанд, дар ҳоле ки аз кишварҳои худ, љазираҳои худ, кӯҳҳои худ баромада раҳсипори Макка мешаванд ва лаббайкгӯён садо баланд мекунанд?

Дар Сифри Ашъиё-60 ишораҳои возеҳу равшани ҳаљ ва рукнҳои он омадааст. Пас шумо ба ин ибора хуб андеша намоед. Дар ибораи Ашъиё -60 чунин омадааст: **«Бархез ва талаби нур намо. Зеро нури ту омадааст ва бузургии Парвардигор бар ту дурахшидааст. Зеро ин ҳамон торикист, ки заминро фаро гирифтааст ва торикии сахте миллатҳоро фаро гирифтааст. Аммо бар болои ту Парвардигор дурахшидааст. Ва бузургии ӯ бар ту дида мешавад. Пас умматҳо дар нури ту мераванд ва подшоҳон дар партави**

**рушноии ту. Ту чашмонатро баланд кун ва ба атрофат назар намо. Дар ҳақиқат ҳамагон ҷамъ шудаанд, ба сӯи ту омаданд. Фарзандони ту аз дур расидаанд ва духтаронатро мебардорад... Зеро сарвати баҳр ба сӯи ту баргардидааст ва бойҳои миллатҳо ба сӯи ту меоянд. Туро бисёрии зебоғӣ фаро мегирад. Ду бакр «Мадён ва Ифо». Ҳамаш ба сӯи ту аз Шабо меоянд. Бо худ тилло ва шир меоранд. Бо тасбиҳҳои Парвардигор мужда медиҳанд. Тамоми гӯсфандони Файдор ба сӯи ту ҷамъ мешаванд. Барраҳои Набоют туро хидмат мекунанд. Баланд мебароянд ба қурбогоҳи ман ва хонаи ҷамоли маро зиннат медиҳанд.**

**Кистанд ин паррандагон ба монанди абрҳо ва кабутарон ба сӯи хонаҳои худ. Ҳамоно ки ҷазираҳо маро мунтазиранд ва киштиҳои Таршиш дар аввал, то фарзандони ӯро аз дур биёранд.. Ва фарзандони бегона деворҳои туро месозанд ва подшоҳони онҳо туро хизмат мекунанд».**

Мо медонем, ки яҳудон бар ин мужда ду калимаро изофа карданд, то маҷрои онро тағйир диҳанд, вақте онро дар набувати Ашъиё муқайяд карданд ва ба он нисбат додаанд 2: 2-1 Михо 4:4,2 ва он ин аст, ки ин ҳаҷи оламӣ ба тарафи кӯҳи Саҳюн сурат мегирад ба сӯи хонаи илоҳи Яъқуб:

Яҳудон ҳарчи бикӯшанд то инро тағйир кунанд, аммо чӣ метавонанд бигӯянд ба ин набуввате, ки онҳоро расво кардааст? Ибора мегӯяд: **«Ва ман тамом умматҳоро дар зилзила меандозам ва он хостаи тамоми умматҳо меояд, пас ман ин хонаро пур аз бузургӣ мекунам, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо. Нуқра аз ман аст, тилло аз ман аст, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо. Бузургии ин хонаи охирин аз бузургии хонаи аввалин пуршукӯҳтар мегардад, мегӯяд Павардигори лашкарҳо. Ва дар ҳамин ҷо сулҳро медиҳам, мегӯяд Парвардигори лашкарҳо»** (Ҳаҷҷӣ 2: 6-8).

Саркашон чӣ гуна метавонанд ин муждаи равшанеро, ки дар миқёси ҷаҳон аст, барҳам зананд? Исбот намудани ин мужда аз ту заҳмат талаб намекунад. Яке аз шабакаҳоро ба монанди шабакаи «Алмаҷд» ё «Саудӣ» ё дигар шабакаҳои халиҷиро бо ҳар забоне ки ҳаст, дар мавсими ҳаҷ мушоҳида кунӣ, дар он ҳангом ончи бароят гуфтам, бо чашм хоҳӣ дид. Дар он сурат хоҳӣ мушоҳида кард, ки чӣ гуна тасбеҳгӯяндагони Худо дар атрофи ин хона давр

мезананд. Дар ин њангом бо чашми хеш мебинї, ки ин намоишњои мустаќими ттелевизионї ибодатњои онњоро дар ин макон ба сурати зинда нишон медињанд. Нишон додани ибодат дар ин макон на танњо дар мавсими њаљ сурат мегирад, балки мардум њамеша ба сўи ин Хона барои ибодат мешитобанд. Онњо њамарўза панљ маротиба дар инљо намоз мехонанд ва ин њам бошад ба сурати мустаќим ва њамарўза панљ маротиба дар тўли сол нишон дода мешавад.

Акунун метавонї савол кунї: Оё дар рўи Замин хонаи дигаре њаст, ки дар он Худоро чунон ибодат кунанд, ки дар атрофи ин Хона ибодат мекунанд? Оё дар таърихи ин мужда яъне дар тўли беш аз се њазор сол масљиде дар рўи Замин ба монанди Каъба сохта шудааст? Кї љуръат мекунад, то ин муждаро ба тарафи ѓайри Каъба бикашонад? Оё миллионњо шутур ва гўсфанд, ки њољиён њамасола барои ќурбонї ба инљо меоранд, то дар мавсими њаљ барои наздик шудан ба Худо таќдим кунанд ва гўшти онро ба фаќирону бечорагон таќсим кунанд, дар ин мужда наомадааст? Агар баъзењо дар масъалаи гўсфандон ихтилоф кунанд, пас кї метавонад дар бораи шутурон ихтилоф намояд? Њатто он шукўње, ки дар мужда омадааст, ин хосияти хонаи Каъба ва атрофи он аст, ки гурўње обидон дар атрофи он љамъ мешаванд ва ба монанди дастбандњои тилло атрофи онро ињота мекунанд.. Ту метавонї манзараи ин суратро миёни тахаюлоти яњудон аз як тараф ва манзараи воќеии бехаёли Каъба аз тарафи дигар муќоиса намої ва худ ќазоват кунї. Кадоми аз ин ду ба он сурате, ки дар ибора  омадааст, мутобиќати бештар мекунад? Аз тарафи дигар бубин чї даќиќие дар ин ибора вуљуд дорад?  Дар он омадааст, ки миллатњо аз тамоми Замин ба ин тараф меоянд. Пас худ бигўед, чї мардуме ба тарафи њайкали дар хаёлбудаи яњуд ба ѓайр аз худи онњо меравад? Ин мужда  даќиќан тариќаи омаданро ба ин Хона зикр мекунад ва мегўяд ба ин тараф аз тариќи њавої меоянд, инро бо як манзараи аљибе зикр мекунад ва он чизеро, ки ин ибора баён мекунад, танњо дар њавопаймоњои замонавї дида мешавад, љое ки мегўяд: **«Кистанд ин паррандагон ба монанди абрњо ва кабутарон ба сўи хонањои худ»**.

Дар инљо мехостам иштибоњи хонандаро ба баъзе оятњои Ќуръони карим, ки дар бораи бунёдкунандаи ин Хона, њазрати Иброњим (а) омадааст, љалб

намоям, то онро бо иборањои дар дигар китобњои осмонибуда муќоиса намоем. Худованди карим мефармояд: «**Ёд кун** (ай Муњаммад с) **чун муайян сохтем барои Иброњим (а) мавзеъи хонаи Каъбаро** (ки ба он нигоњ карда ибодат кун) **ва гуфтемаш: «Шарик муќаррар макун бо Ман** (дар ибодат касеро ё чизеро) **ва поку тоза нигањ дор хонаи Маро барои зиёраткунандагон ва барои намозгузорон ва рукўъу саљдакунандагон** (яъне барои намозгузорон)». **Ва овоз дењ дар миёни мардум ба њаљ, то биёянд пеши ту** (даъвати туро иљобаткунон) **пиёдаву савора бар уштури лоѓар, бирасанду биёянд ин уштурони лоѓар аз њар роњи дур. То њозир шаванд назди фоидањои** (диниву дунявї) **барои худ ва ёд кунанд номи Худоро дар чанд рўзи маълум** (яъне рўзи Иди ќурбон, ки ќурбонї кунанд) **аз њайвонњое, ки Худованд ризќу рўзї додааст ба онњо. Пас бихўред аз** (гўшти ќурбониатон) **ва бихўронед касони дармондаву дарвешу фаќирро. Боз** (баъди ќурбонї кардан) **бояд ки дур кунанд чирки тани худро** (яъне аз ињром баромада мўи сарро тарошида либосњои тоза пўшанд) **ва ба вафо расонанд назрњои худро** (яъне маљбуриятњои њаљ, ки дар зиммаашон буд) **ва тавоф намоянд хонаи Каъбаро**» *(Сураи «Њаљ», оятњои 26-29).*

Пас, баъди ин метавонанд яњуд даъво кунанд, ки дар ин ибора дар бораи Масљидулаќсо сухан меравад, дар сурате ки binoи Масљидулаќсо танњо баъд аз панљсад сол аз њаёти њазрати Иброњим (а) ва дар замони њазрати Довуд (а) сурат гирифтааст? Иборањои тавротї ин масъаларо даќиќан таъкид кардааст, ки ин муждањо барои кадом яке аз ин ду масљид мебошанд. Пас ќотеъона метавон гуфт, ки манзур аз масљид, масљиди дигар аст. Ибора мегўяд: «Бузургии ин хонаи охирин аз бузургии хонаи аввалин пуршукўњтар мегардад,- мегўяд Парвардгори лашкарњо. Ва дар њаминљо сулњро медињам, - мегўяд Парвардгори лашкарњо».

### *Муждадињи ба «мулки осмонњо»*

**Муждаи њафтум:** Дар Инљили Мато (13,2) омадааст: «**Дар њамон рўзњо Юњинои Маъмадонї омад ва дар замини Яњуд таблиѓкунон садо медод: Тавба кунед зеро мулки осмонњо наздик омадааст!**».

Юњанои Маъмадонї дар сарзамини яњуд ба наздик шудани кадом мулк мужда дода, онро мулки осмонњо номид? Оё ин мулки њазрати Исо (а) аст?

Љавоб: Албатта, не! Зеро чї гуна Яњё ба Исо мужда медињад, дар њоле ки онњо њарду муосир буданд ва дар як замон зиндагї мекарданд? Пас маълум гардид, ки муждаи Яњё (а) барои омадани шахси дигарест, ки њанўз наомада буд.

Чї гуна Яњё барои омадани Исо мужда медињад, дар њоле ки худи Исо (а) низ ба њамин монанд мужда додааст? Дар Инљили Мато (4: 12-17) чунин омадааст: **«Ваќте Ясуъ шунид, ки Юњано ислом овард ба тарафи Љалил рафт» «Аз њамон лањза Ясуъ таблиѓкунон мегашт ва садо мекард ва мегуфт: Тавба кунед, зеро мулки осмонњо наздик омадааст» «Ясуъ дар тамоми Љалил мегашт ва дар љамъомадњои он таълим медод ва муждаи омадани мулки осмонњоро таблиѓ мекард»**.

Ин муждањоро дар асл Исо (а) на танњо вазифаи худ мењисобид, балки ў њавориёни худро васият намуд, то дар муддати њаёташ ва баъди мамоташ ин васиятро бирасонанд. Ў њавориёни худро ба тарафи шањрњо мефиристод, то онњо хусусан ин рисолатро расонанд. Ў ба онњо мегуфт: **«Ва њангоме ки шумо меравед, инро таблиѓкунон бигўед, ки мулки осмонњо наздик омадааст».** Пас ин вазифа аз муњимтарин вазоифи њазрати Исо (а) буд ва амр менамуд, то онро новобаста аз шароит таблиѓ кунанд. Дар Инљили Луќо чунин омадааст: **«Ва дар њар шањре, ки даромадед ва шуморо пазируфтанд, пас бихўред њар ончи бароятон пешкаш кунанд ва бемороне, ки дар он бошанд, табобат кунед. Ва барои онњо бигўед мулки осмонњо бароятон наздик омадааст. Ва дар њар шањре, ки ворид шудед ва онњо шуморо ќабул накарданд, пас ба кўчањои он бароед. Њатто ѓуборе, ки ба мо аз ин шањри шумо расидааст, ба шумо бармегардонем, вале инро methodиста бошед, ки мулки осмонњо барои шумо наздик омадааст»** *Инљили Луќо боби дањум (9,10,11,12).*

Мужда додани Исо (а) ба омадани мулки осмонњо дар замони њаёти ў, дар замони њаёти Яњё (а)ва њатто дар замони њаёти шогирдони Исо (а) тањаќќуќ наёфт, зеро онњо њам ба монанди њазарти Исо (а) ба омадани ин мулк мужда медоданд… Пас ин мужда дар чї касе тањќиќ шуд? Баъзе муфассирони шумо гуфтаанд: Мужда дар инљо ба юнониён ё касоне, ки дар Аќсо истиќомат мекунанд, дода шудааст. Вале оё ин дуруст аст, ки аз мулки Худо номида шавад, зеро касоне буданд, ки ба яњуд зулм карданд, онњоро хор намуданд,

Аќсоро вайрон карданд ва хонаи Худоро шикастанд (ба монанди ќавми Юнон). Њар андозае, ки муфассирони шумо чарх зананд ва гирди њам бигарданд, аз омадани ин мужда дар шаъни Муњаммад ва сањобагони ў њељ гурезе надоранд. Исо (а) худаш дар Инљили Мато гуфтааст: **«Барои њамин ба шумо мегўям, ки мулки Худо аз дасти шумо кашида мешавад ва ба уммате дода мешавад, ки мевањои онро бармечинанд».** Пас оё юнониён ва гунањкорону ќотилон бояд меваи онро бичашанд? Дар њаќиќат, Исо (а) яњудонро дар ѓазаб овард, ваќте барои онњо дар зимни ин масъали возењ баён кард, ки ин мероси раббонист. Зеро онњо неъматњои Худоро бо куфр пешвоз гирифтанд ва ба паёмбарон ѓадр карданд.. Пас бояд мулки Худо аз дасти онњо кашида шавад, пас ту ин мисоли аљибро хуб бишнав, ки дар Инљили Мато дар ибораи инљили 1, Мато 21: 33-45 чунин омадааст: **«Шумо мисоли дигареро гўш кунед: Парвардигори хона ангурзор шинонид. Гирди ўро мањкам намуд ва дар онљо сурохие канд ва бурље сохт ва баъзе кормандон онро иљора гирифтанд ва худ сафар кард. Ваќте ки замони чидани меваҳо расид, хидматгорњояшро ба сўи кормандон фиристод, то њаќќи меваашро бигиранд. Вале кормандони ин боѓ хидматгорњои ўро боздоштанд ва якеи онњоро заданд ва дигарашро куштанд ва сеюмашро сангсор намуданд. Пас, хидматгорњои дигареро бештар аз навбати аввал фиристод, пас ин мардум бо онњо њам ба монанди пешиниён рафтор карданд. Пас, ба тарафи онњо писари дигарашро фиристод ва онњо бо њамдигар гуфтанд. Ин аст меросбар, биё ўро низ мекушем ва меросашро мегирем. Пас ўро дастгир намуданд ва ба беруни боѓ бурданд ва куштанд. Пас соњиби ин боѓ баъди баргаштанаш бо ин кормандон чї кор бояд кунад? Онњо (яњудон) ба Исо (а) гуфтанд: Ин бадон бояд бо бадтарин роњ кушта шаванд ва соњиби боѓ кормандони дигареро иљора бигирад, то меваро дар ваќташ ба ў супоранд». Ясўъ ба онњо гуфт: Оё то кунун дар китобњо нахонадед, ки «Сангеро, ки кормандон андохтанд, њамон санг аст, ки дар гўша истодааст. Ин њама аз љониби Парвардигор буд ва он дар назари мо аљиб аст». Барои њамин ман барои шумо мегўям: «Њамоно ки мулки Худованд аз шумо кашида мешавад ва ба миллате дода мешавад, ки самараи мевaашро бичинад. Њар касе, ки бар болои ин санг афтод, сараш мекафад**

**ва агар ин санг дар болои касе бияфтад, ӯро пора мекунад». Ваќте бузургони коњинон ва зиракон ин масалро шуниданд, эњсос карданд, ки ӯ бо ин суханонаш онњоро дар назар дорад. Пас кӯшиданд, то ӯро дастгир кунанд, вале онњо аз тӯдаи мардум тарсиданд, зеро мардум ӯро Паёмбар мењисобиданд».**

Пас оё мисоле аз ин равшантар дида мешавад? Биёед, ќадам ба ќадам ба пеш меравем ба монанди онки ин ибора ба пеш меравад. Оё уммат ва миллате њаст, ки Худованд бо фазлу карамаш онњоро ба монанди яњуд инъомњо намудааст ва њамин фазилат аст, ки дар ибораи Инљил ба соњиб намудани боѓ омадааст? Оё ќиссаи паёмбароне, ки ба назди яњуд фирисода мешуданд, монанд ба он касоне нест, ки соњиби ин боѓ ба назди кормандонаш мефиристод? Оё уммате њаст, ки ба монанди яњуд, ки паёмбарњоро куштааст, њамчунонеки кормандони ин боѓ намояндагони соњиби боѓро мекуштанд? Оё тањдиди бештаре аз ин њаст, ки дар ибора омадааст, ки соњиби боѓ билохира писарашро ба назди он мардум фиристод, пас ӯро низ куштанд ва оё ин масал ба мардуми яњуд монандї надорад, ки Худованд баъди чандин паёмбарон писраш Исоро фиристод? Бояд ќайд кард, ки писар ин љо на ба маънои њаќиќї омадааст,  он танњо ба маънои ташрифист, њамчунонеки дар ин хусус дар нишасти пешин сӯњбат карда будем.

Дар инљо чунин саволе ба миён меояд, ки оё Исо (а) аз ин Замин ба сӯи Парвардигораш нарафт? Пас паёмбариро баъди Исо (а) кї соњиб шуд? Љавоб: Њељ кас баъди Исо (а) нагуфт, ки ӯ Паёмбар аст ва фиристода аз назди Парвардигор аст ба ѓайр аз Муњаммад (с). Ибораи Таврот ошкоро баён мекунад, ки поёни ин яњудон бо ин боѓ ба поён ёфтани њазрати Исо (а) сурат мегирад. Њамин мисол њамчунин дар Луќо (20: 9-19) бо каме ихтилоф омадааст: «Пас, Исо барои љамъе аз яњудон, ки даври ӯ љамъ омада буданд, гуфт: Ба фикри шумо соњиби ин боѓ бо ин кормандонаш чї кор бояд кунад? Онњо (яњудон) гуфтанд: Ин бадон бояд кушта шаванд ва боѓ ба дигар коргарон вогузор карда шавад. Пас тавзењи Исо ба љавоби онњо хело аљиб буд, вале ошкор… ба онњо гуфт: Оё то кунун дар китобњо нахонадед, ки **«Сангеро, ки кормандон барои беарзишияш андохтанд, њамон санг муњимтарин санге барои сохтумон мегардад. Парвардигор њам чунин кард ва ман ба шумо**

**хабар мекунам, ки мулки Худо аз шумо гирифта мешавад ва ба умматоне дода мешавад, ки самараи меваашро дуруст бичинанд. Бузургони коњинони яњуд маќсади ўро аз ин мисол фањмиданд. Пас онњо дар ѓазаб шуданд ва хостанд ўро дастгир кунанд, агар онњо аз тўдаи мардум наметарсиданд, ки онњо** (мардум) **ба Масињ њамчун Паёмбар имон доштанд».**

Эй љамоати муфассирин, ба ман љавоб дињед, ки дар борои кадом санг њазрати Исо (а) ва дар бораи кадом бино сухан мегуфт? Оё ин бино бинои умматњо аз замони ибтидои офариниш то замони Исо (а) нест? Шояд баъзе аз шумоён савол кунад, ки сангеро, ки бинокорон онро ќабул накарданд, худи Исо аст… Вале ин мафњум бо ончи дар ибора омадааст, ошкоро муќобил аст. Дар ибора омадааст, ки: **«Ва ман ба шумо хабар мекунам, ки мулки Худо аз шумо гирфита мешавад ва ба умматоне дода мешавад, ки самараи меваашро дуруст бичинанд».**

Пас, мулки Худо аз дасти шумо меравад, њамчунонеки дар ибора омадааст, вале баъди умматони Исо (а) он ба сўи чї касе меравад? Аз тарафи дигар, њазрати Исо на танњо инро баён кард, ки мулки Худо аз онњо меравад, балки баён намуд, ки мулки Худо ба дигар умматоне дода мешавад, ки меваашро дуруст мечинанд.

### *Башорат ба њиљрат ва љанги Бадр*

**Муждаи њаштум:** Муждаи ошкорост ба њиљрати Паёмбар (с) ва ба ѓазваи Бадр ва ба пирўзии мусалмонон аст: **«Ва маконест аз тарафи кишвари Араб. Дар Ваър дар шањри араб Табитин. Эй ќофилањои Дидон, обро биёред бари пешвози ташнагон. Эй сокинони Таймо, барои гуреза нонро омода кунед. Зеро онњо аз баробари шамшерњо гурехтаанд. Аз баробараи шамшери кашида ва аз назди камони кашида ва аз пеши сахтии љанг. Пас, он чунин аст барои манн, љаноб дар муддати сол гуфт ба монанди соли аљир, ки тамоми бузургии Ќайдор ва боќимондаи шумораи Ќусай пањлавонони ќабилаи Ќайдор кам мегардонанд»**

Муждаи ошкор ба ин ки маќсад кишвари араб аст. Дар ибора номи **«Дидон»** ва **«Таймо»** омадааст, ки њарду шањрњои яњудинишин буданд, ки дар Мадинаи мунаввара дохил мешуданд. Њамон шањре, ки Паёмбар (с) аз

Макка ба тарафи он њиљрат намуд. Пас кадом тањдиде аз ин равшантар аст? Боз дар ибора сокинони шањрњои **«Дидон»** ва **«Таймо»**-ро сароњатан амр мекунад, ки он касеро, ки аз ќавми худ берун шуда, ба тарафи онњо њиљрат кардааст, кўмак намоянд. Чунончи дар ибора омадааст: **«Эй ќофилањои Дидон, обро биёред барои пешвози ташнагон. Эй сокинони Таймо, барои гуреза нонро омода кунед».**

Њамчунин ибора ба таври даќиќ баён мекунад, ки њиљрати Муњаммад (с) дар он шаб чї гуна сурат гирифтааст. Њар кї таърихро хонда бошад, медонад, ки ин ибора чї тавр даќиќ њамаро бозгў кардааст, љое ки тамоми марњалањои њиљратро баён кардааст. Чї гуна Паёмбар (с) аз хонааш дар он шаб берун шуд ва њамаи гуфтањои ибораи Таврот бо њаќиќат мувофиќат мекунад. Њамаи душманони ў иттифоќ карданд, ки дар њамин шаб ўро бикушанд ва хунашро дар миёни ќабилањои Араб таќсим кунанд, то ќавмаш хунбањои ўро натавонанд талаб кунанд. Бинобар ин, нагузоштанд, ки танњо як ќабила ўро бикушад. Пас, онњо аз миёни худ дањ љавонро интихоб намуданд, дар дасти њар яки онњо шамшере доданд ва гуфтанд, ки агар аз дар баромад, њамагон ба монанди як нафар ўро бизананд ва ўро њалок кунанд. Пас, Худованд ўро њимоят кард ва ў аз миёни онњо солим баромад. Душманонаш ўро надиданд. Айнан њамин воќеа дар ибораи аљоиб омадааст, ки мегўяд: «**Зеро онњо аз баробари шамшерњо гурехтаанд. Аз баробараи шамшери кашида ва аз назди камони кашида ва аз пеши сахтии љанг**».

Баъди ин ибора Таврот аломати аљиби дигареро меорад, ки дар бораи ваќти сурат гирифтани ин њодиса њарф мезанад. Як сол баъд аз њиљрат воќеаи аввалин љанги Паёмбар (с) њамроњи бузургони араб сурат гирифта буд, ки онро ќабилаи Ќурайш сарварї мекард. Дар ин љанг Паёмбар онњоро шикаст дод. Баъди ин љанг ќабилаи Ќурайш заиф шуд. Доир ба ин воќеа дар ибораи Таврот ошкоро санад омадааст, ки муждаи дигарест барои омадани Паёмбари мо њазрати Муњаммад (с): **«Пас он чунин аст барои ман, љаноб дар муддати сол гуфт ба монанди соли аљир, ки тамоми бузургии Ќайдор ва боќимондаи шумораи Ќусай пањлавонони ќабилаи Ќайдор кам мегарданд».**

Њар кї Ќайдорро медонад, ба хубї дарк мекунад, ки ин паёмбарї ва ин мужда хос барои њазрати Муњаммад (с) аст. Ќайдор писари дувозњдањуми њазрати Исмоил (а) аст, њамчунонеки пештар ба он ишора шуд. Ќурайш ќабилаи арабиест, ки бо нисбат будан ба њазрати Исмоил (а) ва Ќайдор ифтихор мекунанд. Онњо ба њамин љанг танњо аз рўи таассуби ќавмї баромада буданд. Ваќте љанги Бадр, ки дар ибора ба он ишора шудааст, ба поён расид. Њафтод мард аз бузургони Ќурайш кушта шуданду њафтод нафари дигар ба асорат афтиданд ва боќимондаи онњо, ки њазор нафар буданд, фирор намуданду ба Макка баргаштанд ва аксари бузургони Ќайдор даќиќан ба сабаби њамин љанг аз байн рафтанд.. Таассуби ќабилавии Араб баъди ин љанг заиф шуд ва ба љои он бародарии Ислом расид.

### ***Башорат ба Фораќлит***

**Муждаи нўњум:** Исо (а) дар васияташ чунин гуфт: **«Агар шумо маро дўст доред, пас васиятњои маро њифз кунед. Ва ман аз падар хоњиш мекунам, то бароятон Фораќлити дигарро бидињад, бо шумо то абад боќї монад. Рўњи њаќ, ки олам тоќати ќабули онро надорад, зеро онро на мебинад ва на мешиносад. Ва шумо онро мешиносед, зеро ў дар назди шумо истиќомат мекунад ва ў дар шумо собит аст. Ва Фораќлит рўњулќуддус аст , ки ўро падар бо номи ман мефиристад ва ў бароятон њама чизро меомўзонад ва ў ба ёди шумо меорад тамоми ончиро, ки ман гуфтам. Ва акнун ман бароятон пеш аз омаданаш гуфтам, то ваќте омад, шумо имон оред»**.

**Устоди омўзишњои тавротї Мошї:** Аммо ин муждањоеро, ки ту мегўї, хело мушкил аст, ки онро аз Исо ба тарафи Муњаммад баргардонї. Мо њамчун омўзгорони ин фан ќотеъона мегўем, ки тафсири ягонаи ин муждањо Ясўъ аст. Ясўъ њамон Фораќлит аст ва ўст, ки бо онњо барои њамеша монд ва чунин њам буд. Ва ўст касе, ки падар бо номи ў фиристодааст, то мардумро аз номи ў сухан бигўяд.

Пас худ бигў мужда ба Муњаммад куљост ва дар куљо ишора ба он омадааст?

**Абўњомид:** Ман намехоњам бароят бигўям, ки ту он чиро аќида надорї, њамонро мегўї. Њамчунин намехоњам бигўям, ки ту аз љумлаи касоне мебошї, ки мехоњї ин масъаларо бо он омехта кунї ва ин аз табиати шумо дур нест. Вале ман аз ту хоњиш мекунам, то ба ин ибора бо нигоњи мунсифона ва дур аз тассуб назар кун, дар он сурат хоњї дид, ки ин муждањо танњо ба Паёмбар Муњаммад (с) тааллуќ дорад. Ман намехоњам дар бораи он чизе бањс кунам, ки танњо худам ба он ќонеъ шудаам ва он ин аст, ки Фораќлит маънояш Муњаммад аст.. Зеро Фораќлит яке аз ин ду маъноро дорад: Ё маънои он Муњаммад ё Ањмад аст ва ё маънояш иззатбахш, собит ва шафоаткунанда аст.. Ва њар яке аз маънољои гуфташуда сифатњои Муњаммад саллаллоњу алайњи ва саллам мебошанд, њамчунонеки дар Ислом ин сифатњо барои Муњаммад собит шудааст…

Бо вуљуди он ки равшану возењ аст, ки мурод аз Фораќлит танњо ва танњо Муњаммад аст, вале аксари олимони масењї даъво мекунанд, ки мурод аз он Исо (а) аст.. Гўё маќсади онњо ин аст, ки бо њар роњу васила бикўшанд, то онро аз Муњаммад ба тарафи дигар баранд, њатто агар ибора  бо тамоми сароњату равшанї ба монанди њамин ибора ба Муњаммад салаллоњу алайњи ва саллам далолат кунад.

Гўё Исо (а) медонист, ки ќавмаш инро инкор мекунанд ва барои њамин бо тамоми  роњњо инро барояшон таъкид мекард, то онро инкор накунанд.. Пас барои онњо дар аввали васияти худ гуфт: **«Агар маро дўст медоред»**. Ва чунин ибораро њаргиз намегўяд инсоне, ки онро барои худ талаб мекунад. Инсон одатан мегўяд агар маро дўст медорї, пас фалон инсонро дўст дор ва ё фалониро итоат кун, зеро итоати ў итоати ман аст. Аз тарафи дигар њазарти Исо (а) онро васият номид. Ва васият одатан он чизеро мегўянд, ки баъди аз дунё гузаштан анљоми он лозим мегарад. Дар инљо баргашта савол мекунем: Агар Исо (а)-ро маќсад аз ибораи Фораќлит  худаш мебуд, бояд **«Фораќлити дигар»** мегуфт**!** Агар аз Фораќлит манзураш худаш мебуд, оё чунин мегуфт: **«Ў ба ёди шумо меорад тамоми он чизеро, ки ман ба шумо гуфтаам»**?

Шуморо ба Худо ќасам медињам ба ман бигўед, ки агар манзураш худаш мебуд, оё **«Ва акнун пеш аз омаданаш бароятон мегўям, то имон оред»** мегуфт?

Оё агар муродаш ӯ хадаш мебуд, **«Ӯ ба хотири ман шаҳодат медиҳад»** мегуфт?

Агар манзураш аз Фораќлит худаш мебуд, оё чунин мегуфт: **«Агар ман наравам, ҳаргиз Фораќлит намеояд, вале агар ман рафтам, ӯро ба сӯи шумо мефиристам»**?

***Башорат ба ибораи «монанди Мӯсо»***

**Муждаи даҳум:** Дар худи ҳамин Аҳди Ќадим, дар Сифри Таснияи Исҳоҳи 18, ќисми 18 аст. Дар хитоби Худо ба паёмбараш Мӯсо (а) чунин омадааст: **«Ман барояшон паёмбаре барпо мекунам аз миёни бародаронашон ба монанди ту. Ва суханамро дар даҳони ӯ мегардонам, пас ӯ бо онҳо сухан мегӯяд ба тамоми ончи барояш васият мекунам».**

**Устод Љекуб:** Ин оятро хуб медонем, он хос барои Исо аст ва ман тааљљуб мекунам, ки касе пайдо мешавад, то бигӯяд, ки он дар бораи Муҳаммад аст. Ин бори аввал аст, ки ман мешунавам, ки ин оят ишора ба Муҳаммад аст. Далел бар инки мурод аз ин оят Ясӯъ аст, хело возеҳ аст ва ин сухани Худо аст ки гуфтааст **«Аз миёни бародаронашон»** ва бародарони яҳуд ҳамин масеҳиён ҳастанд.

Ва дар оят ибораи **«монанди ту»** омадааст ва кист монанди Мӯсо ба љуз Исо. Исо Паёмбар аст ва Мӯсо Паёмбар аст, Исо яҳудӣ аст ва Мӯсо яҳудӣ буд.

**Абӯҳомид:** Ман тааљљуб мекунам, ки чӣ гуна ин оят аз таҳриф раҳо ёфтааст, зеро бисёр љойҳои Таврот таҳриф шудаанд. Чӣ гуна дастҳои пинҳоне аз Таврот аксари авсофи Муҳаммад (с)-ро ҳазф кардааст, вале ин оят ҳазф ношуда мондааст? Бо вуљуди ин ман мегӯям: Бигзор, мо баҳси отифиро як тараф гузошта, ба баҳси мантиќӣ баргардем. Ва биё, як назар кунем, ки оё калимаҳо дар ин ибора ба Исо мутобиќатӣ мекунад ё ба Муҳаммад (с). Бояд инро хотиррасон кунам, ки ба аќидаи ман ҳарду паёмбаранд ва фиристода аз назди Худованд мебошанд. Вале он чизеро, ки мехоҳам ҳокими мо дар ин баҳс бошад, ин аќл аст. Бигзор, бо аќл инро бисанљем, ки кадоме аз ин ду мафҳум дурусттар аст. Паравардигор ба ҳазрати Мӯсо (а) чунин гуфт: «Ман барояшон паёмбаре барпо мекунам аз миёни бародаронашон ба монанди ту. Ва

суханамро дар дањони ў мегардонам, пас ў бо онњо сухан мегўяд ба тамоми ончи барояш васият мекунам».

**Худованд аломатњои ошної ба ин Паёмбарро равшан баён кардааст, ки ў монанди њазрати Мўсо мебошад.** Агар нињояти шабоњат миёни Мўсо (а) ва њазрати Исо (а) танњо дар он бошад, ки њарду яњудиянд ва њарду паёмбаранд, пас ин сифат дар тамоми паёмбарони Банї Исроил, ки баъди Мўсо (а) омадаанд ва шумо онњоро мешиносед, дида мешавад. Аз љумла монанди њазрати Сулаймон, Ашъиё, Њизќиёл, Дониёл, Юњанои маъмадонї, Юшаъ ва дигар паёмбароне, ки хусусияти Исо (а)-ро доранд аз паёмбарони яњуданд.

Худованд ўро Паёмбар аст, мегўяд, аз инрў њар яки аз инњо ин хусусиятро доштанд. Бинобар ин, аз сабаби онки њамаи онњое, ки ном бурдем, бо њам дар ин сифат монананд, пас онњо њама аз њисоб берун мемонанд, зеро њамагон бо њам монананд. Зеро дар ибораи Таврот, дар Сифри Тасния сароњатан омадааст, ки дар Банї Исроил њељ паёмбаре ба монанди Мўсо наомадааст. Дар ибораи (10:24) омадааст: **«Ва баъдтар дар бани Исроил паёмбаре ба монанди Мўсо наомадааст».** Акнун барои мо вољиб аст, як нафареро љустуљў кунем, ки дар миёни паёмбарон ин сифатро дошта бошад.

Аз тарафи дигар љињатњои ихтилоф миёни Исо (а) ва Мўсо (а) хело зиёд мебошанд, дар сурате ки љињатњои шабоњат миёни Мўсо (а) ва Муњаммад (с) хело зиёданд.. Барои равшанї андохтан ба ин масъала мо ин саволњоро ба миён мегузорем: Оё њазрати Исо (а) аз падару модар ба дунё омадааст, њамчунонеки њазрати Мўсо (а) ва Муњаммад (с) аз падару модар ба дунё омада буданд? Љавоб: Не!

Оё њазрати Исо (а) зан гирифта буд, чунонки њазрати Мўсо (а) ва њазрати Муњаммад (с) зан гирифта буданд? Љавоб: Не!

Оё њазрати Исо (а) соњиби шариати мустаќил буд, чунонеки њазрати Мўсо (а) ва њазрати Муњаммад (с) соњиби шариати мустаќил буданд? Љавоб: Не!

Оё њазрати Исо (а) соњиби фарзандон буд, њамчунонеки њазрати Мўсо (а) ва њазрати Муњаммад (с) соњиби фарзанд буданд? Љавоб: Не!

Оё њазрати Исо (а) дорои њам рисолат ва њам њукм буд, чунонеки њазрати Мўсо (а) ва Муњаммад (с) буданд? Љавоб: Не!

Оё њазрати Исо (а) мурд, чи тавре ки њазрати Мўсо (а) ва њазрати Муњаммад (с) мурда буданд? Љавоб: Не!

Ѓайри ин гуфтањо боз дар инљо чандин њодисањое њаст, ки шабоњатро миёни њазрати Мўсо (а) ва њазрати Муњаммад (с) хело зиёд кардаанд.

Ваќте рисолат ба њазрати Муњаммад (с) расид, ў дар он њангом дар ѓор ва дур аз хонаводааш буд, чунонеки чун рисолат ба њазрати Мўсо (а) расид, ў низ дар Сино ва дур аз хонаводааш буд.

Дар њаёти Муњаммад (с) як њиљрат рух дод, ки ў аз ватанаш, Макка ба Мадина буд, њамчунин Мўсо (а) низ аз ватанаш њиљрат кард.

Муњаммад (с) дар њаёти худ бо ќавми сахтгире мувољењ шуд, ки сардори онњоро лаќаб «Фиръавни ин уммат» ва дар асл номаш Абўљањл буд ва Мўсо (а) низ бо ќавми сахтгир мувољењ буд ва сардори онњо низ марде бо лаќаби Фиръавн, «Фиръавни Миср» буд.

Муњаммад (с) сабабгори асосї дар куштани фиръавни араб-Абўљањл гардид ва Мўсо (а) сабабгори асосии куштани Фиръавни Миср гардид.

Муњаммад (с)-ро баъди он ки аз шањраш, Макка берун карданд, боз ба он баргашту онро фатњ намуд ва онро дар зери њукмаш даровард. Мўсо (а) низ баъди онки аз Миср берун карда шуд, боз ба он баргашт ва онро дар зери њукми худ гирифт.

Оё баъди ин њама гуфтањо дигар шакку шубњае боќї мемонад, ки он кас, ки ин Сифр дар борааш мужда додааст, њазрати Муњаммад салаллоњу алайњи ва саллам аст, на њазарати Исо (а)?

Дар охир оё бо ман њамраъй нестед, ки агар тањрифкорон ин оятро кашф мекарданд, албатта, онро низ њазф менамуданд, то имрўз ба муќобили онњо њамчун њуљљат оварда нашавад.

**Устод Љекуб:** Агар мо ибораи **«Монанди ту»**-ро ќабул намоем, аз ибораи **«Аз миёни бародаронашон»** куљо фирор мекунї? Оё бародарони Мўсо яњуд набуданд? Оё бародарони ў яњуд набуданд, ки баъдтар масењї шуданд?

**Абўњомид:** Мушкилї дар он аст, ки шумо тафсири оятњои дар Тавроту Инљилбударо њамчун чизи мусалламот ќабул намудаед, чунонеки оятњоро низ

ҳамин тариќ ќабул кардаед. Дар ҳаќиќат маѓзи мушкилї ҳам дар ҳамин аст. Барои ҳамин ман бо шумо дар бораи оятҳо баҳс намекунам ва ҳамчунин намехоҳам то шумо инро бифаҳмед, вале ман аз шумо мехоҳам дар тафсири ин оятҳо аз нигоҳи аќл, воќеият ва таърих назар кунед. Эй устод Љекуб! Ин хитоб аз љониби Худо ба кї равона шудааст? Оё барои яҳуд нест? Оё замир дар **«бародарони онҳо»** ба сўи бародарони яҳуд на барои худи яҳуд ишора нашудааст? Оё бародарони онҳо арабҳо нестанд, ба далел он ки падари арабҳо Исмоил ва падари яҳудон Исҳоќ аст ва ин ҳарду бо ҳам бародаранд? Агар Худованд худи яҳудро дар назар медошт, бояд мегуфт: **«Ман барои онҳо паёмбаре аз миёни худашон мефиристодам»,** чунонеки ваќте Муҳаммадро аз миёни арабҳо фиристод, арабҳоро хитоб намуд. Худованд дар бораи Муҳаммад (с) дар Ќуръони карим мефармояд: «**Ҳамоно неъмати фаровон дод Худо бар мўъминон, он гоҳ ки фиристод дар миёнашон паёмбаре** (Муҳаммад (с))-**ро аз љинсашон, ки мехонд бар онон оятҳои Худоро ва пок созад ононро аз гуноҳ, омўзад ба онон китобу илмро, ҳамоно буданд пеш аз омадани паёмбару Ќуръон дар гумроҳии ошкоро**» *(Сураи «Оли Имрон», ояти 164)*

Балки ибора дар Сифри Таквин ошкоро омадааст, ки дар он Исмоилро бародари Яҳуд хондааст. Љое, ки мефармояд: **«Ва дар пеши бародаронаш истиќомат мекунад»** (15:18).

Пас кадом сароҳату ошкорие аз ин ҳам возеҳтар аст, эй Устод!

Дар ҳаќиќат, дар ин таъриф ҳар ду ќутбҳо зикр шудаанд ва он љомеъ ва монеъ мебошад. Пас ин ибора бо калимаи аввал- **«Монанди ту»** ҳазрати Исо писари Марям (а)-ро аз баробарї берун кард, ҳамчунонеки берун кард ҳар касеро, ки ба ҳазарати Мўсо (а) монандї надорад. Бо калимаи дуюм- **«Бародарони онҳо»** тамоми паёмбарони Банї Исроилро баровард. Пас даќиќан хулоса шуд, ки ин Паёмбар ба љуз ҳазрати Муҳаммад (с) каси дигаре нест.

**Муждаи ёздаҳум:** Ин мужда васфи Паёмбар Муҳаммад аст ба «Раиси олам» ва ба дигар авсоф аст. Дар Инљили Юҳано (14:26-31) омадааст: **«Исо мегўяд: Ба ҳамин ман шуморо сухан мегўям ва ман дар назди шумоям. Аммо Муъизї ва рўҳулќуддус, ки ўро падар бо номи ман мефиристад пас ў**

**барои шумо тамоми чизро меомӯзонад ва барои шумо тамоми гуфтаҳои маро ба ёд меорад. Саломеро ман барои шумо мегузорам. Саломамро ба шумо медиҳам. На ба монанди он ки он олим медиҳад, ман ба шумо дода метавонам на дилҳои шуморо мезанад ва на шуморо тарс медиҳад. Шумо шунидед, ки ман бароятон гуфтам, ки ман меравам ва бозпас ба сӯи шумо бармегардам. Агар шумо маро дӯст доред, албатта, хурсанд мешавед. Албатта, ман бароятон гуфтам, ки ман ба тарафи падар меравам. Зеро падарам аз ман бузургтар аст. Ва гуфтам: Барои шумо аз ҳоло то вақти пайдо шудани ӯ ва боқӣ мондани ӯ, бояд имон оред. Ман ҳамчунин бо шумо сухани зиёде намегӯям. Зеро раиси ин олам меояд ва барои ӯ ин чизе нест. Вале бояд олам бидонад, ки ман падарро дӯст медорам. Ва, ҳамчунонеки маро падар васият кардааст, ҳамчунон мекунам. Бархезед, то аз инҷо биравем»**.

Ин мужда он қадр равшан аст, ки ҳар калимае аз калимаҳои он чунон шаҳодат медиҳад, ки ба оятҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои ҳазрати Муҳаммад (с) мутобиқатӣ дорад. Мутобиқат кардани ин оятҳо хонандаро дар ҳайрати аҷибе мемонад.

**Ҷекуб:** Ман тааҷуб мекунам, ки ту чӣ гуна инро мегӯӣ, бо вуҷуди он ки дар аввали ибора мақсад рӯҳулқуддус аст.. Пас номи Муҳаммад дар куҷои ин ибора дида мешавад?

**Абӯҳомид:** Шояд туро омадани номи рӯҳулқуддус мағрур кардааст ва фаромӯш кардаӣ, ки рӯҳулқуддусро Худованд на дар гузашта ва на дар оянда ҳамчун Паёмбар ба сӯи мардум нафиристодааст. Ӯ фиристодаи Худованд аст ба сӯи тамоми оламиён, ҳамчунонеки ин дар Таврот, Инҷил ва Қуръон омадааст.

Якум. Ба фикри шумо мақсад аз паёмбаре, ки дар ин ибора омадааст ва он касе, ки рӯҳулқуддус ба сӯи ӯ фиристода шудааст, кист?

Дуюм. Исо (а) сароҳатан гуфта буд, ки мурод аз рӯҳулқуддус на он малоикаи машҳур **«Ҷабраил»** аст, ки одатан бо ин ном зикр мешавад, балки мурод аз он ҳамон **«Муъизӣ»** аст. Ҳазрати Исо (а) дар аввали суханонаш

мегӯяд: **«Ва аммо Муъизӣ»,** ҳамчунин мегӯяд: **«Дар оянда ӯро падар мефиристад».** Ҳамчунин гуфта буд, ки ин Паёмбар баъди ӯ меояд ва рӯҳулқуддус бо ӯ мебошад, ҳамчуноне ки рӯҳулқуддус пештар бо ҳазрати Исо (а) буд, дар замоне ки Исо (а) дар миёни мардум буд.

Сеюм. Калимаи рӯҳулқуддус ба ғайр аз маънои малоикаи машҳур дар дигар маъноҳо низ истифода шудааст. Дар Луқо 4:1 омадааст: **«Аммо Ясӯъ пас аз Урдун баргашт, дар ҳоле ки аз рӯҳулқуддус пур буд»**. Ҳеҷ кас дар тафсири ин ибора нагруфтааст, ки мурод аз он дар инҷо малоика аст.

Пас як чиз мемонад, ки мурод аз рӯҳулқуддус дар ин ибора ғайри он аст, ки дар зеҳни устод Ҷекуб меояд. Ин аст тавзеҳи аввал. Аммо тавзеҳи дуюм он аст, ки ман бароятон баён карда будам, ки ин мужда яқинан аз ҳазрати Исо (а) ба ҳазрати Муҳаммад (с) омадааст. Ин мужда бо Қуръони карим мувофиқатӣ дорад ба дараҷае ки ҳар калимаҳои он ба калимаҳои Қуръон дар нуктаҳои зерин хело мушобеҳ аст:

1. Сухани Исо (а) ба ин ибора, ки «**Ман ба шумо гуфтам, дар ҳоле ки ман дар миёни шумоям ва аммо Муъизӣ»** инибораро ибораи дигаре, ки дар Юҳано омадааст тафсир мекунад, ки фармудааст: **«Ва ман аз падар талаб мекунам ва ӯ барои шумо Муъизиро медиҳад, то бо шумо то абад бимонад».** Ин, албатта, далолат бар он мекунад, ки паёмбар Муъизӣ баъди ҳазарати Исо (а) меояд. Қуръон низ сароҳатан ин маъноро таъкид мекунад, ҷое ки мефармояд: «(Ёд кун, ай Муҳаммад (с)) **вақте ки гуфт Исо писари Марям: «Эй Банӣ Исроил, яқин бидонед, ки ман паёмбари Худоям, фиристодашуда ба сӯи шумо, тасдиқкунанда китоберо, ки пеши шумост** (яъне) **Тавротро ва бишоратдиҳанда ба паёмбаре, ки меояд баъд аз ман, ки номи ӯ Аҳмад бошад». Вақте ки омад** (Аҳмад, Муҳаммад (с)) **барои даъваташон ба мӯъҷизаҳои ошкоро, гуфтанд** (ин мункирон)**. «Ин сеҳри ошкорост»** *(Сураи «Саф», ояти 6).*
2. Дар ибора таъкид бар он омадааст, ки ӯ аз ҷониби Худо фиристода мешавад, ҷое ки мефармояд: **«Пас ӯ ба шумо Муъизии дигаре медиҳад»**. Дар Қуръони карим низ ба ҳамин маъно ояте омадааст, ки мефармояд: «**Ай паёмбар! Ҳамоно фиристодем туро гувоҳидиҳанда** (дар рӯзи қиёмат болои ҳамаи умматон) **ва муждадиҳанда** (мӯъминонро

ба Љаннат) **ва тарсонанда** (кофиронро аз азоби Дўзах)» *(Сураи «Ањзоб», ояи 45).*

3. Исо (а) мефармояд: **«Пас ў барои шумо тамоми чизро таълим медињад».** Дар Ќуръони карим низ сифати њазрати Муњаммад (с) њамин омадааст: **«Ва Шуморо меомўзонад он чизеро, ки шумо намедонистед»** *(Сураи «Баќара», ояи 152).*
4. Њазрати Исо (а) омадани ин паёмбарро ба рафтани худ иртибот додааст. Њамчуноне ки дар Юњано 16:7 омадааст: **«Вале ман барои шумо њаќро мегўям. Њамоно ки барои шумо бењтар он аст, ки ман биравам, зеро агар ман наравам, он Паёмбар ба сўи шумо намеояд. Вале агар ман биравам, ўро ба сўи шумо мефиристам».**
5. Дар њадиси шарифи њазрати Муњаммад (с) чунин омадааст: ***«Охирин инсоне, ки омадани маро мужда додааст Исо писари Марям буд».***[1]
6. Ваќте ин Паёмбар омад, аз њазрати Исо (а) ва аз тўњматњое, ки нисбат ба ў карда буданд, дифоъ намуд. Дар ибораи Юњано низ њамин сухан омадааст: **«Ваќте ў меояд, оламро аз хато ва гуноњ ва пастињо бим медињад»**. Њамин огоњ додан ва тарс додани Паёмбари охирин дар чандин иборањои Ќуръон низ омадаст. Худованд мефармояд: «**Яќинан кофир шуданд касоне, ки гуфтанд Худо њамон Масењ** (Исо)- **писари Марям аст** (яъне њулул кардаст, нозил шудаст дар љасади вай). **Бигў** (ай Муњаммад с)**: Кї метавонад аз Худо интиќом бигирад, агар хоњад, ки њалок бикунад Исо ва модарашро, ки Марям аст ва њамаи ононеро, ки дар рўи заминанд?» Хоси Худост подшоњии осмонњо ва замин ва он чї дар миёни ин ду аст, меофаринад њар чї мехоњад ва Худо бар њама чиз тавоност**» *(Сураи «Моида», ояи 17).*
7. Дар љои дигар мефармояд: «**Исо, писари Марям танњо Паёмбар аст** (на каси дигар), **ки гузаштаанд пеш аз ў паёмбароне ва модари Исо (а) дўсти Худо буд, њар ду** (яъне Маряму писараш Исо (а)**) мехўрданд таъомро. Бубин** (ай Муњаммад с), **ки чї гуна баён мекунем барояшон нишонаву њуљљатњоро, боз бубин ки чї гуна гардонида мешаванд** (яъне аз Худошносї)» *(Сураи «Моида», ояи 75).*

[1] «Муснад»-и имом Ањмад (5:262).

8. Муњаммад њазрати Исоро ба некї ёд мекунад ва ўро гиромї медорад. Дар ибораи Инљил чунин омадааст: **«Ва ў ба шумо хабар медињад, ки чї воќењо рух медињад. Ў маро гиромї медорад, зеро ў аз моли ман мегирад ва ба шумо хабар медињад».** Дар Ќуръони карим низ оятњо ба њамин маъно зиёданд. Худованди карим мефармояд: «**Њамоно додем ба Мўсо (а) китобро ва аз пай овардем баъди ў паёмбаронро ва додем ба Исо (а) ибни Марям нишона** (мўъљизањои) **равшанро ва ќувват додем ўро** (Исоро) **ба рўњулќуддус** (яъне Љибриил)**. Ва њар гоњ овард паёмбаре назди шумо он чиро** (он ањкомеро)**, ки дўст надорад нафсњои шумо, саркашї кардед, пас гурўње аз паёмбаронро козиб гуфтед ва таксиб намудед ва гурўње аз ононро куштед.**» *(Сураи «Баќара», ояи 87).*
9. Иззати паёмбарон тавасути ў мешавад. Ўст, ки аз тамоми паёмбарон ва аз њазрати Исо (а) дифоъ мекунад. Ўст, ки онњоро кўмак мекунад ва таъйидашон мекунад. Барои њамин барои тамоми мардум вољиб аст,ки Ўро кўмак намоянд ва дастгирї кунанд ва иззаташ дињанд. Њамчуноне ки Худованд мефармояд: «**То имон оред, ай инсонњо ба Худову расули Ў ва то ки нусрат дињед шумо дини Худоро ва ба бузургї эътиќод кунед Ўро ва ба покї ёд кунед Ўро бомдоду шабонгоњ**» *(Сураи «Фатњ», ояи 9).*
10. Њазрати Исо хабар дода буд, ки он Паёмбар савод надорад, ў на навиштанро медонаду на хонданро ва танњо ба шунидааш имон дорад. Дар Юњано мегўяд: **«Пас, ваќте ў яъне рўњи њаќ меояд, шуморо ба тарафи њамаи њаќ роњнамої мекунад, зеро ў аз назди ман сухан намегўяд, балки сухан мегўяд баончи мешунавад».** Дар Ќуръони карим низ мутобиќ ба њамин ибора ояте омадааст, ки Худованд дар он мефармояд: «**Ва сухан намегўяд аз пеши худ** (яъне Ќуръонро, ки ба шумо овардааст, сухани Њаќ таъолост)**. Ќуръон танњо вањйест, ки фиристода мешавад** (ба сўи Муњаммад с)» *(Сураи «Наљм», оёти 2-4).*
11. Рисолати ў шомила аст, зеро ягона касест, ки њамаи њаќро меорад ва ба сўи њамаи њаќ роњнамої мекунад. Юњано чунин мегўяд: **«Пас ваќте ў, яъне рўњи њаќ меояд, шуморо ба тарафи њамаи њаќ роњнамої**

**мекунад».** Ин ибора низ ба оятњои ќуръонї мутобиќ аст. Худованди карим мефармояд: «**Ай Ањли китоб, омад ба шумо паёмбари Мо** (Муњаммад с)**, ки баён мекунад барои шумо ањкомњои бисёреро, ки пинњон медоштед аз китоби илоњї** (Тавроту Инљил) **ва ў афв мекунад аз таќсироти бисёре. Ай Ањли китоб, њамоно омад ба шумо аз љониби Худо нуре ва китоби равшан** (яъне Ќуръони карим)**. Ба сабаби он** (яъне ин нур) **њидоят мекунад Худо ба сўи роњњои наљот касеро, ки талаб кард ризои Ўро ва берун меорад ононро аз торикї ба сўи равшанї ба изну иродаи худ ва њидоят мекунад ононро ба сўи роњи рост**» *(Сураи «Моида», оёти 15-16).*

12. Ў чизеро аз Таврот ва Инљил кам намекунад, балки ў ба бисёре аз ањкоми он эътимод мекунад, њамчунонеки дар ибораи Юњано оамдааст: **«Ва ў ба шумо хабар медињад, ки чї воќеъњо рух медињад. Ў маро гиромї медорад, зеро ў аз моли ман мегирад ва ба шумо хабар медињад».** Дар Ќуръони карим низ ба њамин маъно оятњо омадааст. Аз љумлаи чунин оятњо он аст, ки Худованди карим дар сураи «Оли Имрон», ояти 3 мефармояд: «**Фуруд овард китобро** (Ќуръонро) **ба ту** (ай Муњаммад (с)) **ба ростї, тасдиќкунунда** (Ќуръон) **он чиро, ки пеш аз вай аст** (яъне китобњои осмониро) **ва фуруд овард Тавроту Инљилро**».
13. Муњаммад (с) аз дигарон бештар хабарњои яќини ояндаро медод, чунонеки дар ибораи мазкур омадааст. Ў ба корњое хабар медод, ки дар оянда хоњанд шуд ва замоне мегузашту хабарњои додаи ў ба вуќўъ меомаданд.
14. Ў паёмбари охирин аст ва ин дар ибораи Инљил ошкоро омадааст: **«Ва ман аз падар талаб мекунам то барои шумо Паёмбаре бидињад ва ў бо шумо то абад боќї мемонад»**

    Ба њамин маъно иборае дар Ќуръони карим омадаст, ки мефармояд: «**Нест Муњаммад (с) падари њељ касе аз мардони шумо** (яъне падархони касе нест, вале ў паёмбари Худост ва хотами паёмбарон аст, яъне баъди ў дигар њељ паёмбаре нест). **Ва Худованд ба њоли њар чиз доност!**» *(Сураи «Ањзоб», ояи 40).*

15. Ӯ раиси олам ва бе фахр ва бе муњобот бењтарини башарият аст, чи тавре ки дар ибора омадааст: **«Зеро раиси ин олам меояд ва дар ин њељ чизе нест, вале бояд олам инро бидонад, ки кист мањбубтарин дар назди падар»**.

Паёмбар (с) низ дар бораи худ бо тамоми тавозўъ бо баёни њаќиќат чунин мефармояд: ***«Ман сарвари фарзандони Одам мебошам ва дар ин фахр нест».***[1]

**Профессор Љекуб:** Ман мехоњам ба ёди ту он чизеро андозам, ки мо дар аввал бар он иттифоќ намуда будем, ки њамеша аќлро њакам *(довар)* ќарор дињем. Барои њамин ман ба ту мегўям: Ин њама далелњоро, ки ту аз Таврот ва Инљил овардї, як тараф гузошта, биё дар хотам будани Муњаммад аќлро довар ќарор дињем! Ман инро барои он намегўям, ки мехоњам ба далелњои овардаи ту аз Тавроту дигар китобњо таслим шавам, балки ман њамчун марди илмї дар бораи ончи аз иборањои динї зикр намудї, њељ маълумоте надорам, агарчї аз нигоњи аќл ман ба ин далелњо чизе гуфтанї нестам. Бинобар ин, ман мехоњам то ту аз нигоњи аќл исбот намої, ки Муњаммад паёмбари Худо аст…! Баъди он исбот намої, ки Муњаммад охирин паёмбари Худост. Шояд ту тавони онро дошта бошї, ки инро бо аќл исбот намої,  агар Муњммад зинда мебуд, мо ўро медидем, бо ў суњбат менамудем ва ў худ тавассути мўъљизањо исбот менамуд, ки дар воќеъ ў паёмбари охирин аст.

**Абўњомид:** Бинобар ончи ту гуфтї, ман низ аз ту талаб мекунам, то бо аќл исбот намої, ки Исо (а) Паёмбар буд ва ё бо аќл исбот намої, ки ў Худо буд. Њамчунин талаб мекунам, то барои ман бо аќл исбо намої, ки Нўњ (а) ва Иброњим (а) ва Мўсо (а) ва ё дигар паёмбарон дар њаќиќат Паёмбар буданд. Ту њаргиз наметавонї инро бо аќл исбот намої ва на тању бо аќл њато бо шаръ низ наметавонї инро исбот намої ва ин ду сабаб дорад:

**Сабаби аввал:** Сарчашмањои аќлї, ки паёмбарии инњоро исбот намояд, вуљуд надорад.

---
[1] Тирмизї (3148)

**Сабаби дуюм:** Сарчашмаҳои шаръї, ки барои мардум паёмбарии инҳоро собит мекунанд, дар шак гирифтор шудаанд ва мо дар ин мавзўъ баҳс карда будем.

Аммо имон овардан ва ё имон наовардани мардум низ далели ҳаќ будан намешавад. Ба далели онки ҳиндуҳо бо вуљуди ин ҳама бисёрияшон талош мекунанд, ки онҳо дар ҳаќ мебошанд. Пас оё метавон гуфт, ки Будо худо буд? Оё он чизеро, ки чиниҳо мерос гирифтаанд, ба инки «Конфиюс» ҳаќ аст, оё ў дар ҳаќиќат Паёмбар буд? Ё ў чизи дигаре буд? Ин бо вуљуди ин ҳама бисёрии онҳост. Барои ҳамин агар хубтар андеша кунї, пас худро дар ҳайрат гирифтор мекунї, бар ин ки оё тавони онро дорї, ки акнун исбот кунї, ки оё аз нигоҳи шаръ ҳазрти Мўсо (а) Паёмбар буд ё не. Пас чї гуна метавонї бо аќл исбот намої, ки ў Паёмбар буд? Боз як бори дигар кўшиш кун, ин кўшишро ҳазор бор такрор кун ва дар натиља хоҳї дид, ки ҳаргиз наметавонї, бале ҳаргиз ќудрати исботи инро надорї. Шояд дар зеҳни ту саволе ояд ва мехоҳї аз ман онро бипурсї, ки оё ту имон дорї ба ин ки ҳазрати Исо (а) Паёмбар буд? Ман ба ту мегўям: Бале, ба Паёмбар будани ў имони комил дорам. Шояд боз савол кунї, ки чї гуна имон дорї ба коре, ки аз нигоҳи шаръ ва аз нигоҳи аќл маҳол аст? Ман бори дигар таъкид намуда, чунин мегўям: Бале, маҳол аст то паёмбарии яке аз ин паёмбаронро исбот намої, магар бо як роҳ. Роҳи ягонае, ки ѓайри он дигар роҳе нест. Он ин аст, ки дар аввал исбот намої, ки Муҳаммад (с) Паёмбар буд. Агар инро исбот намоем, ки дар воќеъ Муҳаммад (с) паёмбари бар ҳаќ буд, дигар ба осонї метавонем паёмбарии Нўҳ, Иброҳим, Исмоил, Исҳоќ, Яъќуб, Асбот, Мўсо ва Исо (а)-ро исбот намоем… Сабаби ин дар он аст, ки сарчашмаеро, ки Муҳаммад (с) овардааст, то кунун дар он шак ворид нашудааст, ки он Ќуръони карим мебошад.

Дар нишасти Ќуръон ва аќл мо дар ин мавзўъ муфассал сўҳбат намуда будем. Дар Ќуръони карим исботи тамоми ин паёмбарон омадааст ва танҳо дар дини Ислом чунин шарт омадааст, ки бояд ба тамоми паёмбарон имон оварда шавад. Дар васиятҳои Муҳаммад (с) ва дар аќидаи ў омадааст, ки ба тамоми паёмбарони Худованд имон овардан вољиб аст.

Бо њамин тариќ, шумо наметавонед номи паёмбарони Банї Исроилро, ки баъди њазрати Иброњим омадаанд, дар Инљил пайдо кунед.. Кор ба дараљае равшан ва возењ аст, ки дигар њољат ба фикр ва интизорї надорад.

***Далелњои аќлї барои паёмбари охируззамон будани Муњаммад (с)***

**Устоди омўзишњои инљилї:** Ман мехоњам дар бораи ончи дар ќисмати охири ин гуфтањоят баён намудї, каме таваќуф намоем. Ту иќрор мекунї, ки Муњаммад Паёмбар аст ва њоло иќрор мекунї, ки ў охирин Паёмбар аст, вале ман намедонам, ки чї гуна инро бо аќл исбот мекунї, хусусан дар њоле ки мо аслан ба ин эътиќод надорем. Пас чаро Исо наметавонад охирини паёмбарон бошад ва чаро Юњанои Маъмадонї наметавонад охирин паёмбар бошад?

**Абўњомид:** Њаргиз дуруст намеояд ин ки ба паёмбар будани њазрати Исо (а) ќаноат њосил кунї, магар баъди онки ба паёмбар будани њазрати Муњаммад (с) ва ба хотам будани ў ќаноат њосил намої. Исбот шудани паёмбарии Муњаммад (с) барои шумо њам зарурати аќлист ва њам зарурати шаръї. Пас баъди он ки мо иќрор намудем, ки инњо њама паёмбарони Худо мебошанд, баъди он метавонем инро бидонем, ки аз миёни ин њама паёмбарон кадомаш лоиќи онро дорад, ки охирини паёмбарон бошад. Барои пайдо намудани тањќиќоти аќлї ва илмї бояд мо тамоми сифатњои паёмбари охиринро бидонем. Аќли њар яке аз ин њозирин инро ќотеъона ќабул мекунад, ки аз миёни ин њама паёмбарон танњо бояд яке аз онњо дорои сифатњое бошад, ки он сифатњо дар паёмбари охирин дуруст меояд.

**Далели аќлии аввал:** Аз лињози таърихї бояд дар охир омада бошад. Он чизеро, ки њамагон ќабул доранд ва њељ оќиле дар он шак намекунад, ин аст, ки паёмбари хотам бояд аз лињози зода шудан охирини паёмбарон бошад. Зеро њељ имкон надорад, ки паёмбаре охирин бошад, вале баъди ў дигар паёмбароне фиристода шаванд. Њамчунин бародар ва ё хоњари охирини ту њамонест, ки баъди дигарон ба дунё омада бошад, њатто агар як соат њам. Паёмбарон њам чунинанд. Њамчунин касе дар ин ихтилоф надорад, он аст ки охирини паёмбарон аз лињози зода шудан њазарати Муњаммад (с) мебошад. Пас чї гуна њазарати Исо (а) метавонад охирини паёмбарон бошад, дар сурате ки њазрати

Муҳаммад (с) баъди ӯ ба дунё омадааст? Оё ин далели аќлии ќотеъона бар он нест, ки охирини паёмбарон ҳазрати Муҳаммад (с) аст на ҳазрати Исо (а)?

**Далели аќлии дуюм: Зарурати имон овардан ба тамоми паёмбарон.**

Аз рӯи аќл агар назар намоем, ҳаргиз дуруст намеояд, ки паёмбаре имон оварданро ба тамом паёмбарон шарт намояд, магар ин ки ӯ охирини паёмбарон бошад. Аз ҳамин лиҳоз, ин шарт гузоштан аз нигоҳи аќл ва таърих хело зарур аст. Ҳамчунин аќл чунин мегӯяд, ки ҳељ Паёмбар дар рисолати худ инро ќарор нadодааст, ки бояд аз тамоми паёмбарони осмонї дифоъ намояд, магар ин ки ӯ охирини паёмбарони осмонї бошад. Пас яке аз рисолаҳои асосии хотами паёмбарон ин дифоъ намудан аст аз тамоми паёмбарони пешин, ки бо гузашти замон баъзе тӯҳматҳо дар шаъни худи онҳо ва ё дар шаъни шариати онҳо гуфта шудааст, зеро онҳо ҳама барои паёмбари охирин бародарони бузург маҳсуб мешаванд. Барои равшанї андохтан ба ин масъала ман мисоле мерам. Агар фарз кунем, ки шумораи паёмбарон ҳазор нафар бошад, пас паёмбари садум аз наваду нӯҳ паёмбари пеш аз ӯ буда дифоъ мекунад, пас кї аз нӯҳсад паёмбари дигар дифоъ мекунад, ки баъди ӯ омада бошанд? Ин Паёмбар танҳо аз 10% паёмбарон дифоъ намудааст ва дар инљо 90% паёмбари дигар бе дифоъ мондаанд. Агар паёмбари нӯҳсадум аз нӯҳсад Паёмбар дифоъ кунад, аз сад паёмбари боќимонда кї дифоъ мекунад? Пас бояд дониста бошем, ки он паёмбаре ки аз тамоми паёмбарони пешин 100% дифоъ мекунад, ба ѓайр аз ҳазрати Муҳаммад (с) дар дигар паёмбаре дида намешавад ва касе дар ин шак надорад. Ҳазрати Муҳаммад (с) имони ба дигар паёмбаронро ба монанди имони ба худаш шарт гардонидааст. Дар охири сураи «Баќара» чунин омадааст: «**Имон овард Паёмбар (с) ба он чї фуруд оварда шуд ба ӯ аз љониби Парвардигораш. Ва мӯъминон низ ҳама имон оварданд ба Худо ва фариштагони Ӯ ва ба китобҳо ва паёмбарони Ӯ,** (гуфтанд мӯъминон): **«Фарќ намекунем миёни ҳељ нафаре аз паёмбарони Худо»** (яъне баъзеро ќабулу баъзеро рад намекунем)**, чунон ки аҳли китоб баъзеро ќабул доштанду баъзеро на. Ва гуфтанд: «Шунидему фармонбардорї кардем, мехоҳем омурзиши Туро, ай Парвардигори мо ва ба сӯи Туст бозгашт»** *(Сураи «Баќара», ояи 285).*

Пас чї гуна мешавад агар китобњои осмоние, ки ба ин паёмбарон нозил шудаанд, бо мурури замон дар њаќиќати ин паёмбарон шак эљод кунанд? Он чи имрўз дар Тавротњои кунунї дида мешавад, агар дар он назар кунем, мебинем ки бар муќобили паёмбарон њуљум менамояд ва онњоро бо бадтарин сифатњо иттињом мекунад ва чунин мисолњо хело зиёданд. Аз љумлаи чунин тўњматњо дар њаќќи њазрати Лут (а) аст, ки гўё ў майзада ва бо духтари худ зино карда буд. Дар асл  ин Паёмбар аз ин тўњматњо пок буд. Њамчунин ўро тўњмат мекунад, ки гўё бо Худо гуштї гирфта, ўро ѓалтонида аст.  Инљили имрўза тамоми паёмбаронро ѓуломони Исо (а) мењисобад. Аз ин бештар бадие дар њаќќи паёмбарон пайдо мешавад? Дар осори њељ рисолате аз ин рисолатњо дифоъи аз паёмбарони пешин дида намешавад. Пас ин рисолатњо наметавонанд охирин рисолат бошанд, ки тамоми паёмбаронро њимоят кунанд ва обрўи онњоро баргардонанд. Ин рисолатњо чї гуна метавонанд ба њимояи дигарон бархезанд, дар њоле ки наметавонанд њатто аз худ дифоъ намоянд? Аммо дар Ќуръони карим њељ тўњмат ва бадие дар њаќќи паёмбарон пайдо намекунї, балки дар Ќуръон барои њар касе, ки дар њаќќи яке аз ин паёмбарон бадгўї намояд, њукми ќотеъона ба куфр дода мешавад. Аз љумлаи чунин оятњо ин аст, ки Худованди мутаъол мефармояд: «**Яќинан касоне, ки кофир мешаванд ба Худо ва паёмбарони Ў ва ашхосе, ки мехоњанд тафриќа кунанд миёни Худо ва паёмбарони Ў** (яъне ба Худо имон оранду ба паёмбарон не) **ва касоне, ки мегўянд: «Имон орем ба баъзе паймбарон ва инкор кунем баъзеро» ва мехоњанд, ки роње гиранд дар миёни ину он. Инњо кофирони њаќиќианд ва омода сохтем барои кофирон азоби расвокунандаро**» *(Сураи «Нисо», оёти 150-151).*

Дар љои дигар дар сураи «Тавба», ояти 30, Худованди карим мефармояд: «**Гуфтанд яњудињо: «Узайр (а) писари Худост ва гуфтанд насронињо, ки Масењ писари Худост», Ин ќавлашон ба дањони худ** (яъне асл надорад, бе далелу њуљљат гуфтанд) **мушобињат дорад ба сухани кофирони пешин. Лаънат кард ононро Худо, чї гуна баргарднида мешаванд?**» *(Сураи «Тавба», ояти 30).*

Њамчунин дар дигар оят Худованд мефармояд: «**Яќинан кофир шуданд касоне, ки гуфтанд Худо њамон Масењ** (Исо)- **писари Марям аст** (яъне

њулул кардааст, нозил шудааст дар љасади вай). **Бигў** (ай Муњаммад с)**: Кї метавонад аз Худо интиќом бигирад, агар хоњад, ки њалок бикунад Исо ва модарашро, ки Марям аст ва њамаи ононеро, ки дар рўи заминанд?» Хоси Худост подшоњии осмонњо ва замин ва он чї дар миёни ин ду аст, меофаринад њар чї мехоњад ва Худо бар њама чиз тавоност**» *(Сураи «Моида», ояи 17).*

Оё аќл баробар мењисобад рисолатеро, ки яке аз асосњои он имон ба тамоми паёмбарони гузашта аст ва миёни рисолате, ки дар иборањои он њељ асаре аз ин шарт дида намешавад? Оё аќл баробар мењисобад миёни китобе, ки ќиссањои паёмбарони пешинро поку шаффоф зикр мекунад ва миёни китобњое, ки гўё аз Худо мебошанд, вале дар бораи паёмбарони пешин ќиссањои хаёлї, ки на Худо онро гуфтааст ва на паёмбаре, оварда бошад? Оё аќл баробар мењисобад миёни паёмбаре, ки яке аз сутунњои даъваташ он аст, ки аз бародарони пешинаш, ки паёмбарони Худо буданд, дифоъ намояд ва миёни паёмбаре, ки пайравони бардурўѓаш даъво мекунад, ки гўё паёмбарони пешинро тўњматњо намудааст?

***Эътидол ва миёнаравї***

**Далели аќлии сеюм:** Сифати он миёнаравист.

Аќл мегўяд: Риштаи шоњї агар гарон аст ё не, дароз аст ё не, аз пеши худ гирењ баста намешавад, то ин ки тарафи охири он ба аввалаш пайванд карда шавад ва бо њамин тариќ, њарду тарафи ришта дар як гирењ баста мешавад ва он миёнаи он ба шумор меравад. Рисолати охирин низ ба њамин тариќа мебошад.. Аз рўи аќл ва аз рўи воќеият њамон миёнаравї макони бастани ин гирењ аст, ки бояд пурарзиштарин чиз дар силсилаи рисолатњои осмонї бошад. Сифати миёнаравї мулозими охирини рисолат аст дар риштаи рисолатњои илоњї. Пас, биёед як назаре афканем ва бубинем, ки кадоме аз ин рисолатњо дар китоби худ сароњатан баён намудааст, ки ин рисолат рисолати миёна аст дар миёни тамоми рисолатњои осмонї. Бо њамин метавон ба фоида ё ба зарари њар рисолат бањо дод. Агар ин сифатро дар тамоми рисолатњо натавонем пайдо намуд, пас дар рисолати њазрати Муњаммад (с) ин сифатро сароњатан пайдо мекунем. Дар Ќуръони карим, дар сураи «Баќара» Худованди мутаъол мефармояд: «**Њамчунин сохтем шуморо гурўње мухтор гувоњ бар мардум**

**ва Паёмбар гувоҳ аст бар шумо. Ва муќаррар накардем он ќиблаеро, ки** (яъне Байтулмуќаддас) **будї бар он, магар барои он ки бидонем касеро, ки пайравии Паёмбар кунад, људо аз он касе, ки боз гардад ба ҳарду пошна** (яъне ин ки озмоише буд аз љониби Худо то ки мўъмин аз муртад људо шавад)**. Ҳамоно ҳаст ин хислат душвор, магар ба онҳое, ки роҳ намудааст Худо ононро ва Худо зойеъ намесозад имони шуморо. Ҳамоно Худованд ба мардумон бахшояндаву меҳрубон аст!**» *(Сураи «Баќара», ояти 142).*

Маънои миёна будан он аст, ки аз ҳама тараф, аз боло ба поён, аз рост ба чап ва ё баръакс миёна аст. Бинобар ин гуфтаҳо ҳазрати Одам ва Нўҳ, ки яке аз инҳо соҳиби рисолати аввалин аст, ҳељ яке аз инҳо даъво накардааст, ки рисолати ў рисолати охирин аст, зеро яќинан ў охирини паёмбарон набуд, пас ў паёмбари миёна ба шумор намеравад. Муҳаммад (с) бошад рисолати худро рисолати охирин хонд ва ҳамчунин худро васатия, яъне миёна тавсиф намуд, зеро ў паёмбари охирин аст ва бо ҳамин тариќ ду сифат дар ў дида мешавад. Дар Ќуръони карим сифати Паёмбар (с) омадааст, ки ў хотами паёмбарон аст. Худованди мутаол дар сураи «Аҳзоб», ояти 40 чунин мефармояд: «**Нест Муҳаммад (с) падари ҳељ касе аз мардони шумо** (яъне падархони касе нест ва лекин ў паёмбари Худост ва ҳотами паёмбарон аст, яъне баъди ў дигар ҳељ паёмбаре нест)**. Ва Худованд ба ҳоли ҳар чиз доност!.**».

Аз суханони худи Паёмбар (с) бармеояд, ки ў номҳои зиёде дорад. Ў мегўяд: ***«Ман Муҳаммадам, ман Аҳмадам, ман Ҳоширам, ки мардум дар пойи ман ҳашр мешаванд, ман Моҳї ҳастам, ки Худованд бо ў куфрро нобуд мекунад, ман Оќиб ҳастам[1]»[2]***

Аз тарафи дигар агар ҳазарати Одам ва ҳазрати Нўҳ ба ҳукми ба ҳам омадани ду тарафи ришта мавсуф ба миёна бошанд ҳам, ба ҳукми асос наметавонад рисолати онҳо миёна бошад. Балки рисолати онҳо аз миёна хело баъид ба назар мерасад, зеро мавќеияти таърихии онҳо хело ќадим аст. Онки аз тарафи ришта шурўъ мекунад, хело баъид аст, то ба ин осонї ба поёни он бирасад.

---

[1] Ҳошир-ҳашр ва љамъкунандаи мардум дар рўзи ќиёмат. Моҳї, яъне маҳв ва нобудкунанда. Оќиб, яъне касе, ки аз аќиби дигарон омадааст ба маънои ин ки ў дар охири паёмбарон омадааст ва баъди ў дигар паёмбаре нест.
[2] Бухорї (4614) ва Муслим (2354).

Васатият ва миёнаравї даъвоест, ки шояд тамоми миллатњо ва умматњо онро бикунанд ва худро ба он мавсуф донанд. Вале кор ба ин ин номафњумї нест, то њатто камтарин инсони оќил ва ё тифли хурде онро натавонад эњсос намояд. Бо назар кардан дар таълимоти тамоми паёмбарон хоњї дид, ки дар таълимоти кадоме аз ин паёмбарон васатият ва миёнаравї дида мешавад ва баъди он хоњї фањмид, ки кадоме аз ин паёмбарон охирин Паёмбар ба шумор меравад. Аз њамин сабаб, васатият на танњо як кори назариявист, балки он дар тамоми љузъиёти шариат дида мешавад, њамчунонеки инро аз роњи муќоиса дар миёни шариатњо пайдо хоњї кард. Оё масењиён њамроњи Худованд Исо (а)-ро парастиш намекунанд?.. Оё яњуд паёмбарњои худро ба ќатл намерасониданд? Пас дар миёни ифрот ва тафрити ин ду кадом тоифаи дигар ба љуз аз пайравони њазрати Муњаммад (с) миёнарав мебошад?. Худованд дар бораи ў дар Ќуръони карим чунин мефармояд: «**Бигў** (ай Муњаммад с) **ба мушрикону кофирон: «Албатта, ман њам инсонам аз љинси шумо** (лек) **вањй фиристода мешавад ба сўи ман, ки маъбуди шумо Худойи ягона аст. Пас, њар кї умеди дидори Парвардигораш дорад, бояд амали нек бикунад** (яъне фароизу вољибот ва умури шаръиро ба љой орад ва аз манњиёт боз истад) **ва дар** (ибодаташ) **шарик наёрад ба Худо чизеро** (аз бутњои бељон, яъне тамоми амалашро хос барои Худо анљом дињад)» *(Сураи «Кањф», ояти 110).* Муњаммад (с) дар васияти худ чунин мегўяд: ***«Шумо дар мавриди ман зиёдаравї накунед, њамчуноне ки масењиён дар мавридиИсо писари Марям зиёдаравї карданд, зеро ман банда мебоашм. Аз ин рў, шумо бигўед бандаи Худо ва фиристодаи Ў»***[1]

Оё мусалмонњо миёнарав ба њисоб намераванд, назар ба яњудоне, ки бар Худованд иљозат надоданд, то њарчиро бихоњад амр намояд ва њарчиро бихоњад мансух кунад ва назар ба масењиёне, ки барои олимони бузурги худ иљозат додаанд, то бе иљозати Худо њарчиро хоњанд њалол кунанд ва њарчиро хоњанд њаром кунанд.? Мусалмонон миёнарав ба њисоб мераванд, зеро онњо танњо бо ќоидањои муайян ва ќонунњои махсус иљтињодро шаръї намуданд,. Оё мусалмонон дар таом миёнарав нестанд? Зеро яњуд аз пеши худ барои худ њаром гардонидаанд он хушињоеро, ки Худованд барои онњо њалол намуда

---
[1] Бухорї (3261)

буд! Оё Яҳуд имрӯз ҳайвоноти нохундорро ба монанди шутур ва мурғобӣ мехӯрад? Аммо масеҳиён бошанд барои худ хӯрдани палидиҳоро ҳалол намуданд ба монанди хурдани гӯшти хук ва нӯшидани арақ. Мусалмонон бошанд танҳо чизҳоеро мехӯранд, ки Худованд барои онҳо ҳалол гардонидааст. Ҳамчунонеки Худованд дар бораи ҳазрати Муҳаммад (с) мефармояд: «**Хоҳем навишт** (раҳмати ухравиро) **барои онҳое, ки пайравӣ мекунанд паёмбари уммиро, ки меёбанд номи ӯро навишташуда дар Тавроту Инҷил, ки мефармояд ин Паёмбар (с) мардумро ба кори неку писандида ва манъ мекунад ононро аз корҳои зишту нописандида ва ҳалол месозад барояшон чизҳои покро ва ҳаром мекунад бар онҳо чизҳои нопокро ва соқит мекунад аз мардум бори гарон ва машаққатҳоеро,ки буд болояшон. Пас, касоне ки имон оварданд ба ӯ ва таъзиму такрим намуданд ӯро ва ёрӣ доданд ӯро ва пайравӣ карданд нуреро** (Қуръонро), **ки ҳамроҳи ӯ нозил карда шуд, инҳоянд растагору комёбшавандагон!**» (*Сураи «Аъроф», ояи 157).*

Оё Ислом миёнарав нест назар ба яҳудияте, ки гирифтани хун ва молҳои ғайри яҳудро ҳалол мекунад ва назар ба масеҳиёни намунавие, ки мегӯянд: **«Шумо бо бадӣ муборизa накунед, ҳар кӣ дар рухсораи ростат бизанад, пас рухсораи чапатро ба ӯ пешниҳод намо. Ҳар кӣ мехоҳад бо шумо ҷанг кунад ва либосатро бикашад, пас даворо низ ба ӯ бидеҳ. Ҳар кӣ як мил туро зери тасаруф даровард, ду мили дигар худат бирав»** (Мато 5: 40,41,42).

Он касе, ки андаке ақл дошта бошад ва ё андак инсоф дошта бошад, наметавонад ба ҷуз Ислом ба дини дигаре эътиқод кунад, албатта, агар миёнаравии онро дарк намояд. Вале бовар кунед, айбдори асосӣ дар нарасонидани ин дин ба дигарон худи мусалмонон мебошанд. Агар мусалмонон пайи расонидани ин дин камари ҳиммат банданд, ба ростӣ, тамоми оламиёнро ҳидоят хоҳанд кард ва ба олам ҳам ҳидоят медиҳанд ва ҳам ҳадяи зебое. Дар суханони устод Эрфенҷ, устоди донишгоҳи Тансии Омрико, ҳангоме ки бо гурӯҳе аз мусалмонон дар шаҳри Гласегуи Британия чанд сол пеш вохурӣ ва суханронӣ карда буд, чунин омада аст: **«Шумо ҳаргиз наметавонед бо давлатҳои бузург дар илм, техника, иқтисод, сиёсат ё низомӣ рақобат намоед. Вале шумо метавонед ин давлатҳоро дар пеши худ бо Ислом ба**

**зону бияфтонед. Шумо аз ѓафлати худ бедор шавед ва арзиши ин нуреро, ки доред, бишносед. Нуреро, ки рўњияи тамоми мардум дар тамоми канори олам ба он ниёз доранд. Шумо Исломро биёмўзед ва онро татбиќ намоед ва онро ба дигар инсонњо расонед, дар ин сурат дунё ба рўи шумо боз мешавад ва тамоми ќудратмандон дар итоати шумо мегарданд. Ба ман чил нафар љавонеро бидињед, ки ин динро дуруст мефањманд ва онро дар њаёти худ пурра амалї мекунад, ва метавонанд онро ба хубї, бо забони имрўза ва равишњои замонавї ба мардум бирасонанд, дар ин сурат, ман барои шумо њарду Амрикоро фатњ мекунам»**[1]

Шоњзода Чарлз валиъањди Британия дар баромади пуразиши худ, ки онро дар толори анљуманњои вазорати умури хориљаи Британия, дар декабри соли 1996 баён карда буд, ошкоро ба маънињое, ки мо пештар ба он ишора карда будем, монанд буд. Ў гуфта буд: «Дар воќеъ, модигароии муосир њолат ба тавозун дорад. Зарарњои рўзмарраи он афзун мешавад. Се асри охир дар олами ѓарбї таќсимоти афкори хатарноке нисбат ба дидгоњи мо ба муњити худ сурат гирифта аст. Илм кўшиш намуд то дасти монополии худро дар њамаљо гузорад. Балки илм дар дидгоњи мо ба олами атроф низ дахолат намудааст. Дин ва илм аз њам људо шуданд. Дигар мо њамчуноне шудем, ки шоир Вардворс мегўяд: Мо чунон шудаем, ки модари табии худро, ки дар даст дорем, камтар мебинем.

Олам кўшиш намуд, то табиатро аз дасти офаранда бигирад, пас олам ба чанд пора људо шуд. Ќуллаи пок дар гўшаи дуюмдараља дар мамлакати фањмо мондааст, ки онро аз вуљуди илмии худ дур намудаем. Акнун мо оќибати њалокатоварро эњсос кардаем. Зоњиран мо инсонњои ѓарбї эњсосро ба маънои њаќиќии пурраи муњити худ гум кардем. Мо масъулияти худро дар баробари тамоми ин олам, ки Худо онро офаридааст, аз даст додаем. Ин кор моро ба фаромўш кардани таќдир ва нафањмидани мероси гузаштагон ва њикмати онњо тела намудааст. Ин мероси печ дар пече, ки асрњо омадааст, мо ањамияти љиддие ба он накардаем ва гўё он њаќиќати иљитимоии манфур аст.

Акунун ба назари ман ваќти муќобилаи пурра расидааст. Илм ба мо хидмати бузурге накард, ваќте ин њаќиќатро ба мо баён намуд, ки ин олам

[1] Ба наќл аз : «Сабаби аќибмондагии илмию техникї дар љањони ислом». Таълифи доктор Заѓлул Наљљор. Сањ. 137. Њамчунин, ниг: «Ислом ва мушкилоти фарњангї», таълифи Сайид Ќутб, сањ. 136.

печидатар аз он аст, ки мо тассаввур мекунем. Вале илм дар шакли модии муосир ва танњо наметавонад њама чизро шарњ дињад. Офаранда на он илми риёзиест, ки Нютон онро тасавур мекард ва на мухтариъи аввалини соат аст…[1] Људо шудани технология аз арзишњо ва мизони ахлоќї ва муќаддасот ба ќуллаи дањшатоваре расидааст. Ин аст, ки мо мебинем бо чизњои меросї ба монади «генињо» бозї мекунанд ва ё оќибатњои санљишњои илмие, ки дар бадтарин сураташ намоён мешавад, ба монанди бемории говњо. Ман њамеша инро эњсос мекардам, ки мероси ниёгон аз сохти башарият нест, балки он фитрист, ки офаранда ба мо илњом додаст, то табиатро тасхир кунем. Ин наѓмаи љавњариест, ки аз якљоя кардани зидњои гуногун дар симои табиат пайдо мешавад. Мерос низоми љовидонаи ин оламро иникос медињад ва моро ба фањми дурусти асрори бузурги ин олами фасењ мерасонад. Дар ин сурат, мо метавонем њамон гуна бошем, ки шоир Велям Блек гуфтааст: Мо тавонем тамоми оламро дар як зарра бубинем ва абадиятро дар як лањза бингар.

Фарњанги исломї дар ќолаби аслияш кўшиш намуд, то ин нигоњи рўњиро, ки ба олам тарзе такомул мебахшад, ки мо дар наслњои охир дар ѓарб суроѓашро надорем, њифз намояд. Инљо бисёр чизњое њаст, ки мо метавонем онро аз нигоњи олами Ислом дар ин самт биёмўзем. Мо фарзандони ѓарб ба муаллимњои мусалмон ниёз дорем, то ба мо ёд дињанд, ки чї гуна бо дилњоямон биёмўзем, њамчуноне ки бо аќлњои худ меомўзем. Наздикшавии њазораи сеюм моро водор мекунад, ки алоќањоро боз кунем ва аз он истифода барем. Ман умед дорам, ки ин фурсати гаронро аз даст надињем, то дар нигоњи худ ба вуљудамон љониби рўњиро баргашта кашф намоем»[2]

Ин марде, ки набояд аќлаш ўро ба ин њаќиќат бирасонад ва набояд ба њаќиќат рoњнамої кунад, бубинед чї њикматњое дорад.

***Сањобагон***

**Далели аќлии чорум:** Њамдилї миёни сањобагон ва дўстии онњо.

---

[1] Нютон мегўяд: «Худованд оламро ба сурати соати љањонї офарид, ки дар њаракат даќиќ аст, вале њаргиз зарурат ва ё фоидае нест, ки ки мардум барои ин Худо ва офарандаи ин соати бузурги љањонї намоз хонанд. Зеро худи ў њам дигар наметавонад њаракати онро дигаргун намояд, њатто агар инро бихоњад». Иќтибос аз тарљумаи китоби «Сарчашмаи фикри муосир». Таълифи Брантун сањ. 151

[1] Рўзномаи «Ашшарќул авсат», шумораи 6592 дар таърихи 15.12.1996. бо ривоят аз китоби «Чї гуна мардумро даъват кунем?» таълифи устод Муњаммад Ќутб, сањ. 186,187.

1Рўзномаи аш- Шарќу-л- авсат,шумораи (6592), 15/12/1996-и мелодї

Аќл чунин мегўяд: Агар ту як хати дароз бикашї ва он каљие, ки дар аввали он андак ба вуљуд ояд, то охири хат он метавонад хело васеъ гардад. Бо њамин тариќ, њар ќадар хат дарозтар гардад, ба њамон андоза каљї ва дурї аз самти асосияш бештар мегардад. Агар ин људої вобаста ба замон дошта бошад, пас чї сурат мегирад ва чї гуна метавон ин људоиро боздошт намуд? Бинобар ин, он дигаргунињое, ки дар замони њазарати Исо (а) сурат гирифта буд, аз ибтидои замонаш то охири давронаш, аз 12 ба 10 расид. 12 ин шумораи њавориёни ў мебошанд ва ба ривояти Инљил онњо то охири замони њазарати Исо (а) ба 10 нафар расиданд, яъне дигаргунї 83% аст. Агар ин таѓйирот њанўз дар даврони вуљуди њазрати Исо (а) бошад, пас баъди рафтани ў ва гузашти ин њама замона ба чанд расидааст? Њамчунин бо мурури замон чанд таѓйирот ва тањаввулот ба вуљуд меояд ва тањрифот ва дурўѓњо чандто мебошанд? Балки савол дар инљост, ки чанд муддате лозим аст, то маркази он хат њамчунон боќї монад? Бинобар ин ќоидаи математикї набояд рисолатеро охирин номид, магар он ба њамон њолате боќї монда набошад, ки дар замони нузулаш ва дар ваќти марги соњибаш буд. Бузургтарин чизе, ки њифз ва нигоњдории ин шариатро баъди рафтани соњиби шариат кафолат медињад, ин дўстї ва муњаббати сањобагони ў мебошад, чи дар замони њаёти ин Паёмбар ва чи баъди вафоти ў. Сањобагон бояд њамеша дар асоси таълимоти ў бо њам љамъ шаванд. Акунун биёед, то ин ќоидаро дар асњоб ва ёрони тамоми паёмбарон бисанљем. Оё ёрони Мўсо (а) рисолати Мўсоро њифз намуданд? Чї гуна ин корро карданд, дар њоле ки дар њаёташ борњо ўро озор доданд, то ин ки ў аз миёни онњо дар он биёбон рафт.

Оё ёрони њазарати Исо (а) рисолати ўро њифз намуданд, дар њоле ки худи онњо ўро дастгир намуда, ба њокими бутпараст таслим намуданд? Онњо буданд, ки баъди рафтани ў гирифтори фитнањо шуданд, ба дараљае ки аз миёни дувоздањ њавориён танњо ду нафари онњо дар аќидааш собит монд. Пас, кадом боварие миёни Паёмбар ва пайравонаш баъди газашти ў боќї мемонад? Ин сифат барои касоне, ки таърихи динњои яњудият ва масењиятро меомўзонанд пўшида нест. Ин ошкоро дар Ќуръони карим омадааст, ваќте Худованди мутаъол дар сураи «Аъроф», ояти 168 чунин мегўяд: «**Ва пароканда кардем Бани Исроилро дар рўи замин ба гурўњњо, ки баъзеашон шоистакоронанд** (яъне имон оварда) **ва бархе дигар ѓайри инанд**

(яъне бе имонанд). **Ва имтиҳон кардем ононро ба додани неъматҳо ва балову** (машаққатҳо), **то бозгарданд ба сӯи роҳи рост**».

Дар баробари ин муаррихон ба тааҷҷуб меоянд, вақте ҳамдилии саҳобагони ҳазарати Муҳаммад (с)-ро мебинанд, ки дар вақти ҳаёти ӯ ҳеҷ ҷудоӣ ва ихтилофе дар миёни онҳо сурат нагирифта буд. Дар Қуръони карим ошкоро ин сифати онҳо дар сураи «Анфол», ояти 63 омадааст. Ҷое ки Худованди мутаъол мефармояд: «**Ӯ зотест, ки улфат андохт миёни дилҳояшон. Агар харҷу сарф мекардӣ** (ай Муҳаммад с) **тамоми он чиро, ки дар рӯи замин аст ба якборагӣ, наметавонистӣ улфат андохтан дар дилҳошон ва лекин Худо** (ба фазлу раҳмати худ) **улфату дӯстӣ андохт дар миёни онҳо, ҳамоно Ӯ зотест ғолибу боҳикмат!**».

Хусусияти ҳаёти саҳобагони ҳазарати Муҳаммад (с) чунон буд, ки дар он ҳеҷ номафҳумӣ ва норавшанӣ дида намешавад. Ту метавонӣ ва ҳар каси дигар ҳам метавонад тамоми самтҳои ҳаёти ӯро мавриди баҳсу таҳлил қарор диҳад, вале агар мавзӯъ танқид ва бад кардани саҳобагони Муҳаммад (с) бошад, аз ҳама тараф ба ту посухҳо медиҳанд ва тӯҳматҳои туро бекор мекунанд ва ин садо аз ҳама ҷойҳо шунида мешавад.. Оё медонӣ барои чӣ? Зеро ҳаёт ва зиндагии Муҳаммад чунин буд.

Блашер мегӯяд: «Ҳеҷ дида намешавад, ки Муҳаммад дар лаҳзае аз лаҳзаҳои умри худ кӯшиш намуд, то ҳаёти хусусии худро пинҳон намояд. Тамоми суханон, ишораҳо, ва рафтори ӯ ҳамчун падар, рафтори ӯ ҳамчун мӯъмин барои тамоми пайравонаш, ки аз рӯи қаноат мекӯшиданд худро мисли ӯ қарор диҳанд, ошкор буданд. Бо ҳамин роҳ нишонаҳои суннат ба вуҷуд омад».[1]

Таърих барои мо мавқифҳои амалиеро ҳифз намудааст, ки ҳеҷ яке аз муаррихон дар он ихтилофе надоранд. Баъди вафоти ҳазрати Муҳаммад (с) баъзе қабилаҳои Араб аз дин баргаштанд. Баъзе аз онҳо ин динро тарк карданд ба хотири он ки дигар намехостанд закот диҳанд ва баъзеҳо даъво намуданд, ки баъди Муҳаммад дар миёни онҳо паёмбари дигаре омадааст. Натиҷа он шуд, ки ин кор парокандагиро дар миёни саҳобагони ҳазрати Муҳаммад (с) ба вуҷуд наовард, балки ваҳдат ва ягонагии онҳоро бештар намуд. Ҷангҳое шурӯъ шуд, ки ҳамагӣ чанд моҳ идома ёфт ва ҳаракати аз дин баромадан бо дастони саҳобагони Муҳаммад (с) барои ҳамеша аз байн рафт. Таърих ҳифз

---

[1] Ниг. «Нубуввати Муҳаммад дар тафаккури шарқшиносии муосир». Саҳ. 414. Таълифи доктор Лахзар Шойб.

намудааст, ки ҳамроҳи ин муртадҳо ҳеҷ яке аз саҳобагони ҳазрати Муҳаммад (с) дида намешуд.

Мо дар гузашта гуфта будем, ки ҳамроҳи Муҳаммад (с) дар ҳаҷҷи видоъ беш аз сад ҳазор ҳоҷӣ иштирок намуданд, ки ҳар яке аз онҳо омода буданд барои ӯ ҷон, фарзанд ва амволи худро фидо намояд. Пас вақте аз ҳаҷи видоъ баргаштанд, қабилаҳои гуногуне аз ҳар тараф намояндагони худро ба наздаш фиристоданд ва Исломро қабул намуданд. Паёмбар вақте аз дунё гузашт, кор ҳама кор ором буд, саҳобагонаш дар қуввату иззат буданд, теъдоди онҳо бо мурури замон бештар мегардид, қувваташон афзунтар мешуд ва дини Муҳаммад (с) дар канораҳо мунташир мешуд. Ин аст, ки ақл қотеъона ва бе камтарин тардид баён медорад, ки дар воқеъ Муҳаммад (с) дар миёни дигар паёмбарон ягонаест, ки лоиқи онро дорад, ки ӯро паёмбари охирин бихонанд. Изофа бар далели дар боло оварда, ту мебинӣ, ки пайравони дини Муҳаммад чӣ гуна ёрон ва саҳобагони ӯро қадрдонӣ мекунанд, ҳатто онҳоеро, ки чанд солҳо баъдтар омаданд ва ҳеҷ яке аз саҳобагони ӯро надидаанд ва ин кор то рӯзи қиёмат идома хоҳад ёфт. Умматони Муҳаммад (с) касеро ба саҳобагон баробар намекунанд. Ин аст вафодорӣ ба онҳо ва ин аст қадрдонии Паёмбарашон. Аз ҷумлаи ҳамин қадрдонӣ он аст, ки дар ҳамин китоб мушоҳида мекунӣ ва он ин аст, ки ман ҳаргоҳ номи яке аз саҳобагонро мегирам, ибораи **«разиял-лоҳу анҳум»**ро изофа мекунам. Ҳар мусалмоне, ки дар бораи яке аз саҳобагон чизе бинависад ва ё номи онҳоро дар китоб ё минбар ба забон оварад, албатта, чунин ибораро мегӯяд. Соҳиб шудани ин мақомоти баланд барои саҳобагон ҳеҷ алоқае ба хато кардани онҳо дар иҷтиҳод нест. Мусалмонон бояд аз эшон қадрдонӣ намоянд, зеро онҳо ҳам пештар дар Ислом даромаданд ва ҳам бо Паёмбар ҳамнишинӣ доштанд. Мусалмонон ин қадрдонии онҳоро изҳор намуданд ва на танҳо мусалмонон, балки дар Қуръони карим низ Худованд онҳоро ситоиш намуда, аз онҳое, ки баъди саҳобагон меоянд, ситоиш мекунад, зеро дар ҳаққи гузаштагон дуои нек мекунанд. Худованди мутаъол мефармояд: «(Ва низ моли фай) **барои онҳоест, ки ташриф оварданд** (ба Мадина) **баъди муҳоҷирон.** (Ансориҳо) **мегӯянд: «Худоё, биёмурз морову бародаронаморо, ки сабқат карданд моро дар имон овардан** (яъне муҳоҷиринро) **ва пайдо макун дар дили мо нисбати**

**бародаронамон њељ кинаву адоватро. Худоё, њамоно Ту бахшандаву мењрубонї!»** *(Сураи «Њашр», ояти 10).*

Агар љамъ шудани уммат дар атрофи сањобагони Паёмбарашон чунин бошад, пас љамъ омадани сањабагон дар атрофи њазрати Муњаммад (с) чї гуна будааст? Оё уммати дигаре њаст, ки чунин бошад?

**Далели аќлии панљум:** Рисолаташ барои пайравони дигар паёмбарон низ њаст.

Аќл чунин мегўяд: Агар ин шахс паёмбаре бошад, ки ба сўи уммати хосе фиристода шуда бошад, ва ин шахси дигар паёмбари дигаре бошад, ки ба сўи ќавми хосси дигаре фиристода шуда бошад ва њамчунин сеюм ва дигарон баъди ў. Пас бояд он ки дар охир меояд, рисолаташ тамоми умматњои гузаштаро дар бар гирад. Агар ин Паёмбар ба сўи тамоми миллатњо фиристода нашуда бошад, пас ин дар хотамияти ў наќс ворид мекунад. Агар њамчунон фиристодани паёмбарони ба сўи уммати хос идома ёбад, ин маънои онро дорад, ки њанўз паёмбари охирин наомадааст. Ин кор наметавонад то абад давом ёбад, зеро ин ба таълимоти паёмбарон мухолифат мекунад ва он ин аст, ки ин дунё бояд ба поён расад. Пас чї гуна метавонад дунё ба охир рассад, дар њоле ки силсилаи паёмбарон њанўз ба охир нарасидааст? Аз инљо метавон чунин натиља ба даст овард, ки бояд паёмбари охирине биёяд, ки рисолати ў шомили тамоми рисолатњо бошад ва ў охирин паёмбаре бошад, ки Худо фиристодааст.

Рисолати Муњаммад (с) дар миёни дигар рисолатњо ягона аст, ки дорои ин сифат мебошад. Њар паёмбаре дар гузашта ба сўи уммати хосе фиристода мешуд. Рисолати њазрати Мўсо (а) хос барои Банї Исроил буд ва рисолати њазрати Исо (а) барои комил намудани рисолати њазрати Мўсо (а) буд ва бинобар ин, он њам хос барои Бани Исроил буд. Њамчуноне ки Исо (а) дар (Мато 15:24) чунин гуфта буд: **«Њамоно ки ман барои он мабъус шудаам, то гумроњињои Бани Исроилро бартараф намоям».**

Аммо рисолати Муњаммад (с) барои тамоми мардум аст. Бинобар ин, ту эй профессори фаронсавї, аз љумлаи умматони Муњаммад (с) ба шумор меравї ва њамчунини тамоми ѓарбиёну шарќиён, њиндуњою чинињо, амрикоињою аврупоињо, арабу ѓайри араб ва сафеду сиёњу сурху гандумї, инњо њама аз

умматони ӯ ба шумор меравандвва ӯ ҳамагонро даъват намудааст ва дар ин ҷо ҳеҷ имтиёзе ба касе надодааст. Барои ҳамин аст, ки дар Қуръон сеюмин сифати рисолати Муҳаммад (с) омадааст ва онро умумӣ номидааст. Худованди карим дар Қуръонаш мефармояд: «**Нафиристодем туро** (ай Муҳаммад с) **магар Паёмбар барои ҳамаи мардум, муждадиҳанда** (мӯъминонро ба Ҷаннат) **ва тарсонанда (**кофиронро аз азоби Дӯзах**), лекин аксари мардум** (ин ҳақиқатро) **намедонанд**» *(Сураи «Сабаъ», ояти 28).*

Ман барои ту таъкид мекунам, ки ин оятҳоро на ҳамчун далели динӣ меоварам, вале инро барои он мегӯям, ки сарчашмаи асосие, ки васфи рисолатро метавон аз он пайдо кард, ин китоби ҳамон рисолат аст. Пас бояд бо ақли ҳар яки мо ба ин рисолат аз нигоҳи китоби он баҳои хуб ё бад дода шавад. Агар бихоҳӣ дар масъала равшании бештаре андозем ва ё онро исбот намоем, пас дониста бош, ки Муҳаммад (с) на танҳо инро гуфтааст, ки рисолати ӯ умумист ва ин рисолат барои тамоми мардум аст ва ба ин иктифо намудааст, балки роҳ ва равиши ақидавӣ ва илмиеро барои исботи ин сифат овардааст. Ӯ тамоми мардумро ба сӯи динаш даъват менамуд, ки ин корро ғайри ӯ дигар паёмбаре анҷом надодааст. Ӯ подшоҳон ва раисони давлатҳоро ба сӯи Ислом даъват мекард ва номаҳои ӯ барои тамоми муаррихони араб ва ғарб маҳфуз монадаанд. Арнолд Твинбӣ ва Густав Лубун ва дигар муаррихони ғарбӣ инро дар китобҳояшон зикр намуданд.

Барои ҳамин аст, ки Муҳаммад (с) асоси рисолаташро баробарӣ дар миёни тамоми мардум намуда буд. Ӯ ин асосро бо қоил шудани эҳтиром ба фарқиятҳои табиӣ, молӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳо сохта буд, бе инки дар ҷомеаи ӯ табақабандиҳо ба вуҷуд ояд ва ё насабият дар ҷомеа мунташир гардад ва ё хусусиятҳои қавмҳоеро нодида бигиранд ва ҳуқуқи онҳоро поймол кунанд. Агар сабабҳои даромадани бисёре аз умматҳоро дар дини Ислом мавриди омӯзиш қарор бидиҳӣ, дар он сурат хоҳӣ дид, ки ҳамин гуфтаҳои боло боис шуд, то бисёре аз қавм ва миллатҳо Исломро барои худ ҳамчун дин қабул намоянд. Яке аз сабабҳои асосии он, ин эҷоди барбарии ҳақиқист. Ту хоҳӣ дид, ки ағлаби он касоне, ки дар дини ӯ даромаданд, мазлумон буданд ва касоне, ки аслан зулмро намепазируфтанд ва ё касоне, ки дар кӯмаки мазлумон буданд. Зеро Ислом аст, ки барои онҳо ҳуқуқи

инсонияшонро пурра медиҳад. Ҳамчунин хоҳӣ мушоҳида кард, ки касоне, ки дини ӯро напазируфтанд, ҳамон золимон ва ситамгарон буданд. Зеро агар онҳо дар Ислом медаромаданд, Ислом аз онҳо талаб мекард, то ҳуқуқи мазлуминро баргардонанд.

***Роҳу равиши Расули акрам (с) дар воқеъ амалӣ карда шудаанд***

**Сифати ақлии шашум:** Услуб ва таълимоташро дар воқеият татбиқ намуд.

Оё метавон ин даъворо ки ин дин барои ҳамаи мардум дуруст меояд, қабул намуд, агар инро қаблан дар миёни қавми худ ба таври амалӣ нишон надиҳем? Шумо ғайри Муҳаммад (с) як Паёмбареро биёред, ки он китоберо, ки бори аввал ба ӯ нозил шуда буд, тавонист амалан ҷорӣ кунад. Оё ҳазрати Исо (а) тавонист Инҷилро дар қавми худ амалан ҷорӣ намояд? Шумо медонед, ки чӣ балоҳо ва чӣ мусибатҳое бар болои ӯ дар тӯли ҳаёташ оварданд ва қавмаш бо ӯ ин корро то охири умраш давом доданд. Ҳамчунин ҳазрати Мӯсо тавонист Тавротро дар қавмаш ба ҳамон шакле, ки бори аввал бар ӯ нозил шудааст амалан иҷро намояд? Дар сурате, ки бузургтарин балоеро, ки бар сари Мӯсо (а) омада буд аксари он аз дасти қавм ва ёронаш омада буд, то ин ки дар биёбони саҳрои Сино ҷонашро аз даст дод.

Пас худ бигӯед, ки чӣ гуна услуберо даъво кунем, ки барои тамоми мардум аст, дар ҳоле ки онро дар он замоне, ки нозил шуда буд, натавонистанд бар худи ҳамон миллате, ки Паёмбар аз онҳо буд, иҷро намоянд.

Мо вақте яке аз шартҳои хотам буданро дар он мебинем, ки Паёмбари он рисолат тавониста бошад онро дар воқеъ ҳангоми нозил шуданаш амалан иҷро карда бошад, ин танҳо ба хотири он аст, ки ақаллан чунин карда бошад. Ва илло мо мебинем, ки ин шариат ҳам дар замони ҳаёти Паёмбараш ҳоким буд ва ҳам дар чандин замонҳои баъдӣ ва ин шариат дар миллатҳои гуногун ҳокимият карда буд. Миллатҳои дигаре низ омаданд ва он шариатро ҳам барои худ ва ҳам барои дигарон амалӣ намуданд. Аз тарафи дигар созгор будани ин рисолат барои асри омаданаш ва барои асрҳои баъдин маълум гашт. Рисолати охирине, ки тамоми шартҳои онро, ки дар боло зикр намудем, агар дошта бошад, вале Паёмбари он натавониста бошад, онро дар воқеъ амалӣ намуда бошад, хело баъид аст, ки онро рисолати охирин номид.

Биёед, ба таълимоти Ќуръони карим ва ањодиси Паёмбар (с) як назар намоем, ки чї гуна он дар њаёти мардум, шахсиятњо, давлатњо, миллатњо ва дар замонњои гуногуни таърих амалан ба вуќуъ пайвастанд. Ин азамату бузургї ба њисоб меравад, зеро азамату бузургї танњо дар суханњое нест, ки мардум барояшон кафкўбї мекунанд, вале амалї карданашон имконпазир намебошад. Азамату бузургї дар он аст, ки ин асосњо ба воќеият мубаддал шаванд ва ин воќеият чунон баланд шавад, ки гўё дар олам чун амри воќеист, ки наметавон љањонро бидуни он тасаввур кард. Њар тавре, ки фикр кунем, мебинем, ки асосњои шариати Муњаммад (с) дар заминаи воќеъї бо бењтарин сурат ва комилтарин услуб дар муддати дањ соли охири њаёти њазрати Муњаммад (с) амалї гардид. Баъди вафоти ў чил соли дигар ин шариат бо бењтарин услуб дар замони хилофати њазрати Абўбакри Сиддиќ, баъди он дар замони хилофати њазарати Умар ибни Хаттоб, баъди ў дар муддати хилофати њазрати Усмон ибни Аффон њокимият намуд. Ин њама дар нимљазираи Арабистон ва баъди Усмон дар замони хилофати њазрати Алї ибни Абўтолиб дар Ироќ амалї гардида буд. Давлати Уммавї баъди ин чилсола дар тамоми сарзаминњои Шом ин шариатро амалї  намуда буд. Баъди ин дар замони давлати Аббосї дар сарзамини Ироќ ва дар дигар шањрњои берун аз љазираи Арабистон ва дар сарзаминњои Форс, Њинд ва берун аз онњо амалї гардида буд. Бо омадани давлати Усмониён шариат дар Туркия њукмраво шуд ва бо њамин тариќ дар тамоми кишварњои мусалмонї он њоким гардид. Инњое, ки номбар кардем, пойтахти ин давлатњо буданд ва Ислом барои пиёда шудан сарњади љуѓрофї надорад, балки њоким будани шариат аз ин њудуд берун баромада дар тамоми кишварњои бо ном исломї замоне њоким буд. Њамин тавр, ин шариат исбот намуд, ки метавонад барои тамоми мардум созгор бошад. Созгор буданаш на танњо барои арабњо ва мусалмонон мебошад, балки ин асосњои он дар шумо низ дида мешавад. Шумо, эй мардуми Аврупо, асарњои ин шариатро дар Андалус (имрўза Испания) мушоњида мекунед. Он илму донишеро, ки ба шумо расидааст, ин танњо ќисмате аз ѓубори ин рисолат аст, аммо агар аз рўи имон ин рисолатро ќабул намоед, чи фоидањое ба шумо хоњад расид. Оё ин њаќиќати таърих нест, агарчи баъзењо мехоњанд дониста онро инкор кунанд? Инки гуфтем, на њамаи њаќиќат аст, балки њаќиќат он аст, ки ин шариатро

метавонад ҳар миллат ва қавме дар алоҳидагӣ амалӣ намояд, агарчи он ки онро амалӣ мекунад, араб бошад ё ғайри араб. Агар чунин набошад, пас чӣ гуна комёб шуданд онҳое, ки Исломро амалӣ намуданд ва онро ба Аврупо, Осиё ва Африқо бурданд ва дар чандин давлатҳо бо ин шариат ҳукумат карданд? Акнун ба ман бигӯед, ки кадом яке аз асҳоби Мӯсо (а) араб буд ва ё аврупоӣ? Кадом яке аз асҳоби ҳазрати Исо (а) аз ғарбиён ё аз Форс ё аз Ҳинд буд?

Акнун биёед, ба асҳоби Муҳаммад (с) бингаред, дар ин сурат хоҳед дид, ки баъзеи онҳо ба монанди Абӯбакр, Умар, Усмон, Алӣ (р) ва дигарон араб буданд. Вале дар миёни онҳо аз ғайри Араб хело зиёд буданд ба монанди Салмони Форсӣ, Суҳайби Румӣ, Билоли Ҳабашӣ, ки муаззини Паёмбар (с) буд ва дигарон.. Барои маълумот инро изофа намоем, ки Билол ғуломе буд, ки Абӯбакр ӯро аз хуҷаинаш, ки яке аз мушрикони араб буд, харида озод сохт. Ҳазрати Муҳаммад (с) қадри ӯро баланд бардошта, ӯро муаззин дар намоз гардонид. Ҳазрати Умар, ки баъди Паёмбар (с) халифаи дуюм буд, чунин мегуфт: *«Абӯбакр сарвари мост ва сарвари моро озод намуд»* [1] ва мақсадаш ҳазрати Билол буд. Оё инҳо ҳама нишона аз он нест, ки дар пиёда кардани Ислом ва дар роҳбарӣ намудани он ҷинс ва миллат ҳеҷ нақшеро намебозад? Аз тарафи дигар воқеияти ин дин на танҳо воқеияти холист, балки он воқеияти зинда ва пурҳаракат аст, ҳамчуноне ки муфаккири бузург Бернордшу мегӯяд: **«Ман ҳамеша нисбат ба дини Муҳаммад эҳтироми зиёде қоилам, ин ба сабаби ҳаракати зебои он аст. Ман ин мардро омӯхтаам, Муҳаммад марди бузурге буд. Аз нигоҳи ман ӯ аз душманӣ бо Исо хело дур буд ва ӯро метавон раҳобахши башарият номид. Ман гумон мекунам, ки марде ба монанди ӯ, ки шояд дар асри навин диктатор номида шавад, метавонад мушкилоти ин асрро ҳал намояд ва он сулҳу саодатеро, ки мо орзу мекунем, дастраси мо гардонад…»**.

Басворс Смит дар бораи Муҳаммад (с) чунин мегӯяд: **«Дар ҳақиқат ӯ ҳам қайсар буд ҳам поп. Аммо попе буд бе даъвоҳо ва қайсаре буд бе ҳомиёни қайсар ва бе лашкари истода ва бе нигоҳбонон, бе қаср, бе даромади маблағи доимӣ. Агар мо ҳаққи онро дошта бошем, ки бигӯем**

[1] Бухорӣ (3544)

**касе чеҳраи илоҳист, пас метавонем бигӯем он Муҳаммад аст, ки тамоми ќувваҳои илоҳиро бе василаҳо дар даст дошт»** [1]

**Далели аќлии ҳафтум:** Эҳтимоли омадани дигар паёмбарро аз байн мебарад

Бояд паёмбари хотам тамоми эҳтимолҳои омадани паёмбари дигарро аз байн бибарад. Бояд сароҳатан чунон эълон намояд, ки дар эълонаш ҳељ эҳтимол ва шакке бар инки танҳо ӯст охирин Паёмбар ва дигар баъди ӯ ҳељ паёмбари дигаре нахоҳад омад, набошад.  Аќл чунин мегӯяд. Асл ин аст, ки мулки динї ва дунявї идома ёбад, на ин ки ќатъ гардад. Ҳар подшоҳе чун мемирад, бояд баъди ӯ дар ин мамлакат подшоҳи наве таъйин шавад. Баробар аст, ки ин подшоҳ касеро васият карда бошад ё не. Агар раисе аз ин дуё чашм бипӯшад, бояд раиси наве љойи ӯро ишѓол кунад. Паёмбарон низ ҳамин тавр мебошанд. Худованди мутаъол ҳаргиз башариятро бе рисолат намегузорад. Зеро чї гуна Ӯ метавонанд онҳоро муҳосиба намояд, бе инки рисолаташро ба онҳо расонида бошад. Худованди мутаъол дар Ќуръон мефармояд: **«Боз пай дар пай фиристодем паёмбаронашонро. Ҳар гоҳ ки меомад пайѓамбаре ба сӯи умматаш, пас дурӯѓ шумориданд ӯро, пас ҳалок кардем** (ин бе имонҳоро) **пай аз пай. Ва сохтем умматҳоро сухани даҳони мардум** (ки баъдан ба якдигар ҳикоя мекарданд). **Пас, ҳалок бод гурӯҳи беимонро!»** *(Сураи «Мӯъминун», ояи 44).*

Агар ҳољат ба он бошад, ки ин низоми маъмулї аз байн биравад, бояд подшоҳ ё раис ва ё Худованд онро чунон сароҳатан эълон намояд, ки ҳељ љойи шаку шубҳае дар ин эълон намонад. Бинобар ин, метавонем бигӯем, ки барои мо як паёмбареро аз миёни ин ҳама паёмбарон (а) биёред, ки инро эълон намуда бошад. Ё барои мо як паёмбареро биёред, ки пас аз худ бо ибораи ошкоре каси дигаррро Паёмбар эълон накарда бошад. Ҳазрати Иброҳим (а) фарзандони худро халифа намуда буд ва фарзандони ӯ фарзандони худашонро халифа мегардониданд.

[1] Bosworth Smith MOHAMMAD AND MOHAMMADANISM, London, 1874, p,92

Њазарати Мўсо (а) Юшаъ писари Нун (а)-ро халифаи худ гардонид ва њазарати Исо (а) баъди худ паёмбаронеро халифа гардонид, ки худатон онњор номбар мекунед.

Танњо Муњаммад (с) мемонад, ки на танњо таъкид кардааст, ки баъди ў дигар паёмбаре намеояд, балки инро ба тамоми оламиён эълон намудааст. Ў бо саронњат ва ошкоро борњо эълон намуд, ки ў хотами паёмбарон аст. Ў чунин эълон мекунад:***«Дар оянда дар умматони ман сї дурўѓгў меоянд , ки њар яки онњо даъво мекунад, ки паёмбаранд. Ман хотами паёмбаронам ва дигар паёмбаре баъди ман намеояд».*** [1] Дар љои дигар чунин мегўяд: ***«Пешопеши ќиёмат дурўѓгўён зиёд мешаванд ва шумо аз онњо бар њазар бошед»*** [2]

Балки эълон бар ин ки дар њаќиќат Муњаммад (с) хотами паёмбарон аст, дар Ќуръони карим низ ошкоро омадааст. Худованди мутаъол дар сураи «Ањзоб», ояти 40 мефармояд: «**Нест Муњаммад (с) падари њељ касе аз мардони шумо** (яъне падархони касе нест ва лекин ў паёмбари Худост ва њотами паёмбарон аст, яъне баъди ў дигар њељ паёмбаре нест)**. Ва Худованд ба њоли њар чиз доност!**».

Худи Муњаммад (с) низ ваќте аз дунё гузашт, њељ писаре аз худ боќї намонд, бо вуљуди он ки ваќте ин оламро тарк кард, нўњ њамсар дошт, то ин ки ќотеъона сисилаи рисолатро аз насли худ ќатъ намояд,чунонеки аз дигарон ќатъ намуд. Ў писре дошт бо номи Иброњим, вале њанўз дар тифлияш, ки танњо ду солу чанд мoњ дошт, вафот кард. Модари Иброњим ќибтї, масењї ва мисрї буд бо номи Мория, ки баъдтар Исломро ќабул намуд. Њамчунин сањобагони ў баъди вафоташ дар масъалаи паёмбарї бо њам љанљолњо накарданд ва агар касе њам чунин иддао мекард, албатта, ўро фавран ба ќатл мерасониданд. Он касоне, ки баъди ў паёмбариро даъво карданд, ёрони Муњаммад онњоро муртад номиданд ва бо онњо љанги сахте карданд, ки дар натиља баъзеи онњоро ба ќатл расониданд ва баъзеи онњо тавба намуда, боз ба дини Ислом даромаданд ва бо њамин сабаб мавриди авф ќарор гирифтанд.

---

[1] Абўдовуд (4252) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.
[2] Муслим (1822).

Агар баъди ӯ эњтимоли омадани паёмбаре мебуд, ин њама ќурбонињоро намедоданд ва њаргиз эълон намекарданд, ки давлати Исломиро хатар тањдид мекунад.

**Далели аќлии њаштум: Пешвої воќеї барои тамоми љомеањо ва тамоми миллатњо.**

Дар миёни паёмбарон касе буд, ки ба сӯи мардуми тољир фиристода шуда буд, то барои онњо дуруст тиљорат карданро биёмӯзонад ва онњоро аз фиреб, дурӯғ ва хиёнат кардан боз дорад, монанди њазрати Шуъайб (а). Баъзе аз паёмбарон ба сӯи ќавме фиристода шуда буд, ки кори асосии онњо сохтан буд, то барои ӯ роњи дурусти сохтанро биёмӯзонад ва аз хато онњоро манъ кунад, монанди њазрати Довуд (а). Баъзе паёмбарон ба сӯи ќавми ќотил ва роњзан фиристода шуда буд ба монанди ќавми Самуд. Њамчуни дигар паёмбарон…

Ваќте зарурати таърихї пеш омад, то умматњои пешин сифатњо ва таљрибањои худро ба умматњои баъдин ба мерос гузоранд, то инки мардуми неки умматони баъдомада макони љамъомади тамоми таљрибањои неки гузаштагон шуданд ва мардуми бади умматони баъдомада макони љамъомади тамоми таљрибањои бади гузаштагон, лозим гардид, ки паёмбари хотам касе бошад, ки тамоми таљрибањои паёмбарони гузаштаро дошта бошад. Дар баробари ин, ин Паёмбар бояд аз тамом таљрибањои бадї низ огоњ бошад, то барои дафъи он чорањои хуберо дошта бошад. Акнун биёед, чанд саволеро матрањ намоем ва назар кунем, ки дар бораи самтњои гуногуни њаёти паёмбарони дигар чї маълумоте доред? Хоњї дид, ки самтњои гуногуне аз њаёти ин паёмбарон номаълум мондааст. Дар бораи њаёти оилавии њазрати Исо (а) чї чизњоро медонед? Дар бораи њаёти тиљоратии ӯ чї маълумоте доред? Дар бораи њаёти иљтињодии ӯ чї маълумоте назди шумост? Дар бораи њаёти доварии ӯ чї далел доред?

Дар бораи њаёти њазрати Мӯсо (а) чї ќадар маълумот доред? Дар бораи њаёти саломатияш, њаёти иќтисодияш ва њаёти оилавияш чї маълумотњо назди шумост?

Инњое, ки ном бурдем, машњуртарин паёмбароне дар назди мо ва шумо мебошанд, ки на мо ва на шумо дар бораи њаёти онњо чизе намедонем, пас дар

бораи дигар паёмбарон чї гуна маълумот дошта бошем? Оё он касе, ки ин њама самтњо дар њаёти ў номаълум бошад, метавонад паёмбари хотам бошад? Дар њоле ки агар масалан тољирон дар њаёти њазрати Муњаммад (с) назар кунанд, дар он таљрибањои бузургу комили иќтисодиро хоњанд пайдо кард. Дар китобњои **«Ањкоми шариат»** бобњои илмии хосест бо номи **«Бобњои муомилањо ва ањкоми он»**, ки дар он ин илм бо тамоми тафсилоташ навишта шудааст. Њаёти ибодатии ўро низ ба њамин тариќ пайдо мекунї, њамчунин њаёти доварии ў, њаёти иљтимоии ў, њаёти сарварии ў, њаёти ислоњотии ў, њаёти солимии ў ва њамчунин тамоми самтњои њаёти ўро метавонї бо тамоми тафсилоташ пайдо намої. Ту ваќте ба зиндагии њазрати Муњаммад (с) назар мекунї, чунин хоњї гуфт: Агар дар њаёти Муњаммад (с) чизе намебуд ба љуз намунаи шомиле барои тамоми синфњои башарият ва тамоми њолатњои њаёти онњо, албатта, њамин кофї мебуд барои он ки ќотеъона даъво кунем, ки ў Паёмбари хотам аст.

### *Пешвои њама*

Агар тамоми љонибњои њаёти Муњаммад (с)-ро дар миёни умматони пешин тавзеъ намоем, то њар уммате њамон ќисматеро бигиранд, ки барои онњо зарур аст, пас барои њамагон кифоят хоњад кард. Пас гўё тамоми паёмбарон дар шахсияти ў љамъ ва гўё тамоми динњо дар дини ў ба њам омада буданд. Мутафаккир ва профессор  Голз Масирман чи зебо гуфтааст, ки : **«Шахсиятњое ба монанди Бастур ва Салк аз нигоњи дарк ва фањм пешво ва дар дараљаи аввал буданд. Шахсиятњое ба монанди Гандї ва Кунфушиюс ва Александр ва Ќайсар ва Гитлер дар соњањои дигар пешво буданд ва ё дар дараљаи дуюм буданд… Исо ва Будо шояд танњо инњо навъи дигаре буданд… вале шояд Муњаммад пешвои бузургтаре дар тамоми замона ва дар тамоми соњањо буд. Зеро ў якбора тамоми ин хусусиятњоро дар худ дошт ва њамчунин Мўсо, вале ў дар дараљаи камтаре»**.[1]

Дар њаќиќат, аќли инсон дар њайрат гирифтор мешавад, ваќте љанбањои њаёти ўро бо ин њама гуногунї, комилї ва воќеї мутолиа мекунад. Инњое ки мо гуфтем, мисолњои кўтоње буд аз њаёти ў..

---

[1] Professor Jules Masserman

***Мисолњо аз њаёти амалии Паёмбари Худо (с)***

Масалан, дар боби доварї њамсари ў, Умми Салама (р) чунин ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) даъвогаронро шунид, ки дар пушти дари њуљраи ў љамъ омада буданд. Пас ў ба назди онњо баромад ва гуфт: ***«Њамоно, ки ман инсонам. Ва даъвогарон ба назди ман меоянд. Пас шояд баъзе аз шумоён аз дигаре забони хубтаре дошта бошад ва ман гумон кунам, ки ў рост мегўяд ва ба фоидаи ў њукм бароварам. Пас њар киро, ки ман њаќќи мусалмонеро ба фоидаи ў њукм баровардам, пас он як порае аз оташ аст. Баъди ин ў худ медонад, ки онро бигирад ва ё тарк кунад».***[1]

Њамчунин мегўяд: ***«Агар яке аз шумоён аз миёни мусалмонњо ба доварї гирифтор шудед, пас дар њолати ѓазабаш њукмеро содир накунад. Дар нигоњ ва дар макони нишаст ва дар ишора бо њама баробар муомила кунад. Њаргиз садояшро ба рўи яке аз даъвогарон баланд накунад».***[2]

Дар боби оила ва мушкилоти оилаи воќеї соњиби ин ќисса њикоят мекунад, ки Нўъмон ибни Башир (р) чунин ривоят мекунад: Абўбакр (р) иљозати даромадро ба назди Паёмбар (с) хост. Ин њангом садои њазрати Оишаро шунид, ки баланд меомад (њамин Абўбакр падари Оишаи њамсари Муњаммад (с) аст). Чун Абўбакр вориди манзил шуд, назди Оиша рафт, то ўро латмае занад ва ба ў гуфт: Ман мебинам, ки ту садоятро дар назди Паёмбар (с) баланд мекунї! Паёмбар (с) пеши роњи ўро гирифт ва Абўбакр дар њолати ѓазаб аз онљо берун шуд. Ваќте Абўбакр берун шуд, Паёмбар (с) гуфт: ***Дидї, ки чї гуна ман туро аз дасти ин мард халос кардам?*** Ровї мегўяд: Пас Абўбакр чанд рўзе ба њамин њол монд ва баъди он аз Паёмбари Худо (с) иљозат гирфита, ба хонаи ў омад ва дид, ки онњо бо њам оштї кардаанд. Пас барои њарду гуфт: Маро иљозати даромадан дар оштиятон дињед, њамчунонеки барои дахолат намудан дар љангатон иљозат додед. Пас Паёмбар (с) гуфт: ***«Дар њаќиќат мо ин корро кардем. Дар њаќиќат мо кардем,*** *яъне иљозат додем»* [3]

Мисоли дигар дар боби баробарї ва инсоф дар алоќањои оилавї: Аз Абўњурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Марди мўъмин***

[1] Бухорї (2326) ва Муслим (1713).

[2] «Муснад»-Абўяъло, (5867). Вале соњиби ас-Силсила онро заъиф гуфтааст.

[3] Абўдовуд (4999), соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.

***набояд зани мўъминро бад бинад. Агар як рафтораш ба ў маъќул набошад, чанд рафтори дигараш ба ў маъќул аст».*** [1]

Дар боби баробарї, миёни људо кардани ваќт барои ибодат ва људо кардани ваќт барои корњои зиндагї, дар замони ў ин њодисаи пур аз фоида ба вуќўъ омад. Аз Абўљуњайфа Вањб ибни Абдуллоњи Савої (р) ривоят шудааст, ки мегўяд: Паёмбар (с) миёни Салмон ва Абўдардо (р) бародарї эълон кард. Пас рўзе Салмон ба зиёрати Абўдардо рафт ва дид, ки њамсараш бо либоси жанда аст ва аз ў пурсид: Туро чї расидааст? Гуфт: Бародари ту, Абўдардо њељ парвои дунё надорад. Пас, Абўдардо омаду њамсараш таомеро барояш овард! Абўдардо (р) гуфт (ба Салмон): Ту бихўр, ки ман рўзадор њастам.

Салмон (р) гуфт: Ман намехўрам, то инки ту низ бихўрї. Пас, ў хўрд. Ваќте шаб даромад, Абудардо рафт ва ба хондани намоз машѓул шуд. Салмон ба ў гуфт: Хоб рав. Ў хоб кард. Баътар бархост то намоз хонад. Боз  ба ў гуфт: Хоб рав. Ва ваќте охири шаб шуд, Салмон гуфт: Акнун бархез. Пас њарду намоз хонданд. Салмон ба ў гуфт: Дар њаќиќат, бар дўши ту њаќќи Парвардигорат њаст ва бар дўши ту њаќќи нафсат њаст ва бар дўши ту њаќќи аёлат њаст. Пас, ту барои њар яке аз инњо њаќќашро адо намо.

Пас ба назди Паёмбар (с) омада ин воќеаро баён кард. Паёмбар (с) гуфт: ***«Салмон рост мегўяд»*** [2]

Дар соњаи алоќањои иљтимої ва ќадри таъсири сухан ва љанљол бар љомеа аз соњиби ин рисолат ривоят омадааст. Абўумомаи Боњилї (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Њаргиз гумроњ намешавад ќавме баъди онки њидоятро дарёфт, магар баъди он ки даст ба љанљол мезанад»*** ва баъди ин Паёмбар (с) ин оятро тиловат карданд**:** «**Бисёр бобаракат аст зоте, ки хоси Ўст подшоњии осмонњову замин ва он чи дар миёни ин ду аст ва Ў медонад омадани соати ќиёматро ва ба сўи Ўст бозгашти шумо**» *(Сураи «Зухруф», ояти 85).*

Дар боби истифода аз зиракї дар њалли мушкилот ва дар боби инсоф ин хабари зерин аз ў ба мо расидааст: Аз њазрати Абўњурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Як мард аз марди дигаре заминашро харидорї***

[1] Муслим (1469).
[2] Бухорї  (1868)

***намуд. Пас марде, ки заминро харида буд, дар заминаш як кӯзае пайдо кард, ки пур аз тилло буд. Пас он касе, ки заминро харида буд ба ӯ гуфт: Тилоятро аз ман бигир, зеро ман аз ту заминатро харида будам ва тилоятро нахаридаам. Он касе, ки заминро фурӯхта буд ба ӯ гуфт: Ман барои ту заминро боончи дар он аст, фурӯхта будам. Пас инњо њарду мардеро довар ќарор доданд. Пас он марде, ки инњо ба назадаш рафтаанд, гуфт: Оё шумо њарду фарзанд доред? Яке аз онњо гуфт: Як писар дорам. Дигаре гуфт: Ман як духтар дорам. Он мард гуфт: Ин духтарро бо ин писар издивољ намоед ва молро барои њарду сарф кунед ва аз он садаќа бидињед».*** [1]

Дар боби мењмоннавозї дар замони ӯ ин ќисса ба вуќӯъ омада буд, ки онро Абӯњурайра (р) ривоят карда, ки марде ба назди Паёмбари Худо (с) омаду гуфт: Ман сахт мӯњтољам. Паёмбар (с) ба назди њамсаронаш касеро фиристод. Дар посух (њамсараш) гуфт: Ќасам ба зоте, ки туро фиристодааст, ман ба љуз аз об чизе надорам. Пас ба назди њамсари дигараш фиристод. Пас ӯ њам чунин љавоб дод. Њатто ки тамоми њамсаронаш њамин љавобро доданд, ки ќасам ба зоте, ки туро фиристодааст мо љуз об чизе дар хона надорем. Пас ӯ гуфт: Кї инро имшаб мењмонї мекунад, ки рањмати Худо бар ӯ бод? Пас марде аз ансор бархост ва гуфт: Ман, эй Паёмбари Худо! Пас ӯро гирифта ба манзилаш бурд ва ба њамсараш гуфт: Оё чизе дорї? Гуфт: Не, ба ѓайр аз хӯроки тифлаконам. Гуфт: Онњоро ба чизе овора кун, пас ваќте мењмон дар хона даромад, ба ӯ чунон нишон дењ, ки гӯё мо низ мехӯрем. Пас ваќте мењмон ба хӯрдан шурӯъ кард, бархез ва чароѓро хомӯш кун. Гуфт: Пас онњо нишастанд ва мењмон бихӯрд. Ваќте субњ шуд, ба назди Паёмбар (с) омад. Пёмбар (с) ба ӯ гуфт: ***«Худованд аз он коре, ки имшаб бо мењмонатон кардед, тааљљуб кард».*** [2]

Ман баргашта таъкид мекунам, ки ончи мо зикр мекунем, тамоми њаёти ӯ нест. Ин зарачае аз ќиссањои њаёти ӯст. Аммо ончи аз њаёти ӯ бо санадњои сањењ ривоят шудааст, њазорон маротиба аз ин бештар аст. Ман мехоњам њамагон инро бидонанд, ки ќазияи иќтидо кардан ба Муњаммад (с) ва ќабули ончи ӯ овардааст аз Ќуръон ва суннат ќазияи ихтиёрї нест. Зеро агар башарият онро нагиранд, сазои онро дар зиндагии худ ва пеш аз марг хоњанд дид ва ин

[1] Бухорї  (3285) ва Муслим (1721).
[2] Муслим (2054)

илова бар он азоби абадиест, ки дар оянда он бар сари онњо меояд. Агар ман аз шумо талаб намоям, ки осори бўњрони иќтисодиеро, ки олам ба он гирифтор шудааст ба чизе ташбењ намоед, шумо ташбењe дурустар аз ин намеёбед, ки он монанд ба љанг ва ё осори љанги љањонист, ки тамоми оламро фаро гирифтааст ва дар зимни он, олами исломиро.

Ба таври мушаххас њамин васф барои касоне, ки рољи иќтисоди худро дар асоси рибо сохтаанд, дар Ќуръони карим омадааст. Њамин рибо аст, ки имрўз олами исломї ва ѓайри исломї дар он шариканд. Шумо бишнавед, ки Худованди мутаъол дар сураи «Баќара» дар бораи љанги Худо бо рибо ва рибохўрон агарчи мусалмон бошанд, чи гуфтааст: **«Ай мўъминин, битарсед аз Худо ва тарк кунед судхориро, агар мўъмини њаќиќї ва воќеї њастед. Пас агар ба љой наовардед** (фармони Маро), **пас хабардор бошед ба љанге аз тарафи Худо ва Расули Ў ва агар тавба кардед, барои шумост асли молњои шумо, дар ин њол на золимед на мазлум»** *(Сураи «Баќара», оёти 278-279).*

**Далели аќлии нўњум:** Ба итмом расонидани зањматњои касоне, ки пеш буданд.

Њар васфкунанда њаќ дорад, ки кори паёмбаронро ба бинокор васф намояд. Зеро бењтарин бино ин бинои инсоният аст дар ќолаби одамгарї.. Мантиќ чунин мегўяд, ки агар мардум таърихи сохтмони ќасреро пайгирї намоянд, пас хоњанд дид, ки ин бино аз аввал то ба охираш бо дасти танњо як меъмор бино нашудааст. Аз сабаби он ки силсилаи паёмбарон бо таваллуди Муњаммад (с) ба поён расид, пас бояд, ки ў охирин меъмор дар сохти башарият бошад. Барои њамин њазрати Муњаммад (с) мисоли ошкоре меорад ва дар он чунин мегўяд: ***«Мисоли ман ва мисоли дигар паёмбароне, ки пеш аз ман буданд монанди мардест, ки иморатеро бино кардааст ва онро зебо намуда зинаташ додааст, магар инки дар гўшае аз гўшањояш љои як хиште холї мондааст. Мардум дар атрофи он давр мезананд ва онро маъќул мешуморанд ва мегўянд: Чаро ин як хиштро намондаанд? Пас ман њамон як хиштам. Ва ман хотами паёмбаронам».***[1]

[1] Муслим (2286)

Ту ба ин оят тааљуб мекунї, ки чї гуна Ќуръони карим паёмбаронро мешуморад, онњоро якояк ном мебарад, аз онњо ситоиш мекунад ва дар охир аз Муњаммад (с) талаб мекунад то ба њамаи онњо иќтидо кунад.

Ба ин андеша кун, ки Худованди мутаъол дар сураи «Анъом» чї мегўяд: **«Ва ин аст њуљљати мо, додемаш Иброњимро (а) бар ќавмаш. Ва баланд мекунем маротибу дараљоти њар киро ки мехоњем. Њамоно Парвардигори ту устуворкору доност!. Додем** (ба Иброњим) **Исњоќу Яъќубро** (фарзанд) **ва њар якеро њидоят кардем** (ба нубуввату рисолат)**. Ва Нўњро њидоят кардем пеш аз ин ва аз авлоди Иброњим њидоят намудем Довуду Сулаймону Аюбу Юсуфу Мўсову Њорунро. Ва њамчунин подош медињем некўкоронро! Ва њидоят кардем Закариё ва Яњё ва Исову Илёсро. Њар яке солињу некўкор буданд. Ва њидоят кардем Исмоъил ва Алясаъ** (Юшаъ пайѓамбар) **ва Юнус ва Лутро ва њар якро бартарї додем бар ањли замони худ. Ва њидоят кардем баъзеро аз падарони онон ва аз авлоду бародаронашон ва баргузидем ононро** (ва бисёре аз ононро фазлу бартарї додем) **ва њидоят кардем ононро ба рোњи рост. Ин аст њидояти Худо. Њидоят мекунад ба он њар киро хоњад аз бандагонаш ва агар ширк меоварданд, несту нобуд мешуд амалњояшон. Ин гурўњ касонеанд, ки додем ба онон китобу њикмату паёмбариро. Пас агар кофир шаванд ба оёти Ќуръонї ин кофирон, пас муќаррар сохтем** (яъне овардем) **барои имони ба онњо** (яъне оёти Ќуръон) **мўъмину мусулмонњоеро, ки њаргиз кофир нашаванд** (яъне муњољирину ансор ва дигар некўкоронро). **Паёмбарон (а) касонеанд, ки њидоят намуда онњоро Худо, пас ба рোњу равиши паёмбарон (а) иќтидо кун. Бигў** (ай Муњаммад саллаллоњу алайњи ва салам)**: «Намепурсам аз шумо њељ подошу музде ба хотири** (таблиѓи Ќуръон), **нест ин** (Ќуръон) **љуз панду насињат оламиёнро»** *(Сураи «Анъом», оятњои 83-90).*

Инљо саволе мекунем: ваќте фикри муштарак миёни њамаи меъморон  он бошад, ки бояд хонае, ки месозанд солиму дуруст ояд.. Пас  фикре, ки тамоми паёмбарон дар он шариканд, чист? Љавоби аќлї он аст, ки чунин бигўем: Аз сабаби он ки њамаи онњо аз љониби як кас фиристода шудаанд, пас бояд њамагон дар асли рисолат дар иттифоќ бошанд, ки он даъват ба сўи ибодати Худованди ягона аст ва инки њар паёмбаре паёмбари пешинаро таъйид кунад.

То ин ки паёмбари охиромада, тамоми паёмбарони гузаштаро таъйид мекунад ва дар дини худ чизњои наверо илова мекунад, ки дар он њељ мухолафате бо аќидаи онњо набошад. Дар Ќуръони карим низ њамин маъно таъйид шудааст, љое, ки Худованди мутаъол дар сураи «Моида», ояти 48 мефармояд: «**Ва фиристодем ба ту** (ай Муњаммад с) **Ќуръонро ба ростї, ки тасдиќкунандаи китобњои пешин аст ва нигањбон бар онњо** (яъне тањрифро аз ѓайри тањриф људо месозад)**. Пас њукм кун дар миёни онон ба њукми Худо ва пайравї макун майлу хоњишоти ононро иърозкунон аз он њукме, ки омад ба ту аз љониби Худо. Барои њар гурўње аз шумо муайяну муќаррар сохтем шариъат ва роњеро. Агар Худо мехост, месохт шуморо як уммат ва лек хост, ки имтињон кунад шуморо дар он дину шариъате, ки ба шумо додааст. Пас биштобед ба сўи некўкорї** (яъне пайравии фармони Худо ва шариъати паёмбари охирзамон бошед)**. Бозгашти шумо ба Худост њама якљо, пас хабар дињад Худованд шуморо ба он чи ки дар он ихтилоф мекардед**».

Пас ў њам таъйидкунанда аст ва њам изофакунанда. Њазрати Муњаммад (с) низ дар ин мавзўъ мефармояд: ***«Паёмбарон њама бародаранд аз як оила ва модарњои онњо гуногун аст ва динашон як аст. Ман наздиктарин мардум њастам нисбат ба Исо писари Марям»***[1]

## *Ќиёмат охирон њодиса аст*

**Далели аќлии дањум: Хабар додан ба match дар охири замон рўх медињад ва ба корњои охират.**

Агар вазифаи Паёмбар танњо он бошад, ки барои мардум воќеањоро тањлил намояд ва барои онњо дар бораи воќеиятњо насињат кунад, пас вазифаи Паёмбар аз вазифаи як муслиње, ки Паёмбар нест, он ќадар фарќияте надоштааст. Имтиёзи аввалини Паёмбар он аст, ки ба сўи ў хабарњои хосе вањй мешавад, ки дигарон наметавонанд онро бо аќли холис дарк намоянд. Аз миёни чунин хабарњо бузургтаринаш хабарњои оянда аст, ки ба њаёти онњо вобастагї дорад, ба тавре ки рисолати ин Паёмбар дар миёни онњо зинда монад, агарчи худи ў вафот кунад. Хабарњое бошанд, ки бо мурури замон барои рост будани ин паёмбарон далел гарданд. Услуби ин Паёмбар ва он Паёмбар чунин аст.

[1] Бухорї (3259) ва Муслим (2365).

Вақте аҳволҳои дигаргун ва мутағайири зиёде дар миёни охирин Паёмбар ва рӯзи қиёмат ба вуҷуд меояд, бояд паёмбари хотам ин ҳодисаҳоро баён кунад то бо омадани онҳо имону ақидаи ёрон ва пайравонаш мустаҳкамтар гардад ва онҳоро аз ҳама гуна газанд нигоҳ дорад ва ин ҳама ҳодисаҳо қоиммақоми ӯ бошанд. Агар ба тамоми китобҳои паёмбарон назар афканем, ин ҳама ахборро қариб наметавон пайдо намуд, магар андаке. Паёмбароне, ки пеш аз охирин Паёмбар омадаанд, дар ин кор маъзуранд, ки ин ҳама ҳодисаҳоро баён накарданд, зеро он қавмҳое, ки ин паёмбарон ба сӯи онҳо фиристода шуда буданд, ин ҳама ҳодисаҳоро нахоҳанд мушоҳида кард пас ҳеҷ ҳоҷате барои баёни он набуд. Аммо паёмбари хотам наметавонад узре дошта бошад агар ин ҳама ҳодисаҳоро баён накунад. Зеро агар ӯ баён накунад, пас кӣ баён мекунад?

Ба сабаби онки ҳазрати Муҳаммад (с) бештарин ададе аз ин аломатҳо ва нишонаҳоро бо тамоми тафсилоташ зикр намудааст,  сабаби баёнашро ба ин рабт додааст, ки ӯ хотами паёмбарон аст. Барои мисол метавон ин ҳадисро овард, ки ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд: ***«Худованд ҳеҷ паёмбареро намефиристод, магар инки ӯ умматонашро аз Даҷҷол барҳазар мекард. Ва ман охирин паёмбаронам ва шумо охирин умматед ва ӯ бе шак дар байни шумо мебарояд».***

Пас танҳо ҳамин гуфтааш далели кофист бар ин ки ҳамаи паёмбарони пешин паёмбари охирин набуданд. Танҳо паёмбари охирин аст, ки ба тариқи ошкоро ва равшан баён намуд, ки онҳо дар муддати баромадани Даҷҷол ба чӣ корҳо ниёз доранд. Агар ту дар номгӯи китобхонаҳои исломӣ назар намоӣ, хоҳӣ дид, ки олимон китобҳои махсусеро аз гуфтаҳои ҳазрати Муҳаммад (с) таълиф намудаанд, ки чӣ гуна ҳазарати Муҳаммад воқеаҳои зиёдеро, ки пеш аз омадани қиёмат рух медиҳанд, баён намудааст ва ин ҳодисаҳоро бо номи **«Нишонаҳои қиёмат»** зикр мекунанд.

Балки ҳазрати Муҳаммад (с) корҳои зиёдеро барои ҳар шахс баён намуданд, ки дар оянда метавонад ҳар яке аз ин корҳо бар сари мардуми зиёде ояд. Бинобар ин ту метавонӣ китобҳои зиёдеро пайдо намоӣ, ки дар бораи ҳодисаҳоест, ки бар сари инсон баъди марг меояд ва ҳатто аз ҳамон лаҳзаи берун омадани ҷон аз танаш. Баъди он дар бораи  чӣ гуна баромадани ҷон аз бадан, ба куҷо рафтани рӯҳ, чӣ гуна даромадан дар қабр, ҳодисаҳое, ки дар

ќабр рух медињад, чї гуна баромадани мардум аз ќабр, зинда шудани баъди марг, растохез, майдони њисоб, сифати њар он чи дар онљо рух медињад ва ин њамаро бо тамоми тафсилот ва бо услуби эъљоз баён намудааст.

Ин њама гуфтањои ў љуз далел бар ин ки баъди ин рисолат ќиёмат меояд, агарчи муддати омадани он кўтоњ бошад ё дароз, нест.

***Такягоњи мўътамад олимони дин њастанд***

**Далели аќлии ёздањум:** Сарчашмаи зиндаи љовидонаи мўътамад.

Аќл чунин мегўяд: Ваќте њар Паёмбар халифањое дорад, ки роњи ўро идома медињанд ва ин халифањо низ паёмбаронанд, пас кї паёмбари охиринро халифагї мекунад ва кї роњи ўро ба монанди дигар паёмбарон идома медињад, дар сурате ки баъди ў дигар њељ паёмбаре нест? Зеро агар баъди ў дигар паёмбаре мебуд, њаргиз ў хотами паёмбарон намешуд. Пас маълум гашт, ки бояд паёмбари хотам сарчашмеро аз худ бигзорад, ки мардум ба он рўй оваранд ва бо истифода аз он сарчашма роњи ўро идома дињанд, бе инки худи онњо Паёмбар бошанд. Ин сифат яке аз муњимтарин сифоти паёмбари хотам аст, зеро бе чунин сарчашма наметавон роњи ўро идома дод ва сарчашма наметавонад паёмбари зинда бошад. Аз тарафи дигар сарчашмаи навишта наметавонад ба танњои кофї бошад. Суханони њар шоњид ваќте накў мешавад, ки аз як тараф навишта бошад ва аз тарафи дигар шоњидони зинда онро тасдиќ намоянд. Барои нигоњ доштани ин сарчашма њељ чорае нест, магар ин ки шоњидони зинда ё паёмбарон ва ё олимони паёмбарсиришт… Вале дар хотами паёмбарон набояд онњо Паёмбар бошанд, балки онњо бояд паёмбарсифат бошанд, ки мартабаи онњо чун мартабаи Паёмбар бошад. Ин аст, ки ин дар рисолати Муњаммад (с) ба фаровонї дида мешавад. Паёмбаре, ки сарчашмаро баъди худ ба дасти олимон дода аст ва ќадру манзалати чунин олимонро ба дараљаи паёмбарї баланд намудааст. Ин аст, ки Паёмбар (с) дар њадиси зерини худ онро ба вузуњ зикр намудааст:

***«Њар кї бо роње биравад, ки дар он илмеро љустуљў мекунад, Худованд ўро бо роњи Љаннат мебарад. Њамоно ки малоикањо аз рўи ризоятї болњои худро барои толибилмон дар замин мемонанд. Барои олим њарончи дар осмонњо ва замин аст талаби омурзиш мекунанд ва моњињо дар ќаъри дарё. Њамоно фазилати олим бар обид ба монанди фазилати моњи шаби чордањ***

***аст дар баробари дигар ахтарон. Паёмбарон аз худ на диноре ба мерос гузоштаанд на дирњаме, вале онњо илмро ба мерос гузоштаанд. Пас њар ки илмро аз худ кунад, дар њаќиќат насиби фаровонеро аз худ кардааст»***[1]

Ин сифатро дар баробари дигар паёмбарон муќоиса намо, пас хоњї дид, ки њар паёмбареро дигар Паёмбар халифа мешуд. Дар он њангом хоњї дид, ки мањол аст, ки дигар паёмбаре хотами паёмбарон бошад ба љуз њазрати Муњммад (с), ки баъди ў дигар паёмбаре нест. Ваќте мебинем баъди њазрати Мўсо (а) дигар паёмбароне буданд, ки халифаи ў шуданд ва ваќте мебинем баъди њазрати Исо (а) низ дигар паёмбароне буданд, ки халифаи ў шуданд ва баъди ў њазрати Муњаммад (с) омад. Шумо мебинед, ки баъди Муњаммад (с) на аз шумо ва на аз мо дигар паёмбаре наомадааст ва танњо олимонанд аз миллатњои гуногун ва кишварњои мухталиф, ки баъди Муњммад (с) омадаанд, ки адади онњоро касе намедонад ва мебинем, ки онњо њанўз њам омада истодаанд ва то рўзи ќиёмат идома хоњанд ёфт.

**Далели аќлии дањум: Њифз гардидани далелњои мондагори он њазрат (с)**

Паёмбари хотам њар касе, ки набошад, бояд услуб ва роњи устувор дошта бошад, ки он барои њамагон маълуму маъруф бошад ва баъди гузашти он Паёмбар њамчуноне боќї монад, ки дар њаёти ў буд. Зеро чї гуна аќл метавонад бовар кунад, ки ин охирин Паёмбар аст ва таълимоти ў барои тамоми башарият охирин таълимоти илоњист, дар њоле ки таълимоташ аз байн биравад ва ё дар он шак ворид шавад?

Биёед, як нигоњи мунсифона дар ин масъала кунем. таълимоти дигар паёмбарон куљо шуданд ва аз миёни тамоми паёмбарон то имрўз таълимоти кадоми онњо устувортар ва мустањкамтар боќї мондааст?

***Њифз гардидани Ќуръон ва Суннати набавї***

Оё ба љуз Ќуръони карим китоби осмонии дигаре вуљуд дорад, ки њамчунон ба њоли худ боќї монда бошад? Ин китоби осмонї тамоми таълимот ва роњнамудњои Муњаммад (с)-ро њифз намудааст. Мо дар бораи ин китоб дар ду нишаст сўњбат карда будем.

---

[1] Абўдовуд (3641) ва соњиби ас-Силсила сањењаш гуфт.

***Њифз гардидани хонаи Каъба***

Агар инсоне дар њамаи ин њуљљатњои мондагор шак кунад, пас биёяд ва як нигоње ба ќиблаи намози њар миллат кунад ва дар он сурат мебинад, ки танњо ќиблаи њазрати Муњаммад (с) то кунун солим мондааст ва бе газанде ба њоли худ боќист. Ќибалаи масењиён ба дасти мусалмонон афтодааст ва ё њаддалаќал метавон гуфт, ки дар он ихтилоф вуљуд дорад ва њар ду барои соњиб будани ба он ихтилоф доранд ва Худо медонад, ки ин ихтилоф то ба кай идома хоњад ёфт. Яњудон бошанд чунин гумон мекунанд, ки њайкал дар поёни масљиди Аќсо мебошад ва барои исботи ин гумони худ њељ далеле надоранд. Агар дар воќеъ ќиблаи онњо дар зери замин бошад, пас барои чунин миллат арзанда он аст, ки худ низ дар зери замин бошад.

***Њифз гардидани гурўњи содиќ***

Њељ паёмбаре дар миёни умматони худ асосњои собитеро нагузошта буд ба монанди онки Муњаммад (с) дар миёни умматони худ олимонеро гузоштааст, ки пайи њам то рўзи ќиёмат меоянд. Дар њаќиќат, њар чи фитнањо атрофи ин дин фаровонтар бошанд ва аќлњо дар њалли ќазиянњо њайрон бимонанд, боз њам тоифае аз умматони њазрати Муњаммад (с) аз њамаи он фитнањо дар амон хоњанд монд ва аз дини ў дифоъ хоњанд кард. Њар бало ва фитнае, ки бар сари ин уммат биёяд, њаргиз наметавонад дар сари тамоми олимони он таъсир бирасонад ва њамчунон олимони поке боќї мемонанд, ки дини Муњаммадро тоза мекунанд. Њамчуноне ки худи ў мефармояд: ***«Њамеша тоифае аз умматони ман пуштибони њаќ боќї мемонад. Касоне, ки онњоро хор мекунанд, њаргиз наметавонанд ба онњо осебе бирасонанд. То омадани ќиёмат онњо ба њамин њол боќї мемонанд»***[1]

Аз њамин лињоз аст, ки њамеша олимони динро аз уммати Муњаммад мебинї, ки мардумро аз роњи нодуруст ба роњи рост њидоят мекунанд ва њар мушкилоте, ки бар сари онњо меояд, барои он роњи њал пайдо мекунанд.. Мисолњо барои шумо ошкоро мебошанд ва онро бо чашм мушоњида мекунед. Шумо хуб медонед, ки муассисањои пинњоние вуљуд доранд, ки њамеша мехоњанд мардумро ба фасод бикашанд, онњоро нагузоранд то аќлашонро ба кор баранд, аз кори нек бо њар васила дурашон мекунанд ва аксари њокимон

[1] Муслим (1920)

онњоро дар ин кор кўмак мерасонанд. Аз тарафи дигар нафси оммаи мардум майлу рағбат барои анљоми корњои бад ва рафтан аз пайи нафсу њаво дорад, пас кињоянд онњое, ки ин мардумро насињат мекунанду аз ин балоњо наљот медињанд, рођи њаќро барои онњо нишон медињанд ва пеши рођи ин тўфони балоро мегиранд? Кист ба ғайр аз олимон? Албатта, њељ каси дигар! Дар њоле аксари уламои яњудро мебинем, ки њељ эњтимоме ба дин надоранд, магар ба андозаи он ки, ки барояшон манфиати моддї биёрад ва олимони масењї бошанд дар воќеияти зиндагї ва рођњои њаёт њељ асаре аз онњо дида намешавад. Мусибати аз ин калонтар дар он аст, ки аќалиятњои љинсиро метавон пайдо кард, ки калисоњоро аз худ кардаанд, ба дараљае ки нисбати чунин аќалиятњои љинсї дар миёни занони рођиб ба маротиб баланд шудааст.

Дар гузориши Љон Љий омадааст, ки аз 4,392 ќазияе, ки бар зидди рођибони калисоњои Амрико сабт шудааст, чунин хулоса метавон кард, ки 4%-и попњо аз соли 1950 то 2002 ба љиноятњои гуногун даст задаанд ва теъдоди ќурбониёнашон ба 10,667 нафар расидааст ва то кунун барои ќурбониёнашон 2 миллиард доллар сарф кардаанд. Ин он раќамест, ки расман сабт шудааст ва аммо он љиноятњое, ки дар ибодатхонањо сурат мегиранд, ба маротиб аз ин бештар аст. Фасоди ахлоќї ва аќидатї дар мардони калисоњои масењиён ва яњудиён аз ќадим мављуд аст. Ќуръони карим пайравони худро аз ин кори бади онњо њазар кунонида чунин мегўяд: «**Ай мўъминон! Яќинан бисёре аз донишмандон ва зоњидони ањли китоб, мехўранд амволи мардумро ба ботил** (аз рођи ришва ва њаром) **ва бозмедоранд мардумро аз рођи Худо ва ононе, ки захира мекунанд зару нуќраро** (ва пулу моли дунёро) **ва сарфу харљ намекунанд онро дар рођи Худо** (яъне закот намедињанд) **бишорат дењ ин љамоъаро ба азоби дарднок**» *(Сураи «Тавба», ояти 34).*

Аз ин хулоса мебарорем, ки унсурњои субот ва барќарорие, ки Муњаммад (с) дар умматонаш гузоштааст, барои њифзи дини ў новобаста аз гузашти солњо ва асрњо, кафил аст. Сарчашма њамеша вуљуд дорад ва он Ќуръони карим аст, ки њам дар дилњо мањфуз аст ва њам дар сатрњои китоб. Агар тамоми Ќуръонњои мављударо бисўзонанд, албаттта, олимон ва ќориёне боќї мемонанд, ки онро ба њамон тавре ки дар китобњо навишта шудааст, бе тағйир азёд медонанд. Агар тамоми олимону ќориёни Ќуръон бимиранд, албатта, дар

миёни кӯдакон ва ҳатто тифлакони панҷсола касоне пайдо мешаванд, ки бе хато ва иштибоҳ тамоми Қуръонро азёд кардаанд. Агар тамоми мардуми араб бимиранд, дар гӯшаву канори олам ҳазорон ғайри арабро метавон пайдо кард, ки онро ҳифз кардаанд.

Аммо сарчашмаи дуюм, яъне аҳодиси Паёмбар (с) дар китобҳо ва дар амали мусалмонон ҳамчунон поянда аст. Агар шумо кадом мусалмони мултазимеро барои мисол бисанҷед, хоҳед дид ки ӯ бо ранги зиндагонии Муҳаммад (с) худро рангин намудааст. Чунин мусалмонро мебинӣ, ки дар хӯрок хӯрдан, об нӯшидан, хоб рафтан, аз хоб бархостан, дар ахлоқ ва тамоми лаҳазоти ҳаёташ мекӯшад то аз ин Сарвар (с) пайравӣ кунад. Қиблаи Муҳаммад (с) ҳамчунон побарҷост. Муҳофизони ин дин ҳаргиз тамом намешаванд, ки иборат аз олимони Исломанд. Забони Қуръон маҳфуз мондааст ва ба монанди забони аксари паёмбарони пешин олуда нашудааст ва аз байн нарафтааст. Пас, баъди ин ҳама гуфтаҳо дигар чӣ боқӣ мондааст? Оё ин ҳама далели ақлӣ бар он нест, ки Муҳаммад (с) хотами паёмбарон аст?

**Далели ақлии сездаҳум: Бақои мӯъҷизаи бузурги ӯ то охири замон.**

Ақл чунин мегӯяд: Мумкин нест, ки як нафар охирини паёмбарон бошад ва мӯъҷизаи овардааш бо маргаш аз байн биравад. Зеро ононе, ки баъди ӯ омадаанд, чӣ гуноҳе доранд вақте ба ӯ имон намеоранд ва инро далел мекунанд, ки мо аз куҷо медонем ин Паёмбар аст, дар ҳоле ки мо мӯъҷизаи ӯро надидаем.

Дар рӯзи қиёмат чӣ гуна ҳисобу китоб карада мешавад он касеро, ки мӯъҷизаи ӯро надида бошад ва он касеро, ки ҳам худашро дидааст ва ҳам мӯъҷизаашро? Оё он касе, ки мӯъҷизаи ҳазрати Исо (а)-ро, ки он фаромадани дастурхон аст аз осмон, дида бошад ва аз он дастурхон таом хӯрда бошад, шароб нӯшида бошад, шикамаш аз ин таому шароб сер шуда бошад, чашму гӯшаш онро ҳис карда бошад, баробар аст бо он касе, ки имрӯз хабари ин мӯъҷизаро аз дигарон мешунавад ва ӯ намедонад, ки ин мардум рост мегӯянд ё дурӯғ ва намедонад, ки ҳақиқати тафсилоти ин хабар чисту чӣ гуна он сурат гирифтааст? Агар билфарз, ҳар паёмбаре ба ғайр аз ҳазрати Муҳаммад (с) мӯъҷизае медошт, ки он баъди маргаш то омадани Муҳаммад (с) идома меёфт,

албатта, њад ва андозаи он то омадани Муњњаммад (с) мебуд. Вале бояд мўъљизаи паёмбари охирин то охири ин дунё идома ёбад, зеро ки дигар баъди ў паёмбаре нест. Бинобар ин гуфтањо мо дар инљо як савол мекунем: Оё аз паёмбарони пешин имрўз ягон мўъљизае боќї мондааст? Љавоб: Њељ мўъљизае намондааст ба љуз аз Ќуръон. Пас бояд соњиби рисолати охирин, њазрати Муњаммад (с) охирин Паёмбар бошад. Зеро мўъљизаи ў мўъљизаи ягона ва љовидонаест, ки то имрўз боќї мондааст ва он то рўзи ќиёмат боќї хоњад монд. Аз тарафи дигар, дар дохили ин мўъљиза, яъне Ќуръони карим чандин мўъљизањои гуногуни дигаре барои њар намуд инсонњо вуљуд дорад. Њамчуноне ки ин бањсро дар нишасте бо номи **«Инљил каломи кист?»** гузашта будем. Њамчунин дар нишасти баъдї баъзе далелњои илмї оварда будем, ки Муњаммад дар воќеъ, хотами паёмбарон аст ва ин даъвои њаќиќї ва бешак аст.

Ин далелњо дар Ќуръону њадисњо хело зиёд дида мешавад ва чунин далелњо дар тамоми соњањои зиндагии мо низ вуљуд дорад, дар тиб дар фалак, дар бањрњо, дар љимодот, дар таваллуд, марг, њайвонот, наботот, замину осмонњо… Шумо метавонед бори дигар ба гуфтањое, ки дар нишасти Ќуръон ва аќл шуда гузашт, баргардед.

***Комилшавии шариъати Ислом њамроњ ба тадриљ мукаммал гардидани мардум***

**Далели аќлии чордањум: Осонгирї ва сахтгирї.**

Аќл мегўяд: Њамеша созанда бо мурури замон њарчи месозад ва чун мехоњад онро бори дигар бисозад, аз таљрибањои пешинааш истифода мебарад, то инки он чи месозад сатњаш болотар бигардад ва билохира эълон мекунад, ки асбоби сохтааш бо ину он хусусиятњои нав сохта шудааст. Шариатњо низ ба њамин тариќа мебошанд. Пешрафти шариатњо мувофиќи талаботи башарият ва бо нигоњи шароити замонї ва маконї омада аст. Мардуме эњтиёљ ба нармї ва осонигарї доранд ва мардуми дигаре эњтиёљ ба дуруштию сахтї. Мардуми дигаре дар шариатњои худ эњтиёљ ба ањмияти бештар додан ба муомилањои молї доранд ва баъзењо эњтиёљ ба гўшанишинї аз молу матои дунё ва њамин тариќ…

Њарчи башарият ба камол расад, ба њамон андоза ба шариати комил ниёзи бештар дорад, ки дар зимнаш њам нармї дошта бошад ва њам сахтгирї. Вале њар инсоне њуќуќи онро дорад, ки чунин саволе кунад: Чї гуна метавонем аз шариате пайравї кунем, ки як њазору чорсад сол пеш омадааст? Оё чунин шариат метавонад ба тамоми пешрафти босуръати башарият љавобгўй бошад? Барои посух додан ба ин савол мо бояд аввал ба ин савол љавоб дињем, ки оё Худованд офарандаи тамоми чизњо нест? Љавоб: Бале. Пас оё Худованд ин китобро нозил накардааст? Љавоб: Дуруст аст. Аммо он чизеро, ки ту мегўї, ки пешрафтњо бо ин њама суръат сурат мегиранд, ман барои ту як мисоли махсусе меорам: Оё инсон бо ин њама пешрафт дар илму техника ба монанди њавопаймо, ракета тавонистааст аз доираи осмонњо берун равад? Љавоб: Не! Болотар аз ин, чунин савол ба миён меояд: Оё инсон бо ин њама дурнамоњо тавонистааст охирин нуќтаи ин оламро бубинад? Љавоб: Не! Пас, инсон бо вуљуди ин њама пешрафти баланд бо тани худ ва бо асбобњои сохтааш натавонистааст аз доираи осмон берун равад ва чашми ў натавонистааст мањдудаи оламро бубинад… Агар иснон то кунун натавонистааст ба интињои ин олам, ки мањсус мебошад, бо тан ва чашмаш бирасад… пас инсон ољизтар аз ин аст, ки тамоми сиру асрори шариатњои илоњиро дарк ва эњсос кунад. Барои њамин муњимтарин сифат барои шариати охирин бояд он бошад, ки тамоми дигаргунињо ва пешрафти њаёти башариятро дар бар гирад. Бояд шариати ў собит ва мустањкам буда, аз ихтилоф, дигаргунї ва нестї дар амон бошад.

Бернардшоу дар васфи Ислом чунин мегўяд: **«Ба фикри ман Ислом дини ягонаест, ки тавони онро дорад, ки тамоми љанбањои вуљуди таѓйирёбандаро дар бар гирад ва тавони онро дорад, ки худро барои тамоми замона созгор намояд».**

Агар касе ба табиати шариати исломї назар кунад, мебинад ки ин ду унсури асосї, нармї ва сахтї дар он бештар дида мешавад. Барои фањмидани ин метавон ба ду ќоидаи шаръї назар намуд, ки ин ду ќоида аз ќоидањои усулии ин шариат мебошанд. Ќоидаи аввал: **Асл дар њама чиз мубоњ будан аст**. Яъне кор фармудан ва истиъмоли тамоми чизњое, ки дар олам вуљуд дорад, барои инсон мубоњ аст, модоме ки дар он фоидае барои инсон бошад ва он метавонад

ба ӯ кӯмак намояд. Далели исботи вуҷуди ин қоида дар шариати Ислом дар оятҳои зиёде аз Қуръон дида мешавад. Аз ҷумлаи чунин оятҳо, ояти рақами 29 аз сураи «Бақара» аст, ки Худованди мутаъол дар он мефармояд: «**Ӯ зотест, ки биёфарид барои шумо ҳар чӣ дар рӯи замин аст, ҳама якҷо, боз мутаваҷҷеҳ шуд ба сӯи осмон, пас росту муназзам кард он ҳафт осмонро. Ва Ӯ ба ҳама чиз доност!**». Тамоми фарҳангҳои илмии гузашта ва ояндае, ки барои инсоният фоидаовар аст, дар ин қоида дохил аст ва ин кор то рӯзи қиёмат идома хоҳад ёфт.

Қоидаи дуюм ҳамон қоидаи маъруф аст дар шариат, ки мегӯяд: **Асл дар ибодат мамнӯъ будан аст**. Яъне қоидаи аслӣ дар ибодатҳо он аст, ки инсон наметавонад аз пеши худ дар ибодатҳое, ки Худованд фармудааст, чизҳоеро илова кунад. Инсон наметавонад барои инсонҳо ибодатҳо фармоиш диҳад. Зеро қонунӣ кардан, худ ибодат аст ва инсон наметавонад инсони дигарро ибодат кунад. Инсон ҳеҷ ҳуқуқи дахолат карданро дар чӣ гуна намоз хондан ва ё чӣ гуна закот додан надорад. Аммо инсон метавонад дар чӣ гуна хариду фурӯш кардан ва дигар муомилаҳои зиндагӣ дахолат кунад, роҳҳои онро муайян кунад, муассисаҳо бунёд созад. Инсон ҳақ надорад дар амволи мардум дахолат кунад ба далели инки ин закот аст, агар дар бораи дин маълумоте дошта бошад. Барои ҳамин ин ҳама нармиро дар шариати Ислом мебинам, ки башарият наметавонад ҳадду канори онро эҳсос кунанд. Барои ҳамин он метавонад ба роҳатӣ дар ҳама татавуроти башарият дида шавад.  Ҳамчунин Ислом барои муҳофизати ақл ва ҳаёти инсоният қонунҳои махсусе овардааст, ки нагузорад то роҳибону коҳинон дар ҳаёти шахсии инсоният дахолат намоянд.

Дар инҷо шояд инсоне чунин савол кунад, ки Шумо дар бораи нармӣ гуфтед, вале сахтгирӣ дар куҷо дида мешавад? Ҷавоб: Дар корҳои ҷиддӣ сахтгир будан маънои нақс ва камбудиро надорад. Дар муомилаҳои инсонӣ бисёр вақтҳо баъзе қоидаҳои асосие мебошад, ки инсон набояд ба он беаҳамиятӣ намояд.  Масалан, ҳаром будани рибо, ҳаром будан фоҳишагӣ, ҳаром будани хиёнат, ҳаром будани дурӯғ, ҳаром будани ба ноҳақ хӯрдани моли мардум, ҳаром будани зулм, ҳаром будани бар дурӯғ шаҳодат додан ва монанди инҳо.. Агар ин ҳама корҳои ҳаром ва монанди инҳо дар ҷомеа мунташир шаванд, пас ҳарчи мехоҳӣ бикун.

Оё баъди ин њама гуфтањо шумо бо ман њамраъй нестед, ки  рисолати њазрати Муњамад (с) лоиќи онро дорад, ки онро хотам биномем?

***Пояи асосии ойини Ислом илму дониш аст***

**Далели аќлии понздањум: Асоси илмї доштани рисолати охирин.**

Зиндагї зиндагист ва замин замин аст ва маводи хом маводи хом аст.. Иктишофоти илмии инсонњо њамеша бар яке аз ин ду мењвар такя мекунанд: Нававарї ва таркибсозї.. Ба сабаби ин ки њаёт идома дорад, пас бояд рисолати хотами паёмбарон дар асоси илмї таъсис ёбад, то тамоми оламро бо њама соњањояш ва то рўзи ќиёмат дар бар гирад. Дар сурати акс ин дини охирин аз њаёт ќафо мемонад ва дар натиља мардум дар бебандуборї умр ба сар мебаранд. Оё ин аз нигоњи аќл воќеият надорад?

Пас кадом рисолати осмонї ба андозаи рисолати њазрати Муњаммад (с) ба илму дониш ањамияти бештар додааст? Мо дар ин хусус дар нишасти гузашта, яъне **«Нишасти Ќуръон ва илм»** сўњбат карда будем.

Оё њељ оќиле њаст, ки чунин бигўяд: Дар воќеъ, пайи њам омадани таљрибањо ва баланд шудани сатњи иктишофот ва вусъати аќли инсонї дар замони кадом паёмбаре аз паёмбарњо ва дар кадом лањазоти таърих ба монанди замони Муњаммад (с) ва баъди он буда аст?

Барои њамин бояд рисолати Муњаммад (с) рисолати охирин мебуд ва бояд на танњо рисолати ў пешравињои илмї ва вусъати аќли инсониятро дар назар мегирифт, балки дар он равшанї меандохт ва афзоиш медод. Дар воќеъ, мо барои ин дар нишасти пешина, яъне **«Нишасти Ќуръон ва илм»** мисолњо ва далелњо оварда будем.

**Доктор Брегел:** Ман мехоњам дар инљо чанд лањзае таваќќуф намої, то барои ман собит созї, ки тамоми гуфтањои Муњаммад бо илмњои имрўза мувофаќат мекунанд. Ман мехоњам инро бароям њатто бо як мисол собит кунї?

***Мўъљизањои илмї дар назди Муњаммад (с)***

**Абўњомид:** Эй профессор! Аз шумо њамчун мутахассис дар улуми љанин мехостам дар бораи эътиќоди олимон дар хусуси рушди љанин, даќиќтараш дар бораи ин, ки кадоме аз устухон ё гўшт аввалин шуда пайдо мешавад,  савол кунам?

**Доктор Брегел:** Назарияи маъруфе, ки тамоми олам дошт, он буд ки аввал гўшт ба вуљуд меояд баъд устухон, то инки илми имрўза омад ва њаќиќатро кашф намуд. Њаќиќат бар муќобили эътиќоди њамагон буд, зеро илм собит намуд, ки дар ибтидо устухон пайдо мешавад ва сипас гўшт омада онро мепўшонад.

**Абўњомид:** Ман дар ончи гуфтї, њељ ихтилофе бо ту надорам, вале мехоњам саволи дигаре кунам, ту чї андеша дорї, агар ман бароят инро бигўям, ки Ќуръон ин њаќиќатро пеш аз он ки олимони муосир ба он бирасанд, чандин сол пештар хабар додааст. Ќуръон ин њаќиќатро ошкоро ва бо тамоми тафсилот ва нозукињояш зикр кардааст. Пас оё баъди ин метавонї даъво кунї, ки Ќуръон аз таълифи одамизод аст? Оё ту метавонї чизи дигаре бигўї, ба љуз ин ки Ќуръон китоби Худо аст? Оё аз ин натиљаи ќотеъонае метавон ба даст овард ба љуз ин ки Муњаммад (с) хотами паёмбарон аст?

Акнун ман бароят оятњои 12-14 сураи «Мўъминун»-ро тиловат мекунам: «**Ќасам, ки офаридем одамро аз хулосаи** (маѓзи гилу) **лой. Боз сохтем инсонро** (мурод тамоми љинси инсонњост) **нутфа** (манї) **дар ќароргоњи устувор** (яъне бачадон). **Боз сохтем он нутфаро хуни баста, боз сохтем он хуни бастаро гўштпора, боз сохтем он гўштпора устухон ва пўшонидем бар он устухонњо гўштро, боз офаридем ўро офариниши дигар** (яъне нафхи рўњ дар ў намудем, ки пайдо шуд дар ў нохуну мўй). **Пас бузург аст Худо** (ки аз нест њаст мекунад) **ва некўтарин нигорандагон аст** (ки ба сурати зебову комил инсонро офарида)».

Дар ин оят ќотеъона ва љазман омадааст, ки устухон пеш аз гўшт пайдо мешавад.

**Доктор Брегел:** Ин дар Ќуръон омадааст, вале Муњаммад дар куљо ин њаќиќатро баён кардааст?

**Абўњомид:** Љавоби ман он аст, ки њамин Ќуръоне, ки ба Муњаммад (с) нозил шудааст, мўъљизаи ўст, вале худи Муњаммад (с) пайдоиш ва рушди љанинро хело даќиќ, њатто бо рўзњояш баён намудаанд. Агар Худованди мутаъол ин раќамњои даќиќро барои ў вањй намекард, њељ имкон надошт, ки

Муњаммад (с) аз пеши худ баёноти илмие бигўяду њаќиќати паёмбарии худро зери суол барад.

Дар њадиси сањиње, ки онро Бухорї ва Муслим ривоят кардаанд, бо санади Абдуллоњ ибни Масъуд (р) омадааст, ки мегўяд: Паёмбари Худо (с), ки содиќу ростгўст, чунин мегўяд: ***«Њар яке аз шумоёнро дар шиками модараш офариниши ў дар чил рўз пурра мешавад. Баъди он ба њамин андоза чизи овезоне дар бачадон мешавад ва баъди он ба њамин андоза музѓа мешавад пас Худованд малоикаеро мефиристад то дар ў рўњро бидамад»***[1]

Пёмбар (с) дар аввали њадиси худ хабар додааст, ки љанин дар муддати чил рўз офаринишаш љамъ мешавад. Калимаи љамъ дар забони арабї, яъне якљоя шудани чиз аз парокандагї мебошад.

Ибни Њаљар, ки яке аз бузургтарин шорењони њадисњои Паёмбар (с) аст, дар шарњи ин њадис чунин мегўяд: Мурод аз љамъ якљоя кардани як ќисмати он аст ба ќисматњои дигар баъди он ки мунташир ва пароканда буданд. Мо дар инљо савол мекунем: Чист он чизњои пароканда ва аз њам људо, ки барои пурра шудани офариниш бо њам љамъ карда мешаванд? Инибораеро, ки Паёмбар (с) гуфтааст, дар мунтањои даќиќи илмї омадааст. Аз он метавон чунин натиља ба даст овард, ки Паёмбар (с) бо ин њадиси худ ишора ба он мекунад, ки њуљайрањои (клеткањои) љанин хело зиёданд ва онњо бо суръати хело зиёд дар љињатњои гуногун пароканда мебошанд. Бо бањам омадани ин клеткањо љанин дар сурати алаќа пайдо мешавад. Баъди он клеткањои њар узвро љамъ карда мешавад то аъзои љанин пайдо шавад ва љанин дар сурати музѓа нишонањои аввалияи худро пайдо мекунад. Чил рўзи аввал ба поён намерасад, магар инки тамоми аъзои љанин, ки гуногун буданд, дар як макони муайяне љамъ мешаванд баъди он ки дар марњалаи аввал бо њам монанд ва хело зиёду пароканда буданд.

Њамчунин Паёмбар (с) дар њамин њадиси худ хабар додааст, ки шаклњои аввалияи љанин бо алаќа ва музѓа шурўъ мешавад ва авсофи худро дар муддати чил рўз комил мекунад. Ин њадиси шариф дар бораи муайян кардани замони ду ќазия сухан мегўяд: якум, замони љамъ шудани клеткањои аъзои љисм дар сурати хурд ва аввалия, ва дуюм замони марњалањои љанин, яъне алаќа ва

[1] Бухорї (3036) ва Муслим (2643)

музѓа аз рўи ибораи њадис ва њамчунин марњалањои нутфа, ки гарчи дар ибора наомадааст, вале лузуман онро метавон дарк кард. Зеро дар ривоятњои сањињ калимаи нутфа наомадааст.

Нуктаи эъљоз дар ин њадиси шариф ин аст, ки зоњири њадис далолат бар он мекунад, ки халќи инсон дар чил рўзи аввал љамъ мешавад, дар ин муддат имтиёз меёбад, клеткањои њар узви љанин ба њам мепайванданд ва як сурати хурдакакро ташкил медињанд. Ин њама бо њам љамъ мешавад, дар сурате ки њаљми он дар ин марњала аз як сантиметр зиёдтар нест. Сипас њадиси шариф сифати дигаргуншавии ин љанинро дар ин замон баён намуда мегўяд: ***«Сипас он ба њамин муддат алаќа мешавад».*** Яъне алаќаи халќаш ба камол мерасад, ба монанди ин ки клеткањои инсон дар муддати чил рўз ба камол мерасанд. Илми муосир исбот намудааст, ки љанин дар рўзи њаштум то бисту якум сурати алаќаи овезонро мегирад ба монанди пораи хуни хушкшудае, ки дар маконе овезон шудааст. Бо њамин тариќ, сурати он комил мешавад ба монанди сурати он хорчае, ки дар пашми гўфандон овезон аст ва ин дар поёни њафтаи сеюм сурат мегирад. ***«Баъди ин ба њамин муддат он музѓа мешавад»***. Дар ин марњала љанин шакли музѓаи даврашаклро мегирад ва бо аломатњое, ки ба дандон монанд аст, имтиёз дорад. Сатњаш ѓайри мунтазам аст ва миёни он ба монанди чизи хоидашуда холист. Эъљози илмии ин њадис дар онљост, ки њар шаклро номе гузоштааст, ки дар њаќиќат дар њамон марњала љанин њамон шаклро гирифтааст. Шумо, њамчунонеки мебинед, Паёмбар (с) ин љанинро дар марњалае васф намудааст, ки њаљми он ба монанди пушти нохун аст ва замони он њам хело кам аст. Муайян намудани умри љанин пеш аз кашф кардани тухмак ва робита бо даврони њайз корест хело мушкил. Њамчунин нутфа, алаќа ва музѓае, ки Ќуръон онро зикр кардааст, аслан дар он замона маъруф набуд ва касе аз он хабар ва маълумоте надошт. Бо њамин тариќ, аъзои љанин дар даруни бачадон инкишоф меёбад, аломатњои њар узв падидор мешаванд ва оњиста-оњиста он шакли музѓаро мегирад.

Љињати эъљоз њамчунин дар ин њадис дар марњалаи рўзи чилу дуюм аст. Ин њадиси Паёмбар (с) дар бораи офариниши аъзои шунавої ва биної ва устухонњою мушакњо ва аъзои нарина ва модина ва дигар тасвирњои одамї дар љанин сухан мегўяд. Њадис замони онро муайян мекунад ба ин ки истикмоли

офариниши ин аъзо баъди он сурат мегирад, на пеш аз он. Ин њаќиќатест, ки илми муосир онро таъкид мекунад.

Маълумотњои илмї ва омўзишњои љанин дар илми муосир баъди он ки њаќиќатро бо дастгоњњои махсус мушоњида карданд, диданд, ки тамоми ин гуфтањо бо он мутобиќат мекунад, дар њоле ки Ќуръони карим ва њадисњои Паёмбари Худо (с) њаќиќатњои мазкурро хело пештар баён карда буданд. Пас кї ба Паёмбар (с) њамаи њаќиќатњои зикргардидаро хабар дода буд? Кадом инсон дар замони њаёти Паёмбар (с) љуръат мекард, ки таърихи марњалањои ташаккулёбии љанинро бо рўзаш хабар дињад? На танњо дар замони њаёти ў, балки дањ аср баъд аз гузашти ў касе наметавонист ин њаќоиќро баён кунад! Кї метавонист ин марњалањои љанинро, ки аз њам хело тафовут доранд, људо намуда тамоми тафсилоташро баён кунад, дар њоле ки онро олимон чанд аср баъдтар, баъди бањсу тањќиќотњо ва баъди пайдо шудани асбобњою техникањои муосир ба як натиља расиданд. Худованди мутаъол мефармояд: «**Хоњем нишон дод ба ин мункирон нишонањои ќудрати худро дар атрофи олам ва дар нафси худашон низ, то возењ шавад барояшон, ки ин сухан** (Ќуръон) **њаќ аст. Оё кофї нест ќудратнамоии Парвардигори ту барои мункирон инки Ў бар њар чиз огоњу муталлиъ аст? Огоњ бош, њамоно мункирон дар шакку шубњаанд аз мулоќоти Парвардигори худ, бањуш бош ки** (илми Худо) **муњити тамоми ашёст**» *(Сураи «Фуссилат», оёти 53-54).*

**Устоди илмњои таърих ва динњо:** Ман мутахассиси илми тиб нестам ва дар бораи илми љанин низ маълумоте надорам, вале ман эътирози ќавие дорам, ки дар мисдоќияти ин ояте, ки аз Ќуръон зикр намудаї, шак эљод мекунад ва њамчунин дар њадиси Муњаммад. Агар собит шуд, ки дар Ќуръон ё дар њадиси Муњаммад як иштибоњи илмї вуљуд дорад, пас ин басанда аст, то тамоми чизњои шумо зери савол ќарор бигиранд. Зеро Худованд њаргиз хато намекунад. Оё чунин нест?

Эътирози ман дар он аст, ки њар касе тифли исќотнамудаи занро назар кунад, мебинад, ки он як гўштпора буд, дар он њељ устухоне дида намешавад, пас чї гуна Ќуръони шумо мегўяд, ки устухон пеш аз гўштпора ба вуљуд меояд?

**Абўњомид:** Бале, шумо њаќ доред, ки эътироз кунед ва савол намоед. Вале он чизеро, ки ту мебинї, эй устод, њамон аст, ки оммаи мардум онро бо чашми холї мебинанд ва њамонест, ки инсонњо дар он замоне ки Ќуръон нозил мешуд, медиданд ва њамонест, ки мусалмонон дар он замон онро медиданд, ки

Паёмбар (с) ин њадисашаро гуфта буд… Пеш аз он ки натиљаи санљишњои илмї онро исбот намояд.

Ин сухани ту далели нав ва бузургест бар инки ин Ќуръонро Худованд нозил кардааст ва Паёмбар (с) дар њаќиќат њамаро аз назди Худованд мегуфт. Зеро дар он ваќте ки Ќуръон нозил шуда буд, кашфиёти илмї аз куљо вуљуд дошт, ки асри нузули Ќуръон ба асрњои миёна рост меомад. Оё ин дар њаќиќат эъљози илмї нест?

Бале, то замони пештар њама аќида доштанд, ки устухон ва мушакњо бо њам пайдо мешаванд ва бо њам рушд меёбанд, вале кашфиёти ахир њаќиќати дигареро кашф намуд, ки касе ба фикри он набуд. Њаќиќат он аст, ки њуљайрањо дар љанин шино мекунанд, то онњо дар аввал ба устухон табдил ёбанд ва баъди он аз бофтањои мављуда ба клеткањои мушакњо мубаддал мешаванд ва дар атрофи усутхон љамъ мешаванду онро мепечонанд.

Ин њаќиќати илмие, ки чанд аср пештар дар ин оят омадааст, дар китоби илмие бо номи **«Пайдоиши инсон»** шарњ дода шудааст. Муаллиф чунин мегўяд: «Дар њафтаи шашум бо истимрори њуљайрањо (яъне ба њуљайрањо мубаддал шудан) аввалин коркарди пайдоиши усутухон оѓоз меёбад, ки он дар устухони гардан љамъ мешавад. Дар поёни њафтаи њафтум пайдоиши устухонњо шурўъ мешавад (яъне дароз шудани устухонњо). Дар аснои он ки устухонњо дароз шудан мегиранд, интихоби клеткањои мушакњо аз бофтаи атрофи устухон шурўъ мешавад ва мушакњо ба рушд шурўъ мекунанд. Баъд мушакњо ба таќсимшавї дар атрофи устухонњо шурўъ мекунанд ва онро аз пешу ќафо ињота мекунанд».

Кашфиётњои микроскопї исбот намуданд, ки тасаввури љанин дар дохили бачадони модар ба њамон тариќ сурат мегирад, ки оятњои Ќуръон онро баён намуданд. Дар аввал бофтаи њуљайрањое, ки баъдтар ба устухон мубаддал мешавад, пайдо мешаванд ва сипас клеткањои мушакњо ва баъд онњо бо њам љамъшуда атрофи устухонро фаро мегиранд.

Дар худи њамин китоб омадааст: «Аз њафтаи њафтум сохтори устухонї дар љисм шурўъ мешавад ва устухонњо шакли маъмулии худро мегиранд. Дар поёни њафтаи њафтум ва дар аснои њафтаи њаштум мушакњо вазъияти худро дар атрофи шаклњои устухон мегиранд. Барои њамин мулоњиза мекунї, ки

ђуљайрањо дар марњалаи аввали пайдошиш ва рушдашон иборат аз устухоњњо мебошанд, њамчунонеки бархе аз ин устухоњњо дар ин муддат ба зудї рушд меёбанд, дар њоле ки баъзе аз устухоњњо њанўз дар марњалаи ђуљайра мондаанд».

Њамчунин бояд мулоњиза намуд, ки «Ђуљайрањо сахт бофташудаанд, вале ба муддати дарозе хело нарм боќї мемонанд. Љанин њамчунон рушд меёбад ва дар ђуљайрањо намаки калсюм ворид мешавад ва аз он бофтаи сахту мустањками устухон пайдо **мешавад ва аввалин устухоне, ки пайдо мешавад ин устухони гардан аст»**[1]

Ин ки гуфтем дар китоби мо эъљози ягона набуда, балки агар онро бишморем, хоњем дид, ки ин китоби мо бештарин ададди мўъљизањоро дар бар мегирад.

**Далели аќлии шонздањум: Танзими алоќа бо мављудот.**

Уммати Муњаммад (с) барои тамоми умматони пешина халифа шуданд… Умматони дигар агар барои уммати пешини худ љойгузин мешуд, вале рисолати охирин бояд алоќањоро хуб ба танзим дароварад ва иртиботро миёни тамоми умматњо равшану возењ намояд. Новобаста аз шаклу сирати ин умматњо баробар аст, ки онњо олами њайвонот бошанд ё олами парандагон ё оламе, ки мо онро мешиносем ва ё намешиносем, оламеро, ки мо онро мушоњида мекунем ва оламе, ки онро наметавонем мушоњида намуд.. Сабаби ин дар он аст, ки ин алоќаро наметавон бо аќли иинсоният дарк намуд.. Чї гуна инсон метавонад ин алоќаро ба танзим дарорад, дар њоле ки ў натавонистааст то кунун танњо алоќаи миёни инсонњоро ба танзим дароварад? Барои нарасидани ќудрати инсон бањри ба танзим даровардани алоќа миёни инсонњо њамин ихтилофоту љангњое, ки мо шоњиди он њастем, далели кофист.. Аз тарафи дигар тамоми рисолатњои пешин љузъї ва махсуси ќавмњое буданд, ки њамон паёмбар дар миёни онњо фиристода мешуд, бинобар ин, чї гуна он метавонад тамоми корњои башариятро муолиља намояд? Њамчунин чї гуна он метавонад алоќаро миёни тамоми миллатњои башарият муолиља намояд?

---
[1] Developing human

Шумо тасаввур кунед, ки агар паёмбари хотам меомад ва ин алоќањоро равшан намекард, пас чї касе метавонист онро равшан намояд?

Ба сабаби он ки рисолати охирин дар охири дунё меояд, пас бояд он дар таомул бо тамоми махлуќот, наботот, коиноти зинда ва мурда дорои равиши равшан ва возењ бошад. Сирри ин дар он аст, ки олам ба тарафи фано меравад, махлуќоти он дар охир бо суръати баланд рў ба нестї меоранд, инсон бузургтарин таљриба ва маърифатро барои нест намудани њайвонот аз худ мекунад. Агар инсон бо ин оламњо бо он таљрибаи илмие, ки дорад, вањшиёна муомила кунад, аз дасти ў махлуќоти зиёде аз байн меравaнд, ки имкон дорад вуљуди онњо барои башарият фоидањои зиёде дорад, ки худи инсон аз он бехабар аст. Аммо агар ин њайвонотро ба њоли худ рањо созанд, шояд онњо боиси нобуд кардани исонњо гарданд. Пас бояд мизоне бошад, ки њам онњоро њифз кунад ва њам бехатарии њаёти инсонњоро таъмин намояд. Ман маљбурам дар инљо суханро каме дарозтар намоям ва баъзе ањодиси Паёмбар (с)-ро рољеъ ба мавзўъи ёдшуда дар инљо биёрам ва бо далелњои равшан исбот кунам, ки сазовортар ба паёмбари охирин будан танњо ўст, зеро тамоми њаёт ва рўњи ў ба ин далолат мекунад. Маро мебахшед, агар ман њар яке аз ин њадисњоро шарњ надињам, зеро аз як тараф намехоњам сухан тўлонитар гардад ва аз тарафи дигар онњо хело возењу равшан мебошанд ва њељ њољате ба шарњу тавзењ надоранд.

Абдуллоњ ибни Амр ибни Ос (р) чунини мегўяд: Паёмбари Худо (с) фармуданд: ***«Рањмкунандагонро Худованд рањм мекунад. Шумо ба ањолии замин рањм кунед, Оне ки дар осмон аст ба шумо рањм мекунад».***[1]

Шумо бо ман сари ибораи «Ањолии замин» андеша кунед, ки он шомили чанд олам аст? Њамчунин рўњ ва услуби таомулро бо «Ањолии замин» андеша кунед, ки ин услуби рањм намудан аст, зеро ў мефармояд «Рањм кунед». Акнун биёед оид ба услуби муомила бо њайвонот ва хусусан олами сагњо андеша кунед!

Њазрати Абўњурайра (р) ривоят мекунад,ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Њангоме ки саге дар атрофи чоње давр мезад ва наздик буд ташнагї ўро ба њалокат расонад, ногањон боѓие аз боѓиёни Банї Исроил ўро дид, пас***

[1] Абўдовуд (4941) ва сањиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.

***мўзаашро кашид ва сагро бо он об дод. Пас ба сабаби он гуноҳони ўро мағфират карданд».*** [1]

Ту бо ман дар бораи олами мўрчаҳо, олами гунҷишкон ва мурғон андеша кун! Ибни Масъуд (р) ривоят мекунад, ки мо ҳамроҳи Паёмбар (с) будем ва дар хонае даромадем, ки дар онҷо макони мўрча буд, пас мо онҳоро сўзондем. Пас Паёмбар (с) гуфт: ***«Бо оташ ба ғайр аз Худованди таоло касе азоб намедиҳад, зеро бо оташ набояд касе азоб диҳад, магар офарандаи оташ».*** Ҳамчунин мегўяд: Мо аз пеши дарахте мегузаштем, ки дар он паррандае лона карда буд ва дар он чўҷа дошт, пас мо он чўҷаҳоро гирифтем. Пас парранда ба назди Паёмбар (с) омад, дар ҳоле ки меларзид. Паёмбар (с) гуфт: ***«Ки ин паррандаро бо гирифтани писаронаш дарднок кардааст?».*** [2]

Оё дар пеши чашми мардум чизе заифтар аз мўрча, гунҷишк ва мурғ аст? Ин аст алоқаи возеҳи инсон бо заифтарин махлуқот, ин алоқаи раҳму шафқат мебошад, ҳатто агар баъзе аз ин махлуқот зараровар бошанд. Агар чунин бошад, бояд инсон аз он халос шавад, вале набояд халос ёфтан аз он ба сурати интиқом гирифтан бошад. Набояд агар мўрчаҳо моро азият накунанд, онҳоро бо оташ бисўзонем, ҳамчунин набояд онҳоро нобуд созем, агар аз онҳо ба мо ҳеҷ зарар ва азияте ворид нашавад. Ҳамчунин набояд инсон ҳайвонотро баланд бардоранд ва онҳоро як чизи муқаддас ҳисобанд, ҳамчунонеки баъзеҳо ақли худро гум намуда, мўрчапарастӣ, мушпарастӣ, говпарастӣ ва ё моҳипарастӣ мекунанд.

Аз Ибни Умар (р) чунин ривоят мекунанд: «Рўзе аз назди кўдаконе мегузашт, ки гунҷишк ва ё мурғеро ҳамчун ҳадаф монда буданд ва ба сўи он тир мепартофтанд. Ва ҳар тиреро, ки ба ҳадаф намерасид, ба соҳиби он парранда медоданд. Вақте онҳо Ибни Умарро диданд, ҳама гурехтанд. Ибни Умар (р) гуфт: Кӣ ин корро кард? Худо лаънат кунад он касеро, ки ин корро кардааст. Ҳамоно Паёмбари Худо (с) лаънат гуфтааст касеро, ки чизи зиндаро ҳамчун ҳадаф қарор медиҳад». [3]

---

[1] Бухорӣ (3280) ва Муслим (2245).

[2] Абўдовуд (2675) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ гуфтааст.

[3] Бухорӣ (5958) ва Муслим (1958).

Ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: ***«Зане ба хотири як гўрба дар оташ медарояд, ки онро баста буд. На ба ў хўрок медод ва на раҳояш мекард, то аз неъматҳои замин бихўрад».***[1]

Пас инсон бояд барои гўрбаҳо ва ҳайвоноте, ки мехоҳад ҳамроҳи ў зиндагї кунанд, таому шароб муҳаё кунад ва илло бояд онҳоро раҳо созад, то худашон дар пайи таому шароби худ бошанд.

Саҳл ибни Ҳанзалия (р) чунин ривоят мекунад: Паёмбари Худо (с) аз назди шутуре гузашт, ки шикамаш ба пушташ расида буд, пас гуфт: ***«Шумо дар ин ҳайвоноти безабон аз Худо битарсед. Шумо хуб аз онҳо истифода баред ва хуб онҳоро таом диҳед».***[2]

Ин аст услуби муомила бо ҳайвоноти хонагї. Бояд аз онҳо ба накўї истифода бурд, аз саломатии онҳо муҳофизат намуд ва ба онҳо таоми хуб дод, то на бемор шаванд ва на лоғар.

Ҳазрати Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) аз назди харе мегузашт, ки дар рўяш аломат монда шуда буд. Пас гуфт: ***«Лаънат кунад Худованд касеро, ки ин аломатро дар он мондааст»***[3]

Агар дар ин ҳадиси шариф андеша намої, хоҳї дид, ки ҳеҷ касе пеш аз омадани ҳазрати Муҳаммад (с) дар бораи чунин корҳо ҳатто андеша ҳам намекард ва касе шуури ҳайвонот ва эҳсоси онҳоро риоя намекард. Дар назди мардум дар он замон муҳим он буд, ки хари худро ба аломате шинохта кунад ва аз ҳамин ҷиҳат рўйҳои харрро бо оташ доғ мекарданд, то аз дигар харҳо фарќ карда шавад. Паёмбари Ислом, ҳазрати Муҳаммад (с) ин роҳ ва услуберо, ки дар он замон маъмул буд, тағйир дод ва ба мардум услубҳои беҳтареро муқаррар намуд.

Анас (р) чунин ривоят мекунад: Паёмбари Худо (с) фармуданд: ***«Ҳеҷ мусалмоне нест, ки ниҳоле шинонад ва ё зироатеро кишт кунад, пас аз он парранда ё инсоне бихўрад, магар ин ки барои ў садақа ҳисоб мешавад».***[4]

Пас инки Паёмбар (с) барои ин кори ночиз савоб гузоштааст, олитарин сатҳи фарҳанг ба шумор меравад ва бузургтарин илоҷест барои мубориза бар

---

[2] Абўдовуд (2548) ва соҳиби ас-Силсила онро саҳеҳ гуфтааст.
[3] Муслим (2117)
[4] Бухорї (2195) ва Муслим (1552).

зидди тахаллуф. Њамчунин њадаф аз ин роњнамоињо бузург аст, зеро мурод аз парранда паррандаест, ки инсон мустаќиман аз он истифода намебарад ва мурод аз инсон инсонест, ки ўро намешиносад ва ў танњо роњгузаре аст.

Агар дар оятњои Ќуръонї ва ањодиси Паёмбар (с) назар намоем, мебинем, ки дар онњо дар хусуси олами бањрњо низ хело маълумоти зиёде омадааст. Дар Ќуръони карим чунин омадааст: «**Аммо киштї азони чанд фаќире буд, ки кор мекарданд дар дарё, пас хостам маъюб** (сўрох) **кунам онро, то нагирад киштиро базўр аз дасташон подшоњи золиме, ки дар пеши рўяшон буд»** *(Сураи «Кањф», ояти 78).*

Дар њадиси Паёмбар (с) чунин омадааст: ***«Бањрро обаш пок ва мурдањояш њалол мебошанд».*** [1]

Њамчунин Паёмбар (с) дар бораи ањкоми роњи мардум мегўяд: ***«Дар роње шохчаи дарахте буд, ки ба мардум зарар мерасонид, пас онро марде бартараф намуд, пас дохили Љаннат мешавад».*** [2]

Дар њадиси дигар чунин омадааст: ***«Шумо аз лаънатшудагон парњез кунед!*** Пурсиданд: Эй Паёмбари Худо, лаънатшудагон кињоянд? ***Гуфт: Касе, ки дар роњњои мардум ё дар макони соянњои онњо ќазои њољат мекунад».*** [3]

Ин иборањое, ки ман овардам, танњо мисолњое буданд аз он њама ривоятњои гуногун ва фаровоне, ки аз Паёмбар (с) дар бораи оламњои гуногун омадааст. Аммо ончи дар бораи олами малоикањо ва олами љинњо омадааст, хело зиёд мебошанд, ки барои танг будани ваќт аз овардани мисолњо барои он худдорї мекунам, вале онњо њама дар умум њаргиз бо аќл мухолиф нестанд… Агар мо ва шуморо фурсати дигаре муяссар гардад, ки дар он бо њам як нишасти хосе дар ин мавзўъ дошта бошем, албатта, дар он њангом, иншоаллоњ, ин масъаларо муфассалтар баён хоњам кард. Дар ин хусус китобњои махсусе таълиф шудаанд ва њар касе метавонад ба он мурољиат намояд .

**Далели аќлии њабдањум:** Унвони рисолаташ ахлоќ аст.

---

[1] Абўдовуд (83) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст..

[2] Ибни Моља (3682), соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст. Ва низ ривояти Муслим (1914).

[3] Ривояти Муслим (269)

Ба сабаби он ки замин дар ягон марњалаи худ љамъияти башариро ба ин андоза, ки имрўз мушоњида мешавад, надидааст ва ба сабаби он ки ин уммат бузургтарин уммат аст дар тўли таърих, балки метавон гуфт, ки ин на як уммат, балки чандин умматњост, ки дар зери як уммат љамъ шудаанд, барои њамин ин уммат аз дигар умматњо бештар ба ахлоќи накў ва дурї аз ахлоќи паст ниёз дорад. Пас, биёед, то як назар намоем ва бубинем, ки дар миёни тамоми паёмбарон, кї бештар ба ахлоќ ањамият додаст, кї бештар рўњ ва равиши паёмбарашро њифз намудааст. Агар мо ба ягон китоб ва ё иборањои дине назар накунем, албатта, аќл чунин мегўяд: Ба сабаби ин ки охирин рисолат аз нигоњи замонї ба мо наздиктар аст, пас бояд ин рисолат ахлоќи паёмбарашро бештар њифз намуда бошад ва рўњу равиши паёмбари он камтар осеб дида бошад. Ба сабаби онки мероси ахлоќї хело печ дар печ аст, пас бояд охирин рисолат тамоми ахлоќи накўро љамъ намояд ва барои њамин Худованди оламиён ба соњиби охирин рисолат, њазрати Муњаммад (с) чунин мегўяд: «**Паёмбарон (а) касонеанд, ки њидоят намуда онњоро Худо, пас ба рўњу равиши паёмбарон (а) иќтидо кун**». Ин аст асос .. Ту ба њамаи онњо пайравї намо. Њама чизи накўро аз онњо бигир. Пас гўё њар кї ахлоќи њазрати Муњаммад (с)-ро медид, ахлоќи тамоми паёмбарони пешинро медид. Ин аст мавќифи њаќ. Набояд фазилати гузаштагонро нодида гирифт. Муњаммад (с) ин корро куллан равшан ва ошкоро баён намудааст. Ў мегуяд: ***«Албатта, ман фиристода шудаам, то ахлоќи накўро пурра созам».***[1]

Пас метавон гуфт, ки хулосаи рисолати ў пурра намудани ахлоќи накўст ва калимаи пурра намудан ду маънои муњимро дар бар мегирад: якум ин, ки ин ахлоќ бар асоси ахлоќњои пешина таъсис шудааст ва дувум бар ахлоќи пешина чизеро изофа намудааст. Шояд ин сифат дар миёни тамоми паёмбарон вуљуд дорад ва онњо њама дар ин васф шариканд. Њар Паёмбар ба ахлоќи паёмбарони пешин иќтидо мекард, вале барои худ хусусиятњои хоссае дошт. Пас дар њамин асос бояд соњиби охирин рисолат аз дигарон бештар хусусиятњои ахлоќиро бо худ дошта бошад ва дар љамъоварии ахлоќи накў аз дигарон ѓанитар бошад. Дар Паёмбари охирин тамоми хислатњои накў дида мешуд.

1 «Сунани Кубро»-и Байњаќї, (10:191) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.

Њамсари ў, ки ўро бештар мешинохт, вақте дар бораи ахлоқи Паёмбар (с) аз ў савол намуданд, чунин гуфт: *«Ахлоқи ў Қуръон буд».*[1]

Дар ин ибора, ки аз забони модари мўъминон омадааст, хеле њадафњои бузурге нуњуфтааст. Аз љумла:

1. Ахлоқи њазрати Муњаммад (с)-ро ба чизе иртибот дод, ки њаргиз нобуд ва дигаргун намешавад ва он Қуръон аст.
2. Осон будани ахлоқи ў, ки ба монанди Қуръон осон ва дастраси њамагон аст. Худованди мутаъол дар Қуръон мегўяд: «**Њамоно осон кардем Қуръонро, то ки** (аз оятњояш) **панд гиранд. Пас, касе њаст, ки пандпазир бошад?»** *(Сураи «Қамар», ояи17).*
3. Азамат, бузургї ва воқеияти ахлоқи ў.

Пас ахлоқи ў чизи татбиқшуда буд, на танњо афкори назариявї. Агар ту ба њаёт ва зиндагии Муњаммад (с) аз кадом тарафе назар намої, албатта, дар он метавонї аз ахлоқи ў њамчун намуна барои худ истифода барї, новобаста аз он ки ту дар кадом маконе, ки бошї. Њамчунин дигарон низ аз њар љойгоње набошанд, метавонанд дар шахсияти ў намунаи худро пайдо намоянд, баробар аст, ки ў чупони гўсфандчарон бошад ё сарвари миллатњо. Њар як инсон метавонад дар љойгоњи худ имконияти пайравї аз ин мардро пайдо кунад. Ман акнун барои ту чанд нуктаеро аз ахлоқи Муњаммад (с) барои мисол зикр мекунам:

Њазрати Абўњурайра (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Комилтарин мўъминон аз рўи имон некахлоқтарини онњост. Бењтарин шумо касоне њастанд, ки бо занон бењтар бошанд».***[2]

Ту ба ин њикмат назар кун, ки чї гуна имонро бо ахлоқ робита намудааст. Паёмбар (с) њамчунин мефармояд: ***«Њељ чиз дар тарозу вазнинтар аз ахлоқи накў нест».***[3]

Пас бингар, ки чї гуна Муњаммад (с) илтизоми ахлоқиро хоси худ нагардонида, балки онро дар љомеа мунташир намуд. Њатто имтиёзро миёни худ, асњоб, пайравон ва дигар мўъминон вориди чањорчўби ахлоқ гардонидааст. Сабабгори гарон будани тарозуро низ дар рўзи қиёмат дар ахлоқи

---

[1] «Муснад»-и Ањмад (6:91) ва Шуъайб Арнаут онро сањењ гуфтааст.
[2] Ривояти Тирмизї (1162) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.
[3] Ривояти Абўдовуд (4799) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст.

накӯ донистааст ва бо њамин тариќ мусобиќаро дар миёни мўъминон эљод намуда.

Аз Абўњурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Оё медонед муфлис кист?».*** Гуфтанд: «Муфлис дар миёни мо касеро мегўянд, ки на дирњам дорад ва на мол». Фармуд: ***«Њамоно муфлиси умматони ман касест, ки рўзи ќиёмат бо намоз, рўза ва закот меояд. Ў меояд, вале инро дашном додааст ва онро тўњмат кардааст ва моли дигареро хўрдааст ва хуни дигареро резондааст ва касеро задааст.Бинобар ин, ў ба ин инсон аз некињояш медињад ва ба онаш низ аз некињояш медињад. Пас, агар некињояш тамом шуданд, пеш аз онки ќарзаш тамом шавад, аз гунoњони онњо гирифта ба ў менињанд, пас худи ўро дар оташ меандозанд»***[1]

Агар ба ин њадис ањамият дињед, мебинед, ки дар бораи мўъмини муфлис аз уммати Муњаммад (с) сухан мегўяд ва на дар бораи ѓайри мўъмин. Њамчунин хоњї дид, ки ахлоќ шомили сухан, рафтор ва кирдори инсон аст ва ахлоќи бад тамоми њасанот ва хубињоро мехўрад ва аз байн мебарад.

**Далели аќлии њаждањум:** Алоќаи мустаќим бо Худованд.

Ваќте умматони пешин гуноњ ва хатое мекарданд, ба сўи паёмбарони худ мерафтанд, то барояшон аз Худо омурзиш талаб кунанд. Паёмбаронашон барои онњо омурзиш металабиданд ва Худованд аз гуноњи онњо мегузашт… Пас ваќте паёмбари хотам аз дунё гузарад, мардум барои талаби маѓфират ба назди кї меравaнд? Оё Худованд онњоро дар гуноњашон тарк мекунад ва ё барои ѓайри паёмбарон фурсат медињад, то аз ин лањзањо истифода баранд ва ба фиребу найранги мардум бипардозанд, њаргоњ бубинанд мардум хатое мекунанд? Инсон наметавнонад бе хато зиндагї кунад ва хато яке аз нишонањои заъфи башарият аст. Ё Худованд миёни худ ва махлуќоташ воситањо ќарор додаст, то мардум ба сўи онњо рафта, худро аз гуноњ пок созанд? Ва ё ин воситањо барои мардум ризояти Худоро бахшида, барои онњо дар Бињишт ќитъаи замин људо мекунанд? Онњое, ки барои худ чунин хосият додаанд, дурўѓгўтарини мардум ва фиребгартарини онњо мебошанд. Бузургтарин

[1] Ривояти Муслим (2581)

гуноҳ ин дурӯғ гуфтан аст аз номи Худо. Зеро паёмбарон барои он омадаанд, ки ин воситаҳоро аз миёни мардум ва Худованд дур намоянд. Зеро ин соҳибони воситаҳо худро аз мардум ба дараҷае баланд бардошта, ба улуҳият расонидаанд ва ҳатто барои худ баъзе сифатҳои Худовандро соҳиб шуданд, ки он сифати бахшандагӣ ва омурзандагист. Барои ҳамин, муҳимтарин сифати хотами паёмбарон бояд он бошад, ки тамоми воситаҳоро аз миёни мардум ва холиқи онҳо ва аз миёни гунаҳкорон ва Парвардгори меҳрубон бартараф намояд. Зеро баъди ӯ паёмбари дигаре намеояд ва бо рафтани ӯ ваҳй қатъ шудааст. Барои ҳамин баъд аз рафтани ӯ ҳар кӣ даъвои паёмбарӣ кунад, даъвояш дурӯғ аст ва ӯ даъвогари бардурӯғ ва бофандаи фиреб ба шумор меравад. Барои ҳамин бояд рисолати охирин дари тавбаро шабу рӯз барои мардум боз намояд. Дари тавба дар тамоми олам, машриқу мағриб ва ба рӯи тамоми гунаҳкорон боз аст. Ин Паёмбар меояд, то ин ки тамоми монеаҳоро аз миёни гунаҳкорон ва Парвардигори онҳо дур намояд. Ҳар кӣ ба зарурати ин сифати хотами паёмбарон ва сипас дар рисолати ҳазрати Муҳаммад (с) назар кунад, мебинад, ки яқинан бо ҳам мутобиқатӣ мекунанд ва дар он сурат яқин мекунад, ки дар воқеъ, паёмбари охирин ин ҳазрати Муҳаммад (с) мебошад. Худованди мутаъол дар сураи «Зумар», ояти 53 чунин мегӯяд: «**Бигӯ** (Эй Муҳаммад (с) аз номи Ман): **«Эй бандагонам, ки исрофу аз ҳад таҷовуз кардед** (ба сабаби маъсияту гуноҳ) **бар ҷони худ,** (бо вуҷуди ин исрофатон) **ноумед нашавед аз раҳмати Худо. Албатта, меомурзад Худо тамоми гуноҳонро** (барои бандагоне, ки мехоҳад). **Ҳамоно, Худованд зотест омурзандаву меҳрубон!**».

Агар дар ин ояти карима баргашта назар кунем, мебинем, ки Худованди мутаъол аз бандагонаш исрофкоронро хитоб кардааст на бандагони солиҳашро. Худованд бо забони Муҳаммад (с) онҳоро амр мекунад, то мустақиман ба сӯи Парвардигорашон рӯй оваранд ва онҳоро боибораи дӯстдоштааш **«Эй бандагони ман»** хитоб намудааст ва бо ин ибора онҳоро ба худаш нисбат додааст. Аз тарафи дигар касоне ки дар ин оят хитоб шудаанд, исрофкороне мебошанд, ки ба худ зулм кардаанд. На онҳое, ки дар гуноҳҳои муайяне ба

њади исроф расидаанд, исрофкорон дар шароб, дар куфр, дар зулм, дар зино, дар ливота ва монанди инњо.

Худованд ин њамаро хитоб мекунад ба инки аз рањмати Худованд ноумед машавед ва бояд њарчи зуддтар баргардед ва тавба кунед, пеш аз марг, ки намедонед кай домангири шумо мешавад. Барои њамин дар ояти дигаре, ки баъди он оят омадааст, Худованд мефармояд: «**Ва руљўъ кунед ба сўи Парвардигори худ ва итоъат кунед Ўро, пеш аз он ки биёяд ба сари шумо азобу уќубате** (лек баъди омадани азобу уќубат) **дигар мададу ёрї дода нашавед**» *(Сураи «Зумар», ояти 53).*

Њамчунин бингар, ки чї гуна Паёмбар (с) баъди худ дари тавбаро боз намудааст, ки шомили тамоми ваќт ва љой мебошад, ќабули тавбаро мустаќиман миёни банда ва Худо ќарор додааст. Биёед, ба ин рољаномоињои Паёмбар (с) гўш дињем:

Абдуллоњ ибни Масъуд (р) мегўяд: Паёмбар (с) фармуданд: ***«Албатта, Худованд ба тавбаи бандааш хурсанд мегардад аз марде, ки дар маконе фаромад ва сахт гурусна ва афсурда буд. Ў бо худ шутуре дошт, ки дар он таому шароб буд. Пас саращро гузошт ва ба хоб рафт. Пас чун бедор шуд, шутураш рафта буд, пас ў онро љустуљў намуд, дар њоле ки гармї ва гуруснагї ўро сахт аз по афтонда буд. Гуфт: Ба макони авалаам бармегардам, ки дар онљо ба хоб рафта будам ва онљо мехобам то инки бимирам. Пас ба маконаш баргашт ва ба хоб рафт ва ваќте аз хоб бархост, шутурашро дар пешаш дид ва тамоми таому шаробро бар болои он дид. Пас хурсандии Худованд ба тавбаи бандаи мўъминаш бештар аст аз ин мард бо њама тўша ва шутураш.»***[1]

Пас оё дар олам мисоле ба ин зебогї ва балоѓат пайдо мешавад?

Аз Абўњурайра (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Агар шумо хатоњое кунед, ки ба осмонњо расанд ва сипас тавба кунед, Худованд тавбаи шуморо ќабул мекунад».***[2]

Анас (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Њама одамизод хато мекунад ва бењтарин хатокорон тавбакоронанд»***3

---

[1] Бухорї (5949) ва Муслим (2744).

[2] Ибни Моља (4248) ва соњиби ас-Силсила онро сањењу њасан гуфтааст.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Худованд тавбаи бандаро қабул мекунад, то замоне ки ҷонаш ба гулӯ нарасида бошад».****4*

Ҳазрати Абӯмӯсо (р) ривоят мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Худованди азза ва ҷалла шабҳо яди Худро дароз мекунад, то гунаҳкорони рӯз тавба кунанд ва рӯзҳо яди Худро дароз мекунад, то гунаҳкорони шаб тавба кунанд, то он замоне ки Офтоб аз мағриб барояд».***

Аз Сафвон ибни Ассол (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Аз тарафи мағриб, албатта, дарест ки миқдори паҳноияш ба андозаи чилсола роҳ ё ҳафтодсола роҳ аст. Онро Худованд дар рӯзе, ки осмонҳо ва заминро офарида буд, барои тавба кушодааст. Ҳаргиз онро намебандад, то инки Офтоб аз он барояд».***[1]

Бале, яке аз шартҳои асосии тавба он аст, ки инсон қасд кунад, ки дигар ба он барнамегардад ва ин ки ҳақро ба соҳибонаш баргардонад, вале агар ин инсон боз ба гуноҳи пешинааш рӯй оварад, чӣ мешавад? Ман барои шумо ин ҳадисро аз Паёмбар (с) меоварам, то бидонед, ки чунин инсонро оё Худованд қабул мекунад ё не. Аз Уқба ибни Омир (р) ривоят шудааст, ки марде ба сӯи Паёмбар (с) омад ва гуфт: Эй Паёмбари Худо! Агар мо гуноҳе кунем, чӣ мешавад? Паёмбар (с) фармуданд: ***«Гуноҳ бар ӯ навишата мешавад».*** Пурсид: Агар талаби мағфират кунад ва тавба кунад? Паёмбар (с) фармуданд: ***«Гуноҳаш омурзида мешавад ва тавбааш қабул мегардад».*** Пурсид: Боз гашта гуноҳ кунад? Паёмбар (с) фармуданд: ***«Гуноҳ бар ӯ навишата мешавад»***. Пурсид: Агар талаби мағфират кунад ва тавба кунад? Паёмбар (с) фармуданд: ***«Гуноҳаш омурзида мешавад ва тавбааш қабул мегардад. Худованд хаста намешавад, то ин ки шумо хаста шавед».***[2]

**Далели ақлии нуздаҳум: Раҳмдилӣ, осонӣ, гузашт ва сулҳ.**

Он раҳмате, ки дар рисолаҳои осмонии пешин омада буд, танҳо як ҷониби муайянеро дар бар мегирад, ки ба мо расидааст. Аммо раҳмат дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ аз ҳеҷ паёмбаре наомадааст. Ин сифат яке аз

---

[1] Байҳақӣ дар «Шӯъабу-л-имон», (7076) ва соҳиби ас-Силсила онро ҳасан гуфтааст..

[2] Табаронӣ дар «ал-Авсат», (8689) ва .Ибни Ҳаҷар онро ҳасану саҳеҳ гуфтааст.

лавозимоти рисолати охирин мебошад, ки бояд дар тамоми соњањои њаёт омада бошад. Њамчунонеки рањмат назария аст, њамчунин амалї низ мебошад ва он метавонад дар њаёт такрор ёбад. Ваќте мо ба њаёти паёмбарон андеша мекунем, мебинем, ки Мўсо (а) мењрубон бо Бани Исроил буд ва рисолаташ он буд, ки оњњоро аз зулми Фиръавн берун созад. Инро касе наметавонад инкор намояд ва дар Ќуръони карим инз оятњое омадааст, ки инро исбот мекунанд. Аз љумла, дар сураи «Нозиъот» чунин омадааст: «**Бирав пеши Фиръавн, зеро ў** (дар куфру исён) **аз њад гузаштааст.** (Ба ў) **бигў: «Њељ майлу раѓбат дорї, ки пок шавї** (аз иллати куфр) **ва рањнамої кунам туро ба сўи Парвардигорат, пас битарсї ту** (аз он зот)».

Њазрати Исо (а) бошад барои он омада буд, ки рисолати Мўсо (а)-ро комил кунад ва барои њамин дар ибораи Мато (15:24) омадааст: **«Њамоно, ки ман фиристода шудам, то хонаи Исроили гумроњро пайдо кунам».**

Емел Дермангњом дар бораи Муњаммад (с) чунин мегуяд: **«Ў аз каромат ва бузургии нафс он чизеро зоњир намуд, ки монанди ўро дар таърих кам пайдо мекунї. Ў лашкарашро васият мекард, то ба заифон, пирон, занон ва кўдакон рањм кунанд. Ў аз вайрон кардани хонањо, вайрон кардани заминњои корам ва буридани дарахтони мевадор манъ менамуд».**[1]

Аммо њадафи рисолати Муњаммад (с) аз љониби Парвардигораш муайян шудааст, ки мефармояд: «**Ва нафиристодем туро** (ай Муњаммад (с)) **магар рањмати оламиён**» *(Сураи «Анбиё», ояти 107).*

Ту ба дурустии ин њадаф бингар ва чї гуна тањаќќуќ ёфтани онро дар њадисњои Паёмбар (с) бубин. Аз Љобир (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Худованд бибахшад мардеро, ки њангоми харид, фурўш ва ќазовату њукмбарорї бурдбору мењрубон бошад».***[2]

Аз Умар ибни Хаттоб (р) ривоят шудаст, ки асиронеро ба назди Паёмбар (с) оварданд. Дар миёни онњо зане буд, ки синаашро медўшид ва њар гоњ тифлеро дар миёни асирон пайдо мекард, дар оѓўш гирифта, шир медод. Пас Паёмбар (с) пурсиданд: ***«Оё ба фикри шумо ин метавонад писарашро дар оташ андозад?».*** Гуфтем: «*Не. То замоне, ки метавонад намеандозад»*. Пас

---

[1] Ниг. «Ислом ва чењраи дигари тафаккури ѓарбї» таълифи Имодиддин Халил, баргирифта аз китоби «Нубуввати Муњаммад дар тафаккури шарќшиносии муосир». Таълифи доктор Лахзар Шойб, сањ 415)
[2] Бухорї (1970).

гуфт: ***«Дар њаќиќат, Худо бо бандагонаш аз ин зан бо писараш мењрубонтар мебошад».***[1]

Њазрати Оиша (р) мегўяд, ки аъробие ба назди Паёмбар (с) омад ва гуфт: «Шумо кўдаконро бўса мекунед, мо онњоро намебўсем». Пас Паёмбар (с) фармуданд: ***«Ман бароятон чї кор карда метавонам, модоме Худованд аз дили шумо рањмро гирифта бошад».***[2]

Аз Љарир ибни Абдуллоњ (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Рањм карда намешавад ба касе, ки ба мардум рањм намекунад».***[3]

Аз Абўњурайра (р) ривоят шудааст, ки гуфт ман аз Абулќосим (с) шунидаам, ки фармуданд: ***«Рањмат аз дили касе бардошта намешавад, магар аз дили бадбахт».***[4]

Аз Ибни Масъуд (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Шумо имон намеоред магар ин ки рањм кунед».*** Гуфтанд: «Мо њамаамон рањмкунанда њастем, эй Паёмбари Худо!». Фармуданд: ***«Мурод аз рањмкунии шумо танњо бо дўстон нест, балки рањмкунии шумост бо тамоми мардум, рањмат бо тамоми оламиён аст».***[5]

Аз Абўдардо (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Њаркї аз њисаи рањмдилї****(дар таќдири азал)* ***бархурдор гардад, дар њаќиќат барояш насиби хайру некї дода шудааст. Ва њар кї аз насиби рањмдилияш*** *(дар муќаддароташ****)*** ***мањрум карда шавад, бешак, ў аз насиби хайраш мањрум гаштааст».***[6]

Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) мўйсафедеро дид, ки дар дастони ду фарзандаш роњ мерафт. Фармудаанд: ***«Ба ин чї расидааст?».*** Гуфтанд: «Назр кардааст, ки пиёда роњ меравад». Гуфт: ***«Худованд аз азоб додани чунинњо бениёз аст ва ўро амр кард, то савор шавад».***[7]

Њачмунин аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармудаанд: ***«Ман дар намоз ворид мешавам ва тасмим мегирам ки онро***

---

[1] Бухорї (5999) ва Муслим (2754).
[2] Бухорї (5998) ва Муслим (2371).
[3] Бухорї (6941) ва Муслим (2319).
[4] Абўдовуд (4942) ва соњиби ас-Силсила онро њасан гуфтааст.
[5] Табаронї ва соњиби ас-Силсила онро њасанун лиѓайрињи гуфтааст. .
[6] Тирмизї (2013) ва соњиби ас-Силсила онро сањењ гуфтааст..
[7] Бухорї (1766) ва Муслим (1642).

***дароз бихонам. Чун гиряи кӯдакро мешунавам, намозро аз нороҳатии зиёди модари тифл барои гиряи ӯ, кӯтоҳ месозам».***[1]

Аз Абӯҳурайра (р) ривоят мекунанд, ки Паёмбари Худо (с) мефармояд: ***«Марде гуфт: Ман албатта, як садақа мекунам. Пас, он садақаро гирифта, дар дасти як марди дузде дод. Чун субҳ шуд, ҳама гуфтанд: Имшаб барои дузде садақа карданд. Ӯ гуфт: Худоро шукр барои дузд. Ман, албатта, садақа мекунам. Шаб садақаашро баровард ва дар дасти зани зинокоре дод. Чун субҳ шуд, ҳама гуфтанд: Имшаб барои зани зинокоре садақа карданд. Ӯ гуфт: Худоро шукр барои зани зинокор. Ман, албатта, садақа мекунам. Шаб садақаашро баровард ва дар дасти марди бое дод. Чун субҳ шуд, ҳама гуфтанд: Имшаб барои марди бое садақа карданд. Пас ӯ гуфт: Худоро шукр барои дузд, зани зинокор ва марди бой. Пас ба наздаш омаданд ва ба ӯ гуфтанд: Аммо садақаи ту барои дузд, шояд ӯро аз дуздияш боз дорад, аммо садақаи ту барои зани зинокор, шояд ӯро аз зинояш боз дорад ва аммо садақаи ту барои бой, шояд ӯ аз он ибрат гирифта аз моле, ки Худованд ба ӯ додаст, садақа кунад»***[2]

Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки чанд яҳудие ба назди Паёмбар (с) омадаанд ва ба ӯ гуфтанд: «Ассому алайкум»,яъне марг бар шумо. Пас, ҳазрати Оиша гуфт: «*Марг бар худи шумо ва шуморо Худо лаънат кунад ва ғазабашро бар шумо фуруд оварад».* Паёмбар (с) гуфт: ***«Ором шав, эй Оиша! Ту бояд нарм бошӣ ва аз дуруштӣ ва бадӣ парҳез намоӣ»***. Оиша гуфт: *«Оё нашунидӣ, ки онҳо чӣ гуфтанд?».* Паёмбар (с) гуфт: ***«Оё ту нашунидӣ, ки ман чи гуфтам. Ту ба онҳо посух мегуӣ. Маро дар бораи онҳо гӯш намекунӣ ва онҳоро дар бораи ман гӯш мекунӣ?».***[3]

Аз ҳазрати Оиша (р) ҳамсари Паёмбар (с) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***«Нармӣ дар ҳар чизе, ки дида шавад, ба он зинату ҳусн мебахшад ва дуруштӣ дар ҳар чизе, ки дида шавад, ба он айб мерасонад».***[4]

Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки аъробие дар масҷид пешоб кард, пас тамоми мардум ба тарафи ӯ ҳамла карданд то ӯро аз по биафтонанд. Паёмбари

---

1 Бухорӣ (677) ва Муслим (470).
2 Бухорӣ (1355) ва Муслим (1022).
3 Бухорӣ (6030) ва Муслим (2165).
4 Муслим (2594).

Худо (с) ба онҳо гуфт: ***«Ӯро раҳо кунед ва бар болои пешобаш як хум ва ё як сатил об бипошед. Зеро шумо фиристода шудед барои осон кардани корҳо, на барои он фиристода шудед, ки дар корҳо мушкилӣ оваред».***[1]

Аз Абӯҳурайра ривоят аст, ки марде ба назди Паёмбар (с) омад ва дар масъалае қазоват мехост ва ин корро бо дуруштӣ мекард. Пас асҳоби Паёмбар (с) хостанд бо ӯ бархӯрд кунанд. Паёмбар (с) гуфт: ***«Ӯро ба ҳолаш бигзоред, зеро соҳиби ҳақ гуфтаниҳое дорад».*** Пас гуфт: ***«Ба ӯ шутурбачае ба монанди шутураш бидиҳед».*** Гуфтанд: *«Мо ба ғайр аз як шутур дигар чизе надорем».* Фармуд: ***«Онро ба ӯ бидиҳед, зеро беҳтарини шумо он касест, ки ҳангоми қазоват беҳтар бошад».***[2]

Олими бузург, Диван Чанд Шарма ҳақиқатро хуб фаҳмида буд, вақте суханро дар бораи Муҳаммад дар ду калима хулоса намуда чунин гуфт: **«Муҳаммад рӯҳи меҳрубонӣ ва хушӣ буд, ки таъсираш дар атрофиёнаш мерасид. Ӯ боқист ва ҳаргиз фаромӯш намешавад».**[3]

**Далели ақлии бистум:** Покии ҳаёти оилавӣ.

Паёмбари хотам бояд бузургтарин асосро дар таърихи башарият бино кунад, зеро он биноест, ки дар сохтани он набояд ба сохтмончиёни баъдин эътимод намуд. Барои ҳамин бояд асоси бинои он хело мустаҳкам ва устувор бошад. Албатта, асоси ҳар ҷомеа ба ҷуз оила чизи дигаре наметавонад шуд. Оё хишти аввал дар бинои ҳар ҷомеа оила нест? Барои ҳамин ҳар номафҳумие, ки дар ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меояд, ин далели заъфи ҷомеа ба шумор меравад. Аз тарафи дигар эҳтиёҷи мардум ба ихтисосҳое ба монанди иқтисод, сиёсат ва ғайра ҳама ҷониби тахассусӣ доранд, вале ҳоҷати мардум ба оила ҳоҷати умумист, барои ҳар як инсон чизи зарурӣ ба шумор меравад ва инҳо мулозими ҳамдигаранд, ҳамчунонеки шубу рӯз мулозими ҳамдигар мебошанд. Шояд як инсон ҳамчун сиёсатмадор зиндагӣ кунад ва шояд ҳамчун иқтисодчӣ ва шояд ҳамчун бой ё камбағал, вале бояд ҳар яке аз ин афрод дар домани оилае зиндагӣ кунад. Аз тарафи дигар, шояд ин номбурдагон дар ҷамъият, созмон ва ё муассисае узв бошанд ва шояд ҳам узв набошанд, вале

---

[1] Бухорӣ (6128).
[2] Бухорӣ (2183).
[3] Divan Chand sharma, The Prophet of East calcutta 1935, p.122

бешак, њар яки инњо дар оилае узв мебошанд. Асоси њамаи инњо оила мебошад ва барои њамин бояд њаёти хотами паёмбарон дар ин самт возењу равшан бошад. Зеро он хишти аввалест дар асоси сохтори љомеа. Зеро он њолатест, ки њаргиз башарият аз он бениёз нест.

Эътибор на танњо дар он чизест, ки аз њаёти ў барои дигарон ошкор аст, балки эътибор дар њаёти шахсии ўст, дар дохили девор ва дар паси парда. Оё покии ботин асли покии зоњир ба шумор намеравад? Чї фоидае дорад, агар марде дар беруни манзилаш бузург бошад, дар њоле ки ў дар дохили манзили худ ва дар миёни оилааш хело бадбахт аст? Чї фоида дорад агар бо рафиќонаш ё дар кораш комёб бошад, дар њоле ки дар хона ва бо зану фарзандонаш ноком бошад? Њатто агар ин њоли бисёре аз комёбињои љањон бошад, пас оё метавонад чунин инсон барои тамоми мардум ва дар тамоми ањвол намуна бошад? Ба фикри шумо мардум чї кор мекунанд, агар дар њаёти оилавии худ бо оила, њамсар, фарзандон ба мушкилот дучор шаванду баъд ба сирати пешвои худ назар кунанд ва дар он чизеро барои ибрат натавонанад пайдо намуд? Ба фикри шумо мардум чї кор мекунанд, агар дар бораи сирати пешвои худ чандин љилд китобњоро дастарас кунанд, вале дар онњо чизеро дар бораи њаёти оилавї пайдо накунанд? Чї гуна метавон инро тасаввур кард, дар сурате ки ин пешво хотами паёмбарон бошад, ки мебоист дар камоли башарї бењамто бошад? Замони дар чунин мушкилот гирифтор шудан дигар барои намунаи холис будан ва пешвои олї будан маљоле намемонад. Камбудињои паёмбари охирин дар ин самт (ба шарти он ки бошанд њам) на танњо камбудї дар њаќќи худи ўст, балки камбудї дар њаќќи тамоми рисолатњои пешин ба шумор меравад. Балки ин камбудист дар њаќќи он касе, ки инро фиристодааст. Барои он ки метавон даъво намуд, ки рисолатњо наметавонанд самти шахсиятро дар бар гиранд ва ё метавон даъво кард, ки барои рањої додани башарият танњо дин кофї нест. Дар инљо чунин саволи љолибе пеш меояд: Њаёти шахсии кадом яке аз ин паёмбарон (а) барои мо равшан аст, ба дараљае ки метавон ўро хотами паёмбарон номид? Танњо як љавоб аст ва дигар љавобе дида намешавад: Ў Муњаммад салал-лоњу алайњи ва саллам мебошад!

Дар њоле ки барои дигар паёмбарон дар таърих чизеро аз њаёти шахсї ва оилавї наметавон пайдо кард, дар баробари ин ту дар њаёти њар оила ва

хонадоне назар кунї дар њаёт ва зиндагии Паёмбар (с) нишоне аз онро пайдо хоњї кард. Дар замоне ки сирати шахсии зиндагонии дигар паёмбаронро наметавонї дар беш аз чанд сањифа пайдо намої, ту китобњои чандљилдаро пайдо мекунї, ки дар бораи Муњаммад (с) ва шахсияти ў дар хонавода навишта шудаанд.

Агар мехоњї, њоло метавонї дар бораи даќиќтарин лањзаоти њаёти ў бароятон муфассал баён намоям. Ман метавонам бигўям, ки Муњаммад (с) чї гуфтааст ва чї кардааст. Болотар аз ин њама гуфтањо, ту дар њељ яке аз тасарруфњои ў чизеро наметавонї пайдо намої, ки бо илми муосир, услуби дуруст, фарњангу маданияти воло ва ё бо роњњои дурусти тарбиявї мухолиф бошад. Њамчунин метавонї маро ва ё њар роњиберо, ки мехоњї дар бораи љанбае аз љанбањои зиндагонии њар паёмбари дигар савол кунї ва дар ин сурат мебинї, ки чї номафњумињое онро ињота мекунанд. Ин на барои он аст, ки мо мусалмонон маълумоте надорем, балки мо, алњамдулиллоњ, таърихи дигар паёмбаронро низ омўхтаем, вале ба сабаби он ки ин маълумот аз онњо ривоят нашудааст ва шояд ба сабаби он ки он ќавме, ки ин Паёмбар ба сўи онњо фиристода шуда буд, эњтиёље ба он надоштаанд, ба њамин сабаб маълумоти камтаре дастрас аст. Агар њар роњибе бихоњад бо ту дар ин масъала бањс кунад, пас аз ў дар бораи яке аз љанбањои њаёти он Паёмбар савол кун ва дар ин сурат њаќиќатро хоњї дид. Њаќиќат он аст, ки ѓайри Муњаммад (с) каси дигаре хотами паёмбарон нест.

Тамоми инњо дар суханон ва кардањои ў бо болотарин услуб ва олитарин маъно зикр шуда аст, баробар аст, ки баёни он њангоми муоимила бо њамсаронаш, сўњбат бо онњо, њамзистї бо онњо, омўзондани онњо, корњои ў дар дохили хона, роњњои хонадоршавии ў, роњњои њали мушкилоташ, услуби муомилаи ў бо мењмонон, бо фарзанд, бо хизматгор ва чї гуна рў ба рў шудан бо мушкилот, бо хурсандї, зиндагии ў дар шаб, чї гуна хоб рафтани ў, чї гуна аз хоб бархостани ў, чї тавр хобидани ў…

Њамчунин њаёти шахсии ў аз замони таваллуд, замони тифлияш, кўдакияш, љавонияш, издивољаш, замони падарияш, пиросолияш, то замони беморї ва маргаш пурра дарљ шудааст.

## ПОЁНИ НИШАСТ

Чунин саволи бузурге ба миён меояд: Муњаммад (с) дар рўи замин чанд сол умр дид… ва дар дили мардум чанд сол зинда монд… дар низомњои одилонаи мардум ва дар ахлоќи накўи мардум чанд сол монд? Оё имрўз башарият ба тарафи пастии иљтимої ва ахлоќї меравад ё не? Агар љавобе, ки њамагон ба он иттифоќе дошта бошанд, ки бале, пас кай башарият ба сўйи аќл мегараванд ва дунболи њидояти Муњамммад (с) меравандс?

Масофа миёни ин гумроњии мардум ва бозгашти онњо ба сўи њидояти Муњаммад (с) бо ин баробар аст, ки онњо аз таассуби худ бозистанд ва ба маънои дигар гўем бояд ба сари инсоф оянд.

Мардум метавонанд аз дунболгирии фалон ва фалон низомї, сиёсї ва муслињ  ва ё ин ки аз пайравии Муњаммад бозистанд, ин маънои онро дорад, ки онњо дар хонаи бадбахтї боќї мемонанд, дар корашон дучори бадбахтї мешаванд ва дар маргу дар охират низ бадбахт хоњанд монд.

*Тавфиқ Рифоӣ*

3

# ТУ ХУД ТАСМИМ БИГИР!

**Душанбе - 2010**

ББК

***Тавфиқ Бин Халаф Бин Абдуллоҳ Аррифоӣ.* Ту худ тасмим бигир** *(қисми 3).* Душанбе: «Эр-граф», 2010, 284 саҳ.

ISBN

بسم الله الرحمن الرحيم

***Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон***

# ТАСМИМ

**Азизи ман,** бидуни шак, ҷуръати хондани ин китобро дорӣ. Пас, онро бихон ва худат тасмим гир. Ҷуръати тасмим гирифтан надошта бошӣ, албатта, бо хондани ин китоб ҷуръат пайдо хоҳӣ кард ва тасмим хоҳӣ гирифт. Ва агар баъди хондани ин китоб ҳам тасмим нагирӣ, албатта, тасмим хоҳӣ гирифт, ки ин китобро бори дигар хоҳӣ хонд, то тавонӣ тасмим гирӣ.

Бо ин вуҷуд, бояд бидонӣ, ки занону мардоне, ки дар ин баҳс ширкат варзидаанд, шахсони воқеиянд ва «нишастҳо»-е, ки дар ин китоб зикр шудааст, нишастҳои воқеиянд, на бофтаи хаёл. Ва нияти адлу инсоф миёни ҷонибҳои нишаст нияти воқеъӣ аст.

Номҳо, суолҳо, ҷавобҳо ва далелҳое, ки изофа шудаанд, барои кадом ҷонибе, ки бошад, танҳо ва танҳо барои хидмати ҳақиқат аст. Охирин хиште, ки дар ин бино ниҳода мешавад, хишти ҳақиқат аст!

Агар воқеъан, ту дар ҷустуҷӯи ҳақиқатӣ... Пас, эй соҳибхирад, ба ақли хеш фурсат бидеҳ, мӯҳлаташ деҳ... он гоҳ қудрати ҳақиқии онро дар тасмими беҳтарин гирифтан ва ба қарори ҳақиқӣ омадан хоҳӣ дид.

# НИШАСТИ ҲАФТУМ

## Ҳалли мушкилот

Аз муқаррароте, ки аз он пайравӣ мекунӣ, ҳар чи мехоҳӣ, бигӯ…. Ва ба муқаррароте, ки ман аз он тобеъият менамоям, гӯш фаро деҳ, вале дониста бош, ки рӯи оташи сӯзони мушкилиҳо даъвоҳои муқаррарот ва муқаррароти даъвоҳо об мешаванд.

Оё саҳми динатро дар зиндагии худ донистан мехоҳӣ?

Ба дини хеш бингар ва бубин, ки дар мавриди ҳалли мушкилотат чӣ саҳме дорад ва бидон, дӯсти ту касест, ки ҳангоми пеш омадани мушкилот бо ту дӯстӣ мекунад, на касест, ки ҳангоми дар сина, хона ва ҷомеаат аланга задани оташи мушкилот, аз паҳлӯи ту канор меравад, чи расад ба он «дӯсте», ки худ ба сари ту мушкилӣ меоварад...!

Усули саҳмгирии ӯ дар мушкилоти ба сари ту омада канорагириву фирор аст ва ту бояд бо оташзании саҳифаҳои дӯстии ӯ, чунончи ҳангоми сарозершавии мушкилот сӯзонда шуд, посух диҳӣ.

Оламро ба сурати қабл аз ҳазору панҷсадсолааш пеши назар ор ва ба он бингар… Ба анбӯҳи мушкилиҳое, ки олам онҳоро аз замони оғози вуҷуди башарият то ба ин насл ба мерос бурдааст, назар афкан. Он гоҳ хоҳӣ дид, ки тамоми рӯи заминро ду зулмат фаро гирифтааст: яке зулмати зулм ва дигар зулмати ҷаҳлу нодонӣ.

Баъди мушоҳада танҳо як суол пеш меояд: Чӣ воқеъа рӯй дод, ки ин ду зулмат заминро падруд гуфтанд?

Вақте ҷавоб пайдо шуд, агарчи худ ба худ ҳам бошад, қароратро содир кун.

Сазовори мукофот касест, ки мушкилиро ҳал намояд

## Даромадгоҳи нишасти ҳафтум

Хонаи Изабеллаи аз шавҳар ҷудошуда.... Андешмандон тибқи маъмул дар нишастгоҳашон даври ҳам нишастанд. Намуди нишастгоҳ аз диди соҳибназарон мувофиқи табъ буд. Ҳавои хона аз бӯи атри табиии гулҳои атрофи нишастгоҳ муаттар шуда, гулҳои дар миёни нишастгоҳ бо табиати дилрабои худ дидаҳоро асири хеш месохт. Ва хурсандӣ бар чеҳраҳои кушодаи афроди бо хоҳиши худашон ҳозиршуда ҳувайдо гашта.

Аҷаб хуш аст зиндагии табиӣ бидуни сохтакорӣ!

### *Аслан талоқ барои чист?*

**Изабелла:** Ҳар кӣ аз дастовардҳои кадом тамаддуне сухан гуфтан хоҳад, бояд қабл аз зикри дастовардҳои он тамаддун мушкилиҳоеро, ки он тамаддун ҳал кардааст, ёдовар шавад. Шахсан ман вақте ба тамаддуни исломӣ менигарам, мебинам, ки ягон мушкили инсониятро ҳал накардааст ва танҳо либоси зоҳириест, ки бар ҷасади аз мушкилиҳо бӯи ганд

гирифта либоси дигарро иваз намудааст. Аммо шахси аз мушкилот гандида дигар нашудааст, ҳамон асту ҳамон.

Ман як зани аз шавҳар ҷудошудаам ва фарзанд ҳам надорам. Айни замон ҷудошудаам, баъд аз он, ки бо марди лубнонии масеҳӣ муддате зиндагӣ кардам ва дар ишқу муҳаббат ва ихлос ба ӯ обу адо шудам, вай маро талоқ дод, вале ягон сабаберо, ки мӯҷиби талоқ додан шуда бошад, намедонам. Ҳоло, ҳамон гуна ки мебинед, баъди ҷуфту ҷамъ шудан боз танҳо мондам, баъди оиладорӣ ғариб гаштам… Танҳо ягона ҳақиқате, ки дар интизори онам, ҳарчанд оянда аст гуфта чашм пӯшам ё аз он чи дар интизори ман аст, рӯямро бипӯшонам ҳам, вай ҳақиқатест, ки вуҷуд дорад ва он марг аст…!

Ту худ бигӯ, агар талоқ дар миёни шумо машрӯъ намебуд, магар ман ба ин ҳол меафтодам? Ту ба ман бигӯ, ки Ислом дар мавриди талоқ чӣ кор кардааст?

Ин мушкили ҳақиқиест, ки онро инкор карда наметавонӣ!

Бо ин ҳама оё ту боз мегӯӣ, ки Ислом мушкилиҳоро ҳал кардааст? Чаро аз назари шумо талоқ дар ихтиёри зан нест? Чаро талоқ бо иттифоқ кардани зану шавҳар сурат намегирад? Чаро зан баъди талоқ шудан ба ҳолаш вогузошта мешавад? Балки ҳамин талоқ асосан барои чист?

Ин маънои онро надорад, ки ман аз ҷудо шуданам аз ин марди баде, ки ба ҷуз марди хона буданаш аз ӯ ягон некиеро ёд надорам, пушаймон бошам.

Ман дар ҳамин ҳолате, ки худам қарор дорам, дигар занҳои талоқшударо, ки баъди аз шавҳаронашон ҷудо шудан зоеъ гаштаанд, ба ёд меорам.

**Абӯҳомид:** Эй Изабелла, ту ҳаққи аз ин талоқҳо озурдашавиро дорӣ ва мо низ бояд дарду алами аз талоқшудагӣ кашидаатро дарк намоем. Аммо ҳоли мо ҳоли шахсеро мемонад, ки ба сӯи ӯ тирҳои зиёд раҳо мешавад, вале ба ӯ ягон тир намерасад. Аммо ӯ бар асари ин тирандозиҳо саргиҷ мешавад ва ин гуна саргиҷӣ ҳоло ба ман расид.

Қабл аз он, ки ба ҷавоби суоли мавзӯи баҳс шурӯъ намоям, мехоҳам аз ту бипурсам: Агар хоҳӣ ҷавоб деҳ ва илло аз ҷавоб додан даст бардор. Суоли ман ин аст: Оё он марди лубнонӣ мусалмон буд?

**Изабелла:** На хайр, мусалмон набуд, ӯ насронӣ буд.

**Абӯҳомид:** Ин хел бошад, Ислом ба мушкили шахсии ту иртибот надорад. Аз ин рӯ, аз ҷавоб ба суоли дигар шурӯъ мекунам, ки он чунин аст: Талоқ барои чист?

## *Талоқ дар ислом ба кадом хотир машрӯъ аст?*

Ман тирандозиро бо тирандозӣ ва суолро бо суол ҷавоб медиҳам. Бинобар ин, мегӯям: Эй Изабелла, як бор зиндагии заношавҳарии бидуни талоқро тасаввур намо. Тасаввур кун, ки як мард ва як занро ба хонаи зебое дароваранд ва дари хонаро бибанданд, сипас дарро канда, ба ҷои он девор кунанд ва он хона аз ҳамаи тарафҳояш устувор карда шавад ва ба он зану марди дар дохили хона қарордошта гуфта шавад, ки аз ин хона дигар роҳи баромад нест, ба ҷуз дар ҳолати марг! Дар ин ҳолат он зану мард чӣ фикр мекунанд? Фикр мекунанд, ки то мурдан аз ин ҷо намебароянд?

На, фикри онҳо ҳар чи зудтар халос шудан аз ин

хона аст, ҳарчанд хонаи зебо ҳам бошад.

Пас, агар ин ҳаёт ба сурати намунае, ки зикр кардам набошад, чӣ мешавад? Ҳаёте бошад, ки дар он бархӯрдҳои зиёд, сабабҳои зиёди ихтилоф, ихтилофи назарҳо, ихтилофи табиатҳо ва чизҳои зиёдест.… Баъди ин ҳама ҳарду эҳсос кунанд, ки ҷои баромад вуҷуд надорад?

Ту ҳоло мегӯӣ, ки марди баде буд…! Тасаввур кун, ки талоқ машрӯъ намебуд ва халос шудан аз ин мард имконнопазир мешуд ва ту бошӣ бадии ӯро баъди хонадор шудан ошкор кардӣ… дар чунин ҳолат чӣ кор мекардӣ?

## *Дари эҳтиётӣ*

Ақл мегӯяд барои ҳолатҳои зарурӣ даре эҳтиётӣ гузоштан аз ҳикмат аст. Вале ба он дар ҳаргиз набояд наздик шуд ё набояд даст расонд, зеро ба он даст расондан шояд боиси бадбахтии оила шавад.

Оё маконеро дидаӣ, ки монанди ҳавопаймо ба ниҳояти устуворӣ ҳама ҷояш баста бошад? Магар барои ҳолатҳои ногаҳонӣ ва ночорӣ дарҳои эҳтиётӣ доштани ҳавопаймо аз зарурият нест? Оё вуҷуд доштани дарҳои эҳтиётӣ маънои ба беҳуда аз он истифода намуданро дорад?

Ва ақл мегӯяд, набояд аз ин ҳақ ҳамаи афроди оила, зану шавҳар, фарзандон ва дигар ашхоси дар оилабуда бо вуҷуди он ки барояшон хеле муҳим аст, истифода намоянд. Балки бояд доираи кор ва истифода аз онро танг кард ва дар ихтиёри шахси дар кори издивоҷ ва ташкили оила бештар аз ҳама саъю талошварзида ва ранҷу машаққаткашида, ки барои хонадоршавӣ бори

аввал иқдом намудааст, гузошт.

Шахсе, ки ғолибан ақлашро кор мефармояд, на эҳсосотро, балки ба нуқтаи дуртари масъала ва паёмадҳои молӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ менигарад. Ба фикри ту ин шахс ба ҷуз шавҳар, ки ҳангоми ақди никоҳ сарфу харҷи хонадоршавиро ба дӯш гирифт ва баъди издивоҷ ва ташкили оила бори таъмини нафақаи оила ва омодасозии хонаи истиқоматиро барои аҳли оила ба ӯҳда дошт ва агар талоқ кунад, сарфу харҷи талоқ низ бар дӯши ӯ қарор хоҳад гирифт, ҳамчунин агар баъди талоқ хоҳад, оилаи нав ташкил кунад, сарфу харҷи он низ бар дӯши вай аст, кӣ бояд бошад? Оё ҳукме, ки ақл ба он мувофиқ аст, на ба ғайри он, ҳамин нест?

**Изабелла:** Бале, вале имкон надорад, ки зан мавриди зулму ситам қарор гирад! Магар имкони худраъйӣ ва ба сари худ амал намудани мард дар истифода аз ин ҳақ вуҷуд надорад? Оё имкон надорад, зан дархости аз ин хона берун рафтан кунаду берун рафта натавонад, шавҳар ба ӯ талоқ надиҳад? Ин мушкил бояд чӣ гуна ҳал шавад?

Ба як ҷониб, яъне ба шавҳар додани ҳаққи талоқ, бо вуҷуди барои ҳарду ҷониб муҳим будани ин амр, зулму ситам зиёд аст.

## *Хулъ*

**Абӯҳомид:** Дар Ислом хос барои зан дар ин маврид роҳи баромад ҳаст, ки мард наметавонад дар ин гуна ҳолатҳо якравӣ кунад. Ин роҳро дар Ислом «Хулъ» меноманд. Тибқи ин роҳ зан хоҳиши талоқ гирифтанро ба қозӣ баён мекунад ва ҳаққи шахсии хешро талаб

менамояд. Мавзӯи хулъ ба вето шабоҳат дорад.

Хулъ ба зан, вақте бо шавҳараш зиндагӣ кардан нахоҳад ва шавҳар ба вай талоқ надиҳад, ба як иттифоқи муайян ҳаққи раҳо кардани мардро медиҳад. Ва дар асоси ин иттифоқ  мард хоҳад ё нахоҳад, зан айби ӯро бигӯяд ё не, нафсашро аз ӯ бозпас мегирад. Ман дар ин ҷо барои ту қиссаи воқеиеро, ки дар замони Пёмбари Худо (с) дар ин маврид ба вуқӯъ пайваста буд, ҳикоя мекунам. Шояд машҳуртарин ровиёни ҳадис, яъне Имом Бухориро, ки пеш аз ин номи ишонро зикр карда будем, дар ёд дошта бошӣ. Бухорӣ аз писарамаки Паёмбари Худо (с), ки номи ишон Абдуллоҳ ибни Аббос аст, ривоят мекунад, ки гуфт: Ҳамсари Собит ибни Қайс ба назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: Эй Расули Худо (с), Собит ибни Қайс! Аммо ман на дар ахлоқи ӯ ва на дар динаш айб намегирам, вале носипосиро дар Ислом намеписандам, Паёмбари Худо (с) фармуд:

***«Оё мехоҳӣ боғашро ба ӯ бозпас бидиҳӣ?».*** Гуфт: Оре: Паёмбари Худо (с) (ба Собит) фармуд: ***«Боғро аз ӯ қабул кун ва ӯро як талоқ деҳ»***[1]

Эй Изабелла, оё медонӣ, маънои ин ҳадис чист?

Ин зан мехост аз шавҳараш халос шавад, бо вуҷуди он ки ӯ худ эътироф менамояд, ки шавҳараш на аз лиҳози ахлоқӣ ва на аз лиҳози диндорӣ ҳеҷ айбе надорад. Вале бо ӯ дар як хона ҳамчун зан тоқати зиндагӣ кардан надорад. Ҳамзамон аз инкор кардани некиҳои шавҳараш метарсад, чун ӯро бад мебинад, яъне бадбинии шавҳарро инкори некиҳо меҳисобад.

---

[1] Бухорӣ ривоят кардааст (4971).

Ислом бошад, ба эътироф намудани некиҳо амр кардааст... ва болотар аз ин, ӯ розӣ нест ягон айби ӯро зикр кунад... ва ӯ раҳоӣ ёфтан мехоҳад ва паёмадҳои тасмими гирифтаашро ба дӯш мегирад!

**Изабелла:** Дарвоқеъ, ин кори бузургест ва ин воқеаро ба шеваи аҷиб шарҳ додӣ.

## *Марҳилаҳои талоқ дар Ислом*

Мавзӯи мазкур ҳоло поён наёфтааст, бидон, ки талоқ дар Ислом маънои онро надорад, ки бо гуфтани як калима ҳама чиз тамом шавад. Балки талоқ низоми ниҳоят дақиқ дорад, то ҷое дақиқ аст, ки вақти татбиқи ин низомро бинӣ, гумон мекунӣ зану шавҳар ба марҳалаи талоқ нарасида, ба ислоҳ ва азсаргирии зиндагии заношавҳарӣ мерасанд. Ва вақте ислоҳ нашаванд ва амалан ба марҳалаи талоқ бирасанд, ин маънои онро дорад, ки зиндагии заношавҳарӣ миёни онҳо дигар имкон надорад ва маълум мешавад, ки ин тасмими онҳо тасмими дуруст аст, ҳамчунин маълум мешавад, ки тасмими онҳо оқилона ва баъди рӯи ин мавзӯъ фикру андеша кардан ва бо дарназардошти манофеъи муштарак ва ғайриимкон гаштани зиндагии якҷоя гирифта шудааст.

Аз он ҷо ки мақоми оила дар Ислом хеле бузург аст, зикри батафсили роҳҳои ҳалли ихтилофот миёни ҳамсарон дар худи Қуръон баён шудааст. **Хулосаи** ин баён чунин аст: вақте миёни зану шавҳар ихтилофи дохилӣ сар занад, барои ислоҳи миёни онҳо ду роҳ аст:

**Роҳи аввал,** роҳи мустақим аст, ки аз се марҳала иборат мебошад, яъне панду насиҳати нек, тарк намудани бистари зан ва танбеҳи ҷисмонӣ додан

бидуни зарари ҷисмонӣ расондан. Агар ин се марҳала нафъ набахшад, роҳи дуввум пеш меояд. Роҳи дуввум ислоҳи берун аз оила аст, ки ин навбат дахолати ду нафар довар ҳукми қонунӣ мегирад. Як нафар довар аз хешу табори зан ва як нафар аз хешу табори мард барои ислоҳ саъю талош меварзанд. Фишори оилавӣ роҳандозӣ мешавад ва одатан натиҷа ҳам ба бор меорад ва ба осонӣ мушкили оилавӣ ҳалли худро хоҳад ёфт. Ба ин гуна натиҷа расидан аз он хотир аст, ки одатан шахси ғазаболуд аз пайдо намудани роҳи ҳал фарсаххо дур аст. Дар ин гуна ҳолат, вақте шахси аз берун омадаи ороме аз ин тараф ва ҳамин гуна шахси ороми дигар аз он тараф дахолат мекунанд, мушкил ҳал мешавад. Ва хонадонҳои ҳарду ҷониб, албатта, барои доварӣ танҳо шахсони кордону ҳаким ва соҳиби обрӯву эътиборро, ки таъсири худро расонда метавонанд, мефиристанд. Вақте ин ду тан ҳам аз ҳалли мушкили оилавии он зану шавҳар оҷиз омаданд ва оҷизии хешро барои ҳарду ҷониб эълон намуданд ва он зану шавҳар дар ихтилофи хеш исрор варзиданд, он гоҳ **ҷудоии онҳо бо як талоқ шурӯъ мешавад.**

Ва ин як талоқи аввал, ки бояд дар оғози покшавии зан аз одати моҳона, қабл аз ҳамбистарӣ кардани мард бо ӯ, дар ҳамин покӣ, бо таври дақиқ, сурат мегирад. Ва то ба охир расидани ин муддат зану шавҳар одатан рафту ба якдигар майл намуда, ба сӯи якдигар бозгарданд ва мард бо занаш ҳамбистарӣ кунад ё баъзе амалҳои қабл аз ҳамбистаршавиро анҷом диҳад, дар ҳамон муддати покии зан, ин маънои бозгаштани зан ба назди шавҳарро дорад. Ва ин бузургтарин аломати ислоҳи миёни онҳо ва азсаргирии зиндагии заношавҳарӣ мебошад... Чаро ки талоқ ва

ҳамбистаршавӣ ҷамъ намешаванд.

Баъд аз ин кист шахсе, ки бар рӯй гардондани зане, ки бо ӯ зери як бом ва дар як хона қарор дорад, бо он ҳама шаҳват дар ҳолатҳои тағйирёбандаи ғазабу хушнудӣ, ҳамоҳангиву хусумат ва фироқу пайванд сабр кунад? Ба илова ин ҳолат вақте пеш омада, ки мард дар муддати одати моҳонаи зан бо ӯ ҳамбистарӣ накарда ва одатан дар аввали покшавии зан аз одати моҳонааш мард бағоят муштоқи ӯст... Ва ин ҳама изофа бар ин ки барномаи физиологии мунтазам дар тӯли замони заношавҳарӣ ҳам барои ҷисми мард ва ҳам барои ҷисми зан интиҳои шаҳвонии вижаеро дар оғози покшавӣ аз одати моҳона ба бор меорад ва ин иртиботи дуҷонибаи узвӣ аст.

**Агар бори дуввум талоқ диҳад, се моҳи дигар интизорӣ мебарад,** яъне зан одати моҳона шавад, сипас аз он пок гардад, боз баъд аз он одати моҳона шавад, сипас пок гардад, баъд аз он боз одати моҳона шавад, сипас пок гардад, баъд аз он талоқ диҳад. Дар ин муддат шавҳарро ҷоиз нест, ки занашро аз хонаи худаш ба хонаи падараш ё дигар хешу ақрабояш берун ронад. Балки ҳамроҳи ӯ ва фарзандонаш дар хонааш ба сар мебарад, то тамоми чораҳои табиии барои ислоҳи миёни онҳо таъсиррасон дар давоми ин муддат ба кор бурда шавад. Бубин, агар Ислом ба берун рондани зан аз хона амр мекард, аз якдигар дур афтодани онҳо, чунончи маълум аст, боиси сангдилии онҳо мегашт. Ҳамзамон берун рондани зани талоқшуда аз хона назар ба ислоҳгарон табаҳкоронро бештар ҷалб менамояд.

Аз ҷумлаи чораҳои таъсиррасоне, ки Ислом дар ин муддат истифодаи онро пешбинӣ намудааст, он аст, ки

мард субҳу шом занашро пеши назар ва дар хонаву ҳавлии хеш бо сару либоси зебо ороставу пероста дида меистад ва фарзандонашро низ мебинад. Дар чунин ҳолат мард худ ба худ дар мавриди хасороти ин ҳама ва ба дӯш гирифтани сарфу хароҷотҳои изофие, ки дар ивазаш чизе ба даст намеорад, андеша хоҳад кард... Ҳамин гуна, зан ҳам шавҳар ва фарзандони худро мебинад, баъд аз он хору зор ва зоеъшавии фарзандонашро тасаввур мекунад. Дар дидори фарзандон, тасаввур намудани фироқу ҷудоии онон ва дарки он, ки ин охирин рӯзҳоест, ки ӯ ҳамроҳи фарзандонаш аст... . Ин фишори меҳру шафқати даҳшатангезест, ки зану шавҳарро фаро мегирад, зеро ин тасаввуроту фишор маҳсули қалбанд ва ҳиссаи муштараки падару модаранд.

Дар чунин ҳолат агар онҳо ба хотири фарзандашон аз айби якдигар гузашт накунанд, пас ба хотири кӣ гузашт мекунанд?

Агар баъди ин қадар вақти кифояткунанда гирифтан ва аз байн рафтани ҳамаи васоил ҳамоно бар талоқи севум исрор варзанд, маълум мешавад, киислоҳшавии онҳо имконнопазир буда, барои онҳо ҷудоӣ беҳтар аст.

Эй Изабелла, оё ақл иҷозат медиҳад, ки баъди гузаштани ин ҳама марҳилаҳо қозӣ бар манъи талоқи онҳо қарори худро содир намояд?

**Изабелла:** Эй Абӯҳомид, агар медонистӣ, ки дар мавриди ман маҳкама чӣ кор кард, бидуни шак, зулмеро, ки зан дар ҷои мо ба он аз як ҷиҳат пайваста дучор мешавад ва мард аз чанд ҷиҳат дучор мешавад, дармеёфтӣ.

## *Чаро занро мезананд?*

**Аммо дар мавриди ин ҳама гуфтаҳои ту мулоҳизаи дигаре дорам.** Ту чизеро пинҳон намудӣ, шояд аз мавриди интиқод қарор гирифтан тарсидӣ. Ин ҳам бошад иҷозаи занро задани шавҳараш аст. Ва дар ин маврид дар Қуръон ояте доред. Аслан задан барои чист? Дар мавзӯи раҳмату меҳрубонии Ислом ва меҳру шафқати Паёмбар, Муҳаммад ҳар қадаре суҳбат намоӣ, иҷозаи задани зан ин ҳамаро барбод медиҳад.

Эй Абӯҳомид, вақте қонуни байналмилалии рӯз задани чаҳорпоёнро иҷоза намедиҳад, Ислом чӣ гуна рухсат медиҳад, ки занро бизананд? Воқеан агар ман ба хотири бартариятҳои Ислом, ки дар нишасти имшаба зикр кардӣ, дар мавриди пазируфтани Ислом ҳарчанд андеша мекардам, ҳамин машрӯъияти задани зан маро бозмедошт!

**Абӯҳомид:** Эй Изабелла, бидон, ки аз назари ман дар дини мо чизе, ки аз ошкор сохтани он бим дошта бошам, ё аз мавриди суол ё эътироз қарор гирифтан аз он хавф барам, вуҷуд надорад. Зеро ин масъала аз назари ман, ҳанӯз пеш аз мувофиқати комил доштани он бо ақл, масъалаи қонунӣ аст. Баъд аз он, бидонед, ки ба хотири тӯлонӣ нашудани сӯҳбатам ва пайдо нашудани суолҳои зиёд, чанде аз масоилро вогузоштам ва аз онҳо сарфи назар намудам.

## *Марҳилаҳои чораандешӣ*

Аммо **дар мавриди задан** бошад, ҳаминро бидон, ки ислоҳи миёни зану шавҳарӣ носозгоридошта дар ду марҳала анҷом мегирад. **Дар марҳалаи аввал** ислоҳи пинҳонии мустақиму бевосита аст ва дар марҳалаи

дуввум дахолати хонаводагии берун аз оила сурат мегирад. Ва танбеҳи ҷисмонӣ гоми охирини ислоҳи пинҳонии мустақим аст... Ва гоми охирин будани масъалаи танбеҳи ҷисмониро ба хотири ба даст овардани хушнудии шумо аз пеши худ набофтаам. Балки гоми охирини ислоҳи мустақим будани он дар Қуръон омадааст. Худованди мутаъол мефармояд:

وَٱلَّٰتِي تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَٱهۡجُرُوهُنَّ فِي ٱلۡمَضَاجِعِ وَٱضۡرِبُوهُنَّۖ فَإِنۡ أَطَعۡنَكُمۡ فَلَا تَبۡغُواْ عَلَيۡهِنَّ سَبِيلًاۗ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيّٗا كَبِيرٗا ٣٤

**«Ва занонеро, ки аз нофармонияшон бим доред, сараввал насиҳаташон кунед,** (дар сурате, ки панду насиҳати шумо суде надод)**, дар бистар аз онҳо дурӣ кунед,** (дар сурате, ки ин тадбир ҳам ба онҳо нафъ накунад)**, онҳоро танбеҳи баданӣ кунед. Пас агар онҳо аз шумо итоат карданд, ба онҳо тааддӣ накунед, ки Худо баландмартаба ва бузург аст»** *(Сураи «Нисо», ояи 34)*.

Дар ин марҳала ислоҳи бевосита ва мустақим миёни шавҳар ва завҷаи ӯ сурат мегирад, ки ғайри худашон, аз мардум касе намедонад. Ин тадбирҳо дар дохили деворҳои хонаи онҳо ва шояд дар дохили утоқи хоби онҳо амалӣ шавад. Ва ҳар чизе, ки миёни онҳо мегузарад, пинҳон аст, дар он ҳеҷ мушкиле нест. Зеро мушкил ва гирифтори мушкилӣ гаштан дар расвоӣ ва берун кардани масъала аз дохили хона аст.

Пеш аз тадбири танбеҳи ҷисмонӣ ду тадбири дигар андешида шуд, аввал тадбири панду андарзи нек намудан ва тадбири дуввум дар дохили утоқ аз ӯ рӯй

гардондан. Дар ин марҳила набояд занро аз утоқи хоб берун кард, ҳатто дар сурате, ки утоқ мулки шахсии шавҳар ҳам бошад. Дар мавриди панду андарзи нек бояд каме равшанӣ андохт, ки насиҳат додан набояд дар ҳузури дигарон ва дар миёни ҷамъи аз мардум сурат бигирад. Зеро ин панду насиҳат хосси зан ва марбут ба ҳоли ӯст... Бояд гуфт, гоҳо сухан аз задан ҳам дардовартар аст, вале Худованд нагуфт, ки онҳоро таҳқиру иҳонат кунед, балки гуфт **«насиҳаташон кунед»** ва дар охири охирон гуфт, **«онҳоро танбеҳи баданӣ кунед»**. Ва танбеҳи ҷисмонӣ дар чорчӯби чораандешии мустақим ва бевоситаи пинҳонӣ миёни шавҳар ва завҷааш меояд.

**Ин як, дуввум,** бидон, ки шавҳар мӯътамад ва масъули амонатдории ин марҳалаҳои чораандешист. Ӯ набояд аз болои марҳалаи аввал қадам фаротар ниҳода, даст ба зулму ситами ҳамсари хеш занад, марҳалаи панду насиҳат ва дур шудан аз бистари хобро нагузашта, тадбири марҳалаи севумро анҷом диҳад. Вай дар мавриди ҳукми шаръии муомала бо зан масъули амонатдор аст, мисли ҳокими бузурги кишвар, ки масъули амонатдор дар мавриди ҳокимиятронӣ дар кишвараш ва бо раъийяташ мебошад. Агар шавҳар дар ҳоле ки медонад ҳар як чораандешӣ, пеш аз он ки аз он ба чораандешии дигар бигузарад, ногузир вақти ӯро мегирад, амонатдор набошад, пас дар иҷрои ин ҳукм хоин аст ва барои ин хиёнаташ ҷавоб медиҳад. Ва вақте исбот шавад, ки ӯ дар задани завҷааш таадӣ ва зулм кардааст, ӯ аз нигоҳи диёнат ва ҳукм мавриди сарзаниш қарор мегирад. Ин гуна муохазашавии мард бар он далолат менамояд, ки задан ҳаққи мутлақи шавҳар бар зан нест.

**Севум**. Аз марҳалаҳои панду насиҳат ва дурӣ гирифтан аз бистари хоб ба марҳалаи танбеҳи ҷисмонӣ гузаштан зану шавҳарро аз поёнёбии марҳалаи чораандешии мустақим ва бевоситаи пинҳонӣ шадидан огоҳ месозад, балки ба пешомади нохуш – эҳтимоли ҷудоӣ ишора мекунад. Зеро баъд аз танбеҳи ҷисмонӣ дигар чӣ васила боқӣ мемонад? Бинобар ин, одатан зан ин масъаларо ниҳоят ҷиддӣ мешуморад, агар он пинҳонӣ ба хотири адаб додан сурат гирад, на интиқомҷӯёна. Пас агар танбеҳ нафъ накунад, дигар чӣ чиз нафъ мекунад...? Ба ҷуз ҷудоӣ чизи дигар боқӣ намемонад...!

Ҳамоно, муҳимтарин натиҷаи танбеҳи ҷисмонӣ, ин дарки воқеии хатарнокии анҷоми кор ва хатарнокии оянда, балки наздикшавии фарҷоми мусибатбор аст.

**Чаҳорум.** Набояд аз ёд бурд, ки мард дар чигунагии танбеҳи ҷисмонӣ ва сатҳи он масъулу амонатдор аст. Танбеҳи ҷисмонӣ набояд зарби ҷароҳатовар ва дардмандкунанда бошад, балки зарби сабуке бошад, ки танҳо ба хотири адаб додану ислоҳ намудан ва ба ифоқа овардан сурат гирад. Дар сурате ки мард аз ин андозаи танбеҳи ҷисмонӣ додани зан берун равад, барои зулму ситамаш муҳосаба мешавад. Чаро, ки Худованд танбеҳи ҷисмониро дар охири марҳилаҳои чораандешии пинҳонии мустақим ва бевосита қарор додааст. Аз ин рӯ, зулму тааддии шавҳар баъди дахолати доварон ба осонӣ ошкор мешавад. Дар ин сурат, агар доварон бо адл рафтор накунанд, зан шаръан ҳақ дорад барои мавриди зулму ситам қарор гирифтанаш ба қозӣ шикоят кунад.

**Панҷум.** Ту эй Изабелла, ин тадбирро шояд аз рӯи санҷиш ба мизони хислатҳои шахсӣ ва тарбиявии худат

наметавонӣ бипазирӣ ва шадидан ба он мухолафат нишон медиҳӣ ва шояд занони дигар низ ба сабаби шеваи муомалаи олии шавҳарашон бо онҳо  ё аз ҷиҳати дар сатҳи баланди фарҳангӣ қарор доштани шавҳаронашон ва сатҳи баланди фарҳангии худашон онро напазиранд. Дар ин мавридд ҳеҷ шубҳае нест. Аз ин рӯ Паёмбари гиромӣ (с) дар мавриди касоне, ки ҳамсарони худро латукӯб мекунанд, фармудааст: ***«Онҳо беҳтаринҳои шумо нестанд»[1],*** агарчи аз мусалмонони беҳтарин ҳам бошанд, латукӯб кардани зан онҳоро аз ин мақом, аз мақоми беҳтарин будан поин бурдааст. Аз ин рӯ, занони Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) ва хидматгорони он ҳазрат (с) ҳама гувоҳӣ медиҳанд, ки ишон *«ҳаргиз на хидматгореро задааст ва на занеро ва на тифлеро».*[2]

Аҷаб мураббии моҳирест касе, ки ба сӯи дигарон назар наандохта онҳо хостаи дили ӯро мефаҳманд, нигоҳаш дигаронро аз иқдом ба чизе боз медорад, рӯй гардонданаш кори панду насиҳатро анҷом медиҳад ва бо додани панду насиҳат аз задан ва латукӯб бениёз мешавад. Аммо касе, ки ба дараҷаи задан мерасад, маълум аст, ки охирин василаҳои тарбиявии хазинакардаашро ба кор бурдааст ва ҳамаи фурсатҳои беҳтаринро аз даст додаву ноком гаштааст.

**Шашум.** Хонадоршавӣ аз лаҳзаи аввал, низомест дорои чанд банди қонун ва бояд дар асоси он бандҳо идора шавад, мисли низоми ҳукумат. Ва танбеҳи

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (2146) ва соҳиби «ас-Силсила» онро ҳадиси саҳеҳ хондааст.

[1] Ривояти Муслим (2328) ба лафзи «Расули Худо (с) ҳаргиз чизеро ба дасташ назадааст, на занеро ва на хидматгореро».

ҷисмонӣ ба хотири барқарории ин низом машрӯъ аст, то вақте он халалпазир шавад ва рахна дар он афтод, бар ҳоким зарур аст назми низомро бо услубҳои некӯ ва панду андарз баргардонаду барқарор намояд. Агар ҳоким ба он услубҳои некӯ назмро боз гардонда натавонад, барои бозгардонии назм ба ҷуз ба андозаи кофӣ истифода аз қувва дигар чӣ чораандешӣ кунад?

Давлатҳо бо ҳамин услуб пойдоранд ва вақти зарурат амнияташон ҳифз мешавад. Сарнавишти тадоруки умури давлат ба ҳоким ва донишу маҳорати ӯ вобаста аст.

Давлат ба ҳоким ва донишу маҳорати ӯ вобаста аст.

Оё ба ҳоким гуфта мешавад, ки бигузор корҳо аз даст раванд ва аз нерӯ истифода мабар?

Бидуни шак, қурбониҳое, ки ба хотири пеши роҳи рахнашавӣ ва парокандашавии низомеро гирифтан сурат мегирад, ҳазорон баробар аз ба танбеҳи ҷисмонӣ гирифторомадагон бештар аст, агар касе ҳам қурбон шавад.

Аз байн бурдани хасоратҳо ва кам кардани қурбониҳо ҳадафҳои ниҳоие мебошад, ки дар баробари он танбеҳи ҷисмонии сабук хеле ночиз аст. Аз ин ҷиҳат Худованди мутаъол танбеҳи ҷисмониро ба бозгашти ба итоат вобаста кардааст. Ӯ таъоло мефармояд: **«Пас агар онҳо аз шумо итоат карданд, ба онҳо тааддӣ накунед»** *(Сураи «Нисо», ояи 34)*.

**Ҳафтум.** Ҳамаи махлуқоти оламро чун даст аз тамоми василаҳои дигар кӯтоҳ шуд, мустақиман фикри задан пеш меояд... Ин ҳақиқатест, ки ҳеҷ кас онро инкор намекунад. Оё инкори фитрат оқилона ва кори ҳакимона аст, ки онро инкор намоӣ, то ҷое ки ба хашм ояд, аз зиёдии хашм битаркад ва соҳибаш дар ҳолати

ғазаб аз фарҷоми кори хеш наандешад ва парво накунад, ки натиҷа чӣ миқдор ҳалокатбор аст... Ё беҳтар он аст, ки тарбия карда шавад ва пеши рӯи ӯ дигар сабабҳо гузоштаю қоидаҳову чорчӯбаҳо муайян карда шавад ва баъд аз он бояд ба умеди самар шавад.

## *Дидгоҳҳо*

**Ҳаштум.** Дар мавриди занашро танбеҳи ҷисмонӣ додани шавҳар сабаби ихтилофи мавқеъҳо, ки бархе ҷонибдор ва бархе мухолифанд, ба дидгоҳи ҳар шахс ва мавқеи ӯ бастааст. Масалан фарзанд вақте бинад, ки падараш модарашро мезанад, ҳаргиз ӯро пазируфта наметавонад... . Чаро?

Зеро вай модарашро заъифу нотавон мебинад ва ӯ писари ин зан аст, вале вай агар ба модараш ба чашми падараш бингарад, албатта, дар мавриди модараш диди ӯ тағйир меёбад ва ба вай мисли шавҳар ба занаш менигарад. Он гоҳ мефаҳмад, ки масъала чист ва дарсро хуб аз худ менамояд ва шояд дар ин сурат падарашро дастгирӣ кунад  ё шояд эътироз кунад, вале ғолибан ҷонибдори ислоҳ мешавад.

Ана ҳамин тавр вақте мо ба масъала аз диди қозӣ назар андозем, он гоҳ хоҳем дид, ки ӯ ба зан аз мавқеи ба даст оварандаи далелҳо, ки меҳоҳад дар ин хусумат миёни онҳо ҳукм намояд, менигарад. Бинобар ин, асл дар нигоҳи онҳо хусумат аст.

Ва вақте ба масъала аз мавқеи муборизаи миёни мард ва зан бингарем, масъала шакли душманӣ ва пирӯзиҷӯиро мегирад. Нигоҳ дар ҳама ҳолатҳо ҳамин гуна дигаргун мешавад. Балки назар кардан аз диди мубориза ва бартариҷӯӣ кафолат медиҳад бар ин, ки модари меҳрубон тифли ягонаи хурдсолашро ба

сабаби иштибоҳи тифлона ва такрор кардани иштибоҳаш вақте тамоми услубҳои тарбияро истифода мекунад, ҳама бенатиҷа тамом мешавад ва ночор тифлашро аз рӯи дилсӯзӣ танбеҳи ҷисмонӣ ва адаб медиҳад, мавриди иттиҳом ба бадгумонӣ дар мавриди тифлаш қарор гирад. Ва бо ин иттиҳом шояд ин тифлро аз модараш ба зӯр гирифта ба дигар кас диҳанд ва бо ҳамин модар аз бузургтарин хушбахтияш дар дунё маҳрум карда шавад.

Кай маҳрум сохтани падару модар аз маҳбуби дил ва ҷигаргӯшаашон чораандешию тадбир гаштааст? Ва манъи танбеҳи ҷисмонӣ додан кай тадбири мутлақ гаштааст? Шахсе, ки аз ҷазо худро эмин мебинад, кай росткору башарофат мешавад?

## *Танбеҳи ҷисмонӣ ҳаққи мутлақ нест*

Кай зиёдаравии бархе аз падару модарон ва зану шавҳарони бепарво дар истифодаи танбеҳи ҷисмонӣ сабаби манъ кардани услуби тарбиявие, ки вақте дар мақоми муносибу вақти муносиби худаш истифода шавад, натиҷаи дилхоҳ медиҳад… ва кай сабаби манъ кардани ислоҳи баъзе ҳамсарони хатокор мешавад? Бояд шахси дар истифодаи услуб зиёдаравинамуда вақте иштибоҳ кард ё онро дар ғайри вақти худаш истифода намуд ё дар мавриди шахсе, ки сазовори истифодаи ин услуб набуд, анҷом дод, бояд вуболи иштибоҳашро бар дӯш бигирад.

Илова ба шартҳои зикршуда яке аз шартҳои дигар ин аст, ки танбеҳи ҷисмонӣ набояд маҷрӯҳсозанда ва дардовар бошад.

Ана ҳамин гуна назари ҷузъии ноқисе аз диди як нафар сабаби ҳукми ноқис шудааст.

Бидуни шак, танбеҳи ҷисмонӣ як масъалаи ҷузъист ва намехоҳем дар ин мавзӯъ сӯҳбати тӯлонӣ кунем ва ин дидгоҳ аст, ки тасаввури ҳукми заданро муайян мекунад, вале назари дуруст вақте муайян мешавад, ки аз ҳамаи дидгоҳҳо ба он нигариста шавад.

Гузашта аз ин, бидон, ки танбеҳи ҷисмонӣ ин ҷо, яъне услуби сарзаниш ва боздорист, на услуби қаҳру интиқомҷӯӣ.

Агар ту пеши роҳи ҳалоки фарзандатро ба ҷуз бо танбеҳи ҷисмонӣ додан ба ӯ гирифта натавонӣ, оё мегузорӣ, ки вай ҳалок шавад? Агар туфангчаеро, ки ҷуз ба тоб додани дасти ӯ гирифта наметавонӣ, оё ӯро ба далели он ки тоб додани дасти кӯдак ҳаром гардонда шудааст, раҳо мекунӣ, то худашро бикушад?

Агар ӯро аз оташ задани хона бо кашида гирифтани гӯгирд аз дасти вай, ки ба ҷуз бо задане, ки гӯгирд аз дасташ бипарад, манъ карда натавонӣ, ба хотири он, ки задани кӯдак мумкин нест, оё ӯро раҳо мекунӣ, то хонаро оташ занад?

## *Шартҳои танбеҳи ҷисмонӣ*

Бинобар ин, вақте мо дар мавриди танбеҳи ҷисмонӣ ҳарф мезанем, бидонед, ки ин услуб услуби мубоҳи омехта бо меҳру шафқату раҳмат ва ба нияти адаб додан аст, ба шарти ин ки ба ӯ зарари калон нарасонад ва ба шарти он ки ҳамаи василаҳои пеш аз танбеҳи ҷисмонӣ тамом шуда ва натиҷаи дилхоҳ надода бошанд... бо вуҷуди он, ки мегӯем Паёмбари гиромӣ (с) *«назадааст»* ва дар мавриди касоне, ки танбеҳи

ҷисмонӣ медиҳанд, ***«онҳо беҳтаринҳои шумо нестанд»*****[1]** гуфтааст.

Ва ҷомеаҳое, ки бар асоси моддигароӣ, бадгумонӣ ва бар пояи боқимондаҳои зулму ситами собиқ бино шудаанд ва монанди инҳо ин гуна қонунҳоеро, ки аз назари ноқисӣ аз як дидгоҳ, ки ба ҷуз аксуламал чизе намедиҳад, содир карданашон дархури онҳост.

Магар на ин аст, ки Ислом аз **эҳёи <u>замер</u> барои татбиқи некӯ бузургтарин тааҳҳуд ва беҳтарин нигаҳбон бар мухолифаткунанда омода месозад?**

Аз ин ҷост, ки қонуни ҷазоӣ дар назари мухолиф мушкил наменамояд. Бинобар ин, азоби мардум куҷову азоби Худои бузург куҷо?

Аз ин рӯ, вақте шумо низоми исломиро ба низомҳои худатон муқоиса менамоед, иштибоҳи бузурге мекунед, чаро ки шумо низомеро, ки виҷдонро риоя ва аз рӯи он амал намекунад, ба касе муқоиса менамоед, ки виҷдони ӯ зиндаву бедор аст.

Агар хоҳам, мегӯям: Шумо шавҳареро, ки виҷдонро аз даст додааст, занашро мезанад ва тарси Худо дар қалби ӯ вуҷуд надорад ва шояд занашро бикушад ё ҷиноят содир кунад, ба шавҳаре муқоиса мекунед, ки виҷдони зинда дораду аз Худо метарсад ва аз азоби Худованд бим дорад, ки агар аз марзи нишондодаи Худованд по берун ниҳад, гирифтор ояд...

Шавҳаре, ки гомҳои калон ва васеъ ниҳода, то ба танбеҳи ҷисмонӣ расидааст ва бо ин вуҷуд аз Худое, ки ӯро муҳосаба хоҳад кард, тарсида, аз танбеҳи ҷисмонӣ додан канораҷӯӣ мекунад, дар сурате ки занаш дар

[1] Ин ҳадис дар боло тахриҷ шудааст.

носозгорӣ ба ҷое расида, ки сазовори танбеҳи ҷисмонӣ шудааст, агар ӯро бо риояи ҳамаи шартҳо танбеҳи ҷисмонӣ бидиҳад, бидуни шак, аз зумраи беҳтаринҳо берун рафтааст, чунончи далели он гузашт.

Ва ё аз рӯи ақлу ҳикмат аст, ки танбеҳи ҷисмонӣ аз миён равад, вале нофармониву носозгорӣ аз байн наравад?

Бидуни шакку тардид, бузургтарин теладиҳанда ба сӯи ҷиноят  ин аз байн бурдани ҷазо аст, дар ҳоле ки зарурати он аз байн нарафтаву ҷинояткорону муҷримон дар ҷомеа вуҷуд доранд!

Аммо робитаи заношавҳарӣ дар низоми исломӣ алоқаи муқаддасу муназзам аст, зану шавҳар пойбанди риояи аҳкоми муайян мебошанд, ки асоси он аҳком ҳозиру нозир донистани Худованд аст. Ислом манзили зистро ба майдони мусобиқа қарор додааст, ки ҳар кадоми онҳо барои хушнудсозии ҷониби дигар аз ҳамдигар сабқатҷӯӣ менамоянд. Madди назари шавҳар ин ҳадиси Паёмбари Худо (с) аст, ки фармудааст: ***«Беҳтарини шумо беҳтарини шумост барои хонаводааш».[1]***

Ва ҳадиси дигари Паёмбари гиромӣ (с) мадди назари завҷа қарор гирифтааст, ки фармуда: ***«Агар касеро барои саҷда намудани шахсе ғайри Худо амр мекардам, албатта, занро амр мекардам, ки шавҳаршро саҷда намояд».[2]***

Пайванде, ки дорои ин гуна қудусият аст, дар он

---

[1] Ривояти Тирмизӣ (3895) ва соҳиби «ас-Силсила» онро саҳеҳ гуфтааст.

[2] Ривояти Тирмизӣ (1159)  ва соҳиби «ас-Силсила»  мегӯяд,  ки ҳадиси ҳасани саҳеҳ аст.

ҳаргиз танбеҳи ҷисмонӣ воқеъ нахоҳад шуд, агар воқеъ ҳам шавад, фақат ба хотири боқӣ мондану идома ёфтани он пайванд, ба нафъи он ва ба хотири дур кардани заъфу сустӣ аз он воқеъ мешавад. Ва бинои он бар асоси гумони нек доштан дар мавриди ин чораандешӣ қомат меафрозад. Агар қуддусият ва бузургии ин пайванд набошад, ин қонуни мудаббирона ҳаргиз оиларо ҳифзу ҳимоя карда наметавонад. Саҳлу осонсозии роҳҳои берун рафтан аз зиндагии заношавҳарӣ ва аз байн бурдани монеаҳое, ки аз идомаёбии он ҳимоят мекунад, оё беқадру ночизгардонии зиндагии заношавҳарӣ нест?

Зани оқила вақте ин мавзӯъро бифаҳмад, аввалин касе, ки ба шавҳараш ташаккур баён менамояд, ӯст, ки ӯро бо риояи шартҳои  зикршуда танбеҳи ҷисмонӣ дод, чаро ки ӯро бо ин тадбир ба хонааш баргардонду аз ғурури мастӣ ба худ овард ва нагузошт, ки мисли фалону фалон дугонаҳояш кӯча хонааш гардад, ӯро баъди хатову иштибоҳро ҳамқарин шуданаш, ба роҳи рост баргардонд.

**Ва шавҳар бо ин гуна фаҳму идрок** танбеҳи ҷисмониро василаи интиқом ва нишони пирӯзӣ қарор намедиҳад, зеро дар даст задан ба танбеҳи ҷисмонӣ хасорату зарар домангираш мешавад, чун ӯ ҳамаи услубҳои пеш аз ин марҳаларо барои муваффақ шудан аз даст дод, ҳамзамон бо ворид шудан ба услуби танбеҳи ҷисмонӣ беҳтарин буданро дар миёни сабқатҷӯёни мақоми беҳтаринӣ аз даст дод. Зеро Паёмбари гиромӣ (с) дар мавриди касоне, ки занҳояшонро мезананд гуфтааст: ***«Онҳо беҳтаринҳои шумо нестанд».***

Фарзандони ин оила аз падаре, ки дар роҳи устувории бинои оилааш чунин равиши ҳакимонаро пеш гирифтааст, ташаккур мекунанд. Зеро вай вақте модари онҳоро аз зоеъ шудан ҳифз намуда, ӯро ба хона баргардонд, то онҳоро тарбия намояд ва ба камол расонад, агарчи рӯзе танбеҳи ҷисмонӣ дода бошад ҳам, онҳоро аз талафёбӣ ҳифз намуд.

Чӣ қадар шукргузорӣ карданд раммаҳо аз чӯпоне, ки онҳоро аз роҳи задани андак, каме тарсондан ва ҳайбати бузург нишон додан онҳоро аз парокандагие, ки худашон ва барачаҳои кӯчакашонро тӯъмаи гургҳо мегардонд, нигоҳ дошт.

Ва наслҳои башарӣ чи қадар ба раҳбаре, ки бо қотеъияти хеш кишварро аз пароканда ва пора – порашавӣ ва дар миёни миллатҳои дигар талаф ёфтан нигоҳ дошт, изҳори ташаккур менамоянд?

Ва ту хуб медонӣ, эй Изабелла, дар миёни занон занҳое ҳастанд, ки ӯро сухану панду андарзи нек аз иштибоҳи пешгирифтааш бармегардонад ва занҳое ҳастанд, ки онҳоро сухани сахттар ва таҳдид бармегардонад ва занҳое ҳастанд, ки онҳоро ҷудо хуфтани шавҳар дар дохили ҳамон хона ва худдорӣ карданаш аз завҷааш, аз нофармонӣ ва туғён бармегардонад ва бархе аз занҳоро тарсондан ва танбеҳи ҷисмонии сабук бармегардонад.

Ва ту, эй Изабелла, тасдиқ мекунӣ, ки бо бархе аз занон ин услуб судбахш аст, агар масъала чунин аст, он занеро ки бо танбеҳи ҷисмонӣ ӯро баргардонда нашавад ва ҷудоии шавҳар, парокандагии оила ва талафёбии фарзандонро аз баргаштан ба сабаби танбеҳ беҳтар донад, чӣ гуна оқила аст?

**Дарвоқеъ, аксари занон баъд аз талоқ, бо забони ҳол мегӯянд: Эй кош, сад бор мавриди танбеҳи ҷисмонӣ воқеъ мегаштаму як бор талоқ намешудам...!**

Пас маълум мешавад, ки ҳар яке аз ин чораандешиҳои сегона ҳадафи марҳилавӣ доштааст. Бинобар ин, вақте ҳадаф амалӣ нашавад, онро вогузошта, ба марҳалаи навбатии баъди он мегузарад. Ва ба ин сон марҳалапаймоӣ баста ба ҳамсаршиносии мард аст... Аз ин рӯ, вай агар донад, ки ин чораандешӣ ё чораандешии дигар натиҷаи баръакс медиҳад, набояд ба он иқдом намояд ва аз он кор гирад.

## *Латукӯби зан аз забони рақамҳо*

**Эй Изабелла, вақте шумо ҷазои танбеҳи ҷисмонии адабдиҳии тарбиявии ҳадафмандро манъ кардед,** ба задани ҳалокатовар афтодед. Агар шумо аз нисбатҳои даҳшатбори теъдоди занони латукӯбшуда ва паёмадҳои латукӯби зишту расво огоҳ шавед, бешубҳа ба сӯи низоми исломӣ мешитобед. Мувофиқи ахбори рӯзномаи «Ар-роят»-и Қатар ҳукумати Фаронса дар як баррасие, ки ба муносибати бузургдошти рӯзи байналмилалии аз байн бурдани хушунату зӯроварӣ бар алайҳи занон, ҷашне, ки онро Созмони Милали Муттаҳид муқаррар мекунад, эълон намуд, ки ба ҳисоби миёна дар Фаронса ҳар се рӯз як зани фаронсавӣ бар асари хушунату зуроварии занушавҳарӣ мемирад ва дар муқоиса бо ин  дар ҳар чаҳордаҳ рӯз як мард мемирад.

**Оморе, ки танҳо дар сатҳи Фаронса гузаронда шуд, аз он дарак медиҳад, ки ин офат ба ҳамаи табақаҳои ҷомеаи фаронсавӣ яксон расидааст. Аз рӯи нишондодҳо аз аввали моҳи январи соли 2006 теъдоди ҷиноятҳои**

**хушунати хонаводагӣ ба 113 ҷиноят расидааст, ки 83% он бар алайҳи занон равона карда шудааст, дар баробари он танҳо 18 ҳолате, ки дар он дар натиҷаи муомалаи хашини зан шавҳар ҳалок шудааст ва аз ин 18 ҳолат дар 12 ҳолати он аввал шавҳар чолокӣ карда даст ба зулму ситами зан задааст!**

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар олам аз ҳар се нафар зан як нафарашон дар зиндагӣ бо ишон бо задан, таҳдид намудан, зӯроварӣ ё азият додан, зишт гардондани сурат, паст кардани шаъну шараф ё дашному таҳқир ё густохӣ ва ё бо зӯрӣ издивоҷ намудан ва ғайра муомалаи зишт карда мешавад. Ҳамин гуна дар Австралия, Исроил, Африқои Ҷанубӣ, Канада ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 40 – 70% аз ҷумлаи занони кушташуда ба дасти шавҳарон ё ошиқонашон ба қатл расидаанд.

Ба ҳисоби умумӣ метавон гуфт, ки 40% аз заноне, ки кушта шудаанд, қатли онҳо ба дасти шавҳарон ва ошиқонашон сурат гирифтааст. Ва 70% қурбониҳои хушунат дар Шветсия баъзе намудҳои хушунат ва густохиҳои ҷинсиро аз сар гузаронидаанд. Ва дар Ҳоланд ҳар сол зиёда аз дусад ҳазор зан аз тарафи шавҳаронашон мавриди хушунат қарор мегиранд.

**Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ҳар 15 сония як нафар зан мавриди латукӯби шавҳараш, ё ошиқаш қарор мегирад** (аз тадқиқоти Созмони Милали Муттаҳид дар мавриди занони олам дар соли 2000-ум).

Ва дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳар ҳафта ду нафар зан ба дасти шариконашон кушта мешавад (E. Joni Seager 2003).[1]

---

[1] Wed. Amnesty. Oeg.

**Изабелла:** Дуруст аст, ки ин нисбатҳо баёнгари рӯ ба афзоиши даҳшатбори мавриди латукӯб қарор гирифтани занон дар ҷомеъаҳои мутамаддин аст. Вале худи ҳамин нисбатҳо баёнгари воқеъшавии ҳолатҳои занонро задани мардон дар ҷаҳони севум мебошад. Танҳо ҳамин басанда аст, ки нисбати мазкур бузургтарин шоҳид қарор дода шавад дар мавриди он, ки Ислом дар марзгузорӣ дар мавриди зулму ситами занон муваффақ нашудааст. Ва шояд дар кори қонунигардонии танбеҳи ҷисмонии зан саҳми воқеъӣ дошта бошад.

Чунки аз назари шумо мавзӯи задани зан, ҳамон гуна ки худат зикр кардӣ, дар Қуръон ва ҳадис зикр ёфтааст. Ва дар доираи қонун дохил намудани чизи хато аз вогузоштани он чиз берун аз қонун кори хатарноктар аст. Зеро ба василаи қонун аз он ҳимоя мешавад ва бо ҳамин он чиз аз байн намеравад ва барои анҷомдиҳандаи он ҳаққи қонунӣ медиҳад.

**Абӯҳомид:** Ин ҷо ҳақиқатест, ки бояд ҳамсӯҳбатон онро равшану возеҳ бифаҳманд. Ҳамсӯҳбатон донанд, ки Ислом як чиз асту иштибоҳ намудани шахси хатопеша чизи дигар. Воқеъияти мусалмонони хатопеша ҳаргиз хатои Ислом маҳсуб намеёбад. Соҳиби хато ҳар кӣ бошад ва дар Ислом чи мақому мартабае дошта бошад ҳам, Ислом аз хато пок аст. Ва маҳз ҳамин хислати Ислом аст, ки аз ин низом ба хубӣ ҳимоят менамояд ва дар амал татбиқкунандагони таълимоташро азизу гиромӣ ва соҳибифтихор мегародонад.

Мавҷудияти баъзе ашхосе, ки муқаррароти Исломро ри оя намекунанд ва муртакиби хато мешаванд, дар низоми бузурге монанди Ислом моро

бояд водор намояд,то бар сари хатокор бирезем ва коре кунем, ки онро нек амалӣ созад. Зеро низомҳои бузург бар як нафар маҳдуд намешаванд.

Оё дар эътиқоди мусалмонон ва дар Қуръон бузургтар аз Паёмбари Худо (с) шахсеро суроғ дорӣ? Аллоҳи поку бузург дар чанд ҷойи Қуръон Паёмбараш, Муҳаммад (с) – ро сарзаниш кардааст. Ва Паёмбари Худо, Муҳаммад (с) дар расонидани он сарзаниши Парвардигораш ҳеҷ гуна кӯтоҳӣ накард ва онро бе каму кост ва бидуни чизе афзудан ҳамон гуна, ки оёти дар онҳо аз ҷониби Парвардигораш мавриди ситоиш қарор гирифтаашро мерасонд, расонд.

Оё дар сурае, ки ба номи «Абаса» ёд мешавад, Расули Худо (с) аз он, ки ба сӯҳбати сарони Қурайш, касоне, ки орзуи ба динаш дохил шудани онҳоро дар сар мепарварид, машғул шуда ба марди нобино рӯй наовард ва ба ӯ аҳамият надод, мавриди сарзаниш қарор нагирифт? Худованд мефармояд:

عَبَسَ وَتَوَلَّىٰٓ ﴿١﴾ أَن جَآءَهُ ٱلۡأَعۡمَىٰ ﴿٢﴾ وَمَا يُدۡرِيكَ لَعَلَّهُۥ يَزَّكَّىٰٓ ﴿٣﴾ أَوۡ يَذَّكَّرُ فَتَنفَعَهُ ٱلذِّكۡرَىٰٓ ﴿٤﴾ أَمَّا مَنِ ٱسۡتَغۡنَىٰ ﴿٥﴾ فَأَنتَ لَهُۥ تَصَدَّىٰ ﴿٦﴾ وَمَا عَلَيۡكَ أَلَّا يَزَّكَّىٰ ﴿٧﴾ وَأَمَّا مَن جَآءَكَ يَسۡعَىٰ ﴿٨﴾ وَهُوَ يَخۡشَىٰ ﴿٩﴾ فَأَنتَ عَنۡهُ تَلَهَّىٰ ﴿١٠﴾

**«Чеҳра дар ҳам кашид ва рӯй баргирифт аз ин, ки нобиноe ба суроғи ӯ омада буд. Ту чӣ медонӣ, шояд ӯ покӣ ва тақво пеша кунад? Ё** (аз шунидани суханони ҳақ) **мутазаккир гардад ва ин тазаккур ба ҳоли ӯ муфид**

**бошад. Аммо он кас, ки тавонгар аст, ту ба ӯ рӯй меоварӣ, дар ҳоле ки агар ӯ худро пок насозад, чизе бар ту нест. Аммо касе, ки бар суроғи ту меояд ва** (барои ҳидоят ва покӣ) **кӯшиш мекунад ва аз Худо тарсон аст, ту аз ӯ ғофил мешавӣ»** *(Сураи «Абаса», оёти 1-10).*

Ва ин гуна сарзанишу итоб дар чандин ҷои Қуръон такрор шудааст. Ин сарзаниш дорои фоидаҳои зиёдест. Аз ҷумла, барқарории қоида, ки хато ба ҳеҷ сурат мавриди қабул нест ва инкоршуда аст. Модоме ки Худованд Паёмбараш, Муҳаммад (с)-ро сарзаниш кардааст, дигар дар шариат боқӣ мондани халал маҳол аст. Зеро ҳисоби он танҳо бар Худованд аст ва Худованд аз хато кардан пок аст. Бинобар ин, хатои ҳеҷ фардеро дар ҷомеа бар алайҳи Ислом ҳисоб карда намешавад.

**Ин як масъала, масъалаи дигар,** он аст, ки дар сухани ман даъват ба намуна (идеал) будан нест ё ба ибораи дигар гӯем маънои онро надорад, ки имкони дар амал татбиқ намудани Ислом вуҷуд надошта бошад. Як марҳалае, ки дар он Ислом воқеъан бар беҳтарин сурат дар амал татбиқ карда шуд, гузашт.

Сурати ҳақиқии Ислом зоҳир шуд. Бартарияти он татбиқ ин аст, ки дар як замони ҳамнафас бо замони ҷоҳилияти бузург ҷомаи амал пӯшид... Ин маънои онро надорад, ки Исломе, ки дар он марҳалаи замонӣ муваффақ шуд, ӯ дар ҳамаи замонҳо тавонмандтар аст ва дар ҳамаи замонҳо лоиқи татбиқ аст. Оё забони мантиқ чуни нест?

## *Писари ман, Ҳомид ва мошинҳои сабукрав*

Ва масъалаи севум, эй Изабелла, писари калонии манн, Ҳомид мафтуни бо суръати баланд рондани

мошини сабукрав шудааст ва пайваста дар ин кор ҳунарнамоӣ мекунад, мисли танҳо бо ду чарх рондани мошин ва монанди ҳамин корҳои барои ҳаёташ хатарнок!

Ман ӯро борҳо насиҳат кардам. Вай зоҳиран аз ин кори хеш бозистод, вале пинҳонӣ ин корро анҷом медод, дигарон ба ман хабарашро мерасонданд, ки вай ин корашро идома дода истодааст!

Вай борҳо кӯшиш кард, розигии маро барои дохил шудан ба клуби варзишии мошинпойга бигирад. Ман ӯро нагузоштам, ки ба он дохил шавад. Ба худ гуфтам, ки ӯ ба ин клуб дохил нашавад ҳам, ба ҳамин ҳол аз кораш даст намекашад ва вақте ба суръати баланд рондани мошин барои ӯ одат шавад, чӣ гуна хоҳад шуд ва илова бо ин агар бо ҷавонони бебоки аъзои клуби мазкур робитаи дӯстӣ пайдо намояд, он гоҳ чӣ мешавад?

Мо рӯзе дар сари дастурхони наҳорхӯрӣ, ки ҳамроҳамон бародарам, шайх Қайс низ ҳузур дошт, сари ин мавзӯъ сӯҳбат кардем. Бародарам ҳам дар қаноатманд гардондани ман ба ӯ кӯмак мекард ва онҳо ба ман гуфтанд: Дар клуб низоми махсуси ҳимоякунанда вуҷуд дораду он ҷо пойга низ вақтҳои муайяни худро дорад ва ширкат варзидан дар он низ ба услуби хос ба роҳ монда мешавад...

Ва ҳар кӣ ба ин низому тартиби он пойбанд набошад ҷазои махсус дода мешавад. Писарам ба ман гуфт: Ай падарҷон, ба ман рухсат деҳ, ки ба клуби мошинпойга дохил шавам, ман худам медонам, ки ба суръати баланд рондани мошин ҳаваси ман аст, маро иҷоза деҳ, то ин ҳавову ҳавасро аз роҳи бехатар аз сарам берун кунам.

Ба вай гуфтам: Ба ҳамин шарт қабул кардам.

Баъди ин рухсат додани ман кори ғайричашмдошт рух дод.

Ҳамон рӯз Ҳомидро дидам, ки мошинро дар роҳҳои рухсати суръати баланддошта аз сад километр дар як соат намеафзуд!

Суръати девонаворро тамоман бад медидагӣ шуд.

**Изабелла:** Масале ҷолиб, вале бо ин масалат чӣ гуфтан мехоҳӣ?

## *Қонуни манъи мутлақи танбеҳи ҷисмонӣ*

**Абӯҳомид:** Вақте дар кишварҳои шумо танбеҳи ҷисмонӣ қонунан манъ шуд, он ба куштору бебокӣ ва зиндону зулм табдил ёфт. Ва роҳи ҳал, дар ҳолати беҳтарин, ҳукмро ба маҳкамаи қозӣ кашидан гашт. Аммо вақте дар мавриди танбеҳи ҷисмонӣ қонуни махсусу низоми хос бошад, андоза муайян ва ҳадафи муайян бошаду баъд аз он, аз наздик шудан ба ин марҳила наҳй шуда бошад ва мардум донанд, ки пешвои мо на занҳо ва на тифлонро назада аст, натиҷа чунончи дар маҳдудаи қонун аст, ҳосил гаштаасту танбеҳи ҷисмонӣ ҳам хеле кам шудааст.

Ва талхии он талхии доруро мемонад. Доруро бемор аз рӯи зарурат истеъмол менамояд, вале бадаш мебинад ва натиҷаи танбеҳи ҷисмонӣ ҳам монанди натиҷаи доруи шифобахш аст. Вақте аз рӯи адлу инсоф ба дурустии ҳар чораандешие ё хато будани чораандешӣ расидан хоҳӣ, пеш аз ҳама ба натиҷаи он бингар. Аҷиб ин аст, ки мо вақте бо нишондоди шартҳо ва қоъидаҳо ба танбеҳи ҷисмонии зан рухсат додем, барои мо чӣ натиҷа ба бар овард. Натиҷаи ба дастомада камшавии талоқ, устуворшавии оила

мебошад. Дар муқоиса нисбати талоқ дар кишварҳои шумо хеле боло рафтааст ва ҷудоиро наметавон васф кард, бо вуҷуди он ки шумо танбеҳи ҷисмониро мутлақо манъ кардаед.

Ва суоли дигар: Чаро фарзандони мо, мусалмонон ба падару модари хеш некӣ мекунанд, онҳоро дӯст медоранд, ҷону молашонро барои онҳо фидо мекунанд, чизеро дареғ намедоранд, бо вуҷуди он ки танбеҳи ҷисмонӣ додан мубоҳ аст ва падарону модарон гоҳо фарзандонашонро танбеҳи ҷисмонӣ медиҳанд, вале сабаб чист, ки дар шумо танбеҳи ҷисмонӣ мамнӯъ аст, вале оқипадарон ҳисоб надорад? Оё ин натиҷаҳо арзиши дар ин маврид ба таваҷҷӯҳи бештар фикр намудану назар карданро надорад? Вале набояд ин масъаларо тавре фаҳмид, ки ин натиҷаҳо ба мубоҳ будану набудани танбеҳи ҷисмонӣ додан рабт дорад, чаро ки танбеҳи ҷисмонӣ қатраест аз баҳри тадбирҳо ва чораандешиҳои тарбиявӣ.

Магар метавонӣ тасаввур намоӣ, ки Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) мардумро ба хотири дар миёни онҳо дар мавзӯъи танбеҳи ҷисмонӣ додани занҳо суханронӣ намудан ҷамъ карду мардонро бо водоштан ба андешаи ҳаёти воқеияшон  аз ин кор шадидан рам дод. Он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Яке аз шумо қасд мекунаду ҳамсарашро ба мисли тозиёна задани барда тозиёна мезанад ва шояд дар поёни рӯз бо ӯ ҳамбистарӣ кунад».*** [1]

Вақте рӯи ин ҳадис андеша намоӣ, хоҳӣ донист, ки задан то чи андоза зишт аст ва ҳамзамон хоҳӣ донист,

---

[1] Ривояти Бухорӣ (4658) ва Муслим (2855).

ки Паёмбари гиромӣ (с) ба ҳангоми пеши рӯи шунавандагонаш ду кори бо ҳам муқобил ва аз якдигар дурро баён намудан аз чи ҳадафе пайгирӣ мекард. Чаро ки задан ниҳояти сангдилӣ ва ҳамбистарии мард бо ҳамсараш ниҳояти муҳаббат ва бузургтарин меваи муҳаббат аст.

Пас ину он аз ҷониби як шахс чӣ гуна ба ҷо оварда мешавад?

**Акнун бармегардем ба татбиқ намудани он дар сӯҳбатамон** ва бармегардем ба давраи тираву торе, ки дар он Ислом мардонро аз латукӯби зан манъ кард, ба истиснои рухсат додан ба танбеҳ дар асоси қоидаҳои мушаххасшуда. Ислом аз задани зан дар ҷомеае наҳй кард, ки зан дар он ҷомеа аслан ҳаққи садои эътироз баланд карданро надошт ва касе ҳам ба фарёдаш намерасид...!

Зан ба кӣ чашми умед мебаст, то аз ӯ пуштибонӣ кунад, дар ҳоле, ки ситамгари ӯ падару шавҳар ва ҷомеааш буд...?

Дар ҷомеъаи арабӣ задани зан вуҷуд дошт, вале Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) эълон намуд, ки занро набояд зад ва он ҳазрат (с) худ дар занонро латукӯб накардан намунаи ибрат шуд. Бинобар ин тадбири фарогир теъдоди шикоятҳои занон аз шавҳаронашон ҳамагӣ дар муддати сивупанҷ сол, ба ҳисоби кам, яъне охири замони Паёмбар (с) ва замони хулафои рошидини баъди он ҳазрат (с), ба чор адад расид. Бо вуҷуди ин фарз кунем, он адад бигузор ба сад расида бошад, вақте ин ададро ба нисбате, ки дар ҷомеаи шумо ҳаст, муқоиса кунем, оё кори маҳол ба назар наменамояд?

Бояд бидонӣ, ки дини мо моро амр мекунад, то

сараввал низом, сипас татбиқ намудани онро дар зиндагӣ эҳтиром намоем. Ин гуна эҳтиром доштан дар мавриди низом ва татбиқи он танҳо дар маҳдудаи кишварҳои мо ва кишварҳои исломӣ нест, балки дар ҳар кучое аз ин олам бошем, бояд ин корро бикунем. Ин гуна маъмурият додани Ислом аз он хотир аст, ки ҳадафи Ислом на тарбия ва сохтани шаҳрванди нек, балки тарбия ва сохтани инсони нек аст. Ислом нек асту ислоҳгар, на фақат дар маҳдудаи кишвараш ва на дар маҳдудаи динаш, балки ба ҳар гӯшае аз гӯшаҳои олам қадам ниҳад, ин корро анҷом медиҳад.

Ва шумо худатон мебинед, ки маҳаллаҳо дар кадом минтақае аз сарзаминҳои шумо набошанд, вақте дар он маҳаллаҳо мусалмонон зиндагӣ кунанд, чи гуна ислоҳ мешаванд. Дар он маҳаллаҳо ҷиноят кам гашта, душманиву якдигарбадбинӣ коста мешавад ва мушкилот ҳам кам мешавад. Ҳатто зиндонҳоро бинед, вақте мусалмонони ислоҳгар ба он дохил мешаванд ва бо зиндониён мулоқот мекунанд ҳолашон рӯ ба беҳбудӣ меорад. Дар ин маврид далелҳо зиёданд ва ба хусус, дар зиндонҳои Амрикоӣ. Хоҳиш мекунам, ҳаргиз шумо чунин тасаввур накунед, ки мо дар хонаҳоямон ва дар сарзаминҳои худамон занҳоямонро мезада бошем.

На... Касоне, ки занҳояшонро мезананд, дар назари мо хору ҳақир ва беқадранд. Паёмбари мо (с) дар мавриди ин навъ шавҳарон, чунончи гузашт, мегӯяд: «***Онҳо беҳтаринҳои шумо нестанд».***

Пас чӣ гуна мо занонамонро дар кишварҳои шумо бизанем, дар ҳоле ки низом инро аз асосаш манъ кардааст!

## *Шубҳаи дуввум, сангдилӣ нисбат ба кӯдакон*

**Профессор Кристиан:** Дар Ислом мубоҳ будани задани занро як тараф гузор **ва масъалаи дуввумро бигир, ки сахттар аз масъалаи аввал аст.**

Шояд гӯем, ки зани боақл иллати заданро мефаҳмад ва ба ӯ шояд фоида кунад, манн **шояд** гуфта истодаам. Вале дар мавриди кӯдаконро задани мусалмонон чӣ мегӯед...?

Тибқи фаҳмиши мо дар мавриди мусалмонон, онҳо нисбат ба кӯдакон ниҳоят сангдиланд.

Ҳар мушкили дар рафтори кӯдакон пайдошударо ҷуз ба мушкиле, ки он бадтар аз мушкилаи эҷодкардаи кӯдак аст, яъне бо задан бартараф мекунанд.

Оё метавон мушкилоти кӯдаконро бо задани онҳо ҳал кард?

Оё задани кӯдак аслан мушкилро ҳал мекунад ё баръакс онро афзун мегардонад?

Оё он фарзандон ва модарон эҳтиёҷ ба қонуне надоранд, ки онҳоро аз зулми падаронашон наҷот диҳад?

**Абӯҳомид:** Пеш аз ҳама ба ту мегӯям, ки мо дар мавриди воҷиб будани манъи зулм бо ҳам ихтилофи назар надорем. Аммо ба таври мутлақ рабт додани танбеҳи ҷисмонӣ ба зулму ситам ҳаргиз дуруст нест. Ту хуб медонӣ, ки дар ҳамаи ҷомеаҳо кӯдакро танбеҳи ҷисмонӣ додану чаҳорпоён ва ғайраро задан воқеъ мешавад... Ва ман барои ту исбот хоҳам кард, ки ҷомеаҳои шумо бо ин масъала ба шевае, ки зикр кардам, муносибат кардаанд. Ва он шеваи муносибати онҳо ва ҳамон масъаларо (праблема)–ро ҳимоя ва нигоҳбонӣ менамоянд ва дар ин маврид қонун вазъ мекунанд ва ҳамзамон аз он бештар истифода

мебаранд. Ин гуна муомалаи шумо чунин ба назар мерасад, ки барои ҳар масъала (проблема) ҳимоятгоҳ ва тарбиягоҳе омода месозед ва дар тарбиягоҳ онҳо тарбия гирифта ҳам зиёд мешаванду ҳам калон мешаванд ва баъди он чӣ расад ба ҳалли онҳо, ки пеши роҳи он масъалаҳоро гирифтан душвор мегардад. Ин ҳоли шумо ба ҳоли касе мемонад, ки барои бактерияҳои зарарнок ноогоҳона парасторгоҳ омода месозад.

Аз лиҳози тарбиявӣ услуби ҷамъ миёни ташвиқ ва бимдиҳӣ услуби маъруф аст ва ин услуб дар тарбияи инсон услубест баробарвазну хеле муфид. Бо ин услуб вақте аз ташвиқу бимдиҳӣ ба андозаи муносиб кор гирифта шавад, шахси мӯътадилеро метавон тарбия карду ба камол расонд.

Бо вуҷуди ин, дар шеваи кори мо, мусалмонон услуби ташвиқ муқаддам бар услуби бимдиҳӣ мебошад, магар вақте, ки ташвиқ судбахш воқеъ нашавад, он гоҳ мураббӣ дар доираи ниҳоят танг ва бо эҳтиёти том аз услуби бимдиҳӣ истифода менамояд.

## *Муҳаммад (с) на ходимеро танбеҳи ҷисмонӣ додаасту на кӯдаке ва на занеро*

Ман аз он ниҳоят дар тааҷҷубам, ки шумо ин шакли сангдиливу бераҳмиро дар мавриди кӯдакон чӣ гуна ба Паёмбари Худо, Муҳаммад (с) ё ба дини Ислом нисбат медиҳед! Аз ин хотир, ногузир бояд барои ту ахлоқи Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) – ро дар ин ноҳия баён намоям, сипас агар хоҳӣ, дар ин мавридқазоват кун. Вале агар бар асоси ба таври ҳамешагӣ Исломро ба сурати зишт қаламзании васоили ахборатон қазоват кунӣ, дар он сурат қазовати ту аз

адлу инсоф ба масофаи Машриқ то ба Мағриб дур аст. Ё худат суратеро аз Ислом фарз кунӣ ё каси дигар онро фарз кунад ва ту бар он асос қазоват намоӣ ва ё рафтори мусалмоне ё зани мусалмонеро мушоҳида карда бошию онро Ислом биҳисобӣ ё ин ки Исломро сабаби рафтори мусалмон донӣ ва аз ин нигоҳ қазоват намоӣ, ин ҳам аз адлу инсоф фарсаххо дур аст. Танҳо вақте қазоватат аз рӯи адлу инсоф мешавад, ки Исломро хуб бишносӣ ва ҳақиқати онро дарёбӣ.

Эй устод, ту бояд бидонӣ, ки дар кори тарбия ҳам пешво ва намунаи ибрати мо Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) дар тамоми зиндагии хеш, яъне дар муддати шасту як сол[1] бо вуҷуди аз мардум канорагирӣ накарданаш ва бо вуҷуди оилаи калон доштану бо вуҷуди бархӯрдҳои зиёд доштанаш, на ягон кӯдакеро танбеҳи ҷисмонӣ додааст ва на занеро. Ба гувоҳии ходими он ҳазрат (с), Анас ибни Молик, ки аз хурдсолӣ ҳамроҳи Паёмбар (с) буду даҳ соли расо хидматашро адо кардааст ва он ҳадисе,ки ӯ ривоят мекунад, баъди вафоти он ҳазрат (с) сурат гирифтааст, бингар.

Ман ривояти ӯро айнан меорам. Аз Анас (р) ривоят аст, ки гуфт: *Ман ба Паёмбари Худо (с) даҳ сол хидмат кардам, «дар ин муддат ҳеҷ гоҳ барои ман «уфф» нагуфтааст. Ва кореро, ки анҷом додам, ба ман боре ҳам нагуфтааст, ки чаро ин корро кардӣ ва кореро накарда бошам, нагуфтааст, ки барои чӣ онро анҷом надодӣ. Расули Худо (с) некӯахлоқтарин некӯсураттарини мардум буд. Ва ман ҳаргиз на пила ва на абрешим ва на чизеро нармтар аз кафи дасти*

[1] Шасту як сол ба ҳисоби соли милодӣ аст ва ба ҳисоби соли қамарӣ шасту се сол мебошад.

*Паёмбари Худо (с) ламс накардаам»*[1].

Ва инак гувоҳии ҳамсари он ҳазрат (с), Оиша (р)-ро, ки Абдуллоҳи Ҷадалӣ мегӯяд, бишунав! Абдуллоҳ гуфт: «Ман Оиша (р) – ро дар мавриди ахлоқи Паёмбари Худо (с) пурсидам. Ӯ гуфт: *Зиштгӯву зиштхӯ ва дар бозорҳо баландсадо набуданд ва дар ивази бадӣ кайфари бад намедод, лекин мебахшид ва гузашт мекард»*[2].

## *Марҳилаҳои чораандешӣ*

Аммо гуфтори он ҳазрат (с) дар ин маврид хеле зиёд аст:

Ёри Паёмбари Худо (с) Саҳл (р) гуфтааст: *Расули Худо (с) фармуданд:* ***«Ман ва сарпарасти ятим монанди ду ангушти ҳамҷивор дар Биҳиштем»*** *ва ба ангушти сабоба*[3] *ва ангушти миёнааш ишора кард ва миёни ду ангушташро каме кушода дошт.*

Ва Абӯҳурайра (р) аз Паёмбари Худо (с) ривоят карда, ки фармуд: ***«Парвардигоро, ман аз ҳаққи ду заиф шадидан барҳазар медорам, ҳаққи ятим ва зан».***[4] Яъне он ҳазрат (с) дар мавриди кӯтоҳӣ варзидан дар ҳаққи зан ва ятим сахт **эҳтиёт бош** мегӯяд, чӣ расад ба ситам намудан ба зан ва ятим.

Ва дар мавриди умуман хурдсолон мефармояд: ***«Касе, ки ба хурдсолони мо раҳм намекунад ва шарафи***

---

[1] Ривояти Тимизӣ (2015). Соҳиби «ас-Силсила» ин ду ҳадисро саҳеҳ гуфтааст.

[2] Ривояти Тирмизӣ (2016).

[3] Ангушти дар паҳлӯи нарангушт қарордошта.

[4] Ривояти Бухорӣ (4998).

***калонсолонамонро надонад, аз мо нест».***

Ва ту намедонӣ, ки таълимоти Муҳаммад (с) дар назди мусалмонон монанди таълимоти Қуръони карим аст ва ҳадду андозаи саъю кӯшиши мусалмононро дар сармашқи зиндагии хеш қарор додани ҳадисҳои он ҳазрат (с)-ро низ медонӣ.

Худованди мутаъол аз мухолафат варзидан ба амри Паёмбари гиромӣ (с) барҳазар намуда дар сураи «Нур» мефармояд:

فَلْيَحْذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿٦٣﴾

**«Онон, ки бо фармони Ӯ мухолафат мекунанд, бояд битарсанд, ки фитнае доманашонро бигирад ё азоби дарднок ба онҳо бирасад»** *(ояи 63).*

## ***Зарари манъи мутлақи волидайн аз танбеҳи ҷисмонӣ***

Бо вуҷуди он ки баъзан аз ҷониби бархе мусалмонон дар мавриди танбеҳи ҷисмонӣ кардани кӯдакон мухолафатварзӣ ба амри Муҳаммад (а) ба чашм мерасад, фақат ҳамин, ки ин гуна мухолафатварзиҳо ба ҷуз дар ҳолатҳои фардии чошмнорас таҷассум намеёбад. Баъд аз он ин гуна мухолафатҳо як масъаларо ба масъалаи (проблемаи) бузург ё ба масъалаи қонунии ба василаи қонун ҳимояшуда табдил намедиҳад, тавре ки назди шумо ҳосил шудааст.

Тамоман аз низоми тарбияи наврасон бардоштани ҷазои танбеҳи ҷисмонӣ ҳамроҳ бо огоҳии кӯдакон, ин

чиз ба яқин ташвиқ намудани онҳо ба харобкорӣ дар майдони васеътар мебошад.

Касе намегӯяд, ки кӯдакро танбеҳи ҷисмонӣ додани падару модар ҳамеша равост, яъне истифодаи танбеҳи ҷисмонӣ як бор ҳам бошад ҳатмӣ аст ва ё ин ки маънои пайваста аз он истифода намуданро дораду барои тарсондан ҳатмӣ аст ва монанди онҳо... Ана ин қонуни судҳоро бубинед, ки барои ҳамаи мардум итишор ёфтааст ва дар он анвои ҷазоҳои гуногуну мухталиф муайян шудааст, вале касе нагуфтааст, ки иҳонати мардум аст, инчунин қонуни мазкур маънои онро надорад, ки бар тамоми мардум ин қонун татбиқ карда мешавад, балки додситонҳо дар татбиқи он дар як масъала ихтилоф мекунанд, ҳар як додситон аз рӯи фаҳмишу диди худ он қонунро татбиқ карданӣ мешавад.

Вақте дар роҳҳои иҷозаи ҳаракат ба суръати баланддошта ҳаракат кунӣ ва дар он роҳ чунин навиштаҷотро бинӣ: «**Ин роҳ бо падар назорат мешавад»,** масалан, ҳеҷ гоҳ дар гӯшаи хаёлат ҳам намеояд, ки навиштаҷоти мазкур туро ба бебокиву бепарвоӣ дар мавриди суръати ҳаракат мавриди иттиҳом қарор додааст.

Хона ҳам порае аз ҳамин ҷомеаи бузург аст... Ва иҷозаи шахси мухолифро танбеҳи ҷисмонӣ додан беш аз ҷилавгирӣ намудани ӯ кори дигаре нест. Ва ӯ ҳам бошад касест, ки ҳавои нафсаш ӯро ба мухолафате водошта, ки аз он мухолифат ба ҷуз ба андозаи муайян танбеҳи ҷисмонӣ додан ӯро манъ карда намешавад.

Ҳоким ё мураббӣ одатан чандин бор ба додани ҷазои сахттарин ишора мекунад ва ин таҳдидро борҳо такрор менамояд. Эҳтимол дорад онро ҳазор бор ба

забон орад, вале мумкин аст як бор ҳам аз он истифода накунад! Аммо агар ӯ ин қонуни ҷазои сахтро надошта бошад, аз эҳтимол дур нест, ки низом хасорат бардорад ва умуман арзиши қонунро барбод диҳад.

Набояд аз ёд бурд, ки падару модарро аз зулму ситам намудан ба фарзандонашон дар кор гирифтан аз ин ҳақ монеаи бузургест. Ва ин монеа ба онҳо иҷоза намедиҳад, ки дар танбеҳи ҷисмонии фарзандонашон то ба марзи зулму ситам бирасанд. Ва ин монеа меҳру шафқати фитрии ҷӯшзада аз замини қалби падару модар нисбати фарзандашон мебошад. Ана ҳамин монеа барои падару модар басанда аст, ки онҳо фарзандашонро танбеҳи ҷисмонии интиқомҷӯёна дода натавонанд. Онҳоро меҳру шафқат намегузорад, ки ба фарзанди хеш муомалаи золимона кунанд. Бинобар ин, танбеҳи ҷисмонии падару модар ба фарзанд ба хотири адаб додан ва тарбия намудани ӯ аст. Ин дар сурате аст, ки танбеҳи ҷисмонӣ бидиҳад ва илло агар бидуни танбеҳи ҷисмонӣ тарбия карда тавонад, айни мудаъост.

Ва ин танбеҳи ҷисмонӣ фарзанди пой дар роҳи хато ниҳодаро аз идомаи сайр намудан дар роҳи пешгирифтааш боз медорад ва ҳамзамон бародаронашро низ аз гом ниҳодан дар роҳи бародари хатокорашон ҷилавгирӣ менамояд. Вагарна вақте аз фарзандони хурдсоли хеш аз ҳама калонтарашонро, масалан, бо тамоми услубҳои ташвиқу бимдиҳӣ аз роҳи хато боз дошта натавонӣ, ба ҷуз ба василаи танбеҳи ҷисмонӣ додан чӣ кор бояд кунӣ? Оё ӯро ба ҳоли худаш вомегузорӣ, ки ба роҳи хатои интихобкардааш биравад ва дигар фарзандони хурдсолат низ аз қафои ӯ ба сӯи чоҳи ҳалокат биравалд...? Ва ту бошӣ, ба ҷуз нигоҳ кардану хомӯш

истодан коре накунӣ ва пишаки касеро пишт нагӯӣ ва агар аз ҷоят биҷунбӣ ва ӯро танбеҳ диҳӣ ба хотири ҳимояи худи онҳо аз хато, қонун дахолат намуда аз онҳо ҳимоят намояд? Оё ин қонун нест, ки бо ин кораш хурдсолони дигарро ба сӯи истифода бурдани тамоми нерӯи беҳудаашон дар роҳи расидан ба озодии бе ҳадду ҳудуд, тела медиҳад?

Ана дар ҳамин ҷо мо мепурсем: Қонуни манъи мутлақи танбеҳи ҷисмонии кӯдакони хурдсол ба нафъи кист?

Оё ба нафъи падару модарест, ки ба чашмҳои худ мебинанд, ки самараи зиндагиашон сӯхта истодааст ва бо итоат аз қонун наметавонанд онҳоро наҷот диҳанд, агарчи аз роҳи таҳдид кардан ҳам бошад. Зеро онҳо вақте яқин кунанд, ки фарзандонашонро аз роҳи танбеҳи ҷисмонии адабдиҳӣ наҷот дода метавонанд, ба онҳо дарҳол гуфта мешавад: Фарзандонатон талаф ҳам ёбанд, қонун ба шумо ин корро иҷоза намедиҳад.

Ё ба нафъи хурдсолонест, ки қонунро васила қарор дода, гоҳоояндаи худашон ваояндаи бародарону дӯстон ва хонаҳояшонро табоҳ месозанд ва қонун бошад, хатои онҳоро ҳимоя менамояд?

Мехоҳам шумо аз онон бипурсед, ки оё онҳо миёни зулму танбеҳи ҷисмонии тарбиявӣ ва танбеҳ додан ба хотири заруратро фарқ карда метавонанд?

Ва боз мехоҳам аз онон дар мавриди нисбати бебоконе, ки ҳалок шуданд, аз ҷумлаи афроде, ки бо истифода аз услуби тарбиявии танбеҳи ҷисмонӣ додан имкони онҳоро аз ҳалокшавӣ манъ кардан вуҷуд дошт, вале ин услуб истифода нашуд ва онҳо манъ карда нашуданд, инро медонанд? Ҳамзамон мехоҳам аз онҳо дар мавриди афроде, ки танбеҳи ҷисмонӣ ишонро аз

рафтан дар роҳи ҳалокат ва чоҳи ҳалокатбор ҷилавгирӣ кард, бипурсед.

Аз шумо хоҳиш мекунам, эй профессори бузург, дар ин лаҳза сурати он падари золимеро, ки абзори ҷароҳатовар ё сӯзоне ба дасташ гирифта ё асоро мебардорад ва бераҳмона кӯдаки хурдсолро мезанад, аз лавҳи тасаввуратон дур кунед...! Ин латукӯби ӯ танҳо ба сабаби гулдонро шикастани кӯдаки хурдсол аст! Ё бародари кӯчакашро задаст ё бар девори сафеди хона хати сиёҳ кашидааст ва ё кадом кори ба ин монанд кардааст!

Ин амали падар амали исломӣ нест ва онро амали тарбиявӣ ҳам шуморида намешавад. Ҳамоно Ислом танбеҳи ҷисмониро аз рӯи зарурат, баъди кор гирифтан ва истифода аз ҳамаи услубҳо ва боқӣ намондани ягон услуби дигар иҷоза додааст. Ва ин ҳам дар суратест, ки танбеҳи ҷисмонӣ тифлро аз чизе, ки ба кӯдак зарари сахт мерасонад, манъ кунад, раво аст. Ва ин чизест, ки ҳамаи ойинҳо дар асоси қоидаи машҳури **«бузургтарини ду зарарро ба камтаринаш дур карда мешавад»,** бар он иттифоқ кардаанд.

Гузашта аз ин, танбеҳи ҷисмонии Ислом иҷозатдода дорои сифатҳои адабдиҳӣ аст, на сифатҳои интиқомгирӣ. Оё мумкин аст, ки падар аз фарзанди худаш интиқом бигирад, магар ин ки падар инҳирофи ақлӣ ё инҳирофи ахлоқӣ дошта бошад ва ин гуна падарро бояд муолаҷа кард.

Ва баъди ин ҳама агар хоҳем, ба паёмадҳои аз ҷомеаҳои шумо бардоштани танбеҳи ҷисмонӣ назар кунем, албатта, мебинем, ки ин қонун чи гуна боиси ваҳшигарӣ дар латукӯб ва натиҷаҳои фоҷеазо бар ҳаёти кӯдакон гаштааст.

Ту агар дар мариди ҳар иштибоҳе, ки имкон дорад кӯдак дар он воқеъ шавад, фикр кунӣ, албатта, мебинӣ, ки қонун аз он иштибоҳ ҳимоя мекунад ва хушомадӣ ҳам мегӯяд, тавре, ки соҳиби тарбиятгоҳи бактерияи зараркунанда дар тарбиятгоҳаш нохудогоҳ аз он ҳимоя менамояд.

Балки агар кӯдак гирифтори иштибоҳ шуда бошад, қонун дар назди шумо ин иштибоҳро ҳимоя менамояд ва аз шахси ҷинояткоре, ки ба кӯдак сирояткунанда аст, ҳимоя мекунад. **Доктор Костофер Ҳобз** шахсе, ки маҷмӯаи махсусеро ба ин навъи сироятҳо бар кӯдакон дар беморхонаи тобеи донишгоҳи Ледаз, сарварӣ мекунад, мегӯяд: Мо муаллимони мактабҳо, боғчаҳои бачагона кормандони пулис ва зиёратчиёни солимгардониро ҷиҳати ошно шудан бар нишондодҳои сироятӣ ба кӯдакон машқ додем. Ва теъдоди зиёди хонаҳои кӯдаконро таъсис додему оилаҳои зиёдеро ҷустуҷӯ хоҳем кард, то он кӯдаконро бигиранд... Вале мушкилие, ки ба мо рӯ ба рӯ мешавад, ин аст, ки он кӯдакон ба оилаҳое эҳтиёҷ доранд, ки дар муомила кардан ба мисли ин ҳолатҳо таҷриба дошта бошанд. Зеро онҳо мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ ва рӯҳӣ доранд, то ҷое ки онҳо рафторҳои номуносиб мекунанд» (Эндипендент 3 – 11. 1986с.).

Тавре, ки сухангӯи созмони мазкур дар таърихи 13 – 7 – 1986 ёдовар шуд, зиёда аз 300 кӯдак дар шаҳри Лидаз баъд аз он ки аз тарафи баъзе аз афроди оилаҳояшон  ё дигар нафарони ба балоғатрасида дучори таҷовуз гаштаанд, мавриди муолаҷаи рӯҳӣ қарор гирифтаанд.

Акнун бояд бинем, ки мавқеи қонуни Британия дар мавриди ин масъала (проблема) чӣ гуна аст ва дар

ҳалли он ва аз байн бурдани он чи миқдор саҳм мегирад?

Морис Ҳавкер (Maurice Hawker), мудири хадамоти иҷтимоӣ дар маҷлиси вилояти Эскас мегӯяд: Масъала (проблема) зери пардаи қонун аз он кӯдакон ҳимоя намекунаду пинҳон аст... То ҷое ки чун ба он кӯдакон эҳтимом зоҳир карданӣ шавем, бисёр фурсатҳоро аз даст медиҳем. Дасткӯтоҳ мондани мо ба сабаби вазнинии исботҳои ҳиркалияи (сангдилона) аст. Тамоми ҷомеаро зарур аст, ки ҳуқуқи кӯдаконро ба ҳисоби хеш гирад (Обзерфар 12 – 11. 1986с.).

Оё ин кори қонуни британиёӣ барои ҳимояи кӯдак аст ё барои ҳимояи таҷовузгар...?

Ва доктор Ҳобз мегӯяд: «Бар алайҳи шахси таҷовузгар ягон амалеро ба роҳ мондан ниҳоят душвор аст, ҳатто ташхиси тиббӣ ин чизро исбот кунад ҳам. Бешубҳа, **қонун аз шахси таҷовузгар ҳифозат мекунад,** магар вақте ки худи таҷовузгар онро эътироф намояд... ва пулис бошад, ин чизро медонад ва хеле кам воқеъ мешавад, ки ин гуна ашхос ба маҳкама кашида шаванд» (Индопендент 3 – 11. 1986с.)[1].

Туро ба Худо қасам медиҳам, эй профессор, оё ин ҳалли мушкил аст ё устувор намудани он?

Бояд ту худ тасаввур намоӣ, ки шахси мавриди таҷовуз қароргирифта кӯдаки ту бошад. Пас, бо шахси фарзандатро таҷовузкарда чӣ кор мекунӣ?

Оё эҳсос мекунӣ, ки қонун ӯро аз ин амали зишт манъ кардааст?

Баъд аз ин, вақте ин нисбати касонест, ки мавриди

---

[1] Мақолаи «Кӯдакони тамаддуни муосир ба сӯи вартаи ҳалокат», маҷаллаи Баён, № 3, саҳ. 98.

таҷовуз қарор гирифтанашонро ба дигарон хабар додаанд, пас теъдоди касоне, ки хабар надодаанд, чӣ қадар аст?

Вақте ин нисбати зӯран мавриди таҷовуз қароргирифтагон бошад, пас қонун аз наврасоне, ки ба ин амали зишт ба ризояти хеш тан дардодаанд, чӣ мегӯяд?

Вақте ки худи қонун ба васоили ахбор интишор намудани ин палидиро иҷоза медиҳад, оё ҳамин қонун ҳақ дорад, ки барои ин гуна ашхос ҷазо таъйин намояд? Оё кӯдак қурбон нашудааст?

Вай қурбонии касест, ки барои ҳал намудани мушкили ӯ омодаву барои ӯ қонун вазъ намудааст ва бо ин қонунҳояш бебокона даст ба ин амали паст заданро афзун гардондааст!

Дарвоқеъ, кӯдак қурбонии низомҳои таълиму васоили ахбор ва қонунҳои додрасӣ аст...!

Ва ту бошӣ ба унвони сарпарасти кӯдак сарсону ҳайронӣ...!

Чӣ кор кунам, мегӯӣ.

Оё он шахсеро, ки фарзанди маро таҷовуз кардааст, ғофилгирона ба қатл расонам?

Ё фарзандамро, бо задани на он қадар сахту дардовар ҷазо диҳам?

Қонун бошад маро ҳам аз ину ҳам аз он манъ мекунад, балки ба фарзандам чигунае, ки ӯро бизанам, ҳуқуқи аз болои ман шикоят карданро медиҳад.

Қонун ҳарфи маро инкор мекунаду намепазирад, вале сухани ӯ мавриди қабули онҳо қарор мегирад, балки маро аз ҳуқуқи падарӣ маҳрум сохта, кӯдакамро мегирад ва ба дигар кас месупорад...!

Аз дасти ман чӣ меояд?

Оё аз ин бештару бузургтар фаҳшу фуҷурро ҳимоятгаре аст!

Ман чӣ гуна метавонам аз фарзандам ҳимоя намоям, дар ҳоле ки қонун маро аз истифодаи услуби нигаҳдорӣ, ки он танбеҳи ҷисмонӣ аст, бо ишора манъ мекунад... Бале, танбеҳи ҷисмонӣ фақат ба хотири адаб додан...!

Оё шахсе, ки фабрикаи мурғпарварӣ дошта бошад ва вақте рӯбоҳҳо ба он ҳуҷум оваранду мурғҳоро бихӯранд, дар сурате, ки ӯ атрофи фабрикаи мурғпарвариашро девор нагирифта, барои бехатарӣ ва ҳимояи мурғонаш тадбирҳо наандешида бошад, ҳақ дорад, ки аз болои рӯбоҳҳо шикоят барад?

Оё он таҷовузгарон бадтар аз рӯбоҳҳо нестанд? Агар чунин аст, пас чаро маро аз девор гирифтан ва посбон таъйин намудан манъ мекунед?

Баъд аз он кӣ ба ман кафолат медиҳад, ки дигар фарзандонам вақте бинанд, ки шахси хатопеша беҷазо мондааст, дар рафтани роҳи хато аз бародарашон пайравӣ намекунанд?

Падару модари солимфикр мисли бегона нестанд, онҳо ҳаргиз аз фарзандони худашон интиқом намегиранд. Ин фитратест, ки ҳатто дар чаҳорпоён вуҷуд дорад. Ҳатто мурғ ба хотири ҳимоя намудани чӯҷааш аз рӯбоҳ ҷони худро ба хатар монда, пеши роҳи рӯбоҳро мегирад. Модагов аз гӯсолааш дифоъ карда, шерро бо шохаш мезанад, асп кӯшиш мекунад, ки тойчаи хӯрдакакашро зерипо накунад, бинобар ин сумми пояшро мебардорад. Бинобар ин, оё инсон метавонад фарзанди хурдсолашро бераҳмона бизанад? Охир маҳз ӯст, ки молу ҷонашро барои ҳимоя аз фарзандаш ва ояндаи ӯ фидо мекунад...!

Пас чӣ гуна ин ду бо ҳам якҷо мешаванд, аз фарзандаш бо ҷони хеш ҳимоя намояд, баъд аз он дар қасди ҷони фарзандаш шавад? Бо ҷисми хеш ӯро аз чанголу даҳони дарранда ҳимоя кунаду баъд аз он худ ҷисми фарзандашро пора-пора созад?

Бидуни шакку тардид, қонуни фитрат болотар аз қонунест, ки рӯи қоғаз навишта мешавад.

Агар барои мардум қонуни ҷазодиҳӣ дар мавриди касе, ки дасти худашро бо дасти дигараш ё пояшро бо дасташ мезанад ё худро ба асо мезанад, вазъ карда шавад, ба назар қонуни хандаовар менамояд... Дар ҳоле ки фитрати ҳайвонот (чи расад ба инсон) гувоҳӣ медиҳад, ки муҳаббати табиии волидайн нисбат ба фарзандонашон бештар аз муҳаббат ба худашон аст. Чунончи ҳақиқати онро мо субҳу шом дар барномаҳои телевизионии олами ҳайвонот мушоҳада мекунем.

Бубин, падар вақте бинад, ки ҳаёти фарзандаш баста ба гурдааш аст ва ӯ ба шахсе эҳтиёҷ дорад, ки гурдаашро ба вай бибахшад, дар ин сурат падар гурдаи хешро ба ризои том ба писараш мебахшад.

Ин падар чӣ тавр фарзандашро бераҳмона мезанад? Аммо баъзе ҳолатҳое, ки падарону модарон бо кӯдакони худашон зери таъсироти мастӣ ва азхудравиҳо ва гоҳо аз рӯи девонагӣ ва зери фишори ғазаб қарор гирифта, муомалаи номатлубе анҷом медиҳанд, ки чунин иттифоқ ниҳоят аҳён меафтад ва ба аҳён ҳукм натавон кард. Ва бо дар назардошти ҳодисаҳои ниҳоят аҳён шоиста нест, ки қонун вазъ намоем ва ба он қонун умумият бидиҳему риояашро аз ҳамаи мардум тақозо намоем.

Ҳамин қадар басанда аст, ки бубинем кори кӯдакон то ба куҷо расидааст ва афроди инҳирофи ҷинсидошта

ва мунҳарифон аз он чӣ гуна истифода мекунанд.

Ҳозирини муҳтарам, шумо ҳаргиз аз вокуниши падарон ба писарон тааҷҷуб накунед... Вокуниши болотар аз тасаввури башарӣ!

Оё падареро дидаӣ, ки фарзандон ва ҳамсари хешро аз гирифтани мерос маҳрум карда онро ба сагаш раво дида бошад? Аз он ҷо, ки қонун аз инсон мерос бурдани ғайри инсонро манъ кардааст, падарон ба таъсис додани созмонҳои сагу гурбапарварӣ, ки саг ё сагҳо ва гурбаҳои онҳоро парвариш мекунанд ё ба васият намудани шахсе, ки сарвату дороии онҳоро ба сагону гурбаҳояшон сарф мекунанд, паноҳ бурданд. Ва бо истифода аз ин услуби номатлуб падарон фарзандонро аз мирос маҳрум сохтанд.

Агар на чунин аст, пас чӣ гуна сагҳо соҳиби миллионҳо доллар шуданд, монанди саги олмонӣ, ки аз соҳибаш даҳ миллион доллар мирос бурд ва **онро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар натиҷа се баробар афзуд. Ва саги дуввум** соҳиби 80 миллион доллар аст ва ин падида идома дорад[1].

Вақте падар дар охири ҳаёташ чунин кунад, дигар дар робитаҳои оилавӣ магар эътимоду боварӣ мемонад? Ва фарзандон ва оила ба сарпарасти оила чӣ нофармонӣ кардаанд, ки ӯ даст ба чунин коре зад?

---

[1] http: //petslobby.com /2008/04/03/top-7-richest-dogsinthewrld. http://www.legalzoom.com/lgal-articleclcreate-pet-traust.htm\ http://www.estateplanningattoreuatwills.com/willbasics.htm.

## *Эътирофи мушкилаи (проблемаи) нодир*

**Профессор Кристиан:** Дар ҳақиқат ин нисбатҳоро наметавон инкор кард ва наметавон аз онҳо бо шитобзадагӣ гузар кард, аммо ту, эй Абӯҳомид, вақте аз мушкилиҳое ёдовар шудӣ, ки воқеан ин мушкилиҳо дар мо вуҷуд доранд ва мо аз ин мушкилот нисбат ба ҷомеаҳои шумо хеле ва хеле зиёд машаққат мекашем, корро ба сурати хатарнок бар алайҳи мо гардиш додӣ..!

Бидуни шак, **масъалаи (проблемаи) майли шаҳавонии ғайри табии ҷинсии кӯдакон,** балки ҷавонону калонсолон низ ин ҳолати зиштро доранд, ба маротиб аз масъалаи задани кӯдакон бадтар аст... Ва ин мушкила ҳамвора дорад рӯз ба рӯз мураккабтар мешавад ва намедонем онро чӣ гуна ҳал намоем...!

Аз рӯи инсоф ва бо эътироф кардан ҳарф занем, падидаи номатлубе, ки пинҳон доштани он имкон надорад ва онро пӯшонда ҳам наметавонем, ин густаришёбии майли шаҳвонии ғайритабиӣ ва парвариши воқеии ин майли шаҳвонии ғайритабиӣ, чи таҷовузгар ва чи таҷовузшуда, аз синни кӯдакӣ ва навҷавонӣ дар ҷомеаҳои мо мебошад.

Дар тадқиқоте, ки зери унвони «Майли шаҳвонии ғайритабии ҷинсӣ ва рабудани кӯдакон барои алоқаи ҷинсӣ»[1] гузаронда шуд, омадааст: «Нисбати майли шаҳвонии ғайритабиӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз маҷмӯъи теъдоди сокинонаш, ки қариб (260) миллион дар миёнаҳои солҳои навадуми асри 20 бо

---

[1] Timothyj.daily(2005):homesexua-lity&childsexualabuseissue No.247

пасту баландшавӣ аз 1 то 3% мебошад. Аз ҳамин теъдод 46% майлҳои шаҳвонии ғайритабии мард ба мард ва 22% майли шаҳвонии ғайритабиии зан бо зан мебошад, ки ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ ба ин гуна муомалаи ҷинсӣ гирифтор омадаанд. Дар қиёс танҳо 7% аз мардон, ки баъди боло шудан аз синну соли кудакӣ ва 1% занон дар ҳамин гуна синну сол гирифтор омадаанд. Ва беш аз 50% касоне, ки ба бемории спиди хатарнок гирифторанд, аз ҷумлаи афроди майли шаҳвонии ғайритабии доштаанд.

1. Аз ашхоси гирифтори бемории спид 25% - 33% афроде мебошанд, ки ҳам майли шаҳвонии ғайритабиӣ дошта, ба илова майзада мебошанд ва 63% аз хӯгирифтагони маводи нашъаовар ҳастанд.
2. Аз 39% то 50% аз майлҳои шаҳвонии ғайритабиӣ аз кӯдаконе мебошанд, ки ҷуз дар палидтарин муҳитҳо вуҷуд надоранд.
3. Майли шаҳвонии ғайритабиӣ соҳибашро ба бадбахтӣ, доим эҳсоси камбудӣ намудан ва беҳуда вогузошташудагие бурда мерасонад, ки гоҳо даст ба қатли шарики хеш мезанад.
4. 50% касоне, ки даст ба худкушӣ мезананд, афроди инҳирофоти ҷинсидоштаанд.
5. Умри миёнаи мардони инҳирофоти ҷинсидошта тақрибан 42 сол ва умри миёнаи занҳои мунҳарифшуда 54 сол аст.

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки танҳо 9% мардони инҳирофоти ҷинсидошта ва 24% занони инҳирофоти ҷинсидошта аз марг дар ин синну сол наҷот ёфтаанд ва баъди синни шаступанҷ солагӣ аз лиҳози саломатӣ ва рӯҳӣ ва бемориҳои дарди ҷонкоҳдошта азият

мекашанд. Ҳамин гуна ашхос вақте ба бемории спид мубтало шаванд, сатҳи умури зиндагии онҳо ба 39 сол поин меояд.

Агар паёмадҳои майли шаҳвонии ғайритабиӣ танҳо ба ҳамон ҷавони мунҳариф ё духтари инҳирофӣ маҳдуд мешуд, ҷинояти сабуктар буд, вале чунин нест, балки ҷиноятҳои зиёде бо худ дорад.

Дар тадқиқоте, ки Франк Ҷозеф доир намудааст ва қаблан ба он ишора намуда будем, омадааст:

1. Бидуни шак, касоне, ки инҳирофи ҷинсӣ доранд, аз мардон сад маротиба бештар аз дигар мардон ва занони мунҳарифшуда 534 маротиба бештар аз дигар занон кушта мешаванд ва одатан куштори ин гуна афрод ба дасти шарикони худашон дар ин ҷинояти зишт анҷом меёбад. Дар ин маврид ҳамин ишора басанда аст, ки 50% ҳодисаҳои куштори занон дар кишваре, мисли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба занони инҳирофоти ҷинсидошта рост меояд.
2. Шахсони инҳирофи ҷинсидошта 25 маротиба бештар аз дигарон даст ба худкушӣ мезананд ва дар кушта шудан ба сабаби фалокатҳо дар роҳҳо 19 баробар аз дигарҳо бештар аст.
3. 33% афроди инҳирофоти ҷинсидошта эътироф мекунанд, ки ба номуси кӯдакони хурдсолу ҷавонон таҷовуз кардаанд. Инчунин гурӯҳҳое вуҷуд дорад, ки ҳазорон афроди инҳирофоти ҷинсидошта дар онҳо гирд омадаанд. Аз он ҷумла дар кишваре монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гурӯҳест, ки худро чунин меноманд: The North Americon Man/Boy Love (NAMBLA) Association

   Ин гурӯҳи махсусест, ки ба номуси кӯдакон таҷовуз

карда бештар аз 33% ҳодисаҳои даҳшатовар ба дасти онҳо анҷом дода мешавад, 53 % онҳо худашон эътироф мекунанд, ки ҳамин ҷиноятро бо кӯдакони аз нӯҳсола поин анҷом додаанд.

4. 59,6 % аз афроди инҳирофоти ҷинсидошта дар кишваре ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико хатмкардагони донишгоҳ мебошанд ва 49 % аз онҳо дар ҷомеъаашон марказҳои тахассусӣ ва идоравии намоён доранд.

Эё Абӯҳомид, бидуни шак, падидаи инҳирофи ҷинсӣ дар ҷомеъаи ғарбии мо шакли оммавии ошкор ва расмӣ гирифтааст. Бадбахтӣ дар он аст, ки вақте сиёсатмадорон пеши ин падида сар хам кардаанд, афроди қонунбарор ҳам тан дар дода, дар натиҷа барои онҳо қонун вазъ намуданд, на ба хотири он ки аз ин падидаи шум ҷилавгирӣ кунанд, балки ба хотири ҳимоят аз он падида ва густариш додани он.

Дарвоқеъ мо эҳтиёҷ ба он дорем, ки бидонем Ислом, дар сурати ба ин мушкила (проблема) рӯбарӯ шудан чӣ гуна муъомала мекунад. Мавриди назари мо ҳалли назариявӣ ва намунасозӣ нест.

## *Муомилаи Ислом ба инҳирофоти ҷинсӣ*

**Абӯҳомид:** Чун шумо хоҳони донистани муъомалаи Ислом бо падидае чун падидаи инҳирофоти ҷинсиед, бояд гуфт, ки Ислом **қабл аз он ки ба ин мушкила дучор шавад ва ба чораҷӯӣ бипардозад,** дар асоси **таълимоти «пешгирӣ аз он» амал мекунад. Аввал пешгирӣ** аст пеш аз афтидан дар чоҳи гуноҳ, ки ин сабабҳои гирифтор омадан ба ҷиноятро қатъ менамояд ва интишори фаҳшу фуҷурро аз тариқи василаҳои эълон низ ҷиноят

меҳисобад ва онро барӣ аз гуноҳ намедонад. Дар Қуръон, дар сураи «Нур» оятест, ки мегӯяд:

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحِبُّونَ أَن تَشِيعَ ٱلۡفَٰحِشَةُ فِي ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ فِي ٱلدُّنۡيَا وَٱلۡأٓخِرَةِۚ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ وَأَنتُمۡ لَا تَعۡلَمُونَ ١٩

**«Барои онон, ки моиланд фаҳшо дар миёни мӯъминон ривоҷ ёбад, дар дунё ва охират азоби дордноке аст, Худованд медонад ва шумо намедонед»** *(ояи 19)*.

Бидуни шакку тардид, кори аз ҳама муҳим он аст, ки Ислом фазои пок фароҳам меорад ва муҳити покизаро, ки дар он бактерияҳои ин гуна падида зиндагӣ намекунанд, муҳайё менамояд. Бинобар ин, муҳити исломиро бо муҳити шумо қиёс карда намешавад. Гузашта аз ин, Ислом бо фароҳам овардани фазои пок ва муҳайё намудани муҳити покиза иктифо намекунад, балки резкориҳои ин мавзуъро пайгирӣ мекунад.

Ҳамоно Ислом дар кори тарбияи дуруст дар худи тифл **ба вуҷуд овардани назораткунандаи дохили худӣ ва дар оила иҷод намудани фазои некро** асос қарор медиҳад.

**Ва сабабҳои шаҳватбарангезро ҳатто дар дохили** хона манъ мекунад. Паёмбари гиромӣ (с) дар як бистар ва зери як курпа хобидани бародарону хоҳаронро вақте онҳо соҳибтамиз шаванд, яъне ба синни ҳафтсола ва  аз он боло бирасанд, манъ мекунад. Он ҳазрат мефармояд: ***«…Ва ҷойхоби онҳоро ҷудо кунед».*[1]**

[1] Ривояти Абӯдовуд (495). Соҳиби «ас-Силсила» онро ҳадиси ҳасани саҳеҳ хондааст.

Ва Ислом инчунин ҷазо додани тифлро дар манзил ба унвони услуби эҳтиётӣ дар кори тарбияи тифл тарҳрезӣ намудааст ва онро лағв намесозад, вале ин ҷазо ба хотири адаб додан ва аз нигоҳи муҳаббат нисбат ба тифл аст.

**Баъд аз ин Ислом фарҳанги ҷинсии муносиб ва аз афтодани нигаҳбон дар доми дарандагони шаҳватбоз машрӯъ гардонидааст.** Баъди ин ҳама тадбирҳои тарбиявӣ ва эҳтиётӣ вақте кӯдак ба ин амали зишт афтад, бо дарназардошти ҳанӯз тифл будани ӯ, агарчи он амали зиштро бо хоҳиш ва ризои хеш анҷом дода бошад ҳам, аз гуноҳаш дармегузаранд. Вале адаб дода мешавад ва воҷиб аст, ки зери назорат ва тарбия қарор дода шавад. Ва аввалин касе, ки ба вай бояд аз ҳама бештар эҳтимом намояд, сарпарасти ӯст, зеро вақте кӯдак кӯтоҳӣ кард, аз ҳама аввал сарпарасташ мавриди сарзаниш қарор мегирад... Аммо шахси ба номуси кӯдак таҷовузкарда вақте шахси оқилу ба синни булуғ расида бошад, ӯ ва ҳамонандонашро ҷазо дода мешавад, то ин амали зиштро бори дигар такрор накунанд.

Аммо асбоби шаҳватбарангезро паҳн карда, ҷазодиҳиро аз миён бардоштан, чунончи шумо чунин кардаед, баъд аз он риояи ахлоқи нек ва ба корҳои зишт даст назаданро талаб кардан, ба он мемонад, ки шоир гуфтааст:

*Дар миёни чор дарё тахтабандам кардаӣ,*
*Боз мегӯӣ, ки доман тар макун, ҳушёр бош!*

Зарбулмасалест, ки мегӯянд: «Ҳар кӣ аз ҷазо эмин шавад, беадаб гардад».

Бори дигар мехоҳам барои ту таъкид намоям, эй

профессор Кристиян, роҳу равиши пешгирифтаи шумо дар муқобала бо ҳар мушкилаи (проблема) кӯчак мутаассифона, ба ҷойи ҳалли он мушкила онро ба мушкилии аз он калонтар табдил медиҳад. Баъд аз он ҳамон мушкили калони ба вуҷудовардаро ҷомаи танзим мепӯшонад, сипас аз он ҳимоя менамояд, баъд аз он шабакаҳои интишор додани онро омода месозад...!

Бешубҳа, инҳирофоти ҷинсӣ як мушкила (проблема) аст, аммо бингар, донишмандони фанни тарбия, ҳуқуқдонҳо, васоили ахбор ва сиёсатшиносон ба ин мушкила чӣ гуна муомала мекунанд.

Онҳо сараввал ин мушкиларо эътироф карданд ва қонунҳое содир намуданд, ки аз он ҳимоя мекунад ва кулубҳо низ барои ин мушкила таъсис доданд. Ва билохира, баъзе кишварҳо қонунҳои расмӣ ҳам қабул карданд ва он қонунро «никоҳи ҳамҷинс» номиданд ва монанди он. Ман дар ин маврид ба ҷуз як ҷумла чизе намегӯям, Худованд ба писарону духтарони шумо дар раҳоӣ аз низомҳои шумо ва фазои эҷодкардаи шумо ёрӣ диҳад!

Охир, ҳамаи ин корҳоро барои кӣ анҷом медиҳед? Оё ин корҳоро барои як пора аз мардум, ки қасд доранд разолату фурӯмоягӣ ва фаҳшу фуҷурро дар тамоми олам паҳн кунанд ё ба хотири шаҳвати мунҳарифон, ки мехоҳанд бемориҳои хатарнокро дар ҷомеъа паҳн кунанд, анҷом медиҳед? Оё барои мунҳарифони ҷинсӣ ташкил намудани ҷамъиятҳо, ба онҳо ҳуқуқи сиёсӣ додан, пойгоҳҳои эъломӣ додан ҳалли мушкила (проблема) аст ё калонтар кардани он?

Оё бо касе, ки ба бeморие мисли бемории холера ё дигар бемориҳо аз бемориҳои вабо мубтало шавад,

ҳамин тавр муомала менамоем ё ӯро дар ҷои махсуси тандурустӣ мехобонему табобат мекунем, то даме ки шифо ёбад ва ин шифоёбӣ ба ӯ иҷозаи бо дигар афроди ҷомеа якҷо кору зиндагӣ карданро медиҳад?

Оё медонед, **Ислом ба мардони аз рӯи хилқаташон занмонанд,** на мардони бадкори инҳирофоти ҷинсидошта ва ба ин амали ношоиста амалкунанда, чӣ гуна муомала мекунад?

**Якум.** Ислом барои насли ҷадид фазои покиза ва муҳити пок фароҳам овард. Тавре ки Худованди мутаъол дар сураи «Тавба», ояти 71 мефармояд:

وَٱلْمُؤْمِنُونَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَآءُ بَعْضٍ ۚ يَأْمُرُونَ بِٱلْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ ٱلْمُنكَرِ وَيُقِيمُونَ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤْتُونَ ٱلزَّكَوٰةَ وَيُطِيعُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ سَيَرْحَمُهُمُ ٱللَّهُ ۗ إِنَّ ٱللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ ﴿٧١﴾

**«Мардону занони боимон дӯст ва ёру ёвари якдигаранд, мардумро аз зиштиҳо ва бадиҳо ва мункарот боз медоранд ва намозро барпо медоранд ва закоти молҳои хешро мепардозанд ва итоати фармони Худо ва Паёмбари ӯро мекунанд. Худованд онҳоро ба зудӣ машмули раҳмати хеш мегардонад, Худованд тавоно ва ҳаким аст».**

**Дуввум.** Ислом худро ба занон монанд кардани мардон ва акси онро низ ҳаром гардондааст. Дар ҳадисе, ки Паёмбари гиромӣ (с) онро гуфта, омадааст: ***«Худованд лаъват кардааст занҳоеро, ки худро ба***

***мардон монанд мекунанд ва мардонеро, ки худро ба занон монанд мекунанд»***[1]**.**

Ба касе пӯшида нест, ки маънои лаънат аз раҳмати Худо берун кардан аст. Ва ин шадидтарин услуби нафратбарангез аз худро монанд кардани мард ба зан ва зан ба мард иборат аст. Бинобар ин, марди зансифат вақте худро мисли занаш зинат медиҳад, барои занаш чӣ мегузорад, то ӯ аз он истифода намояд ва зане, ки худро ба мард монанд мекунад, дигар аз мардӣ барои шавҳараш чӣ мегузорад?

Оё намебинӣ, ки шавҳари зансифат вақте аз ҳамсараш ҳаққи ҷинсии худро дархост намояд, ин чиз боиси бадбинӣ ва нафрати завҷааш аз ӯ мешавад ё занро водор менамояд, ки шаҳваташро аз шавҳараш неву аз марди дигар талаб кунад.

Масалан, барои вазири майли шаҳвонии ғайритабиидошта вақте миёни мардум маъруф гардад, ки бо ӯ мисли зан муъомила мешавад, чи қадру қимат ва ҳайбату шарофат боқӣ мемонад?

Оре, шояд худи ӯ аз инҳирофи ҷинсии хеш лаззат барад, вале фарзандони мо чӣ гуноҳ доранд, ки Худо накунад, мабодо аз ӯ пайравӣ намоянд...?

Ҳамсар ва аҳли оилааш чӣ гуноҳ доранд? Гуноҳи мардӣ чист, ки қурбони амали ноҷои ӯ шудааст?

Баъд аз ин гуноҳи моддагие, ки бо айби ноаҳле мавриди ситам қарор гирифтаву қурбон шудааст, чист?

Гузашта аз ин, оё барои касе, ки ба худаш гирифтор омадааст, раво аст, ки майли шаҳвонии ғайритабииашро ошкор созаду эълон намояд?

Зеро инҳирофи ҷинсӣ дигару эълон намудани

---

[1] Табаронӣ дар «Авсат» ривоят кардааст (4003) ва соҳиби «ас-Силсила» дар «Саҳеҳи тарғиб» (2068) онро саҳеҳ хондааст.

инҳирофи ҷинсӣ чизи дигар аст!

**Севум.** Ислом ба амал кардан амр намудааст ва аз бекорӣ бадаш меояд. Дар Қуръони карим дар сураи «Тавба», ояти 105 Худованди мутаъол мефармояд:

وَقُلِ ٱعۡمَلُواْ فَسَيَرَى ٱللَّهُ عَمَلَكُمۡ وَرَسُولُهُۥ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۖ وَسَتُرَدُّونَ إِلَىٰ عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ﴿١٠٥﴾

**«Ва бигӯ амалҳо ва вазифаҳои худро анҷом диҳед ва бидонед, ҳам Худо ва ҳам Паёмбараш ва ҳам мӯъминон амалҳои шуморо хоҳанд дид. Ва ба зудӣ ба сӯи касе, ки огоҳ аз пинҳону ошкор аст боз мегардед ва шуморо ба он чи амал кардаед, хабар медиҳад»**. Худованд ба Паёмбараш Муҳаммад (с) дар сураи «Иншироҳ» мегӯяд:

فَإِذَا فَرَغۡتَ فَٱنصَبۡ ﴿٧﴾ وَإِلَىٰ رَبِّكَ فَٱرۡغَب ﴿٨﴾

**«Пас вақте аз кори муҳимме фориғ шудӣ, ба муҳимми дигаре бипардоз ва ба сӯи Парвардигорат дил супор»** *(оёти 7-8)*.

Яъне ҳамин, ки аз амале фориғ гаштӣ, било фосила ба кори дигар шурӯъ кун ва дар тӯли ҳаёт бояд чунин кард.

**Чаҳорум.** Ислом ҷавононро ба нерӯмандӣ ташвиқ менамояд ва аз заъфу сустӣ дар рафтору гуфтор наҳй мефармояд. Дар ин мавзӯъ Абӯҳурайра аз Паёмбари Худо (с) ривоят мекунад, ки фармуд: ***«Мӯъмини тавонманд назди Худованд аз мӯъмини заъифу нотавон беҳтару маҳбубтар аст. Ва хайру некӣ дар ҳардуи онҳо вуҷуд дорад. Барои ҳар он чи ба ту судманд аст, кӯшиш намо ва аз Худованд ёрӣ талаб кун ва ба аҷзу нотавонӣ***

***тан мадеҳ. Агар кадом мусибате ба ту бирасад, ту магӯ, ки агар фалон корро намекардам, чунину чунон намешуд, вале бигӯ: Худованд муқаддар кардааст ва ҳар он чи Худованд хост, ҳамонро анҷом дод. Зеро калимаи «агар» дари амали шайтонро боз мекунад».[1]***

**Панҷум.** Ислом ба ихтиёр намудани ҳамнишини нек ташвиқ намудааст. Аз Абӯмӯсо (р) ривоят аст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: ***«Ҳамоно масали ҳамнишини нек ва ҳамнишини бад мисли бардорандаи мушк ва дамандаи дамаи оҳангар аст. Бардорандаи мушк ё аз мушкаш ба ту медиҳад ё аз ӯ мушк мехарӣ ва ё бӯи хуши мушк ба машомат мерасад. Ва дамандаи дамаи оҳангар ё ҷомаатро месӯзонад ё аз ӯ бӯйи баде ба димогат мерасад».[2]***

**Шашум.** Аз ибни Аббос, писарамаки Паёмбари худо (с) ривоят аст, ки гуфт: *«Паёмбари Худо (с) мардони зансифат ва занҳои худро ба мард монанд кардаро лаънат фиристодааст.* Ва он ҳазрат (с) фармуд: ***«Онҳоро аз хонаҳоятон берун кунед».*** Ибни Аббос гуфт: *«Паёмбар (с) фалон шахсро ва Умар фалон шахсро берун карданд».[3]*

Бояд ин мавзӯъро дуруст фаҳмид, ки аз ҷоме а ҷудо кардани мардони зансифат тадбирест, ки баъди он ки ҳама тадбирҳо андешида шаваду чорабиниҳо судманд воқеъ нашаванд ва ба ҳеҷ роҳе аз худро ба занон монандсозӣ даст накашад, сурат мегирад. Аммо инро ҳам бояд дарк кард, ки аз ҷоме а ҷудо кардани ин гуна мардон ҷазои муассири рӯҳӣ аст, ки онҳоро ҳамвора

---

[1] Муслим ривоят кардааст (2664).
[2] Ривояти Бухорӣ (5214) ва Муслим (2628).
[3] Ривояти Бухорӣ (5547).

водор менамояд, то дар танҳоӣ ба худ баргарданд ва аз худ ҳисобот гиранд ва камбуду нуқсони хешро дарёфта онро ислоҳ созанд.

Аз ҷомеа ҷудо кардани мардони зансифат барои онҳо замина фароҳам меорад, ки дар анҷом додани корҳо ва расидагӣ ба эҳтиёҷоти хеш ба худашон эътимод намоянд. Зеро мусибату бадбахтии мардони зансифат ба қудрати худашон бовар надоштани онҳост. Вақте ки аз ҷомеа ҷудо шуд, шахсеро дар миёни мардум ба ӯ эътимод дошт, ки ба корҳои ӯ расидагӣ мекунад, аз даст медиҳад. Ин чиз дар қалби ӯ азму иродаеро, ки ҳаводиси ногаҳонӣ онро тағйир дода буд, дубора зинда мекунад, мисли шахси тавонманде, ки ба асо такя карда роҳ меравад, асояшро аз ӯ мегирӣ ва мегӯӣ , ки бе асо роҳ гард ... Ӯ оҳиста-оҳиста қадам мезанад. Дар қалби марди зансифат ҳам азму ирода бар покдоманӣ ана ҳамин гуна кам-кам рӯида нашъу намо мeёбад ва марди зансифат ба ҳолати мардӣ бармегардад. Ва зани инҳирофи ҷинсидошта низ вақте мавриди табобат қарор гирад, барои ҳормонҳо ва табобаташ суд бахшад, дар сурате ки ба дигар услуб дармони ӯ душвор шавад, ба ҳолати модагии хеш бармегардад.

Аммо дар ҷомеа арзи ҳастӣ намудани марди зансифат сабаби майл намудани дигар ашхоси заъифрӯҳ мегардад ва онҳо низ мисли ӯ шудан мехоҳанд ва ба тадриҷ ин амали зишт ба падидае табдил меёбад, тавре ки дар Амрико, Аврупо ва бисёр ҷойҳои дигар чунин шудааст.

Ва ҳар кӣ дар мавриди барканорсозии мардони зансифат эътироз намояд, ба ӯ хоҳам гуфт: Оё розӣ мешавӣ, ки дар кишварат бемории зукоми парандаҳо

боқӣ монад? Ҷавоби ин суол маълум аст, ки албатта, «Не!» мегӯяд. Вале ин ҷавоб боиси саволи дигар мешавад: Чаро? Ҷавоби суоли дуввум низ равшан аст, ки мегӯяд: «Аз тарси паҳншавии зукоми парандаҳо».

Дар ин сурат оё ин бемориҳо, ки мардиро мекушанд ва ахлоқи мардумро табоҳ месозанд, аз бемориҳои ҳайвонот сабуктаранд? Оё баъди он ки ошкор шавад, ки хидматгори бовафоят ба бемории гузаранде мубтало шудааст, розӣ мешавӣ, то дар хонаат биистад ва хидмататро идома диҳад? Агар чунин аст, пас сабаб чист, ки бо ҷомеаи бузургамон мисли ҷомеаи хурдамон (оила) муомала намекунем?

Мо дарвоқеъ, имрӯз ниёз ба омӯзишу баррасии қимати арзишҳое, ки назди мо ҳастанд, дорем.

Эй профессор! Дониста бош, аз ҳамаи сабабҳои пешгирӣ ва чораандешиҳое, ки барои ту ёдовар шудам, муҳимтар ин имони ҳақиқие аст, ки Ислом онро дар қалби ҳар фард бунёд менамояд. Ҳатто кӯдаки хурдсолро бо ин оби мусаффо ва ин замини имонӣ мерӯёнад ва бар муҳаббати Худованд ва эҳтиёт аз қариб шудан ба корҳое, ки Худовандро хуш намеояд ва ба умеди раҳмати Худо ва тарсидан аз азобаш нашъу намо меёбад. Ӯ ҳар қадар калон шудан гирад, ин ақида ҳамроҳ бо ӯ бузург мешавад, тавре ки дарахт бо дар зери замин устуворшавиаш ба сӯи боло қомат меафрозад.

Бинобар ин, барои кӯдаки хурдсол Худо ин корро дӯст медорад ва он корро дӯст намедорад гуфтан басандааст, ки вай дарҳол эҳсоси масъулият намояд, чаро ки ӯ ба ризои Парвардигораш иштиёқи зиёд дорад, баробар аст, ки падару модараш ҳузур доранд ё ғоибанд, дар ҳузури қонуну ҳомиёни қонун аст ё онҳо

ғоибанд, барои вай фарқ надорад. Зеро ӯро ризои Худованд аз ризои ҳар каси дигар ва ишқи Худованд бузуртар аз муҳаббати ҳар фарди дигар аст. Ва ин муҳаббат аз муҳаббати падар намекоҳад, балки муҳаббати падарро афзунтар месозад, чаро ки Худованд аз банда розӣ намешавад, то даме ки падару модараш аз ӯ дар ҳақиқат розӣ нашаванд. Ва барои кӯдак оғӯши имон танҳо масҷид нест, на, балки хона, мактаб ва кӯча ҳам барои вай оғӯши имон аст. Аз ин рӯ, Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) писари амакаш, Абдуллоҳ ибни Аббос (р)-ро дар хурдсолиаш тавсия медиҳад ва тавсияи он ҳазрат (с) тавсияи фарогирест. Дар он тамоми он чи дар ин мавзӯъ баён намудам, балки бештар аз он зикр шудааст. Он ҳазрат ба ӯ мегӯяд: ***«Дар ҳар ҷо, ки бошӣ, тақвои Худоро пеша кун ва баъди бадӣ, кори неке анҷом деҳ, ки осори бадиро маҳв кунад ва бо мардум бо ахлоқи некӯ рафтор кун»[1].***

Ва назди шумо танҳо як суол боқӣ мемонад ва он суол ин аст: Пушти сари болоравии нисбатҳои мазкур, ки то ба ҷое расида, ки падида гаштааст, сабабгори асосӣ кист?

Агар мо аз услуби исломии пешгирӣ, сипас аз услуби ҷазодиҳӣ кор мегирифтем, оё инҳирофоти ҷинсӣ ба ҳамин андоза интишор меёфт?

## *Масъалаи (проблемаи) севум, масъалаи ғулом аст*

**Профессор Андерсон:** Ба ман иҷоза бидеҳ, ай Абӯҳомид, то мушкили дигареро, ки Ислом онро

---

[1] Ривояти Тирмизӣ (1987) ва ин ҳадисро соҳиби «ас-Силсила» ҳадиси ҳасан хондааст.

печидатар гардондааст, зикр кунам...! Зеро ҳар кӣ низоми ғуломдориро дар Ислом намедонад, гумон мекунад ҳадафи Ислом раҳму шафқат ба мардум аст, дар ҳоле  ки мебинем, Ислом дар мавриди ғуломдорӣ ҳамчун низом қонун муқаррар кардааст, ба хусус дар мавриди зан, ки барои мардон ҳақ дода, то ба занони канизшуда ҳамбистар шаванд ва занҳоро каниз номанд. Ва ба мард ҳақ додааст, ки бидуни акди никоҳ ва додани маҳр бо ӯ ҳамбистар шавад. Ва ӯро мисли матоъ мавриди харидуфурӯш қарор медиҳанд. Ва мутеъ намудани онҳоро дар чорчӯбаи қонун ҷой додааст. Ҳуқуқи онҳоро мисли ҳуқуқи чаҳорпоён гардондааст, балки монанди ҳуқуқи матоъи хона кардааст. Оё ин гуна низомро метавон низоми раҳмат хонд, чӣ расад ба он ки аз он васф намоем, ки низоми мувофиқ ва босалоҳият ҳамаи давру замон ва маконҳост?

## *Зиёни ҳақиқат*

**Абӯҳомид:** Додситон ҳар қадар огоҳу донишманд ва дар тахассуси ҳукм намудан мумтоз ҳам бошад, то ҳар ду ҷониби даъворо оромона ва бо тамкин нашунавад, миёни онҳо ҳукми дуруст карда наметавонад. Вақте як тарафро бишнавад ва тарафи дигарро нашунавад, бечора чӣ гуна ҳукм менамояд...?

Ман чунин мешуморам, ки бузургтарин дастовард дар ин нишастҳои мо, ин барои ману шумо равшаншавии нуқтаи назари якдигарамон аст... Ва баъди он инсон чи ҳукме кунад, бо шинохти равшан ҳукм мекунад. Баъди ин нишастҳо вақте ҳақиқатҳо худашон биёянд бидуни дар талаби он ҷаҳду талош варзидан, ба одамӣ чӣ зарар мекунад?

Оё дар олами ҳастӣ гаронбаҳотар аз ҳақиқат чизе ҳаст?

Оё дар ин дунё бузургтар аз ҳасрати шахсе, ки ба ин дунё меояду зиндагӣ мекунад ва аз ин дунё реҳлат менамояд, вале дар ин муддат ҳақиқатеро, ки бозгашташ ба он баста аст, намешиносад, хасорате вуҷуд дорад? Худоё, магар хасорати шахсе, ки ҳақиқат худ ба назди ӯ меояд, ҳалқа бар дари қалбу фикраш мезанад ва ӯ бошад аз он ҷо, ки дар тирагиҳову торикиҳои ваҳму гумонҳо зиндагӣ карданро дӯст медорад, он ҳақиқатро меронад?

Эй профессор, ҳеҷ шахси боинсофе аз боинсофони олам дар доварии хеш, то вакте ки ба масъалаи ғуломдорӣ нигоҳи воқеъӣ накунад ва то набинад, ки Ислом бо ғуломдорӣ дар ҳаёти воқеъӣ чи навъ муомала кардааст, баъд аз он ба натиҷаи ин низом (Ислом) аз ҳамон рӯз ва баъди он то ба имрӯз нанигарад, дуруст ҳукм карда наметавонад.

Шахси интиқодгир дар ҳаёти воқеии имрӯзаи мо истода ва аз мавқеъи имрӯзаи хеш бар алайҳи Ислом бар мавқеи қабл аз ҳазору чаҳорсад соли он баҳо диҳад, сипас ҳаёти воқеии имрӯзаашро ситоиш намуда ва Исломро мазаммат кунад, баҳояш баҳои воқеъӣ шуда наметавонад! Ин ҳам бошад дар ҳоле ки ӯ аз роҳи ба тадриҷ тай намудаи Ислом дар шикастани занҷири ғуломдории ҷаҳони онрӯза бехабар аст ва намедонад, ки маҳз Ислом он нерӯе мебошад, ки ин озодиро барои башарияте, ки имрӯз он шахс ба ин ҳуррият ифтихор дорад ва ҳол он ки Ислом ҳаққи ифтихори ҳақиқӣ карданро дорад ва ӯ бошад онро намедонад.

Он рӯз олам дар кадом ҳолат қарор дошт...? Ва Ислом омада дар ҳамон олам чӣ кор кард?

Оё фарҷоми роҳе, ки олам ба сӯи он равона буд, вусъати бештар бахшидан ба табақаи ғуломон ва густариш додани мулки одамони соҳибмулк набуд? Оё он рӯз тамоми олам ба ду табақа, табақаи моликону табақаи мамлукон тақсим нашуда буд?

Эй ҷанобон, оё ғайри Муҳаммад (с) касеро суроғ доред, ки дар он вақт, яъне пеш аз ҳазору чаҳорсад сол ба чапа кардани вазъи рӯз садо баланд карда бошад?

Оё дар дунё ба ҷуз Муҳаммад (с) касеро мешиносед, ки низоме барои озод кардани ғуломон вазъ намуда бошад?

Оё ғайри Муҳаммад (с) касеро суроғ доред, ки асоси низомашро дар таҳаққуқ бахшидан ба ҳуррият бино карда, сарчашмаҳои ғуломдориро танг ва то ҷое хушкондаву дарвозаҳои озодиро ниҳоят васеъ кушода бошад?

Оё ғайри Муҳаммад (с) касеро медонед, ки озодсозии бандаро барои моликони ғуломон ба шавқу рағбати қалбӣ табдил дода бошад?

Оё касеро медонед, ки барои афроди дар ҳалқаи ғуломӣ боқимонда ҳуқуқҳое қоил шавад, ки бар хоҷаҳояшон риояи онҳо дар мавриди ғуломонашон воҷиб бошад, ба сурате, ки ҳалқаи ғуломӣ зери ҳукми низоме қарор гирад, ки болотар аз низоми хоҷаҳо ва хоҳишоти онон қарор дорад... Низомҳое, ки дар онҳо озодии инсон ва ҳуқуқи инсон таъмин аст. Оё ғайри Муҳаммад (с) касеро медонед, ки ин гуна корҳо карда бошад?

Шумо аз ин сухани ман тааҷҷуб хоҳед кард... Вале хоҳиш менамоям, дар мавриди суханони ман таърихро

довар қарор диҳед, он гоҳ хоҳед дид, ки ҳар он чизи хубу матлуби дар низомҳои озодии имрӯза мавҷудбуда ҳама самараест аз самараҳои Муҳаммад (с).

**Шумо сараввал дарҳои бози ғуломдории қабл аз Муҳаммад (с)-ро ба ёд оред.** Ва он дарҳои боз аз ҷумла, ғорат, ба зӯр кашида гирифтан, қиморбозӣ, тохтутозҳо, тасарруфнамоӣ, ҷангҳо, роҳзанӣ ва ғайри инҳо...Ва ба ёд оред, ки Ислом тамоми ин дарҳоро баст ва ба ҷуз дари ҷиҳоди шаръӣ дари дигареро боз нагузошт. Ин ҳамон дарест, ки имрӯз дар низоми асирони ҷангӣ побарҷост ва ҳуқуқҳои асирон низ побарҷост.

**Шумо эй ҳозирин, низоми ғуломдории онрӯзаро** як бор ба ёд оред. Низоми ғуломдориеро, ки дар кишварҳои шумо ва дар кишвари Рум мавҷуд буд, ба ёд оред, ҳамзамон ба ёд оред, ки хоҷагону ашрофи замон аз ҷанги танбатани ғуломон ва дар он мубориза ҳалок шудани яке аз онон лаззат бурда дар рӯи саҳна механдиданд...!

**Ба хотир биёред, ки гурӯҳҳои ғуломонро чи гуна бо дарандагон як ҷо мегузоштанд,** то хоҷаашон манзараи инсонро пора-пора намудани ҳайвони даррандаро тамошо кунад.

**Профессор Андерсон:** Ҳамаи он чи дар ҷомеаҳои мо буд ва ту аз онҳо ёд кардӣ, дар хотир дорем, мо ба маротиб аз он бештар шаклҳои хорнамоии инсонро дар хотир дорем. Вале ту то ин лаҳза даъвоҳоеро аз Муҳаммад ёд намудӣ ва ҳеҷ як даъвоҳои хешро ба далеле исбот накардӣ, ба ҷуз сухани таърихии отифабарангез, сипас фазилати озодии моро ба Муҳаммад нисбат додӣ!

**Абӯҳомид:** Ман довариро ба ақл супурдам, натиҷа якест, натиҷаи дигаре нест, хоҳиш мекунам, ба ҷаҳони онрӯза баргард, чунончи ба ту хотиррасон кардаам, ба ман аз тамаддунҳо якеро нишон деҳ, ки дар ҷилави низоми ғуломдорӣ қарор гирифта бошад..! Балкӣ аз тамаддунҳои олам якеро номбар кун, ки мушкилоти ғуломиро бештару мураккабтар накарда бошад! Хоҳиш мекунам дур нарав, танҳо ба ҳамин суол ва суоле, ки пеш аз он додам, ҷавоб деҳ. Боз аз ту ва ҳозирини мӯҳтарам хоҳиш менамоям, ба ҳар далеле,ки барои исботи даъвоҳои зикркардаам меорам, бо диққат бингаред, то бо далел бубинед, ки Муҳаммад (с) дарҳои озодшавии ғуломонро чӣ гуна ба тадриҷ кушод. Баъд аз ин даркушоии Муҳаммад (с), пас аз гузашти замоне, олам аз ғафлат ба худ омад ва ба бошишгоҳҳои пур аз ғуломон нигарист ва як ғулом ҳам надид. Ин Муҳаммад буд, ки занҷири пойи ғуломонро кушод, на каси дигар.

Ҳозирини мӯҳтарам, каломи холӣ аз далели маро яксӯ гузоред ва ба дарҳое, ки Муҳаммад (с) кушодааст, бингаред, як нигоҳи сабук, на бештар аз он. Ва ҳоло танҳо як далел барои исботи ҳар даъвои зикркардаам меорам.

## *Дари аввали озодсозӣ, дари кафоратҳост*

**1. Кафорати қасам.** Ҳар кӣ ба худо қасам ёд кунад, ки кадом кори некеро анҷом намедиҳад, баъд аз он пушаймон шавад ва ҳамон корро анҷом додан хост, ӯ ба як шарт ҳақ дорад, ки он корро анҷом диҳад, ба шарте ки ба навъи аз кафоратҳо кафорат диҳад. Як намуди он кафоратҳо озод намудани гардани як ғулом

аст. Масалан, қасам ёд кард, ки ба писараш пул намедиҳад ё бо кадом хеши наздикаш робитаи хешовандӣ намекунад ё монанди инҳо. Ва далели ин сухани ман қавли Муҳаммад (с) аст, ки фармуда: ***«Ҳар кӣ қасам ёд кунад ва бинад, ки ғайри қасамаш аз ин беҳтар аст, бояд аз қасами ёдкардааш кафорат диҳад ва он кори беҳтарро анҷом диҳад».[1]***

**2. Кафорати ҳамбистаршавии шахси рӯзадор.** Дар Ислом шахси рӯзадорро дар давоми рӯз чизе хӯрдан ё нӯшидан ё бо ҳамсараш ҳамбистарӣ кардан ҳаром аст. Бинобар ин, вақте бо ҳамсараш дар ҳолати рӯзадорияш ҳамбистарӣ кунад, бар ӯ воҷиб аст як рӯз рӯзаашро қазо дорад ва ба кафорати он ӯро воҷиб аст як ғуломро озод намояд. Дар замони Паёмбари гиромӣ (с) ҳодисае рух дод ва ба ин ҳодиса гӯш фаро деҳ. Ин қиссаро яке аз фақироне, ки ҳамеша бо Паёмбар (с) буд ва дар сӯҳбатамон аз ӯ бисёр ёд кардаем ва номаш Абӯҳурайра (р) аст, ҳикоят мекунад: «Дар асное, ки мо назди Паёмбар (с) нишаста будем, ногоҳ марде ба назди он ҳазрат (с) омад ва гуфт: «Эй Расули Худо (с), ман ҳалок шудам». Он ҳазрат фармуд: ***«Туро чӣ шуд»?*** Гуфт: Дар ҳолати рӯзадориям бо занам ҷимоъ кардам». Паёмбари Худо (с) фармуд: ***«Оё метавонӣ ғуломеро озод кунӣ?»***. Гуфт: На. Он ҳазрат фармуд: «***Оё метавонӣ ду моҳ паёпай рӯза дорӣ?»***. Гуфт: Не. Он ҳазрат фармуд: ***«Оё барои шаст мискинро таъом додан таъом пайдо карда метавонӣ?»***. Гуфт: Не. Абуҳурайра гуфт, Паёмбари Худо (с) каме даранг кард. Мо дар ин ҳолат будем, ки ба Паёмбари гиромӣ (с) сабаде хурмо

[1] Саҳеҳи Муслим ба лафзи ба ин лафз қариб /85/5.

оварданд. Он ҳазрат фармуд: ***«Шахси суолкарда кучост?».*** Ӯ гуфт: Манам. Он ҳазрат (с) фармуд: ***«Инро бигир ва садақа кун».*** Он мард гуфт: «Ба касе садақа кунам, ки ӯ аз ман фақиртар бошад, эй Расули Худо? Қасам ба Худо дар миёни ду санглохзор (Мадина) ҳеҷ хонаводае аз хонаводаи ман нодортар нест». Паёмбари Худо чунон хандид, ки дандонҳои муборакаш намудор гашт. Сипас он ҳазрат (с) фармуд: ***«Ба хонаводаат бихӯрон».***[1]

Вақте рӯи ин ҳадис фикр кунӣ, мебинӣ, ки кафорати аввали ин навъи мухолифати шаръӣ, озод намудани ғулом аст.

3. **Кафорати ба хато қатл крдан ба изофаи хунбаҳо.** Ҳар кӣ шахсеро аз рӯи хато, бидуни қасд ба қатл расонад, баробар аст, ки шахси кушташуда мусалмон аст ё ғайри мусалмон, бар вай ба хешовандони наздики ӯ хунбаҳо пардохтан воҷиб аст, тавре, ки ғуломеро озод намудан низ воҷиб аст. Ва далели ин сухани ман ояти сареҳи Қуръони карим аст: **«Бар ҳеҷ мӯъмине раво нест, ки фарди боимонеро ба қатл бирасонад, ҷуз аз рӯи хато. Касе, ки мӯъминеро аз рӯи хато ба қатл расонад, бояд як ғуломи мӯъминро озод кунад ва хунбаҳое ба касони ӯ бипардозад. Мӯъмини кушташуда вобаста ба хонадоне бошад, ки ба мусалмонон хусумат ва душманӣ доранд, дар ин сурат кафорати қатли хато танҳо озод намудани ғуломи мусалмон аст. Ва агар хонадони шахси кушташуда аз куффоре бошад, ки бо мусалмонон ҳампаймонанд, дар ин сурат барои эҳтиром ба паймон бояд илова бар озод кардани як ғуломи мусалмон хунбаҳои ӯро ба бозмондагонаш бипардозад. Ва касе, ки**

[1] Ривояти Бухорӣ (1834) ва Муслим (1111).

**дастрасӣ** (ба озод кардани ғулом) **надорад, ду моҳ пай дар пай рӯза мегирад. Ин барои анҷоми як тавбаи илоҳӣ аст ва Худованд ҳамвора аз ҳар чиз бохабар ва ҳамаи дастуроташ бар тибқи ҳикмат аст»** *(Сураи «Нисо», ояи 92)*.

Ва ин ҷо низ аввалин кафорати қатли хато, ин озод кардани ғулом аст ва ин худ аломатест, ки дар он наметавон дар мавриди аҳамияти озод намудани ғулом баҳсу мунозара кард.

**4. Қаробат.** Ба ин маъно, ки агар яке аз хешовандони наздикат ғулом бошад... модоме ки ту худ озодӣ, он ғуломи хешат, ки дар мулки ту қарор дорад, яъне ғуломи ту аст, озод мешавад. Далели ин сухан ҳадиси аз Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) воридшуда мебошад: ***«Ҳар кӣ хеши маҳрамашро молик шавад, пас ӯ озод аст».*** [1]

## *Дари дувуми озодӣ ин дари ба Худованд наздикиҷӯӣ аст*

1. Фазилат. Дар ҳақиқат Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) дар мавриди озодсозии ғуломон тарғиби зиёде намудааст. Он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Ҳар кӣ як ғуломи мусалмонро озод кунад, Худованд бар ивази ҳар узви ғуломи озодшуда як узви ӯро*** (шахси озодкунандаро) ***аз оташи Дӯзах озод мекунад».*** [2]

Бубин, бузургтарин хатаре, ки ҳар инсон аз он ба ҷони худаш метарсад ва он хатар дар оташи Дӯзах

---

[1] Ривояти Абӯдовуд (3949) ва соҳиби «ас-Силсила» ин ҳадисро саҳеҳ хондааст.

[2] Ривояти Бухорӣ (6337) ва Муслим (1509)

афтодан аст ва озод намудани ғулом яке аз сабабҳои наҷот аз он оташи сӯзон аст. Ту худ метавонӣ аҳамияти ин тарғибро муайян кунӣ.

**Севумин дари озодӣ, дари мукотаба аст.** Мукотаба низомест, ки хоҷаро ба мувофақа намудан ба озодии ғулом маҷбур мекунад, вақте худи ғулом дар ин кор рағбат намояд, дар баробари маблағи маълум ва аз ду ҷониб иттифоқшуда, на маблағи миёншикан ва на аз ҳад зиёд. Ин низом дар Қуръони карим зикр шудааст. Худованди мутаъол дар сураи «Нур» мефармояд: **«Ва бардагонеро, ки хоҳони бозхаридани хешанд, агар хайру салоҳи онҳоро эҳсос кунед, бипазиред»** *(ояи 33)*.

**Чаҳорумин дари озодӣ дари закоти фарзӣ аст.** Бидонед, ки Ислом бар ҳар фарди сарватманд ҳар сол барои гурӯҳҳои муайян баровардани 2,5% молашро ба унвони закот фарз гардондааст. Шумо, эй ҷанобон, баъди фаҳмидани фарзи закот бояд мақоми озодсозии ғуломро дар Ислом тасаввур намоед. Ва ба ҳар ғуломе, ки хоҳони озодшавӣ аст, дар ин закоти фарзӣ ҳаққи машрӯъ дода шудааст, ки аз ҳар мусалмони озоду тавонгар онро мегирад. Ин низом дар Қуръон собит аст. Худованд дар сураи «Нур», ояти 33 мефармояд: **«Ва чизе аз моле, ки Худо ба шумо додааст, ба онҳо бидиҳед».**

## *Панҷумин дари озодӣ канизро никоҳ кардани хоҷа аст*

Ислом дар мавриди озодсозии канизон аз ҷанбаи шаҳвати табиӣ низ истифода кардааст. Бо ин гурӯҳи мардум бо назардошти воқеияти ҳамроҳ бо улгусозӣ муомала кардааст. Дар ҳолате, ки инсоният дар назди мушкилаи (пароблемаи) иҷтимоии бузурге қарор дошт,

Ислом ба ин мушкила, бо диди воқеъбинона нигарист...!

Вақте Ислом омад, канизҳои зиёде дар ҷомеа вуҷуд доштанд ва гурӯҳе аз мардон буданд (пеш аз Ислом), ки ба назди як каниз ба навбат ворид гашта, бо ӯ ҳамбистар мешуданд. Каниз моли беҳисоби раҳошуда, ё шаҳвати вогузашта буд.

Бидуни шак, ин як мушкилаи иҷтимоии азим ва хеле мураккаб аст...!

Оё Муҳаммад бояд ба ин доғи сиёҳи ҷомеа менигаристу онро ҳамчунон вомегузошт, дар ҳоле ки он доғ дар ҳоли паҳншавӣ ва вусъатёбӣ буд ва тамоми ҷомеаи башариро фаро мегирифт. Оё бояд Муҳаммад онро инкор накарда, ё дар роҳи чораандешии он гом намебардошт...?

Ё бояд дар вусъатбахшии ҳалқаи ғуломдорӣ дар дохили ҷомеаи бапохестааш бо дигарон мусобиқа мекард? Ва ҷомеааш бошад то ин вақт аз ҳисоби ҷомеаҳои дигар мехӯрданд ва ҷомеаҳои дигарро ғулом мекарданд. Агар Муҳаммад (с) чунон мекард, сурате, ки фатҳу зафар баъди он ба аксари кишварҳои олам ба онҳо даст дод, чӣ мешуд?

Ё бояд ӯ аз ин мушкилае, ки ҷомеаро ба фасоди ахлоқии даҳшатбор ва бемориҳои ҳалокатовар таҳдид мекард, чашм мепӯшид? Ё бояд бо тамоми ҷомеа бархӯрд мекард ва миёни мардону занон бархӯрди шадид эҷод мекард ва канизҳоро яку якбора дар баробари бонувон мебардошт ва бо ҳамин зербиноеро, ки ҷомеаи он рӯз рӯи он истода буд, ба як бор вайрон мекард ва яку якбора онҳо модарони хонаводаҳо ва бонувони ҷомеа ва фарзандони хонаводаҳо мешуданд?

Ислом дарвоқеъ ин мушкиларо дармон бахшид. Ба

сурате, ки барои хоҷа ҳамзистӣ бо канизи хоссашро бар асоси он ки каниз мулки ӯст, мубоҳ гардонд ва ӯ тавре ки бо ҳамсараш ҳамзистӣ мекунад аз лиҳози сатру пӯшиш, боҳашамат будан, хусусият, ҳуқуқи инсонӣ рафтор намояд. Ва Ислом бар хоҷае, ки бо канизаш ҳамзистӣ дорад, ба ивази пулу мол ё ройгон дар ихтиёри каси дигар қарор додани ҳамон канизро ҳаром гардондааст, агар чи он шахс меҳмонаш аст ё фарзандаш ва ё дигар кас. Баъд аз он хоҷа вақте бо каниз ҳамхоба гардад ва он каниз аз хоҷааш ҳомила шуда фарзанд орад, мақоми канизи мазкур баланд мешавад ва ба озодӣ наздик меояд. Ӯро баъди таваллуди фарзанд «умми валад» меноманд, яъне модари фарзанди хоҷа, ки ин барои каниз шараф аст. То ҷое мақоми ӯ боло меравад, ки бо фарзандаш, ки ба сабаби алоқамандӣ бо падараш озод мешавад, ӯ ҳам бо писараш алоқаманд аст. Аз ин рӯ ба вай мисли каниз муомала намудан мамнӯъ аст. Фурӯхтан, ё мисли канизи дигар бо вай муомала намудан ҷоиз нест. Бинобар ин, ба хотири он, ки фарзанди ӯро канизбачча нахонанд, модараш озод карда мешавад. Ва Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) фарзандонро барои озодсозии падару модарашон ташвиқ намуда мефармояд: ***«Ҳеҷ писаре падару модаришро подош дода наметавонад, магар ин, ки ӯро дар ҳолати ғуломӣ бинад ва озодаш намояд».***

Бузургтарин матлаби фарзанд озодии модар аст ва худи фарзанд бошад, тобеъи асли олитари хеш аст. Яъне ба муҷарради таваллуд шуданаш падараш розӣ мешавад ё не вай билофосила озод мешавад... Вақте каниз «умми валадаш» гардад ва хоҷа озодии ӯро нахоҳад ва озодаш накунад ба муҷарради вафоти хоҷа ба ҳукми шариат озод мешавад.

**Профессор Андерсон:** Узр мехоҳам, ки бори дуввум сухани туро буридам, он чи ту мегӯӣ, ҳалли ҷузъӣ аст, на ҳалли кофии мушкилаи азим мисли мушкилаи ғуломдорӣ. Ин ки мегӯӣ ҳар касе озод карда шавад, ба майдони ҳуррият мебарояд, ин ку мумтоз аст, вале касоне, ки ғулом боқӣ монданд, чӣ мешаванд?

Касе, ки тамоми ҳаёт зиндагии ғуломӣ ба сар мебарад ва баъд аз он мемирад, дар ҳоле ки ғулом аст ва Ислом ӯро озод накардааст, чӣ мешавад?

**Абӯҳомид:** Суоли баҷо ва ҷавобаш дар боби оянда, яъне дари шашум меояд, ту пешдастӣ кардӣ ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ту худ ин мавзӯро пайгирӣ карда истодаӣ.

**Шашумин дари озодӣ ин ҳифзи каромат ва ҳуқуқ аст.** Аммо касе, ки дар аввали Ислом дар ҳалқаи ғуломӣ боқӣ монда ва ба озодӣ нарасид, барои ӯ муомалаи хосест. Аз он ҷумла:

1. Ислом барои ғуломон ҳуқуқҳое додааст, ки шарафи онҳо ҳифз мешавад. Пеш аз Ислом хоҷа одатан канизашро ба танфурӯшӣ маҷбур мекард, аз ин рӯ суди молӣ ба даст меовард. Ислом ин гуна муомаларо бо канизон ҳаром гардонд. Дар Қуръон дар сураи «Нур» омадааст:

وَلَا تُكۡرِهُواْ فَتَيَٰتِكُمۡ عَلَى ٱلۡبِغَآءِ إِنۡ أَرَدۡنَ تَحَصُّنٗا لِّتَبۡتَغُواْ عَرَضَ ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَاۚ وَمَن يُكۡرِههُّنَّ فَإِنَّ ٱللَّهَ مِنۢ بَعۡدِ إِكۡرَٰهِهِنَّ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٣٣

**«Ва канизони худро, ки мехоҳанд афиф бимонанд, барои ба даст овардани моли дунё ба худфурӯшӣ маҷбур**

**накунед. Ҳар кас ононро ба зино маҷбур кунад, Худованд барои онон, ки ба икроҳ водор шудаанд омӯрзандаи меҳрубон аст»** *(ояи 33)*.

Чунончи қайд кардем, қабл аз Ислом хоҷа канизашро барои ба даст овардани мол кор мефармуд, агар ӯ ба танфурӯшӣ розӣ намешуд, маҷбураш мекард. Вақте Ислом омад, аз ин кори зишт ба таври мутлақ наҳй кард, баробар аст, ки аз роҳи маҷбурсозӣ аст ё аз тариқи розӣ будани каниз. Яъне ба зино маҷбур намудан ҳам ҳаром аст ва бо хости нафс ва аз рӯи ризо низ зино ҳаром аст. Ва Худованд гуноҳи зинокорро намебахшад, ба ҷуз касоне, ки аз гуноҳашон пушаймон шуда тавба кунанд.

2. Ислом ҳамчунин иҳонати канизону ғуломон ва болотар аз тоқаташон кор фармуданро ҳам ҳаром гардондааст. Ва ҳар кӣ ба дигаргун шудани муносибати асҳоби Муҳаммад (с) бо ғуломонашон бингарад, он гоҳ хоҳад донист, ки Муҳаммад (с) бо он арабҳои пеш аз исломпазириашон бодиянишину дурушту бехираду сахтгир чӣ кор кардааст.

Яке аз ишон Абӯзари Ғифорӣ, марде аз қабилаи Ғифор, ки онҳо ба роҳзанӣ машҳур буданд, ба даъвати Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) Исломро пазируфт. Ислом ба ахлоқи ӯ чӣ кард? Назари ӯ дар мавриди ғуломон чӣ гуна дигаргун шуд?

Аз Маъруф ибни Сувайд (р) ривоят аст, ки гуфт: «Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки ӯ ҷомае ба тан дошт, ғуломаш низ мисли ҷомаи ӯро ба тан дошт. Пас ӯро Маъруф ибни Сувайд аз сабаби он пурсон шуд. Абӯзар гуфт, ки ӯ дар замони Паёмбар (с) мардеро дашном дода ва ба модараш айб гирифт. Паёмбари (с) фармуд: ***«Ту марде мебошӣ, ки дар ту*** (ахлоқи) ***ҷоҳилият ҳаст,***

***бародарони шумо хидматгорони шумоянд, Худованд онҳоро зердасти шумо гардондааст. Бинобар ин ҳар касе, ки бародараш зердасти ӯст, ӯро аз он таоме, ки худаш мехӯрад, бихӯронад ва ӯро аз он чи худаш мепӯшад, бипӯшонад ва онҳоро ба кори болотар аз тавонашон таклиф накунад. Дар сурате, ки чунин кори вазнин фармудед, дар он кор ба онҳо ёрӣ диҳед».[1]***

Абӯзар бо пайрави аз он чи Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) гуфта ана ҳамин гуна бо ғуломаш муомала мекардагӣ шуд ва ин шеваи амали умуми саҳоба аст, танҳо хосси Абӯзар нест. Имом Муслим аз Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) ҳадисе ривоят кардааст, ки дар он дар мавриди ғуломон мегӯяд: ***«Онҳо бародарони шумоянд, Худованд онҳоро зердастони шумо гардондааст. Пас ҳар касеро, ки Худованд бародарашро зердасташ гардондааст, бояд аз он таоме, ки худаш мехӯрад ба ӯ бихӯронад ва бояд ӯро либосе бипӯшонад, ки худаш аз он либос мепӯшад ва ба ӯ коре нафармояд, ки бар ӯ ғолиб ояд, агар чунин коре фармуд, бояд худаш ба ӯ кӯмак кунад».[1]***

**3. Ба некӣ кардан ба онҳо амр намудааст** ва далели он чи дар ҳадиси Абӯмасъуди Бадрӣ (р), ки Имом Муслим дар «Саҳеҳ»-аш ривоят кардааст, ворид шудааст. Гуфт: Ман ғуломамро бо тозиёна мезадам ногоҳ аз пушти сарам ин садоро шунидам: **«Бидон, эй Абӯмасъуд!».** Аз ғазаб садоро нафаҳмидам. Вақте ба ман наздик шуд, ногоҳ дидам, ки ӯ Паёмбари Худо (с) буд, ки дар ин лаҳза мегуфт: ***«Бидон, эй Абумасъуд! Бидон эй Абумасъуд!».*** Абумасъуд гуфт, ман тозиёнаро

---

[1] Ривояти Бухорӣ (5703) ва Муслим (1661)

аз дастам андохтам, сипас (он ҳазрат (с)) фармуд: ***«Бидон, эй Абумасъуд, ки Худованд бар алайҳи ту тавонмандтар аз тавонмандии ту бар алайҳи ин ғулом аст».*** Ман гуфтам: Эй Расули Худо (с) дигар ҳеҷ ғуломеро намезанам ва боз гуфтам, ки ӯро барои ризои Худованди мутаъол озод кардам. Он ҳазрат (с) фармуд: ***«Аммо агар ин корро намекардӣ, албатта, туро оташи Дӯзах месӯзонд ё оташи Дӯзах мерасид»[1].*** Яъне агар ту ӯро озод намекардӣ, албатта, Худованд туро дар охират ба оташ азоб мекард.

**4. Таълим додани ғуломонро воҷиб гардондааст.** Дар ҷомеаи онрӯза ва дар он замон оё ин аҷиб нест? Барои дини Муҳаммад, ки ба таълим додани чаҳорпоён амр намудааст, машрӯъ гардондани таълими фарзандони одам шигифтовар нест. Худованд таълим додани сагҳо ва парандаҳоро машрӯъ гардондааст. Дар сураи «Моида», ояти 4 Худованд фармудааст: **«Аз ту дар бораи ғизоҳои ҳалол суол мекунанд, бигӯ: Ҳар чизи покизае барои шумо ҳалол аст. Сайди ҳайвоноти сайёд, ки таҳти таълими шумо қарор гирифтаанд, яъне аз он чи Худованд ба шумо таълим дода, ба онҳо омӯхтаед, барои шумо ҳалол аст. Аз сайде, ки сагҳои шикорӣ барои шумо нигоҳ доштаанд, бихӯред. Ба ҳангоме ки саги шикорӣ раҳо мешавад, номи Худоро бибаред ва аз Худо битарсед, зеро Худованд сареъул ҳисоб аст».**

**Акнун бар мегардем ба суоле бузург:** Озодӣ аз ғуломӣ, ки имрӯз аз он баҳрабардорӣ мекунед, барои шумо аз куҷо омад? Тавре ки бузургони мутафаккиронатон инро эътироф доранд, магар ин

---

[1] Ривояти Муслим (1659)

озоди баъди ошноӣ ба тамаддуни Ислом наомадааст?

Оё ба ин мавзӯъ бо диде, ки ин ҳам фазилате аз фазилатҳои Ислом аст, нигоҳ карда мешавад ё ба назари манфӣ менигаред, тавре ки баъзеҳо чунин мекунанд? Оё вазифаи шумо шукр кардану ҳаққи Исломро шинохтан аст ё онро инкор намудан?

## *Мушкилаи чаҳорум: Ҷизя дар Ислом*

**Қиссис Ундия:** Ту худ дархост намудӣ, ки назди кадоме аз мо дар мавриди Ислом ҳар мушкилие бошад, бояд баён кунад. Аз ин рӯ, ба ҳуҷумҳои пайдарпайи мо бояд таҳаммул намоӣ... Хеле вақт аст, ки ман аз ин дине, ки соҳибонаш даъво мекунанд, ки ба динҳои дигар озодӣ қоил аст, дар асное, ки ҳамзамон **ҷизя** доданро низ лозим мегардонад, тааҷҷуб мекунам...! Зеро, ҷизя мусибат аст, ба сабаби он ки мо мусалмон нашудаем, аз мо мол мегиред. Оё ин баробарӣ аст ё чизи дигар?.

Оё назди шумо ақида қиммате дорад, ки ба хотири он **ҷизя** пардохта шавад..?

Пайваста чи қадар далелҳо овардед ва саъй намудед, исбот кунед, ки дини шумо миёни мардум фарқ намегузорад ва даъвои зиёде пеш овардед, ки шумо барои мардум раҳмат ва инеду онед...Вале вақте воқеъияти кор пеш меояд, касе агар зери ҳукми шумо қарор гирад, аз ӯ маблағи муайяне аз молашро мегиред, ба хотири он ки ӯ мусалмон нашудааст. Вақте мусалмон шавад, он ҳақ, ки шумо онро **ҷизя** меномед, **аз ӯ соқит мешавад..!**

**Абӯҳомид:** Ислом вақте аз мусалмон ҳар сол ба номи закот 2,5 % молашро мегирад, оё аз ҳар фарди ғайримусалмон маблағи муайяне нагирад..?

Ислом вақте тамоми дороии тиҷоратии мусалмонро оморгирӣ намуда, 2,5% аз тамоми дороии ӯ ба унвони закоти тиҷорат мегирад, оё аз як нафар фарди тавонманди ғайримусалмон, қатъи назар аз дорояш ҳар қадар зиёд ҳам бошад, як маблағи ниҳоят ночизе нагирад? Балки Ислом, ҳамон гуна ки закотро аз мусалмони фақир соқит кардааст, ҳамон тавр **ҷизяро** низ аз ғайри мусалмон, то вақте ки ӯ фақир ё оҷиз аст, соқит намудааст.

Халифаи севум баъди вафоти Паёмбари гиромӣ (с), яъне Умар ибни Хаттоб, касе ки ӯ рамзи адл буд, рӯзе дар кӯчаҳои Мадина қадам мезад. Талбандаеро дид, ки аз мардум пул металабад. Умар аз динаш пурсид, вай гуфт, ки яҳудӣ аст. Умар гуфт: *«Мо дар мавриди ту адолат накардем. Дар ҷавоният аз ту ҷизя гирифтем ва дар калонсолият туро зоеъ кардем»!*[1]

Баъд аз он аз байтулмол барояш миқдори кифоякунанда мол муайян кард».[2] Ҷизя ана ҳамин гуна ба нафъи яҳудӣ табдил ёфт, то ҷое ки халифаи Паёмбар (с), Умар (р) барои вай моҳонаи доимӣ то охири ҳаёташ таъйин кард!

Ин муомалаи одилона хос ба он яҳудӣ нест, балки дар Хилофати Исломӣ барои ғайримусалмононе, ки аз додани ҷизя ва таъмини ҳуду хонаводааш оҷиз меомад, ин низоми умумӣ буд.

Баъд аз ин, ту, эй Қиссис Ундрия, бидон, ки ҷизя ба ҷуз аз афроди коргари ғайримусалмон аз касе гирифта намешавад. Агар шаҳрванди ғайримусалмон дар ягон

---

[1] «Аҳкому аҳлиз-зиммати»-и Аллома Шамсиддин ибни Қаййими Ҷавзӣ, ҷилди 1, саҳ.144.

[2] «Аз-зиёдот»-и Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, шогирди Абӯҳанифа, то ба ҳол дастхати ин китоб мавҷуд аст.

ҷо кор накунад, сарватманд ҳам бошад, аз ӯ аз моли хазинакардааш ҷизя гирифта намешавад.

Мусалмонон дар ин мавзӯъ китобҳои зиёде таълиф намудаанд, аз ҷумлаи машҳуртарин китобҳои мӯътамад дар ин мавзӯъ китоби Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ аст ва номи китобаш **«Аз-зиёдот»**[1] мебошад. Дар ин китоб муаллиф мегӯяд: **«Дар мавриди ҳукми насроние, ки тамоми сол бемор шуда ва тавони кор карданро надошта бошад ва агар чи вай сарватманд ҳам бошад, бар ӯ ҷизя воҷиб намешавад, зеро ҷизя бар шахси тандурусти коргар воҷиб мешавад».[1]**

Ба хотири сабук кардани ҷизядиҳӣ бар афроди ғайримусалмон ва осон намудани пардохти ҷизя, ҷизяро аз айни моли онҳо, яъне кадом намуди моле дошта бошанд, аз ҳамон навъи молаш гирифта мешавад. Онҳоро маҷбур карда намешавад, ки он молашонро бифурӯшанд ва пулашро пардохт намоянд. Ин ба хотири осон кардани пардохти ҷизя аст. Халифаи чаҳорум, Алӣ (р)[2] ҷизяро аз ҳар соҳибҳунар мегирифт, аз сӯзангар сӯзан, аз санги фасонсоз санги фасон ва аз бандтоб банд мегирифт. Баъд аз он коргузорон (райисони) қавмро даъват мекард ва тилло ва нукраи дар байтулмол ҷамъшударо ба онҳо медод

---

[1] «Аҳкому аҳлиз-зимма»-и Аллома Шамсиддин ибни Қаййими Ҷавзӣ, ҷилди 1, саҳ.147.

[2] Дар китоби «Ал – Амвол» (саҳ. 56) Абӯубайд мегӯяд: «Ҳамоно инро ба Алӣ (р) тавҷеҳ медиҳанд, ки ишон аз онҳо ин матоъҳоро ба қимати онҳо ба ивази дароҳиме, ки аз ҷизя барои ҳар саре воҷиб буд, мегирифт ва ба мақсади нармӣ кардан ба онҳо ва сабукӣ додан бар онон онҳоро ба фурӯхтани матоъашон маҷбур намекард, ки баъди фурӯхтан пули онро бигирад».

ва онҳо онро тақсим мекарданд. Сипас мегуфт: Инҳоро низ бигиред. Онҳо мегуфтанд: Инҳо барои мо даркор нестанд. Ҳазрати Алӣ (р) мегуфт: Шумо молҳои беҳтарашро гирифтеду бадашро барои ман гузоштед, инҳоро ҳам, албатта, мебардоред![1] Баъд аз он, Ислом микдори ҷизяро кушода ва озод намондааст, ки ҳокимони кишварҳо ва пайравони ҳавову ҳавас бо он бозӣ кунанд. Балки дар як сол аз ҳар фарди ҷизядиҳанда ҳар қадар соҳиби молу мулки зиёд ҳам бошад ва даромади ҳангуфт ҳам дошта бошад, беш аз чаҳор дирҳам, яъне тақрибан як долар гирифтанро ҳаром гардондааст.

Халифаи дувум, Умар ибни Хаттоб (р) ҷизяситонии масъулонашро пайгирӣ мекард ва шадидан талаб мекард, ки онҳо бар насоро равиши осонро пеш гиранд. Абдураҳмон ибни Ҷубайр ибни Нуфайр ривоят кардааст, ки ба назди Умар ибни Хаттоб (р) моли зиёде оварданд (ба гумонам аз ҷизя гуфта буд). Умар гуфт: *Аз афташ шумо мардумро ҳалок кардед.* Гуфтанд: Не, қасам ба Худо, мо танҳо зиёдатӣ ва баргузидаашро гирифтем. Умар (р) гуфт: *Бидуни тозиёна ва нувот?* Гуфтанд: Оре. Гуфт: *Ҳамду сано Худовандро, ки инро ба дасти ман ва дар вақти ҳукмронии ман накард*».

Паймони сарлашкари машҳур, Холид ибни Валид бо насорои Шом вақти фатҳи Шом то ба имрӯз бар ин чиз шаҳодат медиҳад. Дар он паймон омадааст: **«Ин аҳдест, ки Холид ибни Валид ба аҳли Димишқ додаст. Ҷонҳо, амвол ва калисоҳояшон дар амон аст ва аз**

---

[1] Абӯубайда дар «Ал-амвол» рақами 117, Абӯшайба тахриҷ намудааст (582/7).

**хонаҳои онҳо чизе мавриди сукунат қарор дода намешавад ва ҳар шахси калонсоле аз онҳо, ки аз кор кардан оҷиз шавад ё ба ӯ офате расад, ё сарватманд бошаду баъд фақир шавад, аз ӯ ҷизя соқит мешавад ва ӯ ва аҳли хонаводааш аз байтулмоли мусалмонон кӯмак карда мешаванд».**

Оё аз ин бузургтар раҳму шафқат мешавад?

**Ва бояд донист, ки дар баробари ҷизя ҳуқуқҳое бар зиммаи мусалмонон вогузор мешавад.** Аз ҷумлаи он ҳуқуқҳо ин аст, ки мусалмонон вазифадоранд аз ғайри мусалмонони кишварашон ҳимоя намоянд.

Аз ин ҷост, вақте ба Абӯубайда, ки сарлашкари мусалмонон дар сарзамини Шом буд, хабар расид, ки Рум бар зидди ӯ омодагии ҳарбӣ гирифтааст ва ӯ дар айни замон тавони рӯёрӯии лашкари Румро надошт, бинобар ин, ҷизяеро, ки аз насрониёни Шом гирифта буд, ба онҳо баргардонд ва ба онон гуфт: Мо молҳои аз шумо гирифтаамонро баргардондем, зеро ба мо хабар расид, ки ҷамъияти зиёде бар алайҳи мо ҷамъ шудаанд ва шарти шумо ин буд, ки мо аз шумо дифоъ намоем ва ҳоло мо тавони онро надорем ва ҳар он чи аз шумо гирифта будем, онро баргардондем. Ва агар Худованд моро бар онҳо пирӯз гардонад, мо бо шумо бар ҳамон шартамон ва он чи дар паймон навиштем, ҳастем. Вақте Абӯубайда ин суханонро баён намуд ва молҳоеро, ки аз онҳо гирифта буданд, баргардонданд, онҳо гуфтанд: «Худованд шуморо барои мо баргардонад ва шуморо бар онон пирӯз созад. Агар онҳо мебуданд, яъне Румиҳо, ба мо чизе барнамегардонданд ва ҳар он чи дар дасти мо боқӣ монд , онро низ мегирифтанд, ҳатто барои мо чизе

намегузоштанд».[1]

Бинобар ин, вақте давлати исломӣ аз ҳимояи ғайримусалмонони кишвараш оҷиз ояд, ҷизя аз гардани онҳо соқит мешавад... Ва ин чиз дар амал татбиқ шуд, тавре ки зикр кардем. Ба давлати мусалмонон як миқдор мол додани ғайримусалмонон, агарчи рамзӣ ҳам бошад, тавре ки ҷизя чунин аст, барои пардохткунанда ҳаққи комилашро бидуни костагӣ ҳифз мекунад, ба сурате ки агар ҳоким бо ӯ, ё бо пайравони динаш кӯтоҳӣ зоҳир намояд, метавонад ҳаққашро талаб кунад. Ва масъалаи дигар ин аст, ки маҳз ҳамин ҷизяи рамзӣ паймони миёни тарафайн басташударо устувор месозад. Ин ду тараф яке давлати мусалмон ва дигараш ин фард аст. Дар асоси ҳамин паймон мақоми шахси насронӣ баланд бардошта ва ба ӯ имконияти кофӣ дода мешавад. Зеро паймони ӯ бо давлати мусалмон аст, на ба як фард ё бо як ширкат ва ё монанди он... Бинобар ин, посбони ҳақиқии ӯ давлати мусалмон мебошад! Оё ин басанда нест?

Баъд аз ҳамаи ин, боқӣ мондани ӯ дар давлати мусалмон ба ӯ дар интихоб намудани роҳи ҳақ бидуни фишор ва иҷбор мӯҳлати кофӣ медиҳад. Пас, маълум мешавад, ки рамзӣ будани ҷизя ӯро ҳимоят мекунад ва ӯро бо дини худаш, бо ҳуқуқи ҳифзшуда, бидуни камтарин иҷбор бар худи ӯ, ё ба фарзандонаш мебошад. Рафту замоне дар зиндагии хеш Исломро ихтиёр кунад, ҷизя аз ӯ соқит ва бар ӯ закот пардохтан воҷиб мешавад. Исломро ихтиёр кардани ӯ ва бо ҳамин соқит шудани ҷизя маънои сазовори мукофоти

---

[1] Бингар «Ал-хироҷ»-и Абӯюсуфро (саҳ. 149-150), ки аз китоби «Ал алоқотуд-дувалия фил Ислом»-и доктор Усмон Ҷумъа нақл шудааст.

моддӣ шуданро надорад. Балки шояд бо воҷиб гаштани закот, ки аз ҷизя ба маротиб бештар аст, вазифаҳои моддияш афзун гардад. Ҳамзамон аз исломро ихтиёр кардани ӯ дигар намуди вазифаҳояш низ бештар мешавад, мисли воҷиб гаштани ҷиҳод, ки шояд дар он ҷону молашро аз даст диҳад. Боз ҳуқуқи моддии дигаре низ воҷиб мегардад, агар барои кишвар зарурат̣ҳои дигар пеш ояд.

Оё шахси хирадманд ин гуна адлу инсофро дар ягон ҷо мебинад? Баъд аз он, диниста бош, ки ин ҷизя на бар афроди аҳли китобу муқими кишвари исломӣ ё зоирони он аст, зеро онҳо ҳампаймонанд ё амонхоҳонанд.

Ҳамоно, ҷизя махсуси касонест, ки бар алайҳи мусалмонон бо исрор ва пофишорӣ ҷангидаанд. Сипас вақте шикаст хӯрданд, ё наздик ба шикастхӯрӣ буданд, ки ба хотири кушта нашуданашон ба сулҳ рӯ оварданд. Ва баъди ин ҳама онҳо ҳар қадар мусалмононро ба қатл расонда бошанд  ё дар ҷанг ба мусалмонон харобиҳо оварда бошанд, онҳо ҷизя мепардозанд. Ва ҳамин басанда аст, дигар аз онҳо чизе талаб карда намешавад, яъне товони харобиҳои ба кишвари исломӣ вориднамудаашон ва сабабгори мушкилиҳо гаштанашон аз онҳо талаб карда намешавад. Чаро ки онҳо дар охир хостори сулҳ шуданд, шикастро напазируфтанд ва дар сарзамини худашон ва кишвару оилаашон боқӣ монданро ихтиёр намуданд. Ҳамзамон боқӣ мондан дар дини худашонро ихтиёр карданд, на ба Ислом дохил шуданро. Сулҳро ихтиёр намуданд, на ҷангро. Тамоми инҳо дар баробари додани ҳамин ҷизя аст. Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) дар мавриди риояи ҳуқуқи аҳли китоб шадидан таъкид мекунад ва

аз даст расондан ба паймони ҳампаймони ғайри мусалмон шадидан барҳазар медорад. Он ҳазрат (с) мефармояд: ***«Огоҳ бошед, ҳар кӣ ба ҳампаймоне ситамро раво дорад ё аз он чизе кам кунад ё ӯро бештар аз тавонаш кор фармояд ё аз ӯ бе ризои худи вай чизеро бигирад, ман дар рӯзи қиёмат бо ӯ ба ҳуҷҷат даъво мекунам».*[1]**

Аз он ки Паёмбари Худо, Муҳаммад (с) худро барои ҳар мусалмоне аз мусалмонон душмани даъвогар қорор додааст, кадомин дифоъ бузургтар аз ин гуна дифоъ аст? Он ҳазрат (с) вакили ҳимоятгар аст бар алайҳи мусалмоне, ки бар яке аз шумо комилан зулм кардааст: ё зулми андак ё бештар аз тавонаш коре фармудааст ё аз ӯ чизеро бидуни ризоаш хӯрдааст.

Шумо миёни ин сухани Паёмбари гиромӣ (с) ва он чи Таврот дар мавриди ин ҳукм дар Сифри Тасния (20/10) мегӯяд, муқоиса кунед.

**«Вақте ба шаҳре барои ҷангидан бо аҳли он шаҳр наздик шавӣ, сараввал онро ба сулҳ бихон, вақте даъвататро барои сулҳ бипазирад ва барои ту кушода шавад** (яъне дарвозаҳои шаҳр), **пас тамоми он чи дар шаҳр ҳаст, ҳама аз ту мешаванд ва дар итоати туанд ва ғуломи ту мешаванд. Агар бо ту мусоламат накард, балки бо ту ба ҷанг баромад, тамоми мардони онро ба дами шамшер бизан ва занону кӯдакон ва чаҳорпоёнро барои худат ба ғанимат бигир, ки Парвардигори маъбудат ба ту ато кардааст, бихӯр».**

Миёни ину он чи микдор фарқ аст...?

---

[1] Абӯдовуд (3052) ва соҳиби «ас-Силсила» онро ҳадиси саҳеҳ хондааст.

Бо ин вуҷуд, ин ғуломгардонии ошкор дар матни Таврот ва ин хунрезӣ ба назар нисбат ба ҷангҳои салибӣ бараҳмтар менамояд.

Бояд гуфт, раҳму шафқати Ислом дар ҷангҳояш таърихнигорони боинсофро ҳайратзада кардааст.

**Густав Лобон мегуяд:** «Таърих кишваркушое бараҳмтар аз арабро нашнохтааст» ва Томас Арнолд дар китобаш- «Даъват ба Ислом» менависад: «Вақте лашкари исломӣ ба водии Урдун расид ва Абӯубайда дар шаҳри Фаҳл хайма зад ва аҳолии насорои он ҷо ба арабҳои кишваркушо нома фиристоданд ва дар номаашон гуфтанд: «Эй гурӯҳи мусалмонон! Шумо барои мо нисбат ба румиҳо маҳбубтаред, онҳо агарчи дар дини мо ҳам бошанд, шумо ба мо вафодортар ва меҳрубонтаред ва аз зулм бар мо худдорӣ мекунед, барои мо роҳбарии шумо беҳтар аст, вале онҳо бар мо ғолиб омаданд». Ва аҳли Ҳимс дарвозаҳои шаҳрашонро ба рӯи лашкари Ҳироқл бастанд ва ба мусалмонон хабар доданд, ки роҳбарии мусалмонон ва адолаташон барои онон аз зулми Иғриқ ва Рум ва истибдодашон беҳтар аст».[1]

Ба ман иҷоза деҳ, эй профессор, эй касе, ки ҷизяро қабул надорӣ, то аз ту бипурсам: **«Оё ту аз ҳаҷми андозе, ки аз даромади ту гирифта мешавад, розиӣ?**

Оё дар кишварҳои шумо ҳатто як шахс ёфт мешавад, ки аз он чи давлаташ аз ӯ меситонад, розӣ бошад?

Ва кас чӣ гуна ҳам метавонад розӣ шавад, вақте ки давлатҳои шумо аз ҷамъи даромади шумо аз 40% то 60% - ро мегирад?

---

[1] «Китобуд-даъвати илал Ислом»-и Арнолд, саҳ. 73.

Бояд гуфт, давлат роҳҳои даромади зиёд дорад, вале даромадҳои шахсии афрод ҷузъе аз даромадҳои устувори давлат гаштанаш ба далели ин, ки онҳо аз хидматҳои давлат баҳравар мешаванд, ин корест, ки инсон наметавонад онро таҳаммул намояд...

Оё давлат аз манбаъҳои табиӣ, тиҷоратҳо, саноат ва робитаҳои иқтисодӣ бо дигар давлатҳо даромадҳои бузург надорад?

Ин маблағи ҳангуфт куҷову ҷизя куҷо?!

## *Мушкилаи панҷум: Густариши Ислом бо дами шамшер*

**Профессор Андерсон:** Ман намехоҳам аз барангехтани шубҳаи тозае бар алайҳи Ислом, узрхоҳӣ кунам. Узр нахостанам аз он хотир аст, ки Абӯҳомид назди барангехтани ҳар шубҳа имтиёзи исломро то ба ҷое зоҳиру ошкор месозад, ки аз ҳолати пеш аз барангезии шубҳа ҳам бештар мегардад. Ва он чи ки мехоҳам ин ҷо онро зикр кунам, шубҳаи тозае нест, балки он ҳақиқате, аст, ки Абӯҳомид наметавонад Исломро аз он беолоиш нишон диҳад. Ин аз он ҷост, ки барпошавии Ислом аз аввал ва ҳар бор бар асоси ҳамин услуби айбнок мебошад.

Ту медонӣ, эй Абӯҳомид, он сурати Ислом, ки дар зеҳнҳои мо ҷой гирифтааст, ин аст, ки Ислом ба василаи дами шамшер густариш ёфтааст. Ман вақте ин нуктаро ба ту мегӯям, комилан аз рӯи қаноатмандии худ мегӯям. Шумо бошед имрӯз ин раҳмату меҳрубониро аз Муҳаммад мебинед ва ҳол он ки ҳар фарди мо медонад, ки Ислом дар дигар сарзаминҳо чӣ гуна густариш ёфтааст...!

Муҳаммад дар замоне омад, ки ҷангу ҷидоли зиёд

қабилаҳо ва давлатҳоро харобу хаста карда буд. Бинобар ин, Муҳаммад сараввал ба ҳамлаҳои торочгарона бар қабилаҳои араби аз поафтода шурӯъ кард. Сипас доираи ҳамлаҳояш бештару бештар васеъ шуд, ҳатто ки вафот кард... Ва дар замони касоне, ки баъди ӯ омаданд аз халифаҳо вусъати Ислом афзуд ва аз ҳудуди Ҷазираи Араб берун рафт ва онҳо дар кори густариш додани Ислом ба ҷуз шамшер роҳи дигар надоштанд. Онҳо мардумро миёни пазируфтани Ислом ва марг мухайяр мегузоштанд. Мардум чӣ кор ҳам мекарданд, ба ҷуз ҳаёт чиро интихоб кунанд..?

Туро ҳамин басанда аст, ки теъдоди ҷангҳои Муҳаммадро бо душманонаш бишуморӣ ва ҳамзамон ҷангҳои касонеро, ки баъди ӯ омаданд ва бо душманонашон вориди ҷанг шуданд, онгоҳ бароят равшан хоҳад шуд, ки Ислом ба василаи дами шамшер интишор ёфтааст  ё аз роҳи қаноат додани мардум?

Ана ҳамин ҳақиқат ҳамаи даъвоҳои шуморо, ки мегӯед, Ислом дини ақл аст  ё мегӯед, ки Ислом ба василаи дами шамшер густариш наёфтааст, ботил месозад. Миёни дами шамшер ва дами ақл чӣ қадар фарқ аст?

**Абӯҳомид:** Аз ту хоҳиш мекунам, барои ман танҳо як далел биёр, ки Муҳаммад (с) ягон қавмеро ё ягон кишвареро миёни шамшер ва Ислом мухайяр карда бошад, сипас онҳо Исломро пазируфта бошанд..!

Дар ин сурат, ман аз ту дархост менамоям, ки танҳо як ҳолати фардиро зикр кун, ки ягон нафареро оварда бошанд ва ба ӯ гуфта бошанд, ки ё Исломро мепазирӣ ва ё мо туро ба қатл мерасонем, баъд аз ин ӯ Исломро ихтиёр карда бошад!

Ту мегӯӣ, ки ин гуна ҳолатҳо хеле зиёданд!

Ту ба ман танҳо як ҳолатро зикр кун!

Таърих ҳеҷ гоҳ касеро фиреб намедиҳад ва чизеро пинҳон ҳам намекунад! Оё медонӣ, ки чаро чунин ҳолат ҳаргиз ёфт намешавад? Аз он хотир, ки агар марде Исломро ба иҷбор бипазирад, Исломаш мавриди қабул нест, чаро ки Худованд дар Қуръон мегӯяд:

لَآ إِكۡرَاهَ فِي ٱلدِّينِۖ قَد تَّبَيَّنَ ٱلرُّشۡدُ مِنَ ٱلۡغَيِّۚ فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ لَا ٱنفِصَامَ لَهَاۗ وَٱللَّهُ سَمِيعٌ عَلِيمٌ ٢٥٦

**«Дар қабули дин ҳеҷ икроҳе нест,** (зеро) **роҳи дуруст аз бероҳа ошкор шудааст, пас ҳар кӣ ба тоғут кофир шавад ва ба Худо имон оварад, ба дастгираи муҳкаме даст задааст, ки гусастан барои он вуҷуд надорад ва Худованд шунаво ва доност»** *(Сураи «Бақара», ояи 256).*

Боз аз ту хоҳиш менамоям, ки ба ман як ҳолатеро зикр кун, ки дар он мусалмонон ғайримусалмононро амон надода ва баъди пирӯз шуданашон ба онҳо хиёнат карда бошанд...!

## *Насрониҳо бо бародаронашон чӣ карданд?*

Аммо, дар баробари ин бисёре аз пирӯзиҳои насрониён ва имкон пайдо карданашон бар душманашонро дарак дорӣ, ки баъди амон доданашон ба онҳо хиёнат карданд...! Ғадру хиёнат дар миёни католикҳо ва протестантҳо суннат шудааст...

Ҳамин, ки яке болои дигараш пирӯз шуд ва қудрат пайдо кард, ба ӯ ғадр менамояд ва ҷинояти бузургеро муртакиб мешавад... Ва ман аз он дар шигифтам, ки шумо чӣ гуна ин шубҳаро бар алайҳи Ислом бармеангезед, дар асное, ки таърихи калисо назди шумо олуда ба хун аст...?

Ин масали дар таърихи шумо сабтшударо гиред ва ту онро аз ман беҳтар медонӣ.

Таърихнигорон мегӯянд: «Ва муҳимтарин кушторҳое, ки католикҳо барои протестантҳо тарҳрезӣ карданд, куштори Париж дар таърихи 24-уми августи соли 1572 мебошад, ҳамон ҳолате, ки католикҳо бар меҳмонҳояшон – протестантҳо даст ёфтанд. Протестантҳое, ки барои баробар кардани тақарруб миёни нуқтаи назарҳо (дидгоҳҳо) ба Париж даъват шуда буданд, баъд аз он дар ҳоле, ки ҳама хоб буданд, хоинона кушта шуданд. Субҳдам дар кӯчаҳои Париж хуни он қурбониёни хиёнат ҷорӣ гашт. Ва аз ҷониби попи католикҳо, подшоҳони католик ва уламои католик сели табрикот бинобар ин амали қаҳрамонии бузург бар Чарли 1Х-ум борид.

Таърихи масеҳият ҳамин гуна ахбори баҳрҳои аз хун, хирманҳои ҷуссаҳо, қурбониҳои башареро, ки ба хокистари сӯхта табдил ёфтаанд ва оҳу нолаҳо, оби дидагон, ваҳшоният, даррандагиҳо, бо доду фарёду ёриталабиҳоро навиштааст.

Калисои Рим дар кишварҳои Аврупо борҳо протестантҳоро аз ватанашон ронданд, бадарға карданд. Теъдоди касоне, ки ба Ясӯъ имон оварда буданду ба поп не ва бо ин ҷурм ба оташ сӯзонда шуданд, наздик ба **230 000** (дусаду сӣ ҳазор) мерасад.

Дар Фаронса дар як рӯз **30 000** (сӣ ҳазор) мард ба қатл расонда шуд.

Ва дар шаҳри Талоз ҳазор ҳазорҳо (1000 000) кушта шуд.

Ва соли 1560 милодӣ дар Калабириёи Италия ҳазорон протестант кушта шуданд. Яке аз нависандагони Рим мегӯяд: «Ман ҳар вақте, ки ин ҷаллод ва ханҷари хунолудро миёни дандонҳояш ва рӯймолчаеро, ки аз он хун мечакид, дар ҳоле ки ҳар ду дасташ то оринҷ ба хун оғушта асту зиндониёнро яке пас аз дигаре мисли гӯсфандро кашола кардани қассоб кашола карда меовард, ба ёд меорам, ба ларза меоям».

Ва Карлоси V-ум бо ишораи поп соли 1521 милодӣ дар мавриди аз кишвараш (Фалминк) рондани протестантҳо фармон содир кард, дар натиҷа 500 000 нафар кушта шуд. Баъди Карлос фарзандаш Филипс ба ҷои ӯ нишаст ва вақте ба Испания рафт, соли 1559 милодӣ Амир Алфаро дар мавриди рондани протестантҳо ҷойнишини худ гирифт. Таърихнигорон зикр кардаанд, ки ифтихор мекард, ки дар чанд моҳ 18 000 (ҳаждаҳ ҳазор) одам куштааст.

Инҳо корҳои зиштест, ки католикҳо дар ҳаққи протестантҳо анҷом додаанд! Вақте протестантҳо ба қудрат расиданд, ба католикҳо чӣ карданд?

Онҳо низ дарвоқеъ айнан ҳамин нақшро иҷро карданд. Ваҳшонияти инон камтар аз онон набуд. Балки гузашта аз ин, инҳо тибқи муқаррарот ва қонуне амал карданд, ки аз онҳо ҳимоя мекард ва аз ин ҷиҳат протестантҳо қонунҳои зеринро содир намуданд:

1. Католик аз падару модараш мерос намебарад.

2. Вақте синни ӯ аз дувоздаҳсолагӣ гузарад, ҳаққи замин харидан надорад, магар ин ки протестант шавад.

3. Ҳеҷ кас аз онҳо ба таълим машғул намешавад ва ҳар кӣ ба ин ҳукм мухолафат варзад, ба таври абадӣ зиндонӣ мешавад.

4. Шахси католик хироҷро дучанд мепардозад.

5. Агар касе аз онҳо фарзандашро ба берун аз Англия барои таълим гирифтан фиристад, ҳамаи молҳо ва чаҳорпоёни ӯ ва фарзандаш гирифта мешавад.

6. Дар давлат ба ӯ ҳеҷ гуна мансабу вазифа дода намешавад.

7. Агар касе аз онҳо дар рӯзи якшанбе ё рӯзи ид ба калисои протестантӣ наравад, ҷаримаи калони молии моҳона карда шуда, аз ҷамоат берун карда мешавад.

8. Ҳар ҳукме, ки мувофиқи қонун дар мавриди яке аз онҳо содир шуд, шикояти ӯро шунида намешавад.

9. Никоҳҳои онҳо никоҳи қонунӣ дониста намешавад ва мурдаҳояшон таҷҳизу такфин ва фарзандонашон таъмид карда намешаванд, магар ба услуби калисои инглисӣ.

10. Ҳангоми кушта шудани яке аз онҳо ва на ҳангоми таҷҳизу такфини онҳо қиссисе ҳозир намешавад.

11. Ҳеҷ кадоми онҳо ҳаққи соҳиби силоҳ шуданро надорад.

12. Дар сурате, ки қиссис барои онҳо хидмате анҷом диҳад, ба таври абадӣ роҳии зиндон мешавад.

Ба фармони маликаи Англия, Элизабет рӯҳбонҳову олимони католики зиёдеро ба киштиҳо савор карда, сипас дар баҳр партофтанд ва ғарқ карданд. Ва лашкари ӯ ба Ирландия омад, то бо истифода аз зӯр католикҳоро ба мазҳаби протестантӣ дохил намоянд. Лашкариёни ӯ калисоҳои католикҳоро ба оташ

кашиданд, донишмандонашонро ба қатл расонданд, уламоро мисли даррандагони беша шикор мекарданд ва ба ҳеҷ кас амон намедоданд ва агар амон ҳам медоданд, боз баъди амон додан ӯро ба қатл мерасонданд.

Дар рақамҳову санадҳо омадааст: Дар Испания маҳкамаи тафтиш зиёда аз 31000 нафарро ба коми оташ андохт. Ва 290 000 (дусаду навад ҳазор) нафари дигарро маҳкум ба ҷазоҳои наздик ба ҳукми қатл намуд.

Ва соли 1568 «Девони муқаддас» ба маҳкум намудани тамоми сокинони сарзаминҳои паст ҳукм содир намуд ва ба ҳамаи онҳо ҳукми қатл баровард. Ва аз ин ҳукм чанд нафарро, ки номҳояшон дар қарор мавҷуд буд, истисно намуд. Ва баъди даҳ рӯз аз судури ин ҳукм миллионҳо тан аз мардону занон ва кӯдаконро тақдими миқсала (абзорест одамкушӣ) кард...».[1]

## *Қабилаҳои араб Исломро чӣ гуна пазируфтанд?*

**Эй профессор!** Ба таърих бингарӣ ва дар мавриди он дурусттар фикр кунӣ, албатта, хоҳӣ дид, ки ҳамаи қабилаҳои араб, ки Исломро пазируфтанд, ба ҷанг напазируфтаанд. Балки аввал намояндагонашон ба Мадина омада бо Муҳаммад (с) вохӯрданд ва қаноат ҳосил намуда ба дини ӯ дохил шуданд, сипас ба назди қавмашон баргашта, аз ишон даъват ба амл оварданд.

---

[1] Мунозаратун байнал Исломи ван-насрония лимуноқашатил ақидатид-диния байна маҷмуъатин мин риҷолил фикри минад-диёнатайнил исломияти ван-насрония. Саҳ. 279-281

Бо ҳамин гурӯҳи дигар, боз гурӯҳҳои дигар ба даъвати намояндагони худашон Исломро пазируфтанд. Ва бо ҳамин кор бо Ислом овардани тамоми афроди қабила анҷом ёфт. Кори даъват ва ба Ислом гаравидани қабилаҳо ҳамин гуна идома ёфт, то вақте ки бархе қабилаҳои арабие, ки Исломро ҳанӯз напазируфта буданд, як сол қабл аз даргузашти Муҳаммад (с) дохилшавии худро ба Ислом эълон карданд.

Ин гуфтаҳои ман ба хотири бедалел ва бе асл ҳимоя кардан аз Ислом нест, балки ин шаҳодати исботшуда дар Қуръон аст. Дар Қуръон сураи махсусест бо номи сураи «Наср», ки Худованди мутаъол мефармояд:

إِذَا جَآءَ نَصۡرُ ٱللَّهِ وَٱلۡفَتۡحُ ۝١ وَرَأَيۡتَ ٱلنَّاسَ يَدۡخُلُونَ فِي دِينِ ٱللَّهِ أَفۡوَاجٗا ۝٢ فَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ وَٱسۡتَغۡفِرۡهُۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابَۢا ۝٣

**«Ҳангоме ки ёрии Худо ва пирӯзӣ фаро расад ва бубинӣ, мардум гурӯҳ-гурӯҳ вориди дини Худо мешаванд, пас** (ба шукронаи ин неъмати бузург ва ин пирӯзӣ ва нусрати илоҳӣ) **Парвардигоратро тасбеҳ ва ҳамд кун ва аз Ӯ омӯрзиш бихоҳ, ки Ӯ бисёр тавбапазир аст»** *(Сураи «Наср»).*

Пирӯзие, ки Худованд аз он ёд кардааст, пирӯзӣ дар кадом ҷанге нест, манзур аз ин пирӯзӣ дохил шудани мардум дар Ислом аст. Дарвоқеъ, пирӯзии ҳақиқӣ ҳамин пирӯзӣ аст, ки ҷиҳод ба хотири ҳамин машрӯъ шудааст. Баъд аз он, чӣ гуна метавон аз тарси кушта шудан ба Ислом дохил шудани якеро дар муқоиса бо касе, ки ба Ислом ба ихтиёри худ ё аз рӯи рағбат ба он

ё ба кадом тамаъе ё ба ҳар роҳе, ки мавриди бовар асту онро инкор карда намешавад ва наметавон қалби ӯро тафтиш намуд, тасаввур кард? Чаро? Зеро дар мавриди дохил шудан ба Ислом усули муайян ва равшану ошкор машрӯъ гаштааст. Бинобар ин, ҳар касе, ки ин усулро анҷом диҳад, ба Ислом дохил шудааст ва бо ӯ ба унвони мусалмон муомала карда мешавад. Ин усул **«Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллалоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу** (Гувоҳӣ медиҳам, ки ба ҷуз Аллоҳ ҳеҷ маъбуди дигаре нест ва Муҳаммад бандаи Худо ва расули Худост)», мебошад. Ва инчунин бовар намояд ва гувоҳӣ диҳад, ки Исо бандаи Худо ва Расули Худо ва калимаи Худост, ки ба Марям илқо крдааст ва рӯҳе аз ҷониби Худост.

Ва ҳар кӣ ин калимаро ба забон ронад ва дар ин гуфтораш содиқ набошад ва ба он қаноат надошта бошад, ин кори ӯст ва ин масъала масъалаест, ки миёни ӯ ва Худованд аст, вале моро ҳаргиз раво нест, ки дар мавриди дохилшавандаи дар Ислом гумони дигар кунем. То он ҷо ки шахсе ба мо «ассалому алайкум» гӯяд ва мо надонем, ки ӯ пеш аз ин мусалмон буд ё не, набояд дар мавриди ӯ бадгумон шавем. Ва ин гуна бадгумон шудан дар мавриди касе, ки ба Ислом даромадани худро эълон кардааст, душманӣ бо Худованд маҳсуб мешавад.

Худованди мутаъол мефармояд: **«Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки дар роҳи ҷиҳод гом бармедоред, таҳқиқ ва ҷустуҷӯ кунед ва ба касоне, ки изҳори Ислом мекунанд, нагӯед мусалмон нестед, мабодо ба хотири неъматҳои нопойдори ин ҷаҳон афродеро, ки изҳори Ислом мекунанд, муттаҳам карда ва онҳоро ба унвони як душман ба қатл бирасонед ва**

**амволи онҳоро ба ғанимат бигиред, дар ҳоле, ки ғаниматҳои ҷовидонӣ ва арзанда дар пешгоҳи Худост. Гарчи дар гузашта чунин будед ва дар даврони ҷоҳилият ҷангҳои шумо ангезаи ғоратгарӣ дошт, вале акнун дар партави Ислом ва миннате, ки Худованд бар шумо ниҳодааст, лозим аст, ки дар корҳо таҳқиқ кунед ва инро бидонед, ки Худованд аз аъмол ва ниятҳои шумо огоҳ аст»** *(Сураи «Нисо», ояи 94).*

Дар замони Паёмбари Худо (с) як қиссаи воқеӣ рух дода буд. Ин корро шахсе, ки дар назди Паёмбари гиромӣ (с) маҳбубияти зиёд дошт, анҷом дод. Ҳоло ин қиссаро барои шумо мехонам. Аз Усома ибни Зайд (р) ривоят аст, ки гуфт: Моро Расули Худо (с) ба сӯи Ҳирқа, ки дар минтақаи Ҷуҳайна аст, фиристод. Мо субҳидам ба сари обҳои он қавм расидем. Ману марде аз ансор бо як нафар аз он қавм рӯ ба рӯ шудем. Вақте ба ӯ ҳамла кардем, «Ло илоҳа иллалоҳ» гуфт. Марди ансорӣ аз ӯ даст бардошт ва ман бошам, бо найзаам ӯро зада ба қатл расондам. Вақте мо ба Мадина баргаштем, ин хабар ба Паёмбар (с) расид. Он ҳазрат ба ман гуфт: ***«Эй Усома, оё ӯро баъди «Ло илоҳа иллалоҳ» гуфтанаш куштӣ?».*** Гуфтам: Эй Паёмбари Худо! Ӯ паноҳҷӯ буд (ва аз тарси силоҳ гуфт). Он ҳазрат (с) боз фармуд: ***«Оё ӯро баъди «Ло илоҳа иллалоҳ» гуфтанаш куштӣ?»*** Он ҳазрат (с) ин суолашро пайваста такрор мекард, то ҷое, ки орзу кардам, ки эй кош, то ҳамон рӯз Ислом оварда намебудам».

Ва дар ривояти дигар омадааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуд: ***«Оё ӯ «Ло илоҳа иллалоҳ» гуфт ва ту ӯро куштӣ?».*** Гуфтам: Эй Расули Худо (с), ҳамоно ӯ аз тарси силоҳ ин суханро гуфт. Он ҳазрат (с) фамуд: ***«Оё***

***қалбашро пора накардӣ, то бидонӣ, ки*** (қалбаш) ***гуфтааст ё не?».*** Ин суолро он ҳазрат (с) пайваста такрор кардан гирифт, то ҷое, ки орзӯ кардам, ки кош, ҳамон рӯз Исломро мепазируфтам».[1]

Аз ин рӯ, вақте дар мавриди фалсафаи ҷиҳод дар Ислом аз партави далелҳои шаръӣ ва амалисозиҳои воқеъӣ тааммул намоӣ, хоҳӣ дарёфт, ки ҳадафи ҷиҳод ин Исломро ба мардум донондану ошно кардан аст. Бинобар ин, вақте мардум аз арза намудани Ислом ба онҳо ва ошно кардан ба он ҷилавгирӣ намоянд, он гоҳ барои монеаро аз миён бардоштан ва роҳи даъватро кушодан навбати ҷиҳод меояд. Пас маълум мешавад, ки ҳадафи аслӣ ин дохил шудани мардум ба Ислом аст. Ва чист, ки назди Худованд аз дохил шудани шахсе ба ихтиёри худ ба Ислом ва бозгаштанаш аз куфр маҳбубтар бошад? Ва суханони Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с), ки ба яке аз фармондеҳонаш ҳангоми барои ҷиҳод бо баъзе аз қабилаҳо фиристоданаш гуфта буд, ҳанӯз маҳфуз аст: ***«Қасам ба Худо, ҳар оина, агар Худованд ба сабаби ту мардеро ҳидоят намояд, барои ту аз шутурони сурхмӯ беҳтар аст».[2]***

## *Мақсад танҳо ҳидоят аст*

Максад маҷбур сохтани мардум нест, балки маҷбур намудан мамнӯъ мебошад. Ҳамоно, мақсад ҳидояти мардум аст. Пас, оё ҳидояти мардум бо шамшер ва иҷборӣ буда метавонад ё ба ақл метавон ҳидоят кард?

---

[1] Ривояти Бухорӣ (4021) ва Муслим (96).
[2] Ривояти Бухорӣ (2847) ва Муслим (2406).

Ҳамоно, шамшер фақат ва фақат ба хотири дур кардани султаи тарсу ҳарос аз гардани мазлумон ва бартараф намудани иҷбор аз ақлҳои онҳо машрӯъ шудааст, то майдони султаи ақл васеъ шавад ва ақл ба таври ошкору рӯшан озод гардад.

**Ту бояд бидонӣ,** эй профессор, **ки шахси бадтар аз кофир** дар ҳукми Ислом касест, ки ӯро **мунофиқ** гӯянд.

Ва мунофиқ шахсест, ки ба Ислом гаравиданашро зоҳир мекунад, вале акси он амал мекунад...!

Мантиқи Ислом ба ӯ мегӯяд: Дар ҳоле ки ту соҳибихтиёрӣ, ба нифоқ чӣ ҳоҷат аст...?

Туро ба зоҳир намудани Ислом ва пӯшида доштани куфр чӣ чиз водор кард, дар ҳоле ки ту аслан ба Ислом овардан маҷбур нестӣ... Чаро ки туро воҷиб аст дар дохил шудан ба Ислом ва дохил нашудан дар он худро озод донӣ... Ва далелҳо бар алайҳи мунофиқ аз ин ҷо барпо карда мешавад!

**Баъд аз он ту, эй профессор, мегӯӣ** Муҳаммад ҳатто нубувваташро эълон накарда, бар алайҳи қабилаҳо ҳуҷум оварданро оғоз намуд, ман рости гап, намедонам, ин даъво бо такя ба кадом асоси таърихӣ ба вуҷуд омадааст...?

Оё медонӣ, аввалин корзоре, ки Муҳаммад (с) ва ёронаш ба он ворид шуданд, баъди понздаҳ сол аз ибтидои биъсати Муҳаммад (с) буд...?

Он ҳазрат (с) ва ёронаш солиёни дароз зери шиканҷаву азобҳои зиёд қарор гирифтанд. Кор то ҷое расид, ки чанд тан аз мардону занон зери шиканҷа ҳалок шуданд, вале аз динашон даст накашиданд! Баъд аз он боз ранҷу озор идома ёфт, ҳатто чанд тан аз ёронаш аз сарзаминашон ронда шуданд. Ноилоҷ ба сӯи сарзамини Ҳабаша ҳиҷрат намуданд, ки он замон

Наҷошии насроникеш ҳукумрони ин кишвар буд. Ҳабаша сарзамини насронӣ буд ва ҳиҷрати онҳо ба ин сарзамин ба дигар хотир не, танҳо ба хотири он ки дар ин ҷо ҳуррият ақлӣ аст, сурат гирифт. Ва таърих суханони Муҳаммад (с) – ро, ки ба ёронаш дар мавриди ин марди насронӣ баён карда буд, ҳифз намудааст: ***«Агар ба тарафи Ҳабаша биравед, беҳтар аст, зеро дар он ҷо подшоҳест, ки назди ӯ касе мавриди зулм қарор намегирад».***[1]

Баъд аз он Муҳаммад (с) худаш зодгоҳашро тарк карда, ба минтақае, ки аз сарзамини Маккаи мукаррама тақрибан чаҳорсад километр дур аст ва Мадина ном дорад, ҳиҷрат кард. Ва тамоми ин муддати гузашта дар Макка буданд ва ба онҳо иҷозаи ҷангидан дода нашуд. Худованд дар ин маврид дар сураи «Нисо», ояти 77 мефармояд: **«Шигифтангез аст ҳоли ҷамъияте, ки дар як ҳолати номуносиб бо ҳарорат ва шӯри аҷибе талаб мекарданд, ки ба онҳо иҷозаи ҷиҳод дода шавад. Оё надидӣ касонеро, ки ба онҳо гуфта шуд: Феълан даст аз пайкор бидоред ва ба худсозӣ машғул шавед, намозро барпо кунед ва закот бидиҳед...».**

Онҳо аз сарзаминашон - Макка ҳамакнун ҳиҷрат накарда, мушрикон молу доройӣ ва хонаҳояшонро гирифтанду тиҷоратҳояшонро соҳибӣ карданд ва барои онҳо чизе нагузоштанд! Баъд аз он мушрикони Макка шурӯъ ба ҳамкорӣ бо яҳуди Мадина дар дасисабозӣ бар алайҳи мусалмонон дар ватани навашон пардохтанд...

---

[1] Ривояти Ибни Исҳоқ ва силсилаи саҳеҳро бингар, (3190).

Ва ба ҷамъ кардани қабилаҳои дигар бо мақсади аз байн бурдани он ҳазрат (с) ва асҳобаш икдом намуданд...!

Ту худ мулоҳаза кун, баъди понздаҳ сол бо вуҷуди рӯи даст гирифтани тамоми услубҳои рангоранги душманӣ ва озоррасонӣ ҷанг шурӯъ шуд!

Ҷанг танҳо ба ҳукме, ки воҷибияташ хеле сабук аст, машрӯъ гардид. Ва он **рухсат** аст, на амри воҷибӣ. Ва он чи мегӯям, дар сураи «Ҳаҷ», дар сухани Худованд омадааст: **«Ба касоне, ки ҷанг аз тарафи душманон бар онҳо таҳмил шуда, рухсати ҷиҳод дода шуд, чаро ки онҳо мавриди ситам қарор гирифтаанд ва Худованд қудрати бар ёрӣ кардани онҳоро дорад. Ҳамон касоне, ки ба ноҳақ аз хона ва шаҳри худ ихроҷ шуданд, ҷуз ин ки мегуфтанд: «Парвардигори мо Худованди яктост. Ва агар Худованд баъзе аз мардумро ба василаи баъзе дигар дафъ накунад, дайрҳо ва сумиъаҳо ва маъобиди яҳуд ва насоро ва масоҷиде, ки номи Худо дар он бисёр бурда мешавад, вайрон мегардад. Ва Худованд касонеро, ки ёрии ӯ кунанд (ва аз оин ва марказҳои ибодаташ дифоъ намоянд) ёрӣ мекунад. Ӯ қавӣ ва қодир ва ғайри қобили шикаст аст»** *(ояҳои 39-40)*.

Оёт баёнгари он аст, ки ин ҳоло **танҳо рухсат** аст ва сабабҳои он низ равшану возеҳ аст. **Яке** аз ин сабабҳо он аст, ки душманашон касест, ки бо онҳо ҷангро аввалин шуда оғоз кардааст. Инҳо бошанд аз хонаҳояшон ва сарзаминашон берун карда шудаанд, молҳояшонро ба ноҳақ гирифтаанд ва аз амал намудан ба эътиқодашон ҷилавгирӣ кардаанд, балки бадтар аз ин, аз муҷарради эътиқод манъашон кардаанд...!

Оё кори оқилона аст, ки Муҳаммад (с) ба асҳобаш гӯяд, ки таслими ботил шавед?! Молу доройӣ, хонавода

ва сарзаминатонро ба душманонатон таслим намоед ва ба ҳеҷ ваҷҳ онро аз ишон талаб накунед...! Душманатонро раҳо кунед, бар алайҳи шумо ҷосусӣ кунанд, ҳатто агар дасисаҳои онҳо то шаҳри шумо биёяд, лозим аст сирру асроратонро барои ҷосусҳои онҳо ошкор намоед, синаҳоятонро барои найзаҳои онҳо бикушоед ва обрӯҳоятонро барои зинокории онҳо кушода монед...?

Чӣ фикр дорӣ, Муҳаммад (с) агар чунин мекард, оё аз асҳобаш ҳимоя менамуд... ё дину давлаташро барпо карда метавонист... ё ин таълимот то ба мо омада мерасид...?

Чӣ фикр мекунӣ, агар ӯ (с) чунин мекард, динаш дине воқеӣ мешуд...?

**Ва чизи дигаре, ки мехоҳам онро баён намоям,** бинобар он ки ту миқдори ҷиддияти мусалмононро дар мавриди лозим гирифтани он чи дар Қуръон омадааст, медонӣ ва ҳирсу ози ононро бар он чи аз Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) ворид шудааст, низ медонӣ. Ман аз ту хоҳиш мекунам, ба муқаррароти ҷанг дар дини Ислом як бор бингар ва ту баъд аз он чашмдор бош, ки мусалмонон чӣ гуна онро риоя карданд ва худат ҷангҳои моро ба ҷангҳои худатон муқоиса кун!

## *Муқаррароти ҷанг назди Муҳаммад (с)*

**Инҳо муқаррароти асосианд. Ту вақте ки дар он мавзӯъи муҳим ҳарф мезанӣ, бояд инҳоро бидонӣ:**

1. Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) асҳобашро амр мекард, ки бо душманонашон рӯ ба рӯ шуданро орзу накунанд ва чунончи дар ҳадис омадааст, мефармояд:

***«Шумо рӯ ба рӯ шудан бо душманро орзу накунед ва аз Худованд офият дархост намоед, пас вақте бо онҳо рӯ ба рӯ шудед, сабрро пеша намоед».***[1] Оё касе, ки аз орзуи рӯ ба рӯшавӣ бо душман наҳй менамояд, мумкин аст ба асҳобаш амр ба душманӣ варзидан кунад..?

2. Лашкари ҷанговаращро насиҳат карда чунин мегуфт: ***«Ба номи Худо биҷангед, дар роҳи Худо бо касе, ки ба Худо кофир шудааст, биҷангед гадру хиёнат наварзед, мусла*** (гӯшу бинибурӣ) ***накунед ва ягон кӯдакро накушед».***[2]

Аз ин девор бузургтар кадомин девор аст, ки пеши роҳи аз ҳад даргузарии лашкари мусалмононро бигирад? Ва бар асоси ҳамин роҳнамоӣ насиҳатҳои ҳамаи халифаҳои баъди Паёмбари гиромӣ (с) омада барои фармондеҳони лашкарҳояшон сурат гирифтааст. Онҳо низ насиҳат мекарданд, ки ҳеҷ кӯдаке ва занеро накушанд ва ягон роҳиберо накушанд, ҳеҷ калисоеро вайрон накунанд ва ягон дарахтро набуранд...

Ва аввалин пайрав дар ин гуна насиҳат баъди Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) халифаи аввал, Абӯбакри Сиддиқ аст. Ӯ ба яке аз фармондеҳони хеш, Язид ибни Абӯсуфён, вақте ӯро ба сӯи сарзамини Шом фиристод, гуфт: *«Ман ба ту даҳ насиҳат мекунам: Ҳаргиз на зане, на кӯдаке ва на кӯҳансоли заъиферо накушед ва ҳеҷ дарахти самараовареро набуред, ҳеҷ ободиеро хароб накунед, ҳеҷ гӯсфанд ва шутуреро ба ҷуз барои хӯрдан накушед ва ҳеҷ хурмоеро оташ назанед ва касеро гарқ накунед ва хиёнат накун ва буздил машав!».*[3]

---

[1] Ривояти Бухорӣ (2804) ва Муслим (1742).
[2] Ривояти Муслим (1731).
[3] Ривояти Молик дар «Муватта»-аш (965). Ибни Касир

Дар асное ки лашкарҳо ба сарзамине қадам ниҳанд, тару хушк ҳамаро месӯзонанд ва бо ҳама силоҳи хунрезу кушторовар тамоми ҷондоронро мезананд, балки насли ояндаро мекушанд... Вале бубин, ки Абӯбакри Сиддиқ дар ин насиҳати то ба имрӯз маҳфузмондааш ҳатто аз куштани чаҳорпо ва буридани зироъат наҳй фармудааст. Ин ҳам лашкару он ҳам лашкар, ту худ тааммул кун...!

3. Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) аз мусла намудани кушташудагон наҳй фармуда ва онро аз ҷумлаи муҳаррамот гардондааст. Ривояти саҳеҳ аст, ки Паёмбар (с) дар яке аз ғазоҳо зани кушташудаеро дид, гуфт: ***«Ин зан ҷанг-ку намекард...! Холидро дарёб ва ба ӯ бигӯ: «Ҳаргиз кӯдаке ва пири фартутеро накуш!».*** [1]

4. Ислом дафни ҷуссаҳои кушташудагони душман ва дар ҳавои озод вонагузоштани онон ё насӯзондан ва дар ихтиёри ваҳшиҳои мурдахор нагузоштанро эҳсон хонда, онро аз амри динӣ гардондааст.

5. Ислом ба асирон эҳсон намуданро бузургтарин садақа ва наздикшавӣ ба Худованд медонад. Ин мазмун дар Қуръон дар сураи «Инсон» омадааст:

وَيُطۡعِمُونَ ٱلطَّعَامَ عَلَىٰ حُبِّهِۦ مِسۡكِينٗا وَيَتِيمٗا وَأَسِيرًا ﴿٨﴾ إِنَّمَا نُطۡعِمُكُمۡ لِوَجۡهِ ٱللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمۡ جَزَآءٗ وَلَا شُكُورًا ﴿٩﴾

---

мегӯяд: Ин ҳадис аз Абӯбакри Сиддиқ аз чанд ваҷҳи зиёд ривоят шудааст. Китоби <u>«Иршодул фазия»</u> (3-320)-ро бингар.

[1] Ривояти Ибни Ҳиббон (4789), Шуъайби Арноут мегӯяд: Иснодаш саҳеҳ аст.

**«Ва ғазои** (худро) **бо вуҷуди ин ки ба он алоқа** (ва ниёз) **доранд, ба мискин ва ятим ва асир медиҳанд.** (Онҳо мегӯянд:) **Мо шуморо танҳо ба хотири Худо мехӯронем ва ҳеҷ подош ва сипосе аз шумо намехоҳем»** (оёти 8-9).

**Профессор Андерсон:** Ай Абӯҳомид, ман наметавонам дар нуктае аз гуфтаҳои ту мухолафат кунам. Аммо он чи, ки ман медонам ва аз он мутмаин ҳам ҳастам, ин аст, ки лашкари мусалмон дар баробари се чиз мухайяр мегузошт. Яке Исломро пазируфтан, охиринаш – ҷанг ва ҷизя додан. Оё ин дуруст аст? Оё ин чизе, ки ту, эй Абӯҳомид, ба он даъват мекунӣ, кори оқилона аст?

**Абӯҳомид:** Бовар кун, эй профессор, ба ростӣ аз иштибоҳоти шадид ва дарҳамбарҳамие, ки назди шумост, дилам барои шумо месӯзад. Агар ман шуморо ба ҳамин ҳолатон вогузорам ва ҳақиқатро барои шумо рӯшан накунам, хатои бузургеро муртакиб хоҳам шуд. Бидуни шак, ту вақте ҳодисаҳоро паиҳам дар равиши муайян зикр кардӣ, мумкин аст худатро ростгӯ медонистӣ ва касоне, ки туро шуниданд, низ шояд тасдиқат карданд ва гумон кардед, ки ин гуфтаҳоят далеле ба нафъи шумост, вале дар ҳақиқат гумроҳии тозаест, ки ноогоҳона вориди он мешавед... Бовар кунед ҳамсӯҳбатони ман, ин муҳаббати мусалмонон аст нисбати шумо, ки ба сӯи Ислом даъвататон мекунанд. Вагарна дар сурате, ки шуморо даъват накунанд, ба онҳо чӣ зарар? Маро бовар кунед, ин ҷонфидоии мусалмонон аст, ки ба хотири бидуни икроҳ Исломро ба шумо пешниҳод кардан худро дар маърази асорату ҷароҳатбардорӣ, ҷудоиву зоеъшавӣ ва кушта шудан қарор медиҳанд.

Агар таълимоте ба ту гӯяд: Ман бо ту намеҷангам, магар ба хотири он ки бо ман гуфтугӯ кунӣ, то ба дини ман ошно шавӣ ва баъди он агар ту дини маро ихтиёр накунӣ, ман туро маҷбур наменамоям ва ту ҳақ дорӣ дар дини худат бимонӣ, албатта, набояд ба он таълимот бингарӣ, бо ӯ гуфтугӯ кунӣ, таълимотест, ки оё ба ту мегӯяд, ки агар Исломро худат ихтиёр кунӣ, дар сарзамини худат бимон, дар ин сарзаминат худат ҳукумат кун, аз сарватҳояш истифода бибар.

Ман туро ғуломи хеш қарор намедиҳам, ҳамчунин намехоҳам сарватҳоятро ба ғорат барам, балки агар ба ман эҳтиёҷ пайдо кунӣ, тамоми тавону нерӯи иқтисодӣ, низомӣ, иҷтимоъӣ ва илмиямро дар хидмати ту қарор медиҳам.

Оё монанди ин гуна роҳ сазовори он нест, ки дар ӯ назар андозӣ ва бо аҳли он ва ёрони он гуфтугӯ кунӣ?

Оё дар аввали кор чунин муомала кардани он аз солим будани мақсади ин роҳ ва ҳуҷҷати қотеъ доштанаш бозгӯӣ намекунад? Ба изофаи он ки дар тӯли таърихи мавҷудияташ мисдоқи онро исбот кардааст. Ман мехоҳам зеҳни туро ба сӯи ҷонибе аз ҳақиқат, ки барои ту пӯшида мондааст ва моварои он  ки аз ин ҳам бузургтар аст, барангезам. Ман бо қаноатмандии том мегӯям, ки қасам ба Худо, рӯзе, ки ин динро дар ҳақиқат бишносӣ, шадидан пушаймон хоҳӣ шуд. Аз он пушаймон хоҳӣ шуд, ки чӣ гуна касеро, ки миёни ту ва ин роҳ дар марҳалаи гузаштаи аз умрат ҳоил шуд, бовар кардӣ. Он гоҳ орзу хоҳӣ кард, ки эй кош, ин роҳ туро маҷбур мекард ва бо ту меҷангид ва фишор ворид мекард, то ҷое  ки ба зӯр аз дастат мегирифту аз дарвозаи Ислом воридат менамуд. Аз ту хоҳиш менамоям, эй профессор, ба ин ихтиёргузориҳои сегона

боинсофона бингар ва ман онҳоро, ҳамчуноне ки дар Ислом аст, ба ту арза медорам. Оре Ислом қабл аз ҷанг лашкари муқобилро миёни се амр мухайяр мегузорад, ки охиринаш ҷанг аст:

**Ихтиёри аввал.** Исломро бипазиранд ва ин пазириши Ислом бар асоси қаноат ва гуфтугӯ аст, зеро касеро барои пазируфтани Ислом маҷбур намудан раво нест. Далели ин даъвои ман ояти дар сураи «Бақара» омадаи Қуръони карим аст. Худованд мефармояд: **«Дар қабули дин ҳеҷ икроҳе нест,** (зеро) **роҳи дуруст аз бероҳа ошкор шудааст. Пас касе, ки ба тоғут кофир шавад ва ба Худо имон оварад, ба дастгираи муҳкаме даст задааст, ки гусастан барои он вуҷуд надорад ва Худованд шунавову доност»** *(ояи 256).*

**Ихтиёри дуввум.** Ҷизя додан, ки он маблағе рамзие мебошад дар баробари ҳимоят ва ҳуқуқи умумие, ки дар Давлати Исломӣ барои мусалмонон муқаррар аст, барои онҳо низ муқаррар мешавад. Ин мавзӯъ дар ҷавоби эътирози Қиссис Ундрия гузашт.

**Ихтиёри севум ва охирин, ки ҷанг аст.** Ин ҷо аз шумо мепурсам, барои мусалмонон ғайри ихтиёри севум чӣ ихтиёри дигар боқӣ мемонад? Ва ин ихтиёр барои оммаи мардум нест, балки барои тоғутҳо, ҳокимоне, ки аз гуфтугӯ ва озодии фикрӣ ҷилавгирӣ мекунанд, касоне, ки пешорӯи халқҳояшон монеаҳо эҷод менамоянд, то ба раъйи дигар гӯш надиҳанд, мебошад.

Зеро вақте бидуни ҷанг ба гуфтугӯ иҷоза диҳанд, мақсуд ҳосил мешавад ва ҳоҷат ба ҷанг нест, бигузор ҳуҷҷату далели як таълимот ҳуҷҷату далели дигарро бикӯбад. Ва агар тоғутҳо фақат идомаёбии бандагии

халқҳояшонро хоҳанд ва онҳоро аз фикркунӣ ва аз огоҳиёбӣ ва гуфтугӯ боздоранд ва лашкарашонро ҳомии куфр ва ҷаҳлу нодонӣ гардонанд, он гоҳ ба ҷуз ҷанге, ки ин монеаро бартараф намояд ва роҳро барои мардум боз кунад, роҳи дигаре боқӣ намемонад.

Ҳеҷ дине вуҷуд надорад, ки монанди Ислом аз роҳи гуфтугӯи ақлӣ густариш пайдо карда бошад. Агар Ислом ба гуфтугӯ густариш намеёфт, дар ихтиёроти сегона гуфтугӯро бар ҷанг тақдим намекард ва дар ҷои аввал намегузошт. Тақдим намудани гуфтугӯ бар ҷанг худ бозгӯи он аст, ки пирӯзӣ аз роҳи гуфтугӯ аз пирӯзӣ аз роҳи ҷанг кафолати бештар дорад ва ҷасорат ба ҷанг бузургтар аз ҷасорат ба гуфтугӯст.

Шояд шумо машҳуртарин сулҳеро, ки дар таърихи Исломӣ  ё метавон гуфт дар тамоми таърих сурат гирифтааст, яъне сулҳи Ҳудайбияро шунидаед. Ин сулҳ соли шашуми ҳиҷрӣ воқеъ шуд, яъне нуздаҳ сол баъди шурӯъи даъвати Исломӣ, вақте ки Паёмбари гиромӣ (с) бо душманонаш паймони сулҳро имзо кард, лашкари мусалмонон дар назди дарвозаҳои Макка қарор дошт ва душманонаш нерӯи дифоъкунанда аз Маккаро дар ихтиёр надоштанд: Бо вуҷуди он ки аксари ёрони Муҳаммад (с) дар аввали кор ба сулҳ розӣ набуданд, вале он ҳазрат (с) ба паймони сулҳ бо мушрикин имзо гузошт ва муддати муқарраршуда дар паймони сулҳ даҳ сол буд.

Ҳанӯз аз сулҳ як сол нагузашта мушрикон ба назди Паёмбари гиромӣ, Муҳаммад (с) омада нақзи паймони сулҳро дархост намуданд. Он ҳазрат (с) бар шартҳои дар паймони сулҳ зикршуда исрор наварзид ва ба шикастани паймони сулҳ мувофақат кард. Ва сабаби асосии нақзи сулҳро талаб кардани мушрикон он буд,

ки вақте ба паймони сулҳ имзо карданд, мусалмонон бо мушрикон даромехтанд, ба зиёрати якдигар меомадагӣ шуданд, чун бо якдигар робитаҳои хешу таборӣ доштанд. Онҳо дар ҷараёни якдигарро зиёрат кардан ахлоқи мусаломононро медиданд ва бо онон гуфтугӯ мекарданд. Дар натиҷа, дар ҳамин як сол теъдоди Исломро пазируфтагон аз теъдоди касоне, ки дар давоми нуздаҳ соли комили гузашта ба Ислом гаравида буданд, чанд баробар афзун шуд...!

Ба хотири исботи ин гуфтаи хеш танҳо як далел меорам ва ин далел кофист. Тамоми мусалмононе, ки ҳангоми ба имзо расидани сулҳи Ҳудайбия бо Паёмбари акрам (с) аз саҳобагонаш буданд, ҳазору чаҳорсад нафарро ташкил медоданд. Ва як сол баъд аз ба имзо расидани ин сулҳ мушрикон худашон омада нақзи сулҳро талаб намуданд. Пас паймони сулҳ шикаста шуд, баъд аз он Паёмбари акрам (с) бо даҳ ҳазор нафар мусалмон ба Макка омада онро фатҳ кард...!

Бубин, дар давоми як сол ба василаи гуфтугӯ чи қадар фарқ кард?

Бубин, самараи гуфтугӯ чи микдор бузург аст?

## Ва инҷо бармегардем, то бипурсем:

**Якум:** Агар Ислом пеш аз ин бо истифода аз дами шамшер паҳн гашта бошад, пас дар ҳоли ҳозир сабабаш чист, ки дар давлатҳои бузурги олам торафт доман густурдатар месозад? Ба хоса, дар давлатҳои пешрафтаи мутамаддин, ки онҳо хеле пуриқтидору тавоноанд, ки кишварҳои исломиро рӯзе аз рӯзҳо истеъмор намуда буданд. Ва то ҳоли ҳозир бар сари онҳо ҳамчун назоратгар ва қудратманд нуфуз доранд..?!

Чаро Ислом дар миёни давлатҳое, ки сахттарин душманонаш ба шумор мераванд, паҳн мешавад..?!

Албатта, шумо як қавми заифу нотавонро дидаед, ки андаку ғариб бошад ҳам, ба таври ногузир он қавм аз аксарияти қудратманд, пайравӣ мекунад. Ҳоли сангини мусалмонҳои муҳоҷире, ки аз зулму фишорҳо гурехта, дар талаби амну оромӣ ё барои ба даст овардани ризқ ба кишварҳои ғарб ҳиҷрат намуданд, чӣ гуна имконият медиҳад ки Исломро дар он кишварҳои пурқудрату пешрафта мунташир намоянд..?!

Онҳоро дар куҷое набинӣ, ададашон чӣ қадаре набошад ва заъфу нотавонии онҳо ба кадом андозае нарасида бошад, бо вуҷуди ҳамаи ин онҳо динашонро дар миёни аҳли дигар кишварҳо густариш медиҳанд. Оё шумо сирри ин пешрафтро пурсидаед..?!

Оё он кишварҳо ва мардумонашон ба онҳо эҳтиёҷ доранд..?!

Ё ки ақлашон кор намекунаду намефаҳманд..?!

Дини ин мардум чӣ гуна аст, ки дар миёни донишмандон ва мутахассисҳо бештар паҳн мегардад..?!

Чаро паҳншавии Ислом ҳар сол бештару бештар ба қайд гирифта мешавад..?!

Чаро ин дин аз ҳама динҳои дигар дида, бештар дар сатҳи ҷаҳонӣ рушд ёфтаву мунташир мегардад..?!

Ҳисоботи оморӣ ва муқоисаҳои фисадӣ, ба ин гуфта шаҳодат медиҳанд, ки мусалмонҳо дар олам аз ҷиҳати интишору зиёдшавӣ аз пайравони ҳама динҳо пешқадам мебошанд[1]. Дини Ислом аз динҳои дигар

[1] USA TODAY, The population referance bureau? Feb. 17,1989, p. 4A.

дида, дар олам тезтар рушду интишор меёбад[1].

Ислом динест, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар муқоиса ба дигар динҳо сареътар нашъу намо меёбад[2].

Ислом дар Амрико дини тезпаҳншаванда ба ҳисоб меравад. Ва ин далелу пояи истиқрор барои як ҷузъи калоне аз миллати мо мебошад[3].

Ислом дар рушду нумӯяш ҳамеша дар пешравист ва касе ҳам наметавонад, ки дар ин воқеият шакк намояд.

Ва пеш аз ин Бернард Шоу гуфта буд: «*Агар инҷо барои ягон дине фурсат бошад, ки Англияро дар сад соли оянда ҳукмронӣ намояд, имкон дорад, ки он Ислом бошад*».

Эй профессор, оё шумо пурсидед, ки Ислом ба кишварҳои Тотористон, Муғулистон ва кишварҳое, ки дар ҳамсоягии онҳо мебошанд, чӣ гуна ворид шудааст? Ҳол он ки маҳз онҳо ба олами исломӣ бо лашкарҳои ҷангии тамаъҷӯ ва ваҳшӣ пеш омаданд ва аз тамоми кишварҳои исломие ки мегузаштанд, онро ба хоку хун яксон мекарданд..!

Ба кишварҳои исломӣ онҳо ҳамчун интиқомгиранда даромада буданд. Валекин онҳо чанде наистода, баргашта парчами даъват ба сӯйи Исломро ба кишварҳои тоторӣ ва муғулӣ бардоштанд… ва инчунин онҳо парчамбардори Ислом дар кишварҳое, ки имрӯз ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна номида мешаванд, буданд?!

---

[1] Maik Wallace? 60 MINUTES.
[2] NEW YORL TIMES, Feb 21, 1989, p1,.
[3] Hillary Rodman Clinton, LOS ANGELES TIMES. May 31, 1996, p3,.

**Бори дувум, бигзор пурсиш намоем:** Агар Ислом бо дами шамшер паҳн шуда бошад, пас чӣ гуна ба кишварҳое расидааст, ки шамшер бар онҳо кашида нашудааст ва ба кишварҳое даромада, ки шамшери Ислом ба онҷо ворид нашуда, чун давлатҳои шарқи осиё ва ғайри инҳо ..?

**Бигзор бори севум савол намоем:** Агар Ислом ба дами шамшер паҳн шуда бошад, чӣ тавр Паёмбари мо, Муҳаммад (с) вақте ба шаҳре пирӯзмандона дохил мешуд, аз зулми аҳли он шаҳр гузашт мекард. Онҳоро барои дохил шудан ба Ислом ё кушта шудан мухайяр нагузоштааст. Паёмбар (с) баъди ғолиб омадан бар лашкари муқобил ҳаргиз аз онҳо интиқом намегирифт. Ва агар шаҳреро фатҳ мекард, ба аҳолии он эҳсону некии бисёр менамуд. Чунин нашуда, ки шаҳреро баъди зафар ёфтан ба хоку хун кашида бошад, магар як деҳа, ки номаш Қурайза буд. Онҳоро барои яҳудӣ буданашон қатл накарда…! На,балки аз ҷиҳати шикастани аҳду паймон ва хиёнати бузургашон онҳоро ба қатл расонд. Зеро вақте ки яҳудиҳои Қурайза дар Мадина сукунат менамуданд, бо Расули акрам (с) аҳду паймон баста буданд. Бо ӯ ба беҳтарин сурат зиндагонӣ мекарданд, ҳуқуқҳояшон, заминҳову молҳояшон ва низ шаъоири (амалҳои) диниашон эҳтиром ва ҳифз мешуд. Вале онҳо вақте Мадинаи Паёмбар (с) аз тарафи душман муҳосира шуд, аҳдро шикастанд. Ва Мадина ба ҳуҷуми фарогиру бузурге аз тарафи тамоми қабилаҳои араби кофир рӯбарӯ шуд. Дар таърих ин воқеаро ҷанги «Аҳзоб» (ҳизбҳо ё гурӯҳҳо) ном ниҳоданд. Ва инҷо маънои «Аҳзоб» иҷтимо ва якшавии қабилаҳои араб бо мақсади аз байн бурдани Паёмбар (с) ва Мадинаи мунаввара буд. Бо

вуҷуди ин, аз ин ҷамоаи яҳуд ягон кӯдаке, пирамарде, зане ва маъюберо ба қатл нарасонид. Онҳоро аз реша несту нобуд накард ва низ ба дигар яҳудиёни ғайри Қурайза низ даст нарасонд.

Оё ту дар мавриди ӯ чӣ назар дорӣ, ки агар онҳоро баъди ин ҳама хиёнатҳо ба ҳолашон мегузошт, оё ӯ раҳбари намунавӣ мешуд..?!

Ва оё баъди ин касе аҳди ӯро эҳтиром мекард..?

Ин ягона чизест, ки бо Паёмбар (с) дар тӯли набардҳояш рӯх додааст ва дигар ҳаргиз такрор нашуда. Ва ин дарсест дар роҳбарӣ ва дарсест, ки аҳли хиёнат ба он эҳтиёҷ доранд. Дарсест, ки махсусан яҳуд ба он эҳтиёҷ дорад.

Ҳар нафаре, чун ба таърих назари дақиқ намояд, хоҳад дид ки ба бузургтарин фатҳе, ки Паёмбар (с) дар тамоми ғазоҳояш муваффақ гардидааст, ин фатҳи Макка мебошад… Паёмбар ба Макка музаффар ва нусратёфта ворид шуд. Сардорону бузургони аҳли Макка дар пешаш хору залил ва шикастхӯрда қарор гирифтанд. Онҳо касоне буданд, ки аз асҳоби Расули акрам (с) чандин нафарро ба қатл расонида буданд. Онҳоро азобу шиканҷа доданд… ӯро ва асҳобашро аз Макка берун ронданд… ҳоло онҳо дар пешаши ӯ сарафканда ҳастанд. Муҳаммад (с) дар ин ҳолат хитобкунон ба он ҷамоа гуфт: ***«Шумо чӣ гумон доред? Ман бо шумо чӣ кор хоҳам кард?».*** Гуфтанд: Бародари кариму ҷавонмардӣ ва фарзанди шахси бузургӣ. Пас ба онҳо гуфт: ***«Ман ба шумо чизе намегӯям, магар ончӣ бародарам Юсуф гуфт:*** **«Бар шумо имрӯз сарзанише нест, Худованд шуморо мағфират мекунад ва Ӯ раҳмкунандатарини раҳмкунандаҳост».** ***Биравед,***

***шумо озод ҳастед»*[1].**

Ин мавқеъгирӣ махсус ба Паёмбар (с) намебошад, балки онро суннати умумие барои ҳамаи фотеҳон қарор додааст. Ва ин чизест, ки таърих ба он шаҳодат дода. Аз ин ҷиҳат Арнолд гуфтааст: «*Таърих аз араб дида бораҳмтарин фотеҳонро надидааст*».

Шуморо ба Худо қасам медиҳам, таассуброо як сӯ гузоред ва бо назару диди таърихшиноси мутахассиси амонатдор назар намоед… оё шумо забоне барои ҷанг намудан монанди ин забон пайдо мекунед..?!

**Устод Фифа:** Ман дар ин маҷлис бар алайҳи Ислом ҳеҷ шубҳае барнаангехтаам. Ва бар ту инро пинҳон намедорам, ки эҳтимоми Ислом ба қонеъ кунондан аз рӯи ақл ба ман маъқул аст. Лекин ман ҳарчанд, ки дар масъала андеша кардам, дидам ки ташриъоташ (қонунгузориҳояш, қонунҳояш) маро аз ӯ дур мекунад… ошкоро гӯям **ман мардеам, ки нӯшидани майро дӯст медорам, бе ин ки дар ин масъала исрофе намоям…** Ва дар ҳар як рӯз аз нисфи қадаҳ ҳам бошад, наметавонам бениёз бошам. Ислом бошад ҳатто як қатраи онро ҳаром мегардонад. Агар ту маро хабар диҳӣ, ки Ислом бароям нисфи қадаҳро дар як рӯз мубоҳ мегардонад, пас ман дар ин масъала ҷиддӣ, андеша мекунам…!

Оё ин маъқул аст, (ба ақл рост меояд) ки Ислом аз нисфи қадаҳ ҳам мушкил эҷод намояд. Зеро инҷо даромадан ва надорамадани инсоне ба Ислом ҳаллу фасл мегардад.

Пас Ислом чӣ гуна метавонад мушкилии маро ҳал

---

[1] Ривояти Байҳақӣ, дар китоби «Сунани кубро» (9-118) Соҳиби «ас-Силсила» гуфтааст: ҳасан аст. Ба «Фиқҳи сират» назар кун (саҳ. 376).

намояд, вақте ки нисфи қадаҳи май дар Ислом маъсият ҳисобида мешавад? Ҳол он ки ин миқдор май нисбат ба ман чун калиде барои ҳалли мушкилиҳои рӯзмара ба шумор меравад..?!

Ин танҳо мушкилии ман нест, балки дар кишварҳои мо мушкилии тақрибан тамоми устодон, мураббиён ва оқилон мебошад.

**Абӯҳомид:** Хоҳ ту бо нисфи қадаҳ маро месанҷида бошӣ ё на… молики ин дин ман нестам. Ҳамчунон ягон нафари ғайри ман ҳам молики ин дин нест. Гарчанде олиму донишманд ё набӣ ё маҷмаъи олимон ҳам бошад. Наметавонанд ки мувофиқи манфиатҳо, ҳолатҳо ва хоҳишоташон ба ин ё он масъала бозӣ кунанд!

Монанди ин қисса чандин борҳо рух додааст. Сарони мушрикон ба Паёмбар (с) пешниҳод карданд, ки барои онҳо маҷлисе барпо намояд ва дар он аз асҳобаш заъифону бечорагон ва ғуломон ҳозир нашаванд. Вақте бузургон ҳозир шуданд, заъифону нотавонҳо бархезанд ва вақте бузургон баромаданд, асҳоби фақираш ба наздаш баргашта биёянд. Ӯро бар ин тарғиб мекарданд, ки агар онҳо аз ӯ пайравӣ намоянд, мардум низ баъди онҳо аз ӯ пайравӣ хоҳанд кард. Ӯ дигар чорае надошт, магар ин ки бар шарташон мувофиқат намояд. Ин буд, ки Аллоҳ таъоло оятеро ошкоро дар сураи «Анъом» фурӯ фиристод, ки дар он мегӯяд: «**Касонеро, ки ҳар бомдод ва шабонгоҳ Парвардигори хешро мехонанд ва хостори хушнудии Ӯ ҳастанд, аз назди худ дур макун. На чизе аз ҳисоби онҳо бар ӯҳдаи туст ва на чизе аз ҳисоби ту бар ӯҳдаи онҳост. Агар онҳоро дур кунӣ, дар зумраи ситамкорон дорӣ. 5. Ҳамчунин баъзеро ба баъзе**

**озмудем, то бигӯянд: «Оё аз миёни мо инҳо буданд, ки Худо ба онҳо неъмат дод?». Оё Худо ба сипосгузорон донотар нест? Чун имоновардагон ба оёти Мо назди ту омаданд, бигӯ: «Салом бар шумо! Худо бар хеш муқаррар карда, ки шуморо раҳмат кунад. Зеро ҳар кас аз шумо, ки аз рӯи нодонӣ коре бад кунад, он гоҳ тавба кунад ва некӯкор шавад, бидонад, ки Худо омурзандаву меҳрубон аст**»[1].

Бар ягон ҳукме аз аҳком намешавад доду гирифт кард, касе мехоҳад имон оварад ва касе мехоҳад, куфрро ихтиёр намояд.

Ман инро мегӯям на аз он ҷиҳате, ки ту нодуруст бифаҳмӣ, ки аҳкоми Ислом шахшудаанд, балки дари иҷтиҳод дар Ислом то рӯзи қиёмат кушода аст, вале бо қоида ва чорчӯбаҳои муайяну маъруф…

Инро барои он мегӯям, то бидонӣ, ки ман, ҳамчун Абӯҳомид ё ягон нафари дигар дар дунё ҳаргиз наметавонад, ки бар Ислом дурӯғ бигӯяд, то туро ё дигареро ба даст овараду ба ҷониби худ ҷалб намояд. Агар чунин коре кунад, хато ва гуноҳеро муртакиб шудааст.

**Сипас ту гуфтӣ,** ки Ислом ба ҷониби ақлӣ аҳамият медиҳад ва ин сирри писанд шудани он барои туст. Ман ба ту мегӯям: Май чӣ кор мекунад, ҷуз ин ки ақлро ҷузъан ё куллан аз байн мебарад..?!

Ва оё дар инсон аз ақл дида муҳтарамтар чизе вуҷуд дорад ва оё ақлро аз байн бурдан кори писанд аст..?!

Оё одамият ҳамин аст, ки рамзи инсониятро аз байн бибарӣ..?!

**Бо вуҷуди ин ман ба ту мегӯям:** Мавзӯъи мо ин

---

[1] Тафсири Қуръони азим, Ибни Касир (4-258).

зарарҳои май ва ғайри он нест, валекин мавзӯъи мо он аст, ки Ғарб ин мушкилиро чӣ гуна ҳал кардааст ва Ислом онро чӣ гуна ҳал намуда..?!

Саҳеҳтар ин аст, бо итминон бигӯем Ислом ин мушкилиро чӣ гуна ҳал намудааст ва Ғарб онро чӣ гуна ба мушкилии қонунӣ, ҳимоятшудаву бузург табдил додаст? Ва ба май ба воситаи эълонҳо ва қонун ташвиқ намудааст..? Масъала, эй профессор, танҳо масъалаи нӯшидани шахсӣ ё фардӣ нест. Балки он хеле бузургтар аст..! Мушкилии бузург ин аст, ки мардум дарк нанамоянд, ки он мушкилии бузург аст.. Мушкилие, ки қиммату арзиши пардохти он рӯҳҳо, молҳо, оилаҳо ва саодату некбахтиҳост..!

Доиратулмаорифи Донишгоҳи Калифорния барои сиҳатмандӣ, мегӯяд (чопи 1991): «Май имрӯз баъди сигор кашидан, дар Иёлоти Муттаҳида дуввумин қатлкунанда ба шумор меравад. Нӯшидани маводи масткунанда дар Амрико сабаби марги зиёда аз миллион нафар дар як сол мебошад. Ва танҳо май сабаби бештар аз нисфи вафотҳоест, ки аз ҳодисаҳои роҳҳо дар Амрико рӯх медиҳанд.

Танҳо ин нест, балки май дар дар як сол, дар Амрико боиси гирифтор шудани бештар аз ним миллион нафар ба садамаҳои роҳ гардидааст. Аммо дар хонаҳо бошад, маводи масткунанда сабаби сар задани сӯхторҳои зиёди хонаҳо, бар замин афтидани майнӯшон аз баландиҳо ё ғарқ гаштани онҳо дар вақти оббозӣ мебошад».

Доиратулмаорифи Донишгоҳи Калифорния гуфторашро дунболагирӣ намуда чунин меорад: «Ва маводи масткунанда танҳо сабаби мушкилиҳои хонаводагӣ ё фақати ҳодисаҳои роҳҳо намешавад..,

балки хисоратҳои Амрико аз камбуди истеҳсолот ва гум кардани ҷои кор дар сол аз 71 миллион доллар бештар мебошад. Ба истисноИ зарарҳое, ки бо пул андозабандӣ намешаванд, ба монанди мушкилиҳои равонӣ, оилавӣ ва иҷтимоӣ. Нависандагон дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои амрикоӣ мардумро ба он даъват мекунанд, ки пеш аз таъоми бегоҳ ва дар вақти ҷашнгириҳо май пешкаш накунанд. Ва калиди мошинҳо аз ронандагоне, ки дар нӯшидани май аз ҳад мегузаронанд, мусодира карда шавад, то худашонро ба марг набаранд!!».

Доиратулмаорифи Донишгоҳи Калифорния дар ҷои дигар ёдовар мешавад: «Сеяки наврасон дар Амрико маводҳои масткунандаро ба дараҷае менӯшанд, ки ба фаъолияти онҳо дар мактаб халал мерасонад. Ё онҳоро дар баробари қонун ба мушкилиҳо дучор мекунад..! Бештари ин ҷавонон нӯшидани маводи масткунандаро пештар аз синни сездаҳсолагӣ шурӯъ намудаанд».

Профессор Шокет - профессори бемориҳои равонӣ дар донишгоҳи Калифорния ва мудири Маркази пажӯҳишҳои марбути майхорагӣ ва спирт мегӯяд: «90% мардум дар Иёлоти Муттаҳида май менӯшанд. 40-50% аз мардони онҷо ба мушкилиҳои начандон вазнин, ки аз маводи масткунанда ба вуҷуд меоянд, гирифторанд. Ва инчунин 10% аз мардон ва 3.5% аз занон ба майхорагӣ гирифтор шудаанд»[1,2].

Оё ин рақамҳоро дидед?

---

[1] Аз китоби Ҳарисун тиббӣ,чопи 1991.

[2] Мақолаи «Табибони ғарб аз нӯшидани май барҳазар мекунанд» аз нависанда доктор Ҳассон Шамсипочо, маҷаллаи «Ал-Баён», шумораи 57, саҳ. 91.

Хоҳишмандам, ки аз онҳо сарсарӣ гузар нанамоед..! Ҳақиқатан онҳо касоне, ки дар ҷанг бақатлрасида бошанд, нестанд! Онҳо хисоратҳои ҷанги бузурги низомӣ нестанд..!

Ҳамчунин мусибати мазкур натиҷаи вабое нест, ки кишварҳоро бо зукоми парранада ҳалок карда бошад..!

Инҳо ҳама натиҷаи ҳамон майе аст, ки дар мавриди он Шумо, устод Фифа сӯҳбат менамоед. Профессор ва устодони донишманд нағз медонанд, ки дар май ба ақли инсон, ҳаёти ӯ ва аъзои ӯ чӣ зарарҳост, вале дар муқобили лаззату сархушӣ ва тарки одат, заъфу нотавонӣ ва душворӣ вуҷуд дорад..!

Ин далеловарӣ имкон дорад аз нафари дигар қабул шавад, вале сазовор нест аз табибе пазируфта шавад, ки асоси комёбии ӯ дар вазифааш инсофу адолат мебошад, ҳатто бо душманонаш.

Оре, мумкин аст марде бигӯяд, ки ҳукм чуноне ҳаст, комиланан дуруст мебошад. Пас агар аз мухолифати он чӣ мегӯяд пурсида шавад, ҷавобаш рост аст, ки мегӯяд «ман дурӣ аз онро таҳаммул карда наметавонам!».

Ва устод медонад, ҳар гоҳ гузорише пайдо шаваду ба мардум талқин намояд, ки маводи масткунанда зарар намерасонад ё инки он дар чизи муайяне фоида дорад, аҳли илм пеши чунин гузоришро мегиранду ботилу беасосаш меноманд. Ба тариқи мисол, баъзе аз табибон чунин назар доданд, ки андаке аз май шояд нисбати мурриши сактаи қалбро кам намояд. Вале мақолаи асосӣ дар маҷаллаи «Ланст»-и инглисӣ, ки соли 1987 чоп шудааст, ин назарҳоро бекор карда, нависандаи мақола мегӯяд: «Ончӣ ки баъзе табибон иддао доранд, ки шояд спирт агар бо ҷуръаҳои андак

истиъмол шавад, фоида дорад, дурӯғи маҳз ва сухани бепоя аст». Дар идома мақолаи мазкур низ мегӯяд: «Омӯзише, ки инҳо бар он такя мекунанд, беэътимод аст ва он ҳеҷ эътиборе надорад».

Профессор Шокет мегӯяд: «Ҳар рӯз нӯшидани се ё чор қадаҳ пиво ба баланд шудани фишори хун оварда мерасонад. Аз ин ҷиҳат май дар ҳоли ҳозир яке аз сабабҳои асосии баланд шудани фишори хун ҳисобида мешавад. Нӯшидани май бошад ба иллатдор гаштани мушаки қалбӣ бурда мерасонад. Ва он чӣ аз май бармеояд, ин васеъ шудани ҳуҷраҳои қалб ва заъфи кори қалб, мебошад. Бинобар ин бемор ҳангоми анҷом додани кадоми коре набошад, ба тангнафасӣ гирифтор мешавад. Гоҳо дар тарафи чапи қалб инсидод (*бандшавии рагчаҳои дил)* пайдо мешавад. Ва инҷо бешак, миёни рух додани сактаи димоғӣ (Stroke) ва нӯшидани маводи масткунанда иртиботи қавие вуҷуд дорад. Ва спирт низ сабаби изтиробу нобасомониҳо дар кори қалб мегардад, ки яке аз онҳо тез кор кардани дил мебошад. Гоҳо ин, фақат як бор, пас аз нӯшидани май рух медиҳад».

Профессор Шокет мегӯяд: «Гоҳо баъзе нӯшандагони май, ҳангоме ки як ё ду қадаҳ маводи масткунанда менӯшанд, зиёдашавии эҳсоси ҷинсиро дарк мекунанд. Вале инҳо фаромӯш мекунанд, ки мумкин аст амали мазкур дар мардон сабаби ъунна (заъфу нотавонии қудрати мардӣ) гардад. Ҳамчунин фаромӯш мекунанд, ки нӯшидани маводи масткунанда, гоҳо ба хомӯш шудани тухмҳо, гум кардани нутфаҳо, бурда мерасонад. Чи тавр нӯшидани маводи масткунанда барои занҳо мумкин аст, ки он сабаби қатъ гаштани одати моҳонаи эшон (ҳайз), нуқсони ҳаҷми тухмдонҳо ва безурётӣ ё сиқти ҷанин

мегардад?»[1].

Май дар тамоми гурӯҳҳои ҷомеа ворид шудаву зарарҳояш ба ҷонҳо ва ҳам ба моликиятҳо расидааст. Баоморҳои боэътимоде ки арз карда мешавад,назар намоед[2]:

- дар соли 2006 муришҳои ба нӯшидани спирт алоқамандбуда, ба 13,470 вафот расидааст. Ва ин нисбатан 32%-ро аз маҷмӯи фавтҳое, ки ба он ҳодисаҳои роҳ сабабгор мебошанд, ташкил мекунад.

- дар соли 2006, 1794 тифл, ки умрашон аз чордаҳсола камтар аст, бар асари ҳодисаҳои роҳ фавтидаанд, ки 17% аз ин вафиёт дар натиҷаи ҳодисаҳое, ки ба тановул намудани спирт алоқаманд аст, мебошад.

- дар соли 2006, ба ҳисоби миёна ҳодисаҳои роҳ, ки ба нӯшидани нӯшокии спиртӣ алоқаманд будааст, як ҳодиса дар ҳар 39 дақиқа рост омада.

- ба ҳисоби миёна ҳодисаҳои марбут ба нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, ки вафотҳои шабонгоҳиро сабаб гаштаанд, чаҳор маротиб аз ҳаводиси чунини рӯзона бештар мебошанд.

- дар соли 2005 нисбати тановулкунандагони нӯшокиҳои спиртӣ аз соҳибэътиборон (12-20 сола) 10.8 миллион шахс буданд. Ва ин адад нисбатан 28% аз маҷмӯи адад дар ҳамин гурӯҳи умриро ташкил медиҳад.

---

[1] Мақолаи «Табибони ғарб аз нӯшидани май барҳазар мекунанд» аз доктор Ҳассон Шамсипочо, маҷаллаи «Ал-Баён», шумораи 57, саҳ. 91.

[2] http://www.alcoholalert.com/drunk-driving-statistics.html
http://www.anapolschwarts.com/practices/liquorliability/statistics.asp
http://www.sadd.org/stats.htm

- аз чор се нафари талабаҳо, 75% пеш аз хатми мактаби миёнаи умумӣ спиртро истеъмол мекунанд.

- 41% аз талабаҳо спиртро пеш аз ин ки соли ҳаштуми ибтидоиро хатм намоянд, тановул менамоянд.

Эй устод, шуморидани зарарҳои май тӯлонӣ мешавад, вале мусибат дар муоличаи ин мушкилист аз тарафи мутахассисони Ғарб...!

Ҷазоҳоеро, ки барои маст ва майзада муқаррар кардаанд, кадомҳоянд..?! Онҳо чӣ ҷазое ҳастанд..?!

**Ҷавоб:** Паҳн намудани май, қонунӣ кардани фурӯши он, ташвиқ ба нӯшидани май ва ҳимоят намудан аз нӯшандагони он ва ғайра..!

Агар бо ҳимоят намудан аз маводи масткунандаа таваққуф мешуд, албатта, кор осон буд, вале он то ба ҳимояи маводи мухаддир расидааст.

**Устод Фифа:** Ман чандин кишварҳои исломиро зиёрат намудам ва майро дидам, ки дар меҳмонхонаҳо комилан вуҷуд дорад. Ҳамчунон дидам, ки он дар дигар маконҳо низ фурӯхта мешавад..!

Оре, мардумро дидам, ки майро монанди мо наменӯшанд, адади истеъмолкунандагонаш нисбат ба мо кам мебошад, пас чаро бар мо нӯшидани майро маҳкум менамоӣ, ҳол он ки он дар миёни шумо ҳам вуҷуд дорад..?!

Чаро Ислом ин мушкилиро дар шумо муолиҷа накардааст..?!

**Абӯҳомид:** Гумон надорам, ки ту чунин эътиқод дорӣ, ки кишварҳои исломӣ, имрӯз, Исломро намояндагӣ мекунанд ё Исломро дар амал ҷорӣ менамоянд. Далелаш ҳамон аст, ки зикр намудӣ: Аксари кишварҳои исломӣ нӯшидани майро дар

меҳмонхонаҳо ё ҳавопаймоҳо ва ғайра иҷозат додаанд.

***Бартарафсозии майзадагӣ дар Ислом***

Ислом чӣ гуна нӯшидани майро дармон намудааст, ин чизе аст шоистаи огоҳӣ пайдо кардани Шумо ва месезад, ки бипурсед: Оё дармон намудан ва ҳал намудани Ислом мушкили майхорагӣ ва майзадагиро сабиқаи комёб ба ҳисоб меравад ё на?!

Ва оё ин дармон ва бартарафсозӣ шоёни татбиқ намудан дар ҳар замон ва макон ҳаст ё не..?!

Вале Ислом ин мушкилиро чӣ гуна ҳал намуд? Агар ба ту бигӯям, ки бештар аз 90%-и ҷомеаи арабӣ пеш аз омадани Ислом май менӯшид, ту тааҷҷуб хоҳӣ кард. Бо вуҷуди ин, нишондоди мазкур баъди ба интиҳо расондани дармону ислоҳи он қариб ба 0% расид.

Ислом ин мушкили ошкорро чӣ гуна ҳал намуд..?!

Майзадагӣ ва майхорагиро чӣ гуна муолиҷа кард..?!

Шумо худатон медонед, ки оятҳои Қуръони карим яку якбора дар китобе ё лавҳҳое (тахтаҳо) нозил нашуданд. Балки ҷузв-ҷузв аз онҳо тибқи эҳтиёҷ ба Паёмбар (с) нозил мешуданд. Ин аз он ҷиҳат буд, то тамоми ҳодисаҳоро пайгирӣ шавад ва бар ҳодисаҳои монанди онҳо то охири дунё татбиқ карда шаванд. Бинобар ин дармон ва ислоҳоти Ислом судбахш воқеъ гардида ва бар марҳилаҳои болораванда сурат гирифтааст. Аз ин ҷиҳат аввалин ояте, ки дар мавриди май нозил шуд, дар сураи «Наҳл» аст:

وَمِن ثَمَرَٰتِ ٱلنَّخِيلِ وَٱلۡأَعۡنَٰبِ تَتَّخِذُونَ مِنۡهُ سَكَرٗا وَرِزۡقًا حَسَنًاۚ إِنَّ فِي ذَٰلِكَ لَأٓيَةٗ لِّقَوۡمٖ يَعۡقِلُونَ ٦٧

«**Ва шумо аз меваҳои хурмо ва ангур мегиред ва аз онҳо майи масткунада** (пеш аз ҳаром гаштани он) **ва таъоми нек мегиред. Ҳар оина дар ин барои қавме, ки боақл мебошанд, далел аст**» *( ояти 67)*.

Қуръони карим дар ин оят ошкор накарда, ки мастӣ бад аст, вале онро дар муқобили ризқи нек ва таъоми хуб қарор дод, ки он танҳо як ишорае беш нест!

Мусалмонони асри Паёмбар (с) аз ин ишора бохабар шуданду аз ҳукми нӯшидани май пурсиданд. Худованд баъди он ин ояро нозил кард:

۞ يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْخَمْرِ وَٱلْمَيْسِرِ ۖ قُلْ فِيهِمَآ إِثْمٌ كَبِيرٌ وَمَنَـٰفِعُ لِلنَّاسِ وَإِثْمُهُمَآ أَكْبَرُ مِن نَّفْعِهِمَا ۗ وَيَسْـَٔلُونَكَ مَاذَا يُنفِقُونَ قُلِ ٱلْعَفْوَ ۗ كَذَٰلِكَ يُبَيِّنُ ٱللَّهُ لَكُمُ ٱلْـَٔايَـٰتِ لَعَلَّكُمْ تَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١٩﴾

«**Аз ту аз май ва майсир мепурсанд, бигӯ ки дар онҳо гуноҳи бузург аст ва барои мардум манфиатҳое аст ва гуноҳи онҳо аз манфиати онҳо дида бузургтар аст. Аз ту мепурсанд, ки чиро харҷ намоянд, бигӯ ки зиёдатиро. Ингуна Худованд барои шумо оятҳояшро баён менамояд, шояд шумо андеша намоед**» *(Сураи «Бақара», ояти 219)*.

Дар инҷо маълум гардид, ки дар май гуноҳи бузург будааст ва низ он манфиатҳои тиҷоратӣ низ дорад. Вале ин оят ҳам ошкоро майро ҳаром намегардонад, бо вуҷуди он нисбати гуноҳ буданаш ишораи қавӣ ва танбеҳи бузурге баҳисоб меравад. Чунки бадтарин чиз

дар назди мусалмонони асри Паёмбар (с) гуноҳ мебошад, дар ҳоле ки май гуноҳи бузург маҳсуб мешавад.. ва оят хотима ёфтааст ба калимаи бузурги мазкур: «**Ин гуна Худованд барои шумо оятҳояшро баён менамояд, шояд шумо андеша намоед**».

Вале он то ҳол ба дараҷаи ҳаром гардонидан нарасидааст. Ин оят чандин вақте боқӣ монд ва пурсидани аз ҳукми он зиёд мегардид, ки оё он ҳаром аст ё на..?!

Ва оё онро тарк кунанд ё тарк накунанд..?!

Аз ин рӯ, Аллоҳ таъоло ояти 43-и сураи «Нисо»-ро нозил кард:

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَقْرَبُوا۟ ٱلصَّلَوٰةَ وَأَنتُمْ سُكَـٰرَىٰ حَتَّىٰ تَعْلَمُوا۟ مَا تَقُولُونَ ﴿٤٣﴾

«**Эй касоне, ки имон овардаед, ба намоз наздик нашавед, ҳол он ки шумо маст бошед, то бидонед ки чи мегӯед**».

Ин оят тамрини амалие буд барои тарк кардани шароб, бо вуҷуди онки ояти мазкур ошкоро нагуфта, ки он ҳароми мутлақ мебошад, балки он ҳароми муқайяд ба вақту ҳолати муайяншуда мебошад. Зеро Аллоҳ таъоло аз наздик шудани ба намоз, вақте ки инсон дуруст хондани оятҳоро сарфаҳм наравад, манъ кардааст. Бинобар ин, ояти мазкур манъи ақидатӣ ва муваққатии онро бо манъи амалии муваққатии он дарбар гирифтааст.

Бо ҳамин тариқ, тарк намудани шароб амалӣ гашт, вале сирри нуҳуфта инҷо алоқаманд кардани манъи шароб ба намоз мебошад. Бинобар ин, нӯшидани

онро муқобили намоз гузошт..!

Ва касе аз намоз манъ шуд, дар ҳақиқат аз дидори Худованд манъ мешавад, пас май ӯро аз ин шарафи бузург манъ мекунад.. «**Шумо ба намоз наздик нашавед, дар ҳоле ки маст мебошед**».

Сипас, касе ба ин ҳукм назар кунад, ҳангоми татбиқи амалӣ ҷиддияти муолиҷа ва самараи онро дармеёбад.

Пас, намоз панҷ маротиба адо карда мешавад ва он дар панҷ вақтҳои аз ҳам ҷудо дар шабу рӯз мебошад.

Намози пешин вақташ шурӯъ мешавад баъди оне, ки Офтоб аз миёнаи осмон майл мекунад, гарчанде як лаҳза ҳам бошад ва идома мекунад то намози аср, яъне баъди тақрибан севу ним соат. Ва ҳангоми фурӯ рафтани Офтоб вақти намози шом дохил мешавад. Ва ҳангоми ғоиб шудани шафақи сурх, яъне баъди камтар аз ду соат вақти намози хуфтан фаро мерасад ки ин вақт то намози бомдод ва кору бори рӯзона идома мекунад. Вақти ин намоз қариб бештар аз ду соат пеш аз баромадани Офтоб шурӯъ мешавад. Ин вақтгузориҳо марбути ҷазираи араб аст, дар он рӯзҳое, ки ояти ҳаром гаштани май фуруд омад … Ва ин вақтгузорӣ дар ҳар кишвар мувофиқи ҳаракати шабу рӯз муайян мегардад.

**Ва суол ин аст:** Нӯшандаи май кай метавонад, ки онро бинӯшад, дар ҳоле ки вақтҳои намозҳо ӯро ба ин сурат иҳота карда бошанд!?

Пирӯзии ҳақиқии **аввал** дар ин масъала он аст, ки фард ҳукми мазкурро дар коре, ки нафсаш ба он майл дорад, аз ҷониби Худованд қабул менамояд. Пас агар онро бо ризоятмандӣ қабул намояд, калиди қабули дигар амалҳое мегардад, ки мухолифи хоҳишоти

нафсонияш мебошанд. Пирӯзии **дуввум** он аст, ки идора намудани вақтҳояш нишони азму иродаи мусалмон аст, ки онро идора карда метавонад. Ва ин нуқтаи заъфу нотавонии майзада мебошад. Заъфу нотавонӣ дар идора намудан, сабаби нокомӣ дар ҳар коре мебошад. Пирӯзии севум машғулияти тӯлоние аст, ки дар давоми рӯз ба он победа мебошад, аз инрӯ, барои ӯ вақте боқӣ намемонад, магар баъди хуфтан. Баъди хуфтан аз рӯи одат ҳар касе набошад аз кишт намудан, зироаткорӣ, чӯпонӣ ва тиҷорату кор хаста мегардад. Ва худаш аз хастагии сахт монанди маст аст. Пас вақте мастии хоб омад, дигар ба мастии май эҳтиёҷ намемонад. **Чорум** ин ки мақсади сирри тарк кардани май равшан аст. Тарк кардан танҳо барои он нест, ки зарар дорад, балки тарк кардани он аз он ҷиҳат аст, ки Аллоҳ таъоло онро ҳаром гардонидааст. Бинобар ин, ҳар касе онро тарк менамояд, барои ду чиз аст: барои итоат аз Худованд, сипас барои зарарҳои он…

Ба ин сурат, дар тарк кардани шароб қавитарин ангезаҳои тоат ҷамъ шудааст: қаноъатмандии ақлӣ, қадами амалӣ ва ангезаи отифӣ, яъне ба ҳаракат даровардани қалб ҳамроҳ бо зинда сохтану қавӣ гардондани азму ирода… Ҳамчуноне ки дар гуфтаи Худованд омада:

إِنَّمَا يُرِيدُ ٱلشَّيْطَٰنُ أَن يُوقِعَ بَيْنَكُمُ ٱلْعَدَٰوَةَ وَٱلْبَغْضَآءَ فِى ٱلْخَمْرِ وَٱلْمَيْسِرِ وَيَصُدَّكُمْ عَن ذِكْرِ ٱللَّهِ وَعَنِ ٱلصَّلَوٰةِ ۖ فَهَلْ أَنتُم مُّنتَهُونَ ﴿٩١﴾

«**Инчунин аст, ки шайтон мехоҳад байни шумо душманӣ ва бадбиниро дар май ва майсир андозад ва шуморо аз зикри Худованд ва аз намоз монеъа шавад. Пас оё шумо дастбардор ҳастед**» *(Сураи «Моида», ояти 91)*. Ва дар марҳилаи дуввум гузашта буд, ки «**Дар онҳо гуноҳи бузург аст**».

Аз он ҷиҳат, ки мубоҳ будан дар марҳилаи севум ба намоз алоқаманд буд, пас зарур аст, ки муайян намудани муддати дуршавии ақл хуб дақиқ карда шавад. Зеро вақти рафтани ақл то вақти намоз намерасад ва ба сабаби оне, ки рафтани ақл ва баргаштани он кори мунтазам нест, лозим меояд, ки нӯшидан ба танзим даровварда шавад.

Сирри аввалину бузургтарин дар комёбӣ нисбати бартарафсозии шароб  ин аст, ки дармони мушкилии мазкур раббонӣ мебошад. Аллоҳ таъоло ба бандагонаш донотар аст. Вале ин ки дармони мазкур чандин марҳилаҳоро тай мекунад… инҳо ҳама асбобу василаҳо мебошанд.

**Устод Фифа:** Ҳақиқат ин аст, ки он илоҷи амалии олӣ мебошад, валекин барои ту кӣ замонат дода метавонад, ки фарзанди ман агар имрӯз онро тарк кард, фардо ба нӯшидани он барнамегардад? Балки ман худам шояд ба гуфтаҳои ту имрӯз қаноатманд шавам ва баъди ду рӯз баргашта онро нӯшам. Пас, дармони яклаҳзаӣ ё вақтӣ ҷуз дармони муваққатӣ нест.

**Абӯҳомид:** Ман хоҳиш мекунам, эй профессори мӯҳтарам, ки дар ҳар нуктаву паҳлуҳои ислоҳи мушкилии шароб тааммулу андеша намоӣ, то  ба асрори зиёде пай бибарӣ :

**Якум,** ин ки дармони мазкур осмонист, бинобар ин, ҳар касе онро бори аввал тарк намуд, дар ҳоле ки ба

Худованд имон дорад, пас ҳаром донистани шароб аз ҷиҳати имондорӣ аст, ки имон ҳамеша дар тӯли ҳаёт бо ӯ мебошад.

**Дуввум,** он дармонест, ки азму иродаро дар инсон ба вуҷуд оварда, тақвият бахшидааст ва ҳеҷ гоҳ онро заифу нотавон накардааст. Миёни ин ду фарқи калон аст.

**Севум,** дармони мазкур илоҷест, ки бар санҷишҳои амалӣ ва бар асоси тай намудани марҳалаҳо такя намудааст. Пас аз як марҳила ба марҳилаи дигар гузаштан ин маънои комёбиро дар марҳилаи гузашта ифода менамояд, то инки ба қуллаи он расида, комилан онро аз рӯи имондорӣ тарк менамояд. Сипас алоқамандсозии он ба вақтҳо дар давоми рӯзу шаб, дармоншавандаро чунон мегардонад, ки комёбиро дар давоми рӯзу шаб воқеан ба даст меорад. Инчунин боварию пирӯзӣ бар заъфу нотавониро ҳосил менамояд, ҳар вақте омили вақтро риоя намояд. Ва ин беҳтарин омили водоркунанда ба идомадиҳӣ ва устуворӣ дар роҳи мазкур мебошад. Ҳамчунин ӯ дар паймудани марҳилаҳои дармон ба манофеи нақдии феълӣ, чун саломатии ҷисмӣ, равонӣ, молӣ ва иҷтимоӣ ва низ фоидаҳои зиёди дигар, ки он ризои Аллоҳ таъоло ва комёбӣ дар охират мебошад, ноил мегардад.

**Чорум,** он дармонест, ки ду боли комёбиро ба ҳаракат даровардааст ва онҳо қалб ва ақл мебошанд.

**Панҷум,** он илоҷест ба макони чун масҷид ва ба вақти муайяне алоқаманд нагардидааст, балки он мутлақият ва побандиро дар худ ҷамъ намудааст. Аз ин рӯ, дармони мазкур аз ҷиҳати макону вақт мутлақ ва аз ҷиҳати адои намозҳо ҳатмӣ мебошад.

Ту фарзандатро бисёр вақт аз коре манъ мекунӣ, пас онро таҳаммул карда наметавонад ё аз ӯҳдаи амалӣ кардани он намебарояд, бо вуҷуди он ки амали мазкур зарарнок аст ва ӯ низ ба ин эътироф мекунад, вале ӯ дар он кори зишт чун майзада одат кардааст. Монанди бебокӣ намудан дар рондани мошин ва ғайраву ҳоказо. Аммо вақте ту ӯро ба дараҷаи имону боварии дуруст мерасонӣ, ки бо ақлу қалбаш қаноатманд гардад, пас ӯ ҷуз қабул кардан дигар чорае надорад.

Бо вуҷуди қабул кардан касоне, ки ояти ҳаром гардонидани май бар эшон нозил шуд, дар ҳоле ки онҳо сахт ба майнӯшӣ одат карда буданд, вале Паёмбар (с) корро бар пазиришу итоати танҳо қарор надод. Балки оқибату гуноҳи касе, ки онро менӯшад, баён намуд, то беҳтарин замонате бошад барои устувории тавбакунанда чун заъифу нотавон гашт ё аз назорати сарпарасти хеш раҳо ёфт.

Зарарҳои он ва оқибату фарҷоми бади касеро, ки онро менӯшад, баён намуда, мусалмононро аз он ниҳоят сахт барҳазар кард. Ба ин сурат ҳукми ақл ва ҳукми отифаи ростинро ба ҳам ҷамъ намуд.

## ***Расули акрам(с) дар бораи шароб чӣ фармуданд?***

Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шуда, ки гуфт: «***Расулуллоҳ (с) дар май даҳ чизро лаънат карданд: шарбаткунандаи он, фармоишгарашро, нӯшандаи он, бардорандаи он ва касе ба пеши ӯ бурда мешавад, резандаи он ва фурӯшандаашро ва хӯрандаи пулашро ва***

***харандаи он ва касеро, ки барои ӯ мехаранд***»[1].

Аз ин рӯ, Паёмбар (с), танҳо нӯшиданро манъ накард, балки ҳамаи роҳҳоеро, ки ба нӯшидан бурда мерасонанд, баст.

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят шуда, ки Расулуллоҳ (с) гуфтанд: «***Се гурӯҳеанд, ки Аллоҳ таъоло бар онҳо Ҷаннатро ҳаром гардонид: майзада, оққи волидайн ва дайюсро, ки дар аҳлу иёли худ палидиро иқрор мекунад***»[2].

Чӣ чизҳои бузургу боарзишро шахси майзада аз даст медиҳад, агар аз майнӯшӣ бознаистад..!

Ва аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтанд: «***Аз май иҷтиноб варзед, ки он калиди ҳар шарру бадист***»[3].

Сипас роҳи нӯшиданашро бастааст, гарчанде ба миқдори андаке бошад ва май ҳам номида нашавад, вақте ки маст кунад..!

Расули Худо (с) гуфтаанд: «***Ҳар масткунадае май аст ва ҳар масткунанда ҳаром аст ва касе майро дар дунё бинӯшад, пас бимирад дар ҳоле, ки ӯ майзадааст, дар охират онро наменӯшад***»[4].

Ва инчунин Ибни Аббос (р) гуфтааст: «*Паёмбар (с) аз нишастан бар хоне, ки бар он май нӯшида*

---

[1] Ривояти Тирмизӣ (1295), Соҳиби «ас-Силсила» гуфтааст, ки ҳасану саҳеҳ аст.

[2] Ривояти Аҳмад: (2-69), Шуъайби Арноут гуфтааст, ки саҳеҳ аст ва соҳиби «ас-Силсила» гуфта, ки ҳасан лиғайриҳи мебошад. Саҳеҳи Тарғибро назар кун (2366).

[3] Ривояти Ҳоким (7231) Заҳабӣ гуфта, ки саҳеҳ аст ва соҳиби «ас-Силсила» гуфта, ки ҳасан лиғайриҳи мебошад. Саҳеҳи Тарғибро назар кун (2368).

[4] Ривояти Муслим (2003).

*мешавад, манъ кардааст*»[1].

Баъди ин ҳама Ислом ҷазои касе, ки онро нӯшидааст, ба дурра задан дар назди мардум муқаррар гардонид.

Манзур аз дурра задан ба таври ҳалокатовар ё маҷрӯҳсозанда нест. Балки чунин рафтори дурушт дар иҷрои ҷазоҳои шаръӣ маҳкум карда шудааст.

**Барҳазар бош, эй профессор, аз ин ки бар ҳоли маст ва авотифи ӯ назар кунӣ ва ҷомеаро ба тамом фаромуш намоӣ!**

Барҳазар бош аз ин ки зиёнҳои бешумореро, ки мастҳо ба ҷомеа мерасонанд, нодида бигирӣ! Барои чӣ? Танҳои барои он ки овози мастонро дар интихобот ба даст оварӣ. Ва барҳазар бош, аз ин ки ба сер кардани майзада назар намоӣ ва аз тахрибкориҳояш нисбати худ ва ҷомеа сарфиназар кунӣ!

Бояд дар ёд дошта бошӣ, ки Ислом марҳилаҳои ҳаром гардонидани майро бо дурра задан шурӯъ накардааст. Балки дурра баъди интиҳои ҳамаи марҳилаҳои дармонӣ будааст..!

**Ва агар ту ба сирри нӯшидан расидӣ, дармеёбӣ, ки онро майнӯш барои таъмини саодат талаб намудааст, гарчанде барои чанд лаҳзае ҳам бошад, ки дар он инсон аз олами андӯҳу машғулиятҳо дур мешавад. Вагарна дар май ҳеҷ ҷозибияте нест, ки башар онро дӯст дошта бошад ё эҳсосоти башарӣ ба он унс бигирад? На таъми хуб, на бӯи гуворо, на осори саломатӣ ва на осори неки ахлоқӣ дорад.**

**Пас суоли мо ин аст:** Оё дар ҳақиқат май саодатро

---

[1] Ривояти Абудовуд (3774) ва соҳиби «ас-Силсила» онро саҳеҳ шуморидааст.

меорад? Оё он барои ҷомеаҳои шумо саодатро таъмин намудааст? Ва агар бихоҳӣ, ман суолро барои ту бо шакли дигар медиҳам: Оё метавонем ҷомеаҳои шуморо ба ҷомеаҳои саодатманд васф намоем, бо вуҷуди ин ки дар он суғуртаҳо, гаравҳо, рафоҳият, май ва зан ҳаст ё ин ки ҷомеаҳои мазкур саодатманд нестанд?

Хоҳиш мекунам, ки бо назар кардан ба нисбати худкӯшиҳо[1], танҳо як аломатро аз аломатҳои хӯшбахтӣ бигирӣ, ки он ҳам муҳаббату дӯстдории ҳаёт бошад, сипас муқоиса намоем:

## *СОЗМОНИ ТАНДУРУСТИИ ҶАҲОНӢ*

Ба ҳисоби миёна роҷеъ ба худкушӣ барои ҳар 10,000 нафар мувофиқи кишвар, сол ва ҷинс омӯзиш гузаронда шудааст.

Навтарин омор барои соли 2003

| № тасал-сул | Кишвар | Сол | Мардон | Занон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Албаниё | 03 | 4.7 | 3.3 |
| 2 | Аргентина | 03 | 14.1 | 3.5 |
| 3 | Австралиё | 03 | 17.1 | 4.7 |
| 4 | Белорусиё | 03 | 63.3 | 10.3 |
| 5 | Белгиё | 97 | 31.2 | 11.4 |
| 6 | Чин (Ҳонг-Конг) | 05 | 22.0 | 13.1 |
| 7 | Ҷумҳурии Сзеч | 05 | 25.5 | 5.6 |
| 8 | Донморк | 01 | 19.2 | 0.6 |

[1] www.who.int/menta-lhealth/prevention/suicideraters/en/print.html

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | Миср | 87 | 0.1 | 0.0 |
| 10 | Маҷористон | 05 | 42.3 | 11.2 |
| 11 | Олмон | 04 | 19.7 | 6.6 |
| 12 | Исландиё | 05 | 16.2 | 6.1 |
| 13 | Ҳиндустон | 98 | 12.2 | 9.1 |
| 14 | Қазоқистон | 05 | 45.0 | 8.1 |
| 15 | Қувайт | 02 | 2.5 | 1.4 |
| 16 | Латвия | 05 | 42.0 | 9.6 |
| 17 | Мексика | 05 | 7.0 | 1.4 |
| 18 | Лаҳистон | 05 | 27.5 | 4.6 |
| 19 | Руминия | 04 | 21.5 | 4.0 |
| 20 | Сербиё | 06 | 28.4 | 11.1 |
| 21 | Испаниё | 05 | 12.0 | 3.8 |
| 22 | Тайланд | 02 | 12.0 | 3.8 |
| 23 | Украина | 05 | 40.9 | 7.0 |
| 24 | Уругвай | 01 | 24.5 | 6.4 |
| 25 | Венесуелла | 02 | 8.4 | 1.8 |

Хоҳиш мекунам, ки касе аз назораткунандагони ҷадвал муқоиса намудани нисбати пасти худкушӣ дар умуми кишварҳои мусалмониро аз ёд набарорад. Ҳатто дар кишварҳои исломие, ки баъзе нисбатҳои худкушӣ ба қайд гирифта шудааст, он ҳам бисёр вақтҳо аз шаҳрвандони ғайри мусалмон сар мезанад, чунончи дар Қувайт мушоҳида шудааст.

Бинобар ин, агар шумо гӯед, ки саодату хӯшбахтӣ ба даромади моддӣ бастагӣ дорад, шумо метавонед давлатҳои Халиҷи арабро ки онҳо сердаромадтарин ба ҳисоб меравconfigured, ба кишварҳои аврупоӣ ва амрикоӣ муқоиса намуда, ба нисбати худкушиҳо назар кунед. Ва агар гӯед, ки аз ҷиҳати факру нодорист, дар ҳоле ки

фақир ғаму андӯҳе надорад, пас нисбати худкуширо дар Миср ё Урдун, ки онҳо аз кишварҳои фақир мебошанд ба Ҳинд ё Бразилия ба тариқи мисол муқоиса намоед.

Ҳеҷ сабабе надорад, чуз Ислом, ки бо ҳаёти мардум омехта шудааст ва барояшон ризоятмандиро дар ҳар чиз бахшидааст..

Бо вуҷуди ин ба ту мегӯям: Ҳамаи ин саодату хушбахтӣ дар кишварҳои исломӣ бо вуҷуди заъфи побандии мардум ба Ислом мебошад. Агар бо ин неъматҳое ки Худованд ба шумо бахшида, ба Ислом побанд мешудед, чӣ гуна хоҳад буд? Ман посухи ақлиро мехоҳам на посухи отифаву эҳсосотро.

Дар охир мегӯям, ки сабаби ба худкушӣ даст задан танҳо нӯшидани май нест, балки май назди шумо ҳамчун илоҷ ба кор гирифта мешавад. Пас дигар сабабҳо чӣ гуна хоҳанд буд. Бо вуҷуди ин, ҳар касе худкушӣ нанамудааст, саодатманд нест.

Бевосита назар кардан ба оморҳои андӯҳовар, албатта, бадбахтии ҳақиқиро дар пеши чашмонат ҷилвагар менамояд.

- 18.8 миллион амрикоиҳои наврас, аз изтироботи равонӣ, ки ба андӯҳу ғам алоқаманд аст, ранҷ мебаранд. Ва ин нисбат 9.5% -ро маҷмӯи сокинони наврас, ки онҳо 18-сола ва аз ин бештаранд, ташкил медиҳад.

- мувофиқи омӯзиши ҳукумати Австралия, ҳар шахсе дар ҳаёташ аз таҷрибаи андӯҳгинӣ дар зимни гирифтор шудани бевосита ё ранҷиши шахси наздик, ранҷ дидааст.

- кӯдакони пеш аз синни мактабӣ, ки гурӯҳи зуднашъунамоёбандаи ҷомеааст, дар гирифторшавӣ ба

андӯҳгинӣ, бештар аз миллион тифл мебошад, ки 4% аз ин гурӯҳро ташкил мекунанд.

Нисбати зиёди гирифторӣ ба андӯҳгинӣ дар миёни кӯдакон даҳшатовар мебошад, чунки он ба 24% дар як сол мерасад.

- 15% аз сокинон дар бештари кишварҳои пешрафта аз андӯҳгинии шадид ранҷ мебаранд.
- 30% аз занҳо бошанд ба андӯҳгинӣ гирифторанд.
- 80% аз гирифторшудагон ба андӯҳгинӣ ягон дармонеро намепазиранд.
- 15%- аз гирифторшудагони ба андӯҳгинӣ даст ба худкушӣ мезананд.
- зарарҳои молии солонаи андӯҳгинӣ ба 51 миллиард доллар мерасад ва натиҷаи он дар кор ва паст рафтани истеҳсолот намудор мегардад. Барои огоҳӣ бояд гуфт: Чунин нисбат қариб ки дар кишварҳои арабӣ ёфт намешавад[1].

## *Ҷазоҳо ва таносуби онҳо бо ҷиноят ва асри ҳозир*

**Профессор Синов:** Ҳар касе, ки ба ҷазоҳои исломӣ назар кунад, чунин дармеёбад, ки онҳо ҷазоҳои ниҳоят сахт мебошанд . На ба инсони бомаданият муносиб мебошанд ва на ба ин асри илму тараққиёт..!

Ба ягон ақл дар ин аср мумкин нест, ки ба салоҳияту коршоямии қонуне, ки пеш аз ҳазору

---

[1] http://www.upliftprogram.com/depression.stats.html
http://www.nimh.nih.gov/health/publications/the-numbers-comuntmental-disorders-in-america/index.shtml#majordepressive
http://www.guardian.com.uk/society/2003/dec/01/mentalhealth.medicineandhealth

панҷсад сол гузошта шудааст, қаноат намояд..!

Агар аз салоҳияти ташриъу қонунгузории исломӣ сухан бигӯем, дигарон мегӯянд: Чаро қонунҳои тамадунҳое, ки сазои тамсил *(гӯшу бинӣ буридан)*-ро ба ҷасадҳои одамоне ки ба низомҳои оммавӣ ё низомҳои хоси мулкдорӣ халал мерасонданд, муқаррар мегардонид, дурусту коршоям намебошанд..?

Эй Абӯҳомид, ту ҳақ дорӣ бигӯӣ, ки уқубатҳои мазкур муносиби муҳитҳои хоси саҳроӣ буд. Вале ин ки онҳо барои асри мутамаддини ҳозир муносиб аст, инро ягон оқил қабул намекунад. Ту худат кӯшиш кардӣ, ки моро чандин маротиба қонеъ бисозӣ, ки дини шумо пешрафтро қабул мекунад ва ба пешрафти илмӣ вусъат мебахшад, лекин мо имрӯз ба ин уқубату ҷазоҳо бармехӯрем..!

Эй Абуҳомид, оё намебинӣ, ки тараққиву пешрафт зиёд шуда, рӯз аз рӯз рушд менамояд, дар ҳоле ҷазоҳои ёдшуда ба ҳоли худ устувор боқӣ мондаанд... оё ин бо он бархӯрд намекунад..?!

**Абӯҳомид:** Ман медонам, ки ин ишколе, ки зикр намудӣ, як монеаи бузурге дар зеҳни аврупоӣ барои қабул кардани Ислом эҷод мекунад ва барои дигарон ягон нисбати эҳтимолеро боқӣ намегузорад, ки Ислом дини дуруст аст ё ин ки он дархӯри ҳаёти асри ҳозир бошад..!

Зеро марзи Ислом масҷид ё ибодатгоҳ ва ибодат кардан аст ва аз ин маҳдуда як ваҷаб ҳам дуртар рафтан салоҳият надорад..!

Ман инро хуб дарк мекунам, вале дӯст медорам, ки ҳамаи мо ба ончи мегӯям, андеша намоем, дар ҳоле ки аз ҳама қайду бандҳои зеҳнӣ озод бошем..! Оре, ман ҳастам, ки аз шумо талаб менамоям ки аз ин бандҳо

раҳои ёбед ва бе ин озод шудану раҳои ёфтан мо ҳаргиз ба ҳақиқат намерасем.

Аз ин рӯ, ҳақиқат онҷост, дар ҳавои офтобӣ ва фазои кушод ва имкон надорад, ки ту ба он бирасӣ, магар баъди шикастани бандҳо ва баркандани панҷараҳо ..!

Ман барои чӣ инро мегӯям..?

Зеро ки ишколоти мазкур ҳамеша такрор карда мешаванд.. агар мо онро инҷо ҳал намоем, ҳама чиз тамом мешавад, вагарна ақлҳои мо дар ҷойҳои худ боқӣ монда, як қадам ҳам ба пеш намеравад.

**Ман аз шумо хоҳиш мекунам,** хуб андеша намоед, оё ончи зикр кардед, аз мусалламоти ақлианд, ки доду гирифтро қабул намекунанд..?!

Оё созгории ҳар чизе, ки қадиму кӯҳна бошад, воқеан радшудааст..?!

Оё ҳар чизе, ки қадим аст, барои ҳаёти муосир созгор нест..?!

Оё ончи ки дар асре салоҳият дошта бошад, бояд дар асрҳои баъдӣ бо далели кӯҳна шудан, аз беху бун барканда шавад?

Ё ин ки собит шудани салоҳияту созгории он далели ҳақ буданаш аст..!

Оё ончи ки салоҳияту он дар чанд асре исбот шудааст, бо нокомиву мухолифаташ ба ақл баробар шуда метавонад..?!

Бигзоред, ба қазияи қадимият баргашта бипурсем: Агар шумо мегӯед, ки ҳар чизи қадим мутлақо радшудааст, пас бояд шумо ин замин, осмон ва ҳаворо тарк намоед ва ба дунёи дигаре бароед, ки худатон онро меофаред..!

Оё медонед барои чӣ..?!

Зеро низоме, ки ашёи мазкур ва маҷмӯаҳои кавниро идора мекунад, низоми ниҳоят қадиму кӯҳна мебошад!

Оё низомҳои ҷозиббият, низомҳои ҳаво, об, зироат, нур ва торикӣ, чархзании ситорагон ва ғайри инҳо… оё инҳо комёбанд, зебоянд ва устуворанд, ё ин ки онҳо корношоямtotанд, ки иваз намуданашон воҷиб аст, зеро ки онҳо қадиму кӯҳна мебошанд?

Ҳатто низомҳои иҷтимоӣ дар эҷоди оила ва низоми сабти насабҳо ва низоми модарӣ, падарӣ ва ғайра низомҳое мебошанд, ки лозим аст тағйир дода шаванд…?

**Ҷавоб**: Ҳаргиз не…Зеро ки онҳо низомҳои комёб мебошанд ва ҳар қадаре асрҳо бигзаранд, қаноатмандӣ ба комёбии онҳо ва тағйирнопазириашон бештар мегардад. Зеро онҳоро ивазкунандае вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, онҳо ҳақиқате аз бузургтарин ҳақиқатҳо маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, ҳама ба ин назар иттифоқ мекунем, ки на ҳар чизи қадим бад ва корношоям аст, ки тағйир доданаш воҷиб бошад. Баъзе чизи қадим бад аст, ки тағйир доданаш воҷиб бошад ва баъзе дигар оддист, ки имконияти тиғйир додани он ҷой дорад ва низ чизҳои қадиме ҳастанд, ки тағйир додани он аз имкон берун мебошад.

Ва бар ҳамин қиёс мебошад, ки на ҳама нав хуб аст.

## *Тӯҳмати дурушт будани ҷазоҳо дар Ислом*

**Профессор Синов:** Аз ту хоҳиш мекунам, ки низомҳои кавнӣ ва низомҳои диниро бо ҳам омехта нанамоӣ, ки низомҳои мазкур аз ҳамдигар фарқ мекунанд..! Ва мо вақте инро бар низомҳои Ислом

мегӯем, ба таври умум мегӯем, ҳатто низомҳои масеҳият ва яҳудиятниз шомил мегардад.. Аз инрӯ, гумон макун, ки мо дар канор истодаем.

**Абӯҳомид:** Агар дар ончи ҳозир зикр кардам, андеша намоӣ, ҳаргиз ин эътирозро зикр намекардӣ. Пас, ту ба ин эътироз низомҳои кавну ҳастиро қабул намудаӣ ва низоми Исломро рад кардаӣ. Дар ҳоле ки ту бо ман ҳақиқати зайлро қабул дорем ва медонем Зоте, ки ин ё он низомҳоро ниҳодааст, якест ва Ӯ Аллолҳ таъолост.. Оё чунин нест..?!

Пас чӣ гуна аз он инҷо мегирем ва дар ҷои дигар раддаш мекунем..?!

Чӣ гуна низоми Ӯ барои ҳастӣ муҳкаму дақиқ мебошад ва ягон нисбати хато дар он нест, зеро ҳар хатое дар он маънии онро дорад, ки ҳаёту зиндагонӣ рӯ ба ҳалокату нестӣ меорад. Дар ҳоле ки эътиқод дорӣ низомеро, ки барои мардум мегузорад барои ҳаёту зиндагӣ салоҳият надорад..?

Чӣ гуна низоми ташриъияш *(қонунгузорияш)* барои ҳаёт дар беруни масҷид як ваҷабе ғунҷоиш надорад, дар ҳоле ки худат эътироф менамоӣ, ки низоми ҳастии беинтиҳо низомест ниҳоят боҳикмат..?!

Эй профессор, бояд масъаларо бештар мушаххас намоӣ ва бигӯӣ, ки барои ман исбот кун, ки ин низомро Аллоҳ таъоло ниҳодааст ва ман иктифо мекунам.. на ин ки инҷо чашм бипӯшӣ ва бар мавзӯи асосӣ бигзарӣ… ва бигӯӣ, ки ин қадим аст..!

Ман ҳам аз ту чунин талаб менамоям ва мегӯям: Барои ман исбот кун ин низоме, ки назди шумост, аз ҷониби Худованд аст, то ман ба он побанд бошам..!

Бешак, шахси оқил, эй профессор, салоҳияти ҳукмҳо ва қонунгузориҳоро ба замон ва маконе, ки дар

он содир шудаанд, намесанҷад.

Эй профессор, барои ягон ғарбие мумкин нест, ки салоҳияти қонунҳои исломӣ ва аҳкоми исломиро тасаввур намояд, модоме ки онро ба низомҳои асри миёнагие, ки подшоҳон ва роҳибҳо тавассути он ҳукм кардаанд, рабту нисбат медиҳад. Дар он замонҳо ба мардум яке аз ду талхиро чашонданд. Ба гунае ки низомҳои мазкур бо ҷурму ҷинояте, ки мардум содир мекард, мутлақо таносуб надошт. Балки аҳёнан танҳо барои хоҳишоти подшоҳони фосиду бадкор низомҳои мазкур сабаби аз байн бурдани ҷонҳои башар мегардид..!

Ман аз шумо хоҳиш мекунам ин суратро аз рӯйҳоятон ва рӯйҳои мо дур намоед. Зеро ки шумо талабгорони ҳақ ва ҳақиқатед. Пас, ба ташриъоти исломӣ ба айнакҳои асрҳои миёнагиатон назар нанамоед.

Агар шумо ин суратро аз байн бурдед, пас суоли аввал ин аст: Ташриъоти исломӣ ба кӣ нисбат дода мешаванд?!

Оё ба ягон ҳокиме ё подшоҳе ё кумитае ё ба асре аз асрҳо нисбат дода мешаванд..?!

Ҷавоб: Дар ҳақиқат қонунҳои исломӣ ба Худованд нисбат дода мешаванд.

Ва суол: Оё нисбат додани он ба Худованд дуруст аст..?!

Ҷавоб: Дар ҳақиқат, мо дар гузашта қонунҳои исломиро ба сарчашмаашон, ки Қуръони карим ва ҳадисҳои Паёмбар (с) ҳаст,нисбат медодем ва ҳозирини гиромӣ донистанд, ки онҳо дурустанд, монанди дуруст будани нисбати низоми ҳастӣ ба Худованд.

Агар ба ин мутақоид шуда бошем, ҳама мушкилот

ба интиҳо расидааст, вале шояд мулҳиду бедине эътироз намуда, мегӯяд: Оё Худованд ҳақ дорад, ки барои бандагонаш қонун ва шариъат бигузорад ё Ӯ ин ҳақро надорад..?!

Ва оё шариъати Худовандӣ барои бандагонаш аз хоҳишот ва нуқсонҳо пок аст, зеро ки Ӯ таъоло раҳим аст ва вазъи бандагонашро дар ҳар аср медонад...

Ё ин ки қонунгузории бандагон барои дигар бандагон ба кӯтоҳӣ ва нуқсонҳо муттаҳам мебошад..?

Агар мо инсоф намоем, эй профессор, чунин хоҳем дарёфт, ки қонунгузории башарӣ дар ҳоли ҳозир, як симои нави қонунгузориҳои асрҳои миёна мебошад, вале ба сурати муқобили он.

Муштаракоту умумиятҳои ҳар дуи онҳо майлу хоҳишоти нафсӣ аст, ки хоҳишоти подшоҳон, роҳибҳо ва золимон дар пушти ҳамон низомҳои золим қарор дошт. Ва дар ҳақиқат дар пушти қонунгузориҳои ҷадид хоҳишоти кумитаҳои башарӣ қарор доранд... Ва башар кадоме ки набошад, наметавонад аз хоҳишоти нафсонӣ раҳоӣ ёфта бошад.

**Профессор Синов:** Ту метавонӣ подшоҳон ва роҳибҳои пешинро ба хоҳишот муттаҳам намоӣ, вале наметавонӣ кумитаҳои қонуниро ба хоҳишоти нафсӣ муттаҳам созӣ, зеро амали мазкур қобили қабул нест..!

Зеро ҳар хатое ки бар яке аз кумитаҳои қонунӣ гузарад, онро дигаре дарк намуда, пешгирӣ мекунад.

Бинобар ин, кумитаҳои ёдшуда хело аз хоҳишот дуртар мебошанд.

Ҳатто агар барои ту гузашт намуда бигӯям, ки хоҳишот дар онҳо таъсир мерасонад, пас ин дар чорчӯбаи раҳму шафқати башарӣ сурат мегирад. Меҳрубонӣ дар сабук кардани ҷазо ва раҳму шафқат

нисбати айбдоршаванда ва аҳли он. Дар чунин раҳму меҳрубонӣ чӣ гуноҳе мавҷуд аст..?!

**Абӯҳомид:** Ман қасам ба Худо, аз эътирозҳои шумо тааҷҷуб мекунам, эй профессори бузург..!

Пас ин асре ки ҳамагӣ ба кашфиёти илмию технологии он ифтихор мекунем, оё танҳо ба иваз намудани корҳои анҷомдодаи наслҳои пешин арзи ҳастӣ кардааст..?!

Оё дастовардҳои башар дар ин аср ба ҳолати аввалаи худ боқӣ мондааст, ё ин ки онҳо дар ҳоли пешрафту бардавомӣ  мебошанду ин пешрафт то ниҳояти олам идома ҳоҳад кард?

Ба ин ҳама телефонҳои интиқолшаванда назар кун, чӣ қадар тағйирот ва  дигаргуниҳо ворид намуданд..?!

Ба телевизион назар кун, дар чанд сол чӣ пешрафте кардааст..!

Ба силоҳҳо бингар.

Дар ҳар чиз бангарӣ, ба зудӣ хоҳӣ дарёфт, ки бузургтарин далел бар ҳатмияти нуқсон ва нодонӣ барои башарият ин ҳамон пешрафтест, ки ту аз он сухан мегӯӣ... оё чунин нест..?!

Агар саноати башарӣ барои чизҳои моддӣ бошад, дар ҳоле ки онҳо олату асбобеанд, ки дар ғурфаҳои омӯзишӣ-санҷишӣ сохта мешаванду қобили эҳсосанд ва имконият дорад, ки дар ғӯрфаи омӯзишӣ-санҷишӣ чандин борҳо дигаргун карда шаванд ва такрор ба такрор ин тағйирот озмуда мешавад, ки ба он чандин мутахассисҳо назар мекунанд. То вақте ба сатҳе расиданд, ки дигар ягон имконияти зиёд ва дигаргун кардан боқӣ намонад, онгоҳ онро барои мардум мебароранд... Ҳамин тавр, чандин солҳо боқӣ мемонаду мардум аз он тааҷҷуб мекунанд, чунончи дар

мошинҳо, сипас нуқсону айбҳо намудор шудан мегиранд. Ва аҳёнан ба муҷарради инки ба истеъмол мебарояд, кашфшавии айбҳои он шурӯъ мегардад... Бинобарин, камолу беайбӣ дар куҷост..?!

Кӯшиши кумитаҳо ва ғурфаҳои омӯзишӣ-санҷишӣ куҷо шуд..?!

Ва баҳсу пажӯҳишҳо куҷо рафт..?!

Дар ҳоле ки инҳо корҳову кашфиётҳое мебошанд, ки бар чизҳои саноатии эҳсосу ламсшаванда тарҳрезӣ шудаанд... Яъне ҳар ончи ки кумитаҳо анҷом медиҳанд, ин аст, ки бигӯянд, ки таҷрибаҳои гузашта дар умури мардум чунин ва чунон мебошанд... ва он чӣ тавақуъаш дорем, чунину чунон аст. Аз ин рӯ, беҳтарин эҳтимолҳои комёбӣ ҳамин аст, ки қонунро ба ин тарҳ бигардонем. Пас онҳо худашон, ба беолоишии қонуни мазкур назари қотеъ надоранд. Ва воқеан, бинои он бар эҳтимолот аст. Бинобар ин, ту онҳоро мебинӣ чандин маротиба, такрор ба такрор дар он тағйирот ворид менамоянд...

Онҳо ба ин амр аз ҳама мардум дида донотар мебошанд, зеро онҳо худашон қонунҳои дигарро тағйир додаанд... ва қонунашонро бар асоси тағйироте, ки аз сарқонунҳои дигарон ҷорӣ намуданд, бино ниҳодаанд.

Оё ин далели басанда бар нуқсони қатъии қонунҳо ва низомҳои башар нест...?!

**Профессор Синов:** Ончи лутф кардед, равшан аст, лекин он ба хоҳишот алоқамандие надорад. Балки алоқамандии он ба ҳатмияти ҷаҳлу нодонӣ дар башар мебошад. Ягон нафаре аз мо нагуфтааст, ки башар ҳама чизро медонад... Балки гуфтори мо дар мавриди хоҳишоти башарӣ дар қонунҳост... Аз ин рӯ, ба ту

мегӯям: Хоҳишот аз башар дур мебошад, модоме ки қонунҳоро ба шакли кумитаҳо мегузоранд, ки баъзеи он дунболи баъзе дигар меояд..!

**Абӯҳомид:** Ман дар навбати аввал туро ташаккур мегӯям бар ин эътирофат, ки ҷаҳлу нодонӣ лозимаи башар мебошад. Ва худи ҳамин ба танҳоияш, дар барканорсозии башар аз масъалаи қонунгузории мутлақ барои дигарон кифоят мекунад. Зеро асосу пояи қонунгузории дуруст бар илми яқинӣ аст, ки таъсири он бар башар таъсири амалӣ, васеъ ва хатарнок мебошад. Аз он ҷумла, ҳаром будани молҳою мубоҳ гардонидани онҳо ва ҳаром гардонидани фарҷҳо *(андомҳои ниҳонӣ, шармгоҳҳо)* ва мубоҳгардонии онҳо. Балки ҳаром гардонидани нафсҳо, хунҳо ё мубоҳ гардонидани онҳо ҳам аз ҷумлаи онҳост... Бинобар ин, аз ин дида хатарноктар чизе ҳаст..?!

Эй профессор, агар ту қазияи хатарноке дар маҳкама дошта бошӣ, оё розӣ мешавӣ, ки бар зидди ту дар қазияат, қозии ҷоҳилу нодон ҳукм намояд..! Ҷавоб қатъан, «Не!» аст. Пас чӣ гуна розӣ мешавӣ ки барои тамоми корҳои қазоват касе ҳукм содир намояд, ки ояндаро намедонад..?

**Профессор Синов:** Пас набошад, роҳи ҳал чист..?!

Оё куллан бартараф намудани башарият аз қонунгузорӣ роҳи ҳал ба ҳисоб меравад? Бинобар ин, онҳо танҳо қонунро мепазиранд ва дар чизе аз он мушорикат намекунанд, ё чӣ кори дигар..?!

Агар кумитаҳо ояндаро нашиносанд ва масъалаҳое, ки барои онҳо қонунгузорӣ карда мешавад, масъалаҳои ниҳоят муҳимме бошанд... пас қонунгузориро ба кӣ вогузор намоем ва аз кӣ талаб намоем..?!

**Абӯҳомид:** Ман узр мехоҳам, профессор Синов, бо тақдими шукргузорӣ ба ту барои ин иқрору эътирофат. Хоҳиш мекунам, ки бар ман шитобзадагӣ макун, ки ман то ҳол ба талабат посух надодаам, ки он исбот намудани вуҷуди хоҳишот дар қарорҳои башар мебошад.. Ва мо як масале дорем, ки мегӯяд: «Равшан кардани як чизи равшан мушкилу душвор аст». Оё рӯз баъди тулӯъ кардан ба далеле бештар аз дамиданаш эҳтиёҷ дорад.

Далели мавҷудияти хоҳишоти нафсонӣ дар қавонини вазъкардаи башар ин ҳамон ихтилофи табиист миёни башар. Бинобар ин, оё хоҳишоти башар дар асрҳои гузашта чун хоҳишоти одамони имрӯз буд..?!

Ё ин ки хоҳишоти араб монанди хоҳишоти аврупоиҳост ва оё хоҳишоти аврупоиҳо чун хоҳишоти амрикоиҳост..?!

Ва оё бритониҳо монанди олмониҳо ҳастанд ё монанди фаронсавиҳо ё чиниҳо. Оё хоҳишоти хӯрдсолон монанди хоҳишоти калонсолон мебошад, балки хоҳишоти ту, эй профессори мӯҳтарам, ҳангоми хӯрдсолиат чун хоҳишоти даврони ҷавониат буд ё монанди хоҳишоти ту баъди нафақа бaромадан аст..?!

Оё хоҳишоти фақирон монанди хоҳишоти сарватмандон мебошад..?!

Эй профессор, тадқиқ намо ва ба зудӣ дармеёбӣ, ки қонунгузориҳои башарӣ баровардаҳои хоҳишоту рағбатҳои қавмҳояшон мебошанд. Ҳамчунин дарк хоҳӣ кард, ки онҳо аксуламали дидҳои муайяне ҳастанд, вагарна қонунҳои диктотурӣ чӣ гуна пайдо шуданд ва дар муқобили онҳо қонунҳои демократӣ чӣ гуна пайдо гаштанд...?!

Ғояҳои низоми сотсиалистӣ чӣ гуна пайдо шуд ва дар муқобили он ғояҳои сармоядорӣ чӣ гуна ба вуҷуд омад..?!

Чӣ гуна қонуни амрикоӣ майро ба муддати бештар аз даҳ сол ҳаром қарор дод ва касеро, ки онро менӯшид ё мефурӯхт, ҷинояткор медонист, ҳатто ки бо қонуни мазкур сесад нафар ба қатл расонида шуданд ва бештар аз панҷсад ҳазор нафар равонаи зиндон карда шуд ва ба арзиши садҳо миллион молу мулк мусодира гардид. Сипас аз қонуни худ баргаштанд ва онро иҷозат доданд..?!

Чаро ин ҳама рух дод, барои чӣ ин ҳама гуногунандешӣ дар қонунҳост.. дар ҳоле ки башар ҳамон башар аст ва замона ҳамон замона мебошад...

Агар вуҷуди нуқсони ҳамешагӣ ва хоҳишот дар башар намебуд, мо коҳишёбии қадру қимати соҳибони сарқонунҳои сотсиалистиро дар назди эҷодкунандагони сарқонунҳои сармоядорӣ мушоҳида намекардем ва баръакс камшавии манзилати эҷодкунандагони сарқонунҳои сармоядорӣ роҷеъ ба баъзе қавонин дар назди соҳибони сарқонунҳои сотсиалистӣ . Ва ин масъала миёни ҳама мутақобилан вуҷуд дорад..!

Эй профессор, оё касе имкон дорад, ки таъсирпазирии равонии инсонро аз муҳити атроф ё аз замону макон ва вокунишҳо инкор намояд,..?

Оё метавонад, ки аз тарсу тамаъ кардан раҳо ёбад... ё монанди ин аз дигар фарзияҳо..?

Агар натавонад, ки аз ин ҳама раҳоӣ ёбад, пас мо чӣ гуна низомеро вазъ менамоем, ки дар он хоҳишоту рағбатҳо набошанд..?!

**Профессор Синов:** Ман боз ба суоли пешинаам бармегардам: Роҳи ҳал чист?!

Ошкоро мегӯям, намехоҳам, ки бароям бигӯӣ, ки ҳал дар дин аст, ба хусус дини Ислом. Ман намехоҳам бароям чунин бигӯӣ, ки дини Исломро ҳукмфармо қарор диҳед, ба зудӣ натиҷаашро мебинед.

Агар дини Ислом салоҳият медошт, шумо эй кишварҳои арабӣ ба он ҳукм мекардед, пас чӣ гуна худатон онро тарк намуда, аз мо мехоҳед, ки тибқи ҳукми он амалу зиндагӣ намоем..!

**Абӯҳомид:** Модоме ки дар майдони баҳсу баррасӣ қарор дорем, хоҳиш мекунам, эй профессори бузург, ки тамоми эҳтимолотро бебокона мавриди баррасӣ қарор бидиҳӣ. Ва аз доираи инсоф берун аст, ки пеш аз исбот кардани матлаб натиҷаро пешкаш намуда, ба ман бигӯӣ, ки аз ту хоҳиш мекунам, ки ба ман магӯ, ки роҳи ҳал дар дини Ислом аст..!

Ман ба ту бо даҳони пур мегӯям: Барои чӣ не, балки он айнан дар дини Ислом аст. Ва дини Ислом чун дигар динҳо ба таҳрифу дигаргунсозӣ мубтало нашудааст. Ва набояд қонунҳои кишварҳои арабӣ ва исломиро бар дӯши Ислом бор намоем, зеро қонунҳои ёдшуда аз шумо нусхабардорӣ шуданд. Бинобар ин, матлаби мазкур барои мо далели қотеъ аст бар бесалоҳиятии қонунҳои шумо, чи дар муҳити худатон ва чи дар ҷомеаҳои мо.

Вале ҳақ дорӣ, ки бипурсӣ ва бароям бигӯӣ: Бароямон бо далелҳои ақлӣ исбот намо, ки дини Ислом бо танҳоияш роҳи ҳал шуда метавонад..!

Оё чунин нест? Бароям посух бидеҳ, эй профессор..?!

**Профессор Синов:** Оре, масъала чунин аст, бароям исбот кун, вагарна сухани ту даъвои бедалеле беш нест..!

**Абӯҳомид:** Ман гумон мекунам, ки баъди ин даври гуфтугӯҳо, дигар эҳтиёҷе намонда, ки баргардем, то дар масъалаи вуҷуди Худованди мутаъол баҳсу ҷадал намоем.

**Профессор Синов:** Оре, ин яке аз мусалламот аст, ҳатто пеш аз ин баҳсу гуфтугӯ.

**Абӯҳомид:** Ҳамин тавр гумон дорам дар мавриди ин ки Таврот, Инҷил ва Забур аз назди Худованди мутаъол аст, баҳсу гуфтугӯ кардаем, ки он кофӣ аст. Вале тафсилоте ки дар дастамон қарор дорад, шакку шубҳаи ниҳоят калонро ба вуҷуд меорад, чунончи қаблан гузашт. Ҳамчунин дар масъалаи ин, ки Исо (а) худост ё ин ки ӯ сеюми сегона аст, баҳси зиёд намуда ошкор сохтем, ки ин гуна ҳарфҳо аз эътиқодоти ширкиест, ки худи Исо (а) бар зидди он мубориза бурдааст... Хоҳ мо иттифоқи назар кардаем ё не, тасаввур мекунам, ки то ҳол ягон шубҳаи қобили қабул боқӣ намонда, ки ба шарику анбоз доштани Худованд ё каломи илоҳӣ набудани Қуръон ё паёмбар набудани Муҳаммад далолат кунад.

Гумон макун, ки масъала аз доираи масоили ақлӣ берун мебарояд, балки **инҷо бо ақл тамоман мувофиқат мекунад,** чунки роҳи ягонае, ки дар он сарқонуни бетарафро сад дар сад замонат медиҳад, ин аст ки набояд гузорандагони сарқонуни мазкур дорои хоҳишоти башарӣ набошанд. Ҳамчунин, роҳи ягонае, ки сарқонунро аз ҷаҳолату нодониҳо нигоҳ медораду тамоми ҷузъиётиояндаро ба инобат мегирад, маҳз тариқаи мазкур мебошад.

Аз ин рӯ, зарур аст ки гузорандаи сарқонун Парвардигори ҳамин ҷамоаи башар бошад, ки чизеро фаромӯш намекунад ва чизе аз илмаш берун нест ва ҷинсеро бар ҷинси дигар ва қавмеро бар қавми дигар бартар намедонад. Бояд бидонӣ, ки Таврот ва Инҷил агар сад дар сад саҳеҳ мебуданд, албатта, ҳама қонунҳои онро аз хоҳишоти нафсонӣ, ҷаҳлу нодонӣ ва нуқсони шаръӣ поку беолоиш дармеёфтӣ... Вале чун дар шакли осмониашон ҳифзу нигоҳбин нашуданд, мо наметавонем ба онҳо эътимод кунем, зеро асосу пояи қазоват дурӣ ҷустан аз чизҳои шубҳаовар мебошад... Пас чӣ гуна мумкин аст ки аз онҳо истифода кард, ҳоло онки дар тафсилоту матолибашон шакку шубҳаи зиёд ҷой дорад. Дигар ин ки онҳо барои мӯҳлату замони муайян ва мардуми махсус нозил шудаанд, аз ин ҷиҳат мегӯем: Дар пеши рӯи мо ҷуз Қуръон чизи дигаре боқӣ намондааст..!

Бо вуҷуди ин Қуръони карим барои китобҳои пешин, асли онро дар баъзе ҳукмҳои собит ҳифз кардааст, монанди ин фармудаи Худованди мутаъол:

وَكَتَبْنَا عَلَيْهِمْ فِيهَآ أَنَّ ٱلنَّفْسَ بِٱلنَّفْسِ وَٱلْعَيْنَ بِٱلْعَيْنِ وَٱلْأَنفَ بِٱلْأَنفِ وَٱلْأُذُنَ بِٱلْأُذُنِ وَٱلسِّنَّ بِٱلسِّنِّ وَٱلْجُرُوحَ قِصَاصٌ ۚ فَمَن تَصَدَّقَ بِهِۦ فَهُوَ كَفَّارَةٌ لَّهُۥ ۚ وَمَن لَّمْ يَحْكُم بِمَآ أَنزَلَ ٱللَّهُ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ﴿٤٥﴾

**«Ва дар он** (Таврот) **бар онҳо** (Банӣ Исроил) **муқаррар доштем, ки ҷон дар баробари ҷон ва чашм дар**

**баробари чашм ва бинӣ дар баробари бинӣ ва гӯш дар баробари гӯш ва дандон дар баробари дандон мебошад ва** (низ) **захмҳоро қасос аст. Пас ҳар кас аз он даргузарад, он каффораи** (гуноҳони) **ӯст ва ҳар кас ба аҳкоме ки Аллоҳ нозил кардааст, ҳукм накунад, ситамгор аст »** (*Сураи «Моида», ояти 45)*.

Аз ҳамин нукта, дӯст медорам барои ту таъкид намоям, ки қонуне, ки дар Қуръон аст, аз тамоми хоҳишот, ҷаҳлу нодонӣ ва айбу нуқсон пок аст, зеро он ягона қонунест, ки башар дар гузоштани он даст надорад (чунки гузорандаи он Аллоҳ таъолост). Ҳамчунин, дар он мансубият ва маҳдудият ба қавме ё нажоде ё урфу одате ва низ таассубгароӣ ҳаргиз дида намешавад. Ифтихору сарбаландӣ барои касест, ки онро пазируфта, тибқи он амал кардааст. Бинобар ин, агар имрӯз дар татбиқу амалӣ кардани он арабҳо ва мусалмонон хато карданд, ин нуқсону камбудии худи онҳост, на манҳаҷу таълимоти Қуръони азим. Ва набояд худатонро ба гумони ин ки он махсуси арабҳост, аз роҳнамоиҳои инсонсози он маҳрум созед. Дар ҳақиқат Қуръони азим марзи ҷуғрофӣ ва марзи забонӣ надорад, зеро ҳидоятгари тамоми башарияти олам ба ҳисоб меравад. Шумо агар пешрафти технолоҷӣ ва манҳаҷи исломи амалиро дар худатон ҷамъ намоед, бешак, аз тамоми умматҳо ва халқиятҳо пештоз хоҳед гашт.

**Профессор Синов:** Оё маъқул аст, ки моддаҳои карахтшудаи қонунеро бигирему дар ҷойҳои мухталифе, ки худат эътироф намудӣ, ки онҳо аз ҳоле ба ҳоле тағйир меёбанд ва аз кишваре то кишваре ва аз як замон то замоне ва аз як марҳилаи умрӣ то марҳилаи умрии дигар татбиқ намоем.

**Абӯҳомид:** Ман туро дар ин эътироз маъзур медорам, вале ин далелест бар надоштани нерӯи кофӣ, то аз монеаи бузурге ки дар зеҳнат аст, гузарӣ.. Монеае, ки асрҳои тӯлонӣ ва ҳодисаҳои зиёд онро дар зеҳнат ба вуҷуд овардааст... То ҷое, ки имрӯз кӯшиш мекунем то онро сӯрох намоем наметавонем. Кӯшиш мекунем онро ба тарафи рост ё чап андозем наметавонем ва ин посух ҳам аз зимни ҳамон кӯшишҳост... Лекин, эй профессори бузург, ман аз ту хоҳиш мекунам, то маро як қадам ёрӣ диҳӣ, ки тавассути он монеаи мазкурро бигзарем.

Эй профессор, агар моддаҳои қонун шахшудаву хушк бошанд, албатта, ман аввалин касе ҳастам, ки туро бар гузаштани онҳо ёрӣ медодам, то онҳоро пушти сар намоӣ... Ман чунончи мебинӣ, марди равшанфикру бофарҳангам, на марди тангназару печида миёни деворҳои сементӣ ё деворҳои зеҳнии шахшуда.

Бартарии қонунҳои исломӣ дар он аст, ки онҳо аз худи қонунҳои исломӣ дарвозаи қонунгузории иҷтиҳодиро барои мардум кушоданд ва дар сураи «Нисо», ояти рақами 83 Аллоҳ таъоло мегӯяд: «**Ва агар онро ба Паёмбар ва соҳибони амрашон бозмегардонданд**». Ин дарвозаи бузург ва муҳиммест, ки ҳама инҷимоду шахшудагиро дар ҳар аср мешиканад. Воқеан, дар нишасти севум атрофи мавзӯъи мазкур сӯҳбатҳо карда будем, ки иҷтиҳод дар Ислом дараҷаи ниҳоии истифодаи ақлро ифода менамояд. Яке дигар аз бартариҳои шариъати исломӣ ин аст, ки қоидаҳои возеҳу равшанро барои барпо кардани ҳаёти дуруст нишон медиҳад. Бароят мисоле меорам: агар оилаи калоне медоштӣ ки он аз чаҳор зан

иборат бошад... Асли ҳар як зан аз як гӯшаи олам бошад ва ту барои онҳо чор хонаи паҳлуи ҳам бисозӣ... ва ҳар зане писарон ва духтарон таваллуд намояд, пас ту барои оилаҳои ёдшуда низомҳои муносиберо гузоштӣ ва ҳар якро ба вазифаву масъулият ва ҳуқуқҳояшон шинос намудӣ, сипас барои итоаткунандагон мукофотҳо ва барои мухолифатварзандагон ҷазоҳоро муқаррар ва баён намудӣ... Инҷо мехоҳам суол бидиҳам: Оё ин мантиқ дуруст аст ё нодуруст..?!

**Профессор Синов:** Оре, ин масъулиятест, ки оила фақат бар пояи он барпо мешавад ва дар ғайри низоми мазкур оила пароканда ва фарзандону занҳо зоеъ мешаванд.

**Абӯҳомид:** Пас оё муносиб аст, ки падар низомҳои гуногуне вазъ намояд барои ҷазоҳо, ба ин маъно ки барои касе ки аз оилаи якум дуздӣ мекунад, ҷазои зиндонро муайян намояд ба муддати як моҳ, вале нисбати дузде ки аз фарзандони оилаи дуввум аст, ҷазояшро ба муддати як сол ҳабс намудан ва барои дуздӣ аз оилаи севум ҷазояшро ба муддати ду моҳ ҳабс намудан муқаррар кунад... Оё ин гуногуннизомӣ аз ҷиҳати ихтилофи оила қобили қабул мебошад..?!

**Профессор Синов:** Табиист, ки не, модоме ҷиноят як навъ аст, шарту ҷазои он бар ҳама яксон мебошад.

**Абӯҳомид:** Ин тавр бошад, боқии ҷазоҳо ва низ низоми мукофотҳо монанди он аст ва дигаргунии шахсиятҳою забонҳо ҳеҷ эътиборе надорад. Бинобар ин, бидон ки ман мисоли зеринро танҳо барои наздиксозии сурати қазия ба зеҳнат мегӯям... Аз ҳамин ҷиҳат, дар ҷойи *сарпарасти оилаи бузург* Аллоҳ таъолоро қарор бидеҳ ва барои Ӯст масали аъло, дар

ҷойи оилае ки дорои чаҳор самт, дар чаҳор хона аст: мардум, замини дорои чаҳор ҷиҳатро боончӣ дар он аст, қарор бидеҳ ва дар ҷойи (низоме) ки сарвари оила онро муқаррар намудааст, *қонунҳои исломиро* ба эътибори ин ки қонуни охири илоҳист, қарор бидеҳ.

Вале бовуҷуди ин бароят мегӯям: Инҷо бартариҳое дар қонунҳои исломӣ ҳаст, ки онро нарм ва мақбул мегардонад, ба гунае ки ҳар тағйироту дигаргуниҳоро фаро мегирад... ва бартариҳои дигаре ки қотеиятро дар ҷазо бо раҳмату меҳрубонӣ дар худ ҷамъ менамояд... бартариҳое, ки ҷазоро чун дармонбахши мухолифаткунанда,нигоҳдории ҷомеа аз мухолифату ҷиноят, балки пешгирии даст задан ба ҷиноят, пешбинӣ намудааст?

Бигузор бештар муайян намоям ва барои душвортарин мавзӯъ қавонини исломӣ, ки мавзӯи ҷазоҳо ба ҳисоб меравад, мисоле биорам.

Шариъати исломӣ пеш аз ин ки ҷазоро барпо намояд, сабабҳои ба ҷиноят даст заданро манъ кардааст... Бинобар ин, дарвозаи ҷиноятро дар дохили нафси инсон пеш аз ин ки онро дарвоқеъ амалӣ намояд, мебандад... Аз ҳамин ҷиҳат, агар ту дари фурӯшгоҳи худро бо ҳар ду табақи он боз намудию ба ҷое баромада рафтӣ ва баргаштӣ, дар ҳоле ки ҳеҷ посбоне надорад, оё касе онро ғорат намекунад..!

Оё чунин чизро метавонӣ тасаввур намоӣ..?!

Оре, ин ҳақиқат аст…! Зеро шариати исломӣ Зоти Худовандро назоратгари банда медонад, ки чизе аз илму огоҳии Ӯ берун нест.

Агар бихоҳӣ ба баъзе минтақаҳои исломӣ бирав, ки ҷазои дуздӣ дар онҷо амалан ҷорӣ карда мешавад ва самараи онро маҳз дар онҷо хоҳӣ ёфт..!

Ба Макка бирав ва дар онҷо дӯконҳоро бо ҳар ду табақи дарҳояшон кушода хоҳӣ ёфт, зеро мардум панҷ маротиба ҳар рӯз барои гузоридани намоз мебароянд…! Дӯконҳо ба муддати аз бист то сӣ дақиқа кушода мемонанд ва мардумони раҳгузарро дар кӯчаҳои пуриздиҳоми он мебинӣ. Бо вуҷуди ин шояд, ки ту ҳар рӯз як ҳолати туздиро пайдо натавонӣ кард, дар ҳоле ки ҳазорон дӯконҳо дар атрофи Масҷидулҳаром дар Макка фаъолият мекунанд..?!

Ҳатто агар дӯконҳо кушода бошанд, рағбати дӯздидан вуҷуд надорад, аз ҷиҳати ҷазои қотеона ва пеш аз ҷазо вуҷуди виҷдону имоне, ки Парвардигорашро назоратгари худ медонад ва бар Ӯ ягон чизе ниҳон намемонад.

**Мисоли дуввум:** Низоме, ки дар шумост, риоя накардани масоили ахлоқӣ ва беҳаёиро мухолифати қавонини иҷтимоӣ, ки мустаҳиққи ҷазо бошад, намедонад… Балки барои аъмоли мазкур ҷазову танбиҳе вуҷуд надорад, то вақте ки ба низоми умумӣ зараре нарасонда бошад ё ба амнияти давлат халале ворид накарда бошад. Кадом мухолифате набошад, модоме ки дар асоси розигӣ бошад, он ҷоиз аст ва тавассути қонун ҳимоя мешавад, агарчанде фоҳишакории мард бо мард ё мард бо зан ё зан бо зан ва дигар кирдорҳои зишт ҳам бошад, ҳеҷ ҷазое надорад..!

Агар инсон маст шавад, ҳатто ба дараҷаи мадҳӯшӣ, барояш ҳеҷ ҷазое пешбинӣ нашудааст, то вақте ки дар макони оммавӣ набошад ё дар роҳи оммавӣ мошин наронад, зеро ки вуҷуди ӯ бо ин ҳолат мардумро азияту озор медиҳад. Вале азият ва зарар расондан ба худаш ҳеҷ ҷазову танбиҳе надорад..?!

Дар ҳоле ки шариъати исломӣ дар ҳолати ахир ҳам ҷазо муқаррар намудааст, аз ҷиҳати ҳимоя намудани худи инсон аз инҳирофу качравӣ. Зеро амалҳои мазкур зотан мункарот ва корҳои зишт ба ҳисоб мераванд ва зарарҳои оммавии онҳо дар ҷомеа бар қабоҳату зиштии онҳо меафзояд.

### *Оё ҷазои исломӣ раҳмату шафқат аст?*

Бисёр тааҷҷубовар аст ҷазоҳое, ки корҳои фаҳш, мункарот ва мухолафатҳоеро, ки бо розигии тарафайн амалӣ шудаанд, бо ҳолатҳое ки мухолифатҳои мазкур аслан рух надодаанд, яксон медонад..!

Зиндагонии бо ақди никоҳро бо алоқаҳои ғайримашрӯъи дӯстона ки бо розигии тарафайн сурат гирифтааст, яксон мешуморад..?!

Оё низомҳои мазкур пуружаҳои барҳамдиҳӣ ва маҳви инсоният нестанд, ки қонун онҳоро ҳимоя менамояд..?!

Оё низомҳои мазкур ҳамон проектҳое нестанд, ки таҳти шиори озодӣ ахлоқиёти ҷомеаро аз байн мебаранд ва қонун онҳоро ҳимоя менамояд..?!

Оё аксари одамон дар марҳилаи навболиғӣ ё давраи гузариш ба сабукандешӣ ва ҳаваспарастӣ гирифтор мешаванду дар натиҷа ба мухолифаткориҳо даст мезананд… Бинобар ин, дар низомҳои ёдшуда барои онҳо ҳимояи қонуниро пайдо хоҳӣ кард… Ин маънои вайрон кардану аз байн бурдани бештари рукни ҷомеаро дар қавитарин марҳилаи зиндагии он дорад..?!

Чӣ тавр чунин набошад, ҳоло он ки барои шароб чи қадар эълонот ва даъватҳост… Ва барои ҷинсбозӣ

ва фаҳшо каналҳои бешуморест ва дигар чизҳо…?!

Вале низоми исломӣ зарарҳои шаробро бо беҳтарин ваҷҳ баён карда, ҷазои онро низ муаррифӣ менамояд. Ҳамчунин бо возеҳтарин қоидаву услуб дар назди Худованд азоби азим доштани онро низ баён менамояд ва дарвозаҳои онро мебандад. Аз ин рӯ, Ислом сохтани май, фурӯхтани он, бардоштани он, миёнаравӣ дар фурӯши он, рехтани он ва зироат намудан ангурро ба мақсади сохтани май, манъ мекунад … Ҳамчуноне ки кор карданро дар ҳар яке аз марҳилаҳои мазкур, ҳаром гардондааст.

Агар ин ҳама нафъе набахшид, бар зидди мухолифаткунанда ҷазоро боқотеият барпо менамояд… Бидуни интиқомгирӣ ё азҳадгузарӣ. Бо вуҷуди ин ки он ҷазои қотеона аст, вале мазмуну муҳтавои он раҳмату меҳрубонӣ ба ҷомеа ва афроди он маҳсуб мегардад.

## *Ҷазои дуздӣ дар Ислом*

**Профессор Синов:** Эй Абӯҳомид, аз ту хоҳиш мекунам, шояд мо бо ту дар нукоте радду бадал менамоем, ки онҳоро дар гузашта зикр намуда будед, аммо ин ки мегӯӣ, бартарии ҷазо дар шариати исломӣ раҳмату меҳрубонӣ аст, ин наметавонад қобили қабул ва мантиқӣ бошад, масалан раҳмат ва меҳрубонӣ дар ҷазои дуздӣ дар куҷост..?!

Оё шумо медонед, ҷанобон, ки ҷазои дуздӣ дар шариати исломӣ чист..?!

Он буридани даст аст аз банди даст ва андохтани дасти буридашуда! Раҳмати ин дар куҷост, ман шуморо ба Худованд қасам медиҳам..?!

Раҳмат дар куҷост дар бадшакл намудани марде ё

зане, ки чизеро ки тақрибан сӣ доллар ё бештар аз он арзиш дорад, дуздидааст. Балки ҳикмат дар куҷост, дар бекор намудани як қувваи истеҳсолӣ ё зиёд кардани сафи маъюбҳое, ки бар дӯши ҷомеа мегарданд. Чӣ қадар фарқи зиёд аст, эй Абӯҳомид, миёни ҷазои шумо ва ҷазои зиндоне, ки дар онҷо тарбият карда мешавад ва чун як узви коргар ба ҷомеа баргардонида мешавад!

**Абӯҳомид:** Ман намедонам, ки оё профессор ҳарфҳои худро хуб мефаҳмад ва оё ӯ ин муқоисаи худро бо санаду рақамҳо асоснок кардааст ё ин ки як даъвои ҳуҷумие аст, ки мо шунидани онро дар мавриди Ислом ва ҷазоҳои он аз ҷониби профессори донишгоҳ, ё аз ҷониби бозингар дар мусоҳибаи телевизионӣ ё аз тарафи актёр дар саҳнаи театр ва аз мударрис ва марди кӯча одат кардаем ва то ба ҳол дар мавриди онҳо, бахусус ҷазои дуздӣ баҳсу мунокишаҳоро низ мешунавем?

Эй профессори муҳтарам, аз ту суолҳоеро пурсиданиам, ту ё кадоме аз ҳозирин агар ҷавоби ягон суоле ба «оре» набошад, метавонад

дарҳол бар ман эътироз намуда, маро мӯҳлат ҳам надиҳад. Дар охир тавассути рақамҳо ба ҳақиқат хоҳем расид:

Эй профессори бузург Синов, бароят ҳақиқати бузургро зикр намудам , ки муқарраркунандаи ҷазоҳо Худованд аст, ки ягон тараферо бар тарафи дигар хотирбинӣ намекунад … Ва фардро бар зиёни ҷомеа ва ҷомеаро ба зиёни фард хотирбинӣ намекунад. Далели ин ҳамон далелҳои қатъии Қуръон аст, ки қаблан каломи Офаридгор будани онро бо далелҳо ба исбот расондем. Акнун бароят оятеро, ки Худованд

дар он ҳадди duздиро машрӯъ (қонунӣ) кардааст, баён хоҳам кард:

وَٱلسَّارِقُ وَٱلسَّارِقَةُ فَٱقۡطَعُوٓاْ أَيۡدِيَهُمَا جَزَآءَۢ بِمَا كَسَبَا نَكَٰلٗا مِّنَ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ عَزِيزٌ حَكِيمٞ ٣٨

«**Ва марди дузд ва зани дузд, бибурред дастҳои эшонро ҷазои онҷӣ ба амал овардаанд ибрате аз тарафи Худо. Ва Худо ғолибу доност**» *(Сураи «Моида», ояти 38)*.

Ман бароят оятро барои он зикр намекунам, ки ту ба Қуръон имон дорӣ… на..! Балки ончуноне ки қонунгузорон ва қонуншиносҳо санаду сарчашмаи каломашонро пешкаш менамоянд, бозгӯ менамоям.

Эй профессор, тааҷҷуб мекунам, чӣ гуна аз ҷазои зиндон барои дузд дифоъ менамоӣ..!

Ман тааҷҷуб мекунам, чӣ гуна дифоъ мекунӣ, дар ҳоле ки назди ту ченакҳоест,ки метавонӣ онро дар шабакаи анкабутӣ (Интернет) дар як лаҳза нишон бидиҳӣ..!

Эй профессори бузург, Синов, ман бароят мисоле меоварам, як шаҳри мусалмонеро, ки дар он ҷазои ҳадди duздӣ амалан иҷро карда намешавад. Оё медонӣ, ки адади дуздиҳо дар Миср соли 1891 ба нӯҳ ҳазору сесаду панҷову шаш расиданд ва пайваста дар зиёдашавӣ будааст, то ки дар соли 1939 ба шасту панҷ ҳазору панҷсаду ҳаштод расид ва ин маънои онро дорад, ки дуздиҳо дар чилуҳашт сол ҳафт баробар бештар шудааст..!

Бинобар ин,зиёдашавии дуздиҳо ба ҳафт маротиба дар ҳоле ки дар муқобили он, зиёдашавии адади

сокинон дар ин солҳо, як маротиба ҳам, наафзудааст[1]. Ҷазояш ҳам буридани даст не, балки зиндон кардан будааст..!

Пас чӣ гуна маро қонеъ месозӣ, ки зиндон ислоҳкунанда ё дармонкунандаост?

Дар гузориши хадамоти махсуси фидеролии Амрико (F.B.I) барои соли 2003 омадааст, ки шумораи ҷиноятҳое, ки ба мулкиятҳо тааллуқ доранд, ба 10.4 миллион ҷиноят расидааст, ки арзиши он ба 17 миллиард доллар мерасад.

8.6 миллиард доллари онро мошинҳои дуздидашуда ва 3.5 миллиард доллари онро ғоратгарӣ ташкил медиҳанд[2].

Агар зиндон роҳи ҳалли комёб ва таъсирбахш бошад, мебоист шумораи дуздиҳо кам шавад. Ҳамин тавр не ..?!

Оё зиёдашавӣ самараву натиҷаи кори низомҳои вазъӣ *(гузошташудаи башар),* нест..?!

Мо чораҳоеро, ки натиҷаҳои мусбӣ намеоранд, ғайри тадбирҳои ноком ,чӣ метавонем биномем ..?!

Чаро ба нокомӣ эътироф наменамоем, ҳол он ки санаду рақамҳои мазкур гувоҳӣ медиҳанд?!

Инҳо рақамҳое нестанд, ки мусалмонҳо онро гузошта бошанд..!

Сипас суоли дигар: Шумораи маҳбусҳои дузде, ки аз зиндон мебароянд ва бори дигар ба зиндон бармегарданд, чӣ қадаранд?!

**Эй профессор, ба адади маҳбусоне ки баъди баромадан аз зиндон боз ба сӯи он баргаштанд, нигоҳ**

---

[1] Ташриъи ҷиноӣ дар Ислом (1/739-740).
[2] http://crime.about.com/od/?once=true&.

**кун, ба зудӣ дарк хоҳӣ намуд, ки зиндон роҳи ислоҳ аст ё пастравӣ:**

«67% аз касоне, ки онҳо аз зиндон раҳоӣ ёфтанд, соли 1994 ба зиндон дар тӯли се сол баргаштанд».

30% баъди шаш моҳ бори дигар дастгир шуданд.

44% баъди як сол бори дигар боздошт шуданд,.

54% баъди ду сол бори дигар дастгир шуданд.

67% баъди се сол дигар бора боздошт шуданд»[1].

Оё мумкин аст, ки шахси боинсоф баъди ин ҳама бигӯяд, ки зиндон дуздонро тарбият ва ислоҳ менамояд..?!

Ин рақамҳо ба ҷинояткорони дастгиршуда тааллуқ доранд, вале ҷиноятҳои номаълум ҳадду канор надоранд.

Ҳамчуноне ки рақамҳои мазкур таърихи дастгир шудан ва миқдори онҳоро муайян мекунад ва шояд ҳақиқат чунин бошад, ки онҳо ҳамаашон баъди баромаданашон аз маҳбас бо роҳҳои наве, ки дар зиндон омӯхтаанд, дуздӣ кардаанд. Ва шояд ба таъхир афтодани дастгиркунии аксари онҳо аз ҷиҳати ҳамон роҳҳои нав бошад. Бинобар ин, миқдори баланди дастгиркунии ҷинояткорон, баъди се сол ба 67% расидааст.

Эй профессор, китобҳои таърих гувоҳӣ медиҳанд, ки сазои дуздӣ ки буридани даст аст, танҳо шаш маротиба иҷро шудааст ва ин ҳам дар зарфи чорсад сол бар рӯи замине, ки тақрибан тамоми кишварҳои арабӣ ва исломии имрӯзро бо садҳо миллион нафарашон дарбар мегирад..!

---

[1] http://usgovinfo/about/com/library/weekly/Your Guide to US, aa060702a.htm.
From Robert Longley Government Info. FREE Newsletters.

Оё мумкин аст тасаввур намоем, ки ҷомеаҳои мазкур дар чӣ амнияту оромие зиндагонӣ мекарданд..?!

Оё мумкин аст, ягон шахси боақле баъди ин ҳама бигӯяд, ки ҷазо додани дузд тибқи Ислом, сабаби маъюбӣ мешавад ва нерӯҳои истеҳсолиро бекор мегардонад..?!

Ман намедонам, чӣ гуна ҷазои дуздӣ дар истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад ва ҳабс кардан сабаби зиёдашивии истеҳсолот мегардад..?!

Магар вақте бигӯем, иртиботи амнияти молӣ бо истеҳсолот алоқаи инъикосӣ мебошад, ё ин ки иртибот миёни тарс ва истеҳсолот иртиботи тавофуқӣ ё ҳамаҷониба аст, яъне агар тарси молӣ дар ҷомеа зиёда гашт, истеҳсолот зиёда мегардад..!

Эй профессори бузург, Синов, оё чунин назар дорӣ, ки ҷинояти дуздӣ ҷинояти манфӣ аст, ба ин маъно ки таъсири он танҳо ба амали дуздӣ маҳдуд мебошад, ё ки таъсири он ба дигар ашё мерасад ..?! Оё одатан дуздӣ ба тамоми анвоъи куштор, тарсонидани одамон, помолсозии номусу шарафи хонаводаҳо ва нест намудани ҳар мавҷуде, ки сади роҳаш мешавад, бурда намерасонад..?

Эй профессор, як ҷинояткори касбӣ ва кордонро тасаввур намо, ки феълан ӯро инҷо дастгир намуданд ва нафареро, ки дар дуздӣ навтаҷриба аст аз он ҷо ва дигареро монанди онҳо дастгир намуданд, хулоса, маҷмӯъаҳоеро инҷо ва онҷо дастгир намуданд… ҳамаи онҳоро дар як зиндон гузоштанд, дар миёни онҳо дар шабҳои зиндон ва шиканҷгоҳи он чӣ гуфтугузорҳое мегузарад !

Кадом таҷрибаҳоеро аз ҳамдигар меомӯзанд?

Кадом нерӯи истеҳсолкунандаро баъди ин мунтазир мешавӣ? Ҳамон одамоне, ки аслан ҷинояткор буданд ва дар ҳақиқат ҷиноят содир намуданд, сипас дар зиндон таҷрибаҳои навро азхуд менамоянд..!

Дигар ин ки инсони зиндонӣ чӣ қадар хароҷот, чун таъом, об , даво ва ғайра аз ҷомеа мехоҳад..!

Ҳар қадар хатарнокии ҷинояташ зиёд шавад, машғулиятҳои ӯ дар зиндон зиёда мегарданд..!

Сипас чӣ боварӣ ва эътимоде баъди раҳо кардану дубора баргаштани ӯ  ба зиндон боқӣ мемонад, ки вай аз гузашта ваҳшитар, тундхӯтар ва палидтар нагардад…?!

Баъди ин ҳама мепурсем: Қурбоншуда кист? Он кассе, ки ҷазои шаръӣ гирифтааст ва ё ҷазо дидаи тавассути зиндон..?!

Оё он ҷомеае нест, ки аз хунаш ва истеҳсолоташ хароҷотеро барои тадбирҳои бенатиҷа ва ноком пардохт менамояд, ки барояш ҳеҷ фоидае намеорад …

Дар ҳақиқат он тадбири ноком нест, балки омодасозии ҷинояткор дар сатҳи баландтар ва ба дузди касбӣ табдил додани ӯст.

Бигузор ман акнун бароят он чизеро ҳамакнун гуфтам, бо забони санаду рақамҳо, исбот намоям.

((Нюйорк, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (CNN))

Бори аввал дар таърихи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбати «зиндониҳо» бештар аз як нафар дар ҳар 100 амрикоӣ мебошад. Ин тибқи гузориши мувассақ ва боэътимоде мебошад, ки  Амрикоро давлате меҳисобад, ки нисбати бештари «зиндониёнро» дар миқёси олам дар худ ҷамъ намудааст. Коре, ки сабаби кам кардани буҷаи «ислоҳ намудан» гардид,

тавассути костани шумораи зиндониёне ки дар гузашта ба тӯҳматҳои андаке дар пушти панҷара менишастанд.

Бо истифода аз баёноти панҷоҳсолаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки мегӯяд: (2319258) амрикоӣ дар ибтидои соли 2008 дар зиндон буданд, яъне як нафаре аз ҳар (99,1) нафари болиғ, ба таъбири дигар адади мазкур дар қиёси кадом кишваре ки набошад, бештар аз ҳама боқӣ хоҳад монд.

Гузорише, ки маркази «Биюу» дар Иёлоти Муттаҳида нашр намудааст, мегӯяд, ки панҷоҳ иёлат (штат) бештар аз (49) миллиард доллар барои «омӯзиши дубора» дар соли гузашта сарф кардааст, баъди оне, ки буҷаи мазкур пеш аз бист сол камтар аз ёздаҳ миллиард доллар буд.

Тибқи гузориши ёдшуда, адади зиндониён соли гузашта ҳадди ақал дар (36) вилоят, зиёда гардидааст, мувофиқи Асошейтед-Пресс.

Вилояти Кинтоки калонтарин афзуншавиро дар шумораҳои зиндониён ба қайд гирифтааст, зеро миқдори афзуншавӣ ба 12% расидааст, дар ҳоле ки ҳокими вилоят, Стеф Бешер гуфтааст: Адади ҷиноят дар вилоят танҳо дар зарфи сӣ соли ахир, 3% зиёда гаштааст.

Тибқи гузориши ёдшуда, хароҷоти миёнаи як зиндонӣ дар як сол 23876 доллар мебошад. Руд Ойланд, аз ҳама бештар барои як зиндонӣ хаҷкунанда ба шумор меравад, ки ба ҳисоби миёна ба 44860 доллар мерасад ва дар ҳоле ки Луизиана аз ҳама камтар сарфу харҷ дорад, ки ба ҳисоби миёна 13009 доллар расидааст.

Сарфу харҷи Калифорния, ки аз камбудии буҷа ба 16 миллиард доллар баробар мешавад, ранҷ мебарад,

барои«омӯзиши дубора» дар соли гузашта ба 8.8 миллиард доллар расидааст, дар ҳоле ки Тексас, ки адади андак бештаре аз зиндониёнро дорад, дар дараҷаи дуввум, бо сарф кардани 3.3 миллиард доллар меистад.

Ба ҳисоби миёна Иёлоти Муттаҳида тақрибан 6.8 дар сад аз буҷаи умумӣ барои «омӯзиши дубора» сарф мекунад. Ва дар Ориғун баландтарин миқёси хароҷотро ба қайд гирифта шудааст, ки ба 10.9 дар сад расидааст, дар ҳоле ки Абама нисбат ба он аз нигоҳи масраф 2.6 дар сад камтар будааст.

Мувофиқи омӯзиши мазкур чаҳор вилоят: Фирмонт ва Мичигон ва Арегон ва Конитекет, барои «омӯзиши дубора» акнун ба андозае сарфу харҷ мекунад, ки аз хароҷоти таълими донишгоҳҳои олӣ бештар аст.

Мувофиқи омори дохилӣ бошандагони зиндонҳои гуногун, ки дар оғози моҳи январ омода шудааст, чунин нишон медиҳад ки зиндониёни Иёлатҳо ва зиндонҳои федералӣ дар ҳудуди 1596127 нафар муайян карда мешаванд, илова бар 723131 бошандагони зиндонҳои маҳаллӣ. Ин танҳо аз шумораи умумии сокинони Иёлоти Муттаҳида, ки ба 230 миллион нафар мерасад,оморсанҷӣ шудааст.

Омӯзиши мазкур нишон медиҳад ки бошандагони зиндонҳои Амрико дар қиёси давлатҳои дигар бештар мебошанд. Масалан, аз Чин чандин боробар бештар аст, зеро ки дар он 1.5 миллион шахс зиндонӣ мебошад.

Ҳамчунин, омӯзиш равшан намудааст, ки Амрико дар нисбат ва андоза низ дигаронро гузаштааст,зеро шумораи зиндониёнаш аз байни 100 ҳазор ба 750 нафар мерасад, дар қиёси Русия, ки зиндониёнаш дар ҳар 100

ҳазор нафар 628 аст ва низ дар қиёси давлатҳои собиқ шӯравӣ, ки даҳгонаи аввалро ташкил мекунанд.ҷои баландро ишғол менамояд.

Аммо нисбати гурӯҳҳои синнусолӣ бошад, гузориш мегӯяд, ки аз ҳар 30 нафар бошандагони зиндон як нафар дар умри 20 то 34 сола дар пушти панҷара қарор дорад.

Инчунин фарқияти нажодӣ нисбати занҳо равшан ба назар мерасад, зеро агар дар ҳар 355 зани сафедпӯст бо синни 35 то 39 як нафарашон зиндонӣ бошад, ҳоло он ки дар ҳар 100 нафар зани сиёҳпӯст ки синнашон 35 то 39 аст, як нафарашон дар пушти панҷара қарор дорад[1].

**Профессор Синов:** Абӯҳомид, ту барои суол посух надодӣ, ту аз нокомиҳои ислоҳоти зиндониёне, ки аз ҷиҳати гуноҳи дуздӣ ҳабс шудаанд, ҳарф задӣ, вале оё нокомиҳои мазкур дурушткориро дар ҷазои исломӣ дуруст нишон дода метавонад? Оё ин барои буридани дасти шахси зинда барои дуздидан ҳуҷҷат шуда метавонад, дар ҳоле ки имкон дорад бо дигар ҷазо чораи онро биёбем..?!

**Абӯҳомид:** Барои ман ҳамин қадар басанда аст, ки эътироф намоӣ, ки дуздӣ ҷиноят аст… оё чунин нест..?!

Ва низ бароям ҳамин қадар кофӣ аст эътироф намоӣ, ки мавзеъи ҷинояти ёдшуда ҳамон узвест, ки дуздиро одатан анҷом медиҳад ва он «даст» аст…?

Ҳамчунин,бароям ҳамин эътирофат басанда аст, ки «дасти» дузд ҳаминест, ки аз маҳдудаи худ ба маҳдудаи моликияти «дасти дигарон» мебошад, таҷовуз намудааст.

---

[1] http://arabic.cnn.com/2008/entertainment/2/29/us.prisoners/index.html

**Эй профессор,** бароям фурсат бидеҳ, то масъаларо бо мисоле равшан намоям: Ту дасти зиёде дорӣ, ки хаста шудааст, истеҳсол намудааст ва молик шудааст ва дар зери моликияташ молҳое қарор доранд…Пас дасти хориҷие пинҳонӣ омад ва таҷовузкорона ҳудуди моликияташро гузашт, то өнчи дар зери моликияти дастони дигарон аст, ба даст оварад..!

Ҳама кӯшиш карданд, то ӯро битарсонанду баргардонанд, натарсид…

Исрор варзиду якравӣ намуд, то даст дароз намояд, дарвоқеъ ҳам даст дароз кард ва гирифт…!

Ту барои он чӣ ҷазои муносибе меандешӣ..?!

Тасаввур намоед, агар дарахте дар хонаи шумо бошад ва шохаҳои он ба хонаи ҳамсоят дароз шуданд ва ту барои пешгирии он дигар чорае пайдо накардӣ, ҷуз буридан, оё дур кардани азияти он аз ҳамсоягон бар ту воҷиб нест, агарчи бо тариқи буридан бошад..?!

Ҳамин тавр аст мисоли тамоми ҳаёт нисбати касе, ки аз ҳадду марзи он бештар мегузарад… ҳатто ҷузъҳои як инсон. Бинобар ин, агар як дандоне аз дандонҳоят аз ҳаддаш барояд ва рост карданаш имконпазир набошад, ҷуз решакан кардани он чорае надорӣ. Инчунин, агар ангушти зиёдатие баромад ва ту натавонистӣ азияту дарди онро сабук намоӣ, аз бех қатъ карданаш роҳи илоҷи он мебошад.

Инҷо дӯст дорам, то дар ҷазои шариъати исломӣ хуб тааммул намоӣ, сипас бо ончи виҷдон ва инсофат мегӯяд, ҳукм барорӣ, ҳатто агар ҳукми кардаи худро бароям ошкоро насозӣ, зеро ин барои ман муҳим нест, балки воқеияти дохили ту барои ман аҳамият дорад.

Эй устод, ҷазои буридан дар шариъати исломӣ барои тарбият ва ислоҳи дузд дар тӯли ҳаёташ

муқаррар гардидааст, бинобар ин, дигар ҳеҷ гоҳ ӯ андешаи дуздӣ кардан наменамояд ва ҳар вақте андешаи дуздӣ кардан ба сараш ҳам биёяд, ба дасти гунаҳкораш, ки бурида шудааст, менигарад, пас бозмеистад.

Дигар ин ки дузд одатан дар рафтани ҷузъе аз баданаш,бозгардонидани ашёи дуздидашуда ва оқибати кораш андеша мекунад пеш аз он ки ба амале иқдом намояд, аз ин рӯ касб намудани моли дигаронро бо рафтани ҷузъе аз баданаш ҳамроҳ бо баргардонидани молҳои дигарон муқоиса мекунад…

Ҳеҷ оқиле дар дунё вуҷуд надорад, ки аз байн рафтани баданаш ё ҷузъе аз баданашро бар дуздидани моле бартар бидонад, ки дар натиҷа бемол ва бедаст删бармегардад…!

**Дигар ин ки омили водоркунанда ба дуздӣ ин** сарватмандӣ аз ҳисоби моли мардум мебошад ва василаи пайдо намудани он одатан даст мебошад, бинобар ин, буридани даст аз боббн ҷазо аз ҷинси амал ва низ аз боби «*касе ба чизе, пеш аз вақташ, шитобзадагӣ кард, ба маҳрум мондани аз он ҷазо дода мешавад*», маҳсуб мегардад.

Шариъат туро аз сарватманд шудан манъ намекунад, балки аз душманӣ варзидан бо сарватмандшавӣ, манъ намудааст… Ва натиҷаи табиӣ барои касе, ки рағбату хоҳиши сарватманд шудан дорад, ин аст ки чашмашро аз дароз кардани даст ба моли дигарон боздошта, андешаҳои тоза ва ҳалол барои сарватманд шудан ихтиръ намояд, зеро роҳи дигар ниҳоят пурхатар ва зиёновар аст…!

Оё дар ҷазои мазкур, роҳҳои пешгирии ҷинояти дуздӣ пеш аз сар задании он дида намешавад?

**Инчунин, дузд одатан** дар сурати пинҳонӣ аз чашми мардум медуздад, аз бехабарии онҳо сӯистифода менамояд. Вақте аз зиндон барояд, ҳатман тариқаи ёдшударо истифода хоҳад бурд, вале бо инсонҳои дигаре, ки ӯро намешиносанд. Бинобар ин, буридани даст аломати кофӣ ва равшан мебошад, ки ӯро дар назди ҳама шиносу ношинос муаррифӣ ва ошкор менамояд.

Оё ин амр дар пешгирии ҷиноят ва ҳимояи ҷомеа аз гирифторшавӣ дар ҳилаҳои дуздон мусоидат намекунад?!

**Ҳамчуноне ки бо буридани дасти дузд** васвасаҳои нафсҳои заъиф дар ҷомеа бурида мешаванд, ҳар гоҳ дар ботинаш дуздӣ кардан ва нафсаш ӯро ба дуздӣ таҳрик диҳад, дасташро ҳазор маротиба ламс намуда эҳсос менамояд, пеш аз ин ки онро аз даст бидиҳад…!

Оё ин як василаи дармон ва ислоҳ намудани нафсҳои заъиф нест..?!

Дар охир, эй профессор, мардум яке аз ин ду нафар мебошанд: касе ки намехоҳад бидуздад, чунки ӯ аз дасташ наметарсад, ки бурида шавад ва касе бихоҳад, ки бидуздад, дар ҳақиқат бар асоси ҳуҷҷат ва пофишорӣ иқдом намудааст.

Аз ҳамин ҷиҳат, бигузор фарҷоми кирдорашро дар пеши мардум , фарзандон ва аҳлу аёлаш таҳаммул намояд.

Бинобар ин, буридани даст беҳтарин василa барои худашро ислоҳ намудани дузд баъди ҷинояти мазкур мебошад.

**Профессор Синов:** Ту бароям мегӯӣ, ки буридани даст барои дузд панду дарс мебошад..! Чӣ гуна дарси ислоҳшавӣ, дар ҳоле ки шумо ҳаёти ӯро вайрон

намуда, маъюбаш кардед..?! Ҳамчунин, шумо ӯро дар пеши мардум то вақти мурданаш намунаи барои дигарон қарор додаед..?! Чӣ гуна ӯ метавонад, ки манзараи нангинро аз худаш баъди ҷазои ёдшуда дур намояд..?!

**Абӯҳомид:** Кӯтоҳӣ дар қонунгузории башар онро аз ҳама ҷониб фаро гирифтааст, аз ҷумла дилсӯзона назар кардани қонунгузор ба ҷинояткор ва раҳм намудан ба дасташ як навъ кӯтоҳист, зеро ӯ бо амали мазкур нисбати занҳо, кӯдакон ва шахсони дар хона эминбуда, ки дузд ҳамагиро тарсондааст, шафқату меҳрубонӣ намекунад.

Ба дузди даҳшатовар шафқату дилсӯзӣ мекунад ва ба ҷомеае, ки таҳдидшудаву тарсон аст, шафқату меҳрубонӣ изҳор наменамояд. Оё ин тавозуни муносиб аст..?!

Бо нафароне дар баҳри миллионҳо меҳрубонӣ менамояд ва бо миллионҳои пок ва бегуноҳ меҳрубонӣ намекунад?

Агар ту дар киштии саёҳии калон бошӣ ва ҳамроҳи ту саги вафодорат бошад, ки аз ӯ ҷудо шуданро ҳаргиз таҳаммул надорӣ… локин баъди чанд рӯзи сафар, саги мазкур аз баҳр ва низ аз мардум дилтаг шуд, пас ба молу мулки одамон ва инчунин бар худи онҳо таҷовуз кардан гирад, саги гиранда шавад! Шумо ба ҳар роҳе хостед онро дармон намоед, вале натавонистед…Оё саги мазкур ба ҳоли худ раҳо карда мешавад, то мардумро аз байн бибарад ё худи саг аз байн бурда хоҳад шуд..?!

**Профессор Синов:** Балки саги мазкур аз байн бурда мешавад.

**Абӯҳомид:** Шариъати Ислом барои аз байн бурдани дузд ва қатл кардани он амр накардааст… Вале ӯ танҳо ба буридани дасташ амр намудаасту халос ва буридани даст аз ҳудуди банди даст сурат мегирад!

Оё шариъатро дидӣ, ки ба буридани тамоми узвҳои ӯ амр кардааст?

Ё ин ки ба буридани узви бегуноҳ амр намудааст…? Эй профессор, оре, ту як дастро буридӣ, вале ту дар муқобил дастони поки дигарро, ҷомеаро ва дороиҳоро ҳимоят намудӣ!

Истеҳсолотро ҳимоят намудӣ ва амният барпо шуд… ва истеҳсолот зиёд гашт, чунки амнияту тенҷӣ асоси истеҳсолот мебошад. Ман аз ту хоҳиш мекунам, дуздиро дар сатҳи гурӯҳҳои ҳирфавӣ ва рӯзафзун тасаввур намо ва тасаввур кун, ки чӣ гуна ин ҷазои қотиона нашъунамои рӯзафзунро бозмедорад.

Аз ин рӯ, чӣ тавр мегӯӣ, ки ту ӯро маъюб кардӣ ва ҳаёташро вайрон намуда, дар шиканҷаи доимӣ қарор додӣ?

Ман аз ту хоҳиш мекунам, ба фоизи маъюбони ҳодисаҳои нақлиёт бингар, сипас ҳукм намо…!

Метарсам, ки мегӯӣ: Ин ҷазо дар ҳаққи ӯ кам аст..!

Ба ёдоварии кӯдаки тарсону ларзон аз ҳодисаи ғорат бингар ки худро дар торикӣ бо дузде мувоҷеҳ мебинад, то бузург шудан..!

Ба тарсу даҳшате ки хӯрдсолонро фаро мегирад, бингар, вақте шаб дар торикӣ бармехезанд..!

Ба таъсироти узвӣ ва моддии дузд бингар, сипас ҳар чӣ мехоҳӣ ҳукм намо..!

Барои чӣ ин қадар меҳрубонӣ ва пӯшиш, меҳрубонӣ ва шафқат нисбати касе, ки ба ҷуз сангдилӣ, ҷиноят ва тамаъ дигар чизе дар ӯ намеафзояд..?

Аз ту хоҳиш мекунам, бароям посух бидеҳ: Вақте дар пойи инсон саратон паҳн гардад, набуридани он ба далели ин ки буридани пой бадном кардани соҳибаш аст, то охири ҳаёт, кори боҳикмат аст… ё ин ки ҳикмат дар наҷот додани тамоми бадан аст бо буридани узви саратоншуда пеш аз сироят намудани зарараш ба аъзои дигар..?!

Эй профессор, агар барои даромадан дар ботини дузд кӯшиш намоӣ ва ба гуфтори ботинаш баъди буридашавии дасташ гӯш фаро бидиҳӣ, эътирофашро барои сазовории ҷазои мазкур ва пушаймониҳои ӯро аз кирдораш ва гиряи ӯро барои рафтани дасташ хоҳӣ шунид. Воқеан, ҳар гоҳ ба каф ва ангуштонаш назар андозад, барои хатои кардааш гиря мекунад ва мегӯяд: Дар ҳақиқат, ту дар охир сазовори ин ҷазои одилона гардидӣ, зеро ки ту таҷовуз намудӣ, вале эй узвҳои дигар эҳтиёт кунед, то фарҷоми шумо монанди фарҷоми дасти қатъгардида набошад.

Албатта, ӯро мешунидӣ, Парвардигорашро хитоб намуда мегуфт: Чӣ пок аст Зоте, ки ҳукм намудаву адолат кардааст, чӣ гуна ин ҷазои муносибро муқаррар намудааст..?!

Ва, албатта, ту ӯро мешунидӣ, ки Худовандро ҳамду сипос намуда, мегуфт: Ҳамд Худовандеро, ки маро дар дунё ҷазо дод ва аз Ӯ масъалату хоҳиш менамоям, ки дар охират маро азоб надиҳад… Ва мегӯяд: Агар ин шармандагӣ ва хорӣ дар миёни мардуми андаке дар дунё бошад, пас роҷеъ ба шармандагии бузурги охират дар назди аввалину охирин, чӣ фикр дорӣ?

Ва низ мегӯяд: Бо Худованд аҳд мекунам, ки дигар ба чунин кор ҳаргиз барнамегардам…

Ҳамчунин аҳду паймон мекунад, ки сураташро дар назди мардум нек намояд то сурати сиёҳи аввалааш

аз зеҳнҳо зудуда шавад: Эй фарзандонам, ман хато кардам, пас шумо аз хатоям пайравӣ накунед ва шояд агар дасти ман бурида намешуд, кори ман шуморо фиреб медод ва шумо ҳам аз пушти ман мерафтед, дар ҳоле ки комёбиро дар дуздӣ қаҳрамонӣ мешуморидед.

Эй профессор, тасаввур кун ки дар ҳақиқат сирри қабулиислоҳи дуздӣ он аст, ки бандаи мӯъмин эътиқод дорад, ки Аллоҳ таъоло Офаридгори ӯст ва бадани ӯ биноест ки Парвардигораш онро сохтааст ва Ӯ ҳақ дорад дар сохтаи худ ҳар чӣ хоҳад ҳукм намояд. Дигар ин ки касе молики чизе бошад, ҳақ дорад, ки кадом вақте хоҳад онро вопас гирад, пас чӣ гуна мешавад ҳаргоҳ дар мулкаш баъди душманӣ ва зулм ҳукм намояд?! Ӯ дуздро ба қатл нарасонда ва ба ҳоли худ ҳам нагузоштааст, бешак ин ҷазои миёна ба ҳисоб меравад.

Вақте ки ҳадҳои шаръии ҷазоӣ барпо карда шуд, дар ҳақиқат ҷуз як ҳолати дуздӣ дар тӯли ҳаёти Паёмбар (с) дигар ҳолат рух надод ва он ҳам аз тарафи зане аз қабилаи машҳуртарин ва мақомдортарин қабилаҳои араб, қабилаи Махзум буд. Ба ҳадиси зерин гӯш бинеҳ: аз Оиша (р) ривоят шуда, ки Қурайшро қазияи зани махзумӣ ба ташвиш овард, ки ӯ дуздӣ намуда буд. Онҳо гуфтанд: Кӣ дар мавриди ӯ бо Расулуллоҳ (с) сухан мегӯяд. Сипас гуфтанд: Кӣ метавонад назли он ҳазрат ҷуръат намояд ҷуз Усома ибни Зайд, дӯстдори Расулуллоҳ (с). Бинобар ин, Усома сухан гуфт. Расулуллоҳ (с) фармуд: «***Эй Усома, оё дар ҳадде аз ҳудуди Худованд шафоъат мекунӣ?***». Сипас бархосту хутба хонд ва гуфт: «***Ҳамоно, касоне, ки***

***пеш аз шумо буданд ҳалок шуданд ба сабаби он ки ҳар гоҳ шахси бузурге дар миёнашон дуздӣ мекард, ӯро раҳо мекарданд*** (ҷазо намедоданд) ***ва агар заъифу нотавоне дуздӣ мекард, бар ӯ ҳадро барпо мекарданд, Қасам ба Худованд, агар Фотима духтари Муҳаммад дуздӣ кунад, албатта, дасти ӯро мебурам***»[1].

Аз ин рӯ, зани мазкур медонад, ки он ҷазои Худованд аст, на ҷазои башар ва баъди ин ӯро лозим аст, ки ба сӯи Худованд тавба намояд ва Ӯро хушнуд созад… Аз ин ҷиҳат дар пеши ӯ ҷуз роҳи ислоҳ намудани худаш дигар роҳе нест, то аз азоби Худованд дар охират наҷот ёбад… Ин ҷазои манъкунанда аст ва тадбири фарогири боҳикмат мебошад, ки ҳаёт ба василаи он дуруст мегардад. Худованд дар ин маврид мефармояд:

وَلَكُمْ فِي ٱلْقِصَاصِ حَيَوٰةٌ يَٰٓأُوْلِي ٱلْأَلْبَٰبِ لَعَلَّكُمْ تَتَّقُونَ ﴿١٧٩﴾

**«Ва барои шумо дар қасос ҳаёт аст, эй соҳибақлон, шояд шумо тақво пеша намоед»** *(Сураи «Бақара», ояти 179).*

**Профессор Синов:** Ҳақиқатан, барои ҳарфҳои гуфтаат эътирозе надорам, махсусан баъди ин посухи назарии муфассал… Лекин чизе, ки зикр намудӣ, амалан аз эътибор соқит мешавад. Чунки ин моро ба буридани дастҳои зиёде водор мекунад… Зеро ҳар касе дуздияш исбот гардад, дасташ бурида мешавад. Ҳатто агар чизи дуздидааш ба арзиши як евро ҳам бошад.

Мебинӣ ки дар ҷомеаи мо чӣ қадар дастҳо бурида мешаванд, дар ҳоле ки худат омори дуздиро дар ҷомеа баён кардӣ.

---

[1] Ривояти Бухорӣ (3288) ва Муслим (1688).

**Абӯҳомид:** Як қоидаро дар қонунгузории исломӣ ба назар гирифтан зарур аст: *«Ислом ягон ҷазоеро амалӣ накардааст, магар баъди бастани дарҳое, ки ба ҷиноятҳо бурда мерасонанд».*

Шариъати исломӣ ҷиноятро пеш аз рух додани он манъ намудааст. Бинобар ин, дарвозаҳои зиноро намекушояд, то барои он ҷазо диҳад. Ҳамчунин майро паҳн намекунад, то ҳадди майнӯшонро ҷорӣ намояд. На дарвозаҳои дуздиро боз мекунад, ки баъди он дасти дуздонро бибурад, на, балки тамоми дарвозаҳои мамнӯъотро мебандад. Сипас аз услуби тарғиби тоат ва бимдиҳӣ аз маъсият истифода менамояд. Баъди ҳамаи ин марҳилаҳо бо назардошти қоидаи муҳимми дуввум, ки мегӯяд: «*ҳудуд ба сабаби шубҳаҳо дур карда мешавад*», ҷазои шаръиро барпо менамояд.

Барои ту акнун мисоле меорам, аз рӯзгори пешини Ислом, ки пурқувваттарину ҷиддитарин дар татбиқи ҷазоҳо ба шумор мерафт. Он замони Умар ибни Хаттоб (р) мебошад. Марди дуввуми Паёмбар (с), ҳамчуноне ки қаблан зикри вай гузашт.

Зеро гуруснагие дар замони Умар ибни Хаттоб (р) рух дод, аз осмон муддати тӯлоние борон наборид. Зироат ҳам нарӯиду чорпоён талаф ёфтанд ва мардум бо хушксолӣ ва фақри қотил дар Мадина рӯ ба рӯ шуданд, то ҷое ки соли мазкурро «соли рамода (хушксолӣ)» номиданд… Аз ин рӯ, Умар (р) ҳадди дуздиро аз байн бардошт. Ва бо вуҷуди рух додани чандин ҳодисаи дуздӣ онро барпо накард. Ин ба шарте сурат мегирифт, ки шахси эҳтиёҷманд ба андозаи кифояткунанда (ҷиҳати бартараф сохтани гуруснагӣ) бигирад.

Ин равшантарин мисол барои ин аст, ки Ислом

ҳаддро татбиқ наменамояд, модоме ки дар он шубҳаҳо ё заруратҳои сахт вуҷуд дошта бошад.

**Ин нуктаи аввал.**

**Вале нуктаи дуввум:** На ҳар дуздие, ки рух медиҳад, анҷомдиҳандаи онро ҷазо дода мешавад. Магар ин ки миқдори моли дуздидашуда ба чаҳоряки динори тиллоӣ бирасад. Яъне аз бист евро бештар бошад. Ислом барои чӣ онро ба тилло алоқаманд намуд на ба дигар пулҳо, зеро ки тилло захираи ҳар пуле буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд.

**Севум:** Ҳад (ҷазо) бар тифли дузд барпо карда намешавад, бинобар ин,зарур аст, ки вақти дуздиаш ба балоғат расида ва оқил бошад.

Ҳамчунин аз ҷумлаи ҳамон шартҳост, ки дар ҳолати зарурати ниҳоӣ ба дуздӣ ё дар ҳолати муҳтоҷӣ, дуздӣ накунад, ҳамчуноне ки дар достони Умар ва соли рамода (хушксолӣ) гузашт. Оё ин шартҳо ҳамааш мантиқӣ нестанд, ки ба ақл мувофиқат намоянд?

## *Ҷазои муртадшавӣ*

**Профессор Синов:** Ман мехоҳам бори дигар ба дуруштӣ ва бераҳмии низоми ҷазоӣ дар Ислом, баргардам. Агар он чо, ки мо онро пеш аз ин шунидем, сухани ту дар мавриди дуздӣ бошад, пас дар мавриди ҷазои ридда *(аз дини Ислом баромадан)* чӣ мегӯӣ..?!

Бешак он қатл кардан аст! Тасаввур намоед, эй устодон, Абӯҳомид , ки барои мо ҳамеша мегӯяд, ки дини Ислом дини ақл аст ва ақлҳоро ба мубориза даъват мекунад, мегӯяд ягон чизеро, ки дар дин гумон мекунед ба ақл мухолифат мекунад, биёред ва ман онро барои шумо аз тариқи ақл исбот менамоям, ки он ба ақл мувофиқат мекунад…! Пас, эй Абӯҳомид, барои мо

ба воситаи ақл, дурустии ҷазои риддаро, исбот намо!

Шумо мегӯед, ки дар Ислом даромадани инсон бояд тавасути ақл бошад. Пас чӣ гуна вақте аз Ислом ба воситаи ақлаш берун шуд, мустаҳиқи ҷазои қатл мегардад?!

Оё шумо розӣ мешавед, ки мо бо шумо ба ҳамин тариқа муносибат намоем? Касе аз шумо дар дини мо даромад, ӯро вогузорем ва вақте хост, ки аз он барояд, ӯро ба қатл расонем…?!

**Абӯҳомид:** Ман бароят ташаккур мегӯям, чунин нуктаи ҳассосро зикр намудӣ, то онро хуб равшан намоем. Гумон мекунам, ки ин охирон чизест дар халтаи шумо аз нофаҳмиҳое ки нисбати дини Ислом доред. Ва агар мо ба он посух додем, дар пеши шумо ягон чизе боқӣ намемонад, ки ба он худро ҳимоят намоед ё ягон қалъае, ки ба он паноҳ бибаред. Аз ин ҷиҳат, ман ошкоро мегӯям, ки баъди он воҷиб аст, эй профессори бузург, ки муқаррар намоӣ. Оре, воҷиб аст тасмими ахирро, муайян намоӣ..!

Посухи нахустини ман ба ин эътироз аввалан ин аст: Ту худат эътироф намудӣ, ки Ислом касеро барои дохил шудан ба он маҷбур намекунад, балки онҳоро дар дохил шудан ва дохил нашудан мухайяр мегузорад…

Бар онҳо Исломро пешкаш мекунад, агар ба он аз рӯи ақл қаноат карданд, дохил мешаванд, вагарна маҷбурият вуҷуд надорад. Далели ин гуфтаҳо дар худи Қуръони карим омадааст:

لَآ إِكۡرَاهَ فِي ٱلدِّينِۖ قَد تَّبَيَّنَ ٱلرُّشۡدُ مِنَ ٱلۡغَيِّۚ ﴿٢٥٦﴾

**«Дар дин маҷбурӣ нест. Роҳи рост аз гумроҳӣ равшан гаштааст»** *(Сураи «Бақара», ояти 256).*

Эй профессор, оё ба кадом сабаб ояти мазкур нозил шудааст, медонӣ? Монанди ин озодии интихобкуниро дар ҳеҷ куҷо пайдо нахоҳӣ кард. Баъзе аз занҳои аҳли Мадина пеш аз Ислом таваллуд намекарданд, аз ин рӯ, зан назр мекард, ки агар фарзанде таваллуд кард, онро яҳудӣ мекунад ва дар воқеъ баъзе онҳо таваллуд карданд. Сипас аҳли Мадина ба Ислом дохил шуданд ва як деҳаи аз деҳаҳои яҳуд хиёнат кард. Онҳоро Паёмбар (с) аз Мадина ронд. Мусалмонони аҳли Мадина қабул накарданд, ки фарзандонашонро дар баромадан бо яҳудон вогузоранд. Бинобар ин, Худованд онҳоро аз гирифтани фарзандонашон, то онҳоро ба Ислом маҷбур намоянд, манъ кард. Аллоҳ таъоло фармуд: «**Дар дин маҷбурӣ нест. Роҳи рост аз гумроҳӣ равшан гаштааст. Пас касе ба тоғут** (шайтон ва бут ва ҳар чизе ғайри Худованд парастида шавад) **кофир шавад ва ба Аллоҳ имон оварад, ба дастовези мустаҳкаме чанг задааст, ки гусастан барои он нест ва Худованд шунаво ва доност**» *(Сураи «Бақара», ояти 256).*

Матни ҳадис, ҳамчуноне ки ибни Аббос (р) ривоят кардааст, мегӯяд зан миқлот мешуд, яъне фарзандонаш зинда намемонанд, пас бар худ аҳд мекард , ки агар фарзандаш зинда ояд, онро яҳудӣ намояд. Чун Банӣ Назир (аз диёрашон) берун карда шуданд, дар миёни онҳо аз фарзандони ансориҳо низ буданд. Бинобар ин, гуфтанд: Мо фарзандонамонро намегузорем (яъне намегузорем, ки бо яҳудиён бираванд ё ронда шаванд ва онҳоро маҷбур карда ба дини Ислом медарорем, то аз берун кардан раҳо ёбанд), Аллоҳ таъоло бар онҳо оятҳои зайлро нозил кард: «**Дар дин маҷбурӣ нест, Роҳи**

**рост аз гумроҳӣ равшан гардидааст**»[1].

Эй профессор, шахсе, ки бар ӯ Ислом пешкаш карда шуд, медонад ки агар дӯст бидорад, ки динашро нигоҳ дошта зиндагӣ намояд, касе ӯро барои қабули Ислом маҷбур наменамояд. Вале агар дохил шудан ба Исломро ихтиёр намояд, дар ҳақиқат онро ба ақли худ ихтиёр намудааст ва бояд аз оғоз бидонад, ки ӯ ҳаргиз онро тағйир дода наметавонад. Ин аст шарти қаблӣ, аз ҳамин ҷиҳат, оё Ислом ҳақ дорад, ки ин шартро пеш аз дохил шудан ба он бигузорад..?!

Ва оё баъди ин шартҳо ва фурсатҳо эътирозкунанда ҳаққи эътирозро дорад, вақте ба яке аз шартҳо халал ворид намуд. Дар ҳоле ки ӯ вақти дохил шудан розӣ шуд, ин ба илму дониши худи ӯ ва шоистагии тасмими вай сурат гирифта буд..?!

Ридда (*аз дини Ислом баромадан*) шикастани аҳдҳои зиёде ба шумор меравад. Ва шона холӣ кардан аст аз вазифаҳои зиёде, чун вазифаҳои маънавӣ ва низ вазифаҳои моддӣ... Ҳамчуноне ки муртадщавӣ эълом доштани ҷанг аст бо давлати Ислом.

Аз инрӯ, вақте инсон ба дохил шудан дар Ислом розигӣ медиҳад ин маънои онро дорад, ки вай ба додани закоти молаш мувофақат намудааст, ки миқдори закот ба 2,5% аз молҳои солонааш баробар аст... Ҳамчунин бар адо намудани панҷ фариза,чун намоз, рӯза, закот ва ҳаҷ ва низ ба ақидаи тавҳиду талаботи он ва инчунин ба кумаку ёрии ҷомеаи мусалмонон ва ҷиҳод бахри дифоъ аз Ислом мувофиқати худро эълом доштааст...Бинобар ин ӯ бо муртад шуданаш ин ҳама аҳдҳоро шикаста, паймони

---

[1] Ривояти Абӯдовуд: (2682) ва соҳиби «ас-Силсила» онро саҳеҳ гуфтааст.

амонату вафодориро зери по гузоштааст. Инчунин, дигар аҳдҳои ахлоқиро низ шикастааст... Бинобар ин, инҷо як ё ду аҳд нест, балки як даста аҳдҳои бузургест, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаётро аз он ҷумла аҳди дифоъ намуданро ҳам дарбар мегирад. Қазия танҳо бо аҳдшиканӣ тамом намешавад, балки аз дин баргаштан ба манзалаи эълони ҷанг ба муқобили Ислом ва аҳли он ба ҳисоб меравад... Оё медонед барои чӣ...?!

Зеро ки ӯ метавонист муртадшавияшро эълон накарда, номусалмон боқӣ монад, вале ӯ ҷуз эълон намудани муртадшавӣ ҳеҷ чизи дигарро нахост.

Пас қазияи ӯ танҳо қаноат кардан набудааст, балки бешак, он эълон намудани душманӣ ва ҷанг кардан аст.

Вале шумо, эй профессор, ҳақ доред, барои касе ки аз динатон хориҷ мешавад дарвозаро бикушоед. Аз он ҷиҳат, ки ягон натиҷаи ногувор бар касоне, ки аз он хориҷ мешаванд, вуҷуд надорад. Зеро асосан дар дини шумо ягон масъулияте вуҷуд надорад, балки он озодии комил дар қабули масъулият ва шона холӣ кардан мебошад. Гӯё ки вуҷуд доштан ё надоштани он аз ҷиҳати ҳаёти фардӣ ё ҷомеа, баробар аст.

Агар ту ба тариқаи дигар дар бораи ҷазои муртадшавӣ андеша намоӣ, албатта, мегуфтӣ: ба ин ҳукм Ислом насрониро маҷбур нанамуда, то диншро тағйир диҳад, балки озодии мутлақаш додааст, то дар дини аввалааш боқӣ монад. Инчунин, барояш тамоми ҳуқуқҳоро, монанди мусалмонон, ҳатто агар Ислом ҳам наоварда бошад, ҳимоят намудааст. Агар дар динаш боқӣ мемонд, шояд масъулиятҳояш камтар мешуд.

Мусалмон, ҳамчуноне ки зикр шуд, аз амволаш ҳар сол 2,5% закот пардохт менамояд. Ва низ ба пардохт намудани дигар таклифҳо водор карда мешавад. Шояд инҳоро давлати мусалмонӣ аз мусалмонҳо талаб намояд, ки аз ин ҳам бештар пардохт менамояд. Инчунин масъулиятҳои ибодатии дигареро таҳаммул менамояд, ба монанди намоз ва ғайри он. Дар ҳоле ки ту дар динат боқӣ мондаӣ, бар гардани ту аз амалҳои мазкур ягон чиз воҷиб намебошад...

Магар ончи танҳо аз акди ҷизя пардохт менамояд,он ҳам маблағи ниҳоят кам мебошад. Сипас ин ки пардохти он танҳо бар гардани тавонмандони шумо мебошад. Вале касе ки нотавон бошад, бар вай воҷиб нест. Он фақат бар соҳибони вазифа ва соҳибкасбҳо муқаррар шудааст. Ва касе, ки оҷизу фақир гашта бошад аз давлати мусалмонӣ аз «Байтулмоли мусалмонон» барояш бахшиш (моҳона) дода мешавад... Аз ҳамин ҷиҳат, агар ин вазъи ҳуқуқиро дошта бошӣ, ҳол он ки ту дар ғайри Ислом бошӣ, сипас дини Исломро бар дини худат ба маҳзи ирода, хоҳишат ва камоли қувваи ақлоният қабул намудаӣ. Ва баъди ин ҳама дини Исломро тарк намуда ба сӯи динат ё ба дини дигаре баргаштӣ, оё инҷо суоле ба миён намеояд, ки чӣ шуда, ки ин бор ту динатро тағйир медиҳӣ... Шакке нест, ки ту дар яке аз ин ду мартаба хато намудаӣ ё бори аввал ё дар мартабаи дуввум... Бо назардошти шарте ки бар дӯши ту гузошта шудааст, бояд фақат ту натиҷаи тағйир доданро таҳаммул намоӣ!

Дар ҳақиқат ин гуфтаҳо моро ба як сухани ҷиддие водор мекунад, ки Ислом агар мехост, ки ӯро ба қатл бирасонад, албатта, ӯро дар ҳоле ки дар дини худаш

буд, ба қатл мерасонид. Ва агар фиреб кардани ӯро мехост, барояш озодии комилро дар дохил шудан ё дохил нашудан намедод, ё озодияш медод, сипас онро ба қатл мерасонд.

Агар бар ӯ фишоровариро мехост, пеш аз ин ки ба Ислом дохил шавад, бар вай фишор меовард, то ӯро чунон ночор созад ки дар даромадини ба Ислом ночор гардад..?!

Ин ҳама моро қатъиян ба ин гуфта водор месозад, ки Ислом ба ӯ, ҳангоме ки вақт ва озодии фарох дар дохил шудан ва дохил нашудан дода, адолат намудааст ва ҳангоме ки аз ӯ халал нарасонданро талаб намуд, талаби ҷиддӣ ба миён гузоштааст.

**Дуввум:** Агар яке аз давлатҳо, барои касоне, ки ба он дохил мешаванд, ё касоне ки шаҳрвандии онро талаб дошта бошанд, пеш аз даромадан кишвари мазкур шартҳои муайянеро бигузорад, пас шахсони мазкур ба шартҳои ёдшуда мувофиқат кунанду имзо гузоранд ва дохил шаванд. Сипас онҳо талаб намоянд, ки дар риштаи аскарии кишвари зикршуда дохил шаванд. Ҳокимон ҳам мувофиқи имзоҳояшон бар шартҳои муайян, мувофақат намоянд. Сипас талаб намоянд, ки дар корхонаи (лабараторияи) атомии ин кишвар кор кунанд. Ҳокимон ҳам ба таъйин намудани ӯ дар муқобили имзои кардааш бар шартҳои муайян мувофақат намоянд. Аз ҷумлаи шартҳои ёдшуда яке ин бошад, ки агар ба кадом кишвари дигаре рафта, дар худи ҳамон ихтисос, кор кунад, ба қатл расонида мешавад. Зеро ки ӯ сирҳои ин давлатро шояд ошкор намояд. Аз он ҷиҳат, ки ӯ меҳнатҳои дигаронро барбод додааст ва шояд коргаронро дар корхона ба тарк кардани он ташвиқ намудааст. Ин рафтори ӯ ба

манфиати ҳар фарде дар давлат зарар ворид мекунад. Ва танҳо ба манфиати фарде, ки даст кашидааст ё манфиати корхона ё қувваи аскарӣ зарар намерасонад... Тасаввур кун ки ин кишвари туст. Ва ин корхонаи кишвари туст. Оё ту ин шартгузориро бар касе, ки дар корхонаи атомии кишварат мехоҳад кор кунад, дастгирӣ наменамоӣ?. Сипас чӣ мегӯӣ, агар ҳукумати кишварат аз ин фард вафо намудан ба он шартҳои ёдшударо талаб накард ва дар татбиқ намудани он ҷиддият нишон надод. Оё ту онро ҳукумати хиёнаткор намешуморӣ? Ва оё он ҳақ дорад, ки баъди манфиати ҳар фарди кишвар ва давлатро дар хатар гузоштан, боқӣ монад? Ичунин давлатро барои азбайн рафтан ва зери истеъмор қарор гирифтан рӯ ба рӯ намуд...!

Оё давлат баъди ин ҳақ дорад, ӯро ё онҳоро аз баромадан манъ намояд, вақте бихоҳанд берун раванд?...

Оре ӯ як фард аст, лекин ӯ барои аз байн рафтани қувват, уммат ва дин, розигӣ додааст.

Эй профессор, инсон метавонад ширкат ё вазифа ё хона ё либосҳо ё давлаташро иваз намояд ва касе бар он эътироз намекунад, барои чӣ? Зеро ин корҳои зоҳир ва оддӣ мебошанд. Агар бихоҳӣ пӯсти онро тағйир диҳӣ, бигӯ тағйир додани пӯст кори табиист, ки барои он ҷазо дода намешавад. Ҳатто дар ҳайвонот низ. Мор пӯсташро иваз мекунад ва парранда пару болашро иваз мекунад ва дарахтон баргҳояшонро иваз мекунанд ва ба ҳамин қиёс.

Аммо тағйири эътиқод ин тағйири ботин, тағйири рӯҳ ва мағзи инсон ба ҳисоб меравад. Дар ҳақиқат, ин тағйири ҳақиқат аст! Бинобар ин, агар дарвоқеъ, амри

мазкур рӯх диҳад, албатта, ҳукми он қатл кардан мебошад, ҳатто дар ҳайвонот ҳам! Агар мор, фаразан, ба сангпушт тағйир ёфт ва дар лонаи аввалааш дохил шуд, албатта, морҳо ӯро мехӯранд ва бар ин қиёс аст паррандаҳо ва ғайри онҳо. Балки тағйир додани дин аз тағйир кардани шахсият дида душвортар аст. Зеро он тағйир додани Парвардигор аст! Пас оё тағйир додани Парвардигор чизи оддӣ аст..?!

**Севум:** Кӣ ба ту гуфта, ки ин мард ё ин инсон дар вақти аз Ислом баромадан ақлашро кор фармудааст? Ҳамчуноне ки онро дар вақти ба Ислом даромаданаш кор фармуда буд?

Ӯ ҳангоме ки даромадани ба Исломро хост, озодии комил дошт. Инчунин ба ӯ вақт дода шуд, ки барои ҳамаи корҳо басанда буд. Оё чунин нест..?!

Аз ҳамин ҷиҳат, вай ҳам оқил ва низ дорои қувваи комили ақлиаш буд. Пас чӣ шуда, ки баъди ин тағйир ёфт..?!!!

Ягон чиз тағйир наёфтааст, балки, бо даромадани дар Ислом чаҳраи ҳақиқии худро ошкор сохт. Зеро ки ӯ танҳо барои зарар расонидан ба Ислом ва ҷосусӣ намудан даромадааст.

Ва ӯ вақте Исломро ихтиёр намуд, онро худаш ихтиёр кард. Ва шояд аз аҳли хонавода, дӯстон ва ҳамкешонаш машварат хоста бошад… Аз ин рӯ, интихоби вай дар натиҷаи андешаи дастаҷамъӣ сурат гирифтааст, хоҳ бар ӯ эътироз карданд ё мувофақат намуданд. Лекин дар ниҳояти машварат он чиро ки мехост, ихтиёру интихоб кард.

Бинобар ин, вақте аз дини Ислом ба дини дигар баргашт, мақсадаш зарар расонидан будааст. Ва далели зарар расониданаш ин аст, ки ӯ муртад шуданро

эълон намуд, аз ҳамин ҷиҳат, баъди эълони ёдшуда кушта мешавад. Вале агар тағйир ёфтани қаноати ботинашро дар худ пинҳон намуд, ҳаргиз қатл карда намешавад. Ҳатто дар Ислом мунофиқ ҳам номида шавад. Зеро асоси кор дар ҷазо додани Ислом ба зоҳири инсон ва кирдори ӯ марбут аст, на ба ботини ӯ.

**Бо вуҷуди ин** воҷиб аст, як ҳақиқати муҳимро бидонӣ , ки пеш аз куштан, боз бар ӯ Ислом пешниҳод карда мешавад, мунокишаву гуфтугӯ сурат мегираду панд дода мешавад, то аз рӯи ақл қаноатманд шавад ва ягон ҳуҷҷати ақлӣ барояш боқӣ намонад. Сипас фурсат дода мешавад, то дар қазия андеша намояд… оре, то ба ин андоза! Пас оё барои ин муртад ягон ҳуҷҷате боқӣ мондааст?

**Профессор Синов:** Оё шумо розӣ мешавед мо бо касе ки динашро аз насроният ба Ислом тағйир дод, бо қатл кардан муносибат намоем, ҳамчуноне ки шумо бо касе ки динашро аз Ислом ба насроният тағйир медиҳад, муносибат мекунед?!

Оё шумо нестед, ки мегӯед, дини мо дини ақлу инсоф аст, пас дар ин масъала ақлу инсоф дар куҷост, эй Абӯҳомид?!

**Абӯҳомид:** Эй профессор, Ислом вақте шахси муртадшударо ба қатл мерасонад, бешак аз насроният ва яҳудият ҳам дифоъ мекунад, ҳамчуноне ки аз Ислом дифоъ менамояд. Оё инро тасаввур карда метавонӣ…?

Ин ба он маъно аст ки марди мазкур вақте мусалмон буд, ба ойини ҳаққе, ки Исо (а) оварда буд, низ имон оварда буд ва ба ойини ҳаққе, ки Мӯсо (а) оварда буд ва инчунин ба паёмбарони Банӣ Исроил ҳам имон дошт. Ҳамчуноне ки ӯ ба Муҳамммад имон оварда буд, ба Мӯсо ва Исо алайҳимус-салом якхел

имон ва боварӣ дошт. Вале вақте аз Ислом баргашт, ба ҳамаи рисолатҳои осмонӣ ва ба паёмбарон кофир шуд. **Пас оё ин динҳои осмонии саҳеҳ мустаҳиққу сазовори ҳимоят нестанд, то аз чунин нафарон ҳимоят карда шаванд..?**

Фарз кун, ки ӯ ба насроният баргашт. Пас оё дини шумо, ки ба он интиқол намуд, ба имон овардан ба тамоми рисолатҳо ва расулон амраш мекунад, ҳамчуноне ки ба имон овардани ба Исо (а) амраш менамояд…?! **Посухи қатъӣ ин аст: Не!** Ин якум.

**Дуввум,** шумо чунин шартгузорӣ накардаед, то ҷазои онро талаб намоед. Шумо бар шахси дохилшаванда шарт намегузоред, ки динашро тағйир надиҳад. Ва бар насронӣ шарт намегузоред, ки агар динашро тағйир дод, кушта хоҳад шуд… Пас мо, вақте шумо чунин шартгузорӣ накардаед, чӣ иртиботе ба қазия дорем..?!

Дигар ин ки шумо ба кадом ҳақ шарт мегузоред, дар ҳоле ки дини феълии шумо таҳрифшудаву ивазшуда бошад? Дар дохили он низ ихтилофи зиёд аст дар ҳар масъала… Масалан, назди мо касе як ҳарферо аз Қуръон тағйир дод, аз Ислом муртад мешавад, пас шумо чӣ мегӯед ҳол он ки ин Таврот ва Инҷил аксараш таҳрифшуда мебошад…? Ба сурате, ки Инҷил як чопаш ба чопи дигараш мутобиқу мувофиқ нест. Забонаш ба забони дигар мувофиқ нест. Ихтилофи онҳо дар худи сарчашмаҳо чунин аст, гузашта аз шохаҳои он… Аз ин рӯ ба кадом эътибор муртадшавӣ назди шумо ба ҳисоб гирифта мешавалу бо кадом ҳақ шумо ӯро ба қатл мерасонед..?!

Агар шумо ин дарвозаро бикушоед, албатта, насрониҳо баъзеашон баъзеи дигарро ба қатл

мерасонанд. Соҳибони ҳар чопи Инҷил, дигар чопкунандаҳои онро қатл мекунад. Зеро Инҷил аз як чоп то чопи дигар ва аз як тарҷума то тарҷумаи дигар фарқ мекунад ва ба ҳамин қиёс аст дигар мушкилоти он.

Дигар ин ки агар дини шумо барои фард ягон қаноати ақлироаслан муҳаё насозад, бинобар ин, ҳаргоҳ ӯ қаноати ақлияшро тағйир дод, чӣ гуна шумо ӯро ба қатл мерасонед..?!

Вақте ки дини шумо ба бузургтарин суолҳо ҷавоби дурусти қонеъкунанда намедиҳад ба монанди ғайб, он чи дар пушти олам аст, марг, қабр, охират ва расулон. Бинобар ин, вақте динашро тағйир диҳад, шумо ӯро бо кадом ҳақ ба қатл мерасонед,..?!

Эй профессор, ту ба ман ошкоро бигӯ: Оё ту ҳақ дорӣ як коргари корхонаи ноком ва коргари корхонаи атомии кишвар, ки он ба қуллаи комёбӣ расидааст, бо ҳам баробар намоӣ..?! Оё коргари корхонаи ноком, чун бинад, ки ҳуқуқи ӯ зоеъ шудааст ва корхона дигар тавони пардохти маош ва қарзҳояшро надорад, агар ӯ талаби аз кор рафтанро намояд, дар чунин сурат амали вай гуноҳ ё ҳуқуқшиканӣ ҳисобида хоҳад шуд ?

Оё ба нафари мазкур, вақте корхонаашро аз ҷиҳати пурра надодани маош иваз намуд ва корхона худаш сабаби амри мазкур шуда бошад, ҷазо дода мешавад..?! Ва оё ин нафарро бо коргари корхонаи атомӣ муқоиса карда мешавад? Дар сурате, ки ҳуқуқҳои шахси охир ҳимоят карда мешавад ва мукофотҳояш ҳам зиёд мебошанд ва корхона низ ӯҳдадории худро ба шакли беҳтар ба ҷо меорад, агар коргари зикршуда қасди бас намудани корро намуд, оё ин коргар бо коргари дар боло зикргардида дар муносибат баробар аст..?!

Оё корманди ахир ҳақ дорад, ки ба осонӣ амали

худро қатъ намояд, чуноне ки барои нафари аввалӣ ҳаққи ба осонӣ рафтан аз кор муяссар буд..?!

Ин шартгузорӣ дар дохилшавии Ислом ва ин ҷазо дар вақти баромадан аз он, агар бар чизе далолат намояд, албатта, ба бузургдоштани дини мазкур ва эҳтироми ақл, масъулиятшиносӣ ва интихоби инсон далолат мекунад. Шумо вақте даромадан ва баромаданро барои худатон иҷозат додед, ин ба беқадрии динатон ва беэҳтиромии ақл ва интихобу тасмимгирии шумо бармегардад..!

Дин дар назди шумо аз хӯрдтарин шарикат ва аз хурдтарин коргар ё хурдтарин хидматгори хона, хор ва ҳақиртар аст. Чунки хидматгоратонро дар хона ба сабаби тарк кардани кор, ҳарвақте бихоҳад ва чӣ гунае, ки хоҳад ва бе ҷавобгарӣ ва паёмадҳо раҳояш намекунед..!

Пас оё шумо мехоҳед, ки мо бо динамон, ҳамчуноне ки шумо бо динатон муносибат менамоед, муносибат кунем..?

Ва оё шумо мехоҳед, ки муносибати мо бо Парвардигорамон, аз муносибате, ки бо хидматгоронатон мекунед, камтар бошад?

Хидматгори ту, агар ҳама шароиташро омода созӣ ва тамоми ҳуқуқашро пурра додӣ, сипас ба ту хиёнат намуд ва аз хона баромада рафт, баъд ин корҳо дастгираш намудӣ, оё аз ӯ иҷрои шартномаи имзокардаашро, талаб наменамоӣ..?! Ин бархӯрд бо шахсест ки ӯ хидматгор аст, пас чӣ гуна бо Аллоҳи бузург, ки Ӯ Парвардигори мо ва шумост, муомила сурат хоҳад гирифт?

Агар пояи асосӣ дар ҳаёти шумо (модда) бошад, балки онро Парвардигори ҳақиқӣ ҳам қарор додаед,

пас касе бар модда ё ба низом таҷовуз мекунад, ҷазои ӯро то ба ҳадди ба қатл расонидан мерасонед. Монанди хиёнати аскарӣ ва ғайра. Пас, чӣ зарар дорад вақте мо бо Парвардигорамон бо ин сатҳ ва аз ин ҳам бештар муносибат намоем? Ва динамонро сутуни ҳаёту зиндагӣ қарор диҳем?!

Гуноҳи мо чист, ки агар шумо барои динатон ягон арзишро қоил набошед? Гуноҳи мо чист, агар шумо ба он побанд набошед ва фарзандонатонро ба побандии он амр накунед?!

Гуноҳи мо чист, ки вақте динатон дар назди шумо бештар аз як камолиёте аз камолиёти ҳаёт*(чизҳои сиюмдараҷаи зиндагӣ)* нақш надошта бошад. Пас оё касе барои тарки камолиёти зиндагӣ, ҷазо дода мешавад?

Гуноҳи мо чист, вақте шумо худатон воқеияти бофта будани динатонро ошкор намуда, бинобар ин онро тарк кардед ва ҳама чизи дигарро бар он муқаддам донистед?!

**Севум,** қазия ба асосу реша бармегардад, ки оё мумкин аст, миёни дини сегонапарастӣ (таслис) ва дини тавҳиду яктопарастӣ баробарӣ қоил шуд…? Оё имкон дорад куфр варзидан ба тамоми паёмбарон ва имон овардан ба ҷамиъи паёмбарон яксон бошад ..?!

Оё имон овардан ба китоби ҳақиқӣ, ки ҳарфе аз он таҳриф нашудааст, бо имоноварӣ ба китоби таҳрифгардидро баробар дониста мешавад..?!

Оё ҳақ ва ботилро бо ҳам баробар дониста мешавад..?!

**Чорум,** муқаррар намудани ҷазои қатл барои муртадшавӣ далолат бар он мекунад, ки шахси муртад ҳаргиз чораи ислоҳшавӣ ва шоистагии коре надорад.

Оё мумкин аст, барои касе ки бар дини худ собитқадам намонд, бар ягон арзиши дигаре устувор боқӣ бимонад? Ва ҳар гоҳ шахси муртад асоси тамоми арзишҳоро тағйир дод, оё мумкин аст барои касе ё кишваре вафо намояд, вақте ки нисбати Парвардигорашро хиёнат намуда бошад..?!

Аз ҳамин ҷиҳат, ҳар касе эътироз мекунад, бояд ки аз маънои риддат ва ҳақиқати он пурсиш намояд, қабл аз ин ки бар ҷазои он эътироз кунад.

**Панҷум,** Ислом вақте ҷазои мазкурро барои муртад муқаррар менамояд, бешак, шахси муртадро қабл аз дигарон риоя мекунад. Бисёр вақтҳо инсон қазияҳои бузургро ба ҳазлу шухӣ мегирад ё ҳаққи онҳоро дуруст адо намекунад… бинобар ин, ҳавасҳо бо ӯ бозӣ мекунанд ва ҳақ низ аз дидагонаш дур мегардад…

Мумкин аст андешааш ӯро вайрон намуда, дар дунё ва охират ба ҳалокати воқеъӣ бирасонад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҷазои қатл марзи ҷудокунанда миёни ҷиддият ва бозӣ ва миёни ҳақиқати бузург ва ҳавасҳову бебандуборӣ ба шумор меравад.

Бар асоси онҷи гузашт, дар пеши касе ки мехоҳад риддаташро эълон намояд, роҳе ҷуз ба ёдории ҷазо боқӣ намемонад, ки ин амр тамоми шӯхиву ҳазлро аз ӯ дур месозад. Чунки баъди аз даст додани рӯҳ барои инсон дигар чизе муҳимме боқӣ нмемонад, ки онро барбод диҳад. Аз инрӯ, муртадшавӣ хатарноктарин тасмим барои хатарноктарин масъала ҳисобида мешавад. Бинобар ин, ҷазояш хатарноктарин ҷазо мебошад.

**Шашум**, шояд шумо акнун тасаввур намоед, ки мусалмонҳо, мисли паррандаҳои дар қафас мебошанд. Ва онҳо аз Ислом баромаданро ҳар лаҳзае, ки аз ҷазо

эмин гарданд, орзу менамоянд, агар ҷазои муртадшавӣ намебуд!

Ин тасаввур комилан хатост.

Мусалмон вақте дар Исломи худ зиндагӣ мекунад, бидуни шак, ҳаёташро бо тамоми ҷузъиёташ ба сар мебарад. Аз ин рӯ, оё шумо касеро дидед, ки аз ҳаёт ҷудо шуданро дӯст дорад? Чӣ гуна интавр бошад, дар ҳоле ки ӯ мебинад, ки дин барои ӯ чун об барои моҳӣ ва ҳаво барои махлуқот мебошад, балки дарвоқеъ вай ба зиндагӣ кардан дар дин лаззат мебарад. Дар ҳаёти худ лаззат мебарад, чи тавре ки дар намозаш лаззат мебарад. Дар бозор аз имонаш лаззат мебарад, ҳамчуноне ки дар масҷид эҳсоси лаззату хӯшӣ мекунад..?!

Исломро дин дармеёбад, чуноне ки онро ҳаёти худ дарёфтааст. Ҳарду дар назди ӯ баробар аст. Осору самараашро дар некӣ кардани фарзандаш нисбати ӯ мебинад ва низ дар некӯ тарбият кардани падараш ӯро мушоҳида хоҳад намуд. Меваи онро дар ахлоқи ҳамсараш ва дар муносибати неки шавҳараш бо ӯ дармеёбад. Онро дар ахлоқи худ бо дӯстон ва низ ахлоқи дӯстонаш бо ӯ эҳсос мекунад. Онро дар муомилаҳои молиаш бо дигарон дармеёбад. Дар қарз додан ва қарз гирифтан… умуман, дар ҳар чиз ва ҳар ҳоле зинагии бо Исломро ламс мекунад.

Ва бадтарин хабар дар назди ӯ ин аст, ки аз баргаштани касе аз Ислом, яъне аз муртад шуданаш хабар диҳӣ. Бинобар ин, чӣ гуна ӯ дар бораи аз дин баргаштани худ фикр метавонад кунад?!

Агар ҳадди (ҷазои) ридда, сабаби боқӣ мондани мусалмонҳо дар динашон бошад, пас чаро дар ин рӯзҳо муртад намешаванд? Аз он ҷиҳат ки давлатҳои исломӣ ҳадди риддаро дар амал умуман ҷорӣ намекунанд…?!

## *Хотимаи мушкилиҳо*

Аз шахсе, ки дар ҳалли мушкилиҳои хона ва фарзандонаш ноком шуд, ҷуз нокомӣ ҳеҷ чиз барнамеояд, зеро *«касе чизеро надошта бошад, онро дода наметавонад».*

Месазад ба касе, ки ҳалли мушкилоташро тавассути қонунгузории худ баҳри онҳо, риоя кардану ҳимоя ва эҳтироми онҳо ба роҳ монад, барои чунин шахс месазад, ки кишвар ва ҷаҳони атрофашро хароб намуда, худ ва дагаронро ба дор овезад …!

Танҳо бо хушбин будан ба ҳалли исломии мушкилиҳо, туро аз ин мавқеи феълӣ ба ҳолати беҳтар интиқол нахоҳад дод, модоме, ки бузургтарин мушкилиро дар худ ҳал насозӣ. Мушкилие, ки решаҳои он дар дохили ту нуҳуфтааст ва бо ҳаёту зиндагии ту идомаёбӣ ва рози он бастагӣ дорад. Бешак, он мушкили эътиқодии туст, ки баъд аз он тамоми кохи мушкилоти дигар паиҳам суқут хоҳанд кард.

# НИШАСТИ ҲАШТУМ,
# ки он нишасти охир мебошад

## Дарвозаи нишасти ҳаштум

Ҳар касе дар ҳамаи нишастҳо ба қароре наомада бошад, пас гӯё ки дар ягон нишасте аз нишастҳо ҳозир нашудааст, агарчанде дар ҳамаи онҳо ширкат варзида бошад!

Ва ҳар касе дар нишасти охир тасмими ниҳоӣ гирифта бошад, гӯё дар тамоми нишастҳо ҳозир шудааст. Зеро ӯ соҳиби ҳосили охир мебошад..!

Ва ҳар касе дар охири кор тасмим нагирифт, дар ҳоле ки ақлаш ба маълумоти пешниҳодгардида қаноат кард, гӯё таъомашро баъди пухтан бо сӯзондани зиёд фосиду вайрон кардааст.

***

Баъди пазируфтани даъвати Ричард барои ҳозир шудан ба калисои бузурги ин шаҳр ҳамроҳи устодони бузург ва сипас роҳиби бузургро ҳамроҳи шаш олими номдор барои боздиди Дубай, тамошои осори таърихии қадиму ҷадид ва низ мушоҳидаи намоз дар масҷид даъват намудам… Он рӯз ҳам фаро расид, ки омадани онҳоро бо баъзе дӯстон ҷашн бигирем.

## *Лаҳзаи эълони Исломпазирӣ*

Дар намоиши зиндаи хутбаи ҷумъа ва намоз дар масҷиди Манора, ки дар лаби баҳри Дубай воқеъ аст, ман баъди намоз дар назди намозгузорон рост истодам, то барояшон рағбату хоҳиши се нафар мардони чиноиро ҷиҳати қабули Ислом эълом бидорам. Зеро қаблан бародар Довуди чиноӣ ба ман дар мавриди қаноатманд шудани нафарони мазкур ҷиҳати пазириши Ислом хабар дода буд. Ин тасмимгирӣ баъди пешниҳод гардидани Ислом бар эшон ва гуфтугӯ ва мутолиоти зиёд перомуни моҳият ва таълимоти он сурат гирифт. Ин амр беш аз як моҳ тӯл кашида буд. Баъди тай шудани марҳилаҳои зикршуда онҳо ба Довуд аз рағбаташон ба даромадани Ислом хабар доданд. Ҳоло онҳо аз миёни сафи намозгузорон ба тарафи ман рӯй оварда бармехезанд, то ихтиёран қабул намудани Исломро эълом бидоранд. Ин амр аз рӯи маҷбурӣ ва эҳтиёҷмандӣ набуд, зеро ки онҳо сарватманданд. Яке аз онҳо соҳиби ширкати ошхонаҳои чинӣ дар Дубай ва дигаре муҳандиси хонаҳои омода ва севумӣ корманди серомик мебошанд. Дини яке аз онҳо илҳод *(атеизм)* ва ду нафари дигар насроният буд!

Ҳар се нафарро яке баъди дигаре дасташонро гирифта фишурдам. Сипас дар як тараф дар пеши баландгӯяк рост истоданд, дар рӯ ба рӯи анбӯҳе аз одамон, ки масҷиди калони Дубай барояшон тангӣ мекард. Ман аз онҳо аз тариқи бародари тарҷумон пурсидам: Оё бародар Довуди чиноӣ барояшон нахуст маънои калимаи шаҳодат - «**Шаҳодат медиҳам, ки нест худое ҷуз Аллоҳ таъоло ва гувоҳӣ медиҳам ки Муҳаммад расули Худост**»-ро тарҷума карда бошад?

Вай гуфт: Онҳо фаҳмиданд, ки маънояш «Маъбуди ба ҳаққе ҷуз Аллоҳ таъоло вуҷуд надорад ва Муҳаммад расули Аллоҳ ва охири паёмбарон мебошад».

**Абӯҳомид:** Пас ба онҳо бигӯ, калимаи шаҳодатро баъди ман такрор намоянд. Сипас эшон калимаи шаҳодатро калима-калима, дар ҳузури мардум такрор карданд: «**Шаҳодат медиҳам, ки Худое нест, ҷуз Аллоҳ ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад Расули Худост. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки Исо (ъалайҳис салоту вас салом) бандаи Аллоҳ ва Расул ва калимаи Ӯ мебошад, ки ба Марям илқо намуд ва низ рӯҳе аз Ӯст**». Онро такрор намуданд ва баъди он тамоми ҳозирин аз ҷой бархоста, ба тарафи онҳо шитоб мекарданд. Як қатори пуриздиҳоми бузург ба Ислом даромадани эшонро табрик мекарданд. … гӯё рӯзи ид бошад..!

Ин ҳама дар ҳоле анҷом мегирад, ки ҳафт меҳмони бузурги мо аз Фаронса намоиши мазкур ва лаҳзаҳои хотирмонро тамошо мекарданд!

Сипас бо дӯстони фаронсавиам аз масҷид ба тарафи хона, ки дар минтақаи Ҷумайра воқеъ буд, равона шудем. Ҷойи нишасти мо аз Сайфулбаҳр танҳо сад метр дӯрӣ дошт. То ҷое ки садои мавҷҳо, завраққҳои сайдкунанда ва мусобиқаҳои баҳриро мешунидем. Насими баҳр моро бо латофатҳову нармияш иҳота мекард.

## *Таъсироти намози ҷумъа*

Нахуст, қаҳваи арабиро нӯшида, хурмои хуб хӯрдем. Сипас нишастем, то ки дастархони таъом гузошта шуд. Мавзӯъе, ки мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт, мӯҳтавои хутбаи ҷумъа ва Ислом овардани чиниҳо буд.

**Роҳиби бузург, Ричард гуфт:** Ҳақиқате, ки имрӯз ва баъд аз ҳамаи он гуфтугӯҳои қаблӣ ба он расидам, ин аст, ки дини Ислом дини бузурге будааст. Сазовору шоистааст, ки онро эҳтиром намоем ва модоме ки мо аз дохил онро нашиносем, наметавонем эҳтиромаш кунем. Бо шинохтани мусалмонон метавонем, ки онро хуб биёмӯзем. Ин бузургие, ки имрӯз дидем, ба ҳама чиз равшанӣ андохт… Намозгузорон дар сафҳо рост буданд. Миёни сафе аз сафи дигар ва шахсе аз шахси дигар фарқияту имтиёзе мушоҳида накардам. Фақиру камбағал дар паҳлуи сарватманд ва муваззаф дар паҳлуи зердасти худ саф ороста буданд… Даромадани масҷид бо пардохтани андоз ё пули муайяне набуд, балки барои ҳама дарҳо кушодааст!

Вақте имом як калимаро хонд, тамоми мардум ба як овоз онро такрор намуданд ки он калимаи «омин» буд. Маро ин ҷавоб додан тамоман ба тааҷҷуб овард. Зеро дар назди мо худи ҳамин калимаи «AMEEN» вуҷуд дорад, ки маъношяш, «Эй Бор,Худоё, қабул фармо», мебошад.

**Устод Фифа:** Махсусан, чизе, ки имрӯз ба ман маъқул шуд, инояту эҳтимоми Паёмбар Муҳаммад ба оила ва ҷомеа мебошад. Ҳамсафари ман доктор Аҳмад Саъдун хутбаи ҷумъаро бароям тарҷума намуд, ки Абӯҳомид онро барои мардум хонд. Инчунин чизе, ки дар хутбаи ҷумъа маро ба шигифт овард, оромона гӯш кардани мардум буд. Чунон ором буданд, ки гӯё бар сари онҳо парранда нишаста бошад!

**Устод Чарл Фифа:** Дар ҳақиқат он чи ки маро ба тааҷҷуб овард, ки онро ба забонам васф карда наметавонам, эҳсоси ботинӣ аст, ки бо хавфу бузургдошт ва итминону оромиши дарунӣ омехта гардидааст.

Оре, таачҷубу шигифти худро тавсиф карда наметавонам, вале эҳсос намудам, ки саропои вуҷуд ва равонамро фаро гирифта буд.

Воқеан, ман бархостани мӯи баданамро чандин борҳо эҳсос намудам, махсусан дар намоз ҳангоми шунидани Қуръон! Ва агар аз ман бипурсӣ, ки оё хутбаро фаҳмидӣ, албатта, ба ту мегуфтам: Ман ҳатто як ҷумлаашро ҳам нафаҳмидам. Магар ин ки маънои умумии онро дарк намудам, ки Абӯҳомид дар бораи некӣ кардан ба модар ва ҳаққи вай бар дӯши моён, сухан мегуфт..!

**Доктор Ҷикоб гуфт:** Ҳолатҳое дар ин рӯз даст дод, ки наметавонам онҳоро фаромӯш кунам. Бузургтарини онҳо саҷда карданам аст, ки пеш аз ин дар ҳаётам ягон маротиба онро таҷриба накарда будам. Ман дар ҳолати саҷда эҳсос намудам, ки ба Парвардигорам наздик мебошам ва ниҳоят қариби қариб.

Оре, ончи маро ба саҷда кардан ёрӣ расонд, пажӯҳиши тарҷумашудае буд, ки баъзе донишмандони мусалмон таҳия намудаанд. Онро, ба ман, донишҷӯи фаронсавии Ҷазоириасл ҳадя намуда буд. Пажӯҳиши мазкур фоидаҳои саҷдаро баён менамояду маълумотҳои илмиеро дар мавриди саҷда кардан бар рӯи замин бозгӯ мекунад. Яке аз фоидаҳои ёдшуда ғизодиҳии мағзи сар бо хун мебошад. Донистани таъсири ғизои мағзи сар бо хун бароят кофист, то асари он ба тамоми узвҳои ҷисм маълумат гардад. Аз он ҷумла, саҷда кардан дар замин барои мушакҳои гардан машқу тамрин буда, инчунин барои холӣ кардани қувваҳои манфии мағзи сар фоида дорад. Ин ҳама аз як тараф, вале таъсири имонии он чизи дигар аст!

**Абӯҳомид:** Ман хоҳиш менамоям, ки ба ҳамон низоми гуфтугӯе, ки дар нишастҳои қаблиамон дар Фаронса доштем, побанд бимонем, ки он риоя намудани ҳукми **ақл** аст. Бо вуҷуди ин, ман касеро, ки имрӯз эҳсосоташро пӯшида натавонист, маъзур медорам. Шояд бори аввал дар ҳаёти шумо бошад, ки ба масҷид дар рӯзи ҷумъа дохил шудед ва низ бори аввал дар масҷид ба ин осонӣ даромадани одамонро ба Ислом мушоҳида кардед!

**Устод Герард:** Дар ҳақиқат, ман ҳамроҳи шумо вақте намоз гузоридед, намоз нагузоридам, вале ман пуштамро ба девори қафо дар дохили масҷид такя додам. Вазъият ва ҳаракатҳои муназзамро назорат мекардам. Гӯё ман устоди дармонҳои табиӣ бошам. Машқҳои ҷисмониеро дар симои маросими ибодатӣ ва динӣ мушоҳида кардам, ки онҳо таъсири рӯҳиву маънавӣ, бандагӣ ва шикастагиву хоксориро дарбар мегирифтанд.

Агар мусалмонҳо ал-он бароям иҷозат медоданд, барояшон баён мекардам ки ибодаташон чи манфиатҳое ба мушакҳо, асабҳо ва пайвандҳо мерасонад. Маълумоте ки онҳо худашон то ба ҳол намедонанд ё аз он хабар надоранд. Ман пеш аз ин сурати мардеро дидам, ки намози исломиро адо мекард ва имрӯз дидам, ки дар ҳақиқат чигуна намоз мегузоред. Ба ин сурат рост истодан, бо баробар гузоштани ҳарду пой, тавре ки ба тарафи хориҷи бадан набаромадааст, ки бо чунин тариқа метавон ҳарду пойро баробар намуд, ин чизест, ки аксари мардумон дар вақти гузоштани пойҳояшон ғалат мекунанд. Бояд пойҳо ҳангоми рост истодан ва ҳангоми роҳ рафтан бар он сурат бошанд. Назар кардани шахси

ростистода ба мавзеи саҷдааш дар замин дар ҳолати рост истоданаш, тақвият бахшидани тамаркузи равонӣ ва хуб намудани ҷараёни гардиши хунро ба бор меорад. Аммо манзараи рукӯъ бо ниҳодани ду дуст бар ду зону, бо рост кардани пушту гардан ва низ нигаристан ба мавзеи саҷда дар дароз кардани мушакҳои сутунмӯҳра ва фақароту пайвандҳо фоидаи бузург медиҳад.

Вақти рост шудан, ки муҳимтари мушакҳои ҳаракаткунанда ин мушакҳои камарӣ мебошанд, инҳо ҳамон мушакҳоеанд, ки умуман бештари мардум ва махсусан баъди синни панҷоҳ ба дардмандии он мубтало мешаванд. Вале бо дароз кардан ва тақвият бахшидан тавассути ду машқи ёдшуда, пешгирӣ карда мешавад. Аммо дар вақти саҷда кардан, ки бо гузоштани пешонӣ бар рӯи замин анҷом меёбад, бешак, он ҳам барои мушакҳои рон машқи ниҳоят хуб ба шумор меравад, чи тавре ки онро мушоҳида намудам. Чунки намозгузор ё бар ду даст менишинад ё бар ду зону. Вале саҷда намудан бо рост кардани пушт ба тариқи гузоштани сар бар замин ва гузоштани ду даст дар пеши сар бо такя кардан бар онҳо ва бар сар, барои мушакҳои пушти китф ниҳоят фоидаовар мебошад. Барои мушакҳои гардан низ бисёр нафъ мебахшад, ки он аз ҳама машқҳо фоидабахштар ба ҳисоб меравад.

Фоидаи дигари он бештар ба мушакҳои шикам мерасад, инчунин барои занони ҳомила ниҳоят муҳим аст. Барои тақвият бахшидани мушакҳои шикам аҳмиятнок мебошад, аз ин ҷиҳат онро дар Олмон

«Машқи Аллоҳу Акбар» меноманд[1].

**Чарл:** Зиёдаравӣ маро водор кард, ки ман имоматонро вақте ба саҷда рафт, пайравӣ накардам ва рост истода ба шумо назар мекардам, дар ҳоле ки сарҳоятон бар рӯи замин буд… Пас, дар нафсам чизе омад, ман дудилаам, ки онро ба шумо бигӯям ва ин аз он ҷиҳат аст, ки инсон метавонад инсонро ба ҳар ҳаракате салом бидиҳад… Метавонад ӯро салом диҳад, пас сарашро меҷунбонад, метавонад ки дасташро барои ӯ бардорад, метавонад ки сарашро барои ӯ хам намояд, метавонад ки барои ӯ танаашро биҷунбонад, аммо ин ки барои ӯ сарашро бар замин биниҳад ва сарашро дар сатҳи пои ӯ қарор бидиҳад! Инаш не, ҳазор бор не! Ҳатто агар падараш ҳам бошад.

Ин ҳаракатро инсон барои ягон махлуқ анҷом намедиҳад! Ҳатто барои Муҳаммад (с) ва Исо (а) ҳам бошад! Чунин аст, ки ин салом додан (саҷда) танҳо барои Офаридгори якто мебошад ва ин далел аст бар ин ки намозе, ки мо имрӯз гузоридем, танҳо барои Худованди ягона аст. Ин чизест, ки онро бори аввал дар ҳаётам дарк намудам. Гумон намекунам касе аз нишастагон маро дар ин қаноати дохилие, ки пайдо намудам, мухолифат кунад.

---

[1] Устод ҳаракатҳоро азёд накардааст, ҳамчуноне ки инҷо ба тартиб зикр гардиданд, вале онҳоро тавассути баёдоварии Абӯҳомид аз ҳар як рукн ва кайфияти он мегуфт. Бинобар ин, баёдоварии Абӯҳомидро тарк намудам, то пайгирии пайвастаи хонандаро қатъ насозам.

## *Хурмои зебо*

**Абӯҳомид:** Аввалан ман шуморо барои ин эҳсосот ва маълумоти арзишманд, ташаккур мегӯям. Вале аз мавзӯъи писанд шудани хутбаи ҷумъа ва ба шигифт омадан аз намози исломӣ ва фазои масҷид дар рӯзи ҷумъа бигзарем, мехоҳам шуморо аз ин хурмое, ки дар назди мост, бипурсам. Ҳар донаи он ялақос мезанад, гӯё порае аз тиллост, ки ба пораи дигаре мечаспад. Ба ин шакл ҳашт табақро пур кардааст.

**Роҳиби бузург Ричард:** Бароямон иҷозат диҳед, ки ҳарф задан перомуни ҷумъа бар мо ғалаба карду аз ин хурмои тару тоза, хӯшмазза ва фоидабахш, ки аслан дарахташ муборак аст, ғофил мондем. Мевае, ки Марям (а) дар зери он Исо (а)-ро таваллуд кард ва бевосита баъди таваллуд кардан аз он хӯрдааст.

**Абӯҳомид:** Аз ин рӯ, хурмо тамоми васфҳои некро дар худ ҷамъ намудааст. Ҳам аз рӯи намуди зоҳирӣ ва ботиниаш шигифтовар будааст. Оё чунин нест, эй бародарон…?!

**Ҳама:** Оре.

**Абӯҳомид:** Шумо чӣ назар доред, ки агар аз ин хӯрмо нахӯрему танҳо ба маъқбул шудани он тавасути назар кардан, иктифо намоем..?!

**Роҳиби бузург Ричард:** Ҳоли мо мисли касе аст, ки онро шунида ва надидааст. Балки шояд ҳасрати мо бештар бошад, зеро мо онро дидем ва аз он нахӯрдем. Лекин, эй Абӯҳомид, маълум аст, ки ту моро марҳила ба марҳила мебарӣ, то чизеро бар асоси ҷавобҳоямон бигӯӣ…!

**Абӯҳомид:** Оре, мехоҳам бигӯям ки **ақли** дуруст мегӯяд: Чун шумо ҳамаатон имрӯз ба яке аз мазоҳири Ислом ба шигифт омадед, бинобар ин, натиҷаи **ақлӣ**

мегӯяд: Лоиқу шоистааст, ки Исломро низ бичашед, чи тавре ки ҳозир хурморо чашидед. Вагарна чӣ фоида дорад ба шигифт омадан аз мевае, ки  фоидаи бисёр дорад ва метавонед, ки онро тановул намоед, вале ин корро намекунед. Оё хурмо гузошта нашудааст, магар барои ин ки хӯрда шавад?

**Устод Фифа:** Ба ту ошкоро мегӯям, ки ман азамату бузургии Исломро тасаввур мекунам ва эҳсос мекунам гӯё ман мусалмонам, гарчанде то ҳол дар он надаромада бошам. Дар ҳақиқат Ислом дини бузург аст..! Бинобар ин, ман аз шиносоӣ пайдо намудан роҷеъ ба Ислом хушнудам ва бешак, ин аз натоиҷи сӯҳбатҳои ту мебошад.

**Абӯҳомид:** Агар ту ал-он ҳазор  мартаба бигӯӣ, ки хурмо чӣ қадар зебо, чӣ қадар хуб ва чӣ қадар бомазза аст….. оё ин нидо кардану такрор ба такрор гуфтанҳо ба як мартаба чашидани як донаи  хурмо баробар мешавад..?!

Оё хоидани калимаи хурмо мисли хоидани худи хӯрмову ҷабидани баданат аз фоидаҳои он мебошад..?!

Бигузор бароят қиссаи марди инглисиро кунам, ки дар консулгарии Бритониё дар Дубай кор мекард. Ӯ ҳолате чун ҳолати ту  дошт. Вақте мо намози ҷумъаро тамом кардем, барои таъом ба хонаи ҷаноби Халфон даъват шудем. Меҳмонхонаи бузург, ки аз меҳмонҳо дар рӯзи ҷумъа пуриздиҳом гардида буд, вақте мо аз тановул намудани таъом фориғ шудем, дӯстам Носир гуфт: Ин бародари инглисиамон, баъзе пурсишҳо роҷеъ ба Ислом дорад. Ман аз хурсандӣ ба тарафаш рафта, дар паҳлуи вай нишастаму гуфтам: Ҳар чи ки мехоҳед, суол намоед.

Гуфт: Ман чаҳор савол дорам, суоли аввалро гуфт,

ба ӯ ҷавоб додам, сипас саволи дуввум, севум ва чаҳорумашро низ посух додам. Баъди ҳар ҷавобе аз ӯ мепурсидам: Оё қаноат ҳосил кардӣ? Вай ҷавоб медод: Оре.

Сипас ба ӯ гуфтам: Оё ғайри ин чаҳор пурсиш суоли дигаре дорӣ? Гуфт: Оре. Баъд чанд суоле пайи ҳам дод, то ба даҳ суол расид..!

Гуфтам: Оё аз посухҳоям қаноатмандӣ? Гуфт: Оре. Гуфтам: Оё тамом кардӣ ё ғайри ин боз суоле дорӣ? Гуфт: Балки қаноат кардам ва дигар ягон суол надорам..!

Гуфтам: Барои чӣ Ислом намеорӣ?

## *Қаноатмандам, вале…*

Гуфт: Ман ба Ислом тамоман қаноатманд ҳастам, вале мехоҳам бештар қаноатманд шавам.

Гуфтам: Хуб, вале бигузор туро аз ҳақиқате бохабар созам, зеро ту ҳақиқати Исломро пурра тасаввур карда наметавонӣ, то ин ки дар Ислом дохил шавӣ. Оё кӯдакеро дидаӣ, ки дар зерхона таваллуд шудаву дар ҳамон торикӣ ба воя расидааст ва касоне, ки ӯро дар ин торикӣ зиёрат мекарданд, барояш ҳаёти берун аз шиками заминро васф мекарданд! Барояш нур ва рӯшноӣ, табиати зебо ва осмони мунавварро дар шаби моҳтобӣ васф мекарданд. Баромадани Моҳтоб, Офтоб,чошт, вақти пешин, аср ва шомро низ барояш тавсиф намуданд! Оё фикр мекунӣ, ки ба ин васф карданҳо, ӯ аз дидани зоҳири Замин, Осмон ва фазоҳову ҷамоли онҳо ва аз зиндагӣ кардан дар рӯи Замин бениёз мегардад ва барояш ҳамон гуфтаҳо кифоят хоҳад кард? Оё ин ба он баробар мешавад?

Гуфт: Қатъан, не!

Гуфтам: Ислом ҳам чунин аст… Дили ту ҳозир дар торикии бузург қарор дорад ва имкони донистани нурро ҳаргиз пайдо намекунад, то ин ки дилат нурро бубинаду ба он омехта шавад, ки қалбатро дарвоқеъ нуронӣ гардонад. Вақте ки нур дар дохили ту медурахшад ва ҷузъе аз ту мегардаду фақат дар зеҳнат як васфи хушку холие боқӣ намонад, дар ин сурат дарк хоҳӣ намуд, ки ин Ислом чист… Бигузор, ки ман бароят мисоле аз намоз биорам.

Ин намозе, ки ту онро мебинӣ ва аз мазҳари он ба шигифт меоӣ, ту аз он ҷуз назар кардан ягон насибе набардоштӣ!

Лекин вақте ту онро, дар ҳоле ки ту мусалмон ҳастӣ мегузорӣ, ба зудӣ хоҳи дид, ки намоз дар ҳастии ту аз дохил чӣ месозаду чӣ мекунад. Рӯҳу қалбат бо лаззати он зиндагӣ мекунанд… Ман туро аз «ийога» сухан намегӯям, ё бозии сустгирифтан (истирхо)… Воқеан, намоз чизи дигар аст.

Котиби инглис бароям гуфт: Бигзор, ки бештар андеша намоям… Гуфтам: То ба кай?

Гуфт: Намедонам.

Гуфтам: Чӣ қадаре мехоҳӣ андеша намо ва чи гунае, ки мехоҳӣ фикр кун, вале оё боварӣ дорӣ, ки охират ҳаст ва ин ки ҷазои кофирон оташи Дӯзах аст?

Гуфт: Қасам ба Худо, ин маро ба изтироб намеорад, балки маро метарсонад!

Гуфтам: Пас, агар Худованд хоста бошад ва барои мо ҳаёти нав навишта шуда бошад *(муқаддар шуда бошад),* мо боз вомехӯрем…!

Ман баргаштам, дар ҳоле ки аз сардиву сустии ҳамсӯҳбати инглисиам дар тасмимгирӣ дар масъалае, ки худаш онро аз рӯи ақл, отифа ва аз ҳама ҷиҳатҳо

қотеона ҳал кардааст, ба шигифт омадам, …!

Замоне гузашту ман бародари инглисиамонро фаромӯш кардам. Баъди шаш моҳ, рӯзе ӯро дидам, ки намози хуфтанро дар масҷиди «Аҳмад ат-Тоир», дар Дубай мегузорид! Ман Худовандро бисёр шукргузорӣ намудам. Лекин  ончи, ки хотири маро ба худ ҷалб намуд, ниҳоят тӯлонӣ саҷда кардани ӯ буд. Сипас моро ҳамон нишасти аввал ҷамъ намуд, мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифта дастҳои ҳамдигарро  фишурдем.  Ба ӯ гуфтам: Субҳоналлоҳ, чӣ гуна Ислом овардӣ..?!

Гуфт: Баъди он гуфтугӯямон ба Британиё рафтам ва ман дар мавриди  гуфтугӯи мазкур бисёр андеша кардам, дидам, ки чизе Исломро иваз карда наметавонад. Аз ин рӯ, дар ин вақт Ислом овардам. Вале орзу намудам, ки эй кош ҳамон рӯзи сӯҳбатамон Ислом меовардам.

Ба ӯ гуфтам: Ман дидам, ки саҷдаатро тӯлонӣ мекунӣ…?

Гуфт: Оре, ман калимаи якуми туро ба хотирам овардаму ҳақиқатро дарёфтам, вақте ки ба ман гуфтӣ: Таъму маззаи Исломро аз берунаш ҳаргиз намефаҳмӣ. Ҳаргиз маззаи онро дарнамеёбӣ, магар ин ки дар  он дохил шавӣ ва ҳаргиз маззаи намозро намефаҳмӣ, магар ин ки онро худ адо намоӣ, дар ҳоле ки мусалмон бошӣ… Он ҳангом чизи дигарро мебинӣ! Мисоли нуреро, ки гуфтӣ ба хотир овардам. Барои касе ки дар торикӣ дар зери Замин зиндагӣ мекунад ва нурро надидааст, ҷуз ба васф кардани он.

**Роҳиби бузург Ричард:** Шояд, ту ба фишоровариии ақидатӣ шурӯъ намудӣ, то касеро тавонӣ дохили дини Ислом намоӣ. Ин ба ҳукми **ақл**, ки ҳама муттафиқона барои ҳакам қарор додани он ва пазируфтани ҳукми

тасдиққардаи ақл розӣ шуда будем, мухолифат мекунад.

Тасаввур намо, эй Абӯҳомид, агар ман туро вақте ки дар Фаронса будед ба насроният даъват намудам, ё агар ту маро дар калисои худам, ба дини Ислом даъват мекардӣ?!

**Абӯҳомид:** Эй роҳиби бузург, Ричард, ман аз ҳукми **ақл** берун нарафтаам, шумо будед, ки шигифтзадагӣ ва хушнудии **ақлиатонро** нисбати Ислом, намоз ва ҷумъа изҳор намудед. Писандидани **ақл** тақозо мекунад, ки талаботи ҳукми **ақлро** пайравӣ намоем. Оё чунин нест?

Дигар ин ки эй роҳиби бузург, маро хабар деҳ: Оё касе, ки хурморо дида, мадҳу ситоиш намудан гирифт, ҷазо дода мешавад ё танбеҳ карда мешавад? Соҳиби зиёфат ба ӯ гуфт: Агар онро бичашӣ, беҳтар дармеёбӣ?!

Оё соҳиби хурмо бахил шуморида намешавад, агар меҳмонашро дар хӯрдани хурмои хуб ташвиқ накард?

Эй роҳиби бузург, инсон чанд мартаба бояд аз рӯи ақл қаноатманд шавад, то ин ки ҳукму қароре барорад?

**Ақл** агар соф ва озод ба як ҳуҷҷати дуруст иктифо мекунад, то аз талаботи он пайравӣ намояд. Пас чӣ тавр мешавад, дар ҳоле ки далелҳои ақлии зиёдеро ки шуморидани он душвор мебошад, дидааст?!

**Устод Силос:** Вале ман Худоро шукр мегӯям, дар аксари нишастҳои гуфтугӯӣ, ки гузашт, ҳозир шудам. Нишастҳое буданд, ки дар тамоми умрам монанди онро надидаам ва мехоҳам, ки бар асоси он ҳаёту зиндагии ман тағйир ёбад. Лекин то ба ҳол боварӣ дорам, ки ҷавобҳое бисёре аст,ки онро то ҳол намедонем.

## *Абдуалӣ дар баҳр*

**Абӯҳомид:** Бароят ҳозир қиссаеро мегӯям, ки бароям чанд сол қабл рух дода буд. Рӯзе аз рӯзҳо дар зимни савораҳои киштии чӯбиамон ба раҳбарии бародари калониам, Абӯторик қорор доштам. Зеро ӯ дар интиқол додани саворагон ва борҳо аз як тарафи соҳил дар Кувайт ба тарафи дигари Кувайт кор мекард. Моро аз ҷазираи тобеи давлати Кувайт, ки номаш Филка буд, ба шаҳри Кувайт мебурд ва ин дар соли 1979 мелодӣ буд. Муддати маъмулии сафар дар баҳр тақрибан ду соат буд. Дар аснои сафар гуфтугӯе миёни ман ва «Абдуалӣ» рӯх дод, ки бисёре аз саворшудагон онро таманно менамуданд. Вай шахси бофарҳанги шиъамазҳаб ва сермутолиа буд. Барои ғояҳову назарҳои мазҳабии худ таассуби зиёд ҳам дошт. Қабл аз оғози баҳс чунин иттифоқ намудем, ки агар маро қонеъ намояд ман аз ӯ пайравӣ мекунам ва агар ман ӯро қонеъ кардам, ӯ аз ман пайравӣ менамояд!! Барои шумо мазҳаби ташайюъ пӯшида нест, ки давлати Ирон бар пояи он барпо шудаст.

Ин гуфтугӯ ки дар атрофи масоили ихтилофии динӣ ки дар гузашта миёни мо ва онҳо сурат гирифтааст, беш аз 15 дақиқа тӯл накашид. Ботилу беасос будани раъйи ӯ ошкор шуд ва даҳони «Абдуалӣ» бо ҳуҷҷату далелҳо баста шуд. Дар ин вақт, ӯ чун гуфтаи устод Силос ҳарф зад: Бешакк олимону донишмандони мо ба муқобили далелу ҳуҷҷатҳои зикрнамудаатон раддияву ҷавобҳое доранд, вале ман ҳозир далелу ҳуҷҷатҳои мазкурро намедонам.

Ба ӯ гуфтам: Чӣ қадар вақту мӯҳлате мехоста бошӣ, бигир. Касеро ки мехоҳӣ аз вай пурсиш намоӣ, бипурс. Сипас ҳама тавсияҳоро анҷом додӣ ба наздам биё ва

хабарам деҳ. Он вақт маълум мешавад, ки шумо дар ин маврид чӣ далелҳое доштаед. Вале агар далелҳои мазкурро, ки гумон дорӣ ҳастанд, пайдо накардӣ, ба ман бигӯ: Дар ин ҳолат чӣ кор хоҳӣ кард?

Абдуалӣ сукут кард! Як марди калонсоле, ки андаке кӯзапушт буду садои баланде дошт, дар ин гуфтгӯи мо дар киштӣ ҳозир буд. Номаш Абдуллоҳ Фаҳд буд. Ӯ ба ман хитоб карда гуфт: Бо ин мард баҳс намудан фоида надорад! Аз ӯ ягон фоидае нест, магар ин ки ӯро гирифта дар баҳр биандозӣ! Аз ин сухан ҳама хандиданд. Абдуалӣ ҳам хандиду ин лаҳзаро як фурсати муносибе барои пинҳонӣ фирор намуданаш пайдо кард ва тез аз он ҷой ба ҷои дигар гурехт.

**Эй устод Силос:** Мо вақте гуфтугӯи худро оғоз намудем, чунин иттифоқ карда будем, ки ба ҳукму қарори ақлҳоямон розӣ шавем. Яъне ақлҳои мо ба кадом ҳукме расид онро қабул менамоем. Чаро акнун ҳукму қарорҳоро аз ақлҳои дигарон интизор бошем. Барои чӣ онро ба як чизи маҷҳулу номаълум ҳавола менамоем. Дар вақти оҷизу нотавон мондан пайваста ин ҷавобро такрор мекунем, ки: Шояд донишмандони мо ҷавоби инро бидонанд, шояд дар ин бора посӯхе дошта бошанд.... Шояд ва шояд...!

**Эй устод Силос:** Аз қарори қатъӣ гурехтан ва онро қабул накардан ба эҳтимоли он ки шояд чизҳое бошад, ки мо онро намедонем, маънои адами қудрату тавоноӣ барои пайравии ҳукми қотеонаи ақлиро дорад, дар ҳоле ки ҳукми ақлӣ возеҳу равшан аст. Ё ин ки напазируфтани қарори қатъии ақлӣ маънеи нахостани онро дорад. Яъне бо вуҷуди донистани дурустӣ ва нодурустии он ман ба ҳамон хатои худ исрор меварзам. Масъалаи дигар ин ки пайравӣ намудан аз

назарияи эҳтимолӣ корест ки шояд интиҳо надошта бошад.

**Роҳиби бузург Ричард:** Ман чунин мешуморам, ки ҳама омодаву иштиёқманданд, барои бо ҳам гузарондани фасли охи рва давраи ниҳоии гуфтугӯҳо,то ҳукми ниҳоии ақлониро бубинанд, ки чӣ хоҳад буд? Вале ман як хоҳиш дорам: Касе чунин шарт нагузорад, ки агар ба як далел ҳам қонеъ шавад, албатта қаноатмандии худро дар қазияи бузурге эълон намояд. Дигар ин ки бешак мо дар ҳолатҳои зиёд мағлуб шудем, чуноне, ки Абӯҳомид ҳам дар баъзе ҳолатҳо мағлуб шуд. Бинобар ин, қазия ба чандин нишастҳои дигаре эҳтиёҷ дорад, то битавонем онро тамоман ҳал намоем.

**Абӯҳомид:** Ман моние намебинам, ки давраҳои гуфтугӯи ақлонӣ то ба охири умрҳоямон идома ёбад. вале чизе ки ман мехоҳам аз роҳиби бузург ва тамоми бародаронамон, ки имрӯз ҳозир шуданд ё пеш аз ин ҳозир шуда буданд, пурсиш намоям: Оё шумо дар ягон даврае аз гуфтугӯҳои ақлонӣ ё дар ягон нуктае дидед, ки ҳуҷҷат бар ман собит шуда бошаду ман мағлуб гашта бошам?.

Модоме, ки мегӯям: Дар тӯли давраҳои гуфтугӯ бо ягон далели ақлие мағлуб нашудам, дар ҳоле ки бародарамон роҳиби бузург худ – акнун- эътироф намуд, ки ӯ чандин бор дар тӯли нишастҳо мағлуб шудааст. Бинобар ин, ман баргашта суоли қонунии муайян ва равшан медиҳам: Оё як далели қотеъ бар муддаъо алайҳ *(касе, ки даъво сари он тамом мешавад, муттаҳам, айбдоршаванда)* дар қазияи муайяне барои қозӣ кифоят мекунад, то ҳукмашро дар масъалаи мазкур барорад. Ё шахси ҳукмшаванда ҳақ дорад, ки

далели дуввум, саввум, чаҳорум ва даҳумро талаб намояд ?…

**Устод Фифа:** Бидуни шак як ҳуҷҷат ё далел кофӣ мебошад ва талаби айбдоршаванда аз тарафи муқобил ё хасмаш барои овардани далели дуввум ва сеюм пазируфта нахоҳад шуд. Зеро амри мазкур шояд ба талабҳои беохир бурда расонад.

**Абӯҳомид:** Чи тавр, дар ҳоле ки ҳама диданд, ҳуҷҷатҳо болои шумо собит гардиданд, то ҷое ки баҳисоб гирифтани онҳо душвор аст. Дар ҳар мавзуъе, ки баҳсу баррасӣ намудем, чунин иттифоқ сурат гирифта буд? Чи тавр, дар ҳоле ки худи роҳиби бузург ал-он ба баъзе гуфтаҳо ё ба аксари онҳо эътироф намуд…?

Абӯҳомид суханашро бурида ба тарафи ҳозирин рӯй оварду узрхоҳона гуфт: Маро бубахшед, ҳамоно бароям лоиқу шоиста нест, ки то ин лаҳза ҳамчун мизбон бо шумо гуфтугӯ кунам, ҳол он ки таъом дар назди мо гузошта шудааст. Марҳамат намоед, гуфтугӯямонро баъди таъом хӯрдан идома медиҳем. Мо дар ниҳояту фарҷоми он қарор дорем. Шояд ба қароре бирасем, ки ба ақлҳои мо мувофиқат намояд, иншоаллоҳ. Ба тановули таъом марҳамат намоед.

**Устод Фифа:** Агар Абӯҳомид ба ман бигӯӣ, ки дар дастархон чӣ камбудӣ мекунад, албатта, ба ту мегуфтам: Он болотар аз матлуб ва таваққӯъи мост. Ин ҳама караму саховатмандии арабист, ки мо дар бораи он шунида будем… вале ман аз боби матраҳсозӣ ва дастрас намудани маълумот ба таври ошкор суол мекунам, ки чаро дар рӯи дастархон на майро мебинам ва на гушти хук? Намедонам, ки душмании мусалмонҳо, махсусан нисбати хук аз чӣ бошад? Май

бошад, ҳамчуноне ки табибон муқаррар намудаанду мо ҳам аз он огоҳем ва қаблан  Абӯҳомид инро равшан намуда буд, ки зарарҳои зиёд дорад. Аммо хук чӣ зарар дорад? Агар мо онро дар як зироатгоҳи пок гирифта тарбия намоем, пас гӯшти он пок мегардад. Ё онро  дар шакли тоза гирифта  хуб  пухтупаз намоем, чунин хоҳад буд.

Оё имкон дорад ки он дар замони Расулуллоҳ (с) аз он ҷиҳат ҳаром бошад, ки ҳайвони чиркин буд ва ҳаром буданаш то имрӯз идома кунад баъди оне ки ҳайвони тоза гашт?

Оё баъди ин ҳама гуфта метавонем, ки Ислом динест, ки барои ҳар замону ҳар макон созгор аст?

Дигар ин ки ин ҳама душманӣ бо хук чӣ маънӣ дорад? То ҷое ки тибқи ривоятҳои динииатон яке аз мақсадҳои ниҳоии омадани Исои масеҳ(а) дар охири замон ин аст: ***«Вай*** (Исо) ***салибро мешиканад ва хукро мекушад»***[1].

Оё ақл инро қабул мекунад, ки Исо барои шикастани шиори миллаташ биёяд? Ва яке аз ҳайвонотро бикӯшад?

Оё ин ҳамон динест, ки мегӯӣ ба ақл ва илм мувофиқ аст?

**Абӯҳомид:** Бародарон, маро бовар кунед, ман ба ҳар шубҳае, ки бармеангезед, хурсанду саодатманд мебошам. Зеро ман онро далели ҷиддияти шумо ва таоруф накарданатон дар гуфтугӯ меҳисобам. Чи тавре он далели сидқу ростии шумо дар талаб намудани ҳақиқат маҳсуб мегардад. Он чи ки ман таманно дорам, ин аст, ки ҳақиқатҷӯии шумо, агар  дар ҳамон

---

[1] Бухорӣ ривоят кардааст (2109)  ва Муслим (242).

пояи аввал бошад, идома ёбад, то посухҳоро қабул фармоед. Барои ман дар ин дастурхон ҳамин фоида кофист, ки бар ин шубҳа ҷавобе бидиҳам, ки ҳеҷ шубҳаеро роҷеъ ба ҳаққонияти дини Ислом дар зеҳни шумо боқӣ нагузорад.

**Аввалан,** мо аз зарарҳои тиббии хук бигзарем ва ҷанбаи ақлии мавзӯъро пайгирӣ намоем. Бинобар ин, бо ин пурсиш ба ту муроҷиат мекунам: Ту онро барои чӣ мехӯрӣ? Оё барои ин нест, ки он дар назди ту ҳалол мебошад?

Ҷавоби ту: Бале, ҳалол мебошад. Ва ҷавоби ман: Ман онро намехӯрам, аз ин ҷиҳат ки он дар назди ман ҳаром мебошад. Пас, ман ба амру фармони Аллоҳ таъоло пайравӣ менамоям… Зеро Аллоҳ таъоло Зоте аст, ки онро офаридааст ва ҳақ дорад, ки онро ҳаром бигардонад. Оре, шояд ту бо ман баҳсу ҷидол намоӣ ва ман ҳам бо ту баҳсу ҷидол намоям , ки оё он ҳалол аст ё ҳаром? Пас, ихтилофи асосии мо он аст, ки оё хук ҳаром аст ва онро Аллоҳ таъоло ҳаром гардонидааст ё ҳалол аст, ки Аллоҳ таъоло низ онро ҳалол гардонида, ҳол он ки Ӯ таъоло онро офаридааст?

Агар Худованди мутаъол онро ҳаром гардонида бошад, тарк намудани он воҷиб мебошад, ҳатто агарчанде фоидаовар ҳам бошад.

Оё Худованд ҳақ надорад, ки бандагонашро ба чизе, ки бихоҳад имтиҳон намояд?

**Оё** Худованди мутаъол падарамон, Одамро имтиҳон нагирифт, ҳангоме ки барои ӯ ҳамаи Биҳиштро, бо ҳар чизе ки дар он буд, ҳалол гардонид, вале аз миёни он ҳама дарахтони зиёд барои ӯ як дарахтро низ ҳаром гардонид?

Пас, агар эътироз намоӣ ва бигӯӣ чаро онро барои

мо ҳаром мегардонад? Ҷавоб ин мебошад, ки ҳамоно Ӯ таъоло дар муқобили таҳрими баъзе ашё ҳама чизро бароят ҳалол гардонид ва ту напурсидӣ, ки чаро ҳама чизро барои мо ҳалол гардонид?!

**Устод Фифа:** Чизе, ки ту мегӯӣ амри муҳим мебошад ва он қоидаи муҳиме дар ҳалол ва ҳаром гардонидан мебошад. Вале чӣ гуна мумкин аст мо бар ин иттифоқ намоем, ки хук дар дини шумо ҳаром ва дар дини мо ҳалол аст … чӣ тавр?

Бинобар ин, дар қазияи мазкур иҷрои адолатро чунин меҳисобам, ки мо бар шумо инкор нанамоем ва шумо ҳам бар мо онро инкор нанамоед… ҳукми шумо бар мо лозиму ҳатмӣ набошад ва ҳукми мо ҳам мулзаму ҳатмӣ бар шумо набошад. Оё чунин нест?

**Абӯҳомид:** Ин сухан дуруст аст, агар муқаддамоти он дуруст мебуд. Лекин чӣ мешавад агар иттифоқи Ислом ва насрониятро бар ҳаром будани хук исбот намоем? Чӣ мешавад агар исбот намоем, ки Исо (а) худаш хукро ҳаром гардонидааст? Оё бар мо воҷиб намебошад, ки онро тарк намоем, ҳатто агар зараровар ҳам набошад?

**Устод Фифа:** Мутааккидам, вале чӣ гуна инро исбот менамоӣ, дар ҳоле ки ҳаром гардонидани он дар Инҷил аслан ворид нашудааст. Ва ҳар чизе, ки таҳримаш зикр нашуда бошад, пас он ҳалол мебошад. Ҳукми Қуръон барои мо лозим ва ҳатмӣ нест.

**Абӯҳомид:** Шумо медонед, ки китобҳои муқаддас дар назди шумо ду Аҳд мебошанд: Аҳди Қадим, ки он Таврот аст ва Аҳди Ҷадид, ки он Инҷил мебошад. Бешак, он барои такмили Аҳди Қадим омадааст. Аз ин ҷиҳат, ҳар ҳукме, ки дар Аҳди Қадим омадааст, он дар Аҳди Ҷадид собит мебошад. Ин асл ва

муқаддимае аст, ки ҳеҷ насроние бо он мухолифат намекунад, магар ин ки ба муқаддас будани Аҳди Қадим эътироф надошта бошад. Бинобар ин, нахуст назар намоем, ки оё дар Таврот барои ҳаром гардонидани хук чизе ворид шудааст?

Ҷавоби қатъӣ: Оре, пас ба онҷӣ ворид шудааст, гӯш фаро диҳед:

**«Ва Парвардигор бар Мӯсо ва Ҳорун сухан гуфт: Фарзандони Исроилро бигӯед, инҳо ҳайвонотеанд, ки аз тамоми онҳо мехӯред, ки бар рӯи замин мебошанд: Ҳарончи аз ҳайвонотҳо сумро пора карда ва низ онро ба ду сум тақсим намуда ва нушхор кунад, ҷуз инро бихӯред. Бинобар ин, махӯред аз онҷӣ нушхор мекунад ва аз онҷӣ сумро пора мекунад. Шутур ва харгуш, шутур аз он ҷиҳат, ки он нушхор мекунад, лекин он сумро пора намекунад. Пас он барои шумо наҷис (палид) мебошад ва харгӯш, аз он ҷиҳат, ки он нушхор мекунад, лекин он сумро пора намекунад. Пас он барои шумо наҷис мебошад. Хук, аз он ҷиҳат, ки он сум пора мекунад ва онро ба ду сум тақсим мекунад, лекин он нушхор намекунад, пас он барои шумо наҷис мебошад… аз гушти он махӯред, ва ҷуссаи онро даст марасонед, ҳамоно он барои шумо ҳаром мебошад»** ( Сифри Ловиин 11:1-8).

Ва дар Сифри Тасния омада: **«Палидиро махӯр. Ҳайвоноте, ки онро мехӯред кадомҳоянд: гов, гӯсфанд, буз, уштур, оҳу, гавазн, нахчир, оҳуи сафед, бузи кӯҳӣ ва гови ёбоӣ. Ва ҳар чорпое ки сум пора мекунад ва онро ба ду сум тақсим менамояд ва нӯшхор мекунад, пас онро мехӯред. Магар инро, бинобар ин, махӯредаш ки он аз ҷумлаи ҳайвонотест ки нушхор намекунад ва суми тақсимшударо пора намекунад. Уштур ва харгуш.**

**Харгуш аз он ҷиҳат ки он нушхор менамояд, лекин он сум пора намекунад, пас он барои шумо наҷис мебошад. Ва хук аз он ҷиҳат, ки он сум пора мекунад, лекин он нушхор намекунад, пас вай барои шумо палид мебошад, пас аз гушти он махӯред ва ҷуссаи онро даст марасонед» (14: 3-8).**

Ин матнҳо аз Таврот ба танҳоӣ кофӣ ва басанда мебошанд. Вале бо вуҷуди ин, ҳаром гардонидани хук танҳо дар Аҳди Қадим нест, балки ҳатто дар худи Инҷил ҳам омада:

Миркас дар Инҷилаш ҳикоя намудааст: **(Масеҳ хукро талаф дод ва аз онҳо дар баҳр подаи калонеро ғарқ намуд)**[1]. Ва ба шогирдонаш гуфт: (**Мадиҳед Қудсро ба сагҳо ва ҷавҳаратонро пеши хукҳо маяфканед**), бинобар ин, хукро инҷо ба сагҳо қарин ва наздик карор дод. **Пас касе хукро ҳалол бишуморад, ҳамоно ба Мӯсо ва Масеҳ кофир шудааст»** то охир[2].

Ва дар Инҷили «Матто» омадааст: **«Қудсро бар сагон мадиҳед ва бошишгоҳоятонро назди хукон қарор надиҳед» (**Инҷили Матто 67).

Ва дар ҳақиқат  масали содиқ ба эшон расидааст: **«Саге, ки ба қайи кардааш баргашт ва хуке ки шуста шудааст ба чарогоҳи лойи бадбӯ»** (рисолаи Бутруси расул 2:22).

**«Дар чарогоҳи он кӯҳҳо подаи калоне аз хукҳо мечарид. Ва ҳамаи девҳо аз ӯ илтимос карда гуфтанд: «Моро ба сӯи хукҳо бифирист, то дар онҳо дохил шавем». Пас дарҳол Ясӯъ барои онҳо иҷозат дод. Арвоҳҳои палид берун шуда дар хукҳо дохил шуданд»**

---

[1] Нигоҳ кун: «Инҷили Матто»: (8/28-32); «Инҷили Миркас»: (5/1-14); «Инҷили Луқо» (8/26-33).

[2] «Тахҷил» (2/609-610).

(Инҷили Миркас 5:11-13).

Бинобар ин, онҷо ҳақиқатест бояд ҳамеша дар пеши чашмони мо ҷилвагар бошад ва он ин аст, ки Масеҳ барои муқаррар намудани Таврот ва чизҳое, ки дар он аст, таъкидкунанда омадааст: **«Шумо гумон накунед, ки барои вайрон кардани Таврот ё Суҳуфи анбиё омадам. Наомадаам то вайрон кунам, балки то ба ҷо оварам. Зеро, ки ба ростӣ ба шумо мегӯям: То осмон ва Замин фано нашавад, ҳеҷ як ҳарф ё нуқтае аз Таврот ба фано нахоҳад рафт, то даме ки ҳамааш иҷро шавад»** (Инҷили Матто 5:17-18).

Ва суоле, ки аз ҷониби профессор ва аз ҷониби ҳар яке маро мунтазир мебошад, ин аст: «Пас мубоҳ будани хук барои мо аз куҷо омадааст?».

Ҷавобаш ин аст: Аз худи ҳамон сарчашмае, ки тамоми дини Исо(а)-ро тағйир дод, ҳамоно он аз ҷониби Пулис аст.

Аз ин ҷиҳат Пулис барои ворид кардани матн бар мубоҳ будани хук ҷуръат накард, лекин ӯ матнҳои умумиеро ворид кард, ки ҳама чизро мубоҳ мегардонид, магар хун, худмурда ваончи барои бутҳо забҳ шуда бошад. Касеро, ки ба наҷосат будани чизе ҳарф мезад, ба он ҳамла мекард. Хукро бошад аз ҷумлаи чизҳои поку ҳалол қарор дод. Ва ин кори ӯ дар номаҳояш буд, на дар худи Инҷил. Пас дар рисолаи «Амалҳои расулон» мегӯяд: «Зеро, ки Рӯҳулқудс ва мо савоб дидем, ки ба зиммаи шумо боре нагузорем, ҷуз воҷибҳои зерин:

Аз қурбониҳои бутҳо, аз хун, аз гӯшти ҳайвоноти бӯғишуда ва аз зино парҳез кунед. Ҳар гоҳ аз чизҳои ёдшуда худро нигоҳ доред, кори хубе мекунед» (15/ 28, 29).

Ва дар рисолааш ба аҳли Румия мегӯяд: «Ман медонам ва дар Исои Худованд яқин дорам, ки ҳеҷ як чиз ба худии худаш наҷис нест, фақат барои касе, ки чизеро барои худ наҷис мешуморад, он наҷис аст» (Румия 14/14).

Дар рисолааш ба Титус гуфтааст: «Ҳама чиз барои покон поку тоҳир аст, аммо барои наҷису палидон ва барои ғайри мӯъминон бошад, ҳеҷ чиз пок нест. Балки ҳам хиради онҳо ва ҳам виҷдонашон палид гардидааст» (Титус 1/15).

**Устод Фифа:** Ҳақиқате, ки дар гуфтугӯҳоямон маро маъқул шудааст, ин мутобиқсозии матнҳои динӣ ба ҷанбаи ақлӣ мебошад… Аз ин рӯ, мантиқ худ ҳакам ва қазоватгар аст. Ҳатто бар матнҳои динӣ ҳам. Бо вуҷуди ин ман мехоҳам эътирозамро доир ба хукро ҳаром гардонидани динашон ба хотири Абӯҳомид биёрам. Дар ин маврид агар хук нопоку чиркин бошад, бо ӯ мувофиқат мекунам, аммо вақте ки тоза бошад, онро чӣ гуна ҳаром мегардонем? Ва боз ёдовараш мекунам, ба масъалаи душмании онҳо нисбати хук?

**Абӯҳомид:** Ман ҳозир барои шумо исбот мекунам ки ҳар вақте Аллоҳ таъоло чизеро ҳаром гардонид, онро беҳуда ҳаром намегардонад. Балки онро барои як ҳикмати бузурге, инчунин аз ҷиҳати манфиати худи мардум ва барои саломатии онҳо, ҳаром мегардонад. Сипас ночор мегӯӣ: **Оре, ин дин барои ҳар вақту замон ва барои ҳар макон созгор мебошад.** Ва гуфтаи Ӯ таъоло ҳақ аст. Баробар аст, ки дар мавриди инсонҳо бошад ё дар мавриди чаҳорпоён. Дар осмон бошад ё дар замин, умуман дар мавриди ҳар чиз. Ман танҳо дар мавриди хук намегӯям, балки ҳар чизе, ки онро Худованд дар Қуръон ва Муҳаммад Паёмбар (с) дар

суннаташ ҳаром гардонидаанд, чунин аст. Муҳим он аст, ки исбот намоем, ки Аллоҳ таъоло онро ҳаром гардонидааст.

**Доктор Ҳонис Ҳойнирш Закифаҷ дар китобаш «Саломатӣ ва гӯшти хӯк» мегӯяд:**

- Хӯрдани гӯшти хуки тоза ба илтиҳоби (омоси) куррӯда, талха ва санги талха, бемориҳои рудаи ҳалқашакл, бемориҳои пӯст, чирки ғадудҳое, ки арақро мебарорад, сабабгор мешавад.

- Дар солҳои гуруснагӣ, ҳангоми ҷанги ҷаҳонӣ, мардуми Олмон сиҳҳату саломат мезистанд, ин аз он ҷиҳат аст, ки гӯшти хук дар истеъмолашон набуд. Бемориҳои дар боло зикргардида ҳам дар он вақт маъруфу машҳур набуданд.

- Баъди соли 1948, баъди маҳдудкунии пули олмонӣ, гӯшти хук ва ончи аз он истеҳсол карда мешавад, ба шакли бузург мунташир гардид. Ин вақте буд, ки дар он бемориҳои рудаи ҳалқашакл, талха ва бемориҳои пӯстӣ зуҳур кард.

- Чизи даҳшатовари дигар ин аст, ки нисбати бемориҳои саратон дар шахсони 60-70 сола, ки умри солим доштанду ягон дарду беморие ҳам пеш аз ин эҳсос намекарданд, бемории мазкур дар онҳо зиёд авҷ гирифт. Бемориҳои меъда дар соли 1952 шурӯъ шуд. Дар маҷаллаи тиббие, ки таҳти рақами 12 дар Мюнхен аз чоп баромадааст, доктор Ҳонис Риктфиҷ гузорише додааст, ки хӯрдани гӯшти хук сабабгори илтиҳоби пайвандҳо низ мегардад. Инчунин гирифтор шудани занҳо ба бемории саялони (равоншавии) сафед WEIBFLUB ва бемориҳои доимӣ авҷ гирифтааст.

Доктор Рикфиҷ дар соли 1955 бар 30 муш таҷриба гузаронид. Қисме аз онҳо ба шакли табиӣ ғизо

гирфитанд ва ғизои қисме аз онҳо гӯшти хук буд. Пас қисме, ки аз гушти хук ғизо мегирифтанд, дар аҷзои гуногуни баданашон ба саратон, бемориҳои пӯстӣ ва ҷароҳатҳо гирифтор шуданд.

Ҳамчунин, омӯзишҳо нишон доданд, ки гӯшти хук баъзе унсурҳои заҳрноки Toxin-ро дарбар мегирифтааст.

Доктор илова карда мегӯяд: Чунин аст, ки огоҳии ӯ вақте барангехт, ки донист, ки сагҳои буксер (“Boxer”) аз хӯрдани гӯшти хук манъ карда шудаанд. Ин аз он ҷиҳат буд, ки истеъмоли он сабаби мубталошавӣ ба бемориҳои пӯстӣ ва дарунии палид мегардад.

- Ҳамчуноне ки ба шерҳо ва палангони сирк додани гӯшти хук манъ карда шудааст. Ин ҳам аз он ҷиҳат аст, ки онҳо ба сабаби гӯшти мазкур ба фишори хун ва хунрезии биниӣ гирифтор мешаванд.

Омӯзишҳо низ нишон медиҳанд, ки ба моҳиҳо дар парваришгоҳҳои моҳӣ, додани гӯшти хук дар чанд рӯзи бешумор онҳоро ҳалок карда аз байн мебарад.

Доктор инчунин зикр мекунад, ки бешак, гӯшти хук фаъолтарин заҳрҳое маҳсуб мегардад, ки онро инсон тановул менамояд, (Homotoxin) аст ки дастгоҳи имунитети ҷисмро бармеангезад, ки бар асари он, ба бемориҳои гуногун мубтало мегарданд.

Профессор Ҳовс Hauss (MUNSTER) мегӯяд: Равғанҳо, махсусан равғани хук, сабабгори фишорҳои равонӣ гардида, ба оқибатҳои даҳшатовар (марговар) бурда мерасонад.

Профессор Финсист (Frankfurt) wendt зикр менамояд, ки бемориҳои хун, лахтшавии рагҳо ва қанд, ба сабаби хӯрдани андомҳои дохилии хук,чун меъда, ҷигар, дил ва рӯда сар мезанад.

Ӯ чунин пурсиш менамояд: Миёни гӯшти хук ва гӯшти ҳайвонҳои дигар чӣ фарқе мавҷуд аст? Ҷавоб медиҳад: Гӯшти хук нисбати равғаннокияш ниҳоят зиёд мебошад. Зеро, ки равғанҳо ҳатто дар дохили ҳуҷайра ҷо доранд. Ҳатто дар ҳамон хукҳое, ки ба шакли махсус парвариш дода мешаванд, дар ҳоле ки равғаннокии ҳайвоноти дигар дар беруни ҳуҷайраҳо мебошад. Дар натиҷа, оқибатҳои мутараттибгардида бар сурхрагҳо иборатанд аз:

* Шахшавии сурхрагҳо, фарбеҳшавӣ, бемориҳои қалб, хун ва дастгоҳи гардиши хун.

* Зиёдшавии нисбати азҳадзиёди холестерин дар хун, ки дар натиҷа ба пайдошавии ҳуҷайраҳои саратонӣ меанҷомад (Профессор Руфӯ- Roffo).

- Бинобар ин, ба ҳар роҳе ки пухта нашавад, нисбати равғаннокиро аз ҳуҷайраҳо ва аз дохили мушакҳо бароварда наметавонад.

- Гӯшти хук дар таркибаш миқдори зиёди кибритро дарбар мегирад.

- Hexosamin – Condroitin Sulfat Аминосукар Glukosamin глюкозиамин.

Ин барои ҷамъ гаштани моеъҳои мулоиму нарм дар ҷисми инсон, дар пайвандҳо, робитаҳо, нармусутухон (ревматизм) ва инчунин ба илтиҳоби пайвандҳо ва бемориҳои сутунмӯҳра меанҷомад.

Ҳамчунон, профессор Биир (Proffessor Bier) бо анҷом додани ин таҷрибаҳо исбот менамояд, ки нармустухон ва робитаҳое, ки миқдори андаке аз кибритро дар худ доранд, пурқувваттару пурбардортар мебошанд.

**Устод Фифа:** Дар ҳақиқат, ман ҳамчун табиб ин хатарҳоро бо тафсилоти мазкур бори аввал фаҳмидам.

Дар оянда ба сомонаҳои илмие, ки зикр намудӣ, ворид мешавам. Ман худам сари онҳо таҳқиқот менамоям. Вале ба ту, Абӯҳомид мегӯям: Касе гӯшти хукро мехӯрад, ахлоқи пасти хук бар ӯ таъсир мекунад… инро ба воситаи ақл чӣ гуна исбот менамоӣ?

**Абӯҳомид:** Ту тибқи одат таъсири ҳаёти муҳитро ба инсон марбут медонӣ. Пас чӣ тавр эҳтимоли таъсиррасонии таъомҳоро ба инсон амри тааҷҷубангез мешуморӣ?

Як донишманди бузурги олмонӣ дар риштаи тиб, ки номаш профессор Литро (Professor Letree) мебошад, мегӯяд: Ҳамоно тановул намудани аҷзое аз хук, ба ҳама узвҳои инсон таъсир мерасонад. Бар тариқи мисол метавон гуфт:

- шахсоне, ки пушти хукро мехӯранд, миқдори равғаннокӣ дар онҳо бештар дар пушт ва гардан зоҳир мегардад. Шахсоне, ки шикам ва рӯдаҳои онро мехӯранд, шиками эшон нисбати узвҳои дигар бештар мутаассир мегардад. Инчунин аст рони пой ва боқии аҷзои он.

Бинобар гуфтаи ин профессор мегӯем: Модоме ки таъсири хук дар узвҳои дидашавандаи инсон собит шуда бошад, пас чаро дар қувваи ақлӣ ва тарзи андешаронӣ ва умуман ахлоқиёташ таъсир намегузорад?

Дар сарчашмаҳои Ислом аз Паёмбар (с) ҳадисе дорем, ки алоқамандии ахлоқии аҷибро дар қазияи ҳайвонот равшан менамояд. Он ҳазрат(с) мегӯяд: ***«Фахру бузургманишӣ кардан дар соҳибони шутур аст ва оромишу виқор дар гӯсфандорон»[1].***

---

[1] Бухорӣ (4127) ва Муслим (85).

Барои шинохти бештари шумо қавли ду донишмандамонро зикр менамоям, ки онҳо дар назди шумо ҳам маъруфанд. Яке Фахри Розӣ аст, ки мегӯяд: «Аҳли илм гуфтаанд: Ғизо ҷузъе аз ҷавҳари шахси ғизогиранда мегардад. Пас зарур аст, ки дар вай ахлоқу сифатҳое дар ғизо мавҷудбуда, ҳосил гардад. Яъне ногузир ахлоқи онҷиро ки аз гӯшташ тановул мекунад, дар худ мегирад. Хук бошад, ҳирси бузург ва рағбати сахт дар хоҳишоташ дорад, аз ин ҷаҳат хӯрдани он ҳаром гардонида шудааст, то хӯрандаи он аз ин кайфият ранг нагирад».

Донишманди дуввум таърихшиносу ҷомешиноси машҳур дар Шарқу Ғарб, ки ба табиату анъанаҳои халқиятҳову миллатҳо низ ошно мебошад, номаш Ибни Халдун аст. Ӯ чунин мегӯяд: «Арабҳои бодиянишин гӯшти шутурро тановул намуданд, пас онҳо дуруштиро ҳосил карданд. Туркон гӯшти аспро тановул намуданд, пас дуруштхӯӣ ва тундиро касб намуданд. Фарангиҳо гӯшти хукро тановул карданд, пас даюсиро касб карданд».

**Гӯшти хук** миқдори зиёди ҳормонҳои нашъунамоёбиро **дарбар мегирад**, ки ба фарбеҳии беҳад зиёд бурда мерасонад. Инчунин он ҳуҷайраҳоро барои қабули бемории саратон омода месозад.

**Ҳамчуноне ки гӯшти хук** миқдори зиёди ҳисоминро **дарбар мегирад**, ки барои мубталошавӣ ба бемориҳои пӯстӣ, ҳассоссиятҳо, илтиҳоби рудаи ҳалқашакл, талха, омоси пӯст, янруд рамотис Neurodermitis ва бемории астма (диққи нафас) сабаб мегардад.

- Ҳамчунин, гӯшти хук сабабгори таби вирусӣ мегардад, ки он боиси бемории Perof. Letter мешавад.*

**Захрҳои хук дар нишондодҳои зайл хулоса карда мешаванд:**

1. Миқдори аз ҳад зиёди холестерин, ки сабабгори бемориҳои зерин мешавад: а. Фишори хун. б. Шахшавии сурхрагҳо. в. Бемории қалб (саратон) Prof Roffo. .

2. Ҳистомин, ки сабабгори амрози зерин мешавад:

а. Экзема. б. Бемориҳои пӯст. в. Илтиҳоби шохчаи кирмшакли кӯррӯда. г. Омезиши хун.

3. Баландшавии нисбати ҳормонҳо, ки сабабгори амрози зерин мегардад: а. Нашъунамоёбии аз меъёр зиёд. б. Фарбеҳшавӣ. в. Варамҳои саратонӣ.

4. Прутинҳо дар гӯшти хук ва дар гӯшти инсон ба ҳамдигар тамоман мутобиқ мебошанд.

Хук ягона ҳайвоне мебошад, ки дарғотҳояш (клапанҳои дилаш) ба дарғотҳои дили инсон иваз карда мешавад, зеро ки он ба дарғотҳои дили инсон мувофиқ аст.

Қабл аз забҳ намудани хук чанд ҳафта, ё чанд моҳе бояд назорат ва санҷиш гузаронида шавад, то ки ҳормонҳои ҷинсиро набарорад, ки бӯи гӯштро таҳаммулнопазир гардонад.

Хукҳо аз вақти таваллуд шудан то лаҳзаи кушташавӣ бояд синну солашон аз шаш сол беш нашавад, вагарна он ба саратон гирифтор мегардад.

Ба тариқи табиъӣ тарбия намудани хук аз омилҳои сабабгоршавандаи бемориҳои гуногун чизеро тағйир намедиҳад.

Бемориҳое, ки гӯшти хук боиси пайдошавии онҳо мешавад, ба сабаби захрҳоест, ки худаш онро тановул менамояд. Инчунин, аз ҷиҳати фазо он омилҳои зиндаеанд дар бештар гаштани зарарҳои он муассир

мебошад. Вале асли бемориҳо дар таркиби гении гӯштҳои мазкур боқӣ мемонад. Пас чӣ қадар, ки гарм карда нашавад ё ба дигар василаи ғайри гармкунӣ аз ҳақиқати генҳо чизеро тағйир намедиҳад.

Акнун дар ҳоле ки ман дар ин лаҳзаҳои охир, пеш аз дубора чоп кардани китобам, чунин дармеёбам, ки ҷаҳонро ба сабаби хук тарсу ҳаросе фаро гирифтааст, ки ҳамоно ваколатҳои хабарӣ аз ин хатари оянда ва азончи ки Аллоҳ таъоло қабл аз ин ҳаромаш гирдонида буд, эълон намуданд.

Вазири тандурустии кишвари Мексика, Ҷозия Ангел ҳақиқати зайлро ки шумораи қурбониҳои бемории зукоми хук дар моҳи апрели соли ҷорӣ ба ҳаштоду як нафар расидааст, эълом намуд. Масъулон таъкид карданд, ки бештари касоне, ки ба бемории зукоми хук дар Мексика дучор шудаанд, аз ҷумлаи навҷавонони сиҳҳату солим мебошанд, на аз ҷумлаи кӯдакон ва калонсолон. Раиси Созмони Тандурустӣ Маргарита Чан аз ин ки зукоми хинзир дар Мексика ва Ийолоти Муттаҳидаи Амрико мумкин аст ба вабои хатарнок мубаддал гардад, барҳазар намуд. Оё баъзе ҳикмат ва розҳои ин масъаларо донистӣ ки чун Исо (а) бори дуввум фуруд ояд, салибро мешиканад ва хукро мекушад?[1].

Ҳақиқатан, илми навин кафил аст, ки ба ту яқини комил бахшад ба ин ки ҳар чизе Аллоҳ таъоло онро дар Ислом ҳаром гардонидааст, барои ҳикмате будааст. Инчунин, ҳар чизеро, ки ҳалол гардонидааст, низ бар асоси ҳикмате ҳалол мебошад. Ҳикмату сабаби бузург манфиати инсон ба шумор меравад, хоҳ инсон онро дарк кунад ва ё накунад. Ислом аз ин бузургтар аст, ки ба

[1] Сарчашма ББС, якшанбе 26/4/2009м.

ҳайвоне душманӣ намояд. Бартар аз ин аст, ки бо миллате аз миллатҳо душманӣ варзад. Ҳамоно Ислом дини тамоми миллатҳо ва умматҳост.

## *Масоили бештар мутанафиркунанда*

**Профессор Ҷокоп:** Эй Абӯҳомид, чаро ту ба ин сурат аз масеҳият қасосгирандаӣ? Мо мехоҳем, ки ту бо мо бештар ошкор бошӣ. Чӣ бисёранд масоиле, ки ақли туро бар зидди дини мо барангехтаанд..?!

Чӣ зиёданд корҳое, ки нафрату бадбинии туро нисбати масеҳият бедор сохтаанд?

**Абӯҳомид:** Қасам ба Худованд, ки ман бо шумо ҳамеша ошкор будам ва ниҳоят ҳам ошкоргӯӣ пеша намудам. Як лаҳзае аз ҳукми ақл даст накашида, зери таъсири отифа ва эҳсосот нарафтам. Вале ту аз ман талаб намудӣ, ки бо шумо бештар аз ҳолатҳои қаблӣ ошкор бошам. Бинобар ин, ман аз ту пинҳон намедорам бузургтарин чизе, ки маро барошуфт, истифодабарии бузурги ақлҳои шумост дар мавриди моддиёт ва ботилу бекор намудани хирадҳоятон дар умури дин мебошад!

Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки дигарон ба дастовардҳои шумо, ки аз илмҳои ҳаётӣ кашф намудед, рашк мебаранд. Агар Худованд ба шумо чунин ақлҳоро намебахшид ва бароятон имкониятҳоро фароҳам намеовард, дастовардҳои мазкур амалӣ намегашт. Дигар ин ки шумо соҳибони чунин ақлҳои ихтиръкор чӣ гуна ин ҳама таноқузот, яъне зидду нақизҳоро дар ақидаатон қабул менамоед! Шумо таслим мешавед, вале дар мавриди бузургтарин масъалаҳои ақлии илмӣ ва низ масоили қалбӣ суолу пурсиш намекунед!

## *Зидду нақизҳое, ки эҳтиёҷ ба илми амиқ дар диншиносӣ, надоранд*

Зидду нақизҳое, ки агар туро фарзанди хӯрдиат аз онҳо суол кунад, ҳаргиз барои ӯ посуххои қонеъкунанда дарёфт карда наметавонӣ!

Ба тариқи мисол, ту ба ман дар мавриди Масеҳ (а) дар амонате, ки бар он эътимоду такя доред, мегӯӣ: Ӯ таваллудшуда ва махлуқ нест… Чӣ таноқузи ошкоре монанди ин ҳаст…?!

Ба ман ту мегӯӣ: Се Худованд, вале онҳо яктоянд. Ва низ мегӯӣ, ки яктост, лекин онҳо сетоянд, чӣ тавр…?!

Дар бораи Масеҳ (а) бароям мегӯӣ: Ӯ «писари Одам аст» «писари Инсон» ва ӯ «офарандаи Одам аст»… чӣ тавр …?!

Ту низ бароям мегӯӣ: «Ӯ Худованди қатлшудааст»… инро чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст…?!

«Илоҳе, ки ба дор кашидашудааст»… чӣ тавр…?!

Ҳамоно Ӯ аз азобдиҳии яҳудиён «ғамгин мешавад ва гиря мекунад» … инро чӣ тавр қабул кардан мумкин аст…?!

«Парвардигоре, ки се рӯз дафн карда шудааст»… ин чӣ маънӣ дорад…?!

Мегӯӣ, ки «салиби муҳаббатро бар рӯи дилҳоямон овезон менамоем»… инро чӣ гуна бояд фаҳмид…?!

Шумо мегӯед: Дар ниҳояти тавозӯъ ва бандагӣ қарор дошт, сипас даъво мекунед, ки ӯ даъвои Худоӣ намуд… яъне чӣ тавр…?!

Ҳамчунин шумо мегӯед, ки мо Ӯро дуо мекунем, аз Ӯ талаб менамоем ва Ӯ ҳоҷатҳои моро бароварда мегардонад. Сипас гашта мегӯед: Бисёр вақҳо Масеҳ (а) падарашро дуо мекард… пас чунин бошад, мо чаро

бевосита Парвардигорро дуо намекунем…?!

Шумо мегӯед, ки мо яктопарастем, ҳол он ки шумо худатон эътироф менамоед, ҳатто дар ҳамон ишораи сегонае, ки бар сари синаҳоятон мебошад, ки онҳо се илоҳанд. Вагарна чаро бар қалб як зарба намезанед, масалан, то эълон бидоред, ки ӯ Илоҳи ягона аст…?!

Шумо мегӯед, ки мо Тавротро муқаддас медорем ва ба ончи дар он омадааст, имон дорем, дар ҳоле ки шумо худатон мушоҳида менамоед, ки Таврот ба тавҳиду якто донистани Худованд даъват мекунад. Бо вуҷуди ин, ба таслис (сетопарастӣ) ақида доред… чӣ тавр…?!

Шумо мегӯед, ки Худованд Инҷилро бар Исо (а) фуруд овард! Аз инрӯ, ба шумо гуфта мешавад: Инҷили Исо (а) дар куҷост? Шумо мегӯед, ки Исо (а) Инҷил надорад! Шумо мегӯед, ки он баъди рафтани Исо, алайҳиссалоту вассалом, сӣ сол баъдтар навишта шудааст… чӣ гуна инро бифаҳмем…?!

Агар мо шуморо дар ин гуфтаҳоятон мувофиқат намоем, оё шумо барои он санади пайваставу муттасил доред? Албатта, мегӯед: Не!

Оё шумо нусхае, ки дар он замон навишта шудааст, дар даст доред? Мегӯед: Не…!! Оё онро Исо (алайҳиссалоту вассалом) худаш имло намудааст? Шумо мегӯед: Не…!

Пас чӣ гуна тавассути он ҳуҷҷатоварӣ менамоед…?!

Оё ин ҳама пурсишҳо аз рӯи ақл ҷоиз нест…?!

Оё чунин назар дорӣ, ки ақлат ин ҳама зидду нақизҳоро ҳазм карда метавонад ё онҳоро аз бар мекунад?

Ё ин ки дин омада, то ақлро решакан намояд..?!

Чаро шумо барои ақлҳои худ посухҳои қонеъкунанда пайдо карда наметавонед, пеш аз ин ки ҷавобҳои мазкур барои ақлҳои дигарон қонеъкунанда бошанд?! Ин дар ҳолест, ки агар посухе дар ин маврид вуҷуд дошта бошад, ҳол он ки аслан посухе вуҷуд надорад. Зеро ки посухи қонеъкунанда барои як амри имконнопазир, аз имкон берун аст..!

## *Ибодатгоҳи бидуни сурат*

**Устод Фифа:** Аз ҷумла чизҳое, ки ман худамро пурсон мекунам:

Чӣ гуна ман дар масҷиди шумо ягон тимсол ё суратеро надидам! На сурати Парвардигор, на сурати Паёмбар Муҳаммад, на аз модараш, на аз асҳобаш, на аз хешовандонаш ва на аз фарзандонаш…?!

Оё дини мо дини осмонӣ нест? Дини шумо ҳам дини осмонӣ нест? Пас чаро ба мо чунин олӯдагӣ расидааст ва шуморо нарасид…?!

Мо, дар ҳоле ки дар масҷид будем, чунин эҳсос накардем, ки бар сурат ё тимсол ё ашхосе, ки имкон дорад онҳоро зеҳн тасаввур намояд, намоз бигузорем. Ман аз роҳиби бузург узр мехоҳам, дар ҳоле ки калисоҳои мо, аз ин тимсолҳо, суратҳо ва ғайри инҳо пур карда шудааст.

Дар ақли ман ин лаҳза суоле пайдо шуд, ки ҷавобашро намедонам: Оё маъбаде, ки дар он Марям (а) пеш аз вилодати Ясуъ ибодат мекард, ба ин шакл буд…?!

Оё дар онҷо сурати Исо (а) пеш аз ин ки таваллуд шавад, бадор овезоншуда буд? Ё дар он сурати Мӯсо (а) буд? Ё сурати Одам?

Оё ба ақл дуруст меояд, ё тасаввур карда мешавад,

ки дар маъбадҳое, ки Исо (а) ибодат мекард, сураташ овезон буд, дар ҳоле ки ӯ бадоровехта бошад ё сурати модараш ё сурати Парвардигораш бошад…?!

**Абӯҳомид: Ҳақиқатан, ончи ба шумо расида ба мо ҳам расидааст,** вале Худованд моро бар ақидаи дуруст побарҷо нигаҳ дошт. Ин аз он ҷиҳат аст, ки Худованд ҳифзу нигаҳбонии Қуръон ва роҳи Расулуллоҳ (с)-ро худаш ба ӯҳда гирифтааст… масъала аҷиб ба назар мерасад, оё чунин нест…?!

**Ҳамоно касоне, ки дини Исо (а)-ро тағйир доданд, худи онҳо низ кӯшиш намуданд, то дини Муҳаммад (с)-ро тағйир бидиҳанд. Онҳо яҳудиёнанд.**

**Ҳаминҳо буданд, ки ба дор овехта шудани Масеҳро иддао карданд ва бо ин рафторашон бар дигарон фахр менамоянд! Ҳамчунин онҳо ба куштани Муҳаммад (с) кӯшишҳои зиёд ба харҷ доданд. Балки онҳо буданд, ки ӯро заҳролуд карда баъди се сол куштанд. Аз заҳри онҳо ба ҳалокат расид. Чунки зане аз сокинони Хайбар тавассути гӯсфанди бирёнкардашуда ӯро заҳр дод. Расули акрам (с) аз он як луқма тановул намуд…!**

Шояд шумо мардумонеро мебинеду мусалмонашон мешуморед, ки ғолибан онҳо чунин ҳастанд. Дар ҳоле ки онҳо шиъа номида мешаванд! Лекин шумо онҳоро мебинед, ки корҳое анҷом медиҳанд аз Ислом ниҳоят дур! Ибодатҳое анҷом медиҳанд, ки сурати онҳо исломӣ бошад, моҳияту ҷавҳари амалҳои мазкур мухолифи Ислом мебошад. Масҷидҳои онҳо аз суратҳо пур карда шудааст, инчунин сангчаҳое доранд ки дар вақти намаозгузорӣ бар рӯи онҳо саҷда мекунанд! Беҳтарин ибодатҳои онҳо зиёрат кардани қабрҳои мардуми муайян мебошад. Барои баровардашавии ҳоҷатҳояшон аз Худованд талабу дуо наменамоянд, ба

он андозае, ки аз мурдаҳо дуо ва талаби мадад мекунанд! Шумо онҳоро мебинед, ки чӣ гуна бар рӯйҳои (суратҳои) худ ва бар синаҳои худ мезананд. Аз ҷасадҳояшон ва аз сари фарзандонашон хун мерезонанд…! Корҳое, ки ҳар инсони оқил аз анҷом додани он шарм медорад, корҳои зиёд ва даҳшатборе аст, ки хулосаи он табдили яктопарастӣ ба ширк мебошад!

Онҳо дар мавриди помолсозии арзиши ақл ва дар ширкиёт воқеъ шудан, зинаҳову ҳолатҳои гуногун доранд… Аз миёни онҳо мардумоне низ пайдо шуданд, ки хостанд аз ҳама гуна ширкиёт онҳоро ба Исломи ноб баргардонанд, Исломе, ки ақлро эҳтиром намуда, гиромӣ медорад… Онҳоро ронданду мардумро низ аз эшон барҳазар карданд. Мутолиаи китобҳояшонро низ ҳаром гардонданд, чи тавре ки айнан ҳамин корҳо дар дини шумо ҳам рух дода буд.

**Устод Рино:** Дар ҳақиқат ин масъалаест, ки месазад андаке сари он таваққуф намуд. Оре, мо дар барномаҳои моҳвораӣ ва моҳвораҳои ироқӣ, ки шумороаашрн ба сӣ шабака расидааст, мушоҳида мекунем. Бахусус, баъзе одатҳои аҷиб ки онҳоро ба дини Ислом рабт медиҳанд, дар ҳоле ки онҳо бештар ба расму одати бутпарастон шабоҳат доранд, ки мо онҳоро дар китобҳо хондаем. Ба монанди бар рӯи замин то назди қабре хазидан, ки дар маъбад мебошад. Монанди вуҷуд доштани қабрҳои бузург дар маъбад. Бар назди девори қабр истода сарҳоро ҷунбонидан ва тартилҳову хонишҳо ва дигар корҳои ниҳоят зиёд анҷом додан… Ҳамеша аз сирри ин масъала мехостам пурсиш намоям… Оё ин посухе дорад?

**Абӯҳомид:** Посухи мухтасару муфид ва дақиқаш ин

аст, ки вай Абдуллоҳ ибни Сабаъи яҳудии Санъонӣ мебошад!!! Марде, ки иддаои ба дини Ислом даромаданро намуд. Иддао кард, ки Паёмбар Муҳаммад (с) ба писари амакаш, Алӣ ибни Абӯтолиб баъд аз худ ба хилофат васият намуд! Сипас иддаояш бештар шуд, ки Расули акрам (с) барои Алӣ баъд аз худаш ба нубувват васият намудааст!

Баъдҳо даъво кард, ки Алӣ ҷузъе аз Илоҳ мебошад. Сипас даъво намуд, ки Аллоҳ дар Алӣ фурӯд омадааст (ҳулул кардааст)!!!

Воқеан, ӯ кӯшишҳои зиёд намуд, то мазҳабашро дар кишварҳои Шом мунташир созад. Ин дар қарни севум ва чаҳоруми садри Ислом сурат гирифт, вале комёбӣ насибаш нагашт. Сипас ба тарафи Миср рӯй овард, ки дар он ҷой ҳам ба нокомӣ рӯбарӯ шуд. Баъд аз он ба Ироқ омад, инчунин дар ин ҷой ҳам ба паҳн кардани мазҳабаш муваффақ нашуд. Сипас ба кишварҳои форснишин фирор намуд, ҳамон кишваре, ки имрӯз Ирон номида мешавад. Дар инҷо дар паҳн намудани мазҳабаш комёб гардид. Мазҳаби ташайюъ ки он дар ҳақиқату моҳияташ **омехтаи ширки ҳақиқӣ бо маҷусият мебошад, ки он парастиши оташ дар сурати Ислом бо тариқаи Банӣ Исроил аст**. Барпошавӣ ва фаолияти мазҳаби ин ҷамоа бар асоси тукя аст, ки он раво донистани мунофиқӣ ва дурӯягӣ ба ҳисоб меравад. Вақте дар ҳолати заъфу оҷизӣ қарор гиранд, онҳо ҳақиқати эътиқодашонро изҳор намекунанд ва чун побарҷову мустаҳкам шуданд, онгоҳ ақидашонро эълом медоранд. Ҳамчунон ки шумо акнун баъди забти Ироқ онҳоро мушоҳида менамоед …!

Ин мусибате ки дар миёни мо мусалмонон рух дод, айнан дар миёни шумо ҳам пеш аз мо рух дода буд.

Агар тамоми уммати исломӣ ба ончи Абдуллоҳ ибни Сабаъ хост, мубаддал мегардиданд, албатта, онҳо як нусхае аз Ирон мешуданд. Ҳамчуноне ки шумо ба насронияти мунҳарифшуда табдил ёфтед. Бо таассуфи зиёд, шояд мо акнун комилан монанди шумо мешудем. Вале ин рух надод ва Худованди Парвардигори оламиёнро ҳамду сипос мегӯем.

**Устод Рино:** Лекин куҷост он марде, ки масеҳиятро тағйир дод, ҳол он ки ӯ масеҳӣ набудааст?!

**Абӯҳомид:** Қасам ба Худо, ки ин аз ҷумлаи умури шигифтангез мебошад, ки аҳли дин надонад, ки дини онҳоро кӣ ба ин сурат тағйир додааст!

Роҳиби бузург дар мавриди касе, ки дини шуморо тағйир додааст, донотарини мардумон мебошад. **Ҳамоно ӯ роҳиб ё қиддис - Шоул мебошад**. Он ки баъди ин таъсисдиҳандаи диёнати масеҳии ҳолӣ баҳисоб меравад, ҳамчуноне ки аз ӯ хабар медиҳанд. Бинобар ин, касоне ки дар мавриди таърихи масеҳият навишатаанд, чунин овардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо "Berry" мебошад: «**Ҳамоно бештаре аз ҳамасрон ӯро таъсисдиҳандаи ҳақиқии масеҳият медонанд**»[1].

## *Пулиси хатарнок*

Ҳеч касе наметавонад, ки асли яҳудӣ будани Пулисро инкор намояд. Ӯ дар китобаш - «Амалҳои расулон» дар бораи худаш мегӯяд: **«Ман яҳудиям, Форисӣ писари Форисӣ, бар умеди қиёмати мурдагон»** (Амалҳои расулон 6023).

---

[1] Аз китоби «Муқоранаи адёни масеҳият-2», доктор Аҳмад Чалабӣ саҳ. 111. Outline of History vol, 3p. 695.

Пулис, пеш аз ин ки ба имомату пешвоӣ дар масеҳият табдил ёбад, бо масеҳиён ҳеҷ мудоро намекард. Ӯ дар бораи худаш мегӯяд:

**«Зеро шумо тарзи ҳаёти қаблии маро дар миёни яҳудиён шунидаед, ки ман калисои Худоро аз ҳад зиёд таъқиб менамудам ва онро несту нобуд мекардам ва дар дини яҳудӣ дар миёни бисёр ҳамсолони худ аз қавмам бештар комёб будам, дар ҳоле ки барои тақлиди падаронам ниҳоятдарача ғайрат мекардам»** (Ғалотия 1:13-14).

Худи масеҳиёни насли аввал аз дасти ҳеҷ касе азобу шиканҷае ба монанди азобдиҳии Пулис надиданд. Инро дар хотир дошта бош, ҳатто Луқо худаш дар бораи Пулис дар «Аъмоли расулон» чунин мегӯяд: **«Шоул аз куштани масеҳиён хушнуд буд ва бар куништ юриш мебурд ва ба хонаҳо зада медаромад, мардон ва занонро кашола карда ба зиндон месупорид. Вай ҳамвора нисбати шогирдони Худованд таҳдид ва қатлро анҷом медод»** (Аъмол 9:1-2).

Аз қиссаҳои азоб додани ӯ масеҳиёнро ба шумули мардону занон ва кӯдакон, мӯйи бадани инсон рост мехезад. **Вале аз ҳамаи ин аҷибтараш қиссаи дохил шудани Пулис ба масеҳият мебошад,** Зеро, ки Луқо мегӯяд: «Ба назди саркоҳин даромаду аз ӯ номаҳое барои куништҳои Димишқ талаб намуд, то агар марде ё занеро дар роҳ биёбад, бандикарда ба Ерусалим фиристад. Вақте Пулис ба Димишқ наздик шуд, дар атрофаш нуре аз осмон дурахшид. Пас ӯ бар замин афтод ва овозеро шунид, ки барояш мегуфт: Шоул, Шоул, чаро маро таъқиб менамоӣ? Пас гуфт: Худовандо, Ту кистӣ? Худованд гуфт: Ман Ясуъ ҳастам, ки ту ӯро таъқиб менамоӣ. Дар ҳоле ки ӯ

ларзидаву ҳайратзада буд, мегуфт: Худовандо, чӣ амр мефармоӣ, то ба ҷо оварам? Худованд дар ҷавоб гуфт: Бархез ва аз рӯи масеҳият мавъиза кун»[1].

Луқо дар интиҳои қисса ҷумлаи муҳиммеро мегӯяд, ки рӯи торихро тағйир дод, он ҷумла ин аст: «Ва дарҳол дар ҷамъомадҳо роҷеъ ба Масеҳ вазъ мегуфт, ки бешак ӯ писари Худост». Ин андешаву фикр пеш аз ин маъруфу машҳур набуд.

## *Дине ки бар асоси хоб барпо мегардад*

**Бар асоси қиссаи дар боло зикргардида, ман ин суолҳоро барои ақли ҳар нафаре, ки дини Исои Масеҳ (а)- ро дӯст медорад, арза медорам.** Дар ҳоле ки Худоро гувоҳ қарор медиҳам бар инки ман Исо (а)-ро , дини ӯро ва низ Инҷилеро, ки Худованд бар ӯ нозил кардааст, дӯст медорам:

**Оё мумкин аст**, ки мо динамонро аз хоб дидани як нафаре бигирем, ки ӯ он хобро дидааст ва касе ғайри вай ба ин хоби аёнӣ гувоҳӣ надодааст,чи тавре ки ӯ мегӯяд…?!

**Оё мумкин аст**, ки дини мардеро қабул намоем, ки як вақте қотили масеҳиёни аввал, ки аз ҷумлаи талабагони ҳавворийин буданд, мебошад. Ва ягон рӯзе ҳам ҳавворӣ набуд, ҳатто аз талабагони ҳавворихо ҳам набудааст…?!

**Оё мумкин аст**, аз обрӯҳои дарида ва хунҳои масеҳиёни нахустин гузашт кунем? Чи тавре ки қабл аз ин аз даъвои қатл шудани худи Масеҳ (а) гузашт намуда будем…?!

---

[1] Аз китоби «Муқоранату-л- адёнил-масиҳияти 2», доктор Аҳмад Чалабӣ, саҳ. 111-112.

Оре, бисёре аз мардумон буданд, ки дар аввал бар зидди анбиё набард намуданд, сипас дар сафи онҳо қарор гирифтанд. Вале касе қиссаи масеҳӣ гаштани Пулисро, ки худаш онро зикр кардааст, андеша намояд, чунин дармеёбад, ки ин оғози ҳақиқӣ барои масеҳияти ҷадид ба шумор меравад. Чунки он **ду бузургтарин аломати масеҳияти ҷадидро** баҳам ҷамъ меоварад, ки аломати аввали он **бекор кардани ақл аст. Ва ин роҳи фаҳмидани дини ҷадид мебошад!**

**Аломати дуввум «бекор кардани тавҳид» ва шарику анбоз қарор додани дигарон барои Худованд мебошад, ки баъди ин рӯз дигар барои тавҳид ва яктопарастон ҷойе боқӣ нахоҳад монд!**

Аммо бекор кардани **ақл**, чунончи ту дар назди марде ҳастӣ, ки ӯ дар диёнатомӯзӣ то ҳол шогирд аст, дар як қиссаи аҷибу ғариб ба ин дин бармегардад, ки онро ғайри худаш ҳеҷ нафари дигаре исбот накардааст ва барои кори худ шоҳиде надорад… Ҳамоно **ақл** бар ин гувоҳӣ медиҳад, ки ҳар касеро Худованд бар ӯ ваҳй нозил карданӣ шавад, қаблан як муддате ӯро барои он ваҳй омода месозад. Ҳатто Марям ҳам, зеро фаришта ба назди ӯ наомад, магар баъди бисёр ибодат намудану гӯшанишинӣ кардан ва фориғ шуданаш барои амри мазкур. Тамоми анбиё ингуна буданд… **Пас чӣ гуна Пулис ягона касе мегардад, ки барои ваҳй омода карда намешавад ва** аз як ҳолат ба ҳолати дигар бармегардад? Балки аз як марде, ки дӯстони Худоро ба Еруссалим ронда мебурд, то онҳоро ба азоб гирифтор намояд, ба як марде табдил меёбад, ки ӯро Парвардигор нидо мекунад, дар ҳоле ки вай дар қуллаи ҷинояткорист.

Балки аз як марде, ки дӯстони Худовандро ба

ҷойҳои қатл ва пуст кандан ронда мебурд, ба як марде, ки онҳоро ба ақидаҳои динӣ мебарад, табдил ёфт!

**Вале бекор намудани тавҳид** бори аввал аст, нидо мекунад, ки Исо (а) Парвардигор аст. То ақидаи мазкур баъд аз ин асосу пояе барои Инҷилҳои ҷадид ва масеҳияти ҷадид бошад ва то ин ки миёни Пулис ва тамоми масеҳиёни дигар ин масъала фарқкунанда гардад. Пулис ҳама он масеҳиёни аслиро бартараф намуд, то худаш ба ҳама чиз танҳо бошад. Ҳатто устодашро барои масеҳиён тазкия намуду пешкаш кард, аз ӯ ва ҳам аз Инҷилаш раҳо ёфт… кист ки Барнобаро намедонад?! Сипас аз қиддиси Бутрус (Петрус, Петр) раису пешвои ҳамаи талабагон, худро халос намуд.

**Дар Сифри аъмоли расулон аз Барноба мегӯяд:** «Ба ин сабаб низоъе ба миён омад, то ба ҳадде расид, ки онҳо аз якдигар ҷудо шуданд…» (Сифри аъмоли русул 15/39).

Пулис дар бораи Бутрус мегӯяд: «Вақте Бутрус ба Антокия омад, бар зидди ӯ рӯ ба рӯ муқовимат намуд» (Ғалотия 11/2).

**Дар ин ҷо Пулис ба тағйироти асосии манҳаҷӣ** (барномавӣ) **шурӯъ намуд. Бо ҳамин Пулис таълимотҳои Масеҳро бекор кард ва дар ивази ҳар ботилу беасос асли дурустро гузошт! Дар ҳақиқат, қиссаи бардошта шудани Исо (а)-ро ба қиссаи ба дор овехтани вай табдил намуд ки ин амр масеҳиёнро ба қарор додани олати бадоровехтани Масеҳ ҳамчун зинат бар сари синаҳояшон водор кард!**

Бинобар ин, дар ивази яктопарастӣ сегонапарастӣ расм гашт ва бар ивази хатнакунии маъруфе, ки шариъати тамоми анбиё бар он аст, хатнакунии қалб

суннат шуд![1] Таъмид дар ивази тавба омад! Ва рисолати Исо (а) умумӣ шуд, баъди аз он ки махсуси Банӣ Исроил буд! Муҳаббату дӯстдории Исо (а) чунин гашт, ки вақте нонро мехоӣ, тасаввур кун ки гӯё ту гӯшти ӯро дар миёни дандонҳоят пора менамоӣ ва майро менӯшӣ, то дар даруни ту ба хуни Исо (а) мубаддал гардад, …! Ин нишонаи покпиндорӣ муҳаббати Исо (а) маҳсуб мешавад, ҳамчуноне ки ӯ мепиндорад!

Он чи, ки мегӯям, натиҷагириҳо нест. Балки он чи аз Пулис омадааст онро бихон. Дар мавриди масеҳиёне, ки бо ӯ мувофиқат карданд ё мухолиф буданд, мегӯяд: «Ҳамоно ин тавҳиде аст, ки бар масеҳиёни дуруст ва бар Инҷили бузургии Худованди муборак амонат гузошта шудааст. Ҳар касе чизе мегӯяд, ки он бо таълимоташ мухолифат кунад, каломи вай ботил, нопок, мухолиф бо илм мебошад. Шахси дурӯғгӯй аст ки ба ин амалҳо қавме, ки аз имон мунҳариф шуданд, хештанро вонамуд мекунанд» (Симутовси аввал 6: 20-21).

---

[1] Дар Сифри Таквин, дар саҳ. 17: 11-14 омадааст: «Ва Худованд ба Иброҳим гуфт:Аммо ту ва насли баъд аз ту аҳди маро ҳифз менамоед. Ин ҳамон аҳдам аст, ки онро миёни ман ва шумо ва насли баъд аз ту нигоҳ медоред, **аз шумоён хатна мекунад ҳамаи инро ва дар гӯшти пӯсти хатнагоҳи бача хатна мекунед**, пас ин нишонаи аҳди миёни ман ва шумо мебошад. Писари ҳаштрӯзаи шумо ва ҳар марде дар наслҳои шумо, дар хона таваллудшуда ва харидашуда ба нуқра аз ҳар писари ғариб, ки аз насли ту нест, хатна мекунад. Ҳамон хатнаи дар хона таваллудшуда ва ба нуқра харидашуда, аҳди ман дар гӯшти шумо аҳди абадӣ аст. **Аммо олати хатнанокарда, ки хатна намекунад дар пӯсти хатнагоҳи бача, пас он нафс аз шохаҳояш қатъ карда мешавад, ки ӯ аҳди маро шикастааст**».

Ҳамин тавр, касеро ки бо ӯ мухолифат мекард, васф менамуд! Вале, кӣ қудрат дорад, ки дар баробари Пулис биистад?

Лекин амри аҷиб ин аст, ки пайравони Исо (а) ва пайравони онҳо баъди ӯ, ин мардро чӣ гуна қабул намуданд ва таълимоти ӯ чӣ гуна паҳн гашт?!

## *Пулис ва Луқо*

Перри мегӯяд: «Баъд аз ба дор овехтани Исо (а) пайравонаш аз байн рафтанд ва даъвати ӯ ниҳон гашт. Дигар касе аз ин даъват чизеро намешунавид».[1] Ва **аз миёни ҳамаи авомили мазкур** муҳимтаринашон ин **аст ки ӯ тавонист мардеро ба худ ҷалб намуда, ба сафи худ дарорад, ки марди мзкур аҳамияти ниҳоят зиёд дошт. Ин мард Луқо буд. Луқое ки Пулис ӯро чунин номид: «Ҳамоно ӯ табиби дӯстдошта аст»!** Луқо, ки ба рисолати Пулис имон овард, ба ӯ ихлос варзиду ӯро дар мақоми худи Исо (а) қарор дод. Луқо рисолае навишт: «**Аъмол ар-русул**» *(Амалҳои расулон),* ки достони зиндагии Пулис мебошад. Ҳамчуноне ки Инҷили ӯро, ки дар он андешаҳояшоро ҷой додааст, навишт. Маълум аст, ки он ду нафар, яъне Пулис ва Луқо, бо Исо ибни Марям ҳаргиз вонахӯрдаанд.

## *Сабаби омехтасозии масеҳият бо бутпарастӣ*

**Устод Рино:** Вале танҳо ҳамин мондааст бидонем, ки кадом омил Пулисро ба омехта кардани масеҳият

---

[1] Аз Китоби «Муқоранату-л –адёни-л-масеҳияти 2»-и доктор Аҳмад Чалабӣ, саҳ. 114.

бо бутпарастӣ водошт? Чаро чунин шуд ва ин фикр аз куҷо омад…?!

**Абӯҳомид:** Аммо суоле, ки чаро? Посухаш ин аст, ки кори яҳуд дар ҳама давру замон ҳамин мебошад. Яҳуд сарнайзаи ҷанг ба муқобили паёмбарон буд! Паёмбароне ки яҳудиён ба қатл расонидаанд, аз паёмбарони қатлкардаи бутпарастон ниҳоят зиёданд. Яҳудиён дар муҳориба бар зидди паёмбарон ва пайравони онҳо сурати муайяне надоранд!

**Пас ҳар гоҳ душманашон аз онҳо ҷудо шавад, чӣ тавр мешавад? Чунончи онҳо дар бораи Исо (а) мегӯянд?!**

Яҳудён чунин ақида доранд, ки Исо (а) аз онҳо ҷудо шудааст. Аз ин ҳамин ҷиҳат ӯ мустаҳиққи ба дор овехтан гаштааст, зеро ки ӯ динашро тағйир дода!

**Ва Пулис ду ҷангро бо масеҳиён таҷриба намудааст**, ҷанги аввал ки муҳорибаи маҳвкунанда аз хориҷи онҳо ё ҷанги азбайнбарии шахсиятҳо ва ниҳон кардани онҳо буд. Ҷанги дуввум бошад, аз байн бурдани худи арзишҳо ва ниҳон кардани онҳо буда! Комёбию пирӯзии ӯ дар ҷанги дуввум аз ҷиҳати таъсиргузорӣ дар гузашти замонҳо васеътару бардавомтар шуд. Ҳар касе, ки сегонапарастиро шинохтааст, дарк мекунад, ки ин чизи ҷадиде нест, ки онро Пулис кашф намуда бошад. Маълум аст, ки аз куҷо онро Пулис дуздида ва чӣ гуна дар амалӣ намудани он чун дини масеҳӣ муваффақу комёб гардид.

**Сегонапарастӣ ин дини бобулиён буд, ки чаҳор ҳазор сол пеш аз милод зиндагӣ намудаанд. Онҳо худоёнро ба се Худо тақсим карданд.** Маҷмӯаи якумро низ сето гардониданд, ки онҳо иборат аз илоҳи осмон, илоҳи замин ва илоҳи баҳранд. Маҷмӯаи дуввум низ се то

буданд: илоҳи Моҳтоб, илоҳи Офтоб ва илоҳи адолату қонунгузорӣ.10

**Сегонапарастӣ ибодати ҳиндиҳо буд, ки** ҳазор сол пеш аз Масеҳ будааст. Онҳо худоёни сегонаашонро чунин номиданд: Бароҳима, Фашну ва Сифо. Онҳо ин илоҳи сегонаро се паҳлӯи Худои ягона медонистанд. Ё Бароҳимаро илоҳи ягона медонистанд, ки ӯ се уқнум дошт. Пас ӯ аз ҷиҳати мавҷудияташ Бароҳима аст. Фашнуст аз ҷиҳати ҳифзу нигаҳбонӣ ва он дигар Сифо аз ҷиҳати ҳалоккунандагӣ аст.

«Wells» мегӯяд: **Байтлаймуси аввал маъбади бузурге барпо намуд, ки он маъбади Сиробиюм буд. Дар он ӯ як навъе аз сегонаи арбобро ибодат мекард,** ки онҳо иборат аз Узирис, Изис ва Ҳурас буданд. Мардум онҳоро арбобҳои ҷудогона намешумориданд, балки ҳайатҳое сегонаро як илоҳ медонистанд»[1].

**Ақл мегӯяд: Агар Масеҳ (а) барои ботил кардани ақидаи муайяне меомад, албатта, омадани он барои ботилу бекор сохтани ақидаи сегонапарастӣ мебуд, ки дарвоқеъ он заминро фаро гирифта, балки аз он ҳам гузаштааст!**

Ақл мегӯяд: Мутлақо лоиқу шоистаи Исо (а) нест, ки бо илоҳҳои ёдшуда муҳориба намуда, онҳоро аз байн бибарад, сипас худашро дар макони онҳо, бо ҳамон равиш, ҷойгузин созад. Оё Исо (а) омада, ки мардумро аз сегонапарастӣ берун барорад ва дар

---

10. «Муқоранату-л- адёнил-масеҳияти 2», доктор Аҳмад Чалабӣ, саҳ. 136. Ба нақл аз китоби «Ториху-л -фалсафати» аз доктор Иброҳим Мадкур,саҳ. 6.

[1] «Муқоранату-л- адёнил-масеҳияти 2», доктор Аҳмад Чалабӣ, саҳ. 133. Ба нақл аз китоби Доктор Иброҳим Мадкур- «Ториху-л -фалсафа», саҳ. 65.

сегонапарастӣ дохилашон намояд?… Аз ақидаи аввалӣ фарқе надорад, магар тағйир додани номҳо?!

Эй устоди мутахассиси омӯзишҳои инҷилӣ, ҳамоно аз динҳои бутпарастӣ сегонапарастиро нусхабардорӣ намудани масеҳият ниҳоят амали бесаводона ва беақлона будааст. Зеро ки он тақрибан нусхабардории ҳарфӣ мебошад, яъне айнан нақлшуда… Ман барои шумо як муқоисаи дақиқеро мехонам, ки онро Робертсон анҷом додааст.

Робертсон мегӯяд[1]: (Ropertson: Pagan and Christ P. 338) Мисрос ин диёнати аслии форсӣ мебошад. Он дар кишварҳои Форс, тақрибан шаш аср пеш аз мелод, нашъунамо ёфтааст. Сипас тақрибан дар солҳои 70-уми мелодӣ ба Юнон омадааст ва дар кишварҳои Рум паҳн гашта ба тарафи шимол баромадааст, ҳатто ба Британиё расидааст. Баъзе аз осори он дар шаҳри Ёрк, Шестр ва дигар шаҳрҳои Инглис кашф гардидааст. Диёнати мазкур мегӯяд:

- Мисрос воситае миёни Аллоҳ ва мардум буд.
- Ҷои таваллуди Мисрос дар ғоре ё дар кунҷе аз замин буд.
- Ҳангоми таваллуди вай, бисту панҷуми моҳи декабр буд.
- Ӯ дувоздаҳ ҳаворӣ дошт.
- Мурдааст, то башариятро аз хато раҳо намояд.
- Дафн карда шуд, вале бо бархостанаш аз қабр барои зиндагӣ бозгаштааст.

---

[1] Робертсон: «Масеҳият ва бутпарастӣ», (саҳ. 338), ба нақл аз китоби «Мунозира миёни Ислом ва насроният барои мунокишаи ақидаи динӣ миёни мутафаккирони Ислом ва масеҳият».

- Ба осмон дар пеши шогирдонаш баромад, дар ҳоле ки онҳо ба ӯ тазурруъу зорӣ намуда рукӯъ мекарданд.
- Чунин номида мешуд: «Раҳоибахш ва наҷотдиҳанда».
- Аз ҷумлаи васфҳои ӯ ин аст, ки вай барраи орамидаи Худованд буд.
- Дар ёдбудаш ҳар сол таъоми бегоҳии раббоние ташкил карда мешавад.
- Аз ҷумлаи шиорҳояш таъмид Baptism мебошад.
- Рӯзи якшанбе ҳамчун рӯзи ибодат шуморида шудааст.

Робертсон мегӯяд: Диёнати Мисрос дар Юнон танҳо вақте ба интиҳо расид, ки унсурҳои асосии он тибқи сурате, ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, ба масеҳият баргашт:

| **Диёнати Мисросия: «Мисрос»** | **Диёнати масеҳият: «Исо алайҳиссалоту вассалом»** |
|---|---|
| Мисрос миёни Худованд ва мардум восита мебошад | Масеҳ миёни Худованд ва мардум восита мебошад: «Дар ҳеҷ каси дигар наҷоте нест ва дар зери осмон ҳеҷ исми дигаре ба одамон ато нашудааст, то ба василаи он наҷот ёбем» (Аъмоли расулон 4: 12) |
| Ҷои таваллуди вай дар ғоре мебошад | Дар охӯри гов таваллуд шудааст: «Ва писари нахустини худро зоид ва ӯро парпеч кард. Ӯро дар охӯре хобонид, чунки дар мусофирхона ҷое барои онҳо набуд» (Инҷили Луқо 2:7) |

| | |
|---|---|
| Рӯзи таваллуди вай рӯзи 25-уми декабр мебошад. | Ғарбиён рӯзи таваллуди Масеҳро дар 25-уми декабр ҷашн мегиранд |
| Ӯ дувоздаҳ ҳавворӣ дошт. | Ӯ дувоздаҳ ҳавворӣ дошт: «Ва дувоздаҳ шогирдро назди худ хонду ба онҳо бар арвоҳи палид қудрат дод, то ки онҳоро берун кунанд ва ҳар бемориву бетобиро шифо диҳанд» (Инҷили Матто ташкил 10:1). |
| Вафот кард, то оламро раҳоӣ бахшад. | Вафот кард, то ҷаҳонро бираҳонад, ҳамин тавр буд таълимоти Пулис: «Ҳамоно Масеҳ вафот кард аз баҳри хатоҳои мо мувофиқи китобҳо» (Корнсоси аввал 3: 15). |
| Дафн карда шудааст, вале ба зиндагӣ баргаштааст. | Дафн карда шуд ва дар рӯзи шашум бархостааст, инчунинанд таълимоти Пулис: «Ҳамоно ӯ дафн карда шуд ва дар рӯзи шашум бархост, мувофиқи китобҳо» (1:ко 4:15). |
| Дар пеши шогирдонаш ба осмон баромад. | Дар пеши шогирдонаш ба осмон баромад: «Ва вақте инро гуфт боло бурда шуд, дар ҳоле ки онҳо назар мекарданд ва ӯро абре аз пеши назари онҳо гирифта бурд» (Аъмоли расулон 1:9). |
| Халоскунанда ва наҷотбахш гуфта мешуд. | Пулис ба ӯ лақаби раҳоибахш ва наҷотдиҳанда гузошт: «Ва мунтазири умеди муборак ва |

| | |
|---|---|
| | зоҳир шудани ҷалоли Худованди азим ва наҷотбахшандаи мо Исои Масеҳ бошем» (Титус 2:13). |
| Аз ҷумлаи васфҳои ӯ ин аст, ки вай барраи орамидаи Худованд аст. | Ин Инҷилҳо аз Юҳанои Маъмадон васфи Масеҳро ба барраи орамидаи Худованд нақл мекунанд!: «Фардои он Яҳё Исоро дид, ки ба ҷониби ӯ меояд, гуфт: Инак барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад» (Инҷили Юҳано 1:29). |
| Расмгузоштани таъоми шабонгоҳи раббонӣ | Пулис расми таъоми шабонгоҳи раббониро қарор дода, гуфт: «… Нонеро гирифт ва шукр гуфт, пас шикаст ва гуфт: Бигиред, бихӯред. Ин ҷасади ман аст ки барои шумо шикаста шудаст. Ин амалро барои ёдоварии ман анҷом диҳед» (1 ко 11:23-25). |
| Расми таъмид, яъне дар об ғусл додан ва ин дар ивази хатна аст | Расми таъмид – дар ибтидо дуруст шурӯъ гардид: «Ва Бутрус амр кард, ки ба номи Худо эътиқод кунанд» (Аъмоли русул 10: 48). Ва ба сегонапарастӣ анҷомид: «Ва ба номи Рабб ва писар ва Рӯҳулқуддус онҳоро таъмид медоданд» (Матто 19:28). |
| Муқаддас | «Ва баъди шанбе дар вақти |

| | |
|---|---|
| шумроидани рӯзи якшанбе. | бомдод аввали ҳафта» (Ташкил 1:28). Бо вуҷуди ин ки васияти чаҳорум муқаддас шуморидани рӯзи шанберо муайян менамояд, зеро ки мегӯяд: «Зикр кун дар рӯзи шанбе то ӯро муқаддас бидорӣ…» (Хуруҷ 20: 8-11). |

**Пас ақл баъди ин муқоиса ва муқобилагузорӣ ба чӣ ҳукм мекунад…?**

Оё мумкин аст, ки бигӯӣ: Ҳамоно ин дини Исо (а) аст, ки Аллоҳ таъоло онро барои ӯ фиристодааст?

Оё ин ҳама ҳақоиқе, ки гузашт, ҳар шунавандаро бар ин водор намекунад, ки нахуст худро аз ширк ки оқибати он азоби абадии Худованд аст, наҷот бидиҳад…?

Оё ҳақоиқи мазкур ба такондиҳии ҳақиқӣ ҷиҳати бозгардондани сафову покӣ ва тавҳиди воқеӣ ба дини Исо (а) фаро намехонад…?!

**Устоди омӯзишҳои инҷилӣ, Боб:** Агарончи ки ту мегӯӣ дуруст бошад, пас чаро масеҳиён баъди рафтани Пулис ба дини Исо барнагаштанд?

**Абӯҳомид:** Мехоҳам бароят ёдовар шавам, ки ҳақиқатҳои таърихӣ иҷтиҳодро қабул намекунанд, чи тавре ки дудилагиро низ қабул надоранд. Аз ин рӯ, вақте ман ба ту ин ҳақоиқи таърихиро нақл намудам, ту аввалин касе ҳастӣ, ки метавонӣ дурустии онҳоро дарк намоӣ ва дар зудтарин фурсат ба сарчашмаи онҳо дастрасӣ ҳосил кунӣ.

Ин аз як сӯ, аз сӯи дигар бешак, ту нағз дар хотир дорӣ, ки кӯшишҳои Пулис барои тағйир додани

масеҳият ду марҳиларо тай намудаанд. Марҳилаи аввал бо зулму куштор ва рондану ҳабс намудан ва ғайра, ки дар натиҷа комёб нашуд. Марҳилаи дуввум, дохил шудани ӯ дар масеҳият ва тағйир додани он аз дохилаш аст, ки дар ҳақиқат ин амр барои масеҳият миёншикан буд. Бинобар ин, агар Пулис баъди марҳилаи зулм намудани масеҳиён вафот мекард, марги ӯ рӯзи ид мегардид ва баъди воқеаи мазкур бозгашти бузург ба дини Исо (а) рух медод. Вале ӯ намурд, магар баъди тағйир додани чизҳое, ки метавонист онҳоро дигаргун созад. Инчунин, баъд аз худ ҳазорон нафареро дар кишварҳои гуногун ба монанди худ боқӣ гузошт. Дигар ин ки вай умри тӯлонӣ дид, то андозае, ки аз насли дини ҳақиқӣ дигар касе боқӣ намонд. Ҳамчунин, вай тағйироти овардаи худро танҳо ба таври насиҳатҳои даҳонӣ боқӣ нагузошт, ки бо азбайнравии ӯ ва шахсоне ки онҳоро азёд кардаанд аз байн нараванд , балки онҳоро дар китобҳо навишту ҳифз намуд. То ҷое, ки рисолаҳои ӯ пояи асосии сарчашмаҳои масеҳият ба ҳисоб мераванд ва бар асоси онҳо худи Инҷили таҳрифшуда фаҳмида мешавад. Инчунин, касоне, ки баъд аз Пулис як муддати тӯлоние ҳокимияти кишварҳои масеҳинишинро ба ӯҳда гирифтанд, ҳамаашон аз Пулис пайравӣ мекарданд. Мехостанд ё намехостанд мардумро барои амалӣ намудани таълимоти ӯ маҷбур менамуданд. Ҳол он ки ҳамаи онҳо ҳокимони динӣ буданд.

**Дар охир:** Дар ҳақиқат, ҳукми ниҳоӣ ва амалӣ бар эътиқоди масеҳӣ ин буд, ки ба дасти Константин ба таълимоти Исо (а) баргардад.

**Ва ҳамин боқӣ монда, ки пурсиш намоем: Чаро Шоул ба «тағйирдиҳии Инҷил», хароб кардани дини масеҳият ва аз байн бурдани даъватгарони тавҳид қудрат пайдо намуд, вале касе аз мо монанди Пулис боҳиммат ёфт нашуд, то ин миллатро зинда гардонад ва ба тавҳиде, ки Исо (а) оварда буд, бозгардонад…?!**

## *Хавфи хиёнат намудан моро бозмедорад*

**Устоди омӯзишҳои инглисӣ, Боб:** Ҳақиқатан, чизе ки мо аз он тарс дорем ин аст, ки шумо мусалмонҳо, ба воситаи мо, мехоҳед аз дигарон интиқом бигиред. Бинобар ин, моро дар доираи набардҳо қарор бидиҳед. Баъд аз он ки мо асрҳои дароз қурбонии дигарон будем, ҳоло қурбонии шумо гардем…!

**Абӯҳомид:** Чизе, ки ту мегӯӣ, аҳамияти ниҳоят зиёд дорад. Зеро ки он иқрор намудан ба як ҳақиқати бузург аст, ки он иборат аз ин аст, ки шумо қурбон будед ва ҳоло ҳам қурбон мебошед! Бешак, шумо ҳақро хуб медонед. Пайравӣ намудани онро низ дӯст медоред, агар аз гумонатон ки амали мазкур сабаби табаияти шумо аз мо мегардад, наметарсидед. Масъала чи тавре ки гумон доред, нест. Ба ту хабар медиҳам, ки ман инҷо намояндаи низоми сиёсии исломӣ нестам ва ман комилан боварӣ дорам, ки шумо дӯстро аз душман хуб мешиносед. Мо ё дигарон, воқеан барои шумо хайрро мехоҳем ва дар муҳаббату дӯстиамон содиқем. Исо ибни Марямро дӯст медорем ва ниҳоят ихлосманд мебошем.

**Устоди омӯзишҳои инглисӣ:** Инҷо як масъалаест, ки ниҳоят пураҳамият аст. Мехоҳем фарқияти миёни мо ва дигаронро аз дидгоҳи шумо бифаҳмем…? Чизе, ки ба аксари мо маълум мегардад, ин аст, ки шумо ва

дигар диндорон баробар мебошед… Пас фарқ дар чист?!

**Абӯҳомид: Эй қавм бедор шавед… барои ақл мақому манзалаташро баргардонед. Ба ҳукми ақле, ки мо ба он ҳамчун ҳакам розӣ шуда будем, побанд бошед… Мо шуморо аз яҳудиҳо бештар дӯст медорем, ки эшон мо ва шуморо низ бад мебинанд, пас мавқеъи дӯстдоронатон назди шумо чӣ гуна хоҳад буд….?!**

Инҳо ба Исо (а) кофир шудаанд ва мусалмонон ба ӯ имон доранд, пас оё касе ки кофир мешавад бо касе ки ӯ имон меоварад, баробар мебошанд…?!

Инҳо Исо (а)-ро дашном медиҳанд ва мусалмонон Исо (а)-ро дӯст медоранд ва бар ӯ салавот мефиристанд… Пас оё лаънаткунанда ва дурудфиристандаву дӯстдор баробар мешаванд…?

Онҳо аз он ҷиҳат ки Исо (а)-ро ба дор овехтанд ва ба он чи ҳангоми ба дор овехтани ӯ анҷом доданд, чи тавре ки иддао доранд, фахр мекунанд. Мусалмонҳо ба дор овехтан, ҳатто даст расондан ба ӯро рад мекунанд… Пас оё касе, ки муттаҳам ва қасосгир аст, бо касе, ки дифоъкунанда мебошад, баробар мешавад…?!

Инҳо Марям (а)-ро ба фаҳшо тӯҳмат мезананд. Мусалмонҳо мегӯянд, ки вай аз поктарин занҳои олам аст… ва дар дини мо мусалмонҳо, касе агар Марямро чунин тӯҳмат кунад аз дини Ислом комилан хориҷ мегардад.

Инҳо насрониҳоро ҳамчун хидматгор мехоҳанд, то ҳадафҳояшонро амалӣ намоянд. Пас бар онҳо савор мешаванд, то эшонро ба ҷойи мехостаашон расонанд. Вақте ки ба онҷо расиданд, онҳоро тарк мекунанд. Чуноне ки мегӯянд….. «Имрӯз онҳо (ғайри яҳудиён)

барои мо хар офарида шудаанд, пас ҳар вақте харе ҳалок шуд, дигарашро савор мешавем».

Дар Сифри Ловиин омадааст (ал-Исҳоҳ 25: 44-46): «Ва аммо бардагон ва канизонат моли ту мебошанд. Аз мардуме, ки дар атрофи ту ҳастанд, аз онҳо барда ва канизон мегиред ва инчунин аз иқоматкунандагоне, ки назди шумо фуруд омадаанд… шумо онҳоро барои писарони баъд аз худатон мероси мулкӣ қарор медиҳед ки то абад онҳоро ғулом месозед…Аммо бародарони шумо аз Банӣ Исроил ягон шахсе болои бародараш ба дуруштӣ ҳукмронӣ накунад».

Мо чи тавре ки Қуръони карим дар сураи «Моида», дар ояи 82 фармуда, мегӯем:

۞ لَتَجِدَنَّ أَشَدَّ ٱلنَّاسِ عَدَٰوَةً لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلْيَهُودَ وَٱلَّذِينَ أَشْرَكُواْۖ وَلَتَجِدَنَّ أَقْرَبَهُم مَّوَدَّةً لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱلَّذِينَ قَالُوٓاْ إِنَّا نَصَٰرَىٰۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّ مِنْهُمْ قِسِّيسِينَ وَرُهْبَانًا وَأَنَّهُمْ لَا يَسْتَكْبِرُونَ ﴿٨٢﴾

**«Ҳароина душмантарин мардум нисбат ба мусалмонон яҳуд ва мушриконро хоҳӣ ёфт ва бомуҳаббаттар аз ҳама кас ба аҳли имонононро, ки гӯянд: Мо насронӣ ҳастем** (дӯстии насоро нисбат ба муслимин) **бад-ин сабаб аст, ки бархе аз онҳо донишманд ва порсо ҳастанд ва такаббур ва гарданкашӣ** (бар ҳукми Худо) **намекунанд».**

Ва мусалмонҳо мехоҳанд, ки шуморо аз анбоз қарор додан барои Худованд ба тавҳиду яктопарастӣ

берун оранд. Ҳамчунин аз тангии дунё ба фарохии дунёву охират ва аз барда қарор додани аҳлҳоятон ба озод кардани онҳо фаро мехонанд. Вале яҳудиён ин гумроҳиҳоро барои шумо таъкид ва тасдиқ менамоянд.

Ҳатто дар чизҳое, ки мо бо шумо ихтилоф дорем, бешак нисбат ба дигар мардум мо бо шумо муомилаи махсус мекунем, зеро ки мо шуморо аҳли китоб меномем, дар ҳоле ки миёни аҳли китоб ва дигар умматҳо фарқ аст. Боз мо аз байни дигар аҳли китоб шуморо ба муҳаббати махсус хос мегардонем. Ҳамчунон ки дар ҳамон ояи сураи «Моида», ки дар боло гузашт,омадааст: **«Ҳар оина душмантарин мардум нисбат ба мусалмонон яҳуд ва мушриконро хоҳӣ ёфт ва бомуҳаббаттар аз ҳама кас ба аҳли имон ононро, ки гӯянд: Мо насронӣ ҳастем** (дӯстии насоро нисбат ба муслимин) **бад-ин сабаб аст, ки бархе аз онҳо донишманд ва порсо ҳастанд ва такаббур ва гарданкашӣ** (бар ҳукми Худо) **намекунанд».**

**Аз инрӯ, ном ниҳодан ба аҳли китоб ин як шиори хушку холӣ нест. Балки он аҳкоми махсус ва каромату эҳтироми худро дорад.** Чунки мо, шумо ва яҳуд дар ин ном баробар мебошем. Вале Қуръон шуморо дар хитоб кардан ба лақаби зикршуда бисёр вақтҳо махсус мегардонад, чунончи дар сураи «Оли Имрон» омада:

۞ وَمِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ مَنۡ إِن تَأۡمَنۡهُ بِقِنطَارٖ يُؤَدِّهِۦٓ إِلَيۡكَ وَمِنۡهُم
مَّنۡ إِن تَأۡمَنۡهُ بِدِينَارٖ لَّا يُؤَدِّهِۦٓ إِلَيۡكَ إِلَّا مَا دُمۡتَ عَلَيۡهِ قَآئِمٗاۗ
ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ قَالُواْ لَيۡسَ عَلَيۡنَا فِي ٱلۡأُمِّيِّـۧنَ سَبِيلٞ وَيَقُولُونَ عَلَى

ٱللَّهِ ٱلۡكَذِبَ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ﴿٧٥﴾ بَلَىٰ مَنۡ أَوۡفَىٰ بِعَهۡدِهِۦ وَٱتَّقَىٰ
فَإِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ﴿٧٦﴾

«**Баъзе аз аҳли китоб** (ба он ҳадд дурусткоранд, ки) **агар моли бисёр ба онҳо бисупорӣ, радди амонат кунанд. Ва бархе дигар аз аҳли китоб** (то он андоза нодурустанд, ки) **агар як динор ба ӯ амонат диҳӣ рад накунанд, ҷуз онки ба мутолабаи он сахтгирӣ кунӣ, аз ин рӯ гӯянд: Барои мо** (пайравони Таврот) **ба ҳар васила хӯрдани моли уммиён** (ғайри аҳли Таврот) **гуноҳе надорад ва ин суханро ба дуруғ ба Худо нисбат диҳанд, дар сурате ки медонанд** (ки ба Худо нисбати дурӯғ медиҳанд). **Оре, ҳар кас ба аҳди худаш вафо кунад ва худотарсу парҳезкор шавад, ҳамоно Худованд парҳезкоронро дӯст медорад**» *(Сураи «Оли Имрон», оёти 75-76).*

## *Хавфи аз даст додани роҳбарӣ*

**Роҳиби бузург Ричард:** Оё мехоҳӣ, ки мо аз шумо пайравӣ намоем, то мақому манзалати роҳбариро миёни халқҳо, чи тавре ки мо имрӯз бар он ҳастем, тарк намоем? Ва ба сатҳи уммати шумо, уммати мусалмон, фуруд оем…?!

Кадом қазоватгарии ақл аст, ки мехоҳӣ мо ба ҳукми он побанд бошем…?

**Абӯҳомид:** Ман яқинан медонам, ки ин монеаеро, ки Ричард лутф карда ёдоварӣ намуд, монеаи ҳақиқӣ мебошад, ки миёни ақл ва мардумони зиёде чун ҳоҷиз ва монеъе қарор гирифтааст. Қуръони карим қаблан

онро зикр намуд, онҷо ки Худованд ба Расулаш Муҳаммад (с) мефармояд:

قَدۡ نَعۡلَمُ إِنَّهُۥ لَيَحۡزُنُكَ ٱلَّذِي يَقُولُونَۖ فَإِنَّهُمۡ لَا يُكَذِّبُونَكَ وَلَٰكِنَّ ٱلظَّٰلِمِينَ بِـَٔايَٰتِ ٱللَّهِ يَجۡحَدُونَ ﴿٣٣﴾

**«Медонем, ки суханашон туро андӯҳгин месозад, вале инҳо танҳо туро таксиб намекунанд, балки ин ситамкорон сухани Худоро инкор мекунанд!»** *(Сураи «Анъом», ояти 33)*.

Бинобар ин, баъзе аз шумоён ҳақ буда, Паёмбар (с)-ро чунон мешиносанд, ки падар фарзандашро мешиносад. Вале ӯ он ҳақро пайравӣ намекунад, то ҷое ки Аллоҳ таъоло дар сураи «Бақара» фармудааст:

ٱلَّذِينَ ءَاتَيۡنَٰهُمُ ٱلۡكِتَٰبَ يَعۡرِفُونَهُۥ كَمَا يَعۡرِفُونَ أَبۡنَآءَهُمۡۖ وَإِنَّ فَرِيقٗا مِّنۡهُمۡ لَيَكۡتُمُونَ ٱلۡحَقَّ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ﴿١٤٦﴾ ٱلۡحَقُّ مِن رَّبِّكَۖ فَلَا تَكُونَنَّ مِنَ ٱلۡمُمۡتَرِينَ ﴿١٤٧﴾ وَلِكُلّٖ وِجۡهَةٌ هُوَ مُوَلِّيهَاۖ فَٱسۡتَبِقُواْ ٱلۡخَيۡرَٰتِۚ أَيۡنَ مَا تَكُونُواْ يَأۡتِ بِكُمُ ٱللَّهُ جَمِيعًاۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ﴿١٤٨﴾

**«Аҳли Китоб, ҳамчунон ки фарзандони худро мешиносанд, ӯро мешиносанд, вале гурӯҳе аз онҳо дар айни огоҳӣ ҳақиқатро пинҳон медоранд. Он чӣ аз ҷониби Худо бар ту нозил шуда, ҳақ ҳамон аст, шубҳа макун! Ҳар касеро ҷонибест, ки ба он рӯй меоварад. Пас**

**дар некӣ кардан бар якдигар сабқат гиред. Ҳар ҷо, ки бошед, Худо шуморо ҳозир мекунад, ки Ӯ бар ҳар коре тавоност!** » *(Сураи «Бақара», оёти 146-148).*

Лекин тарси аз даст рафтани манфиатҳои муайян, бештари мардумро аз пайравӣ намудан ба қаноатмандиҳои ақлияшон, ки бар ҳақ мувофиқ мебошанд, бозмедорад. Дар ҳақиқат ин мусибатест ки хавфи аздастдиҳии баъзе манфиатҳо барои ӯ сабаб мешавад, ки дар динаш боқӣ монад.Ё тарси рух додани зарарҳову фишорҳо ва монанди инҳо монеае мегардад. Махсусан барои касоне, ки мардум онҳоро бар ақидаҳои худ амонатдор меҳисобанд. Вале гумон намекунам, ки ягон нафаре аз ҳозирон дар дақиқ будани ин сухани ман шакке мекарда бошад… **Ҳақиқатан ҳам яке аз бародарони сарватманд маро** дар мавриди бонке **пурсон кард.** Бонке, ки оилаи бузург ва сарватмандашон молики он мебошад. Падараш, амакҳояш ва чанд фарди дигар дар таҳияи умури бонки мазкур шариканд. Ғами он бародар ин буд, ки чӣ гуна аз насиби падараш, аз ин бонке ки ба рибо муносибат мекунад, раҳоӣ ёбад?… Насиби падараш 45% (чиҳилу панҷ дар сад) аз саҳмҳои бонк ва ба ҳамин андоза саҳми амакҳояш ва боқии мардум, мебошад. Воқеан, бародари мазкур омад ва ҳозир буд, ки арзиши ин қарорро бипардозад, агарчӣ ин бо гирифтани тамоми ҳаққи ӯ аз бонк бианҷомад. Тавассути роҳҳои қонунӣ ва шаръӣ раҳоӣ ёфтан аз он, барояш баёну тавзеҳ дода шуд…!

Ман ба ӯ машварат додам, ки саъй намояд то бонкро аз бонке, ки бо рибо *(протсент, суд)* амал мекунад, ба бонке ки бе рибо муомила мекунад, табдил намояд ё ба истилоҳи маъруфу машҳум ба «Бонки исломӣ» табдил

кунад... синаи ӯ барои амри мазкур кушода гардид... Лекин чунин ба назар мерасад, ки бо худдорӣ кардани дастаҷамъонаи дигар шарикон, мувоҷеҳ шуд... Бори дуввум ва севум ба наздам омад, ки ҳама ғами дунёро дар сар дошт. Метарсид, ки бимирад ва Худованд ӯро бар рибо ҳисобот гирад. Ҷазои рибо дар дини Ислом ниҳоят бузург аст... Ба ӯ гуфтам: Кӯшиш намо то онҳоро қонеъ созӣ. Гуфт: Қонеъ намудани онҳо кори ғайриимкон аст!!!

Ман бо ӯ дирӯз вохӯрдам, яъне пеш аз навиштани ин ҳарфҳо, тақрибан сӣ соат пеш ва барояш гуфтам: Ба онҳо бигӯ: Ҳамоно онҳо агар бонкашонро ба бонки исломӣ табдил намоянд, як дирҳамеро ҳам зиён намебинанд ва низ як мизоҷеро аз даст намедиҳанд, дар ҳоле ки барояшон мизоҷони дигари бисёре илова мешавад. Сармояҳои калони наве, ба ҳукми ин ки ӯ талаботҳои тозаеро барои мизоҷони ҷадид ҷавобгӯ мебошад, илова бар мизоҷони аввалааш, меафзояд... Пас ӯро ин пешниҳод ва фикр бисёр маъқул шуд. Ман дар интизори вохӯрӣ бо онҳо ва посух додани эшон ҳастам. !

**Бар асоси ҳамин мантиқ барои ҳар нафаре, ки мешунавад, шахсан мегӯям: Мавзӯъро ба ҷиддияти наҷотдиҳӣ бигир... Андеша намо ба наҷот додани танҳо худат, сипас дар мавриди наҷотдиҳии дигарон андеша кун. Пас, агар мардум қабул накард ва чунин қаноат дошта бошанд, ки роҳи инҳирофро идома медиҳанд, пас ақл мегӯяд: Сармояатро наҷот бидеҳ... Ва сармояи бузурги ту худи туст... Ҳатто агар аз ту барои он ҳама чизро талаб намояд.**

**Аммо гуфтаи Роҳиби бузург, ки маънои дохил шудани шумо** дар дини Ислом баргаштани шумо аз сафи пеш ба сафи қафо мебошад, ман аз роҳиби бузург аввалан ӯзр хоста мегӯям, ки: Оё чунин нест, ки

бедоршавии навини (эҳёи) Аврупо вақте шурӯъ шуд, ки бар зидди калисои шумо инқилобҳоро шурӯъ намуд? Пас шумо, эй соҳибони калисоҳо, ба наҳзат ва пешрафти илмӣ чӣ алоқа доред…?!

Сипас ин ки ин наҳзати илмӣ танҳо баъди ширхорагии ғарбӣ аз наҳзати илмии исломӣ ба вуқӯъ пайваст. Ба ин масъала бузургтарин андешамандони шумо ва нафароне ки инсофи бештаре доштанд, гувоҳӣ додаанд.

## *Гувоҳиҳои мақбул*

**Доктор Густав Лобон мегӯяд:** Ғарб таваллудёфтаи Шарқ аст. Ва то ҳол калиди гузаштаи ҳодисаҳо дар Шарқ мебошад. Пас бар ӯҳдаи донишмандон аст, ки аз ин калидҳо дар Шарқ ҷустуҷӯ намоянд[1].

Ва инчунин мегӯяд: «**Ҳар боре, ки дар омӯзиши тамадуни Араб, китобҳои илмиашон ва дар фанҳои онҳо амиқтар назар андозем, бароямон ҳақиқатҳои нави пайдо мешавад…. Ва ба зудӣ хоҳем дид, ки соҳибони фазилат дар маърифати асрҳои миёна нисбати илмҳои пешиниён, арабҳоянд. Донишгоҳҳои Ғарб, муддати панҷ аср сарчашмаи илмие надоштанд, ҷуз китобҳои навиштаи арабҳо. Ва онҳо касонеанд, ки Аврупоро мутамаддин карданд, чи аз ҷиҳати модиёт, ақл ва ахлоқ**»[2].

Сездаҳ аср инҷониб, дар вақтҳои ҷанг ё сулҳ

---

[1] Аз китоби «Нубуввати Муҳаммад (с) дар андешаи истишроқии (шарқшиносии) муосир», доктор Лахзар Шойб, саҳ. 86. … ба нақл аз китоби «Маданияти араб», саҳ. 40.

[2] Ҳамон сарчашмаи гузашта, саҳ. 87…. Аз худи ҳамон сарчашма, саҳ. 38.

таърихи Ислом бо таърихи мо омехта мешуд. Маданияти мо ҳам дар ҳамин асос пайдо шудааст. Агарчанде чизи изофанамудаи мо, яъне ҷанбаи моддии он бешак ихтилофи амиқеро ба вуҷуд овард. Бинобар ин, муқоиса кардан моро дар беҳтар фаҳмидани худ ва дигарон ёрӣ хоҳад кард. Аз ҷиҳати авомили мазкур зарурат пайдо мешавад, то таърихи ҷаҳони исломӣ дар фарҳанги мо мақоми баланд дошта бошад… Бояд бидонӣ ки пеш аз қиддис Томас Ибни Сино буд. Масҷидҳои Димишқу Қуртуба пеш аз калисоҳои бузурги Фаронса ва Олмон пайдо шуда буданд. Бояд таҳқиреро, ки нисбати мусалмонони муосир раво медорем, фаромӯш намоем[1].

**Морсел Буазор мегӯяд:** Муаллифоне, ки бештари низомҳои вазъиро аз ҷиҳати ахлоқи байналмиллалӣ, ба масеҳият нисбат намедиҳанд, дар пажӯҳишҳояшон аввалан ба маданиятҳои қадим, махсусан ба грекҳо (юнониҳо) бармегарданд, то битавонанд бидуни гузариши тадриҷӣ ба замонҳои навин бирасанд, дар ҳоле ки ҳама эътироф доранд ба ин, ки торикии асрҳои миёна тамоми оламро иҳота кардааст… бо вуҷуди ин таърихнигорӣ, балки фақат адолатпешагӣ ин матлбро ёдоварӣ мекунад, ки ҳамон тамаддуне, ки фарҳанги асримиёнагиро дар ҳафт аср нигоҳ дошт, ки асрҳои миёна аз онҳо пайдо мешаванд, тамадуни исломӣ буд[2].

Пас чӣ тавр фаҳмидӣ, эй роҳиби бузург, ки пазируфтани Ислом ин даст кашидани аз илм ва пешсафӣ будааст?

---

[1] Ҳамон сарчашмаи гузашта, саҳ. 128.

[2] Ҳамон сарчашмаи пеш зикргардида, саҳ. 210. Ба нақл аз китоби Инсонияти Ислом, саҳ. 11-12.

Оё чунин назар дорӣ, ки касе ба шумо рӯзе мегӯяд, ки аз кишварҳоятон баромада дар кишварҳои мо истиқомат гузинед…?!

Ё барои шумо мегӯяд, ки пӯстатонро ба пӯсти мо табдил диҳед…?!

Ё мегӯяд, ки тарзи либосатонро тағйир бидиҳед ва чунину чунон бипӯшед, то дар Ислом дохил шавед…?!

Ё барои шумо мегӯяд, ки забонатонро иваз намоед? Ё барои шумо мегӯяд, ки роҳбариятонро дар Шарқ қарор диҳед …?

Оё шумораи касонеро ки дар Аврупо, Амрико ва дар ҷаҳон ба Ислом дохил мешаванд, мебинед?... Пас оё шумо онҳоро дидед, ки аз кишварҳояшон ҳиҷрат намуда ба Макка ва Мадина ё ба тарафи Шарқ омада бошанд…?!

Ё онҳоро дидед, ки баъди он ки сарватманд буданд, фақиру бенаво шуданд? Ё дидед, ки вазифаҳояшонро тарк карда бошанд ва аз молҳояшон даст кашида бошанд!?

Ё дидед, ки аз шаҳрвандияшон ва аз шиносномаҳои кишварашон даст кашида бошанд…? Оё дидед, ки хондан ва илмҳоро тарк карда бошанд ва илмро лаънату нафрин гуфта бошанд?

Оре, агар инҷо тағйироте ҳам бошад, пас он дар ахлоқ ва ибодатҳои онҳост…. Ман шакке надорам, ки ту бисёриҳоро ки дар Ислом дохил шуданд, медонӣ… ту худат онҳоро бипурс… ё касонеро бипурс, ки онҳоро мешиносанд. Ва омӯзиши худро роҷеъ ба эшон чун таҷрибае дар минтақа, давлат ва бар тамоми ҷомеъа крарор деҳ…!

**Рӯзе, ки шумо ҳукми ақлҳоятонро дар ин масъала пайравӣ намоед, ҳақиқатеро ба даст меоред, ки он**

**мувофиқати дилҳоятон бо ақлҳоятон ва ҷамъ намудани ду роҳбарӣ, роҳбарии дин ва дунё ё раҳбарии дунёву охират мебошад.**

**Ҳамоно туркҳо** пеш аз ин ки дар Ислом дохил шаванд, **ягон рӯзе ҳам араб набуданд ва ба иззату каромат,** илму қувват, **ёд намешуданд** … Вақте дар Ислом дохил шуданд, худи Авпрупоро фатҳ намуданд, балки худи олами арабӣ ҳам дар пеши онҳо сар хам намуд..

Ҳамоно мева ва натиҷаи бузурге, ки мо барои шумо орзу дорем, ин аст ки саодати бузургро дар ин ҳаёти тӯлониятон бичашед. Зуд аст, ки ҳар нафаре аз шумо мегӯяд, ки эй устодон: «Ҳамоно, ман нав ба дунё омадам». Орзуе, ки мо онро барои шумо таманно менамоем, ин боз доштани ин ҳама равандагоне мебошад, ки ҳар рӯз дар қабристонҳои шумо ба сӯи азоб мераванд …! Хатсайри чунин одамонро дигар намудану саодатмандшавии эшон дар дунё орзуи ниҳоии мо мебошад.

Бузургтарин душмани ту касе мебошад, ки миёни ту ва наҷотёбии ту меистад. Бинобар ин, оё шахсе бо нафари дигар бар ҳалокати худ таоруф мекунад?!

Фарз кун, ки дар бозгашт ба хатти тавҳид, ки онро Исо (а) овардааст, зарару зиёнҳое бошад… Лекин кадом зиён ба зиёни худ, зиёни дучанд дар зиндагии ҷовидона баробар мешавад?

Ба зудӣ машаққатҳое, ки баҳри ҳидоят ёфтан таҳаммул менамоӣ, далели бузургии ғояву арзиши интихобкардаат мегарданд. Ҳамчунин, монеаҳо нишонаи ин хоҳанд гашт, ки роҳи ту роҳи паёмбарон аст. Ҳар сахтӣ, ки дар ин роҳ мебинӣ, ҳамоно паёмбарон аз он сахттар ва бузургтар буданд.

Як суоле, ки лозим аст ту онро аз худат пурсон шавӣ ва дар посӯх додани ба он нек посӯх бидиҳӣ, он аст, ки: Оё Исо ибни Марямро дӯст медорӣ…?! Оё васиятҳои ӯро пайравӣ менамоӣ ё не…?! Ба хотир овар васиятҳоеро Исо (а) ба қавмаш кардааст! Оё ин масъала сазовори таҳқиқу баррасӣ ҳаст..?!

Ҳамоно, марди бузургро танҳо масъалаҳои бузург ва бархӯрд бо гурӯҳҳо дар роҳи ҳақ ба худ ҷалб менамояд. Оё тасаввур менамоӣ, ки Наполеон орзуи онро дошт, ки Қуръонро дар амал ҷорӣ кунад. Ба онҷӣ ӯ мегӯяд гӯш фаро деҳ: «Мӯсо вуҷуди Худовандро барои мардумаш ва Масеҳ барои олам, барои давлати Рум, Муҳаммад барои олами қадим (қитъаи қадим) ошкор намуд».

Ҷазиратуларабб саропо бутпарастӣ буд. Муддати шаш аср баъди Масеҳ, вақте Муҳаммад омад, ба парастидани Парвардигори Иброҳим, Исмоил, Мӯсо ва Масеҳ даъват намуд. Орёиҳо ба шумули тоифаҳои дигар, бо барангехтани суол аз табиати падар, писар ва рӯҳулқудус, оромии Шарқро барҳам заданд.

Муҳаммад (с) эълон дошт, ки чизе ҷуз Аллоҳ, ки на падар ва на писар дорад, нест. Ва дар ҳақиқат, андеша ё эътиқоди сегонапарастӣ аз бутпарастӣ омадааст.

Умед дорам, дур набошад, рӯзе ки ҳакимон ва шахсиятҳои бофарҳанг аз тамоми кишварҳо, барои таъсис додани низоми ягонае, ки бар арзишҳои ягонаи саҳеҳи Қуръон, ки воқеан арзишҳои мазкур ба некбахт намудани башарият қодир аст, якҷоя шаванд».

Ман аз шумо, эй роҳибони бузург хоҳиш мекунам, ки миёни мардум ва ҳақиқат монеа нашавед… шумо миёни мардум ва ақлҳояшон монеа нагардед…. Ҳақиқатро бигӯед, чи тавре ки ӯ ҳаст, чунки мардум ба

тарк намудани шумо шурӯъ карданд… Оё намебинед, ки чӣ гуна дар гӯшаҳои ҷомеа қарор гирифтед ва аз ҳаёти мардум гӯшанишинӣ интихоб намудед… Ҳамоно, бузургон ҳақиқатро дарк карданд ва зуд аст, ки оммаи мардум ба эшон бипайванданд… Бинобар ин, дар пазируфтани ҳақ аз дигарон сабқат биҷӯед. Тони Блер баъди тарки мақоми нахуствазирии Британия сухани бисёр хуб гуфтааст: Ҳамоно, ончи ки бештар тааҷҷуби маро дар Қуръон ба худ ҷалб менамояд, вусъати пешравӣ ва пешоҳангии ӯст. Дар ҳақиқат ман бо тамоми хоксорӣ менависам, ҳамчун инсон аз як миллати дигар (аз берун), дарвоқеъ Қуръон ҳамчун китоби таъсисдиҳанда, ки меҳоҳад яҳуд ва масеҳиятро ба аслҳояшон баргардонад, маро такон додаст.

Қуръон китоби шомилу фарогир аст. Ба илмҳову донистаниҳо ворид мешавад ва суханони беҳудаву ботилро рад мекунад.

Бидуни шак, он китоби амал ва нигоҳ кардан ба фаротар аз асри худ мебошад. Бахусус, дар алоқаҳо ва иртиботот, чун масоиле ки ба издивоҷ, зан ва давлат алоқаманд мебошад.

Дар ҳақиқат Ислом дар партави таълимоти Қуръон интишор ёфта, бар масеҳият дастболо шудааст. Ба гунае ки одамонро мутаассир мекунад. Ислом дар тӯли асрҳои гузашта империя ба вуҷуд овард ва оламро дар майдони кашфиёту навоварӣ, илму фунун ва тамаддун раҳбарӣ намуд. Мафҳумҳои исломӣ дар асрҳои миёна дар кишварҳои мусалмоннишин аз кишварҳои масеҳӣ дида равшантар гашт.

Ба зудӣ хоҳӣ дид, ки чӣ гуна ин бузургон ва ғайри онҳо баъд аз эътироф намудани ҳақ бо пайравии он

дар дунё ва охират бузург мешаванд Аз ин рӯ, эътироф намудан, танҳо қадами аввал ба шумор меравад[1].

**Абӯҳомид:** Оё барои касе, ки ҳақро шиносад ва аз он пайравӣ накунад, ҳуҷҷате боқӣ хоҳад монд?

Вақте ронандаи мошине дар роҳи кӯҳӣ медонад, ки ин пастхамӣ ӯро дар водӣ меандозад ва дидаву дониста ҳамон роҳро идома диҳаду ба садама дучор шавад, магар ин худкушӣ нест?

Барои касе, ки ҳақро бидонад, сипас ба муқобили он мубориза барад ё аз он рӯй гардонаду пайравӣ накунад, шармандагист. Бо вуҷуди ин ман бароят достони бузурги ибратомӯзро зикр менамоям. Достоне, ки мутаассифона, бештари шумоён дар он намудор мешавед. Онро барои шумо ёдоварӣ менамоям. Аз Абдуллоҳ ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки: «Расули Худо (с) ба Қайсар нома навишта, ӯро ба Ислом даъват мекунад ва номаашро тавассути Диҳяи Калбӣ мефиристад ва ӯро амр кард, ки ба бузурги Бусро бидиҳад, то вай онро ба Қайсар бидиҳад. Қайсар вақте Худованд аз ӯ лашкари Форсро бартараф намуд, аз Ҳиммас равона шуд ба тарафи Илё аз ҷиҳати шукргузорӣ ба ончи, ки Аллоҳ таъоло ӯро имтиҳон намуд. Чун ба Қайсар номаи Расулуллоҳ (с) омад, онро хонду гуфт: Бароям дар инҷо аз қавмаш касеро пайдо намоед, то дар мавриди Муҳаммад аз ӯ пурсиш кунам.

Ибни Аббос гуфт: Абӯсуфён бароям хабар дод, ки ӯ бо мардоне аз Қурайш дар Шом буд, ки барои тиҷорат омада буданд. Абӯсуфён гуфт: Фиристодаи Қайсар моро дар минтақае аз Шом пайдо намуд, пас маро бо ёронам гирифта бурд, то ин ки ба Илиё омадем . Моро

---

[1] http://www.foreignaffairs.com/articles/62271/tonyblair/abattle-for-global-values .

ба онҷо ворид намуд ва ногоҳ дидем, ки Қайсар дар тахти ҳукмравоӣ нишаста буд ва дар сараш тоҷ дошт. Дар ин вақт дар атрофи ӯ бузургони Рум ҳозир буданд. Ба тарҷумонаш гуфт: Ту аз онҳо бипурс, ки кадоми онҳо аз рӯи насаб ба ин марде, ки ӯро паёмбар мепиндорад, қарибтар мебошад? Абӯсуфён гуфт: Гуфтам, ки ман аз рӯи насаб ба ӯ қарибтарам. Гуфт: Қаробату хешиӣ миёни ту ва ӯ чӣ гуна аст? Гуфтам: Ӯ писари амакам мешавад. Дар корвон он рӯз касе аз бани Абдуманоф ғайри ман набуд. Пас Қайсар гуфт: Ӯро ба ман наздик намоед ва ҳамроҳонамро амр кард, ки дар пушти сари ман бинишинанд, дар назди китфи ман. Сипас, ба тарҷумони худ гуфт: Ба ҳамроҳони ӯ бигӯ: Мехоҳам дар мавриди касе, ки дар Ҳиҷоз иддиои нубувват кардааст аз Абӯсуфён иттилооте дастрас намоям. Агар ӯ (Абӯсуфён) бо ман дурӯғ гуфт, ӯро такзиб кунед. Абӯсуфён мегӯяд: Агар аз ҳамроҳонам наметарсидам, ки маро муттаҳам ба дурӯғгӯӣ менамоянд, ҳатман алайҳи он ҳазрат (с) дурӯғ мегуфтам. Нахуст, Ҳирақл аз насабаш пурсид. Гуфтам: Ӯ дар миёни мо аз насаби волое бархӯрдор аст. Сипас пурсид: Оё ғайр аз ӯ касе дигар аз миёни шумо иддиои нубувват кардааст? Гуфтам: На. Пас гуфт: Оё ашроф ва бузургон аз вай пайравӣ мекунанд ё фуқаро ва мустазъафон? Ҷавоб додам: Балки заъифону фақирон. Гуфт: Касе аз ниёкони ӯ подшоҳ буд? Гуфтам: На. Пурсид: Оё пайравонаш рӯз ба рӯз бештар мешаванд ё камтар? Гуфтам: Бештар мешаванд. Ҳирақл пурсид: Оё касе, ки дини Муҳаммадро пазируфтааст, ба хотири нописанд шумурдани динаш дубора мунҳариф шудааст? Гуфтам: На. Пурсид: Оё ӯ паймоншиканӣ мекунад? Гуфтам: На. Ва дар ҳоли ҳозир мо бо вай

паймони сулҳе бастаем ва намедонем чӣ хоҳад кард? Абӯсуфён мегӯяд: Ҷуз ҷумлаи фавқ чизи дигаре натавонистам ба муқобили Паёмбар (с) бигӯям. Ҳирақл пурсид: Оё шумо бо вай ҷангидаед? Гуфтам: Оре. Пурсид: Натиҷаи ҷанг чӣ гуна буд? Гуфтам: Гоҳе ӯ пирӯз шуда ва гоҳе мо пирӯз шудаем. Ҳирақл пурсид: Паёми ӯ барои шумо чист? Гуфтам: Ин аст, ки Худоро ибодат кунед ва ба ваҳдонияту ягонагии Ӯ имон дошта бошед ва аз аъмол ва ақоиди ширкомезе, ки ниёкони шумо доштаанд, даст бардоред. Илова бар ин, моро ба иқомаи намоз, ростгӯӣ, силаи раҳм ва покдоманӣ амр мекунад. Абӯсуфён мегӯяд: Баъд аз ин Ҳирақл ба мутарҷими худ гуфт: Ба Абӯсуфён бигӯ, ки ман аз насаби ӯ пурсидам, ту ӯро аз лиҳози насаб аз худ беҳтар муаррифӣ кардӣ. Оре, ҳар паёмбар (ки мабъус шуда) аз волотарин насаб дар миёни қавми худ бархӯрдор будааст. Пурсидам: Аз миёни шумо қаблан касе иддиои нубувват кардааст? Ҷавоби манфӣ додӣ. Агар касе қаблан аз шумо иддиои нубувват карда буд, метавонистем бигӯем ӯ аз ҳамон муддаиёни қаблӣ тақлид мекунад. Пурсидам: Касе аз ниёкони ӯ султон ва подшоҳ будааст? Гуфтӣ, ки на. Агар чунин мебуд, метавонистем бигӯем, ки ӯ муддаии мероси падарони хеш аст. Пурсидам, ки ӯ қаблан одат ба дурӯғ гуфтан дошт? Ҷавоб додӣ: На. Яқин намудам, ки касе, ки бо мардум дурӯғ нагуфтааст, наметавонад дар бораи Аллоҳ дурӯғ бигӯяд. Суол шуд, ки пайравони ӯ заифон ҳастанд ё аз мустакбирон? Гуфтӣ, ки аз заифону нотавонҳо ҳастанд. Оре, пайравони анбиёи гузашта низ аз ҳамин қишр буданд. Суол шуд: Пайравони вай рӯ ба афзоишанд ё коҳиш меёбанд? Гуфтӣ, ки рӯз ба рӯз зиёд мешаванд. Суол шуд, ки касе, ки ба дини ӯ

гароидааст, дубора ба хотири нописанд шумурдани динаш, мунҳариф шудааст? Ҷавоб манфӣ буд. Яқинан асли имон чунин аст, вақте ки нури он комил шуд, дигар аз байн намеравад. Суол шуд, ки аҳдшиканӣ кардааст? Ҷавоб манфӣ буд. Оре, ҳеҷ паёмбаре аҳдшиканӣ намекунад. Суол шуд, ки шуморо ба чӣ чиз фаро мехонад? Гуфтӣ, ки ба парастиши Аллоҳ фаро мехонад ва аз ширк ва бутпарастӣ бозмедорад ва ба намоз, ростгӯӣ, дурусткорӣ ва покдоманӣ даъват медиҳад. Абӯсуфён мегӯяд: Дар поёни гуфтугӯ Ҳирақл гуфт: Агар он чиро, ки гуфтӣ, ҳақиқат дошта бошад, рӯзе фаро мерасад, ки ҳамин ҷои пои маро тасарруф кунад. Ҳамоно, ман медонистам, ки чунин паёмбаре зуҳур хоҳад кард. Аммо намедонистам, ки ӯ аз миёни шумо хоҳад буд. Агар медонистам, ки метавонам бо ӯ мулоқот кунам, ҳамакнун умури лозимро барои дидори ӯ тартиб медодам. Агар битавонам ӯро дарёбам, шахсан поҳои (муборакаш) -ро хоҳам шуст. Баъд, Ҳирақл номаеро ки Расулуллоҳ (с) ба василаи Диҳяи Калбӣ ба ҳокими Бусро фиристода буд ва мухотаби он Ҳирақл буд, хост ва қироат намуд. Дар он нома чунин навишта шуда буд:

**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.** Аз ҷониби Муҳаммад банда ва Паёмбари Худо ба Ҳирақл подшоҳи Рум. Салом бар касе, ки ҳидоятро баргузид.

Аммо баъд: Ман туро ба Ислом даъват мекунам. Агар даъвати Исломро бипазирӣ, дар амон хоҳӣ буд ва назди Худованд подоше дучанд хоҳӣ дошт. Ва агар (аз қабули даъвати ман) рӯй бигардонӣ, гуноҳи раъият ва зердастонат бар гардани ту хоҳад буд. Ва **«Бигӯ: Эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи чизе, ки миёни мо ва шумо муштарак аст. Ба ҷуз Худои якто касеро напарстем ва**

**чизе бо Вай шарик нагардонем. Ва ҳеч як аз мо дигареро баҷои Худованд, парвардигори худ қарор надиҳад. Агар рӯйгардонӣ намуданд, бигӯед:** (Эй аҳли китоб!) **гувоҳ бошед, ки мо мусалмонем».** *(Сураи «Оли Имрон», ояти 64)*.

Абӯсуфён мегӯяд: Пас аз ин ки Ҳирақл номаро қироат кард ва суханонаш ба поён расид, садои касоне, ки дар атрофи ӯ буданд аз бузургони Рум баланд гардид ва ҳамҳамаи онҳо бисрё шуд, намедонам, ки чӣ мегуфтанд. Баъд аз он амр кард ва моро аз онҷо берун карданд. Вақте бо ҳамроҳонам баромадам ва бо онҳо дар танҳоӣ мондам, ман хитоб ба ҳамроҳонам гуфтам: Таваҷҷӯҳ кардед, дини ибни Абӯкабша (Муҳаммад) чунон пешрафт карда, ки подшоҳи зардпӯстон (Рум) низ аз он ба ваҳшат афтодааст. Абӯсуфён мегӯяд: Мутмаин шудам, ки Расули Худо (с) бар Ҳирақл ғолиб хоҳад шуд, то инки Худованд маро мушарраф ба Ислом кард ва ҳол он ки ман бадбин будам.[1]

Дар ҳақиқат, қаноати ақлӣ инҷо ба сурати комил намудор мегардад ва барои баргаштани Ҳирақл ба ҳақ он басанда буд. Вале тарс аз ин ки бо пайравӣ намудани ҳақ мулк аз дасташ меравад, ӯро ба қабул накардани ҳақ водошт. Аз ин рӯ, вай бар куфру гумроҳияш вафот кард… Ӯ аз дунё гузашт на танҳо бе дини Муҳаммад, балки дини Исо ва дигар анбиё (алайҳимуссалом)- ро низ қабул накард.

**Роҳиби бузург Ричард:** Дар ҳақиқат, барои мо қиссаи Наҷоширо қабл аз ин пешкаш намуда будӣ, гӯё ки мехоста бошӣ, ки мо ӯро пайравӣ намоем. Вале ба

---

[1] Ривояти Бухорӣ дар «Саҳеҳ»-аш (3:1074) рақами ҳадис (2782).

ин назар накардӣ, ки нафарони бисёре буданд, ки бар онҳо Ислом пешкаш  шуда буд, аммо онҳо Исломро қабул накарданд.

### *Роҳи миёнаи ҳал дар миёни мо ва шумо*

**Роҳиби бузург Ричард:** Ман мехоҳам аз ту суоле намоям ва умедворам, ки ин суоли охирон бошад: **Оё дар ин масъала ҳалли миёна вуҷуд надорад? То мо як микдор  гузашт намоем  ва шумо низ ва дар миёнаи роҳ бо ҳам бипайвандем…?!**

**Абӯҳомид:** Оре, роҳҳалли миёна дар ин масъала вуҷуд дорад. Яъне, чунин иттифоқ менамоем, ки масоили муттафақун алайҳро *(байни ду тараф иттифоқӣ аст)* қабул мекунем ва масоиле, ки дар он ихтилоф дорем, тарк менамоем. То инки фурсате бирасад, ки барои ҳалли ончи ихтилоф намуда будем, бо раъйи муштарак иттифоқ намоем… Шумо чӣ андеша доред,  ҳоло агар масоили иттифоқӣ миёни мову шуморо бипазирем  ва масоили  ихтилофиро раҳо созем…?!

**Роҳиби бузург:** Оё ин масъала ҳангоми татбиқи амалӣ имконият дорад?

**Абӯҳомид:** Масалан, ту мегӯӣ ки ман дар соли гузашта дар мусобиқаи баромадани зинапояҳо сад дараҷа баромадам, дар ҳоле ки ман гуфтам, ки  ту танҳо ҳафтод дараҷа баромадаӣ. Нафари севумӣ дар ин маврид гуфт: Аслан ту дар он мусобиқа ширкат наварзидӣ! Дар ин маврид роҳҳал чӣ гуна хоҳад буд? Ва  ту дар инҷо  ба масъалае ки миёнамон иттифоқӣ аст, чи тавр мерасӣ!!! Аввал ин ки ману ту бар ин иттифоқ дорем, ки дар ҳақиқат ту дар мусобиқаи

ёдшуда иштирок намудаӣ. Дуввум ин ки, касе дар ёд дорад бар дӯши касе бехабар аст, ҳуҷҷат мебошад. Аз ин рӯ, бояд мо раъйи севумро соқит намоем. Ману ту бар ин иттифоқ дорем, ки ту ба ҳафтод дараҷа расидаӣ, аммо сад бошад, маҳалли иттифоқи мо нест… Пас чаро мо дар ҳоли ҳозир ба муттафақун алайҳро, ки он «ҳафтод дараҷа» мебошад, напазирем ва масъалаи ихтилофнамударо ба таъхир гузорем, ки он ҳам расидани ту ба дараҷаи сад мебошад, то вақте ки дар собит сохтани он ё аз эътибор соқит карданаш ба раъй муштарак бирасем.

**Устод Фифа:** Оре, ин қадами муҳиме дар роҳи дуруст хоҳад буд. Ман бори аввал эҳсос менамоям, ки мо имконият дорем, то аз рӯи роҳу равише бо ҳам иттифоқ дошта бошем, на аз рӯи ширинзабонӣ ва таоруф.

Ман ба вуҷуд доштани нуктаҳои бузурге ки мёни мову шумо иттифоқист, комилан мувофиқам, чунки ҳарду тараф соҳибони динҳои осмонӣ мебошем ва имконият дорем, ки дар нуктаҳои асосии бештаре иттифоқ намоем. Ва якҷоя муттаҳидона дар як хат ё хатҳои баробар ҳаракат намоем.

**Абӯҳомид:** Пас назари дигар бародарон дар ин масъала чӣ мебошад?

**Ҳама:** Оре, бигузор бо баракати худовандӣ ин корро шурӯъ намоем.

**Абӯҳомид:** Мову шумо иттифоқ дорем дар ин ки Марями сиддиқаи тоҳира аз фаҳшо ва зино поку мубаррост ва дар ин масъала яҳуд бо мо ихтилоф доранд. Зеро онҳо мегӯянд, ки Исо (а) аз зино ба дунё омадааст!!!

Аз ин рӯ, бигзор, муттафақун алайҳро бигирем, ки

он пок будани модараш ва низ яке аз пешвоёни занони ҷаҳониён будани ӯст. Гуфтаи яҳудиёнро, ки ӯро ба фаҳшову зино тӯҳмат намудаанд, пушти сар меандозем. Ӯро аз кирдорҳои ёдшуда поку мубарро эътиқод менамоем.

**Мо ҳамагӣ иттифоқ дорем** бар шинохти оғози вуҷуди Исо (а), ки он аз дамидани рӯҳ аст… Вале мо дар ончи пеш аз дамидани рӯҳ аст, ки он иборат аз ин ки ӯ мавҷуде буд ё худо ё чизи дигар, ихтилоф дорем… Бинобар ин, бигзор мову шумо он чиро ки иттифоқ дорем, бигирем ки он оғози Исо (а) дамидани рӯҳ будааст..

**Мо ҳамагӣ** бар ин **иттифоқ дорем,** ки Исо (а) паёмбаре аст, ки Аллоҳ таъоло ӯро фиристодааст… вале дар ин ихтилоф дорем, ки ин паёмбар баъдан, ба Илоҳ табдил ёфта бошад… пас бигзор ба ончи ки миёни мову шумо иттифоқ аст, чанг бизанем ва гуфтаи яҳудиёнро дар мазаммат ва тӯҳмат намудани ӯ, яксӯ гузорем.

**Мо ҳама дар якҷоягӣ иттифоқ дорем** бар ин ки маънои калимаи «Падар» мураббӣ мебошад, вале дар нисбати падарие, ки дар Инҷил ба Худованд нисбаташ медиҳад, ки маънои падарии таносулиро дорад, ихтилоф дорем. Махсусан, худи калимаи падар дар Таврот, Забур ва Қуръон аз ҷониби Худованд фақат ба маънои мураббӣ омадааст. Аз ҳамин ҷиҳат, бигзор ҳамон мафҳумеро бипазирем, ки миёни мову шумо мавриди иттифоқ аст ва маънеи дигареро, ки ихтилофӣ мебошад, раҳо созем.

**Мо ҳама ба якҷоягӣ иттифоқ дорем, ки** асоси яҳудият, масеҳият ва Ислом ин тавҳиду яктопарастӣ ва муҳорибаи ширку бутпарастӣ мебошад. Худо

шуморидани Исо (а), Марям ва Рӯҳулқудус як амри ихтилофӣ байни мову шумо ба ҳисоб меравад… Аз ин рӯ, ақл тақозои инро дорад, ки нуктаи иттифоққардаамонро бипазирем, ки он тавҳид аст ва амри ихтилофӣ, ки бутпарастӣ ва шарику анбоз овардан барои Худованд аст, раҳо намоем.

**Мо ва шумо бар ин иттифоқ дорем, ки Исо (а)** аз дамидани гиромӣ ва тоҳиру пок омадааст….. Ва ихтилоф дорем дар ин ки дамидани мазкур Исо (а)-ро аз башар ва «Писари инсон» будан ба улуҳият табдил додааст… Бинобар ин, бигзор бар амри иттифоқнамудаамон ки он инсон будани ӯст ва аз дамидани гиромиву пок ба вуҷуд омадааст, чанг бизанем. Ҳамин тавр, он чиро ки дар он ихтилоф дорем, чун ба Худо табдил ёфтани Исо (а) раҳо намоем,…. то ин ки дар масъалаи улуҳият миёни худ ба қарори қатъӣ бирасем.

Мо ва шумо иттифоқ дорем дар ин ки Исо (а) дар сурати инсон зоҳир шудааст. Ва низ иттифоқ дорем, ки модараш ҳомила шудааст, чун ҳомилашавии одамон. Чи тавре ки дигар занҳо тавллуд мекунанд, модараш ӯро таваллуд кардааст. Ҳамчунин, ба монанди дигар модарон ӯро шир додааст. Ва низ иттифоқ дорем дар ин ки ӯ марҳилаҳои туфулиятро тай намудааст, бинобар ин, вай бо дастону поҳо ҳаракат карда, нашъу намо ёфтааст, ҷавон шудааст ва хоб рафтаву ба по хестааст. Нишаставу гурусна шудааст ва роҳ рафтаву гап задааст… ҳамаи инҳоро бо дигар афъол аз ҷиҳати башар буданаш анҷом додааст, чи тавре ки ҳар як инсон онро анҷом медиҳад … Вале мо дар ин нукта, ки гӯё ӯ афъоли мазкурро аз ҷиҳати ба башар вонамуд шуданаш анҷом додаст, ихтилоф дорем. Бинобар ин,

ба нуктае ки башар будани ӯст, бо ҳам иттифоқ мекунем ва он нуктаеро дар ҳоли ҳозир далелаш пайдо нашудааст, тарк месозем то даме ки дар он ба иттифоқи назар барасем.

**Дар ҳақиқат мову шумо ва яҳудиҳо ихтилоф надорем** дар ин ки ибодату парастиш намудан барои Худованди Парвардигори ҷаҳониён хос мебошад. Ва дар анҷом додани ибодат барои ғайри Худованд ихтилоф менамоем… Бинобар ин, масъалаи иттифоқнамудаамонро мепазирем, ки он танҳо ибодат кардани Аллоҳ таъоло ва рӯй гардондан аз ғайри Ӯ мебошад.

**Ҳар гоҳ мо бо шумо ихтилоф намудем** дар ин ки тамоми мӯъҷизаҳоиовардаи Исо (а) далели улуҳият (*худо буданаш*) аст…. Мо бо шумо дар ин ки ин нишонаҳои бузург далели бузургии ӯ дар назди Аллоҳ таъоло мебошанд, мутлақо ихтилоф надорем. Пас бигзор ба ҳамин амри иттифоқӣ чанг бизанем...?!

**Вақте мо бо шумо ихтилоф намудем дар мавриди тамоми Инҷилҳои** мавҷудбуда ва иттифоқ намудем, дар ин ки Инҷили Исо (а) худаш вуҷуд надорад ва низ дар ин нукта иттифоқ намудем, ки Қуръон таҳрифу дигаргун нашудааст, пас бигзор, ба Қуръон чанг бизанем.

**Вақте мо бо шумо ихтилоф намудем** дар бардоштану боло бурдани Масеҳ, зеро шумо гуфтед: «Ҳамоно ӯро Худованд ҳамчун илоҳ бардоштааст». Мо гуфтем, балки бо икрому иззат ӯро бардоштааст. Балки дигарон гуфтанд, ки ӯ бомазаммату таҳқир ба дор овехта шуд. Аз ҳамин ҷиҳат, бигзор нуктаи аввалро бипазирем, ки он ин аст: Худованд Исо (а)-ро барои икрому эҳтиром намудан ба осмон

бардоштааст. Ва ҳаргиз ӯро баъди ба дор овехтан, туф кардан, дашном додану задан ва мурдану дафн карда шудан набардоштааст!

**Вақте мо бо шумо иттифоқ кардем** бар ин ки Ҷибриил (а) Рӯҳулқуддус аст ва низ пайғомоваре аз тарафи Аллоҳ таъолост ба паёмбарон ва низ ба Марям. Дар ин амр, ки гӯё ӯ ҳаёти Худованд бошад ё ӯ худо бошад, бо ҳам ихтилоф намудем….. Дар ҳоле ки яҳуд ӯро дашном додаанд ва душманаш шумаридаанд. Бинобар ин, бигзор ба нуктаи мавриди иттифоқ ки он пайғомовари Худованд ба паёмбарон ва Марям алайҳимуссалом будани вай мебошад, чанг бизанем ва нуктаи ихтилофиро дар масъалаи мазкур яксӯ гузорем.

**Вақте мо бо шумо иттифоқ кардем** дар хӯрдани чизҳои пок, вале дар хӯрдани гӯшти хук ва нӯшидани май бо ҳам ихтилоф намудем…, бинобар ин, чаро хӯрдани чизҳои пок ва нӯшидани чизҳои покро напазирем ва хӯрдани хук ва нӯшидани майро тарк накунем.? Ҳамчунин, хатна намуданро бипазирем ва дигар масоилро, то вақте ки дар мавриди онҳо бо ҳам иттифоқ менамоем, мавқуф гузорем. Махсусан, дар ҳоле ки шумо медонед, ки мо ва яҳуд бар ин нуктаҳои ахир иттифоқ дорем ва онҳо низ дар китобҳои осмонӣ, чун Таврот, Забур ва Қуръон исбот шудаанд аз … Аз ин рӯ, чӣ тавр Инҷил бо онҳо ихтилоф намудааст, дар ҳоле ки шумо медонед, ки амри мазкур аз ҷумлаи тағйироти Пулис аст, вале он дар Инҷили Исо (а) нест.

**Устод Рино:** Тавассути мутолиа намудани маъонии Қуръон, даъвати онро барои ҳама аҳли китоб хондам. Воқеан, дар ин матлаб ботааммул тавaққуф кардам. Хело зиёд тааммул намудаму онро чандин мартаба низ хондам… Вале онро ба таври бояд нафаҳмидам.

Маълум мегардад, ки мо ба хондани Қуръон бо фаҳми дуруст эҳтиёҷ дорем... Ҳақиқатан ҳам, бори аввал аст, ки ман ин тафсилотро мефаҳмам. Бори аввал мефаҳмам, ки дар инҷо миёни мо нуктаҳои пайвастшавии бузургест. Эй Абӯҳомид, оё ин аз таълифоти туст ё шумо барои маълумоти мазкур оятҳое дар Қуръон доред?

**Абӯҳомид:** Балки дар ин маврид оятҳое дар Қуръон ворид шудаанд. Аз ҷумла дар сураи «Оли Имрон» гуфтаи Худованди мутаъол аст:

قُلْ يَٰٓأَهْلَ ٱلْكِتَٰبِ تَعَالَوْا۟ إِلَىٰ كَلِمَةٍ سَوَآءٍۭ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا ٱللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِۦ شَيْـًٔا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ ٱللَّهِ ۚ فَإِن تَوَلَّوْا۟ فَقُولُوا۟ ٱشْهَدُوا۟ بِأَنَّا مُسْلِمُونَ ﴿٦٤﴾

«**Бигӯ: Эй аҳли китоб! Биёед ба сӯи чизе, ки миёни мо ва шумо муштарак аст. Ба ҷуз Худои якто касеро напарастем ва чизе бо Вай шарик нагардонем. Ва ҳеч як аз мо дигареро ба ҷои Худованд, парвардигори худ қарор надиҳад. Агар рӯй гардонданд, бигӯед:** (Эй аҳли китоб!) **гувоҳ бошед, ки мо мусалмонем**» *«Сураи «Оли Имрон», ояти 64).*

Барои маълумоти ту мегӯям, ки Паёмбар Муҳаммад (с) ин даъваташро, барои пайваст шудани мову шумо дар усули муштарак равиши устуворе қарор додааст. Балки онро як талаби ҳамешагӣ ҳангоми субҳи ҳар рӯз муқаррар намудааст.

Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Расулуллоҳ (с) дар ду ракъати фаҷр мехонд: **«Қулӯ оманно биллоҳи ва мо унзила илайно»** (Бигӯ ба

Худованд ва ба ончи ба сӯи мо фурӯ фиристода шудааст, имон овардаем) *(Сураи «Бақара», ояти 136).*

Ояте, ки дар сураи «Оли Имрон» аст: **«Оманно биллоҳи вашҳад бианно муслимун»** (Ба Худованд имон овардаем ва гувоҳӣ бидиҳед, ки мо мусалмонем) *(Сураи «Оли Имрон», ояти 52)*[1].

Ман аз ҳар нафаре талаб менамоям, ки дар ин гуфтаи Худованди мутаъол андеша намояд, ки: **«Калиматин савоин байнано ва байнакум»,** (Каломи баробаре миёни мо ва шумо) ва нест он калом «**танҳо барои мо**».

**Бинобар ин, талаботи ақлӣ барои ҳар нуктаи баҳамоие, ки ёдовар шудем, чӣ мебошанд?**

Ман посухи онро аз шумо ҳозир талаб надорам, лекин чизе, ки ман аз он метарсам, ин аст ки шояд шумо андеша намоед, андеша намоед, сипас боз ҳам андеша намоед… ва зуд аст, ки чун одати ҳарвақта, решаҳои андеша хомӯш мешаванд!

## *Чи кор мекунед дар он рӯз?*

Вале биёед боз ба нуктаҳои иттифоқ бармегардем … Мо ва шумо ба сарои охират имон дорем, гарчанде тафсилоти онҳо дар назди шумо андак бошад ҳам. Дар ҳоле ки матлаби мазкур дар дини мо муфассал баён шудааст. Аз ин рӯ, бигзор ончиро ки дар матлаби зикргардида иттифоқ намудем, қабул намоем ва бипурсем: Вақте марг ногаҳон ба яке аз шумо ҳамла намояд, дар ҳоле ки ӯ бар ширковарии ба Худованд қарор дошта бошад, пас агар ӯро Худованд бипурсад, барои суоли зерин чӣ ҷавоб медиҳад: **Чаро ҳамроҳи**

[1] Ривояти Муслим (1-502), рақами ҳадис 727.

**Ман худое ғайри Маро гирифтӣ…?!**

**Чӣ кор мекунӣ, вақте Исо (а) аз ӯро ибодат кардани ту безорӣ ҷӯяд** ва Марями покдоман аз парастиданат ӯро низ безорӣ кунад ва Рӯҳулқуддус аз ӯро ибодат намудани ту низ безорӣ намояд?!

Вақте дунё ба охир расад, ғуруру фиреб ҳам анҷом пазирад ва ҳақро дар саҳнаи ҳисоби маҳшаргоҳ ошкоро бубинед, дар ин ҳангом Исо (а) расуле аз расулони фиристодаи Аллоҳ таъоло бошад, на худои пиндоштаи шумо, чӣ кор мекунед ?

Чӣ мекунед вақте дидед, ки масъала ҷиддӣ аст ва дар он ҳазлу шӯхие вуҷуд надорад? Дунё ҳам дигар баргашт надорад. Зеро ки ҳамаи дунё ба фано рафтааст ва ҳукми содиршуда дар оташи ҷовидонаи Дӯзах ҳаёти абадӣ ба сар бурдан бошад!

**Сипас назар мекунеду дармеёбед, ки сababи асосӣ дар як лаҳза ба таъхир андохтани қарори қотеона дар дунё мебошад…** ва ин ки фалон шахсе аз мардум наҷот ёфт. Зеро ки ӯ қарору интихоби худро муайян кардааст ва ҳар миқдор вазниниҳоеро дар дунё таҳаммул намуд, ҳаройина барояш ивази хуб омадаст.

Модоме ки ба охират имон дорӣ, **пас ақлатро ҳоким гардон.** Ва он зарарҳое ки ба ту дар ин ҷо мерасад, бо он подошу аҷре ки дар онҷо бароят мерасад, муқоиса намо.

Ҳамоно, ин мақсади бузурги ту сазовори ҳама қурбониҳо аст, ки аз онҳо метарсӣ! … Оё касоне, ки пеш аз ту буданд, аз он ҷумла Исо ибни Марям, чи тавре ки шумо мепиндоред, ҳаёт ва рӯҳашонро барои мақсади бузург набахшиданд?

Оё ту чунин эътиқод дорӣ, ки Худое, ки ба Ӯ имон овардаӣ, туро ба душманонат таслим менамояд? Ё ин

ки Ӯ шаъну мақоми туро баланд мебардорад, чунон ки шаъни мӯъминонро пеш аз ин ва баъд аз ин баланд бардошт ва мебардорад. Ва ин масъала то барпо шудани қиёмат идома меёбад.

Оё бароят Ҷаннати нозу неъматҳо ба таври ҳақиқӣ, на он тавре ки дар суханони таҳрифшудаву тасвирёфта, ки гӯё он неъматҳои рӯҳ ва бадан дар зиндагии ҷовидонаи абадӣ бошад, кифоят нахоҳад кард?

Ман акнун, сухани Қуръонро зикр менамоям, ки шумо яқинан медонед, ки он ягона чизест фарогирандаи каломи Аллоҳ. Ҳамчуноне ки бе илова кардан ва бе каму нуқсон фурӯ омадааст… Бинобар ин, шумо ин манзарароро тааммул намоед ва ба мавқеи Исо ибни Марям (а), махсусан ба ҳақиқати оянда бе шакку шӯбҳа назар андозед…

Ту худ муқаррар кун, зеро ту яке аз соҳибони ин намоишгоҳ хоҳӣ буд:

**109. «Рӯзе, ки Худо паёмбаронро гирд овард ва бипурсид, ки даъвати шуморо чӣ гуна посух доданд? Гӯянд: «Моро ҳеҷ донише нест, ки доно ба ғайб Ту ҳастӣ».**

**110. Худо ба Исо ибни Марям гуфт: «Неъматеро, ки ба ту ва модарат арзонӣ доштаам, ёд кун. Он замон, ки бо Рӯҳулқудус ёриат кардам, то ту чи дар гаҳвора ва чи дар кӯҳансолӣ сухан гӯӣ ва ба ту китобу ҳикмат ва Тавроту Инҷил омӯхтам. Ва он гоҳ, ки ба амри Ман аз гил чизе чун парранда сохтӣ ва дар он дамидӣ ва ба амри Ман паррандае шуд ва кӯри модарзоду песро ба фармони Ман шифо додӣ ва мурдагонро ба фармони Ман зинда берун овардӣ ва чун бо ин далелҳои равшан назди Банӣ Исроил омадӣ, Ман ононро аз осеб расондан ба ту боздоштам ва аз миёнашон касоне, ки кофир**

буданд, гуфтанд, ки ин ҷуз ҷодуи ошкор нест!»

**111. Ва ба ҳавввориён ваҳӣ кардам: «Ба Ман ва ба паёмбари Ман имон биёваред». Гуфтанд: «Имон овардем, гувоҳ бош, ки мо таслим ҳастем!»**

**112. Ва ҳавориён пурсиданд: «Эй Исо ибни Марям, оё Парвардигори ту метавонад, ки барои мо аз осмон моидае** (дастархони пур аз таъом) **фиристад?»**

**Гуфт: «Агар имон овардаед, аз Худо битарсед».**

**113. Гуфтанд: «Мехоҳем, ки аз он дастархон бихӯрем, то дилҳоямон ором гирад ва бидонем, ки ту ба мо рост гуфтаӣ ва бар он шаҳодат диҳем».**

**Исо ибни Марям гуфт: «Бор Худоё, эй Парвардигори мо, барои мо дастархоне аз осмон бифирист, то моро ваононро, ки баъд аз мо меоянд, иде ва нишоне аз Ту бошад ва моро рӯзӣ деҳ, ки Ту беҳтарини рӯзидиҳандагон ҳастӣ».**

**115. Худо гуфт: «Ман он дастархонро барои шумо мефиристам, вале ҳар кӣ аз шумо аз он пас кофир шавад, чунон азобаш мекунам, ки ҳеҷ як аз мардуми ҷаҳонро он чунон азоб накарда бошам».**

**116. Ва он гоҳ, ки Худо ба Исо ибни Марям гуфт: «Оё ту ба мардум гуфтӣ, ки марову модарамро ғайри Аллоҳ ба худоӣ гиред?» Гуфт: «Ба покӣ ёд мекунам Туро. Насазад маро, ки чизе гӯям, ки на шоистаи он бошам. Агар ман чунин гуфта будам, Ту худ медонистӣ, зеро ба он чӣ дар замири ман мегузарад, доноӣ ва ман аз он чӣ дар замири Туст, бехабарам. Зеро Ту донотарини касон ба ғайб ҳастӣ!**

**117. Ман ба онон ҷуз он чӣ Ту фармонам дода будӣ, нагуфтам. Гуфтам, ки Аллоҳ, Парвардигори маро ва Парвардигори худро бипарастед. Ва ман то дар миёнашон будам, нигаҳбони ақидаашон будам ва чун**

**маро баргирифтӣ** (яъне, ба осмон бурдӣ маро), **Ту худ нигаҳбони ақида ва аъмолашон гаштӣ. Ва Ту бар ҳар чизе огоҳӣ.**

**118. Агар ононро азоб кунӣ, бандагони Ту ҳастанд ва агар ононро биёмурзӣ, Ту пирӯзманду ҳакимӣ!»**

**119. Худо гуфт: «Ин рӯзест, ки ростгӯёнро ростии гуфторашон суд диҳад. Аз они онҳост, биҳиштҳое, ки дар он наҳрҳо ҷорист. Ҳамвора дар он ҷовидон хоҳанд буд». Худо аз онон хушнуд аст ва онон низ аз Худо хушнуданд. Ва ин комёбии бузургест!»** *(«Сураи Моида», оёти109-119).*

## Пӯшидани дарвозаи нишасти охир

Оё мумкин аст, ки то ин лаҳза, яъне лаҳзаи видоъ, хайрбодӣ ва поёнёбии ин маҷлисҳо, ақле дудила боқӣ монда бошад? То ҳадде, ки тасмими охиринашро нагирифта бошад…?

Оре, шояд. Вале на барои он касе, ки дар тарозуи ақлаш заррае аз инсоф бошад…!

# ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

| | |
|---|---|
| *ТАСМИМ*......................................................................... | |
| *НИШАСТИ ҳафтум*.......................................................... | |
| *Ҳалли мушкилот*……………………………..…….....<br>*Даромадгоҳи нишасти ҳафтум*…………………….<br>*Аслан талоқ барои чист?*.......................................<br>*Талоқ дар ислом ба кадом хотир машрӯъ аст?*<br>*Дари эҳтиётӣ*…………………………………………<br>*Хулъ*……………………………………………………<br>*Марҳилаҳои талоқ дар Ислом*………………………<br>*Чаро занро мезананд?*...............................................<br>*Марҳилаҳои чораандешӣ*……………………….……<br>*Дидгоҳҳо*………………………………………………<br>*Танбеҳи ҷисмонӣ ҳаққи мутлақ нест*…………….<br>*Шартҳои танбеҳи ҷисмонӣ*...................................<br>*Латукӯби зан аз забони рақамҳо*........................<br>*Писари ман, Ҳомид ва мошинҳои сабукрав*........<br>*Қонуни манъи мутлақи танбеҳи ҷисмонӣ*............<br>*Муҳаммад (с) на ходимеро танбеҳи ҷисмонӣ додаасту на кӯдаке ва на занеро*........................<br>*Марҳилаҳои чораандешӣ*........................................<br>*Зарари манъи мутлақи волидайн аз танбеҳи ҷисмонӣ*..............................................<br>*Эътирофи мушкилаи (проблемаи) нодир*............<br>*Муомилаи Ислом ба инҳирофоти ҷинсӣ*.............<br>*Масъалаи (проблемаи) севум, масъалаи ғулом аст*...<br>*Зиёни ҳақиқат*.........................................................<br>*Дари аввали озодсозӣ, дари кафоратҳост*..........<br>*Дари дувуми озодӣ ин дари ба Худованд наздикиҷӯӣ аст*....................................................... | |

*Панҷумин дари озодӣ канизро никоҳ кардани хоҷа аст*..........................................................
*Мушкилаи чаҳорум: Ҷизя дар Ислом*.................
*Мушкилаи панҷум: Густариши Ислом бо дами шамшер*..................................................
*Насрониҳо бо бародаронашон чӣ карданд?*..........
*Қабилаҳои араб Исломро чӣ гуна пазируфтанд?*.
*Мақсад танҳо ҳидоят аст*................................
*Муқаррароти ҷанг назди Муҳаммад (с)*............
*Расули акрам(с) дар бораи шароб чӣ фармуданд?*..................................................
*Ҷазоҳо ва таносуби онҳо бо ҷиноят ва асри ҳозир*....................................................
*Тӯҳмати дурушт будани ҷазоҳо дар Ислом*........
*Оё ҷазои исломӣ раҳмату шафқат аст?*............
*Ҷазои дуздӣ дар Ислом*.......................................
*Ҷазои муртадшавӣ*.............................................
*Хотимаи мушкилиҳо*..........................................

*НИШАСТИ ҲАШТУМ, ки он нишасти охир мебошад*............................
*Дарвозаи нишасти ҳаштум*................................
*Дине ки бар асоси хоб барпо мегардад*................
*Пулис ва Луқо*....................................................
*Сабаби омехтасозии масеҳият бо бутпарастӣ*..
*Хавфи хиёнат намудан моро бозмедорад*...........
*Хавфи аз даст додани роҳбарӣ*...........................
*Гувоҳиҳои мақбул*.............................................
*Роҳи миёнаи ҳал дар миёни мо ва шумо*.............
*Чи кор мекунед дар он рӯз?*................................
*Пӯшидани дарвозаи нишасти охир*......................

*Тавфиқ Бин Халаф Бин Абдуллоҳ Аррафоӣ*

**ТАСМИМ БИГИР**

**Қисми 2**

Тарроҳии компютерӣ ***Фарид Исматуллоҳ***

Ба матбаа 15.02.10 таҳвил шуд.
Коғази офсет. Чопи офсет. Андозаи 60х84 1/16.
Ҳаҷм 18 ҷузъи чопӣ.
Адади нашр ____.

Дар матбааи ҶДММ «________» ба табъ расид.